Тоҷикӣ

اللغة الطاجيكية

Китобхонаи илмии Шайх доктор Ҳайсам Сарҳон

المكتبة العلمية للشيخ د. هيثم سرحان

Маҷмӯаи китобҳои илмӣ ва шарҳҳо,
ки панҷ китоби муҳимро дар бар мегирад:



Муҳтасари муфид дар сира ва сифатҳои Паёмбар ﷺ.

Шарҳи дарсҳои муҳим барои ҳар як мусалмон.

Ислом чист?

Тақсимбандӣ ва қоидабандии шарҳи «Китоби тавҳид».

Фатҳул-Муъин: шарҳи «Минҳоҷус-соликин» ва баёни аҳкоми фиқҳӣ.

Шайх доктор Ҳайсам ибни Муҳаммад Сарҳон
собиқ устоди Масҷиди Набавӣ ва Масҷиди Қубо буда,
айни замон роҳбари илмии Донишкадаи таълимии
фосилавии «Маъҳади Суннат» (معهد السنة) мебошад.

معهد السنة
Mahad Sunnah

sarhaan.com • mahadsunnah.com

МУХТАСАРИ МУФИД БАРОИ САРГУЗАШТИ МУСТАФО ﷺ ВА АХЛОҚИ Ӯ

БА ҚАЛАМИ УМЕДКУНАНДАИ
АВФИ ПАРВАРДИГОРАШ
ҲАЙСАМ ИБНИ МУҲАММАД САРҲОН

СОБИҚ МУАЛЛИМИ МАЪҲАДИ ҲАРАМ
ДАР МАСҶИДИ НАБАВӢ ВА РОҲБАРИ
СОМОНАИ ТАЪСИЛИ ИЛМӢ

ТАРҶУМОН
ШАҲОБИДДИН СОЛИҲ



الْمُخْتَصَرُ الْمُفِيدُ

لِسِيرَةِ النَّبِيِّ الْمُصْطَفَى ﷺ وَشَمَائِلِهِ



بقلم الفقير إلى عفو ربّه:

هيثم بن محمَّد سرحَان

المدرِّس بمعهد الحرم بالمسجد النَّبويِّ -سابقًا-

والمشرف على موقع التَّأصيل العلميِّ

المترجم

شهاب الدين صالح

http://attasseel-alelmi.com

غفر الله له ولوالديه ولمن أعانه على إخراج هذا الكتاب



الطَّبعة الأولى
جميع الحقوق محفوظةٌ
إلَّا من أراد طبعه أو ترجمته لتوزيعه مجَّانًا بعد مراجعة المؤلِّف

الرَّجاء التَّواصل على:
islamtorrent@gmail.com

فسح وزارة الإعلام

Пешгуфтор

Бисмиллоҳир Раҳмонир Раҳим

Албатта сипосу ситоиш барои Аллоҳ аст. Аз Ӯ талаби ёрӣ ва ҳидоят ва омурзиш мекунем. Ва ба Аллоҳ аз нафсҳои бадамон ва аз кирдорҳои нописандамон паноҳ талаб мекунем. Касеро Аллоҳ ҳидоят кунад, пас ӯро касе гумроҳ нахоҳад кард ва касеро Аллоҳ гумроҳ кунад, пас ӯро касе ҳидоят намекунад. Ва гувоҳӣ медиҳам ин ки маъбуди барҳаққе нест магар Аллоҳи ягона, ки Ӯро шарике нест ва гувоҳӣ медиҳам ин ки Муҳаммад саллаллоҳу алайҳи ва саллам банда ва паёмбари Аллоҳ аст.

Эй ононе, ки имон овардаед аз Аллоҳ битарсед чунончи шоистаи Аллоҳтарсист. Ва намиред магар мусалмон. Сураи Оли Имрон, ояти:102

Эй мардум аз Парвардигори худ битарсед! Он Аллоҳе, ки ҳамаи шуморо аз як тан биёфарид ва ҳам аз он ҷуфти ӯро халқ кард. Ва аз он ду тан халқи бисёр дар атрофи олам аз марду зан барангехт. Ва битарсед аз он Аллоҳе, ки ба номи Ӯ аз якдигар дархост мекунед ва дар бораи арҳом (хешу табор) кутоҳӣ накунед, ки ҳамоно Аллоҳ назоратгари амалҳои шумост. Сураи Нисо, ояти:1

Эй ононе, ки имон овардаед! Аз Аллоҳ битарсед ва сухани ҳаққу дуруст бигӯед, то Аллоҳ амалҳои шуморо бо лутфи худ ислоҳ намояд ва аз гуноҳони шумо даргузарад. Ва ҳар ки Аллоҳ ва паёмбари Ӯро итоат кунад, албатта ба саодат ва фирузии бузург ноил гардидааст. Сураи Аҳзоб, ояти:70-71

Аммо баъд: Ин суханони осоне аст, ки барои касе ки андаке таваҷҷӯҳ барои шинохтани паёмбараш ﷺ ва саргузашти Ӯ ва роҳнамоии Ӯро дорад, муҳим аст. Ибни Қайим раҳимаҳуллоҳ гуфт: (Ҳаргоҳ саодати банда дар ду дунё ба роҳнамоии Паёмбар ﷺ вобаста бошад, пас бар ҳар касе ки насиҳатгари худ ва наҷоту саодати худро бихоҳад, воҷиб аст, ки аз ҳидоят, саргузашт ва шаъни Ӯ он миқдоре омӯзад, ки вайро аз гурӯҳи ҷоҳилон берун намояд ва дар гурӯҳи пайравон, ёридиҳандагон ва ҳизби Ӯ ﷺ гардонад. Ва одамон дар миёни камкунанда ва бисёркунанда ва маҳрум ҳастанд ва фазл дар дасти Аллоҳ аст ба ҳар кас бихоҳад медиҳад ва Аллоҳ соҳиби фазли бузург аст).

Аз Аллоҳ таъоло мепурсам, ки ба ман ва шумо муҳаббати паёмбараш ﷺро ва итоати Ӯро дар чизе ки амр кард ва парҳез кардан аз он чизе ки манъ ва сарзаниш кардааст, насиб гардонад. Эй Аллоҳ, бар Муҳаммад ва оилаи Муҳаммад салот фиристед, ҳамонгуна ки бар Иброҳим фиристодед ва Муҳаммад ва оилаи Муҳаммадро баракат диҳед, ҳамонгуна ки Иброҳим ва оилаи Иброҳимро баракат додед, албатта Ту Ҳамиду Маҷид ҳастед ва ҳамду ситоиш барои Аллоҳ Парвардигори оламиён аст.



ҚИСМИ АВВАЛ: РАФТОР ВА РОҲНАМОИИ ПАЁМБАР САЛЛАЛЛОҲУ АЛАЙҲИ ВА САЛЛАМ



Рафтори Ӯ ﷺ

НАСАБИ Ӯ ﷺ

Ӯ ﷺ Муҳаммад ибни Абдуллоҳ ибни Абдулмутталиб ибни Ҳошим ибни Абдуманоф ибни Қусай ибни Килоб ибни Мурра ибни Каъб ибни Луай ибни Ғолиб ибни Феҳр ибни Молик ибни Назр ибни Кинона ибни Хузайма ибни Мудрика ибни Илёс ибни Музар ибни Низор ибни Маъад ибни Аднон ва Аднон аз насли Исмоили Забеҳ ибни Иброҳими Халил алайҳимус салом аст. Ва Ӯ ﷺ мутлақо беҳтарини аҳли замин аз рӯи насаб аст ва дар ҳадисе ки Ҳирақл подшоҳи Рум ба Абӯсуфён разияллоҳу анҳу гуфт: "Туро аз насабаш пурсидам? Пас гуфтӣ, ки Ӯ дар миёни шумо соҳиби насаб аст, пас инчунин расулон дар насаби қавмашон фиристода мешаванд".

Ихтиёри Ӯ ﷺ

Расулуллоҳ ﷺ фармуд: "**Албатта Аллоҳ Кинонаро аз насли Исмоил ихтиёр кард ва Қурайшро аз Кинона ихтиёр кард ва аз Қурайш Бани Ҳошимро ихтиёр кард ва маро аз Бани Ҳошим ихтиёр кард**".

НОМҲОИ Ӯ ﷺ

Ҳамаашон сифатҳо мебошанд ва номҳои холис нестанд, ки танҳо шинохтанро ифода кунанд, балки ин номҳо аз сифатҳое ки дар Ӯ ҳастанд гирифташудаанд, ки муҷиби ҳамду сано ва камоли Ӯст.

МУҲАММАД

Муҳаммад машҳуртарин номҳои Ӯ ﷺ аст, дар Таврот ба ин ном сароҳатан номида шудааст ва маънои он: (Дорои хислатҳои зиёде, ки бар онҳо ситоиш мешавад).

АҲМАД

Яъне: Ҳамдгӯяндатарини халқ ба Аллоҳ ва Ӯро сокинони осмону замин ва аҳли дунёву охират барои хислатҳои бисёраш ситоиш мекунанд ва Исои Масеҳ Ӯро Аҳмад номида аст.

МУТАВАККИЛ

Ба ин ном ниҳода шуд, зеро Ӯ дар барпо кардани Дин бар Аллоҳ таваккул кард, ки дар ин таваккул кардан дигаре бо Ӯ шарик нест.

НОМҲОИ Ӯ ﷺ

АЛ-МОҲӢ	Аллоҳ куфрро ба сабаби Ӯ барҳам медиҳад ва ба воситаи ягон кас куфрро барҳам надода буд, ҳамчуноне ки ба воситаи Ӯ куфрро барҳам дод.
АЛ-ҲОШИР	Касе ки мардум дар пеши пойҳои Ӯ ҳашр мешаванд, гӯё ки барои барангехтани мардум фиристода шудааст.
АЛ-ОҚИБ	Касе ки баъд аз Ӯ паёмбаре нест, пас Ӯ хатмкунандаи паёмбарон аст.
АЛ-МУҚАФФӢ	Касе ки бар осори пеш аз худ гузаштаҳо пайравӣ намояд, пас Аллоҳ Ӯро аз пайи расулони собиқ фиристод.
Набиюттавба	Касе ки Аллоҳ ба сабаби вай дари тавбаро ба рӯи аҳли замин кушод, пас тавбаи онҳоро қабул кард, ки барои онон монанди он пеш аз вай ҳосил нашуда буд. Ва Паёмбар ﷺ бисёр талаби мағфираткун ва тавбакунанда буд.
Набиюлмалҳама	Он ки дар ҷиҳоди душманони Аллоҳ фиристода шуд, ҳаргиз ягон паёмбар ҳамроҳи умматаш ҷиҳод накард ба андозае ки Расулуллоҳ ﷺ ҳамроҳ бо умматаш ҷиҳод карданд. Ва ҷангҳои бузурге ки рӯх дод, пеш аз Ӯ рӯх надода буд.
Набиюрраҳмат	Он ки Аллоҳ Ӯро раҳмат барои ҷаҳониён фиристод, пас ба сабаби Ӯ Аллоҳ тамоми аҳли заминро раҳмат кард, аммо мӯъминон раҳмати бештаре ба даст оварданд ва аммо кофирони аҳли китоб дар зери соя ва аҳди Ӯ зиндагӣ мекарданд.
Фотеҳ	Он ки Аллоҳ ба сабаби Ӯ дарвозаи ҳидоятро баъде ки возеҳ набуд кушод ва ба Ӯ чашмони кӯр ва гуши кар ва дилҳои маҳкамро кушод ва Аллоҳ ба сабаби Ӯ шаҳрҳои кофиронро кушод ва ба сабаби Ӯ дарвозаҳои Ҷаннатро кушод ва ба сабаби Ӯ роҳҳои илми нофеъ ва амали накӯро кушод.

НОМҲОИ Ӯ ﷺ	Амин	Ӯ сазовортарини оламиён ба ин ном аст, зеро Ӯ амини Аллоҳ бар ваҳй ва динаш аст ва Ӯ амини касе, ки дар осмонҳо ва касе ки дар замин аст, мебошад, балки кофирони Қурайш Ӯро пеш аз паёмбарияш амин номида буданд.
	Башир	Барои касе ки Ӯро итоат кунад, ба ачру савоб башоратдеҳ ва барои касе ки Ӯро исён кунад, ба иқоб бимдиҳанда аст.
	Сайиди фарзандони Одам	Паёмбар ﷺ фармуд: "Ман дар рӯзи қиёмат сайиди фарзандони Одам ҳастам ва фахр намекунам".
	Сирочи Мунир	Он ки бесӯзондан равшанӣ мебахшад, баракси нурпошӣ, ки дар он навъи сӯзондан аст.
		Ӯ як бандаи Аллоҳ аст, ки дорои бандагии хоссатулхос аст, зеро Ӯ мартабаҳои бандагиро ба камол расондааст.
СИФАТҲОИ Ӯ ﷺ БА ТАВРИ ИХТИСОР		Комилтарин сифати Ӯ ﷺ сифатест, ки худашро ба он васф кардааст. Паёмбар ﷺ фармуд: "Ман Муҳаммад бандаи Аллоҳ ва расули Ӯ ҳастам, дӯст намедорам, ки маро аз манзалате ки Аллоҳ азза ва ҷалл ба ман додааст, боло бардоред".
		Паёмбар ﷺ беҳтарини мардум аз рӯи халқ ва рафтор буд. Аллоҳ таъоло фармуд: "**Ва ҳароина ту дар бузургтарин ахлоқ ҳастӣ**". (Сураи Қалам, ояти: 4) Ва Оиша разияллоҳу анҳо гуфт: "Ахлоқи Ӯ Қуръон буд", ба Қуръон амал мекард ва дар назди ҳудуди он меистод, пас барои ризои он розӣ мешуд ва барои ғазаби он ғазаб мекард.
	Халилуллоҳ	Паёмбар ﷺ фармуд: "Ҳароина Аллоҳ маро халил гирифт, ҳамчуноне ки Иброҳимро халил гирифта буд".
Ҷасади шарифи Ӯ ﷺ	Сифатҳои халқии Ӯ ﷺ	Анас ибни Молик разияллоҳу анҳу гуфт: "**Ранги Расулуллоҳ ﷺ равшан ва тобанда буд, қатраҳои арақи Ӯ монанди марворидҳо буд, чун роҳ мерафт пояшро ба қувват мебардошт ва ман ҳаргиз абрешимеро нармтар аз кафи дасти Расулуллоҳ ﷺ нақапидаам ва на ҳаргиз мишку анбаре хушбӯтар аз бӯи Паёмбар ﷺ-ро бӯй кашидаам**".

СИФАТҲОИ ХАЛҚИИ Ӯ ﷺ

Қомати ӯ

Баро ибни Озиб разияллоҳу анҳумо гуфт: "Расулуллоҳ ﷺ миёнақад буд, масофаи миёни ду шонаи вай кушод буд, мӯйҳояш ба нармии гушҳояш мерасид, Ӯро дар як ҷомаи сурх дидам, ки ман ҳаргиз ҳеҷ касро хубтар аз Ӯ надидаам".

Чеҳраи ӯ

Каъб ибни Молик разиялоҳу анҳу гуфт: "Ҳангоме ба Паёмбар ﷺ салом кардам, дар ҳоле ки чеҳрааш аз шодӣ медурахшид ва вақте ки Расулуллоҳ ﷺ шод мешуд, рӯи Вай нуронӣ мешуд, то он ки гӯё рӯи Вай порчае аз моҳ бошад ва мо Ӯро мешинохтем (яъне хурсандии Ӯро аз равшании рӯи Ӯ мешинохтем)".
Аз Баро разияллоҳу анҳу пурсида шуд: Оё рӯи Паёмбар ﷺ монанди шамшер буд? Гуфт: Не, балки монанди моҳ буд.

Мӯйи ӯ

Анас ибни Молик разияллоҳу анҳу мегӯяд: "Паёмбар ﷺ дастони бузург дошт, баъди Ӯ монанди онро надидам ва мӯйи Паёмбар ﷺ фурӯҳишта (овезон) буд, на ҷингила буд ва на нарм".

Чашми ӯ

Ҷобир ибни Самура разияллоҳу анҳу мегӯяд: "Расулуллоҳ ﷺ даҳони кушод дошт, сафедии чашмҳояш омехта ба сурхӣ буд, пошнаҳои пойҳояш камгушт буд".

Арақи ӯ

Анас ибни Молик разияллоҳу анҳу гуфт: "Паёмбар ﷺ назди мо меомаду дар назди мо қайлула мекард, пас арақ кард. Модарам як зарфи шишагӣ оварда, пас арақи Ӯро дар он зарф ҷамъ меовард. Паёмбар ﷺ бедор шуду фармуд: Эй Умми Сулайм чӣ кор мекунӣ? Гуфт: Арақатро дар хушбӯиҳоямон омехта мекунем ва арақи Ту аз беҳтарини хушбӯиҳост".

Хотами нубувват

Муҳри нубувват дар байни шонаҳояш буд ва он чизи намоён дар ҷасади Ӯ ﷺ монанди хол буд. Аз Ҷобир ибни Самура разияллоҳу анҳу ривоят аст, ки гуфт: "**Муҳри нубувватро дар назди шонааш дидам, ки монанди тухми кабутар буд ва ранги он монанди ранги ҷасадаш буд**".

СИФАТҲОИ АХЛОҚИИ Ӯ ﷺ

Эҳтироми саҳобагонаш Ӯ ﷺ-ро

Амр ибни Ос разияллоҳу анҳу гуфт: "Ягон кас дар назди ман маҳбубтар аз Расулуллоҳ ﷺ набуд ва дар чашмонам бузургтар аз Ӯ набуд ва ба хотири эҳтироми Ӯ чашмонамро аз дидори Ӯ пур намекардам ва агар аз васфи Ӯ пурсида шавам, Ӯро васф карда наметавонам, зеро ман чашмонамро аз Ӯ пур намекардам". Ва Урва ибни Масъуди Сақафӣ Паёмбар ﷺ-ро дар рӯзи Ҳудайбия барои Қурайш васф карда мегуфт: "Савганд ба Аллоҳ ҳаргиз подшоҳеро надидам, ки ёронаш ӯро таъзим кунанд, он андозае ки ёрони Муҳаммад ﷺ Муҳаммадро таъзим мекунанд. Савганд ба Аллоҳ, оби биниашро наме-афшонад, магар ки дар дасти марде аз ёронаш воқеъ мешавад, пас онро дар рӯ ва пусташ мемолад ва ҳаргоҳ ононро амр диҳад, барои иҷрои амри Ӯ шитоб мекунанд ва ҳаргоҳ вузӯ бигирад, қариб ки барои оби таҳорататаш ба якдигар ҷанг мекунанд ва вақте сухан кунад, овозҳояшон-ро дар назди Ӯ паст мекунанд ва ба хотири эҳтироми Ӯ ба сӯи Ӯ назар намекунанд ".

Одоби Ӯ бо Аллоҳ

Аз Абдуллоҳ ибни Шиххир разияллоҳу анҳу ривоят аст, ки гуфт: "Гуфтем: Шумо сийиди мо ҳастед. Расулуллол ﷺ фармуд: Сайид Аллоҳ таборак ва таъолост. Гуфтем: Шумо аз ҳама бузургтар ва аз ҳама саховатмандтаред. Фармуд: Ҳамин сухан ё баъзеи онро бигуед, шайтон бар шумо ғалаба накунад".

Шуҷоати Ӯ

Алӣ разияллоҳу анҳу гуфт: "Ҳаргоҳ ҷанг шиддат мегирифт ва қавм бо қавм рӯ ба рӯ мешуд, мо ба Расулуллоҳ ﷺ паноҳ мебурдем, пас ягон нафари мо ба қавм аз Ӯ наздиктар набуд".

Тарси Ӯ

Паёмбар ﷺ фармуд: "Савганд ба Аллоҳ, Ман аз ҳамаи шумо бештар аз Аллоҳ метарсам ва ботақвотарини шумо ҳастам".

Некии Ӯ ба аҳалаш

Паёмбар ﷺ фармуд: "Беҳтарини шумо касест, ки нсбати хонаводааш рафтори нек дорад ва Ман некӯтарини шумо барои хонаводаам ҳастам".

Ҳаёи Ӯ

Абӯсаъиди Худрӣ разияллоҳу анҳу гуфт: "Расулуллоҳ ﷺ бештар аз ҷавондухтар шарму ҳаё дошт ва ҳангоме ки чизеро намеписандид, таъсири онро дар рӯяш медидем".

Осонгирии Ӯ

Оиша разияллоҳу анҳо гуфт: "Паёмбар ﷺ байни ду чиз ихтиёр дода намешуд, магар ки осонтарини онро ихтиёр мекард, модоме ки гуноҳ намебуд, агар гуноҳ мебуд, аз он дуртар буд".

СИФАТҲОИ АХЛОҚИИ Ӯ ﷺ

Барои худаш интиқом намегирифт	Оиша разияллоҳу анҳо гуфт: "Савганд ба Аллоҳ, ҳаргиз Паёмбар ﷺ барои худаш интиқом намегирифт, то ки қонунҳои Аллоҳ вайрон карда мешуд, пас барои Аллоҳ интиқом мегирифт".
Таомро айб намегирифт	Оиша разияллоҳу анҳо гуфт: "Расулуллоҳ ﷺ ҳаргиз таомеро айб намегирифт, агар онро мехост, мехӯрд ва агар онро намеписандид, тарк мекард".
Ҳадияро қабул мекард	Оиша разияллоҳу анҳо гуфт: "Расулуллоҳ ﷺ ҳадияро қабул мекард ва бар он мукофот медод".
Садақа намехӯрд	Паёмбар ﷺ фармуд: "Албатта хонаводаи Муҳаммад ﷺ садақа намехӯранд".
Тавозуъи Ӯ	Уқба ибни Омир разияллоҳу анҳу гуфт: "Марде пеши Паёмбар ﷺ омад, пас бо Ӯ сухан кард, мушакҳои синааш меларзид, пас Паёмбар ﷺ ба вай гуфт: "Бар худ сахт магир, Ман подшоҳ нестам, ҳароина Ман писари зане ҳастам, ки гӯшти буридашуда мехӯрд".
Хидмати Ӯ ба аҳлаш	Асвад ибни Язид раҳимаҳуллоҳ мегӯяд: Оиша разияллоҳу анҳоро пурсидам: Паёмбар ﷺ дар хонааш чӣ мекард? Гуфт: "Дар хидмати аҳлаш буд, ҳаргоҳ вақти намоз мешуд, барои намоз мебаромад".
Ба ҷоҳилон аҳамият намедод	Паёмбар ﷺ фармуд: "Оё тааҷҷуб намекунед, ки Аллоҳ чигуна дашномҳои мушрикони Қурайш ва лаънат кардани онҳоро аз Ман боз медорад, мазамматшударо дашном медиҳанд ва лаънат мекунанд ва Ман Муҳаммадам".
Сидқи Ӯ	Абдуллоҳ ибни Масъуд разияллоҳу анҳу гуфт: Ба мо Расулуллоҳ ﷺ сухан кард ва Ӯ ростгӯву тасдиқшуда аст.
Рафтори Ӯ бо хидматгораш	Анас разияллоҳу анҳу гуфт: "Расулуллоҳ ﷺ-ро даҳ сол хидмат кардам, савганд ба Аллоҳ ҳаргиз ба ман уф нагуфт ва он чизе ки кардам, ба ман нагуфт, ки чаро ин корро кардӣ ва кореро, ки накардам, нагуфт, ки оё чунин накардӣ".

СИФАТҲОИ АХЛОҚИИ Ӯ ﷺ

Паёмбар ﷺ аз ёронаш ба чизе фарқ намекард ва дилкушод буд

Анас ибни Молик разияллоҳу анҳу гуфт: Вақте мо дар масҷид нишаста будем, марде бо шутур дохили масҷид шуд, пас онро дар масҷид хобонид, сипас онро баст, ба онон гуфт: Кадоми шумо Муҳаммад аст? Расулуллоҳ ﷺ дар байни онҳо такиязада буд. Ровӣ гуфт: Ба ӯ гуфтем: Ин марди сафеди такиязада аст, пас мард ба Ӯ гуфт: Эй писари Абдулмутталиб, пас Расулуллоҳ ﷺ гуфт: "Туро ҷавоб додам". Мард гуфт: Эй Муҳаммад, ман туро сахт суол мекунам, пас бар ман ғазаб накун. Расулуллоҳ ﷺ фармуд: "Пурс, он чи мехоҳӣ". Он мард гуфт: Туро ба Парвардигорат ва Парвардигори пешиниён мепурсам, оё Аллоҳ Туро барои ҳамаи мардум паёмбар фиристод? Расулуллоҳ ﷺ фармуд: "Эй Аллоҳ, оре", гуфт: Туро ба Аллоҳ мепурсам, оё Аллоҳ Туро амр кард, ки дар як шабонарӯз панҷ вақт намоз хонем? Пас Расулуллоҳ ﷺ фармуд: "Эй Аллоҳ, оре". Он мард гуфт: Туро ба Аллоҳ мепурсам, оё Аллоҳ Туро амр кард, ки ин моҳи солро рӯза бигирем? Расулуллоҳ ﷺ фармуд: "Эй Аллоҳ, оре". Он мард гуфт: Туро ба Аллоҳ мепурсам, оё Аллоҳ Туро амр кард, ки ин садақаро аз бойҳои мо бигирӣ, пас ба фақирони мо тақсим намоӣ? Расулуллоҳ ﷺ фармуд: "Эй Аллоҳ, оре". Пас он мард гуфт: Ба он чи овардаӣ имон овардам ва ман намояндаи қавми худам ҳастам ва ман Зимом ибни Саълаба бародари Бани Саъд ибни Бакр ҳастам.

Нони Ӯ

Оиша разияллоҳу анҳо гуфт: "Хонаводаи Муҳаммад ﷺ ду рӯз пай дар пай аз нони ҷавин сер накард, то ки Расулуллоҳ ﷺ миронида шуд".

Зуҳди Ӯ ﷺ дар дунё

Паёмбар ﷺ фармуд: "Маро шод намекунад, ки Ман ба монанди кӯҳи Уҳуд тило дошта бошам, бар Ман се шаб нагузарад ва дар назди Ман як диноре аз он боқӣ монад, магар чизе ки барои қарзам нигаҳ дорам, магар ки онро дар бандагони Аллоҳ инчунин ва инчунин ва инчунин тақсим кунам".

Дашном намедод

Оиша разияллоҳу анҳо гуфт: "Паёмбар ﷺ бадгуфтор набуд ва на ба такаллуф фаҳш мегуфт ва на садояшро дар бозорҳо баланд мекард ва на бадиро ба бадӣ подош медод, балки гузашт ва авф мекард".

Дасти занеро нақшида аст

Оиша разияллоҳу анҳо гуфт: "Ҳаргиз кафи дасти Расулуллоҳ ﷺ дасти занеро ламс накардааст".

СИФАТҲОИ АХЛОҚИИ Ӯ ﷺ

Хона ва вазъи зиндагии Ӯ

Умар разияллоҳу анҳу гуфт: Ман ба назди Расулуллоҳ ﷺ даромадам, дар ҳоле ки бар буриё каҷпаҳлу карда буд, пас нишастам ва чодарашро бар ӯ наздик кард ва ҷуз он чизе надошт, инҳангом буриё бар паҳлуи Ӯ таъсир карда буд. Пас дар хазинаи Расулуллоҳ ﷺ назар кардам, пас ман як қабзаи ҷавро дидам, ки қариб як соъ буд ва монанди он дар гӯшаи хона қараз (барги гиёҳ) буд ва пусте овехта буд... гуфт: Пас аз чашмонам ашк ҷорӣ шуд, пас ﷺ фармуд: Эй писари Хаттоб чаро гиря мекунӣ?! Гуфтам: Эй паёмбари Аллоҳ, чаро гиря накунам ва ин буриё дар паҳлуи Ту таъсир кардааст ва ин хазинаи Ту дар он намебинам, магар чизеро ки мебинам. Ва Қайсару Кисро дар боғҳои пурсамар ва (дар назди) дарёҳо зиндагӣ доранд ва Ту Расулуллоҳ ﷺ ва ихтиёркардаи Ӯ ҳастӣ ва ин хазинаи Туст?! Пас фармуд: "Эй Ибни Хаттоб оё намехоҳӣ, ки барои мо охират ва барои онҳо дунё бошад?". Гуфтам: Бале, мехоҳам".

Имтиҳони аввал

савол	дуруст	хато
۞ Саодати банда дар дунё ва охират ба ҳидояти Паёмбар ﷺ вобаста аст.	☐	☐
۞ Расулон дар насаби қавмашон фиристода мешаванд.	☐	☐
۞ Комилтарин сифати Ӯ ﷻ сифатест, ки худро ба он васф кардааст "Ман Муҳаммад бандаи Аллоҳ ва фиристодаи Ӯ ҳастам".	☐	☐
۞ Абрешим ва ҳарир аз кафи дасти Паёмбар ﷺ нармтар буд.	☐	☐
۞ Аллоҳ барои паёмбараш ﷺ камоли ахлоқ ва табиатҳои накӯро ҷамъ овард ва ба Ӯ илму фазл ва он чизе ки дар он наҷот, пирӯзӣ ва дар дунёву охират саодат аст, ато намуд, ки ба ягон нафари ҷаҳониён ато накардааст.	☐	☐
۞ Расулон Паёмбар ﷺ нохонда аст, ки хонда ва навишта наметавонад ва Ӯро муаллиме аз башар таълим надода аст.	☐	☐

۞ Мутлақо беҳтарини аҳли замин аз рӯи насаб аст: ☐ Юнус ибни Матто ﷺ ☐ Муҳаммад ибни Абдуллоҳ ﷺ.
۞ Номҳои Ӯ ﷻ: ☐ Ҳамаашон сифатанд. ☐ Номҳои маҳзанд, ки танҳо ифодаи шинохтан мекунад. ☐ Аз сифатҳои Ӯ гирифта шудааст, ки муҷиби мадҳу камоли Ӯст. ☐ Ҳамагӣ. ☐ Танҳо якум ва сеюмаш.
۞ "Ахлоқи Ӯ Қуръон буд" яъне: ☐ Барои ризои он розӣ мешуд. ☐ Барои ғазаби он ғазаб мекард. ☐ Ҳамагӣ.
۞ Халили Аллоҳ: ☐ Иброҳим алайҳис салом. ☐ Муҳаммад ﷺ . ☐ Ҳамагӣ.
۞"Расулуллоҳ ﷺ азҳаруллавн буд" яъне: ☐Гандумӣ ☐ сафед ☐ сахт сафед буд.
۞ Хушбӯтарини хушбӯй: ☐ Мушк. ☐ Арақи Паёмбар ﷺ.
۞ Паёмбар ﷺ марбӯъ буд, яъне: ☐ Миёнақад. ☐ Қадбаланд.
۞Муҳри паёмбарияш ﷺ: ☐ Дар байни шонаҳояш буд. ☐ Монанди ҷасадаш буд. ☐ Монанди тухми кабутар буд. ☐ Ҳамагӣ.

Аллоҳ ихтиёр кард:	Кинона	Аз Бани Ҳошим	Исмоил	Аз Қурайш
Кинона аз насли	☐	☐	☐	☐
Қурайш аз	☐	☐	☐	☐
Бани Ҳошим	☐	☐	☐	☐
Паёмбараш ﷺ аз	☐	☐	☐	☐

Насаби Ӯ ﷺ	Номаш	Номи падараш	Номи бобояш	Падари бобояш	Пеш аз бобои болотар	Бобои олитар
Ҳошим	☐	☐	☐	☐	☐	☐
Абдулмутталиб	☐	☐	☐	☐	☐	☐
Абдуллоҳ	☐	☐	☐	☐	☐	☐
Муҳаммад	☐	☐	☐	☐	☐	☐
Исмоил	☐	☐	☐	☐	☐	☐
Иброҳим	☐	☐	☐	☐	☐	☐

Ҳар номро ба шарҳаш пайваст кун	Муҳаммад	Аҳмад	Оқиб	Сироҷ
Ҳамдгӯяндатарини мардум барои Парвардигораш	☐	☐	☐	☐
Чизе ки бесӯзондан рушной медиҳад	☐	☐	☐	☐
Дорои хислатҳои зиёд, ки бар он таъриф мешавад	☐	☐	☐	☐
Пас аз Ӯ паёмбаре нест, пас Ӯ ба монаннди хотам аст	☐	☐	☐	☐

Паёмбар ﷺ буд:	Каф	Бӯй	Зиндагӣ	Халқ ва хулуқ	тарс
Беҳтарини мардум	☐	☐	☐	☐	☐
Ва нармтарини онҳо	☐	☐	☐	☐	☐
Ва хушбӯтарини онҳо	☐	☐	☐	☐	☐
Ва нектарини онҳо	☐	☐	☐	☐	☐
Ва сахттарини онҳо	☐	☐	☐	☐	☐

Паёмбар ﷺ буд:	Барои Аллоҳ таъоло	таомро	Барои худаш	садақа	ҳадия
Интиқом намегирифт	☐	☐	☐	☐	☐
Ва интиқом мегирифт	☐	☐	☐	☐	☐
Ва айб намегирифт	☐	☐	☐	☐	☐
Ва қабул мекард ва бар он подош медод	☐	☐	☐	☐	☐
Ва қабул намекард	☐	☐	☐	☐	☐

Роҳнамоии Ӯ ﷺ

Роҳнамоии Ӯ ﷺ дар либос, таом ва шароб

Маҳбубтарини рангҳо дар назди Паёмбар

Маҳбубтарини рангҳо дар назди Паёмбар ﷺ ранги сафед буд ва фармуд: "Ин беҳтарин либоси шумост, пас онро бипӯшед ва мурдагонатонро кафан кунед".

Либоси Ӯ

Либосе, ки муяссар мешуд, гоҳе аз пашм ва гоҳе аз пахта ва гоҳе аз катон. Вақте либосашро мепӯшид, ба тарафи рост мепӯшид.

Миёнаравии Ӯ ﷺ дар либос

Баъзе салаф гуфт: (Ду либоси шуҳратро, яъне либоси олӣ ва пастро макрӯҳ мешуморианд). Ва дар ҳадиси Ибни Умар разияллоҳу анҳумо: "**Касе либоси шуҳратро бипӯшад, Аллоҳ дар рӯзи қиёмат ӯро либоси зиллат мепӯшонад, сипас дар он оташ афтӯхта шавад**", зеро вай ба пӯшидани он қасди кибр ва фахрро дошт, пас Аллоҳ вайро иқоб кард. Аз Ибни Умар разияллоҳу анҳумо инчунин ривоят аст, ки Паёмбар ﷺ фармуд: "**Касе либоси худро аз рӯи кибр бикашад ва дароз кунад, Аллоҳ дар рӯзи қиёмат ба вай назар намекунад**".

Таоми Ӯ ﷺ

Таоми бударо рад намекард ва таоме, ки набуд, худро ба таклиф намеандохт. Ҳар чизи ҳалоле, ки ба Ӯ пешниҳод мешуд, мехӯрд магар ки нафсаш онро намеписандид, пас онро беҳаром донистан тарк мекард. Оиша разияллоҳу анҳо гуфт: "**Ҳаргиз таомеро эрод намегирифт, агар онро мехост, мехӯрд, вагарна онро тарк мекард**". Ҳамонгуна ки хӯрдани сусморро тарк кард, вақте ки хӯрдани онро одат накарда буд.

Сифати хӯрдани Ӯ ﷺ

-Бештари таомаш дар замин дар дастурхон гузошта мешуд.

-Ба се ангушташ мехӯрд.

-Ба такия намехӯрд.

-Дар аввали таомаш номи Аллоҳ таъолоро мебурд ва дар охири таом Аллоҳро ҳамд мегуфт.
-Ва ҳаргоҳ аз хӯрдани таом фориғ мешуд, ангуштонашро мелесид.

Шароби Ӯ ﷺ

-Бисёр вақт нишаста мехӯрд, балки аз рост нӯшидан сарзаниш кард ва ҷоиз будани он ба хотири узре, аз нишастан манъ мекунад.
-Ҳаргоҳ менӯшид, бар касе ки дар тарафи росташ буд, медод ва агарчи дар тарафи чапаш аз он бузургтар мебуд.

Роҳнамоии Ӯ ﷺ дар никоҳ ва муошират

-Паёмбар ﷺ фармуд: "Дар назди Ман аз дунёи шумо занон ва хушбӯй маҳбуб шудааст ва нури чашмони Ман дар намоз қарор дода шуда аст".
-Дар миёни занонаш дар шабгузаронӣ ва ҷо кардан ва нафақа додан тақсим мекард.
-Оиша разияллоҳу анҳо гуфт: "Ҳаргоҳ Паёмбар ﷺ қасди сафар мекард, дар байни занонаш қуръа меандохт, пас саҳме кадоме аз онҳо хориҷ мешуд, бо вай сафар мекард ва барои боқиҳо чизе намекард".
-Ва бо ҳамсаронаш муошират ва рафтори нек дошт.
-Духтарони Ансорро ба назди Оиша разияллоҳу анҳо равон мекард, бо вай бозӣ мекарданд ва ҳаргоҳ чизе ки мехост, ки дар он тарсе набуд, вайро бар он мутобаат мекард.
-Дар оғуши Оиша разияллоҳу анҳо такия мекард ва Қуръон мехонд ва гоҳо дар ҳайз буд.
-Вақте ки ӯ дар ҳоли ҳайз буд, ӯро амр мекард, ки изор пӯшад, сипас дар канори ӯ мехобид.
-Ӯро бӯса мекард, дар ҳоле ки рӯзадор буд.
-Аз лутфу рафтори некӣ Ӯ бо ҳамроҳи аҳлаш ин буд, ки ба вай имконияти бозӣ кардан медод ва дар сафар бо қадамҳо ду бор бо вай мусобиқа кард ва боре дар вақти аз хона баромаданашон якдигарро тела доданд.
-Ҳаргоҳ аз сафар бармегашт шабона ба назди аҳлаш дохил намешуд ва аз ин кор манъ мекард.

Роҳнамоии Ӯ ﷺ дар хоб ва огоҳӣ

-Паёмбар ﷺ ҳаргоҳ ба ҷогаҳи хобаш барои хоб кардан мерафт, мефармуд: "Ба номи Ту, эй Аллоҳ зинда мешавам ва мемирам". Ва "ҳар шаб вақте ба ҷогаҳи хобаш дохил мешуд, ду кафи дасташро ҷамъ мекард, сипас дар онҳо медамид, пас дар онҳо (Қул ҳуваллоҳу аҳад) ва (Қул аъузу бираббилфалақ) ва (Қул аъузу бираббиннос)-ро мехонд, сипас ба андозаи тавоноияш дастонашро дар ҷасадаш мемолид. Аз сар ва чеҳрааш ибтидо мекард ва оне ки аз ҷасадаш пеш меомад, масҳ мекашид, ин амалро се бор такрор мекард". Ва "ҳаргоҳ қасди хоб кардан мехост, дасти росташро дар зери рухсорааш мегузошт, сипас мегуфт: "Эй Аллоҳ маро аз азобат дар рӯзе ки бандагонатро бармеангезӣ, нигаҳ дор (Инро се бор такрор мекард)". Ва ҳаргоҳ аз хобаш мехест, мефармуд: "Ҳамд барои Аллоҳест, ки моро баъде ки миронид, зинда гардонид ва бозгашт ба сӯи Ӯст". Сипас даҳонашро мисвок мекард.
-Дар аввали шаб мехобид ва дар охири шаб мехест ва гоҳо ба хотири манфиати мусалмонон дар аввали шаб бедор меистод.
-Чашмони Паёмбар ﷺ хоб мекард ва қалбаш хоб намекард.
-Ҳаргоҳ Паёмбар ﷺ мехобид, Ӯро бедор намекарданд, то ки худаш бедор шавад.
-Хоби Паёмбар ﷺ адлтарини хоб буд ва он беҳтарин хоб аст.

Роҳнамоии Ӯ ﷺ дар муомалаҳояш	-Паёмбар ﷺ шухӣ мекард ва дар шухияш ҳақ мегуфт. -Паёмбар ﷺ хабарро пинҳон мекард ва дар пинҳон карданаш ҳақро мегуфт. -Паёмбар ﷺ машварат медод ва талаби машварат мекард. -Паёмбар ﷺ беморро айёдат мекард ва дар ҷаноза иштирок мекард ва даъватро иҷобат мекард ва ҳоҷати бевазан. Мискин ва заифро мебароварад. -Паёмбар ﷺ санои шеърро шунид ва бар он подош дод ва дар он шеър ҷузъи андаке аз ситоишҳои Ӯ буд, аммо мадҳу ситоиши дигар мардум, пас бисёри он дурӯғ аст. -Паёмбар ﷺ наълашро бо дасташ духт ва либосашро поргӣ кард ва сателашро часпонд ва гусфандашро ҷушид ва либосашро тоза кар ва аҳлу худашро хидмат кард ва ҳамроҳи онон дар бинои масҷид хиштро бардошт. -Паёмбар ﷺ гоҳе аз гуруснагӣ дар шикамаш санг баст ва гоҳе сер буд. -Паёмбар ﷺ меҳмондорӣ кард ва меҳмондорӣ карда шуд. -Паёмбар ﷺ аз байни сараш ва пушти қадамаш ва аз ду шоҳраги гардан ва шона ҳиҷомат кард. -Паёмбар ﷺ муолиҷа кар ва доғ монд ва худро доғ накард ва руқия хонд ва талаби руқия накард ва беморро аз чизе ки ӯро озор медод, ҳимоя кард. -Паёмбар ﷺ дар муомала кардан беҳтарини мардум буд ва ҳаргоҳ қарз мегирифт, аз он хубтарро адо мекард.
Роҳнамоии Ӯ ﷺ дар роҳ рафтанаш	Дар роҳ рафтан тезтарини мардум ва нектарину оромтарини онон буд. Дар роҳ рафтан аз ёронаш тезтар роҳ мерафт ва расидани онҳо ба Ӯ душвор буд. Пои бараҳна ва пӯшида роҳ мерафт. Ёронаш разияллоҳу анҳум пешопеши Ӯ ﷺ мерафтанд ва Ӯ ﷺ дар пушти онҳо буд. Ӯ ﷺ бо ёронаш танҳо ва бо ҷамоат роҳ мерафт.
Роҳнамоии Ӯ ﷺ дар зикр кардан	Паёмбар ﷺ дар зикри Аллоҳ азза ва ҷалла комилтарини мардум буд, балки ҳамаи суханаш дар зикри Аллоҳ ва он чизеро ки Аллоҳ дӯст медошт, буд. Ва Паёмбар ﷺ ҳаргоҳ аз хоб бедор мешуд, ва ҳаргоҳ шурӯъ ба намоз мекард ва ҳаргоҳ аз хонааш мебаромад ва ҳаргоҳ дохили масҷид мешуд ва дар вақти субҳу шом ва дар вақти либос пӯшидан ва ҳаргоҳ дохили манзил мешуд ё аз он хориҷ мешуд ва дар вақти хало дохил шудан ва пеш аз таҳорат кардан ва баъд аз он ва вақте азонро мешунид ва дар вақти дидани моҳ ва пеш аз хӯрдан ва баъд аз он ва дар вақти атса задан... Аллоҳро зикр мекард

Суннатҳои фитрат ва масъалаҳои тобеъи он	**Шуморидани суннатҳо**	Паёмбар ﷺ фармуд: "Даҳ чиз аз фитрат аст, кӯтоҳ кардани мӯйлаб, гузоштани риш, об дар бини кардан, кӯтоҳ кардани нохунҳо, шустани бандҳои ангуштон, кандани мӯи зери бағал, тарошидани мӯи зери ноф, истинҷо бо об". Ва ровӣ даҳумро фаромуш карда аст.
	Бо тарафи рост сар кардан	Паёмбар ﷺ-ро дар пӯшидани пойафзолаш, шона карданаш, покияш, гирифтан ва ато каданаш бо дасти рост хушаш меомад. Дасти росташ барои таом, шароб ва покияш буд ва дасти чапаш барои хало ва монанди он аз дур кардани озору азият буд.
	Тарошидан	Роҳнамоии Паёмбар ﷺ дар тарошидани мӯи сар ин буд, ки ҳамаашро тарк мекард, ё ҳамаашро метарошид.
	Сивок	Паёмбар ﷺ сивокро дӯст медошт ва дар ҳоли берӯзадорӣ ва рӯзадорӣ мисвок мекард ва дар вақти аз хоб бедор шудан ва дар вақти вузӯ, намоз, даромадани манзил мисвок мекард. Ба чуби арок мисвок мекард.
	Хушбӯй	Паёмбар ﷺ бисёр хушбӯй мекард ва хушбӯиро дӯст медошт.
	Мӯйлаб ва риш	Паёмбар ﷺ фармуд: "Бо мушрикон мухолифат кунед, ришҳоятонро гузоред ва мӯйлабҳоятонро кӯтоҳ кунед".
	Таъйини вақт	Анас разияллоҳу анҳу гуфт: "Паёмбар ﷺ барои мо дар кӯтоҳ кардани мӯйлаб ва нохунҳо вақт таъйин кард, ки онҳоро бештар аз чил шабонарӯз тарк накунем".
هديه □ في كلامه...	Сухани Ӯ ﷺ	-Оиша разияллоҳу анҳо гуфт: "Расулуллоҳ ﷺ монанди шумо пай дар пай сухан намегуфт, балки дар миёни суханони вай ҷудоӣ буд, касе ки бо Ӯ менишаст, суханонашро ёд мегирифт". -Бисёр вақт суханро се бор такрор мекард, то суханаш фаҳмида шавад ва ҳаргоҳ салом медод, се бор салом медод. -Беҳоҷат сухан намекард ва ба суханҳои пурмазмун сухан мекард. -Дар коре, ки ба Ӯ дахолат надошт, сухан намекард. Дар чизе ки умеди аҷру савоб дошт, сухан мекард. -Паёмбар ﷺ бадгуфтор набуд ва на ба такаллуф фаҳш мегуфт ва на дар бозорҳо овоз баланд мекард.

Роҳнамоии Ӯ ﷺ дар суханаш, хандааш, гиряаш ва хутбааш

Хандаи Ӯ	Ҳамаи хандаи Паёмбар ﷺ табассум буд, охири хандааш ин буд, ки дандонҳои курсияш намоён мешуд.
Гиряи Ӯ ﷺ	-Паёмбар ﷺ бо бонг задан ва овози баланд гиря намекард ва локин чашмонаш пури ашк мешуд, то ки равон мешуд ва аз синааш овози ҷушидан шунида мешуд. -Гиряи Паёмбар ﷺ гоҳо аз рӯи раҳмат барои майит ва гоҳо аз рӯи тарсу шафқати умматаш буд ва гоҳо аз тарси Аллоҳ ва гоҳо дар вақти шунидани Қуръон буд.
Хутбаи Ӯ ﷺ	-Паёмбар ﷺ бар замин ва бар болои минбар ва бар болои шутур хутба мекард. -Ҷобир разияллоҳу анҳу гуфт: "Паёмбар ﷺ ҳаргоҳ хутба мекард, чашмонаш сурх мешуд ва овозаш баланд мешуд ва сахт ғазаб мекард, гӯё ки Ӯ бимдиҳандаи лашкар бошад". -Паёмбар ﷺ хутбае намекард, магар ки онро ба ҳамди Аллоҳ шурӯъ мекард. -Паёмбар ﷺ мувофиқи ҳоҷати мухотабҳо ва манфиатҳои онҳо, хутба мекард.

Имтиҳони дуюм

савол	дуруст	хато
۞ Ҳаргоҳ либосашро мепӯшид ба росташ сар мекард.	☐	☐
۞Бештари таомаш дар замин дар дастурхон гузошта мешуд ва он хони Ӯ буд.	☐	☐
۞Ҳаргоҳ аз сафар бармегашт, шабона ба назди аҳлаш дохил намешуд ва аз ин амал манъ мекард.	☐	☐
۞ Паёмбар ﷺ гоҳо аз гуруснагӣ дар шикамаш санг мебаст ва гоҳо сер буд.	☐	☐
۞ Паёмбар ﷺ муолиҷа кар ва доғ монд ва худро доғ накард ва руқия хонд ва талаби руқия накард.	☐	☐
۞Паёмбар ﷺ чизе аз амалҳое, ки ба васваса гирифтор шудагон мекунанд, намекард, яъне кашидани олати мардӣ, сина соф кардан, ҷасту хез кардан, доштани ресмон, помонак (зина) баромадан, дар маҷрои пешоб пахта мондан, дар он об рехтан, пай дар пай онро хабар гирифтан ва монанди ин аз бидъати аҳли васвасаҳо.	☐	☐
۞ Ба шариати ҳанифияи меҳрубон фиристода шуд ва хилофи ин ду: Ширк ва ҳаромгардондани ҳалол аст.	☐	☐
۞Авлоди Ӯ ﷺ ҳафто буд: Чаҳор писар ва се духтар.	☐	☐
۞ Ҳамаи фарзандонаш аз Хадиҷа разияллоҳу анҳо буд, аз дигар занонаш фарзанд надошт.	☐	☐
۞ Ҳамаи фарзандонаш пеш аз Ӯ фавтиданд.	☐	☐
۞Хилоф нест, ки Паёмбар ﷺ вафот кард ва нуҳ зан боқӣ гузошт: Оиша, Ҳафса, Зайнаб бинти Ҷаҳш, Умми Салама, Сафия, Умми Ҳабиба, Маймуна, Савда ва Ҷувайрия.	☐	☐
۞ Аллоҳ ба воситаи Ҷибраил ба Хадиҷа салом фиристод ва ин хусусият барои зане ҷуз ӯ дониста нашудааст.	☐	☐

۞Маҳбубтарини рангҳо дар назди Паёмбар ﷺ: ☐ Сафед. ☐ Сиёҳ. ☐ Рангҳое, ки муяссар шавад.
۞ Либоси Ӯ ﷺ: ☐ Пашмӣ намепӯшид. ☐ Пахта ва катон мепӯшид. ☐ Либосе, ки муяссар мешуд. ☐ Танҳо якум ва дуюм.
۞ Либоси Ӯ ﷺ: ☐ Либоси қимат. ☐ Либоси пастарзиш барои зуҳдаш. ☐ Миёна.

۞Паёмбар ﷺ Аллоҳро ёд мекард ва ҳамд мегуфт: ☐ Дар аввали таомаш. ☐ Дар охираш. ☐ Дар аввалу охираш.
۞Бисёр вақт Паёмбар ﷺ менӯшид: ☐ Дар ҳоли нишаста. ☐ Дар ҳоли ростӣ. ☐ Ҳамагӣ.
۞Паёмбар ﷺ фармуд: "Дар назди Ман аз дунёи шумо маҳбуб гардонда шуд": ☐ Занон. ☐ Хушбӯй. ☐ Ҳамагӣ.
۞Паёмбар ﷺ фармуд: "Нури чашмони Ман гардонида шуд дар": ☐ Ҷаннат. ☐ Намоз. ☐ Ҳамагӣ.
۞ Ҳоли Паёмбар ﷺ бо занонаш: ☐ Муошират нек. ☐ Рафтори нек. ☐Ҳамагӣ.
۞Анас разияллоҳу анҳу гуфт: "Паёмбар ﷺ барои мо дар кӯтоҳ кардани мӯйлаб ва нохунҳо вақт таъйин кард, ки онҳоро бештар (....) як шабонарӯз: ☐ Си рӯз. ☐ Чил рӯз. ☐ Панҷоҳ рӯз.
۞ Роҳнамоии Паёмбар ﷺ дар тарошидани мӯи сар: ☐Баъзеашро метарошид ва баъзеашро мегузошт. ☐Ҳамаашро тарк мекард ё ҳамаашро метарошид.
۞Паёмбар ﷺ мисвокро дӯст медошт ва мисвок мекард: ☐ Дар вақти ғайри рӯзадорӣ. ☐ Дар вақти рӯзадорӣ. ☐ Ҳамавақт.

۞Хандаи Ӯ ﷺ: ☐ Ҳамааш табассум буд. ☐ Бештараш табассум буд.

۞ Паёмбар ﷺ фиристода шуд: ☐ Ба сӯи ҳамаи мардум. ☐ Ба сӯи ҷинну инсон.

۞Беҳтарини духтарони Ӯ ﷺ ба таври мутлақ: ☐Ҳамааш ☐Фотима ☐Зайнаб аст.

۞Бар Паёмбар ﷺ бар либоси болопӯши зане ҷуз вай ваҳй нозил нашуд: ☐ Ҳафса ☐ Умми Салама ☐ Оиша.

Паёмбар ﷺ	ҷаноза	даъват	дар баровардани ҳоҷати бевазан, мискин ва заиф	бемор
Аёдат мекард	☐	☐	☐	☐
Ҳозир мешуд	☐	☐	☐	☐
Иҷобат мекард	☐	☐	☐	☐
Мерафт	☐	☐	☐	☐

Амалҳои Ӯ ﷺ:	гусфан-дашро	хиштро дар бинои масҷид	либосашро бо дасташ	наълашро бо дасташ	худ ва аҳалашро
Медӯхт	☐	☐	☐	☐	☐
Поргӣ мекард	☐	☐	☐	☐	☐
Меҷушид	☐	☐	☐	☐	☐
Хидмат мекард	☐	☐	☐	☐	☐
Мебардошт	☐	☐	☐	☐	☐

Суннатҳои фитрат:	нохун	бағал	Мӯи зери ноф	риш	мӯйлаб
Кӯтоҳ кардан	☐	☐	☐	☐	☐
Гузоштан	☐	☐	☐	☐	☐
Кӯтоҳ кардан	☐	☐	☐	☐	☐
Кандан	☐	☐	☐	☐	☐
Тарошидан	☐	☐	☐	☐	☐

Ҳидояти Ӯ ﷺ дар таом хӯрдан	набуд	ҷуз ин ки онро мехӯрд	Онро беҳаром гуфтан тарк мекард	мавҷуд
Рад намекард	☐	☐	☐	☐
Худро ба таклиф намеандохт	☐	☐	☐	☐
Чизе аз ҳалол ба ӯ дода мешуд	☐	☐	☐	☐
Магар ки онро намеписандид	☐	☐	☐	☐

Паёмбар ﷺ буд:	тамом мекард	хӯрдан буд	ба як ангушт	ба панҷ ангушт ва ба роҳат мехӯрад	се
Ба ангуштонаш мехӯрд	☐	☐	☐	☐	☐
Онҳоро мелесид	☐	☐	☐	☐	☐
Он беҳтарин	☐	☐	☐	☐	☐
Мутакаббир мехӯрад	☐	☐	☐	☐	☐
Ва ҳарису тамаъкор мехӯрад	☐	☐	☐	☐	☐

ХУСУСИЯТҲОИ Ӯ ﷺ

АЗ ХУСУСИЯТҲОИ Ӯ ﷺ

Ба дини Исломи осон фиристода шуд	Ибни Қайим раҳимаҳуллоҳ гуфт: (Миёни ҳанифия ва осону бахшанда будани он ҷамъовард, пас он дар Тавҳид ҳанифӣ аст, дар ахлоқ осону бахшанда ва зидди ин ду ширк ва ҳаром гардондани ҳалол аст).
Ба сӯи инсону чин фиристода шуд	Паёмбар ﷺ фармуд: "Паёмбар хос дар қавмаш фиристода мешуд ва Ман ба сӯи ҳамаи мардум фиристода шудам".
Китоб ва даъвати Ӯ	Аллоҳу субҳонаҳу ва таъоло фармуд: "Алиф, лом, ро ин (Қуръон) китобест, ки бар Ту нозил кардем, то мардумро ба фармони Парвардигорашон аз торикиҳо ба сӯи рушной барорӣ, ба сӯи роҳи (Аллоҳи) пирӯзманди ситуда". (Иброҳим: 1)
Мӯъҷизаҳои Ӯ	Бузургтарин мӯъҷизаҳои Ӯ ﷺ Қуръон аст. Мӯъҷизае барои расулон ва паёмбарони пеш аз Ӯ дода нашуда буд, магар ки барои Паёмбар ﷺ аз он насибе буд.
Дӯст доштани Ӯ ﷺ дин аст	Паёмбар ﷺ фармуд: "Яке аз шумо имон намеорад, то ки Ман дар наздаш аз фарзандаш ва падараш ва ҳамаи мардум маҳбубтар бошам".
Ҳукми бадбинандаи Ӯ	Кофири куфри акбар аст. Аллоҳ субҳонаҳу ва таъоло фармуд: "Албатта душмани Ту бенасл ва беақиб аст". (Сураи Кавсар, ояти: 3)
Халил	Паёмбар ﷺ фармуд: "Аллоҳ Маро халил гирифт, ҳамонгуна ки Иброҳимро халил гирифта буд".
Яке аз улулазм аст	Аллоҳ субҳонаҳу ва таъоло фармуд: "Чун аз паёмбарон аҳди эшонро гирифтем ва аз Ту ва аз Нуҳ ва Иброҳим ва Мусо ва Исо писари Марям гирифтем". (Аҳзоб: 7)
Илми Ӯ	Паёмбар ﷺ фармуд: "Ман донотарини шумо ба Аллоҳ ҳастам". Аллоҳ азза ва ҷалла фармуд: "Бигӯ: Ман намегӯям, ки хазинаҳои Аллоҳ назди Ман аст ва ғайб намедонам ва ба шумо намегӯям, ки Ман фариштаам".

АЗ ХУСУСИЯТҲОИ Ӯ ﷺ

Ҳукми итоаткунанда ва хилофкунандаи ӯ

Аллоҳ субҳонаҳу ва таъоло фармуд: "Бигӯ: Агар Аллоҳро дӯст медоред, пас аз Ман пайравӣ кунед, то Аллоҳ шуморо дӯс бидорад ва гуноҳонатонро бароятон биомурзад". (Сураи Оли Имрон, ояти: 31) Ва фармуд: "Ва суст нашавед ва андӯҳгин нашавед ва шумо бартар ҳастаед, агар мӯъмин бошед". (Сураи Оли Имрон, ояти: 139) Ва Паёмбар ﷺ фармуд: "Ҳамаатон дохили Ҷаннат мешавед, магар касе ки нахоҳад", гуфтанд: Эй Расулуллоҳ, кӣ намехоҳад? Фармуд: "Касе Маро итоат кард, дохили Ҷаннат шавад ва касе ки Маро бефармонӣ кард, пас дохил шудани Ҷаннатро нахостааст". Ва Паёмбар ﷺ фармуд: "Хорию зиллат бар касе ки амри Маро мухолифат мекунад, гардонда шудааст".

Уммати Ӯ ﷺ

Аллоҳ субҳонаҳу ва таъоло фармуд: "Шумо беҳтарин уммате ҳастед, ки барои мардум падидор шудаед, амри ба маъруф мекунед ва наҳӣ аз мункар менамоед ва ба Аллоҳ имон доред". (сураи Оли Имрон, ояти: 110) Паёмбар ﷺ фармуд: "Савганд ба Зоте ки ҷони Ман дар дасти Ӯст, ҳароина Ман тамаъ дорам, ки нисфи аҳли Ҷаннат бошед".

Шаҳри Ӯ ﷺ

Шаҳри Ӯ ﷺ Макка аст, Аллоҳ субҳонаҳу ва таъоло фармуд: "Ба рости нахустин Хонае, ки барои (ибодати) мардум қарор дода шуда ҳамон аст, ки дар Макка аст, ки пурбаракат (ва сабаби) ҳидояти ҷаҳониён аст. Дар он нишонаҳои равшан (аз ҷумла) Мақоми Иброҳим аст ва ҳар кас дохили он (Ҳарам) шуд дар амон хоҳад буд. Ва барои Аллоҳ ҳаққи (Хонаи Каъба) бар мардум воҷиб аст, (албатта) касоне ки тавонои рафтан ба сӯи он доранд, ва ҳар кас куфр варзад бешак Аллоҳ аз ҷаҳониён бениёз аст". (Сураи Оли Имрон, ояти: 96-97) Ва Макка шаҳри Ҳаром аст, Паёмбар ﷺ фармуд: "Аллоҳ ин шаҳрро аз рӯзе ки осмонҳо ва заминро офарид, ҳаром гардонид, пас он ба ҳаром гардондани Аллоҳ ҳаром аст". Ва он то рӯзи қиёмат шаҳри мусалмонон аст, Паёмбар ﷺ фармуд: "Баъди кушодани Макка ҳиҷрат нест".

Қиблаи Ӯ ﷺ

Қиблаи Ӯ ﷺ ба сӯи Каъба аст ва пеш аз ин ба сӯи Байтулмуқаддас буд, Аллоҳ субҳонаҳу ва таъоло фармуд: "Ба таҳқиқ Мо гардондани рӯи Туро ба (сӯи) осмон мебинем, акнун Туро (ба сӯи) қиблае, ки ба он хушнуд шавӣ, боз мегардонем, пас рӯи худро ба сӯи масҷиди Ҳаром кун ва ҳарҷо бошед рӯи худро ба сӯи он бигардонед". (Сураи Бақара, ояти: 144)

Ва масҷиди Ҳаром аввалин масҷидест, ки дар замин бино карда шудааст. Абӯзар разияллоҳу анҳу гуфт: "Ман Расулуллоҳ ﷺ аз аввалин масҷиде ки дар замин бино шуда буд, пурсидам. Пас фармуд: "Масҷиди Ҳаром аст".

Ва Паёмбар ﷺ фармуд: "Касе ба ин Хона ояд, пас бо ҳамсараш ҳамхобагӣ накунад ва гуноҳ накунад, монанди рӯзе ки модараш ӯро таваллуд кардааст, бозгардад".

АЗ ХУСУСИЯТҲОИ Ӯ ﷺ

Қиблаи Ӯ ﷺ

Паёмбар ﷺ фармуд: "Намоз дар масҷиди Ҳаром аҳри сад ҳазор намоз дар дигар масҷидҳоро дорад ва намоз дар масҷиди Ман аҳри ҳазор намозро дорад ва дар Байтулмуқаддас аҳри пансад намозро дорад".

Паёмбар ﷺ фармуд: "Бори сафар баста намешавад, магар ба сӯи се масҷид: Масҷиди Ҳаром, масҷиди Ман ва масҷиди Ақсо".

Ва Паёмбар ﷺ фармуд: "Ҳаргоҳ барои қазои ҳоҷат омадед, пас рӯ ва пушт ба сӯи қибла накунед ва локин тарафи шарқ ё ғарб рӯ ored".

ХЕШОВАНДОН ВА ҲАМСАРОНИ Ӯ ﷺ

Ӯ ﷺ ҳафт фарзанд дошт: Се писар ва чаҳор духтар

(1)Қосим, кунияти Паёмбар ﷺ ба ин писараш буд

(2)Зайнаб разияллоҳу анҳо.

(3) Руқайя разияллоҳу анҳо.

(4) Умми Кулсум разияллоҳу анҳо.

(5) Фотима разияллоҳу анҳо.

(6) Абдуллоҳ ва ба Тайиб ва Тоҳир лақаб гузошта шуда буд

(7) Иброҳим ва ӯ фарзанди Марияи Қибтия, канизи Паёмбар ﷺ аст ва боқии фарзандони Ӯ ﷺ аз Хадиҷа разияллоҳу анҳо аст, аз дигар занонаш барои Ӯ ﷺ фарзанде ба дунё наомад.

Ҳамаи фарзандони Ӯ ﷺ пеш аз Ӯ вафот карданд ҷуз Фотима разияллоҳу анҳо. Пас Фотима баъд аз вафоти Ӯ шаш моҳ баъд вафот кард. Пас Аллоҳ дараҷаҳои ӯро барои сабр ва умеди аҷр карданаш бардошт, ки ба сабаби он бар занони ҷаҳониён бартарӣ ёфт ва мутлақо Фотима беҳтарини духтаронаш буд.

Ӯ ﷺ ёздаҳ амак дошт

(1)Сайиди шаҳидон Ҳамза رضي الله عنه.

(2)Аббос رضي الله عنه.

(3) Абӯтолиб, номаш Абдуманоф аст.

(4) Абӯлаҳаб, номаш Абдуллуззо аст.

(5) Зубайр.

(6) Абдулкаъба.

(7) Муқаввим.

(8) Зирор

(9) Қусам.

(10) Муғира ва лақабаш Ҳаҷл аст.

(11) Ғайдоқ, номаш Мусъаб аст.

Амакиҳои Паёмбар ﷺ ҷуз Ҳамза ва Аббос разияллоҳу анҳумо Ислом наоварданд.

Шаш амма дошт

(1)Сафия, модари Зубайр ибни Аввом ؓ аст.

(2) Умми Ҳаким ал-Байзо.

(3) Отика .

(4) Барра.

(5) Арво.

(6) Умайма.

Ҳамсарони Ӯ ﷺ: Ҳ. Ч. З. Сод. Х. Р. С. М. Айн. Ҳо.

جز

(Ҳо)-Ҳафса бинти Умар ибни Хаттоб разияллоҳу анҳо.

(Ҷ)-Ҷувайрия бинти Ҳорис разияллоҳу анҳо.

(З)-Зайнаб бинти Ҷаҳш разияллоҳу анҳо + Зайнаб бинти Хузайма разияллоҳу анҳо.

صخر

(Сод)-Сафия бинти Ҳуяй ибни Ахтаб разияллоҳу анҳо.

(Х)-Хадича бинти Хувайлид разияллоҳу анҳо.

(Р)-Умм Ҳабиба Рамла бинти Абӯсуфён разияллоҳу анҳо.

سمعه

(Син)-Савда бинти Замъа разияллоҳу анҳо.

(М)-Маймуна бинти Ҳорис разияллоҳу анҳо.

(Айн)-Оиша бинти Абӯбакр разияллоҳу анҳо.

(Ҳо)-Умми Салама Ҳинд бинти Абӯумайя разияллоҳу анҳо.

Хадича разияллоҳу анҳо

Нахустин ҳамсарони Ӯ ﷺ Хадича бинти Хувайлиди Қурашии Асадӣ разияллоҳу анҳост. Паёмбар ﷺ бо вай пеш аз нубувват издивоҷ кард, дар ҳоле ки вай чил сола буд. Бар болои вай зан нагирифт, то ки вафот кард. Ҳамаи фарзандонаш ба ҷуз Иброҳим аз вай аст. Вай Паёмбар ﷺ-ро дар нубувват кумак кард ва бо Ӯ ҷиҳод кард ва ба нафсу молаш Ӯро ёрӣ дод ва Аллоҳ ба воситаи Ҷибраил алайҳис салом ба вай салом фиристод ва ин махсуси вай аст, ки барои зане ҷуз вай нест. Се сол пеш аз ҳиҷрат вафот кард.

Савда разияллоҳу анҳо.

Паёмбар ﷺ чанд рӯз баъди вафоти Хадича разияллоҳу анҳо бо Савда бинти Замъаи Қурашӣ разияллоҳу анҳо издивоҷ кард. Ва Савда ҳамон занест, ки рӯзи навбаташро ба Оиша разияллоҳу анҳо бахшида буд.

ОИША разияллоҳу анҳо

Паёмбар ﷺ баъди Савда бо Умми Абдуллоҳ Оишаи Сиддиқа бинти Сиддиқ, покгардондашуда аз болои ҳафт осмон, маҳбубаи Расулуллоҳ ﷺ, ӯро фаришта бар Паёмбар ﷺ пеш аз издивоҷаш дар порчаи абрешимӣ пешниҳод карда гуфт: "Ин ҳамсари Ту аст". Паёмбар ﷺ бо ӯ дар моҳи шаввол издивоҷ кард ва умраш шашсола буд ва дар моҳи шавволи соли якуми ҳиҷрӣ бо ӯ хонадорӣ кард ва умраш дар он вақт нуҳсола буд. Ҷуз ӯ бо духтаре издивоҷ накарда аст. Ва ваҳӣ бар Паёмбар ﷺ дар чодари зане ҷуз ӯ нозил нашуда аст. Оиша разияллоҳу анҳо маҳбубтарини халқ дар назди Ӯ ﷺ буд ва узри ӯ аз осмон нозил шуд. Уммат бар куфри туҳматкунандаи ӯ иттифоқ кардаанд. Ӯ хирадмандтарину донотарини занонаш буд, балки мутлақо хирадмандтарину донотарини занони уммат буд. Саҳобагони бузурги Паёмбар ﷺ ба қавли ӯ бозмегаштанд ва аз ӯ фатво мепурсиданд.

Ҳафса разияллоҳу анҳо

Сипас Паёмбар ﷺ бо Ҳафса бинти Умар ибни Хаттоб разияллоҳу анҳумо издивоҷ кард. Бо ҳамсари аввалааш Хунайс ибни Ҳузофаи Саҳмӣ разияллоҳу анҳу Ислом оварда буд ва ҳамроҳи ӯ ба Мадина ҳиҷрат карда буд, сипас ӯ баъди ғазваи Уҳуд фавтид, пас Расулуллоҳ ﷺ бо ӯ издивоҷ кард.

Зайнаб бинти Хузайма разияллоҳу анҳо

Сипас бо Зайнаб бинти Хузайма ибни Ҳориси ал-Қайсия разияллоҳу анҳо аз Бани Ҳилол ибни Омир издивоҷ кард ва ду моҳ пас аз издивоҷ дар назди Ӯ ﷺ вафот кард. Ӯ зане буд, ки Уммулмасокин гуфта мешуд.

Умми Салама разияллоҳу анҳо

Сипас бо Умми Салама Ҳинд бинти Абӯумайяи Қурашии Махзумӣ разияллоҳу анҳо ва номи Абӯумайя Ҳузайфа ибни Муғира аст. Ӯ аз ҳамсаронаш охирон вафот кард, соли шасту дуюми ҳиҷрӣ вафот кард.

Ҷувайрия разияллоҳу анҳо

Ва бо Ҷувайрия бинти Ҳорис ибни Абӯзирори Мусталиқийя разияллоҳу анҳо издивоҷ кард. Аз асирони Бани Мусталиқ буд, назди Паёмбар ﷺ омад, аз Ӯ бар адои қарордодаш барои озодияш кумак намояд, пас маблағи қарордодаи ӯро пардохт кард ва бо ӯ издивоҷ кард.

Зайнаб бинти Ҷаҳш разияллоҳу анҳо

Сипас бо Зайнаб бинти Ҷаҳш аз Бани Асад ибни Хузаймия разияллоҳу анҳо издивоҷ кард ва вай духтари аммааш Умайма буд. Ва дар шаъни ӯ фармудаи Ӯ таъоло нозил шуд: "Пас чун Зайд аз ӯ ҳоҷати худ бигузорад (ва талоқаш дод) ӯро ба издивоҷи Ту даровардем". (сураи Аҳзоб, ояти: 37) Бар ин бар соири ҳамсарони Паёмбар ﷺ фахр мекард ва мегуфт: "Шуморо хонагиҳоятон ба шавҳар доданд ва маро Аллоҳ аз болои ҳафт осмон издивоҷ кунонд". Аз хусусиятҳои ӯ ин аст, ки Аллоҳ субҳонаҳу ва таъоло валии ӯ буд, ки ӯро бо Расулаш ﷺ аз болои ҳафт осмонаш издивоҷ кунонд ва дар аввали хилофати Умар ибни Хаттоб разияллоҳу анҳо вафот кард. Аввал ҳамсари Зайд ибни Ҳориса разияллоҳу анҳу буд. Ва Расулуллоҳ ﷺ ӯро писархон гирифта буд, пас вақте Зайд ӯро талоқ дод, Аллоҳ таъоло ӯро ба издивоҷи Паёмбар ﷺ даровард, то умматаш дар никоҳи ҳамсарони касоне ки онҳоро писархон гирифтаанд, иқтидо кунанд.

Умми Ҳабиба разияллоҳу анҳо

Сипас бо Умми Ҳабиба разияллоҳу анҳо издивоҷ кард ва номи ӯ Рамла бинти Абӯсуфён Сахр ибни Ҳарби Қурашии Умавӣ аст. Бо ӯ издивоҷ кард дар ҳоле ки ӯ дар шаҳри Ҳабаша муҳоҷир буд ва аз тарафи Ӯ Наҷошӣ чорсад динор маҳр пардохт ва аз онҷо ба назди Паёмбар ﷺ оварда шуд ва дар рӯзҳои хилофати бародараш Муовия разияллоҳу анҳу вафот кард.

Сафия разияллоҳу анҳо

Ва бо Сафия бинти Ҳуяй ибни Ахтаб сайиди Бани Назир аз фарзанди Ҳорун ибни Имрон бародари Мусо издивоҷ кард, пас ӯ разияллоҳу анҳо духтари паёмбар ва ҳамсари Паёмбар ва аз зеботарини занони олам буд. Аз асирон барои Ӯ каниз гашта буд, пас ӯро озод кард ва маҳри ӯро озодияш қарор дод, пас ин суннат гашт.

Маймуна разияллоҳу анҳо

Сипас бо Маймуна бинти Ҳориси Ҳилолӣ разияллоҳу анҳо издивоҷ кард ва ӯ охирон занест, ки бо вай издивоҷ кард. Бо ӯ дар Макка дар қазои умра, баъд аз ҳалол шудан аз эҳроми умра издивоҷ кард.

Хилофе нест, ки Паёмбар ﷺ пас аз худ нуҳ зан гузошт ва баъд аз вафоташ аввалин ҳамсараш Зайнаб бинти Ҷаҳш разияллоҳу анҳо соли бистум ба Ӯ ﷺ пайваст ва охирон ҳамсараш аз рӯи вафот Умми Салама разияллоҳу анҳо буд, ӯ соли шасту дуюм дар вақти хилофати Язид ибни Муовия вафот кард.

ТАРҶУМАИ ҲОЛИ Ӯ ﷺ

БОБИ ЯКУМ: ПЕШ АЗ НУБУВВАТ

Таваллуди Ӯ ﷺ

Паёмбар ﷺ соли Фил рӯзи душанбе, дар моҳи рабиъулаввал 53 сол пеш аз ҳиҷрат мувофиқ ба 571 мелодӣ ба дунё омад, амри Фил ва ҳабс кардани Аллоҳ азза ва ҷалла онро ҳадияе буд, ки Аллоҳ аза ва ҷалла ба Паёмбараш ﷺ ва Хонааш пешниҳод намуд.

Падараш

Абдуллоҳ ибни Абдулмутталиб, Расулуллоҳ ﷺ дар батни модараш буд, ки падараш вафот кард, пас Ӯ ﷺ ятим ба дунё омад.

Модараш

Омина бинти Ваҳб аз Бани Зуҳра бад. Паёмбар ﷺ ҳафтсолагиро пура накарда буд, ки модараш вафот кард.

Кафолати Ӯ

Баъди вафоти модараш Ӯро бобояш Абдулмутталиб ба кафолат гирифт, сипас вафот кард ва Расулуллоҳ ﷺ қариб ҳашт сол дошт. Сипас Ӯро амаки ҳамхунаш Абӯтолиб ба кафолат гирифт ва номи ӯ Абдуманоф буд.

ШИРДИҲАНДАГОНИ Ӯ ﷺ

Сувайба

Канизи озодкардаи Абӯлаҳаб ва ҳамроҳи Ӯ Абӯсалама Абдуллоҳ ибни Абдуласади Махзумӣ разияллоҳу анҳуро ба шири писараш Масрӯҳ шир дод. Ва ҳамроҳи онон амакаш Ҳамза ибни Абдулмутталиб разияллоҳу анҳуро шир дода буд.

Ҳалимаи Саъдия

Паёмбар ﷺ-ро ба шири писараш Абдуллоҳ бародари Унайса ва Ҷузома (вай Шайма аст) фарзандони Ҳорис ибни Абдулуззо ибни Рифоъаи Саъдӣ шир дод. Ва ҳамроҳи Ӯ писари амакаш Абӯсуфён ибни Ҳорис ибни Абдулмутталиб разияллоҳу анҳуро шир дода буд.

ДОЯҲОИ Ӯ ﷺ

Модараш Омина	Сувайба канизи озодкардаи Абӯлаҳаб	Ҳалима бинти Абӯзуайби Саъдия

Шайма

Духтари Ҳалимаи Саъдия ва хоҳари разоъии Паёмбар ﷺ . Ӯ дар гурӯҳи Ҳавозин назди Паёмбар ﷺ омад, пас аз рӯи риоя кардани ҳаққи вай, барои вай чодарашро паҳн кард ва бар болои он вайро шинонд.

ДОЯҲОИ Ӯ ﷺ

Умму Айман

Баракаи Ҳабашӣ разияллоҳу анҳо, Паёмбар ﷺ ӯро аз падараш мерос бурда буд ва дояаш буд. Ӯро Паёмбар ﷺ ба дӯстдоштааш Зайд ибни Ҳориса ؓ ба зани дод. Барои ӯ Усома ибни Зайд ؓ-ро ба дунё овард.
Абӯбакр ва Умар разияллоҳу анҳумо баъди вафоти Паёмбар ﷺ ба назди вай даромаданд, дар ҳоле ки вай гиря мекард, пас барояш гуфтанд: Чаро гиря мекунӣ? Он чи дар назди Аллоҳ аст, барои Расулаш ﷺ беҳтар аст? Пас гуфт: Ман медонам, ки он чи дар назди Аллоҳ аст барои Расулаш ﷺ беҳтар аст ва Расулуллоҳ ﷺ ба сӯи чизе ки барои Ӯ беҳтар аст рафта аст ва локин ман гиря мекунам, зеро ки омадани ваҳй аз осмон қатъ шуд!! Ононро бар гиря кардан барангехт, пас онон ؓ ҳамроҳи вай гиря карданд.

Амали Ӯ ﷺ

Паёмбар ﷺ чупони кард ва ин сабаб дар сабр ва раҳмати Ӯ ﷺ бар заифон ва риояи онон гашт. Паёмбар ﷺ фармуд: "**Аллоҳ ҳеҷ паёмбареро нафиристод, магар ки чупонӣ кард**". Пас ёронаш гуфтанд: Ту низ чаронидай? Фармуд: "**Оре, дар муқобили чанд қирот гусфандони аҳли Маккаро мечаронидам**".

Тиҷорат ва издивоҷи Ӯ

Ҳангоме ки Паёмбар ﷺ биступанҷсола шуд барои тиҷорат ба сӯи Шом рафт, пас дар Бусро расид, сипас баргашт. Баъди баргаштанаш бо Хадиҷа бинти Хувайлид разияллоҳу анҳо издивоҷ кард ва Ӯ якумин ҳамсараш буд.

Сохтани Каъба

Вақте Паёмбар ﷺ 35 сола шуд, хонаи Каъба вайрон шуд, пас Қурайш барои аз нав бино кардани он қоим шуданд, хонадони Қурайш Каъбаро дар миёни худ тақсим карданд ва ҳар кадоми онҳо гушае аз онро гирифт, пас вақте сохтумони бино дар тарафи Ҳаҷаруласвад расид ихтилоф карданд, ки онро дар ҷояшро мегузорад. Чор панҷ рӯз дар ин ихтилоф истоданд, сипас иттифоқ карданд, ки аввалин касе ки аз дари масҷид дарояд, дар байнашон қазоват мекунад, пас Паёмбар ﷺ аввалин шуда аз дари масҷид даромад, пас Ӯро дар байни худ довар гирифтанд. Амр кард, ки чодаре оранд ва сангро дар он гузошт, сипас ҳар қабилае аз гушае аз он чодар бардоштанд, то ки дар ҷои он расиданд, пас Паёмбар ﷺ онро ба дасташ дар ҷояш гузошт.

Гӯшанишинии Ӯ ﷺ

Оиша разияллоҳу анҳо гуфт: "Барояш гӯшанишинӣ маҳбуб гардонида шуд ва дар ғори Ҳиро хилват мекард ва дар онҷо ибодат мекард ва чанд шабро дар онҷо сипари мекард". Ва бутҳову дини қавмаш бар Ӯ бад гардонида шуд, пас ягон чиз дар наздаш аз он баддидатар набуд.

БОБИ ДУЮМ: ИБТИДОИ ВАҲЙ

Ҳангоме ки Паёмбар ﷺ чилсолагиро пура кард, бар Ӯ нури нубувват дурахшид ва Аллоҳ таъоло Ӯро дар рӯзи душанбе ба рисолаташ икром кард.

ПАЁМБАРИИ Ӯ ﷺ

Оиша разияллоҳу анҳо гуфт: "Аввалин чизе аз ваҳй, ки ба Расулуллоҳ ﷺ оғоз шуд, дидани хобҳои рост буд. Ҳеҷ хоберо намедид, магар ин ки монанди дамидани субҳ меомад. Пастар барояш гӯшанишинӣ маҳбуб гардонда шуд ва дар ғори Ҳиро хилват мекард ва дар онҷо ибодат мекард ва чанд шабро дар онҷо сипари мекард. Пеш аз он ки ба пеши аҳли хонаи худ биёяд, барои он туша мегирифт, сипас ба сӯи Хадиҷа бармегашт ва барои ҳамонқадар шабурӯзҳо туша мегирифт, то ки барояш ҳақ омад, дар ҳоле ки Ӯ дар ғори Ҳиро буд. Пас малоика ба наздаш омад ва гуфт: Бихон. Ӯ гуфт: Ман хонанда нестам. Фармуд: Пас Маро гирифт ва фишор дод, то он ки тоқати бардошти Ман ба охир расид. Сипас Маро раҳо кард ва гуфт: Бихон! Гуфтам: Ман хонанда нестам. Пас Маро гирифт ва бори дуввум фишор дод, то он ки тоқати бардошти Ман ба охир расид. Пас Маро раҳо кард ва гуфт: Бихон! Ман гуфтам, ки хонанда нестам. Пас Маро гирифт ва бори сеюм фишор дод, то ки тоқати бардошти Ман ба охир расид. Пас Маро раҳо кард ва гуфт: (Бихон ба номи Парвардигорат он ки пайдо карда аст, инсонро аз хуни баста пайдо кард. Бихон ва Парвардигори Ту Карим ва бузургтар аст, он ки инсонро ба қалам таълим дод ва инсонро таълим дод он чиро ки намедонист). Расулуллоҳ ﷺ ба ин калимаҳо баргашт, дар ҳоле ки дили Ӯ меларзид ва ба назди Хадиҷа даромад ва гуфт: Маро бипечед-Маро бипечед. Пас Ӯро печониданд, то он ки тарси Ӯ рафт ва ба Хадиҷа гуфт ва ӯро аз он чи гузашта буд, хабар дод (ва фармуд) ҳароина бар нафси худ тарсидам. Хадиҷа ба вай гуфт: Не, ҳаргиз инчунин нахоҳад буд, савганд ба Аллоҳ ҳаргиз Туро Аллоҳ расво нахоҳад кард, зеро Ту бо хешовандон рафтуомад мекунӣ, амонатро адо ме-кунӣ ва мушкилоти бенавоёнро баратарф мекунӣ ва касбу тиҷорат мекунӣ (ё фақиронро нафъ мерасонӣ) ва меҳмонро меҳмоннавозӣ мекунӣ ва мардумро дар ҳодисаҳои табиъӣ ҳамкорӣ мекунӣ. Пас Хадиҷа Паёмбар ﷺ-ро ба назди Варақа ибни Навфал ибни Асад ибни Абдулуззо писари амаки Хадиҷа бурд. Ӯ дар замони ҷоҳилият насронӣ шуда буд ва ба ибронӣ менавист, пас Инҷилро ба ибронӣ он қадаре ки Аллоҳ хост менавишт ва пиронсол буду кур шуда буд. Хадиҷа гуфт: Эй писари амак аз бародарзодаат бишнав. Варақа гуфт: Эй бародарзодаи ман чӣ чиз рух додааст? Расулуллоҳ ﷺ ӯро аз тамоми воқеа хабар дод. Варақа гуфт: Ин фариштаест, ки Аллоҳ бар Мусо фиристода буд, эй кош ман дар он вақт ҷавон будам, эй кош ман дар он вақт зинда бошам, ҳангоме ки Туро қавмат аз Макка берун мекунанд. Расулуллоҳ ﷺ гуфт: Оё Маро аз Макка берун мекунанд? Гуфт: Оре, ҳаргиз ҳеҷ кас наовардааст он чиро ки Ту овардай, магар ин ки бо ӯ душманӣ карда шудааст. Агар дар он рӯз зинда будам, ҳатман Туро ба тамоми нерӯям ёрӣ медиҳам. Сипас Варақа вафот кард ва ваҳй бозистод". Паёмбар ﷺ фармуд: "Вақте ки Ман роҳ мерафтам аз сӯи осмон садоеро шунидам, чашмонамро ба сӯи осмон бардоштам, ногоҳ фариштаеро, ки дар Ҳиро ба наздам омада буд, дидам, ки дар миёни осмон ва замин дар курсие нишаста аст, аз ӯ тарсидам, пас ба

ПАЁМБАРИИ Ӯ ﷺ	назди аҳли худ омадам ва гуфтам: Маро бипечед, Маро бипечед. Пас Аллоҳ таъоло нозил кард: "**Эй марди ба ҷома печида бархез ва бим деҳ**" то фармудааш "**ва аз ширк худро пок дор**". (Сураи Муддассир) Баъд нузули ваҳй гарм шуду пай дар пай омадан гирифт.

МАРТАБАҲОИ ВАҲЙ

(1)Хоби рост.	Ибтидои ваҳйи Ӯ ﷺ хоби рост буд. Оиша разияллоҳу анҳо гуфт: " Ҳеҷ хоберо намедид, магар ин ки монанди дамидани субҳ меомад".
(2) Дар қалбаш андохтан	Ва фариштa дар қалби Ӯ ﷺ илқо мекард ва фариштаро намедид. Паёмбар ﷺ фармуд: "Ҳароина Ҷибраил дар қалби Ман дамид ва Маро хабар дод, ки ...".
(3) Монанд шудани малак	Паёмбар ﷺ фармуд: "Гоҳо малоика ба сурати мард меояд, пас бо Ман сухан мекунад ва Ман ёд мегирам он чиро ки ба Ман мегӯяд". Дар ин мартаба гоҳо саҳобагон ﷺ малакро медиданд.
(4) Овози зангула	Паёмбар ﷺ фармуд: "Гоҳо монанди овози зангула меояд, ки ингуна ваҳй бар Ман сахттарин ваҳй аст, ки меояд ва аз Ман қатъ карда мешуд ва Ман аз он ёд мегирифтам он чиро, ки мегуфт". Ва Оиша разияллоҳу анҳо гуфт: "Ман Расулуллоҳ ﷺ-ро дидам, ки дар рӯзи сармои сахт бар Ӯ ваҳй меомад, пас ваҳй аз Ӯ қатъ мешуд, дар ҳоле ки аз пешонии Ӯ арақ мерехт", балки шутури Ӯ ба замин хоб мерафт, вақте бар он савор мебуд.
(5)Малоика ба сурати худаш меомад	Паёмбар ﷺ малоикаро дар сурате, ки офарида шуда буд медид, пас ба Ӯ ваҳй мекард он чиро, ки Аллоҳ ваҳй карадаанашро мехост. Ин барои Ӯ ﷺ ду бор рух дод, ҳамчуноне ки Аллоҳ дар сураи Наҷм зикр кард.
(6) Ваҳй аз ҷонибби Аллоҳ	Аллоҳ бар Ӯ бевосита ваҳй кард аз фарз шудани намоз ва ғайра, дар ҳоле ки шаби Меъроҷ Ӯ дар болои ҳафт осмон дар буд.
(7) Сухан кардани Аллоҳ бо Ӯ	Вақте ки Аллоҳ азза ва ҷалла бо Ӯ бевоситаи малоика сухан гуфт, ҳамонгуна ки Аллоҳ субҳонаҳу ва таъоло бо Мусо алайҳис салом сухан гуфт.

Аввалин чизе ки бар Ӯ ﷺ нозил шуд

Панҷ ояти аввали сураи Алақ нозил шуд: "(Эй Паёмбар) бихон ба номи Парвардигорат ки (ҳастиро) офарид. (Ҳамон Худое ки) инсонро аз хуни баста офарид. Бихон, ва Парвардигорат (аз ҳама) бузургвортар аст. (Ҳамон) касе ки ба василаи қалам (навиштан) омӯхт. Ба инсон ончиро ки намедонист омӯхт".

Мартабаҳои даъвати Ӯ ﷺ

(1)Нубувват

(2) Бим додани хешованди наздикаш

(3) Бим додани қавмаш

(4) Бим додани қавме, ки пеш аз Ӯ ба онон бимдиҳанда омада буд ва онон ҳамаи араб буданд.

(5) Бим додани ҳамаи касоне ки даъвати Ӯ ба онҳо расида аст, яъне аз ҷинну инсон то охири замон.

Марҳалаҳои даъвати Ӯ ﷺ

(1)Даъвати пинҳонӣ: Дар аввали биъсат се сол буд.

(2)Даъвати ошкоро, ҳангоме ба ин амр шуд: "Пас (эй Паёмбар!) ба он чи амр шудай ошкоро даъват кун". (Сураи Ҳиҷр, ояти: 94)

Аввалин касоне ки ба Ӯ ﷺ имон оварданд

Аз мардон: Абӯбакри Сиддиқ.

Аз занон: Хадиҷа бинти Хувайлид.

Аз кӯдакон: Алӣ ибни Абӯтолиб.

Аз канизони озодшуда: Зайд ибни Ҳориса.

Аз ғуломон: Билол ибни Рабоҳи Ҳабашӣ.

Баъзе собиқон

Аз аввалинҳое ки ба Ӯ ﷺ баъди касоне ки аз аҳли хонаводааш ﷺ зикр кардем, имон оварданд, сипас Усмон ибни Аффон ва Талҳа ибни Убайдуллоҳ ва Зубайр ибни Аввом ва Саъд ибни Абӯваққос ва Абдурраҳмон ибни Авф ва Хаббоб ибни Арат ва Суҳайби Румӣ ва Аммор ибни Ёсир ва модараш Сумайя ва Абӯубайда Омир ибни Ҷарроҳ ва Усмон ибни Мазъун ва Абӯсалама ибни Абдуласад ва Утба ибни Ғазвон Аллоҳ аз ҳамаи онон ба якборагӣ розӣ бод.

БОБИ СЕЮМ: АҲДИ МАККӢ

ОЗОРИ МУШРИКОН БА ПАЁМБАР ﷺ ВА ЁРОНАШ

Вақте мушрикон сидқи даъвати Паёмбар ﷺ ва ҷамъ омадани мардум дар атрофи Ӯ ﷺ-ро диданд, ононро сахт озор доданд ва аз суратҳои озори мушрикон барои онон.
-Овоза карданд, ки Паёмбар ﷺ ҷодугар аст, то мардумро аз Ӯ гурезонанд ва Ӯро мухолифат кунанд.
-Овоза карданд, ки Ӯ ﷺ девона аст, то мардум Ӯро беақл донанд.
-Овозо карданд, ки Ӯ ﷺ дурӯғгӯ аст, Паёмбар ﷺ дар байнашон аз рӯи ростӣ ва амонаташ ба амин шинохта шуда буд, ин овоза онро ботил мекард.
-Паёмбар ﷺ ва он чизеро, ки оварда буд, масхара кардан.

-Ҳаргоҳ Паёмбар ﷺ меомад, то мардумро даъват кунад, сару садо ва ғавғо мекарданд, то онҳоро аз шунидани ваҳй ва ҳаққе ки оварда буд, боздоранд.

-Истиқболи касоне ки аз хориҷи Макка барои умра ё ҳаҷ ё ғайри ин ду меомаданд ва онҳоро аз Паёмбар ﷺ ҳазар мекунонданд.

-Озор додани Ӯ ﷺ дар ҷасадаш, ҳамонгуна ки Уқба ибни Абӯмуъайт кард, замоне ки либоси Ӯро кашид, наздик буд, ки Ӯро хафа кунад, то ки Абӯбакр ؓ аз Ӯ рад намуд. Ва бар Ӯ пардаи ҷанини шутурро партофт, то ки духтараш Фотима разияллоҳу анҳо аз болои Ӯ онро бардошт.

-Кӯшиши куштани Ӯ ﷺ, замоне ки ба амакаш Абӯтолиб пешниҳод карданд, ки Ӯро ба Амора ибни Валид иваз кунанд ва Ӯро бикушанд ва инчунин вақте ки Ӯ ﷺ иродаи ҳиҷрат кард, куштани Ӯро қасд карданд.

-Сахт азоб додани мӯъминони заифу нотавон, ҳамчуноне ки бар болои шиками Билол санг мегузоштанд ва ҳамчуноне ки ба хонадони Аммор ибни Ёсир ؓ ва дигарон карданд.

ҲИҶРАТ БА СӮИ ҲАБАША

Ҳангоме мусалмонон бисёр шуданд ва кофирон аз онҳо тарсиданд, кофирон Паёмбар ﷺ-ро сахт озор доданд ва алайҳи онон фитна бар-ангехтанд. Пас Паёмбар ﷺ ба онон ҳиҷрат кардан ба сӯи Ҳабашаро дастур дод ва Паёмбар ﷺ фармуд: "**Дар онҷо подшоҳе аст, ки мардум дар назди вай зулм карда намешаванд**".

ҲИҶРАТ БА СӮИ ҲАБАША

ҲИҶРАТИ ЯКУМ

Дар ҳиҷрати якум 12 мард ва 4 зан ҳиҷрат кард, аз ҷумлаи онон Усмон ибни Аффон ؓ буд. Ӯ нахустин касе буд, ки хориҷ шуд ва ҳамроҳи Ӯ ҳамсараш Руқайя бинти Расулуллоҳ ﷺ буд. Дар Ҳабаша дар накӯтарин амон ва паноҳ зиндагӣ карданд, сипас ба онон хабар расид, ки Қурайш Исломро қабул карданд ва ин хабар дурӯғ буд, пас ба сӯи Макка бозгаштанд, пас ба онон хабар расид, ки амр аз пештара сахттар аст, баъзеашон баргашт. Ва гурӯҳе дохили Макка шуданд, пас аз Қурайш озори сахт диданд ва аз касоне ки дохил шуда буд Абдуллоҳ ибни Масъуд ؓ буд.

ҲИҶРАТИ ДУЮМ

Дар ҳиҷрати дуюм 83 мард ва 18 зан ҳиҷрат кард, пас дар назди Наҷошӣ дар беҳтарин ҳол зиндагӣ карданд, пас ин хабар ба Қурайш расид, сипас онҳо Амр ибни Ос ва Абдуллоҳ ибни Абӯрабиъаро бо гурӯҳе равон карданд, то ки дар назди Наҷошӣ алайҳи онон макр кунанд, пас Аллоҳ макри ононро бар сари худашон гардонид.

ИСЛОМИ ҲАМЗА ВА УМАР

Соли шашуми биъсат Ҳамза ибни Абдулмутталиб ؓ ислом овард ва Аъаззу Қурайш номида мешуд, пас ба сабаби ӯ Расулуллоҳ ﷺ азиз гашт, сипас Умар ибни Хаттоб ба баракати дуои Паёмбар ﷺ исломро қабул кард, пас мусалмонон ба ин ду қувват гирифтанд ва аз Қурайш худро нигаҳ доштанд.

ДАРАИ АБӮТОЛИБ

Озору азияти Қурайш ба Расулуллоҳ ﷺ сахт шуд, пас Ӯ ва хонаводаашро се сол дар дараи Абӯтолиб муҳосира карданд. Ва дар дара Абдуллоҳ ибни Аббос разияллоҳу анҳумо таваллуд шуд, пас кофирон Ӯ ﷺ-ро сахт озор доданд ва дар ҳоле ки 49 сола буд, аз муҳосира баромад.

ВАФОТИ АБӮТОЛИБ ВА ХАДИҶА

Баъди чанд моҳ амакаш Абӯтолиб дар сини 87 солагӣ аз дунё гузашт, сипас андак баъд Хадиҷа разияллоҳу анҳо вафот кард, пас озори кофирон бар Ӯ ﷺ сахттар шуд.

БАРОМАДАНИ Ӯ БА СӮИ ТОИФ

Паёмбар ﷺ ҳамроҳ бо Зайд ибни Ҳориса ؓ ба Тоиф рафт, ба сӯи Аллоҳ таъоло даъват мекард ва чанд рӯз дар онҷо монд, пас Ӯро қабул накарданд ва Ӯро озор доданд, пеш карданд ва сангсор карданд, то ки буҷулакҳои пойҳояшро хун карданд, пас Расулуллоҳ ﷺ аз онон рӯ гардонда ба сӯи Макка бозгашт, сипас дар паноҳи Мутъим ибни Адӣ дохили Макка шуд.

ИСЛО-МИ АДДОС	Дар роҳи бозгашташ ﷺ бо Аддоси насронӣ вохӯрд, пас ба Паёмбар имон овард ва Ӯро тасдиқ кард.
ИМОНИ ҶИН	Ва низ дар роҳи бозгашташ ﷺ дар мавзеъе, ки Нахла ном дошт, чанд нафаре аз ҷин, ҳафт тан аз аҳли Насибийин барояш гардонда шуд, пас Қуръонро шуниданд ва Исломро қабул карданд.
ИСРО ВА МЕЪРОҶ	Сипас Паёмбар ﷺ ба рӯҳ ва ҷасадаш шабона ба масҷиди Ақсо бурда шуд, сипас ба рӯҳу ҷасадаш ба сӯи осмонҳо ба назди Аллоҳ азза ва ҷалла боло бурда шуд, пас Ӯро хитоб кард ва бар Ӯ намозҳоро фарз гардонид.
ПЕШНИҲОД КАРДАНИ Ӯ ﷺ ИСЛОМРО БАР ҚАБИЛАҲО	Паёмбар ﷺ дар Макка чанд қадар зиндагӣ кард, қабилаҳоро ба сӯи Аллоҳ таъоло даъват мекард. Дар ҳар мавсими ҳаҷ худашро бар онон арз мекард, ки Ӯро ҷой диҳанд, то рисолати Парвардигорашро расонад ва барои онҳо дар муқобили ин Ҷаннат аст. Ягон қабила Ӯро қабул накард ва Аллоҳ инро аз рӯи эҳтиром барои Ансор захира кард. Пас ба шаш нафари онҳо расид, пас барои Аллоҳ ва Расулаш иҷобат карданд ва ба сӯи Мадина бозгаштанд, пас қавмашонро ба сӯи Ислом даъват карданд, то хабар дар байни онон паҳн шуд ва хонае аз хонаҳои Ансор боқӣ намонд, мамгар ки дар он зикри Расулуллоҳ ﷺ буд.
АНСОР ﷺ ВА БАЙЪАТИ АҚАБА — **БАЙЪАТИ ЯКУМ**	Соли оянда 12 мард аз Ансор Макка омаданд, панҷ нафари онон аз нафарони соли якум буд, пас бо Расулуллоҳ ﷺ бар байъати занон, ки дар сураи Мумтаҳина омадааст, дар Ақаба байъат карданд, сипас ба сӯи Мадина баргаштанд.
БАЙЪАТИ ДУЮМ	Дар соли оянда аз онон 73 мард ва ду зан омад ва онон аҳли Ақабаи охир буданд, пас бо Расулуллоҳ ﷺ байъат карданд, ки аз он чизе ки занон, фарзандон ва худашонро ҳимоя мекунанд, Ӯро низ ҳимоя мекунанд, пас Ӯ ва ёронаш ба сӯи онон риҳлат (сафар) карданд ва Расулуллоҳ ﷺ аз онон 12 нафарро сарпараст интихоб кард.

БОБИ ЧОРУМ: АҲДИ МАДАНӢ

ДАСТУРИ ҲИҶРАТ

Расулуллоҳ ﷺ ёронаш ؓ-ро барои ҳиҷрат кардан ба Мадина дастур дод, пас пай дар пай баромаданд, аввалини онҳо бинобар он чи ки гуфта шуд: Абӯсалама ибни Абдуласади Махзумӣ буд. Ва гуфта шуд: Мусъаб ибни Умайр буд, пас дар хонаҳои Ансор омаданд, пас онҳоро ҷой ва нусрат доданд. Ва Ислом дар Мадина паҳн шуд.
Сипас ба Расулуллоҳ ﷺ дастури ҳиҷрат дода шуд, пас рӯзи душанбе дар моҳи рабеъулаввал аз Макка хориҷ шуд ва ҳамроҳи Ӯ Абӯбакри Сиддиқ, Омир ибни Фуҳайра ғуломи озодкардаи Абӯбакр ва роҳнамои онҳо Абдуллоҳ ибни Урайқити Лайсӣ буд. Пас Паёмбар ﷺ бо Абӯбакр дар ғори Савр даромаданд, дар онҷо се рӯз монданд, сипас ба роҳи соҳил рафтанд.

ДАРОМАДАНИ Ӯ ﷺ БА МАДИНА

Ҳангоме Паёмбар ﷺ ва ҳамроҳонаш дар Мадина расиданд ва ин дар рӯзи душанбе, дувоздаҳ шаб аз моҳи рабеъулаввал гузашта буд. Дар Қубо дар болои Мадина бар Бани Амр ибни Авф нозил шуд, пас дар назди онон чордаҳ рӯз иқомат кард.

Нахустин масҷид дар Ислом

Паёмбар ﷺ масҷиди Қуборо таъсис дод. Ибни Умар разияллоҳу анҳумо гуфт: "**Паёмбар ﷺ ҳар рӯзи шанбе пиёда ва савора ба масҷид Қубо мерафт**". Ва Паёмбар ﷺ фармуд: "**Дар масҷиди Қубо намоз хондан, монанди аҷри ҳаҷҷи умраро дорад**".

БИНОИ МАСҶИДИ ПАЁМБАР ﷺ

Сипас Паёмбар ﷺ бар шутураш савор шуда рафт ва мардум Ӯро ба меҳмон шудан дар наздашон сухан мекарданд ва аз банди шутураш медоштанд, пас мефармуд: "Роҳи онро боз кунед, он амршуда аст". Пас дар назди масҷиди имрӯзаи Ӯ хоб кард ва онҷо оғили Саҳл ва Суҳайл ду ҷавони Бани Наҷҷор буд, пас дар хонаи Абӯайюби Ансорӣ ؓ меҳмон шуд, сипас Паёмбар ﷺ масҷидашро дар мавзеи оғил Ӯ ба дасташ ва ёронаш ؓ ба шохаи хурмо ва хишт бино кард. Сипас хонааш ва хонаҳои ҳамсаронашро дар паҳлуи масҷид бино кард ва наздиктарини хонаҳо ба Ӯ хонаи Оиша разияллоҳу анҳо буд, сипас Паёмбар ﷺ баъди ҳафт моҳ аз хонаи Абӯайюб ؓ ба хонааш гузашт.

Бародар-шавӣ	Баъде ки Паёмбар ﷺ масҷидро бино кард, дар байни муҳоҷирон, ки навад мард буданд ва Ансор ба баробарӣ ва кумак ононро бародар гардонд ва то воқеаи Бадр пас аз марг аз якдигар мерос мебурданд.
ЯҲУД	Ҳангоме Паёмбар ﷺ Мадина омад ва Ӯро яҳудиҳо диданд, донистанд, ки Ӯ дар ҳақиқат Расулуллоҳ аст ва ҳамон касест, ки Ӯро дар наздашон дар Таврот нависта шуда аст, дарёфтанд ва бо вуҷуди ин нафари каме аз онон Исломро қабул кард. Аз ҷумлаи онон олим ва донишмандашон Абдуллоҳ ибни Салом ؓ буд ва Паёмбар ﷺ бо қабилаҳои яҳуд, Бани Қайнуқоъ, Бани Назир ва Бани Қурайза оштӣ ва созиш кард
ГАРДОНДАНИ ҚИБЛА	Баъди фарз шудани намоз дар шаби Меъроҷ, Паёмбар ﷺ ба сӯи Байтулмуқаддас намоз мехонд ва дӯст медошт, ки қиблааш ба сӯи Каъба гардонида шавад, пас рӯяшро ба сӯи осмон карда инро умед мекард, пас Аллоҳ бар Ӯ ин оятро нозил кард: "Ба таҳқиқ Мо гардонидани рӯи Туро ба (сӯи) осмон мебинем, акнун Туро (сӯи) қиблае ки бо он хушнуд шавӣ бозмегардонем". (Сураи Бақара, ояти: 144) Дар соли дуюми ҳиҷрат, пас Паёмбар ﷺ қиблаашро ба сӯи Каъба гардонид.
ДАСТУРИ ҶИҲОД	Баъде ки Паёмбар ﷺ дар Мадинаи набавӣ қарор гирифт ва Ӯро Ансор ؓ манъ карданд, қавли Аллоҳ таъоло нозил шуд: "Ба касоне ки бо онон ҷанг мешавед, иҷозати (ҷиҳод) дода шуда аст аз он рӯ ки зулм дода шуданд ва ҳароина Аллоҳ бар ёрии онҳо тавоно аст. Ҳамон касоне ки ба ноҳақ аз диёрашон ронда шуданд, ҷуз ин ки мегуфтанд Парвардигори мо Аллоҳ аст". (Сураи Ҳаҷ, ояти: 39-40) Пас Аллоҳ таъоло мӯъминонро ба ҷангидан бо мушрикон дастур дод. Ва аввалин ғазваҳои Ӯ ﷺ ғазваи Абво, Бувот, Ушайра ва баъзе артишҳои пинҳонамал буд.
ҒАЗВАИ БАДР	Соли дуюм дар моҳи Рамазон Расулуллоҳ ﷺ бо сесаду чанд мард аз мӯъминон ба талаби корвони Қурайш, ки аз Шом бармегашт хориҷ шуданд, пас Абӯсуфён роҳи корвонро дигар кард ва шайтон Қурайшро барангехт, пас барои ҷангидан бо мӯъминон хориҷ шуданд. Дар Бадр рӯ ба рӯ шуданд ва ғазваи Бадри кубро (калон), ки рӯзи фурқон (ҷудоӣ) гуфта мешавад, воқеъ шуд. Ва вақте ду лашкар бо ҳам вохӯрданд, Расулуллоҳ ﷺ Парвардигорашро дуо ва зорӣ кард, пас Аллоҳ мӯъминонро ба малоикаҳо қувват дод, ки ҳамроҳи онон меҷангиданд ва Аллоҳ таъоло ононро бар алайҳи қавми кофирон нусрат дод ва калимаашро олӣ гардонид. Дар Бадр аз мушрикон ҳафтод мард кушта шуд ва аз мӯъминон чордаҳ мард ба шаҳодат расид.

ҒАЗВАИ ҚАЙНУҚ̆Ъ

Соли сеюми ҳиҷрат Бани Қайнуқоъ сулҳро шикаст, пас Паёмбар ﷺ онҳоро 15 шабонарӯз муҳосира кард, сипас бар ҳукми Ӯ нозил шуданд, пас ононро раҳо кард ва онон 700 нафар буданд.

ҒАЗВАИ УҲУД

Дар моҳи Шаввол ғазваи Уҳуд воқеъ шуд, замоне ки Қурайш барои аз кушташудагони Бадр интиқом гирифтан, тақрибан бо се ҳазор мард хориҷ шуданд ва ба сӯи Мадина омаданд. Паёмбар ﷺ тақрибан бо ҳафтсад саҳоба ба Уҳуд баромаданд ва аз Ӯ мунофиқон ҷудо шуданд. Дар аввали рӯз мусалмонон ғалаба карданд, сипас Аллоҳ мусалмононро имтиҳон кард ва ғалабаро барои мушрикон гардонд, то ба Расулуллоҳ ﷺ расиданд, пас Ӯро маҷрӯҳ карданду дандони рубоъияшро шикастанд ва ҳамроҳи Ӯ дар он рӯз малоикаҳо ҷангиданд ва ҳафтод саҳоба ؓ ба шаҳодат расиданд, аз ҷумла Ҳамза ибни Абдулмутталиб, Мусъаб ибни Умайр, Анас ибни Назр, Ҳанзалаи Ғасил (шусташудаи малоика) ва дигарон буд.

Ва Талҳа ибни Убайдуллоҳ дар рӯзи Уҳуд сахтиҳо кашид, то ки Расулуллоҳ ﷺ фармуд: "**Талҳа воҷиб гардонд** (яъне амале кард, ки барои ӯ дохил шудани Ҷаннатро воҷиб гардонд".

Расулуллоҳ ﷺ бо мусалмон ба кӯҳ баромаданд ва Аллоҳ дастони мушриконро аз онон боздошт. Рӯзи Уҳуд рӯзи имтиҳон ва тозакунӣ буд, дар он Аллоҳ мӯъминонро имтиҳон кард ва мунофиқонро ошкор кард ва касеро хост ба шаҳодат икром кард.

Ва баъди ғазва Расулуллоҳ ﷺ шунид, ки Қурайш бори дигар барои решакан кардани мусалмонон хориҷ шудаанд, пас Расулуллоҳ бо вуҷуди ҷароҳатҳое ки дар мусалмонон буд, ба сӯи Қурайш хориҷ шуд, ҳангоме мусалмонон дар Ҳамроуласад расиданд, ин хабар ба Қурайш расид, пас онон қафо гаштанд ва ба сӯи Макка бозгаштанд.

СОЛИ ЧОРУМИ ҲИҶРӢ

Соли чорум воқеъаи Биъри маъуна буд, ки дар он ҳафтод қорӣ аз саҳобагон кушта шуд ва ғазваи Бани Назир буд, ки Паёмбар ﷺ онҳоро муҳосира кард, то ки Аллоҳ дар дилҳои онон тарсро андохт ва Паёмбар ﷺ онҳоро аз Мадина хориҷ кард ва оиди онҳо сураи Ҳашр нозил шуд.

ҒАЗВАИ МУРАЙСЙЪ

Соли панҷум Паёмбар ﷺ барои ҷангидан бо Бани Мусталиқ хориҷ шуд ва Паёмбар ﷺ пирӯз баргашт ва дар роҳи баргаштанаш таяммум машрӯъ гашт ва ҳодисаи туҳмат рӯх дод, замоне ки мунофиқон Уммулмӯъминон Оиша разияллоҳу анҳоро дар ҳоле ки ӯ поку покиза буд тӯҳмат карданд. Ин бар ӯ ва Расулуллоҳ ﷺ сахт омад, то ки Аллоҳ покии ӯро дар сураи Нур нозил кард ва тӯҳматкунандагон аз рӯи ҳад дура зада шуданд.

ҒАЗВАИ АҲЗОБ

Соли панҷум дар моҳи Шаввол ғазваи Хандақ (Аҳзоб) воқеъ шуд, замоне ки яҳуд бо Қурайш ва ҳампаймонҳояшон бар ҷангидан алайҳи Паёмбар ﷺ ва ёронаш мувофиқат карданд. Пас аз Қурайш, Бани Сулайм, Бани Асад, Фазора, Ашҷаъ ва дигарон даҳ ҳазор ҷамъ шуда ба сӯи Мадина омаданд.
Салмони Форсӣ ؓ ба Паёмбар ﷺ ба кандани хандақ машварат дод, ки онҳоро аз ҳизбҳо ҳимоя мекунад, пас Расулуллоҳ ﷺ бо се ҳазор нафар хориҷ шуд ва ба кӯҳи Салъ паноҳ бурд ва хандақро дар пешаш қарор дод. Ва ба ҳампаймонҳояш Бани Қурайза эътимод кард, магар ки онон аҳдро шикастанд ва бо ҳизбҳо мувофиқат карданд. Паёмбар ﷺ ба сӯи онон ва ҳизбҳо Нуъайм ибни Масъуд разияллоҳу анҳуро фиристод, пас бо онон ҳиларо ба кор бурд ва дар байнашон фасод андохт. Сипас Аллоҳ бар ҳизбҳо лашкаре аз бодро фиристод, хаймаҳояшонро вайрон кард ва дегҳояшонро чапа намуд, пас бод онҳоро ба ларза даровард ва дар дилҳояшон тарсро андохт ва ононро хору залил гардонд, пас чизе ба даст наоварда бозгаштанд.
Паёмбар ﷺ ба сӯи Бани Қурайза баромад ва дар онон Саъд ибни Муоз ؓ-ро довар гирифт.
Дар ин ғазва сураи Аҳзоб нозил шуд.

СУЛҲИ ҲУДАЙБИЯ

Соли шашум Паёмбар ﷺ бо ҳазору чорсад саҳоба ба қасди ҳаҷҷи умра хориҷ шуд, ҳангоме дар Ҳудайбия расид, Қурайш Ӯро аз даромадани Макка боздоштанд ва бо ҳам сулҳ бастанд, ки даҳ сол намеҷанганд, пас ин барои мусалмонон фатҳу пирӯзи буд, ҳамчуноне ки Аллоҳ таъоло фармуд: "Ба ростӣ Мо барои Ту (фатҳ ва) пирӯзии ошкор муқаррар кардаем". (Сураи Фатҳ, ояти: 1)

Аз бандҳои сулҳ ин буд, ки Қурайш барои мӯъминон ба даромадани Макка дар соли оянда барои адои умар иҷозат доданд. Пас умраи қазо дар моҳи зулқаъдаи соли ҳафтум буд.

ҒАЗВАИ ХАЙБАР

Бист рӯз пас аз бозгаштанаш аз Ҳудайбия, ба сӯи Хайбар, ки дар шимоли Мадина воқеъ аст, хориҷ шуд, пас яҳудро тақрибан бист рӯз муҳосира кард, мусалмонон дар он сахт кӯшидан, ҳангоме ки яҳуд ба ҳалок шуданашон яқин карданд, аз Паёмбар ﷺ дархости сулҳ карданд, пас бо онон бар нигаҳ доштани хунашон ва аз Хайбар танҳо ба либосҳояшон баромадан сулҳ кард, сипас онҳоро бар кор кардан дар заминашон бар нисфи ҳосиле ки хориҷ мешавад ба кор гирифт.

ОМДАНИ ҶАЪФАР

Ҳангоме ки Паёмбар ﷺ дар Хайбар буд, Абӯҳурайра ؓ дар ҳоле ки мусалмон шуда буд, ба Мадина омад ва инчунин Ҷаъфар ибни Абӯтолиб писари амакаш ﷺ ва касоне ки бо ӯ дар Ҳабаша монда буданд, омаданд. Пас назди Расулуллоҳ ﷺ ба Хайбар ногаҳон омаданд ва ҳамроҳи онҳо Ашъариҳо, Абӯмусо ва ёронаш ؓ омаданд.

ҒАЗВАИ МЎЪТА

Соли ҳаштум ғазваи Мӯъта буд ва сабаби ин ғазва ин буд ,ки Шураҳбил ибни Амри Ғассонӣ намояндаи Расулуллоҳ ﷺ-ро, ки ба сӯи подшоҳи Рум фиристода буд, кушт. Пас Расулуллоҳ ﷺ се ҳазор аз саҳобагонашро фиристод ва бар онҳо дӯстдоштааш Зайд ибни Ҳориса ؓ-ро амир таъйин кард ва фармуд: "Агар Зайд кушта шуд, пас Ҷаъфар ибни Абӯтолиб бар мардум амир аст ва агар Ҷаъфар кушта шуд, пас Абдуллоҳ ибни Равоҳа амир аст". Пас Ҳирақл бо ҳампаймонони арабаш бо дусад ҳазор лашкар хориҷ шуд, пас дар Мӯъта вохӯрданд ва ҷанг шуд, пас амирони Паёмбар ﷺ ба шаҳодат расиданд, сипас Холид ибни Валид ؓ парчамро гирифт, пас нек роҳбарӣ кард ва мусалмононро муттаҳид кард, то ки онҳоро аз душмани Аллоҳ ва душманашон халос кард.

ФАТҲИ МАККАИ БУЗУРГ

Дар худи ҳамон сол, Бани Бакр, ки ҳампаймонҳои Қурайш буд бар Хузоъа, ки ҳампаймонҳои Паёмбар ﷺ буд, таадди карданд ва ононро Қурайш бар ин кор пинҳонӣ ёрӣ доданд. Вақте ин хабар ба Паёмбар ﷺ расид қасди фатҳи Макка кард. Абӯсуфён ба Мадина омад, то бо Паёмбар ﷺ сухан кунад, пас ӯро гуш накард ва бо Абӯбакр, Умар ва Алӣ суан кард, ки бо Паёмбар ﷺ гуфтугӯ кунанд, пас ӯро рад карданд. Ва Паёмбар ﷺ Аллоҳро дуо кард, киқасдашро аз Қурайш пинҳон кунад, пас хуруҷаш бар алайҳи ононро надонанд, пас Аллоҳ дуояшро қабул кард. Паёмбар ﷺ бо даҳ ҳазор лашкар хоиҷ шуд, то ки дохили Макка шуд. Ва пештар аз фатҳи Макка амаки Расулуллоҳ ﷺ Аббос ибни Абдулмутталиб ؓ Ислом овард. Паёмбар ﷺ дар вақти фатҳи Макка фармуд: "Касе дохили хонаи Абӯсуфён шавад, пас ӯ дар амон аст ва касе дохили масҷид шавад, пас ӯ дар амон аст ва касе дарашро махкам кунад, пас ӯ дар амон аст". Паёмбар ﷺ наҷангид, магар бо касоне ки ба сӯи ҷанги Ӯ шитофтанд, ҷуз касоне ки Ӯ ﷺ ва мусалмононро озор дода буданд, хунашонро ҳалол гардонид. Ва вақте дохили Каъба шуд, беэҳром Хонаро тавоф кард, сипас Усмон ибни Талҳаро даъват кард, аз ӯ калиди Каъбаро гирифт, пас бутҳое ки дар он ва атрофи он буд, шикаст, сипас калидро ба Усмон ибни Талҳа гардонд.

Ва баъди фатҳи Макка мардуми бисёре Ислом овард, балки қабилаҳо гурӯҳ-гурӯҳ мусалмон шуда ба назди Паёмбар ﷺ меомаданд.

ШИКАСТАНИ БУТҲО

Баъде ки Аллоҳ бар Паёмбараш ﷺ Маккаро кушод, саҳобагонашро барои шикастани бутҳое, ки дар атрофи Макка буд, фиристод. Амр ибни Ос ؓ-ро барои хароб кардани Сувоъ ва Саъд ибни Зайд ؓ-ро барои хароб кардани Манот ва Холид ибни Валид ؓ-ро барои хароб кардани Уззо ва Туфайл ؓ-ро барои хароб кардани Зулкаффайн ва Алӣ ؓ-ро барои хароб кардани бути Тайъ фиристод.

ҒАЗВАИ ҲУНАЙН

Вақте Ҳавозин фатҳи Маккаро шунидан, ҷамъ шудан ба сӯи Расулуллоҳ ﷺ рафтан ва ҳамроҳашон молҳо, занон ва кӯдаконашонро оварданд, пас Расулуллоҳ ﷺ бо дувоздаҳ ҳазор нафар ба сӯи онон рафт ва мусалмононро бисёрияшон хуш омад, то ки ба водии Ҳунайн расиданд, пас Ҳавозин бар онон монанди ҳамла кардани як шахс сахт ҳамла карданд, то ки мардум аз тарси сахт аз назди Паёмбар ﷺ бо шитоб рафтанд ва ҳамроҳи Ӯ ﷺ чанд нафар аз муҳоҷирон ва хонаводааш собит монданд. Сипас Аллоҳ касонеро ки имон оварда буданд, собитқадам гардонд, пас ба сӯи Паёмбар ﷺ бозгаштанд ва ҳамроҳи Ӯ ҷангиданд, то ки Аллоҳ онҳоро бар душманашон пирӯз гардонд ва Ҳавозин ба сӯи Тоиф гурехт. Сипас чордаҳ мард аз Ҳавозин мусалмон шуда ба назди Паёмбар ﷺ омаданд, пас аз Расулуллоҳ дархост карданд, ки асиронро бар онон бибахшад, пас бахшид ва мардум бо Ӯ бахшиданд.

ҒАЗВАИ ТОИФ

Баъде ки Паёмбар ﷺ аз набарди Ҳавозин фориғ шуд, қасди набард бо Тоифро кард, пас Тоиф рафт ва қалъаро 18 рӯз муҳосира кард, сипас Паёмбар ﷺ бенабард бозгашт.

ҒАЗВАИ ТАБУК

Соли нуҳум ғазваи Табук (ғазваи Усра) рух дод, дар вақте ки ҳаво сахт гарм буд ва вақти ҳосили меваҳо ва соягӣ буд, пас ба сӯи он рафтан бар мардум сахт буд. Ҳангоме ки Паёмбар ﷺ қасди рафтан кард, мардумро бар нафақа додан, ташвиқ кард. Усмон ؓ се сад шутурро бо полонаш ва ҳазор динор садақа кард, пас Паёмбар ﷺ фармуд: "**Усмон он чизе ки пас аз ин кунад, бар ӯ зарар намекунад**". Ва саҳобагон ба қадри тавоноияшон садақа карданд.

Ва ҳамаи мунофиқон бо Паёмбар ﷺ иштирок накарданд ва аз беҳтарини саҳобагон се нафар беузр иштирок накарданд, онон Каъб ибни Молик, Ҳилол ибни Умайя ва Мирора ибни Рабеъ ؓ буданд, пас ба Паёмбар ﷺ узр оварданд, ҳангоме ки ба Мадина бозгашт. Дар шаъни онон ояти сураи Тавба нозил шуд: "Ва ба он се нафаре ки (аз ҷанги Табук) қафонишинӣ карданд". (Сураи Тавба. Ояти: 118). Пас Аллоҳ ҳангоме ки рост будани ононро донист, тавбаи ононро қабул кард ва Аллоҳ дар ин сура мунофиқонро мазаммат кард ва бар онон муҳр зад, пас ин сура сураи Фозиҳа номида шуд, зеро онон расво кард.

ҒАЗВАИ ТАБУК

Дар ин ғазва Паёмбар ﷺ бо соҳиби Айла бар пардохти ҷузя сулҳ кард. Ва инчунин бо аҳли Ҷарбо ва Азраҳ сулҳ кард ва барои онон номае навишт. Ва инчунин бо Укайдири Давма бар пардохти ҷузя сулҳ кард. Паёмбар ﷺ дар Табук аз даҳ шаб бештар монд, сипас ба сӯи Мадина баргашт ва бо ҷанге рӯ ба рӯ нашуд.
Вақте ба Мадина баргашт, Аллоҳ Ӯро ба вайрон кардани масҷиди Зирор, ки мунофиқон сохта буданд, амр намуд "барои зиён расонидан (ба мусалмонон) ва (тақвияти) куфр ва тафриқаангезӣ дар миёни мӯъминон, масҷиде сохтанд ва (то) камингоҳе барои касоне ки аз пеш бо Аллоҳ ва расулаш мубориза карданд, бошад", (сураи Тавба, ояти: 107) Пас Паёмбар ﷺ онро вайрон кард ва ин охирон ғазвае аст, ки Паёмбар ﷺ дар он ҳузур дошт.

НАМОЯНДАҲО

Баъди ғазваи Табук Сақиф ислом овард ва соли нуҳумро соли намояндагон гуфта шуд, пас қабилаҳо ба назди Паёмбар ﷺ мусалмон шуда меомаданд, аз ҷумлаи онон гурӯҳи Бани Тамим буд ва раиси онон Аторид ибни Ҳоҷиби Тамимӣ ва гурӯҳи Тайъ ва раиси онон Зайд ал-Хайл ва гурӯҳи Абдулқайс ва раиси онон Ҷоруди ал-Абдӣ буд. Ва Бани Ҳанифа омад ва дар миёни онон Мусайламаи каззоб (бисёр дурӯғгӯ), ки баъдан иддиои паёмбарӣ кард, омада буд.

ҲАҶҶИ АБӮБАКР

Дар соли нуҳум Паёмбар ﷺ Абӯбакр ؓ-ро амири ҳаҷ таъйин карда ба ҳаҷ фиристод, пас ҳаҷро барои мардум барпо кард. Паёмбар ﷺ Алӣ ؓ-ро фиристод, ки аввали сураи Тавбаро бар мардум тиловат кунад ва аҳдҳои мушриконро дур андохт ва дар мардум эълон намуд, ки баъди имсол мушрике ҳаҷ намекунад ва Хонаро белибос тавоф намекунад, ҳамонгуна ки аҳли ҷоҳилият мекарданд.

ҲАҶҶИ ВАДОЪ

Дар соли даҳум Расулуллоҳ ﷺ ҳаҷҷи вадоъ намуд ва мусалмонон аз қабилаҳои мухталиф ва шаҳрҳо бо Паёмбар ﷺ ба ҳаҷ рафтанд, то ки бештар аз сад ҳазор расиданд. Пас Паёмбар ﷺ ба онон аъмоли ҳаҷро таълим дод ва дар рӯзи Арафа ба онон хутба кард ва фармудаи Аллоҳ таъолоро тиловат кард: "Имрӯз дини шуморо комил кардам ва неъмати худро бар шумо тамом намудам ва Исломро (ба унвони) Дин барои шумо интихоб кардам". (Сураи Моида, ояти: 3) Пас ба онон хабар дод, ки Динро комил кард ва ононро ба лозим гирифтани Қуръон ва Суннат васият кард ва хунҳо, молҳо ва обрӯяшонро бар якдигарашон ҳаром гардонд, пас аз ҷониби Ӯ ﷺ хутбаи вадоъ буд.

ЛАШКАРИ УСОМА

Дар моҳи сафари соли ёздаҳум Паёмбар ﷺ лашкареро барои ҷанги Рум омода кард ва бар он Усома ибни Зайд разияллоҳу анҳуро амир таъйин кард, пас хориҷ шуд ва аскар дар Ҷурф буд, хабари бемории Ӯ ﷺ ба онон расид.

ХУЛОСАИ ҒАЗВАҲОИ Ӯ ﷺ

ХУЛОСАИ ҒАЗВАҲОИ Ӯ ﷺ ВА АРТИШҲО ВА ЛАШКАРҲОИ Ӯ

Ҳамаи ғазваҳо, артишҳо ва лашкарҳои пинҳонамали Ӯ ﷺ баъди ҳиҷрат дар муддати даҳ сол воқеъ шуд. Аммо артишҳо ва лашкарҳои пинҳонамали Ӯ ﷺ тақрибан шасто буд ва ғазваҳо 27-то буд. Паёмбар ﷺ дар нуҳтои он ҷангид, аз ҷумла дар Бадр, Уҳуд, Хандақ, Қурайза, Мусталиқ, Хайбар, Фатҳ, Ҳунайн ва Тоиф ва дар баъзеаш Қуръон нозил шуд:

ОН ЧИ КИ ДАР ҚУРЪОН АЗ ҒАЗВАҲОИ Ӯ ﷺ НОЗИЛ ШУДА АСТ

Ғазваи Бадр: Дар он сураи Анфол нозил шуд ва онро сураи Бадр гуфта мешавад.

Ғазваи Уҳуд: Дар он охири сураи Оли Имрон нозил шуд, аз фармудаи Ӯ таъоло: "(Ва ба ёд ор) замонеро ки (дар ҷанги Уҳуд) бомдодон аз миёни хонаводаи худ берун омадӣ (ва) мӯъминонро барои ҷангидан дар мавзеъҳое мегуморӣ", (Оли Имрон, ояти: 121) то андак пештар аз охири сура.

Ғазваи Хандақ, Бани Қурайза ва Хайбар дар он аввали сураи Аҳзоб нозил шуд.

Ғазваи Бани Назир, дар он сураи Ҳашр нозил шуд.

Ғазваи Ҳудайбия ва Хайбар: Дар он сураи Фатҳ нозил шуд ва дар он ба фатҳ ишора шуд ва дар сураи Наср фатҳ ошкоро зикр карда шуд.

Ғазваи Табук: Дар он чанд ояте аз сураи Тавба нозил шуд.

Паёмбар ﷺ дар як ғазва ва он ғазваи Уҳуд буд, ҷароҳат бардошт ва ҳамроҳи Ӯ малоикаҳо дар ғазваи Бадр, Уҳуд ва Ҳунайн ҷангиданд ва малоикаҳо дар рӯзи Хандақ нозил шуданд пас мушриконро ба ларза оварданд ва онҳоро шикаст доданд ва дар он дар рӯйҳои мушрикон сангреза партофт, пас онҳо гурехтанд ва дар ғазваи Бадр ва Ҳунайн фатҳу пирӯзӣ буд. Ва дар як ҷанг бо манҷаниқ ҷангид ва он дар Тоиф буд ва дар як ғазва ба хандақ паноҳ бурд ва он ғазваи Аҳзоб буд, ки Салмони Форсӣ ؓ ба Ӯ машварат дода буд.

БЕМОРИ ВА ВАФОТИ Ӯ ﷺ

БЕМОРИ ﷺ ВА ВАФОТИ Ӯ ﷺ

Сипас Аллоҳ таъоло ба Паёмбараш ﷺ дар байни дунё ва вохӯрии Аллоҳ таъоло ва Ҷаннат ихтиёр дод, пас Паёмбар ﷺ вохӯрии Аллоҳ ва Ҷаннатро ихтиёр кард. Пас Паёмбар ﷺ сахт бемор шуд ва аз ҳамсаронаш иҷозат пурсид , ки бемориашро дар хонаи Оиша разияллоҳу анҳо гузаронад, пас барояш иҷозат дода шуд. Ҳангоме ки дар масҷид намоз хонда натавонист, Абӯбакр ؓ-ро амр кард, ки намози мардумро бихонад, аз рӯи ишора кардан ба сазовор будани ӯ ба хилофати пас аз Ӯ ﷺ. Рӯзи душанбе, дувоздаҳуми рабеъулаввали соли ёздаҳум Паёмбар ﷺ ба сӯи мардум хориҷ шуд, дар ҳоле ки онҳо намози субҳро мехонданд, пас пардаро бардошт ва даро кушод, то ки Ӯро диданд, пас ба онон ишора кард, ки намозатонро тамом кунед ва барои онон табассум кард, сипас вақте зуҳо (чошт) сахт шуд, Паёмбар ﷺ вафот кард ва вафоти Паёмбар ﷺ калонтарин мусибат буд, ки бар мусалмонон омад, пас бар марги Паёмбар ﷺ ғами сахте мусалмононро фаро гирифт, сипас мардум бар хилофати Абӯбакр ؓ ҷамъ шуданд, пас бо ӯ бар хилофат байъат карданд ва ягон кас аз байъати ӯ қафонишинӣ накард, аз барое ки мардум аз собиқон будани ӯро дар Ислом ва фазли ӯро бар соири уммат баъди Паёмбараш ﷺ медонистанд. Сипас Паёмбар ﷺ шуста шуд ва дар се либоси сафед кафан карда шуд, сипас дар мавзеъе, ки вафот карда буд, дар ҳуҷраи Уммулмӯъминон Оиша разияллоҳу анҳо дафн карда шуд. Ин суннати Аллоҳ дар анбиёаш аст, ки онҳоро дар ҷое ки миронида шуданд, дафн карда мешаванд ва бар Ӯ инсу ҷин намози ҷаноза хонданд, салавоти Парвардигорам ва саломи Ӯ бар вай бод. Гувоҳӣ медиҳем, ки Ӯ ﷺ амонатро адо кард ва умматро насиҳат кард ва дар роҳи Аллоҳ чуноне ки шоистаи ҷиҳод буд, ҷиҳод кард. Пас Аллоҳ Ӯро аз ҷониби умматаш беҳтарин ҷазое ки паёмбар аз ҷониби умматаш ҷазо дода мешавад, ҷазо диҳад. Ва ҳамд барои Аллоҳ Парвардигори оламиён аст.

Хотима

Ҳассон ибни Собит ؓ шоири Расулуллоҳ ﷺ гуфт:

يَـــا رَبِّ! فَاجْمَعْنَـــا مَعًـــا بِنَبِيِّنَـــا ... فِـــي جَنَّـــةِ الْفِـــرْدَوْسِ رَاكِنْهَـــا نَـــا

يَـــا ذَا الْجَـــلَالِ وَذَا الْعُـــلَا وَالسُّـــؤْدَدِ ... فِـــي جَنَّـــةِ الْفِـــرْدَوْسِ رَاكِنْهَـــا نَـــا

صَـــلَّى لِإِلٰـــهُ وَمَـــنْ يَحُـــفُّ عَرْشِـــهِ ... وَالطَّيِّبُـــونَ عَلَـــى الْمُبَـــارَكِ حُمَـــدِ

Эй Парвардигор! Моро ҳамроҳ бо паёмбарамон дар Ҷаннате, ки чашмони ҳасадхӯронро мегардонад, дар Ҷаннати Фирдавс ҷамъ ор, эй Зулҷалол ва соҳиби бартарӣ ва бузургӣ. Аллоҳ ва касоне ки ба Аршаш гирд омаданд ва покон бар Аҳмади муборак салот мефиристанд.

ИМТИҲОНИ СЕЮМ

савол	дуруст	хато
۞ Паёмбар ﷺ гусфанд чаронид, пас ин сабаби сар ва раҳмати Ӯ бар заифон ва риояи онон гашта буд.	☐	☐
۞ Вақте Паёмбар ﷺ ба сини чилсолагӣ расид, бар Ӯ нури нубувват дурахшид ва Аллоҳ таъоло Ӯро дар рӯзи ҷумъа ба рисолаташ икром кард	☐	☐
۞ Озори Қурайш бар Паёмбар ﷺ сахт шуд, пас Ӯ ва хонаводаашро дар дараи Абӯтолиб се сол муҳосира карданд ва Паёмбар ﷺ аз муҳосира баромад, дар ҳоле ки 49 сол дошт.	☐	☐

۞Паёмбар ﷺ дар Макка таваллуд шуд: ☐ Соли Фил. ☐ 53 сол пеш аз ҳиҷрат. ☐ Ҳамагӣ.

۞ Ибтидои ваҳйи Ӯ ﷺ: ☐ Дар назди Ӯ гӯшанишинӣ маҳбуб гардонда шуд. ☐ Хоби нек. ☐ Ҳамагӣ.

۞ Шумораи мартабаҳои ваҳй: ☐ Панҷто. ☐ Ҳафто. ☐ Сето.

۞ Мартабаҳои даъвати Ӯ ﷺ: ☐ Дуто. ☐ Сето. ☐ Панҷто.

۞Сипас ба рӯҳу ҷасадаш ﷺ ба масҷиди Ақсо шабона бурда шуд, сипас ба сӯи болои осмонҳо (....) ба сӯи Аллоҳ азза ва ҷалла боло бурда шуд, пас Ӯро хитоб кард ва бар Ӯ намозҳоро фарз гардонд: ☐ Ба ҷасадаш. ☐ Ба рӯҳаш. ☐ Ба рӯҳу ҷасадаш.

۞Аввалин масҷид дар Ислом: ☐ Масҷиди Ҳаром. ☐ Набавӣ. ☐ Ақсо. ☐ Қубо.

۞Гардондани қибла: ☐ Дар Макка пеш аз ҳиҷрат. ☐ Дар соли дуюми ҳиҷрӣ. ☐ Дар соли сеюми ҳиҷрӣ буд.

۞ Ғазваи Бадр дар Рамазон соли: ☐ Дуюми ҳиҷрӣ. ☐ Сеюми ҳиҷрӣ буд.

Аввалин касе ки ба Расулуллоҳ ﷺ имон овард:	Алӣ ибни Абӯтолиб	Билол ибни Рабоҳ	Зайд ибни Ҳориса	Абӯбакр
Аз мардон	☐	☐	☐	☐
Аз кӯдакон	☐	☐	☐	☐
Аз ғуломони озодшуда	☐	☐	☐	☐
Аз ғуломон	☐	☐	☐	☐


Кафолати Ӯ ﷺ:	Абӯ-толиб	Абдулмут-талиб	Қариб 8 сола буд	Абдуллоҳ ибни Абдулмутталиб	7 сол
Пас аз модараш бобояш Ӯро ба кафолат гирифт	☐	☐	☐	☐	☐
Сипас бобояш вафот кард ва Ӯ ﷺ	☐	☐	☐	☐	☐
Сипас амаки ҳамхуннаш Ӯро ба кафолат гирифт	☐	☐	☐	☐	☐
Расулуллоҳ ﷺ ҳамл буд	☐	☐	☐	☐	☐
Модараш вафот кард ва ...пур накарда буд	☐	☐	☐	☐	☐

Ғазваҳо ва артишҳои Ӯ ﷺ:	10 сол	шаст	27	нуҳтои он	як ғазва
Ҳамаи артишҳо ва лашкарҳои Ӯ баъди ҳиҷрат дар муддати	☐	☐	☐	☐	☐
Лашкарҳо ва артишҳои Ӯ қариби	☐	☐	☐	☐	☐
Адади ғазваҳои Ӯ ﷺ	☐	☐	☐	☐	☐
Паёмбар ﷺ ҷангид дар	☐	☐	☐	☐	☐
Ва Ӯ ﷺ ҷароҳат бардошт дар	☐	☐	☐	☐	☐

ФЕҲРАСТИ МАВЗӮЪҲО

- Пешгуфтори китоб 3
- Рафтори Паёмбар ﷺ 5
- Имтиҳони якум 13
- Роҳнамоии Паёмбар ﷺ 16
- Имтиҳони дуюм 21
- Аз хусусиятҳои Паёмбар ﷺ 25
- Хешовандон ва ҳамсарони Паёмбар ﷺ 28
- Саргузашти Паёмбар ﷺ пеш аз паёмбарӣ 33
- Ибтидои ваҳй 35
- Аҳди Маккӣ аз саргузашти Паёмбар ﷺ 38
- Аҳди Маданӣ аз саргузашти Паёмбар ﷺ 41
- Хулосаи ғазваҳои Ӯ ﷺ 48
- Бемори ва вафоти Ӯ ﷺ 49
- Имтиҳони сеюм 50
- Феҳрасти мавзӯъҳо 52

Шарҳи дарсҳои муҳим барои умуми уммат



Муаллиф шайх имом:

Абдулазиз ибни Абдуллоҳ ибни Боз раҳимаҳуллоҳ

Шарҳдиҳанда шайх:

Ҳайсам ибни Муҳаммад Ҷамил Сарҳон

Тарҷумон:

Шаҳобиддин Солиҳ

شرح متن

الدُّروس المهمَّة لعامَّة الأُمَّة

للشَّيخ الإمام: **عبد العزيز بن عبد الله بن باز**

رحمه الله وأسكنه فسيح جنَّاته

اعتنى به فضيلة الشَّيخ

هيثم بن محمَّد جميل سرحان

المدرِّس بمعهد الحرم بالمسجد النَّبويِّ -سابقًا- والمشرف على موقع التَّأصيل العلميِّ

http://attasseel-alelmi.com

غفر الله له ولوالديه ولمن أعانه على إخراج هذا الكتاب

المترجم

شهاب الدين صالح

هذه الطَّبعة وقفٌ لله تعالى

الطَّبعة الأولى

جميع الحقوق محفوظةٌ

إلَّا من أراد طبعه أو ترجمته لتوزيعه مجَّانًا بعد مراجعة المؤلِّف

الرَّجاء التَّواصل على:

islamtorrent@gmail.com

Шарҳи пешгуфтори муаллиф

Шайх имом Абдулазиз ибни Абдуллоҳ ибни Боз раҳимаҳуллоҳ мегӯяд:

Бисмиллоҳир Раҳмонир Раҳим

Сипосу ситоиш барои Аллоҳи парвардигори оламиён аст ва оқибат барои парҳезгорон аст. Ва Аллоҳ бар бандааш ва расулаш, паёмбари мо Муҳаммад ва бар хонаводаи Ӯ ва ҳамаи ёронаш салоту салом фиристад. Аммо баъд: Пас ин суханҳои мухтасар дар баёни баъзе чизҳое аз дини Ислом аст, ки бар оммаи мардум донистани он воҷиб мебошад ва онро "Дарсҳои муҳим барои умуми уммат" номидам.

Ва ман аз Аллоҳ талаб мекунам, ки ба он мусалмононро фоида диҳад ва аз ман онро қабул кунад, албатта Ӯ бахшандаи меҳрубон аст.

Абдулазиз ибни Абдуллоҳ ибни Боз

Барои чӣ "Дарсҳои муҳим"-ро меомӯзем?

Зеро он муҳимму асосӣ аст, ҳамчуноне ки онро муаллиф раҳимаҳуллоҳ номида аст ва ба хондани он олимон насиҳат кардаанд. Ва агар гӯяндае гӯяд:Оре, ин муҳим аст, локин барои оммаи уммат ва ман толибилм ҳастам, мартабаи ман аз мартабаи авоми уммат боло-тар аст.

Ҷавоб: Ӯро аз он чизе ки дар ин китоб аст, мепурсем, пас агар онро надонад, пас оммаи уммат аз ӯ дида беҳтар аст. Ва шоистаи толибилм ин аст, ки тавозӯъ намояд ва ин ки бар илм ва олимон такаббурӣ накунад ва бар қадамҳои олимони раббонӣ биравад. Ва дар Саҳеҳи Бухорӣ омадааст, ки Муҷоҳид гуфт: "**Илмро боҳаё таълим намегирад ва на мутакаббир**".

Муҳтавоҳои "Дарсҳои муҳим" чист?

1-Тариқаи салафи солеҳ дар Қуръон хондан, ҳифз кардан, тадаббур (андешидан) ва ба он амал кардан.

2-Баёни Ислом, имон, эҳсон, тавҳид ва қисмҳои ширк.

3-Баёни намоз.

4-Баёни обдаст (таҳорат).

5-Ба ахлоқи шаръӣ зиннат додан ва ба одоби исломӣ одоб гирифтан.

6-Аз ширк ва анвоъи маъсиятҳо ҳазар кунонидан.

7-Омода сохтани майит ва бар ӯ намоз хондан ва ӯро дафн кардан.

Барои чӣ олимон китобҳояшонро ба бисмиллоҳ шурӯъ мекунанд?

- Аз рӯи пайравӣ ба Қуръони азиз ва анбиё ва расулон алайҳимус салом.
- Аз рӯи унс гирифтан ба ҳадиси:"Ҳар кори бо аҳамияте..." ва агарчи заиф аст.
- Аз рӯи пайравӣ ба олимони гузашта раҳимаҳумуллоҳ.
- Аз рӯи табаррук ибтидо ба номи Аллоҳ таъоло кардан.

Дарси аввал

Сураи Фотиҳа ва сураҳои хурд.

Омӯхтани сураи Фотиҳа ва он сураҳои кӯтоҳе, ки имкон дорад, аз сураи Залзала то сураи Нос аз рӯи талқин ва дуруст кардани қироат ва аз рӯи ҳифз кунондан ва шарҳу баёни он чизе ки фаҳмидани он воҷиб мебошад.

Баён:

Шоиста аст, ки ҳифз карда шавад, ҳамчуноне ки ҳоли салаф буд, ҳар рӯз даҳ оят бо хондани шарҳи он аз тафсири мухтасар, монанди тафсири Ибни Сиъдӣ раҳимаҳуллоҳ ва аз Аллоҳ барои бар он амал кардан ёрӣ талаб намудан.

Толибилм аз кадом тафсир шурӯъ мекунад?

Толибилмро насиҳат карда мешавад, ки аз "Тайсири карими Раҳмон фи тафсири каломил Маннон"-и шайх Абдурраҳмон ибни Носири Сиъдӣ, Аллоҳ ӯро раҳмату мағфират кунад, шурӯъ намояд. Барои чӣ?

- Барои насиҳати олимон ва ба он эҳтимом доданашон.
- Зеро он мухтасар аст, пас муносиб аст, ки онро ибтидокунанда бихонад.
- Зеро ҷумлаҳои он осон ва возеҳ аст, ки дар он пӯшидагие нест.
- Зеро он ба иҷозати Аллоҳ бар амал кардани ба Қуръон ёрӣ мерасонад.
- Зеро муаллиф раҳимаҳуллоҳ дар тавҳид аҳамият дода аст.

Ақсоми мардум бо ҳамроҳи Қуръон чист?
Мардум дар баробари Қуръон ба ду тараф ва миёна тақсим шудаанд:

Кутоҳикунанда:
Қисме ки Қуръонро тарк мекунад ва тарки он ба:-

- Тарки қироат
- Ҳифз накардан
- Беандеша хондан
- Амал накардан
- Ба он муолиҷа накардан

Зиёдаравӣ:
Қисме ки Қуръонро мехонад ва ҳифз мекунад беандешидан ва беамал кардан.

Миёнаравӣ:
Қисме ки бар қироат ва ҳифзи он мудовимат ва андеша мекунад ва аз Аллоҳ барои ба он амал кардан ёрӣ мепурсад ва ин ҳоли салафи солиҳ ва пайравони онҳо мебошад.

Аллоҳ таъоло мефармояд:(وَقَالَ ٱلرَّسُولُ يَٰرَبِّ إِنَّ قَوْمِى ٱتَّخَذُوا۟ هَٰذَا ٱلْقُرْءَانَ مَهْجُورًا) "Ва расул гуфт:Эй Парвардигор! Албатта қавми ман ин Қуръонро тарк кардаанд". (Сураи Фурқон:30) Ва Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд: "Ҳароина аз насли ин қавме мебарояд, ки Қуръонро мехонанд, аз ҳалқашон намегузарад, мусалмононро мекушанд, аз дини Ислом хориҷ мешаванд, ҳамонгуна ки тир аз задашуда хориҷ мешавад, ҳароина агар ман онҳоро дарёбам, онҳоро монанди куштани қавми Од мекушам".

Интихобшудаҳо аз "Тайсир-ул-Карим-ир-Раҳмон фи тафсири калом-ил-Маннон"-и аллома Абдурраҳмони Сиъдӣ раҳимаҳуллоҳ ва саволҳо бар асоси он.

(Тафсири сураи Фотиҳа ва он сураи Маккӣ аст)

(بِسۡمِ ٱللَّهِ ٱلرَّحۡمَٰنِ ٱلرَّحِيمِ ١ ٱلۡحَمۡدُ لِلَّهِ رَبِّ ٱلۡعَٰلَمِينَ ٢ ٱلرَّحۡمَٰنِ ٱلرَّحِيمِ ٣ مَٰلِكِ يَوۡمِ ٱلدِّينِ ٤ إِيَّاكَ نَعۡبُدُ وَإِيَّاكَ نَسۡتَعِينُ ٥ ٱهۡدِنَا ٱلصِّرَٰطَ ٱلۡمُسۡتَقِيمَ ٦ صِرَٰطَ ٱلَّذِينَ أَنۡعَمۡتَ عَلَيۡهِمۡ غَيۡرِ ٱلۡمَغۡضُوبِ عَلَيۡهِمۡ وَلَا ٱلضَّآلِّينَ ٧)

(Ба номи Аллоҳи бахшандаи меҳрубон. Ситоиш махсуси Аллоҳ аст, ки Парвардигори ҷаҳониён аст. Бахшандаи меҳрубон аст. Молики рӯзи ҷазо аст. Танҳо Туро мепарастем ва танҳо аз Ту ёрӣ меҷӯем. Моро ба роҳи рост ҳидоят кун. Роҳи касоне ки бар онон неъмат додӣ, на роҳи ғазабшудагон ва на роҳи гумроҳон).

"Бисмиллоҳ" яъне ба ҳамаи номҳои Аллоҳ таъоло оғоз мекунам, зеро лафзи "исм" танҳо ва музоф аст, пас тамоми номҳои накӯро фаро мегирад. "Аллоҳ" ҳамон парастидашудаву маъбуд аст, Ӯ ба танҳоияш шоистаи ибодат аст, зеро Ӯ ба сифатҳои улуҳият, ки сифатҳои камол аст, муттасиф мебошад. "ар-Раҳмон-ир-Раҳим" ду исм аст, ки бар ин далолат мекунанд, ки Ӯ таъоло

дорои раҳмати васеи бузурге аст, ки ҳамаи чиз ва ҳамаи зиндаро фаро гирифтааст. Ва онро барои парҳезгорон, пайравони анбиёҳо ва расулонаш қарор додааст. Пас барои инҳо раҳмати бекарон (бепоён) аст ва барои дигарон насибе аз он аст.

Бидон, ки яке аз қоидаҳое, ки салаф ва имомҳои ин уммат бар он иттифоқ доранд, имон ба номҳо ва сифатҳои илоҳӣ ва аҳкоми мутааллиқ ба сифатҳо аст.

Ба таври мисол онҳо эътиқод доштанд, ки Аллоҳ "Раҳмон" ва "Раҳим" бахшанда ва меҳрубон аст, дорои раҳмате аст, ки ба он васфшуда аст, тааллуқ ба раҳматшуда дорад. Пас ҳамаи неъматҳо асаре аз осори раҳмати Ӯ мебошанд. Ва дар дигар номҳои илоҳӣ инчунин эътиқод доштанд. Дар "ал-Алим" гуфта мешавад: Ҳамоно Ӯ донову дорои илм аст, ба он ҳамаи чизро медонад. Ва "Қадир" дорои қудратест, ки бар ҳамаи чиз тавонои дорад.

"Алҳамду лиллоҳ" ҳамон ситоиши Аллоҳ ба сифатҳои камол ва феълҳояш, ки дар миёни фазл ва адл давр мезанад, мебошад. Пас ситоиши комил ба ҳамаи

ваҷҳҳояш аз они Ӯст.

"Раббил оламин" Раб ҳамон парвардигори ҳамаи оламиён аст ва онҳо ҷуз Аллоҳ ҳастанд, чаро ки Аллоҳ онҳоро офарид ва барои онон олатҳоро муҳаё намуд ва бар онҳо ба неъматҳои бузурге неъмат дод, ки агар онро аз даст бидиҳанд, барои онҳо боқӣ мондан имкон надорад. Пас онҳо ҳар неъматеро, ки доранд, аз ҷониби Ӯ таъолост. Ва тарбияи Ӯ таъоло барои халқаш ду навъ аст: Омму хос.

Тарбияи омма ин аст, ки Ӯ махлуқҳоро офарида ва ба онҳо рӯзӣ дода ва онҳоро ба масолеҳашон, ки боқӣ монданашон дар дунё ба он вобастагӣ дорад, ҳидоят кардааст.

Ва тарбияи хос, тарбияти Ӯ барои авлиёаш мебошад. Пас онҳоро ба имон тарбия мекунад ва онҳоро барои он тавфиқ медиҳад ва имонро барои онҳо комил мегардонад ва монеаҳоеро ки миёни онҳо ва Ӯ парда аст, аз онҳо дӯр мекунад.

Ва ҳақиқати ин навъ тарбият иборат аст, аз: Муваффақ шудан ба анҷом додани ҳар хайру некӣ ва аз муртакиб

шудани ҳар зиштӣ ва бадӣ парҳез намудан аст. Ва шояд ҳамин маъно ҳамон сирре дар бештар будани дуоҳои анбиё ба калимаи "**Раб**" бошад, пас ҳамоно ҳамаи хостаҳои онон дар зери парвардигории хосси Ӯ дохил мебошад. Пас фармудаи Ӯ: "**Раббил оламин**" далолатгари ягона будани Ӯ дар офаридан ва тадбири умур ва атои неъматҳо ва бениёзии Ӯ ва ниёзмандии оламиён ба ҳамаи ваҷҳу эътибор ба сӯи Ӯ мебошад.

"**Малики явмиддин**", Молик касе аст, ки ба сифати малик ва подшоҳӣ муттасиф бошад, ба ҳамин хотир амр ва наҳй намуда ва подош ва ҷазо медиҳад ва бо зердастонаш ҳартавр ки бихоҳад рафтор мекунад. Дар ин оят "**Молик**" ба "**явмиддин**" изофа шудааст ва "**явмиддин**" ва он рӯзи қиёмат аст, рӯзе ки мардум подоши амалҳои хуб ва бади худро дарёфт мекунанд, зеро дар он рӯз ҳақиқати подшоҳӣ ва адл ва ҳикмати илоҳӣ ва қатъ шудани подшоҳии офаридагон барои халоиқ ошкор мегардад, то ҷое ки дар он рӯз подшоҳон ва зердастон ва ғуломону озодон баробар мебошанд ва ҳама дар баробари азамат ва иззати Ӯ

сари таслим фурӯ оварда ва дар интизори муҷозоти Ӯ буда, умеди савоб аз Ӯ доранд ва аз азоби Ӯ дар ҳаросанд. Ба ҳамин хотир Аллоҳ баён дошта ки молики рӯзи ҷазо аст, вагарна Аллоҳ молики рӯзи қиёмат ва дигар рӯзҳо аст.

"**Иёка наъбуду ва иёка настаъин**", яъне танҳо Туро мепарастем ва танҳо аз Ту ёрӣ меҷуем, зеро тақдими маъмул ифодаи ҳаср мекунад ва он исботи ҳукм барои мазкур ва нафй он аз ғайраш мебошад. Пас гӯё, ки ӯ мегӯяд: Танҳо Туро мепарастем ва ғайри Туро намепарастем ва аз Ту ёрӣ металабем ва аз ғайри Ту ёрӣ наметалабем. Ва тақдим кардани "ибодат" бар "ёрӣ талабидан" аз боби тақдими ом бар хос аст ва ба хотири эҳтимом додан ба ҳаққи Аллоҳ таъоло ва тақдим намудани он бар ҳаққи банда мебошад. Ва ибодат исми ҷомеъ ва фарогир аст, ҳамаи амалҳо ва гуфторҳои зоҳирӣ ва ботиниро, ки Аллоҳ онро дӯст медорад ва аз он розӣ мешавад, дар бар мегирад. Ва истионат ҳамон такя кардан бар Аллоҳ таъоло дар ҷалби манфиатҳо ва дур кардани зарарҳо, бо боварӣ

кардан ба Ӯ дар ҳосил кардани ин муҳим мебошад. Анҷом додани ибодат барои Аллоҳ ва аз Ӯ ёрӣ ҷустан, василае барои касби саодати абадӣ ва наҷот аз ҳамаи бадиҳост. Пас ба ҷуз ин ду роҳ, роҳе барои наҷот вуҷуд надорад. Ва ибодат замоне ибодат ҳисоб мешавад, ки аз суннати Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам гирифта шуда ва мақсад аз анҷоми он ризои Аллоҳ бошад. Пас ба ин ду амр ибодат ҳисобида мешавад. Ва ёрӣ ҷустанро, пас аз ибодат зикр кард, бо ин ки ёрӣ ҷустан низ баъзе аз ибодат аст, ба хотири ин ки банда дар анҷоми ибодат ба ёрии Аллоҳ ниёзманд аст, зеро агар Аллоҳ ӯро ёрӣ накунад, наметавонад амрҳоро анҷом диҳад ва аз наҳйшудаҳо парҳез кунад. Сипас Аллоҳ таъоло фармуд: "**Иҳдинас сиротал мустақим**", яъне моро роҳнамоӣ ва ҳидоят кун ва барои роҳи рост тавфиқ бидеҳ ва он роҳи равшанест, ки инсонро ба сӯи Аллоҳ ва Ҷаннат мерасонад. Ва он донистани ҳақ ва ба он амал кардан аст.

Пас моро ба сӯи роҳи рост ҳидоят намо ва моро дар роҳи рост ҳидоят намо. Пас ба сӯи роҳи рост, яъне ба дини Ислом чанг задан ва аз дигар динҳо рӯй гардондан аст. Ва ҳидоят дар роҳи рост, шомили ҳамаи тафсилҳои илмӣ ва амалии дин мебошад. Пас ин дуо ҷомеътарини дуоҳо ва фоидаовартарини он барои банда аст. Бинобар ин воҷиб аст, ки дар ҳар ракаате аз намозаш бо ин дуо Аллоҳро дуо намояд, чун инсон ба ин ниёз дорад. Ва ин роҳи рост иборат аст аз: "**Сиротал лазина анъамта алайҳим**" роҳи касоне ки ба онҳо неъмат додай, аз паёмбарон, ростгӯён, шаҳидон ва накӯкорон. "**Ғайрил мағзуби алайҳим**" ғайри роҳи касоне ки бар онҳо ғазаб намудай, онҳое ки ҳақро шинохтанд ва ба он амал накарданд, яҳудиён ва ҳамонанди онҳо. "**Валаззоллин**" ва на роҳи гумроҳон, ҳамонҳое ки ба сабаби нодонӣ ва гумроҳӣ аз ҳақ рӯйгардон шуданд, монанди насоро ва амсоли онҳо. Пас ин сура бо мухтасар буданаш, дарбаргирандаи мафҳумҳоест, ки ҳеҷ сурае аз сураҳои Қуръон онро дарбар надорад.

Ин сура тавҳиди сегонаро дарбар гирифта аст, тавҳиди рубубият, ки аз "**Раббил оламин**" гирифта мешавад ва тавҳиди улуҳият, ки ба маънои парастиши Аллоҳи яктост аз калимаи "Аллоҳ" ва "**иёка наъбуду ва иёка настаъин**" гирифта мешавад ва тавҳиди номҳо ва сифатҳо, ки ба маънои бовар доштан ба сифатҳои камол аст, ки Аллоҳ барои худаш собит намуда ва низ Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам бетаътил кардан ва монанд кардан, онҳоро барои Аллоҳ таъоло исбот карда аст. Ва ба рости бар ин калимаи "ал-Ҳамд" далолат мекунад, ҳамонгуна ки гузашт. Ва исботи нубувват аз фармудаи Ӯ "**иҳдинас сиротал мустақим**" гирифта мешавад, зеро ёфтани роҳи рост берисолат имкон надорад. Ва исботи ҷазо бар амалҳо аз фармудаи Ӯ: "**Молики явмиддин**" гирифта мешавад ва ҳамоно ҷазо ба адл мебошад, зеро маънои дин ба адл ҷазо додан аст. Ва ин сура тақдири илоҳиро исбот мекунад ва ин ки банда фоили ҳақиқӣ аст, ба хилофи қадария ва ҷабрия, ки чунин эътиқоде

надоранд, балки дарбаргирандаи радди ҳамаи аҳли бидъат ва гумроҳӣ аст ва ин аз фармудаи Ӯ:"иҳдинас сиротал мустақим" гирифта мешавад, зеро он шинохтани ҳақ ва ба он амал кардан аст. Ва ҳар бидъаткору гумроҳе бо он мухолиф аст. Ва дарбаргирандаи дин барои Аллоҳ аз рӯи ибодат ва ёрӣ ҷустан аст, ин мафҳум дар фармудаи Ӯ таъолост: "**Иёка наъбуду ва иёка настаъин**". Пас ҳамду сипос Аллоҳерост, ки Парвардигори ҷаҳониён аст.

(Тафсири Ояталкурсӣ)

"Аллоҳ, ҳеҷ маъбуди ба ҳақ ҷуз Ӯ нест, зинда (ва ҷаҳони ҳастиро) нигаҳдор ва мудаббир аст, на ғанаб Ӯро фаро мегирад ва на хоб. Он чи дар осмонҳо ва он чи дар замин аст аз они Ӯст, кист ки дар назди Ӯ ҷуз ба фармони Ӯ шафоат кунад? Он чи дар пеши рӯи онон ва он чи дар пушти сарашон аст, медонад ва ба чизе аз илми Ӯ ҷуз ба он чи бихоҳад, иҳота намеёбанд. Курсии Ӯ осмонҳо ва заминро дарбар гирифта ва нигаҳдорӣ он ду (замин ва осмон) бар Ӯ гарон ва душвор наояд ва Ӯ аз рӯи зот ва сифат баланд ва бузург аст".

Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам хабар доданд, ки ин оят бузургтарини оятҳои Қуръон мебошад, зеро он маъноҳои тавҳид, азамат ва васеъии сифатҳои Борӣ таъолоро дарбар мегирад, пас хабар дод, ки Ӯ (Аллоҳ) Зотест, ки ҳамаи маъноҳои улуҳият аз они Ӯст ва ин ки мустаҳиққи улуҳият ва бандагӣ ба ҷуз Ӯ касе нест, пас улуҳияти ғайри Ӯ ва ибодати ғайри Ӯ ботил аст. Ва ин ки Ӯ "Зинда"-ест, ки ҳамаи маъноҳои ҳаёти комил аз шунавоӣ, биноӣ, қудрат, ирода ва ғайри он аз сифатҳои зотӣ аз они Ӯст, ҳамонгуна ки дар зимни (Қайюм) ҳамаи сифатҳои феълҳо дохил мешавад, зеро Ӯ қайюмест, ки ба Зоти худ қоим аст ва аз ҳамаи махлуқоташ бениёз аст ва ҳамаи офаридаҳоро ба вуҷуд оварда аст, пас Ӯ ҳамаи офаридаҳоро ба вуҷуд оварда ва ҳамаро зинда боқӣ гузорида ва ҳамаи ончиро, ки мавҷудот барои вуҷуди бақои худ ба он ниёз доранд ба онҳо арзонӣ дошта аст. Ва аз камоли ҳаёт ва побарҷоии Ӯ ин аст, ки "**Ло таъхузуҳу синатув ва ло навм**", Ӯро ғанаб фаро намегирад ва на хоб, зеро ғанаб ва хоб барои махлуқе пеш меояд, ки дучори

заъф ва нотавонӣ ва фурӯпошӣ мешавад. Ва ғанабу хоб барои Аллоҳи боазамат ва бошукуҳ нест. Ва Аллоҳ хабар дод, ки подшоҳ ва фармонравоӣ осмонҳо ва замин аст. Пас ҳамаи махлуқот, бандагон ва мамлуки Ӯ ҳастанд ва ҳеҷ яки аз онҳо аз ин меҳвар берун намераванд. **(Ҳамаи он чи дар осмонҳо ва замин ҳастанд бандавор пеши Аллоҳи Раҳмон меоянд).** Пас Ӯ соҳиби ҳамаи мамолик аст ва Ӯ Аллоҳест, ки дорои сифатҳои фармонравоӣ ва тасарруф ва подшоҳӣ ва бузургӣ аст. Ва аз камоли мулкаш ин аст, ки касе дар назди Ӯ шафоат намекунад, магар ба фармони Ӯ, пас ҳамаи бошарафон ва шафоаткунандагон бандаву мамлукҳои Ӯ ҳастанд, бар шафоат иқдом намеоранд, то барои онҳо иҷозат диҳад. **"Бигӯ: Шафоат ҳама аз они Аллоҳ аст, барои Ӯст подшоҳии осмонҳо ва замин".** Ва Аллоҳ ба ҳеҷ кас иҷозат намедиҳад, ки шафоат кунад, магар барои касе ки аз ӯ розӣ бошад ва ҷуз тавҳид ва ягонагии хеш ва пайравӣ аз паёмбаронашро розӣ намешавад, пас ҳар кас ингуна набошад барои ӯ насибе аз шафоат нахоҳад буд.

Сипас Аллоҳ аз илми фарогири хеш хабар дод ва фармуд, ки: Он чиро дар пеши халқҳо аст аз амрҳои оянда, ки охир надорад, медонад ва он чи аз амрҳои гузаштае, ки ҳад надорад огоҳ аст ва ҳеҷ чизи пинҳоне бар Ӯ пинҳон наемонад. (**Ӯ хиёнати чашмҳо ва он чиро синаҳо пинҳон мекунанд, медонад**). Ва ҳеҷ як аз офаридаҳои Аллоҳ ба чизе аз илм ва маълумоти илоҳӣ иҳота намеёбад, магар он чиро, ки Худаш бихоҳад, ки аз он ҷумла умури шаръӣ ва қадарӣ аст, ки Аллоҳ онҳоро ба он огоҳ сохта аст ва он қатраи бисёр андаке аст, ки дар илмҳо ва маълумоти Аллоҳ нопадидшуда аст, ҳамонтавр ки донотарини махлуқоти Аллоҳ, ки паёмбарон ва фариштагон ҳастанд, гуфтанд: "**Ту пок ва муназаҳӣ, донише надорем, ҷуз он чи ба мо омӯхтаӣ**". Сипас Аллоҳ аз бузургӣ ва шукуҳи Хеш хабар дод ва хабар дод, ки курсии Ӯ осмонҳо ва заминро фаро гирифта аст ва осмонҳо ва замин ва он чизе ки дар миёни он ду аст, ба василаи асбоб ва низоме ки Аллоҳ дар ҷаҳони ҳастӣ ба вадиъат ниҳода аст, ҳифз мекунад. Бо вуҷуди ин ҳифозати осмонҳо ва замин барои Ӯ

вазнин ва душвор нест, чаро ки Ӯ аз камоли азамат ва иқтидор ва ҳикмати густурда бархӯрдор аст.

Ва Зоти Аллоҳ бар тамоми махлуқот волоӣ дорад, ҳамчунон ки сифатҳояш низ бар сифатҳои соири махлуқот воло аст. Ӯ воло аст ва бар ҳамаи махлуқот ғолиб аст ва мавҷудот дар баробари Ӯ залил ва таслим ҳастанд ва мушкилот ва сахтиҳо дар баробари Ӯ фурӯтананд ва гарданҳо дар баробари Ӯ хору залил.

"**ал-Азим**" саросар азамат ва бузургӣ ва маҷд ва ифтихор аст, дилҳо шефтаи Ӯ ҳастанд ва рӯҳҳо Ӯро таъзим менамоянд ва орифон медонанд, ки ҳар мавҷуди боазамат ва бузурге дар муқобили азамати Аллоҳи бузург ночиз аст. Пас чун ин оят мафҳумҳои бисёр волоеро дарбар дорад, шоиста аст, ки бузургтарин ояти Қуръон бошад. Ва ҳар кас ки онро мехонад, бояд дар он андеша кунад, то қалбаш аз яқин, ирфон ва имон саршор гардад ва аз бадиҳои шайтон маҳфуз бимонад.

(Тафсири сураи "Изо зулзилат"

ва он сураи Маданӣ аст)

بِسۡمِ ٱللَّهِ ٱلرَّحۡمَٰنِ ٱلرَّحِيمِ

(إِذَا زُلۡزِلَتِ ٱلۡأَرۡضُ زِلۡزَالَهَا ﴿١﴾ وَأَخۡرَجَتِ ٱلۡأَرۡضُ أَثۡقَالَهَا ﴿٢﴾ وَقَالَ ٱلۡإِنسَٰنُ مَا لَهَا ﴿٣﴾ يَوۡمَئِذٖ تُحَدِّثُ أَخۡبَارَهَا ﴿٤﴾ بِأَنَّ رَبَّكَ أَوۡحَىٰ لَهَا ﴿٥﴾ يَوۡمَئِذٖ يَصۡدُرُ ٱلنَّاسُ أَشۡتَاتٗا لِّيُرَوۡاْ أَعۡمَٰلَهُمۡ ﴿٦﴾ فَمَن يَعۡمَلۡ مِثۡقَالَ ذَرَّةٍ خَيۡرٗا يَرَهُۥ ﴿٧﴾ وَمَن يَعۡمَلۡ مِثۡقَالَ ذَرَّةٖ شَرّٗا يَرَهُۥ ﴿٨﴾).

Бисмиллоҳир Раҳмонир Раҳим

(Ҳангоме ки замин бо шадидтарин ларзаҳояш ба ларза дарояд. Ва замин борҳои вазнинро берун резад. Ва инсон гӯяд: Он (замин)-ро чӣ шуда аст?! Дар он рӯз (замин) тамоми хабарҳояшро бозгӯ мекунад, зеро ки Парвардигорат ба ӯ (чунин) ваҳй (ва ҳукм) карда аст. Дар он рӯз мардум пароканда (аз мавқифи ҳисоб) боз мегарданд, то аъмолашон ба онҳо нишон дода шавад. Пас ҳар кас ба андозаи заррае кори нек анҷом дода бошад (подоши) онро мебинад. Ва ҳар кас ба андозаи заррае кори бад карда бошад (ҷазои) онро мебинад).

(1-2). Аллоҳ таъоло аз он чизе ки дар рӯзи қиёмат воқеъ мешавад, хабар медиҳад, ки замин сахт

такон мехӯрад ва ба ларза медарояд, то ки бино ва нишонаҳое ки бар болои он аст, меафтанд ва кӯҳҳои он аз ҳам мепошад ва теппаҳо баробар мешаванд ва замин ба майдони софу ҳамвор ва бефарозу нишеб табдил мешавад. (**Ва ахраҷатил арзу асқолаҳо**). Ва замин мурдаҳо ва хазонаҳо ва ганҷҳоеро, ки дар даруни ӯст, берун меандозад.

(3). (**Ва қолал инсону молаҳо**). Ва вақте ки инсон ҳолати бузургеро, ки ба замин рӯх дода аст, мушоҳида мекунад, мегӯяд: "**Онро чӣ шудааст?**".

(4-5). (**Явмаизин туҳаддису ахбораҳо**). Дар он рӯз замин ба хубиҳо ва бадиҳое, ки мардум рӯи замин кардаанд, гувоҳӣ медиҳад. Пас замин аз ҷумлаи гувоҳоне аст, ки бар амалҳои бандагон гувоҳӣ медиҳад. (**Бианна раббака авҳо лаҳо**). Чун Парвардигорат ба замин дастур дода ки ба он чи рӯи он анҷом шуда аст, гувоҳӣ диҳад ва замин ҳам аз дастури Аллоҳ сарпечӣ намекунад.

(6). (**Явмаизин ясдурунносу аштотал лиюрав аъмолаҳум**). Дар он рӯз мардум ба сурати дастаҳои гуногун

пароканда мешаванд, то Аллоҳ корҳои бад ва некеро ки кардаанд ба онҳо нишон диҳад ва онҳо ҷазои корҳояшонро ба таври комил бубинанд.

(7-8). (**Фамай яъмал мисқола зарратин хайрай яраҳ ва май яъмал мисқола зарратин шаррай яраҳ**). Ин ҳамаи хайр ва шарро фаро мегирад, чун вақте инсон подош ва подоши ҳар он чиро кардааст, мебинад, гарчи ба андозаи заррае бошад, болотар ва бештар аз онро ба тариқи авло хоҳад дид. Ҳамонтавр ки Аллоҳ таъоло мефармояд: "**Рӯзе ки ҳар кас кори хуб ва бадеро, ки анҷом додааст ҳозир меёбад ва дӯст дорад, ки миёни ӯ ва он фосилаи дӯре бувад**". "**Ва он чиро ки анҷом дода буданд, ҳозир ва омода меёбанд**". Дар инҷо одамӣ бар анҷоми кори хайр ҳарчанд андак бошад, ташвиқ шудааст ва аз анҷоми кори бад, ҳарчанд ночиз бошад, ҳазар дода шудааст.

(Тафсири сураи Одиёт ва он сураи Маккӣ аст)

بِسْمِ اللَّهِ الرَّحْمَٰنِ الرَّحِيمِ

(وَالْعَادِيَاتِ ضَبْحًا ﴿١﴾ فَالْمُورِيَاتِ قَدْحًا ﴿٢﴾ فَالْمُغِيرَاتِ صُبْحًا ﴿٣﴾ فَأَثَرْنَ بِهِ نَقْعًا ﴿٤﴾ فَوَسَطْنَ بِهِ جَمْعًا ﴿٥﴾ إِنَّ الْإِنسَانَ لِرَبِّهِ لَكَنُودٌ ﴿٦﴾ وَإِنَّهُ عَلَىٰ ذَٰلِكَ لَشَهِيدٌ ﴿٧﴾ وَإِنَّهُ لِحُبِّ الْخَيْرِ لَشَدِيدٌ ﴿٨﴾ ۞ أَفَلَا يَعْلَمُ إِذَا بُعْثِرَ مَا فِي الْقُبُورِ ﴿٩﴾ وَحُصِّلَ مَا فِي الصُّدُورِ ﴿١٠﴾ إِنَّ رَبَّهُم بِهِمْ يَوْمَئِذٍ لَّخَبِيرٌ ﴿١١﴾).

Бисмиллоҳир Раҳмонир Раҳим

"Савганд ба асбҳои даванда, ки нафасзанон (ба сӯи майдон) пеш мерафтанд. Ва савганд ба асбҳое, ки (дар асари задани сумашон ба сангҳо) оташ меҷаҳонанд, пас савганд ба асбоне, ки бомдодон ҳуҷум ованд, пас дар он ҳангом гарду ғубор барангезанд. Ва дар онҷо ҳамаро дар миён гиранд, ҳамоно инсон дар баробари (неъматҳои) Парвардигораш бисёр носипос аст. Ва бегумон ӯ бар ин (носипосӣ) гувоҳ аст. Ва ҳамоно ӯ алоқаи фаровон ва шадиде ба мол дорад. Оё ӯ намедонад, ки чун он чи дар гурҳост, (ҳама зинда ва) барангехта шаванд? Ва он чи дар дилҳо ҳаст (ҳама) ошкор гардад. Яқинан дар он рӯз Парвардигорашон ба (вазъу ҳоли) онҳо комилан огоҳ аст".

Аллоҳ таборак ва таъоло ба асб савганд мехӯрад, чун дар он нишонаҳои ошкор ва неъматҳои зоҳире аст, ки барои мардум маълум аст. Ва Аллоҳ таъоло ба ҳолате аз асб савганд хӯрда ки дигар ҳайвонот ин ҳолатро надоранд, пас фармуд: "**Валъодиёти забҳа**"-Савганд ба асбони тозандае, ки ба суръат ва нафасзанон метозанд ва пеш мераванд.

"**Фалмуриёти қадҳа**"-Ва савганд ба асбоне ки бар асари бархӯрди наъли онҳо ба санг оташ меафрӯзанд. Яъне аз сахтии сумашон ва қувваташон ба ҳангоми давидан ва аз бархӯрди наълашон бо санг оташ меафрӯзанд. "**Фалмуғироти субҳа**"-Савганд ба асбоне ки ба ҳангоми субҳ бар душманон ҳуҷум мебаранд. Ва ин бар асоси ғолибият мебошад, яъне ғолибан ҳуҷум дар субҳгоҳон сурат мегирад.

"**Фаасарна биҳ**"-Ва ба сабаби тохтан ва юриш бурданашон (**Нақъан**) ғуборе бармеангезанд.

"**Фавасатна биҳи ҷамъан**"- Ва ҳамроҳ бо асбсавор вориди ҷамъи душманоне мешаванд, ки бар онҳо ҳуҷум бурдаанд. Ва он чи ки бар он қасам ёд шуда

аст аз фармудаи Аллоҳ: "**Иннал инсона лираббиҳи лакануд**", яъне бегумон инсон аз адои ҳуқуқи илоҳӣ ба шиддат мумониъат меварзад. Пас табиати инсон танбалӣ ва ҳуқуқи молӣ ва баданиро, ки бар ӯст адо намекунад, магар касе ки Аллоҳ ӯро ҳидоят кунад ва ӯро аз ин васф ба сӯи васфи ба ҷо овардани ҳуқуқ берун оварад. "**Ва иннаҳу ало золика лашаҳид**"-Инсон бахилӣ ва носипосии худро медонад ва бар он гувоҳ аст ва онро инкор намекунад, чун ин чиз равшан ва возеҳ аст. Ва эҳтимол дорад, ки замир бар Аллоҳ баргардад, яъне инсон дар ҳаққи Парвардигораш носипос аст. Ва Аллоҳ бар ин носипосии ӯ гувоҳ аст. Пас дар инҷо инсон бо шиддат мавриди таҳдид қарор гирифта аст ва ба вай ҳушдор дода шуда, ки Аллоҳ бар ӯ огоҳ аст. "**Ва иннаҳу лиҳуббил хайри лашадид**"-Инсон мол ва дороиро сахт дӯст медорад ва муҳаббат боис мешавад, то ҳуқуқеро, ки бар ӯ воҷиб аст, тарк намояд. Ва шаҳвати худро бар ризоияти Парвардигораш муқаддам бидорад. Ва ин ба хотири он аст, ки ӯ нигоҳашро фақат ба ҳамин ҷаҳон мунҳасир карда ва аз

охират ғофил мондааст. Ба ҳамин ҷиҳат ӯро ба тарсидан аз рӯзи ҳароси бузург (қиёмат) ташвиқ намуд ва фармуд: "**Афало яъламу изо бӯъсира мо фил қубур**"- Оё инсоне, ки мағрур аст, намедонад, ки Аллоҳ мурдагонро аз гурҳояшон барои ҳашр ва нашр берун меоварад. "**Ва ҳуссила мо фис судур**"- Ва розҳое, ки дар дилҳост ва хайр ва шарре ки дар он пинҳон шуда дар он рӯз ошкор мегардад. Пас дар он рӯз ниҳон ошкор мегардад ва натиҷаи корҳо барои мардум маълум мешавад. "**Инна раббаҳум биҳим явмаизил лахабир**"- Ҳамоно Аллоҳ ба амалҳои зоҳир ва ботин ва пинҳон ва ошкори онҳо огоҳ аст ва дар баробари он ба онҳо ҷазо ва сазо медиҳад. Бо ин ки Аллоҳ дар ҳамаи вақтҳо аз амалҳои бандагон огоҳ аст, аммо ба таври хос фармуд: Дар он рӯз аз онҳо огоҳ аст, чун мақсад ҷазо додан бар амалҳо аст, амалҳое, ки аз доираи илм ва огоҳии Аллоҳ хориҷ набудааст.

(Тафсири сураи Қориа ва он сураи Маккӣ аст)

بِسْمِ ٱللَّهِ ٱلرَّحْمَٰنِ ٱلرَّحِيمِ

(ٱلْقَارِعَةُ ﴿١﴾ مَا ٱلْقَارِعَةُ ﴿٢﴾ وَمَآ أَدْرَىٰكَ مَا ٱلْقَارِعَةُ ﴿٣﴾ يَوْمَ يَكُونُ ٱلنَّاسُ كَٱلْفَرَاشِ ٱلْمَبْثُوثِ ﴿٤﴾ وَتَكُونُ ٱلْجِبَالُ كَٱلْعِهْنِ ٱلْمَنفُوشِ ﴿٥﴾ فَأَمَّا مَن ثَقُلَتْ مَوَٰزِينُهُۥ ﴿٦﴾ فَهُوَ فِى عِيشَةٍ رَّاضِيَةٍ ﴿٧﴾ وَأَمَّا مَنْ خَفَّتْ مَوَٰزِينُهُۥ ﴿٨﴾ فَأُمُّهُۥ هَاوِيَةٌ ﴿٩﴾ وَمَآ أَدْرَىٰكَ مَا هِيَهْ ﴿١٠﴾ نَارٌ حَامِيَةٌۢ ﴿١١﴾).

Бисмиллоҳир Раҳмонир Раҳим

"Фурукубанда, чист (он) фурукубанда? Ва ту чӣ донӣ, ки (он) фурукубанда чист? Рӯзе ки мардум монанди парвонаҳо пароканда хоҳанд буд. Ва кӯҳҳо монанди пашми задашуда хоҳад буд. Пас аммо ҳар кас ки (дар он рӯз) палаи тарозуаш вазнин бошад, пас ӯ дар як зиндагии хушнуд (ва писандидае) хоҳад буд. Ва аммо ҳар кас ки палаи тарозуяш сабук бошад. Пас (маҳалли сукунат ва) паноҳгоҳаш ҳовия аст ва ту чӣ донӣ, ки (Ҳовия) чист? Оташи сӯзон (ва шӯълавар) аст".

"**Алқориа**" аз номҳои рӯзи қиёмат аст ва ба (Қориа) номгузорӣ шудааст, чун мардумро фурӯ мекубад ва ваҳшатҳояш ононро парешон мегардонад. Бинобар ин

онро муҳим ва бузург баршумурд ва фармуд: " **Фурукубанда, чист (он) фурукубанда? Ва ту чӣ донӣ, ки (он) фурукубанда чист? Рӯзе ки мардум монанди парвонаҳо пароканда хоҳанд буд**". Дар он рӯз мардум аз шиддати ваҳшат ва ҳарос чун парвонаҳои паракандашуда мегарданд, парвонаҳое, ки бархе ба миёни бархе мераванд ва мавҷ мезананд ва намедонанд куҷо мераванд ва ҳаргоҳ оташе равшан шавад ҳама ба сӯи он мераванд, чун дарки онҳо заиф аст ва мардум ки дорои ақл ҳастанд, дар рӯзи қиёмат чунин хоҳанд буд. "**Ва кӯҳҳо монанди пашми задашуда хоҳад буд**". Аммо кӯҳҳои сахт ва пурсалобат монанди пашми ҳаллоҷишуда хоҳанд шуд, пашме ки бисёр заиф аст ва кучактарин боде онро ба ҳаво мебарад. Аллоҳ таъоло мефармояд: "**Ва кӯҳҳоро ҷомид мепиндорӣ аммо онҳо чун абрҳо ҳаракат мекунанд**". Сипас кӯҳҳо ба гард ва ғубори пароканда табдил мешаванд ва аз байн мераванд ва чизе аз онҳо боқӣ наметонад. Пас дар ин вақт тарозуҳо гузошта мешавад ва мардум ба ду гурӯҳ некбахт ва бадбахт тақсим мешаванд.

"**Фааммо ман сақулат мавозинуҳу фаҳува фи ишатир розияҳ**". Ҳар кас некиҳояш аз бадиҳояш бештар бошад дар зиндагӣ ризоятбахше дар Биҳишти пурнозу неъмат ба сар хоҳад бурд. "**Ва аммо ман хаффат мавозинуҳ**". Ва аммо касе ки каффаҳои тарозуи амалҳояш сабук бошад, ба ин сурат, ки некиҳое надошта бошад, ки дар баробари бадиҳояш биистад. "**Фаюммуҳу ҳовияҳ**" пас маҳалли сукунати ӯ оташи Дӯзах аст. Яке аз номҳои Дӯзах (**Ҳовия**) мебошад ва Дӯзах ба манзалаи модараш мебошад ва ҳамвора ӯро дар оғуш мегирад. Ҳамонтавр ки Аллоҳ таъоло мефармояд: "**Инна азобаҳо кона ғаромо**"-Бегумон азоби он сахт хоҳад буд ва баъзе гуфтаанд, ки маънои оят чунин аст: Ӯ бар сараш дар Дӯзах андохта мешавад. "**Ва мо адрока моҳияҳ**" ин таъзими амри Дӯзах аст, сипас онро ба фармудааш тафсир кард: "**Норун ҳомияҳ**"-оташи бисёр гарм ва сӯзон аст ва аз оташи дунё ҳафтод баробар гармтар ва сӯзандатар мебошад. Ба Аллоҳ аз он паноҳ мебарем.

(Тафсири сураи "Алҳокумут такосур"

ва он сураи Маккӣ аст)

بِسۡمِ ٱللَّهِ ٱلرَّحۡمَٰنِ ٱلرَّحِيمِ

(أَلۡهَىٰكُمُ ٱلتَّكَاثُرُ ١ حَتَّىٰ زُرۡتُمُ ٱلۡمَقَابِرَ ٢ كَلَّا سَوۡفَ تَعۡلَمُونَ ٣ ثُمَّ كَلَّا
سَوۡفَ تَعۡلَمُونَ ٤ كَلَّا لَوۡ تَعۡلَمُونَ عِلۡمَ ٱلۡيَقِينِ ٥ لَتَرَوُنَّ ٱلۡجَحِيمَ ٦
ثُمَّ لَتَرَوُنَّهَا عَيۡنَ ٱلۡيَقِينِ ٧ ثُمَّ لَتُسۡـَٔلُنَّ يَوۡمَئِذٍ عَنِ ٱلنَّعِيمِ ٨).

Бисмиллоҳир Раҳмонир Раҳим

"Афзунталабӣ шуморо ба худ машғул (ва ғофил) сохта аст, то ин ки (мурдед ва) ба гуристонҳо расидед. Ҳаргиз чунин нест (ки шумо мепиндоред) ба зудӣ хоҳед донист. Боз (ҳам) чунин нест, ба зудӣ хоҳед донист. Чунин нест (ки шумо гумон мекунед) агар ба илми яқин (ҳақиқатро) медонистед, (аз фузунталабӣ ва ғафлат даст бармедоштед). Қатъан Ҷаҳаннамро хоҳед дид. Сипас муҳаққақан онро бо чашми яқин хоҳед дид. Онгоҳ ҳатман дар он рӯз аз (ҳамаи) неъматҳо пурсида хоҳед шуд".

Аллоҳ таъоло бандагонашро сарзаниш мекунад, зеро ҳадаф ва кореро, ки барои он офарида шудаанд раҳо кардаанд.

Ва он ҳамон ибодати Аллоҳи ягона ва шинохтани Ӯ ва рӯй овардан ба Ӯ ва муқаддам доштани муҳаббати Ӯ бар ҳамаи чиз аст.

"**Алҳокумуттакосур**"-Афзунталабӣ шумо инсонҳоро аз ин умури мазкур ғофил гардондааст. Аллоҳ зикр накард, ки мардум дар чи чизе афзунталабӣ мекунанд, то ҳамаи чизҳоеро ки мардум дар он афзунхоҳӣ менамоянд ва фахркунандагон ба он фахр менамоянд аз бисёрии молҳо, фарзандон, ёридиҳандагон, лашкарҳо, хизматгузорон, мақом ва ғайраро шомил шавад. Ва то чизҳои дигареро низ дарбар бигирад, ки ҳар кас мехоҳад аз дигаре бештар дошта бошад ва ҳадаф аз он ризоияти Аллоҳ нест. Пас ғафлат ва саргармии шумо идома ёфт, то ин ки "**Гурҳоро зиёрат мекунед**", онгоҳ парда аз рӯи шумо бардошта мешавад, вале акнун ҷуброни он мушкил аст. "**То гурҳоро зиёрат кунед**", ин далолат мекунад, ки Барзах, ҷаҳон ва сарое аст, ки ҳадаф аз он расидан ба охират аст. Ва Аллоҳ инсонҳоро зиёраткун номид ва муқим нагуфт. Ин бар растохез ва зинда шудан пас аз марг ва ҷазо

ёфтан дар баробари амалҳо дар ҷаҳони фанонопазир далолат мекунад. Бинобар ин Аллоҳ онҳоро ҳушдор дод ва фармуд: "Ҳаргиз чунин нест (ки шумо мепиндоред) ба зудӣ хоҳед донист. Боз (ҳам) чунин нест, ба зудӣ хоҳед донист. Чунин нест (ки шумо гумон мекунед) агар ба илми яқин (ҳақиқатро) медонистед, (аз фузунталабӣ ва ғафлат даст бармедоштед)". Агар афзунталабӣ шуморо ғофил намегардонд ва ба анҷоми корҳои шоиста мубодарат меварзидед. Аммо бархурдор набудан аз илми ҳақиқӣ шуморо ба ҷое бирасонад, ки мушоҳида мекунед. "Латаравуннал Ҷаҳим" яъне ҳатман қиёмат хоҳад омад, пас ҳатман Ҷаҳаннамеро ки Аллоҳ барои кофирон омода карда аст мушоҳида хоҳед намуд. "Сипас Дӯзахро бо чашми худ ошкоро хоҳед дид". Ҳамонтавр ки Аллоҳ таъоло мефармояд:**"Ва гунаҳгорон оташи Дӯзахро мебинанд ва медонанд, ки вориди он хоҳанд шуд ва аз он гурезе нахоҳанд дошт"**.

"Сипас дар рӯзи қиёмат аз неъматҳое, ки дар дунё аз он лаззат мебурдед пурсида мешавед", ки оё шукри онро ба ҷой овардед ва ҳаққи Аллоҳро аз он адо намудаед ва аз онҳо барои анҷоми гуноҳон кумак нагирифтаед? Онгоҳ ба шумо неъмате бартар ва беҳтар хоҳад дод. Ё ин ки фиреби неъматҳоро хӯрда

ва шукри онро ба ҷо наовардаед? Балки аз неъматҳо барои анҷоми гуноҳон истифода кардаед? Пас шуморо бар он муҷозот хоҳад кард. Аллоҳ таъоло мефармояд: "Ва рӯзе ки кофирон бар оташи Дӯзах даровардда мешаванд ва ба онон гуфта мешавад: Шумо лаззатҳои худро дар дунё бурдаед ва аз он баҳраманд шудаед ва имрӯз азоби хоркунандае ба унвони кайфар (ҷазо) ба шумо дода мешавад".

❁❁❁

(Тафсири сураи Аср ва он сураи Маккӣ аст)

بِسۡمِ ٱللَّهِ ٱلرَّحۡمَٰنِ ٱلرَّحِيمِ

(وَٱلۡعَصۡرِ ١ إِنَّ ٱلۡإِنسَٰنَ لَفِي خُسۡرٍ ٢ إِلَّا ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ وَعَمِلُواْ ٱلصَّٰلِحَٰتِ وَتَوَاصَوۡاْ بِٱلۡحَقِّ وَتَوَاصَوۡاْ بِٱلصَّبۡرِ ٣).

Бисмиллоҳир Раҳмонир Раҳим

"Савганд ба аср, ки инсон дар (хусрон ва) зиён аст, магар касоне ки имон овардаанд ва корҳои шоиста анҷом додаанд ва якдигарро ба ҳақ васият намуда ва якдигарро ба сабр васият кардаанд".

Аллоҳ ба замон ки шабу рӯз аст ва бистаре барои корҳои бандагон ва амалҳояшон аст савганд мехӯрад, ки ҳамаи инсонҳо зиёнманд мебошанд. Ва зиёнкор зидди судманд аст. Зиён мартабаҳои гуногуне дорад. Гоҳо зиён мутлақ хоҳад буд, монанди касе ки дунё ва

охиратро аз даст дода ва неъматҳоеро аз даст дода ва сазовори Дӯзах гардидааст. Ва гоҳе инсон аз баъзе ҷиҳатҳо зиёнманд мешавад ва аз баъзе ҷиҳатҳо зиёнманд нахоҳад буд. Бинобар ин фармуд: Ҳар инсоне зиёнкор аст, магар касе ки дорои чаҳор сифат бошад: **Аввал**: Имон доштан ба он чи Аллоҳ ба он амр намуда аст. Ва имон беилм ва огоҳӣ ҳосил намешавад. Пас илм шохае аз имон аст ва беилм имон ҳосил намешавад. **Дуввум**: Кори шоиста аст ва ин ҳамаи корҳои хубро шомил мешавад. Корҳои зоҳирӣ ва ботинӣ омтар аз воҷиб ва мустаҳаб, ки мутааллиқ ба ҳуқуқи Аллоҳ ва ҳуқуқи бандагонаш мебошад. **Сеюм**: Тавсия ба ҳақ, ки имон ва амали солиҳ аст. Яъне якдигарро ба ин тавсия кунанд ва ташвиқ намоянд.

Чаҳорум: Васият ба сабр намудан бар ибодати Аллоҳ ва сабр намудан бар муртакиби гуноҳҳо нашудан ва бар балоҳои дардноке ки аз сӯи Аллоҳ меояд, сабр намудан. Пас бо ду амри аввал банда худашро комил мегардонад ва бо ду амри охир дигаронро ба камол мерасонад. Ва бо комил шудани ин чаҳор чиз, банда аз зарар саломат монда ва фоидаи бузургеро ба даст меорад.

(Тафсири сураи Ҳумаза ва он сураи Маккӣ аст)

بِسۡمِ ٱللَّهِ ٱلرَّحۡمَٰنِ ٱلرَّحِيمِ

(وَيۡلٞ لِّكُلِّ هُمَزَةٖ لُّمَزَةٍ ١ ٱلَّذِي جَمَعَ مَالٗا وَعَدَّدَهُۥ ٢ يَحۡسَبُ أَنَّ مَالَهُۥٓ أَخۡلَدَهُۥ ٣ كَلَّاۖ لَيُنۢبَذَنَّ فِي ٱلۡحُطَمَةِ ٤ وَمَآ أَدۡرَىٰكَ مَا ٱلۡحُطَمَةُ ٥ نَارُ ٱللَّهِ ٱلۡمُوقَدَةُ ٦ ٱلَّتِي تَطَّلِعُ عَلَى ٱلۡأَفۡـِٔدَةِ ٧ إِنَّهَا عَلَيۡهِم مُّؤۡصَدَةٞ ٨ فِي عَمَدٖ مُّمَدَّدَةِۭ ٩).

Бисмиллоҳир Раҳмонир Раҳим

"Вой бар ҳар айбҷӯи ғайбаткунанда, (ҳамон) касе ки моли фаровоне гирд овард ва шумораш кард. Гумон мекунад, ки молаш ӯро ҷовидона месозад. Ҳаргиз чунин нест (ки ӯ гумон мекунад) яқинан дар Ҳутама андохта хоҳад шуд. Ва ту чӣ донӣ, ки Ҳутама чист?! Оташи барафрӯхтаи илоҳӣ аст. (Оташе), ки бар дилҳо чира гардад (ва бисӯзонад). Бегумон он (оташ) бар онҳо фурӯбаста (ва аз ҳар сӯ онҳоро муҳосират кардааст). Дар сутунҳои баланд (ва кашидашуда) аст".

"Вайлул ликулли ҳумазатил лумазаҳ". Касе ки бо амал ва суханаш мардумро айбҷӯи мекунад ва ба онҳо таъна мезанад азоби сахт ва ҳалоккунандае дар пеш дорад. "**Ҳаммоз**" касе аст, ки бо ишора ва амал мардумро мавриди айбҷӯи қарор медиҳад ва ба он таъна мезанад. "**Ламмоз**" касе аст, ки бо гуфтори худ аз мардум айб мегирад.

"**Аллазӣ ҷамаъа молав ва аддадаҳ**". Чунин таъназане ҳадаф ва иродае ҷуз ҷамъоварии мол ва шумурдани

он ва рашк бурдан ба онро надорад ва алоқае ба инфоқи мол дар роҳҳои хайр ва барқарор доштани пайванди хешовандӣ ва амсоли он надорад. "**Яҳсабу анна молаҳу ахладаҳ**". Чунин касе ба сабаби нодониаш гумон мебарад, ки молаш ӯро дар дунё барои ҳамеша мондагор мекунад, бинобар ин талош ва ранҷи ӯ дар бештар кардан ва рушд додани молаш мебошад ва гумон мебарад ин кор умрашро бештар хоҳад кард. "**Калло лаюнбазанна фил ҳутамаҳ ва мо адрока малҳутамаҳ**". На, ба яқин дар Дӯзахи хурдкунанда ва дарҳам шикананда андохта хоҳад шуд. Ва ту чӣ медонӣ, ки хурдкунанда чист? "**Норуллоҳил мӯқадаҳ аллати татталиъу алал афидаҳ**". Оташе ки афрӯзанда ва ҳезуми он мардум ва сангҳо ҳастанд ва азбаски шадид аст аз ҷисмҳо мегузарад ва ба дилҳо мерасад. Ва бо вуҷуди гармои шадидаш дар он зиндонӣ ва гирифтор ҳастанд ва аз берун омадан аз он ноумед мебошанд. Бинобар ин фармуд: "**Иннаҳо алайҳим мӯъсадаҳ фи амадим мумаддадаҳ**". Дарҳои Дӯзах ба рӯи онҳо баста шуда ва он сӯи дарҳо сутунҳои дарозе аст, то аз он берун наоянд. "**Ҳаргоҳ бихоҳанд аз ғам ва андуҳаш берун биёянд ба он баргардонда мешаванд**". Аз Аллоҳ металабем, ки моро паноҳ диҳад ва аз Ӯ авф ва офиятро металабем.

(Тафсири сураи Фил ва он сураи Маккӣ аст)

بِسْمِ ٱللَّهِ ٱلرَّحْمَٰنِ ٱلرَّحِيمِ

(أَلَمْ تَرَ كَيْفَ فَعَلَ رَبُّكَ بِأَصْحَٰبِ ٱلْفِيلِ ﴿١﴾ أَلَمْ يَجْعَلْ كَيْدَهُمْ فِي تَضْلِيلٍ ﴿٢﴾ وَأَرْسَلَ عَلَيْهِمْ طَيْرًا أَبَابِيلَ ﴿٣﴾ تَرْمِيهِم بِحِجَارَةٍ مِّن سِجِّيلٍ ﴿٤﴾ فَجَعَلَهُمْ كَعَصْفٍ مَّأْكُولٍ ﴿٥﴾).

Бисмиллоҳир Раҳмонир Раҳим

"(Эй Паёмбар!) Оё надидӣ Парвардигорат бо асҳоби Фил чӣ кард? Оё (ҳила ва) нақшаи онҳоро дар табоҳӣ қарор надод? Ва парандагоне гурӯҳ-гурӯҳ бар (сари) онҳо фиристод, (ки) бо сангҳои (бисёр кучаке) аз санггил (ки дар минқор ва чангол доштанд) ба сӯи он меандохтанд (ва онҳоро сангборон мекарданд). Пас онҳоро ҳамчун коҳи ҷуйидашуда қарор дод".

Оё нишонаҳои қудрати Аллоҳ ва раҳмати Ӯ нисбат ба бандагонаш ва далоили тавҳид ва ягонагии Ӯ ва садоқати паёмбарашро дар он чи бо асҳоби фил кард мушоҳида накардаӣ? Он филсавороне, ки мехостанд Каъбаро хароб кунанд ва наздик буд онро хароб намоян ва барои ин кор, худро омода карда буданд. Онон барои вайрон кардани Каъба филҳое бо худ бурданд ва бо гурӯҳ ва лашкаре аз Ҳабаша ва Яман омаданд, ки арабҳо тавони рӯёрӯи бо ононро надоштанд. Вақте ба наздики Макка расиданд ва арабҳо тавони дифоъро надоштанд ва аҳли Макка аз

тарси онон аз шаҳр берун гурехтанд, Аллоҳ бар фил-саворон парандаҳои мутафарриқ фиристод, ки ҳар як санге аз гил бо худ дошт ва филсаворонро санг-борон карданд ва ҳамаи ононро аз байн бурданд. Пас онҳо нобуд шуданд ва аз байн рафтанд, монанди коҳе ки хӯрдашуда ва ҷуйида шудааст. Ва Аллоҳ шарри онҳоро дур карда ва найрангашонро бар худашон баргар-донд. Достони асҳоби фил маъруф ва машҳур аст ва ин иттифоқ дар соле рӯх дод, ки Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам дар он сол ба дунё омад. Пас ин воқеа яке аз муқаддимаҳои даъват ва рисолати Ӯ буд.

Аллоҳро ситоиш мекунам ва Ӯро сипос мегузорам.

❁❁❁

(Тафсири сураи Қурайш ва он сураи Маккӣ аст)

بِسۡمِ ٱللَّهِ ٱلرَّحۡمَٰنِ ٱلرَّحِيمِ

(لِإِيلَٰفِ قُرَيۡشٍ ١ إِۦلَٰفِهِمۡ رِحۡلَةَ ٱلشِّتَآءِ وَٱلصَّيۡفِ ٢ فَلۡيَعۡبُدُواْ رَبَّ هَٰذَا ٱلۡبَيۡتِ ٣ ٱلَّذِيٓ أَطۡعَمَهُم مِّن جُوعٖ وَءَامَنَهُم مِّنۡ خَوۡفِۭ ٤).

Бисмиллоҳир Раҳмонир Раҳим

"Барои (шукри) улфат ва унси Қурайш. (Ҳамон) улфа-ти онҳо дар сафарҳои (тиҷорӣ) зимистонӣ (ба Яман) ва тобистони (ба Шом). Пас бояд Парвардигори ин хонаи (Каъба)-ро парастиш кунанд. Ҳамон (Парвардигоре) ки онҳоро аз гуруснагӣ (нақот ва) таом дод ва аз тарс ва хавф эминашон дошт".

Бисёре аз муфассирҳо гуфтаанд, ки ҷору маҷрур мутааллиқ ба сурае аст ки қабл аз он мебошад. Яъне он чи бо асҳоби фил кардем ба хотири амнияти Қурайш ва пойдор будани манфиатҳояшон буд, то кучи онҳо дар зимистон ба Яман ва дар тобистон ба Шом барои касб ва тиҷорат ба хубӣ анҷом бигирад. Пас Аллоҳ касонеро ки ба онҳо қасди бад карданд ҳалок кард ва Ҳарам ва аҳли онро дар назди арабҳо боаҳамият гардонд, то ҳама ба онҳо эҳтиром гузоштанд ва ҳеҷгоҳ ба сӯи онҳо дар ҳеҷ мусофирате дасти таарруз дароз накунанд. Бинобар ин онҳоро ба шукргузорӣ фармон дод ва фармуд: "**Бояд Парвардигори ин хонаро парастиш кунанд**", яъне Ӯро ягона бидонанд ва ибодатро холисона барои Ӯ анҷом диҳанд. "**Аллази атъамаҳум мин ҷуъ ва оманаҳум мин хавф**". Пас рӯзии фаровон ва амният аз бузургтарин неъматҳои дунявӣ аст, ки иҷоб мекунад одамӣ шукри Аллоҳро ба хотири он ба ҷой оварад. Пас эй Аллоҳ! Туро бар неъматҳои зоҳирӣ ва ботиниат ситоиш мекунам. Ва Аллоҳ фармуд: "**Парвардигори хонаи Каъба**" бо ин ки Ӯ Парвардигори ҳамаи чиз аст ва ин барои баёни фазилат ва шарофати Каъба мебошад.

(Тафсири сураи Моъун ва он сураи Маккӣ аст)

بِسۡمِ ٱللَّهِ ٱلرَّحۡمَٰنِ ٱلرَّحِيمِ

(أَرَءَيۡتَ ٱلَّذِي يُكَذِّبُ بِٱلدِّينِ ﴿١﴾ فَذَٰلِكَ ٱلَّذِي يَدُعُّ ٱلۡيَتِيمَ ﴿٢﴾ وَلَا يَحُضُّ عَلَىٰ طَعَامِ ٱلۡمِسۡكِينِ ﴿٣﴾ فَوَيۡلٞ لِّلۡمُصَلِّينَ ﴿٤﴾ ٱلَّذِينَ هُمۡ عَن صَلَاتِهِمۡ سَاهُونَ ﴿٥﴾ ٱلَّذِينَ هُمۡ يُرَآءُونَ ﴿٦﴾ وَيَمۡنَعُونَ ٱلۡمَاعُونَ ﴿٧﴾).

Бисмиллоҳир Раҳмонир Раҳим

"(Эй Паёмбар) оё касе ки рӯзи ҷазоро дурӯғ мешуморад дидай!? Пас ӯ (ҳамон) касест, ки ятимро (бо хушунат аз худ) меронад. Ва (дигаронро) ба таом додани бенаво (ва мискин) тарғиб ва ташвиқ намекунад. Пас вой бар намозгузорон, ҳамон касоне ки аз намозашон ғофиланд. Касоне ки худнамой мекунанд ва (аз пардохти закот ва) орият додани васоили зарурии зиндагӣ дареғ меварзанд".

"**Араайталлази юказзибу биддин**"-Оё нанигаристай ба касе ки зинда шудан пас аз марг ва ҷазоро дурӯғ мешуморад ва ба он чи паёмбарон овардаанд, имон надорад?! "**Фазоликал лази ядуъъул ятим**"- Чунин касе ятимро бо хушунат аз худ дур мекунад ва ба хотири сангдилиаш бар ӯ раҳм намекунад, чун ба подош ва иқобе умед надорад. "**Ва ло яҳуззу ало таъомил мискин**"-Ва дигаронро бар хӯрок додани ятим ташвиқу тарғиб наменамояд. Ва ба тариқи авло худаш бенавоёнро ғизо ва хӯрок намедиҳад. "**Фавайлул лил**

мусаллин аллазина ҳум ан салотиҳим соҳун". Пас вой бар он намозгузороне, ки ба намози худ пойбанд ҳастанд, аммо онро зоеъ мекунанд ва сари вақт онро намехонанд ва аркони онро ба хуби анҷом намедиҳанд. Ва ин ба хотири он аст, ки онҳо ба фармони Аллоҳ аҳамият намедиҳанд, зеро намозро, ки муҳимтарини ибодатҳост зоеъ менамоянд. Ва касе ки аз намозаш ғофил бошад сазовори мазаммат ва сарзаниш аст. Аммо дучори фаромушӣ шидан дар намоз чизе аст, ки Паёмбар ҳам дар намоз ба он дучор мешуд. Бинобар ин Аллоҳ инҳоро ба риёкорӣ ва сангдилӣ ва бераҳмӣ васф намуда фармуд: "**Аллазина ҳум юроун**"-корҳоро барои ин ки мардум онҳоро бубинанд анҷом медиҳанд. "**Ва ямнаъунал моъун**"-Ва аз додан ва бахшидани чизе ки додани он ба сурати амонатӣ, ё ҳиба монанди зарф, сател ва ҳамонанди он ки маъмулан дода мешавад ва зарар намеорад, худдорӣ мекунанд. Пас инҳо ба хотири шиддати ҳирсашон аз додани васоили хонагии ночиз даст мекашанд. Пас чигуна бештар аз онро хоҳанд дод. Дар ин сура ба хӯрок додан ба ятимон ва бенавоён ташвиқ шуда ва низ ба тарғиб намудани дигарон ба ин кор ва мувозабат бар намоз ва анҷоми дигар амалҳо ба сурати мухлисона ташвиқ ва тарғиб шудааст. Низ одамӣ бар анҷоми кори хуб ва додани молҳои ночиз монанди ба амонат додани зарф, сател, китоб ва

ҳамонанди он таҳрик шудааст, чун Аллоҳ касеро, ки чунин накунад, мазаммат кардааст. Ва Аллоҳ субҳонаҳу ва таъоло ба савоб донотар аст ва сипосу ситоиш барои Аллоҳ, ки Парвардигори оламиён аст.

❁❁❁

(Тафсири сураи Кавсар ва он сураи Маккӣ аст)

بِسۡمِ ٱللَّهِ ٱلرَّحۡمَٰنِ ٱلرَّحِيمِ

(إِنَّآ أَعۡطَيۡنَٰكَ ٱلۡكَوۡثَرَ ١ فَصَلِّ لِرَبِّكَ وَٱنۡحَرۡ ٢ إِنَّ شَانِئَكَ هُوَ ٱلۡأَبۡتَرُ ٣).

Бисмиллоҳир Раҳмонир Раҳим

"(Эй Паёмбар) ба ростӣ, ки Мо ба ту Кавсар ато кардем. Пас барои Парвардигорат намоз бихон ва қурбонӣ кун. Бешак душмани ту худ абтар (наслбурида ва беақиб) аст".

Аллоҳ таъоло ба Паёмбараш Муҳаммад саллаллоҳу алайҳи ва саллам мефармояд: "**Инно аътайнокал кавсар**"-Мо ба ту хайри фаровон ва фазли зиёд додаем, аз ҷумлаи он наҳр ва ҳавзе аст, ки Аллоҳ ба Паёмбараш дода ва Кавсар номида мешавад, ки тули он ва масофати як моҳ ва паҳноии он низ ба масофати як моҳ аст ва оби он аз шир сафедтар ва аз асал ширинтар аст ва зарфҳои он ба андозаи ситорагони осмон зиёд ва ҳамонтавр дурахшон мебошанд. Ҳар кас як бор аз ҳавзи Кавсар бинӯшад ҳаргиз ташна нахоҳад шуд.

Вақте Аллоҳ миннати худро бар паёмбар баён кард, ӯро ба сипосгузории неъмат фармон дод ва фармуд: "**Фасалли лираббика ванҳар**"-Барои Парвардигорат намоз бигузор ва қурбонӣ кун. Ин ду ибодатро ба таври хосса баён кард, чун ҳар ду аз беҳтарини ибодатҳо ва бузургтарини онҳо мебошанд. Ва чун дар намоз қалб ва аъзо барои Аллоҳ фурӯтан мебошанд ва аъзо ва ҷавореҳ барои анҷоми навъҳои бандагӣ ҳаракат мекунанд. Ва куштани қурбонӣ муҷиб мешавад, ки банда ба василаи беҳтарин чизе ки дар назди худ дорад ва бо додани моле ки дилҳо бар муҳаббати он сиришташанд ва бар он бухл меварзанд, ба Аллоҳ наздикӣ ҷӯяд. "**Инна шониака ҳувал абтар**"-ҳамоно касе ки бо ту душманӣ дорад ва туро мазаммат мекунад бехайр ва баракат ва беному нишон хоҳад буд. Аммо Муҳаммад саллаллоҳу алайҳи ва саллам ба ҳақ инсони комил аст ва овозаи баланд ва пайравони зиёд дорад.

❁❁❁

(Тафсири сураи Кофирун ва он сураи Маккӣ аст)

بِسۡمِ ٱللَّهِ ٱلرَّحۡمَٰنِ ٱلرَّحِيمِ

(قُلۡ يَٰٓأَيُّهَا ٱلۡكَٰفِرُونَ ١ لَآ أَعۡبُدُ مَا تَعۡبُدُونَ ٢ وَلَآ أَنتُمۡ عَٰبِدُونَ مَآ أَعۡبُدُ ٣ وَلَآ أَنَا۠ عَابِدٞ مَّا عَبَدتُّمۡ ٤ وَلَآ أَنتُمۡ عَٰبِدُونَ مَآ أَعۡبُدُ ٥ لَكُمۡ دِينُكُمۡ وَلِيَ دِينِ ٦).

"(Эй Паёмбар) Бигӯ:"Эй кофирон, ман намепарастам он чиро ки шумо мепарастед ва шумо (низ) намепарастед он чиро ки ман мепарастам. Ва на ман парастишгари он чиро ки шумо парастиш кардаед, хоҳам буд. Ва на шумо парастишгари он чиро ки ман мепарастам, хоҳед буд. (Бинобарин) оини шумо барои худатон ва оини ман барои худам".

"**Қул ё аюҳал кофирун**", яъне ошкоро ва бо сароҳат ба кофирон бигӯ: "**Он чиро ки шумо мепарастед, намепарастам**", яъне аз ҳар чизе ки ба ғайр аз Аллоҳ мепарастанд дар зоҳир ва ботин дӯрӣ кун. "**Ва шумо низ намепарастед он чиро ки Ман мепарастам**", чун шумо ибодати худро холисона барои Аллоҳ анҷом намедиҳед ва парастиши шумо барои Аллоҳ ҳамроҳ бо ширк аст ва ибодат номида намешавад. Сипас инро такрор кард, то бар ду нукта далолат намояд, аввал бар набудани кор ва дуввум бар ин ки ин ҳолат ҳамешагӣ аст. Бинобар ин миёни ду гурӯҳ фарқ гузошт ва ҳардуро аз ҳам ҷудо кард ва фармуд: "**Барои шумо дини шумо ва барои ман дини ман**" ҳамонтавр ки Аллоҳ таъоло фармудааст: "**Бигӯ: Ҳар кас ба оини худаш амал мекунад**". "**Шумо аз он чи ман анҷом медиҳам безор ҳастед ва ман аз он чи шумо мекунед, безорам**".

(Тафсири сураи Наср ва он сураи Маккӣ аст)

بِسْمِ ٱللَّهِ ٱلرَّحْمَٰنِ ٱلرَّحِيمِ

(إِذَا جَآءَ نَصْرُ ٱللَّهِ وَٱلْفَتْحُ ﴿١﴾ وَرَأَيْتَ ٱلنَّاسَ يَدْخُلُونَ فِى دِينِ ٱللَّهِ أَفْوَاجًا ﴿٢﴾ فَسَبِّحْ بِحَمْدِ رَبِّكَ وَٱسْتَغْفِرْهُ ۚ إِنَّهُۥ كَانَ تَوَّابًۢا ﴿٣﴾).

Бисмиллоҳир Раҳмонир Раҳим

"(Эй Паёмбар) ҳангоме ки ёрии Аллоҳ ва пирӯзӣ фаро расад. Ва мардумро бубинӣ, ки гурӯҳ-гурӯҳ дар дини Аллоҳ ворид мешаванд. Пас ба ситоиши Парвардигорат тасбеҳ бигӯ ва аз Ӯ омурзиш бихоҳ, ҳамоно Ӯ бисёр тавбапазир аст".

Дар ин сураи карима Аллоҳ як хушхабар дода ва ба ҳангоми ҳусули он хушхабар ба Паёмбар фармон дод ва ба осор ва паёмадҳои таҳаққуқи ин хушхабар низ ишора карда аст. Хушхабар ин аст, ки Аллоҳ паёмбарашро ёрӣ мекунад ва Маккаро фатҳ менамояд ва мардум даста-даста ва гурӯҳ-гурӯҳ дохили дини Аллоҳ мешаванд, тавре ки бисёре аз онон ёварони Ӯ хоҳанд буд, баъд аз он ки душмани вай буданд. Чизе ки Аллоҳ паёмбарашро ба он мужда дода таҳаққуқ ёфт. Ва аммо фармоне ки Аллоҳ баъд аз ба даст омадани ёрӣ ва фатҳ, паёмбарашро ба он фармон дод ин аст, ки Паёмбар бояд Ӯро ба хотири ин чиз сипос бигузорад ва Аллоҳро ба покӣ ёд кунад ва аз Ӯ омурзиш бихоҳад.

Ва аммо он чи ба он ишора шуда ду чиз аст:

Яке ишора ба ин ки модоме ки Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам Аллоҳро ситоиш кунад ва доимо аз Ӯ талаби мағфират кунад, дин пирӯз мегардад ва бар пирӯзиаш афзуда мешавад, зеро сипос ва ситоиш ва истиғфор аз ба ҷо овардани шукр аст. Ва Аллоҳ мефармояд: "**Агар шукргузор бошед ба шумо бештар хоҳам дод**". Ва ин дар замони халифаҳои роҳнамо ва баъд аз онҳо низ муҳаққақ гардид. Ва Аллоҳ ҳамеша дини худро ёрӣ медиҳад, то ин ки Ислом ба ҷое расид, ки ҳеҷ як аз динҳо ба он ҷо нарасида буданд ва чунон мардум ба он гаравиданд, ки ба дигар динҳо нагаравида буданд, то ин ки уммат ба амр ва фармонӣ илоҳӣ мухолифат варзиданд ва онгоҳ Аллоҳ ононро ба сабаби он дучори ихтилоф ва тафриқа кард ва ин ихтилоф паёмадҳои гуногун дошт. Ва бо вуҷуди ин, Аллоҳ чунон нисбат ба ин дин ва ин уммат лутф ва меҳрубонӣ дорад, ки дар зеҳн намегунҷад.

Ва аммо ишораи дуввум ин аст, ки замони марги Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам наздик шудааст ва аз онҷо, ки зиндагии Ӯ бисёр боарзиш аст, Аллоҳ ба он савганд хӯрдааст. Ва умури боарзиш аз қабили намоз, ҳаҷ ва ғайра бо омурзиш хостан поён меёбад. Пас амр намудани Аллоҳ паёмбарашро ба ин ки Аллоҳро ситоиш кунад ва аз Аллоҳ омурзиш бихоҳад, ишорае аст ба ин ки даврони ҳаёти Ӯ ба сар расида

ишорае аст ба ин ки даврони ҳаёти Ӯ ба сар расида аст ва бояд худашро барои мулоқот бо Парвардигораш омода намояд ва умрашро бо беҳтарин чизҳо ба поён бибарад.

Паёмбар ҳам Қуръонро тафсир мекард ва дар намоз, дар рукӯъ ва саҷдаи худ бисёр мегуфт: "**Субҳонакаллоҳумма раббано ва биҳамдика, аллоҳуммағфирли**"-(Пок ҳастӣ Парвардигоро! Ва Туро ситоиш мекунам, эй Аллоҳ маро биёмурз).

❁ ❁ ❁

(Тафсири сураи Масад ва он сураи Маккӣ аст)

بِسۡمِ ٱللَّهِ ٱلرَّحۡمَٰنِ ٱلرَّحِيمِ

(تَبَّتۡ يَدَآ أَبِي لَهَبٖ وَتَبَّ ١ مَآ أَغۡنَىٰ عَنۡهُ مَالُهُۥ وَمَا كَسَبَ ٢ سَيَصۡلَىٰ نَارٗا ذَاتَ لَهَبٖ ٣ وَٱمۡرَأَتُهُۥ حَمَّالَةَ ٱلۡحَطَبِ ٤ فِي جِيدِهَا حَبۡلٞ مِّن مَّسَدِۭ ٥).

Бисмиллоҳир Раҳмонир Раҳим

"Бурида бод ҳар ду дасти Абӯлаҳаб ва ҳалок бод. Мол ва сарваташ ва он чиро ба даст оварда буд ба ӯ суде набахшид. Ба зуди ба оташи шӯълавар дархоҳад омад (дарафтад). Ва (низ) ҳамсараш (Умми Ҷамил, он) ҳезумкаш (вориди оташ мешавад). Дар гарданаш танобе аз лифи хурмост".

Абӯлаҳаб амаки Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам буд. Ӯ ба шиддат бо Паёмбар душман буд ва

Ӯро азият ва озор мерасонд. Ӯ на дин дошт ва на ғайрати хешовандӣ, Аллоҳ ӯро зишт бигардонад. Пас Аллоҳ бо ин мазаммати бузург Абӯлаҳабро мазаммат кард. Мазаммате ки то рӯзи қиёмат мояи хорӣ ва расвояш хоҳад буд. Пас фармуд: "**Таббат ядо Абилаҳабив ва табб**"-Ҳалок ва бурида бод дастҳои Абӯлаҳаб ва ӯро ҳалок бод. "**Мо ағно анҳу молуҳу ва мо касаб**"-Мол ва дороие, ки дошт ва ӯро саркаш карда буд, суде ба ӯ намерасонад ва азоби Аллоҳро аз ӯ дур намекунад. "**Саясло норан зоталаҳаб вамраатуҳу ҳаммолатал ҳатаб**". Оташи Дӯзах ӯро аз ҳар сӯ иҳота хоҳад кард ва зани ҳезумкаши вайро низ иҳота менамояд. Занаш низ сахт Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам-ро азият мекард ва шавҳарашро барои анҷоми гуноҳ ва душманонагӣ кумак мекард ва ниҳояти талоши худро барои ҷамъоварӣ маъсияти Аллоҳ ва озор додани Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам сарф мекард, ҳамонанди касе ки ҳезум ҷамъ карда ва бо таноб "мим масад" аз лиф ба пушти худ мебардорад. Ё маънои: "**Вамраатуҳу ҳаммолатал ҳатаб фиҷидиҳо ҳаблум мим масад**" ин аст, Аллоҳ ин сураро дар замоне нозил кард, ки ҳануз Абӯлаҳаб ва занаш ҳалок нашуда буданд ва хабар дод, ки онҳо дар оташи Дӯзах азоб дода хоҳанд шуд. Ва лозими ин он аст, ки онҳо ислом намеоранд (ва дар амон нахоҳанд буд). Ва ҳамонтавр ки донои ғайбу ошкор хабар дода буд,

иттифоқ афтод.

❁ ❁ ❁

(Тафсири сураи Ихлос ва он сураи Маккӣ аст)

بِسْمِ ٱللَّهِ ٱلرَّحْمَٰنِ ٱلرَّحِيمِ

(قُلْ هُوَ ٱللَّهُ أَحَدٌ ﴿١﴾ ٱللَّهُ ٱلصَّمَدُ ﴿٢﴾ لَمْ يَلِدْ وَلَمْ يُولَدْ ﴿٣﴾ وَلَمْ يَكُن لَّهُۥ كُفُوًا أَحَدٌۢ ﴿٤﴾).

Бисмиллоҳир Раҳмонир Раҳим

"(Эй Паёмбар) бигӯ:Ӯ Аллоҳи якто ва ягона аст. Аллоҳи бениёз аст (ва ҳама ниёзманди Ӯ ҳастанд). На (фарзанде) зода ва на зода шудааст. Ва ҳеҷ кас ҳамонанд ва ҳамтои Ӯ набуда ва нест".

"**Қул**"-Бо яқини қатъӣ ва бо бовари ва шинохт, бигӯ: "**Ҳуваллоҳу аҳад**", Ӯ Аллоҳи ягона ва яктост ва ягонагӣ фақат дар Ӯ мунҳасир аст. Пас Ӯ дорои ягонагии комил аст ва дорои номҳои некӯ ва сифатҳои воло ва корҳои муқаддас аст ва ҳамонанд ва шабеҳе надорад. "**Аллоҳус самад**". Ва бандагон барои рафъи ҳамаи ниёзҳояшон рӯ ба сӯи Ӯ меоранд. Пас мардуми ҷаҳони боло ва поён сахт ба Ӯ мӯҳтоҷанд ва ҳоҷатҳояшонро аз Ӯ мехоҳанд ва дар корҳои муҳими худ рӯ ба сӯи Ӯ мекунанд. Чун Ӯ дар сифатҳояш ва дар доноӣ ва илми комил аст ва меҳрубоне аст, ки раҳмати Ӯ ҳамаи чизро фаро гирифта аст ва дигар сифатҳои Ӯ чунин мебошанд. Ва аз камоли Аллоҳ ин аст, ки "**Фарзанде назода ва на зода шудааст**", чун дар

камоли бениёзӣ мебошад. "**Ва лам якул лаҳу куфувван аҳад**". Ва дар сифатҳо ва номҳо ва корҳояш ҳамтое надорад. Ӯ бобаракат ва бузург аст. Ин сура дарбаргирандаи тавҳиди номҳо ва сифатҳо мебошад.

❁ ❁ ❁

(Тафсири сураи Фалақ ва он сураи Маккӣ аст)

بِسْمِ ٱللَّهِ ٱلرَّحْمَٰنِ ٱلرَّحِيمِ

(قُلْ أَعُوذُ بِرَبِّ ٱلْفَلَقِ ﴿١﴾ مِن شَرِّ مَا خَلَقَ ﴿٢﴾ وَمِن شَرِّ غَاسِقٍ إِذَا وَقَبَ ﴿٣﴾
وَمِن شَرِّ ٱلنَّفَّٰثَٰتِ فِى ٱلْعُقَدِ ﴿٤﴾ وَمِن شَرِّ حَاسِدٍ إِذَا حَسَدَ ﴿٥﴾).

Бисмиллоҳир Раҳмонир Раҳим

"(Эй Паёмбар) бигӯ:Ба Парвардигори субҳидам паноҳ мебарам, аз бадии тамоми он чи офарида аст ва аз бадии торикии шаб, онгоҳ ки ҳама ҷоро фаро гирад ва аз шарри (занони ҷодугар), ки бо афсун дар гиреҳҳо медаманд ва аз шарри ҳасадхӯр онгоҳ ки ҳасад варзад".

"**Бигӯ**: Паноҳ мебарам ба Парвардигоре ки дона, ҳаста ва субҳидамро мешикофад. "**Мин шарри мо халақ**" ин шомили ҳамаи инсонҳо, ҷинҳо ва ҳайвоноте мегардад, ки Аллоҳ офаридааст. Пас бояд ба офаринандаи инҳо аз шарре ки дар инҳост, паноҳ бурд. Сипас ба сурати вежа хос баён кард ва фармуд:"Ва мин шарри ғосиқин изо ва қаб" ва паноҳ мебарам ба Аллоҳ аз шарре ки дар шаб ҳаст, вақте ки хоб мардумро фурӯ мепӯшонад ва бисёре аз арвоҳи шурур

ва ҳайвоноти озордиҳанда пахш ва пароканда мегарданд. "**Ва мин шарриннаффосоти филъуқад**". Ва аз шарри занони ҷодугаре ки барои ҷодуи худ аз дамидани дар гиреҳҳо кумак мегиранд ва бар он ҷоду мекунанд. "**Ва мин шарри ҳосидин изо ҳасад**". Ҳасадхӯр касе аст, ки заволи неъмати дигаронро мехоҳад ва ҳасадхӯр барои аз байн бурдани неъмат аз дасти дигарон мекӯшад. Пас барои ботил кардани найранги ҳасадхӯр ва саломат мондан аз макр ва кайдаш бояд ба Аллоҳ паноҳ бурд. Чашми бад низ навъе аз ҳасадхӯрӣ аст, чун фақат касе чашм мезанад, ки ҳасадхӯр ва бадҷинс ва дорои нафси палид бошад. Пас ба таври хос ва ом ба Аллоҳ паноҳ бурд. Ва бар ин далолат менамояд, ки ҷоду ҳақиқат дорад ва аз он бояд битарсид ва аз ҷоду ва ҷодугарон бояд ба Аллоҳ паноҳ бурд.

❁ ❁ ❁

(Тафсири сураи Нос ва он сураи Маданӣ аст)

بِسْمِ ٱللَّهِ ٱلرَّحْمَٰنِ ٱلرَّحِيمِ

(قُلْ أَعُوذُ بِرَبِّ ٱلنَّاسِ ﴿١﴾ مَلِكِ ٱلنَّاسِ ﴿٢﴾ إِلَٰهِ ٱلنَّاسِ ﴿٣﴾ مِن شَرِّ ٱلْوَسْوَاسِ ٱلْخَنَّاسِ ﴿٤﴾ ٱلَّذِى يُوَسْوِسُ فِى صُدُورِ ٱلنَّاسِ ﴿٥﴾ مِنَ ٱلْجِنَّةِ وَٱلنَّاسِ ﴿٦﴾).

Бисмиллоҳир Раҳмонир Раҳим

"(Эй Паёмбар) бигӯ: Ба Парвардигори мардум паноҳ мебарам, фармонравои мардум (илоҳ ва) маъбуди мардум аз шарри (шайтони) васвасагари боз пасраванда (ба ҳангоми зикри Аллоҳ), ҳамон ки дар дилҳои мардум васваса мекунад, аз ҷиниён (бошад) ва (ё аз) одамиён".

Ин сура дарбаргирандаи он аст, ки бояд аз шарри шайтоне ки масдари ҳар шарре аст ба Парвардигори мардум ва молики онон ва маъбудашон паноҳ бурд. Аз ҷумлаи фитна ва шарри ӯ ин аст, ки дар дилҳои мардум васваса меандозад, пас бадиро барояшон зебо ҷилва медиҳад ва онҳоро бар анҷоми он ҳаракат медиҳад. Ва ононро аз анҷоми кори хуб боз медорад ва хайрро ба сурати ғайри воқеӣ ба онҳо нишон медиҳад. Ва шайтон бо ҳамин сурат ҳамеша васваса мекунад, сипас пас меравад, яъне худро аз васваса кардан ақиб мекашад, онгоҳ ки банда Парвардигорашро ёд кунад ва аз Аллоҳ барои дур шидани шайтон кумак бигирад. Пас ӯ бояд аз Аллоҳ кумак бигирад ва ба Ӯ паноҳ бибарад ва ба рубубияти Ӯ чанг бизанад, рубубияте ки ҳамаи мардумонро фаро гирифтааст. Низ ин сура дарбаргирандаи он аст, ки тамоми халоиқ дар доираи рубубият ва подшоҳии Аллоҳ қарор доранд, пас сарнавишти ҳар ҷунбандае дар дасти Аллоҳ аст,

низ ин сура дарбаргирандаи он аст, ки инсон бояд аз Аллоҳ кумак бигирад ва ба Ӯ паноҳ бибарад ва ба улуҳияте ки ононро барои он офарида аст, чанг бизанад.

Инсонҳо наметавонанд бандагии Ӯро ба таври комил анҷом диҳанд, магар он ки Аллоҳ шарри душманонашонро аз онҳо дур бидорад, душмане ки мехоҳад онҳоро аз бандагӣ ва убудият дур намояд ва миёни онҳо ва бандагии Аллоҳ парда гардад ва мехоҳад онҳоро аз ҳизб ва гурӯҳаш бигардонад, то аз дӯзахиён бигардонад.

Ва ҳамонтавр ки ҷинҳо дар дил васваса меандозанд инсонҳо низ дар дил васваса меандозанд. Бинобарин фармуд:"Миналҷиннати ваннос" аз ҷиниён бошанд, ё аз мардумон. Ситоиш аввалан ва охиран, зоҳиран ва ботинан аз они Парвардигори ҷаҳониён аст ва аз Аллоҳ таъоло мепурсем, ки неъматашро пурра намояд ва аз мо гуноҳонамонро, ки дар байни мо ва байни бисёре аз баракатҳояш монеа шудааст ва хатоҳо ва шаҳватҳое, ки дилҳои моро аз андешидани оятҳояш рабуда аст, авф намояд ва аз Ӯ чашм ва умед мекунем, ки моро аз хайре ки дар наздаш аст ба сабаби бадие, ки дар назди мост маҳрум насозад, зеро ки аз раҳмати Аллоҳ ноумед намешавад, магар қавми кофирон ва гумроҳон. Ва Аллоҳ бар расулаш Муҳаммад ва бар хонадони Ӯ ва ҳамаи саҳобагонаш салоту саломи

доимӣ, пайваста дар ҳамаи вақтҳо фиристад. Ва сипосу ситоиш аз они Аллоҳ аст, ки ба неъматаш амалҳои солеҳ ба анҷом мерасад.

❁❁❁

Саволҳо оиди муқаддима ва тафсир

1.Муаллифи "Дарсҳои муҳим" кист? О Абдулазиз ибни Боз раҳимаҳуллоҳ. О Муҳаммад ибни Усаймин раҳимаҳуллоҳ. О Ҳайсам Сарҳон ҳафизаҳуллоҳ.

2.Чаро китоби "Дарсҳои муҳим"-ро меомӯзем?

О Зеро он муҳим аст. О Зеро олимон ба аҳамият додани ба он васият кардаанд. О Зеро дар он чизҳои муҳим аст, ки мусалмон ба он эҳтиёҷ дорад. О Ҳамаи зикршудаҳо.

3.Ин китоб шомили умури зерин аст:

О Ҳоли мусалмон бо Қуръон ва тавҳид. О Намоз ва обдаст. О Одоб ва ахлоқ. О Аз маъсиятҳо ҳазар кунондан. О Омода кардани майит. О Ҳамаи гузашта.

4.Мусалмон ба омӯхтан ва дуруст кардани қироат ва ҳифзу шарҳи сураҳои зерин ибтидо мекунад:

О Сураи Алақ. О Сураи Фотиҳа. О Сураи Ихлос.

5.Мардум дар тадаббури Қуръон ва ба он амал кардан ба ду тараф ва миёнарав тақсим шудаанд. (Дуруст-хато).

6. Толибилм аввал кадом китоби тафсирро мехонад?

О Ибни Касир. О Ибни Сиъдӣ. О Қуртубӣ.

7.Толибилм ба китобҳои мухтасар пеш аз китобҳои тулонӣ ибтидо мекунад. (Дуруст –хато)

8.Толибилм қироати китобҳои тафсирро ба сурае шурӯъ мекунад, ки ӯро дар қироат ва ба такрор хондан шавқманд месозад, монанди сураи Қасас, Марям ва Каҳф. (Дуруст-хато)

9.Мумкин аст ба толибилм шунидани китобҳои тафсири шунавои хондашуда, ҳаргоҳ хондан бар ӯ душвор ояд. (Дуруст-хато)

10. Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам аз касе ки Қуръонро мехонад ва маъноҳои онро тадаббур намекунад, ҳазар кунонда аст. (Дуруст-хато)

Саволҳо оиди сураи Фотиҳа

11. Сура номида шуд, зеро он ба деворе иҳота шудааст, ки чизе аз он берун намешавад ва чизе дар он дохил намешавад. (Дуруст-хато)

12. Сураи Фотиҳа номида шуд, зеро он:

.....

13. Аз ҷумлаи номҳои сураи Фотиҳа:O Умм-ул-Қуръон. O Сабъ-ул-масонӣ. O Руқия. O Салот. O Ҳамаи зикршудаҳо.

14. Пеш аз қироат паноҳ бурдан воҷиб аст, бо вуҷуде ки мо дар ибодат ҳастем на дар маъсият, сабаб чист?

.....

.....

15. Маънои калимаи аъузу чист?

.....

16. Шайтон раҷим номида шуд:

O Зеро он марҷум аст, яъне аз раҳмати Аллоҳ рондашуда аст. O Зеро ӯро ба сангпораҳо зада мешавад. O Зеро ӯ фарзанди одамро дар шаҳватҳо ва шубҳаҳо меандозад. O Ҳамаи зикршудаҳо.

17.Ҷор ва маҷрур дар бисмиллоҳ мутааллиқанд ба феъли ҳазфшудаи мутааххири муносиб. (Дуруст-хато)

18. Аллоҳ: О Ӯ аз рӯи муҳаббат ва таъзим маъбуд аст. О Ба ин исм ягон нафаре ба ҷуз Аллоҳ номида нашудааст.
О Сарчашмаи ҳамаи номҳост. О Гуфта шудааст, ки он номи бузургтарини Аллоҳ аст. О Ҳарфҳои алифу лом дар вақти нидо ҳазф намешавад. О Ҳамаи зикршудаҳо.
19. Фарқ дар байни ду номи зебои Аллоҳ Раҳмону Раҳим чист?.....
.....
20. Тарбияи Аллоҳ таъоло барои халқаш ду навъ аст, онҳо кадомҳост? О Ом ва хос. О Мутлақ ва муқайяд.
21. Бештари дуоҳои паёмбарон алайҳимус салом ба калимаи:О Аллоҳумма О Раб, буд.
22. Рӯзи ҷазо он: О Рӯзи қиёмат. О Рӯзест, ки дар он мардум дар баробари амалҳояшон ҷазо дода мешаванд. О Ҳамаи зикршудаҳо.
23. (Иҳдинас сиротал мустақим) ҷомеътарин ва фоидаовартарини дуоҳо барои банда мебошад. (Дуруст- хато)
24. Дин бар умури зерин гуфта мешавад:
О Ҷазо. О Амал. О Гоҳо ҷазо ва гоҳо амал гуфта мешавад.
25. Пеш овардани маъмул бар омил ифода мекунад:
О Ҳаср. О Фоидае надорад.
26. Пеш овардани ибодат бар истионат аз боби тақдими:
О Ом бар хос. О Ҳаққи Ӯ таъоло бар ҳаққи бандааш. О Ҳамаи зикршудаҳо.
27. Барои чӣ ояти (Иёка наъбуду) ба сиғаи ҷамъ омадааст?
.....
28. Ибодат: О Исми ҷомеъи ҳар он амалҳо ва гуфторҳои зоҳирӣ ва ботиние, ки Аллоҳ онро дӯст медорад ва розӣ мегардад, мебошад. О Хору шикастанафс гирифтан барои Аллоҳ ба бачо овардани амрҳо ва тарки манъшудаҳо аз рӯи муҳаббат ва таъзим мебошад. О Гоҳо бар ин ва гоҳо бар он гуфта мешавад.
29. Ҳидояте ки дар фармудаи Ӯ таъоло: (Иҳдино) мақсуд аст, он:
ОҲидояти далолат ва иршод. О Ҳидояти тавфиқ. О Ҳамааш.

30. Қасдшудагон дар фармудаи Ӯ таъоло: (Сиротал лазина анъамта алайҳим) онҳо: Оҳамаи касоне ки аз ин уммат имон овардаанд. Окасоне ки бар онҳо неъмат дода аст, яъне паёмбарон, ростгӯён, шаҳидон ва некӯкоронанд.

31. (Иёка наъбуду ва иёка настаъин) ҷамъи байни шариат ва қадарро дарбар гирифтааст. (Дуруст-хато)

32. Кадоме аз сураҳои зерин дарбар гирифтааст аз Қуръон он чизеро, ки дигар сураҳо дарбар нагирифтааст?

О Сураи Фотиҳа. О Ояталкурсӣ. О Сураи Ихлос.

33.Фармудаи Аллоҳ таъоло: (Иҳдинас сирот) умури зеринро дарбар гирифта аст: О Исботи нубувват. О Бар ҳамаи аҳли бидъат ва гумроҳӣ рад аст. О Ҳамаи зикршудаҳо.

34. Фармудаи Аллоҳ таъоло: "Молики явмиддин" умури зеринро дарбар гирифтааст:

О Ҳамоно ҷазо ба адл мебошад.

О Банда дар ҳақиқат фоил аст.

О Ҳамаи зикршудаҳо.

О Ҳамоно ҷазо танҳо дар муқобили амалҳо аст.

Саволҳо оиди тафсири ояталкурсӣ

35. Ояталкурсӣ чунин номида шуд, зеро дар он зикри курсӣ омадааст. (Дуруст-хато)

36. Бузургтарин ояти Қуръон кадом оят аст?

О Ояти дайн (қарз). О Ояти даҳ ҳуқуқ. О Ояталкурсӣ.

37. Қуръон аз ҷиҳати маъноҳояш таъзим мешавад. (Дуруст-хато)

38. Ояталкурсӣ чанд номе аз номҳои накӯи Аллоҳро дарбар гирифтааст? О Панҷто. О Шашто. О Ҳафтто.

39. Дар номи "ал-Ҳай"-и Аллоҳ камоли: О Зотӣ О Султонӣ аст.

40. Дар номи "ал-Қайюм"-и Аллоҳ камоли: О Зотӣ О Султонӣ аст.

41. Ҳаргоҳ исми (ал-Ҳай) бо (ал-Қайюм) якҷо ояд, бар камоли зотӣ ва султонӣ далолат мекунад. (Дуруст-хато)

42. Якҷо омадани номи Аллоҳ (ал-Ҳай) бо (ал-Қайюм) дар Қуръон дар чанд ҷо такрор шудааст:

О Дар се мавзеъ. О Дар чор мавзеъ. О Дар ду мавзеъ.

43. Дар сифатҳои манфӣ, нафй кардани он аз Аллоҳ зарурӣ аст, ҳамчуноне ки онро Аллоҳ аз нафсаш нафй карда ва аз Ӯ расулаш саллаллоҳу алайҳи ва саллам нафй карда аст, бо ҳамроҳи исботи камоли зид, зеро танҳо нафй кардан, камол нест, мисоли ин: Аз Аллоҳ ғанаб ва хобро нафй мекунем барои камоли ҳаёт ва қайюмият (побарҷоии) Ӯ. (Дуруст- хато)

44. Аллоҳ дар шафоат кардан ба касе иҷозат намедиҳад, магар дар он чизе ки розӣ гардад ва розӣ намегардад, магар: Оаз тавҳид. Оаз пайравии Расул. Оҳамаи зикршудаҳо.

45. Он чизеро Аллоҳ бар он халқро аз умури шаръӣ ва қадарӣ огоҳонидааст:О андак аст. Обисёр аст.

46. (Он чи дар пеши онон аст, медонад), шомили ҳозир ва оянда мебошад (ва он чи дар пушти онон аст, медонад) замони гузаштаро шомил мешавад. (Дуруст-хато)

47. Маънои номи Аллоҳ (ал-Ъалӣ) яъне: О ба Зоташ. О ба сифатҳояш. Оҳамоне ки ҳамаи махлуқотро ғолиб аст. Оҳамаи зикршудаҳо.

48. Касе онро дар шаб бихонад, ҳамеша аз ҷониби Аллоҳ бар ӯ нигаҳбон аст ва то субҳ шайтон ба ӯ наздик намешавад, пас он кадом оят аст? ООхирҳои сураи Бақара. ООяталкурсӣ.

49. Ояталкурсӣ хонда мешавад: О Дар паси намозҳои фарз. О Дар вақти хоб. О Дар субҳу шом. О Дар ҳамаи вақтҳои зикршуда.

Саволҳо оиди сураи Залзала

50. Сураи Залзала ҳамон: О Сураи Маккӣ Осураи Маданӣ аст.

51. Дар сураи Залзала: О Тарҳиб ОТарғиб ОҲамаи зикршудаҳост.

52. Фармудаи Аллоҳ таъоло: (Ҳаргоҳ замин ба ларза дарояд), монанди фармудаи Ӯ таъоло: (Пас онҳоро "замини" соф ва ҳамвор мегардонад, ки дар он ҳеҷ пастӣ ва баландиро набинӣ) мебошад. (Дуруст-хато)

53. Фармудаи Аллоҳ таъоло: "Ва замин вазбиниҳои худро берун орад", яъне:О кӯҳҳо ва теппаҳо Омурдаҳо ва хазинаҳо.

54.Замин аз ҷумлаи гувоҳоне аст, ки бар бандагон ба амалҳои онон гувоҳӣ медиҳад. (Дуруст-хато)

55. Фармудаи Ӯ таъоло:(Аштото) яъне: О ҳар кас алоҳида О гурӯҳҳои гуногун аст.

56. Фармудаи Ӯ таъоло: "Пас ҳар кас ба андозаи заррае....амал намояд" монанди фармудаи Ӯ таъоло: "Ва он чиро анҷом додаанд, ҳозир ёбанд". Каҳф:49. (Дуруст-хато)

Саволҳо оиди тафсири сураи Одиёт

57. Сураи Одиёт ҳамон сураи: О Маккӣ О Маданӣ аст.

58. Маънои калимаи одиёт, яъне: О Асб. ОҲар чизе ки ҳаракат мекунад. О Ҳамаи зикршудаҳо.

59. Дар сураи Одиёт аз зоеъ намудани ҳуқуқҳое, ки воҷиб аст, тарс додан аст. (Дуруст-хато)

60. Маъноҳои калимаҳои зеринро баён кун:

(Забҳан).....

(Қадҳан).....

(Нақъан).....

(Лаканд).....

Саволҳо оиди сураи ал-Қориа

61. Сураи ал-Қориа ҳамон сураи: О Маккӣ ОМаданӣ аст.

62. Аз ҳадафҳои сураи ал-Қориа ҳазар кунондан аз: ОАҳволи қиёмат. О Дар дунё мубтало шудан аст.

63. ал-Қориа ҳамон:О Оятҳои ваъдаи азоб. О Рӯзи қиёмат аст.

64. Маъноҳои калимаҳои зеринро баён кун:

(Калфарошил мабсус).....

(Калъиҳнил манфуш).....

65. Тарозуи дар ин сура зикршуда, ҳамон:О Тарозуи ҳақиқӣ. О Киноя аз адл аст.

66. (Ишатир розияҳ), яъне дар: О Дунё О Ҷаннат.

67. (Фауммуҳу ҳовияҳ), яъне: О Барои ӯ ба манзалати модар лозимгиранда мебошад. О Асоси димоғи ӯ дар оташ аст. О Ҳамаи зикршудаҳо.

68. Фармудаи Ӯ таъоло: (Ва мо адрока моҳияҳ) дар он:

О Бузург доштани амри он. О Аз он савол кардан аст.

69. Аз номҳои оташи Дӯзах, аз Аллоҳ офият мепурсем:

О Ҳовия, О Ҷаҳаннам, О Ҳутама, О Лазо, О Саъир. О Сақар, О ҳамаи зикршудаҳо мебошад.

70. (Норун ҳомияҳ) Ба Аллоҳ паноҳ мебарем, ҳарорати он бар ҳарорати оташи дунё чанд баробар зиёд аст: О Ҳафтод. О Навад. О Наваду нуҳ.

Саволҳо оиди сураи Такосур

71. Ин сура: О Маккӣ О Маданӣ аст.

72. Дар ин сура: О Аз ҳоли мардум хабар додан.

О Сарзаниши банда аз машғул шуданаш аз он чизе, ки барои он офарида шудаанд.

73. Дар ин сура наҳӣ аз зиёдталабӣ аст ва агарчи ба он мақсади ризои Аллоҳ бошад. (Дуруст-хато)

74. Сухани ба ҷойгоҳи охираш рафтааст: О Дар он инкори зинда шудан пас аз марг аст. О Дуруст аст.

75. Дар фармудаи Ӯ таъоло:(Ҳатто зуртум) онҳоро зиёраткун номид ва чаро муқим наномид? О Зеро Барзах ҷоест, ки аз он гузаштан ба дори охират қасд мешавад. О Зеро он аз хонаҳои дунявияшон ба мақбараҳо рафтанд ва мақбараҳо аз они онҳо нест.

76. Илм ба се қисм тақсим мешавад:Илми яқин, айни яқин ва ҳаққи яқин. (Дуруст-хато)

Саволҳо оиди сураи Аср

77. Сураи Аср ҳамон сураи: О Маккӣ О Маданӣ аст.

78. Дар сураи Аср далел бар масъалаҳои чоргона:Илм, амал, даъват ва сабр аст. (Дуруст-хато)

79. Кадоми аз ҷумлаҳои зерин дар он чизе ки тааллуқ ба савганди ба ҷуз Аллоҳ дорад, дуруст мебошад?

О Аллоҳ ба чизе аз махлуққояш бихоҳад савганд мехӯрад.

О Махлуқ ҳақ надорад, ки ба ҷуз Аллоҳ савганд бихӯрад.

О Махлуқ метавонад, ки ба ғайри Аллоҳ савганд бихӯрад.

О Ду ҷавоби аввал ва дуюм.

80. Сабр тақсим мешавад ба:

О Ду қисм. О Се қисм. О Чор қисм.

81. Дар сура чаҳор амр аст, пас ба ду амри аввал банда худашро комил мегардонад ва ба ду амри охир ғайрашро комил мегардонад. (Дуруст-хато)

Саволҳо оиди сураи Ҳумаза

82. Ин сура: О Маккӣ О Маданӣ аст.

83. Маънои калимаи (вайл) ҳамон:

О Водие дар Дӯзах. О Ваъдаи азоб аст, ки водие дар Ҷаҳаннам ва ғайрашро шомил мешавад.

84. Ҳамз ба гуфтан мебошад ва ламз ба амал мебошад. (Дуруст-хато)

85. Ояти (Гумон мекунад, ки молаш ӯро ҷовидона месозад) аз ин истифода карда мешавад, ки некӣ дар умр меафзояд. (Дуруст-хато)

86. Маънои фармудаи Ӯ таъоло: "Ва ту чӣ донӣ" ин ки Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам:

О Онро медонист. О Онро намедонист.

87. Дар фармудаи Ӯ таъоло: (Оташи барафрӯхтаи илоҳӣ аст) барангезандаи оташ, он: О Мардум О сангҳо О ҳамаи зикршудаҳо.

88. Фармудаи Ӯ таъоло: "Бар дилҳо чира гардад (ва бисӯзонад)", яъне: О Он чизеро ки эътиқод дорад. О Аз ҷисмҳо ба дилҳо мегузарад.

Саволҳо оиди сураи Фил

89. Сураи Фил, сураи: О Маккӣ О Маданӣ аст.

90. Дар ин сура ибратҳост, ки бузургтарин ҳайвони хушкӣ метарсад, ки бар хонае аз хонаҳои Аллоҳ таҷовуз кунад, пас башар аз боби авло битарсад. (Дуруст-хато)

91. Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам таваллуд шуд дар соли: О Фил. О Ғамгинӣ. О Рамода.

92. Ин сура аз мӯъҷизаҳои нубуввати паёмбарамон саллаллоҳу алайҳи ва саллам мебошад ва он амри берун аз одати башар аст, барои Паёмбар пеш аз фиристоданаш зоҳир мешавад. (Дуруст-хато)

93. Маъноҳои калимаҳои зеринро зикр кун:
(Тайран абобил), яъне.....
(Каъасфим маъкул), яъне.....

Саволҳо оиди сураи Қурайш

94. Сураи Қурайш сураи: О Маккӣ О Маданӣ аст.
95. Ин сура ба сураҳои зерин алоқа дорад:
О Фил. О Кофирун. О Нос.
96. Сафари Қурайш дар зимистон ба сӯи Шом ва дар тобистон ба сӯи Яман буд. (Дуруст-хато)
97. Аллоҳ ҳарами Макка ва аҳли онро дар дилҳои араб бузург қарор дод, то ки онҳоро эҳтиром карданд ва барои онон эътироз намекарданд: О Дар Макка. О Дар Макка ва дар сафар.
98. Аллоҳ Парвардигориро хосси хона барои фазл ва шарафи он қарор дод, вагарна Ӯ Парвардигори ҳамаи чиз аст. (Дуруст- хато)
99. (Парвардигори ин хона) аз боби изофаи махлуқ ба сӯи Холиқаш аз рӯи шараф мебошад. (Дуруст-хато)

Саволҳо оиди сураи Моъун

100. Сураи Моъун сураи: О Маккӣ. О Маданӣ аст.
101. Маънои калимаи (Дин) дар фармудаи Аллоҳ таъоло: "Араайталлази юказзибу биддин" ҳамон:
О Барангехтан ва ҷазост. О Қарз гирифтан ва инкори ҳуқуқ аст.
102. Маънои калимаи: (ядуъъу) яъне: О Тарк мекунад. О Ба қувва дур мекунад.
103. Ятим ҳамон касест, ки фавтидааст: О Падари ӯ. О Модари ӯ.
104. Инчунин ятим номида мешавад:О Модоме ки ба балоғат нарасидааст. О Ва агар чи ба балоғат расида бошад.
105. Фаромушӣ дар намоз ҳамон чизест, ки соҳиби он шоистаи мазаммат ва маломат аст ва намозро фаромуш кардан, пас ин аз ҳар касе воқеъ мешавад. (Дуруст-хато)
106. Ҳукми риё (худнамоӣ): О Ҷоиз. О Макрӯҳ. О Ҳаром. О Ширки асғар (хурд). О Ширки акбар (бузург).
107. Дар ин сура бар кори нек ташвиқ додан аст. (Дуруст-хато)

108.Моъуни мазкур дар оят, он: О Зарф. О Ҳамаи чизе ки дар одат сарф ва бахшидани он ҷорӣ аст.

Саволҳо оиди сураи Кавсар

109. Сураи Кавсар, сураи: О Маккӣ О Маданӣ аст.

110. Кавсар ҳамон: О Дарё. О Хайр ва фазли фаровон аст.

111. Аллоҳ хос ин ду ибодат: Намоз ва қурбониро зикр кард, зеро он ду беҳтарини ибодатҳо ва қурбатҳост. (Дуруст-хато)

112. (Шониака) яъне: ОБадбини ту. О Мазамматкуни ту. О Пастзанандаи ту . О Ҳамаи зикршудаҳо.

113. Фармудаи Ӯ таъоло: (Ҳувал абтар) ба мафҳумаш баён мекунад, ки барои дӯстдори Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам зикру сано боқӣ мемонад. (Дуруст-хато)

114. Дар ин сура далел бар бисёрии ёридиҳандагон ва пайравон барои Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам мебошад. (Дуруст-хато)

Саволҳо оиди сураи Кофирун

115. Сураи Кофирун, сураи: О Маккӣ О Маданӣ аст.

116. Сураи Кофирун дар ракаати якум баъд аз Фотиҳа хонда мешавад, дар: О Суннати бомдод. О Суннати шом. О Суннати тавоф. О Витр. О Ҳамаи зикршудаҳо.

117. Ибодате ки бо ширк якҷо аст: О Ибодати ноқис аст. О Ибодат номида намешавад.

118. Хитоб дар (Бигӯ) ҳамон: О Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам. О Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам ва ҳар касе ки ба ӯ хитоб кардан дуруст аст.

119. Кофирон ҳамон: О Ҳар касест, ки даъвати Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам ба ӯ расида ва ӯ ба Паёмбар имон наовардааст, монанди яҳуд ва насоро. О Кофирҳои Макка.

120. Дар ин сура амалӣ кардани безорӣ аз ширку мушрикон бо қалб, забон ва аъзои бадан мебошад. (Дуруст-хато)

121. Такрор дар сура: О Барои таъкид. О То ки аввал бар набудани феъл ва дуюм бар ин ки ин сифати лозимӣ гашта аст, далолат мекунад.

Саволҳо оиди сураи Наср

122. Сураи Наср, сураи: О Маккӣ О Маданӣ аст.
123. Дар ин сура башорат (мужда), хабар, амр ва танбеҳ аст. (Дуруст-хато)
124. Барои ин уммат ва ин дин аз раҳмату лутфи Аллоҳ он чизест, ки дар фикру хаёл давр намезанад. (Дуруст-хато)
125. Дар ин сура ишора ба наздику қариб шудани аҷали Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам мебошад. (Дуруст-хато)
126. Барои ба ин сура амал кардан, Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам дар рукӯъ ва саҷдааш ин дуо: (Субҳонакаллоҳумма Раббано ва биҳамдика, аллоҳуммағфирли)-ро бисёр мегуфт. (Дуруст-хато)

Саволҳо оиди сураи Масад

127. Сураи Масад, сураи: О Маккӣ О Маданӣ аст.
128. Абӯлаҳаб ҳамон: О Амаки Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам аст. О Ба Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам наздикӣ надорад.
129. То рӯзи қиёмат мазаммат мешавад: О Абӯлаҳаб. О Ҳар касе ки бо Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам душманӣ дорад.
130. Маъноҳои калимаҳои зеринро зикр кун:
(Таббат).....
(Мо касаб).....
(Ҷидиҳо).....
(Масад).....
131. Дар ин сура аломати ошкор аз аломатҳои Аллоҳ дар ҳаққи Абӯлаҳаб ва ҳамсари ӯст, ки ислом намеоранд. (Дурурст-хато)

Саволҳо оиди сураи Ихлос

132. Сураи Ихлос, сураи: О Маккӣ. О Маданӣ аст.
133. Ин сура Ихлос номида шуд, зеро:
О Аллоҳро пок васф намудааст. О Хонандаашро аз ширк халос мекунад. О Ҳамаи зикршудаҳо.
134. Ин сура дар аҷру савоб баробарӣ: О Нисфи Қуръон. О Чоряки Қуръон. О Сеяки Қуръон мебошад.

135. Ин сура дар ракаати дуввум баъд аз Фотиҳа хонда мешавад, дар: О Суннати бомдод. О Суннати шом. О Суннати тавоф. О Витр. О Баъди намозҳои фарз. О Дар вақти хоб. О Ҳамаи зикршудаҳо.

136. Сураи Кофирун ва Ихлос шубурӯз хонда мешавад, то ки анвоъи тавҳиди сегона амалӣ гардад. (Дуруст-хато)

137. Дар сураи Ихлос: О Тавҳиди улуҳият. О Тавҳиди рубубият ва тавҳиди номҳо ва сифатҳост.

138. Маънои (Бигӯ): О Танҳо ба забон гуфтан. О Гуфтан, амал ва эътиқод кардан аст.

139. Фармудаи Ӯ таъоло: (Ҳуваллоҳу аҳад), яъне дар рубубият, улуҳият ва номҳо ва сифатҳояш ягона аст. (Дуруст- хато)

140. Фармудаи Ӯ таъоло: (ас-Самад), яъне: О Дар ҳамаи ҳолатҳо қасдшуда. О Касе ки ба нафси худ қоим аст ва ғайраш ба ӯ қоим ҳастанд. О Саидест, ки дар саидияш комил аст ва дар рубубият, улуҳият ва номҳову сифатҳояш комил аст. О Ҳамаи зикршудаҳо.

141. Нисбат додани фарзанд, ё падар ба Аллоҳ куфри акбар эътибор карда мешавад. (Дуруст-хато)

Саволҳо оиди сураи Фалақ

142. Сураи Фалақ, сураи: О Маккӣ О Маданӣ аст.

143. Сураи Фалақ хонда мешавад: О Баъд аз намозҳои фарз. О Дар вақти хоб. О Ҳамаи зикршудаҳо.

144. Маъноҳои калимаҳои зеринро зикр кун:

(Аъузу).....

(Фалақ).....

(Ғосиқ).....

(Вақаб).....

(Наффосот).....

(Уқад).....

(Ҳосид).....

145. Дар ин сура: О Умум ва хусус паноҳ бурдан. О Сеҳр ҳақиқат дорад. О Ҳамаи зикршудаҳо.

Саволҳо оиди сураи Нос

146. Сураи Нос, сураи: О Маккӣ О Маданӣ аст.

147. Сураи Нос хонда мешавад: О Баъди намозҳои фарз. О Дар вақти хоб. О Ҳамаи зикршудаҳо.

148. Маънои калимаи (Ханнос) чист?

.....

Дарси дуюм

Дарси дуюм:Асосҳои Ислом

Баёни асосҳои панҷгонаи Ислом ва аввалу бузургтарини он: Гувоҳи додан ба ин ки нест маъбуди барҳақ ба ҷуз Аллоҳ ва ин ки Муҳаммад расули Аллоҳ аст, ба шарҳи маъноҳои он бо баёни шартҳои "Ло илоҳа иллаллоҳ". Ва маънои он: (Ло илоҳа) ҳамаи он чизе ки ба ҷуз Аллоҳ парастида мешавад, нафй мекунад, (иллаллоҳ) ибодатро барои Аллоҳи ягона, ки Ӯро шарике нест, исбот мекунад.


Ва аммо шартҳои "Ло илоҳа иллаллоҳ", пас шартҳои зерин аст: 1-Илме, ки ҷаҳлро нафй мекунад. 2-Яқине ки шакро нафй мекунад. 3-Ихлосе ки ширкро нафй мекунад. 4- Сидқе ки дурӯғро нафй мекунад. 5-Муҳаббате ки бадбиниро нафй мекунад. 6-Фармонбардорие, ки саркаширо нафй мекунад. 7-Қабуле ки рад карданро нафй мекунад. 8- Ва кофир шудан ба он чизе ки ба ҷуз Аллоҳ парастида мешавад.

Ва ба ростӣ дар ду байт ҷамъ оварда шудааст:

علم يقين و إخلاص وصدقك مع محبة وانقياد والقبول لها

وزيد ثامنها الكفران منك بما سوى الإله من الأشياء قد ألها

Илм, яқин, ихлос ва садоқати ту бо ҳамроҳи муҳаббат ва итоат ва қабули он ва ҳаштумро зиёд кун, кофир шудани ту ба он чизе ки ба ҷуз Аллоҳ илоҳ гирифта шудааст. Бо баён намудани шаҳодати ин ки Муҳаммад расули Аллоҳ ва баёни тақозоҳои он: Тасдиқи Ӯ дар он чизе ки хабар дод ва тоати Ӯ дар он чизе ки дастур дода ва аз он чизе ки манъ ва сарзаниш кардааст, парҳез кардан ва ин ки Аллоҳ парастида нашавад, магар ба он чизе ки дар шаръ гузоштааст. Сипас барои толиб бақияи асосҳои панҷгонаи Исломро баён мекунад ва он: Намоз, закот, рӯзаи Рамазон ва ҳаҷҷи хонаи Аллоҳ барои касе ки тавонои ба онҷо рафтанро дорад.



Калимаи ихлос ду асос дорад, онҳо нафю исбот кардан аст, пас он дуро ҳифз намо.

Шарҳи шартҳои (Ло илоҳа иллаллоҳ)

Шартҳои (Ло илоҳа иллаллоҳ) ба монанди дандонаҳои калид мебошад, пас калимаи (Ло илоҳа иллаллоҳ) калиди Ҷаннат аст ва калид намекушояд, магар бо дандон. Ва бинобар ин ҳар он чизе ки дар Қуръон ва Суннат омадааст, ки касе: (Ло илоҳа иллаллоҳ) гӯяд, пас ӯро инчунин аст, пас барои ҳосил кардани аҷру савоб таҳқиқи ин шартҳо зарурӣ аст ва он ҳашто шарт аст:

1-Донистани маънои он ва зидди илм надонистани маънои он аст, пас касе маънои онро надонад, ба он фоида намегирад ва барои ин касе ки мехоҳад дар дини Ислом дохил шавад, лозим аст, ки маънои онро бидонад. Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд:"Касе бимирад дар ҳоле ки медонад, ки (маъбуди барҳаққе ҷуз Аллоҳ нест) дохили Ҷаннат мешавад". Ин ҳадисро Муслим ривоят кардааст.

2-Яқин:Яъне сад дар сад яқин дошта бошад, пас агар як дар сад ҳам дар куфри ба тоғут шак орад, ё биистад, ё дудила шавад, яктопараст нест ва агар дар куфри яҳуд ва насоро, ки даъвати Муҳаммад саллаллоҳу алайҳи ва саллам ба онон расидааст, шак кунад, пас ӯ яктопараст нест. Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд: "Ман гувоҳӣ медиҳам, ки нест маъбуди барҳаққе ҷуз Аллоҳ ва ин ки ман расули Аллоҳ ҳастам, бандае бо ин ду Аллоҳро вонамехӯрад дар ҳоле ки ба ин ду шак надорад, магар ки дохили Ҷаннат мешавад". (Ривояти Муслим)

3-Ихлос: Пас касе дар он худнамоӣ кунад, ё муртакиби ширки акбар шавад, мисли касе ки ғайри Аллоҳро мепарастад, пас ӯро фоида намедиҳад. Аз Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам ривоят аст, ки фармуд: "Босаодаттарини мардум ба шафоати ман касест, ки (Ло илоҳа иллаллоҳ)-ро холис аз қалбаш, ё нафсаш бигӯяд, мебошад". (Ривояти Бухорӣ)

4-Ростгӯй, пас касе онро аз рӯи дурӯғ гӯяд, монанди мунофиқ, пас ӯро гуфтани он фоидааш намедиҳад. Аз Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам ривоят аст, ки фармуд: "Касе нест, ки шаҳодати медиҳад, ки маъбуди барҳаққе ҷуз Аллоҳ нест ва ин ки Муҳаммад банда ва расули Ӯст аз сидқи дил, магар ки Аллоҳ ӯро бар оташи Дӯзах ҳаром мегардонад". (Ривояти Бухорӣ ва Муслим)

5-Муҳаббат: Пас Аллоҳро дӯст медорад ва ягон касро бо Ӯ дӯст намедорад ва ҳамаи касонеро, ки Аллоҳ ба муҳаббати онон амр кардааст, дӯст медорад ва зидди он бадбинӣ аст ва барои ин аз фосидкунандаҳои Ислом аст: "Касе бад бинад он чизеро, ки Расул саллаллоҳу алайҳи ва саллам овардааст ва агарчи ба он амал ҳам кунад, кофир мешавад, Аллоҳ таъоло мефармояд:"Ва аз мардум касоне ҳастанд, ғайр аз Аллоҳ ҳамтоёнеро интихоб мекунанд ва онҳоро монанди дӯст доштани Аллоҳ дӯст медоранд".

6-Фармонбардорӣ: Яъне ба он амал кардан зарурӣ аст, пас касе ба он амал накунад, пас ӯро фоида намедиҳад, Аллоҳ таъоло мефармояд: "На, савганд ба Парвардигорат, ки онон имон намеоранд, магар ин ки дар ихтилофҳои худ туро довар қарор диҳанд ва сипас аз доварии ту, дар дили худ эҳсоси нороҳатӣ накунанд ва комилан таслим бошанд".

7-Қабул кардан: Пас қавл, ё амал, ё ба он эътиқод карданро рад намекунад. Аллоҳ таъоло мефармояд:" Онҳо (дар дунё) чунон буданд, ки чун ба онҳо гуфта мешуд: "Маъбуди барҳаққе ҷуз Аллоҳ нест" саркашӣ (ва такаббурӣ) мекарданд. Ва мегуфтанд: Оё мо маъбудонамонро ба хотири (сухани) шоири девона раҳо кунем?!".

8-Куфр варзидан: Яъне ҳар чизе ки ба ҷуз Аллоҳ парастида мешавад, пас парастиши он ботил аст ва шоиста нест, ки чизе ба ҷуз Аллоҳ парастида шавад.

Танбеҳ:

Дар калимаи ихлос будани қавл, амал ва эътиқод зарурӣ аст.

Қисмҳои муҳаббат

Муҳаббат бо Аллоҳ

Ва ин аз ҷумлаи ширки акбар аст. Аллоҳ таъоло мефармояд:"Ва аз мардум касоне ҳастанд ғайр аз Аллоҳ ҳамтоёнеро интихоб мекунанд ва онҳоро монанди дӯст доштани Аллоҳ дӯст медоранд".

Муҳаббат доштан барои Аллоҳ

Ин воҷиб аст, балки ин аз баландтарини қулаи имон аст. Аллоҳ таъоло мефармояд:"Муҳаммад расули Аллоҳ аст ва касоне ки бо ӯ ҳастанд бар кофирон сахтгир ва дар миёни худ меҳрубонанд".

Муҳаббати табиӣ

Ин ҷоиз аст ба шарте ки бар муҳаббати Аллоҳ тақдим нашавад ва мисоли он муҳаббати фарзанд ва ҳамсар. Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд:"Яке аз шумо имон намеорад, то ки Ман дар назди ӯ аз фарзанд ва волидайнаш ва ҳамаи мардум маҳбуб набошам".

- Амале ки Аллоҳ таъоло аз он розӣ мешавад ва он ҳар амалест, ки шариат ба он омадааст, монанди тавҳид.
- Ба он амалкунанда монанди анбиё, расулон, малоика, саҳобагон ва ҳамаи яктопарастон.
- Замонҳое, ки Аллоҳ таъоло онҳоро дӯст медорад, монанди шаби қадр ва сеяки охири шаб.
- Маконҳое ки Аллоҳ таъоло онҳоро дӯст медорад, монанди Макка ва Мадинаи Мунаввара.

Маънои гуфтаи мусалмон (бандаи Ӯ) дар шаҳодати ин ки Муҳаммад расули Аллоҳ аст, чист?

Яъне парастида намешавад, зеро ки Ӯ саллаллоҳу алайҳи ва салламро чизе аз хусусиятҳои рубубият, улуҳият ва номҳо ва сифатҳо нест.

Ва ин ки Ӯ обидтарини халқ аст, пас Ӯ саллаллоҳу алайҳи ва саллам камоли бандагиро барои Аллоҳ ҷалла ва ало ба ҷо овардааст.

Қисмҳои бандагӣ барои Аллоҳ субҳонаҳу ва таъоло

Ом:
Ва он бандагии рубубият (қаҳру ғалаба) ва ин барои ҳамаи халқ аст, Аллоҳ таъоло мефармояд:"Ҳеҷ чизе дар осмонҳо ва замин нест, магар ин ки ба бандагӣ сӯи (Худованди) Раҳмон биёяд". Дар зимни ин бандагӣ мӯъмину кофир дохил мешавад.

Хос:
Ва он бандагии тоати омма аст, Аллоҳ таъоло мефармояд:"Ва бандагони (хосси) Раҳмон касоне ҳастанд, ки бо фурӯтанӣ (ва оромиш) бар замин роҳ мераванд". Ва ин ҳамаи касонеро ки барои Аллоҳ субҳонаҳу ва таъоло ба шаръаш ибодат мекунад, фарогир аст.

Хоссаи хос:
Ва он бандагии Расулон алайҳимус салом аст, Аллоҳ таъоло мефармояд:"Ҳамоно Ӯ бандаи сипосгузор буд". Пас ин бандагӣ ба сӯи расулон изофа шуда хоссатулхос аст, зеро ки ягон кас ин расулонро дар бандагии Аллоҳ субҳонаҳу ва таъоло мусобиқа намекунад.

Гушае аз саргузашти Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам

Насаби Ӯ:

Ӯ Муҳаммад ибни Абдуллоҳ ибни Абдулмуттолиб ибни Ҳошим ва Ҳошим аз қабилаи Қурайш ва Қурайш аз араб ва араб аз насли Исмоил ибни Иброҳим алайҳис салом мебошад.

Таваллуди Ӯ:

Ӯ саллаллоҳу алайҳи ва саллам соли фил дар Макка, дар моҳи рабеъ-ул-аввал ба дунё омада аст. Ӯ шасту се сол умр дошт. Чил соли он пеш аз паёмбарӣ ва бисту се сол паёмбару расул буд. Ва Ӯ ятим буд, падараш пеш аз таваллуд шуданаш вафот кард ва дар кафолати бобояш Абдулмутталиб буд ва баъди вафоти бобояш амакаш Абӯтолиб Ӯро зери кафолати худ гирифт.

Фиристодани Ӯ:

Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам ба сӯи сақалайн, ҷинну инсон фиристода шуд, пас ҳар касе ки даъвати Ӯ ба вай расаду ба Ӯ имон наорад, пас кофири куфри акбар аст, касе ки бошад.

Даъвати Ӯ:

Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам ба сӯи тавҳид, ахлоқу амалҳои писандида даъват намуд ва аз ширк ва ахлоқу амалҳои зишт наҳй намуд.

Ҳамсарони Ӯ 12-нафар аст:	Хадиҷа разияллоҳу анҳо, Оиша разияллоҳу анҳо, Савда разияллоҳу анҳо, Ҳафса разияллоҳу анҳо, Зайнаби Ҳилолия разияллоҳу анҳо, Умми Салама Ҳинд разияллоҳу анҳо, Зайнаб бинти Ҷаҳш разияллоҳу анҳо, Ҷувайрия бинти Ҳорис разияллоҳу анҳо, Сафия бинти Ҳуяй разияллоҳу анҳо, Умми Ҳабиба Рамла разияллоҳу анҳо, Райҳона бинти Зайд разияллоҳу анҳо ва Маймуна бинти Ҳорис разияллоҳу анҳо мебошад.
Ширдиҳандаҳои Ӯ саллаллоҳу алайҳи ва саллам:	Модари Ӯ Омина бинти Ваҳб, Сувайба мавлои амаки Ӯ Абӯлаҳаб ва Ҳалима бинти Абӯзуайби Саъдия разияллоҳу анҳо.
Аввали ояте, ки бар Ӯ саллаллоҳу алайҳи ва саллам нозил шуд:	Фармудаи Аллоҳ таъоло дар сураи Алақ: "(Эй Паёмбар) бихон ба номи Парвардигорат, ки (ҳастиро) офарид. (Ҳамон Аллоҳе, ки) инсонро аз хуни баста офарид. Бихон ва Парвардигори Ту (аз ҳама) бузургвортар аст. (Ҳамон) касе ки ба василаи қалам (навиштан) омӯхт, ба инсон он чиро ки намедонист, омӯхт".
Аввалин касе, ки ба Ӯ имон овард:	Аз мардон Абӯбакри Сиддиқ разияллоҳу анҳу, аз занон Уммулмӯъминин Хадиҷа бинти Хувайлид разияллоҳу анҳо, аз кудакон Алӣ ибни Абӯтолиб разияллоҳу анҳу, аз мавлоҳо Зайд ибни Ҳориса разияллоҳу анҳу ва аз ғуломон Билол ибни Рабоҳ разияллоҳу анҳу аст.

Ҳаҷ ва умраи Ӯ ﷺ:	Чор умра карда ва ҳамаи онро дар моҳи зулқаъда анҷом додааст ва як бор ҳаҷ карда, онро ҳаққи видоъ номида мешавад, онро дар соли даҳуми ҳиҷрӣ анҷом додааст.
Ахлоқи Ӯ ﷺ:	Аллоҳ таъоло мефармояд: "Ва яқинан Ту (эй Паёмбар) бар ахлоқи бисёр азим ва волое ҳастӣ". Ва Уммулмӯъминон Оиша разияллоҳу анҳо мегӯяд: "Ахлоқи Ӯ Қуръон буд",
Аҳамияти омӯхтани ҳаёти Ӯ ﷺ:	Ибни Қайим раҳимаҳуллоҳ мегӯяд:"Ҳаргоҳ саодати банда дар дунёву охират тааллуқ ба роҳнамоии Паёмбар ﷺ бошад, пас ба ҳар шахсе ки худашро насиҳат мекунад ва наҷот ёфтан ва саодати нафсашро дӯст медорад, воҷиб мешавад, ки аз роҳнамоӣ, саргузашт ва ҳолати Ӯ огоҳ бошад, он миқдоре ки аз зумраи ҷоҳилони ба Ӯ ﷺ берун шуда ва ба василаи он огоҳӣ дар ҷумлаи пайравон, ёридиҳандагон ва ҳизби Ӯ дохил шавад. Ва мардум дар ин амр миёни камкунанда, бисёркунанда ва маҳрум воқеъ ҳастанд ва фазл дар дасти Аллоҳ аст, онро ба касе хоҳад, медиҳад ва Аллоҳ дорои фазли бузург аст.

Дарси сеюм

Асосҳои имон

Асосҳои имон шаштост:Ин ки ба Аллоҳ, малоикаҳои Ӯ, китобҳои Ӯ, расулони Ӯ ва ба рӯзи охират имон дошта бошӣ. Ва ба тақдири неку бад, ки аз ҷониби Аллоҳ таъолост, имон дошта бошӣ.

Таърифи имон аз рӯи шариат:

Ба забон гуфтан, ба қалб бовар кардан ва ба аъзои бадан ва дил амал кардан, ба тоат зиёд ва ба маъсият кам мешавад. Ва далел:

Далели гуфтан, фармудаи Ӯﷺ: "Пас болотарини он: Гуфтани ло илоҳа иллаллҳоҳ" мебошад.

Ва далели амали аъзои бадан, фармудаи Ӯ ﷺ: "Ва пасттарини он дур сохтани озор аз роҳ аст". мебошад.

Ва далели амали дил, фармудаи Ӯ ﷺ: "Ва ҳаё шохае аз имон аст", мебошад.

Ва далели зиёд шудани имон, фармудаи Ӯ таъолост: "Ин оят имони кадоме аз шуморо афзуд".

Ва далели кам шудан фармудаи Ӯ ﷺ аст: "Аз камақлон ва камдинон надидам".

Асбоби зиёд шудани имон:

- Омӯхтани тавҳид ва хоссатан боби номҳо ва сифатҳо.
- Бисёртар тоату ибодат кардан.
- Тарки гуноҳҳо.
- Дар махлуқот андеша кардан.

Асбоби кам шудани имон:

- Наомӯхтани тавҳид ва хоссатан наомӯхтани боби номҳо ва сифатҳо.
- Тарки тоатҳо.
- Маъсият кардан.
- Дар махлуқот фикр накардан.

Асосҳои имон шаштост:

- Имон доштан ба Аллоҳ.
- Имон ба малоикаҳо
- Имон ба китобҳо
- Имон ба расулон
- Имон ба рӯзи охират
- Имон ба тақдири неку бад.

Асоси якум:Ба Аллоҳ имон овардан аст ва лозимгирандаи умури зерин аст:

Ба ҳастии Аллоҳ субҳонаҳу ва таъоло имон доштан ва ин ба чор амр мебошад:	Ба парвардигории Аллоҳ субҳонаҳу ва таъоло имон доштан.	Ба улуҳияти Аллоҳ ҷалла ва ало имон доштан.	Ба номҳо ва сифатҳои Аллоҳ субҳонаҳу ва таъоло имон доштан.
Ба ақл:Пас ақл мустаҳил мешуморад ҳастии махлуқеро бехолиқ "Оё онҳо аз ҳеҷ чиз (ва беофаринанда)офарида шудаанд, ё худ офаридагори худанд".	Ба ҳис: Дар ҳолати сахтӣ ва душворӣ мебошад, пас дастонатро ба сӯи осмон мебардорӣ ва мегӯй:Эй Раб, пас мебинӣ, ки ин сахтӣ ба амри Аллоҳ бартараф мешавад.	Ба фитрат: Паёмбар ﷺ мефармояд: "Ҳар навзод бар имони фитрӣ таваллуд мешавад, пас падару модараш ӯро яҳудӣ, ё насронӣ, ё оташпараст месозад".	Ба шариат: Ибни Қайим раҳмати Аллоҳ бар ӯ бод, зикр мекунад, ки ояте дар китоби Аллоҳ нест, магар дар он далеле бар тавҳид аст.

Асоси дуюм: Имон ба малоика аст

Малоикаҳо олами ғайбӣ ҳастанд, Аллоҳ онҳоро аз нур офарид, Аллоҳро итоат мекунанд ва Ӯро бефармонӣ намекунанд, дорои рӯҳҳо ҳастанд "Рӯҳулқуддус" ва дорои ҷасад ҳастанд "Касе ки фариштагонро расулоне қарор дод, дорои болҳои дугона ва сегона ва чаҳоргона, ҳарчи бихоҳад дар офариниш меафзояд" ва дорои ақлҳо ва қалбҳоянд "То замоне ки изтироб (ва нигаронӣ) аз дилҳояшон бартараф шавад, гӯянд: Парвардигоратон чи гуфт?". Ба онҳо ва ба номҳое аз онҳо ки Аллоҳ ба мо ёд додааст (монанди Ҷибраил, Микоил ва Исрофил) ва ба сифатҳои онон "Ҳаргиз Аллоҳро дар он чи ба онон фармон дода нофармонӣ намекунанд ва ҳарчи фармон меёбанд, анҷом медиҳанд" ва ба амалҳои онон имон меорем.

Баъзе малоикаҳо, ки аз онон ба мо хабар дода шуд:

Аз ҷумлаи онон ҳашт бардорандаи Арш, Ҷибраил, ки ба овардани ваҳй вазифадор аст ва Микоил, ки ба қатраи борон вазифадор аст, ба ҳамаи онҳо ва ба ахборе, ки аз онон омадааст ба таври муҷмал ва муфассал имон меорем.

Асоси сеюм: Имон ба китобҳост

Воҷиб аст, ки имон дошта бошем, ки онҳо дар ҳақиқат сухани Аллоҳ ҳастанд, на ин ки маҷоз аст ва ин ки онҳо нозилшудаанду махлуқ нестанд ва ин ки Аллоҳ ба ҳар расуле китобе фиристода аст. Ва ба онҳо ва ба он чизе ки Аллоҳ аз номҳо, хабарҳо ва аҳкоми онҳо ба мо хабар дода аст ба таври муҷмал ва муфассал, модоме ки мансух нашудааст, имон меорем. Ва имон дорем ки Қуръон ҳамаи китобҳои пешинро мансух кардааст ва он китобҳо: Таврот, Инҷил, Забур, саҳифаҳои Иброҳим ва Мусо алайҳимус салом мебошанд.

Асоси чорум: Имон ба расулон аст

Воҷиб аст, ки имон биёрем, ки онҳо башар ҳастанд, аз хусусиятҳои парвардигорӣ барои онон чизе нест ва ин ки онҳо банда ҳастанд, парастида намешаванд ва ин ки Аллоҳ онҳоро фиристод ва ба сӯи онҳо ваҳй намуд ва онҳоро ба оятҳо қувват бахшид ва онҳо амонатро адо карданд ва умматро насиҳат карданд ва рисолатро расониданд ва дар роҳи Аллоҳ чуноне ки шоистаи ҷиҳоди Ӯ буд, ҷиҳод карданд. Ва ба онҳо ва ба он чизе ки Аллоҳ аз номҳо, сифатҳо ва ахбори онҳо ба мо таълим додааст ба таври муҷмал ва муфассал имон меорем ва ин ки аввали анбиё Одам алайҳис салом ва аввали расулон Нуҳ алайҳис салом ва хатмкунандаи анбиё ва расулон Муҳаммад ﷺ мебошад. Ва ин ки шариатҳои гузашта ҳамааш ба шариати Муҳаммад ﷺ мансух шудааст. Ва улулазм (дорои иродаи устувор) панҷтост, дар сураи Шуро ва Аҳзоб зикр шудаанд: (Муҳаммад ﷺ, Нуҳ алайҳис салом, Иброҳим алайҳис салом, Мусо алайҳис салом ва Исо алайҳис салом мебошанд.

Асоси панҷум: Имон ба рӯзи охират аст

Имон овардани ба ҳамаи он чизе ки Паёмбар ﷺ аз он хабар дода аст, ки пас аз марг рӯх медиҳадро дарбар мегирад. Монанди: Фитнаи қабр, дар сур дамидан, хестани мардум аз қабрҳояшон, тарозуҳо, саҳифаҳо, пули сирот, ҳавз, шафоат, Ҷаннат, Дӯзах, дидани мӯъминон Парвардигорашонро дар рӯзи қиёмат дар Ҷаннат ва ғайри инҳо аз амрҳои ғайбӣ мебошад.

Асоси шашум: Имон ба тақдири неку бадаш аст

Ва он чор мартаба дорад, онҳоро назмкунанда дар гуфтааш ҷамъ овардааст:

Илм, навистани мавлоямон, машияти Ӯ,

Ва халқи Ӯ ва он эҷоду таквин (пайдо кардан) аст.

Илм: Имон доштан ба ин ки Ӯ субҳонаҳу ва таъоло ҳамаи чизро ба таври муҷмал ва муфассал медонад ва далел фармудаи Ӯ таъолост:"Он чи дар пеши рӯи онон ва он чи дар пушти сарашон аст, медонад".

Навистан: Имон доштан ба ин ки Аллоҳ ба ростӣ тақдирҳои ҳамаи чизро то барпо шудани қиёмат навишта аст ва далел фармудаи Ӯ таъолост:"Ва ҳеҷ пинҳоне дар осмон ва замин нест, магар он ки дар китоби равшан аст"

Машият: Имон доштан ба ин ки он чи Аллоҳ хоҳад мешавад ва он чизеро нахоҳад намешавад ва ин ки банда дорои машият аст, локин он дар зери хостаи Аллоҳ аст, Аллоҳ таъоло фармуд:"Ва намехоҳед, магар он чизеро ки Аллоҳ бихоҳад".

Халқ:Имон доштан ба ин ки банда ва амалҳояш махлуқ аст ва инчунин дигар коинот ва далел: "Аллоҳ офаринандаи ҳамаи чиз аст", "Ва Аллоҳ шумо ва он чизеро, ки мекунед офарида аст".

Дарси чорум

Қисмҳои тавҳид ва қисмҳои ширк

Баёни қисмҳои тавҳид ва он се қисм аст: Тавҳиди рубубият, тавҳиди улуҳият ва тавҳиди номҳо ва сифатҳо.

Аммо тавҳиди рубубият: Он имон доштан ба ин аст, ки Аллоҳи пок офаридгори ҳамаи чиз ва дар ҳамаи чиз тасарруфкунанда аст, Ӯро дар ин умур шарике нест.

Ва аммо тавҳиди улуҳият: Он имон доштан ба ин аст, ки Аллоҳи пок маъбуди барҳақ аст, Ӯро дар ин шарике нест ва он маънои: Ло илоҳа иллаллоҳ аст. Пас ҳамоно маънои он ин аст: Маъбуди бар ҳаққе ҷуз Аллоҳ нест. Пас ҳамаи ибодатҳо аз намоз, рӯза ва ғайри инро воҷиб мешавад, ки холис барои Аллоҳи ягона анҷом дода шавад ва сарф кардани чизе аз он барои ғайри Аллоҳ ҷоиз намебошад.

Ва аммо тавҳиди номҳо ва сифатҳо: Он имон доштан ба ҳамаи номҳо ва сифатҳои Аллоҳ, ки дар Қуръони Карим, ё дар ҳадисҳои саҳеҳ омадааст, мебошад. Ва исботи онҳо барои Аллоҳи ягона бар ваҷҳе ки лоиқи Ӯ субҳонаҳу аст, бетағйир, бе бекор кардан, бечигунагӣ ва бемонанд кардан, аз рӯи амал кардан ба фармудаи Аллоҳ субҳонаҳу: "Бигӯ: Ӯ Аллоҳи ягона аст, Аллоҳест, ки бениёз аст. Назод ва зода нашуда ва барои Ӯ ягон кас баробар нест". Ва фармудаи Ӯ азза ва ҷалла: "Монанди Ӯ касе нест ва Ӯ шунавои биност". Ва баъзе олимон онро ба ду қисм тақсим кардаанд ва тавҳиди номҳо ва сифатҳоро дар зимни тавҳиди рубубият дохил кардаанд ва дар ин амр муноқаша нест, зеро мақсад дар ҳар ду тақсим возеҳ мебошад.

Ва ақсоми ширк сето аст: Ширки акбар, ширки асғар ва ширки хафӣ

Пас ширкӣ акбар: Он муҷиби бекор шудани амалҳо ва ҳамеша дар оташи Дӯзах мондан аст, барои касе ки бар он бимирад, ҳамонгуна ки Аллоҳ таъоло мефармояд: "Ва агар ширк меварзиданд, ҳароина он чиро ки анҷом дода буданд аз (аъмоли неки) онҳо нобуд мешуд". (Анъом:88)

Ва Аллоҳ субҳонаҳу фармуд: "Мушриконро (сазовор) нест, ки масҷидҳои Аллоҳро обод кунанд, дар ҳоле ки ба куфри худ гувоҳӣ медиҳанд, онҳо аъмолашон нобуд шуда ва дар оташи (Ҷаҳаннам) ҷовидона хоҳанд монд". Ва албатта касе ки бар ширк бимирад, пас ҳаргиз ӯро бахшида намешавад ва бар ӯ Ҷаннат ҳаром аст, ҳамчуноне ки Аллоҳ азза ва ҷалла мефармояд: "Албатта Аллоҳ мағфират намекунад, ки бар Ӯ ширк оварда шавад ва ба ҷуз ин (ширк) барои касе бихоҳад, мағфират мекунад". Ва Аллоҳ субҳонаҳу мефармояд: "Ҳамоно ҳар кас ба Аллоҳ ширк оварад, Аллоҳ Ҷаннатро бар ӯ ҳаром кардааст ва ҷойгоҳи Ӯ Дӯзах аст ва золимонро ёридиҳандае нест".

Ва аз навъҳои он: Мурдагон ва бутонро ба дуо муроҷиат кардан ва ба онҳо фарёдрасӣ кардан ва барои онҳо назру мол куштан ва ҳамонанди ин мебошад.

Аммо ширки асғар: Он аст, ки дар насҳои Қуръон, ё Суннат онро ширк номида шудааст ва локин он аз ширки акбар ба шумор намеравад, монанди риёкорӣ (худнамоӣ) дар баъзе амалҳо ва ба ҷуз Аллоҳ савганд хӯрдан ва гуфтани: Он чизеро, ки Аллоҳ ва фалонӣ бихоҳад ва монанди ин. Аз Рӯи фармудаи Паёмбар ﷺ: "Сахттарин чизе ки Ман бар шумо метарсам ширки асғар аст". Пас аз он пурсида шуд, фармуд: "Риё (худнамоӣ) аст".

Ва фармудаи Ӯﷺ: "Касе ба чизе ҷуз номи Аллоҳ қасам бихӯрад, пас ба ростӣ ширк овардааст". Ва фармудаи Ӯﷺ: " Он чизеро, ки Аллоҳ хоҳад ва фалонӣ хоҳад, нагӯед валокин он чизеро Аллоҳ хоҳад, сипас фалонӣ хоҳад, бигӯед". Инро Абӯдовуд ба исноди саҳеҳ аз Ҳузайфа ибни Ямон разияллоҳу анҳу ривоят кардааст.

Ва ин навъи ширк муҷиби риддат (кофир шудан) ва муҷиби ҳамеша дар оташи Дӯзах мондан намебошад ва локин он камоли тавҳиди воҷибро нафӣ мекунад.

Аммо навъи сеюм ва он ширки хафӣ (пӯшида) аст, пас далели он фармудаи Паёмбар ﷺ аст: "Оё хабар диҳам шуморо ба он чизе ки дар назди Ман бар шумо аз Масеҳи Даҷҷол тарсноктар аст? Гуфтанд: Бале, эй Расулуллоҳ! Фармуд: Ширки хафӣ аст. Мард қоим шуда намоз мехонад, пас вақте мебинад, марде ба ӯ нигоҳ дорад, пас намозашро зиннат медиҳад".

Ва дуруст аст, ки ширк танҳо ба ду навъ тақсим карда шавад: Ширки акбар ва ширки асғар.

Аммо ширки хафӣ (пӯшида) ин дуро фаро мегирад, пас гоҳо дар ширки акбар воқеъ мешавад, монанди ширки мунофиқон, зеро онҳо ақидаҳои ботилашонро пинҳон мекунанд ва Исломро аз рӯи риё (худнамоӣ) ва аз тарси ҷонҳояшон ошкор мекунанд.

Ва дар ширки асғар воқеъ мешавад, монанди риё, ҳамчуноне ки дар ҳадиси Маҳмуд ибни Лабиди Ансорӣ ва ҳадиси Абӯсаъид зикр шуд. Ва Аллоҳ тавфиқдиҳанда аст.

Ақсоми ҳаромшудаҳо:

Ширки акбар: Ин болотарини онон аст.

Ширки асғар: Ин аз ширки акбар пасттар ва аз гуноҳони кабира бузургтар аст.

Гуноҳони кабира: Ва он ҳар гуноҳест, ки бар он уқубати хоссе тартиб дода шудааст, аз лаънат, ё рондан, ё безорӣ аз фоили он, ё ин ки ӯ аз кофирон, ё мушрикҳост, ё мӯъмин нест, ё ба зиштарини ҳайвонҳо ташбеҳ шудааст.

Гуноҳони хурд: Ва он ҳар чизест, ки шаръ онро ҳаром гуфта ва бар асоси он уқубати хоссе тартиб дода нашудааст.

Гуноҳони кабира:

Адади он: Шуморида нашудааст, локин он ба қоидаи дар боло зикршуда маҳдуд аст.

Ҳукми фоили он:
-Мӯъмини камимон, ё ба имонаш мӯъмин, ба гуноҳи кабирааш фосиқ аст.
-Ба қадри имондорияш дӯст дошта мешавад ва ба қадри гуноҳи кабирааш бад дида мешавад.
-Дар вақти гуноҳи кабираро анҷом доданаш бо ӯ нишаста намешавад.

Мартабаҳои он: Гуногун мебошад, аз рӯи фармудаи Паёмбар ﷺ: "Оё шуморо ба бузургтарини гуноҳҳо хабар насозам...".
Ҳадиси муттафақун алайҳ аст.

Ҳукми он: Бояд аз он тавба намояд, аз рӯи фармудаи Паёмбар ﷺ:" Зани навҳагар ҳаргоҳ пеш аз маргаш тавба накунад...". (Ривояти Муслим) ва дар ҳадиси дигар мефармояд:"...ҳаргоҳ аз гуноҳони кабира парҳез намояд...". (Муслим)

Фарқ дар байни ширки асғар ва акбар:

Ширки акбар:

1-Аз дин хориҷ мекунад.
2-Ҳамаи амалҳоро бекор мекунад.
3-Сабаби ҳамеша дар оташи Ҷаҳаннам мондан аст.
4-Хун ва молро аз ҷониби султон мубоҳ месозад.
5-Ҳаргоҳ далеле далолат кунад, ки он ширки акбар аст.
6-Эътиқод намояд, ки барои сабаб дар олам тасарруфи пӯшида аст.
7-Агар бар он бимирад, бахшида намешавад.
8-Ҳаргоҳ аз ширк тавба кунад, Аллоҳ тавбаашро мепазирад, магар дар ду мавзеъ: Баромадани офтоб аз офтобшин ва дар вақти ғарғара ва он ҳозир шудани вафот аст.

Ширки асғар:

1-Аз доираи дин хориҷ намесозад.
2-Ҳамаи амалҳоро бекор намекунад, локин он амали хосро бекор мекунад.
3-Сабаби ҳамеша дар оташи Ҷаҳаннам мондан намебошад.
4-Хуну молро мубоҳ намесозад.
5-Далел ояд, ки он ширки асғар аст.
6-Он чизеро, ки Аллоҳ сабаб қарор надодааст, сабаб қарор диҳад.
7-Ҳар чизе ки васила ба сӯи ширки акбар бошад, пас он ширки асғар мебошад.
8-Бар ҳар чизе ки шариат ширк, ё куфр гуфта ва ба (алифу ломи) таъриф муарраф нашуда аст, пас он ширки асғар аст, модоме ки далелҳо бар ширки акбар будани он далолат накунанд.

Дарси панҷум

Эҳсон

Рукни эҳсон ва он ин аст, ки Аллоҳро бипарастӣ, гӯё ту Ӯро мебинӣ, пас агар ту Ӯро набинӣ, пас ҳамоно Ӯ туро мебинад.

Эҳсон як рукн дорад ва дар зери он ду мартаба мебошад:

Ибодати мушоҳада:

Ва он ибодати рағбат, дӯст доштан ва шавқ доштан дар он чизе ки дар назди Аллоҳ субҳонаҳу ва таъоло аст ва ин ибодати анбиё ва расулон мебошад, монанди фармудаи Ӯﷺ: "Оё бандаи сипосгузор набошам", пас барангезанда барои ибодат рағбат ва дӯсту шавқ доштан ба он чизе ки дар назди Аллоҳ аст бо ҳамроҳи хавф (тарс) мебошад.

Ибодати муроқаба:

Ва он ибодати хавф (тарс) ва гурехтан (аз азоби илоҳӣ) аст ва аз он мусалмон хориҷ намешавад.

Саволҳо оиди мавзӯи тавҳид

1-Мартабаҳои дин чандтост? О Се О Ду О Панҷ.
2-Асосҳои Ислом чандтост? О Панҷ. О Шаш. О Ҳафт.
3-Мартабаи Ислом аз имон болотар аст. (Дуруст-хато)
4-Рукнҳои шаҳодати ихлос чандтост? О Ҳафт. О Ҳашт. ОДу.
5-Адади шартҳои (Ло илоҳа иллаллоҳ) чандтост?
О Ҳашт. О Ҳафт. О Панҷ.
6-Илм аз шартҳои (Ло илоҳа иллаллоҳ) аст ва маънои он: О Дарк кардани ҳақиқати шайъ. О Маъбуди барҳаққе ҷуз Аллоҳ нест.
7-Агар дар куфри касе, ки даъват бар ӯ расида ва имон наовардааст шак намояд, пас ҳукми ӯ: О Ин ки ӯ кофири куфри акбар шудааст. О Ҳаргоҳ яқин бузургтар аз шак бошад, пас албатта ӯ кофир намешавад.
8-Қабул аз шартҳои (Ло илоҳа иллаллоҳ) аст ва мақсад ба он қабул кардан ба: О Сухан. О Феъл. О Эътиқод доштан. О Ҳамаи зикршудаҳо.
9-Риё (худнамой) дар (Ло илоҳа иллаллоҳ) монанди риёи дар садақа аз ҷумлаи ширки асғар аст. (Дуруст-хато)
10-Касе ба забонаш:(Ло илоҳа иллаллоҳ) бебоварии қалб гӯяд, пас он:О Яктопараст аст. О Мусалмони ғайри мӯъмин аст. О Кофири куфри акбар аст. О Имон заиф аст.
11-Агар Паёмбарро монанди муҳаббати Аллоҳ баробар дӯст дорад: О Кофири куфри акбар аст. О Кофири куфри асғар аст. О Муртакиби гуноҳи кабирае аз кабираҳо шудааст.
12-Ақсоми муҳаббат чандто аст? О Чор. О Се. О Ду.

13-Муҳаббати дар роҳи Аллоҳ барои амал, амалкунанда, замонҳо ва маконҳо мебошад. (Дуруст-хато)

14-Муҳаббати бо Аллоҳ ҳукми он ин аст: O Ширки асғар. O Воҷиб. O Ширки акбар.

15-Ҳукми муҳаббат дар роҳи Аллоҳ ин аст: O Ҷоиз. O Воҷиб. O Ширки акбар.

16-Ақсоми бандагӣ чанд аст? O Ду. O Се. O Чор.

17-Ҳамаи халқ барои Аллоҳ бандаанд, бандагии қаҳр ҳатто кофирҳо. (Дуруст-хато)

18-Агар (Ло илоҳа иллаллоҳ) гӯяд ва тамоман амал накунад, намоз нахонад ва ягон ибодатро бачо наорад, пас албатта он: O Ӯро фоида медиҳад. O Ӯро фоида намедиҳад.

19-(Банда ва расули Ӯ) дар ду шаҳодат, яъне бандае, ки парастида намешавад ва расулест, ки дурӯғгӯ карда намешавад. (Дуруст-хато)

20-Дар гувоҳии (ин ки Муҳаммад банда ва расули Ӯст) итоати Ӯ дар чизе амр карда ва тасдиқи Ӯ дар он чизе хабар додааст.....
.....ин эътибор дода мешавад: O Маънои он. O Талаботҳои он.

21-Касе барои Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам чизе аз хусусиятҳои парвардигориро қарор диҳад, гувоҳӣ ба бандагии Ӯ надодааст. (Дуруст-хато)

22-Олитарин васф барои Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам будани Ӯ: O Расулуллоҳ. O Банда ва расули Ӯ. O Хатмкунандаи паёмбарон.

23-Касе дар Ислом бидъате орад, онро накӯ бидонад, пас чунин гумон кардааст, ки Муҳаммад саллаллоҳу алайҳи ва саллам дар расондани рисолат хиёнат кардааст, зеро Аллоҳ таъоло мефармояд: "Имрӯз барои шумо динатонро комил кардам", пас он чизе ки дар он рӯз дин набуд, пас имрӯз ҳам дин нест". Ин сухани: O

Шайхи Ислом ибни Таймия раҳимаҳуллоҳ. О Имом Молик раҳимаҳуллоҳ. О Имом ибни Боз раҳимаҳуллоҳ аст.

24-Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам аз фарзандони паёмбар: О Исҳоқ алайҳис салом О Исмоил алайҳис салом аст.

25-Ҷойҳои холиро пур кунед:Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам таваллуд шуд дар соли.....дар шаҳри.....ва умри Ӯ.....аз ҷумлаи он.....пеш аз паёмбарӣ ва.....набию расул буд, ба.....набӣ шуд ва ба.....расул шуд.

26-Ӯ саллаллоҳу алайҳи ва саллам фиристода шуд ба сӯи: О Қавмаш. О Инс. О Ҷинну инс.

27-Меъроҷ сафари Ӯ саллаллоҳу алайҳи ва саллам аз Макка ба сӯи Байтулмақдис аст. (Дуруст-хато)

28-Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам ҳиҷрат кард ба сӯи: О Тоиф О Ҳабаша О Мадина О Ҳамаи зикршудаҳо.

29-Муҳимтарин ғазваҳои Ӯ саллаллоҳу алайҳи ва саллам чандтост? О Якто О Дуто О Сето О Чорто О Панҷто.

30-Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам чанд фарзанд дошт? О Сето О Чорто О Ҳафто.

31-Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам ҳаққи видоъ намуд ва ин далолат мекунад бар ин ки Ӯ пеш аз ин ҳаҷ кардааст. (Дуруст-хато)

32-Омӯхтани саргузашти Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам: О Воҷиб О Мустаҳаб О Ҷоиз.

33-Ҷойҳои холиро пур кун:Имон аз рӯи шариат:Он ба..... гуфтан ва ба.....эътиқод доштан ва ба.....амал кардан, ба .....зиёд мешавад ва ба .....кам мешавад.

34-Аркони имон чандто аст? О Шашто О Панҷто О Чорто.

35-Имони ба Аллоҳ, имон доштан ба чанд амрро лозим мегирад, он чанд амр аст? О Чорто О Сето О Дуто.

36-Далелҳо бар вуҷуди Аллоҳ ба таври муҷмал:O Чорто аст. O Ҳасри он имкон надорад.

37-Микоил ҳамон малоикаи вазифадоршуда ба қатраи борон аст. (Дуруст-хато)

38-Фарзанди Одам дорои қалб аст ва малоикаҳо қалб надоранд. (Дуруст-хато)

39-Китобҳое, ки номҳояшро медонем, чандтост? O Шашто O Чорто O Ҳафто O Бисёр аст.

40-Аллоҳ субҳонаҳу ва таъоло бар ҳар набӣ китобе нозил карда аст. (Дуруст-хато)

41-Аввали расулон Одам алайҳис салом аст. (Дуруст-хато)

42-Муҳаммад саллаллоҳу алайҳи ва саллам расул асту набӣ нест. (Дуруст-хато)

43-Улулазми расулон чанд нафар аст? O Панҷто O Чорто O Бисёр аст.

44-Имони ба рӯзи охират ҳамаи чизеро, ки баъди мавт то хестани мардум аз қабрҳояшонро дарбар мегирад. (Дуруст-хато)

45-Имони ба қазову қадар дорои мартабаҳост, он чандто аст?

O Чорто O Панҷто O Сето.

46-Оё Аллоҳ ҳодисаҳоро пеш аз рӯх доданаш, медонад? (Оре-не)

47-Оё ҳар он чизеро, ки мардум мекунад Аллоҳ онро медонад? (Оре-не)

48-Оё ҳар он чизеро, ки мардум мекунад, Аллоҳ онро навистааст? (Оре-не)

49-Банда машият ва иродаи мустақил дорад, чизе мехоҳад, мекунад. (Дуруст-хато)

50-Оё феълҳои бандагон махлуқ аст? (Оре-не)

51-Тавҳид тақсим мешавад ба: O Ду қисм. O Се қисм. O Дар ин муноқаша нест.

52-Панҷ фарқ дар байни ширки акбар ва ширки асғар зикр кун:

1.....

2.....
3.....
4.....
5.....

53-Панҷ мисол барои ширки акбар ва ширки асғар зикр кун:

Ширки акбар	Ширки асғар
.....	.....
.....	.....
.....	.....
.....	.....
.....	.....

54-Нифоқи эътиқодӣ ширки асғар аст, аз доираи дин хориҷ намекунад. (Дуруст-хато)

55-Эҳсон дарбар мегирад: O Як рукн. O Ду рукнро.

Дарси шашум

Шартҳои намоз

Шартҳои намоз нуҳто аст: 1-Ислом. 2-Ақл. 3-Фарқ кардан. 4-Дур кардани бетаҳоратӣ. 5-Дур кардани наҷосат (палидӣ). 6-Сатри аврат. 7-Дохил шудани вақт. 8-Рӯ ба қибла овардан. 9-Ният.

Шарти аввал: Ислом

Ва зидди он куфр аст, пас агар шахсе ки Парвардигорро дашном медиҳад, ё ибодатеро барои ғайри Аллоҳ сарф мекунад, намоз хонад пас намози ӯ ботил аст, магар вақте ки ба сӯи Аллоҳ субҳонаҳу ва таъоло тавба кунад.

Шарти дуввум: Ақл

Ва зидди он девонагӣ аст ва масти аз боби авлост.

Шарти сеюм: Фарқ намудан

Ва маъноях ба балоғат расидан нест, локин маъноях дар байни ашё фарқ гузоштан аст, яъне:Савол ва ҷавобро бидонад ва барои он синни муайяне нест ва локин ғолибан бачаи ҳафтсола фарқ мекунад. Кай намози хӯрдсол дуруст мешавад? Ҳаргоҳ байни ашё фарқ кунад, яъне саволу ҷавобро бидонад ва масалан дар миёни обу оташ фарқ намояд вагарна намозаш ботил аст.

Шарти чорум: Дур кардани бетаҳоратӣ ва зери он дохил мешавад:

Бетаҳоратии бузург: Бо ғусл кардан бартараф мешавад.

Бетаҳоратии хӯрд: Ба обдаст бартараф мешавад.

Шарти панҷум: Дур сохтани наҷосат аз бадан, гӯшаи замин ва либос аст, пас агар намоз гузорад ва бар ӯ наҷосат бошад, онро бидонад, бар дур кардани он тавоно бошад, он дар хотираш бошад, пас намозаш ботил аст ва дур сохтани наҷосат ба се қисм тақсим мешавад:

Хело қабеҳ:
Он наҷосати саг аст, Паёмбар ﷺ ба шустани зарф, ҳаргоҳ саг аз он билақад амр карда аст, ҳафт бор шуста шавад, бори аввалаш бо хок бошад. Инро Муслим ривоят кардааст.

Сабук:
Танҳо бо пошидани об бечафидан дур карда мешавад ва ин барои писарбачае, ки таом намехӯрад ва мазӣ ва манӣ мебошад, бо вуҷуде ки манӣ тоҳир аст, магар ки Паёмбар ﷺ ҳаргоҳ он тар мебуд, об мепошид ва ҳаргоҳ хушк мебуд, онро мехарошид.

Миёна:
Ба шустан дур мешавад ва он пошидани об бо ҷафидан аст ва барои ғайри наҷосати сахт ва миёна мебошад, монанди пешоби мард, зан ва ғайри ин аз наҷосатҳо мебошад.

Чизҳои наҷис (палид)

Пешоб ва пасафкандаи одамӣ ва пешобу пасафкандаи ҳайвоне ки гушташ хӯрда намешавад ва дарандагон ҳамаашон наҷис аст ба ҷуз он чизе ки аз он эҳтироз кардан машаққат меорад, монанди гурба, хачир ва хар ва хуни масфӯҳ, он хунест, ки пас аз куштани ҳайвон ҷорӣ мешавад ва хуне ки аз ду роҳ (пешу пас) хориҷ мешавад ва худмурдаҳо ба ҷуз майтаи одамӣ ва он чизе ки хуни равон надорад ва майтаи баҳр ва малах.

Шарти шашум: Пӯшондани аврат
Ва авратҳо сето аст:

Сабук:
Ва он аврати мард, писари ҳафтсола то даҳсола, шарт аст, ки олатҳои таносулӣ (пеш ва пас) пӯшонида шавад.

Вазнин:
Ва он аврати зани озоди болиғ аст, бар он лозим аст, ки ҳамаи баданро ба ҷуз рӯ бипӯшонад ва бар он лозим аст, ки дар вақти ҳузури бегонагон рӯяшро бипӯшонад.

Миёна:
Ва он барои ғайри инҳост ва пӯшондани байни ноф то зону шарт аст, бо мустаҳаб будани сатри китфҳо ва комилан зиннат гирифтан аст.

Шарти ҳафтум: Даромадани вақт

Пас намоз пеш аз вақт дуруст намешавад ва на баъд аз вақт, магар вақте ки бо ғайраш барои узре ҷамъ карда шавад. Пас агар қасдан намозро аз вақташ дер кунад, гунаҳгор мешавад.

Шарти ҳаштум: Рӯ ба қибла овардан

Ва аз ин ҳукм намози нафл дар сафар истисно мешавад, пас ҳамоно мусофир ба ҷиҳате ки саворияш рӯ меорад, намози нафлро мехонад ва монанди он дар замони мо намоз хондан дар ҳавопаймо аст. Ва касе ки аз рӯ овардани қибла оҷиз меояд, ё аз душмане тарс дорад, истисно мешавад.

Шарти нуҳум: Ният

Ва ҷои ният қалб аст ва онро ба забон гуфтан бидъат аст ва агар пеш аз намоз ба андак вақте ният кунад, ё танҳо фарзи вақтро ният кунад, намозаш дуруст мешавад.

Танбеҳҳои муҳим:

1-Дар тарки шарт ҷаҳл, фаромушӣ ва қасдан қабул намешавад, магар ҳаргоҳ намоз гузорад ва бар ӯ наҷосат бошад аз рӯи ҷаҳл ё фаромушӣ, пас намозаш дуруст аст, зеро ин аз ҷумлаи тарк аст на аз феъл.

2-Шартҳо берун аз ибодат ва муқаддам бар он мебошад ва будани он то охири ибодат ҳатмӣ аст.

Дарси ҳафтум

Аркони намоз

Намоз дорои чаҳордаҳ рукн аст: 1-Рост истодан ба ҳамроҳи тавоноӣ. 2-Такбири эҳром (Аллоҳу акбар гуфтан). 3-Хондани сураи Фотиҳа. 4-Рукӯъ. 5-Ором гирифтан баъд аз рукӯъ. 6-Бар ҳафт аъзо саҷда кардан. 7-Аз саҷда хестан. 8- Дар байни ду саҷда нишастан. 9-Дар ҳамаи амалҳои намоз ором гирифтан. 10-Дар байни рукнҳо тартибро риоя кардан. 11-Аттаҳиёти охир. 12-Барои он нишастан. 13-Бар Паёмбар ﷺ салавот фиристодан. 14-Ду тараф салом додан.

Рукни аввал: Рост истодан дар сурати тавоноӣ

Дар намозҳои фарз:

Рост истодан дар намозҳои фарз рукн аст ва дар сурати тамоман тавоноӣ надоштан соқит мешавад, ё ба истодан тавоноӣ дорад, дар ҳоле ки хушӯъ аз байн меравад. Ва агар ба рост истодан қудрат дошта бошад ва агарчи каме ҳам бошад, рост меистад.

Дар намозҳои нафл:

Намози нафлро нишаста бихонад дуруст мешавад, лекин нисфи аҷри ростхонро мегирад, ё ба паҳлу бихонад ва барои ӯ нисфи аҷри касест, ки нишаста мехонад.

Рукни дуввум: Такбири эҳром

Ва ҷоиз намешавад, магар ба лафзи "Аллоҳу акбар" гуфтан.

Рукни сеюм: Хондани сураи Фотиҳа

Хондани сураи Фотиҳа дар ҳамаи ракаатҳои намоз воҷиб аст, хоҳ намози сиррӣ бошад, ё ҷаҳрӣ, хондани пурра бо-тартиби оятҳо, ҳаракатҳо, калимаҳо ва ҳарфҳояш ва агар имомро дар рукӯъ дарёфт, хондани Фотиҳа соқит мешавад.

Рукни нуҳум: Оромӣ дар ҳамаи амалҳои намоз

Бо гуфтани зикрҳое, ки гуфтани он дар ҳар рукн воҷиб аст, оромӣ ҳосил мешавад.

Танбеҳи муҳим:

Аркон дар дохили ибодат мебошад ва дар тарки рукне аз рукнҳо ҷаҳл, фаромушӣ ва қасдан қабул намешавад ва ба саҷдаи саҳв ҷуброн намешавад ва ба иодаи намози ҳозира амр карда мешавад. Аммо намозҳоеро, ки гузошта аст ва дар онҳо баъзе рукнҳоро тарк карда аст, пас дар онҳо маъзур дониста мешавад, зеро Паёмбар ﷺ касеро, ки намозашро бад хонд, ба иодаи ҳамаи намозҳо амр накард ва ӯро ба иодаи намози ҳозира амр кард, бо вуҷуде ки ӯ дар он тумаънина (ороми)-ро тарк намуд ва он рукн мебошад. Ва Аллоҳ донотар аст.

Дарси ҳаштум

Воҷибҳои намоз

Воҷибҳои намоз ҳашто аст:

1-Ҳамаи такбирҳо ба ҷуз такбири эҳром.

2-"Самиъаллоҳу лиман ҳамидаҳ" гуфтан барои имом ва танҳогузор..

3-"Раббано лакал ҳамд" гуфтан барои ҳама.

4-"Субҳона раббиялъазим" дар рукӯъ гуфтан.

5-"Субҳона раббиялаъло" дар саҷда гуфтан.

6-"Раббиғфирли" дар байни ду саҷда гуфтан.

7-"Аттаҳиёти аввал.

8-"Барои он нишастан.

Танбеҳи муҳим:

Гуфтани "Субҳона раббиялъазим" дар рукӯъ ба ин лафз воҷиб аст, сипас ба он чизе ки дар суннат ворид шуда аст, афзудан мустаҳаб мебошад ва инчунин "Субҳона раббиялаъло" танҳо ба ин лафз гуфтан воҷиб аст, сипас ба он чизе ки дар суннат ворид шудааст, меафзояд.

Дарси нуҳум

Баёни ташаҳҳуд

Ташаҳҳуд ин аст: "Аттаҳиёту лиллоҳи вас салавоту ват тайибот, ассалому алайка айюҳан набию ва раҳматуллоҳи ва баракотуҳ, ассалому алайно ва ало ибодиллоҳис солиҳин, ашҳаду алло ло илоҳа иллаллоҳу ва ашҳаду анна Муҳаммадан абдуҳу ва расулуҳ".

Сипас бар Расулуллоҳ ﷺ салавот ва баракат мефиристад, мегӯяд: "Аллоҳумма салли ало Муҳаммад ва ало оли Муҳаммад камо саллайта ало Иброҳима ва ало оли Иброҳима иннака ҳамидум маҷид ва борик ало Муҳаммад ва ало оли Муҳаммад камо бораката ало Иброҳима ва ало оли Иброҳима иннака ҳамидум маҷид".

Сипас дар ташаҳҳуди охир аз азоби Ҷаҳаннам ва азоби қабр ва аз фитнаи зиндагӣ ва марг ва аз фитнаи масеҳи Даҷҷол ба Аллоҳ паноҳ мебарад. Сипас ҳар дуое, ки бихоҳад мекунад, ба хусус дуоҳое, ки аз Расулуллоҳ ﷺ ворид шудааст, аз ҷумла: "Аллоҳумма аъинни ало зикрика ва шукрика ва ҳусни ибодатика, аллоҳумма инни заламту нафси зулман касиро ва ло яғфируз зунуба илло анта, фағфирли мағфиратан мин индик варҳамни иннака антал Ғафурур Раҳим". Аммо дар ташаҳҳуди аввал, дар намози пешин, аср, шом ва хуфтан баъд аз гуфтани ду шаҳодат барои ракаати сеюм мехезад ва агар ҳам бар Расулуллоҳ ﷺ салавот бифиристад афзал аст, ба хотири умуми ҳадисҳое, ки дар ин маврид омадааст ва сипас барои ракаати сеюм бармехезад.

Дарси даҳум

Суннатҳои намоз

Аз ҷумлаи суннатҳои намоз:

1-Дуои истифтоҳ (калиди намоз).

2-Ҳангоми қиём пеш аз рукӯъ ва баъд аз он, гузоштани кафи дасти рост бар дасти чап, болои сина.

3-Боло бардоштани дастҳо то баробари гушҳо ё шонаҳо дар ҳоле ки ангуштон ба ҳам часпида ва даст комилан рост бошанд. Боло бардоштани дастҳо дар ҳангоми такбири аввали намоз ва ҳангоми рукӯъ ва боло омадан аз рукӯъ ва низ ҳангоми қоим шудан аз ташаҳҳуди аввал барои шурӯъи ракаати сеюм аст.

4-Аз як бор зиёдтар гуфтани тасбеҳҳо дар рукӯъ ва саҷдаҳо.

5-Ҳар чи ки баъд аз боло шудан аз рукӯъ ва гуфтани "Раббано лакал ҳамд" ба ин зикр изофа кунад ва низ ҳар чи ки ба дуои мағфират байни ду саҷда изофа кунад.

6-Дар рукӯъ сарро баробари пушт қарор додан.

7-Дур доштани бозуҳо аз паҳлуҳо ва шикам аз ронҳо ва ронҳо аз соқҳо дар вақти саҷда кардан.

8-Боло нигаҳ доштани соқи даст аз замин дар ҳангоми саҷда кардан. 9-Дар ташаҳҳуди аввал ва низ дар байни саҷдаҳо паҳн кардани пои чап бар рӯи замин ва рост нигаҳ доштани пои рост.

10-Дар ташаҳҳуди охир, дар намозҳои чор ракаата ва се ракаата ба тарзи таваррук нишастан ва он: Бар суринаш (дунбааш) нишастан ва пои чапашро дар зери пои рост қарор додан ва пои ростро рост гузоштан аст.

11-Дар ташаҳҳуди якум ва дуюм аз замоне ки мешинад то охири аттаҳиёт ба ангушти сабоба ишора кардан ва онро дар вақти дуо ҳаракат додан.

12-Салавот фиристодан ва дуои баракат намудан бар Муҳаммад ва хонадони Ӯ ва бар Иброҳим ва хонадони Ӯ дар ташаҳҳуди якум.

13-Дар ташаҳҳуди охир дуо намудан.

14-Дар намози субҳ, ҷумъа, ду ид, намози талаби борон ва дар ду ракаати аввали намози шом ва хуфтан ба овози баланд қироат кардан.

15-Дар намози пешин, аср ва дар ракаати сеюми шом ва дар ду ракаати охири намози хуфтан паст қироат кардан.

16-Аз сураи Фотиҳа беш аз сураҳои Қуръон хондан.

Бо риоя кардани боқии он чизе ки аз суннатҳо дар намоз ворид шудааст ба ғайри он чизе ки зикр кардем. Ва аз ҷумлаи он: Он чизе ки бар гуфтаи намозгузор: "Раббано лакал ҳамд" баъд аз хестани аз рукӯъ дар ҳаққи имом, қавм ва танҳогузор зиёд мешавад, пас албатта он суннат аст. Ва низ аз суннатҳои намоз ин аст, ки: "Дар ҳангоми рукӯъ ду дастро бар зонуҳо гузоштан, дар ҳоле ки ангуштони дастҳо кушода бошад.

Дуои истифтоҳ: Дуои истифтоҳ баъд аз такбири эҳром (Аллоҳу акбар) мебошад ва он дуоҳоест, ки аз Паёмбар ﷺ омадааст, монанди фармудаи Ӯ ﷺ:"Аллоҳумма боъид байни ва байна хатоё камо боъадта байнал машриқи вал мағриб. Аллоҳумма наққини мин хатоёя камо юнаққас савбул абязу минад данас. Аллоҳуммағсилни мин хатоёя бис салҷи валмои вал барад" ва ё "Субҳонакаллоҳумма ва биҳамдика ва таборакасмука ва таъоло ҷаддука ва ло илоҳа ғайрук" мебошад.

Дарси ёздаҳум

Ботилкунандаҳои намоз

Ботилкунандаҳои намоз ҳашто аст:

1-Бо вуҷуди ёд доштан ва донистан қасдан гап задан, аммо касе фаромуш кард ва надониста гап зад, пас намозаш ботил намешавад. 2-Хандидан. 3-Хӯрдан. 4-Нӯшидан. 5-Кашф шудани аврат. 6-Аз ҷиҳати қибла бисёр кач шудан. 7-Беҳудагии бисёр пай дар пай дар намоз. 8-Шикастани таҳорат.

Ботилкунандаи якум: Бо вуҷуди ёд доштан ва донистан қасдан гап задан, аммо касе фаромуш кард ва надониста гап зад, пас намозаш ботил намешавад.

Ҳолатҳои ҳаракат дар намоз

Ҳаракати ҳаром ва он ҳаракати зиёде аст, ки паи ҳам бошад ва ҳоҷате ба он надошта бошад, монанди хӯрдан.	Ҳаракати макрӯҳ ва он ҳаракати каме аст, ҳоҷате ба он надошта бошад, монанди каме ба инсу ва онсу илтифот кардан.	Ҳаракати мубоҳ ва он ҳаракате аст, ки ба хотири ниёз аст, монанди хоридани риш.	Ҳаракатҳои мустаҳаб: Ҳаракате аст, ки камоли намоз ба он вобастагӣ дорад, монанди пур кардани ҷойҳои холӣ дар байни сафи намозгузорон.	Ҳаракати воҷиб, ки дуруст шудани намоз ба он вобастагӣ дорад, монанди аз байн бурдани наҷосат.

Танбеҳи муҳим

Шартҳои намоз, рукнҳо, воҷибҳо ва суннатҳои он баён шуд, пас фарқ дар байни онҳо чист?

Шарти намоз	Рукн	Воҷиб	Суннат
Хориҷ аз моҳияти ибодат аст	Дар моҳияти ибодат дохил ҳастанд.		
Дар тамоми ибодат истимрор дорад.	Мақсур бар ҷузъе аз ҷузъҳои ибодат ҳастанд.		
Дар шарт ва рукн инсон маъзур ба ҷаҳл, фаромушӣ ва қасд намебошад.		Дар воҷиб ба ҷаҳл ва фаромушӣ маъзур аст на дар қасдан	Дар суннат инсон маъзур ба ҷаҳл, фаромушӣ ва қасд мебошад.
Шарт агар тарк шавад, саҷдаи саҳв надорад.	Рукн агар тарк шавад ба саҷдаи саҳв ҷуброн намешавад	Воҷиб агар тарк шавад бо саҷдаи саҳв ҷуброн мешавад.	\

Саҷдаи саҳв

Саҷдаи саҳв се сабаб дорад:

Зиёд кардан:
Масалан инсоне рукӯъ ё саҷда, ё рост истодан, ё нишастанро зиёда бар он чи ки ҳаст анҷом диҳад.

Кам кардан:
Монанди ин ки инсон воҷибе аз воҷибҳои намозро кам кунад ва ҷои он фавт шавад.

Шак кардан:
Монанди ин ки намозгузор дудила шавад, ки чанд ракаат хонда, се ракаат ё чор ракаат хонда бошад. Ва ин шак ду навъ аст:

Шакке ки баъд аз тамом шудани ибодат ҳосил мешавад, ба чунин шак тамоман илтифот карда намешавад, то ки яқин ҳосил шавад.

Шакке ки дар дохили ибодат ҳосил мешавад, агар бисёр бошад ба он таваҷҷуҳ намешавад ва агар кам бошад, бар он чи бино мекунад, ки дар назди худаш роҷех аст, пас агар дар наздаш ҳар ду амр баробар бошад, бар камтар бино месозад.

Мулоҳаза:

-Замоне ки намозгузор дар мавриди саҳв, низ дучори саҳв шуд, чизе бар ӯ нест ва намозаш дуруст аст.

-Замоне ки намозгузор рукнеро тарк кард, намозаш саҳеҳ нест, то ин ки он рукн ва баъди онро анҷом дода ва дар охир саҷдаи саҳв кунад.

-Замоне ки намозгузор воҷиберо саҳван тарк кунад ва маҳали он воҷиб гузашта бошад, саҷдаи саҳв мекунад.

Хулосаи сифати намоз ҳамроҳ бо акс

-Беҳтар ин аст, ки мусалмон дар хонааш таҳорат кунад ва беҳтарин либосҳояшро бипӯшад.

-Сипас ба тарафи масҷид биравад ва дар роҳи рафтан ба масҷид дар ҳаракатҳояш оромиш ва дар зоҳираш виқор дошта бошад, яъне саросема наравад, ё надавад, ё зиёд ба ин тараф ва он тараф нигоҳ накунад, ё овозашро баланд набарорад.




-Пас, замоне ки ба масҷид расид, кафшҳояшро бароварда ва онҳоро дар ҷойҳои махсусшуда бигузорад ва ҳамроҳи кафшҳо дунёро низ бигузорад, пас дар масҷидҳо хариду фуруш ва эълони чизи гумшуда ҳаром аст.

-Ва ҳангоми дохил шудани масҷид, пои ростро пеш гузошта ва мегӯяд: "Бисмиллоҳ вас салоту вас салом ало Расулиллоҳ, аллоҳуммафтаҳ ли абвоба раҳматика" ва дар вақти баромадан аз масҷид мегӯяд: "Бисмиллоҳ вас салоту вас салому ало Расулиллоҳ, аллоҳумма инни асъалука мин фазлика".

-Ва мардон дар саффи аввал меистанд ва занон дар сафҳои охир.

-Агар намоз иқома шуда буд, такбири эҳром гуфта ва бо имом вориди намоз мешавад, бар ҳар ҳоле ки имом буд ва ракаат замоне ҳисоб мешавад, ки ба имом дар қиём, ё дар рукӯъ бипайвандад, сипас ҳангоме ки имом салом дод, ракаатҳоеро, ки дарёб накардааст, мехонад.

-Агар дохили масҷид шуд ва ҳануз намоз иқома нашуда буд, намози суннати пеш аз фарзро мехонад, агар намозе бувад, ки суннати пеш аз фарз надошт, пеш аз ин ки бишинад, намози таҳияи масҷид мехонад.

-Бо нигоҳ кардан ба соат, ё уҳ-уҳ кардан барои барпо шудани намоз, ба ҳурмати масҷид таҷовуз накунад.

-Суннат аст, ки имом ва танҳогузор ба сӯи сутра намоз бихонанд ва сутраи имом барои касоне ки пушти сараш намоз мехонанд, низ сутра аст.







-Байни қадамҳояшро ҳамонанди байни китфҳояш қарор медиҳад, на бештар ва на камтар ва беруни поҳояшро рост мекунад.










-Баъд аз ин ки шартҳои намозро ба ҷо орад, ҳамроҳ бо боло бардоштани дастҳо, мегӯяд: "Аллоҳу акбар" ва ангуштони дастҳоро дар ин ҳангом ба ҳам часпонда ва дасташро то рости китф, ё гушҳо боло мебарад ва кафи дасташро тарафи қибла мегирад.



-Сипас дасти росташро бар пушти дасти чап ва банд ва соиди он мегузорад, ё мебандад.



-Нигоҳашро дар ҷои саҷда қарор медиҳад ва ба тарафҳо таваҷҷӯҳ намекунад.




-Сипас мустаҳаб аст, ки фақат дар ракаати аввал баъд аз такбири эҳром, дуои истифтоҳро бихонад. Ва беҳтар ин аст, ки ҳар бор яке аз дуоҳое ки аз Расулуллоҳ ﷺ дар истифтоҳ омадаро бихонад.

-Сипас ба он чи ворид шуда аст истиъоза мехонад, мегӯяд: "Аъузу биллоҳи минаш шайтонир раҷим".

-Сипас бисмиллоҳ мегӯяд: "Бисмиллоҳир Раҳмонир Раҳим".


-Сипас сураи Фотиҳаро комил ботартиб ба ҳаракатҳо, калимаҳо, ҳарфҳо ва оятҳояш мехонад.

-Сипас ҳар қадар аз Қуръон, ки муяссар бошад беистиъоза мехонад ва фақат дар аввали сураҳо бисмиллоҳ мегӯяд.

-Сипас дастонашро ҳамонгуна ки дар такбири эҳром боло мебардошт боло бардошта дар ҳоле ки Аллоҳу акбар мегӯяд, ба рукӯъ меравад.

-Ва зонуҳояшро меқапад ва оринҷҳояшро қад намекунад ва пуштро ҳамроҳи сараш баробар қарор медиҳад.

-Ва аз рӯи воҷиб будан як бор "Субҳона раббиял азим" мегӯяд ва мустаҳаб аст, ки ба он чизе ки ворид шудааст, зиёд намояд.



-Сипас ҳамроҳ бо рост шудан аз рукӯъ ва пеш аз ин ки комилан биистад бо бардоштани дастҳо то баробари гушҳо ё китфҳо мегӯяд: "Самиъаллоҳу лиман ҳамидаҳ".

-Замоне ки комилан истод, мегӯяд:"Раббано ва лакал ҳамд" ва мустаҳаб аст, ки лафзҳои дигаре ки ворид шудааст низ зиёда аз он бигӯяд.

-Сипас бе бардоштани дастҳо, такбир гуфта ва бар ҳафт узви худ, яъне пешонӣ, бинӣ, ду кафи даст, ду зону ва кафи ангушт-тони по саҷда мекунад.

-Дар саҷда, бозуҳои худро аз паҳлуҳо ва ронҳоро аз шикам ва соқи худ дур карда ва соъиди худро аз замин боло мегирад.



-Ва як бор аз рӯи воқиб будан "Субҳона раббиял аъло" мегӯяд ва мустаҳаб аст, ки ба он чи ворид шудааст, зиёд намояд ва метавонад ба он чизе дӯст медорад, дуо кунад.

-Сипас такбир мегӯяд ва бар пои чапаш дар ҳоле ки он хобондашудааст менишинад ва пои ростро рост мегузорад ва шиками ангуштони пои ростро бар замин мегузорад ва ангуштони онро ба тарафи қибла қарор медиҳад ва шиками кафи дастонро бар охири ронҳо мегузорад. Ин тарз нишастан дар ҳамаи нишастҳои намоз аст, ба ҷуз се ракаата ва чор ракаата дар ташаҳҳуди охир ба тарзи таваррук менишинад, интавр ки пои чапашро дар зери соқи пои рост қарор медиҳад.



-Сипас такбир гуфта ва монанди саҷдаи аввал саҷда мекунад.

-Сипас такбир гуфта ва барои ракаати дуввум мехезад ва ҳамон корҳоеро, ки дар ракаати аввал анҷом дод, анҷом медиҳад, магар ки дар ракаати дуввум такбири эҳром ва дуои истифтоҳ вуҷуд надорад.

-Ҳангоме ки аз саҷдаи дуввум дар ракаати дуюм хест, барои ташаҳҳуд менишинад.

-Дар ташаҳҳуд бо ангушти сабоба ишора карда ва нуки ангушти миёна ва ибҳомро ба ҳам мечаспонад ва дар ҳангоми дуо дар ташаҳҳуд, ангушти сабобаро ҳаракат медиҳад.

-Хондани ташаҳҳуд воҷиб аст, онро мехонад.

-Пас агар намоз ду ракаата бошад, дар ташаҳҳуд салавоти Иброҳимӣ фиристад ва аз чаҳор чиз ба Аллоҳ паноҳ мебарад: "Эй Аллоҳ ба Ту аз азоби Ҷаҳаннам паноҳ мебарам ва ба Ту аз азоби қабр паноҳ мебарам ва ба Ту аз фитнаи масеҳи Даҷҷол паноҳ мебарам ва ба Ту аз фитнаи зиндагӣ ва марг паноҳ мебарам". Ва ҳар дуои дигаре, ки дӯст дорад, мекунад. Ва беҳтар ин аст дуое кунад ки дар суннат омада аст ва ҳамроҳ бо он бигӯяд: "Эй Аллоҳ маро бар зикрат ва шукрат ва нек ибодат карданат ёрӣ бидеҳ".



Сипас ба тарафи рост ва чапи худ салом медиҳад ва фақат сари худро беҳаракат додани китфҳояш ба тарафи рост ва чап мегардонад ва бе ин ки сари худро боло ва поён барад, ё ин ки бо дастонаш ишора кунад.



-Агар намоз се ё чор ракаата бошад, баъд аз хондани ташаҳҳуди аввал мехезад. Албатта, хондани салавоти Иброҳимӣ дар ташаҳҳуд, мустаҳаб аст.

-Такбир гуфта ва ракаати сеюмро хонда ва агар намоз се ракаата аст, барои ташаҳҳуд менишинад ва агар чаҳор ракаата аст, ракаати чорумро низ мехонад ва сипас барои ташаҳҳуди охир менишинад.

-Ташаҳҳудро хонда ва салавоти иброҳимиро мехонад ва аз чаҳор чиз ба Аллоҳ паноҳ мебарад: "Эй Аллоҳ ба Ту аз азоби Ҷаҳаннам паноҳ мебарам ва ба Ту аз азоби қабр паноҳ мебарам ва ба Ту аз фитнаи масеҳи Даҷҷол паноҳ мебарам ва ба Ту аз фитнаи зиндагӣ ва марг паноҳ мебарам ". Ва ҳар дуои дигаре, ки дӯст дорад, мекунад. Ва беҳтар ин аст дуое кунад ки дар суннат омада аст ва ҳамроҳ бо он бигӯяд: "Эй Аллоҳ маро бар зикрат ва шукрат ва нек ибодат карданат ёрӣ бидеҳ".

-Агар намози фарз мехонад, хондани азкори воридаи баъд аз намоз, барояш мустаҳаб аст.

-"Астағфируллоҳ, астағфируллоҳ, астағфируллоҳ, аллоҳумма антас салом ва минкас салом, табораkта ё залҷалоли вал икром".

-Сипас мегӯяд: "Субҳоналлоҳ валҳамду лиллоҳ ва Аллоҳу акбар" ва ҳар кадомро сивусе бор мегӯяд, ки ҷамъ наваду нуҳ бор мешавад ва садумро ба гуфтани: "Ло илоҳа иллаллоҳ ваҳдаҳу ло шарика лаҳ, лаҳул мулку ва лаҳул ҳамд ва ҳува ало кулли шайъин қадир", ба поён мерасонад.

-Сипас Ояталкурсӣ мехонад: "Аллоҳу ло илоҳа илло ҳувал ҳайюл қайюм....." то охир. Сипас сураи Ихлос:"Қул ҳуваллоҳу аҳад. Аллоҳус самад. Лам ялид ва лам юлад ва лам якул лаҳу куфуван аҳад" ва сураи Фалақ: "Қул аъузу бираббил фалақ...." ва сураи Нос: "Қул аъузу бираббин нос..."-ро мехонад.

Танбеҳи муҳим:

-Қаблан зикр шуд, ки яке аз шартҳои дуруст шудани намоз, пӯшондани аврат аст, ки дар намоз воҷиб аст. Намозгузор бояд ҳазар намояд, то авраташ дар вақти намоз намоён нашавад, ки ба ин хотир намозаш ботил мешавад.




-Ҳаргоҳ як намозгузор ҳамроҳ бо имом намоз хонад, машрӯъ ин аст, ки тарафи рости ӯ биистад ва буҷулаки поҳояшон баробари якдигар бошад, на аз имом пештар биистад ва на ақибтар ва ҳаминтавр дар канори боқии намозгузорон меистад.



Хулоса дар бораи намоз

Ном	Ҳукм	Вақт	Адад	Сифат
Намози ҷумъа	Фарз	Вақти намози пешин	Ду ракаат	Намози ҷумъа бо овози баланд ва бо се марду аз он бештар бо ҷамоат хонда мешавад.
Намози кусуф	Фарзи кифоя	Вақти гирифтани офтоб	Ду ракаат	Намози кусуф ҷаҳрӣ буда ва дар ҳар ракаат ду рукӯъ дорад.
Намози витр	Суннати муаккада	Аз баъди хуфтан то субҳ.	Аз як ракаат то 11 ракаат.	-Як ракаат мебошад. -Се ракаат паи ҳам фақат барои ташаҳҳуд дар охир мешинад, ё ду ракаат мехонаду салом медиҳад,

				сипас як ракаат мехонад. -Панҷ ракаат, фақат барои ташаҳҳуд дар охир мешинад. -Ҳафт ракаат, дар ракаати ҳафтум барои ташаҳҳуд мешинад. -Нуҳ ракаат, барои ташаҳҳуд дар ракаати ҳаштум мешинад ва барои ракаати нуҳум бесалом додан мехазад ва дар он ташаҳҳуд мехонад ва салом медиҳад.
Суннати бомдод	Суннати муаккада	Пеш аз фарзи	Ду ракаат	Дар ракаати якум сураи

		бомдод		Кофирун ва дар дуюм сураи Ихлосро мехонад.
Суннати пешин	Суннат	Чор ракаат пеш аз фарз ва ду ракаат баъд аз он	4\2	Ду ракаат-ду ракаат ҷудо хонда мешавад.
Суннати шом	Суннат	Баъд аз фарзи шом	Ду ракаат	Дар ракаати якум сураи Кофирун ва дар дуюм Ихлосро мехонад.
Суннати хуфтан	Суннат	Баъди фарзи хуфтан	Ду ракаат	
Таровеҳ	Суннат	Баъди хуфтан то	Аз ду то даҳ	

		субҳ.	ракаат аст	
Таҳияи масҷид	Воҷиб	Вақти дохил шудани масҷид ва пеш аз нишастан.	Ду ракаат	
Зуҳо (чошт)	Суннат	Аз баланд шудани офтоб то пеш аз завол.	Аз ду то ҳашт ракаат аст	
Истихора	Суннат	Кадом вақте бошад хонда мешавад.	Ду ракаат	Пеш аз салом додан дуои истихораро мехонад.
Намози истисқо	Дар вақти	Аз баланд шудани	Ду ракаат	Дар он монанди такбири ид ҳафт бор

(талаби борон)	ҳоҷат хондан суннат аст	офтоб ба қадри тири найза.		бо ҳамроҳи такбири эҳром дар ракаати якум ва панҷ бор дар ракаати дуюм ғайр аз такбири интиқол такбир мегӯяд.
Намози идҳо	Суннат		Ду ракаат ва ду хутба дорад	Дар он ҳафт бор бо ҳамроҳи такбири эҳром дар ракаати якум ва панҷ бор дар ракаати дуюм ба ғайр аз такбири интиқол такбир мегӯяд.

Вақтҳое ки аз намози нафлҳои мутлақ наҳй шудааст:

1). Аз субҳ то баланд шудани офтоб ба қадри тири найза.
2). Аз намози аср то шиштани офтоб.
3). Аз қоим шудани офтоб дар миёнаи осмон то гаштани завол.

Саволҳо оид ба намоз

1.Шартҳои намоз чандто аст? O Нуҳто. O Ёздаҳто. O Ҳашто.

2. Шарти Ислом дар шартҳои намоз хато аст, зеро ки намоз намегузорад, магар мусалмон. (Дуруст-хато)

3.Тамйиз (фарқ намудан) ҳамон ба балоғат расидан аст. (Дуруст-хато)

4.Дур кардани бетаҳоратӣ бадан, макон ва либосро дарбар мегирад. (Дуруст-хато)

5. Наҷосати хук ҳамон наҷосати:O Вазбин. O Миёна аст.

6.Манӣ наҷис аст барои воҷиб шудани ғусл баъди хориҷ шудани он. (Дуруст-хато)

7. Байни пошидани об ва шустан фарқе нест. (Дуруст-хато)

8. Ҳамаи худмурдаҳо наҷис ҳастанд. (Дуруст-хато)

9. Дар пок кардани наҷосати саг ба ҷуз хок ҷоиз мешавад ва бо поккунандаҳои нав, пок мешавад. (Дуруст-хато)

10. Он чизе ки аз он эҳтироз кардан машаққат меорад, ҳамон чизест, ки бисёр дохилу хориҷ мешавад, пас гоҳо гурба барои баъзеи мардум пок ва барои баъзеи дигар наҷис аст. (Дуруст-хато)

11. Он нафсе ки хуни ҷорӣ надорад, нафс рӯҳ аст. (Дуруст-хато)

12. Хуне ки дар рагҳо боқӣ мемонад: O Наҷис. O Пок аст.

13. Рукнҳои намоз чандто аст? O 14. O 9. O 8.

14. Такбири эҳром ҳамон боло бардоштани дастҳост. (Дуруст-хато)

15. Агар рукнеро фаромушона тарк кунад, пас бар ӯ танҳо саҷдаи саҳв лозим мешавад. (Дуруст-хато)

16. Воҷибҳои намоз чандто аст? O 8 O 14 O 9.

17. Дар саҷдааш:(Суббуҳун қуддусун раббул малоикати вар руҳ) гуфт, замоне ки медонад гуфтани (Субҳона раббиял аъло) як бор воҷиб аст, пас намозаш ботил аст. (Дуруст-хато)

18. Дар намоз гузоштани шиками кафи дасти рост бар пушти кафи дасти чапаш ва дар банд ва соъиди он ҷоиз аст. (Дуруст-хато)

19. Қироати ҷаҳрӣ (баланд) дар ду ракаати аввал, дар намози фарз, ҳаргоҳ дар шаб бошад ва дар ҳар намозе ки ба хотири он иҷтимои ом машрӯъ шудааст, монанди идҳо мебошад. (Дуруст-хато)

20. Ботилкунандаҳои намоз чандто аст? O 8 O 9 O 14.

21. Таваррук дар ташаҳҳуди: O Аввал O Охир O Ҳамаи зикр-шудаҳо мебошад.

22. Зиёдатии (вашшукр) дар қавли: (Раббано лакал ҳамду ва-ш-шукр) ҳукми он: O Ҷоиз O мустаҳаб O ҳаром.

23. (Раббиғфирли валиволидая) дар байни ду сақда гуфтан: O Ҷоиз O Ҳаром O Макрӯҳ.

24. Гузоштани оринҷҳо бар замин дар вақти сақдаҳо: O Ҳаром O Мустаҳаб O Макрӯҳ аст.

25. Сабаби сақдаи саҳв чандто аст? O 2 O 3 O 4.

26. (Ва шак баъди феъл таъсир надорад ва инчунин ҳаргоҳ шакҳо бисёр шавад). (Дуруст-хато)

27. Суннати бомдод аз суннатҳои ротиба дар фазл, сабукӣ, қироати хос, дар сафар ҳам хондани он ва фақат баъди он дар хона качпаҳлӯ кардан фарқ менамояд. (Дуруст-хато)

28. Ҳукми масъалаҳои зеринро баён кун:

Масъала	Ҳукм
Намози касе ки динро дашном медиҳад.	
Намози одами маст	
Намози бемор	
Намози хурдсол	
Фаромуштона бетаҳорат намоз гузошт	
Дар либоси наҷис фаромуш-	

тона намоз хонд	
Пешоби гов	
Пешоби зоғ	
Ронҳояш кушода намоз гузошт	
Фаромуштона пеш аз вақт намоз хонд	
Намоз дар ҳавопаймо	
Фарзи вақтро ният кард	
Нишаста намоз хонд	
Сураи Фотиҳаро фаромуш кард	
Имомро дар рукӯъ дарёфт	
Дар намоз шитобидан	
Баъди намоз бисёр шак овардан	
Баъди эҳром дар таҳорат шак овард.	
Саҳван рукӯъе зиёд кард	
Такбири эҳромро тарк кард	
Ташаҳҳуди аввалро тарк кард	
Ташаҳҳуди охирро тарк кард	

Шак овард, ки се ё чор ракаат хондааст	
Баъди намоз шак овард	
Дар аснои намоз шак овард	
Дар саҳв боз саҳв кард	
Фаромушона дар намоз гап зад	
Авраташ кушода намоз хонд ва баъди тамом намудани намоз донист	
Дар хона пеш аз баромадан барои намоз таҳорат кард	
Дар масҷид фурухтан	
Умлаҳоро дар масҷид сарф кардан	
Имомро дар ташаҳҳуди охир дарёфт	
Сутра дар намоз	
Таваққуҳи андаке	
Таваққуҳи бисёр.	
Бо суръат нӯлзанӣ дар намоз	

Салавоти Иброҳимӣ дар ташаҳҳуд	
Дар намоз гап задан	
Дар намоз ҳаракат кардан	
Фотиҳаро фаромуш кард	
Намози ҷумъа	
Витр	
Таҳияи масҷид	

29. Фарқҳои байни шарт, рукн, воҷиб ва суннатро зикр кун:

Шарт	Рукн	Воҷиб	Суннат

Дарси дувоздаҳум

Шартҳои таҳорат (обдаст)

Таҳорат дорои даҳ шарт аст: 1) Ислом. 2) Ақл. 3)Тамйиз. 4) Ният. 5) Ҳукмро бо он ҳамроҳ кунад, яъне ният кунад, ки онро қатъ намекунад, то ин ки ба таври комил вузӯ бигирад.

6) Чизе ки муҷиби вузӯ аст набошад. 7) Пеш аз вузӯ, худро бо об ё санг пок кунад. 8) Обе ки бо он вузӯ мегирад, тоҳир ва мубоҳ бошад. 9) Дур кардани ҳар чизе ки монеъи расидани об дар пуст мешавад. 10) Дар мавриди касе ки бетаҳоратияш доимӣ аст, дохил шудани вақти намоз низ шарт аст.

Шарҳи баъзе аз шартҳо:

-Гуфтаи ӯ: (Ҳукмро бо он ҳамроҳ кунад, яъне ният кунад, ки онро қатъ накунад, то ин ки ба таври комил вузӯ бигирад): Маънояш ин аст, ки ният аз аввал то охири вузӯ истимрор бошад.

-Гуфтаи ӯ: (Чизе ки вузӯро ботил мекунад, набошад), яъне:Вузӯ нагирад дар ҳоле ки машғули хӯрдани гушти шутур аст, ё масалан дар ҳоли пешоб кардан аст, балки бояд, пеш аз шурӯъи вузӯ, чизе ки ботилкунандаи вузӯ аст, вуҷуд надошта бошад.

-Гуфтаи ӯ: (Пеш аз вузӯ худро бо об ё санг пок кардан) вузӯ гирифтан, ҳангоме ки ба хотири хориҷ шудани бод ё хобидан ё хӯрдани гушти шутур бошад, аз ин шарт мустасно аст.

-Гуфтаи ӯ: (Обе ки бо он вузӯ мегирад, тоҳир ва мубоҳ бошад) яъне: Бо оби наҷис, ё обе ки ғасб шудааст, вузӯ нагирад.
-Гуфтаи ӯ: (Дур кардани ҳар чизе ки монеъи расидани об ба пуст мешавад) монанди хамир, ё лаки нохун, зеро монеъи расидани об дар он узв мешавад.

Суннатҳои фитрат

Аз ҷумлаи суннатҳои фитрат:

1-Хатна кардан дар ҳаққи мардон воҷиб аст, дар ҳаққи занон агар муҳтоҷ бошад, суннат аст.

2/5-Кӯтоҳ кардани муйлаб, гирифтани нохунҳо, чиндани мӯи зери китф ва тарошидани мӯи зери ноф: Аз Анас разияллоҳу анҳу ривоят аст, ки гуфт: "Барои мо дар кутоҳ кардани муйлаб, гирифтани нохун, чиндани мӯи зери китф ва тарошидани мӯи зери ноф вақт муайян шуд, ки инро бештар аз чиҳил рӯз тарк накунем". Хулоса ин ки шоиста нест, ки ин умурро бештар аз чиҳил рӯз дер карда шавад.

6-Гузоштани риш: Ҳукми он воҷиб ва тарошидани он гуноҳи кабирае аз кабираҳост.

7-Мисвок: Он истеъмоли чуби арок ва монанди он дар тоза кардани дандонҳо аст. Ҳукми он: Суннат ва дар ҳамаи вақт, дар назди вузӯ, намоз, даромадани хона, хондани Қуръон, аз хоб хестан, марг ва тағйир ёфтани бӯи даҳон таъкид мешавад.

Дарси сездаҳум

Фарзҳои вузӯ

Вузӯ дорои шаш фарз аст:

1-Шустани рӯй, ки мазмаза ва истиншоқ ҷузъе аз он аст.

2-Шустани дастҳо бо ҳамроҳи оринҷҳо.

3-Масҳи ҳамаи сар ва гушҳо аз ҷумлаи он ҳастанд.

4-Шустани пойҳо бо ҳамроҳи буҷулакҳо.

5-Тартиб.

6-Муволот (пай дар пай).

Се бор шустани рӯ, дастҳо ва пойҳо мустаҳаб аст. Ва инчунин мазмаза (об дар даҳон кардан) ва истиншоқ (об дар бинӣ кардан) мустаҳаб аст, се бор анҷом дода шавад. Аммо як бор шустани онҳо фарз аст. Аммо такрор кардани масҳи сар мустаҳаб нест, чунон ки ҳадисҳои саҳеҳ бар ин далолат мекунад.

Шарҳи муволот:

Муволот ингуна аст, ки вузӯгиранда шустани як узвро он қадар дер накунад, ки узви қаблӣ, ки онро шуста аст, хушк шавад.

Дарси чордаҳум

Шиканандаҳои вузӯ

Шиканандаҳои вузӯ шашто аст:

1-Ҳар чизе ки аз ду роҳ, ақиб ва пеш хориҷ шавад.

2-Ҳар чизи зишти наҷис ки аз бадан хориҷ шавад.

3-Зоил шудани ақл ба сабаби хоб, ё ғайра.

4-Қапидани шармгоҳ, пеш бошад, ё қафо бо даст, бе ин ки дар миёна парда бошад.

5-Хӯрдани гушти шутур.

6-Аз Ислом баргаштан (муртад шудан).

Танбеҳи муҳим:

Аммо шустани майит, саҳеҳ ин аст, ки вузӯро намешиканад. Ин назари бештари аҳли илм аст, зеро далеле барои он вуҷуд надорад. Аммо агар дасти шахси ғуслдиҳанда бепарда ба шармгоҳи майит расид, бар ӯ вузӯ воҷиб мешавад. Бар ӯ воҷиб ин аст, ки шармгоҳи майитро бо даст нарасад, магар ин ки чизе парда бошад.

Ҳамчунин қапидани зан, мутлақан вузӯро намешиканад, чи ин кор аз рӯи шаҳват бошад ва ё бешаҳват бошад. Дар дурусттарин қавл аз байни ду қавле ки дар миёни олимон вуҷуд дорад, то замоне ки аз ӯ чизе хориҷ нашавад, вузӯ ботил намешавад, зеро Расулуллоҳ ﷺ баъзе занонашро мебӯсид ва сипас бе ин ки вузӯ бигирад, намоз мехонд. Аммо фармудаи Аллоҳ субҳонаҳу: "Ё занонро ламс кардед" дар дурусттарин қавл аз байни ду қавле ки дар миёни олимон вуҷуд дорад, мақсад аз он ҷимоъ ва ҳамхобагӣ аст. Ин қавли Ибни Аббос разияллоҳу анҳумо ва гурӯҳе аз салаф ва халаф аст.

Шарҳи баъзе аз шиканандаҳои вузӯ:

-Гуфтаи ӯ: (Ҳар чи аз ду роҳ хориҷ шавад), мутлақан: Монанди пешоб, пасафканда, манӣ, мазӣ, вадӣ, бод, санг, хун, кирм, ҳайз ва нифос.

-Гуфтаи ӯ: (Ҳар чизи зишти наҷисе, ки аз бадан хориҷ шавад), роҷеҳ ин аст ки шиканандаи вузӯ нест, магар ин ки аз ҷинси пешоб ва пасафканда бошад.

-Гуфтаи ӯ: (Зоил шудани ақл ба сабаби хоб, ё ғайра) хоб дар зоти худ шиканандаи вузӯ нест, балки ба ин хотир шиканандаи вузӯ аст, ки ҷои гумони хориҷ шудани бод аст. Бинобар ин агар эҳсос мекунад чизе аз ӯ хориҷ нашуда аст, шиканандаи вузӯ нест.

-Гуфтаи ӯ: (Ламс кардани шармгоҳ бо даст бе ин ки пардае миёнашон бошад, чи аз пеш бошад ва чи аз ақиб): Шайхи Ислом ибни Таймия раҳимаҳуллоҳ вузӯ гирифтанро баъд аз ламси шармгоҳ мустаҳаб медонад, на воҷиб.

Хулосаи сифати вузӯ бо акс:

-Вақте ки нияти вузӯ кард, машрӯъ аст, ки номи Аллоҳ таъолоро бар забон орад.

-Сипас дастонашро се бор, бо дасташ бар рӯи дасташ об мерезад.

-Сипас бо дасти рост як мушт об бардошта ва бо гардондани об дар даҳонаш ва сипас баргардондан, мазмаза мекунад. Сипас обро дар биниаш карда ва дар ҳоле ки ангушти сабоба ва ибҳомро рӯи биниаш гузошта бо фишор, онро хориҷ мекунад. Ин амалро се бор такрор мекунад.

-Сипас рӯяшро се бор мешӯяд. Андозаи рӯ аз ҷиҳати дарозӣ, аз ҷое ки мӯйҳо рӯидааст, шурӯъ шуда ва то охири ҷоғ (манаҳ) идома дорад, аз ҷиҳати паҳной мобайни ду гуш аз рӯ ҳисоб мешавад.

-Сипас дастҳоро то оринҷ се бор мешӯяд, аввал дасти рост ва сипас дасти чапро мешӯяд.

-Сипас бар сараш масҳ мекашад, ду дасташро аз пеши мӯйҳо то пушти сар мебарад ва сипас бармегардонад.

-Сипас ангушти сабобаро дохили сурохи гуш карда ва онро масҳ мекунад.

-Сипас ду поро то каъбҳо (буҷулакҳо) мешӯяд.










Ва баъд аз тамом кардани вузӯ мегӯяд:"Ашҳаду алло илоҳа иллаллоҳу ваҳдаҳу ло шарика лаҳ ва ашҳаду анна Муҳаммадан абдуҳу ва русулуҳ" ва дар Сунани Тирмизӣ омадааст: "Аллоҳуммаҷъални миннаттаввобина ваҷъални минал мутатаҳҳирин".

Ҳукми шустани узве зиёдтар аз миқдори машрӯъ:

Дар вузӯ аз миқдори машрӯъ зиёдтар шустан ҷоиз нест, монанди ин ки бихоҳад ҳар узверо аз се бор бештар бишӯяд, ё аз оринҷи даст болотар ё аз буҷулаки по болотар бишӯяд, ё гарданро масҳ кунад.





Иловаи баъзе масъалаҳое ки ба рукнҳои Ислом тааллуқ дорад.

Аввал:Таҳорат

Таямум:

Таямум бадал аз таҳорати обӣ аст, вақте ки истеъмоли об дар аъзои таҳорат, ё дар баъзеи он узр бошад, барои набудани об, ё тарсидан аз зарар дар истеъмоли об, пас хок ҷойгузини об мешавад.

Сифати таямум:

Нияти таямум мекунад, сипас бисмиллоҳ мегӯяд. Сипас як бор дасташро ба замин мезанад ва ба кафи дастонаш рӯ ва пушти дастонашро масҳ мекашад.



Боз кардани ангуштон ҳангоми зарба задан ба замин ва хилол кардани ангуштон ҳангоми масҳи ду каффи даст ҷоиз нест.



Равиши ғусли воҷиб:

Нияти ғусл ва дур кардани ҷанобат мекунад, сипас бисмиллоҳ гуфта ва баъд аз он ҳамаи бадан ва зери мӯйҳои кам ва ғафсро бо об мешӯяд ва мазмаза ва истиншоқ мекунад.

Суннатҳои ғусл:

Шустани шармгоҳ, сипас дастонашро мешӯяд, сипас ҳамонанди вузӯи намоз вузӯ мегирад ва мӯи сарро тар мекунад. Сипас тарафи рости бадан ва баъд тарафи чапро мешӯяд, сипас пойҳояшро мешӯяд.

Сабабҳои ғусл:

1-Ҷанобат:Ба рехтани манӣ ба сабаби ҳамхобагӣ, ё ғайра, ё бо илтиқои ду хатнашуда мебошад.

2-Баромадани хуни ҳайз ва нифос.

3-Фавтидан ба ҷуз шаҳид.

4-Ислом овардани кофир.

Шартҳои масҳи бар хуфҳо

Бар таҳорат онҳоро пӯшида бошад, яъне дар вузӯ поҳо-яшро шуста бошад.

Маҳсиҳо ё ҷурабҳо тоҳир бошанд.

Бештари узвро сатр кунад.

Масҳи он ду дар бетаҳоратии хӯрд бошад, на дар ҳоли ҷанобат, ё он чизе ки муҷиби ғусл аст.

Масҳ аз рӯи шариат дар вақти муайян мебошад, барои муқим як шабонаӯз (24 соат) ва барои мусофир се шабонарӯз(72 соат) аст ва аввали вақт, масҳи якум ки баъди бевузӯи буд, шурӯъ мешавад.

Равиши масҳи хуфҳо:

Аз атрофи ангуштони по то соқаш фақат дасташро бикашад, яъне он чизе ки масҳ мешавад ҳамон болои хуф (маҳсӣ) аст, пас дасташро аз назди ангуштони по то соқ фақат мекашад ва масҳ бо ҳарду даст бар ҳар ду по мебошад, яъне бо дасти рост пои ростро ва бо дасти чап пои чапро масҳ кашида мешавад, зеро ана ҳамин зоҳири суннат аст.

Масъалаҳое ки тааллуқ ба масҳ дорад

1-Ҳаргоҳ замони масҳ тамом шуд, ё маҳси бароварда шуд, таҳорат боқӣ мемонад ва намешиканад.

2-Масҳ кашидан бар даридагӣ ва он чизе ки аз рӯи сафо ва тунукияш башара дида мешавад, ҷоиз мебошад.

Одоби қазои ҳоҷат:

Мустаҳаб аст:

-Ҳаргоҳ хало (туалет) дарояд:Пои чапашро пеш гузорад ва гӯяд:"Бисмиллоҳ, аллоҳумма инни аъузу бика минал хубси вал хабоис".

-Ва ҳаргоҳ аз он хориҷ шавад, пои росташро пеш гузошта ва гӯяд:"Ғуфронака".

Ва бар ӯ воҷиб аст, ки худро бо девор ё ғайра сатр намояд ва агар дар саҳро бошад, дур равад.

Ва барои ӯ раво нест, ки:

-Ҳоҷаташро дар роҳ, ё дар ҷои нишасти мардум, ё дар зери дарахти мевадиҳанда, ё дар ҷое, ки ба он мардум озор меёбад ва дар оби қарор қазои ҳоҷат кунад.

-Ин ки дар ҳоли қазои ҳоҷат рӯ ё пушт тарафи қибла кунад.

-Олаташро ба дасти росташ биқапад.

-Аллоҳ таъолоро зикр кунад.

Пас, ҳаргоҳ қазои ҳоҷат кард, худро ба об ё санг тоза кунад. Ва шартҳои ба санг тоза кардан:

-Се бор, ё бештар масҳ намояд ва ҳамаро дар як ҷо масҳ накашад.

-Нақӣ, пок бошад, покӣ ба хушк гаштани санг, ё миндил дониста мешавад.

-Истиҷмор ба чизи наҷис, ё муҳтарам монанди таом набошад ва на ба устухон ё саргин.

Ва росто пешоб кардан ҷоиз аст, ба шарте ки аз паридани чилчаҳои пешоб бар бадан ва либосаш эмин бошад ва кашфи авраташ эмин мебошад, "Паёмбарﷺ ба партовгоҳи қавме омад, пас росто пешоб кард". Ҳадиси Бухорию Муслим аст.

Саволҳо оиди мавзӯи таҳорат

1-Шартҳои вузӯ чандто аст? O 9. O 10. O 8.

2-Фарзҳои вузӯ: O Чор аъзо. O Он чи гузашт бо изофаи тартиб ва муволот.

3-Шиканандаҳои вузӯ чандто аст? O 6. O 5. O 8.

4-Аз умури зерин шиканандаҳои вузӯро баён кун: O Гушти шутур. O Гушти оҳӯ. O Овози шикам. O Бод. O Пинак (Хоболудӣ). O Шуштани майит. O Қапидани зан.

5-Равиши таямумро зикр кун:

.....

.....

.....

6-Равиши ғусл карданро зикр кун:

.....

.....

.....

7-Ҳукми масъалаҳои зеринро зикр кун:

Масъала	Ҳукми он
Ба лафз ният кардан.	

Ба вузӯаш як намозро ният кард, сипас аз як намоз бештар хонд.	
Барои қироати Қуръон вузӯ гирифт, сипас намоз гузорид.	
Дар аснои вузӯаш нияташро қатъ кард	
Баъд аз вузӯ нияташро қатъ кард.	
Вузӯ гирифт дар ҳоле ки дар соқаш хамир буд.	
Вузӯ гирифт дар ҳоле ки гушти шутур мехӯрд.	
Ба оби дуздӣ вузӯ гирифт	
Пеш аз истинҷо ё ба санг тоза кардан вузӯ гирифт	
Оби нав гирифтан барои гушҳо	
Се бор сарро масҳ кашидан	
Як бор-як бор вузӯ гирифтан	
Дар вузӯ се бори шустан	

Дар вузӯ шустани ду каффи даст	
Хилол кардани риш	
Дар вузӯ молиш додан	
Масҳи узве ки шустани он фарз аст	
Шустани сар	
Дохил кардани ду каффи даст дар зарфи об	
Дар вузӯ аз тарафи рост ибтидо кардан	
Аз се бор зиёд шустан	
Шустани соқ	
Баъди оббозӣ намоз гузорид.	
Баъди ғусл кардан намоз гузорид ва вузӯ нагирифт.	

Дуюм закот

Ва он ду қисм аст:

Закоти мол ва он рукни сеюми аркони Ислом аст ва он бар ҳар мусалмони озоде, ки молики нисоб аст, воҷиб аст. Дар мол закот нест, то ки бар болои он як сол гузарад, ба ҷуз он чизе ки аз замин мебарояд ва он чизе ки тобеи асл аст, монанди зиёд шудани нисоб ва фоидаи тиҷорат, пас ҳамоно гузаштани соли ин ду гузаштани соли аслашон аст ва ба чаҳор қисм тақсим мешавад:

Закоти бадан. Он закоти фитр аст. Ин закот бар ҳар мусалмони бузург, хӯрд, мард ё зан, ғулом ё озод воҷиб аст.

Тило ва нуқра ва оне ки қоим мақоми ин ду аст, аз умлаҳо (сумҳо) ва ғайра, нисоби тило 20 мисқол (85 грам) аст ва нисоби нуқра 200 дирҳам (595 грам) мебошад.

Ҳайвонҳои (чаранда), ки бештар ё тамоми солро аз алафи мубоҳ мечаранд. Мақсад аз чаҳорпоён, шутур, гов, бузу гусфанд аст.

Ҳар чи аз замин меруёяд, ки манзур донаҳо ва меваҳо аст.

Молҳои тиҷоратӣ, ки шомили ҳар чизе аст, ки барои хариду фуруш таҳия шудааст.

Аҳли закот:

1-Фақирон:Онҳо ниёзмандоне ҳастанд, ки чизе намеёбанд, ё баъзе чизи кифоя мекардагиро меёбанд.

2-Мискинон:Онҳо касонеанд, ки бештар аз кифоя, ё нисфи онро меёбанд, пас агар фарз кунем, ки барои як сол 12000 кифоя аст, пас фақир касе аст, ки аз шаш ҳазор камтар дорад, ё чизе надорад ва мискин шаш ҳазор ё бештар дорад ва ба 12000 намерасад, зеро мо мискин ва фақирро кифоягии як соларо медиҳем, зеро закот дар гузашти сол воҷиб мешавад.

3-Кормандони закот:Ҷамъоварандагону нигаҳбонон ва вазифадор шудагон ба тақсими он, мебошанд. Ононро подшоҳ вазифадор мекунад ва дар онҳо васфи фақр шарт нест, балки аз моли закот дода мешаванд ва агарчи бой бошанд.

4-Дилҷӯи шудагон:Аз ҷумлаи касоне ки исломи ӯро, ё аз шарраш даст бардоштан, ё қуввати имони ӯро чашм дошта мешавад.

5-Озод кардани ғулом ва онҳо:

А). Мукотаби мусалмон ва ӯ ғуломест, ки худашро аз мавлояш мехарад.

Б). Озод кардани ғуломи мусалмон.

Ҷ). Озод кардани асири мусалмон.

6-Қарздорон, онҳо:

а). Ба хотири ислоҳи байни душманон қарздор аст.

б). Барои худаш қарздор аст.

Ва авфу халос кардани қарздори фақир аз қарз ба нияти закот ҷоиз намебошад.

7-Дар роҳи Аллоҳ:Ғозиён ва ба он чизе ки аз силоҳ ва ғайра муҳтоҷ мешавандро, шомил мешавад.

8-Писари роҳ:Ӯ мусофири роҳгузарест, ки нафақааш тамом шудааст, пас аз моли закот миқдоре дода мешавад, ки ӯро ба шаҳраш мерасонад.

Бар яке аз онон додани закот ҷоиз мебошад.

Ва додани закот барои бой, неруманде, ки тавоноии кор дорад ва хонадони Муҳаммад ﷺ, ки онҳо Бани Ҳошим ва мавлоҳои онон аст, ҳалол намебошад ва на бар касе ки нафақаи он бар закотдеҳ воҷиб аст ва на барои кофир. Аммо додани садақаҳои нафлӣ ба онон ва ғайрашон ҷоиз мебошад ва лекин ҳаргоҳе ки нафъи ом ё хос бештар бошад, пас он комилтар мебошад.

Таърифҳои муҳим:

-Бинти махоз: Шутуре аст, ки як солро комил карда аст. Ба ин исм номида шудааст, зеро модараш ҳомила аст.

-Бинти лабун: Шутуре аст, ки ду солро комил карда аст. Ба ин исм номида шудааст, зеро модараш шир дорад.

-Ҳиққа: Шутуре аст, ки се солро комил кардааст. Ба ин исм номида шудааст, зеро омода барои ҷуфтгирии шутури нар бо ӯст.

-Ҷазаъа: Шутуре аст, ки чор солро комил кардааст. Ба ин исм номида шудааст, зеро дар ин син дандонҳои пешаш меафтад.

-Табиъ ё табиъа ба гове гуфта мешавад, ки як солро комил карда аст.

-Мусанна ба гове гуфта мешавад, ки ду солро комил карда аст.

Миқдорҳои закот:

Молҳо	Сол	Нисоб	Миқдори закот
Ҳайвонҳои чаранда, аз шутур, гов, бузу гусфанд.	Гузаштани сол шарт аст.	Ҷадвали ояндаро муроҷиат кун.	Ҷадвали ояндаро муроҷиат кун.
Он чи аз замин меруёяд.	Сол шарт нест	300 соъ	Дар он чизе ки осмон об дода ё чашма даҳяк аст. Дар он чизе ки ба кашидан об дода шудааст, нисфи даҳяк мебошад. Дар он чизе ки ба ҳар дуи он об дода шудааст, се чоряки даҳяк мебошад.
Тило ва нуқра	Сол шарт аст	Аз тило 85 грам, ё аз нуқра 595	Чоряки даҳ

		грам мебошад.	
Молҳои тиҷоратӣ	Сол шарт аст	Ба насиб-тарин барои фақирон аз тило ё нуқра қиммат гузошта мешавад.	Чоряки даҳ

Нисобҳои закоти ҳайвонҳо ва миқдори он:

Гусфанду буз		Шутури як ё ду куҳона			Гов ва говмеш		
Миқдор	Закоти он	Миқдор		Закоти он	Миқдор		Закоти он
Аз - то		Аз	То		Аз	То	
40-120	Як гусфанд	5	9	Як гусфанд	30	39	Табиъ ё табиъа
121-200	Ду гусфанд	10	14	ду гусфанд	40	59	Мусанна
201-300	Се гусфанд	15	19	се гусфанд	60	69	Ду табиъ
Баъд аз он дар ҳар садто гусфанд як гусфанд медиҳад.		20	24	чор гусфанд	Сипас дар ҳар 30 гов як табиъ ва дар ҳар 40 гов як мусанна дода мешавад.		
		25	35	Бинти махоз			
		36	45	Бинти лабун			
		46	60	Ҳиққа			
		61	75	Ҷазаъа			
		76	90	Ду бинти лабун			
		91	120	Ду ҳиққа			
		121	129	Се бинти лабун			

Дар садақа така, пир, маъиб ва моли бад гирифта намешавад. Ва дар садақа заиф, ҳомила, ҳайвоне ки барои куштан фарбеҳ карда мешавад ва беҳтарини мол гирифта намешавад	Сипас дар ҳар чиҳил шутур як шутури бинти лабун ва дар ҳар панҷоҳ шутур як ҳиққа дода мешавад. Ва вақс (нуқс) аз 9 пас поён аст (ва он дар байни ду фариза аст).	

Саволҳо оиди мавзӯи закот

1-Дар мол закот лозим намешавад, то ки ҳавл гузарад ва ҳавл як соли: O Ҳиҷрӣ. O Мелодӣ. O Фарқ надорад.

2-Аз шарт будани сол истисно мешавад:O Хазина. O Он чи аз замин мерӯяд. O Ҳамаи зикршудаҳо.

3-Нисоби тило:O 85 грам. O 595 грам. O 95 грам.

4-Нисоби нуқра:O 200 дирҳам. O595 грам. O Ҳамаи зикршудаҳо.

5-Баҳиматуланъом, шутур, гов ва бузу гусфандро шомил мешавад. (Дуруст-хато)

6-Дар меваҳо закот нест. (Дуруст-хато)

7-Соима ҳайвонест, ки:O Қиммати он боло меравад. O Ҳайвоне ки сол ё бештари онро мечарад.

8-Ҳайвоне ки мубоҳро мечарад. OҲайвоне ки чизҳои пок мехӯрад. O Ҳайвоне ки соҳиб надорад.

9-Ҳаргоҳ мискин зикр шавад дар зимни он фақир дохил мешавад. (Дуруст-хато)

10-Ба фақир дода мешавад миқдоре ки ӯро кифоягӣ мекунад, дар муддати: O Сол. O Моҳ.

11-Коргарони закот ҳамон:O Ҳар касе ки бар он кор мекунад. O Танҳо касоне ки подшоҳ онҳоро вазифадор кардааст, мебошанд.

12-Миқдори закотро дар умури зерин ҳисоб кун:

Мол	Миқдори закот	Адади байни ду фариза агар ёфт шавад
100 дирҳам		
300 динор		
400 дирҳам		

80 грам тило		
500 грам нуқра		
30 гусфанд		
60 гусфанд		
565 гусфанд		
4 шутур		
17 шутур		
449 шутур		
30 гов		
49 гов		
77 гов		
99 гов		
20 милиён риёл		
40 риёл		
45679 риёл		
255 соъ аз донагӣ		

13-Дар зимни дилҷӯяндагон кофир дохил мешавад, ҳатто агар ислом оварданашро ҳам умед карда нашавад. (Дуруст-хато)

14- Замоне мавло ғуломашро озод кард, аз моли закот дода мешавад. (Дуруст-хато)

15-Бое аз фақир маблағи моле талаб мекунад, пас аз маблағ даст мекашад ва онро аз закот мешуморад, пас амалаш саҳеҳ аст. (Дуруст-хато)

16-Дар роҳи Аллоҳ ҳамаи бобҳои хайрро шомил мешавад, монанди бинои масҷидҳо. (Дуруст-хато)

17-Закоти тилову нуқра ба тақсими бар чиҳил ҳисоб карда мешавад. (Дуруст-хато)

18-Закот дар ҳайвонҳои чаранда аз шутур, гов бузу гусфанд воҷиб мешавад ва дар ҳайвонҳои кор мекардагӣ ва алаф додашуда воҷиб намешавад. (Дуруст-хато)

19-Закот дар донагӣ ва меваҳо замоне ки ба нисоб расад, воҷиб мешавад ва ин дар вақти сахт шудани донагӣ ва пухтани меваҳо мебошад. (Дуруст-хато)

20-Дар донагӣ ва меваҳо, дар он чизе ки ба кулфат об дода шудааст, нисфи даҳяк воҷиб аст. (Дуруст-хато)

21-Закот дар тило вақте ба нисоб расад ва миқдори нисоб 20 мисқол аст, воҷиб мешавад. (Дуруст-хато)

22-Дар атрофи он чизе ки закот воҷиб мешавад, аломат гузор: O Мурғ O маҳалли тиҷорӣ O бузу гусфанди алафдода шуда O шутури чаранда O мазраъаи хурмо O 25 мисқол аз тило.

23-Табеъ аз гов онест, ки дусола аст. (Дуруст-хато)

24-Нисоби вараққҳои нақдӣ қиммат гузошта мешавад бар: O Молҳои тиҷоратӣ. O Қиммати нисоби тило ё нуқра. O Қиммати нисоби тило ва нуқра.

25-Дар закоти варақаҳои нақдӣ воҷиб аст:O Чоряки даҳяк. O Нисфи даҳяк.

26-Закоти 80 грам тило:O Ду грам O Чор грам O Дар он закот нест.

27-Дар хонаҳое ки барои зистан омода шуда аст, закот воҷиб мешавад. (Дуруст-хато)

28-Ҳар касе сафар кунад, аз закот ба ӯ дода мешавад, зеро ӯ писари роҳ аст. (Дуруст-хато)

Сеюм:Рӯза

Савм дар луғат:Боз истодан аст. Ва дар шариат:Парастидани Аллоҳ субҳонаҳу ва таъоло ба тарки хӯрдан, нӯшидан ва дигар ботилкунандаҳои рӯза, аз дамидани субҳи содиқ то нишастани офтоб мебошад.

Рукнҳои рӯза

1-Ният

Нияти фарз:Бояд шаб ва пеш аз субҳ ният кунад. Ва ният кардан ба даромадани моҳ кифоя аст ва ҷои ният қалб аст ва талаффузи он бидъат аст.

2-Аз ботилкунандаҳои рӯза боз истодан

Нияти нафл:Дар ҳар соате аз рӯз метавонад ният кунад, модоме ки ботилкунандаи рӯзаро анҷом надода бошад, валокин аз вақти ният аҷр ҳисоб мешавад.

Қисмҳои рӯза

Воҷиб:

Дар Рамазон, каффоратҳо ва назрҳо

Нафл:

Дар ғайри зикршудаҳо

Шартҳои воҷиб шудани рӯза:

1-Ислом. 2-Ақл. 3-Балоғат. Аммо ғайри болиғ ба рӯза доштан тарғиб мешавад ва ӯро валияш амр мекунад. 4-Дар ватан бошад, пас рӯза бар мусофир воҷиб нест ва агар бар ӯ машаққат наорад, рӯза доштан беҳтар аст, аз рӯи феъли Паёмбар ва зеро он зудтар аз гардан соқит мешавад ва бар мукаллаф осонтар аст ва барои дарёфти фазилати моҳи шарифи Рамазон. 5-Тандурустӣ. 6-Аз ҳайзу нифос пок будан.

Ақсоми беморӣ дар рӯза

Беморие ки умеди шифо ёфтан надорад:

Ба он калонсоле, ки аз рӯза доштан оҷиз аст, мепайвандад, пас бар ӯ рӯза лозим нест, локин дар ивази ҳар рӯз як мискинро таом медиҳад. Ба ин тарз ки ба адади рӯзҳо мискинҳоро ҷамъ меорад, пас ба онҳо таоми шабона ё нисфирӯзӣ медиҳад ва ё ин ки таомро бар мискинон ба адади рӯзҳо, барои ҳар мискин чоряки соъи набавӣ, яъне нисфи кило ва даҳ грам аз гандуми хуб тақсим мекунад. Ва нек мешавад, ки бо гандум гушт, ё равған, ки ба он таом омода мешавад, тақсим кунад.

Беморие, ки аз он умеди шифо аст ва бар ӯ рӯза душвор меояд:

Ба ин зани ҳоиз, нуфасо, ширдеҳ ва мусофир мепайвандад. Пас ҳаргоҳ шифо ёфт, рӯзҳоеро ки ифтор кардааст, қазо медорад. Пас агар пеш аз шифо ёфтан, бимирад, аз ӯ соқит мешавад.

Даромадани моҳи Рамазон ба чи собит мешавад?

Ё ба дидани моҳи Рамазон, ё ба си рӯз шудани моҳи Шаъбон.

Фосидкунандаҳои рӯза:

1-Қасдан хӯрдан ва нӯшидан, пас касе фаромушона хӯрд ё нӯшид рӯзааш дуруст аст.

2-Ҳамхобагӣ бо ҳамсар, ҳаргоҳ дар рӯзҳои Рамазон бошад ва ҳоло ки рӯза бар ӯ воҷиб аст, бар ӯ каффорати сахт лозим меояд ва он озод кардани ғулом аст, пас агар ғулом озод карда натавонад, пас ду моҳ паи ҳам рӯза медорад, пас агар рӯза дошта натавонад, пас шаст мискинро таом медиҳад.

3-Рехтани оби манӣ ба сабаби мубошират, ё бӯса, ё оғуш гирифтан, ё монанди он.

4-Он чизе ки ба маънои хӯрдан, ё нӯшидан бошад, монанди сузандоруи ғизодиҳанда, аммо ғайри ғизодиҳанда пас рӯзаро фосид намекунад.

5-Хун гирифтан ба ҳиҷомат, аммо андак хуне, ки барои фаҳс (анализ) ва монанди он гирифта мешавад, пас рӯзаро фосид намекунад.

6-Қасдан қай кардан. 7-Хуни ҳайз ва нифос.

Баъзе чизҳое, ки барои рӯзадор раво аст:

Фурӯ бурдани оби даҳон, барои ҳоҷат чашидани таом, ғусл кардан, мисвок, хушбӯй кардан, худро сард кардан.

Мустаҳабҳои рӯза:

1-Пеш аз субҳ хӯрдану нӯшидан. 2-Ба таъхир андохтани суҳур. 3-Дар ифтор шитобидан. 4-Бар хурмои тар ифтор кардан, пас агар хурмои тар наёфт, пас ба чанд хурмои хушк ва ин ки тоқ бошад. Пас агар хурмо наёфт, пас ба чанд ҷуръаи об ифтор кунад, пас агар чизе наёфт, ки ифтор кунад, ба қалбаш нияти ифтор кунад. 5-Дар вақти ифтор ва дар аснои рӯза дуо кардан. 6-Бисёр садақа додан. 7-Дар намози шаб кушиш кардан. 8-Хондани Қуръон. 9-Барои касе ки ӯро дашном медиҳад:(Ман рӯзадорам) гуфтан. 10-Умра кардан. 11-Дар даҳ рӯзи охир эътикоф нишастан. 12-Ҷустуҷӯи шаби қадр.

Макрӯҳҳои рӯза:

1-Дар мазмаза ва истиншоқ (об дар бини кардан) муболаға намудан.

2-Беҳоҷат чашидани таом.

Бар рӯзадор ҳаром аст:

1-Фурӯ бурдани балғам ва ба он рӯза фосид намешавад.

2-Бӯсидан барои касе ки фосид шудани рӯзааш дар эмин намебошад.

3-Сухани дурӯғ (он феъли ҳамаи ҳаромшуда) аст.

4-Ҷаҳл (он бехирадӣ ва ҳалим набудан) аст.

5-Рӯзаи висол (яъне ду рӯз паи ҳам ифтор накардан) аст.

Рӯзаи нафл:

1-Рӯзаи шаш рӯзи моҳи Шаввол, барои касе ки рӯзаи Рамазонро комил кардааст ва дар он пай дар пай аз рӯзи дуюм рӯза гирифтан беҳтар аст.

2-Рӯзаи рӯзи арафа барои ғайри ҳоҷиён.

3-Рӯзаи рӯзи Ошуро (даҳуми моҳи муҳаррам) бо ҳамроҳи ду рӯз, нуҳум ва ёздаҳум.

4-Рӯзаи рӯзи душанбе ва панҷшанбе ва душанбе таъкидшудатар аст.

5-Се рӯзи ҳар моҳ ва беҳтар рӯзҳои биз (13-14-15) аст.

6-Як рӯз рӯза доштан ва як рӯз ифтор кардан.

7-Рӯзаи моҳи Аллоҳ, муҳаррам.

8-Рӯзаи нуҳ рӯзи моҳи зулҳиҷҷа.

9-Рӯзаи моҳи Шаъбон ва локин онро пурра рӯза намегирад.

Рӯзаи макрӯҳ:

Рӯзи ҷумъа, шанбе ва якшанберо ба танҳои рӯза доштан макрӯҳ аст, пас агар барои сабабе онро танҳо рӯза дорад, монанди рӯзи арафа, пас боке надорад.

Рӯзаҳои ҳаромшуда:

1-Моҳи раҷабро танҳо рӯза доштан. 2-Ду рӯзи ид рӯза гирифтан. 3-Рӯзаи рӯзи шак, аммо агар касеро одаташ бошад, пас боке надорад.

4- Рӯзаи рӯзҳои ташриқ (се рӯз пас аз иди қурбон), магар барои ҳоҷие, ки ҳадя наёбад.

5-Рӯзаи тамоми замон.

Аҳкоми қазо доштан

-Пай дар пай қазо доштан мустаҳаб аст.

-Баъди рӯзи ид дар қазо доштан, шитобидан шоиста мебошад.

-Ва таъхири қазо доштан, то Рамазони дигар раво намебошад.

-Пас агар беузр қазо доштанро ба таъхир андохт, пас ӯро бештар аз рӯзҳое ки қазо кардааст, рӯза доштан лозим намеояд, магар ки ӯ гунаҳгор мешавад.

Закоти фитр:

Закоти фитр бар шахсе ки офтоби рӯзи охири Рамазон нишаста аст ва ӯ мусалмон аст, воҷиб мешавад, хоҳ ӯ калон бошад, ё хурдсол, мард бошад, ё зан, ғулом бошад ё озод ва дар рӯзу шаби ид соъе аз хӯроки худаш, оилааш ва ҳоҷатҳои асосияш зиёд бошад. Ва аз ҷанин (кӯдаке ки дар раҳми модар аст) додани закоти фитр мустаҳаб мебошад.

Ва ҳикмати машрӯъияти закоти фитр:

-Ҳамоно он барои рӯзадор аз беҳудагӣ ва рафас (дашному ҳақорат) покӣ аст.

-Ҳамоно дар он бениёз сохтани фақирон ва мискинон аз пурсидан дар рӯзи ид мебошад.

Вақти додани закоти фитр

Вақти ҷоизӣ:	Вақти мустаҳабӣ:	Вақти ҳаромӣ:
Як ё ду рӯз пеш аз рӯзи ид.	Баъди намози бомдод, пеш аз намози ид.	Баъд аз намози ид.

Миқдори закоти фитр:

Як соъи таом аз чизҳое ки одамон онро хӯрок мегиранд, пас аз нуқуд (сум) ҷоиз намешавад. Ва миқдори як соъ ду килову чил грам аз гандуми хуб мебошад.

Намози ид:

Ва он бар ҳар шахс фарзи айн аст ва баъди баланд шудани офтоб ба андозаи тири найза то завол хонда мешавад ва ҳаргоҳ фавт шуд, қазо дошта намешавад. Ва адои он дар саҳро берун аз шаҳр суннат аст ва дар масҷид низ дуруст мебошад. Ва пеш аз намози ид чанд хурмое ба таври тоқ хӯрдан ва поку хушбӯ кардан ва беҳтарини либосро пӯшидан ва аз роҳе рафтан ва аз роҳи дигаре бозгаштан суннат аст. Ва ба рӯзи ид табрику таҳния гуфтан ба ин қавл: "Аллоҳ аз мову шумо қабул кунад" боке надорад. Ва такбири мутлақ дар шаби ид ва пас аз намозҳо то шиштани офтоби рӯзи ид суннат мебошад ва равиши такбир ин аст: "Аллоҳу акбар, Аллоҳу акбар, ло илоҳа иллаллоҳ валлоҳу акбар, Аллоҳу акбар ва лиллоҳил ҳамд". Ва равиши намози ид ду ракаат, пеш аз хутба мебошад. Дар ракаати якум баъд аз такбири эҳром шаш такбир мегӯяд ва дар ракаати дуюм, пеш аз қироат ба ҷуз такбири қиём, панҷ бор такбир (Аллоҳу акбар) мегӯяд.

Саволҳо оиди мавзӯи рӯза

1-Аркони рӯза чандто аст? О 2 О 3 О 4.

2-Рӯза бар кӣ воҷиб мешавад?

А).....

Б).....

Ҷ).....

Д).....

3-Ҳар беморӣ аз доштани рӯза манъ мекунад. (Дуруст-хато)

4-Ҳукми амалҳои зеринро зикр кун:

Масъала	Ҳукм
Баъди намози бомдод нияти рӯза кард.	
Беният рӯза доштан.	
Рӯзаи хурдсол.	
Рӯзаи мусофир.	
Рӯзаи зани дар нифос буда.	
Рӯзаи оҷиз.	
Дар ҳоле ки рӯзадор хӯрд.	
Сузандоруи ғизодиҳанда барои рӯзадор.	
Қатраи чашм.	
Сузандоруи оромибахш.	

Ҳиҷомат.	
Қай намудан.	
Фурӯ бурдани оби даҳон.	
Чашидани таом.	
Хоб.	
Ғусл кардан.	
Сарду салқин кардан.	
Мисвок.	
Бахур (хушбӯи дуд додан).	
Вақти саҳархӯрӣ.	
Ба чӣ саҳархӯрӣ мекунад?	
Ба чӣ ифтор мекунад?	.....пас агар наёбад.....пас агар наёбад.....пас агар наёбад.....
Намози таровеҳ	
Умра кардан дар моҳи Рамазон	
Дар вақти рӯза дар мазмаза муболаға кардан	
Бӯса кардан барои рӯзадор	
Ду рӯз паи ҳам рӯза доштан	

Рӯзаи шаш рӯзи шаввол	
Рӯзаи рӯзи арафа.	
Рӯзаи рӯзи шак.	
Рӯзаи рӯзи ид.	
Рӯзаи рӯзҳои ташриқ (се рӯзи баъди иди қурбон)	
Рӯзаи моҳи муҳаррам	
Рӯзаи моҳи раҷаб.	
Рӯзаи даҳр (тамоми замон)	
Рӯзаи рӯзи ҷумъа.	
Қазоро то Рамазон ба таъхир андохт	

Чорум: Ҳаҷ

Ҳаҷ рукни панҷум аз аркони Ислом аст. Ба шарте фарз аст, ки шахс мусалмон, оқил, болиғ, озод буда ва тавоноии онро низ дошта бошад. Барои зан шарти дигаре низ ҳаст ва он вуҷуди шахсе ҳамроҳи ӯст, ки бо ӯ маҳрам бошад. Ҳаҷ дорои чор рукн аст:

Эҳром:Он нияти дохил шудан ба маносики ҳаҷ аст. Ва он ғайри талбия ва пӯшидани эзор ва чодар аст.

Дар Арафа аз ҳангоми заволи офтоб дар рӯзи нуҳуми зулҳиҷҷа то дамидани субҳи рӯзи ид истодан аст. Расулуллоҳ ﷺ мефармояд:"Ҳаҷ Арафа аст".

Тавофи ифоза (тавофи зиёрат) баъди дар Арафа истодан мебошад ва он ғайри тавофи қудум аст.

Саъй дар байни Сафо ва Марва, Аллоҳ таъоло мефармояд:"Ал батта Сафо ва Марва аз шаъоири Аллоҳ ҳастанд".

Анвоъи амалҳои ҳаҷ

Ифрод:

Ин аст, ки фақат нияти ҳаҷ кунад ва амалҳое ки хос ба ҳаҷ аст, анҷом диҳад.

Қирон:
Ин аст, ки нияти ҳаҷ ва умраро бо ҳам кунад ва амалҳои ҳар якро ҷудогона анҷом диҳад ва бояд ҳадя кунад (мол забҳ кунад).

Таматтӯъ:
Ин аст, ки дар моҳҳои ҳаҷ барои умра эҳром бибандад ва онро ба итмом расонад ва аз эҳром хориҷ шавад, сипас ҳамон сол барои ҳаҷ эҳром бандад ва бояд ҳадя забҳ намояд.

Воҷибҳои ҳаҷ

Касе воҷибе аз ин воҷибҳоро тарк кунад, бар ӯ ҷуброн кардани он ба куштани мол воҷиб мешавад. Ва он гусфандест, ки дар Ҳарам кушта ва бар фақирони Макка тақсим карда мешавад ва хӯрдани ӯ аз он ҷоиз намебошад.

Аз миқот эҳром бастан.

Дар Арафа то нишастани офтоб истодан барои касе ки рӯзона меистад.

Дар Муздалифа шаб гузаронидан.

Дар Мино шабҳои рӯзҳои ташриқро гузаронидан.

Санг задан.

Тарошидани мӯи сар ё кӯтоҳ кардан.

Тавофи видоъ ба ҷуз ҳоиз ва нуфасо, барои шахсе ки Маккаро тарк мекунад ва агарчи баъд аз моҳҳои ҳаҷ бошад.

Миқотҳои ҳаҷ ва умра

Миқоти замонӣ:

Он моҳҳои ҳаҷ:Шаввол, зулқаъда ва зулҳиҷҷа аст. Миқотҳои замонӣ хос барои ҳаҷ аст, аммо барои умра замони муайяне нест.

Миқотҳои маконӣ:

-Зулҳулайфа барои аҳли Мадина.
-Ҷуҳфа барои аҳли Шом, Миср ва Мағриб аст.
-Қарнулманозил барои аҳли Наҷд.
-Яламлам барои аҳли Яман.
-Зоти ирқ барои аҳли Ироқ аст.

Мустаҳабҳои ҳаҷ

Барои эҳром ғусл ва хушбӯи кардан.

Пӯшидани изор ва чодари сафед барои мардон.

Кӯтоҳ кардани нохунҳо ва тарошидани мӯе, ки пеш аз нияти эҳром гирифтани он лозим аст.

Аз вақти эҳром то сангзанӣ дар Ҷамараи Ақаба талбия гуфтан.

Тавофи қудум барои ҳаҷҷи ифрод ва қиронкунанда.

Дар се даври аввал дар тавофи қудум ва тавофи умра ба ҳаҷҷи таматтӯъкун рамл аст ва он тез роҳ рафтан аст.

Дар тавофи қудум ва тавофи умра барои таматтӯъкун изтибоъ аст ва он кушодани китфи росташ мебошад.

Дар Муздалифа дар ҳоли расидан ба он байни шому хуфтан ҷамъи тақдим мекунад (яъне шому хуфтанро дар вақти шом мехонад).

Шаби арафаро дар Мино гузаронидан.

Бӯса кардани санги сиёҳ.

Дар Муздалифа, дар назди Машъарулҳаром аз бомдод то пеш аз шуруқ истодан ва ҳамаи Муздалифа ҷои истодан аст.

Муҳаррамоти эҳром:

Нуҳ чиз дар эҳром ҳаром аст: Кӯтоҳ кардани мӯй, нохун ва пӯшонидани мӯй барои мард ва пӯшидани либоси дӯхташуда барои мард, ё ниқоб ва дасткаш барои зан ва бӯхушӣ ва куштани сайди хушкӣ ва шикори он ва бастани ақди никоҳ барои худ ё дигаре ва ҳамхобӣ ва лаззат бурдан аз ҳамсар бедухул. Касе чизе аз ин муҳаррамотро аз рӯи фаромушӣ, ё ҷоҳилӣ, ё маҷбурӣ кард, пас бар ӯ чизе лозим нест, ба ҷуз касе ки сайдро кушт, пас бар ӯ мутлақан фидя лозим мешавад. Аммо қасдан кард, пас муҳаррамот дар ин ҳолат ба чаҳор навъ тақсим мешавад:

Муҳаррамоте ки фидяе ба онҳо тааллуқ намегирад, ки фақат шомили ақди никоҳ мешавад, хоҳ барои худаш ё дигаре бошад. Ва инчунин аз ҳамсар бедохил кардани дар фарҷ лаззат бурдан, замоне ки манӣ хориҷ нашавад, пас дар он каффорате нест ва бар ӯ тавба лозим аст.

Муҳаррамоте ки фидяашон мисли худашон аст ва он куштани сайди хушкӣ ва шикори он аст ва касе онро бикушад, бар ӯ мутлақан фидя лозим мешавад. Ва он каффорае ҳамонанди он аз чаҳорпоён бидиҳад, ки ду нафари одили аз шумо (баробар будани) онро ҳукм кунанд.

Муҳаррамоте ки фидяи сахт доранд, ки он ҳамхобагӣ аст. Касе ки пеш аз ҳалол шудани якум ҳамхобагӣ кунад, пас ба ростӣ ҳаҷҷаш фосид мешавад ва дар он ба таври фосид идома медиҳад ва бар ӯ иода ва шутур куштан воҷиб мешавад.

Муҳаррамоте ки фидяи азият ба онҳо тааллуқ дорад ва он шомили бақияи муҳаррамот мебошад. Ва фидяи он ихтиёрӣ аст:Ё се рӯз рӯза медорад, ё шаш мискинро таом медиҳад, барои ҳар мискин ним соъ медиҳад, ё куштани гусфанде, ки бар фақирони Ҳарам тақсим карда мешавад.

Номҳои рӯзҳои ҳаҷ

Рӯзи тарвия: Рӯзи ҳаштум аст. Дар ин рӯз обро ба Мино мебаранд	Рӯзи Арафа, ё рӯзи ваққфа: Рӯзи нуҳум аст.	Рӯзи ид ва рӯзи наҳр:Рӯзи даҳум аст.	Рӯзи қир: Рӯзи ёздаҳум аст.	Рӯзи нафр-ул-аввал: Рӯзи 12-ум аст.	Рӯзи нафр-ус-сонӣ: Рӯзи 13-ум аст.

Ва шаби ҷамъ ҳамон шаби ид аст. Ба ин ном номида шудааст, зеро мардум дар он шаб баъд аз истодани дар Арафа ҷамъ мешаванд, зеро аҳли Макка дар ҷоҳилият ба Арафа намерафтанд.

Ҷойҳои дуо дар ҳаҷ, панҷто аст:

Дар Арафа, баъди заволи рӯзи нуҳум то шиштани офтоб.	Дар Муздалифа баъд аз намози бомдоди рӯзи нуҳум то рушан шудан.	Баъд аз санг задан дар Ҷамараи хӯрд ва миёна дар рӯзҳои ташриқ (се рӯз пас аз иди қурбон).	Дар тавоф.	Дар саъй байни Сафо ва Марва.

Сифати умра ва ҳаҷ:

Шайх Муҳаммад ибни Солеҳ Усаймин раҳмати Аллоҳ бар ӯ бод, мегӯяд: "Замоне ки ба Миқот расидед, ғусл карда ва дар сару ришҳоятон хушбӯи занед. Сипас ба нияти таматтӯъ барои умра эҳром бибандед ва лаббайк-гӯён ба самти Макка биравед. Замоне ки дар Байт-ул-ҳаром расидед, ҳафт давр тавофи умра кунед ва бидонед, ки ҳамаи масҷид макони тавоф аст. Чи наздик ба Каъба бошад, чи дур. Аммо агар анбӯҳи мардум сабаби азияташ нашавад, наздик ба Каъба тавоф кардан беҳтар аст ва агар анбӯҳи мардум аст, бо фосила аз Каъба тавоф кун ва алҳамду лиллоҳ дар ин маврид кушоиш вуҷуд дорад. Замоне ки аз тавоф фориғ шудед, ду ракаат пушти мақоми Иброҳим алайҳис салом бихонед. Агар муяссар буд, наздики он ва агарна дур аз он бихонед. Муҳим ин аст, ки мақоми Иброҳим алайҳис салом байни шумо ва Каъба бошад. Сипас барои саъй байни Сафо ва Марва барои умра биравед ва аз Сафо шурӯъ кунед. Замоне ки ҳафт мартабаро комил кардед, ҳамаи мӯйҳои саратонро кӯтоҳ кунед ва кӯтоҳ кардан фақат як миқдори аз сар кифоят намекунад, он кореро, ки бисёри мардум мекунанд, ба он фиреб нахӯред. Вақте ки рӯзи ҳаштуми зулҳиҷҷа расид, ғусл карда ва хушбӯи истифода кунед ва аз ҳамонҷо барои ҳаҷ эҳром бибандед ва ба сӯи Мино бароед ва намози пешин, аср, шом, хуфтан ва бомдодро қаср бихонед ва ҷамъ накунед, зеро паёмбаратон ﷺ дар Мино ва Макка қаср мехонд ва ҷамъ намекард. Ҳангоме ки офтоби рӯзи Арафа тулӯъ кард, лаббайкагӯён ва дар ҳоле ки барои Аллоҳ хушӯъкунанда ҳастед, ба Арафа биравед ва дар онҷо байни пешину аср ҷамъи тақдим карда ва ду ракаатӣ хонед.

Сипас барои дуо фориғ шуда ва ба сӯи Аллоҳ дуо ва зорӣ кунед ва саъй кунед вузӯ дошта бошед ва рӯ ба қибла кунед, ҳатто агар кӯҳ пушти сари шумо қарор бигирад, зеро рӯ намудан ба қибла машрӯъ аст ва хуб ба ҳудуд ва аломатҳои Арафа диққат кунед, зеро бисёре аз ҳоҷиҳо пушти ҳудуди Арафа меистанд ва касе ки дар Арафа наистад, ҳаҷ надорад, ба далели фармудаи Расулуллоҳ ﷺ, ки (Ҳаҷ, Арафа аст) ва ҳамаи ҷои Арафа ҷои истодан аст, шарқу ғарб ва шимолу ҷанубаи он, ба ҷуз Батни водӣ (водии Арана), зеро Расулуллоҳ ﷺ мефармояд: "Инҷо истодам ва Арафа ҳамааш маҳали истодан аст". Замоне ки офтоб нишаст ва аз он мутмаин шудед, лаббайкагӯён ва бо хушӯъ ба Муздалифа биравед ва чунон ки Паёмбаратон ﷺ дастур додааст, то ҷое ки метавонед ором бошед, зеро Ӯ ﷺ аз Арафа хориҷ шуд ва дар ҳоле ки афсор дар гардани шутураш андохта буд ва онро мекашид, то ҷое ки сари шутур ба пеши зинаш мерасид, бо дасти муборакаш ишора мекард:"Эй мардум, бо оромӣ, бо оромӣ".

Замоне ки ба Муздалифа расидед, шом ва хуфтанро дар онҷо бихонед, сипас шабро то субҳ дар онҷо гузаронед ва Расулуллоҳ ﷺ ба ҳеҷ касе ҷуз заифон рухсат надодааст, ки пеш аз бомдод аз Муздалифа хориҷ шаванд. Ба заифон рухсат додааст, ки охири шаб аз онҷо хориҷ шаванд. Ҳангоме ки намози субҳро хондед, рӯ ба қибла кунед ва такбир ва алҳамду лиллоҳ бигӯед ва Ӯро бихонед, то ин ки ҳаво хело рушан шавад, сипас пеш аз баромадани офтоб ба Мино биравед. Дар онҷо ҳафт сангреза ҷамъ кунед ва ба сӯи Ҷамараи Ақаба биравед. Ин Ҷамара охирин ҷамара аз тарафи Макка аст ва баъд аз баромадани офтоб ҳафт сангреза дар он бизанед ва ба ҳар сангреза Аллоҳу акбар

бигӯед ва фурӯтан ва таъзимкунанда барои Аллоҳ бошед.

Бидонед, мақсад аз санг задан таъзими Аллоҳ ва барпо намудани зикри Ӯст. Воҷиб аст, ки сангреза дар ҳавз биафтад ва шарт нест, ки ҳатман сутунро бизанӣ. Ҳангоме ки аз сангзанӣ фориғ шудед, ҳадяро забҳ кунед ва барои ҳадя он чизе кифоят мекунад, ки дар қурбонӣ кифоят мекунад. Ишколе надорад касеро вакил кунӣ, ки ба ҷои ту ин корро бикунад. Сипас баъд аз забҳ, мӯҳоятонро битарошед ва тарошидани фақат қисмате аз мӯҳо, кифоят намекунад. Зан миқдоре аз мӯҳояшро ба андозаи нуки ангушт кӯтоҳ мекунад.

Баъд аз ин шумо аз эҳроми аввал хориҷ шудаед. Бинобар ин либос бипӯшед ва нохунҳоятонро кӯтоҳ кунед ва хушбӯи кунед. Аммо бо ҳамсаратон ҳамхобӣ накунед. Сипас пеш аз намози пешин вориди Макка шавед ва барои ҳаҷ, тавоф ва саъй кунед. Сипас ба Мино баргардед ва бо тавоф ва саъй ҳамроҳ бо санг задан ва тарошидани мӯҳо, аз эҳроми дуюм хориҷ шудаед ва ҳамаи чиз барои шумо ҷоиз аст, ҳатто ҳамхобӣ бо ҳамсаронатон. Эй мардум, ҳамоно ҳаҷкунанда дар рӯзи ид чор нусукро анҷом медиҳад: Санг задан, сипас ҳадя (мол) куштан, сипас тарошидани мӯҳо, сипас тавоф ва саъй байни Сафо ва Марва. Ин тартиб аз ҳама комилтар аст. Аммо агар баъзе аз ин нусукро баъзеашро ба ҷои баъзеаш анҷом додед, масалан пеш аз забҳ мӯҳоро тарошидед, ишколе надорад ва агар тавоф ва саъйро ба таъхир андохтед, то аз Мино хориҷ шавед, ишколе надорад ва агар забҳи ҳадяро ба баъд гузоштед ва дар рӯзи сездаҳум дар Макка забҳ

кардед ишколе надорад, хусусан замоне ки ба хотири ҳоҷат ва маслиҳат бошад.

Шаби ёздаҳумро дар Мино сипари кунед. Ҳангоме ки офтоб завол кард, дар ҳар се ҷамарот санг бизанед ва аз ҷамараи якум шурӯъ кунед, сипас миёна ва сипас ақаба. Ҳар кадомро ҳафт бор санг бизанед ва бо ҳар санг задан, такбир бигӯед. Вақти санг задан дар рӯзи ид, барои касе, ки тавонои дорад, аз баромадани офтоб ва барои шахси заиф аз охири шаб шурӯъ мешавад ва охири он то нишастани офтоб аст. Вақти он баъд аз ид, аз заволи офтоб то нишастани он аст ва пеш аз завол ҷоиз нест дар ҷамарот санг зада шавад. Аммо агар дар рӯз анбӯҳи мардум бисёр зиёд аст, ҷоиз аст дар шаб ин корро анҷом дод. Касе ки ба хотири хурдӣ ё бузургӣ ё беморӣ тавонои надорад санг бизанад, касеро ба ҷои худ вакили ин кор кунад ва ишколе надорад, ки вакил аз ҷои худ ва аз ҷои касе ки барои ӯ ин корро мекунад, дар як вақт, санг бизанад. Аммо агар мехоҳад ин корро бикунад, аввал бояд барои худ ин корро бикунад. Агар рӯзи дувоздаҳум, дар ҷамарот санг задед, ҳаҷ ба итмом расида аст ва шумо ихтиёр доред ки шитоб кунед ва биравед ва ё шаби сездаҳумро бимонед ва баъд аз завол, дар ҷамарот санг бизанед, ки ин беҳтар аст, зеро Расулуллоҳ ﷺ ингуна амал карданд. Ҳангоме ки хостед аз Макка хориҷ шавед, тавофи видоъ кунед ва зане ки дар ҳайз ё нифос аст, тавофи видоъ бар ӯ нест ва дар шаръ наомадааст, ки назди дари масҷид рафта ва дар канори он биистанд.

Саволҳо оиди мавзӯи ҳаҷ

5-Ҳаҷ бар кӣ фарз мешавад?
А).....
Б).....
Ҷ).....
Д).....
Ҳ).....
6-Аркони ҳаҷ чандто аст? О 2 О 3 О 4.
7-Эҳром рукне аз аркони ҳаҷ аст ва он пӯшидани изор ва чодар аз миқот аст. (Дуруст-хато)
8-Тавофи ифоза ғайри тавофи зиёрат аст, пас тавофи ифоза рукн ва тавофи зиёрат суннат аст. (Дуруст-хато)
9-Паёмбар ﷺ се ҳаҷ кардаанд. (Дуруст-хато)
10-Адои ҳаҷ фавран воҷиб аст. (Дуруст-хато)
11-Аҳли Мадина аз Яламлам эҳром мебанданд. (Дуруст-хато)
12-Миқоти замонии умра ҳамон моҳи Рамазон аст. (Дуруст-хато)
13-Ҷойҳои холиро дар ҷумлаҳои зерин пур кун:
Ҳаҷ ва умра.....дар умр.....як. Ва касе ҳаҷ кунад, пас .....ва.....аз гуноҳонаш тоза мешавад, монанди рӯзе ки модараш ӯро таваллуд кардааст. Ва барои ҳаҷҷи мақбул ҷазое нест, магар.....
14-Аҳли Макка барои ҳаҷ аз Танъим эҳром мебанданд. (Дуруст-хато)
15-Зан барои эҳромаш либоси сафед мепӯшад. (Дуруст-хато)
16-Барои касе ки қасди эҳром дорад, мустаҳаб аст, ки хушбӯи .....ва хушбӯи накунад.....
17-Барои зан пӯшидани либоси духта ҷоиз намебошад. (Дуруст-хато)
18-Барои эҳромдор пӯшидани камарбанд ҷоиз нест. (Дуруст-хато)
19-Зани эҳромдор намепӯшад.....ва на.....

20-Изтибоъ (китфи ростро кушода мондан) суннат аст дар: О Тавофи умра. ОТавофи қудум. ОТавофи зиёрат. ОЯкум ва дуюм фақат. ОҲамаи зикршудаҳо.

21-Мустаҳаб аст, ки бо шиддат саъй намояд. (Дуруст-хато)

22-Саъй ба.....шурӯъ мешавад ва дар..... ..... тамом мешавад.

23-Ҳоҷиён аз Арафа пеш аз шом мераванд. (Дуруст-хато)

24-Дар Арафа истодан воҷибе аз воҷибҳои ҳаҷ аст. (Дуруст-хато)

25-Амалҳои ҳаҷ аз рӯзи.....ибтидо мешавад ва то охири рӯзи.....идома меёбад.

26-Дар Арафа баромадани кӯҳ дар шариат наомадааст. (Дуруст-хато)

27-Ҳадя бар ҳоҷии таматтӯъкун ва қирон воҷиб аст ва барои муфрид (танҳо ҳаҷкун) суннат мебошад. (Дуруст-хато)

28-Талбия ба санг задани Ҷамараи Ақаба дар рӯзи ид қатъ мешавад. (Дуруст-хато)

29-Ҳаргоҳ ҳоҷӣ сангрезаро дар ҳавз партояд, дар сутун нарасад, санг заданаш дуруст аст. (Дуруст-хато)

30-Ҳоҷӣ дар рӯзи даҳум, дар ҳар се ҷамарот санг мезанад. (Дуруст –хато)

31-Санг задан дар рӯзҳои ташриқ баъди заволи офтоб шурӯъ мешавад. (Дуруст-хато)

32-Баъди санг задан дар ҷамараи Ақаба дуо машрӯъ аст. (Дуруст-хато

33-Агар тавофи ифозаро то вақти баромаданаш аз Макка ба таъхир гузорад, аз ба ҷои тавофи видоъ ҷоиз мегардад ва тавофи ифоза монанди тавофи умра аст, магар дар .....ва.....

34-Бар қорин ва муфрид воҷиб аст, ки саъй намоянд.... .....аммо таматтӯъкун, пас саъй мекунад.....

35-Ҳукми амалҳои зеринро зикр кун:

Масъала	Ҳукм
Ҳаққи хурдсол	
Ҳаққи зан бемаҳрам	
Ҳаққи қарздор	

Дарси понздаҳум

Ороста шудан ба ахлоқе ки шоиста аст, ки мусалмон ба он ороста бошад, аз ҷумла: Садоқат, амонат, иффат, ҳаё, шуҷоат, карам, вафо ва поки ҷустан аз ҳар чи Аллоҳ онро ҳаром намуда ва нек ҳамсоягӣ кардан ва бар андозаи тавонои мӯҳтоҷонро кумак кардан ва дигар ахлоқи зебое, ки Қуръон ва Суннат бар шаръӣ будани он далолат кардаанд.

Таълиққои муҳим:

-(Садоқат) дар гуфтор, кирдор ва эътиқодаш бо Аллоҳ содиқ бошад ва бо бандагони Аллоҳ содиқ бошад ва зидди он дурӯғ аст.

-(Амонат) фаризаи бузурге аст, ки инсон онро бардошта аст ва зидди он хиёнат аст.

-(Иффат) дӯрӣ аз ҳаром аст.

-(Ҳаё) ахлоқе аст, ки инсонро ба анҷом додани кори некӯ ва тарки кори зишт вомедорад.

-(Нек ҳамсоягӣ кардан) аз лозимаҳои ин пӯшидани чашм ва бар авратҳои ҳамсоягон иттилоъ нанамудан.

-(Ёрдами мӯҳтоҷ) Паёмбар ﷺ мефармояд: **"Касе аз мӯъмине як сахтие аз сахтиҳои дунёро бартараф кунад, Аллоҳ аз ӯ сахтие аз сахтиҳои рӯзи қиёматро бартараф мекунад. Ва касе бар фақире осон бигирад, Аллоҳ дар дунёву охират бар ӯ осон хоҳад гирифт. Ва касе айби мусалмонеро пӯшонад, Аллоҳ айби ӯро дар дунёву охират мепӯшонад. Ва Аллоҳ дар ёрии банда аст, модоме ки банда дар ёрии бародараш аст**". (Ривояти Муслим)

Дарси шонздаҳум

Бо одоби исломӣ адаб гирифтан

Ба одоби исломӣ адаб гирифтан ва баъзе аз онҳо:

Салом додан, тозарӯ будан, ба дасти рост таому шароб нӯшидан, вақти ибтидои таом хӯрдан бисмиллоҳ гуфтан, пас аз таом хӯрдан алҳамду лиллоҳ гуфтан, аёдати бемор, аз дунболи ҷаноза барои намоз рафтан ва дар маросими дафн иштирок кардан. Ва риояи одоби шаръӣ дар вақти дохил шудани масҷид, ё хона ва аз ин ду баромадан ва дар вақти сафар ва бо падару модар, хешовандон, ҳамсоягон, калон-солон, хӯрдсолон ва табрик гуфтан ба хотири навзод ва ба хотири туи арусӣ ва таъзияи мусибатдор ва ғайри ин аз одоби исломӣ дар пӯшидани либос ва кашидан ва наълро пӯшидан, риоя кардан.

Таълиқҳои муҳим:

-Гуфтаи ӯ: (Салом гуфтан), яъне салом додан ва комилтарини он: "Ассалому алайкум ва раҳматуллоҳи ва баракотуҳ" мебошад, бар касе ки мешиносӣ ва намешиносӣ салом медиҳӣ ва бар касе ки салом дод, ҷавоб медиҳӣ.

-Гуфтаи ӯ: (Ва ба дасти рост хӯрдан ва нӯшидан) аз рӯи воҷибӣ, ба се ангушт мехӯрад ва гирифтану ато кардан ба дасти рост мустаҳаб аст.

-Гуфтаи ӯ: (Дар ибтидои таом хӯрдан тасмия гуфтан,) яъне бисмиллоҳ гуфтан.

-Гуфтаи ӯ: (Пас аз таом хӯрдан, алҳамду лиллоҳ гуфтан) ба он чизе ки ворид шудааст, монанди гуфтани:

"Алҳамду лиллоҳиллази атъамани ҳозо ва разақаниҳи мин ғайри ҳавлим минни ва ло қувва".

Ва барои ӯ машрӯъ шудааст, ки аз наздаш бихӯрад ва ин ки таомро айб нагирад.

-Гуфти ӯ: (Ҳамд гуфтан баъд аз атса кардан), яъне алҳамду лиллоҳ гуфтан.

-Гуфти ӯ: (Ва гуфтани: "Ярҳамукаллоҳ" ба шахсе ки атса карда ва алҳамду лиллоҳ гуфта) яъне бигӯяд: (ярҳамукаллоҳ), сипас касе ки атса кард дар ҷавоб бигӯяд: "Яҳдикумуллоҳ ва юслиҳ болакум).

-Гуфти ӯ: (Ва аёдати бемор), яъне ӯро аёдат карда ва аёдаташро дар вақтҳои муносиб такрор кунад ва зиёд назди ӯ намонад ва ӯро аз раҳмати Аллоҳ ноумед накунад.

-Гуфти ӯ: (Ва дунболи ҷаноза рафтан барои намоз бар ӯ ва дафни он), ки хосси мардон аст, на занон.

-Гуфти ӯ: (Ва одоби шаръӣ ҳангоми дохил шудан ба масҷид, ё манзил ва аз онҳо хориҷ шудан), ҳангоми ворид шудан ба масҷид, пои ростро пеш гузошта ва мегӯяд: "Бисмиллоҳ вас салоту вас салому ало Расулиллоҳ, аллоҳуммафтаҳ лӣ абвоба раҳматик", "Ба номи Аллоҳ ва салавот васалом бар Расулуллоҳ, эй Аллоҳ дарҳои раҳмататро бар рӯям бикушо". Ва ҳангоми хуруҷ аз он, пои чапро аввал гузошта ва мегӯяд: "Бисмиллоҳ вассалоту вассалом ало Расулиллоҳ, аллоҳумма инни асъалука мин фазлик", "Ба номи Аллоҳ ва салавоту салом бар Расулуллоҳ, эй Аллоҳ фазли Туро мехоҳам". Аммо ба нисбати хона ҳангоми баромадан ва даромадан, пои ростро аввал гузошта ва ҳангоми хуруҷ

мегӯяд: (Бисмиллоҳ, тваккалту алаллоҳ ва ло ҳавла ва ло қуввата илло биллоҳ, аллоҳумма инни аъузу бика ан азилла ав узалл ва азил ав узалл ав азлима ав узлам ав аҷҳала ав юҷҳала алайя) ва ҳангоми дохил шудан ба он мегӯяд:(Аллоҳумма инни асъалука хайрал мавлиҷ ва хайрал махраҷ, бисмиллоҳи валаҷно ва бисмиллоҳи хараҷно ва алаллоҳи таваккално) сипас ба хонаводааш салом медиҳад.

-Гуфтаи ӯ: (Ва табрики издивоҷ гуфтан), яъне гуфтани: (Боракаллоҳу лакумо ва борака алайкумо ва ҷамаъа байнакумо фи хайрин).

-Гуфти ӯ: (Таъзия гуфтани шахси мусибатдор) дар муддати се рӯз, бар се рӯз афзуда намешавад.

Дарси ҳабдаҳум

Ҳазар кунондан аз ширк ва анвоъи маъсиятҳо

Ҳазар кардан ва ҳазар кунондан аз ширк ва анвоъи маъсиятҳо ва аз ҷумлаи он: Ҳафт гуноҳи ҳалоккунанда, яъне: Ширки ба Аллоҳ, сеҳр (ҷоду), куштани инсони бегуноҳ ҷуз ба ҳақ, рибо (просент) хӯрдан, хӯрдани моли ятим, аз майдони ҷанг гурехтан ва тӯҳмат задан ба занони покдоманӣ, ғофили мӯъмин.

Ва аз ҷумлаи он: Нофармонии падару модар, қатъи риштаи хешовандӣ, шаҳодати дурӯғ, қасамҳои дурӯғ, озор додани ҳамсоя, ба мардум дар ҷону молҳо ва обурӯяшон зулм кардан, шароб нӯшидан, қимор, ғайбат, суханчинӣ ва дигар умуре, ки Аллоҳ азза ва ҷалла ё Расулаш аз он наҳй кардаанд.

Таълиқҳои муҳим:

-Гуфти ӯ:(Ба Аллоҳ ширк овардан) ширки акбар ва асғар (хӯрд)-ро шомил мешавад.

-Гуфти ӯ:(Ва сеҳр) ва аз ҷумлаи он гармию хунукӣ аст, пас касе онро анҷом диҳад, ё ба он розӣ шавад, кофир мешавад. Ба назди онҳо рафтан, ё дар мавқеъҳои онҳо даромадан, ё мушоҳида кардани каналҳои сеҳр ва хондани газетаҳо ва журналҳое, ки дар он бурҷҳост, ҳаром мебошад. Ва ҷодуро бо ҷоду кушода намешавад, балки ба руқияи шаръӣ, дуо ва давоҳои мубоҳ, монанди ҳиҷомат муолиҷа карда мешавад.

-Гуфти ӯ: (Инсони бегуноҳеро ба ноҳақ куштан, ки Аллоҳ онро ҳаром гардондааст) хоҳ мусалмон бошад, ё ҳамаҳд, ё зиммӣ, ё касе ки амон дода шудааст.

-Гуфти ӯ: (Магар ба ҳақ) ва онон се нафар ҳастанд, ки ба ҳақ кушта мешаванд:"Қотил, беваи зинокор ва касе ки муртад (бедин) шудааст".

-Гуфти ӯ: (Ятим) он касе аст, ки падараш фавтида ва ӯ ба балоғат нарасидааст.

-Гуфти ӯ: (Ва аз майдони ҷанг гурехтан) мақсад лашкарҳое ки дар роҳи Аллоҳ меҷанганд, мебошад.

-Гуфти ӯ: (Ва туҳмати занони покдоман), яъне духтарони бокира ва мақсад заноне ки шавҳар доранд, нест.

-Гуфти ӯ: (Ва қасамҳои дурӯғ) ва инчунин аст ба ҷуз Аллоҳ қасам хӯрдан, монанди ба Паёмбар ﷺ ё ба шараф ё ҳаёт ё зимма ё ба қабрҳо, ё.....қасам хӯрдан.

-Гуфти ӯ: (Ва қиморбозӣ ва он майсир аст) он ҳар муомалаест, ки дар байни ғанимату товон, давр мезанад, монанди ё насиб.

-Гуфти ӯ: (Ва ғайбат) онро Паёмбар ﷺ ингуна таъриф намуданд ба фармудааш:"Бародаратро ба тавре ёд кунӣ, ки онро бад мебинад".

-Гуфти ӯ: (Суханчинӣ) он нақли сухан дар миёни мардум мебошад.

Ҳукми мусобиқа ва ғолиб омадан

Ба иваз ва ғайри он ҷоиз мебошад: Мусобиқаи асбдавонӣ, шутурдавонӣ ва тирандозӣ аз рӯи фармудаи Ӯ ﷺ: "Мусобиқа нест, магар дар шутурдавонӣ, ё асбдавонӣ, ё тирандозӣ".

Мутлақан ҳаром аст: Нард, шатранҷ ва монанди инҳо.

Беиваз ҷоиз аст ва боиваз ҷоиз нест: Ҳамаи мусобиқаҳо ба ҷуз он чизе, ки зикр шуд.

Дарси ҳаждаҳум

Омода кардани майит ва бар ӯ намоз гузоштан ва дафн кардани ӯ

Тафсилу баёни он чунин аст:

Якум: Талқини касе ки дар ҳоли марг аст, машрӯъ мебошад: "Ло илоҳа иллаллоҳ" ба далели фармудаи Расулуллоҳ ﷺ: "ло илоҳа иллаллоҳро ба мурдагонатон талқин кунед", мақсад аз "мурдагон" касоне ҳастанд, ки нишонаҳои марг дар онҳо пайдо шудааст.

Дуввум: Замоне ки аз марги шахс яқин ҳосил шуд, чашмонашро баста ва даҳонашро мебанданд, ба далели ҳадисҳое, ки дар суннат омадааст.

Сеюм: Ғусли майити мусалмон воҷиб аст, магар ин ки дар маъракаи ҷиҳод шаҳид шуда бошад, ки дар ин сурат на ғусл дода мешавад ва на бар ӯ намоз хонда мешавад, балки дар ҳамон либосе ки пӯшида аст, дафн мешавад, зеро Расулуллоҳ ﷺ шаҳидҳои Уҳудро на ғусл дод ва на бар онҳо намоз хонд.

Чаҳорум: Равиши ғусли майит: Авраташ пӯшонда мешавад, сипас каме ӯро баланд карда ва шикамашро ба нармӣ фишор медиҳанд, сипас касе ки ӯро ғусл медиҳад, порчае дар дастонаш печонда ва ӯро бо он тоза мекунад. Сипас ҳамон тавр ки барои намоз вузӯ мегиранд, барои майит вузӯ месозад. Сипас сару ришашро бо об ва сидр ва ҳамонанди он мешӯяд, сипас тарафи рост ва баъд тарафи чапи баданашро мешӯяд. Сипас барои бори дуввум ва сеюм низ ҳамонтавр ӯро мешӯяд ва дар ҳар бор дасташро бар шиками майит мекашад.

Агар чизе хориҷ шуд, онро мешӯяд ва маҳалро бо пахта ё чизе монанди он мебандад. Агар дар ҷои худ боқӣ намонд, бо хоки холис онро мебандад, ё ба василаҳои тиббӣ нав монанди часбак ё ҳамонанди он, пеши онро мегирад ва аз нав ӯро вузӯ медиҳад. Агар бо се бор тоза нашуд, панҷ бор ё ҳафт бор ин корро мекунад ва сипас ӯро бо либосе хушк мекунад ва зери ду бағал ва дохили ронҳояш ва аъзои саҷдаашро хушбӯй мезанад ва агар ҳамаи баданашро хушбӯи бизанад, некӯ аст ва кафанашро низ бухӯр мезанад.

Агар мӯйлаб ва нохунҳояш баланд аст, онҳоро кӯтоҳ мекунад ва агар ҳам онҳоро ҳамонтавр раҳо кунад, ишколе надорад ва мӯи сарашро шона намезанад ва мӯйҳои шармгоҳашро наметарошад ва ӯро хатна намекунад, ба хотири ин ки далеле барои ин кор вуҷуд надорад. Агар майит зан бошад, мӯҳояш ба сурати се даста бофта шуда ва дар пушташ қарор дода мешавад.

Панҷум кафан кардани майит: Беҳтар ин аст, ки мард дар се либоси сафед кафан шавад, ки дар байни онҳо курта ва сала набошад, чунон ки бо Расулуллоҳ ﷺ анҷом дода шуд. Дар онҳо печонда мешавад ва агар дар қамис, изор ва лифофа кафан шуд, ишколе надорад.

Зан дар панҷ либос кафан мешавад: Либоси комил, сарпӯш, изор ва ду лифофа.

Бача дар як то се либос кафан мешавад ва навзод дар як қамис ва ду лифофа кафан мешавад.

Дар мавриди ҳамаи инҳо, ҳадди ақал як либос ки ҳамаи ҷасадро бипӯшонад, воҷиб аст.

Аммо замоне ки майит дар эҳром бошад, бо об ва сидр ғусл дода мешавад ва дар изор ва чодаре ки пӯшида аст, ё дар ғайр аз онҳо кафан мешавад ва сару рӯяшро пӯшонда намешавад ва ба ӯ низ хушбӯи зада намешавад, зеро ӯ рӯзи қиёмат лаббайкагӯён ҳашр мешавад, чунон ки дар ҳадиси саҳеҳ аз Расулуллоҳ ﷺ ривоят шудааст.

Агар муҳрим (ҳоҷӣ) зан бувад, монанди дигар занон кафан мешавад, аммо ба ӯ хушбӯи зада намешавад ва рӯяш бо ниқоб ва дастонаш бо дасткаш пӯшонда намешавад, вале бо ҳамон кафане ки дар он кафан шудааст, пӯшонда мешаванд, чунон ки қаблан дар баёни равиши кафан кардани зан зикр шуд.

Шашум: Ҳақдортарин шахсҳо барои шустани ӯ ва бар ӯ намоз хондан ва дафн карданаш, касе аст ки худаш васият карда бошад, сипас падараш, сипас бобояш, сипас ҳар кас аз мардон, ки дар насаб ба ӯ наздиктар аст.

Ҳақдортарин шахс нисбат ба шустани зан:Касе аст, ки худаш васият карда бошад, сипас модар, сипас модарбузург ва сипас ҳар кас аз занон ки дар насаб ба ӯ наздиктар аст.

Зан ва шавҳар метавонанд ҳар як дигареро бишӯяд, зеро Абӯбакри сиддиқро ҳамсараш шуст ва Алӣ разияллоҳу анҳу ҳамсараш Фотима разияллоҳу анҳоро шуст.

Ҳафтум: Равиши намоз бар майит: Чор бор такбир гуфта мешавад ва баъд аз такбири аввал, сураи Фотиҳа хонда мешавад ва агар ҳамроҳ бо он як сураи хӯрд, ё як ё ду оят хонда шавад, некӯст. Далели он ҳадиси саҳеҳе аст, ки аз Ибни Аббос разияллоҳу анҳумо дар ин маврид омада аст. Сипас такбири дуюмро гуфта ва бар Расулуллоҳ ﷺ ҳамчунон ки дар ташаҳҳуд мехонад, салавот мефиристад.

Сипас такбири сеюмро гуфта ва мегӯяд: "Аллоҳуммағфир лиҳайино ва майитино" то "Аллоҳумма ло таҳримно аҷраҳу ва ло тузиллуно баъдаҳ".

Сипас такбири чорумро мегӯяд ва бо як салом аз тарафи рост, намозро ба итмом мерасонад.

Мустаҳаб аст ҳамроҳ бо ҳар такбир дастонашро боло барад.

Агар майит зан бошад, мегӯяд: "Аллоҳуммағфир лаҳо...". Агар ду майит бошад, мегӯяд: "Аллоҳуммағфир лаҳумо ....". Агар бештар аз ду майит бошад, мегӯяд: "Аллоҳуммағфир лаҳум.....".

Аммо замоне ки майит тифл аст, ба ҷои дуои мағфират, гуфта мешавад:"Аллоҳуммаҷъалҳу фаратан ва зухран ливолидайҳи ва шафиъан муҷобан, аллоҳумма саққил биҳи мавозинаҳумо ва аъзим биҳи уҷураҳумо ва алҳиқҳу бисолиҳил мӯъминин ваҷъалҳу фи кафолати Иброҳим вақиҳи бираҳматика азобал Ҷаҳим".

Суннат ин аст, ки агар майит мард бошад, имом рости сараш биистад ва агар зан бошад дар миёнаи ӯ биистад ва агар чандин ҷаноза бошад, ҷанозаи мард дар пеши имом ва ҷанозаи зан дар охир дар тарафи қибла гузошта мешавад. Агар ҳамроҳ бо онон кӯдакон низ бошанд, писарбача пеш аз зан гузошта мешавад. Сипас зан ва сипас духтарбача ва сари писарбача канори сари мард гузошта мешавад ва миёнаи зан канори сари мард ва духтарбача сараш дар канори сари зан гузошта мешавад ва васати ӯ канори сари мард қарор мегирад ва намозгузорон ҳамагӣ пушти сари имом меистанд. Аммо агар як нафар пушти сари имом ҷо надошта бошад, тарафи рости ӯ меистад.

Ҳаштум равиши дафни майит: Машрӯъ ин аст, ки қабр ба андозаи нисфи як мард, чуқури дошта бошад ва лаҳади он дар ҷиҳати қибла бошад ва майит бар паҳлуи росташ рӯ ба қибла дар лаҳад гузошта шавад ва гиреҳҳои кафан боз карда мешавад, аммо бардошта намешавад, балки ҳамонтавр раҳо мешавад. Рӯи майит низ кушода намешавад, чи майит мард бошад ва чи зан. Сипас бар ӯ хишт мегузоранд ва бар он каҳгил мезананд, то онро махкам карда ва монеъ аз рехтани хок бар майит шавад.

Агар бо хишт имконпазир набошад, ба ҳар чизи дигаре монанди лавҳ, ё санг, ё чуб, ки монеъ аз даромадани хок шавад, анҷом мегирад. Сипас хок дар қабр рехта мешавад ва мустаҳаб аст дар ҳангоми хок рехтан, гуфта шавад: " Бисмиллоҳ ва ало миллати Расулиллоҳ". Ва қабр ба андозаи як вақаб боло оварда мешавад ва агар имконпазир бувад, бар он сангреза рехта ва обпошӣ карда шавад. Барои ташйиъкунандагон машрӯъ аст, ки назди қабр истода ва барои майит дуо кунанд, зеро Расулуллоҳ ﷺ, замоне ки аз дафни майит фориғ мешуданд, бар он истода ва мефармуд: (Барои бародаратон талаби мағфират кунед ва аз Аллоҳ барои ӯ устуворӣ талаб кунед, зеро ҳоло ӯ пурсида мешавад).

Нуҳум: Барои касе ки бар майит намоз нахонда машрӯъ аст, ки баъд аз дафн намоз бихонад, зеро Расулуллоҳ ﷺ онро анҷом додаанд. Ба шарте ки аз дафни майит як моҳ ва камтар гузашта бошад. Агар бештар аз ин бошад намоз хондан бар қабр машрӯъ нест, зеро аз Расулуллоҳ ﷺ нақл нашуда ки Ӯ ﷺ бар қабре баъд аз гузаштани як моҳи аз дафн намоз хонда бошанд.

Даҳум: Барои аҳли майит ҷоиз нест, ки барои мардум ғизое омода кунанд, ба далели сухани саҳобии ҷалил Ҷарир ибни Абдуллоҳи Баҷалӣ разияллоҳу анҳу, ки гуфт: "Мо ҷамъ омадан бар аҳли майит ва омода кардани ғизо баъд аз дафни ӯро ҷузъе аз навҳахонӣ бар майит мешуморидем". Аммо дуруст кардани ғизо барои худ, ё меҳмононашон ишколе надорад ва барои наздикон ва ҳамсоягонаш машрӯъ аст, ки барои онҳо ғизо омода кунанд, зеро Расулуллоҳ ﷺ, замоне ки хабари марги Ҷаъфар ибни Абӯтолиб дар Шом ба Ӯ расид, хонаво-даашро дастур дод, ки барои хонаводаи Ҷаъфар таом омода кунанд ва фармуд: "Хабаре ба онҳо расида ки онҳоро машғули худ кардааст". Барои хонаводаи майит ишколе надорад, ки ҳамсоягонашон ва ё касони дигареро барои хӯрдани таоме ки барояшон оварда шудааст, даъват кунанд ва то ҷое ки аз шаръ медонем, барои он вақти муайяне таъйин нашудааст.

Ёздаҳум: Ҷоиз нест, ки зан ба хотири майит, бештар аз се рӯз даст аз зиннат бикашад, магар ин ки майит шавҳараш бошад, ки дар ин сурат воҷиб аст чор моҳу даҳ рӯз зиннат накунад ва дар сурате ки ҳомила бошад, то замони вазъи ҳамл даст аз зиннат мекашад, зеро дар ин маврид, суннати саҳеҳ аз Расулуллоҳ ﷺ собит шудааст.

Дувоздаҳум: Барои мардон машрӯъ аст, ки гоҳ-гоҳе қабрҳоро барои дуо ва раҳмат фиристодан бар онҳо ва ёдоварии марг ва баъд аз он зиёрат кунанд, ба далели фармудаи Расулуллоҳ ﷺ: "Қабрҳоро зиёрат кунед, зеро охиратро ба ёдатон меоранд" ва Ӯ ﷺ ба асҳобаш таълим медод, ҳангоме ки қабрҳоро зиёрат мекунанд, бигӯянд:

"Ассалому алайкум аҳлад диёр минал мӯъминин вал муслимин ва инно иншоаллоҳ бикум лоҳиқун, насъалуллоҳа лано ва лакумул офията, ярҳамуллоҳул мустақдимина минно вал мустаъхирин".

Аммо занон наметавонанд ба зиёрати қабрҳо бираванд, зеро Расулуллоҳ ﷺ фармудааст: "Аллоҳ занонеро ки қабрҳоро бисёр зиёрат мекунанд, лаънат кардааст". Ва ба ин хотир ки бо рафтани онҳо ба қабристон тарси фитна ва камсабрӣ вуҷуд дорад.

Ҳамчунин барои занон, ташйиъи ҷаноза то мақбара ҷоиз нест, зеро Расулуллоҳ ﷺ онҳоро аз он наҳй кардааст. Аммо намоз хондан бар майит, дар масҷид, ё дар мусалло (намозгоҳ) ҳам барои мардон ва ҳам барои занон, машрӯъ аст. Ин охири он чизест, ки ҷамъоварияш муяссар шуд. Ва саллаллоҳу ало набийино Муҳаммад ва олиҳи ва саҳбиҳ.

Ақсоми зиёрати қабрҳо

Зиёрати шаръӣ:
Ин аст ки ният кунад бо зиёрати қабр, охиратро ба ёд оварда ва низ барои зиёрати қабр, сафар накунад ва ният кунад, ки барои ӯ ва майитон дуоҳоеро, ки дар суннат ворид шуда аст, бикунад ва чизеро ки мухолифи шариат аст, анҷом надиҳад.

Зиёрати бидъӣ:
Ин аст, ки ният кунад, ки Аллоҳро дар назди қабр дуо мекунад.

Зиёрати ширкӣ:
Ин аст ки ният кунад, ки соҳиби қаброро ба дуо муроҷиат мекунад.

Саволҳо оиди мавзӯи гузашта

1-Ҳифзи низом ва одоби шаръӣ аз ахлоқи мусалмон аст. (Дуруст-хато)

2-Дини ман, маро ба ҳамнишинии бадон ва дурӣ аз некӯкорон амр мекунад. (Дуруст-хато)

3-Ислом ба мо омӯхта аст, ки дар муомалаи хидматгор, коргарон ва ғайра некӯкор бошем. (Дуруст-хато)

4-Дустӣ мекунем бо касе ки дигаронро бо забон ва дасташ озор медиҳад. (Дуруст-хато)

5-Замоне моро нафаре дашном диҳад, пас ҳамоно ман бар ӯ ҷавоб медиҳам ва лаззат мебарам. (Дуруст-хато)

6-Ислом ба ман омӯхтааст, ки ба мӯҳтоҷон ва заифон ёрӣ расонам. (Дуруст-хато)

7-Аз ҳаққи мусалмон бар мусалмони дигар ин аст, ки ӯро дар ҳоли бемориаш зиёрат кунад ва барои ӯ дуои шифо кунад. (Дуруст-хато)

8-Иттилоъ ёфтан бар розҳои ҳамсоягон аз сифатҳои мӯъминон аст. (Дуруст-хато)

9-Дӯстдоштатарини мардум дар назди Аллоҳ фоидаовардатарини онҳо барои мардум аст, мебошад. (Дуруст-хато)

10-Дуои баромадан аз манзил:(Бисмиллоҳи валаҷно ва бисмиллоҳи хараҷно ва ало раббино таваккално). (Дуруст-хато)

11-Барои касе ки маро дашном медиҳад, мегӯям:(Яҳдикумуллоҳу ва юслиҳу болакум). (Дуруст-хато)

12-Зикрҳо мусалмонро ҳифз мекунад ва ӯро ба Аллоҳ азза ва ҷалла наздик месозад. (Дуруст-хато)

13-Аломати муҳаббати ту барои бародари мусалмонат чист?

.....

14-Аз ҷумлаи чизе ки бар нуқсони имон далолат мекунад:Ба бародари мусалмонат ҳасад бурдан аст. (Дуруст-хато)

15-Сабабҳои ҷалбкунандаи муҳаббат чист?

.....

16-Аз масткунандаҳо ҳаром аст он чизе ки хамр (шароб) номида мешавад. (Дуруст-хато)

17-Дар таому шароб нафас кардан макрӯҳ аст. (Дуруст-хато)

18-Лесидани ангуштон баъди хӯрок хӯрдан ва пеш аз шустан мустаҳаб мебошад. (Дуруст-хато)

19-Миёнаравӣ ҳамон манҳаҷи талабшуда дар таом, либос ва зиннат мебошад. (Дуруст-хато)

20-Ҳақдортарини мардум ба шустан ва бар ӯ намоз хондан ва дафни ӯ.....сипас.....сипас.....сипас.....

21-Пардохти қарзи майит: ОВоҷиб. ОСуннат. ОМубоҳ аст.

22-Ҳукми дафни майит:О Суннат. ОВоҷиб. ОФарзи кифоя аст.

23-Ҳукми талқини касе ки марг ӯро фаро расидааст:О Воҷиб. ОСуннат. ОҲаром аст.

24-Ҳукми ҳозир шудани касе ки бар шустани майит ёрӣ намерасонад:О Ҳаром. ОМубоҳ. ОМакрӯҳ аст.

25-Ҳаргоҳ майит дар қабр дохил карда шуд, гиреҳҳои кафан кушода мешавад. (Дуруст- хато)

26-Яке аз зану шавҳар дигариашро намешуяд, зеро ақди никоҳ ба сабаби вафот қатъ шудааст. (Дуруст-хато)

27-Барои мард ва зан шустани касе ки барои ӯ.....

.....

28-Бар касе ки намоз хондани бар майит фавт шуд, гузорад.....

.....ва ин дар ҳудуди.....

29-Бар майит гиристан мутлақан ҷоиз аст. (Дуруст-хато)

30-Майит дар лаҳадаш рӯ ба қибла гузошта мешавад. (Дуруст-хато)

Феҳрасти мавзӯъҳо

Шарҳи муқаддима.....2
Шарҳи дарси аввал: Сураи Фотиҳа ва сураҳои кӯтоҳ.....4
Барчидаҳо аз тафсири: "Тайсир-ул-Карим-ир-Раҳмон".....6
Саволҳо оиди муқаддима ва тафсир.....50
Шарҳи дарси дуввум: Аркони Ислом.....63
Шарҳи дарси сеюм: Аркони имон.....72
Шарҳи дарси чорум: Қисмҳои тавҳид ва ширк.....78
Шарҳи дарси панҷум: Эҳсон.....83
Саволҳо оиди тавҳид.....84
Шарҳи дарси шашум: Шартҳои намоз.....89
Шарҳи дарси ҳафтум: Аркони намоз.....93
Шарҳи дарси ҳаштум: Воҷибҳои намоз.....95
Шарҳи дарси нуҳум: Баёни ташаҳҳуд.....96
Шарҳи дарси даҳум:.....97
Шарҳи дарси ёздаҳум: Суннатҳои намоз.....99
Ҳукмҳои саҷдаи саҳв.....101
Хулосаи равиши намоз бо сурат.....102
Хулоса оиди намозҳо ва ҳукмҳои онҳо.....112
Саволҳо оиди намоз.....117
Шарҳи дарси дувоздаҳум: Шартҳои вузӯ.....123
Шарҳи дарси сездаҳум: Фарзҳои вузӯ.....125
Шарҳи дарси чордаҳум: Шиканандаҳои вузӯ.....126
Хулосаи равиши вузӯ бо сурат.....128
Мавзӯи вобаста ба таҳорат.....131
Саволҳо оиди таҳорат.....135
Илова дар ҳукмҳои закот.....138
Саволҳо оиди закот.....145
Илова дар мавзӯи рӯза.....148
Саволҳо оиди рӯза.....155

Илова дар мавзӯи ҳаҷ ва умра.....158
Саволҳо оиди ҳаҷ.....167
Шарҳи дарси понздаҳум: Ба ахлоқи шаръӣ ороста шудан.....170
Шарҳи дарси шонздаҳум: Ба одоби исломӣ одоб гирифтан.....171
Шарҳи дарси ҳабдаҳум: Аз ширк
ва маъсиятҳо ҳазар кунондан.....174
Шарҳи дарси ҳаждаҳум: Омода кардани майит.....177
Саволҳо оиди одоб ва ҷанозаҳо.....185
Феҳрасти мавзӯъҳо.....187

Феҳрасти сарчашмаҳо

1). Қуръони Карим ба ривояти Ҳафс аз Осим.
2). "ал-Ҷомеъ-ул-муснад-ис-саҳеҳ, ал-мухтасар мин умури Расулиллоҳ ﷺ ва сунаниҳи ва айёмиҳ"-и имом Абӯабдуллоҳ Муҳаммад ибни Исмоили Бухории Ҷӯъфӣ раҳимаҳуллоҳ. (т:256 ҳиҷрӣ).
3). "ал-Ҷомеъ-ул-муснад-ис-саҳеҳ"-и имом Абӯлҳусайн Муслим ибни Ҳаҷҷоҷи Нишопурӣ раҳимаҳуллоҳ (т:261 ҳиҷрӣ)
4). "Шарҳ-ул-мумтиъ ало зодил мустанқаъ"-и шайх Муҳаммад ибни Солеҳи Усаймин раҳимаҳуллоҳ (1421 ҳиҷрӣ).
5). "ал-Қавл-ул-муфид ало китоб-ит-тавҳид"-и Усаймин раҳима-ҳуллоҳ.
6). "Тайсир-ул-карим-ир-Раҳмон фи тафсири калом-ил-Маннон"-и шайх Абдурраҳмон ибни Носири Сиъдӣ раҳимаҳуллоҳ (т:1376 ҳиҷрӣ).

Соати 17:32, рӯзи 25/1/1439 ҳиҷрӣ мувофиқи 15/10/2017 мелодӣ тарҷумаи ин китоб ба фазлу раҳмати Аллоҳ таъоло ба поён расид, аз Аллоҳ таъоло мепурсам, ки ин амалро дар мизони ҳасанотам қарор диҳад, ҳамоно Ӯ қодиру тавоно аст.

Ба қалами:**Шаҳобиддин Солиҳ**
Мадинаи Мунаввара

Фатҳул-муъин дар наздик кардани роҳи солеҳон ва баёни фиқҳ дар дин

Аз они аллома Абдурраҳмон ибни Носири Саъдӣ раҳимаҳуллоҳ таъоло

فَتْحُ الْمُعِينِ فِي تَقْرِيبِ

«مَنْهَجِ السَّالِكِينَ وَتَوْضِيحِ الْفِقْهِ فِي الدِّينِ»

للعَلَّامة عبد الرَّحمن بن ناصرٍ السِّعدي رحمه الله تعالى

بقلم الفقير إلى عفو ربّه: هيثم بن محمَّد سرحان

المدرّس بمعهد الحرم بالمسجد النَّبويّ –سابقًا– والمشرف على معهد السُّنَّة

Бо қалами ниёзманд ба авфи Парвардигораш: Ҳайсам ибни Муҳаммади Сарҳон Муаллими донишкадаи Ҳарам дар масҷиди Набавӣ қаблан ва роҳбари донишкадаи Суннат

http://www.alsarhaan.com

Аллоҳ ӯро ва волидайнаш ва касонеро, ки дар таҳияи ин китоб кӯмак кардаанд, бибахшад

Нашри аввал

Ҳуқуқи чоп, паҳнкунӣ ва тарҷума барои ҳар як мусалмон дастрас аст

Лутфан бо мо тавассути почтаи электронӣ тамос гиред:

islamtorrent@gmail.com

Иҷозати вазорати иттилоот

ⓒ هيثم محمد سرحان ، ١٤٤٣هـ

فهرسة مكتبة الملك فهد الوطنية أثناء النشر

سرحان ، هيثم محمد جميل عبدالغني
كتاب فتح المعين في تقريب : منهج السالكين وتوضيح الفقه في الدين للعلامة عبدالرحمن ناصر السعدي رحمه الله تعالى. / هيثم محمد جميل عبدالغني سرحان .- الرياض ، ١٤٤٣هـ
١٧٢ ص ؛ ..سم

ردمك: ٤-٩٤٢٣-٠٣-٦٠٣-٩٧٨

١- الفقه الحنبلي أ.العنوان
ديوي ٢٥٨,٤ ١٤٤٣/٢٧١٩

رقم الإيداع: ١٤٤٣/٢٧١٩
ردمك: ٤-٩٤٢٣-٠٣-٦٠٣-٩٧٨

Муқаддимаи шарҳ

Бисмиллоҳир Раҳмонир Раҳим

Ҳамду ситоиш аз Аллоҳ аст, Ӯро ҳамд мегӯем ва аз Ӯ талаби ёрӣ меҷӯем ва омурзиш талаб мекунем ва аз бадиҳои нафсҳои худ ва аз бадии амалҳоямон ба Ӯ паноҳ мебарем, ҳар касро, ки Аллоҳ ҳидоят кунад, барои ӯ гумроҳкунандае нест ва касеро гумроҳ кунад, барои ӯ роҳнамое нест ва гувоҳӣ медиҳам, ки ҳеҷ маъбуди ҳаққе ҷуз Аллоҳ нест, ягона асту шарике надорад ва гувоҳӣ медиҳам, ки Муҳаммад саллаллоҳу алайҳи ва саллам банда ва расули Ӯст. (**Эй касоне ки имон овардаед! Аз Аллоҳ он гунае ки шоистаи тарсидан аз Ӯст битарсед ва намиред, магар ин ки мусалмон бошед**), (**Эй мардум аз Парвардигоратон битарсед, он зоте ки шуморо аз як тан офарид ва ҳамсарашро низ аз ӯ офарид ва аз он ду мардон ва занони бисёре пароканда кард ва аз Парвардигоре, ки ба Ӯ аз ҳамдигар дархост мекунед ва аз "кандани" пайванди хешовандӣ бипарҳезед, албатта Аллоҳ бар шумо мурақиб аст**), (**Эй касоне ки имон овардаед! Аз Аллоҳ битарсед ва сухани дуруст бигӯед, то "Аллоҳ" корҳоятонро бароятон ислоҳ кунад ва гуноҳонатонро биёмурзад ва ҳар кас ки аз Аллоҳ ва паёмбараш итоат кунад, яқинан ба комёбии бузурге ноил шудааст**). Аммо баъд: Ин китоб "Манҳаҷус соликин ва тавзеҳул фиққи фид дин" аз ҷомеътарин хулосаҳои фиққӣ аст, ки бе ишора бар ихтилоф, дурусттарин масъалаҳои фиққиро зикр кардааст. Ҳамчунон муаллиф раҳимаҳуллоҳ ҳарис буд, ки он чизеро, ки бартар медонад бо далел аз Қуръону суннат собит кунад ва муаллиф онро нек анҷом дод ва ифода кард, як гурӯҳ олимон ба омӯхтани ин китоб ва ба он диққат додан тавсия кардаанд. Аз ин рӯ, мо хостем, ки онро барои донишомӯзони ибтидоӣ бо роҳи нав пешкаш кунем ва дар он масъалаҳоро тақсим кардем. Ва мо баён кардем, ки муроди муаллиф дар он чист ва равиши мо дар китоб ба тарзи зер ҷамъбаст шудааст:

- Забти матн ва ба он диққат додан.
- Матнро дар ҷадвалҳо бо заминаи кабуд қарор додан.
- Он чизеро, ки аз шарҳдиҳанда дар равиши матн илова карда шудааст, ба қавси мураббаъ [...] ва он бо сиёҳ дар мобайни матн ва бо ранги кабуд дар сарлавҳаҳо қарор дода шудааст.
- Илова кардани баъзе тавзеҳот ва иловаҳо ба он чизе, ки муаллиф раҳимаҳуллоҳ зикр кардааст, аз ҷумла: Илова кардани баъзе ҳудуд ва дар ҳолати зарурӣ ҷамъбастҳоро дар шакли ҷадвалҳо дар бобҳои аввал қарор додан.

Ва мо ба бештари изофаҳо такя кардем бар он чизе ки шайх аллома Муҳаммад ибни Солеҳ Усаймин, Аллоҳ таъоло ӯро раҳмату мағфират кунад, қарор додааст, ӯ шогирди муаллиф аст. Ин дар китобҳои ӯ "Шарҳи мумтиъ ала зодил мустақниъ" ва "Фатҳу зилҷалоли вал икром бишарҳи Булуғил маром" омадааст.

Аз Аллоҳ таъоло мехоҳем, ки ин асарро аз мо бипазирад ва барои ваҷҳи каримаш холис гардонад ва барои хонанда ва омӯзанда нафъ диҳад, зеро Ӯ шунавову доност.

Муқаддимаи муаллиф

Бисмиллоҳир Раҳмонир Раҳим

Ва аз Ӯ ёрӣ меҷӯем

Ҳамду ситоиш аз Аллоҳ аст, Ӯро ҳамд мегӯем ва аз Ӯ талаби ёрӣ меҷӯем ва омурзиш талаб мекунем ва аз бадиҳои нафсҳои худ ва аз бадии амалҳоямон ба Ӯ паноҳ мебарем, ҳар касро, ки Аллоҳ ҳидоят кунад, барои ӯ гумроҳкунандае нест ва касеро гумроҳ кунад, барои ӯ роҳнамое нест ва гувоҳӣ медиҳам, ки ҳеҷ маъбуди ҳаққе ҷуз Аллоҳ нест, ягона асту шарике надорад ва гувоҳӣ медиҳам, ки Муҳаммад саллаллоҳу алайҳи ва саллам банда ва расули Ӯст. Аммо баъд: Ин китоби мухтасари фиқҳ аст, ки дар он масъалаҳо ва далелҳоро ба ҳам ҷамъ овардам ва онро ба масъалаҳои муҳимтарин маҳдуд кардам ва нафъи он бузургтар аст, аз рӯи сахт зарур будани он ба ин мавзӯъ ва бештар ба далел иктифо мекунам, агар ҳукм дар он равшан бошад, барои осонӣ ва фаҳми он бар ибтидокунандагон, зеро:

Илм: донистани ҳақ бо далелаш аст.

Ва фиқҳ: Донистани ҳукмҳои шаръӣ бо далелҳояшон аз Қуръон, суннат, иҷмоъ ва қиёси дуруст аст.

Ва аз тарси дароз кардан, ман бар далелҳои машҳур иктифо кардам ва агар масъалаи баҳсбарангези хилофӣ бошад, ман танҳо ба қавле, ки аз рӯи далелҳои шаръӣ дар назди ман бартарӣ дошт, иктифо кардам.

Саволи муҳим: Чаро мо фиқҳро меомӯзем?

Ҷавоб: Ибодат қабул намешавад магар ба ду чиз:

Ихлос:
Он қасди ризои Аллоҳ азза ва ҷалла ба ягонагияш бешарик ва бе риё, аз ин рӯ тавҳидро меомӯзем.

Пайравӣ кардан:
Он пайравии шариате ки ба он паёмбарамон Муҳаммад саллаллоҳу алайҳи ва саллам овардааст, аз ин рӯ фиқҳро меомӯзем.

Аҳкоми шаръӣ ба ду қисм тақсим мешавад:
[1] Аҳкоми [таклифӣ] панҷто аст:

Ҳукм	Таъриф	Ҳад	Боз номида мешавад:
[а] Воҷиб	Касе онро [аз рӯи фармонбардорӣ кунад], савоб дода мешавад ва касе онро тарк кунад, ҷазо дода мешавад [чунки лоиқи он аст].	Шореъ бар ваҷҳи ҳатмӣ ба он амр карда аст.	Фарз, фариза, ҳатмӣ, лозимӣ.
[б] Ҳаром	Зидди он[яъне: воҷиб] аст	Шореъ бар ваҷҳи ҳатмӣ аз он манъ карда аст.	муҳарра/ мамнӯъ
[ҷ] Макрӯҳ	Касе онро [аз рӯи фармонбардорӣ кунад], савоб дода мешавад ва касе онро тарк кунад, ҷазо дода намешавад	Шореъ аз он манъ карда аст, на бар ваҷҳи ҳатмӣ.	Баддидашуда
[ҷ] Маснун	Зидди он [яъне: макрӯҳ] аст	Шореъ ба он амр карда аст, на бар ваҷҳи ҳатмӣ.	Суннат/мустаҳаб/нафл/мандуб/рағиба/фазилат.
[ҳ] Мубоҳ	Кардан ва накардани он баробар аст.	Ба худи он амр ва наҳӣ бастагӣ надорад.	Ҳалол/ ҷоиз

[2] Аҳкоми вазъӣ: Аз ҷумлаи он:

[Саҳеҳ]	[фосид]	[сабаб]	[шарт]	[монеъ]

Ва бар шахси амршуда ва ӯ болиғу оқил аст, воҷиб аст, ки аз он ҳар он чизеро ки дар ибодатҳояш, муомалоташ ва дигар чизҳое ки ба он эҳтиёҷ дорад, биомӯзад.
Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд: "**Аллоҳ ба ҳар кӣ хайр хоҳад, ӯро дар дин донишманд гардонад**". Ҳадиси муттафақун алайҳ аст.

Мазмуни китоб:

Аввал: ибодатҳо

Аз он оғоз мешавад, зеро он бошарафтар аст ва он: Асосҳои Ислом аст, сипас ҷиҳод аст.

- Китоби таҳорат.
- Китоби намоз.
- Китоби ҷанозаҳо.
- Китоби закот.
- Китоби рӯза.
- Китоби ҳаҷ.
- Китоби ҷиҳод (муаллиф раҳимаҳуллоҳ ин китобро мухтасар зикр кард).

Дуюм: Муомилот

Зеро таклифшуда ба он эҳтиёҷ дорад ва он мувофиқи эҳтиёҷ ба тартиб оварда шудааст, чун мардум ба ғизо ва нӯшидан ниёз доранд ва онро бо хариду фурӯш ба даст меоранд. Агар сер гардад, хостори издивоҷ мешавад ва шояд талоқ сурат бигирад ва идда дорад. Гоҳо бар алайҳи касе ҷиноят мекунад, аз рӯи бадӣ ва кибре, ки ӯ воқеъ шудааст, ба монеа ниёз дорад, пас қисос, ҳудуд ва қазоро зикр карданд...то охир. Ва баёни бобҳо:

- Китоби хариду фуруш.
- Китоби меросҳо.
- Китоби никоҳ.
- Китоби маҳрҳо.
- Китоби талоқ.
- Китоби иддаҳо ва покӣ.
- Китоби таомҳо.
- Китоби ҷиноятҳо.
- Китоби ҳудуд.
- Китоби қазо, даъвоҳо, ҳуҷҷатҳо ва анвоъи шаҳодатҳо.

Чаро фақеҳҳо китобҳои худро ба китоби таҳорат оғоз мекунанд?

Чунки он ба рукни нахустини ислом дахл дорад, пеш аз поксозии зоҳир пок шудан ботин лозим аст.	Чунки тоза кардан, пеш аз оростан аст	Чунки ибодат бе ихлос ва пайравӣ қабул намешавад.	Чунки он аз шартҳои намоз ва пеш аз он аст

Фақеҳҳо китобҳои фиқҳро ба чӣ хатм мекунанд?

Боби эътироф (ин беҳтар аст) Фоли нек задан ба ин ки хотимаашон ба тавҳид бошад	Боби озод кардан: Фоли нек задан ба ин ки дар рӯзи қиёмат аз оташ озод шаванд.

Истилоҳи урфии хос ба тартиб додани китобҳо аз рӯи осон кардан барои донишҷӯён чунин аст:

[1]Тақсими китоб ба китобҳо.	[2]Тақсими китобҳо ба бобҳо.	[3]Тақсими бобҳо ба фаслҳо.	[4] Тақсими фаслҳо ба масъалаҳо.

Фасл оиди ду шаҳодат

Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд: "Ислом бар панҷ поя бино шудааст: "Гувоҳӣ додан, ки маъбуди ҳаққе ҷуз Аллоҳ нест ва ин ки Муҳаммад расули Аллоҳ аст ва барпо доштани намоз ва додани закот ва ҳаҷҷи Хона ва рӯзаи Рамазон". Ҳадиси муттафақун алайҳ аст.

Гувоҳии (нест маъбуди барҳақ ҷуз Аллоҳ): Донистан, эътиқод кардан ва лозим гирифтани банда ба ин ки касе ҷуз Аллоҳи ягона, ки Ӯро шарике нест, лоиқи илоҳӣ ва парастиш нест.

Ин бар банда воҷиб мегардонад, ки ҳамаи динро холис барои Аллоҳ таъоло гардонад ва ҳамаи ибодатҳои зоҳирӣ ва ботинияш барои Аллоҳи ягона бошад ва ин ки дар ҳамаи умури дин ба Ӯ чизеро шарик нагирад.

Ва ин асли дини ҳамаи расулон ва пайравони онҳост. Ҳамчуноне ки Аллоҳ таъоло фармуд:

"Ва (Мо) пеш аз ту ҳеҷ паёмбареро нафиристодем, магар ки ба ӯ ваҳӣ кардем, ки маъбуди ҳаққе ҷуз Ман нест, пас танҳо Маро ибодат кунед".

Ва гувоҳии ин ки Муҳаммад расули Аллоҳ аст: Банда эътиқод намояд, ки Аллоҳ Муҳаммад саллаллоҳу алайҳи ва салламро ба сӯи инсу ҷин башоратдиҳанда ва тарсдиҳанда фиристод, онҳоро ба сӯи ягона парастидани Аллоҳ, ба тасдиқи хабари Ӯ ва итоати амрҳои Ӯ ва аз манъкардаҳои Ӯ парҳез кардан даъват мекунад ва ин ки дар дунёву охират саодату салоҳ намебошад, магар ба имон доштан ба Ӯ ва ба тоати Ӯ саодат ҳосил мешавад ва ин ки муҳаббати Ӯ пеш аз муҳаббати нафс, фарзанд ва ҳамаи мардум воҷиб мебошад.

Ва Аллоҳ ба мӯъҷизаҳое, ки ба рисолати Ӯ далолат мекунад ва ба он илмҳои комил ва ахлоқи олие, ки Аллоҳ Ӯро офарида ва ба он ҳидоят, раҳмат, ҳақ ва маслиҳатҳои динӣ ва дунявие, ки дини Ӯ шомил мешавад, Ӯро тақвият додааст.

Мартабаҳои дин сето аст:

1-Ислом: Он барои Аллоҳ ба тавҳид таслим шудан ва ба тоат сар фурӯ овардан ва аз ширк ва аҳли он безорӣ ҷустан аст ва он панҷ асос дорад.

2-Имон: Шаш асос дорад: Ба Аллоҳ, малоикаҳои Ӯ, китобҳои Ӯ, расулони Ӯ, рӯзи охират ва тақдири хайр ва бадаш имон дошта бошӣ.

3-Эҳсон: Як рукн дорад: Аллоҳро ибодат кунӣ, гӯё ки Ӯро мебинӣ, агар Ӯро набинӣ, пас Ӯ туро мебинад.

[Китоби Таҳорат]

Қисмҳои таҳорат:

1-Таҳорати маънавӣ: Аз ширк, бидъат ва маъсиятҳо пок будан.

2-Таҳорати ҳиссӣ:

а-Покӣ аз бетаҳоратӣ:

- Бетаҳоратии бузург (ғусл)
- Бетаҳоратии хурд (вузӯ-обдаст).

б-Покӣ аз наҷосат дар:

- Бадан
- Либос
- Макон

Ҳадас: Васфест дар бадан, ки аз намоз ва монанди он аз амалҳое, ки таҳорат дар он шарт аст манъ мекунад, монанди тавоф.

Наҷосат: Ҳар чизе ки покӣ аз он воҷиб аст, мисли пешоб ва пасафкандаи одамӣ.

Таҳорат ҳосил мешавад ба:

1-Об (ин асл аст) ва тақсим мешавад ба:

(а) Поккунанда: Таҳорат ба он саҳеҳ мешавад.

(б) ва наҷис: Таҳорат ба он саҳеҳ намешавад.

Хок (дар таяммум ва ин фаръ аст): Хок дар вақти набудани об ё оҷиз омадан аз истифодаи он ҳадаси бузург ва хурдро бар-тараф мекунад.

Баъд аз қазои ҳоҷат ҷамъ байни ду амр ҷоиз аст-ва ба яке аз онҳо иктифо карда мешавад-:

(1)Истинҷо: Танҳо ба об мешавад

(2) Истиҷмор: Ба се санг ва монанди ҷои наҷосати одатӣ пок карда мешавад.

Наҷосат: Ҳар чизе ки покӣ аз он воҷиб мебошад ва ба эътибори дур кардани он тақсим мешавад ба:

(1) Ғализ:	(2) Сабук:	Миёна:
Он палидии саг аст, Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам ба шустани зарфе ки аз он саг лақида аст амр кард, ки ҳафт бор шуста шавад, якеаш бо хок.	Танҳо ба пошидани об беҷафидан дур мешавад ва барои пешоби писарбачае, ки таом намехӯрад ва мазӣ мебошад. Ва манӣ бо вуҷудӣ пок буданаш, Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам агар он тар мебуд, об мепошид ва агар хушк мебуд, онро тарошида пок мекард.	Ба шустан дур мешавад ва он пошидани об бо ҷафидан аст, он ҳар палидие ҷуз ғализ ва сабук аст, мисли пешоби марду зан ва дигар наҷосатҳост.

Суннатҳои фитрат:

(1) Хатна:	(2-5) Кӯтоҳ кардани мӯйлаб ва кӯтоҳ кардани нохун ва чиндани мӯи зери бағал ва тарошидани мӯи зери ноф:	(6) Гузоштани риш:
Буридани пӯсте, ки сари андоми мардиро мепӯшонад, то дар онҷо ифлосӣ ҷамъ нашавад ва битавонад, ки аз пешоб онро пок намояд, барои мардон воҷиб ва барои заноне, ки ба он эҳтиёҷ доранд суннат аст.	**Кӯтоҳ кардани нохун,** зеро нагирифтани он сабаби ҷамъ шудани ифлосиҳо дар зери он мешавад. **Ва чиндани мӯи зери бағал,** дӯр кардани мӯе, ки дар зери бағал мерӯяд, хоҳ ба чиндан, ё тарошидан, ё ғайра дур карда шавад, зеро дар дур кардани он покӣ ва қатъи бӯи бад аст. Ва мӯи зери ноф, он мӯест, ки дар атрофи андоми пеш мерӯяд ва дур кардани он бетарошидан имкон дорад, мисли тозакунандаҳои сохташуда. Аз Анас разияллоҳу анҳу ривоят аст: "**Барои мо дар кӯтоҳ кардани мӯйлаб, нохун, чиндани мӯи зери бағал ва тарошидани мӯи зери ноф вақт муайян карда шуд, ки онро аз чил рӯз зиёд тарк накунем**", ривояти Муслим. Шоиста нест, ки ин умур аз чил рӯз зиёд тарк карда шавад.	Ҳукми гузоштани риш воҷиб ва тарошидани он аз гуноҳони бузург аст.

Мисвок: Он истифода бурдани чуби арок ва монанди он дар тоза кардани дандонҳост ва ҳукми он суннат аст. Он дар ҳама вақт суннат аст ва: Дар вақти таҳорат, намоз, даромадани хона, хондани Қуръон, аз хоб хестан, марг ва тағйир ёфтани бӯи даҳон таъкид мешавад.

(8-10) Об дар даҳон кардан ва шустани бароҷим ва интиқоси об аст: Бароҷим гиреҳҳои ангуштон ва мафсалҳост ва интиқоси об ҳамон истинҷо аст. Далели он ҳадиси Оиша разияллоҳу анҳо дар Саҳеҳи Муслим аст.

Фасл (дар қисмҳои таҳорат)

Намоз: Пеш аз намоз шартҳост, аз ҷумлаи он таҳорат аст: Чуноне ки Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд: "**Аллоҳ намозеро бетаҳорат қабул намекунад**". Ҳадиси муттафақун алайҳ аст. Касе ки худро пок намекунад аз:

(1) Бетаҳоратии бузургу хурд.	(2) Ва наҷосат.

=Пас барои ӯ намоз нест. Ва таҳорат ду навъ аст:

(1)Якум: Ба об таҳорат кардан ва ин асл аст.	**(2)Дуюм:** Таҳорат бо хок ва ин фаръ аст.

Ақсоми обҳо: (Дуруст ин аст, ки об танҳо ду тақсим мешавад: Поку поккунанда ва наҷис).

(1)Ҳар обе ки аз осмон меборад, ё аз замин мебарояд, пас он поку поккунанда аст, аз ҳадасҳо ва палидиҳо пок мекунад, агарчи ранг, масза ё бӯи он ба шайъи пок тағйир ёбад, чуноне ки Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд: "**Об поку поккунанда аст, чизе онро наҷис намекунад**". Соҳибони Сунанҳо инро ривоят карда ва саҳеҳ аст.	(2)Агар яке аз сифатҳои об (яъне масза, ранг ё бӯяш) ба наҷосат тағйир ёбад, пас он наҷис аст, аз он парҳез кардан воҷиб аст.

Асос дар шайъҳо покӣ ва равогӣ аст, агар:

(1)Мусалмон дар наҷосатии об, либос, макон ё ғайра шак кард, пас он пок аст.	(2)Ё дар таҳорат яқин дорад ва дар бетаҳорати шак кунад, пас ӯ ботаҳорат аст.

Аз рӯи фармудаи Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам дар ҳаққи марде ки хаёл мекунад, ки дар намоз чизеро эҳсос мекунад: "**Аз намоз берун намешавад, то садоеро шунавад ё бӯеро ҳис кунад**". Ҳадиси муттафақун алайҳ аст.

Инро қоидаи фиққие, ки бар он иҷмоъ шудааст, тақвият медиҳад ва он қоида ин аст: (**Яқин ба шак аз байн намеравад**) ва маънояш ин аст, ки чизе ба яқин собит шуд, танҳо ба яқин аз байн меравад ва ба шакку ваҳм аз байн намеравад. Ва Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам дар оби баҳр фармуд: "**Оби он поку поккунанда ва худмурдаи он ҳалол аст**". Ривояти Бухорӣ.

Боб оиди зарфҳо

Сабаби зикри зарфҳо дар боби таҳорат чист?

Об гавҳари равон аст, ки ҳифзи он имкон надорад, магар дар зарф, аз ин рӯ боби зарфҳоро баъди боби обҳо зикр карданд. Ва маълум аст, ки ҳар чизе ки ду муносибат дошта бошад, дар муносибати якум зикр карда мешавад ва дар дуввум бар он гардонда мешавад, зеро агар дар дуввум гузошта шавад, фоидаи он дар якум фавт мешавад, агар дар якум зикр шавад, фоидаи он дар дуввум фавт намешавад.

Истифодаи ҳамаи зарфҳо раво аст, ҷуз зарфи тиллоӣ ва нуқрагӣ ва зарфе ки дар он чизе аз инҳост, ба ҷуз андаке нуқра ба хотири ба он эҳтиёҷ доштан. (Осим гуфт: Ман зарфи Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва салламро дар пеши Анас ибни Молик дидам, ки ду пора шуда буд, пас онро ба нуқра пайваста буд).

Шартҳои раво будани истифодаи нуқра дар зарф, чунин аст:

(1)Забба ва он силсилаест, ки ба он ду порашударо пайваст карда шавад.	(2) Андак.	(3) Нуқра бошад.	(4) Аз рӯи эҳтиёҷ доштан.

Аз рӯи фармудаи Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам: "**Дар зарфи тилло ва нуқра нанӯшед ва дар косаи бузурги он нахӯред, ҳамоно он барои кофирон дар дунё ва барои шумо дар охират аст**". Ҳадиси муттафақун алайҳ аст.

Ҳукми зарфҳои кофирон:

(1)Зарфе ки покии онро донем: Он поку истифодаи он ҷоиз аст.	(2) Зарфе, ки палидии онро донистем: Он палид аст, пеш аз истифодаи он шустани он воҷиб аст.	(3)Зарфе, ки дар покии он шак кардем: Дар он ба асл амал мекунем ва асл покии он аст.

Ҳукми либоси пӯшидаи кофирон: Асл дар он раво аст, лекин бо баёни муфассал:

(1)Кофире, ки худро аз наҷосат пок нигаҳ намекунад, мисли насоро. Беҳтар аст, ки либоси ӯро пӯшида нашавад.	(2) Кофире, ки аз ӯ чунин дониста нашудааст, пӯшидани либосҳои ӯ барои мо раво аст.

Ҳукми пӯсти дабоғат дода шуда:

Дабоғат ба пок кардани пӯст аз озору палидӣ ба намак ва монанди он ҳосил мешавад.	Ҳар ҳайвоне ки гушташ хӯрда шавад, мурд, пас пӯсти он ба дабоғат пок мешавад.

Боб дар бораи истинҷо ва қазои ҳоҷат

Ҳаргоҳ қасди даромадани хало кунад:

(1)Ба пои чапаш дохил шавад.	(2) Ва гӯяд: (Бисмиллоҳ), (Эй аллоҳ, ман ба Ту аз шайтонҳои нар ва мода паноҳ мебарам).

Ва вақте аз хало барояд:

(1)Ба пои рост барояд.	(2)Ва гӯяд: "Ғуфронака", "Ҳамду ситоиш барои Аллоҳ, ки аз ман озорро дур кард ва ба ман офият бахшид".

Танбеҳ: Зикри: "Ҳамду ситоиш барои Аллоҳ..." дар ҳадиси заиф омадааст, бинобар ин гуфтани он раво нест, Аллоҳ таъоло донотар аст.

Дар вақти нишастанаш бар пои чапаш такя мекунад ва пои росташро рост мегузорад. Ва ба девор ё ғайра воҷиб аст, ки сатр кунад ва агар дар саҳро бошад, дур меравад.

Ва аврати худро кашф намекунад, то ба замин наздик шавад.

Барои вай ҷоиз нест, ки қазои ҳоҷат кунад, дар:

(1) роҳ.	(2)ё ҷои нишасти мардум.	(3)ё зери дарахтони мевадиҳанда.	(4) ё дар ҷое ки мардумро азият медиҳӣ.	(5) ё дар оби қарор.

Дар вақти қазои ҳоҷат рӯ ё пушт ба тарафи қибла намекунад, аз рӯи фармудаи Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам: "Ҳаргоҳ хостед ба пасафканда ё пешоб қазои ҳоҷат кунед, пас рӯ ё пушт ба қибла накунед, локин ба тарафи шарқ ё ғарб кунед.

Ва барои ӯ раво нест:
-Олати мардияшро ба дасти рост биқапад ва на ба он истинҷо кунад.
-Бо чизе ки дар он зикри Аллоҳ аст дохили хало нашавад ва модоме ки дар он ҷост аз зикри Аллоҳ азза ва ҷалла воҷиб аст, ки худдорӣ кунад.
Ва барои вай макрӯҳ аст, ки дар ҷои қазои ҳоҷаташ, агар тамом кард, биистад.

Вақте ҳоҷаташро тамом кард:

(1)Ба се санг ва монанди он худро тоза мекунад.

(2)Сипас ба об истинҷо мекунад.

Ба яке аз инҳо иктифо карда мешавад.
Ва истиҷмор намекунад:

(1)Ба саргин ва устухон, чуноне ки Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам аз он манъ кардаанд.

(2) Инчунин ба ҳар чизи боэҳтиром.

Шартҳои истиҷмор (ба санг тоза кардан):

(1)Се масҳ кашидан ё бештар бошад, пас дар як ҷой масҳ намекашад.

(2) Тоза шавад, тозагӣ вақте дониста мешавад, ки санг ё қоғази ташнаоб хушк намоён шавад.

(3)Истиҷмор ба чизи наҷис ё муҳтарам набошад, мисли таом ва на ба устахону саргин.

Ҳукми росто пешоб кардан: Ҷоиз аст ба шарте ки:

(1)Аз паридани чилчаҳои пешоб бар бадан ва либосаш эмин бошад.

(2) Ва аз кашфи авраташ эмин бошад.

Ва дар ҳадиси Ҳузайфа разияллоҳу анҳуст, ки: "Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам ба партовгоҳи қавме омад, пас росто пешоб кард". Муттафақун алайҳ аст.

Танбеҳҳо, ки ба телфон ва қазои ҳоҷат бастагӣ дорад:

(1) Дар телефон садои нағмае, ки дар он зикри Аллоҳ азза ва ҷалла аст, нагузоштан, хоҳ оятҳо, ё азон, ё дуо бошад. Аз рӯи тарси ин ки дар вақти қазои ҳоҷат ба телефон занг ворид шавад.

(2) Дар вақти қазои ҳоҷат истифода набурдани телефон, зеро дар хало дарозтар истоданро тақозо мекунад ва ин кори макрӯҳ аст.

(3) Телефон шомили чизе набошад, ки дар он зикри Аллоҳ азза ва ҷалла бошад, ин ҳукми даровардани чизе ки дар он зикри Аллоҳ астро мегирад, агар зикр дар экран намоён бошад, пас дохил кардани он ҷоиз нест, агар намоён набошад, ё пӯшида бошад, пас дар он мушкилие нест, локин дар берун гузоштани телефон беҳтар аст, магар ки бар зоеъ шудани он хавф бурда шавад.

Фасл дар пок кардани наҷосат ва ашёи наҷис

Дар шустани наҷосатҳое, ки дар бадан, либос, макон ё ғайра аст, кофӣ аст, ки худи наҷосат аз маҳал равад. Зеро қонунгузор дар шустани ҳамаи наҷосатҳо ададеро шарт нагузоштааст, ҷуз наҷосати саг, пас дар шустани он ҳафт бор ва як бори он бо хок шустанро шарт гузошта аст. (Чуноне ки дар ҳадиси муттафақун алайҳ омадааст).
Ашёи наҷис:

(1) Пешоби одамӣ.	(2) Ва пасафкан-даи одамӣ.	(3) Ва хун, магар ки аз хуни андак авф мешавад. Ва мисли он хуни рехташуда аз ҳайвоне, ки гушташ хӯрда мешавад, ҷуз хуне, ки дар гушт ва рагҳо боқӣ мемонад, пас он тоҳир аст. (Хуни ҳайз наҷис аст).

(4)Мазӣ: Обест, ки ранг надорад, дар вақти бозӣ бо ҳамсар ва ҳамхобагӣ хориҷ мешавад.	(5) Вадӣ: Оби сафеди ғафс аст, ки баъди пешоб хориҷ мешавад.

Аз касе мазӣ ё вадӣ хориҷ шуд, пас олати мардияшро мешӯяд ва таҳорат мекунад ва бар ӯ ғусл воҷиб намешавад.

Баъзе аз наҷосатҳо:

(6)Пешоб ва сарги-ни ҳар ҳайвоне ки хӯрданаш ҳаром аст.	(7) Ҳамаи ҳайвонҳои даранда наҷис аст.	(8) Инчунин ҳамаи худмурдаҳо, ҷуз одамӣ ва чизе ки хуни ҷорӣ надорад ва моҳӣ ва малах, зеро инҳо тоҳиранд.

Аллоҳ таъоло фармуд: (Бар шумо худмурда ва хун ҳаром карда шуд) то охири оят.

- Аз андаки дигар наҷосатҳо авф мешавад.
- Аз андак наҷосатҳое, ки аз он парҳез кардан душвор аст, аз ҷумла сулсбавл аст, барои касе ки ба он мубтало шудааст.
- Бар касе ки дар баромадани пешоб пас аз таҳорат ё дар вақти намоз шак мекунад, воҷиб аст, ки донад, ки ин гоҳо васваса ва ваҳм асту ҳақиқат надорад, пас оиди он фикр накунад ва аз он рӯ гардонад ва ба ғайри он машғул шавад ва худро аз он амр ба фаромӯшӣ занаду ба Аллоҳ азза ва ҷалла паноҳ барад. Инҳангом Аллоҳ аз ӯ ин васвасаро бартараф мекунад.

Ва Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд: "**Мӯъмин чӣ зинда бошад ва чӣ мурда наҷис намешавад**". (Ривояти Дори Қутнӣ ва асли ин дар Саҳеҳи Бухорӣ ва Муслим аст). Ва фармуд: "**Барои мо ду худмурда ва ду хун ҳалол гардонда шуд, аммо ду худмурда: Моҳӣ ва малах аст ва ду хун: Ҷигар ва сипурз аст**". Ривояти Аҳмад ва Ибни Моҷа. Ва аммо:

(1)Саргинҳо ва пешобҳои ҳайвонҳое, ки гушташон хӯрда мешавад, тоҳир аст.

(2)Ва мании одамӣ тоҳир аст, Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам тарашро мешуст ва хушкашро мехарошид.

Ва пешоби писарбачаи хурд, ки барои шаҳват таом намехӯрад, дар он пошидани об кофӣ аст, чуноне ки Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд: "**Пешоби духтарбачаи (ширхор) шуста шавад ва барои пок кардани пешоби писарбачаи (ширхор) кофӣ аст, ки рӯи он об пошида шавад**". Ривояти Абӯдовуд ва Насоӣ. Ҳаргоҳ худи наҷосат аз байн равад, ҷой пок мешавад ва боқӣ мондани ранг ва бӯй зарар надорад, аз рӯи фармудаи Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам ба Хавла дар хуни ҳайз: "**Кофӣ аст, ки бар он об бирезӣ ва асари он ишколе надорад**". (Ривояти Абӯдовуд ва Аҳмад)

Боб дар сифати вузӯ

Шартҳои вузӯ даҳтост:

(1)Ислом.

(2) Ақл.

(3) Фарқ кардан.

(4) Ният.

(5) Ният аз ибтидои вузӯ то охираш идома ёбад.

(6) Дар ҳоле ки гушти шутур ва ё пешоб мекунад, вузӯ накунад, балки зарур аст, ки пеш аз вузӯ кардан аз шиканандаи он қатъ намояд.

(7) Пеш аз вузӯ истинҷо ё истиҷмор намудан, магар ки вузӯ аз бод, хоб ё хӯрдани гушти шутур бошад.

(8) Об поку поккунанда ва мубоҳ бошад.

(9) Дур кардани чизе ки расидани обро ба пӯст манъ мекунад.

(10) Даромадани вақти намоз барои касе ки бе таҳоратияш доимӣ бошад.

Фарзҳои вузӯ шашто аст (чортае, ки дар оят зикршуда аст, бо тартиб ва пай дар пай):

(1)Шустани рӯй ва аз ҷумлаи он об дар даҳон ва бинӣ кардан аст.

(2) Шустани дастон бо оринҷҳост.

(3)Масҳи ҳамаи сар ва аз ҷумлаи он гушҳост.

(4)Шустани пойҳо бо бӯҷулакҳо.

(5) Тартиб.

(6)Пай дар пай: Таҳқиқи он чунин аст, ки вузӯгиранда шустани узвро дер накунад, ки узви пеш аз он хушк шавад.

Ва ӯ (яъне вузӯгиранда):

(1)Дур кардани бетаҳоратӣ, ё барои намоз ва монанди он вузӯ гирифтанро қасд кунад. Ният: Барои ҳамаи амалҳо аз таҳорат ва ғайри он шарт аст, аз рӯи фармудаи Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам: "**Ҳамоно амалҳо ба ният бастагӣ дорад ва барои ҳар шахс он чизест, ки ният кардааст**". Муттафақун алайҳ аст.
(Ва ҷои ният қалб аст ва талаффузи он бидъат аст).

(2) Сипас "Бисмиллоҳ" мегӯяд.

(3) Ва каф-ҳояшро се бор мешуяд.

() Сипас се бор ба се панҷа мазамаза ва истиншоқ мекунад.

(5) Сипас рӯяшро се бор мешуяд.

(6) Ва дастонашро то оринҷҳо се бор мешуяд.

(7) Ва бо ду дасташ аз пеши сараш то қафояш як бор масҳ мекашад, сипас ба ҷое ки ибтидо карда буд, боз мегардонад.

(8) Сипас ангуштони сабобаашро дар дохили гушҳояш дохил мекунад ва ба ибҳомаш пушти гушҳояшро масҳ мекашад.

(9) Сипас се бор пойҳояшро то бӯҷулакҳо мешуяд.

Ин комилтарин вузӯест, ки Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам кардааст ва фарзи он:

(1)Як бор шустан.

(2)Ва онро ба он чизе ки Аллоҳ таъоло дар фармудааш зикр кардааст, тартиб диҳад: (Эй мӯъминон, ҳангоме ки хостед намоз бихонед, рӯйҳо ва дастҳои худро ҳамроҳ бо оринҷҳо бишуед ва сарҳои худро масҳ кунед ва пойҳои худро ҳамроҳ бо бӯҷулакҳои он бишуед).

(3) Ва ин ки аз рӯи урф дар миёни он фоислаи дароз намонад, ҳайсе ки баъзеи он бар баъзеаш бино нашавад ва инчунин барои ҳар чизе ки пай дар пай шарт аст.

Фасл дар масҳ кашидани мӯзаҳо ва ҷабира

Агар мӯза ва монанди он пӯшида бошад, агар хоҳад бар онҳо масҳ мекашад:

(1)Якшабонарӯз барои муқим.

(2) Се шабонарӯз барои мусофир.

Ба шарт ин ки:

(1)Онҳоро ба таҳорат пӯшида бошад.

(2) Ба онҳо масҳ накашад, магар дар ҳадаси хурд.

(3) Пок бошанд.

(4) Ғолиби узвро сатр кунанд.

(5) Масҳ дар вақташ бошад (24 соат барои муқим ва 72 соат барои мусофир).

Аз Анас ривояти марфӯъ омадааст: "Ҳаргоҳ яке аз шумо вузӯ гирад ва мӯзаҳояшро пӯшад, пас бар онҳо масҳ кашад ва бо онҳо намоз хонад ва агар хоҳад онҳоро набарорад, магар аз ҷанобат". Ривояти Ҳоким ва инро саҳеҳ гуфтааст.
Агар дар аъзои вузӯяш ҷабирае бар шикастагӣ, ё давон бар ҷароҳат бошад ва онро шустан зарар расонад, онро ба об дар ҳадаси бузург (ғусл) ва хурд (вузӯ) масҳ мекашад, то шифо ёбад.
Ва равиши масҳ:

(1)Мӯзаҳо: Бештари болои онҳоро масҳ кашад.

(2)Ва аммо ҷабираро ҳамаашро масҳ мекашад.

	Мӯзаҳо:	Ҷабира:	Салла/сарбанд:
Ҷои пӯшидан:	Ду по.	Тамоми бадан.	Сар.
Муддати масҳ:	24 соат барои муқим, 72 соат барои мусофир.	то шифо ёбад.	Вақти муайян надорад.
Равиши масҳ:	Болои онҳоро масҳ мекашад.	Ҳамаашро масҳ мекашад.	Бар сар масҳ мекашад.
Кай масҳ мекашад?	Дар вузӯ.	Дар вузӯ ва ғусл.	Дар вузӯ.

Боб дар шиканандаҳои вузӯ

Шиканандаҳо:

(1)Умуман ҳар чизе ки аз пасу пеш хорич шавад.	(2)Хуни бисёр ва монанди он.	(3) Рафтани ақл ба хоб ё ғайра.	(4) Хӯрдани гушти шутур.

(5)Қапидани зан ба шаҳват.	(6) Қапидани олати таносулӣ.	(7) Шустани майит.	(8) Бедин шудан: Ҳамаи амалҳоро бекор мекунад.

Танбех: Дуруст ин аст, ки хуни бисёр, қапидани зан, қапидани олати таносулӣ ва шустани майит таҳоратро намешиканад.

Аз рӯи фармудаи Аллоҳ таъоло: (Ё яке аз шумо аз маҳали қазои ҳоҷат омада ё бо занон омезиш карда бошед). Ва Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам пурсида шуд: Оё аз хӯрдани гушти шутур вузӯ бигирем? Фармуд: "Оре". Ривояти Муслим. Ва дар бораи мӯзаҳо фармуд: "Локин аз пасафканда, пешоб ва хоб масҳ кашед" Ривояти Насой ва Тирмизӣ ва онро саҳеҳ гуфт.

Боб дар он чи ғуслро воҷиб мегардонад ва сифати он

Ғусл воҷиб мешавад аз:

(1)Ҷанобат ваон:		(2) Баромадани хуни ҳайз ва нифос.	(3) Мавти ғайри шаҳид.	(4) Ва мусалмон шудани кофир.
(а) Нозил шудани манӣ ба сабаби ҳамхобагӣ ва ғайра.	(б) Ё бо вохӯрдани ду олати таносулӣ.			

Аллоҳ таъоло фармуд: (Ва агар ҷунуб будед, пас худро пок созед "ғусл кунед"). Ва Аллоҳ таъоло фармуд: (Пас дар ҳолати моҳона аз занон канорагирӣ кунед ва бо онҳо наздикӣ накунед, то пок шаванд. Пас ҳангоме ки пок шуданд ва ғусл карданд, аз ҳамон ҷо ки Аллоҳ ба шумо фармон дода, бо онҳо омезиш кунед) то охири оят, яъне вақте ғусл карданд.

Ва Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам ба ғусл кардан аз шустани майит амр карданд.
Ва касеро, ки ислом оварда ба ғусл кардан амр кард.

Аммо равиши ғусли Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам аз ҷанобат чунин буд:

(1)Якум олаташро мешуст.	(2) Сипас комилан вузӯ мекард	(3) Сипас обро бар сараш се бор мерехт, ба ин серобаш мекард.	(4) Сипас ба соири ҷасадаш об мерехт.	(5) Сипас поҳояшро дар дигар ҷо мешуст.

Ва фарзҳои он:

(1) Шустани ҳамаи бадан.	(2) Ва зери мӯйҳои кам ва зиёд.

Ва Аллоҳ донотар аст.

Боб дар бораи таямум

Он нафъи дуввуми таҳорат аст.
Он дар ивази об аст, ҳаргоҳ истифодаи об барои аъзои вузӯ ё баъзеи он узр шавад барои:

(1)Набудани об.	(2) Ё дар истифодаи он тарси зарар бошад.

Пас хок ҷонишини об мешавад, ба ин ки

(1)Дур кардани ҳадасҳоро ният кунад.	(2) Сипас (бисмиллоҳ) мегӯяд.	(3) Сипас хокро ба дасташ як бор мезанад.	(4) Ба дастонаш ҳамаи рӯ ва кафҳояшро масҳ мекашад.

Агар ду бор бизанад боке надорад.

Танбеҳ: Дуруст ин аст, ки қасди ду бор задан ҷоиз нест, зеро ин аз Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам ривояти саҳеҳ наомадааст ва асос ин аст, ки ибодатро бар ваҷҳи он безиёдатӣ ва нуқсон иҷро шавад ва Аллоҳ таъоло донотар аст.

Аллоҳ таъоло фармуд: (Онгоҳ об наёбед, пас бо хоки поке таямум кунед ва аз он бар рӯятон ва дастҳоятон бикашед. Аллоҳ намехоҳад бар шумо душворие қарор диҳад, балки мехоҳад шуморо пок созад ва неъматашро бар шумо тамом кунад, бошад ки шукр гузоред).
Аз Ҷобир ривоят аст, ки Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд: "**Панҷ чиз ба ман дода шуд, ки ба ягон паёмбаре пеш аз ман дода нашудааст: Ба тарс дар масофаи як моҳ нусрат дода шудам ва замин барои ман масҷид ва поккунанда қарор дода шуд, пас кадом мардеро вақти намоз дарк кард, пас намоз хонад ва ғаниматҳо барои ман ҳалол гардонда шуд ва барои ягон нафаре пеш аз ман ҳалол гардонда нашудааст ва ба ман шафоат дода шуд ва паёмбар хос ба қавмаш фиристода мешуд ва ман ба сӯи ҳамаи мардум фиристода шудам**". Ҳадиси муттафақун алайҳ аст.

Ва касе ки вузӯ надорад, барои ӯ раво нест, ки:

(1)Намоз хонад.	(2) Хонаро тавоф накунад.	(3) Қуръонро нақапад.

Ва бар касе ки ҳадаси бузург аст, зиёд мешавад:

(4) Чизе аз Қуръон нахонад.	(5) Дар масҷид бевузӯ наистад.

Ва ба зани ҳоиз ва нуфасо зиёд мешавад:

(6) Рӯза намегирад.	(7)Ҳамхобагӣ бо ӯ ҳалол нест.	(8) Ва ӯро талоқ намедиҳад.

Метавонад, ки Қуръон бихонад. Ва тавофи видоъ аз ӯ соқит мешавад, ҳаргоҳ амалҳои ҳаҷ ва умраро пурра карда, сипас пеш аз баромадан ба сӯи ватанаш ҳайз дида бошад ва ҳайзи ӯ то аз Макка баромаданаш идома ёбад, пас он бевидоъ хориҷ мешавад, аз рӯи ҳадиси Ибни Аббос разияллоҳу анҳумо, ки гуфт: "**Мардум амр шуданд, ки охири аҳдашон Хона бошад, магар аз зани ҳоиз сабук карда шуд**". Ҳадиси муттафақун алайҳ аст.

Боб дар бораи ҳайз

Асл дар хуне, ки занро мерасад, ҳайз аст.
Барои син, қадр ва такрораш миқдори муайяне нест.
Магар ки хун доимӣ ояд, ё қатъ нашавад, магар андаке, пас мустаҳоза мешавад, Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам зани мустаҳозаро амр кард, ки одаташро нишинад, пас агар одат надошта бошад, пас ба фарқ кардани он. Агар фарқ карда натонад, пас ғолибан ба одати занон, шаш ё ҳафт рӯз ҳайз ҳисоб мекунад.
Ва Аллоҳ донотар аст.

Ҳайз	Нифос	Истиҳоза		
Асл аст ва барои син, андоза ва такрораш ҳадде нест.	Хунест, ки аз зан хориҷ мешавад: Дар вақти таваллуд, ё пеш аз он ё баъд аз он. Ва ҳукми он ҳукми ҳайз аст.	Хунест, ки аз зан доимӣ меояд, ё аз он қатъ намешавад, магар андаке. Мустаҳоза се ҳолат дорад:		
		Одатӣ: Зане ки одаташро медонад, пас дар он муддат намоз намехонад ва рӯза намегирад.	**Фарқкунанда:** Зане, ки одаташро намедонад, локин байни хуни ҳайз ва ғайраш ба рангаш, бӯяш, тунукӣ ва бастагияш фарқ мекунад.	**Ҳайратзада:** Зане ки одаташро намедонад ва фарқ карда наметонад, пас ба одати занонашон назар мекунад ва дар аввали моҳҳои ҳиҷрӣ мешинад.

- Барои камӣ ва бисёрии нифос ҳад нест, пас агар фарз кунем, ки аз чил рӯз зиёд хун дид, пас он нифос аст.
- Ҳаргоҳ зан дар миёнаи вақти намоз аз ҳайз пок шуд, воҷиб аст, ки дар ғусл кардан бишитобад, то намозро дар вақташ дарёбад. Инчунин агар баъди нишастани офтоб ба андозаи як ракаат ҳайз дид, пас вақте аз ҳайз пок шуд, бар ӯ қазои намози шом воҷиб мешавад, зеро он миқдори як ракат аз вақти намозро пеш аз ҳайз диданаш дарёфта буд.

Саволҳои китоби таҳорат

Савол:	Дуруст	Хато
Таҳорат ба таҳорати аз ҳадас ва палидӣ тақсим мешавад.	☐	☐
Истифодаи зарфҳои наҷис умуман ҳаром мебошад.	☐	☐
Истифодаи зарфи тиллоӣ умуман ҳаром мебошад.	☐	☐
Хӯрдан ва нӯшидан дар зарфи тилло ва нуқра ба мардон ҳаром аст, на ба занон.	☐	☐
Пайвастани зарф ба пайвастани андаке аз тилло барои ҳоҷат ҷоиз аст.	☐	☐
Истифоидаи зарфҳои кофирон умуман мубоҳ аст.	☐	☐
Ба зарфи тиллоӣ ва нуқрагӣ таҳорат раво нест.	☐	☐
Ҳукми наҷосат аз байн меравад, агарчи асари он наравад.	☐	☐
Он чи аз узви зинда ҷудо карда шавад, пас он беҷудо кардан ҳукми худмурдаро дорад.	☐	☐
Ҳар ҳайвоне ки гушташ хӯрда намешавад, пас он наҷис аст.	☐	☐
Ҳаргоҳ пай дар пай барои амре, ки ба таҳорат тааллуқ дорад, фавт шавад, пас таҳорат ботил аст. Агар пай дар пай ба амре, ки ба вузӯ тааллуқ дорад, фавт шавад, пас вузӯ саҳеҳ аст.	☐	☐
Таҳорат дар ҷабирае, ки захмӣ зери он нек шудааст, ботил мешавад.	☐	☐
Захм агар ба чизе, ки бастани он ба он раво бошад, пас дар он масҳ мекашад, агар бо вуҷуди баста буданаш масҳ ба он зарар кунад, таямум мекунад, чуноне ки дар ҳоли баста набуданаш мекард.	☐	☐
Ҳар чизе ки мисли салла дар гирифтани он машаққат бошад, пас ҳукми салларо ба он дода мешавад.	☐	☐
Ҳар чизе ки ғуслро воҷиб гардонад, вузӯро низ воҷиб мегардонад.	☐	☐
Ниятро паст гуфтан суннат аст на ба овози баланд.	☐	☐
Се бори шустани бадан суннат аст.	☐	☐
Таямум ба баромадани вақт ботил мешавад.	☐	☐
Таямум барои ҷароҳат набудани об, тартиб ва пайдарпай шарт намебошад.	☐	☐

۞Таямум дар таҳорати воҷиб раво аст, на дар таҳорати мустаҳаб.	□	□
۞Ҳамаи зиёдатии фарзанди Одам наҷис аст.	□	□
۞Ҳайз аз душвортарини бобҳои фиқҳ аст.	□	□
۞ Бо ҳамл ҳайз нест.	□	□
۞Асл дар хуни занон ҳайз аст, на покӣ.	□	□
۞Қатъи нияти ибодат баъди амали он, таъсир намекунад ва инчунин шак баъди тамом кардани ибодат, таъсир намекунад, магар бо яқин.	□	□
۞Сабаби ҳар чизе ки дар замони Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам буд ва онро накард, пас он суннат нест.	□	□
۞Мувофақатии суннат аз амали бисёр беҳтар аст.	□	□
۞Даст ҳаргоҳ мутлақ оварда шавад, мурод ба он каффи даст аст.	□	□
۞Таямум ба шиканандаҳои вузӯ ботил мешавад, ҳаргоҳ таямум аз ҳадаси хурд бошад ва ба сабабҳои ғусл ботил мешавад, ҳаргоҳ таямум аз ҳадаси бузарг бошад.	□	□
۞Аз андаки соири наҷосатҳо авф мешавад.	□	□
۞ Таъйини ибтидо ва охири ҳайз саҳеҳ нест, вақте хунеро дид, ки озор аст, пас он ҳайз аст.	□	□
۞Ҳомила агар хуни беистро бар тибқи одаташ дид, пас он ҳайз аст, магар он дар идда эътиборе надорад.	□	□
۞Агар Аллоҳ моро ба амале беният таклиф мекард, таклифи мо ба он чизе ки тоқатфарсо нест, мебошад.	□	□
۞ Дар таҳорати сар чизе аз осонӣ аст.	□	□
۞ Он чизи каму беш ки аз пешу пас хориҷ мешавад, вузӯро намешиканад, ҷуз пешоб ва пасафканда.	□	□

۞Бар ҳоиз ҳаром мешавад: □ Рӯза. □ Намоз. □ Ҳардуяшон.

۞Бар шавҳари ҳоиз ҳаром мешавад: □ Талоқи ӯ. □ Ҳамхобагӣ бо ӯ. □ Ҳардуяшон.

۞Таҳорат тақсим мешавад ба: □ Ду қисм. □ Се қисм.

۞Китоби таҳорат яъне: □ Ҳиссӣ. □ Маънавӣ.

۞Об тақсим мешавад ба: □ Ду қисм. □ Се қисм.

۞Об наҷис мешавад: □ Ба омехта шудани наҷосат. □ Умуман ба тағйир ёфтан.

۞Вақте поккунанда ба наҷис шубҳанок шавад: □ Аз он ду парҳез мекунад. □ Ҷустуҷӯ мекунад. □ Онҳоро омехта мекунад.

۞Қатъи истиҷмор ба тоқ (се санг): □ Мустаҳаб аст. □ Воҷиб аст.

❁Мисвок кардани рӯзадор баъди завол: □ Макрӯҳ аст. □ Воҷиб аст.

❁Муддати масҳ шурӯъ мешавад аз: □ Бетаҳоратии баъди пӯшидан. □ Масҳ.

❁Ҳаргоҳ ба салла масҳ кашад ва пешонӣ намоён шавад, пас масҳ бар пешонӣ: □ Воҷиб аст. □ Суннат аст.

❁Вақте муддати масҳ тамом шавад: □ Аз нав таҳорат мекунад. □ Вузӯаш ботил мешавад. □ Бар он масҳ кашидан ботил мешавад.

❁Захм агар нобаста бошад, пас шустани он бо об воҷиб аст, агар узр шавад, пас масҳ кашад, пас агар масҳ кашидан узр шавад, пас таямум кунад, ин бинобар: □ Ихтиёр додан. □ Тартиб аст.

❁Касе ба таҳорат яқин кунад ва дар шикастани он шак кунад, ё бар акс: □ Ба яқин бино кунад. □ Эҳтиётан вузӯ бигирад.

❁Хоб: □ Умуман шиканандаи вузӯ аст. □ Умуман шиканандаи вузӯ нест. □ Ҷои гумони шикастани вузӯ аст.

❁Қапидани зан: □ Шиканандаи вузӯ аст. □ Шиканандаи вузӯ нест.

❁Таямум: □ Дур кунандаи бетаҳоратӣ аст. □ Барои чизе ки эҳтиёҷ ба вузӯ дорад, мубоҳ аст.

❁Наҷосатии хуг: □ Сабук. □ Ғализ. □ Миёна аст.

❁Хуни одамӣ: □ Тоҳир аст. □ Наҷис аст. □ Аз андаки он авф мешавад. □ Тоҳир модоме ки аз роҳи пешу пас хориҷ нашавад.

❁Аломатҳои фарқ кардан дар ҳайз: □ Якто. □ Сето. □ Чорто аст.

❁Бисёрии муддати нифос: □ 40 рӯз. □ 60 рӯз аст.

❁Талоқ дар вақти нифос: □ Талоқи бидъатӣ. □ Талоқи суннӣ аст.

❁Баъзе китобҳои аллома Ибни Сиъдӣ раҳимаҳуллоҳу таъолоро зикр кун:

.....

.....

.....

.....

❁Аз қоимаи рост ба он чизе ки ба қоимаи чап муносиб аст пайваст кунед:

Баромадани манӣ дар вақти хоб номида мешавад	Ҳадаси хурд
Ҳар чизе ки сабаби ғусл мешавад, номида мешавад	Хуни ҳайз
Ҳар чизе ки ввузӯро воҷиб месозад, номида мешавад	Хуни нифос
Хуне ки аз зан вақти таваллуд хориҷ мешавад, номида мешавад	Ҳадаси бузург
Хуне ки аз зан дар вақти балоғат хориҷ мешавад, номида мешавад	эҳтилом

Китоби намоз

Намоз: (Ибодатест, ки шомили гуфтор ва амалҳои махсус аст, ки ба Аллоҳу акбар сар мешавад ва ба салом додан тамом мешавад). **Он ду навъ аст:**

(1)Фарз: Он бар ҳар мусалмон, болиғ, оқил, ғайри ҳоиз ва нифосбин воҷиб аст.
Ва кӯдак ҳафтсола шуд ба он амр мешавад ва дар даҳсолагӣ бар он зада мешавад.
Он дар шабонарӯз панҷ вақт аст:

(1) Субҳ: 2 ракаат аст.	(2) Зуҳр (пешин) 4 ракаат аст.	(3) Аср: 4 ракаат аст.	(4) Мағриб (шом) 3 ракаат аст.	(5) Иша (хуфтан) 4 ракаат аст.

(2) Нафл: Ин воҷиб нест ва мустаҳаб аст. Ин бисёр аст ва ба ду қисм тақсим мешавад:

(1)Нафлҳои мутлақ: Банда дар кадом соати шабурӯз хоҳад, мехонад дар ғайри вақтҳои манъшуда.	(2) Нафлҳои қайдшуда: Ҳар намозе ки вақти муайян ва сабаби муайян дорад, мисли суннатҳои ротиба.

Шартҳои намоз

Шартҳои намоз нуҳто аст:

(1) Ислом.	(2)Ақл.	(3)Фарқ кардан.
(4)Дур кардани ҳадас.	(5)Дур кардани наҷосат.	(6) Сатри аврат.
(7)Даромадани вақт.	(8) Рӯ ба қибла кардан.	(9) Ният.

۞Гузашт, ки таҳорат аз шартҳои намоз аст.
۞Ва аз шартҳои намоз: Даромадани вақт аст.
Асл дар ин ҳадиси Ҷибраил аст, ки ба Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам дар аввали вақт ва охири он имоматӣ кард ва фармуд: "Эй Муҳаммад, намоз дар миёни ин ду вақт аст". Ривояти Аҳмад, Насоӣ ва Тирмизӣ.
Ва аз Абдуллоҳ ибни Амр разияллоҳу анҳумо ривоят аст, ки Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд:

(1)Вақти пешин: Вақти заволи офтоб аст (яъне аз миёнаи осмон ба тарафи мағриб майл кунад), ва сояи мард мисли дарозии ӯ бошад, модоме ки аср нашавад.	**(2) Вақти аср:** (аз тамом шудани вақти пешин аст) модоме ки офтоб зард нашавад.	**(3)Вақти намози шом:** (аз нишастани офтоб аст) модоме ки шафақ (сурхӣ) ғоиб нашавад.	**(4)Ва вақти намози хуфтан:** (аз ғоиб шудани шафақи сурх) то нисфи шаб аст.	**(5)Ва вақти намози субҳ:** Аз дамидани субҳи (дуюм) модоме ки офтоб набарояд". Ривояти Муслим.

Ва вақти намозро ба дарк кардани як ракаат дармеёбад, аз рӯи фармудаи Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам: "**Касе як ракаат аз намозро дарёбад, пас намозро дарк кардааст**". Ҳадиси муттафақун алайҳ аст.

Дер кардани намоз, ё баъзеи он ба узр ё беузр ҳалол нест, магар онро дер кунад, то ки бо ғайри он ҷамъ намояд. Пас он ба узр, яъне сафар, ё борон, ё беморӣ, ё монанди ин ҷоиз аст.
Ва беҳтар ин аст, ки намоз дар аввали вақташ хонда шавад, ҷуз:

(1)Хуфтан, агар машаққат нашавад.	(2) ва ҷуз пешин дар гармии сахт.

Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд: "**Ҳаргоҳ сахт гарм шуд, пас намозро дар вақти сардӣ хонед, пас гармии сахт аз нафаси Ҷаҳаннам аст**". (Ривояти Бухорӣ).
Ва касе намозро қазо кард, бар вай воҷиб аст, ки дарҳол ботартиб онро қазо дорад. Агар тартибро фаромуш кард, ё надонист, ё тарсид, ки намоз фавт мешавад = тартиб миёни намози қазоӣ ва ҳолӣ соқит мешавад.

Баъди даромадани вақти намоз машрӯъ мешавад:

(1)Азон:

❁**Ҳукми он:** Дар деҳаҳо ва шаҳрҳо барои панҷ вақт намози ҳозиршуда, танҳо бар мардон фарзи кифоя аст.

❁**Ҷои он:** Вақти даромадани намоз, барои дононданы мардум ва тарғиби онҳо бар ҷамоат.

❁**Равиши он**: "Аллоҳу акбар, Аллоҳу акбар, Аллоҳу акбар, Аллоҳу акбар, ашҳаду алла илоҳа иллаллоҳ, ашҳаду алла илоҳа иллаллоҳ, ашҳаду анна Муҳаммадар Расулуллоҳ, ашҳаду анна Муҳаммадар Расулуллоҳ, ҳайя алас салоти ҳайя алас салот, ҳайя алал фалоҳ, ҳайя алал фалоҳ, Аллоҳу акбар, Аллоҳу акбар".

(2)Иқомат:

❁**Ҳукми он:** Суннат аст.

❁**Ҷои он:** Пештар аз шурӯъ шудани намоз ба такбири эҳром аст.

❁**Равиши он:** "Аллоҳу акбар, Аллоҳу акбар, ашҳаду алла илоҳа иллаллоҳ, ашҳаду анна Муҳаммадар Расулуллоҳ, ҳайя алас салоти ҳайя алал фалоҳ, қад қоматис салоту қад қоматис салоҳ, Аллоҳу акбар, Аллоҳу акбар".

Барои ғайри муаззин машрӯъ мешавад:

❁ Бо ҳамроҳи муаззин такрор кардан, ба ин ки мисли гуфтаи муаззин гӯяд, магар дар вақти гуфтаи муаззин: "Ҳайя алас салоти ҳайя алал фалоҳ" дар ивази инҳо "ла ҳавла ва ла қуввата илла биллоҳ" мегӯяд, дар ҳоле ки қасд мекунад ҳозир шудани дар ҷамоатро, дар ин амал аз Аллоҳ субҳонаҳу ва таъоло ёрӣ меҷӯяд.

❁ Бар Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам салот мефиристад.

❁Зикре ки баъди азон омадааст: "Аллоҳумма рабба ҳозиҳид даъватит томмати вас салотил қоимати оти Муҳаммаданил василата вал фазилата вабъасҳу мақомам маҳмуданиллазӣ ваъадтаҳу".

❁Дар миёни азону иқомат ҳарчи хоҳад дуо кунад.

❁**Ва аз шартҳои намоз:** Сатри аврат аст ба либоси мубоҳ, ки башараро васф накунад. Ва аврат се навъ аст:

(1)Ғализ:
Он аврати зани озоди болиғ аст, пас ҳамаи бадани ӯ дар намоз аврат ҷуз рӯяш.

(2)Ва сабук:
Он аврати писари ҳафтсола то даҳсола аст ва он ду олат аст.

(3)Ва миёна:
Он аврати ғайри онҳост, аз ноф то зону аст.

Аллоҳ таъоло фармуд: (**Эй фарзанди Одам! Ба ҳангоми ба масҷид рафтан зиннати худро бигиред**).

Ва аз шартҳои намоз: Рӯ ба қибла овардан аст.
Аллоҳ таъоло фармуд: (Ва аз ҳар ҷое ки хориҷ шудӣ, пас "ба ҳангоми намоз" рӯи худро ба сӯи масҷиди Ҳаром кун). Агар аз рӯ овардани ба қибла оҷиз ояд ба хотири беморӣ ё ғайра соқит мешавад, чуноне ки ҳамаи воҷибҳо ба оҷиз омадани аз адои он соқит мешавад, Аллоҳ таъоло фармуд: (Пас то ҷое ки метавонед, аз Аллоҳ битарсед).
Ва Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам дар сафар нафлҳоро бар болои саворияш ба ҳар тарафе рӯ меовард, мехонд. Ҳадиси муттафақун алайҳ аст. Ва дар ривояти дигар: "Ҷуз ин ки намозҳои фарзро болои саворияш намехонд".

Ва аз шартҳои намоз: Ният аст, (ҷои он қалб аст ва талаффузи он бидъат аст).
Ва намоз дар ҳар мавзеъ ҷоиз мешавад, ҷуз:

(1)Дар ҷои наҷис.	(2) Ё ғасбшуда.	(3) Ё дар қабристон.	(4) Ё ҳаммом.	(5) Ё оғили шутурон.

Ва дар "Сунани Тирмизӣ" ба ривояти марфӯъ омадааст: "Ҳамаи замин масҷид аст, ҷуз мақбара ва ҳаммом".

Боб дар равиши намоз

Мустаҳаб аст, ки ба сӯи намоз (дар гуфтор ва ҳаракатҳо) бо оромӣ ва бо тамкин биёяд. Ҳаргоҳ дохили масҷид шавад, гӯяд: "Бисмиллоҳ вас салоту вас салому ала Расулиллоҳ, аллоҳуммағфирли зунубӣ вафтаҳ ли абвоба раҳматик" ва аввал мегузорд:

(1)Пои росташро барои даромадани масҷид.	(2) Ва пои чапашро барои аз масҷид хориҷ шудан, гузорад.

Танбеҳ: Калимаи "салот" дар ягон ривояти дуруст дар зикри даромадани масҷид ва аз он баромадан наомадааст.

Ва ин зикрро мегӯяд, магар ки мегӯяд: "Вафтаҳ ли абвоба фазлик", чуноне ки ин дар ҳадисе, ки Аҳмад ва Ибни Моҷа ривоят кардаанд.
Ҳаргоҳ ба намоз қоим шавад, гӯяд: "Аллоҳу акбар" ва дастонашро боло мебардорад (дар ҳоле ки ангуштонашро ҷамъ мекунад ва ботини кафҳояшро ба тарафи қибла мекунад):

(1)То баробари китфҳояш.	(2) Ё то нармии гуш.

Дар чаҳор мавзеъ:

(1)Дар вақти такбири эҳром.	(2) Ва дар вақти рукӯъ рафтан.	(3) Дар вақти аз рукӯъ хестан.	(4) Дар вақти хестан аз аттаҳиёти аввал.

Ва дасти росташро мегузорад (ё ба ботини каффаш меқапад) бар (пушти каффи дасти) чапаш (ва банди даст ва соид): Бар болои нофаш ё зери он, ё бар болои садраш.

Танбеҳ: Мувофиқи суннат болои садр бошад ва дар ғайри ин чизе аз Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам ривояти саҳеҳ наомадааст.

Ва нигоҳашро дар ҷои саҷдааш қарор медиҳад ва илтифот намекунад.

Ва мегӯяд: "Субҳонакаллоҳумма ва биҳамдика ва таборакасмука ва таъоло ҷаддука ва ла илоҳа ғайрука", ё ғайри ин аз мифтоҳҳои намоз, ки аз Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам омадааст (фақат дар ракаати якум), сипас паноҳ мебарад (ба гуфтани "аъузу биллоҳи минаш шайтонир раҷим") ва бисмиллоҳ мегӯяд (ба гуфтани "бисмиллоҳир Раҳмонир Раҳим") ва фотиҳаро мехонад.
Ва бо фотиҳа (аз рӯи мустаҳабӣ беаъузу биллоҳ) дар ду ракаати аввал аз сураҳои рубоъӣ ва сулосӣ мехонад:

(1)Дар намози субҳ: Аз тиволи муфассал.	(2)Дар шом: Аз қисори муфассал.	(3)Ва дар боқӣ: Аз авсоти он.

Ҷузъҳои муфассал:

Дарози муфассал: Аз сураи Қоф то Мурсалот аст.	Миёнаи муфассал: Аз сураи Наба то Лайл аст.	Кӯтоҳӣ муфассал: Аз сураи Зуҳо то Нос аст.

Равиши қироат дар намоз:

(1)Дар шаб қироатро баланд мекунад.	(2)Ва дар рӯз паст қироат мекунад ба ҷуз намози ҷумъа, ид, кусуф ва истисқо (намози борон), пас дар ин намозҳо баланд мехонад.

Сипас барои рукӯъ такбир мегӯяд. Ва дастонашро бар зонуҳояш мегузорад (ва оринҷҳояшро хам намекунад). Ва сараш баробари пушташ қарор медиҳад. Ва мегӯяд (як бор аз рӯи воқибӣ): "Субҳона раббиялъазим" ва онро (аз рӯи мустаҳабӣ) такрор мекунад. Агар бо ин дар ҳоли рукӯъ ва сақдааш гӯяд: "Субҳонакаллоҳумма раббано ва биҳамдика, аллоҳум-мағфирли", пас накӯ аст.

Сипас сарашро бардошта мегӯяд: "Самиъаллоҳу лиман ҳамидаҳ" агар имом ё танҳогузор бошад.

Ва ҳама мегӯяд (вақте рост мешаванд): "Раббано ва лакал ҳамд, ҳамдан касиран тайибан муборакан фиҳ, милъас самои ва милъал арзи ва милъа мо шиъта мин шайъин баъд".

Сипас бар ҳафт аъзояш сақда мекунад, чуноне ки Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд: "Амр шудам, ки ба ҳафт аъзо сақда кунам: бар пешонӣ-ва ба дасташ ба биниш ишора кард-, ва ду каффи даст ва ду зону ва ба атрофи қадамҳо". Ҳадиси муттафақун алайҳ аст.

Ва миёни ду бағал ва миёни шикам ва рон ва байни рон ва соқ кушода мемонад ва зироъҳояшро аз замин мебардорад.

Ва мегӯяд: "Субҳона раббиял аъло" (як бор гуфтан воҷиб ва такрори он мустаҳаб аст ва ба зикрҳое, ки омадааст, афзояд).

Сипас такбир мегӯяд ва бар пои чапаш мешинад ва пои ростро рост мемонад ва ин маънои ифтирош аст.

Ин равиши нишастанро дар ҳамаи намоз ба ҷуз аттаҳиёти охир мекунад, пас дар он таваррук мекунад, ба ин маъно ки бар замин мешинад ва пои чапашро аз зери пои росташ мебарорад.

Ва мегӯяд: "Раббиғфир ли варҳамни ваҳдини варзуқни ваҷбурни ва офини".

Сипас дуюмбора мисли аввал сақда мекунад.

Сипас такбиргӯён бар сари қадамҳош қоим мешавад.

Ва ракаати дуввумро мисли аввал мехонад (ва дар он дуои мифтоҳи намозро намехонад).

Сипас барои аттаҳиёти якум мешинад ва сифати он: "Аттаҳиёту лиллоҳи вас салавоту ваттайибот, ассалому алайка айюҳан набӣ ва раҳматуллоҳи ва баракотуҳ. Ассалому алайно ва ала ибодиллоҳис солиҳин, ашҳаду алло илоҳа иллаллоҳу ва ашҳаду анна Муҳаммадан абдуҳу ва расулуҳ".
Сипас такбир мегӯяд ва боқии намозашро ба Фотиҳа дар ҳар ракаат мехонад.
Сипас аттаҳиёти охирро мехонад ва он зикршуда аст ва ба он чизи гузашт, меафзояд:

(1)"Аллоҳумма салли ала Муҳаммад ва ала оли Муҳаммад камо саллайта ала оли Иброҳим иннака ҳамидум маҷид ва борик ала Муҳаммад ва ала оли Муҳаммад камо бораката ала оли Иброҳим иннака ҳамидум маҷид".	(2) "Аъузу биллоҳи мин азоби ҷаҳаннам ва мин азобил қабр ва мин фитнатил маҳё вал мамот ва мин фитнатил Масеҳид Даҷҷол".	(3) Ва Аллоҳро ба он чи хоҳад, дуо мекунад (ва беҳтар аст, ки ба дуоҳои воридшуда дуо кунад).

Сипас ба ҷониби рост ва чапаш салом медиҳад: "Ассалому алайкум ва раҳматуллоҳ" аз рӯи ҳадиси Воил ибни Ҳуҷр, инро Абӯдовуд ривоят кардааст.
Ва асосҳои қавлӣ аз ин зикршудаҳо: Такбири эҳром ва қироати Фотиҳа ба ғайри иқтидокунанда ва аттаҳиёти охир ва салом аст.
Ва боқии амалҳои намоз асосҳои феълӣ ҳастанд, ҷуз аттаҳиёти аввал (ва барои он нишастан), пас он аз воҷибҳои намоз аст.

Аркони намоз чаҳордаҳто аст:

(1)Истодан бо тавоноӣ.	(2)Такбири эҳром.	(3)Қироати Фотиҳа.
(4)Рукӯъ.	(5) Ором гирифтан баъд аз рукӯъ.	(6)Ба ҳафт аъзо саҷда кардан.
(7)Аз саҷда хестан.	(8)Дар байни ду саҷда нишастан.	
(9)Дар ҳамаи амалҳо оромиро рио кардан.	(10)Тартиб дар байни асосҳо.	(11)Аттаҳиёти охир.
(12)Барои ташаҳҳуди охир нишастан.	(13)Ба Паёмбар салот фиристодан.	(14)Ду тараф салом додан.

Воҷибҳои намоз ҳашто аст:

(1)Ташаҳҳуди якум.	(2) Барои он нишастан.	(3) Ва такбирҳо ҷуз такбири эҳром.
(4) Ва дар рукӯъ "Субҳона раббиялъазим" гуфтан.	(5)Ва дар саҷда як бор "Субҳона-раббиялаъло" гуфтан.	(6) Ва дар байни ду саҷда як бор як бор "раббиғфирли" гуфтан ва бештар гуфтан суннат аст.
(7) Ва "самиъаллоҳу лиман ҳамидаҳ" гуфтан барои имом ва танҳогузор.	(8) Ва барои ҳама "раббано лакал ҳамд" гуфтан.	

Ин воҷибҳо ба сабаби саҳв (фаромушӣ) соқит мешавад ва саҷдаи саҳв онро ҷуброн мекунад ва инчунин ба сабаби надонистан.
Ва аркон аз рӯи саҳв, нодонӣ ва қасдан соқит намешавад.
Ва боқии амалҳо суннатҳои қавлӣ ва феълӣ комилкунандаи намозанд.
Аз ҷумлаи аркон: Дар ҳамаи аркон оромиро рио кардан аст.
Аз Абӯҳурайра ривоят аст, ки Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд: "Ҳаргоҳ қасди намоз кардӣ, пас нек вузӯ бигир, сипас рӯ ба қибла кун, пас такбир бигӯ. Сипас ҳар қадаре ки аз Қуръон бароят муяссар мешавад, бихон, сипас рукӯъ кун, то ки дар рукӯъ ором бигирӣ, сипас аз рукӯъ бархез, то дар рост истодан ором бигирӣ, сипас саҷда кун, то дар саҷда ором шавӣ, сипас аз саҷда саратро бардор, то дар нишастан ором шавӣ, сипас саҷда кун, то дар саҷда ором гирӣ, сипас инро дар ҳамаи намозат анҷом бидеҳ". Ҳадиси муттафақун алайҳ аст.
Ва Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд: "Намоз хонед, чуноне ки Маро мебинед, намоз мехонам". Ҳадиси муттафақун алайҳ аст.
Ҳаргоҳ аз намозаш барояд, се бор астағфируллоҳ гӯяд ва гӯяд:

(1)"Аллоҳу мма антас салом ва минкас салом, таборакта ё залҷалоли вал икром".	(2)"Ла илоҳа иллаллоҳу ваҳ-даҳу ла шарика лаҳ, лаҳул мулку ва лаҳул ҳамд ва ҳува ала кулли шайъин қадир, ла илоҳа иллаллоҳ ва ла наъбуду илло ийёҳ, лаҳун неъмату ва лаҳул фазл ва лаҳус саноул ҳасан, ла илоҳа иллаллоҳ мухлисина лаҳуд дин ва лав кариҳал кофирун".	(3) "Субҳоналлоҳ вал ҳамду лиллоҳ валлоҳу акбар" 33 бор ва мегӯяд: "Ла илоҳа иллаллоҳу ваҳдаҳу ла шарика лаҳ, лаҳул мулку ва лаҳул ҳамд ва ҳува ало кулли шайъин қадир" адади садро пурра мекунад.

Ва суннатҳои ротибаи тобеъи фарзҳо даҳто аст ва онҳо дар ҳадиси Ибни Умар разияллоҳу анҳумо зикр шудааст, ки гуфт: "Аз Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам даҳ ракаат ҳифз кардам:

(1)Ду ракаат пеш аз пешин ва ду ракаат баъд аз он.	(2) Ва ду ракаат пас аз шом дар хонааш.	(3) Ва ду ракаат пас аз хуфтан дар хонааш.	(4) Ва ду ракаат пеш аз субҳ". Ҳадиси муттафақун алайҳ аст

Ротибаҳо: Ба ин исм номида шуд, зеро он бо фарзҳо тартибёфта аст:

Намоз	Субҳ	Пешин	Шом	Хуфтан
Адади ракаатҳо	2	4 ё 6	2	2
Пеш аз намоз	0	2 ё 4	0	0
Баъд аз намоз	2	2	2	2

Ҳикмат аз суннатҳои ротиба:

- Ҷуброни нуқсоне, ки аз банда дар адои фарзҳо мешавад.
- Зиёд шудани имон, пас имон ба тоат зиёд мешавад ва ба маъсият кам мешавад.

Таъкидшудатарини ротибаҳо: Суннати субҳ аст, аз боқии ротибаҳо ба амрҳои зерин фарқ мекунад:

(1)**Фазл:** Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам: "Ду ракаати субҳ беҳтар аз дунё ва он чи дар он аст, мебошад"	(2)**Сабукӣ:** Бехалал овардани дар аркон, Оиша разияллоҳу анҳо гуфт: "Ҳаргоҳ азони субҳро мешунавид ду ракаати субҳро сабук мехонд".	(3) **Мудовимат кардан:** Дар ватан ва сафар тарк карда намешавад.	(4)**Қироат:** Он қироати хос дорад ва он хондани сураи Кофирун ва Ихлос аст.	(5)**Баъд аз он каҷпаҳлӯ задан:** Барои касе ки шаб намоз хондааст, баъд аз хондани ду ракаати субҳ дар хона бар паҳлуи рост каҷпаҳлӯ задан суннат аст.

Боб дар бораи сақдаи саҳв, тиловат ва шукр

Он машрӯъ аст, ҳаргоҳ:

(1)Инсон аз рӯи саҳв дар намоз рукӯъ, ё сақда, ё қиём, ё нишастанро зиёд кард.	(2) Ё чизе аз зикршудаҳоро кам кард: Онро адо карда сақдаи саҳв мекунад.	(3) Ё аз рӯи саҳв воҷибе аз воҷибҳоро тарк кард.	(4) Ё дар зиёдатӣ, ё дар нуқсон шак кард.

Аз Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам собит аст, ки:

(1)Та-шаҳҳуди якумро тарк кард, пас сақда кард.	(2)"Дар ду ракаати пешин ё аср салом дод, сипас ба ёдаш оварданд, пас намозро пурра кард ва сақдаи саҳв кард".	(3)"Пешинро панҷ ракаат хонд, пас барояш гуфта шуд: Оё дар намоз афзуда шуд? Пас фармуд: Барои чӣ? Гуфтанд: Панҷ ракаат хондӣ, пас баъде ки салом дод, ду сақда кард". Ҳадиси муттафақун алайҳ аст.	(4)Ва фармуд: "Ҳаргоҳ яке аз шумо дар намозаш шак кард, пас надонад, ки чанд ракаат хонда аст, оё сето хонда аст, ё чорто? Пас шакро раҳо карда, бар он чизе ки яқин кард, бино кунад, сипас пеш аз салом додан ду сақда кунад. Пас агар панҷ ракаат хонда бошад, намозашро ҷуфт кунад ва агар пурра хонда бошад, ин ду сақда аз рӯи хор кардани шайтон аст". Ривояти Аҳмад ва Муслим.

Метавонад пеш аз салом додан ё баъди он сақда кунад. Ва суннат аст:

(1)Сақдаи тиловат барои хонанда ва шунаванда дар дохили намоз ва берун аз он.	(2)Инчунин агар барои ӯ неъмати тозае ояд, ё аз ӯ азобе дур шавад, барои Аллоҳ сақдаи шукр мекунад.

Ва ҳукми сақдаи шукр мисли сақдаи тиловат аст (яъне суннат аст).

Дар қиссаи Каъб ибни Молик разияллоҳу анҳу собит аст, ки вақте хабари хуш барои ӯ омад, ки Аллоҳ тавбаи ӯро қабул кардааст, сақда кард.

Сабабҳои сақдаи саҳв сето аст:

(1)Зиёд кардан: Инсон рукӯъ, ё сақда, ё қиём, ё нишастанро зиёд кунад.

(2)Кам кардан: Инсон воқибе аз воқибҳои намозро кам кунад ва маҳалли он фавт шавад.

(3) Шак: Дудила шавад, ки се ракаат хондааст, ё чаҳор ракаат? Ва шак ду навъ аст:

Баъди тамом кардани ибодат шак кунад: Ба ин тамоман назар намекунад, то яқин кунад.

Дар дохили ибодат шак кунад. Ва ҳукми он:

Агар бисёр бошад, ба он назар намекунад.

Агар кам бошад, бар он чизе ки дар наздаш бартар шавад, бино кунад.

Агар ду тараф баробар бошад, ба кам бино кунад.

Боб дар фасодкунандаҳои намоз ва макрӯҳҳои он

Намоз ботил мешавад:

(1)Ба тарки рукн, ё шарт дар ҳоле ки ӯ ба иҷрои он қудрат дорад, аз рӯи қасд, ё саҳв, ё ҷаҳл онро иҷро накунад.

(2)Воқиберо қасдан тарк кунад.

(3)Қасдан сухан кардан (бо донистану ёд доштан)

(4)Қаҳқаҳа кардан (яъне хандидан).

(5)Ба ҳаракати бисёр аз рӯи урф, пайдарпай безарурат, зеро дар аввал он чиро тарк кард, ки намоз бе он тамом намешавад ва дар охирҳо амале карда, ки аз он манъ шудааст.

Ва макрӯҳ мешавад:

(1)Дар намоз илтифот кардан, зеро Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва салламро аз илтифоти дар намоз пурсида шуд, пас фармуд: "Он дуздиест, ки шайтон аз намози банда медуздад". Ривояти Бухорӣ.

(2) Ва беҳудагӣ макрӯҳ аст.

(3) Гузошт-тани даст бар камар.	(4) Ва ангушт-тонро дар ҳам фурӯ бурдан.	(5) Ва ангушт-тонро ба ҳам задан.	(6)Ва ин ки дар намоз монанди саг нишинад (ба ин ки қадамҳояшро рост намояд ва дар миёни онҳо нишинад, дар ҳоле ки дунбаҳояш ба замин часпида аст).	(7)Ва рӯ ба чизе кунад, ки ӯро машғул созад (монанди оина ва тилфизион).

(8)Ё дар он чизе ворид шавад, ки қалбаш машғул шавад:		(9) Ва Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам аз хобондани мард зироъҳояшро дар замин манъ кард.
Ба фишори ду палидӣ.	Ё ба ҳозир шудани таъоме, ки онро мехоҳад, аз рӯи фармудаи Ӯ саллаллоҳу алайҳи ва саллам: "Дар ҳолати ҳозир будани таъом ва фишори пешоб ва пасафканда намоз нест". Ҳадиси муттафақун алайҳ аст.	

Бар ҳаракати дар намоз панҷ ҳукм ҷорӣ мешавад:

(1)Ҳаракати ҳаром: Ва он ҳаракати зиёде аст, ки паи ҳам бошад ва ҳоҷате ба он надошта бошад, монанди хӯрдан.	(2)Ҳаракати макрӯҳ: Он ҳаракати каме аст, киба он ҳоҷате надошта бошад, монанди андаке илтифот кардан.	(3)Ҳаракати мубоҳ: Он ҳаракате аст, ки ба он ниёз аст, монанди хоридани риш.	(4)Ҳаракати мустаҳаб: ҳаракате аст, ки камоли намоз ба он вобастагӣ дорад, монанди пур кардани саф.	(5)Ҳаракати воҷиб: Он ҳаракатест, ки дуруст шудани намоз ба он вобастагӣ дорад, монанди аз байн бурдани наҷосат.

Шарт	Рукн	Воҷиб	Суннат
Аз моҳияти ибодат хориҷ аст.	Дар моҳияти ибодат дохил аст.		
Дар тамоми ибодат давом дорад.	Ба ҷузъе аз ҷузъҳои ибодат кӯтоҳшуда аст.		
Дар шарт инсон ба ҷаҳл ва фаромушӣ узр надорад.	Дар воҷиб инсон ба ҷаҳл ва фаромушӣ узр дорад, на дар қасдан.	Дар суннат инсон ба ҷаҳл, фаромушӣ ва қасдан маъзур аст.	
Ба саҷдаи саҳв ҷуброн намешавад.	Ба саҷдаи саҳв ҷуброн мешавад.	Ниёз ба ҷуброн надорад.	

Боб дар бораи намозҳои нафл

(Фасл дар бораи намози кусуф)

Таъкидшудатарини онҳо намози кусуф аст, зеро Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам онро хонд ва ба хондани он амр намуд.

Ва ба равиши ҳадиси Оиша хонда мешавад, ки Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам: "Намози кусуфро ба қироати баланд хонд, пас чор ракӯъ дар ду ракаат ва чор саҷда хонд". Ҳадиси муттафақун алайҳ аст.

۞Равиши он: Аз Оиша разияллоҳу анҳо ривоят аст, ки гуфт: "Офтоб дар замони ҳаёти Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам гирифта шуд, пас ба сӯи масҷид хориҷ шуд, пас мардум дар пушти Ӯ саф кашидан, пас такбир гуфт, пас Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам қироати дароз кард, пас такбир гуфту рукӯъи дароз кард, сипас гуфт: Самиъаллоҳу лиман ҳамидаҳ, пас қоим шуду саҷда накард ва дароз қироат кард, ки аз қироати якум камтар буд, сипас такбир гуфт ва рукӯъи дароз кард, ки аз рукӯъи аввал камтар буд, сипас самиъаллоҳу лиман ҳамида, раббано ва лакал ҳамд гуфт, сипас саҷда кард. Сипас дар ракаати охир мисли инро гуфт, пас чор рукӯъро дар чор саҷда тамом кард ва пеш аз ин ки биравад, офтоб равшан шуд". Ривояти Бухорӣ.

۞Ва барои имом суннат аст, ки мардумро мавъиза кунад ва ба бисёр дуо ва истиғфор кардан ва ссдақа додан амр кунад, ҳамчуноне ки Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам намуд.

(Фасл дар бораи намози витр)

Ва намози витр суннати муаккада аст, Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам онро бардавом дар ватан ва сафар хондааст ва мардумро бар хондани он ташвиқ кардааст.

(1)Камтарини он: Як ракаат аст.	**(2)Бисёртари он:** 11 ракаат аст.	**(3)Вақти он:** Аз намози хуфтан то дамидани субҳ аст.	**(4)Ва беҳтар** аст, ки охири намозаш бошад.

Чуноне ки Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармууд: "Охири намози шабро витр қарор диҳед". Ҳадиси муттафақун алайҳ аст. Ва фармуд: "Касе тарсад, ки дар охири шаб қоим намешавад, пас дар аввали шаб витр хонад ва касе тамаъ дошта бошад, ки охири шаб хезад, пас дар охири шаб витр хонад, пас дар намози охири шаб малоикаҳои раҳмат ҳозир мешаванд ва ин беҳтар аст". Ривояти Муслим.

(Фасл дар бораи намози талаби борон)

Ва намози истисқо суннат аст, ҳаргоҳ мардум барои набудани об ба он музтар шавад ва монанди намози ид дар саҳро хонда мешавад. Ва ба сӯи он бо хушӯъ, хорию зорикунон хориҷ мешавад.

(1)Ду ракаат мехонад.	(2) Сипас як хутба мекунад.		
	(а) Дар хутба бисёр талаби омурзиш мекунад ва оятҳоеро, ки дар он амр ба он шудааст қироат мекунад.	(б) Дар дуо кӯшиш мекунад.	(ҷ) Ва қабули дуоро дер намешуморад.

Ва пеш аз баромадан ба сӯи он, шоиста аст, ки асбоберо, ки бадиро дур ва раҳматро нозил мекунад, анҷом дод, монанди:

(1)Талаби мағфират кардан.	(2) ва тавба кардан.	(3) Аз залмҳо даст кашидан.	(4)Ба халқ некӣ кардан.	(5) ва дигар асбобҳое, ки Аллоҳ онҳоро ҷалбкунандаи раҳмат ва дуркунандаи азоб қарор додааст. Ва Аллоҳ донотар аст.

(Фасл дар вақтҳои манъшуда)

Ва вақтҳои аз намозҳои нафли мутлақ манъшуда:

(1)Аз дамидани субҳ то ба андозаи найза баланд шудани офтоб.	(2)Ва аз намози аср то нишастани офтоб.	(3)Ва аз қоим шудани офтоб дар миёнаи осмон то гаштанаш. Ва Аллоҳ донотар аст.

Дар вақтҳои манъшуда метавонад:

(1)Намозҳои фарзро қазо хонад.	(2)Намозҳои дорои асобро хонад, монанди суннати вузӯ, таҳияи масҷид, ду ракаати тавоф, намози кусуф ва истихора.

Умуре ки нафлҳо аз фарзҳо фарқ мекунад:

Рақам:	Фарзҳо	Нафлҳо
1	Дар осмон шаби меъроҷ фарз шуд.	Монанди дигар қонунҳои Ислом.
2	Аз он беузр баромадан ҳаром аст.	Аз он беузр баромадан ҳаром нест.
3	Тарккунандаи он гунаҳгор мешавад.	Тарккунандаи он гунаҳгор намешавад.
4	Адади он муайян аст.	Адади он муайян нест.
5-6	Дар он ҷамоат воҷиб аст ва дар масҷид хонда мешавад.	Дар хона хондани он афзал аст, ҷуз оне ки истисно шудааст.
7	Бар болои саворӣ хондан ҷоиз нест, магар дар зарурат.	Бар болои саворӣ безарурат хондан ҷоиз аст.
8	Ҳамааш ба вақти муайян таъйин шудааст.	Баъзеаш вақти муайян дорад ва баъзеаш надорад.

9	Умуман дар он рӯ ба қибла шарт мешавад.	Барои он дар сафар рӯ ба қибла кардан шарт намебошад.
10	Аз фарз ба сӯи нафли ғайри муайян гузаштан раво аст, на акс.	
11	Аз рӯи нодида гирифтан тарк-кунандаи он бар қавли дуруст кофир аст.	Ба тарки нафл ба иҷмоъ кофир намешавад.
12	Нафлҳо фарзҳоро комил мекунанд ва акс саҳеҳ намебошад.	
13-14	Қиём рукн аст ва як тараф салом додан дуруст намешавад.	Қиём рукн нест ва ба як тараф салом додан дуруст мешавад.
15	Аз ғуломи гурехтагӣ саҳеҳ мешавад.	Аз ғуломи гурехтагӣ саҳеҳ намешавад.
16	Барои он азону иқомат машрӯъ аст.	Умуман барои он азону иқомат машрӯъ нест.
17	Дар сафар қаср хонда мешавад.	Дар сафар қаср хонда намешавад.
18	Ба ягон ҳол соқит намешавад ва аҷри пурраи он барои касе ки оҷиз омадааст, ҳаргоҳ аз одати ӯ адои он буд, нависта мешавад.	Дар сурати оҷиз омадан аз адои он соқит мешавад ва аҷраш барои касе, ки онро одат дошт нависта мешавад.
19	Баъди ҳамаи он зикр машрӯъ шудааст.	Фақат дар беъзеи он зикри баъдӣ омадааст.
20	Гуфта шуд: Дар миёнаи Каъба ҷоиз нест ва дуруст ин аст, ки ҷоиз аст.	Дар миёнаи Каъба ҷоиз аст.
21	Дар он ҷамъ кардан ҷоиз аст.	Дар он ҷамъ кардан ҷоиз нест.
22	Аҷри он бузургтар аст.	Аҷри он камтар аст.
23	Дар он умуман нӯшидан ҷоиз нест.	Дар он андак нӯшидан ҷоиз аст.
24	Намози фарзе нест, ки як ракаат хонда шавад.	Баъзеи он як ракаат хонда мешавад.
25	Дар фарз суол кардан ва паноҳ бурдан дар назди тиловати ояти раҳмат ва ояти азоб ҷоиз аст (ва машрӯъ нест).	Дар нафл суол кардан ва паноҳ бурдан дар назди тиловати ояти раҳмат ва ояти азоб машрӯъ аст.
26	Гуфта шуд: Иқтидои болиғ ба кӯдак ҷоиз нест ва қавли саҳеҳ ҷоиз аст.	Иқтидои болиғ ба кӯдак ҷоиз аст.
27	Гуфта шуд: Иқтидои нафлхон ба фарзхон ҷоиз аст.	Иқтидои нафлхон ба фарзхон ҷоиз аст.
28	Ҳамааш ба равиши он қазо хонда мешавад, ҷуз ҷумъа, ки пешин қазо дошта мешавад.	Баъзеи он ба равиши он ва баъзеаш ба ғайри равиши он қазо дошта мешавад, мисли витр.
29	Дар фарзҳои шабона баланд қироат мешавад.	Дар нафли шаб байни баланд ва паст хондан ихтиёр дорад.
30	(Бинобар як қавл) сатри китф воҷиб аст.	Сатри китф воҷиб нест.
31	Аз он чизе соқит намешавад.	Баъзе аз он дар сафар соқит мешавад.

Боб дар бораи намози ҷамоат ва имомат

Ҷамоат бар мардон дар панҷ вақт намоз дар ватан ва сафар фарзи айн аст, чуноне ки Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд: "Ҳароина қасд кардам, ки амр ба намоз кунам, пас иқомат гуфта шавад, сипас мардеро ба имомати намоз амр кунам, сипас бо мардоне, ки дарзаҳои ҳезум бо худ доранд ба сӯи қавме биравам, ки дар намози ҷамоат ҳозир намешаванд, пас хонаҳояшонро ба оташ бисӯзонам". Ҳадиси муттафақун алайҳ аст. Ва камтарини он: Имом ва як муқтадӣ аст ва ҳар қадар бисёр бошад, пас он дар назди Аллоҳ маҳбубтар аст.

Ва Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд: "Намози боҷамоат аз намози танҳогузор 27 дараҷа беҳтар аст". Ҳадиси муттафақун алайҳ аст.

Ва фармуд: "Ҳаргоҳ дар хонаҳоятон хондед, сипас ба масҷиди ҷамоат омадед, пас бо онҳо бихонед, пас он барои шумо нафл ҳисоб мешавад". Инро муаллифони Сунан ривоят кардаанд.

Аз Абӯҳурайра ба таври марфӯъ ривоят аст: "Албатта имом қарор дода шуд, то ба ӯ иқтидо карда шавад:

(1)Агар такбир гуфт, пас такбир гӯед ва такбир нагӯед, то такбир гӯяд.	(2)Агар рукӯъ кард, пас рукӯъ кунед ва рукӯъ накунед, то рукӯъ кунад.	(3)Агар самиъаллоҳу лиман ҳамидаҳ гуфт, пас бигӯед: Аллоҳумма раббано ва дакад ҳамд.	(4)Агар саҷда кард, пас саҷда кунед ва саҷда накунед, то саҷда кунад.	(5)Агар нишаста хонд, пас ҳамагӣ нишаста хонед". Инро Абӯдовуд ривоят кардааст ва асли он дар Саҳеҳи Бухорӣ ва Муслим аст.

Ва шоиста мебошад, ки:

(1)Имом пеш гузарад.	(2)Муқтадиҳо сафро рост кунанд.	(3) Ва саффи аввал, пас аввалро пур кунанд.

(4) Ва ин ки саффи занонро дар пушти мардон қарор диҳад.

Ва касе як ракаатро танҳо бар пушти саф беузр хонад, намозашро аз сар хонад.

Ва Ибни Аббос гуфт: "Шабе бо Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам намоз хондам, пас аз тарафи чапаш истодам. Пас аз пушти сари ман гирифт, пас маро аз тарафи росташ қарор дод". Ҳадиси муттафақун алайҳ аст. Ва фармуд: "Ҳаргоҳ иқоматро шунидед, пас ба сӯи намоз равед ва оромию тамкиинро лозим гиред ва шитоб накунед, пас он қадареро, ки дарёфтед, хонед ва онеро аз даст додед, пас комил кунед". Ҳадиси муттафақун алайҳ аст. Ва дар "Тирмизӣ" омадааст: "Ҳаргоҳ яке аз шумо ба намоз омад ва имом бар ҳар ҳоле бошад, пас чуноне ки имом мекунад, бикунад".

Боб дар бораи узрдорҳо

(Фасл дар бораи намози бемор)

Аз бемор ҳозир шудани ҷамоат авф мешавад.

Агар қиём бемористро зиёд кунад: Нишаста хонад, агар тоқат накунад, пас бар паҳлу хонад, аз рӯи фармудаи Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам ба Имрон ибни Ҳусайн: "**Рост истода хон, агар рост истода натавонӣ, пас нишаста хон, пас агар нишаста натавонӣ, пас бар паҳлу хон**". Ривояти Бухорӣ. Агар бар бемор хондани ҳар намоз дар вақташ машаққат бошад, пас метавонад ду намозро дар як вақт хонад: Байни пешину аср ва байни шому хуфтан дар вақти кадоми онҳо метавонад, ҷамъ кунад.

(Фасл дар бораи намози мусофир)

Инчунин барои мусофир ҷамъ кардан (байни пешину аср ва байни шому хуфтан, дар вақти яке аз ду намоз, ё намози дуввум дар вақти намози аввал, ё аввалро дар вақти намози дуввум) ҷоиз мебошад.

Барои мусофир намози чор ракаатаро ду ракаат хондан суннат мебошад. Ва мусофир метавонад рӯзи Рамазонро бихӯрад (бар вай воҷиб аст, ки он рӯзҳоеро аз Рамазон ба хотири сафар ифтор кардааст қазо дорад).

(Фасл дар бораи намози тарс)

Намози тарсро ба ҳар равише, ки Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам хондааст, хондан ҷоиз мебошад.

Аз ҷумла ҳадиси Солиҳ ибни Хаввот аз касе ки бо Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам дар рӯзи Зоти Риқоъ намози тарсро хондааст:

"Гурӯҳе бо Ӯ намоз хонд ва гурӯҳе дар муқобили душман буд.	Пас бо касоне ки бо Ӯ буд, як ракаат хонд.	Пас рост истод, ва худашон намозро комил карданд.	Пас рафтанд ва дар муоқи били душман саф кашиданд.	Ва гурӯҳи дигар омад, пас ракаатеро, ки боқӣ монда буд, бо онҳо хонд.	Пас нишаст ва худашон намозро тамом карданд.	Пас бо онҳо салом дод". Ҳадиси муттафақун алайҳ аст.

Ҳаргоҳ тарс зиёдшавад: Пиёдаву савора рӯ ба сӯи қибла ва ба сӯи ғайри қибла намоз хонанд, дар рукӯъ ва саҷда ишора мекунанд. Инчунин ҳар касе ки бар худаш тарс дорад, бар тибқи ҳолаш мехонад ва бар ҳар феъле, ки ниёз дорад аз гурехтан ё ғайра анҷом медиҳад. Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд: "**Ҳаргоҳ шуморо ба коре амр кардам, пас ба қадри тавоноиятон онро иҷро кунед**". Ҳадиси муттафақун алайҳ аст.

Боб дар бораи намози ҷумъа

Ба ҳар касе ки ҷамоат воҷиб шавад, ҷумъа низ воҷиб мешавад, ҳаргоҳ дар биное ватан дошта бошад ва аз шартҳои он:

(1)Онро дар вақташ анҷом диҳад.	(2) Дар деҳа бошад.	(3) Пеш аз он ду хутба бошад.

Аз Ҷобир ривоят аст, ки Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам ҳаргоҳ хутба мекард:

(1)Чашмонаш сурх мешуд ва овозашро баланд мекард ва ғазабаш сахт мешуд, гӯё ки тарсдиҳандаи лашкар бошад, мефармуд: "Душман ба шумо субҳ ва шом ҳуҷум мекунад".	(2)Ва мефармуд: "Аммо баъд, пас беҳтарин сухан китоби Аллоҳ ва беҳтарин роҳнамой роҳнамоии Муҳаммад саллаллоҳу алайҳи ва саллам аст ва бадтарини умур, пайдошудаҳои он аст ва ҳар пайдошуда гумроҳӣ аст". Ривояти Муслим.	(3)Ва дар ривояти дигар ӯ: "Хутбаи Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам дар рӯзи ҷумъа чунин буд: аллоҳро ҳамду сано мегуфт, сипас баъди он мегуфт ва ба рости овозаш баланд мешуд.	(4)Ва дар ривояти дигари ӯ: "Касеро Аллоҳ ҳидоят кунад, пас барои ӯ гумроҳкунандае нест ва касеро гумроҳ кунад, пас барои ӯ роҳнамое нест".	(5)Ва фармуд: "Ҳамоно тулони будани намози мард ва кӯтоҳ будани хутбааш, далел бар дониши ӯст". Ривояти Муслим.

Мустаҳаб аст, ки бар минбар хутба хонад, агар бар минбар баромад, рӯ ба мардум кунад, пас бар онон салом диҳад. Сипас менишинад ва муаззин азон мегӯяд, сипас қоим шуда хутба мехонад, сипас менишинад. Сипас хутбаи дуввумро мехонад. Сипас иқомат гуфта мешавад, пас бо онон ду ракаат намоз мехонад. Дар он қироатро баланд мекунад, дар ракаати якум "Саббиҳ" ва дар дуввум "Ғошия"-ро мехонад, ё сураи "Ҷумъа" ва "Мунофиқон"-ро мехонад.

Ва барои касе ки ба намози ҷумъа меояд, мустаҳаб аст, ки:

(1)Ғусл кунад.	(2)Ва хушбӯй кунад.	(3)Ва беҳтарин либосҳояшро пӯшад.	(4)Ва барвақт ба намоз биравад.

(5)Ва бештар ба Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам салот фиристад.	(6) Дар рӯзи ҷумъа сураи Каҳфро хондан.

(7)Ва соати қабул шудани иҷобатро ҷустуҷӯ кунад ва дар он рӯз дар дуо кардан зиёд кӯшиш кунад.

Ва дар Саҳеҳи Бухорӣ ва Муслим омадааст: "**Ҳаргоҳ барои рафиқат дар рӯзи ҷумъа гуфтӣ, хомуш шав ва имом хутба мекунад, пас беҳудагӣ кардай**". Ва марде рӯзи ҷумъа дохили масҷид шуд, дар ҳоле ки Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам хутба мекард, пас ба ӯ фармуд: "Намоз хондӣ?". Мард гуфт: Не, фармуд: "**Хез, ду ракаат намоз хон**". Ҳадиси муттафақун алайҳ аст.

Бар намозгузор дар вақти хутбаи ҷумъа ҳаром мешавад:

(1)Сухан кардан, ба ҷуз хитоби имом.	(2)Ба болои гардани мардум гузаштан.

Боб дар бораи намози идҳо

Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам мардумро ба бромадан ба сӯи намози идҳо амр кард, ҳатто духтарони наврас ва ҳоизаҳоро, хайр ва дуои мусалмононро ширкат намоянд, ва ҳоизаҳо аз намозгоҳ канор меистоданд". Ҳадиси муттафақун алайҳ аст. Ва вақти он: Аз баланд шудани офтоб ба андозаи найза то заволи офтоб. Ва суннат:

(1)Онро дар саҳро хондан.	(2)Ва намози азҳоро барвақт хондан.	(3)Ва намози иди фитрро дер хондан.	(4)Ва дар иди фитр хоссатан пеш аз намоз ба чанд дона хурмо, тоқ ифтор кардан.	(5)Ва барои он пок ва хушбӯй кардан.	(6)Ва беҳтарин либо-сашро мепӯшад.	(7)Ва аз як роҳ меравад ва аз роҳи дигар ме-гардад.

Пас ба онон ду ракаат намоз беазон ва иқомат мехонд. Дар якум: Ҳафт бор бо такбири эҳром такбир мегуфт. Ва дар дуввум: Панҷ бор ҷуз такбири қиём такбир мегуфт. Дастонашро бо ҳар такбир боло мебардошт ва Аллоҳро ҳамд мегуфт ва бар Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам дар миёни ҳарду такбир салот мефиристод. Сипас сураи Фотиҳаро бо сурае қироат мекард, дар қироати он овозашро баланд мекард.
Ҳаргоҳ салом медод, ба онон ду хутба монанди хутбаи ҷумъа мекард, магар ки дар ҳар хутба аҳкоме, ки муносиби вақти он аст, зикр мекард.
Ва такбир гуфтан мустаҳаб мебошад:

(1)Мутлақ: Дар ду шаби ид ва дар ҳар даҳ рӯзи зулҳиҷҷа.	(2)Ва муқайяд: Баъди намозҳои фарз, аз намози субҳи рӯзи арафа то асри охири рӯзҳои ташриқ.

Ва сифати он: "Аллоҳу акбар, Аллоҳу акбар, ла илоҳа иллаллоҳ ва Аллоҳу акбар, Аллоҳу акбар ва лиллоҳил ҳамд".

Саволҳои китоби намоз

Савол:	Дуруст	Хато
۞Чизе, киба яқин собит аст, аз байн намеравад, магар ба яқин.	□	□
۞Фарзи айн аз фарзи кифоя афзал аст.	□	□
۞Ибодатҳое, ки бар вақҳҳои гуногун омадааст, барои инсон шоиста аст, ки онро бар ҳамон вақҳҳо иҷро кунад.	□	□
۞Ҳар намозе ки барвақт хондани он суннат аст, фосилаи байни азону иқоматро дароз накунад.	□	□
۞Азон фарзи айн аст.	□	□
۞Барои мусофир иқомат машрӯъ нест.	□	□
۞Азон дар Мадина дар соли якуми ҳиҷрӣ машрӯъ шуд.	□	□
۞Барои шунавандаи иқомат мустаҳаб аст, ки монанди гуфтаи муаззин бигӯяд.	□	□
۞Вақти аср аз вақти пешин дарозтар аст.	□	□
۞Ба кофирон дар зоҳир монанд шудан ба монанд шудани дар ботин мекашонад.	□	□
۞Наҷосат дар маъдани он, барояш ҳукме нест.	□	□
۞Барои нафле, ки ҷамоат машрӯъ шудааст, аз ғайраш таъкидшудатар аст.	□	□
۞Дар байни масҷидҳо гаштан барои ҷустуҷӯ кардани имоме, ки овози хуб дорад, саҳеҳ мебошад.	□	□
۞Барпо кардани намоз аз рӯи дер кардани имоми масҷид бо имкони бо ӯ тамос гирифтан, саҳеҳ мебошад.	□	□
۞Касе дур кардани наҷосатро фаромуш кард, пас намозаш ботил аст.	□	□
۞Намоз хондан аз қафои касе ки хато мекунад, ки дар маъно халал меорад, саҳеҳ намебошад.	□	□
۞Муқим ва мусофир дар имомати намоз баробаранд.	□	□
۞Кӯдак дар пушти саффи мардон меистад.	□	□
۞Ҳар касе ки намозаш саҳеҳ шавад, имоматаш ҳам саҳеҳ мешавад, агар монеъе манъ накунад.	□	□
۞Аз рӯи тақозои ҳолат дароз кардани хутба, хатибро аз фақеҳ будан хориҷ мекунад.	□	□
۞Бо ҳар касе ки ҷангидан ҷоиз бошад, қатли он ҷоиз нест.	□	□
۞Монанд кардан ба ҳайвон, танҳо дар вақти мазаммат меояд.	□	□

Савол:	Дуруст	Хато
۞Ибни Қайим гуфт: (Аз Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам баъди минбар гирифтан собит нашудааст, ки бар чизе такя мекард.	□	□
۞Аз воҷиб шудани ҷангидан лозим намеояд, ки ҷангкунанда кофир бошад.	□	□
۞Барвақт хондани намози иди фитр ва дер хондани намози иди қурбон суннат аст.	□	□
۞Такбирҳо дар ракаати якум шашто бо такбири эҳром аст ва дар дуввум панҷто бо такбири қиём аст.	□	□
۞Ҳикмат аз намози кусуф, тарсонидани Аллоҳ бандагонашрост.	□	□
۞Ҷамоат дар намози кусуф шарт аст.	□	□
۞Ҳар ибодате, ки якҷо бо сабабе бошад, ҳаргоҳ сабаб аз байн равад, машрӯъияти он низ аз байн меравад.	□	□
۞Намози кусуф дар вақтҳои манъшуда хонда намешавад.	□	□
۞Дар намози истисқо ҷамоат шарт аст.	□	□
۞Барои инсон суннат, ки дар аввали борон истад ва асосҳои хонаашро барорад.	□	□
۞Дар як ракаат чанд сура хондан ҷоиз мебошад.	□	□

۞Вақти пешин то: □ Сояи ҳар чиз мисли он гардад. □ Мисли дучанди он гардад. □ Завол.

۞Барвақт хондани аср: □ Мустаҳаб. □ Макрӯҳ. □ Воҷиб аст.

۞Шартҳои намоз мебошад: □ Пеш аз он. □ Баъди он. □ Дар вақти он.

۞Ба кофирон монанд шудан: (□ эҳтиёҷ надорад □ эҳтиёҷ дорад) ба ният.

۞Ҳаромро раво намегардонад, магар: □ Зарурат. □ Ҳоҷат.

Касе як ракаат намози ҷумъаро бо имом дарёфт, онро тамом мекунад (□ ҷумъа □ пешин) ва агар камтар аз як ракаат дарёбад, онро тамом мекунад (□ ҷумъа □ пешин □ пешин агар нияти пешин карда бошад).

۞Барои дар хатиб дар ҷумъа: □ Як бор нишастан аст. □ Ду бор нишастан аст.

۞Шарт гузоштани иҷозати имом дар чанд ҷой ҷумъа хондан бармегардад ба: □ Дин. □ Низоми давлат. □ Ҳардуяшон.

۞Намози идҳо аз боби изофаи шайъ ба: □ вақташ. □ Сабабаш. □ Навъаш аст.

۞Идҳо дар Ислом: □ Сето. □ Дуто. □ Бисёр аст.

۞Ҳукми идҳое, ки барои зафарҳо ва шикастҳо барпо мешавад: □ Ҷоиз аст. □ Ҳаром аст.

۞Намози идҳо: □ Фарзи кифоя. □ Фарзи айн. □ Суннат аст.

۞Ҳар намозе, ки дорои сабабе аст, ҳаргоҳ сабаби он фавт шуд: □ Қазо дошта намешавад. □ Қазо дошта мешавад.

۞Суннат дар иди фитр амалӣ мешавад ба хӯрдани: (□ як хурмо. □ Се хурмо, пас бештар) ва мебошад (□ баъд □ пеш аз) намози ид ва ҳикмат аз он (□ пайравии суннат □ фарқ гузоштан дар байни фарз ва нафл □ ҳардуяшон).

۞Дар идҳо суннат аст қироат кардан ба: □ Саббиҳ ва Ғошия. □ Қоф ва Қамар. □ Гоҳ ин ва гоҳ онро хонад.

۞Нафл хондан пеш ва баъд аз намози идҳо дар намозгоҳ (□ суннат □ ҷоиз □ макрӯҳ аст), аммо таҳияи масҷид дар намозгоҳ, пас он (□ воҷиб □ суннати муаккада □ хонда намешавад).

۞Намози кусуф аз боби изофаи шайъ ба сӯи: □ Вақти он. □ Сабаби он. □ Навъи он аст.

۞Беҳтар ин аст, ки мардум ба кусуф (□ хабар дода шавад □ хабар дода нашавад).

۞Ҳаргоҳ фалакиҳо ба кусуф хабар додан, ки воқеъ мешавад: □ Намоз намехонем, то онро оддӣ бинем. □ Намоз мехонем ва агарчи онро набинем.

۞Ҳукми намози кусуф: □ Фарзи айн. □ Фарзи кифоя. □ Суннат аст.

۞Хутба барои кусуф: □ Машрӯъ нест. □ Суннат. □ Воҷиб аст.

۞Ҳаргоҳ кусуфро надонад, магар баъди аз байн рафтани он: □ Онро қазо мехонад. □ Онро қазо намехонад.

۞Ҳаргоҳ вақти намози фарз дарояд, дар ҳоле ки ӯ намози кусуф хонда истодааст: □ Онро қатъ мекунад. □ Онро сабук мехонад. □ Давом медиҳад, модоме ки баромадани вақти намози фарзро натарсад.

۞Ҳаргоҳ офтоб дар ҳолати кусуф нишаст, пас намози кусуф: □ Машрӯъ мешавад. □ Машрӯъ намешавад.

۞ Баъди рукӯъи аввал: □ Рукн □ Суннат аст.

۞Намози истисқо (талаби борон) аз боби изофаи шайъ ба: □ Вақти он. □ Сабаби он. □ Навъи он аст.

۞Ҳукми намози истисқо: □ Фарзи айн. □ Фарзи кифоя. □ Суннат аст.

۞Фарёд задан барои намози истисқо: □ Суннат. □ Бидъат аст.

۞Ҳукми азон: □ Суннат. □ Фарзи кифоя. □ Фарзи айн аст.

۞Аркони намоз ва воҷибҳои он дар як чиз иттифоқ доранд, он: □ Ҷаҳл. □ Фаромушӣ. □ Қасдан аст.

۞Намозҳои нафле, ки дар вақтҳои манъшуда хонда мешавад, он: □ Мутлақ □ Муқайяд аст.

۞Дастҳо дар намоз боло бардошта мешавад, дар: □ Чор мавзеъ □ Се мавзеъ.

۞Инсоне ки ҳама вақт беҳуш шуд: □ Намозро қазо медорад. □ Намозро қазо намедорад.

۞Ҳукми пӯшидани чашмҳо дар намоз: □ Раво □ Нораво аст.

Китоби ҷанозаҳо

Он чи дар вақти мурдани мусалмон машрӯъ мешавад:

(1)Пеш аз маргаш: Чанд амр машрӯъ мешавад, аз ҷумла: Аёдати бемор ва ӯро ба тавба ва васият ёдрас мекунад ва чигунагии таҳорати бемор ва намози он ва руқияи бемор ва хоссатан ҳаргоҳ барои он нигарон шавад ва талқини ла илоҳа иллаллоҳ ба касе ки мушарраф ба марг шуд.	**(2)дар вақти маргаш:** Чанд амре машрӯъ мешавад, аз ҷумла: Пӯшидани чашмонаш ва бастани манаҳаш аст.	**(3) Баъди мавти он:** Чанд амре машрӯъ мешавад, аз ҷумла: Шустан ва кафан кардани ӯ ва бар ӯ намоз хондан ва дафни ӯ ва тарикаи ӯро тақсим кардан ва ҳамсараш ороишро тарк кунад ва таъзияи аҳлаш ва зиёрати қабраш аст.

Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд: "**Ба мурдагонатон ла илоҳа иллаллоҳро талқин кунед**". Ривояти Муслим. (Ва се бор талқин мекунад).
Ва фармуд: "**Бар мурдагонатон сураи Ёсинро хонед**". Ривояти Насой ва Абӯдовуд.

Танбеҳ: Бештари аҳли илм бар ин назаран, ки ҳадиси хондани сураи Ёсин заиф аст, ба он ҳуҷҷат гирифта намешавад, пас саҳеҳ ин аст, ки қироати он бар майит машрӯъ намебошад.

Ва омода кардани майит ба:

(1)Шустани ӯ.	(2) Ва кафан кардани ӯ.	(3)Ва бар ӯ намоз хондан.	(4)Ва бардошта бурдани ӯ.	(5) Ва дафни ӯ.

Фарзи кифоя аст.
Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд: "**Бо ҷаноза бишитобед, пас агар солиҳ бошад, пас хайре, ки ба сӯи он тақдим мекунед ва агар ҷуз ин бошад, пас шаррест, ки аз гарданатон онро мегузоред**". (Баъзе соҳибони Сунан инро ривоят кардаанд).
Ва фармуд: "**Нафси мӯъмин ба қарзаш муаллақ аст, то аз ҷониби ӯ пардохта шавад**". Ривояти Аҳмад ва Тирмизӣ.
Ва дар кафан воҷиб ин аст, либосе бошад ҳамаи ӯро сатр кунад, ҷуз сари марди боэҳром ва рӯи зани боэҳром.
Ва равиши намоз бар ӯ:

(1)Қоим мешавад, пас такбир мегӯяду сураи Фотиҳаро мехонад.

(2)Сипас такбир мегӯяд ва ба Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам салот мефиристад.

(4)Сипас такбир мегӯяд ва салом медиҳад (як салом ё ду салом).

(3)Сипас такбир мегӯяд ва барои майит дуо мекунад, пас мегӯяд:

Аллоҳуммағфир лиҳайино ва майитино ва сағирино ва кабирино ва шоҳидино ва ғоибино ва закарино ва унсоно, аллоҳум-ма ман аҳйятаҳу минно фааҳйиҳи алал Ислом ва ман тавафайтаҳу фатаваффаҳу алал имон".

"Аллоҳуммағфир лаҳу варҳамҳу ва офиҳи ваъфу анҳу ва акрим нузулаҳу ва вассиъ мудхалаҳу вағсилҳу билмои вассалҷи вал барад ва наққиҳи миназ зунуби камо юнаққас савбул абязи минад данас, аллоҳумма ла таҳримно аҷраҳ ва ла тафтинно баъдаҳу вағфир лано ва лаҳу".

Агар майит хурд бошад, пас аз дуои ом мегӯяд: **"Аллоҳуммаҷъалҳу фаратан ливолидайҳ ва зухран ва шафиъан муҷобан, аллоҳумма саққил биҳи мавозинаҳумо ва аъзим биҳи уҷураҳумо ваҷъалҳу фи кафолати Иброҳим ва қиҳи бираҳматика азобал ҷаҳим".**

Ва Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд: "**Марди мусалмоне нест, ки мемирад, пас ҷанозаи ӯро чил марде мехонад, ки ба Аллоҳ чизеро шарик нагирифтаанд, магар ки Аллоҳ онҳоро шафоатгарӣ ӯ қарор медиҳад**". Ривояти Муслим.

Ва фармуд:

(1)Касе дар ҷаноза ширкат кунад, то бар ӯ намоз хонад, барои як қирот аҷр аст.

(2)Ва касе дар ҷаноза иштирок кард, то дафн карда шуд, барои ӯ ду қироат аҷр аст.

Гуфта шуд: Ду қирот чист? Фармуд: "**Монанди ду кӯҳи бузург**". Ҳадиси муттафақун алайҳ аст.

Ва Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам манъ кард, аз ин ки:

(1)Қабр гачкорӣ карда шавад.

(2)Бар он нишаста шавад.

(3)Ва ин ки бар болои он бино карда шавад". Ривояти Муслим

(4)Ва Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам аз навистани бар болои қабр манъ кард.

(5)Ва чароғ афрӯхтан бар қабр.

(6)Ва бинои масҷидҳо бар болои қабр ҳаром мебошад.

(7)Ва аз намоз хондан бар болои қабр, ё ба сӯи қабр манъ кард.

Танбеҳ: Асл дар қабрҳо ин аст, ки аз хонаҳо берун бошад, то василаи ширк нашавад ва бинобар суннат қабр баробар карда шавад, ба ин ки миқдори як вақаб бардошта шавад ва бар он як санг, ё ду санг гузошта шавад.

Ҳаргоҳ майитро дафн мекард, бар болои он меистод ва мефармуд: "**Барои бародаратон талаби мағфират кунед ва барои ӯ устуворӣ талаб кунед, пас ҳоло ӯ пурсида мешавад**". Ривояти Абӯдовуд ва Ҳоким онро саҳеҳ гуфтааст.

Ва таъзияи соҳиби майит мустаҳаб аст (як бор, беҷамъ шудан дар маконе ё барои таом). Ва Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам бар майит гиря кард ва фармуд: "ин раҳмат аст" бо вуҷуди ин ки "навҳахон ва гушкунандаро лаънат кардааст".

Ва фармуд: "Қабрҳоро зиёрат кунед, пас ҳамоно он охиратро ба ёд меорад". Ривояти Муслим.

Ва барои зоири қабр шоиста аст, ки бигӯяд: "Ассалому алайкум аҳла дори қавми мӯъминин ва инно ин шоаллоҳу бикум лоҳиқун ва ярҳамуллоҳул мустақдимин минкум вал мустаъхирин, насъалуллоҳа лано ва лакумул офията, аллоҳумма ла таҳримно аҷраҳум ва ла тафтино баъдаҳум вағфир лано ва лаҳум, насъалуллоҳа лано ва лакумул офията".

Кадом ибодатеро, ки анҷом диҳад ва аҷри онро барои зинда ва майити мусалмон ҳадия кунад, ин онро нафъ медиҳад. Ва Аллоҳ донотар аст.

Ақсоми зиёрати қабрҳо:

(1)Шаръӣ:	(2)Бидъатӣ:	(3)Ширкӣ:
Ба зиёрати қабр нияти ёдоварии охиратро кунад ва барои он бори сафар набандад ва барои худ ва мурдагон ба дуое, ки ворид шудааст, ният кунад ва чизе ки мухолифи шариат аст, анҷом надиҳад.	Дуои Аллоҳро дар назди қабр ният кунад.	Ба он дуои соҳиби қаброро нияти кунад.

Танбеҳ:

۞Суннат дар намози ҷаноза ин аст, ки имом назди сари мард ва дар рости миёнаи зан меистад.

۞Барои занон зиёрати қабрҳо нест, зеро Расул саллаллоҳу алайҳи ва саллам "**занонеро ки қабрҳоро зиёрат мекунанд, лаънат кардааст**", ва зеро аз зиёрати онҳо фитна ва бесабрӣ тарсида мешавад.

۞Ва инчунин барои занон аз дунболи ҷаноза то қабристон рафтан ҷоиз намебошад, зеро Расул саллаллоҳу алайҳи ва саллам онҳоро аз ин амал манъ кардааст.

۞Аммо намоз хондан бар майит дар масҷид ё намозгоҳ барои мардон ва занон ҳамагӣ машрӯъ аст.

۞Расул саллаллоҳу алайҳи ва саллам аз таманнои марг манъ кардааст, пас саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд: "Ягон кас аз рӯи зарараре, ки ба ӯ расидааст, таманнои марг накунад, пас агар зарур бошад, пас гӯяд: **Эй Аллоҳ маро зинда нигаҳ дор, агар ҳаёт барои ман хайр бошад ва маро бимирон, агар вафот барои ман хайр бошад**". Ҳадиси муттафақун алайҳ аст.

۞Барои инсон шоиста аст, ки маргро ёд кунад, то барои он омода шавад ва барои охират амал кунад ва ин ғами ӯро зиёд намекунад, балки рӯ оварданро зиёд мекунад. Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд: "**Ёди аз байн барандаи лаззатҳоро бисёр кунед**". Инро баъзе соҳибони Сунан ривоят кардаанд.

Саволҳои китоби ҷанозаҳо

Савол:	Дуруст	Хато
۞Пурсидани бемор аз равиши намоз ва таҳорататаш аз боби дахолат кардан дар чизест, ки ба ӯ дахолат надорад.	☐	☐
۞Дар аёдати бемор байни хеш ва дур фарқ надорад.	☐	☐
۞Дар омода кардани майит барои интизори касе, ки аз сафар меояд, дер кардан ҷоиз мебошад.	☐	☐
۞Ҳаргоҳ барои халифа ҷонишин таъйин нашуда бошад, дер дафн кардани ӯ ҷоиз мебошад.	☐	☐
۞Вилояти усул бар фаръҳо дар шустани майит ва никоҳ тақдим мешавад, на дар мерос.	☐	☐
۞Имом бар касе ки худашро куштааст, намоз намехонад.	☐	☐
۞Бар майит гиристан ҷоиз аст.	☐	☐
۞Майит дар лаҳадаш рӯ ба қибла гузошта мешавад.	☐	☐
۞Кадом ибодатеро, ки шахс анҷом диҳад ва савоби онро барои майити мусалмон ё зинда бахшад, ин ба вай фоида медиҳад.	☐	☐

۞Беморе, ки ба аёдат эҳтиёҷ дорад: □ Ҳамаи бемор. □ Беморе, ки бемориш ӯро аз баромадан манъ мекунад.

۞ Қазои қарз аз майит: □ Воҷиб. □ Суннат. □ Мубоҳ.

۞Талқини касе ки ба марг мушарраф шудааст: □ Воҷиб. □ Мустаҳаб. □ Ҳаром аст.

۞Талқини касе ки ба марг мушарраф шудааст, ба нармӣ: □ Воҷиб. □ Мустаҳаб. □ Мубоҳ. □ Мустаҳаб аст, модоме ки аз се бор зиёд нашавад.

۞Талқини касе ки ба марг мушарраф шудааст, иода карда мешавад: □ Доим. □ Агар дар ҳудуи се бор бошад. □ Агар баъди талқини якум, сухан кунад.

۞Талқини касе ки ба марг мушарраф шудааст, он: □ Талқинкунанда бигӯяд: Ла илоҳа иллаллоҳ бигӯ. □ Дар назди ӯ бегуфтани калимаи бигӯ, шаҳодатро бигӯяд. □ Калимаи шаҳодатро ба ёдаш орад, бегуфтани калимаи бигӯ.

۞Дафни майит: □ Воҷиб. □ Суннат. □ Фарзи кифоя аст.

۞Гуштпораи афтодагӣ, агар чормоҳа бошад: □ Шуста намешавад ва бар ӯ ҷаноза хонда намешавад. □ Шуста намешавад ва бар ӯ ҷаноза хонда мешавад. □ Шуста мешавад ва бар ӯ ҷаноза хонда мешавад.

۞Иштироки касе ки бар шустани майит ёрӣ намедиҳад: □ Ҳаром. □ Мубоҳ. □ Макрӯҳ аст.

Китоби Закот

Закот чанд қисм аст:

(1) **Фарз:** Ин ду навъ аст:

(1)Закоти мол: Таърифи он аз рӯи шариат: (**Парастидани Аллоҳ таъоло аз рӯи шариат ба додани ҷузъи воҷиб аз моли муайян барои тоифа ё ҷиҳати махсус аст**). Ва он асоси сеюм аз асосҳои Ислом аст ва ба чаҳор қисм тақсим мешавад:

(а)**Нақдҳо:** Тилло ва нуқра ва чизе ки қоим мақоми онҳост, аз пулҳо ва ғайра, пас нисоби тилло 20 мисқол (85 гр) ва нисоби нуқра 200 дирҳам (595 гр) аст.

(б)**Ҳайвонҳо:** ки бештари сол ё ҳамаи онро дар чарогоҳи мубоҳ мечарад ва мақсад ба баҳимаи анъом: Шутур, гов ва бузу гусфанд аст.

(ҷ)**Он чи аз замин мерӯяд:** Он донагӣ ва меваҳост.

(д)**Молҳои тиҷоратӣ:** Ҳар чизе ки барои хариду фуруш омода карда шуда аст.

(2)Закоти бадан: Он закоти фитр аст. Ин ба ҳар мусалмон : Калону хурд, марду зан, ғулому озод воҷиб аст.

(2)Нафл: Ин ҳар молест, ки инсон бар ваҷҳи бандагии холис садақа медиҳад.

Фоидаҳои закот дар фард ва ҷомеа ва ҳикматҳои он умури зерин аст:

(1)Комил ва пурра шудани исломи банда. (2) Далел бар рост будани имони закотдиҳанда аст. (3)Ахлоқи закотдиҳандаро тоза мекунад. (4)Молро тоза мекунад. (5) Синаро мекушояд. (6) Инсонро ба мӯъмини комил мерасонад. (7)Сабаби дохил шудани ҷаннат аст. (8) Хатоҳоро тоза мекунад. (9) Ҷомеаи исломиро монанди як оила мегардонад. (10)Ҳарорати инқилоби фақеронро хомӯш мекунад. (11)Ҷиноятҳои молиро манъ мекунад. (12)Аз гармои рӯзи қиёмат наҷот медиҳад. (13) Аз мурдани бад нигаҳ медорад. (14) Инсонро ба донистани ҳудуди Аллоҳ ва шариатҳои Ӯ водор мекунад. (15) Сабаби нозил шудани хайрот мешавад. (16) Ғазаби Парвардигоро хомӯш мекунад. (17) Бо балои нозилшаванда муқобилият мекунад, пас монеи расидани он ба замин мешавад.

Фасл дар бораи закоти мол

Он фарз аст бар ҳар (пас закот дар моли хӯрдсол ва девона фарз мешавад**):**

(1)Мусалмон.	(2)Озод.	(3)Молики нисоб бошад.

Ва дар мол закот фарз намешавад, то бар он як сол (соли ҳиҷрӣ) гузарад, магар:

(1)Он чизе ки аз замин мерӯяд.	(2)Ва он чизе ки тобеи асл бошад, монанди зиёд шудани нисоб ва фоидаи тиҷорат-пас гузаштани соли инҳо гузаштани соли аслашон аст.

Ва закот фақат дар чаҳор навъ фарз мешавад:

(1)Ҳайвонҳои алафхӯр.	(2)Он чи аз замин рӯяд.	(3)Асмон (нуқра).	(4)Ва молҳои тиҷоратӣ.

Аммо чарандагон: Асл дар он ҳадиси Анас аст, ки Абӯбакр разияллоҳу анҳу ба ӯ нома навист: "Ин фарзи садақа аст, ки онро Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам бар мусалмонон фарз гардонд ва Аллоҳ расулашро ба он амр кардааст:

۞-Дар 24 шутур ва камтар аз он: Аз ғанам, дар ҳар панҷ шутур: Додани як гусфанд фарз мешавад.

-Агар ба 25 расид, то 35, пас дар он: Як бинти махози мода дода мешавад, пас агар бинти махози мода набошад, як ибни лабуни нар дода шавад.

-Агар ба 36 расид, то 45, пас дар он: Як бинти лабуни мода дода шавад.

-Агар ба 46 расид, то 60, пас дар он: Ҳиққа, ки барои ҷуфтгири бо шутури нар омода аст.

-Агар ба 61 расид, то 75, пас дар он: Ҷазаъа (шутуре ки чор солро комил кардааст) дода мешавад.

-Агар ба 76 расид, то 90, пас дар он: Ду бинти лабун аст.

-Агар ба 91 расид, то 120, пас дар он: Ду ҳиққаест, ки барои ҷуфтгири бо шутури нар омодаанд.

-Агар аз 120 зиёд шуд, пас дар ҳар 40 шутур як бинти лабун ва дар ҳар 50 шутур як ҳиққа аст.

-Ва касе ки танҳо чор шутур дорад, пас дар он закот нест, магар ки соҳиби он хоҳад.

Дар закоти ғанам (гусфанду буз), дар чарандаи он:
-Агар 40 ғанам бошад, то 120: Як гусфанд закот дода шавад.
-Агар аз 120 зиёд шавад, то 200, пас дар он: Ду гусфанд дода шавад.
-Агар аз 200 зиёд шавад, то 300, пас дар он: Се гусфанд дода шавад.
-Агар аз 300 зиёд шавад: Пас дар ҳар 100 ғанам: Як гусфанд дода шавад.
-Агар ғанами мард аз 40 саршумор кам бошад: Пас дар он закот нест, магар ки соҳиби он хоҳад. Ва миёни паракандаҳо ҷамъ карда намешавад ва миёни ҷамъомада аз тарси закот, онро ҷудо карда намешавад. Ва агар ду чиз омехта бошад, пас дар миёни онҳо баробар баргардонда мешавад.
Дар закот пир (калонсоле, ки дандонҳояш афтодааст) ва айбдор (маъюб ва бемор) дода намешавад.

Дар нуқра, дар 200 дирҳам: Чаҳоряки даҳ дода шавад, агар 190 дирҳам бошад, пас дар он закот нест, магар ки соҳиби он хоҳад.
Ва ба касе ки дар шутури он закоти ҷазаъа фарз шуда ва дар назди он ҷазаъа нест ва ҳиққа дорад: Аз ӯ ҳиққа қабул карда мешавад ва бо он ду гусфанд қарор дода мешавад, агар барояш муяссар шавад, ё 20 дирҳам.
Ва ба касе ки дар шутури он закоти ҳиққа фарз шуда ва ҳиққа надорад ва дар назди ӯ ҷазаъа аст, пас аз ӯ ҷазаъа гирифта мешавад ва омили садақа ба ӯ 20 дирҳам ё ду гусфанд медиҳад". Ривояти Бухорӣ.
Ва дар ҳадиси Муоз омадааст, ки Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам "**ӯро дастур дод, ки аз 30 гов як табиъ ё табиъа ва дар 40 гов як мусинна бигирад**". Ин ҳадиси соҳибони Сунан ривоят кардаанд.
Закоти асмон: Ба ростӣ гузашт, ки дар он чизе нест, то ба 200 дирҳам расад ва дар чаҳоряки даҳ аст.
Закоти он чи аз замин рӯяд, аз донагӣ ва меваҳо (ба шарте ки паймона ва захирашаванда бошад), пас Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд: "**Дар камтар аз панҷ васақ хурмо закот нест**". Ҳадиси муттафақун алайҳ аст. Васақ: 60 соъ аст, пас нисоби донагӣ ва меваҳо: 300 соъ ба соъи Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам мебошад.
Ва Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд: "Дар он чи аз осмон ва чашма сероб шавад ё замин сарсабз бошад, даҳяк аст ва дар он чизе ки ба оби кашида об дода шуд, нисфи даҳяк аст". Ривояти Бухорӣ.
Ва аз Саҳл ибни Абӯҳасма ривоят аст, ки гуфт: "Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам моро амр кард, ки агар андоза кардед, пас бигиред, ва сеякро тарк кунед, пас агар сеякро тарк накардед, пас чорякро ба моликаш бигузоред". Ривояти соҳибони Сунан. (Ва асарӣ чизест, ки аз решааш сероб гардад).
Аммо молҳои тиҷоратӣ: Он ҳар чизест, ки барои хариду фуруш ба хотири фоида омода карда шудааст, пас он қимат гузошта шавад, агар болояш сол гузарад, ба насибтарин барои мискинҳо аз тилло ё нуқра ва дар он чоряки даҳ фарз мешавад.

Ва касе қарз ва моле дошта бошад, аз вуҷуди он умед надошта бошад, мисли моле ки дар дасти кашолдиҳанда аст ё дар дасти нодор аст, ки барои ӯ вафо намекунад, пас дар он закот нест, (локин агар онро гирифт, танҳо соле ки гирифтааст, он соларо закот медиҳад) вагарна дар он закот аст. Ва закот аз моли миёна пардохт мешавад ва аз моли паст ҷоиз намешавад ва аз беҳтарини мол лозим намешавад, магар ки соҳиби он хоҳад.
Ва дар ҳадиси Абӯҳурайра, ки ба Паёмбар рафъшуда аст: "**Дар хазина панҷяк аст**". Ҳадиси муттафақун алайҳ аст.

Он хазинае, ки ёфта шавад:

(1)Ҷоҳилият: (Пеш аз Ислом) он хазинаест, ки дар он закот фарз мешавад, пас ёбандаи он панҷякашро пардохт мекунад	**(2)Мусалмонон:** (Баъд аз Ислом), пас он луқата аст ва ба зуди баёни он дар боби луқата меояд.

Боб дар бораи закоти фитр

Аз Ибни Умар ривоят аст, ки гуфт: "Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам закоти фитрро фарз кард:

(1)Як соъ хурмо, ё як соъ ҷав.	(2)Бар банда ва озод, марду зан ва хурду калони мусалмонон.	(3)Ва ба он амр кард, ки пеш аз баромадани мардум ба сӯи намоз дода шавад". Ҳадиси муттафақун алайҳ аст.

Ва воҷиб мешавад:

Барои худаш ва барои касе, ки нафақааш ба ӯ лозим аст.	Агар ин аз хӯроки як шабонарӯзаш бештар бошад.	Як соъ аз хурмо, ё ҷав, ё қурут, ё мавиз, ё гандум.

Ва беҳтар дар он: Фоидаовартар аст.
Ва аз рӯзи ид дер кардани он раво нест.
Ва онро Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам фарз гардондааст: "Покӣ барои рӯзадор аз беҳудагӣ ва ҳақорату дашном ва таом барои мискинон аст:

(1)Касе онро пеш аз намози ид адо кунад, пас он закоти мақбул аст.	(2)Ва касе онро пас аз намози ид адо кунад, пас он садақае аз садақаҳост". Ривояти Абӯдовуд ва Ибни Моҷа.

Ва Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд: "Ҳафт тоифа аст, ки Аллоҳ онҳоро дар зери сояш соягӣ мекунад, рӯзе ки сояе ҷуз сояи Ӯ нест:

(1) Пешвои одил.	(2)Ва ҷавоне, ки дар тоати Аллоҳ нашъунамо ёфтааст. (3)Ва марде ки қалбаш дилбохтаи масҷидҳо аст.	(4)Ва ду марде, ки якдигарро ба хотири Аллоҳ дӯст доштанд, бар он якҷо шудан ва бар он ҷудо шуданд.	(5)Ва марде, ки зани зебову боманасаб ӯро даъват кард, пас гуфт: Ман аз Аллоҳ метарсам.	(6)Ва марде ки пинҳонӣ садақа дод, то ки дасти чапаш надонист, ки дасти рости чи садақа кард.	(7)Ва марде ки танҳо Аллоҳро ёд кард, пас аз чашмонаш ашк ҷорӣ шуд". Ривояти Бухорӣ ва Муслим.

Боб дар аҳли закот ва ба кӣ дода мешавад

Закот танҳо ба ҳашт тоифае, ки Аллоҳ дар фармудааш зикр кардааст, дода мешавад: (**Садақот "закоти фарзӣ" барои фақироне, ки чизеро аз мулк соҳиб нестанд ва барои мискиноне, ки дар зиндагӣ эҳтиёҷманданд ва барои коргузорони ҷамъоварии закот аст. Ва низ барои онҳое, ки дилҳояшон моил карда мешавад ба ислом ва барои озод кардани ғуломону қарздорон ва харҷ дар роҳи Аллоҳ ва мусофирони мӯҳтоҷ ва он ҳукм фаризаест аз ҷониби Аллоҳ. Ва Аллоҳ ба маслиҳати бандагонаш доно ва дар таъин кардани фаризаи закот ҳаким аст**).

Ва ҷоиз аст, ки ба як нафари он дода шавад, аз рӯи фармудаи Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам ба Муоз: "Пас агар онҳо туро дар масъалаи намоз итоат карданд, пас ба онҳо биомӯз, ки Аллоҳ бар шумо закотро фарз гардондааст, ки аз бойҳои шумо гирифта бар фақирони шумо дода мешавад". Ҳадиси муттафақун алайҳ аст. Ва додани закот ҳалол намешавад:

(1)Ба бой.	(2) Ва на ба боқуввати касбкун.	(3)Ва на ба хонаводаи Муҳаммад ва онҳо Бани Ҳошим ва мавлоҳои онон аст.	(4)Ва на ба касе, ки нафақаи ӯ дар ҳоли ҷараёни он воҷиб аст.	(5)Ва на ба кофир.

Аммо садақаҳои нафлӣ, пас ҷоиз аст, ки бар инҳо ва дигарон дода шавад, локин ҳар қадар фоидаи ом ва хосси он бештар бошад, пас он комилтар аст. Ва Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд: "Касе молҳои мардумро аз рӯи бисёр шудани молаш талаб кунад, пас ҳамоно лахча талаб мекунад, пас ихтиёр дорад, ки кам талаб кунад, ё бисёр". Ривояти Муслим.

Ва ба Умар разияллоҳу анҳу фармуд: "Пас моле ки бетамаъ ва пурсидан бароят мерасад онро бигир ва дар ғайри он даври он марав". Ривояти Муслим

Аҳли закот ҳашт тоифа аст, Аллоҳ таъоло онҳоро дар сураи Тавба зикр кардааст:

(1)Фақирон: Онҳо касоне ҳастанд, ки чизе намеёбанд, ё баъзе кифоягиро меёбанд.

(2) Мискинон: Касонеанд, ки бештари кифоягиро, ё баъзеи онро меёбанд, агар фарз кунем дар як сол 12 ҳазор кофӣ бошад, пас фақир касест, ки аз 6 ҳазор камтар дорад ва мискин касе аст, ки 6 ҳазор ё аз он зиёдтар дорад ва ба 12 ҳазор намерасад, пас ба онҳо миқдоре медиҳем, ки барои як сол кофӣ бошад, зеро закот дар як сол фарз мешавад.

(3)Ҷамъоварони закот: Ҷамъорандагон, ҳифзкунандагон ва тақсимгарони он ҳастанд. Подшоҳ онҳоро вазифадор кардааст ва дар онҳо фақир будан шарт нест, балки аз закот дода мешаванд, агарчи бой бошанд.

(4)Дилҳоҳяшон моилкунанда: Касе ки ислом оварданаш, ё дур кардани бадияш, ё қуввати имонаш умед карда мешавад

(5)Дар озод кардани гарданҳо ва онон:

Мукотаби мусалмон: Ӯ ғуломест, ки худашро аз мавлояш мехарад.

Озод кардани ғуломи мусалмон.

Озод кардани асири мусалмон.

Ва дар инҳо ғуломе, ки мавлояш ӯро озод мекунад, пас онро аз закот мешуморад, дохил намешавад, пас ин ҷоиз намебошад.

(6)Қарздорон ва онон:

Ба хотири ислоҳи ду нафар қарздор шудааст.

Худаш қарздор аст.

Гузаштан аз қарзи фақир ба нияти закот ҷоиз намешавад.

(7) Дар роҳи Аллоҳ:

Ғозиён ва ба он чизе ки аз силоҳ ва ғайра мғҳтоҷмешаванд, шомил мешавад.

(8) Писари роҳ:

Ӯ мусофири раҳгузар аст, ки нафақааш тамом шудааст, пас миқдоре дода мешавад, ки ӯро ба ватанаш расонад.

Ақсоми об додани зироат бо миқдори закоти он:

(1)Тоза ба меҳнат об дода шуда: Дар ин нисфи даҳяк аст.

(2)Бе меҳнат об дода шуда: Дар ин даҳяк аст.

(3)Ба он ду ним-ним об дода шуда: Дар ин се чоряки даҳяк аст.

(4)Ба он ду гуногун об дода шуда: Аз рӯи фоида бештар эътибор карда мешавад.

(5)Ба он ду гуногун об дода шуда ва кадоми он фоидааш бисёр аст, намедонем: Дар ин даҳяк аст.

(Илова)

Баъзе таърифҳои муҳим:

Аз шутур:	Бинти махоз	Шутуре аст, ки як солро комил кардааст. Ба ин исм номида шуд, зеро модараш ҳомила аст.
	Бинти лабун	Шутуре аст, ки ду солро комил кардааст. Ба ин ном номида шудааст, зеро модараш шир дорад.
	Ҳиққа	Шутуре аст, ки се солро комил кардааст. Ба ин ном номида шуд, зеро омода барои ҷуфтгирии шутури нар бо ӯст.
	Ҷазаъа	Шутуре аст, ки чор солро комил кардааст. Ба ин исм номида шуд, зеро дар ин син дандонҳои пешаш меафтад.
Аз гов:	Табиъ	Як солро комил кардааст.
	Мусанна	Ду солро комил кардааст.

Миқдорҳои закот:

Молҳо	**Сол**	**Нисоб**	**Миқдори закот**
Чаранда	Шарт аст	Баёни он меояд.	Баёни он меояд.
Он чи аз замин мерӯяд.	Шарт нест.	300 соъ.	**Даҳяк:** Дар он чизе ки осмон об дода ё чашма, ё аз решааш бе об додан сероб шавад. **Нисфи даҳяк:** Дар он чизе ки ба кашидан об дода шудааст. **Се чоряки даҳяк:** Дар он чизе ки ба ҳар ду он об дода шудааст.
Тилло ва нуқра	Шарт аст.	85 гр тилло ё 595 гр нуқра аст.	Чоряки даҳ.
Молҳои тиҷоратӣ	Шарт аст.	Бо насибтарин барои фақирон аз тилло ё нуқра қиммат гузошта мешавад.	Чоряки даҳ.

Нисобҳои закоти ҳайвонҳо ва миқдори он:

<table>
<tr><td colspan="2">Гусфанду буз</td><td colspan="3">Шутури як ё ду куҳона</td><td colspan="3">Гов ва говмеш</td></tr>
<tr><td>Миқдор</td><td rowspan="2">Закоти он</td><td colspan="2">Миқдор</td><td rowspan="2">Закоти он</td><td colspan="2">Миқдор</td><td rowspan="2">Закоти он</td></tr>
<tr><td>Аз - то</td><td>Аз</td><td>То</td><td>Аз</td><td>То</td></tr>
<tr><td>40-120</td><td>Як гусфанд</td><td>5</td><td>9</td><td>Як гусфанд</td><td>30</td><td>39</td><td>Табиъ ё табиъа</td></tr>
<tr><td>121-200</td><td>Ду гусфанд</td><td>10</td><td>14</td><td>ду гусфанд</td><td>40</td><td>59</td><td>Мусанна</td></tr>
<tr><td>201-300</td><td>Се гусфанд</td><td>15</td><td>19</td><td>се гусфанд</td><td>60</td><td>69</td><td>Ду табиъ</td></tr>
<tr><td colspan="2" rowspan="8">Баъд аз он дар ҳар садто гусфанд як гусфанд медиҳад.</td><td>20</td><td>24</td><td>чор гусфанд</td><td colspan="3" rowspan="8">Сипас дар ҳар 30 гов як табиъ ва дар ҳар 40 гов як мусанна дода мешавад.</td></tr>
<tr><td>25</td><td>35</td><td>Бинти махоз</td></tr>
<tr><td>36</td><td>45</td><td>Бинти лабун</td></tr>
<tr><td>46</td><td>60</td><td>Ҳиққа</td></tr>
<tr><td>61</td><td>75</td><td>Ҷазаъа</td></tr>
<tr><td>76</td><td>90</td><td>Ду бинти лабун</td></tr>
<tr><td>91</td><td>120</td><td>Ду ҳиққа</td></tr>
<tr><td>121</td><td>129</td><td>Се бинти лабун</td></tr>
<tr><td colspan="2">Дар садақа така, пир, маъиб ва моли бад ги-рифта намешавад. Ва дар садақа заиф, ҳомила, ҳайвоне ки барои куштан фарбеҳ карда мешавад ва беҳтарини мол гириф-та намешавад</td><td colspan="3">Сипас дар ҳар чиҳил шутур як шутури бинти лабун ва дар ҳар панҷоҳ шутур як ҳиққа дода мешавад. Ва вақс (нуқс) аз 9 пас поён аст (ва он дар байни ду фариза аст).</td><td colspan="3"></td></tr>
</table>

Ҳукми закоти фитр:

Воҷиб аст, бар:		Мустаҳаб аст аз:
Касе ки дар рӯзи охири моҳи Рамазон офтоб нишинад, дар ҳоле ки мусалмон буд, хоҳ калон бошад ё хурд, мард бошад ё зан, ғулом бошад ё озод.	Ва як соъ аз хӯроки худаш ва хонаводааш ва ҳоҷатҳои аслияш зиёд бошад.	Ҷанин. (Кӯдаки дар раҳми модар).

Ҳикмати машрӯъ будани закоти фитр:

Пок шудани рӯзадор аз суханҳои беҳуда ва фаҳшо.	Дар рӯзи ид фақирон ва мискинонро аз талаб кардан бениёз сохтан аст.

Вақти пардохтани закоти фитр:

Вақти ҷоизӣ:	Вақти мустаҳабӣ:	Вақти ҳаром:
Як ё ду рӯз пеш аз ид.	Пас аз намози субҳи рӯзи ид ва пеш аз намози ид.	Пас аз намози ид.

Дар закоти фитр чӣ додан ҷоиз аст:

Як соъ аз таоме, ки одамон истеъмол мекунанд ва миқдори соъ аз гандуми хуб ду киллову чиҳил грам аст ва аз ҳар таом тибқи он аст.	Пул додан ҷоиз нест.

Миқдори закоти фитр аз машҳуртарин таомҳо ба вазн:

Орд: 1400 грам.	Орди сафед: 2000 грам.	Биринҷ: 2300 грам.
Гандум: 2040 грам.	Наск: 2100 грам.	Нахӯд: 2000 грам.
Лубиё: 2060 грам.	Хурмо: 1800 грам.	Мавиз: 1640 грам.

Ақсоми закот ба эътибори гиранда ва миқдор:

1-Дар он пардохтшуда новобаста аз пардохткунанда ва ба ӯ пардохташуда таъйин шудааст, монанди закоти фитр.	2-Дар он пардохтшуда ва ба ӯ пардохташуда таъйин шудааст, монанди фидяи озор: "**Ба шаш мискин таом бидеҳ, ба ҳар мискин нисфи соъ**".	3-Дар он гирандаву атошуда ҷуз пардохтшуда таъйин шудааст, монанди каффорати савганд.

Суолҳои китоби закот

Суол:	Дуруст	Хато
۞Агар шахс бимирад ва аз закот қарздор бошад, аз моли ӯ пеш аз ҳаққи ворисон гирифта мешавад.	☐	☐
۞Нисоби бузу гӯсфанд 120-то аст.	☐	☐
۞Дар 76-то як бинти лабун фарз мешавад.	☐	☐
۞Дар зеваре, ки барои истифодааст, закот нест.	☐	☐
۞Молҳои тиҷоратӣ дар охири сол ба насибтарин барои камбизоатон аз рӯи тилло ё пул қимат гузошта мешавад.	☐	☐
۞Баҳиматуланъом шутур, гов, говмеш ва гӯсфандро дар бар мегирад.	☐	☐
۞Дар мева закот нест.	☐	☐
۞Агар мискинон зикр шуд, бо онон фақирон дохил ҳастанд.	☐	☐
۞ Ба дилхушшудагон кофир дохил мешавад, агарчи пазируфтани ӯ Исломро умед карда нашавад.	☐	☐
۞Агар оқо канизашро озод кунад, аз закот дода мешавад.	☐	☐
۞Шахси бой аз як камбағал пул хост, пас аз он пул даст кашид ва онро аз закот ҳисоб кард, пас феълаш дуруст аст.	☐	☐
۞"Дар роҳи Аллоҳ" ҳамаи дарҳои хайрро дар бар мегирад, монанди бинои масҷидҳо.	☐	☐
۞Закоти да нақдӣ бо тақсим ба чиҳил ҳисоб карда мешавад.	☐	☐
۞Закот дар чорвои мечаридагӣ фарз аст, аммо дар ҳайвонҳои корӣ ва алафдодашуда фарз нест.	☐	☐
۞Закоти донагӣ ва меваҷот, агар ба нисоб расад фарз аст, ин дар вақти сахт шудани дона ва пухтани меваҳо мебошад.	☐	☐
۞Дар донагӣ ва меваҳо нисфи даҳяки обдодашуда фарз мешавад.	☐	☐
۞Закоти тилло агар ба нисоб, ки 20 мисқол аст, расад, фарз шавад.	☐	☐
۞Табиъ аз гов, онест, ки дусола аст.	☐	☐
۞Закот аз хонаҳое, ки барои истиқомат омода шудаанд, фарз аст, ки пардохта шавад.	☐	☐
۞Ба ҳар кӣ сафар мекунад, закот дода мешавад, зеро ӯ мусофир аст.	☐	☐
۞ Беҳтар аст, ки закотдиҳанда закоташро худаш тақсим кунад.	☐	☐

۞Марде, ки пеш аз сол аз он чизе, ки дошт, халос шуд, то закот бар ӯ фарз нашавад: ☐ Ба муқобили нияташ ҷазо дода мешавад ва закот аз ӯ гирифта мешавад. ☐ Кардаи ӯ ҷоиз аст.

۞Матоъеро ба чорвои чаранда харид ва бар он сол нагузаронд: ☐ Амалаш дуруст аст. ☐ Амалаш нодуруст аст.

۞Ҳаргоҳ молики чизе шуд, сипас онро барои тиҷорат ният кард: ☐ Дар он закот аст. ☐ Дар он закот нест.

۞Зане тахти тиллои гирифт: ☐ Дар он закот аст. ☐ Дар он закот нест.

۞Марде сад риёли саудӣ дорад: ☐ Дар он закот аст. ☐ Дар он закот нест.

۞Марде моли дафншударо ёфт, ки дар он аломати мусалмонӣ аст: ☐ Дар он закот аст. ☐ Дар он закот нест.

۞Дар мол закот нест, то ки бар он сол гузарад ва он соли: ☐Ҳиҷрӣ аст. ☐Мелодӣ аст. ☐Фарқ надорад.

۞ Аз шарти гузаштани сол истисно шудааст: ☐ Маъдан. ☐ Он чи аз замин мерӯяд. ☐ Ҳамаи чизҳои зикршуда.

۞Нисоби тилло: ☐ 85 грам. ☐ 595 грам. ☐ 95 грам.

۞Нисоби нуқра: ☐ 200 дирҳам. ☐ 595 грам. ☐ Ҳамаи чизҳои зикршуда.

۞Соима (чаранда): ☐Чорвое, ки қиматашро боло меравад. ☐Чорвое, ки сол ё бештари он мечарад.

۞Чорвое, ки аз чизи раво мечарад, яъне: ☐Чорвое, ки чизи покиза мехӯрад. ☐Чорвое, ки соҳиб надорад.

۞Ба фақир миқдоре дода мешавад, ки барояш кофӣ бошад дар муддати: ☐ Сол. ☐ Моҳ.

۞ Омилони закот, онҳо: ☐ Касе, ки дар ҷамъи он кор мекунад. ☐ Танҳо касест, ки Султон ӯро вазифадор кардааст.

۞ Нисоби варақҳои нақдӣ қимат гузошта мешавад, ба: ☐Молҳои тиҷоратӣ. ☐Қимати нисоби тилло ё нуқра. ☐Қимати нисоби тилло ва нуқра.

۞Дар варақҳои нақдӣ закот воҷиб мешавад: ☐Чоряки даҳяк. ☐Нисфи даҳяк.

۞Закоти ҳаштод грам тилло: ☐Ду грам. ☐Чор грам. ☐Дар он закот нест.

۞Аз инсоне ҳазор риёл талаб дорам, пас баъзе аз онро ба нияти закоти молам аз ӯ гузаштам: ☐ Саҳеҳ аст. ☐ Саҳеҳ нест, зеро дар закот гирифтану додан ҳатмӣ аст.

۞Аз аҳли закот дар роҳи Аллоҳ, пас саҳеҳ аст, ки закотамро барои ислоҳи роҳҳо диҳам: ☐ Саҳеҳ. ☐ Хато.

Дар пеши он чи закот воҷиб мешавад, аломати ☑ гузор:

	Мурғ.		Маҳали тиҷоратӣ.		Ғанамҳои алафдодашуда.
	Шутури чаранда.		25 мисқол аз тилло.		Боғи хурмо.

Миқдори закот ва миқдори мобайни ду фарзро, агар мавҷуд бошад, дар ҳар яке аз молҳои зерин муайян кунед		
Мол	Миқдори закот	Мобайни ду фарз, агар бошад
100 дирҳам		
300 динор		
400 дирҳам		
80 грам тилло		
500 грам нуқра		
30 гӯсфанд		
60 гӯсфанд		
565 гӯсфанд		
Чор шутур		
17 шутур		
449 шутур		
30 гов		
49 гов		
77 гов		
99 гов		
20 милиён риёл		
40 риёл		
45679 риёл		
255 соъ аз донагӣ		

Китоби рӯза

Рӯза: (**Парастидани Аллоҳ бо парҳез кардан аз хӯрок ва шароб ва ҳар чизе ки ифторкунандааст, аз субҳи содиқ, то ғуруби офтоб**).

Асл дар он фармудаи Аллоҳ таъолост: (Эй касоне ки имон овардаед! Рӯза бар шумо фарз шудааст, ҳамонгуна ки бар касе ки пеш аз шумо буданд) то охири оятҳо. Ва рӯзаи Рамазон фарз аст, бар ҳар як:

(1) Мусалмон.	(2) Болиғ.	(3) Оқил.	(4) Касе ки тавоноии рӯзаро дорад.	(5)Ба дидани моҳ, ё моҳи Шаъбонро си рӯз пурра кардан.

Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд: "**Ҳаргоҳ моҳро дидед, пас рӯза гиред ва ҳаргоҳ моҳро дидед, пас ифтор кунед, пас агар рӯзи абрнок бошад, пас барои он ҳисоб кунед**". Ҳадиси муттафақун алайҳ аст. Ва дар ривоят: "**Барои он ҳисоб кунед**", ва дар ривояте: "**Пас си рӯзи Шаъбонро комил кунед**". Ривояти Бухорӣ. Вақте ки як одил моҳро бинад, рӯза гирифта мешавад ва дар дигар моҳҳо қабул намешавад, магар дидани ду одил.

Беморе, ки рӯза зарараш мекунад ва мусофир: Ифтор мекунанд ва рӯза медоранд.	Зани ҳоиз ва дар нифос: Бар инҳо рӯза доштан ҳаром аст ва қазо медоранд.	Зани ҳомила ва ширдеҳ агар бар фарзандашон тарсанд: Ифтор мекунанд ва қазо мегиранд ва аз ҳар рӯз як мискинро таом медиҳанд.	Ва касе, ки ба сабаби пирӣ ва беморие, ки умеди шифои он нест, рӯза дошта наметавонад: Ҳар рӯз як мискинро таъом медиҳад.

Ва ҳар кӣ ифтор кунад, бояд қазои онро бигирад, ки агар ифтор карда бошад: Бо хӯрдан, нӯшидан, қасдан қай кардан, ҳиҷомат, ба мубошарат манӣ резондан, магар касе, ки бо ҳамбистарӣ ифтор кунад, пас:

(1)Қазо мегирад ва як бандаро озод мекунад.	(2)Агар наёфт, ду моҳ пай дар пай рӯза бигирад.	(3) Агар натавонист, шаст мискинро таъом диҳад.

Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд: "**Ҳар кӣ дар ҳоли рӯзадорӣ фаромӯш кард ва хӯрд ё нӯшид, рӯзаашро тамом кунад, зеро Аллоҳ аст, ки ӯро таъом ва шароб додааст**". Муттафақун алайҳ. Ва фармуд: "**Мардум то даме ки дар ифтор мешитобанд, дар хайранд**". Муттафақун алайҳ. Ва фармуд: "**Саҳари бихӯред. Заро дар саҳархӯрӣ баракат аст**". Муттафақун алайҳ. Ва фармуд: "**Агар яке аз шумо ифтор кунад, бо хурмо ифтор кунад ва агар хурмо наёфт, бо об ифтор кунад, пас он поккунандааст**". Ривояти панҷгона. Ва фармуд: "**Касе, ки сухани дурӯғ ва амал кардан ба он ва ҷоҳилиятро тарк накунад, Аллоҳ дар тарк кардани ӯ таъом ва шаробашро эҳтиёҷе надорад**". Ривояти Бухорӣ. Ва фармуд: "**Ҳар кӣ бимирад, дар ҳоле ки бар гарданаш рӯза аст, валияш аз номи ӯ рӯза мегирад**". Муттафақун алайҳ аст. (Ва мақсад ин аст, ки ҳар кӣ метавонист, ки онро қазо дорад ва то мурданаш ин корро накард, бар валияш лозим аст, ки аз номи ӯ рӯза бигирад ва валӣ меросбар аст). Аз Ӯ дар бораи рӯзаи рӯзи Арафа пурсида шуд, пас фармуд: "**Каффорати соли гузашта ва ояндааст**". Ва аз рӯзаи Ошуро пурсида шуд, пас фармуд: "**Каффорати соли гузаштааст**". Ва аз рӯзаи рӯзи душанбе пурсида шуд, пас фармуд: "**Ман дар он рӯз таваллуд шудаам ва дар он фиристода шудам ва ё дар он рӯз бар ман ваҳй нозил шуд**". Ривояти Муслим. Ва фармуд: "**Касе моҳи Рамазонро рӯза дорад, пас аз он шаш рӯзи моҳи Шавволро рӯза дорад, монанди рӯзаи даҳр бошад**". Ривояти Муслим. Ва Абӯзар гуфт: "**Моро Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам амр кард, ки аз ҳар моҳ се рӯз рӯза бигирем: Сездаҳум, чордаҳум ва понздаҳум**". Ривояти Насоӣ ва Тирмизӣ. Ва "**Аз рӯзаи ду рӯз: Рӯзи иди фитр ва иди қурбон манъ кард**". Муттафақун алайҳ. Ва фармуд: "**Рӯзҳои ташриқ, рӯзҳои хӯрдану нӯшидан ва зикри Аллоҳ аст**". Ривояти Муслим. Ва фармуд: "**Ҳаргиз яке аз шумо рӯзи ҷумъа рӯза нагирад, магар ки як рӯз пеш аз он ва як рӯз пас аз онро рӯза гирад**". Муттафақун алайҳ. Ва фармуд: "**Ҳар кас, ки моҳи Рамазонро бо имон ва ба умеди савоб рӯза гирад, гуноҳони гузаштааш бахшида мешавад ва ҳар кӣ шаби Қадрро бо имон ва умеди савоб ба намоз гузаронад, гуноҳони гузаштааш бахшида мешавад**". Муттафақун алайҳ.

Ва "**Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам дар даҳ рӯзи охири Рамазон эътикоф менишаст, то Аллоҳ ӯро бимиронд ва ҳамсаронаш пас аз ӯ эътикоф менишастанд**". Муттафақун алайҳ аст.

Ва фармуд: "**Бори сафар баста намешавад, магар ба сӯи се масҷид: Масҷиди Ҳаром, ин масҷиди Ман ва масҷиди Ақсо**". Ҳадиси муттафақун алайҳ аст.

[Иловаҳо]

Рӯза ду қисм аст:

Фарз: Дар Рамазон, каффоратҳо ва назрҳо.

Нафл: Дар ғайри ин.

Рӯза ду асос дорад:

(1)Ният

Нияти фарз:
Дар фарз шаб ният кардан, яъне аз субҳ ҳатмӣ аст ва ният кардан ба даромадани моҳи Рамазон кофӣ аст ва ҷои ният қалб аст ва гуфтани ният бидъат аст.

Нияти нафл:
Он дар ҳар соати рӯз дуруст аст, магар ки ифтор накарда бошад, вале савоб аз вақти ният ҳисоб мешавад.

(2)Худдорӣ кардан аз ботилкунандаҳои он.

Шартҳои фарз шудани рӯза шашто аст:

(1)Ислом

(2)Ақл

(3) Балоғат, вале ғайри болиғ, пас дар рӯза ташвиқ карда мешавад ва валияш ӯро ба рӯза доштан амр мекунад.

(4)Ватан: Рӯза бар мусофир фарз нест ва беҳтар аст, ки рӯза дошта бошад, то замоне ки барояш душвор набошад, аз рӯи амали Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам ва зеро ки гардан тезтар озод мешавад ва бар банда осонтар аст ва аз рӯи дарки фазилати моҳ.

(5) Саломатӣ.

(6)Аз ҳайзу нифос пок будан.

Ақсоми бемориҳо дар рӯза:

(1)Беморие, ки шифояш умед карда намешавад ва калонсоле, ки аз рӯза доштан оҷиз аст, ба он илова мешавад. Рӯза намедоранд, балки барои ҳар рӯз як мискинро таъом медиҳанд, ё мискинонро мувофиқи шумори рӯз ҷамъ карда, ба онҳо хӯроки шом таёр мекунанд, ё хӯроки нисфирӯзи медиҳанд ва ё ба мискинон мувофиқи шумораи рӯз чоряки соъи набавӣ тақсим мекунанд, яъне нисф кило ва даҳ грам аз гандуми хуб ва беҳтар аст, ки бо он гушт ва равған биёранд.

(2)Беморие, ки шифо ёфтанаш умед карда мешавад ва бо он рӯза доштан машаққат аст ва ба он мепайвандад: Зани ҳоиз ва дар нифос ва ширдеҳ ва мусофир, пас замоне офият ёфтанд, адади рӯзҳоеро, ки ифтор кардаанд, қазо мегиранд, пас агар пеш аз ин бимирад,аз онҳо соқит мешавад.

Даромадани моҳи Рамазон ба чӣ исбот мешавад?

Ба дидани моҳи Рамазон.	Ба си рӯз комил кардани моҳи Шаъбон.

Фосидкунандаҳои рӯза:

(1)Қасдан хӯрдан ва нӯшидан: Касе фаромуш кард, пас рӯзааш саҳеҳ аст.	(2)Ҳамхобагӣ бо ҳамсар: Ҳаргоҳ дар рӯзҳои Рамазон бошад ва ҳоло он ки рӯза бар ӯ воҷиб аст, бар ӯ каффорати сахт лозим меояд ва он озод кардани ғулом аст, пас агар ғулом озод карда натавонад, пас ду моҳ паи ҳам рӯза медорад, пас агар рӯза дошта натавонад, пас шаст мискинро таъом медиҳад.	(3)Рехтани оби манӣ ба сабаби мубошират, ё бӯса, ё оғуш гирифтан, ё монанди он.

(4)Он чизе, ки ба маънои хӯрдан, ё нӯшидан бошад, монанди сӯзандоруи ғизо-диҳанда, аммо ғайри ғизо-диҳанда рӯзаро фосид намекунад.	(5) Хун гирифтан: Ба ҳиҷомат, аммо андак хуне, ки барои анализ ва монанди он гирифта мешавад, пас рӯзаро фосид намекунад.	(6)Қасдан қай кардан.	(7)Хуни ҳайз ва нифос.

Баъзе чизҳое, ки барои рӯзадор раво аст:

Фурӯ бурдани оби даҳон.	Аз рӯи ҳоҷат чашидани таъом.	Ғусл кардан.	Мисвок кардан.	Хушбӯй задан.	Худро сард кардан.

Мустаҳабҳои рӯза:

(1)Пеш аз субҳ хӯрдан ва нӯшидан.	(2) Дер саҳархӯрӣ кардан.	(3) Дар ифтор шитобидан.	(4)Ба хурмои тар ифтор кардан, пас агар хурмои тар наёфт, пас ба чанд хурмои хушк ва ин ки тоқ бошад. Агар хурмо наёфт, пас ба чанд ҷуръаи об ифтор кунад, агар чизе наёфт, ки ифтор кунад, ба қалбаш нияти ифтор кунад.

(5)Дар вақти ифтор ва дар аснои рӯза дуъо кардан.	(6)Бисёр садақа додан.	(7)Дар намози шаб кӯшиш кардан.	(8)Хондани Қуръон.	(9)Барои касе ки ӯро дашном медиҳад: Ман рӯзадорам гуфтан.

(10)Умра кардан.	(11)Дар дах рӯзи охир эътикоф нишастан.	(12)Ҷустуҷӯи шаби қадр.

Макрӯҳҳои рӯза:

(1)Дар мазмаза ва об дар бинӣ кардан муболиға намудан.	(2)Бе ҳоҷат чашидани таъом.

Он чи бар рӯзадор ҳаром аст:

(1)Фурӯ бурдани балғам ва ба он рӯза фосид намешавад.	(2)Бӯсидан барои касе ки фосид шудани рӯзааш эмин нест.	(3)Сухани дурӯғ (он амали ҳамаи ҳаромҳо) аст.	(4)Ҷаҳл: Он бехирадӣ ва ҳалим набудан аст.	(5)Рӯзаи висол (ду рӯз паи ҳам ифтор накардан) аст.

Аҳкоми қазо гирифтан:

Пайдарпай қазо доштан мустаҳаб аст.	Баъди рӯзи ид дар қазо доштан шитоб кардан, шоиста аст.	Ба таъхири қазо доштан, то Рамазони дигар раво нест.	Агар бе узр қазо доштанро ба таъхир андох, пас ӯро бештар аз рӯзҳое, ки қазо кардааст, рӯза доштан лозим намеояд, ҷуз ин ки гунаҳгор мешавад.

Рӯзаи нафл:

(1)Шаш рӯзи моҳи Шаввол, барои касе ки Рамазонро комил кардааст ва дар он пайдарпай аз рӯзи дӯюм рӯза гирифтан беҳтар аст.	(2)Рӯзаи рӯзи Арафа барои ғайри ҳоҷиён.	(3)Рӯзаи рӯзи Ошуро (10 моҳи Муҳаррам) бо ду рӯз, нӯҳум ва ёздаҳум.	(4)Рӯзи душанбе ва панҷшанбе ва душанбе таъкидшудатар аст.

(5)Се рӯзи ҳар моҳ ва беҳтар рӯзҳои биз (13-14-15) аст.	(6)Як рӯз рӯза доштан ва як рӯз ифтор кардан.	(7)Рӯзаи моҳи Аллоҳ, Муҳаррам.	(8)Рӯзаи нӯҳ рӯзи Зулҳиҷҷа.	(9)Рӯзаи моҳи Шаъбон, локин онро пурра рӯза намегирад.

Рӯзаи макрӯҳ:

Рӯзи ҷумъа, шанбе ва якшанберо танҳо рӯза доштан макрӯҳ аст.	Агар барои ягон сабабе онро рӯза дорад, монанди рӯзи Арафа, пас боке надорад.

Рӯзаҳои ҳаром:

(1)Моҳи Раҷабро танҳо рӯза доштан.	(2)Ду рӯзи ид рӯза гирифтан.	(3)Рӯзаи рӯзи шак, аммо агар касеро одаташ бошад, пас боке надорад.	(4)Рӯзаҳои рӯзҳои ташриқ, магар барои ҳоҷие, ки ҳадя наёбад.	(5)Рӯзаи тамоми замон.

Суолҳои китоби рӯза

Суол:	Дуруст	Хато
۞ Агар дар чизе шак кунем, ки шиканандаи рӯза аст, ё не. Асл ин аст, ки шикананда нест.	☐	☐
۞ Ҳар кӣ саҳархӯрак кунад, ба суннат амал кардааст, ҳарчанд дар нисфи шаб бошад.	☐	☐
۞ Рӯзаи рӯзи Арафа умуман мустаҳаб аст.	☐	☐
۞ Нафлгир бояд онро тамом кунад.	☐	☐
۞ Ҳар беморӣ аз рӯза доштан манъ мекунад.	☐	☐
۞ Олимон раҳимаҳумуллоҳ дар номгузории бобҳо услубҳо доранд ва маънои он як аст вале дар лафз ихтилоф доранд, дар таҳорат онро навоқиз меноманд ва дар ғусл муҷибот ва дар намоз мубтилот (ботилкунандаҳо) ва дар рӯза муфаттирот (шиканандаҳои рӯза) ва дар эҳром маҳзурот мноманд.	☐	☐

۞Адади аркони рӯза: ☐ Дуто ☐ сето ☐ чорто аст.

Бар кӣ рӯза фарз мешавад?

1-.....

2-.....

3-.....

4-.....

۞ Вақти саҳархӯрӣ кай аст?

.....

Ба чӣ шоистааст, ки саҳархӯрӣ кунад?

.....

Ба чӣ шоистааст, ки рӯзадор ифтор кунад?

.....агар наёфт.....агар наёфт

.....агар наёфт.....

Ҳукми ҳар як аъмоли зеринро барои рӯзадор зикр кунед:

Шайъ:	Ҳукми он	Шайъ:	Ҳукми он
۞Рӯзаи зани дар нифос:	.....	۞Дар мазмаза муболиға кардан:	.....
۞Рӯзаи оҷиз:	.....	۞Бӯсидан:	.....
۞Дар ҳоле ки рӯзадор аст, хӯрд:	.....	۞Рӯзаи висол ду рӯз паи ҳам рӯза доштан:	.....
۞Пас аз субҳ нияти рӯза кард:	.....	۞Қазоро то Рамазон таъхир кардан:	.....
۞Қатраи чашм:	.....	۞Рӯзаи рӯзи Арафа:	.....
۞Сӯзандорӯи оромкунанда:	.....	۞Рӯзаи рӯзи шак:	.....
۞Ҳиҷомат:	.....	۞Рӯзаи рӯзи ид:	.....
۞Қай кардан:	.....	۞Рӯзаи рӯзҳои ташриқ:	.....
۞Фурӯ бурда-ни оби даҳон:	.....	۞Рӯзаи моҳи Муҳаррам:	.....
۞Чашидани таъом:	.....	۞Рӯзаи моҳи Раҷаб:	.....
۞Хоб:	.....	۞Рӯзаи даҳр:	.....
۞Ғусл кардан:	.....	۞Рӯзаи рӯзи ҷумъа:	.....
۞Рӯзаи мусофир:	.....	۞Шаш рӯзи Шаввол:	.....
۞Мисвок задан:	.....	۞Сӯзандоруи ғизодиҳанда барои рӯзадор:	.....
۞Бахур (хушбӯй):	.....	۞Бенияти рӯза доштан:	.....
۞Намози таровеҳ:	.....	۞Рӯзаи кӯдак:	.....
۞Дар Рамазон умра кардан:	.....		

Китоби ҳаҷ

Ҳаҷ парастидани Аллоҳ азза ва ҷалла бо анҷом додани амалҳои ҳаҷ мувофиқи он чи дар суннати Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам омадааст. Ва **умра** парастидани Аллоҳ ба тавофи Хона, ба саъйи байни Сафо ва Марва ва тарошидани мӯи сар ё кӯтоҳ кардани он. Ва асл дар амалҳо молкушӣ аст ва ҳаққу умраро маносик номида шуд, аз рӯи ин ки дар онҳо ҳадя ва фидя (молкушӣ) аст.

Ҳадиси Ҷобир дар сифати ҳаҷҷи Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам

Ва асл дар он фармудаи Аллоҳ таъолост: (**Ва барои Аллоҳ ҳаҷи Хона "Каъба" бар мардум фарз аст, "албатта" касоне, ки тавонӣ рафтан ба сӯи онро доранд**).

Шартҳои фарз шудани ҳаҷ шаштост:

(1) Ислом.	(2) Ақл.	(3) Балоғат.	(4) Озодӣ.	(5) Тавоноӣ.	(6)Барои зан, агар ба сафари ҳаҷ мӯҳтоҷ шавад, будани маҳрам, шарт аст.

Тавоноӣ бузургтарин шартҳои он аст ва он:

Доштани ризқу рӯзӣ ва саворӣ, пас аз ниёзҳои зарурии инсон (ки бе он наметавонад) ваниёзҳои зарурии ӯ (ки бе он метавонад, вале бо машаққат анҷом диҳад).

Аз ҷумлаи тавоноӣ: Зан маҳрам дошта бошад, агар ба сафар кардан зарурат дошта бошад (ва барои маҳрам воҷиб аст, ки мусалмон, мукаллаф ва мард бошад).

Ва ҳадиси Ҷобир дар ҳаҷҷи Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам бузургтарин аҳкоми ҳақро дар бар мегирад ва он ҳадисест, ки Муслим аз Ҷобир ибни Абдуллоҳ разияллоҳу анҳумо ривоят кардааст:

Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам нуҳ сол дар Мадина истиқомат карду ҳаҷ накард, сипас дар соли даҳум дар миёни мардум эълон карда шуд, ки Расулуллоҳ қасди ҳаҷ дорад ва мардуми зиёде ба Мадина омаданд, ки ҳама хоҳиши пайравӣ аз Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва салламро доштанд, ки мисли Ӯ амал кунанд, (ва ҳаҷ бар шахси мукаллаф дар ҳол фарз аст).

۞Мо бо Расулуллоҳ баромадем, то ба Зулҳулайфа расидем, пас Асмо бинти Умайс Муҳаммад ибни Абӯбакрро таваллуд кард, пас касеро ба назди Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам фиристод, ки чӣ кунам? Фармуд: "Ғусл кун ва аз миёни ронҳоятон матоъе бигузор ва ба камарбандат бибанд ва нияти ҳақ кун, (ва дар ҳадиси Оиша разияллоҳу анҳо омадааст, ки вақе ҳайз шуд. Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам ба ӯ фармуд: "Ҳар коре ки ҳоҷӣ мекунад, бикун, ҷуз ин ки Хонаро тавоф накун, то ки пок шавӣ"). Пас Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам дар масҷид намоз хонд, сипас бар Қасво (шутураш) савор шуд, то он ки Ӯро шутури вай ба Байдо расонд, ба садои баланд талбия гуфт, ки лаббайкаллоҳумма лаббайк лаббайка ло шарика лак лаббайк, инналҳамда ваннеъмата лак валмулк ло шарика лак аст.

۞Ва мардум ба он талбие, ки талбия мегуфтанд, талбия гуфтанд. Пас Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам чизе аз онро бар онҳо рад накард.

۞Ва Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам талбияи худро лозим гирифт.

۞ Ҷобир разияллоҳу анҳу мегӯяд: Қабл аз ин мо дар ин моҳ сирф нияти ҳаҷро мекардем ва умраро намешинохтем,

۞ то он ки ба хонаи Каъба расидем ва Паёмбар ﷺ Санги сиёҳро бӯсид,

۞пас Расулуллоҳ ﷺ ҳафт тавоф кард, дар се тавофи аввал шитоб кард, дар чаҳор тавоф оҳиста роҳ рафт.

۞Сипас ба мақоми Иброҳим омада ин оятро хонд (Ваттахизӯ мим мақоми Иброҳима мусалло), (Ва аз мақоми Иброҳим намозгоҳе барои худ бигиред).

۞Сипас ду ракаат намоз хонд ва дар байни мақоми Иброҳим ва хонаи Аллоҳ истода шуд. Ва дар ривояте омада, ки Ӯ ﷺ дар ду ракаати намоз қул ҳуваллоҳу аҳад ва қул ё айюҳал кофирунро хонд.

۞ Ва ба рукн баргашта Ҳаҷаруласвадро бӯсид.

۞Сипас аз дари масҷид ба сӯи кӯҳи Сафо баромад ва хонд (Иннассафо валмарвата мин шаъоириллоҳ).

۞Бар Сафо боло шуд, то ин ки аз онҷо Каъбаро дид. Пас ба тарафи қибла рӯ оварда.

۞ Аллоҳро ба ягонагӣ ва бузургӣ ёд намуд ва гуфт: "Ло илоҳа иллаллоҳу ваҳдаҳу ло шарика лаҳ, лаҳул мулку ва лаҳул ҳамд ва ҳува ало кулли шайъин қадир. Ло илоҳа иллаллоҳу ваҳдаҳу анҷаза ваъдаҳу ва насара абдаҳу ва ҳазамал аҳзоба ваҳдаҳу". Сипас дар байни ин зикрҳо дуъо намуд. Мисли онро се бор такрор кард. ۞Сипас фурӯд омад ва ба тарафи Марва рафт, то он ки дар байни водӣ дар ҷои нишеб пои Расулуллоҳ ﷺ фурӯд омад. Сипас давид ва ба шитоб рафт, то он ки шурӯъ ба по рафтан намуд, аз давидан бозистода оҳиста рафт, то ки бар Марва боло шуд. Пас чизеро ки дар Сафо карда буд, дар Марва низ кард. ۞Вақте ки Расулуллоҳ ﷺ дар бори охир ба Марва расид, дар ҳоле ки Ӯ ﷺ дар болои Марва ва мардум дар пойин буданд, нидо карда фармуд: "Агар ман чизеро охир донистам дар аввал медонистам, ҳадяро бо худ намеовардам ва ба ҷои ҳаҷ умра карда ҳалол мешудам. Пас касе бо худ ҳадя наоварда бошад, умра кунад ва худро ҳалол кунад". ۞Суроқа ибни Молик бархоста пурсид: Эй Расулуллоҳ ﷺ ин ҳукм танҳо барои имсол аст, ё барои ҳамеша? Паёмбар ﷺ ангуштони ҳар ду дасти худро як дар дигар дароварда ду мартаба гуфт, ки умра дар ҳаҷ дохил шуд ва ин ҳукм барои доимӣ ва ҳамеша аст.

۞Ва Алӣ аз Яман шутурони Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва салламро овард, пас Фотимаро дид, ки аз эҳром баромада ва либоси ранга пӯшида ва сурма кашида аст, пас бар ӯ ин корро рад кард. Пас Фотима гуфт: Падарам маро ба ин кор амр кардааст. Гуфт: Алӣ дар Ироқ мегуфт: Ман назди Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам рафтам, то Фотимаро барои коре, ки кардааст, адаб диҳад ва аз Расули Аллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам пурсидам, аз он чизе ки Фотима аз Ӯ гуфт, пас ман ба Ӯ хабар додам, ки ман ӯро инкор кардам, пас фармуд: "Фотима рост гуфтаасст, рост гуфтааст, вақте нияти ҳаҷ кардан чӣ гуфтӣ?". Алӣ гуфт: Гуфтам: Эй Аллоҳ ман ният мекунам ба он чизе ки расулат ният кардааст, фармуд: "**Ман бо худ қурбонӣ дорам, пас аз эҳром хориҷ нашав**".

۞Ровӣ мегӯяд: Адади шутуроне ки Алӣ разияллоҳу анҳу бо худ оварда буд ва он ки Паёмбар ﷺ бо худ оварда буд, сад шутур буд.

۞Ровӣ мегӯяд: Ҳамаи мардум мӯйҳои худро кутоҳ карда худро ҳалол карданд, ҷуз Паёмбар ﷺ ва касоне ки бо худ ҳадя оварда буданд.

۞Дар рӯзи тарвия (ҳаштуми зулҳиҷҷа) ба тарафи Мино рафтанд ва касоне ки ҳалол шуда буданд барои ҳаҷ эҳром бастанд.

۞Паёмбар ﷺ бар шутури худ савор шуда ба Мино расид ва дар онҷо намози пешин, аср, мағриб, хуфтан ва субҳро хонд. (Намозҳои чор ракаатаро қаср ме-хонд).

۞ Сипас то баромадани офтоб истод.

۞Сипас Паёмбар ﷺ амр фармуд то барои вай хайма дар водии Намира (дар Арафот) насб карда шавад. Сипас Расулуллоҳ ﷺ аз Мино ҳаракат кард, мардум фикр мекарданд, ки мумкин Расулуллоҳ ﷺ дар Машъарулҳаром биистад, чунончи қурайш дар замони ҷоҳилият мекарданд, лекин Расулуллоҳ ﷺ ба Арафот рафта дид, ки барои вай дар Намира хайма зада шудааст. Пас дар хайма фурӯд омад.

۞То он ки офтоб завол намуд. Пас амр фармуд, ки Қасво (шутури Ӯ ﷺ) омода карда шавад. Пас Қасво полон карда шуду барои риҳлат омода карда шуд.

۞Паёмбар ﷺ бар вай савор шуда ба водии Намира омад ва ба мардум хутба гуфта фармуд: "Ба дурусти ки хунҳои шумо ва молҳои шумо ҳаром аст, чунончи он дар ин рӯзатон ва дар ин моҳатон ва дар ин шаҳратон ҳаром аст. Огоҳ бошед, ки ҳар чиз ва ҳар расму ривоҷи ҷоҳилият зери ҳар ду қадами ман ниҳода шуд, ботил ва тарк гардида ва хунҳои замони ҷоҳилият тарк ва авф гардид ва аввалин хуне аз хунҳои мо ки онро ман мениҳам, хуни Ибни Рабиъа ибни Ҳорис аст, ки писари ширхора дар қабилаи бани Саъд буд, ки ӯро Ҳузайл қатл намуданд ва суд ва рибои замони ҷоҳилият соқит гардид ва нахустин рибое ки онро соқит ва ботил мегардонам, рибо ва суди Аббос ибни Абдулмутталиб аст, ки ҳамаи он ботил гардид, дар муомалаи занон аз Аллоҳ битарсед, ба дурусти ки шумо онҳоро ба амони Аллоҳ ва аҳди вай гирифтаед (ки шумо бо вай дар риояти ҳуқуқи онҳо аҳд намудаед) ва шармгоҳи онҳоро ба ҳукми Аллоҳ бароятон ҳалол гардонидаед, шумо бар онҳо ҳақ доред, ки бар ҷойҳои шумо каси дигареро ки шумо ӯро дӯст надоред нанишонанд. Пас агар онҳо ин корро карданд, онҳоро бизанед вале беҳад зиёд мазанед ва онҳоро бар шумо ҳақ доранд, ки бар онҳо хӯрок ва пӯшокро ба ваҷҳи шаръӣ муҳаё намоед ва ман дар шумо чизеро гузоштам, ки агар ба он чанг бизанед, ҳеҷгоҳ баъд аз ман гумроҳ нахоҳед шуд ва он китоби Аллоҳ аст ва шумо дар мавриди ман пурсида мешавед, ки оё ман ба шумо аҳкоми динро расонидаам, сипас шумо чӣ ҷавоб мегуед?! Гуфтанд: Мо гувоҳӣ медиҳем, ки шумо аҳкоми динро ба мо расонидед ва амонатро адо карда моро насиҳат ва хайрхоҳӣ намудед. Баъд аз ин Расулуллоҳ ﷺ ангушти сабобаи худро ба тарафи осмон баланд намуда онро ба тарафи мардум поён кард ва се бор гуфт: Эй Аллоҳ шоҳид бош, эй Аллоҳ шоҳид бош. ۞ Сипас Билол разияллоҳу анҳу азон дода ва иқома намуда намози пешин хонда шуд, сипас иқомат хонд ва намози асрро хонданд. ۞ Ва дар байни ин ду намоз ҳеҷ намозеро нахонданд. ۞ Сипас бар шутури худ Қасво савор шуда дохили майдони Арафот гардид.

۞Пас шиками шутури худ Қасворо ба тарафи сангҳои хурду сиёҳ гардонид ва ҳаблулмушотро ба тарафи пеши худ қарор дода рӯ ба рӯ ба қибла шуд.

۞Ва то вақте истод, ки офтоб нишаст ва зардии офтоб кам гардида қурси офтоб ба куллӣ нишаст.

۞Пас Усомаро дар ақиби худ нишонда шитобон ҳаракат намуд, сараш хам буд, то ки ба пеши зин мерасид.

۞Ва ба дасти росташ мегуфт: "Эй мардум, оҳиста-оҳиста", ҳаргоҳ ба назди яке аз теппаҳо меомад, онро андаке суст мекард, то боло барояд.

۞То ки ба Муздалифа расид ва дар Муздалифа Расулуллоҳ ﷺ намози мағриб ва хуфтанро ба як азон ва ду иқомат адо намуд ва дар байни ду намоз чизе нахонд.

۞Сипас паҳлу зада то дамидани субҳ хоб кард, пас ҳине ки субҳ зоҳир шуд намози бомдодро ба азон ва иқомат адо намуд.

۞ Ва бар Қасво савор шуда ба Машъарулҳаром омад.

۞Пас рӯ ба қибла оварда Аллоҳро дуо карда, Ӯро ба тасбеҳ ва такбир ва таҳлил ва ба тавҳид ёд кард, то вақте истод ки равшании субҳ хубтар равшан гардид.

۞Пас қабл аз тулӯъи офтоб ҳаракат кард. Фазл ибни Аббосро дар радифи худ савор кард ва ба водии Муҳассар омаданд, дар инҷо шутури худро ба суръат ронд ва ба роҳи миёна рафт, ки ба Ҷамраи кубро мерасад.

۞ То он ки ба Ҷамра расид, ки зери дарахт аст, ки онро ба ҳафт сангреза зад ва бо задани ҳар сангреза такбир (Аллоҳу акбар) мегуфт, ки ин сангрезаҳо баробари донаи боқлӣ (аз нахӯд калон ва аз донаи фундуқ хурдтар) буд, ки Паёмбар ﷺ онро аз миёни водӣ партофт, ки ҷамра дар онҷост.

۞Ва баъд аз он ба сӯи қурбонгоҳ баргашт ва ба дасти худ шастусе шутурро қурбонӣ намуд.

۞Сипас кордро ба Алӣ разияллоҳу анҳу дод ва ӯ шутурони боқимондаи Расулуллоҳ ﷺ-ро қурбонӣ намуд. Паёмбар ﷺ ӯро низ дар ҳадяи худ шарик намуд.

۞Пас Паёмбар ﷺ амр намуд, ки аз ҳар шутуре каме гушт гирифта шавад, пас онро дар дег андохта пухтанд. Пас Паёмбар ﷺ ва Алӣ разияллоҳу анҳу аз гушти он хӯрданд ва шурбои онро нӯшиданд.

۞Пас Расулуллоҳ ﷺ бар шутури худ савор шуда ба тарафи хонаи Аллоҳ равон шуд.

۞Ба Макка расид ва дар онҷо намози пешинро адо намуд.

۞Сипас назди бани Абдулмутталиб (Аббос ва фарзандони ӯ) омад, ки сиқояи Замзам дар дасти онҳо буд, дар ҳоле ки мардумро аз Замзам об медоданд. Паёмбар ﷺ ба онҳо гуфт: "**Об бикашед эй бани Абдулмутталиб ва агар аз ҷиҳати ғалаба кардан ва кушиш кардани мардум дар гирифтани ин амр аз назди шумо намебуд, ман худам бо шумо оби Замзам мекашидам аз ҷиҳати фазл ва шарафи ин кор**. **Пас Паёмбар ﷺ сатиле аз оби Замзамро доданд ва Паёмбар ﷺ аз он нӯшид**". (Ривояти Муслим)**.** Ва Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам аъмоли ҳаҷро анҷом медод ва ба мардум мефармуд: "**Аъмоли ҳаҷҷатонро аз ман бигиред**", он амале, ки аз ҳаҷ буд, комил кард: Дар ҳаҷ иқтидо ба Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам ва асҳоби Ӯ разияллоҳу анҳум аст.

Аркон ва воҷибҳои ҳаҷ

Ва агар ҳоҷӣ танҳо ин амалҳоро анҷом диҳад:

Чаҳор рукн, ки инҳоянд:	(1)Эҳром.	(2)Дар Арафа истодан.
	(3)Тавоф кардан.	(4)Саъй намудан.
Воҷибҳои ҳаҷ, ки инҳоянд:	(1)Аз миқот эҳром бастан.	(2)То офтоб нишастан дар Арафа истодан.
	(3)Шаби ид дар Муздалифа истодан.	(4)Ва шабҳои рӯзҳои ташриқ дар Мино истодан.
	(5)Санг задан.	(6)Тарошидани мӯи сар ва ё кӯтоҳ кардани он.

Ин барои ӯ кофӣ аст.

Ва фарқи байни тарки рукн дар ҳаҷ ва тарки фарз:

Агар руknро тарк кунад: Ҳаққи ӯ дуруст намешавад, то онро бар сифати шаръияш анҷом диҳад.	Ва агар фарзеро тарк кунад: Ҳаққи ӯ дуруст аст ва барои тарки он гуноҳ ва куштани гӯсфанд аст.

Баёни чор рукни ҳаҷ:

(1)Эҳром: Нияти даромадан дар ҳаҷ аст ва он ғайри талбия (гуфтор) ва ғайри пӯшидани изор ва чодар (феъл) аст.	(2)Дар Арафа истодан: За гаштани офтоби рӯзи нуҳуми Зулҳиҷҷа то дамидани субҳи рӯзи ид аст. Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд: "Ҳаҷ истодан дар Арафа аст". Баъзе муаллифони "Сунан" онро ривоят карданд.	(3)Тавофи ифоза: (Ё тавофи зиёрат) пас аз истодани дар Арафа мебошад ва он ғайри тавофи қудум аст.	(4) Саъй: Миёни Сафо ва Марва. Аллоҳ таъоло фармуд: (**Албатта Сафо ва Марва аз шаъоири "нишонаҳои" Аллоҳ аст**).

Воҷибҳои ҳаҷ ҳафто аст:

(1)Аз миқот эҳром бастан.	(2)Дар Арафа истодан то ғуруби офтоб барои касе, ки рӯз меистад.	(3)Дар Муздалифа шаб истодан.	(4)Шабҳои рӯзҳои ташриқ дар Мино истодан.

(5)Санг задан.	(6)Тарошидан и мӯи сар ё кӯтоҳ кардан.	**(7)Тавофи видоъ, барои ғайри занони ҳоиз ва дар нифос, барои онҳое, ки мехоҳанд Маккаро тарк кунанд, ҳатто пас аз моҳҳои ҳаҷ (ва муаллиф инро зикр накардааст).**

Вақтҳои ҳаҷ ва умра:

(1)Замонӣ:	(2)Маконӣ (барои ҳаҷ ва умра бо ҳам).

(А) Ҳаҷ: Моҳҳои ҳаҷ: Шаввол, Зулқаъда ва Зулҳиҷа.	**(Б) Умра:** Замонӣ муайян надорад.	(а)Зулҳулайфа барои аҳли Мадина ва касе, ки аз онҷо мегузарад.	(б)Ҷӯҳфа барои аҳли Шом, Миср ва Мағриб.	(ҷ)Қарнулманозил барои аҳли Нақд. (д)Яламлам барои аҳли Яман. (ҳ)Зоту Ирқ барои аҳли Ироқ.

Мустаҳабҳои ҳаҷ:

(1)Барои эҳром ғусл ва хушбӯй кардан.	(2)Пӯшидани изор ва чодари сафед барои мардон.	**(3)Пеш аз ният кардан, гирифтани нохунҳо ва тарошидани мӯйҳое, ки тарошидани он лозим аст.**

(4)Аз вақти эҳром то санг задан дар Ҷамараи ақаба талбия гуфтан.	(5)Тавофи қудум барои ҳоҷии муфрид ва қорин.	(6)Дар се тавофи аввали тавофи қудум ва тавофи умра барои ҳоҷии мутаматиъ рамл аст. Ва маънии рамл: Бо суръат роҳ рафтан аст.

(7)Изтибоъ дар тавофи қудум ва тавофи умра барои ҳоҷӣи мутаматиъ ва маънии изтибоъ: Китфи ростро кушода мондан аст.	(8)Дар ҳоли расиданаш ба Муздалифа намози шом ва хуфтанро ҷамъи тақдим мекунад.	(9)Шаби Арафа дар Мино истодан.

(10)Бӯса кардани санги сиёҳ.	(11)Дар Муздалифа дар назди Машъарилҳаром аз субҳ то пештари баромадани офтоб истодан ва тамоми Муздалифа ҷои истодан аст.

Фасл дар аъмоли ҳаҷ

Ва ба касе, ки мехоҳад ба эҳром дохил шавад, ихтиёр дода мешавад: Ҳаҷҷи таматтӯъ ва ин беҳтар аст ва қирон ва ифрод.

(1)Таматтӯъ ин аст: Дар моҳҳои ҳаҷ барои умра эҳром бандад, онро ба итмом расонад ва сипас барои ҳаҷҷи сол эҳром бандад ва бояд мол кушад, агар дар Масҷидулҳаром ҳозир набошад.

(2)Ифрод ин аст: Танҳо ба ҳаҷ эҳром бандад (Фақат аъмоли ҳаҷро кунад).

(3)Қирон (бо аъмоли танҳо):

Ба ҳаҷ-ҷу умра бо ҳам эҳ-ром бандад.

Ё ба эҳром вориди умра мешавад ва пеш аз тавофи он ҳаҷро дар он дохил мекунад.

Ҳоҷии мутаматтиъ ба ин сифат музтар мешавад:

(1)Ҳаргоҳ тарсад, ки агар ба умра машғул шавад, истодани дар Арафаро аз даст медиҳад.

(2)Агар зан ҳайз дид ё нифос дид ва бидонад, ки пеш аз истодан дар Арафа пок намешавад.

Ва амали муфрид ва қорин як аст ва бар қорин ҳадя (қурбонӣ) аст, на бар муфрид.

Фасл дар манъшудаҳои эҳром

Ва шахси муҳрим дар вақти эҳромаш парҳез мекунад:

(1)Тарошидани мӯй.

(2)Кӯтоҳ кардани нохунҳо.

(3)Пӯшидани либоси духта, агар мард бошад.

(4)Пӯшонидани сар, агар мард бошад.

(5)Хушбӯй кардан барои марду зан.

(6)Ҳамчунон барои шахси эҳромдор куштани сайди ваҳшии саҳроии хӯрданӣ, бар он ишора кардан ва бар куштани он кӯмак кардан ҳаром аст.

(7)Ва бузургтарин манъшудаи эҳром: Ҳамхобагӣ аст, зеро ҳаром будани он сахт аст, амалро фосид мекунад ва муҷиби фидяи шутур аст.

Манъшудаҳои эҳром нуҳто аст:

Касе чизе аз онро аз рӯи фаромушӣ ё ҷаҳл ё маҷбурӣ кунад:

-Пас дар он бар ӯ чизе нест.

-Магар касе, ки сайдро кушад, пас умуман бар вай фидя аст.

Аммо касе қасдан кунад, пас манъшудаҳо дар он чор қисм мешавад:

(а)Дар он фидя нест.	(1)Ақди никоҳ: Хоҳ барои худаш бошад ва ё барои ғайраш. (2)Мубошират: Дар ғайри маҳбал, агар оби мард нозил нашавад.	Дар он каффорат нест ва бар ӯ тавба кардан лозим аст.
(б)Фидяаш мисли он аст.	(3)Куштани сайдӣ хушкӣ ва шикори он: Ҳар кӣ онро бикушад, фидя мутлақ воҷиб аст, ҷазои он аз ҳайвон аст, ки одил ба он ҳукм мекунад.	
(ҷ) Фидяаш сахт аст.	**(4) Ҳамхобагӣ.**	**(а)Пеш аз ҳалол шудани якум:** Бар он чор чиз тартиб меёбад: 1-Ҳаҷҷи ӯ фосид мешавад. 2-Дар он дар ҳоли фосидӣ идома медиҳад. 3-Ва эҳромаш фосид мешавад. 4-Бар ӯ куштани шутур воҷиб мешавад. **(б)Пас аз ҳалол шудани якум**: Ва пеш аз тавофи ифоза, бар он чор чиз тартиб
(д) Фидяаш сабук аст.	**(5)Тарошидани мӯи сар ва бадан.** **(6)Кӯтоҳ кардани нохунҳо.** **(7)Пӯшондани сар:** Ба мечаспидагӣ барои мардон. **(8)Пӯшидани либоси духта:** Барои мардон ва он либосест, ки бар ҷисм ва ё яке аз аъзо пора карда шудааст. **(9)Пӯшидани ниқоб ва дастпӯшҳо:** Барои занон.	Фидя ба ихтиёр дода мешавад, ё: 1-Се рӯз рӯза доштан, 2-хӯронидани шаш мискин, ба ҳар фақир ним соъ додан, 3-забҳ кардани як гӯсфанд ба мискинони Ҳарам тақсим кардан.

Дар бораи фидяи зарару зиён:

(1)Агар сарашро пӯшонад, ё либоси духта пӯшад ва ё зане рӯи худро пӯшонд ё дастпӯшак пӯшад ва ё хушбӯи занад, пас ихтиёр дода мешавад, байни:

- (а) Се рӯз рӯза доштан.
- (б) Ё шаш мискинро таом додан.
- (ҷ) Ё куштани гӯсфанд.

(2)Агар сайдро кушад, ихтиёр дода шавад, байни:

- (а)Куштани мисли он, агар мисли он ҳайвон бошад.
- (б)Байни қимат гузоштан мисл дар ҷои талаф додан, пас ба он қимат ғизо мехарад ва ба ҳар мискин як муд гандум, ё ним соъ аз ғайраш медиҳад.
- (ҷ)Ё дар ивази таом додани ҳар як мискин як рӯз рӯза медорад.

Дар мавриди хуни таматтӯъ ва қирон, он чи дар қурбонӣ ҷоиз мешавад, бояд дар онҳо анҷом дода шавад.

Агар наёфт, даҳ рӯз рӯза мегирад:

- Се рӯз дар ҳаҷ (рӯзаашро ҳангоми ба эҳромдаромаданаш барои ҳаҷ ё умра оғоз мекунад ва охири вақти рӯза, охирин рӯз аз рӯзҳои ташриқ аст) ва барояш ҷоиз аст, ки аз он дар рӯзҳои ташриқ рӯза гирад.
- Ва ҳафт рӯз, ҳаргоҳ аз ҳаҷ бозгардад. (Агар ҳамаи онро баъд аз тамом кардани аъмоли ҳаҷ рӯза гирад, боке надорад).

Ва ҳукм инчунин аст:

(1)Касе воҷиберо тарк кунад.

(2)Ё ба хотири мубошарат бар ӯ фидя воҷиб бошад.

Ва ҳар ҳадя ва таоме, ки ба Ҳарам ва ё эҳром марбут аст: Барои мискинони Ҳарам аст, аз касоне ки (дар Макка) сукунат доранд ва уфуқӣ (касе ки дар Макка сукунат надорад).

Ва рӯза дар ҳар макон ҷоиз мешавад.

Ва хуни амали ҳаҷ, монанди таматтӯъ ва қирон ва ҳадя, мустаҳаб аст, ки аз он бихӯрад, ҳадя ва ва садақа диҳад.

Ва хуни фарз аз рӯи даст ба манъшуда задан ва ё тарки воҷиб ва онро хуни ҷуброн номида мешавад, аз он чизе намехӯрад, балки ҳамаи онро садақа мекунад, зеро он дар равиши каффорот ҷорӣ мешавад.

Шартҳои тавоф ва саъй

۞ Ва умуман шартҳои тавоф:

(1) Ният	(2)Аз санги сиёҳ оғоз кардан.			(3) Хонаро аз тарафи чапаш қарор диҳад.	(4)Ва ҳафт даврро комил кунад.	(5)Ва ин ки аз бевузӯй ва палидӣ пок бошад.
	Ва суннат аст, ки онро биқапад ва бӯса кунад.	**Агар натавонист, ба сӯи он ишора кунад.**	Дар ин вақт мегӯяд: (**Ба номи Аллоҳ, Аллоҳу акбар, эй Аллоҳ аз рӯи имон ба Ту ва тасдиқи китоби Ту ва вафо кардан ба аҳди Ту ва аз рӯи пайравӣ ба суннати паёмбарат Муҳаммад саллаллоҳу алайҳи ва саллам**).			

Ва таҳорат дар дигар амалҳо ҷуз тавоф суннат асту воҷиб нест.
Ва дар ҳадис омадааст, ки: "**Дар Хона тавоф кардан, намоз аст, магар ки Аллоҳ дар он сухан карданро мубоҳ гардондааст**". (Ривояти Тирмизӣ).
Ва суннат аст:

(1)Дар тавофи қудум изтибоъ кунад: Яъне миёнаи чодарашро дар зери китфи росташ ва тарафи дигарашро бар китфи чапаш қарор диҳад.	(2)Дар се даври аввали он шитоб кунад ва дар боқӣ бе шитоб роҳ меравад.

Дар ҳар тавофе ҷуз ин шитобидан ва изтибоъ суннат нест.

۞ **Ва шартҳои саъй:**

(1)Ният.	(2)Ҳафт даврро комил кардан.	(3) Аз Сафо оғоз кардан.

Ва шариат ин аст, ки инсон дар тавофаш ва саъйяш ва тамоми аъмоли ҳаҷҷаш зикри Аллоҳ ва дуъои Ӯро бештар кунад, аз рӯи фармудаи Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам: (**Ҳамоно тавофи Каъба ва саъйи байни Сафо ва Марва ва санг задан барои барпои зикри Аллоҳ қарор дода шудааст**). (Инро баъзе муаллифони Сунан ривоят кардаанд).
Аз Абӯҳурайра разияллоҳу анҳу ривоят аст, ки гуфт: Ҳангоме ки Аллоҳ бар расулаш Маккаро фатҳ кард, дар миёни мардум истод, пас Аллоҳро ҳамду сано гуфт, сипас фармуд: "**Ба ростӣ Аллоҳ Маккаро аз фил ниоҳ дошт ва бар он расулаш ва мӯъминонро мусаллат кард ва он барои ягон нафар пеш аз ман ҳалол нашуда буд, вале танҳо як соате аз рӯз барои ман ҳалол шуд, вале баъд аз ман бар касе ҳалол нахоҳад шуд**:

(1)Сайди он ронда намешавад.	**(2)Ва хори он канда намешавад.**	**(3)Ва афтодагии он ҳалол намешавад, магар барои овозакунандаи он.**	**(4)Ва барои касе кушташуда бошад, пас ӯ дар миёни ду назир ихтиёр дорад.**	(5)Пас Аббос гуфт: Эй Расулуллоҳ, ҷуз изхир, мо онро дар хонаҳо ва қабрҳоямон мегузорем, пас фармуд: "**Ҷуз изхир**". Ҳадиси муттафақун алайҳ аст.

Ва фармуд: (**Мадина аз миёни Айр то Савр ҳаром аст**). Ривояти Муслим.
Ва фармуд: "**Панҷ ҳайвон аст, ки ҳамаашон фосиқанд ва онҳо дар ғайри Ҳарам ва Ҳарам кушта мешаванд:**

(1) Зоғ.	**(2)Заған (калхот).**	**(3) Каждум.**	**(4) Муш.**	**(5)Саги газанда**". Ҳадиси муттафақун алайҳ аст.

Саг се навъ аст:

Газанда: Куштани он ҳатмӣ аст.	**Сиёҳ:** Куштани он мубоҳ аст.	**Ғайри инҳо:** Куштани он ҳаром аст, магар ки озор диҳад.

Боб дар ҳадя, қурбонӣ ва ақиқа

Он чи аз ҳадя воҷиб мешавад, гузашт ва ҷуз он суннат аст ва қурбонӣ ва ақиқа инчунин аст.

Дар бораи қурбонӣ: Барои мусалмоне, ки тавони онро дорад, шоиста нест, ки онро тарк кунад. Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд: "**Ҳар кӣ тавоно бошаду қурбонӣ накунад, ба намозгоҳи мо наздик нашавад**". Ривояти Ибни Моҷа ва Аҳмад.
Ва Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд: "**Ҳаргоҳ даҳ даромад ва яке аз шумо хост, ки қурбонӣ кунад, пас аз мӯйҳо ва нохунҳояш чизеро нагирад, то ки қурбонӣ кунад**". Ривояти Муслим. Ва дар ривояти дигари ӯ омадааст: "**Ва на аз башарааш**".

Дар он ҷоиз нест, магар (аз шутур, гов ва бузу гӯсфанд бошад ва дар сину сол ҷоиз нест, магар):

(1)Ҷазаъ: Аз гӯсфанд: Нисфи солро пурра карда бошад.	(2)Санӣ:		
	(а)Аз шутур: Панҷсола бошад.	**(б)Аз гов:** Дусола бошад.	**(б)Аз буз:** Яксола бошад.

(Ва шарт аст, ки аз нуқсонҳое ,ки аз ҷоиз буданаш боздорад, солим бошад). Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд: **"Чор чиз дар қурбонӣ ҷоиз нест:**

(1)Нобиное, ки ноибноияш маълум бошад.	(2) Ва беморе, ки бемориаш ошкор бошад.	(3)Ва ланге, ки айби он ошкор бошад.	(4)Ва пошикастае, ки мағз надорад". Ҳадиси саҳеҳ аст, инро панҷ нафар ривоят кардааст.

Ва шоистааст, ки боарзиш ва сифатҳои комил дошта бошад ва ҳар қадар комилтар бошад, дар назди Аллоҳ маҳбубтар аст ва аҷри соҳибаш бузургтар аст. Ва Ҷобир гуфт: "**Мо дар соли Ҳудайбия бо Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам як шутурро аз номи ҳафт нафар ва як говро аз номи ҳафт нафар қурбонӣ кардем**". Ривояти Муслим.

Ақиқа дар ҳаққи падар (ё касе ки дар мақоми ӯст) суннати муаккада аст:

(1)Барои писар ду гӯсфанд.	(2) Барои духтар як гӯсфанд.

Ақиқа кушта мешавад дар рӯзи:

(1)Рӯзи ҳафтум: Агар фарзанд дар рӯзи шанбе таваллуд шавад, дар рӯзи ҷумъа, яъне як рӯз пеш аз таваллуд, мол кушта мешавад.	**(2)Агар рӯзи ҳафтум гузашт:** Пас дар рӯзи чордаҳум.	**(3)Агар чордаҳум гузашт:** Пас дар 21-ум.

Аз ҳар касе, ки дар он рӯҳ дамида шудааст, мол кушта мешавад, агарчи майит таваллуд шавад.

Он чизе ки дар рӯзи ҳафтум муқаррар шудааст:

(1)Ном мондани фарзанд: Модоме ки пеш барояш ном омода нашуда бошад.	**(2)Тарошидани мӯи сар:** Барои писар.	**(3)Садақа додан:** Ба вазни мӯй нуқра садақа додан.

Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд: "**Ҳар писарбача ба ақиқааш дар гарав аст, аз номи ӯ дар рӯзи ҳафтумаш мол кушта мешавад ва мӯи сараш тарошида мешавад ва ном гузошта мешавад**". Ҳадиси саҳеҳ аст, панҷ нафар онро ривоят кардаанд.
Аз чизҳои мазкур мехӯрад, ҳадя медиҳад ва садақа медиҳад. Ва музди қассоб-ро аз он намедиҳад, балки ба ӯ ҳадя ва садақа медиҳад.

Илова

Номҳои рӯзҳои ҳаҷ:

(1)Рӯзи тарвия: Рӯзи ҳаштум, дар он рӯз ба сӯи Мино об мекашиданд.	**(2)Рӯзи Арафа:** Ё вақфа ва он рӯзи нуҳум аст.	**(3) Рӯзи ид:** Ё наҳр ва он рӯзи даҳум аст.	**(4)Рӯзи қар:** Он рӯзи ёздаҳум аст.	**(5)Рӯзи нафри аввал**: Рӯзи дувоздаҳум аст.	**(6) Рӯзи нафри дуввум**: Рӯзи сездаҳум аст.

Ва шаби ҷамъ, он шаби ид аст ва ба сабаби он ки мардум, пас аз истодан дар Арафа дар он ҷамъ омада буданд, чунин ном гузошта шуд, зеро мардуми Макка дар даврони пеш аз Ислом ба Арафа намебаромаданд.

Ҷойҳои дуъо дар ҳаҷ панҷто аст:

(1)Дар Арафа пас аз заволи рӯзи нуҳум, то нишастани офтоб.	(2)Дар Муздалифа пас аз субҳи рӯзи нуҳум, то равшан шудан.	(3)Пас аз санг задан дар Ҷамараи суғро ва миёна дар рӯзҳои ташриқ.	(4)Дар тавоф.	(5)Дар саъйи миёни Сафо ва Марва ва бар болои онҳо.

Зиёратҳои шаръӣ дар Мадинаи набавӣ ﷺ:

(1)Нияти сафар кардан барои намоз хондан дар масҷиди Набавиро мекунад, аз рӯи ҳадиси: "**Бори сафар баста намешавад, магар ба сӯи се масҷид: Ба масҷиди Ҳаром ва ин масҷиди Ман ва масҷиди Ақсо**". Ҳадиси муттафақун алайҳ аст ва ҳадиси: "**Намоз дар ин масҷиди Ман аз ҳазор намози дар ғайри он беҳтар аст**". Ҳадиси муттафақун алайҳ аст.	(2)Намоз дар масҷиди Қубо, аз рӯи ҳадиси: "**Ҳар кӣ дар хонааш таҳорат кунад, сипас ба масҷиди Қубо равад, пас дар он намоз хонад, барои ӯ монанди аҷри умра аст**". Ривояти Ибни Моҷа.	(3)Зиёрати қабри Паёмбар ва ёронаш аз рӯи амали саҳоба.	(4)Зиёрати қабристони Бақеъ, аз рӯи амали Ӯ ﷺ.	(5)Зиёрати шаҳидони Уҳуд, аз рӯи амали Ӯ ﷺ.

Суолҳои китоби ҳаҷ

Суол:	Дуруст	Хато
۞ Эҳром яке аз рукнҳои ҳаҷ аст ва он пӯшидани изор ва чодар аз Миқот аст.	☐	☐
۞ Тавофи ифоза ғайри тавофи зиёрат аст, пас аввал рукн ва дуввум суннат аст.	☐	☐
۞ Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам се бор ҳаҷ кардаанд.	☐	☐
۞ Иҷрои ҳаҷ дар ҳол фарз аст.	☐	☐
۞Аҳли Мадина аз Яламлам эҳром мебанданд.	☐	☐
۞Вақти умраи замонӣ, моҳи Рамазон аст.	☐	☐
۞Аҳли Макка барои ҳаҷ аз Танъим эҳром мебанданд.	☐	☐
۞Зан барои эҳромаш либоси сафед мепӯшад.	☐	☐
۞ Барои зан либоси духта ҷоиз нест.	☐	☐
۞ Барои шахси дар эҳромбуда пӯшидани миёнбанд ҷоиз нест.	☐	☐
۞ Мустаҳаб аст, ки сахт саъй кунад.	☐	☐
۞ Ҳоҷиён аз Арафа пеш аз шом мегарданд.	☐	☐
۞ Дар Арафа истодан воҷибе аз воҷибҳои ҳаҷ аст.	☐	☐
۞ Дар Арафа болои кӯҳ баромадан шаръӣ нест.	☐	☐
۞ Ҳадя барои ҳоҷии мутаматтиъ ва қорин воҷиб ва барои муфрид суннат аст.	☐	☐
۞ Талбия гуфтан ба санг задан дар Ҷамараи Ақаба дар рӯзи ид қатъ мешавад.	☐	☐
۞Агар ҳоҷӣ сангро дар ҳафз партояд бе расидани аломат, санг заданаш саҳеҳ аст.	☐	☐
۞Дар рӯзҳои ташриқ санг задан баъд аз заволи офтоб оғоз мешавад.	☐	☐
۞ Пас аз санг задан дар Ҷамараи Ақаба дуъо кардан равост.	☐	☐
۞ Ҳар кӣ қасди аз ибодат карданро кунад, ибодат фосид шавад, ба ҷуз ҳаҷ ва умра ва ҳар кӣ қасди феъли манъ-шударо дар ибодат кунад, ибодат фосид намешавад, магар ба кардани он.	☐	☐
۞ Амали ҳоҷии муфрид ва қорин як аст, магар ки бар қорин ҳадя аст аз рӯи ҳосил шудани ду ҳаҷ барои ӯ на бар муфрид.	☐	☐

Суол	Дуруст	Хато
۞ Агар чизи ҳалол ва ҳаром якҷо ояд ва ҳалол аз ҳаром фарқ карда нашавад, пас ҷониби ҳаром ғолиб мешавад.	☐	☐
۞ Ҳар чизе ки барои озораш дур карда шавад, пас он ҳаром нест.	☐	☐
۞ Эҳроми зан дар рӯяш аст.	☐	☐
۞Воҷибе нест, магар он чиро ки Аллоҳ ва расулаш саллаллоҳу алайҳи ва саллам онро воҷиб гардондаанд ва моли бегуноҳонро гирифтан ҳалол нест, магар бо далел, балки аз боби тарбия ва ҳидоят, бояд аз он чизе ки аксари олимон дар мавриди фатвоҳои умумӣ бар он буданд, берун набарояд, вале дар мавриди илми назариявӣ бояд ҳақро баён намуд.	☐	☐
۞Бедалел воҷиб гуфтан, монанди бедалел ҳаром гуфтан аст.	☐	☐
۞Ҳар чизе ки сабабаш дар замони Расул саллаллоҳу алайҳи ва саллам ёфт мешуд ва онро накард, пас тарки он суннат аст.	☐	☐
۞Агар воҷиберо тарк кард ва онро дарк накард, пас ба куштани чорво фидя медиҳад ва баъзе ҷоҳилон гумон мекунанд, ки ихтиёр доранд.	☐	☐

۞ Адади рукнҳои ҳаҷ: ☐ Ду ☐ се ☐ чорто аст.

۞ Изтибоъ суннат аст дар: ☐ Тавофи умра. ☐ Тавофи қудум. ☐ Тавофи зиёрат. ☐ Аввал ва дуввум бас. ☐ Ҳамаи зикршудаҳо.

۞Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам намози шом ва хуфтанро рӯзи Арафа дар куҷо хонд? ☐ Арафа. ☐ Мино. ☐ Муздалифа. ☐ Роҳ.

۞ Ҳаҷ фарз шуд дар соли: ☐ Нуҳум. ☐ Даҳум.

۞ Манъшудаҳои дар эҳром: ☐ Нуҳто ☐ панҷто ☐ сето аст.

۞Ҳар кӣ қасди эҳромро дорад, мустаҳаб аст, ки хушбӯй кунад.....

ва хушбӯй накунад.....

۞ Зани дар эҳром намепӯшад.....ва на.....

Ҳаҷ ва умра.....дар умр.....як бор, ва касе ҳаҷ кунад, пас накунад.....ва накунад.....аз гуноҳонаш тоза шавад, мисли рӯзе ки модараш ӯро таваллуд кардааст ва барои ҳаҷи мақбул ҷазое нест, ҷуз.....

.....

۞ Рӯза бар кӣ воҷиб мешавад?

1-.....

2-.....

3-.....

4-.....

5-Ва бар зан зиёд мешавад.....

۞ Саъй оғоз мешавад, ба.....ва тамом мешавад, дар.....

۞Аъмоли ҳаҷ оғоз мешавад, аз рӯзи.....ва идома меёбад, то рӯзи.....

۞ Агар тавофи ифозаро то замони рафтанаш аз Макка ба таъхир гузорад, барои тавофи видоъ басанда аст ва тавофи ифоза монанди тавофи умра аст, магар дар.....ва.....

۞ Бар ҳоҷии қорин ва муфрид воҷиб аст, ки саъй кунанд.....вале ҳоҷии мутаматтиъ саъй мекунад.....

۞ Аз муҳиматарин мазҳарҳои тавҳид дар ҳаҷ ва умра.....

.....

.....

.....

.....

۞ Ҳукми ҳар яке аз аъмоли зеринро зикр кун:

Ҳаққи кӯдак: .....

Ҳаққи зан бемаҳрам: .....

Ҳаққи қарздор: .....

Он чиро, ки дар рӯйхати боло аст (рӯзҳои Зулҳиҷҷа) бо мувофиқи рӯйхати поёнӣ пайванд кунед:

Рӯзи 8	Рӯзи 9	Рӯзи 10	Рӯзи 11	Рӯзи 12	Рӯзи 13

Рӯзи вуқуф (истодан)	Рӯзи нафри аввал	Дар он рӯз ба Мино об мебурданд	Рӯзи наҳр (ид)	Рӯзи нафри дуввум	Рӯзи қар

Китоби хариду фуруш

Хариду фуруш аз рӯи шариат ин аст: Табодули пул агарчи бар уҳдадорӣ бошад, ё фоидаи раво, монанди гузаргоҳи дар ҳавлӣ ба монанди яке аз онҳо ба таври доимӣ ҷуз рибо ва қарз.

[Рукнҳои савдо ва шартҳои он]

Қисмҳои шартнома:

(1)Шартномаҳои иваз кардан: Монанди фурӯш ва иҷора.	(2)Шартномаҳои тасдиққунӣ: Монанди гарав ва кафолат.	(3)Шартномаҳои хайрия: Монанди қарз, ҳадя, васият ва садақа.

Рукнҳои фурӯш:

(1)Ду ақдкунанда: Фурӯшанда ва харидор.	**(2)Бар он ақдшуда:** Ва он фурӯхта шудааст.	**(3)Сиға** ва мебошад:	
		(а)Гуфтор: Иҷоб ва қабул.	**(б)Феълӣ:** Бо гирифтан ва ато кардан.

Асл дар фурӯш ҳалолӣ аст, Аллоҳ таъоло фармуд: (**Ва Аллоҳ фурӯшро ҳалол ва риборо ҳаром гардонид**). Ҳамаи айнҳо аз қабили молу мулки ғайри манқул, ҳайвонҳо, асосҳои хона ва ғайра, дар асоси иҷрои шартҳои фурӯш бар онҳо шартнома бастан ҷоиз аст.

Мадори шартҳои фурӯш бар се амр аст: Зулм, рибо ва ғарар. Ҳар кӣ чизеро, ки надорад, бифурӯшад, ин аз боби зулм аст ва ҳар кӣ бо рибо кор кунад, ин аз боби рибо аст ва ҳар кӣ чизеро, ки номаълум аст мефурӯшад, ин аз боби (ғарар) фиреб аст.

Шартҳои фурӯш:

(1)Розӣ будани ҳар ду тарафи ақд.	(2)Дар нарх ва нархшуда ҳеҷ фиреб (надонистан) набошад.	(3)Ақдкунандагон молик ва ё дар тасарруф иҷозат дошта бошанд.	(4)Дар савдо рибо набошад.	(5)Пул ва нархшуда ҳаром набошад.

Баъзе фурӯшҳое, ки манъ шудаанд:

(1)Хариду фурӯш барои касе ки намози ҷумъа бар ӯ воҷиб аст, пас аз азони дуввум.	(2)Фурӯши ашё ба касоне, ки онро барои гуноҳ ва ё барои корҳои ҳаром истифода мебаранд.	(3)Фурӯхтани мусалмон дар баробари фурӯши бародараш ва ё харидан дар вақти харидани ӯ.	(4) Фурӯши алъина.	(5)Фурӯхтани ашёи фурухташуда пеш аз соҳиб шуданаш.	(6) Фурӯши мева пеш аз пухтани он.

Аз бузургтарин шартҳо:

Шарти якум:

Розӣ будан: Аз рӯи фармудаи Аллоҳ таъоло: (**Магар, ки тиҷорате бо ризоияти шумо бошад**).

Агар маҷбур кардан бар фурӯш дар муқобили ҳақ бошад (аз қабили маҷбур кардани қозӣ ба фоидаи қарздорон) пас ин дуруст аст.

Шарти дуввум:

Дар фурӯш фиреб ва надонистан набошад, зеро Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам "аз фурӯши ғарар манъ кардааст". Ривояти Муслим.
Пас дар зимни он дохил мешавад:

(1)Фурӯши (ғуломи) гуреза ва ҳайвони раманда.	(2)Гӯяд, ки яке аз ду матоъро ба ту фурӯхтам.	(3)Ё ба миқдоре, ки сангрезаҳои замин мерасад ва монанди ин.	(4)Ё он чизе, ки дар раҳми канизаш ва ё дар дарахташ аст.	(5) Ё он чи дар шиками ҳомил аст.

Ва хоҳ фиреб дар нарх ва ё дар нархшуда бошад.

Шарти сеюм:

Ва ин ки тарафи ақдкунанда молики ашё ва ё ваколатдор ба ин кор бошад ва ӯ болиғ, рашид (оқил) бошад.

Шарти чорум:

Ва боз аз шартҳои фурӯш ин аст, ки дар он рибо набошад.

Анвоъи рибо:

(1)Рибои фазл: Ин бартарӣ дар фурӯши ҳар ҷинс бар ҷинсаш аст, ки дар он рибо мешавад.	**(2)Рибои насия**: Ба таъхир андохтани гирифтани он чи дар он рибо мешавад.

Аз Убода разияллоҳу анҳу ривоят аст, ки гуфт: Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд: "**Тилло дар баробари тилло ва нуқра дар баробари нуқра ва гандум дар баробари гандум ва ҷав дар баробари ҷав ва хурмо дар баробари хурмо ва намак дар баробари намак монанд ба монанд ва баробар бошад, агар ин ашё гуногун бошанд, пас ҳаргунае хоҳед, бифурӯшед, ҳаргоҳ даст ба даст бошад, пас ҳар кӣ афзояд ё талаби зиёд кунад, пас рибо кардааст**". Ривояти Муслим".

Анвоъи рибавӣ шашто аст:

(1)Тилло.	(2)Нуқра.	(3)Гандум.	(4)Ҷав.	(5)Хурмо.	(6)Намак.

(1)Паймона ба паймона аз ҷинси худаш фурӯхта намешавад, магар ба ҳамин ду шарт ва вазншуда низ инчунин аст.	(2)Агар паймона ба паймона бе ҷинси худ фурӯхта шавад ва ё вазншуда ба вазншуда бе ҷинси худ фурӯхта шавад, ба шарти пеш аз ҷудо шудан гирифтан, ҷоиз аст.	(3)Агар паймона ба вазншуда ва ё баракс фурӯхта шавад, ҷоиз аст, агарчи гирифтан пас аз ҷудо шудан бошад.

Надонистани ҳамонандӣ монанди донистани тафовут аст (яъне надонистани баробарии онҳо монанди донистани он аст, ки яке аз дигаре бузургтар аст). Ҳамчуноне ки Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам аз фурӯши музобана манъ карданд: (**Он харидани хурмо ба хурмо дар сари дарахти хурмо аст**). Ҳадиси муттафақун алайҳ аст. (**Ва фурӯхтани ароёро дар камтар аз панҷ васақ барои касе ки хурмои тоза ниёз дорад ва пуле барои харидани онро надорад, ба сурати тахмини он бо хурмои хушк иҷозат дод**). Ривояти Муслим. (Ароё: Фурӯхтани хурмои тоза ба хурмои хушк барои касоне ки дарахти хурмо надоранд, то хурмои тоза бихӯранд, метавонанд хурмои хушки худро ба хурмои тоза, ки дар дарахт аст, ба сурати тахминӣ мубодала кунанд). (Васақ: Шаст соъ аст ва соъ тақрибан дувуним килограм аст).

Шартҳои иҷозати фурӯши ароё:

(1)Ҷуз хурмои хушк чизе барои харидан наёбад.	(2)Панҷ васақ бошад, ё камтар аз он бошад.	(3)Бозгашти хурмои тоза баробари хурмои хушк бошад.	(4)Ба хӯрдани хурмои тоза мӯҳтоҷ бошад, ва намехоҳад, ки онро то мева дадан нигаҳ дорад.	(5)Хурмои тоза дар сари дарахт бошад.

Шарти панҷум:

Аз ҷумлаи ақдҳо ин аст, ки ақд бар чизе ки аз рӯи шаръ ҳаром аст, воқеъ нашавад.

(1)Айни шайъ, чуноне ки Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам "**аз фурӯши шароб, гӯшти мурда ва бутҳо манъ кард**". Ҳадиси муттафақун алайҳ аст.	(2)Дар мавриди амале, ки сабаби қатъ ва дурӯй аз мусалмон шавад. Паёмбар ﷺ аз он манъ кардааст: "**Аз фурӯши бар фурӯхтани мусалмон**" (Ба касе ки телфонро ба даҳ сум харидааст, мегӯяд: Ман монанди онро ба нуҳ сум ба ту медиҳам) "**ва харидан бар харидани мусалмон**" (ба касе ки телфонашро ба нуҳ сум фурӯхта аст, ба ӯ мегӯяд, ки ман аз ту ба даҳ сум мехарам) "ва наҷш" (он ин аст, ки нархи молро зиёд мекунад, касе ки харидани онро намехоҳад, то ба фурӯшанда ё харидор ва ба ҳар ду зиён расонад). Муттафақун алайҳ аст.	(3)Аз ҷумлаи он манъ кардани Ӯ ﷺ "аз ҷудо кардани раҳм дар миёни ғуломон аст". Ривояти Тирмизӣ ва Ибни Моҷа.	(4)Аз ҷумлаи он агар дониста шавад, ки харидор ба он чизе ки мехарад, нофармонӣ мекунад, монанди харидани чормағз ва тухм барои қимор ё силоҳ барои фитна ва барои роҳзанон.	(5)Паёмбар ﷺ аз вохӯрии қалбкунандагони мол манъ кард, пас фармуд: "Ба вохӯрии қалбкунандагони мол набароед, пас касе вохӯрд аз вай харид, агар соҳиби мол ба бозор ояд, пас ӯ ихтиёр дорад". Ривояти Муслим.	(6) Ва фармуд: "Касе моро хиёнат кунад, пас аз ҷумлаи мо нест". Ривояти Муслим.

Ва мисоли рибои ошкор:

(1)Ба сурати алъина ҳила кунад, ба ин ки молеро ба сад сум ба қарз бифурӯшад ва сипас онро аз харидор ба маблағи камтар аз он бо пули нақд бихарад ва ё баракс.	(2)Ё бар табдили қарз ҳила кунад.	(3)Ё ба рибо ба қарз ҳила кунад, ба ин ки ба ӯ қарз диҳад ва фоида бурдан ба чизе аз молашро шарт гузорад ё дар ивази он ба ӯ чизе ато кунад, пас ҳар қарзе, ки фоидаи (шартгузошташуда) меорад, пас он рибо аст.	(4)Аз ҷумлаи ҳилаҳо: Фурӯши ҷавоҳироти нуқра ва ғайраш ба ивази нуқра ва ё як муди хурмои аҷва ва дирҳам ба ивази дирҳам.

Ва Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам аз фурӯши хурмои хушк бо хурмои тоза манъ кард, пас фармуд: "Агар хушк шавад, кам мешавад?". Гуфтанд: Оре. Пас аз он манъ кард. Инро панҷ нафар ривоят кардааст. (Зеро ки хурмои тару тоза аз хурмои хушк вазнintар аст ва фурӯши алъароё мувофиқи шартҳояш, чунон ки қаблан зикр гардид, аз ин наҳй истисно аст).

"**Ва фурӯши бепаймонаи хурморо, ки андозааш маълум нест, ба паймонаи номбаршуда манъ кард**". Ривояти Муслим.
Дар мавриди фурӯши он чӣ қарздор аст:

(1)Агар бар қарздор ҳатмӣ бошад, ҷоиз аст ва ин ба шарте аст, ки пеш аз ҷудо шудан ивази онро бигирад, аз рӯи фармудаи Паёмбар ﷺ: "**Ҳеҷ боке нест, ки онро ба нархи он рӯз бигирад, модоме ки аз ҳам ҷудо нашавед ва миёни шумо чизе бошад**". Инро панҷ нафар ривоят кардааст.

(2)Ва агар бар ғайри қарздор бошад, дуруст намешавад, зеро ки он фиреб аст.

Боб дар фурӯши дарахт ва меваҳо

Мисоле аз он чи дар ин боб омадааст: Дарахти хурмо асл аст ва хурмо мева аст.

(Фурӯши дарахт)
Паёмбар ﷺ фармуд: "**Ҳар кӣ дарахти хурморо пас аз пайванд шуданаш бифурӯшад, меваи он барои фурӯшанда аст, магар ки харидор онро шарт гузошта бошад**". Ҳадиси муттафақун алайҳ аст.

Ин ҳадис дар бораи касест, ки дарахти хурморо мефурӯшад, на заминро, агар дарахти хурморо пас аз пайванд шуданаш бифурӯшад:

Пас меваи он аз они фурӯшанда аст.

Магар ин ки харидор меваро бо дарахт шарт гузошта бошад ва ин беҳтар аст.

Инчунин дигар дарахтон аст, агар меваҳояш ошкор бошад (мисли себ ва ангур, зеро он ба хурмои пайвандшуда шабоҳат дорад). Ва мисли он аст, агар зироатҳое зоҳир шаванд, ки фақат як маротиба даравида мешаванд. Агар чанд маротиба даравида шавад: Пас усул барои харидор аст ва ҳосили намоён дар вақти фурӯш аз фурӯшанда аст.

(Фурӯши меваҳо)
Ва "**Расулуллоҳ ﷺ аз фурӯши мева то пухта расиданаш манъ кард: Фурӯшанда ва харидорро манъ кард**". Ва аз салоҳи он пурсида шуд, пас фармуд: "**То он даме ки офатҳояш аз байн равад**", ва дар ривояте: "**То сурх ва ё зард шавад**" (яъне хушхӯр шавад).
Ва "**Аз фурӯхтани донагӣ манъ кард, то ки сахт шавад**". Муаллифони Сунан инро ривоят кардаанд.

Агар донагӣ барои алаф фурӯхта шавад, пас сахт шудани он шарт нест.

Ва фармуд: "**Агар ба бародарат мева фурӯхтӣ ва ба он офат расид, ҷоиз нест, ки аз он чизе бигирӣ, ба чӣ моли бародаратро ба ноҳақ мегирӣ**". Ривояти Муслим

Яъне фурӯшанда ҳамаи қиматро ба харидор мегардонад.
Магар ки харидор кутоҳӣ карда бошад ва дар вақти ҷамъоварии мева беэҳтиётӣ карда бошад, дар ин сурат барои хунукназарии худ ҷавобгар мешавад ва чизе надорад.

Агар заминро фурӯхт ва бар он:

(1)Дарахтон аст: Агар замин фурӯхта шавад ва дар он дарахтон бошад, тобеъи заминанд, пас аз они харидоранд.	(2)Зироатҳои такрорӣ даравида мешавад: Зироате, ки дар вақти фурӯши замин мавҷуд аст, аз они фурӯшанда аст ва замин аз они харидор аст. Агар харидор шарт гузорад, ки зироати намоён аз они ӯ бошад, дуруст аст.	(3)Зироате, ки як бор даравида мешавад: Мисли гандум ва ҷав, то вақти дарави он, аз они фурӯшанда аст.

Боби интихоб ва ғайра (муомилаи фурӯшро бекор кардан)

Хиёр: Интихоби яке аз ду амр, муомилаи фурӯшро иҷро ва ё бекор кардан, хоҳ барои фурӯшанда ва ё харидор бошад.

Ҳаргоҳ ақд баста шуд, ҳатмӣ мегардад, магар ба сабабе аз сабабҳои шаръӣ.

Ақсоми шартномаҳо ба эътибори зарурати он:

(1)Шартномае, ки барои ҳар ду тараф раво аст, монанди ваколат.	(2)Шартномае, ки барои ҳар ду тараф лозим аст, монанди фурӯш ва иҷора.	(3)Шартномае, ки барои як тараф лозим ва барои тарафи дигар ҷоиз аст, монанди гарав.

Ҳашт навъи интихоб

(1)Интихоби маҷлис.	(2)Интихоби шарт.	(3)Интихоби фиреб.	(4) Интихоби дар пӯшонидан.
(5)Интихоби айб.	(6)Интихоби ихтиёр доштан дар нарх, вақте маълум шавад, ки он аз он чизе ки гуфта шуда буд, камтар ё зиёдтар аст.	(7) Интихоби ихтилофи фурӯшандаву харидор.	(8) Интихоби хилофи дар сифат будан.

(Навъи якум)

Аз ҷумлаи он: Интихоби маҷлис аст, Паёмбар ﷺ фармуд: "**Ҳаргоҳ ду мард хариду фурӯш карданд, пас ҳар кадоми онҳо ихтиёр доранд, модоме ки ҷудо нашудаанд ва якҷо ҳастанд, ё якеи онҳо ба дигаре ихтиёр медиҳад, агар якеи онҳо дигареро ихтиёр дод, пас муомала карданд ва якеи онҳо муомаларо тарк накард, пас муомала баста мешавад**". Ҳадиси муттафақун алайҳ аст.

(Навъи дуввум)

Аз ҷумлаи он: Интихоби шарт аст, агар барои онҳо ё барои якеи онҳо дар вақти муайян интихоб шарт гузошта шавад. Паёмбар ﷺ фармуд: "**Мусалмонон ба шартҳои худ вобастаанд, магар шарте ки ҳаром ҳалол кунад ё ҳалолро ҳаром кунад**". Муаллифони Сунан ривоят кардаанд.

(Навъи сеюм)

Аз ҷумлаи он: Агар хиёнате кунад, аз одат хориҷ мешавад, ё ба сабаби нақш ё вохӯрдани ҷалбкунандаи мол ё ғайри инҳо.

(Навъи чорум)

Аз ҷумлаи он: Ҳаққи ихтиёр дар пӯшонидан, ба ин ки фурӯшанда он чиро, ки ба сабаби он нарх зиёд мешавад, бипӯшонад ва харидорро фиреб диҳад, монанди ҷамъ кардани шир дар пистони чорво. Паёмбар ﷺ фармуд: "**Ширро дар пистони шутур ва гӯсфандон ҷамъ накунед, ҳар кӣ онҳоро баъд бихарад, пас баъд аз ҷушидани онҳо яке аз ду назарро ихтиёр дорад, агар хоҳад онро нигаҳ дорад ва агар хоҳад онро бо як соъи хурмо баргардонад**". Ҳадиси муттафақун алайҳ аст ва дар ривояти дигар: "**Пас ӯ се рӯз ихтиёр дорад**".

(Навъи панҷум)

Ҳаргоҳ моли айбдорро надониста харид, пас он ҳаққи ихтиёр дорад байни гардонидани он ва нигаҳ доштани он, пас агар имкони гардонидани он набошад, арши он таъйин мешавад. (Арши он: Миқдори арзиши байни саломатӣ ва арзиши айб аст).

(Навъи шашум)

Агар дар нарх ихтилоф карданд, савганд мехӯранд ва ҳар кадоми онҳо ҳаққи бекор кардани муомаларо дорад.

Иқола:

Он бекор кардани шартномаи байни ду аҳдкунанда ва бекор кардани он бо розигии онҳо аст.

Ва Паёмбар ﷺ фармуд: "**Ҳар кӣ муомалаи мусалмонро бекор кунад, Аллоҳ лағжиши ӯро бекор мекунад**". Ривояти Абӯдовуд ва Ибни Моҷа.

Боби пешфурӯшӣ (ё қарз)

Пешфурӯши дар ҳар чизе, ки бо сифате муайян шудааст, дуруст аст, агар:

(1)Онро бо тамоми сифатҳои он, ки нарх аз рӯи он фарқ мекунад (маблағ, ҷинс, намуд ва сифат) муқаррар кунад.	(2)Мӯҳлати онро зикр кунад.	(3)Ва пеш аз ҷудо шудан ба ӯ нархро (пурра) диҳад.

Аз Ибни Аббос разияллоҳу анҳумо ривоят аст, ки гуфт: Паёмбар ﷺ ба Мадина омад ва онҳо дар меваи яксола ва дусола пешфурӯшӣ мекарданд, пас фармуд: "**Ҳар кӣ пешфурӯшӣ кунад, ба паймонаи маълум ва вазни маълум то муддати маълум пешфурӯшӣ кунад**". Ҳадиси муттафақун алайҳ аст. Ва ﷺ фармуд: "**Ҳар кас моли мардумро ба қасди бозгардондан гирад, Аллоҳ аз ҷониби ӯ онро мегардонад ва касе ба қасди талаф додан гирад, Аллоҳ онро талаф диҳад**". Ривояти Бухорӣ.

Мисоли салам (пешфурӯшӣ): Деҳқон назди тоҷир меояд ва ба ӯ мегӯяд: Ба ман ҳазор риёл нақд бидеҳ, пас аз анҷоми сол ба ту сад соъ гандум медиҳам, пас деҳқон аз пул фоида мебинад ва савдогар аз гандум фоида мебинад.

Боби (шартномаҳои тасдиқӣ:) Гарав, замонат ва кафолат

Ин ҳуҷҷатҳои дорои ҳуқуқи устувор мебошанд.

(Раҳн-гарав)

Он молест, ки дар муқобили қарз монда шавад, ки мумкин аст, ки аз он вафо карда шавад ё баъзеи он аз он ё аз баъзеи он вафо карда шавад.
Ва дар бар мегирад:

(1)Гаравдеҳ: Он ки барои таъмини қарзи худ гарав мегузорад.	(2)Гаравгир: Ӯ гаравгир ва қарздиҳанда аст.	(3)Моли ба гарав гузошта-шуда: Он чизе ки барои таъмини қарз гирифта шудааст.

Гарав: Ба ҳар моле ки фурӯхта мешавад, дуруст аст (пас он чизе ки фурӯхта намешавад, гарав монда намешавад, ба монанди вақф, саг ва ё он чизе ки молики он нест), пас дар назди гаравгир амонат боқӣ мемонад, зомини он намешавад, магар ки таҷовуз кунад ва ё аз ҳад гузарад, монанди дигар амонатҳо.

Пас агар:

(1)Пурра вафо шавад: Аз гарав даст кашида шавад.

(2)Агар ҳосил нашавад ва соҳиби ҳақ фурӯши гаравро талаб кунад:

Фурӯхтани он ва аз қимати он вафо кардан лозим аст.

Ва он чи аз нархе, ки пас аз пардохт боқӣ мондааст, аз они соҳиби он аст.

Ва агар чизе аз қарз боқӣ монад, он қарзи мурсал бе гарав мемонад.

Агар касе гаравро талаф диҳад, бояд замонат диҳад ва он гарав мешавад.Ва афзоиши он тобеъи он аст. Ва нафақаи он бар соҳибаш аст ва гаравдеҳ ҳақ надорад аз он истифода барад, магар ба иҷозати тарафи дигар ё ба иҷозати Паёмбар дар фармудаи Ӯ ﷺ: "**Аз ҳайвони гаравшудаи саворӣ ва шири ҳайвони гаравшуда дар баробари нафақаи он истифода карда мешавад ва нафақа бар касест, ки аз саворӣ ва шири он истифода мекунад**". Ривояти Бухорӣ.

Гаравгир аз гарав умуман ба ҷуз ҳайвон истифода намебарад, бинобар ин ӯ дар хонаи гаравшуда зиндагӣ намекунад ва мошинро ба ҷуз иҷораи он истифода намебарад. Аммо агар бар ҳайвон харҷ кунад, пас ҳаққи истифода бурданро дорад, ҳамчуноне ки дар ҳадиси пешина гузашт.

Мисоли гарав: Инсоне говеро гарав монд ва гаравгир онро меҷушад, пас мегӯем: Ту ҳақ дорӣ, ки ба қадри нафақа онро биҷушӣ.

(1)Агар нархи шири он дар як ҳафта сад бошад ва харҷаш дар як ҳафта сад бошад, дар ин ҳолат на ба фоидаи ӯ ва на бар зарараш аст.

(2)Агар шир дар як ҳафта ба ду сад баробар бошад ва харҷаш сад бошад, ба гаравдеҳ сад сум медиҳад, вале он гарав аст, зеро он аз афзоиши гарав аст.

(3)Ва агар баръакс бошад, харҷ ду сад ва шир сад. Он бар гаравдеҳ аст, барои он чизе ки аз нархи шир зиёд аст.

(Замонат)

Ва замонат: Аз номи касе, ки қарздор аст, замонат диҳад.

(Кафолат)

Ва кафолат: Ба ӯҳда дорад, ки бадани рақибро (ба маҷлиси ҳукм) биёрад. Паёмбар ﷺ фармуд: "**Роҳбар масъул аст**". Ривояти Тирмизӣ ва Ибни Моҷа.

Ҳар кадоми онҳо зоминанд, магар:

(1)Агар ӯ он чиро, ки бар ӯҳдааш гирифтааст, иҷро кунад.

(2)Ё соҳиби ҳақ ӯро сафед кунад.

(3)Ё асил ӯро сафед кунад. Аллоҳ донотар аст. (Асил: Он ки аз ӯҳдаи корҳои худ шахсан бевакил тасарруф кунад. "Тарҷумон").

Боби ҳаҷр аз рӯи нодорӣ ё чизи дигар

Ҳаҷр: Инсонро аз тасарруф кардан дар мол ва ӯҳдадорияш ё фақат дар молаш манъ кардан аст.

Манъ кардан аз рӯи маслиҳати дилхоҳи он ба ду қисм тақсим мешавад:

(1)Ба манфиати манъшуда: Дар мавриди писарбача, нодон ва девона.	(2)Ба манфиати ғайраш, дар нодор.

Ва ҳар кӣ ҳақ дорад, бояд ба нодоро мӯҳлат диҳад ва доро осон кунад.
Ва қарздор: Миқдор ва сифатҳоро пурра ба ҷо оварад.
Ва Паёмбар ﷺ фармуд: "**Дер пардохт кардани бой қарзашро зулм аст ва агар қарзаш ба тавоноe ҳавола карда шуд, пас ҳаволаро қабул кунад**". Ҳадиси муттафақун алайҳ аст.
Ин аз нек рафтор кардан аст.
Пас тавонгар касест, ки бар вафо кардан қудрат дорад, ки кашола намедиҳад ва овардани ӯ дар маҷлиси ҳукм имкон дорад.
Ҳаргоҳ қарзҳо аз моли инсон зиёд бошад ва қарздиҳандагон ё баъзе аз онҳо аз қозӣ талаб кунанд, ки ӯро аз тасарруф кардани молаш манъ кунад, ӯро манъ кунад ва ӯро аз тасарруф кардан дар ҳамаи молаш манъ кунад, сипас ҳисоби молашро баробар кунад ва бар қарздиҳандагон ба қадри қарзашон тақсим мекунад.
Ва касе аз онҳоро тақдим намекунад, магар:

(1)Соҳиби гарав ба гараваш.	Ва Паёмбар ﷺ фармуд: "**Ҳар кӣ молашро дар назди марде, ки нодор шуда бошад, ёбад, бар он аз дигарон ҳақдортар аст**". Ҳадиси муттафақун алайҳ аст.

Ва ба валии кӯдак, нодон ва девона воҷиб аст:

(1)Онҳоро аз сарф кардани молҳояшон, ки ба онҳо зарар мерасонад, манъ кунад. Аллоҳ таъоло фармуд: (**Ва молҳои худро, ки Аллоҳ онро василаи зиндагии шумо қарор додааст, ба сафеҳон надиҳед**).	(2)Ба моли онҳо наздик нашавад, магар ба равиши накӯ, аз:		
	(А) Нигаҳдории он.	(Б) Рафтори судманд барои онҳо.	(Ҷ)Ва аз он мол он чи ниёз доранд, харҷ кардан.

Ва валии онҳо:

(1)Падарашон, ки хирадманд аст.	(2)Агар хирадманд нест: Ҳоким ваколатро ба касе хешовандаш қарор медиҳад, ки нисбати онҳо меҳрубонтар, шинохдатар ва амintар бошад.

Ва ҳар кӣ сарватманд бошад, пас аз он нахӯрад.
Ва ҳар кӣ фақир бошад, ба қадри мақбул бихӯрад, ки камтар аз музд ё кофии ӯ бошад.

Агар ҳисоб кунем, ки кофии ӯ, маслан ҳазор риёл аст ва муздаш панҷсад аст, ба ӯ панҷсад медиҳем, зеро он камтарин аст.

Ва Аллоҳ донотар аст.

Боби сулҳ

Сулҳ: Шартномае аст, ки баҳси миёни баҳсгарон қатъ мешавад ва он навъҳои зиёд дорад, ба ҳамаи ҳуқуқҳои молиявӣ ва дигар ҳуқуқҳо дихл дорад.
Дар як ҳолат сулҳ андохтан манъ аст, агар қозӣ муайян кунад, ки ҳақ ба яке аз ду тараф аст.

Паёмбар ﷺ фармуд: "**Сулҳ дар байни мусалмонон ҷоиз аст, ҷуз сулҳе, ки ҳалолро ҳаром ва ҳаромро ҳалол мегардонад**". Ривояти Абӯдовуд ва Тирмизӣ ва гуфт: Ҳадиси ҳасану саҳеҳ аст ва инро Ҳоким саҳеҳ ҳукм кардааст.

(1)Агар аз шайъ ба шайъи дигар ва ё ба қарз сулҳ кунад, ҷоиз аст.	(2)Ва агар қарзе бар ӯ дошта бошад, пас бо ӯ аз он шайъ ба шайъи дигар ё ба қарз сулҳ кард ва онро пеш аз ҷудо гирифт, ҷоиз аст.	(3)Ё бо ӯ дар молҳои ғайриманқул ё чизи дигаре, ки маълум аст, сулҳ кунад.	(4)Ё аз қарзи бомӯҳлат ба пардохти баъзеи он дар ҳол сулҳ кунад.	(5)Ё бар ӯ қарзе дорад, ки миқдори онро намедонанд, пас бо ӯ бар шайъе сулҳ кард, ин дуруст аст.

Ва Паёмбар ﷺ фармуд: "**Ҳамсоя набояд ҳамсояи худро аз гузоштани чуб бар деворaш манъ намояд**". Ривояти Бухорӣ.

Боби ваколат, ширкат, мусоқот ва музораъат

Ваколат: Намояндагӣ, ҳамонтавре ки намояндагӣ мешавад, амал кунад, ҷоиз аст.
Ширкат: Ҷамъ шудани ду ё зиёда шахсони дорои ҳуқуқ ё ихтиёри тасарруфдор.
Мусоқот: Аҳдест, ки миёни ду ҷониб, ки яке ба дигаре дарахте пардохт мекунад, то бар он ба ивази баъзе аз меваash кор кунад.
Музораъат: Аҳдест, ки миёни ду тараф, ки яке заминро ба дигаре медиҳад, то бо як қисми ҳосил кишт кунад.

(Фасл оиди ваколат)

Паёмбар дар ҳоҷатҳои хос ва ҳоҷатҳои мусалмонон, ки ба Ӯ тааллуқ дошт, вакил мегирифт, пас он аҳдест, ки аз ду тараф (вакил ва вакилгиранда) ҷоиз аст.

(1)Дар ҳама чизҳое, ки намояндагӣ саҳеҳ аст, дохил мешавад:

(а)Ҳуқуққои Аллоҳ, мисли ҷудо кардани закот, каффорат ва амсоли инҳо.

(б)Ва ҳуқуқи одамон, мисли аҳдҳо, бекор кардан ва ғайра.

(2)Ва он чизе, ки бар инсон зарур аст ва хос ба бадани ӯ бастагӣ дорад, намояндагӣ дохил намешавад, мисли намоз, таҳорат, қасам, тақсим кардан байни ҳамсарон ва монанди инҳо, дар инҳо намояндагӣ дуруст намешавад.

Вакил ба ғайр аз он чизе, ки ба ӯ иҷозат дода шудааст, ҳеҷ кор намекунад: Ба таври шифоҳӣ ё одат.
Намоянда ба музд ва ё чизи дигар таъйин кардан ҷоиз аст.
Ва намоянда мисли дигар шахсони боваринок аст, бар онҳо зомин шудан нест, магар таҷовуз ва ё зиёдаравӣ ва гуфтаҳои онҳо дар набудани он ба қасам қабул карда мешавад ва касе аз аминҳо, ки даъвои радро дорад:

(1)Агар ба музд бошад: Суханаш ба ҳуҷҷат қабул карда мешавад.

(2)Ва агар хайрия бошад: Суханаш ба савгандаш қабул мешавад.

(Фасл оиди ширкат)

Ва Паёмбар ﷺ фармуд: Аллоҳ таъоло мефармояд: "**Ман сеюми ду шарик ҳастам, модоме ки якеи онон рафиқашро хиёнат накунад, пас ҳаргоҳ хиёнат кард, Ман аз байни онон хориҷ мешавам**". Ривояти Абӯдовуд. Пас шарикӣ ба ҳамаи анвоъаш ҷоиз аст.
Моликият ва фоида дар он ба мувофиқи он аст, ки дар он иттифоқ кардааст. (Мисли ин ки барои ҳар яке нисфи фоида бошад).

Пас дар ин дохил мешавад:

(1)Ширкати инон: Ин аст, ки ҳар кадоми онҳо пул ва амал доранд.	(2)Ва ширкати музораба: Аз яке пул ва аз дигар амал аст.	(3)Ва ширкати рӯйҳо (обурӯ): Он чи ки аз мардум ба обрӯи худ мегиранд.	(4)Ва ширкати баданҳо: Шарик шаванд дар он чизҳои ҳалол, аз алаф ва монан-ди ин, ки ба даст меоранд ва амалҳоеро, ки қабул мекунанд.	(5)Ва ширкати муфоваза : Он ҳамаи инҳоро ҷамъ мекунад.

Ва ҳамагӣ ҷоиз аст.

Ва агар зулм ва макр бар яке аз онон дарояд, мисли ин ки барои якеи онон фоидаи замони муайян бошад ва барои дигар фоидаи замони дигар, ё фоидаи яке аз ду мол, ё фоидаи яке аз ду сафар ва он чизе ки монанди ин аст, шарикиро фосид мекунад.

(Фасл оиди мусоқот ва музораъат)

Ҳамчунон ки ин мусоқот ва музораъатро фосид мекунад (агар номаълум бошад, мисли ин ки бигӯяд: Бар ин дарахт ба баъзе меваи он ё ба сад киллои он шарики мекунам, ин дуруст намешавад, зеро ин маъруф нест).

Ва Рофеъ ибни Хадиҷ гуфт: "**Ва мардум дар замони Расулуллоҳ ﷺ бар дарёҳо ва даромадгоҳи рӯдхонаҳо ва чизе аз зироат киро мекарданд, пас ин нобуд мешуд ва он солим мемонд ва ин саломат мемонд ва он нобуд мешуд ва мардум ҷуз ин иҷорае надоштанд. Пас аз ин рӯ аз он сарзаниш кард, аммо дар чизи маълум ва кафолат дода шуда боке нест**". Ривояти Муслим.

Ва "**Ва Паёмбар ﷺ бо яҳудиёни Хайбар ба нисфи меваи дарахтон ва зироат муомала кард**". Ҳадиси муттафақун алайҳ аст.

(1)Мусоқоти бар дарахт ин аст, ки онро бар коргар медиҳад ва ӯ бар он дар ивази қисми маълуми аз мева амал мекунад.	(2)Ва музораъат ин аст, ки ба касе, ки ба як қисми маълуми зироат кишт мекунад, заминро медиҳад.

Ва бар ҳар кадоми онҳо: Он чӣ дар одат шудааст ва шарти он номаълум набошад. Ва агар ҳайвонашро ба каси дигар диҳад, то ба он кор кунад ва он чи барои онҳо ҳосил шуд, ҷоиз аст.

Боби эҳёи заминҳои мурда

Ал-Мавот: Замине, ки аз ихтисосҳо (мисли қойҳои сел ва чарогоҳҳо) ва аз моликияти маъсум (мусалмон, зиммӣ, ҳампаймон ва талаби амнкунанда) қудо бошад.
Ал-Эҳё: Ҳар чизе ки мардум онро эҳё ҳисоб кунад, пас он эҳё аст ва акс баръакс аст.

Он замини бекорхобидаест, ки соҳибаш маълум нест.
Пас ҳар кӣ онро зинда кунад ба девор ё кандани чоҳ ё ба он об равон кардан ва ё он чизеро, ки ба он кошта намешавад манъ кардан, ба ҳамаи он чизе ки дорад, молики он мешавад, ба қуз маъданҳои ошкор аз рӯи ҳадиси Ибни Умар: "**Ҳар кӣ заминеро зинда кунад, ки аз касе нест, пас ӯ ба молик шудани он ҳақдортар аст**". Ривояти Бухорӣ.
Ва агар замини мурдаро сангрезӣ кунад, ба ин ки дар гирди он санг гузорад ёкандани чоҳе, ки ба оби он нарасидааст ва ё буридани замин, пас ӯ ба он ҳақдортар аст (зеро ки ӯ ба эҳёи он шурӯъ кардааст ва ба анҷом нарасонидааст) ва молики он намешавад,то ки бо гуфтаҳои боло зинда созад, (аммо агар дар зинда кардани он таъхир кунад ва касе ёфта шавад, ки дубора эҳё кунад, ба ӯ мӯҳлат дода мешавад).

Боби подош ва иҷора

Ҷаъола (подош): Маълум кардани чизе барои касе ки барои ӯ кор мекунад: Кори маълум ё номаълум, вақти маълум ё номаълум.
Иҷора: Аҳдест бар фоидаи маълум ё бар амали маълум.

Ва инҳоянд: Подоши моли маълум ба касе ки барояш коре анҷом медиҳад: Дар подоши маълум ё номаълум ва дар иҷораи маълум ё бар манфиате, ки дар ӯҳда аст.

Маълум мебошад ба:

(1)Муайян будан: Дар адад ва сифат.	(2)Умумӣ: Яъне ҳисса ва нисбат.

Ҳар кӣ дар онҳо он чиро, ки ба ӯ вогузор шудааст, иҷро кунад: Сазовори иваз аст, вагарна не. Агар дар асоси иҷора кор кардан имконнопазир бошад, пас ивазро қисм-қисм пардохт мекунад.

Аз Абӯҳурайра ба таври марфӯъ ривоят аст, ки Аллоҳ таъоло фармуд: **"Се нафар аст, ки Ман дар рӯзи қиёмат бо онҳо хусумат хоҳам кард: Марде ки ба хотири Ман ато карда шуд, сипас хиёнат кард ва касе ки озодеро фурӯхт, пас қимати онро хӯрд ва марде ки коргареро киро кард ва подоши ӯро надод**". Ривояти Муслим. Ва ҷаъолат аз иҷора васеътар аст:

(1)Зеро он дар амалҳои наздик шудан ҷоиз аст.	(2)Ва зеро ки амал дар он маълум ва номаълум аст.	(3)Ва зеро ки он ақди ҷоиз аст ба хилофи иҷора, (ки он ақди воҷиб аст).

Иҷора додани моли иҷора ба касе ки дар ҷои ӯ қоим мешавад, ҷоиз аст, на ин ки зарараш аз манфиаташ зиёдтар бошад. Ва дар онҳо бе таҷовуз (яъне кардани коре ки ҷоиз нест) ё кутоҳӣ кардан (яъне тарки воҷиб) ҳеҷ замонате нест. Ва дар ҳадис омадааст: "**Подоши коргарро пеш аз хушк шудани арақаш бидиҳед**". Ривояти Ибни Моҷа.

Ҳар кас ки бе шартнома барои каси дигаре кор кунад, ба ӯ чизе нест, магар дар се маврид:

(1)Наҷот додани моли маъсум аз ҳалок шудан.	(2)Гардондани гуреза ва ӯ ғуломест, ки аз молики худ гурехтааст.	(3)Агар инсон худашро барои амал омода кунад.

Боби моли афтода ва лақит

(Фасл дар моли афтода)

Луқата: Пул ва чизи махсус аст, ки аз соҳибаш дур шудааст ва орзуи мардуми миёна аз паи он меравад.

Ва он се навъ аст:

(1)Яке аз онҳо: Он чи ки арзиши кам дорад, монанди тозиёна, нон ва монанди инҳо, пас бетаъриф молик мешавад (Ва инчунин он чизеро, ки мардум ба хости худ тарк кардаанд, мисли столҳои шикаста ва баъзе асбобу анҷом).	(1)Ва дуввум: Гумшудае, ки аз дарандаҳои хурд худро ҳифз мекунад, мисли шутур (барзагови калон, асп гирифтани инҳо ҳаром аст, магар ин ки гумон кунад, ки соҳиби он онро намеёбад), пас ба ёфта гирифтан умуман молик намешавад.	(3)Ва сеюм: Ғайри инҳо, (арзиши он дар назди ғолиби мардум зиёд аст, аз мол ва ҳайвоне, ки худро аз дарандаҳои хурд ҳифз карда наметонад) ва гирифтани он ҷоиз аст ва пас аз як соли пурра эълон кардан, молики он мегардад. (Агар тарсад, ки харҷ аз қимати ҳайвон зиёд мешавад, пас чифатҳои онро ҳифз мекунад, сипас онро мефурӯшад ва қимаи онро барои моликаш ҳифз мекунад.

Аз Зайд ибни Холиди Ҷуҳанӣ ривоят аст, ки гуфт: Марде назди Паёмбар ﷺ омад ва аз луқата пурсид, пас фармуд: "**Пӯш ва сарбанди онро хуб бишинос ва сипас то як сол онро эълон кун, агар молики он омад, моли вайро ба ӯ бидеҳ ва агар наомад аз они худат онро истифода кун**". Пас гуфт: Чорвои майдаи гумшуда чӣ ҳукм дорад? Фармуд: "**Он аз ту ё аз бародарат ва ё аз гург аст**". Гуфт: Гумшудаи шутур чӣ? Фармуд: "**Бо шутур чӣ кор дорӣ, ӯ бо худ оби ошомиданӣ дорад ва пойҳои вай ӯро ба об мерасонад, ки фуруд меояд менӯшад ва барги дарахтонро мехӯрад, то он ки ӯро молики ӯ ёбад**". Ривояти Бухорӣ ва Муслим.

Оё гирифтани луқата (гумшуда) беҳтар аст? Саломат мондан беҳтар аст, пас онро тарк мекунад, магар ки бар гумонаш қувват ва қудрат бар эълон кардан ғолиб ояд. Ҳукми гумшудаи Макка чист? Расулуллоҳ ﷺ фармуд: "**Бардоштани гумшудаи Макка ҳалол нест, магар барои эълонкунанда**". Ривояти Бухорӣ ва Муслим. Яъне қасд дорад, ки онро тамоми замон эълон мекунад вагарна онро ба ҳоким месупорад.

(Фасл оиди лақит)
Лақит: Тифлест, ки насабаш маълум нест ва на ғуломияш, тарк карда шудааст: Яъне хонаводааш ӯро намехоҳанд ва аз хонаводааш дур нашудааст

Гирифтани лақит ва нигаҳубини ӯ: Фарзи кифоя аст, агар байтулмол (хазина) имкон надошта бошад, пас бар касест, ки аз ҳоли вай огоҳ аст, мебошад.

Боби мусобиқа ва рақобат

Ва он се навъ аст:

(1)Навъе, ки ба иваз ва ғайра ҷоиз аст ва он мусобиқа аст: Мусобиқаи шутур, асп ва тарандозӣ.	(2)Ва навъе, ки беиваз ҷоиз аст ва бо иваз ҷоиз нест ва он ҳамаи рақобатҳо аст, ҷуз се чизи зикршуда.	(3)Ва ҷуз нард, шатранҷ ва амсоли инҳо, пас комилан ҳаром аст (чун дил ба он мепайвандад ва бисёр парешон мекунад) ва ин навъи сеюм аст.

Аз рӯи ҳадиси: "**Гирифтани моли мусобиқа ҳалол нест, магар дар се чиз: Шутурдавонӣ, тирандозӣ ва аспдавонӣ**". Ривояти Аҳмад ва се нафар. Аммо ғайри инҳо дар қимор ва майсир дохил мешавад.

Ва бояд донист, ки агар он чи ҷоиз аст, зиён ҳам дошта бошад, ҳаром мешавад:

Агар мусобиқаи аспдавонӣ ё шутурдавонӣ ё тирандозӣ дар вақти намози ҷамоат бошад, пас ҳаром мешавад.	Агар боиси адоват, кина, бадгумонӣ ва таҳаммулнопазирӣ шавад, ҳаром аст.

(Мусобиқаи ҳайвонот)
Дар мусобиқаи худи ҳайвонот шарт аст, ки дар он ба ҳайвон зарар нарасад, пас агар дар он бар ҳайвон зарар бошад, ҳаром аст, монанди мусобиқаи нукзании хурӯсҳо, шохзании гӯсфандҳо ва барзаговҳо.

Ҳукми муштзанӣ (бокс)

Ҷоиз нест:

Зеро дар он хос дар чеҳра задан аст ва аз он наҳӣ шудааст.

Ва зеро он хатар дорад.

Вале агар инсон танҳо қасди машқ кунад, бо риоя кардани дар чеҳра назадан, дар ин сурат ҷоиз аст.

Боби ғасб

Ғасб ба ноҳақ аз худ кардани моли дигар кас аст.
Ва он ҳаром аст, аз рӯи ҳадиси: "**Ҳар кас аз замин ба зулм як вақаб бигирад, Аллоҳ дар рӯзи қиёмат аз ҳафт табақаи замин бар гардани ӯ тавқ мекунад**". Ривояти Бухорӣ ва Муслим.
Бинобар ин:

(1)Онро ба соҳибаш гардонад ва агарчи ҷарима дучанд шавад.

(2)Бар вай: Нуқсони он аст.

(3)Иҷораи он дар вақти дар дасташ будан аст

(4)Ва зомин шудани он, агар комилан талаф шавад.

Ва зиёдатии он аз соҳибаш аст.
Ва агар замин бошад, ки бар он ниҳол шинонда ё бино сохтааст, пас соҳиби он ҳақ дорад, ки он решакан ва хароб кунад, аз рӯи ҳадис: "**Барои решаи золим ҳақ нест**". Ривояти Абӯдовуд.
Ва ба касе ки моли ғасбшуда ба ӯ мунтақил шуд, дар ҳоле ки медонад, ҳукми ӯ ҳукми ғасбкунанда аст.

Боби орият ва вадиат

(Орият)

Орият: Фоида бурдан ҷоиз аст (ва бояд, ки фоида бурдан ҷоиз бошад, мисли орият гирифтани китоб).

Он мустаҳаб аст, аз рӯи дохил шудани он дар эҳсон ва хайр, Паёмбар ﷺ фармуд: "**Ҳар кори хайр садақа аст**". Ривояти Бухорӣ ва Муслим.

(1)Агар:

(А)Замонати он шарт гузошта шуда бошад: Онро зомин шавад.

(Б)Ё таҷовуз кард ва ё дар он кутоҳӣ кард: Зомин шавад.

(2)Вагарна зомин на-мешавад.

(Вадиат)

(Вадиат: Ин аст, ки мол ба касе дода мешавад, ки барои соҳибаш онро нигаҳ дорад).

Ва ҳар кӣ амонате дар наздаш гузошта шуд, бояд онро дар сейфи монанди он нигоҳ дорад ва бе иҷозати соҳиби он аз он фоида набарад, (ва ба ин маълум мешавад, ки пуле, ки дар бонкҳо гузошта мешавад, амонат нест, балки он қарз аст).

Бар ориятгир кай гардондани орият воҷиб аст?

(1)Ҳаргоҳ вақт тамом шавад.	(2)Ҳаргоҳ соҳибаш онро талаб кунад.	(3)Ҳаргоҳ аз дуздидани он хавф барад.	(4)Ҳаргоҳ ориятгир сафар кунад.	(5)Ҳаргоҳ баҳрабарӣ тамом шавад.

Боби шуфъат

Шуфъат: Ҳуқуқи инсоне, ки ҳиссаи шарики худро аз дасти касе ки бо фурӯш ба ӯ интиқол дода шудааст, кашида гирад ва монанди инҳо.

Махсусан дар молҳои ғайриманқул, ки тақсим намешавад, аз рӯи ҳадиси Ҷобир разияллоҳу анҳу: "**Паёмбар ба шуфъат дар ҳар чизе ки тақсим намешавад, ҳукм кард, пас ҳаргоҳ ҳудуд воқеъ шуд ва роҳҳо сарф карда шуд, пас шуфъат нест**". Ривояти Бухорӣ ва Муслим. Барои соқит кардани он ҳилла кардан ҳалол нест, пас агар ҳилла кунад, соқит намешавад, аз рӯи ҳадиси "**Ҳамоно амалҳо ба нист вобастагӣ дорад**".

Ва ҳамсоя дар ҳоли як будани роҳ ва ё дар ҳар чизе ки дар он шариканд, ҳаққи шуфъатро дорад, ва ҷуз ин, ӯ ҳаққи шуфъатро надорад.

Мисоли шуфъат: Ду мард дар замин шариканд ва яке аз онҳо саҳми худро ба марди сеюм мефурӯшад, пас шарике, ки нафурӯхтааст, ҳақ дорад, ки ин ҳиссаро аз харидор бо зӯр ба муқобили арзиши он бигирад ва онро ба моликияти худ ҳамроҳ кунад, пас ҳамаи замин аз они шарики аввале, ки нафурӯхтааст, мешавад.

Боби вақф

Вақф: Нигаҳ доштани асл ва аз фоидаҳо истифода кардан аст.

Ва он беҳтарин ва судмандтарин наздикӣ аст: Агар аз ҷониби некӣ бошад ва аз зулм саломат монда бошад, аз рӯи ҳадиси: "**Агар шахс бимирад, амали ӯ ба ҷуз се чиз қатъ мешавад: Садақаи ҷория ё илме, ки аз он баҳра бурда мешавад, ё фарзанди солеҳе, ки барояш дуо мекунад**". Ривояти Муслим.

Ва аз Ибни Умар ривоят аст, ки гуфт: Ба Умар аз замини Хайбар замине расид, пас назди Паёмбар ﷺ омад, то дар он аз Ӯ талаби амр кунад, пас гуфт: Ман замини Хайбарро ба даст овардаам ва гаронтар аз он сарвате надоштам, фармуд: "**Агар хоҳӣ асли онро ҳабс кун, пас ба он садақа кун**". Гуфт: Пас Умар онро садақа кард, ҷуз ин ки ӯ асли он фурӯхта намешавад ва мерос бурда намешавад ва ҳиба карда намешавад. Пас онро ба мискинон, хешовандон, дар озод кардани бандагон, дар роҳи Аллоҳ, мусофир ва меҳмон садақа дод ва бар сарпарасти он боке нест, ки аз он бихӯрад ва рафиқашро хӯронад, магар аз он мол касб накунад. Ривояти Бухлоӣ ва Муслим. Ва беҳтарини он, судмандтарини он барои мусалмонон аст.

Бо гуфтан (ва феъле), ки ба вақф далолат мекунад, вақф мешавад.

Дар ҷойҳои сарф кардан ва шартҳои вақф ба шарти вақфкунанда муроҷиат карда мешавад, вақте ки мувофиқи шариат бошад.

Вақф фурӯхта намешавад, то вақте ки аз он фоида бурда нашавад, дар сурати фоида набурдан онро фурӯхта мешавад ва дар монанди он ё баъзе монанди он қарор дода мешавад.

Ақсоми вақф:

(1)Бар ҷиҳат: Пас бояд дар ҷиҳати некӣ бошад.	(2)Бар муайян: Шарт аст, ки дар он гуноҳ набошад.

Фарқ дар байни вақф ва васият:

Вақф:	**Васият:**
❁Шартномаи анҷомёфта бошад. ❁Ба ҳамаи мол бошад. ❁Барои ворисон ва ғайри ворисон аст.	❁Ақдест, ки бар мавт бастагӣ дорад. ❁Ба сеяки мол, пас камтар аз он мебошад. ❁Барои ворис намебошад.

Боби (шартномаҳои хайрия): Ҳадя, ато ва васият

Он аз шартномаҳои хайрия аст:

(1)Ҳиба (ҳадя): Дар вақти ҳаёт ва саломатӣ хайр кардани мол аст.	(2)Атия: Дар бемории марговараш хайр кардан аст.	(3)Васият: Пас аз вафот хайр кардан аст.

Қисмҳои беморӣ:

(1)Бемории тарсидашуда: Дар он нисбати марг аз саломатӣ бештар аст.	(2)Ғайри тарсидашуда: Дар он саломатӣ аз ҳалокат бештар аст.

Пас ҳамагӣ дар эҳсон ва хайр дохиланд:

(1)Ҳадя: Аз сармоя аст.	Атия ва васият:	
	(а)Аз сеяки мол, пас камтар барои ғайри ворис аст.	(б)Агар аз сеяк зиёд бошад ё барои ворисон бошад, ба иҷозати ворисони мураббӣ вобаста аст.

Дар ҳамаи инҳо, бояд дар байни фарзандонаш адолат бошад, аз рӯи ҳадиси: "**Аз Аллоҳ битарсед ва миёни фарзандонатон адолат кунед**". Ривояти Бухорӣ ва Муслим.

Пас аз гирифтани ҳадя ва қабули он, баргардонидани он ҷоиз нест. Аз рӯи ҳадиси: "**Касе, ки ба ҳадяаш баргардад, монанди сагест, ки қай мекунад, сипас ба қайаш бармегардад**". Ривояти Бухорӣ ва Муслим.

Ва дар ҳадиси дигар: "**Барои марди мусалмон ҷоиз нест, ки ҳадя бидиҳад ва боз пас гирад, магар он чи падар ба писараш медиҳад**". Муаллифони Сунан ривоят кардаанд.

"**Паёмбар ﷺ ҳадяро қабул мекард ва подош медод**".

Ва падари (мусалмони озод) ҳақ дорад, ки дар моли фарзандаш тасарруф кунад, магар ин ки: (1)Ба ӯ зарар расонад, (2) ё ниёз дошта бошад, (3) ё онро ба фарзанди дигаре бидиҳад, (4) ё ба далели вафоти яке аз онҳо бошад, аз рӯи ҳадиси: "**Ту ва молат аз они падарат ҳастӣ**". (Ривояти Ибни Моҷа).

Аз Ибни Умар бо ривояти марфӯъ омадааст: "**Марди мусалмоне, ки чизе дорад, ки васият кунад, ҳақ надорад, ки бенавиштани васияташ ду шаб гузарад**". Ривояти Бухорӣ ва Муслим.

Ва дар ҳадиси: "**Аллоҳ ҳар соҳиби ҳақро ҳаққашро додааст ва барои ворис васияте нест**". Муаллифони Сунан ривоят кардаанд.

Ва дар ривояте: "**Магар, ки ворисон бихоҳанд**".
Касе, ки барои ғанӣ кардани ворисонаш чизе надорад, бояд васият накунад, балки тамоми молҳоро барои ворисонаш гузорад, чуноне ки Паёмбар ﷺ фармуд: "**Агар ворисони худро сарватманд гузорӣ, беҳтар аст аз он ки онҳоро фақиру гадоён бигузорӣ**". Ривояти Бухорӣ ва Муслим.
Ва хайру некӣ дар ҳама аҳвол лозим аст.

Онҳое, ки дар амал кардан иҷозат шудаанд, чаҳор нафаранд:

(1)Вакил: Касест, ки дар ҳоли ҳаёт барои ӯ иҷозати амал кардан дода шудааст.	(2)Васиятшуда: Касест, ки пас аз марг иҷозати амал кардан дода шудааст.	(3)Назораткун: Касест, ки дар амал кардан дар вақф иҷозат дода шудааст.	(4)Валӣ: Касест, ки аз тарафи шариат вазифадор шудааст, ки амал кунад, монанди валии ятим.

Намунаи васият:
Ин аст он чизе ки ман ба он васият мекунам:.....(номашро зикр мекунад: Фалон ибни фалон), ва ӯ гувоҳӣ медиҳад, ки маъбуди ҳаққе ҷуз Аллоҳ нест, ягона аст ва шарике надорад ва ин ки Муҳаммад банда ва фиристодаи Ӯст.
Ва фарзандонам, аҳлу оилаам ва хешовандонамро васият мекунам, ки аз Аллоҳ азза ва ҷалла битарсанд.
Ман васият мекунам, ки қарзҳои маро пардохт кунед, ки инҳо аст:.....
Ва васият мекунам (агар хайре тарк кунад) ба:.....(миқдорро зикр мекунад ва аз сеяк кам бошад) барои:.....(касе, ки ҳаққи васият дорад, ҷуз ворисон зикр мешавад).
Ва васият мекунам, ки дар шустан ва дафни ман ва таъзия ба суннат пайравӣ карда шавад.
(Баъд ба васиятнома имзо мегузорад, таърихи рӯзро менависад ва бар он шоҳид мегирад).

Суолҳои китоби савдо

Суол:	Дуруст	Хато
۞Фарқ байни шартҳои хариду фурӯш ва шартҳои хариду фурӯш низ дар дигар аҳдҳо аз қабили никоҳ вуҷуд дорад.	☐	☐
۞Ҳамаи шартҳои шартнома ба он комилан мувофиқ нест, зеро мутлақи он ин аст, ки дар он ҳеҷ шартҳое вуҷуд надорад.	☐	☐
۞Асл дар муомалот ҳалолӣ аст, то далеле бар ҳаром будани он бошад.	☐	☐
۞Мазҳаби имом Молик дар муомалот қарибтарин мазҳаб ба суннат аст.	☐	☐
۞Дар муомалот сухани имом Моликро намеёбӣ, магар ин ки худи имом Аҳмад ривояте дорад, ки ба мазҳаби Молик мувофиқат мекунад.	☐	☐
۞Ҳар шарте, ки ба талаботи шартнома мухолиф аст, эътибор надорад.	☐	☐
۞Ҳамаи шартномаҳо мувофиқи он чи ки дар урфу одат нишон дода шудааст, баста мешаванд.	☐	☐
۞ Харидор ихтиёр дорад, агар аз ҳоли он бехабар бошад.	☐	☐
۞Шариат ҳар боберо, ки боиси рибо мешавад, бастааст.	☐	☐
۞Ҳеҷ маъсияте нест, ки ҷазо бар он бастагӣ дорад ва он аз куфр камтар аст, монанди рибохӯрӣ.	☐	☐
۞Шартномае, ки ду тараф талаб мекунанд, фақат бо ризоияти ду тараф ё бо дигар сабабҳои шаръӣ бекор карда мешавад.	☐	☐
۞Касе ки ризои ӯ шарт нест, донистанаш ҳам шарт нест.	☐	☐
۞ Агар яке аз тарафҳои савдо рост ва возеҳ набошад, шариат ҳуқуқи тарафи дигарро ҳифз мекунад.	☐	☐
۞ Одам моли худро гоҳо бе андеша ва машварат мефурӯшад ва мехарад, пас шариат ҳаққи ӯро ҳифз кардааст.	☐	☐
۞ Мусалмон дар сурати ихтилофот, бояд ба касе ки бовар дорад, насиҳат кунад.	☐	☐
۞Барои зинда кардани замини мурда иҷозати роҳбар лозим аст.	☐	☐
۞ Луқата (гумшуда) дар ҷойҳои ҷамъомади мардум, мисли масҷидҳо як сол эълон карда мешавад.	☐	☐
۞ Вақф шартномаи ҷоиз аст, ки метавонад бекор карда шавад.	☐	☐

Суол:	Дуруст	Хато
۞ Дар ҳадя додани фарзандон адл кардан воҷиб аст.	☐	☐
۞ Аз сеяк зиёд васият кардан ҷоиз нест.	☐	☐
۞ Васият кардан барои ворис ҷоиз аст.	☐	☐
۞Васият пеш аз қарз аст, аз рӯи фармудаи Аллоҳ таъоло: (**Аз баъди васияте аст, ки майит ба он васият кардааст ё қарз**).	☐	☐
۞ Васиятро пеш аз марг молик мешавад.	☐	☐
۞ Васият барои касест, ки хайреро тарк мекунад.	☐	☐

۞Шартҳое, ки дар савдо эътибор дорад: ☐ Вақти ихтиёр. ☐ Агар танҳо бар он пеш иттифоқ шуда бошад. ☐ Агар бо ақд якҷо бошад. ☐ Ҳамаи зикршудаҳо.

۞ Агар шарт хилофи талаботи шартнома бошад, шартнома чунин аст: ☐ Дуруст. ☐ Хато.

۞ Рибое, ки дар он доду гирифт аст, пас байъ (☐номида мешавад ☐номида намешавад).

۞ Он чизе ки мардум дар гуфтор ва аъмол ҳарф мезананд, бармегардад, ба: ☐ урфу одат. ☐ Шариат. ☐ Луғат.

۞ Фурӯши худмурда: ☐ Ҷоиз аст. ☐ Ҷоиз нест.

۞ Фурӯши ҷанин дар шиками модараш: ☐ Ҷоиз аст. ☐ Ҷоиз нест.

۞ Моли марде дуздида шуд ва пеш аз пайдо кардани он, онро фурӯхтааст: ☐ Ҷоиз аст. ☐ Ҷоиз нест.

۞ Муомалот ва шартномаҳои нав, ки дар дараи ҳозира ба амал меоянд: ☐ Ҳамаи онҳо эътибор надоранд, зеро дар қонуни шариат пешбанӣ нашудааст. ☐ Ҳамаашон дурустанд, зеро онро қонуни шариат манъ накардааст. ☐ Асл дурустии он аст, магар он чизе дар он набошад, ки ботил будани онро талаб кунад.

۞ Зайд ба Муҳаммад мошинеро дар Макка фурӯхт ва шарт гузошт, ки ба он мошин ба Қасим бармегардад: ☐ Ҷоиз аст. ☐ Ҷоиз нест.

۞ Зайд хонаеро ба Муҳаммад фурӯхт ва шарт гузошт, ки ӯ бар камбудие, ки дар он аст, масъул нест, пас Муҳаммад фаҳмид, ки дар он камбудие ҳаст: ☐ Ихтиёр дорад. ☐ Ихтиёр надорад.

۞ Уҳдадориҳои харидору фурӯшанда: ☐ Ростқавлӣ ва баён. ☐ Пинҳон кардани камбудиҳои дохилӣ.

۞ Зайд мошинеро аз Холид бар ин ки кондитсионер дорад, харид, пас маълум шуд, ки чунин нест, пас фурӯш: ☐ Дуруст аст. ☐ Ботил аст. ☐ Дуруст аст, агар Зайд розӣ гардад.

۞ Ҳукмҳои шариат (☐ пеш аст, ☐ пеш нест) бар он чизе ки одамон дар шартномаҳояшон мувофиқат мекунанд.

۞ Муҳаммад бар болои Умар даҳ ҳазор риёл қарз дорад ва Умар ин қарзро инкор мекунад ва Муҳаммад ба ӯ гуфт: Қарзро эътироф кун ва ман аз он ба ту се ҳазор риёл медиҳам, пас Умар қарзро эътироф кард: ☐ Дуруст мешавад. ☐ Дуруст намешавад.

۞ Дар вақти ихтилоф тақдим мешавад манфиатҳои: ☐ Омма. ☐ Хос.

۞ Муҳаммад Аҳмадро вакил кард, ки аз тарафи ӯ ду рӯз рӯза дорад: ☐ Ҷоиз аст. ☐ Ҷоиз нест.

۞ Дар ширкати ал-ъинон: ☐ Ҳар ду шарик мол ва кор тақдим мекунанд. ☐ Як шарик мол медиҳад ва дигаре кор мекунад. ☐ Ҳар ду шарик мол медиҳанд ва якеашон кор мекунад ва дигари онро кумак мекунад.

۞ Фоида дар ширкати муфоваза бар: ☐ Миқдори мол. ☐ Он чизе ки ду шарик иттифоқ кардаанд. ☐ Фоидаи ҳамонанд.

۞ Муҳаммад ва Алӣ дар як корхонаи ширӣ шарик шуданд ва онҳо шарт карданд, ки фоидаи ҷурғот ба Муҳаммад мерасад ва боқимондаи ашё дар миёни онҳо нисф тақсим мешавад: ☐ Дуруст аст. ☐ Нодуруст аст.

۞ Фурӯши ангур ба касе ки онро шароб бигирад: ☐ Дуруст аст. ☐ Дуруст нест.

۞ Подош дар бораи номаълум: ☐ Ҷоиз аст. ☐ Ҷоиз нест.

۞Гирифтани чор долар аз замин: (☐ Ҳаром аст. ☐ Ҷоиз аст) ва агар онро гирифт, пас (☐ онро бе эълон кардан соҳиб мешавад. ☐ Бояд як соли пурра онро эълон кунад).

۞ Гирифтани шутури гумшуда: ☐ Ҷоиз аст. ☐ Ҷоиз нест.

۞ Гирифтани бузи гумшуда: ☐ Ҷоиз аст. ☐ Ҷоиз нест.

۞ Мубориза бар зидди баъзе шахсоне, ки дар тирандозӣ хубанд: ☐ Дуруст аст. ☐ Дуруст нест.

۞ Як гурӯҳ ҷавонон иттифоқ карданд, ки футболбозӣ кунанд ба шарте, ки дастаи мағлуб дастаи ғолибро ба хурокӣ шом таъмин намояд, пас чунин кардан: ☐ Ҷоиз аст. ☐ Ҳаром аст.

Кандани решаи он чи ғасбкунанда дар замин шинонда бошад, агар соҳибаш талаб кунад: Воҷиб аст.

۞ Кандани решаи он чи ғасбкунанда дар замин шинонда бошад, агар соҳибаш талаб кунад: ☐ Воҷиб аст. ☐ Ҳаром аст. ☐ Ҷоиз аст.

۞ Барои бекор кардани шуфъат ҳилла кардан: ☐ Воҷиб аст. ☐ Ҳаром аст. ☐ Ҷоиз аст.

۞ Ҳукми вақф аз рӯи шариат: ☐ Мустаҳаб аст. ☐ Ҷоиз аст. ☐ Воҷиб аст.

۞ Агар марди гирифтори саратон ба занаш замин диҳад, ин эътибор мешавад: ☐ Ҳадя. ☐ Васият. ☐ Атия), оё иҷрои он ҷоиз аст? ☐ Ҷоиз аст. ☐ Ҷоиз нест).

۞ Молик шудани мард аз моли фарзандаш дар бемории маргаш: ☐ Дуруст аст. ☐ Дуруст нест.

Китоби меросҳо

Он: Донистани тақсими молҳои тарика дар байни мустаҳиққони он аст.
Ва асл дар он:

(1)Фармудаи Аллоҳ таъоло дар сураи Нисо: (**Аллоҳ дар бораи фарзандонатон шуморо фармон медиҳад, ки дар вақти тақсими мерос ҳиссаи як писар ба андозаи ҳиссаи ду духтар аст**), то фармудаи Ӯ: (**Ин ҳудуди муқаррарқардаи Аллоҳ аст**) то охири оятҳо.

(2)Ва фармудаи Аллоҳ дар охири сура: (**Аз ту эй Муҳаммад фатво мехоҳанд, бигӯй, ки Аллоҳ дар бораи калола бароятон фатво медиҳад**).

(3)Бо ҳадиси Ибни Аббос разияллоҳу анҳу ба таври марфӯъ: (Меросҳоро ба аҳлашон бирасонед, пас он чи боқи монд, пас ба ҳақдортарин мард аст).

Оятҳои карима бо ҳадиси Ибни Аббос бештари аҳкоми меросҳо ва муфассал зикр шудани онҳо ба шартҳояшонро дар бар гирифтааст.
Пас, Аллоҳ мардон ва занонро аз фарзандони пушт ва фарзандони писарон қарор дод ва аз бародарони аз падару модар ё аз ғайри модар, ҳаргоҳ ҷамъ шаванд, молро тақсим мекунанд.
Ва моли боқимонда: Барои писар монанди ду ҳиссаи духтар аст.
Ва мардони зикршуда: Мол ва ё он чи аз мерос боқимондаро мегиранд.

Соҳибони фарзҳо

(Духтар):	Як духтар: Нисф ҳақ дорад.	Ду духтар, пас зиёдтар: Ду сеяк ҳақ доранд.
(Духтари писар):	Ва агар духтар ва духтари писар бошад: Ба духтар нисф ва духтари писар шашяк ҳисса барои пурра кардани ду сеяк аст.	

(Хоҳар):	Ҳамин чиз ба хоҳарони аз падару модар ва хоҳароне, ки ба падар дар калола тааллуқ доранд, агар писар ва падар надошта бошанд, дахл дорад.

Ва агар духтарон ду сеякро фаро гиранд: Ҷуз онҳо духтарони писар соқит мешаванд, ҳаргоҳ онҳоро марде, ки дар дараҷаи онҳост ё поёнтар аз онҳост, онҳоро иҳота накунад.
Ва ҳамчунин хоҳарони аз падару модар хоҳарони падариро соқит мекунанд, агар бародари онҳо онҳоро иҳота накунад.

(Хоҳарони модарӣ):	Ва барои бародарон ва хоҳарони модарӣ: Барои яке шашяк ва барои ду ва ё бештар аз он сеяк аст ва миёни писарон ва духтарон баробар карда мешавад. Ва онҳо бо вуҷуди фарзандон мерос намебаранд ва на бо аҷдодони мард.

(Шавҳар):	Ва шавҳар бе фарзандони зан, нисф мегирад.	Бо онҳо чоряк мегирад.
(Ҳамсар):	Ва як ҳамсар пас бештар бе фарзандони шавҳар чоряк мегирад.	Бо онҳо ҳаштяк мегирад.
(Модар):	Модар бо яке аз авлод ё ду бародар ё ду хоҳар, пас бештар шашяк мегирад.	
	Дар сурати набудани инҳо сеяк мегирад.	Ва модар сеяки боқимондаро дар вуҷуди шавҳар ва падару модар ё ҳамсар ва падару модар мегирад.
(Модаркалон):	"**Ва Паёмбар ﷺ барои модаркалон шашяк медод, агар дар зер модар набошад**". Абӯдовуд ва Насоӣ ривоят кардаанд.	
(Падар):	Падар шашяк мегирад ва бо писарон бар он зиёд намешавад.	Ва бо духтарон шашяк мегирад, агар баъд аз фарзи онҳо чизе боқӣ монд аз рӯи асаба будан, бигирад.
(Бобо):	Ва бобо ҳамчунин аст.	

Ва ин ки онҳо бе писарон умуман аз рӯи асаба будан мерос мебаранд.

Аҳкоми таъсиб

Ва ҳамчунин ҳамаи мардон ғайр аз шавҳар ва бародари модарӣ асаба ҳастанд ва онҳо:

(1)Бародарони падару модарӣ ва бародарони падарӣ ва фарзандони онҳо.	(2)Ва амакони аз як падару модар ё аз тарафи падар ва писарони онҳо, амакони фавтида ва амакони падар ва бобои ӯ, агарчи боло равад.	(3)Инчунин писарон ва писарони онҳо.

Ва ҳукми осиб (хешовандони падар):

(1)Агар танҳо бошад, ҳамаи молро мегирад.	(2)Агар бо ӯ соҳиби ҳиссае мебуд, боқимондаро пас аз он мегирад.	(3)Агар ҳиссаҳои муқарраршуда ҳамаи тарикаро фаро гирифта бошад, барои осиб чизе боқӣ наменомад. Ва наметавонад, ки бо писари аз пушт ва на бо падар фаро гирад.

Агар ду осиб ё бештар бошад, пас ҷиҳатҳои усубат ба тартиби зерин аст:

(1) Фарзандӣ.	(2) Сипас падарӣ.	(3)Сипас бародарон ва писарони онҳо.	(4)Сипас амакон ва фарзандони онҳо.	(5)Сипас валоъ ва ӯ озодкунанда ва асабаи ӯ, ки худ асаба ҳастанд.

Пас аз онон тақдим карда мешавад:

(1)Наздиктарин.	(2)Агар онҳо дар як ҷиҳат бошанд, наздиктарини онҳо аз рӯи манзалат тақдим мешавад.	(3)Агар дар манзалат баробар бошанд, қавитарини онҳо тақдим мешавад ва ӯ: Бародари падару модарӣ бар касе ки аз падар аст.

Ва ҳар хешованди мард, ғайр аз писарон ва бародарон, хоҳараш бо он мерос намебарад.

Аҳкоми авл (аз саҳми масъала зиёд)

Агар фарзҳо ҷамъ шаванд, бар масъала зиёд мешавад, ки якдигарро соқит мекунанд: Ба миқдори саҳмҳояшон мегардад.

(Мисолҳо):

(1)	Агар шавҳар, модар ва хоҳари ғайри модарӣ бошад: Пас асли масъала шаш аст ва авл ба ҳашт мешавад.
(2)	Агар бо онҳо бародари модарӣ бошад, пас ҳамчунин аст.
(3)	Агар ду нафар бошанд: Авл ба нуҳ мешавад.
(4)	Агар хоҳарони модарӣ ду нафар бошад: Авл ба даҳ мешавад.
(5)	Ва агар ду духтар, модар ва шавҳар бошад: Аз 12 ба 13 авл мешавад.
(6)	Ва агар бо онҳо падар бошад: Авл ба 15 мешавад.
(7)	Агар ду зан, ду хоҳари модарӣ ва ду хоҳари ғайри модарӣ ва модар боқӣ монад: Авл ба 17 мешавад.
(8)	Агар падару модар, ду духтар ва зан боқӣ монда бошад: Аз 24 то 27 авл мешавад.

Мисоли (1)		6	8
Шавҳар	$\frac{1}{2}$	3	3
Хоҳари ғайри модарӣ	$\frac{1}{2}$	3	3
Модар	$\frac{1}{2}$	2	2

Мисоли (2)		6	8
Шавҳар	$\frac{1}{2}$	3	3
Хоҳари ғайри модарӣ	$\frac{1}{2}$	3	3
Модар	$\frac{1}{2}$	1	1
Бародари модарӣ	$\frac{1}{2}$	1	1

Мисоли (3)		6	9
Шавҳар	$\frac{1}{2}$	3	3
Хоҳари ғайри модарӣ	$\frac{1}{2}$	3	3
Модар	$\frac{1}{6}$	1	1
Ду хоҳари модарӣ	$\frac{1}{3}$	2	2

Мисоли (4)		6	10
Шавҳар	$\frac{1}{2}$	3	3
Ду хоҳари ғайри модарӣ	$\frac{2}{3}$	4	4
Модар	$\frac{1}{6}$	1	1
Ду хоҳари модарӣ	$\frac{1}{3}$	2	2

Мисоли (5)		12	13
Шавҳар	$\frac{1}{4}$	3	3
Модар	$\frac{1}{6}$	2	2
Ду духтар	$\frac{2}{3}$	8	8

Мисоли (6)		12	15
Шавҳар	$\frac{1}{4}$	3	3
Модар	$\frac{1}{6}$	2	2
Ду духтар	$\frac{2}{3}$	8	8
Падар	$\frac{1}{6}$	2	2

Мисоли (7)		12	17
Ду ҳамсар	$\frac{1}{4}$	3	3
Ду хоҳари модарӣ	$\frac{1}{3}$	4	4
Ду хоҳари ғайри модарӣ	$\frac{2}{3}$	8	8
Модар	$\frac{1}{6}$	2	2

Мисоли (8)		24	27
Ҳамсар	$\frac{1}{8}$	3	3
Модар	$\frac{1}{6}$	4	4
Ду духтар	$\frac{2}{3}$	16	16
Падар	$\frac{1}{6}$	4	4

Дигар ҳукмҳо

Ва агар ҳиссаи муқарраршуда камтар аз масъала бошад ва ҳеҷ хешовандони мард набошад ва зиёдатӣ бар ҳар соҳиби ҳисса ба қадри ҳиссааш гардонида мешавад.
Агар соҳибони ҳиссаҳо ва хешовандони мард набошад, хешовандон мерос мебаранд ва онҳо ғайри зикршудаҳоянд ва ба манзалаи касе ки миёни онҳо восита шудааст, нозил карда мешаванд.
Ва ҳар кӣ ворисе надошта бошад, молаш барои хазина аст ва ба манфиатҳои ҷамъиятӣ ва хусусӣ сарф мешавад.
Ва ҳангоме ки инсон бимирад, бар мероси ӯ чаҳор ҳуқуқ вобастагӣ дорад:

(Ранҷи тарҷумаи охирро ҷанг мекунад)	(т)	Якум: Харачоти омодасозӣ.
	(д)	Баъд қарзҳо: Тасдиқшуда ва аз сармоя фиристода шудааст.
	(в)	Баъд агар васият карда бошад, аз сеяки он барои бегона иҷро мешавад.
	(м)	(Мерос): Сипас боқӣ барои меросбарони зикршудааст ва Аллоҳ донотар аст.

Ва сабабҳои мерос бурдан, се чиз аст:

(1) Насаб.	(2) Никоҳи дуруст.	(3)Валоъ (озодкунанда).

Ва монеъаҳои мерос бурдан, се чиз аст:

(1)Куштан.	(2)Ғуломӣ.	(3)Ихтилофи дин.

Ва агар баъзе аз ворисон ҳамл ё бедарак ва ё монанди инҳо бошанд: Эҳтиёт мекунӣ ва барои ӯ меистӣ, агар ворисон талаби тақсим кунанд. Ба он чи эҳтиёт ҳосил мешавад, тибқи он чи фақеҳон қарор додаанд, Аллоҳ таъоло онҳоро раҳмат кунад, амал мекунӣ.

Боби озод кардан

Ба ғуломӣ дохил шудан бо ду роҳ сурат мегирад:

(1)Дар ҷанг асир шудан.	(2)Таваллуд кардани каниз аз ғайри оғояш.

Анвоъи ғуломӣ:

(1) Алқин: Ғуломии комил.	(2)Мукотаб: Касе ки худро қисм-қисм мехарад.	(3) Мубаъъаз: Баъзеи он озод аст.	(4)Мудаббар: Озодияш ба фавтидани моликаш бастагӣ дорад.	(5) Озодияш ба сифате бастагӣ дорад.	(6) Ба озодияш васият шудааст.	(7) Уммул-валад. (Модари писар)

Ва он озод кардани ғулом ва аз ғуломӣ халос кардани он аст.
Ва он яке аз беҳтарин ибодатҳост. Аз рӯи ҳадис: "**Ҳар мусалмоне, ки мусалмонеро озод кунад, Аллоҳ ба ҳар узви ӯ ҳар узви озодкунро аз оташ наҷот медиҳад**". Ривояти Бухорӣ ва Муслим.
Ва Расулуллоҳ ﷺ пурсида шуд, озод кардани кадом ғулом беҳтар аст? Фармуд: "Аз ҳама гаронбаҳояшон ва боарзиштарини онҳо дар назди аҳлашон аст". Ривояти Бухорӣ ва Муслим.
Ва озодӣ ҳосил мешавад:

(1) Ба гуфтан: Ва он лафзи "озодӣ" ва он чи дар маънои он аст.	(2)Ва ба молик шудан, пас касе хеши худро, ки аз рӯи насаб маҳрам аст, молик шуд, озод мешавад, (яъне хешеро молик шуд, ки агар фарз кунем яке аз онҳо зан бошад, ҳамбистарияш ҳаром аст).	(3)Ва бо тамсили ғуломаш бо буридани як узв ҷв ё сӯзонидани он.	(4)Ва ба сироят, аз рӯи ҳадиси: "**Касе ки ҳиссаи худро дар ғулом озод кунад ва он қадар мол дошта бошад, ки қимати он ғуломро пурра кунад барои вай он ғулом аз рӯи инсоф қимат гузошта шуда, ба шарикон дигар ҳиссаҳои онҳо дода шуда ғулом озод гардад. Дар сурате, ки он қадар мол надошта бошад, ки қимати онро пурра кунад, ҳиссаи худро озод кунад**". Ва дар ривояте: "**Вагарна қимат гузошта шавад ва аз ғулом талаби саъй карда шавад ва болои тоқаташ вайро таклиф карда нашавад**". Ривояти Бухорӣ ва Муслим.

Агар озодияш ба марги ӯ вобаста карда бошад, пас он мудаббар аст, ба марги моликаш, ҳаргоҳ аз сеяк хориҷ шавад, озод мешавад.

Аз Ҷобир ривоят аст, ки марде аз Ансор, ғуломаш пас аз маргаш озод кард, ки моле ҷуз ӯ надошт ва ин хабар ба Паёмбар ﷺ расид, пас фармуд: "**Кӣ ӯро аз ман мехарад?**". Пас Наъим ибни Абдуллоҳ ӯро ба ҳаштсад дирҳам харид ва ӯ қарздор буд, пас ба ӯ ато кард ва фармуд: "**Қарзатро адо кун**". Ривояти Бухорӣ ва Муслим.
Ва китобат: Ин аст, ки ғулом худро аз оғояш ба нархи мӯҳлатакӣ ба ду мӯҳлат пас бештар мехарад.
Аллоҳ таъоло фармуд: (**Пас бо онҳо қарордод бибандед, агар хайру салоҳ дар онҳо эҳсос мекунед**), яъне дар дини онҳо салоҳ ва касбро эҳсос мекунед.
Агар тарси он бошад, ки дар озодии ӯ, ё китобаташ фасод шавад, ё касбу даромаде надошта бошад, озод кардани ӯ ва китобаташ ҷоиз нест.
Ва мукотаб озод намешавад, магар ба адои қиматаш, аз рӯи ҳадиси: "**Мукотаб ғулом, модоме ки як дирҳам аз китобаташ монда бошад**". Ривояти Абӯдовуд.
Аз Ибни Аббос ба таври марфӯъ ва аз Умар ба таври мавқуф омадааст: "**Кадом канизе аз оғояш таваллуд кунад, пас аз вафоти оғояш озод аст**". Ривояти Ибни Моҷа. Ва дурусттар ин аст, ки сухани Умар разияллоҳу анҳу аст.
Ва Аллоҳ хубтар медонад.

Танбеҳ: Касе ки ҳукмҳои шаръӣ ва далелҳои онро меомӯзад, барояш маълум мешавад, ки назари шариат ба озод кардан ва дар он ташвиқ кардан ва тартиби савоби бузург бар он аст, ва аз ҷумлаи он назарҳо:

(1)Аллоҳ таъоло оғоро амр кардааст, ки китобати ғуломашро, ки дар динаш салоҳ мебинад ва тавоноии ба даст овардан ва ба нафси худ истоданро дорад, қабул кунад.	(2)Фармудаи Ӯ ﷺ: "**Кадом мусалмоне мусалмонеро озод кунад, Аллоҳ ба ҳар узви он, узве аз ӯро аз оташ наҷот медиҳад**".	(3)Ва ғулом аз оғояш озод мешавад, агар ба ӯ тамсил кунад, бо буридани узв ва сӯзонидан аш.	(4)Ғулом аз оғояш озод мешавад, танҳо ба молик шудани он, агар аз хешовандонаш бошад.	(5)Озод кардани ғуломро дар бисёре аз кафоратҳо қарор дода аст, хоҳ ихтиёрӣ бошад ё ҳатмӣ.	(6)Озодии ғуломи шарикӣ комил карда мешавад, агар яке аз шарикон ҳиссаашро озод кунад, агар мол дошта бошад, амр мешавад, ки ҳиссаи дигар шариконро бипардозад, то озод шавад.



Суолҳои китоби меросҳо

Суол:	Дуруст	Хато
۞ Илми фароиз осон ва возеҳ аст, аммо ба забт ва азёд ниёз дорад.	☐	☐
۞ Дар омӯхтани илми фароиз омӯхтани назариявӣ бемашқ кардан дар ҳалли масъалаҳо кифоя аст.	☐	☐
۞Дар илми фароиз ҳисоб ва риёзиёт аст, ки ба машқҳои амалӣ ва ҳалли масъалаҳо ниёз дорад,то устувор гардад.	☐	☐
۞Ворис метавонад барои мерос бурдан сабабе дошта бошад, аммо мерос намегирад.	☐	☐
۞Талоқшудаи раҷъӣ, модоме ки дар идда аст, мерос мегирад.	☐	☐
۞Сабабияти никоҳ ба талоқи боин ботил мешавад, агарчи идда тамом нашуда бошад.	☐	☐
۞ Усули масъалаҳо аз фарзҳои муқарраршуда дар китоби Аллоҳ гирифта шудааст ва он: Нисф, чоряк, ҳаштяк, сеяк, ду сеяк ва шашяк аст.	☐	☐
۞ Усули масъалаҳое, ки дар назди олимон бар иттифоқ шуда аст, 18 ва 36 аст.	☐	☐
۞ Мумкин нест, ки яке аз занони соҳиби нисф бо дигаре аз занони соҳиби нисф якҷо шавад ва барои он низ нисф аст.	☐	☐
۞ Шартҳои ворисони нисф адамият (набудан) аст.	☐	☐
۞ Боби касе ки чоряк мегирад, утоқи ҷуфт номида мешавад, аммо якҷо шудани онҳо имкон надорад.	☐	☐
۞ Агар ҳамсар якто бошад, ҳаштяк мегирад, агар зиёд бошанд, пас онҳо дар чоряк шариканд.	☐	☐
۞ Аз соҳибони сеяк модар ё модаркалон аст.	☐	☐
۞Хоҳари модарӣ, пас бештар, сеяк намегирад, магар ки бо ӯ як бародари модарӣ ё бештар бошад.	☐	☐
۞ Агар ҳамаи ворисон асаба бошанд, ва дар масъала соҳиби фарз набошад, асли масъала аз шумори онҳо мешавад.	☐	☐
۞ Писари бародари падару модарӣ духтари бародари падару модариро асаба мекунад.	☐	☐
۞ Баъзе ворисон ҳаргиз ҳаҷби ҳирмон намешавад.	☐	☐
۞Агар дар масъала авл ё рад бошад: Асли масъала ба маҷмуъи саҳмҳо гардонида шавад.	☐	☐



Суол:	Дуруст	Хато
۞ Усули ҳафт масъала ҳама авл мешавад.	☐	☐
۞ Рад дар истилоҳ ин аст, ки саҳмҳо аз асли масъала кам бошанд.	☐	☐
۞ Агар дар масъалаи рад як гурӯҳ бошад: Масъала аз шумори адади онҳо мебошад.	☐	☐
۞ Агар дар масъала рад аз як гурӯҳ бештар бошад: Саҳмҳо ҷамъ карда мешавад ва асли масъала ба маҷмӯъи саҳмҳо рад мешавад.	☐	☐
۞ Чаҳор нисбат иборатанд аз: Шабоҳат, воридшавӣ, мувофиқат ва мубойинат.	☐	☐
۞ Дар сурати мубойинат: Мо якеро бар дигаре зарб мезанем, пас агар ду адад, масалан 2 ва 3 бошанд, пас дар миёни онҳо нобарорӣ аст ва ҳалли он 6 аст.	☐	☐
۞ Ба назаркунанда ба аҳкоми шаръӣ ва далелҳои он маълум мешавад, ки шариат ба озод кардан сахт ташвиқ мекунад ва дар он тарғиб мекунад ва бар он савоби бузург тартиб додааст.	☐	☐
۞ Озод кардани ғулом ва халос кардани он аз бардагӣ аз беҳтарин ибодатҳост.	☐	☐

۞Барои чӣ илми фароизро мехонем? ☐ То ба ҳар ворис ҳаққаш дода шавад. ☐ Дар омӯхтани илми фароиз ачр аст. ☐ Зеро он нисфи илм аст. ☐Ҳамаи зикршудаҳо.

۞Адади сабабҳои мерос бурдан чанд аст? ☐Ду. ☐Се. ☐Чор.

۞ Зане шавҳари ғуломе боқӣ монд: ☐ Аз он мерос мебарад. ☐ Аз он мерос намебарад.

۞ Ҳуқуқе, ки ба тарика бастагӣ дорад ҷамъ меояд, дар калимаи: ☐ Тадум. ☐ Ранҳат. ☐ Иш лака ризқ.

۞Ҳукми омӯхтани илми фароиз: ☐Воҷиб. ☐Мустаҳаб. ☐Фарзи кифоя. ☐Фарзи айн аст.

۞ Адади ворисон аз мардон: ☐ Даҳ нафар. ☐ Понздаҳ нафар. ☐ Даҳто ба таври муҷмал ва понздаҳто ба таври муфассал.

۞ Ҳамагӣ ворисон аз мардон ва занон: ☐ 25. ☐ 18-то аст.

۞ Адади фарзҳои муқарраршуда дар китоби Аллоҳ: ☐ 6. ☐ 7. ☐ 8-то аст.

۞Асли масъалаҳое ,ки бар он иттифоқ шудааст: ☐ Муайян аст. ☐ Номуайян аст.

۞ Адади соҳибони нисф: ☐ 4. ☐ 5. ☐ 3-то аст.

۞ Барои он ки шавҳар аз чор як ҳиссаи мерос гирад, вуҷуди насли меросбари зан аст: ☐ Аз ӯ. ☐ Аз ӯ ва ё каси дигар.

۞ Духтар нисф мегирад, ба шарте ки: ☐Муассиб набошад. ☐Монанди он набошад. ☐ Насли ворис набошад. ☐ Ҳамаи зикршудаҳо.

۞ Соҳибони ду сеяк инҳоянд: ☐ Соҳибони нисф. ☐ Соҳибони нисф ҷуз шавҳар.

۞ Шартҳои ду сеяк, ин аст: ☐ Шартҳои нисф. ☐ Шартҳои нисф, ҷуз шарти ҳамонанд набудан, ки ба вуҷуди ҳамонанд тағйир меёбад.

۞ Ҷамъ дар назди фарзиҳо: ☐ Дуто. ☐ Дуто ва аз дуто бештар. ☐ Сето ва аз сето бештар.

۞ Шумораи соҳибони сеяк ҳисса: ☐ Дуто. ☐ Сето. ☐ Чорто аст.

۞ Модар сеяк ҳисса мегирад, дар вақти: ☐ Набудани насли ворис. ☐ Набудани ҷамъи бародарон. ☐ Ҳамаи зикршудаҳо.

۞ Бародарони модарӣ сеяк ҳисса мегиранд, дар вақти: ☐ Набудани насли мардонаи ворис. ☐ Набудани асли мардонаи ворис. ☐ Ҳамаи зикршудаҳо.

۞ Масъалаи умарӣ номида мешавад, ҳаргоҳ яке аз зану шавҳар бо: ☐ Падару модар бошад. ☐ Насли ворис. ☐ Бародарони модарӣ бошанд.

۞Дар миёни бародарони модарӣ сеяк ҳисса тақсим карда мешавад: ☐ Барои писар монанди ҳиссаи ду духтар. ☐ Писар монанди духтар баробар аст.

۞ Шумораи касоне ки шашяк ҳисса мегиранд: ☐ Се кас. ☐ Шаш кас. ☐ Ҳафт кас. ☐ Панҷ кас.

۞ Дар чанд ҳолат мумкин аст, ки худи зан асаба мешавад: ☐ Мумкин нест. ☐ Як ҳолат. ☐ Ду ҳолат.

۞ Шумораи ақсоми асаба: ☐ Дуто. ☐ Сето. ☐ Чорто.

۞ Шумораи асабаҳое, ки худ асабаанд: ☐ Даҳ. ☐ Чордаҳ. ☐ Ҳаждаҳ.

۞ Шумораи ақсоми асабаи ба дигарон: ☐ Дуто. ☐ Сето. ☐ Чорто.

۞ Шавҳар, ҳамсар ва модар ҳаҷб мешаванд, ҳаҷби: ☐ Ҳирмон. ☐ Нуқсон. ☐Васф.

۞ Касе ки ҳаҷбро намедонад: ☐ Барои ӯ дар фароиз фатво додан ҷоиз аст. ☐ Барояш ҷоиз нест.

۞ Қоидаи усуле, ки дар он авл дохил мешавад: ☐ Онест, ки шашяки дуруст дорад. ☐ Онест, ки онро надорад.

۞ Қоидаи усуле, ки дар он авл дохил намешавад: ☐ Онест, ки шашяки дуруст дорад. ☐ Онест, ки онро надорад.

۞ Шарти рад ин аст, ки: ☐ Баъди ато кардани соҳибони фарзҳо ҳиссаашонро боқӣ бошад. ☐ Рад ба ғайри зану шавҳар бошад. ☐ Осиб (хешовандони мард) набошад. ☐ Ҳамаи зикршудаҳо.

۞ Дуруст кардани инкисор дар рад мебошад: ☐ Пеш аз рад кардан ба маҷмӯъи саҳмҳо. ☐ Баъд аз он.

۞ Агар саҳмҳо бар шахсҳо тақсим шавад: ☐ Масъала ба дуруст кардан ниёз дорад. ☐ Масъала ба ислоҳ кардан ниёз надорад.

۞ Ислоҳи масъалаҳо: ☐ Зарур аст. ☐ Гоҳо воқеъ мешавад ва гоҳо не.

۞ Мумосала ин аст, ки: ☐ Ду адад баробар бошад. ☐ Адади бузург аз дучандони хурд бошад.

۞ Мудохала ин аст, ки: ☐ Ду адад баробар бошад. ☐ Адади бузург аз дучандони адади хурд бошад.

۞ Мувофақат қисмати ду адад бар адади дигар ҷуз як бе касрро (☐ қабул мекунад, ☐ қабул намекунад).

۞ Ҳаргоҳ ду адад қисматро бар якдигар қабул кунанд, пас нисбат: ☐ Мумосала. ☐ Мудохала аст.

۞ Мақсад ба мувофақат ин аст: ☐ Нисф. ☐ Ададе, ки дар он мувофиқат кардаанд.

۞ Ҳаргоҳ ду адад қисматро бар якдигар қабул накунанд, пас нисбат: ☐ Мумосалат ё мудохалат аст. ☐ Мувофақат аст. ☐ Мубоянат аст.

۞ Аз душвортарин чор нисбат: ☐ Мумосалат. ☐ Мувофақат. ☐ Мубоянат аст.

۞ Агар аз ғулом ба озод карданаш ё мукотаб карданаш ё даромад надоштанаш тарси фасод бошад, пас озод кардани ӯ ва китобаташ (☐ ҷоиз нест. ☐ Ҷоиз аст).

۞ Агар озодияш ба марги оғояш вобаста шуда бошад, пас ӯ (☐ мудаббар, ☐ ба озодияш васият шудааст) ба вафоти оғояш озод мешавад, агар аз (☐ сеяк, ☐ нисф, ☐ чоряк) хориҷ шавад.

۞ Озодӣ воқеъ мешавад, ба: ☐ Гуфтан. ☐ Феъл. ☐ Сироят. ☐ Молик шудани хеш. ☐ Ҳамаи зикршудаҳо.

۞Дар ғуломӣ дохил шудан мешавад, ба (☐ ду роҳ, ☐ як роҳ, ☐ роҳҳои бисёр) ва аз ғуломӣ хориҷ мешавад, ба (☐ ду роҳ, ☐ як роҳ, ☐ роҳҳои бисёр).

Ҳар як сабаби меросро бо мувофиқи он бипайвандед:

Никоҳ	Асабияте, ки сабаби он неъмати озодкунанда бар озодкардааш аст ва ба сабаби он озодкунанда ва хешовандонаш, ки худ асаба ҳастанд, мерос мегиранд.
Валоъ	Ақди никоҳи дуруст аст ва агар зан бимирад, шавҳар мерос мегирад ва агар шавҳар бимирад як зан ва бештар мерос мегирад.
Насаб	Хешу таборӣ ва ба сабаби он наслҳо ва усул ва атрофиён мерос мегиранд.

Панҷ ҳуқуқе ,ки ба тарика бастагӣ дорад, ба тартиб зикр кун:

[1] ..... [2] .....

[3] ..... [4] .....

[5] .....

Сабаби мерос гирифтани ҳар кадоми ворисони ояндаро баён кун:

Падар	.....	Бародари падару модарӣ	.....
Шавҳар	.....	Озодкунанда	.....
Духтар	.....	Модари модар	.....
Хоҳари модарӣ	.....	Писари писари писар	.....
Амаки модарӣ	.....	Амаи падару модарӣ	.....

Мардони ворисро ба тартиб зикр кун:

[1] ..... [2] ..... [3] ..... [4] .....
[5] ..... [6] ..... [7] ..... [8] .....
[9] ..... [10] ..... [11] ..... [12] .....
[13] ..... [14] ..... [15] .....

Занони меросгирро ба тартиб зикр кун:

[1] ..... [2] ..... [3] ..... [4] .....
[5] ..... [6] ..... [7] ..... [8] .....
[9] ..... [10] .....

(0)-ро дар пеши ғайри ворис ва (1)-ро дар пеши ворис аз шахсони зерин гузоред:

Писари писари амаки ҳамхун		Амаи ҳамхун		Духтари амаки ҳамхун	
Амакии модарӣ		Модари падари модар		Писари бародари ҳамхун	
Духтари писари писари писар		Духтари духтар		Духтари бародари падарӣ	

Усули муқарраршударо ҳамонгуна ки муаллиф раҳимаҳуллоҳ тартиб додааст, тартиб деҳ:

[1] ..... [2] ..... [3] ..... [4] .....
[5] ..... [6] .....

Усули масъалаҳоро тартиб бидеҳ:

[1] ..... [2] ..... [3] ..... [4] .....
[5] ..... [6] ..... [7] .....

Асли масъаларо дар зер баён кун:

Нисф 1/2 ва чоряк 1/4 ва ҳаштяк 1/8 ва ду сеяк 2/3 ва шашяк 1/6.

Асли масъала= .....

Соҳибони нисфро ба тартиб зикр кун:

[1] ..... [2] .....

[3] ..... [4] .....

[5] .....

Холигиро пур кун:

Шавҳар нисф ҳисса мегирад, дар набудани:.....

Насли ворис ин аст:.....

Падар фақат шашяк ҳисса мегирад дар будани: .....

Падар шашяк ва боқиро мегирад, дар вақти будани: .....

Модар шашяк ҳисса мегирад, агар: .....

Бобо мерос мегирад, дар набудани: .....Модаркалон шашяк мерос мегирад дар набудани: .....

Дар масъалае, ки падар, модар, бобо ва модаркалон аст, аз онҳо мерос мегирад:

.....

Фарзанди модар дар бар мегирад: .....

Як духтари писар, пас бештар шашяк мегирад дар будани: ..... ва набудани: .....

Як хоҳари падарӣ, пас бештар шашяк мегирад, дар будани: .....

ва набудани: .....

Фарзанди модар шашяк мегирад дар будани: .....ва набудани:.....

Асаба ба нафси худ, инҳоянд:.....ғайр: .....ва.....ва аз занон.....

Занони асаба бо дигарон инҳоянд: .....ё: .....ё: .....бо: .....ё: .....

Ҳаҷб тақсим мешавад ба: (1) Ҳаҷби: .....(2) Ҳаҷби: .....

Ҳаҷби ба шахс тақсим мешавад, ба: (1) Ҳаҷби: .....(2) Ҳаҷби: .....

Усуле, ки дар он авл дохил мешавад, ин аст: .....ва.....ва.....ва.....

Ва усуле, ки дар он авл дохил намешавад, ин аст: .....ва.....ва.....

Асли 6 авл мешавад ба.....чанд бор, ва асли 12 авл мешавад, ба.....чанд бор ва асли 24 авл мешавад.....
Муносахот дар луғат аз насх аст ва он:.....ва дар истилоҳ: .....

Ҳар монеъе аз монеъаҳои меросро ба муносибаш бипайванд:

Ғуломӣ	Мусалмон аз кофир мерос намебарад.
Ихтилофи дин	Зеро он мол надорад ва ӯ мулки оғояш аст ва агар мо ӯро мерос диҳем, пас оғояшро мерос додаем ва оғо барои ӯ сабаби мерос нест.
Куштан	Касе дар ҳосил кардани чизе пеш аз вақташ шитоб кунад, ба маҳрум шудан аз он иқоб карда мешавад.

Байни навъи ғуломӣ ва маънои он бипайванд:

Алқин	Касе ки баъзеаш озод ва баъзеаш ғулом аст.
Мукотаб	Касе ки комилан ғулом аст.
Мудаббар	Касе ки озодияш ба вафоти моликаш вобаста аст.
Мубаъъаз	Касе ки худро қисм-қисм мехарад.

Китоби никоҳ

Никоҳ: Бо зан бо нияти ҳаловат бурдан, соҳиби фарзанд шудан ва дигар фоидаҳо ақду паймон кардан аст.

Ва никоҳ аз суннати паёмбарон аст.
Ва дар ҳадис омадааст: "**Эй гурӯҳи ҷавонон, ҳар кӣ аз шумо тавони издивоҷ карданро дошта бошад, издивоҷ кунад, зеро издивоҷ чашмро аз ҳаром нигаҳ медорад ва фарҷро аз ҳаром хубтар ҳифз мекунад. Ва касе ки натавонист издивоҷ кунад, бояд рӯза бигирад, чун рӯза шаҳватро кам мекунад**". РИвояти Бухорӣ ва Муслим. Ва Паёмбар ﷺ фармуд: "**Занро ба хотири чор чиз никоҳ карда мешавад: Ба хотири молаш, ҳасабаш, зебоияш ва динаш, пас соҳиби динро никоҳ кун, дастонат хоколуд шавад**". Ривояти Бухорӣ ва Муслим.
Ва бояд, ки диндор, соҳиби аслу насаб, дӯстдор, бисёрзой ва ғамхорро интхоб кунад. Ва агар дар қалбаш хостгории зане афтод, пас ҳақ дорад, ки ба ӯ назар кунад, ки ӯро бо издивоҷи ӯ водор созад.

Шартҳои ба зан нигоҳ кардан шашто аст:

(1)Бе хилват бошад.	(2)Бе шаҳват бошад.	(3)Фикр мекунад, ки эҳти-моли зиёд қабул аст.	(4) Ба он чи назар кунад, ки ғолибан ошкор аст.	(5)Қасд бар хутба дошта бошад.	(6)Зан набояд худро бараҳна намоиш диҳад ва ё атр занад (ба монанди сурма ва шабеҳи он аз ороиш.

Барои мард ҷоиз нест, ки ба бар болои хостгории бародари мусалмон хостгорӣ кунад, то ки иҷозат диҳад ё тарк кунад (ё рад карда шавад).
Зане, ки дар иддаи талоқ аст, ошкоро хостгорӣ кардан умуман ҷоиз нест ва дар хостгории боин ба марг ё ғайраш ба таври киноя хостгорӣ кардан ҷоиз аст, аз рӯи фармудаи Аллоҳ таъоло: (**Ва уноҳе бар шумо нест дар он чи ки ба таври киноя аз хостгории заноне "ки дар иддаанд" бар забон оваред**), ва сифати киноя ин аст, ки гӯяд: Ман ба монанди ту ҳавас дорам ё маро аз нафси худат маҳрум нагардонӣ ва монанди ин.

Қоида: Ҳар касе, ки бо ӯ ақд бастан мумкин нест, ба ӯ ошкоро хостгорӣ кардан манъ аст, вале дар киноя баёни муфассал аст.

Ва бояд дар хутбаи ақди никоҳ ба хутбаи Ибни Масъуд хутба кунад, ки гуфт: Расулуллоҳ ﷺ ба мо ташаҳҳудро дар вақти ҳоҷат омӯхт: **Аллоҳро ҳамду сано мегӯем ва аз Ӯ ёрӣ ва омурзиш мехоҳем ва ба Аллоҳ аз бадиҳои нафсамон ва**

Аз амалҳои бадамон паноҳ мебарем, ҳар касеро Аллоҳ ҳидоят кунад, пас барои ӯ гумроҳкунандае нест ва касеро гумроҳ кунад, пас роҳнамое барои ӯнест ва гувоҳӣ медиҳам, ки маъбуди ҳаққе ҷуз Аллоҳ нест, ягонаасту шарике надорад ва гувоҳӣ медиҳам, ки Муҳаммад банда ва расули Ӯст ва се оятро мехонад". Соҳибони Сунан инро ривоят кардаанд. Ва баъзеашон се оятро тафсир кардаанд ва инҳоянд:

(1)Фармудаи Аллоҳ таъоло: (**Эй касоне, ки имон овардаед он чунон ки шоистаи тарс аз Аллоҳ аст, аз Ӯ битарсед ва то намиред, магар мусалмон бошед**).

(2)Ва ояти якуми сураи Нисо: (**Эй мардум! Аз Парвардигоратон битарсед, Парвардигоре, ки шуморо аз як тан офарид ва ҳамсарашро низ аз вай офарид ва аз он ду: Мардон ва занони зиёде паҳн кард ва аз Аллоҳ битарсед, ки ба номи Ӯ аз ҳамдигар суол мекунед ва аз тарки хешовандӣ битарсед. Ҳамоно Аллоҳ дар ҳама ҳолат бар шумо нигаҳбон аст**).

(3)Ва фармудаи Аллоҳ таъоло: (**Эй касоне ки имон овардаед аз Аллоҳ битарсед ва сухани рост бигӯед**) то охири ду оят.

Ва воҷиб нест, магар:

(1)Иҷоб: Лафзест, ки аз валӣ содир мешавад, мисли гуфтаи ӯ: Ман ба ту духтарамро ба занӣ додам ё ба никоҳи ту даровардам.

(2)Қабул: Лафзест, ки аз шавҳар ё намояндаи ӯ содир мешавад, мисли гуфтаи ӯ: Ин никоҳро қабул кардам, ё қабул кардам ва монанди ин.

Боби шартҳои никоҳ

Ва бояд дар он ризои зану шавҳар бошад, магар

(1)Духтари хурдсол: Пас ӯро падараш беризогияш никоҳ мекунад.

(2)Ва каниз: Оғояш ӯро беризогияш никоҳ мекунад.

Дар никоҳ бояд валӣ бошад, Паёмбар ﷺ фармуд: "**Бевалӣ никоҳ нест**". Ҳадиси саҳеҳ аст, онро панҷ нафар ривоят кардаанд.
Ва беҳтарини мардум ба шавҳар додани зани озод:

(1)Падараш аст ва агарчи боло равад.

(2)Баъд писараш аст ва агарчи поён равад.

(3)Баъд хеши қарибтар, пас қарибтар аз хешони падарияш.

Ва дар ҳадиси муттафақун алайҳ омадааст: "**Бевазан агар аз ӯ иҷозат гирифта нашуд, издивоҷ карда намешавад ва духтар никоҳ карда намешавад, то аз ӯ иҷозат пурсида шавад**". Саҳобагон гуфтанд: Эй Расулуллоҳ, иҷозати ӯ чигуна аст? Фармуд: "**Духтар сукут кунад**". Ва Паёмбар ﷺ фармуд: "**Нкоҳро эълон кунед**". Ривояти Аҳмад. Ва аз эълони никоҳ:

Шоҳидии ду одил аст.

Онро оммавӣ кардан ва нишон додан аст.

Ва доира задан аст.

Ва монанди ин.

Валии зан наметавонад ӯро ба касе, ки бо ӯ куфъу созгор нест, издивоҷ кунад, пас фосиқу фоҷир ба покдоман созгор нест ва араб ба якдигар созгоранд.
Агар валии зан набошад, ё тулонӣ ғоиб бошад, ё аз издивоҷи ӯ бо созгораш манъ кунад, ҳоким ӯро ба шавҳар медиҳад, ҳамчуноне ки дар ҳадис омадааст: "**Султон валии касест, ки валӣ надорад**". Соҳибони Сунун ҷуз Насоӣ ривоят кардаанд.
Ва касе, ки бар ӯ ақди никоҳ баста мешавад, бояд муайян бошад, пас дуруст намешавад, ки гӯяд: (Духтарамро ба издивоҷи ту даровардам) ва ӯ чанд духтар дорад, то ӯро ба номаш ё васфаш (ё ба ишора) ҷудо кунад.
Инчунин барои яке аз ҳамсарон, ки дар боби манъшудаҳои аз издивоҷ дар никоҳ зикр шудааст, ҳеҷ гуна монеа вуҷуд надошта бошад.

Боби манъшудагони дар никоҳ

Ва онҳо ду навъанд: Мамнӯъи ҳамешагӣ ва мамнӯъи муддати тулонӣ.

(1)Мамнӯъҳои ҳамешагӣ:

Ҳафто насабӣ ва инҳоянд:

(1)Модарон ва агарчи боло раванд.		(2)Ва духтарон ва агарчи поён раванд ва агарчи аз духтарони духтар.
(3)Ва умуман хоҳарон.	(4)Ва духтарони онҳо.	(5)Ва духтарони бародарон.
(6-7)Ва аммаҳо ва холаҳо, аз ӯ ва ё яке аз усули ӯ бошад.		

Ва ҳафто аз разоъӣ: Монанди зикршудагон.

Ва чор нафар аз домод, ки инҳоянд:

(1)Модарони ҳамсарон ва агарчи боло раванд.	(2)Ва духтарони ҳамсарон ва агарчи поён раванд, агар бо модаронашон ҳамбистар шуда бошад.
(3)Ва ҳамсарони падарон ва агарчи боло раванд.	(4)Ва ҳамсарони писарон ва агарчи поён раванд, хоҳ аз насаб бошад ё аз разоъӣ.

Ва асос дар ин:

Фармудаи Аллоҳ таъоло: (**Бар шумо модаронатон ҳаром гардонида шуд**) то охири оятҳо.

Ва фармудаи Паёмбар ﷺ: "**Ширхорагӣ ҳаром мекунад он чиро, ки насаб ва зойдан ҳаром мекунад**". Ҳадиси муттафақун алайҳ аст.

(2)Ҳаромшудагони доимӣ:

Аз ҷумлаи онҳо, фармудаи Паёмбар ﷺ: "**Байни зан ва амааш дар никоҳ ҷамъ карда намешавад ва на зан ва холааш**". Ривояти Бухорӣ ва Муслим.

Бо фармудаи Аллоҳ таъоло: (**Ва ҷамъи ду хоҳар бо ҳамдигар**).

Барои марди озод ҷоиз нест, ки аз чор зан зиёд бигирад ва ғулом аз ду зан зиёд бигирад. Ва аммо бо занони канизи худ: Ҷоиз аст, ки тибқи хостааш ҳамбистар шавад.
Агар кофир мусалмон шуд ва дар никоҳаш ду хоҳар бо ҳам ҳастанд, яке аз онҳоро ихтиёр кунад ё аз чор зан бештар дорад, чортои онро ихтиёр кунад ва аз боқӣ ҷудо шавад.

Ва ҳаром мегардад:

(1)Зани дар эҳром, то аз эҳромаш барояд.

(2)Ва зане, ки дар иддаи аз дигар аст, то иддааш тамом шавад.

(3)Ва зани зиногар бар марди зиногар ва ғайраш, то тавба кунад.

(4)Ва се талоқшуда ҳаром мегардад,то шавҳари дигар кунад ва бо ӯ ҳамхоба шавад ва аз ӯ ҷудо шавад ва иддааш гузарад.

Ва ҷамъ кардан дар миёни ду хоҳар дар мулк ҷоиз аст, вале агар бо яке аз онҳо ҳамхоба шуд, дигарияш барои ӯ ҳалол нест, то ҳамхобашударо ҳаром гардонад ба аз мулкаш баровардан ва ё баъди пок шудан бо ӯ издивоҷ кардан.
Ва ширхорагие ҳаром мегардонад, ки пеш аз гирифтани кӯдак аз ширхӯрӣ бошад ва он панҷ бор пас бештар шир хӯрдан аст. Пас ба сабаби ширхорагӣ кӯдак ва авлоди ӯ авлоди зани ширдеҳ ва соҳиби шир мегардад.
Ва ҳаром шудан аз ҷиҳати зани ширдеҳ ва соҳиби шир (шавҳари он) паҳн мешавад, монанди паҳн гаштани насаб.

Боби шартҳои дар никоҳ

Шартҳои дар никоҳ ва фурӯш ва ғайрашон ду қисм аст:

(1)Шарте, ки аз талаботи ақд аст: Ба он вафо кардан воҷиб аст ва агарчи дар маҷлиси ақд зикр нашавад, монанди нек зистан.

(2)Шарте, ки зиёд аст ва тақсим мешавад, ба:

(а)Дуруст: Ба он вафо кардан воҷиб аст.

(б)Фосид: Ба он вафо кардан ҳаром аст ва агарчи дар маҷлиси ақд зикр шуда бошад.

Ва он шарт ин аст, ки яке аз ҳамсарон бар дигаре шарт мегузорад ва он ду қисм аст:

(1)Дуруст: Монанди шарт гузорад, ки зани дигар нагирад, ё каниз нагирад ё ӯро аз хона ва шаҳраш берун набарорад, ё маҳр ва ё нафақаро зиёд кунад ва монанди ин. Пас ин ва ҳамонанди ин ҳамагӣ дар фармудаи Паёмбар ﷺ дохиланд: "**Сазо-вортарин шартҳое, ки бояд ба он вафо кунед, шартҳои никоҳ аст**". Ҳадиси муттафақун алайҳ аст.

(2)Ва аз ҷумлаи он шартҳои фосид аст, монанди никоҳи мутъа, ҳалола ва шиғор.

Ва Паёмбар ﷺ дар ибтидо никоҳи мутъаро иҷозат дод, сипас онро ҳаром гардонид. Ва ҳалолакунанда ва барои ӯ ҳалола карда шударо лаънат кард.
Ва аз никоҳи шиғор манъ кард ва шиғор ин аст, ки касе духтар ё хоҳари худро ба издивоҷи каси дигар дарорад ба шарти ин ки ӯ низ духтар ё хоҳари худро ба издивоҷи ин дарорад ва дар миёни онҳо маҳр набошад.
Ва ҳамаи инҳо ҳадисҳои саҳеҳ ҳастанд.

Боби айбҳои дар никоҳ

Агар яке аз ҳамсарон дар дигараш нуқсоне пайдо кунад (ки сифати нокомиле, ки комилан хилофи ақд аст) пеш аз бастани ақд аз он огоҳ набудааст:

(1)Монанди девонагӣ, махав, пес ва монанди ин, ҳақ дорад, ки ақди никоҳро бекор кунад.

(2)Агар зан ӯро ёбад, ки бо зан ҳамбистар шуда натавонад, то як сол мӯҳлат дода шавад, агар як сол гузашт ва ӯ дар ҳамон ҳол аст, пас зан ҳаққи бекор кардани никоҳро дорад.

Ва агар ҳамаи зани канизро озод кунад ва шавҳараш ғулом аст, ихтиёр дода шавад, байни:

(1)Бо ӯ истодан.

(2)Ва аз ӯ ҷудо шудан.

Аз рӯи ҳадиси тулонии Оиша дар қиссаи Барира: "**Барира замоне озод шуд ба истодан бо шавҳараш ихтиёр дода шуд**". Ривояти Бухорӣ ва Муслим.
Ва агар бекор кардани никоҳ воқеъ шавад:

(1)Пеш аз ҳамхобагӣ: Пас маҳр нест.

(2)Ва баъд аз ҳамхобагӣ: Маҳр қарор мегирад ва шавҳар ба назди касе ки ӯро фиреб дода буд, бармегардад.

Китоби садоқ

Садоқ (маҳр): Ивазест, ки ба қади никоҳ ё он чизе ки ба он вобаста аст (ба монанди ҳамбистарии ба шубҳа) воҷиб аст.

Фасл дар аҳкоми маҳр

Маҳр бояд кам карда шавад (соқит карда нашавад ва он танҳо мулки зан аст).
Аз Оиша пурсида шуд: Маҳри Паёмбар ﷺ чӣ қадар буд? Гуфт: "**Маҳри ӯ барои ҳамсаронаш 12 авқия ва наш буд, оё медонӣ наш чист? Гуфтам: Не, гуфт: Нисфи авқия, пас он пансад дирҳам аст**". Ривояти Муслим.
"**Ва Сафияро озод кард ва маҳри ӯро озодияш қарор дод**". Ривояти Бухорӣ ва Муслим. Ва ба марде фармуд: "**Ҷустуҷӯ кун ва агарчи ангуштари оҳанин ҳам бошад**". Ривояти Бухорӣ ва Муслим.
Ҳар он чизе ки ба нарх ва иҷора дуруст шавад, агарчи кам бошад ҳам, маҳр ба он дуруст мешавад.
Ва агар бо ӯ издивоҷ кунад ва маҳри ӯро нагӯяд, пас барои вай маҳри мисл аст.
Агар пеш аз ҳамхобӣ талоқ дод, пас вай зан ҳақ дорад, ки чизе дода шавад, бар тавонгар ба андозаи тавонаш ва бар фақир ба андозаи тавонаш, аз рӯи фармудаи Аллоҳ таъоло: (**Бар шумо-эй гурӯҳи шавҳарон-гуноҳе нест, ки занонро пеш аз ҳамхобӣ ва пеш аз таъини маҳрия талоқ диҳед, агрчи ин кор боиси паст шудани шахсияти зан мегардад, аммо бо додани маҳр ҷуброн мешавад. Пас бар шумо лозим аст, ки чизе бидиҳед, то ранҷиши хотирашон ҷуброн шавад. Бар тавонгар ба андозаи тавоноияш ва бар фақир ба андозаи тоқаташ. Ин корест шоистаи накӯкорон**). Ва маҳр муқаррар мешавад:

(1)Комилан:		**(2)Ва нисфи маҳр медиҳад:** Ба ҳар ҷудоие, ки пеш аз ҳамхобӣ аст, аз ҷиҳати шавҳар, монанди талоқи ӯст.	(3)Ва соқит мешавад:	
(а)Ба сабаби вафот.	(б)Ё ба сабаби ҳамхобӣ.		(а)Ба ҷудой аз тарафи зан.	(б)Ё ҷудо кардани ӯ ба хотири айби зан.

Шахсе, ки занашро талоқ медиҳад бояд ба ӯ чизе бидиҳад, ки боиси ҷуброни хотири вай гардад, аз рӯи фармудаи Аллоҳ таъоло: (**Ва барои занони талоқ дода шуда, ҳадяи муносиб ва шоиста "бар шавҳар" лозим аст ин ҳаққест бар парҳезгорон**).

Боби нек зистани зану шавҳар

Ҳар яке зану шавҳарро лозим аст, ки бо дигар ба некӣ (аз рӯи шариат ва урфу одат) зиндагӣ кунанд, яъне суҳбати зебо ва озор надодан ва ҳаққи онро дер накунад.

(1) Ва занро лозим мешавад, ки:			(2)Бар шавҳар лозим аст, ки:	
(а)Ӯро дар баҳра бурдан итоат кунад.	(б)Бе иҷозати шавҳар: Набарояд ва сафар накунад.	(ҷ)Ва қоим шудан ба нонпазӣ, хамир кардан, пухтан ва монанди инҳо.	(а)Нафақаи ӯро диҳад.	(б)Ва ӯро ба накӯи либос бипӯшонад.

Ҳамчуноне ки Аллоҳ таъоло фармуд: (**Ва бо занон ба таври шоиста рафтор кунед**) ва дар ҳадис: "**Ба занон меҳрубонона муносибат кунед**". Ҳадиси муттафақун алайҳ аст. Ва дар ҳадис омадааст: "**Беҳтарини шумо беҳтарини шумо ба хонаводааш аст**". Ривояти Тирмизӣ.

Ва Паёмбар ﷺ фармуд: "**Агар мард занашро ба бистари худ даъват кунад ва зан аз омадан саркашӣ кунад. Малоикаҳо то саҳар ӯро лаънат кунанд**". Ривояти Бухорӣ ва Муслим.

Ва бояд мард миёни занон дар тақсимот, таъминот, либос ва ҳар чизе ки бар он қодир аст, адолат кунад.

Ва дар ҳадис омадааст: "**Ва агар касе ду зан дошта бошад ва ба яке аз онҳо бештар майл дошта бошад, дар рӯзи қиёмат дар ҳоле меояд, ки як тарафаш кач аст**". Ривояти Бухорӣ ва Муслим.

Ва аз Анас ривоят аст, ки: "**Аз суннат аст, ки агар мард бо духтар бар бева издивоҷ кард, дар назди ӯ ҳафт рӯз меистад, сипас тақсим мекунад ва агар бо бева издивоҷ кард, дар назди ӯ се рӯз меистад, сипас тақсим мекунад**". Ривояти Бухорӣ ва Муслим.

Ва Оиша гуфт: "**Расулуллоҳ ﷺ агар қасди сафар мекард дар миёни занонаш қуръа меандохт, пас саҳми кадоми аз онҳо мебаромад, бо ӯ сафар мекард**". Ривояти Бухорӣ ва Муслим.

Агар зан ҳаққашро аз тақсим, нафақа, ё либоса ба иҷозати шавҳар соқит кунад, ҷоиз аст. Ва ба ростӣ: "**Савда бинти Замъа рӯзашро барои Оиша бахшид, пас Паёмбар ﷺ барои Оиша рӯзи худаш ва рӯзи Савдаро тақсим мекард**". Ривояти Бухорӣ ва Муслим.

Ва агар аз нофармонии занаш (яъне нофармонии зан дар ҳаққи ӯ) битарсад ва далели нофармонии ӯ пайдо гардад:

(1)Ӯро панд диҳад.	(2)Агар исрор кунад: Пас дар бистар ӯро тарк кунад.	(3)Агар зан нофармониро бас накунад, бе лат куби сахт ӯро занед (ва дар ҳадис омадааст: "**Расулуллоҳ ﷺ ҳаргиз чизеро ба дасташ назадааст, на занро ва на хизматгорро**". Ривояти Муслим. Ва Паёмбар ﷺ фармуд: "**Ҳеҷ як аз шумо ҳамсари худро мисли ғулом назанад ва дар охири рӯз бо ӯ ҳамбистарӣ кунад**". Ривояти Бухорӣ ва Муслим).

(4)Агар тарси ихтилоф мобайни онҳо бошад, ҳоким доваре аз хонаводаи мард ва доваре аз хонаводаи зан фиристад, ки умур ва ҷамъу ҷудо карданро медонанд, агар ба муқобил ё чизи дигаре ҷамъро бубинанд, ҷамъ мекунанд ё ҷудо мекунанд, пас он чи кунанд, бар онҳо ҷоиз аст. Ва Аллоҳ хубтар медонад.	(5) Агар зан бас накунад: Дар идда ӯро як талоқ диҳад.

Мулоҳаза: Аллоҳ таъоло фармуд: (**Пас агар шуморо итоат карданд**) ва ба сӯи савоб гаштанд (**Ҳеҷ роҳе барои "сарзаниш ва" тааддӣ бар онҳо наҷӯед**), яъне гузаштаро ба ёди онҳо наоред ва нагӯед: (Инчунин ва ончунон кардӣ ва ман инчунин ва инчунин гуфтам...) аз чизҳое, ки корҳои гузаштаро бармеангезад, балки ҳар чизи гузаштаро тарк кунед.

Суол: Агар зан аз мухолифатии шавҳар тарсад, чӣ ҳукм аст?
Ҷавоб: (**Пас бар онҳо гуноҳе нест, ки бо ҳам сулҳ кунанд**), яъне худашон сулҳ мекунанд.

Ин ду довар ҳар чӣ бихоҳанд, мекунанд, зеро ҳақ доранд, ки якҷо ё ҷудо кунанд ва шартҳои онҳо:

(1)Мард бошанд.	(2)Хешу таборӣ.	(3)Шариат ва ҳолро бидонанд.	(4)Қасди ислоҳ дошта бошанд.

Боби хулъ

Хулъ: Ҷудо кардани занаш (ба сабаби муомилаи бад) бар ивазе аз тарафи ӯ ва ё аз ғайраш аст.
Ва асл дар он фармудаи Аллоҳ таъолост: (**Пас агар тарсидед, ки ҳудуди Аллоҳро барпо надоранд, гуноҳе бар он ду нест, ки зан фидя ва ивазе бипардозад "ва талоқ бигирад"**).
Пас, агар зани (солеҳа) ахлоқу одоби шавҳараш ва шакли ӯро бад бинад ва тарси он дошта бошад, ки бо зистан бо ӯ ҳаққи ӯро риоят намекунад, пас гуноҳе нест, агар ба ӯ ивазе бидиҳад, то аз ӯ ҷудо гардад.
Ва дар ҳар чизи андак ва бисёре, ки талоқаш дуруст мешавад, дуруст аст.
Агар тарси риоя накардани ҳудуди Аллоҳ набошад, дар ҳадис омадааст: "**Зане, ки бе ягон сабаб аз шавҳараш талоқ талаб кунад, бӯи биҳишт бар вай ҳаром аст**". (Ба монанди ин баъзе соҳибони Сунан ривоят кардаанд. Бар зан ҳаром аст, ки ба шавҳараш бо дурустии вазъият мухолифат кунад ва бе сабабе, ки онро талаб мекунад).

Китоби талоқ

Талоқ: Кушодани қайди ҳамаи никоҳ (боин) ё баъзеи он (раҷъӣ) аст.

Анвоъи талоқ:

(1)Талоқи суннӣ ба эътибори:		(2)Талоқи бидъатӣ ба эътибори:	
Ҳоли воқеъ шудани он: Дар покие, ки бо ӯ ҳамхобагӣ накардааст.	Адади талоққҳо: Танҳо як талоқ бошад.	Ҳоли воқеъ шудани он: Дар вақти ҳайз ё дар покие, ки дар он бо ӯ ҳамхоба шудааст.	Адади талоққҳо: Як бор аз як талоқ зиёд бошад.

Танбеҳ: Дар фатвои талоқ ба аҳли фатво ва маҳкамаҳои шаръӣ муроҷиат мешавад.

Ғазаб ба нисбати талоқдиҳанда ба се дараҷааст:

Ҷои иттифоқ:		(3) Ҷои хилоф:
Талоқи вай воқеъ мешавад: Дар ибтидои ғазаб, дар ҳоле ки медонад, ки чӣ мегӯяд ва ӯ метавонад худро боз дорад.	**Талоқи ӯ воқеъ намешавад:** Дар охири ғазаб бошад, ки намедонад, чӣ мегӯяд.	Дар байни байни ғазаб, дар ҳоле ки чӣ гуфтанашро медонад, вале ғазаб бар ӯ сайтара кардааст.

Ва асл дар он фармудаи Аллоҳ таъолост: (**Эй Паёмбар! Ҳаргоҳ хостед занонро талоқ диҳед, пас онҳоро дар замони "оғози" идда талоқ диҳед**). Ва талоқи онҳо дар иддаашонро ҳадиси Ибни Умар баён мекунад, ки ӯ ҳамсарашро дар вақти ҳайз талоқ дод, пас Умар разияллоҳу анҳу Расулуллоҳ ﷺ–ро аз ин пурсид, пас фармуд: "**Ба ӯ амр кун, ки ҳамсарашро баргардонад, сипас ӯро дар назди раҳо кунад, то аз ҳайз пок шавад, сипас ҳайз бинад, сипас аз ҳайз пок шавад, баъд агар хост ӯро нигаҳ дорад ва агар хост ӯро пеш аз ҳамхоба шудан, талоқ диҳад. Ин иддаест, ки Аллоҳ амр кардааст, ки занон дар он талоқ дода шаванд**". Ривояти Бухорӣ ва Муслим ва дар ривояте: "**Ба ӯ амр кун, ки ҳамсарашро гардонад, сипас ӯро дар ҳоли покӣ ё ҳомилагӣ талоқ диҳад**". (**Онҳоро азхонаҳояшон берун накунед ва на онҳо берун равад, магар ки кори зишти ошкоро кунанд**).

Ин далели он аст, ки дар ҳолати ҳайз ва ё дар давраи покие, ки ҳамбистарӣ карда буд, талоқ доданаш ҷоиз нест, магар ин ки ҳомила будани зан маълум шавад.
Ва талоқ (аз шавҳаре, ки болиғ, оқил, ихтиёршуда, фарқкунанда) бо ҳар калимае, ки бар он далолат мекунад, аз:

(1)Ошкор: Аз он ҷуз талоқ фаҳмида намешавад, мисли калимаи "талоқ" ва он чи аз он сарф мешавад ва мисли он аст.	(2)Ва киноя: Агар ба он қасди талоқ кунад ё далеле бар он далолат кунад.

Ва талоқ воқеъ мешавад:

(1)Дар ҳол.	(2)Ё бар шарте вобаста карда бошад: Мисли гуфтаи ӯ: Ҳаргоҳ фалон вақт ояд, пас ту талоқ, пас ҳаргоҳ шарте, ки бар он талоқ вобаста шуда буд, ёфт шуд, талоқ воқеъ мешавад.

Вобастаи талоқ дар шартҳо бар ҳолатҳо:

(1)Шарти холис: Талоқ ба ҳар ҳол ба сабаби он воқеъ шавад, мисли ин ки гӯяд: (Агар офтоб нишаст, пас ту талоқ), пас ҳаргоҳ офтоб нишаст, талоқ мешавад.	(2)Савганди холис: Пас талоқ воқеъ намешавад ва барои савганд каффорат аст. Мисли ин ки гӯяд: (Агар ман бо Зайд гап задам, пас занам талоқ) ва қасди ӯ гап назадан аст, пас ин савганди маҳз аст, зеро байни сухан кардани ӯ бо Зайд ва талоқ додани занаш ҳеҷ алоқае нест.	(3)Ҳар ду эҳтимол дорад: Ин ба нияти талоқдиҳанда мегардад.

Фасл (дар талоқи боин ва раҷъӣ)

Марди озод ҳаққи се талоқ додан, дорад.
Агар барои ӯ се талоқ комил шуд, зан барои ӯ ҳалол нест, то ки шавҳари дигар ба никоҳи дуруст кунад ва мард бо ӯ ҳамхоба шавад, аз рӯи фармудаи Аллоҳ таъоло: (**Талоқ ду бор аст**) то фармудаи Ӯ: (**Пас агар "шавҳар бори сеюм" ӯро талоқ дод, пас аз он "зан" барои ӯ ҳалол нест, то ин ки шавҳаре ғайр аз ӯ издивоҷ кунад**).
Ва дар чор масъала талоқ боин мегардад:

(1)Ин якеи он аст.	(2)Агар пеш аз ҳамбистарӣ талоқ диҳад, аз рӯи фармудаи Аллоҳ таъоло: (**Эй касоне ки имон овардаед! Ҳангоме ки бо занони бо имон издивоҷ кардед, онгоҳ пеш аз он ки бо онҳо ҳамбистарӣ кунед, талоқашон додед, пас иддае барои шумо бар онҳо нест**).	(3)Агар дар никоҳи фосид бошад.	(4)Ва агар талоқбар иваз бошад.

Ва ҳукми зани талоқи раҷъӣ ҳукми дигар занон аст, ҷуз дар тақсим.
Ва эълони никоҳ, талоқ, бозпас гирифтан ва бар ин шоҳид гирифтан, шаръӣ аст, аз рӯи фармудаи Аллоҳ таъоло: (**Ва ду шахси одили аз худатонро шоҳид гиред**).
Ва дар ҳадис омадааст: "**Се чиз ҷиддии он ҷиддӣ аст ва ҳазлу шухии он ҷиддӣ аст: Никоҳ, талоқ ва бозпас гирифтан**". Чор нафар ҷуз Насоӣ ривоят кардаанд. (Пас талоқи ошкор воқеъ мешавад, хоҳ ҷиддӣ бошад ё ҳазлу шухӣ).
Ва дар ҳадиси Ибни Аббос, ки ба Паёмбар ﷺ нисбат дода мешавад, омадааст: "**Ҳамоно Аллоҳ аз уммати ман хато,фаромушӣ ва он чиро, ки ба он маҷбур карда шудааст, гузаштааст**". Ривояти Ибни Моҷа. (Пас талоқи маҷбурӣ ва ғазабноке, ки чӣ гуфтанашро намедонад, воқеъ намешавад).

Боби ал-илоъ, зиҳор ва лиъон

(Ал-Илоъ: Дар Ислом ҳаром аст).
Ал-Илоъ: Ба Аллоҳ савгандхӯрдан, ки ҳаргиз бо занаш наздикӣ накунад ва ё зиёда аз чаҳор моҳ.
Агар зан ҳаққи худро аз ҳамбистарӣ талаб кунад, ба ӯ амр мешавад, ки бо вай ҳамхоба шавад ва барои ӯ чор моҳи дигар зада шавад.

(1)Агар ҳамхоба шавад, каффорати савганд медиҳад.	(2)Ва агар худдорӣ кунад, талоқ лозим гардонда мешавад.

Аз рӯи фармудаи Аллоҳ таъоло: (**Барои касоне ки савганд мехӯранд бо занони худ омезиш накунанд "илоъ" чаҳор моҳ интизор ва "мӯҳлат" аст. Пас агар "савганди худро нодида гирифтанд" ва бозгаштанд, ҳамоно Аллоҳ омурзандаи меҳрубон аст. Ва агар қасди талоқ гирифтанд, ба рости ки Аллоҳ шунавои доност**).

(Зиҳор)
Ва зиҳор он аст, ки ба ҳамсараш бигӯяд: Ту бар ман мисли пушти модарам ҳастӣ ва ҳамонанди ин гуфтаҳои ошкор, ки ҳамсарашро ҳаром мегардонад. Зиҳор кори мункар ва дурӯғ аст (ва талоқ нест ва ҳамоно он савганди каффорат додашуда аст).
Зан ба ин ҳаром намегардад, вале ба ӯ даст расондан ҷоиз нест, то он чиро Аллоҳ ба ӯ фармудааст, иҷро накунад: (**Ва онон, ки бо занони худ зиҳор мекунанд, сипас аз он чӣ гуфтаанд, бозмегарданд**) то охири оятҳо:

(1)Пас озод мекунад: Бандаи мӯъмин, ки аз айбҳое, ки дар кор зараровар аст, солим бошад.	(2)Пас агар ғулом наёфт: Ду моҳ паиҳам рӯза мегирад.	(3)Агар рӯза гирифта натавонист, шаст мискинро таом медиҳад.

Ва хоҳ зиҳор мутлақ бошад ва ё ба вақте муваққат бошад, монанди Рамазон ва амсоли он.
Ва аммо ҳаром гардондани каниз, таом, либос ва чизҳои дигар, пас дар он каффорати савганд аст, аз рӯи фармудаи Аллоҳ таъоло: (**Эй касоне, ки имон овардаед, чизҳои покизаеро, ки Аллоҳ бар шумо ҳалол кардааст, ҳаром накунед**), то ки Аллоҳ каффорати савгандро дар ин умур зикр кард.

(Лиъон)

Аммо лиъон, агар марде зани худро ба зино муттаҳам кунад, барои тӯҳматаш ҳаштод ҷилд (дурра) зада шавад, магар ки:

(1)Далел орад: Чаҳор шоҳиди одил, пас бар зан ҳад қоим карда мешавад.

(2)Ва ё лаънатгӯй кунад ва ҷазои тӯҳмат аз ӯ дур шавад.

Ва сифати лиъон бар он чизест, ки Аллоҳ дар сураи Нур зикр кардааст: (**Ва касоне, ки занони худро ба зино муттаҳам мекунанд**) то охири оятҳо.

(1)Пас панҷ бор ба Аллоҳ савганд хӯрда шоҳидӣ медиҳад, ки ӯ зинокор аст ва дар бори панҷум бигӯяд: (Лаънати Аллоҳ бар ӯ бод, агар аз дурӯғгӯён бошад).

(2)Сипас зан панҷ бор ба Аллоҳ савганд хӯрад, ки мард аз дурӯғгӯён аст ва дар бори панҷум гӯяд: (Ғазаби Аллоҳ бар ӯ бод, агар мард аз ростгӯён бошад).

Ҳаргоҳ лиъон тамом шуд:

(1)Аз мард ҳад соқит шавад.

(2) Аз зан азоб бардошта мешавад.

(3)Дар миёни онҳо ҷудоӣ ҳосил мешавад ва абадӣ ҳаром мегардад.

(4)Кӯдак, вақте ки дар лиъон зикр шавад, нафю инкор мешавад. Ва Аллоҳ хубтар медонад.

Аҳкоми муҳим:

۞Аллоҳ таъоло фармуд: (**Эй касоне, ки имон овардаед, аз бисёре аз гумон "-ҳои бад" бипарҳезед, бешак баъзе аз гумонҳо гуноҳ аст**). Ва аз Абӯҳурайра разияллоҳу анҳу ривоят аст, ки Расулуллоҳ ﷺ фармуд: "**Аз гумон парҳез кунед, пас ҳамоно гумонҳо дурӯғтарини сухан аст**". Ривояти Бухорӣ ва Муслим.

۞Ва Аллоҳ таъоло фармуд: (**Эй касоне, ки имон овардаед! Гурӯҳе "аз мардон" гурӯҳи дигарро масхара накунад, шояд онҳо "масхарашудагон" аз инҳо беҳтар бошанд ва на заноне, занони дигарро, шояд онҳо аз инҳо беҳтар бошанд ва аз якдигар айбҷӯй накунед ва якдигарро бо лақабҳои зишт нахонед, ки пас аз имон номи фисқ бисёр бад аст ва ҳар кӣ тавба накард, пас онҳо золимонанд**) ва Аллоҳ таъоло фармуд: (**Вой бар ҳар айбҷӯй ғайбаткунандае**).

۞Ва аз Абӯҳурайра разияллоҳу анҳу ривоят аст, ки Расулуллоҳ ﷺ фармуд: "**Барои одам бад аст ,ки бародари мусалмони худро хор кунад**". Ривояти Муслим

Китоби идда ва пок шудан

Идда: Мунтазирии касе, ки шавҳараш ӯро бо марг ё талоқ тарк кардааст.

Ақсоми ҷудоие, ки муҷиби идда аст:

- (1)Ҷудой ба сабаби марг.
- (2)Ҷудой дар ҳоли ҳаёт ба талоқ: Барои зан ду ҳолат аст:
  - (а)Бо ӯ ҳамхоба шуда бошад.
  - (б)Бо ӯ ҳамхоба нашуда бошад.
- (1)Ҷудой ба вафот:
  - Агар шавҳараш вафот кард, ба ҳар ҳол идда мебинад.
    - (а)Агар ҳомила бошад: Пас иддаи он таваллуд кардани он чи дар шикамаш аст, аз рӯи фармудаи Аллоҳ таъоло: (**Ва иддаи занони ҳомила ин ки ҳамли худро бигузоранд**).
      Ин ҳукми умумӣ дар ҷудой ба вафот ва ё ҳаёт аст.
    - (б)Агар ҳомиланабошад: Пас иддаи он чор моҳу даҳ рӯз аст.
  - Дар давоми ин идда зан бояд ороиш накунад:
    - (а)Тарк кунад:
      - Ороиш.
      - Ва хушбӯй.
      - Ва зару зевар.
      - Ва ба ҳина ва монанди он зиннат додан.
    - (б)Ва дар хонае, ки шавҳараш дар он ҷо мурдааст, дар ҳоле ки ӯ дар он буд, бимонад ва аз он хона берун набарояд, магар ки дар эҳтиёҷоти худ рӯзона барояд. Аз рӯи фармудаи Аллоҳ таъоло: (**Ва касоне аз шумо, ки мемиранд ва ҳамсароне боқӣ мегузоранд, бояд чаҳор моҳу даҳ рӯз интизор шаванд**).
- ...
  - (а)Агар пеш аз он ки бо ӯ ҳамхоба шавад, ӯро талоқ диҳад, бар ӯ иддае нест, аз рӯи фармудаи Аллоҳ таъоло: (**Эй касоне ки имон овардаед! Ҳангоме ки бо занони бо имон издивоҷ кардед, онгоҳ пеш аз он ки бо онҳо ҳамбистарӣ кунед, талоқашон додед, пас иддае барои шумо бар онҳо нест**).

(2)Ва аммо ҷудой дар ҳоли ҳаёт:

(б)Агар бо ӯ ҳамхоба шуда бошад ё хилват карда бошад:

(1)Агар ҳомила бошад, пас иддаи ӯ гузоштани бораш аст, муддати кӯтоҳбошад ва ё дароз.

Ва агар ҳомила набошад:

(2)Агар ҳайзбинад, пас иддаи ӯсе ҳайзи пурра аст, аз рӯи фармудаи Аллоҳ таъоло: (**Ва занони талоқшуда бояд муддати се ҳайз интизор бикашанд**).

(3)Ва агар ҳайз набинад, монанди хурдсол ва касе, ки ҳайз намебинад ва калонсол, пас иддаи ӯ се моҳ аст, аз рӯи фармудаи Аллоҳ таъоло: (**Ва занҳое, ки ба сабаби калонсолиашон аз дидани ҳайз ноумед шуданд, агар дар шубҳа афтодед, ки иддаашон чӣ қадар аст. Пас бидонед, ки иддаашон гузаштани се моҳ аст**. **Ва иддаи заноне, ки ба синни ҳайз нарасидаанд, низ се моҳ аст**).

(4)Агар ҳайз медид ва ба сабаби шир додан ва монанди он ҳайзаш бардошта шуд, мунтазир шавад, ки аз сар ҳайз бинад, пас ба он идда нишинад.

(5)Агар ҳайз бардошта шавад ва намедонад, ки чаро бардошта шудааст, нуҳ моҳ интизор шавад, аз рӯи эҳтиёт, ки ҳамл набошад, пас се моҳ идда нишинад.

(6)Агар пас аз гузаштани идда аз рӯи зоҳир шудани нишонаҳои ҳамл шубҳа кунад: Издивоҷнамекунад, то ки шубҳа дур шавад.

Ва ҳамсари марди гумшуда интизор мешавад, то ба вафоти ӯ тибқи иҷтиҳоди ҳоким ҳукм карда шавад, сипас идда мебинад.
Ва нафақа воҷиб намешавад, магар:

(1)Барои иддашини талоқи раҷъӣ.

(2)Ё шавҳараш дар ҳоли ҳаёт аз ӯ ҷудо шудааст, дар ҳоле ки ҳомилааст, аз рӯи фармудаи Аллоҳ таъоло: (**Ва агар ҳомила бошанд, нафақаи онҳоро бидиҳед, то ки ҳамли худро бигузоранд**).

Ва аммо истибро: Интизории канизест, ки оғояш бо ӯ ҳамхобамешуд.

Пас баъд аз оғояш бо ӯ ҳамсар ва оғое ҳамхоба намешавад.

(1)То як бор ҳайз бинад.

(2)Агар аз занони ҳайзбин набошад: Як моҳ покӣ меҷӯяд.

(3)Ё ҳамлашро мегузорад, агар ҳомила бошад.

Боби нафақаҳои занон, хешовандон, зердастон ва парастории кӯдакон.

Шартҳои воҷиб шудани нафақа:

(1)Дороии нафақа-дех.	(2)Ниёзи нафақа додашуда.	(3)Дар як дин будан, ҷуз дар валоъ.	(4)Нафақадех вориси нафақа дода шуда бошад, ба сабаби фарз ё таъсиб (хеши падарӣ) ва ё хешовандӣ.

Барои инсон таъминоти ҳамсар, либос ва ҷои зисти ӯ ба некӣ мувофиқи шароити шавҳар воҷиб аст. Аз рӯи фармудаи Аллоҳ таъоло: (**Онон, ки доро ҳастанд бояд аз дороии худ нафақа диҳанд ва касе ки тангдаст аст, пас бояд аз он чи ки Аллоҳ ба ӯ дода нафақа диҳад. Аллоҳ ҳеҷ касро ҷуз ба андозаи тавоной, ки ба ӯ дода таклиф намекунад**). Ҳаргоҳ зан талаб кунад, ин ҳатмӣ гардонида шавад.
Ва дар ҳадиси Ҷобир, ки онро Муслим ривоят кардааст: "**Ва ризқу либосаи занон аз рӯи некӣ бар шумо лозим аст**".

(1)Нафақаи усул ва авлодаш, агар доро бошад.	(2)Ва инчунин касе, ки аз ӯ мерос мебарад, ба сабаби фарз ва ё таъсиб (хеши падарӣ).

Ва дар ҳадис омадааст: "**Барои ғулом таом ва либосааш аст ва ба коре таклиф карда намешавад, магар ки тоқати онро дошта бошад**". Ривояти Муслим. Ва агар дархости издивоҷ кунад, зан доданаш воҷиб аст. Ва инсон бояд:

(1)Ба чорвои худ таом ва шароб диҳад.	(2)Ва чизе, ки бар он зиён мерасонад, бору таклиф накунад.

Ва дар ҳадис омадааст: "**Ба инсон аз рӯи гуноҳ басандааст, ки хурдухӯрокӣ зердасташро манъ кунад**". Ривояти Муслим.
Ва ҳазонат: Нигаҳ доштани тифл аз чизе ки ӯро зиён мерасонад ва ба манфиатҳои ӯ қоим шудан аст ва ҳазонат бар касе, ки нафақаи ӯ бар ӯ воҷиб аст, воҷиб мебошад, вале:

(1)Модар ба фарзанди худ, хоҳ писар бошад ва хоҳ духтар, ҳуқуқ дорад, агар ӯ ба синни ҳафтсола нарасида бошад.	Агар ба синни ҳафтсола расид:	
	(а)Агар писар бошад, дар миёни падару модараш ихтиёр дода шавад, пас ҳамроҳӣ касест, ки мехоҳад.	(б)Агар духтар бошад, бо касе, ки ӯро нигоҳубин мекунад, хоҳ модараш бошад ва хоҳ падараш меистад.

Кӯдак зери парастории касе, ки ӯро нигоҳубин намекунад ва ислоҳ намекунад, гузошта намешавад.

Саволҳои фиқҳи оила

Савол:	Дуруст	Хато
۞Никоҳ аз суннати расулон аст.	☐	☐
۞Никоҳ унвони покӣ ва покии ахлоқист.	☐	☐
۞Агар дар дилаш хостгории зане воқеъ шуд, пас метавонад, ба он назар кунад, ки ба никоҳи ӯ водораш кунад.	☐	☐
۞Барои мард ҷоиз аст, ки бар болои хостгории бародари мусалмонаш хостгорӣ кунад.	☐	☐
۞ Никоҳ барои ҷавонон дар ин аср аз ҳаққи нафлӣ беҳтар аст.	☐	☐
۞ Таҳдиди насл нишонае аз нишонаҳои пешравии миллат аст.	☐	☐
۞ Агар зан оқилу хирадманд бошад, ҳақ дорад, ки худашро издивоҷ кунад.	☐	☐
۞ Ислом олӣ мешавад ва чизе бар он олӣ намешавад.	☐	☐
۞ Ҳамл ҳолатест, ки дар он вақт талоқ ҳаром аст.	☐	☐
۞ Агар мард ҳамсарашро пеш аз ҳамхоба шудан талоқ диҳад, пас аз ӯ беидда талоқ мешавад.	☐	☐
۞Агар марде аз ҳамсараш ғоиб шуд, сипас вафоташ дониста шуд, пас ӯ аз вақти ғоиб шуданаш идда мебинад.	☐	☐
۞Шарт аст, ки нафақадеҳ вориси нафақа дода шуда бошад, ба сабаби фарз, хеши падарӣ ва ё хешутаборӣ, ҷуз сутуни насаб, пас мерос шарт гузошта нашудааст.	☐	☐
۞ Модар дар парастории бар падар тақдим мешавад.	☐	☐
۞ Дар никоҳи ҳалола танҳо акд кофӣ аст.	☐	☐
۞ Дар вақти ҳайз талоқ ҳаром мебошад.	☐	☐
۞ Асл дар талоқ раҷъӣ аст.	☐	☐
۞ Барои дуруст шудани бозпас гирифтан шарт аст, ки дар идда бошад.	☐	☐
۞ Замони илоъи шаръӣ ду моҳ аст.	☐	☐
۞ Ҳукми зиҳори таклифӣ ҳаром будани он аст.	☐	☐
۞ Аз сурати талоқи боини байнунаи суғро: Талоқи пеш аз ҳамхоба аст.	☐	☐
۞ Идда барои ҳар ҷудоии байни ҳамсарон лозим аст.	☐	☐

۞ Беҳтарин роҳи нигаҳдоштани чашм аз ҳаром ва нигаҳ доштани аврат: ☐ Никоҳ. ☐ Ҳаҷ. ☐ Рӯза доштан аст.

۞ Бояд интихоб кунад: ☐ Диндор. ☐ Соҳиби шараф. ☐ Бисёрзой. ☐ Ҳамагӣ.
۞ Киноя дар хостгории талоқи боин: ☐ Ҷоиз. ☐ Ғайри ҷоиз аст.
۞ Иҷоб калимаест, ки содир мешавад, аз тарафи: ☐ Валӣ ☐ Шавҳар ва намояндаи ӯ.
۞ Ошкоро хостгорӣ кардани зани дар идда: ☐ Ҳаром. ☐ Макрӯҳ. ☐ Ҷоиз.
۞ Шоҳид гирифтан дар ақди никоҳ: ☐ Мустаҳаб. ☐ Воҷиб. ☐ Ҷоиз.
۞ Маҷбур кардани зани бокираи оқил ба шавҳаре ,ки аз ӯ розӣ нест, издивоҷ кунад: ☐ Ҷоиз аст. ☐ Ҷоиз нест. ☐ Воҷиб аст.
۞ Аҳамияти шариат ба манъи василаҳое, ки боиси бадахлоқӣ мешаванд: ☐ Зоҳир аст. ☐ Пӯшида аст.
۞ Ислом ҳуқуқи занро (☐ ҳифз кард. ☐ Ҳифз накард).
۞ Ҳилла ҳаромро мубоҳ (☐ мегардонад. ☐ Мубоҳ намегардонад).
۞ Марде бо зане ба маҳри си ҳазор издивоҷ кард ва бо чил ҳазор хулъ кард: ☐ Ҷоиз аст. ☐ Ҷоиз нест.
۞ Талоқе, ки дар воқеъ шудани он ният шарт нест: ☐ Талоқи ошкор. ☐ Киноя.
۞ Мисоли талоқе, ки ба ният воқеъ мешавад: ☐ Ба оилатон бипайванд (хонатон рав). ☐ Ту талоқшудай.
۞ Ба ҳамсараш гуфт: (Ту талоқ) тарс додани ӯро мехоҳад: ☐ Талоқ воқеъ мешавад. ☐ Воқеъ намешавад.
۞ Талоқи зани дар ҳайз: ☐ Ҷоиз аст. ☐ Ҷоиз нест.
۞ Каффорати зиҳор бар: ☐ Тартиб аст. ☐ Ихтиёрӣ аст.
۞ Агар ба ҳамсараш гуфт: (Ту бар ман ҳаром) пас он: ☐ Зиҳор. ☐ Талоқи раҷъӣ. ☐ Талоқи боин аст.
۞ Касе пеш аз каффорати зиҳор ҳамхоба шавад: ☐ Гунаҳгор аст. ☐ Гунаҳгор нест, модоме ки ба зуди каффорат медиҳад.
۞ Талоқ аз ҷиҳати мувофиқатияш ба суннат ва мувофиқат накардани он тақсим мешавад, ба: ☐ Суннатӣ. ☐ Бидъатӣ. ☐ Ҳама.
۞ Талоқи ғазабнок, ки ҳамаи он чиро, ки мегӯяд ва мекунад, дарк мекунад: ☐ Воқеъ мешавад. ☐ Воқеъ намешавад.
۞ Ақди никоҳ ба василаҳои нав, агар шартҳо ва рукнҳояш пурра гардад ва аз бозӣ эмин бошад: ☐ Дуруст мешавад. ☐ Дуруст намешавад.
۞ Бекор кардани валии зан ба хотири гирифтани мол: ☐ Кабира аст. ☐ Ҷоиз аст. ☐ Макрӯҳ аст.
۞ Ҳаромшудагоне, ки муваққатан ҳаром шудаанд, аз зерин баён кун: ☐ Ду хоҳарро якҷо гирифтан. ☐ Аз чор зан бештар никоҳ кардан. ☐ Никоҳи зани дар идда. ☐ Никоҳи канизе, ки талаби покӣ дорад. ☐ Никоҳи зани се талоқшуда. ☐ Никоҳи зане, ки дар эҳроми ҳаҷ ё умра аст. ☐ Никоҳи кофир бо зани мусалмон. ☐ Никоҳи мусалмон бо зани кофир. ☐ Ҳамагӣ.
۞ Қисмҳои шартҳои вобаста ба ақди никоҳ: ☐ Дуруст. ☐ Фосид. ☐ Ҳама.
۞ Аз зер шартҳои фосидро баён кун: ☐ Никоҳи шиғор. ☐ Никоҳи ҳалола. ☐ Вобаста кардани никоҳ бар шарти оянда. ☐ Никоҳи вақтакӣ. ☐ Никоҳи сиға. ☐ Никоҳ ба нияти талоқ.
۞ Ҳуқуқи зану шавҳар: ☐ Ҳуқуқи шарикӣ. ☐Ҳуқуқи шавҳар. ☐Ҳуқуқи ҳамсар. ☐Ҳама.

Китоби таомҳо

Қоидаҳои умумӣ, ки ба таомҳо бастагӣ дорад:

(1)Асл ҳамаи таомҳо ҳалол аст. (2)Истеъмоли ҳар чизи поке, ки дар он зарар нест, ҳалол аст.
(3)Хӯрдан, нӯшидан, пӯшидан ва баҳра бурдан аз ҳар чизе ки бар болои замин аст, барои мо ҳалол аст.
(4)Асл дар таомҳо барои мӯъминон ҳалол аст, вале барои ғайрашон ҳалол нест.
(5)Ҳар чизи наҷис (палид) ҳаром аст ва ҳар ҳаром наҷис нест.
(6)Ҳамаи ҳайвонҳои баҳрӣ беистисно ҳалол аст.
(7)Ҳар чизе, ки шариат ба қатли он амр кардааст ва ё аз қатли он манъ кардааст, пас он ҳаром аст.

Одоби таом хӯрдан:

۞Паёмбар ﷺ фармуд: "**Эй писар, бисмиллоҳ бигӯ ва бо дасти ростат бихӯр ва аз наздат бихӯр**". Ривояти Бухорӣ ва Муслим.
۞Ва ҳаргоҳ дастурхон бардошта мешуд, Паёмбар ﷺ мефармуд: "**Аллоҳро ҳамду саноҳои бисёр поку муборак, ки кофӣ нест ва на таркшуда аст ва аз он бениёз шуда нест, эй Парвардигори мо**". Ривояти Бухорӣ.
۞Ва Паёмбар ﷺ фармуд: "**Бо такя намехӯрам**". Ривояти Бухорӣ.
۞"**Ва Паёмбар ﷺ ҳаргиз таомеро айб намегирифт, агар мехост, онро мехӯрд, вагарна онро тарк мекард**". Ривояти Бухорӣ ва Муслим.
۞"**Ва Расулуллоҳ ба се ангушт мехӯрд ва пеш аз он ки дасташро пок мекард, онро мелесид**". Ривояти Муслим.
۞Ва Паёмбар ﷺ ба лесидани ангуштон ва табақ амр карда фармуд: "**Шумо намедонед, ки дар кадоми он баракат аст**". Ривояти Муслим.

Таомҳо ду навъанд: Ҳайвон ва ғайри он:

(1)Ғайри ҳайвон:

(а)Донагиҳо, меваҳо ва ғайра: Ҳамагӣ мубоҳ ҳастанд, ҷуз он чизе ки дар он зарар аст, мисли заҳр ва амсоли он.

(б)Ва ҳамаи шаробҳо ҳалол аст, ҷуз масткунанда, пас каму зиёди он ҳаром мебошад, аз рӯи ҳадиси: "**Ҳар масткунанда ҳаром аст ва ҳар чӣ тафовут маст кунад. Пас як мушт аз он ҳаром аст**". Ривояти Абӯдовуд.
Ва агар шароб ба сирко табдил ёбад, ҳалол гардад.

(2)Ва ҳайвон ду қисм аст:

(а)Баҳрӣ: Ҳар чизе, ки дар баҳр зиндагӣ мекунад, зинда ва мурдааш ҳалол аст. Аллоҳ таъоло фармуд: (**Шикори баҳё ва таоми он барои шумо ҳалол шудааст**), (ҷуз он чизе, ки дар он заҳр аст ва ё палиду нафратовар аст, монанди қурбоққа).

(б)Ва аммо хушкӣ: Асл дар он ҳалолӣ аст. (Аз ҷумлаи он: Чорвои хурду калон, асп, сусмор, хари ваҳшӣ, заргуш, гиена, оҳӯ, шутурмурғ, мурғ ва малах) ҷуз оне, ки шариат бар он ҳуҷҷат овардааст, пас аз ҷумла:

(1)Он чи дар ҳадиси Ибни Аббос аст: "**Ҳар ашкдандон аз дарандаҳо, пас хӯрдани он ҳаром аст**". (Ривояти Муслим. Аз ҷумла: Фил, саг, хук, маймун, гурба ва хирс).

(2) "**Ва аз ҳар парандаи соҳиб чангол манъ кард**". Ривояти Муслим. (Яъне: Парандае, ки ба чанголаш шикор мекунад, монанди Боз, Уқоб ва Бум).

(3)"**Аз гуштҳои харҳои аҳлӣ манъ кард**". Ривояти Бухорӣ ва Муслим.

(4)"**Ва аз куштани чор ҳайвон манъ кард: Мӯрча, занбур, ҳудҳуд ва сурад** ". Ривояти Аҳмад ва Абӯдовуд. (Қоида: Ҳар он чизе, ки дар ояту суннат ба куштанаш амр шуда ва ё манъ шудааст, пас хӯрдани он ҳаром аст). (Сурад: Парандаест, аз гунҷишк бузургтар, гунҷишкҳоро шикор мекунад).

(5)Ва ҳамаи палидҳо ҳаром аст, аз қабили ҳашарот ва монанди он (ва он чи, ки мурдаро бихӯрад, монанди лаклак ва зоғ).

(6)"**Ва Паёмбар аз ҷалола ва ширҳои он манъ кард, то ҳабс карда шавад ва се рӯз таоми пок дода шавад**". (Ва ҷалола ҳайвонест, ки бисёр наҷосат мехӯрад).

(7)Он чизе, ки аз ҳайвоне, ки гушташ хӯрда мешавад ва аз ғайраш, ҳаром аст, монанди хачир.

Иловаҳо дар тиб ва давоҳо

Паёмбар ﷺ фармуд: "**Шифо дар се чиз аст: Дар ҳиҷомат, ё нӯшидани асал ва ё ба оташ доғ мондан ва ман умматамро аз доғ мондан манъ мекунам**". Ривояти Бухорӣ.

Аз Оиша разияллоҳу анҳо ривоят аст, ки Паёмбар ﷺ–ро шунидам, ки мефармуд: "**Ин сиёҳдона шифои ҳар дард аст, ҷуз сом**". Гуфтам: Ва сом чист? Фармуд: "**Марг**". Ривояти Бухорӣ.

۞Ва Паёмбар ﷺ фармуд: "**Талбина дили беморро оромӣ мебахшад ва ғаму андӯҳро аз байн мебарад**". Ривояти Бухорӣ ва Муслим. Ва талбина: Шӯрбое монанди ҳарира, ки аз орд ва сабӯс таҳия карда шавад. Чунин номида шуд, аз рӯи шабоҳати он ба шир дар сафедӣ.

۞Ва Паёмбар ﷺ фармуд: "**Истеъмоли уди ҳиндиро лозим гиред, зеро ки дар он шифои ҳафт беморӣ аст: Дар узра (дарди ҳалқ) аз бинӣ чаконида мешавад ва аз зоти ҷанб (бемории синаи паҳлӯ) аз роҳи даҳан рехта мешавад**". Ривояти Бухорӣ ва Муслим.

۞Ва Паёмбар ﷺ фармуд: "**Беҳтарин чизе, ки ба он муолиҷа мекунед, ҳиҷомат ва дуд додан ба қусти (чуби) баҳрӣ аст**". Ривояти Бухорӣ ва Муслим.

۞Ва Паёмбар ﷺ фармуд: "**Хоч (занбӯруғ) аз ҷумлаи ман аст ва оби он барои чашм шифо аст**". Ривояти Бухорӣ ва Муслим.

۞Ва Паёмбар ﷺ фармуд: "**Таб аз нафаси ҷаҳаннам аст, пас онро ба об хомӯш кунед**". Ривояти Бухорӣ ва Муслим.

۞Ва Паёмбар ﷺ фармуд: "**Агар дар сарзамине тоъунро шунидед, пас ба он дохил машавед ва агар дар сарзамине воқеъ шуд, ки шумо дар он ҷо ҳастед, пас аз он ҷо хориҷ нашавед**". Ривояти Бухорӣ ва Муслим.

۞Ва Паёмбар ﷺ фармуд: "**Ҳар кӣ ҳар субҳ чанд хурмои Аҷваро бихӯрад, он рӯз то шаб на заҳр ба ӯ зиён мерасонад ва на ҷоду**". Ривояти Бухорӣ ва Муслим.

Баъзе чизҳое, ки дар руқия омадааст:

۞Абӯсаъиди Худрӣ разияллоҳу анҳу сардори қавме, ки каждум газида буд, руқия хонд. Сураи Фотиҳаро мехонд ва оби даҳонашро ҷамъ мекард ва туф мекард, пас шифо ёфт, пас қавми ӯ барои онон галаи гусфанд ато карданд, пас Паёмбар ﷺ фармуд: "**Аз куҷо донистӣ, ки он руқия аст? Он галаро гиред ва барои ман ҳам насиба ҷудо кунед**". Ривояти Бухорӣ ва Муслим.

۞Ва аз Оиша разияллоҳу анҳо ривоят аст, ки: "**Паёмбар ﷺ дар беморие, ки даргузашт, бар худ ба сураи Фалақу Нос дам мекард, пас вақте ки бемориаш вазнин шуд, ман бар ӯ ба он сураҳо дам мекардам ва ба дасти худаш аз рӯи баракаташ ӯро масҳ мекардам**". Ривояти Бухорӣ ва Муслим.

۞Ва аз Оиша разияллоҳу анҳо ривоят аст, ки гуфт: "**Расулуллоҳ ﷺ ҳаргоҳ ба бистари хоб мерафт, ба дастонаш ба Қул ҳуваллоҳу аҳад ва Фалақу Нос ҳамагӣ медамид, сипас ба онҳо рӯ ва ба ҳар ҷое аз баданаш, ки дастонаш мерасид, масҳ мекашид**". Ривояти Бухорӣ.

۞Ва аз Оиша разияллоҳу анҳо ривоят аст, ки Паёмбар ﷺ "**амр кард, ки аз чашм руқия хонда шавад**". Ривояти Бухорӣ ва Муслим.

۞Ва аз Оиша разияллоҳу анҳо ривоят аст, ки гуфт: "**Паёмбар ﷺ аз ҳар таб руқия хонданро иҷозат дод**". Ривояти Бухорӣ ва Муслим.

۞Аз руқияи Ӯ ﷺ: "**Аллоҳумма раббаннос, музҳибалбаъс, ишфи анташ шофӣ ла шофия илло анта, шифоан ла юғодиру сақаман**". Ривояти Бухорӣ ва Муслим.

۞Ва аз ҷумлаи он: "**Имсаҳил баъс раббаннос биядикаш шифо, ла кошифа лаҳу илла анта**". Ривояти Бухорӣ ва Муслим.

۞Аз ҷумла ин аст, ки аз оби даҳонаш ба ангушти ишорат мегирад, сипас онро ба замин мегузорад ва чизе ба он часпид, сипас ба ҷои захм ё бемор масҳ мекунад ва мефармояд: "**Бисмиллоҳ, турбату арзина, бириқати баъзина, юшфо сақимуна, биизни раббино". Ривояти Бухорӣ ва Муслим.**".

Боби закот ва шикор

Закот: Резондани хуни ҳайвон, ки ҳалол мешавад:

(1)Аз гардан: агар бар он қудрат дошта бошад, вагарна:

(а)Ба забҳ кардан.

(б)Ва ё наҳр (аз сина куштан).

(2)Ақр: Агар бар он қудрат надошта бошад, аз куҷои бадани он хун резондан.

Ҳайвонҳои ҳалол, бе забҳ кардан ҳалол намешавад, ҷуз моҳӣ ва малах.
Шартҳои забҳ:

(1)Забҳкун мусалмон, аҳли китоб (оқилу фарққун) бошад.

(2)Бо корди тез бошад.

(3)Хунро резонад.

(4)Ҳулқум (ҷои равиши нафас) ва марӣ (равиши таом)-ро бибурад.

(5)Ва бар он номи Аллоҳро зикр кунад.

Дар бораи шикор низ шарт аст, магар ин ки резондани хун дар ҳар ҷои бадан ҷоиз аст.

Ақсоми шикор:

(1)Ҷоиз: Ба хотири эҳтиёҷ ва хӯрдан сайд кардан.

(2)Ҳаром: Беҳуда сайд кунад.

Дар бораи шикор низ шарт аст, магар ин ки резондани хун дар ҳар ҷои бадан ҷоиз аст.
Ва мисли шикор аст, он ҳайвоне, ки гурезад ва онро забҳ карда натавонад.
Ва аз Рофеъ ибни Хадиҷ ба таври марфӯъ ривоят шудааст, ки гуфт: "**Он чӣ хунро резад ва номи Аллоҳ бар он зикр шавад, пас бихӯр, ҷуз дандон ва нохун, аммо дандон устухон аст ва нохун, пас корди аҳли Ҳабаша аст**". Ривояти Бухорӣ ва Муслим.
Шикор кардани саге, ки ба он таълим дода шудааст, ҷоиз аст, ки:

(1)Идома медиҳад, агар он фиристода шавад.

(2)Ва агар сарзаниш шавад, бозмеистад.

(3)Агар қапад, намехӯрад.

Ва ҳаргоҳ сагро фиристод, бар он бисмиллоҳ мегӯяд.
Аз Адӣ ибни Ҳотим ривоят аст, ки гуфт: Расулуллоҳ ﷺ фармуд: "**Ҳаргоҳ саги таълим дода шудаатро фиристодӣ, пас бар он бисмиллоҳ бигӯ:**

(1)Агар барои ту сайд кунад ва ту онро зинда ёфтӣ, пас онро забҳ	(2)Агар онро ёфтӣ, ки онро кушт ааст ва аз он нахӯрдааст, пас онро бихӯр.	(3)Агар бо сагат саги дигареро ёфтӣ ва сайдро куштааст, пас онро махӯр, зеро ту намедонӣ, ки кадоми онҳо онро куштааст.	(4)Агар тиратро задӣ, пас номи Аллоҳро бар он зикр кун.	(5)Агар як рӯз аз ту ғоиб шуд ва дар он ҷуз нишонаи тири худ надидӣ, агар бихоҳӣ бихӯр.	**(6)Агар онро дар об ғарқшуда ёфтӣ, пас онро нахӯр". Ривояти Бухорӣ ва Муслим.**

Ва дар ҳадис омадааст: "**Аллоҳ эҳсонро бар ҳар чиз воҷиб кардааст, пас вақте ки мекушед, ба таври накӯ бикушед ва вақте ки забҳ мекунед, ба таври накӯ забҳ кунед ва бояд яке аз шумо кордашро тез кунад ва ҳайвони мекуштагии худро роҳат диҳад**". Ривояти Муслим.
Ва Паёмбар ﷺ фармуд: "**Забҳи ҷанин забҳи модараш аст**". Ривояти Аҳмад.

Боби аймон ва назрҳо

(Аймон:)

Ямин: Таъкид кардани шайъ бо зикри таъзимшуда (Аллоҳ, ё номе аз номҳои Ӯ ё сифате аз сифатҳои Ӯ) ба равиши махсус.
Равиши он: Ба яке аз ҳарфҳои қасам: Вов, бо, то, ҳои мадшуда ва ҳамзаи мадшудааст.
Қоида: Савганд ба ният, баъд ба сабаби он, сипас муайяншуда ва сипас ба лафз мегардад.

Савганд ба ҷуз Аллоҳ ё яке аз номҳои Ӯ ва ё яке аз сифатҳои Ӯ баста намешавад.

Ақсоми савганд:

(1)Ба Аллоҳ савганд хӯрдан:		(2)Ба ғайри Аллоҳ савганд хӯрдан ширк аст, ба он савганд баста намешавад.
(а)Ба гузашта.	(б)Ба оянда.	

Савганде, ки каффоратро тақозо мекунад, бояд чунин бошад:

(1)Кори оянда бошад.	(2)Ба Аллоҳ бошад.	(3)Ба нияти қасам бошад.

Агар бар гузашта бошад:

(1)Ӯ дурӯғгӯи доност (бо он моли мусалмонро қатъ мекунад) ин савганди дурӯғ ва қасдан аст.	(2)Агар гумон кунад, ки ростгӯ аст, аз савгандҳои беҳуда аст (ки беихтиёр дар забонаш меояд), монанди гуфтаи ӯ: (Не, ба Аллоҳ) ва (бале ба Аллоҳ) дар пешниҳоди суханаш.

Ва агар савганди худро (бо ихтиёру ёд доштан) мешиканад, бар тарки он чизе ки савганд хӯрд, анҷом диҳад ва ё он чиро, ки бар карданаш савганд хӯрдааст, тарк кард, бар ӯ каффорат воҷиб мешавад:

(1)Бар ихтиёр:			(2)Сипас ба тартиб:
(1)Озод кардани ғулом.	(2)Ё даҳ мискинро таом додан.	(3)Ё он (даҳ мискинро) либос пӯшондан.	Агар наёфт (паиҳам) се рӯз рӯза медорад.

Аз Абдурраҳмон ибни Самура ривоят аст, ки гуфт: Расулуллоҳ ﷺ фармуд: "**Ҳаргоҳ бар чизе савганд хӯрдӣ,пас ғайрашро азон беҳтар дидӣ, пас аз савгандат каффорат бидеҳ ва он чизе, ки хайр аст, онро анҷом деҳ**". Ривояти Бухорӣ ва Муслим. Ва дар ҳадис омадааст: "**Касе қасам ёд кунад, пас гуфт: Агар Аллоҳ бихоҳад, пас ҳонис (шикананда) намешавад**". Панҷ нафар ривоят кардаанд.

Таом додан ва таомдодашуда се ҳолат дорад:

(1)Он чизе ки барои пардохтшуда бе гиранда таъйин мешавад, мисли закоти фитр.	(2)Он чизе ки дар пардохтшуда ва гиранда муайян шудааст, мисли фидяи азору азият.	(3)Он чизе ки дар он гиранда ҷуз пардохтшуда муайян мешавад, мисли каффорати савганд.

Дар савгандҳо гашта мешавад, ба:

(1)Дар ғайри даъвоҳо:			(2)Дар даъвоҳо:
(а)Нияти савгандхӯр.	(б)Баъд, ба сабабе, ки савгандро барангехт.	(ҷ)Сипас ба калимаи далолаткунандаи ният ва ирода.	Ҷуз дар даъвоҳо, пас дар ҳадис омадааст: "Қасам ба нияти қасамдеҳ вобастааст". Ривояти Муслим.

(Назрҳо:)

Назр дар луғат: Паймон ва ҳатмӣ аст. Ва дар шариат: (Инсон бар худаш чизеро, ки воҷиб нест, воҷиб мегардонад).

Ақсоми назр:

(1)Барои ғайри Аллоҳ: Ширки акбар аст, мисли савганд ба ҷуз Аллоҳ танҳо ба лафз бошад, пас назр намешавад, яъне дар он вафо нест ва бар ӯ каффорате нест ва дар он тавба ба сӯи Аллоҳ аст.

(2)Барои Аллоҳ таъоло ва ин баста мешавад ва он ду қисм аст:

(а)Назри ом ва дар ин ҳамаи мусалмон дохил аст (**ба назр вафо мекунанд**), зеро мусалмон барои Аллоҳ назр кардааст, ки ҳамаи амрҳоро иҷро мекунад ва ҳамаи манъшудаҳоро тарк мекунад.

(б)Назри хос, мисли ин ки чизи муайянеро назр кунад ва ҳукми он:

Пеш аз талафузи он: Ҳаром аст, аз рӯи ин ки Паёмбар ﷺ аз он манъ кардааст ва агар хайр мебуд, ҳароина Паёмбар ﷺ назр мекард, пас вақте онро тарк кард ва аз он манъ кард, далолат бар ҷоиз набудани он аст.

Пас аз гуфтани он: Дар он вафо ё каффорати савганд аст ва ҳукмаш аз рӯи навъаш гуногун аст:

(1)Назри тоат: Ба он вафо кардан воҷиб аст ва агар қасамашро шикаст, пас бар ӯ каффорат аст, мисоли он: Касе ки дар ғайри вақти манъшуда намози нафлро назр кард.

(2)Назри маъсият: Ба он вафо кардан ҳаром аст ва ҳонис шудан ва каффорат воҷиб аст, мисоли он: Касе кори ҳаромро назр кунад, мисли ғайбат кардан.

(3)Назри мубоҳ: Байни иҷрои он ва ин беҳтар аст ва байни ҳонис шудан бо каффорат додан ихтиёр дода мешавад, мисоли он: Ҳар кӣ назр кунад, ки либоси муайяни ҷоиз пӯшад.

(4)Назри хашму ғазаб: Мисли ҳукми мубоҳ аст ва ба он маънои савгандро қасд карда мешавад, масалан касе ки назр кунад, ки аз шаҳр хори шавад.

(5)Назри макрӯҳ: Ба он вафо кардан макрӯҳ аст ва ҳонис шудану каффорат мустаҳаб аст, мисоли он: Кас дар намоз илтифот карданро назр кунад.

(6)Назри мутлақ: Назрест, ки соҳибаш чизеро ном нагирифта бошад ва дар он каффорат аст, мисоли он: Касе гӯяд, ки (барои Аллоҳ бар ман назр) ва сукут кунад.

Ва ақди назри макрӯҳ (ё ҳаром).
Ва Паёмбар ﷺ аз назр манъ кард ва фармуд: "**Назр хайр намеорад, балки ба он аз бахил гирифта мешавад**". Ривояти Бухорӣ ва Муслим.
Агар бар кори хайр назр кард, бар он вафо кардан воҷиб аст, аз рӯи фармудаи Паёмбар ﷺ: "**Ҳар кӣ назр кунад, ки Аллоҳро итоат мекунад, пас Ӯро итоат кунад ва ҳар кӣ назр кунад, ки Аллоҳро бефармонӣ мекунад, пас Ӯро бефармонӣ накунад**". Ривояти Бухорӣ ва Муслим.
Ва агар назри мубоҳ ё дар ҷои қасам бошад, монанди назри хашму ғазаб ё назри маъсият бошад:

(1)Ба он вафо кардан воҷиб нест.	(2)Дар он каффорати савганд аст, агар ба он вафо накунад.	(3)Дар маъсият ба он вафо кардан ҳаром мебошад.

Фарқ дар миёни назри тоат, назри маъсият ва назри барои ғайри Аллоҳ:

(1)Назри тоат барои Аллоҳ: Баста мешавад, яъне дар он вафо ё каффорат аст. Ва ба он вафо кардан воҷиб аст.	**(2)Назри маъсияти Аллоҳ:** Баста мешавад, яъне дар он вафо ва ё каффорат аст. Ва ба он вафо кардан ҳаром аст.	**(3)Назр барои ғайри Аллоҳ:** Баста намешавад. Пас дар он вафо ва каффорат нест ва дар он тавба аст. Ва он ширки акбар аст.

Мартабаҳои ҳифзи савганд:

(1)Онро дар ибтидо ҳифз кардан: Ба қасам нахӯрдан.	**(2)Дар миёна ҳифз кардан:** Онро нашикастан. Ҷуз он чизе ки истисно шудааст.	**(3)Дар охир онро ҳифз кардан:** Пас аз шикастан каффорат додан.	**(4)Ба ин ки ба ҷуз Аллоҳ қасам нахӯрад.**

Баъзе он чизе ки дар манъи дурӯғгӯй омадааст:
Аллоҳ таъоло фармуд: (**Ва аз он чи ба он илм надорӣ, пайравӣ накун, бе шак гӯш, чашм ва дил, аз ҳар яки инҳо пурсида хоҳанд шуд**).
Ва Аллоҳ таъоло фармуд: (**Ҳеҷ суханеро бар забон намеорад, магар ин ки наздаш муроқибе ҳозир "ва омодаи навиштан" аст**).
Ва Паёмбар ﷺ фармуд: "**Ҳароина ростӣ ба сӯи хайр роҳнамой мекунад ва хайр ба сӯи ҷаннат роҳнамой мекунад ва ҳароина мард рост мегӯяд, то дар назди Аллоҳ ростгӯ нависта мешавад ва албатта дурӯғ ба фисқу фуҷур мерасонад ва фисқу фуҷур ба дӯзах мерасонад ва ҳароина мард дурӯғ мегӯяд, то ки дар назди Аллоҳ дурӯғгӯ нависта мешавад**". Ривояти Бухорӣ ва Муслим.

Суолҳои китоби таомҳо

Суол:	Дуруст	Хато
۞ Хӯрдани таоме, ки шариат иҷозат надодааст, барои мусалмон ҷоиз нест.	☐	☐
۞ Ҳайвони баҳрӣ, агар мурда ёфт шавад ҳам, ба шарте ки тағйир наёфта бошад, ҷоиз аст.	☐	☐
۞ Тимсоҳро хӯрдан ҷоиз аст, зеро он ҳайвони баҳрӣ аст.	☐	☐
۞ Ҳайвоноти баҳрии ҳифзшуда, ба шарте ки онҳо вайрон нашаванд, ба монанди харчанги хушк ҷоиз аст.	☐	☐
۞ Шаробҳои ҳаромшуда онест, ки хамр номида шудааст.	☐	☐
۞ Агар нӯшиданӣ ё таом ба ҷуз миқдори зиёди он маст накунад, андаке аз он ҳалол аст.	☐	☐
۞ Ҳайвоне, ки дар баҳр зиндагӣ мекунад, барои ҳаллол шудани он забҳ кардан шарт нест.	☐	☐
۞ Агар чизе ки забҳ мешавад, наҳр кунад ва ё чизе ки наҳр мешавад, забҳ кунад, кушатанаш дуруст намешавад.	☐	☐
۞ Ҳайвонеро ақр кардан дуруст нест, магар ин ки забҳ ва ё наҳр кардани он ғайриимкон бошад.	☐	☐
۞ Барои ҳалол шудани ҳайвон куштан шарт нест ва албатта мустаҳаб аст.	☐	☐
۞ Куштани кӯдаки ғайри фарққунанда дуруст аст.	☐	☐
۞ Барои инсон ҷоиз аст, ки барои фурӯхтани сайд шикор кунад ва ба пули он баҳра барад.	☐	☐
۞ Бар мӯҳрим шикори моҳӣ дуруст аст.	☐	☐
۞ Шикори ҳайвонҳои аҳл ҷоиз аст.	☐	☐
۞ Дар Макка шикори ҳайвони хушкӣ барои ғайри муҳрим ҷоиз аст.	☐	☐
۞ Асл таомҳо ҳалол аст, пас чизеро ҳаром намегӯем, магар ба далеле аз Қуръон ва суннат.	☐	☐
۞ Ҳар кӣ чизе аз таомҳои ҳайвонӣ ё наботӣ ё ғайраро ҳаром гӯяд, пас бояд далел орад, зеро дар асл ҳалол аст.	☐	☐
۞ Асл дар ғайри ҳайвон ҳалолӣ аст, модоме ки зарари он собит нашавад.	☐	☐
۞ Ҳар ашкдандон аз дарандаҳо ҳаром аст ва ҳар соҳиб чангол аз парандаҳо ҳаром аст.	☐	☐
۞ Дини Ислом чуноне ки бар инсон раҳм мекунад, ҳайвонро ҳам раҳм мекунад.	☐	☐
۞ Барои ҳалол шудани ҳайвони кушташуда рехтани хун шарт аст.	☐	☐
۞ Назр қазоро намегардонад ва хайрро ҷалб намекунад ва шарро бартараф намекунад.	☐	☐

۞Аз дасти қассоб гусфанд гурехт, пас бисмиллоҳ гуфту дар шиками он бар тир зад ва мурд: ☐ Майит аст. ☐ Ҳалол аст.
۞Марде камонашро тоза мекард, пас аз он тире баромаду сайдеро зад: ☐ Майита аст. ☐ Ҳалол аст.
۞Мусалмоне қасдан бисмиллоҳро дар забҳ кардан тарк кард: ☐ Майита аст. ☐ Ҳалол аст.
۞Савганде, ки дар он каффорат воҷиб намешавад, он аст, ки бар: ☐ Кори гузашта аст. ☐ Гумони ғолиб аст. ☐ Ҳамагӣ.
۞ Кадоми онҳо сахттар ҳаром аст: ☐ Ба ғайри Аллоҳ рост савганд хӯрдан. ☐ Ба Аллоҳ дурӯғ савганд хӯрдан.
۞ Ҳар як таомҳои ва нӯшиданиҳои пок, ки дар он зарар нест: ☐ Равост. ☐ Бар ҳалол будан аш далел ҳатмӣ аст.
۞Парандаҳои соҳибчангол: ☐ Ҳалол. ☐ Ҳаром аст. ☐ Дар он баёни муфассал аст: Агар ба он шикор кунад, пас ҳаром аст, вагарна ҳалол аст.
۞Мусалмоне қасдан бисмиллоҳро тарк кунад: ☐ Майита аст. ☐ Ҳалол аст.
۞Агар ҳайвони аз баландӣ афтода ёфт шавад ва дар он ҳаёт аст, сипас кушта шавад, пас он: ☐ Ҳалол нест. ☐ Ҳалол аст.
۞ Ҳабси ҳайвон ва онро ҳадафи тирандозӣ қарор додан: ☐ Барои омӯхтани тирандозӣ дуруст аст. ☐ Дуруст нест.
۞ Ҳаргоҳ зарари чизи пок барои инсони муайяне собит шуд, дар ҳаққи ӯ: ☐ Ҳаром. ☐ Ҳалол мегардад.
۞ Кушташуда (☐ҳалол аст. ☐Ҳалол нест), магар ки бар он номи Аллоҳ гуфта шавад.
۞ (☐ Бояд, ☐ набояд) инсон бисёр қасам хӯрад ва (☐ бояд, ☐ набояд), ки савгандхӯрад, магар дар чизи муҳим.
۞ (☐ Бояд, ☐ набояд) инсон савгандашро шиканад, агар хайр бошад.
۞ Назр агар номида нашвад: ☐ Дар он каффорати савганд аст. ☐ Дар он каффорат нест.
۞ Назри маъсият (☐ баста мешавад ☐ баста намешавад), вале (ҷоиз нест ҷоиз аст), ки ба он вафо шавад (☐ балки каффорат медиҳад ☐ каффорат намедиҳад) каффорати савганд.
۞Ҳар кӣ назр кунад, ки тавони васфи онро надорад, бояд асли онро иҷро кунад ва аз васфаш каффорат диҳад: ☐ Дуруст. ☐ Хато аст.

Шайъ:	Ҳалол	Ҳаром
۞ Хари ваҳшӣ.	☐	☐
۞ Ҳайвонҳои заҳрдор, монанди морҳо, каждумҳо ва келаск.	☐	☐
۞ Он чи аз ҳайвони хӯрданӣ ва ғайри он таваллуд шудааст, мисли хачир (аз асп ва хари аҳлӣ аст).	☐	☐
۞ Ҳайвони хӯраднироо барои ғайри хӯрдани он забҳ кардан.	☐	☐
۞ Мусалмон заргушеро ба сагеаш, ки таълим додашуда нест, сайд кард.	☐	☐
۞ Мусалмоне оҳуеро ба саги таълимдодашудааш сайд кард, вале саг аз он хӯрдааст.	☐	☐

Китоби ҷиноятҳо

Ҷиноят: Ин ҳамла ба бадан аст, ки қасос, пул ё каффоратро тала б мекунад ва ба чунинҳо тақсим мешавад:

(1)Ҷиноят бар нафс.	(2)Ҷиноят дар ғайри нафс:			
	(а)Ба ҷароҳат:		(б)Буридани тараф.	(ҷ)Бекор кардани фоидаи узв.
	Кафондани рӯ ва сар.	Ҷароҳати соири бадан.		

Ба ноҳақ куштан, ба се қисм тақсим мешавад:

Яке аз он: Қасдану душманӣ аст ва он: Ҷиноятест, ки ғолибан куштан пешбинӣ шудааст. Дар он валӣ ихтиёр дорад, байни:

(а)Куштан. (б)Ва хунбаҳо.

Аз рӯи фармудаи Паёмбар : "**Барои касе нафаре кушта шуд, пас ба яке аз ду назар ихтиёр дорад: Ё куштан ва ё фидя додан**". Ривояти Бухорӣ ва Муслим.

Дуввум: Шабеҳи қасдан: Ва он ин аст, ки қасди ҷиноят дорад, ки ғолибан ба он кушта намешавад.

Сеюм: Хато ва он ин аст, ки ҷиноят бе қасд, бевосита ё бо сабабе аз ӯ содир шудааст. Дар охир қасос нест, балки:

(а)Дар моли қотил каффорат аст (озод кардани ғуломи мӯъмин ва агар ёфт нашавад, ду моҳ пай дар пай рӯза доштан).

(б)Пули хун ба дасти хешу табораш аст, ки инҳоянд: Ҳама хешовандони ӯ, дуру наздик, мувофиқи шароиташон дар байни онҳо тақсим карда мешавад ва ба муддати се сол ба онҳо вақт дода мешавад, ҳар сол сеяки онро мегиранд.

Шартҳои қасоси дар нафс:

(1)Қотил мукаллаф бошад.	(2)Хуни мақтул маъсум бошад.	(3)Байни қотил ва мақтул баробарӣ бошад, пас бо ӯ дар озодӣ ва дин баробар бошад.	(4)Таваллуд накардан, аз ин рӯ, ҳеҷ яке аз волидайн кушта намешавад, ва агарчи аз кӯдак боло бошад ва паст бошад.

Шартҳои иҷрои қасос:		
(1)Мустаҳиққони он мукаллаф бошанд.	(2)Соҳибонаш дар иҷрои он иттифоқ дошта бошанд.	(3)Боварӣ бошад, ки қасос дар ғайри гунаҳгор намегузарад.

Се навъи қатл ва ҳукмҳои онҳо:		
(1)Қасдан.	(2)Шабеҳи қасдан.	(3)Хато.
Дар он қасос аст.	Дар ин ду қасос нест.	
Дар ин хунбаҳо бар қотил аст.	Дар ин ду хунбаҳо бар оқила аст.	
Он ду аз ҷониби қотил қасд шудааст.	Бе қасд мебошад.	
Дар ин ду хунбаҳои вазнин аст.	Дар ин хунбаҳои сабук аст.	
Дар ин гуноҳи азим аст.	Дар ин гуноҳ аст.	Дар ин гуноҳ нест.
Дар ин каффорат нест.	Дар ин ду каффорат аст.	

Дар хунбаҳоҳо ду қоида аст:

۞Ҳар узве, ки фалаҷ аст, дар он пули хун нест, балки дар он ҳукумат аст, ҷуз ду узв: Гӯш ва бинӣ.

۞Ҳар кӣ бар узве ҷиноят кунад ва онро фалаҷ кунад, бояд барои он узв пули хун диҳад, ҷуз бинӣ ва гӯш, зеро бинӣ ва гӯш зебоияшон боқӣ аст ва агарчи фалаҷ бошанд, ҳам.

Ва хунбаҳоҳои нафс ва ғайри он дар ҳадиси Амр ибни Ҳазм муфассал баён шуда аст, ки: "**Паёмбар ﷺ ба сӯи аҳли Яман навист....**", ва дар он омадааст: "**Ҳар кас, ки мӯъминеро қасдан бикушад, далел бошад, пас он қасос аст, магар ин ки валиёни кушташуда ба хунбаҳо розӣ шаванд ва ин ки**":

Нафс:	**Дар нафс: Сад шутур хунбаҳо аст.**		
Бинӣ:	**Ва дар бинӣ, агар аз кунади он айбдор карда шавад: Хунбаҳост.**	**Забон:**	**Ва дар забон: Хунбаҳост.**
Лаб:	**Ва дар лабҳо: Хунбаҳост.**	**Мардӣ:**	**Ва дар мардӣ: Хунбаҳост.**

Хоя:	**Дар хояҳо дият (хунбаҳо) аст.**	**Пушт:**	**Дар пушт дият аст.**
Чашм:	**Дар чашмон дият аст.**	**По:**	**Дар як по: Нисфи дият аст.**
Маъмума:	**فِـي الْمَأْمُومَـةِ: ثُلُـثُ دِيَّـةٍ**	**Ҷоифа:**	**Ва дар ҷоифа сеяки дият аст.**
Мунқала:	**Ва дар мунқала: Понздаҳ шутур аст.**		
Ангушт:	**Ва дар ҳар ангушти даст ва по: Даҳ шутур аст.**		
Дандон:	**Ва дар дандон: Панҷ шутур аст** (байни дандон ва дандони курсӣ фарқе нест).		
Мӯзиҳа:	**Ва дар мӯзиҳа: Панҷ шутур аст.**		

Ва дар ҳар ҳосса дияти комил аст, мисли шунавоӣ, биноӣ ва бӯйидан.

Ва ин ки мард ба хотири зан кушта мешавад ва аҳли тилло бояд ҳазор динор бипардозанд". Ривояти Абӯдовуд.

Баъзе навъҳои ҷароҳат:

(1)Маъмума: Касест, ки ҷароҳат бар пӯсти атрофи димоғи ӯ расида бошад.	**(2)Ҷоифа:** Ҷароҳатест, ки бар холигии шикам мерасад.	**(3)Мунаққила:** Ҷароҳатест, ки устухонро аз як ҷо ба ҷои дигар мекӯчонад.	**(4)Мӯзиҳа:** Ҷароҳатест, ки устухонро сӯрох ва кашф мекунад.

Аъзои ҷисми инсон бинобар он чизе, ки дар он аст, тақсим мешавад, аз ҷумла:

(1)Якто: Мисоли он: Забон. **Ҳукми он:** Дар он дият аст.	**(2)Дуто:** Мисоли он: Чашм. **Ҳукми он:** Дар ҳар ду чашм дият аст ва дар якеи он, нисфи дият аст.	**(3)Сето:** Мисоли он: Бинӣ, зеро дар он, ду сурохӣ ва монеъа дорад. **Ҳукми он:** Дар ҳар сеаш дият аст ва дар якеи он, сеяки дият аст.	**(4) Чорто:** Мисоли он: Мижаҳо бар канори пилки чашмҳо. **Ҳукми он:** Дар ҳамааш дият ва дар якеи он чоряки дият аст.	**(5)Даҳто:** Мисоли он: Ангуштони дастон. **Ҳукми он:** Дар он дият аст ва дар якеи он, даҳяки дият аст.

Дар воҷиб шудани қасос шарт аст, ки:

(1)Қотил мукаллаф бошад.	(2)Мақтул: Бегуноҳ ва бо ҷиноятқор дар Ислом, ғуломӣ ва озодӣ баробар бошад, пас мусалмон ба кофир ва озод ба ғулом кушта намешавад.	(3)Қотил падари мақтул набошад. Пас волидайн ба фарзанд кушта намешавад.	(4)Бояд, ки валиёни мукаллаф иттифоқ кунанд.	(5)Дар иҷрои он, аз таҷовуз амн бошад.

Ва гурӯҳ ба як кас кушта мешавад. Ҳар як аъзо бояд ба монанди худ, агар имконпазир бошад, бе таҷовуз кардан, қасос гирифта мешавад, аз рӯи фармудаи Аллоҳ таъоло: (**Ва дар он бар онҳо муқаррар кардем, ки ҷон дар баробари ҷон**) то охири оят. Ва дияти зан:

(1)Нисфи дияти мард аст.	(2)Магар дар камтар аз сеяки дият, пас онҳо баробаранд.

Баъзе чизҳое, ки дар бораи куштани нафс (худкушӣ) омадааст:

Аллоҳ азза ва ҷалла фармуд: (**Ва худатонро накушед, зеро Аллоҳ ба шумо меҳрубон аст**).

Ва Паёмбар ﷺ фармуд: "**Ҳар кӣ дар дунё бо чизе худкушӣ кунад, дар рӯзи қиёмат ба он азоб дода мешавад**". Ривояти Бухорӣ ва Муслим.

Ва Паёмбар ﷺ фармуд: "**Дар миёни касоне, ки пеш аз шумо буданд, марде буд, ки захме дошт ва сабр накард ва корде гирифт ва дасташро бо он бурид ва хун то мурданаш қатъ нашуд. Аллоҳ таъоло фармуд: Бандаи Ман ба куштани худаш бар Ман шитоб кард. Ман биҳиштро бар ӯ ҳаром кардам**". Ривояти Бухорӣ.

Ва бисёри худкушӣ аз ноумедӣ аст, Аллоҳ азза ва ҷалла фармуд: (**Ва кӣ ҷуз гумроҳон аз раҳмати Парвардигораш ноумед мешавад?!**).

Баъзе аз он чи дар бораи куштани кофире, ки хунаш маъсум аст (зиммӣ, мустаъмин, ҳампаймон):

Паёмбар ﷺ фармуд: "**Ҳар кӣ ҳампаймонро бикушад, бӯи биҳиштро бӯй накашад**". Ривояти Бухорӣ. Ва фармуд: "**Ҳар кӣ марде аз аҳли зиммаро бикушад, бӯи ҷаннатро намеёбад**". Ривояти Аҳмад ва Насой. Ва фармуд: "**Кадом марде марди дигареро бар хунаш эмин кунад, сипас ӯро бикушад, ман аз қотил безорам, ҳатто агар кушташуда кофир бошад**". Ривояти Ибни Ҳиббон.

Ақсоми паймонҳо бо кофирон:

(1)Аҳде, ки дар он рост буданд: Пас мо ба он аҳд вафо мекунем, Аллоҳ таъоло фармуд: (**То замоне ки "бар паймонашон" вафодор монданд, шумо низ вафодор бошед. Албатта Аллоҳ парҳезгоронро дӯст медорад**).	**(2)Аҳде, ки онро шикастанд:** Барои онҳо аҳде нест, Аллоҳ таъоло фармуд: (**Ва агар савганди худро пас аз аҳди худ шикастанд ва дар дини шумо таъна заданд, пас бо пешвоёни куфр ҷанг кунед, зеро онҳо аҳд надоранд, бошад, ки даст бардоранд**).	**(3)Аҳде, ки мо аз шикастани онҳо хавф дорем:** Пас бар онҳо пас мегардонем, Аллоҳ таъоло фармуд: (**Аз хиёнати қавме тарс доштӣ, мунсифона "паймонашонро" ба сӯи онҳо бияндоз, ба ростӣ, ки Аллоҳ хоинонро дӯст намедорад**).

Китоби ҳудуд

Ҳад: Уқубати муқарраршуда дар шариат аст.

Ҳад нест, магар бар:

(1)Мукаллаф.	(2)Пойбанд.	(3)Ба ҳаром будани он огоҳ.

Ва ҳадро барпо намекунад, магар:

(1)Пешво ва ноиби ӯ.	(2)Ба ҷуз оғо, зеро вай ҳақ дорад, ки тозиёна занад, махсусан барои ғуломонаш.

Ҳадди ғулом дар тозиёна нисфи ҳадди ҳадди озод аст.

Ҳадди зино

Пас таърифи зино ва он амали зишт аст, ки дар пеш ё пас карда шавад:

(1)Агар оиладор бошад: Ва ӯ касест, ки зан гирифта ва бо ӯ ҳамбистарӣ кардааст, дар ҳоле ки озоданду мукаллафанд, пас сангсор карда мешавад (мард бошад ё зан), то ки бимирад.	**(2)Агар ғайри оиладор бошад:** Сад тозиёна зада шавад ва аз ватанаш як сол бадарға карда шавад (ва зан бе маҳрам бадарға карда намешавад).

Вале, ба шарте ки:

(1)Ба он чор бор эътироф кунад.	(2)Ё чор марди одил бар он шоҳидӣ диҳанд, ба шаҳодаташон ошкоро шаҳодат диҳанд.
(3)Ё касе, ки шавҳар ва оғо надорад, ҳомила шавад.	(4)Ё шавҳар лаънатгӯй кунад ва зан аз он дифоъ намекунад.

Аллоҳ таъоло фармуд: (**Ҳар як аз зан ва марди зинокорро сад тозиёна бизанед**). Аз Убода ибни Сомит ба таври марфӯъ омадааст: "**Онро аз ман бигиред, аз ман бигиред, зеро Аллоҳ барояшон роҳе қарор дод: Писар бо духтар сад тозиёна ва як сол ғурбат ва оиладида бо оиладида сад тозиёна ва сангсор**". Ривояти Муслим.

Ва охири ду амр оиладорро танҳо сангсор кардан аст, чуноне ки дар қиссаи Моъиз ва Ғомидийя омадааст.

Тадбирҳои пешгирикунанда, иншоаллоҳ, аз афтодан ба ҷинояти зино:

(1)Тақвои Аллоҳ ва дуъо кардан. Аллоҳ таъоло фармуд: (**Ва агар макри онҳоро аз ман магардонӣ, ба сӯи онҳо майл мекунам**). Ва Паёмбар ﷺ фармуд: "**Ту чизеро ба хотири Аллоҳ тарк намекунӣ, магар ки Аллоҳ барои ту беҳтар аз онро медиҳад**". Ривояти Аҳмад.

(2)Ба издивоҷ шитоб кардан ва агар натавонист, рӯзи гирад.

(3)Амр ба ин ки чашм пӯшанд ва аз ҷойҳое, ки занон ҳозир мешаванд, аз қабили бозорҳо дурӣ ҷӯянд.

(4)Амри занон ба пӯшидани ҳиҷоб, бо онҳо нарм сухан нагуфтан, танҳо набудан ва дастфишорӣ накардан.

(5)Хондани сура ва қиссаи Юсуф алайҳиссалом.

(6)Бо некон дӯстӣ кардан.

(7)Чигуна рафтор мекунед, чунон рафтор карда мешавед, пас зино қарз аст.

Ҳадди тӯҳмат

(Ин гуноҳи бузург аст) ва касе ки марди оиладорро ба зино муттаҳам кунад ё бар зидди ӯ шаҳодат диҳад, вале шаҳодати комил набошад:

(1)80 тозиёна зада шавад.

(2)Шаҳодати ӯ пас аз он қабул намешавад.

(3)Бар ӯ ҳукми фосиқӣ карда мешавад.

Ва дар тӯҳмати ғайри муҳсан таъзир аст.

Ва муҳсан: Ӯ инсони озод, болиғ, мусалмон, оқил ва покдоман аст.

Таъзир (огоҳӣ)

Таъзир дар ҳар гуноҳе воҷиб аст, ки барои он ҳеҷ ҷазо ва каффорае нест (аз кардани ҳаромҳо ва тарки фарзҳо, агар пешво онро муносиб бубинад).

Ҳадди дуздӣ

Ва ҳар кас, ки аз амони он (яъне он ҷое, ки маъмулан пул нигоҳ дошта мешавад) чаҳоряки динор тилло ё ба он миқдор пул бидуздад:

(1)Дасти росташ аз мафсали каф қатъ ва бурида ва дар равғани гарм фурӯ бурда шавад.	(2)Агар боз дуздӣ кард, пои чапаш аз мафсали биҷилак (на ақиб) қатъ ва бурида ва дар равғани гарм фурӯ бурда шавад.	(3)Агар боз дуздӣ кард ҳабс карда шавад ва ҷуз як дасту по бурида намешавад.

Аллоҳ таъоло фармуд: (**Ва марди дузд ва зани дузд, пас дастони онҳоро бибуред**).
Ва аз Оиша разияллоҳу анҳо ба таври марфӯъ ривоят аст: "**Дасти дузд бурида намешавад, магар дар чоряки динор, ё бештар**". Ривояти Бухорӣ ва Муслим.
Ва дар ҳадис омадааст: "**Дар мева ва касар буридан нест**". (Ва касар чизи нарми сафед, ки дар миёни дарахти хурмо мешавад). Инро аҳли Сунан ривоят карданд.

Ҳадди нӯшидани масткунанда

Масткунанда: Ҳар он чизе, ки ақлро ба хотири лаззат, вақд, баландӣ ва фаротарӣ мепӯшонад, хоҳ моеъбошад мисли шароб ва хоҳ моеъ набошад, мисли маводи мухаддир.
Ва хамр: Он чи ки ақлро мепӯшад, хоҳ аз ангуру хурмо, ҷав, гандум ва ё чизҳои дигар бошад.
Паёмбар ﷺ фармуд: "**Ҳар масткунанда хамр (май) аст**". Ва ﷺ фармуд: "**Ҳар нӯшидание, ки маст кунад, пас он ҳаром аст**". Ва ﷺ фармуд: "**Он чизе, ки бисёраш маст кунад, пас ками он ҳам ҳаром аст**".
Дар ҳаром будани он тафовуте нест, ки онро ба хотири лаззат бинӯшад ё барои шикастани ташнагӣ (чунки он ташнагиро зиёд мекунад) ё барои давогӣ ва ё барои чизи дигар. Шароб модар ҳамаи бадиҳост. Аллоҳ таъоло фармуд: (**Ҳамоно шароб ва қимор ва бутҳо ва тирҳои қуръа палид ва аз амали шайтон аст. Пас аз онҳо дурӣ кунед, то растагор шавед**). Он аз мухаддирот ва ғайраш хатарноктар аст ва барои ҳикматҳои бисёр ҳаром гардонда шудааст, аз ҷумла:

(1)Палиду аз амали шайтон аст.	(2)Душманӣ ва бадбиниро дар миёни мардум меандозад.	(3)Аз зикри Аллоҳ ва аз намоз манъ мекунад.	(4)Одам ақлашро гум мекунад, пас ӯ чизе намеёбад, ки мункарро бифаҳмад.

Ҳукми нӯшандаи шароб: Ҳоким бояд ӯро на камтар аз чил тозиёна ҷазо диҳад ва ҳоким агар дар он фоидае бинад, онро зиёд кунад. Умар разияллоҳу анҳу ба ҳаштод тозиёна ҳукм кард.

Ҳадди ҷангҷӯён

Ва Аллоҳ таъоло дар бораи ҷанговарон фармуд: "**Ҷазои касоне, ки бо Аллоҳ ва паёмбараш меҷанганд ва дар замин фасод мекунанд, фақат ин аст, ки кушта шаванд, ё ба дор овехта шаванд, ё дасти (рост) ва пои (чапи) онҳо ба акси якдигар бурида шавад ва ё аз сари замини худ бадарға шаванд**" то охири оят. Инҳо касоне ҳастанд, ки бар зидди мардум шӯриш мекунанд ва бо ғорат ё куштан роҳи онҳоро мебанданд:

(1)Пас ҳар кӣ бикушад ва пул гирад, кушта васб хоҳад шуд.	(2)Ва ҳар кӣ бикшад (ва пул нагирад) қатлаш ҳатмӣ аст (ва салб нахоҳад шуд).	(3)Ва ҳар кӣ мол гирад (ва накушад): Дасти рост ва пои чапаш бурида хоҳад шуд.	(4)Ва касе ки мардумро битарсонад (ва накушад ва мол нагирад) аз сарзамин бадарға карда шавад.

Ҳадди боғиҳо

Боғиҳо (хаворич): Инҳо қавме ҳастанд, ки қуввату шавкат доранд, бо таъбири мӯътадил бар зидди пешво исён мекунанд.

Ва ҳар кӣ бар зидди пешво исён кунад ва бихоҳад, ки ӯро аз мансабаш дур кунад: Пас ӯ исёнгару боғӣ аст ва пешво бояд:

(1)Бо исёнгарон муомила кунад.	(2)Он чиро, ки ҷоиз нест бар ӯ эрод мегиранд, дур кунад.	(3)Шубҳаҳои онҳоро ошкор кунад.

Пас агар:

(1)аз исён даст кашидан: Аз онҳо худдорӣ кунад.	(2)Вагарна (бояд) бо онҳо биҷангад,агар ҷангидан.

Ва ба халқаш лозим аст, ки дар мубориза бо онҳо пешворо кӯмак кунанд.
Агар ба куштани онҳо ё нобуд кардани молу мулки онҳо маҷбур бошад, дар дифоъкун гуноҳе нест.
Ва агар дифоъкун кушта шавад, шаҳид аст.
Ҳеҷ кас аз паси гурехтаи онҳо намеравад, ҳеҷ маҷрӯҳ ба қатл расонида намешавад, пули онҳо ғанимат гирифта намешавад ва насли онҳо асир гирифта намешавад.
Ҳеҷ кадоме аз тарафҳо барои ҷонҳо ва молу мулки дар ҷанг харобшуда ҷавобгар нестанд.

Боби ҳукми муртад

Муртад касест, ки бо амал, сухан, эътиқод ва ё шубҳа аз дини Ислом ба куфр меравад.
Олимон –раҳимаҳумуллоҳ-тафсилоти он чизеро, ки бандаро аз Ислом мебарорад, зикр кардаанд ва ҳамааш ба инкори он чӣ Расулуллоҳ ﷺ овардааст, ва ё бе таъвил баъзе аз онро инкор кардан, бармегардад.
Ҳар кӣ муртад шавад (дарҳол кушта мешавад, магар ки пешво дар мӯҳлат додани он маслиҳатеро бинад) аз ӯ се рӯз талаби тавба карда мешавад ва агар бозгардад (хуб), вагарна бо шамшер кушта мешавад.

Чизҳое, ки сабаби муртад шудан, мешаванд:

(1)Сухан: Монанди дашноми Аллоҳ таъоло ё расули Ӯ ﷺ ва ё дини Ислом.	(2)Амал: Монанди барои бут саҷда кардан.	(3)Эътиқод: Монанди барои Аллоҳ ﷻ шарик эътиқод кардан.	(4)Шакку шубҳа: Монанди дар куфри яҳуду насоро шак кардан.

Он чи ки тавбаи муртад ба он ҳосил мешавад:

(1)Ду шаҳодатро гӯяд.	(2)Он чиро, ки инкор карда буд, иқрор кунад.	(3)Ба он чизе, ки кофир шудааст, бозгардад.

Бар сари чизҳое, ки Исломро мешикананд, даҳ чиз аст:

(1)Ба Аллоҳ ширк овардан, Аллоҳ таъоло фармуд: (**Ва ба ростӣ, ки ба ту ва ба касоне, ки пеш аз ту буданд, ваҳӣ шуд, ки агар ширк оварӣ, яқинан аъмолат нобуд мешавад ва аз зиёнкорон хоҳӣ буд**), ва аз ҷумлаи он барои ғайри Аллоҳ мол куштан аст.	(2)Дар миёни ӯ ва Аллоҳ воситаҳо гирифтан, ононро дуо мекунад, шафоат мепурсад ва ба онҳо таваккал мекунад.	(3)Мушриконро кофир эълон накардан ва ё дар куфри онҳо шак кардан ва ё мазҳаби онҳоро дуруст донистан.	(4)Бовар кунад ,ки ғайри ҳидояти Паёмбар ﷺ аз ҳидояти Ӯ комилтар аст.	(5)Бад дидани чизе ки Расул ﷺ овардааст ва агарчи ба он амал кунад.

(6)Масхара кардани чизе аз дини Паёмбар ва ё савобу иқоби Аллоҳ.	(7)Ҷоду кардан ва ё ба он розӣ шудан ва аз ҷумлаи он гармию хунукӣ аст.	(8)Мушриконро бар зидди мусалмонон кӯмак ва ёрӣ кардан.	(9)Эътиқод доштан, ки баъзе мардум метавонанд аз шариати Муҳаммад ﷺ баромонанд.	(10)Аз дини Аллоҳ рӯгардондан ва онро наомӯхтан ва ба он амал накардан.

Китоби қазоват, даъвоҳо, далелҳо ва анвоъи шаҳодат

Қоида: Ҳар як вилоят ва амал, дар он бояд ду асос бошад: (1)Қувва (2) ва амонат.

Ва бояд дар миёни мардум ҳукму қазоват бошад, пас он фарзи кифоя аст (агар баъзе онро анҷом диҳанд, аз боқӣ соқит мешавад ва агар аз он солеҳон худдорӣ кунанд, гунаҳгор мешаванд, пас:)

(1)Пешво бояд касеро таъйин кунад, ки дар таъйини он кифоягӣ ҳосил шавад, ки ба қазоват дониш дорад, ба донистани ҳукмҳои шариат ва татбиқи он бар рӯйдодҳое, ки дар миёни мардум ҷорӣ аст.	(2)Дар бораи сифатҳое, ки дар қозӣ баррасӣ мешавад (мусалмон, таклифшуда, мард ва донишманд будан) аст, бояд беҳтарин, сипас беҳтаринро таъйин кунад.	(3)Бар касе воҷиб аст, ки лоиқ аст ва ҳеҷ каси дигар нест ва ба он чизе, ки аз он муҳимтар аст, ӯро машғул насозад.

Ва Паёмбар фармуд: "**Бар даъвогар далел ва бар инкоркунанда савганд аст**". (Ривояти Доруқутнӣ). Ва фармуд: "**Ман танҳо мувофиқи он чизе, ки мешунавам, ҳукм мекунам**". Пас касе даъвои мол ва монанди онро дорад, пас бояд далел орад:

(1)Ё ду шоҳиди одил.	(2)ё як марду ду зан.	(3)Ё як мард ва қасами даъвогар.

Аз рӯи фармудаи Аллоҳ таъоло: (**Ва ду шоҳид аз мардонатонро гувоҳ бигиред, пас агар ду мард набуданд, як мард ва ду зан аз миёни гувоҳоне, ки розӣ ҳастед "гувоҳ бигиред"**). Ва ба ростӣ "**Паёмбар ﷺ ба як шоҳид бо савганд ҳукм кард**" ва ин ҳадиси саҳеҳ аст (инро муаллифони Сунан ривоят кардаанд). Пас агар далел надоштабошад:

(1)Судшаванда қасам хӯрад ва сафед шавад.	(2)Агар аз савганд хӯрдан худдорӣ кунад:	
	(а)Ба сабаби худдорӣ аз савганд, бар ӯ ҳукм шавад.	(б)Ё савганд ба даъвогар гардонида шавад, аз ин рӯ агар ӯ бо қасам нахӯрдани ҷавобгар, савганд хӯрад, он чиро, ки даъво дошт мегирад.

Иловаи инсон ба ашё ба се қисм тақсим мешавад:

(1)Даъво: Он чизе ки барои худ бар ғайраш илова кардан аст.	**(2)Иқрор:** Он чизеро барои ғайраш бар худаш илова кардан аст.	**(3)Шаҳодат:** Чизеро барои ғайраш бар алайҳи ғайраш илова кардан аст.

Ва аз далелҳо: Далелҳоест, ки дурустии яке аз даъвогаронро дар бар ме-гирад, ба монанди:

(1)Чизе ки бар он даъво шуда истодааст, дар дасти якеи даъвогарон бошад, пас он аз ӯст ба қасам хӯрданаш.	(2)Масалан: Ду нафар бар сари моле ҷанҷол мекунанд, ки танҳо барои яке аз онҳо мувофиқ аст, масалан дуредгар ва амсоли он бар асбоби дуредгарии худ ё оҳангар ва амсоли он ба асбоби оҳангарияш ва ҳамонанди ин.

Шаҳодат ду навъ аст:

(1)Бардошт.	(2)Иҷро.

Ҳукми бардошти шаҳодат ва иҷрои он:

(1)Бардошти шаҳодат дар ҳуқуқи одамон: Фарзи кифоя аст.	(2)Ва иҷрои он фарзи айн аст.

Ва шарт аст, ки шоҳид, аз рӯи ошкору пинҳонӣ одил бошад.
Ва адл: Касест, ки мардум аз ӯ розиянд, аз рӯи фармудаи Аллоҳ таъоло: (**Аз касоне, ки аз шоҳидии онҳо розӣ мешавед**).
Ва ҷоиз нест, ки гувоҳӣ диҳад, магар ба он чизе, ки медонад:

(1)Ба дидан.	(2)Ё аз ҷавобгар шунидан.	(3)Ё тафсилот, ки тавассути он донистани чизҳое, ки дар он зарур аст, ба даст оварда мешавад, мисли насабҳо ва монанди инҳо.

Паёмбар ба марде гуфт: "Офтобро мебинӣ?" гуфт: Ore. Фармуд: "Бар мисли он гувоҳӣ бидеҳ ва ё тарк кун". Ривояти Ибни Адӣ. (Ва Аллоҳ таъоло фармуд: (Ва аз сухани дурӯғ парҳез кунед)).
Ва аз ҷумлаи монеаҳои шаҳодат инҳоянд: Гумони тӯҳмат кардан (аз ин рӯ, агар чунин набошад, шаҳодат қабул мешавад), чунон ки:

(1)Шаҳодати волидайн барои фарзандон.	(2)Бар акс.	(3)Ва яке аз зану шавҳар барои дигареаш.	(4)Ва душман бар душманаш.

Ҳамчуноне ки дар ҳадис омадааст: "**Гувоҳӣ додани марди хоин ва зани хоин ҷоиз нест ва на гувоҳии касе, ки бар бародари худ душманӣ дорад ва на гувоҳии касе ,ки аз аҳли хонавода қонеъ аст**". Ривояи Аҳмад ва Абӯдовуд. Ва дар ҳадис омадааст: "**Касе ки бар як чизе ба ноҳақ савганд хӯрад, ки ба савганди худ моли як мусалмонро мегирад, бо Аллоҳ рӯбарӯ мешавад, дар ҳоле ки бар ӯ хашмгин аст**". Ривояти Бухорӣ ва Муслим.

Боби тақсим кардан

Он ду навъ аст:

(1)Тақсимоти маҷ-бурӣ, ки дар он зараре нест ва гардондани иваз нест, масалан: Монандҳо, хонаҳои калон ва мулкҳои васеъ.

(2)Тақсимоти розигӣ ва он: Чизест, ки дар тақсими он бар яке шарикҳо зарар аст ва ё дар он гардондани иваз аст, пас дар он розигии ҳамаи шарикҳо ҳатмӣ аст:

(а)Агар якеи онҳо дар он талаби фурӯш кунад: Қабули он воҷиб шавад.

(б)Ва агар онро иҷора диҳанд: Иҷораи он бар миқдори мулки онҳо дар он аст, мебошад. Ва Аллоҳ донотар аст.

Боби иқрор кардан

Ин эътирофи инсон бар ҳаққе, ки бар болои ӯст, бо ҳар лафзе, ки бар эътироф далолат мекунад, ба шарте, ки эътирофкунанда мукаллаф бошад.
Ин яке аз далелҳои равшантарин аст. Ва ба тамоми шохаҳои илм дохил мешавад, аз ҷумла: Ибодатҳо, муомилот, издивоҷ, ҷиноят ва ғайра.
Ва дар ҳадисе: "Барои иқроркунанда узр нест". (Ибни Ҳаҷар ва дигарон гуфтанд, ки ин ҳадис ҳеҷ асосе надорад, аммо муаллиф раҳимаҳуллоҳ онро дар китоби худ "Ал-Усулул-Ҷомеъа" ба унвони як қоидаи фиқҳӣ зикр кардааст). Шахс бояд, ҳама ҳуқуққоеро, ки дар назди инсонҳо дорад, эътироф кунад, то аз ӯҳдадорӣ ба иҷрои он ё талаби ҳалол кардани он раҳоӣ ёбад. Ва Аллоҳ донотар аст.

Ва Аллоҳ бар сайиди мо ва паёмбари мо ва бар хонаводаи Ӯ ва саҳобагонаш салот фиристад ва саломи бисёре фиристад.
Нависандаи фақир онро ба Аллоҳ вобаста карда аз Ӯ умеди ислоҳи корҳои динӣ ва дунёии худ аст: **Абдурраҳмон ибни Носир ибни Сиъдӣ**, Аллоҳ ӯ ва волидайни ӯ ва ҳамаи мусалмононро мағфират кунад. Инро аз асл нақл кардам ва нақл 3/Зулҳиҷҷа/1359 ҳиҷрӣ тамом шуд. Ва ҳамду ситоиш барои Аллоҳ, ки ба неъматаш корҳои накӯ пурра мешаванд.

Суолҳои ҷиноятҳо ва зерини он

Суол	Дуруст	Хато
Мард ба зан кушта намешавад.	☐	☐
Валӣ байни қасос, дият ва бахшидан ихтиёр дода мешавад.	☐	☐
Як гурӯҳ ба як кас кушта намешавад.	☐	☐
Вилояти судӣ аз беҳтарин вилоятҳост, аз рӯи расидани ҳуқуқ ба соҳибонаш, пешгирии хунрезӣ, ҷазои фасодкор ва ғайра мебошад.	☐	☐
Барои ҳар даъво далел лозим аст.	☐	☐
Шариати мо дар миёни аҳли китоб миёнарав аст, ки устуворӣ ва некиро якҷо мекунад.	☐	☐
Атеистҳо ва зиндиқон мегӯянд, ки интиқом афзоиши куштор аст, зеро агар қотил як нафарро бикушад ва мо қотилро бикушем, ду нафарро гум кардаем, пас ба онҳо мегӯем: (Ин аз рӯи он аст, ки Аллоҳ биноии шуморо кӯр кардааст. Аллоҳ таъоло фармуд: (**Ва барои шумо дар қасос ҳаёт аст**), зеро қотил агар донад, ки кушта мешавад, пас ӯ бар куштан иқдом намекунад, агар мо аз Зайд интиқом гирем, аз рӯи куштани ӯ Амрро, пас Холид Бакрро намекушад, вале агар мо ӯро тарк кунем, куштор бисёр хоҳад шуд.	☐	☐
Интиқом дар ҷароҳатҳо дар ҳар ҷароҳате, ки шабеҳ дошта метавонад, собит мешавад.	☐	☐
Агар қотил ба шарру фасод маъруф бошад, аз ӯ қасос гирифтан, беҳтар аст.	☐	☐
Ҳар кӣ ба касе дар нафс интиқом намешавад, ба нафс дар тараф ва ҷароҳатҳо низ интиқом намешавад, пас қасос дар тараф ва ҷароҳатҳо шохае аз интиқоми дар нафс аст.	☐	☐
Дар иҷрои ҳудуд маслиҳатҳои бузург аст, ки шуморида намешавад, пас дар он боздоштан ва поксозӣ аст.	☐	☐

Дашномдиҳандаи Паёмбар ﷺ муртад аст: ☐ Ба ҳар ҳол кушта мешавад. ☐ Тавба дода мешавад.

Ҳукми бар ӯҳда гирифтани қазоват, фарзи: ☐ Айн. ☐ Кифоя аст.

Пӯшондани шаҳодат: ☐ Макрӯҳ. ☐ Ҳаром аст.

(☐ Дуруст аст ☐ дуруст нест) барои ғоиб фатво додан ва (☐ дуруст аст ☐ дуруст нест) бар ғоиб ҳукм кардан.

Қазоват аз фарзҳои (☐ кифоя ☐ айн аст) ва агар касе ҷуз як нафар набошад, ки барои қазоват шоиста аст, бар ӯ фарзи (☐ айн ☐ кифоя) мегардад, зеро бояд дар миёни мардум касе бошад, ки дар миёни онҳо қазоват кунад.

Гувоҳии дурӯғ аз: ☐ Бузургтарин гуноҳони кабира аст. ☐ Кабира. ☐ Сағира (хурд) аст.

Феҳрасти мавзӯъҳо

- Сарсухани шарҳ 3
- Сарсухани муаллиф 4
- Фасл дар ду шаҳодат 7
- Китоби таҳорат: 8
- Фасл дар ақсоми таҳорат 10
- Боби зарфҳо 11
- Боби истинҷо ва одоби қазои ҳоҷат 12
- Фасл дар дур кардани наҷосат ва ашёи наҷис 14
- Боби сифати вузӯ (таҳорат) 15
- Фасл дар масҳ кашидани маҳсиҳо ва ҷабира 17
- Шиканандаҳои вузӯ 18
- Боби он чи ғуслро воҷиб месозад ва сифати он 18
- Боби таямум 19
- Боби ҳайз 21
- Суолҳои китоби таҳорат 22
- **Китоби салот (намоз)** 25
- Шартҳои намоз 25
- Боби равиши намоз 28
- Боби саҷдаи саҳв, тиловат ва шукр 34
- Боби фосидкунандаҳои намоз ва макрӯҳҳои он 35
- Боби намоз нафл 37
- Боби намози ҷамоат ва имомат 40
- Боби намози узрдорҳо 41
- Боби намози ҷумъа 42
- Боби намози идҳо 43

Суолҳои китоби намоз 44
Китоби ҷанозаҳо: 47
Суолҳои китоби ҷанозаҳо 50
Китоби закот: 51
Фасл дар закоти мол 52
Боби закоти фитр 54
Боби аҳли закот ва ба кӣ пардохта мешавад 55
Иловаҳо 57
Суолҳои китоби закот 60
Китоби рӯза: 63
Иловаҳо 65
Суолҳои китоби рӯза 68
Китоби ҳаҷ 70
Ҳадиси Ҷобир ﷺ дар сифати ҳаҷҷи Паёмбар ﷺ 70
Аркони ҳаҷ ва воҷибҳои он 74
Фасл дар аъмоли ҳаҷ 76
Фасл дар бораи мамнӯъҳои эҳром 76
Шартҳои тавоф ва саъй 79
Боби ҳадя, қурбонӣ ва ақиқа 80
Иловаҳо 82
Суолҳои китоби ҳаҷ 83
Китоби хариду фурӯш: 86
Шартҳои фурӯхтан 86
Боб дар фурӯхтани дарахтон ва меваҳо 90
Боби ихтиёр ва ғайра 91
Боби салам (пешфурӯшӣ) 93
Боби гарав, замонат ва кафолат 93
Боби манъ аз рӯи бепулӣ ё ғайра 95

Боби сулҳ 96
Боби ваколат, шарикат, мусоқот ва музораъат. 97
Боби эҳёи замини мурда 99
Боби ҷаъолат ва иҷора 99
Боби луқата ва кӯдаки ёфташуда 100
Боби мусобиқа ва пирӯзӣ 101
Боби ғасб 102
Боби орият ва вадиъат 103
Боби шуфъат 103
Боби вақф 104
Боби ҳадя, атия ва васият 105
Суолҳои китоби хариду фурӯш 107
Китоби меросҳо 110
Соҳибони фарзҳо 110
Аҳкоми таъсиб 112
Аҳкоми авл 113
Дигар ҳукмҳо 115
Боби озод кардан 116
Суолҳои китоби меросҳо 118
Китоби никоҳ: 125
Боби шартҳои никоҳ 126
Боби манъшудагони дар никоҳ 127
Боби шартҳо дар никоҳ 128
Боби айбҳо дар никоҳ 129
Китоби садоқ (маҳр) 130
Фасл дар аҳкоми садоқ (маҳр) 130
Боби нек зистан бо занон 131
Боби хулъ 132
Китоби талоқ: 133
Фасл дар талоқи боин ва раҷъӣ 134
Боби илоъ, зиҳор ва лиъон 135
Китоби иддаҳо ва поксозӣ 137

Боби нафақаҳои занон, наздикон, зердастон ва парастorӣ 139
Суолҳои фиқҳи оила 140
Китоби таомҳо: 142
Иловаҳо дар тиб ва давогӣ 143
Боби закот ва сайд 145
Боби савгандҳо ва назрҳо 146
Суолҳои китоби таомҳо 150
Китоби ҷиноятҳо 152
Китоби ҳудуд 156
Ҳадди зино 156
Ҳадди тӯҳмат 157
Таъзир 157
Ҳадди дуздӣ 157
Ҳадди нӯшидани шароб 158
Ҳадди ҷангҷӯён 159
Ҳадди боғиҳо (исёнгарон) 159
Боби ҳукми муртад 160
Китоби қазо, даъвоҳо, далелҳо ва навъҳои шаҳодат 161
Боби тақсим кардан 163
Боби эътироф кардан 163
Суолҳои ҷиноятҳо ва зерини он 164

Ҳамду ситоиш барои Аллоҳ, ки ба неъматҳояш ва фазлу раҳматаш амалҳои накӯ пурра мегардад, ба фазлу кӯмаки Аллоҳ тарҷумаи ин китобро рӯзи панҷшанбе соати 13:55, 15/сафар/1445 ҳиҷрӣ мувофиқи 31/августи/2023 мелодӣ тамом кардам. Аз Аллоҳ суол мекунам, ки ин амалро дар номаи аъмолам қарор диҳад ва нависандаву хонандаро раҳмату мағфират намояд. Омин.

Бо қалами: **Шаҳобиддин Солиҳ**

شرح ثلاثة الأصول وأدلتها

شرح فضيلة الشيخ

هيثم بن محمد جميل سرحان

المترجم

شهاب الدين صالح

Шарҳи се асл ва далелҳои он

Шарҳи фазилати шайх

Ҳайсам ибни Муҳаммад Ҷамил Сарҳон

Тарҷумон

Шаҳобиддин Солеҳ

Бисмиллоҳир Раҳмонир Раҳим


Албатта сипосу ситоиш барои Аллоҳ аст ва аз Ӯ талаби ёрӣ ва мағфират мекунем ва ба Аллоҳ аз бадии нафсҳоямон ва амалҳои бадамон паноҳ талаб мекунем, касеро Аллоҳ ҳидоят кунад, пас барои Ӯ гумроҳкунандае нест ва касеро Аллоҳ гумроҳ кунад, пас барои ӯ роҳнамое нест. Ва гувоҳӣ медиҳам, ки маъбуди бар ҳаққе ҷуз Аллоҳ нест, ягонаасту Ӯро шарике нест ва гувоҳӣ медиҳам, ки Муҳаммад банда ва фиристодаи Ӯст, аммо баъд:

Муқаддима пеш аз шарҳи китоб

Муаллифи ин китоб

Шайхи Ислом ва таҷдидкунандаи даъвати яктопарастӣ, имом Муҳаммад ибни Абдулваҳҳоб ибни Сулаймони Тамимӣ, куняти ӯ Абӯлҳусайн мебошад.

Дар Уяйна соли (1115 ҳиҷрӣ) ба дунё омада ва соли (1206 ҳиҷрӣ) дар Диръийя чашм аз олам пушида аст.


Барои чӣ тавҳидро меомузем?
Зеро Аллоҳ моро барои он офарида аст.
Ба ҷуз яктопараст касе дохили Ҷаннат намешавад
Сабаби кафорати бадиҳо мешавад.
Сабаби оромӣ мешавад.
Аллоҳ ягон амалро бетавҳид қабул намекунад.
Сабаби бисёр шудани некиҳо мешавад.
Сабаби ҳидоят ва қарор гирифтани амн мешавад.
Сабаб барои шафоати Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам мешавад.

Сабаби ихтиёр намудани ин китоб дар ибтидои талаби илм

Аҳамият додани салафи солеҳ ва олимони мо аз аҳли суннат ва ҷамоат ба ин китоби муборак, зеро дар ин китоб нафъ ва фоидаҳои бузург аст, ки онро қоида қарор дода аст, ки толиби илм метавонад аз он таҳсили илми шаръияшро оғоз намояд ва талаби илмро бар он мабнӣ созад. Пас мо ба онон пайравӣ ва иқтидо мекунем ва дар ин манҳаҷ ба қадамҳои онон қадам мегузорем.

Ҳамонгуна ки авоми мардум низ аз омӯхтани ин китоб ва муҳтавои он бениёз нестанд, муҳтаваёти ин китоб асосҳоест, ки барои ӯ имони қатъӣ овардан ба он зарурӣ аст, ки эҳтимоли райбу шакро надорад.

Хусусиятҳои ин китоб ва дигар китобҳои Шайхи Ислом Муҳаммад ибни Абдулваҳҳоб раҳимаҳуллоҳ дар ин аст, ки:


1-Осон ва возеҳ будан.

2-Баёни масъалаҳои китоб ҳамроҳ бо далел.

3-Ҷамъоварии масъалаҳо ва тартиб додани он ва барои он шумора зикр намудан ва сипас ба шарҳи он шурӯъ намудан.

4-Барои хонанда ва шунавандаи таълифҳояш бисёр дуо кардан.

Шиносоӣ ба се асл





Аз омӯхтани ин се асл чӣ натиҷае ҳосил мекунем?

Ҳамоно ту агар ин се аслро омӯхтӣ, сипас ба он амал кардӣ ва ба сӯи он даъват намудӣ ва дар даъват кардан сабр намудӣ, ба иродаи Аллоҳ саволҳои қаброро ҷавоб медиҳӣ.

Шарҳи се асл ва далелҳои он








3-Аҳамияти омӯхтани тавҳид

Ҷавоби саволи:Барои чӣ тавҳидро меомӯзем?

4-Се асл




5-Хотима

Аз каломи муаллиф раҳимаҳуллоҳ:"Мардум ҳангоме ки мурданд, барангехта хоҳанд шуд" то охири китоб.

Аввал:Масъалаҳои чаҳоргона

Бисмиллоҳир Раҳмонир Раҳим
1-Бидон Аллоҳ туро раҳмат кунад.
2-Бар мо таълим гирифтани чор масъала воҷиб аст:
Якум:Илм.
Ва он шинохтани Аллоҳ ва паёмбари Ӯ ва дини Ислом ба далелҳояш мебошад.
Дуюм:Ба он амал кардан.
(3)



(2)Ҳамонгуна ки дар муқаддима ишора намудем аз одати муаллиф раҳимаҳуллоҳ дар таълифи китобҳояш ин аст, ки дар он барои толиб илм дуо менамуда ва аз Аллоҳ таъоло барои онҳо талаби раҳмат мекардааст ва ин далолати бар ин мекунад, ки:
1) Раҳмати олимони аҳли суннат ва ҷамоат ба талабагонашон.
2)Дини Ислом аслан бар раҳмат бино ёфтааст.
Илм- шинохтани ҳақ ҳамроҳ бо далел аст ва зидди он ҷаҳл аст.
3-Дар бораи алоқаи илм ба амал гуфта шудааст:"Илм бо амал мепайвандад, пас агар ба илм амал шавад, боқӣ мемонад ва ба ҷуз ин сурат илм аз байн меравад", пас ҳеҷ фоидае дар илме, ки ҳамроҳ бо амал набошад, нест. Пас ҳар кас илмеро аз худ намуд, бар ӯ воҷиб аст, ки ба он амал намояд ва дар ғайри ин сурат шабоҳат ба яҳуд дорад, ки илм доштанду амал


надоштанд (Ӯро мешинохтанд, ҳамонгуна ки фарзандонашонро мешинохтанд).

Ва аввалин шахсе, ки дар оташи Ҷаҳаннам дохил мешавад, аз се гурӯҳ:Олиме аст, ки илмро ба дигарон омӯхта ва ба он амал накардааст, мебошад.

وَعَالِمٌ بِعِلْمِهِ لَمْ يَعْمَلْ مُعَذَّبٌ مِن قَبلِ عُبَّادِ الوَثَنْ

Олиме, ки дар илме ки дошта амал накардааст, пеш аз парастишгарони бутҳо азоб дода мешавад.

Сеюм:Ба сӯи он даъват кардан.



Далели ин шартҳо

Фармудаи Аллоҳ таъоло:

﴿ قُلۡ هَٰذِهِۦ سَبِيلِيٓ أَدۡعُوٓاْ إِلَى ٱللَّهِۚ عَلَىٰ بَصِيرَةٍ أَنَا۠ وَمَنِ ٱتَّبَعَنِيۖ وَسُبۡحَٰنَ ٱللَّهِ وَمَآ أَنَا۠ مِنَ ٱلۡمُشۡرِكِينَ ١٠٨ ﴾ يوسف: ١٠٨

"(Эй Паёмбар!) Бигӯ:Ин роҳи ман аст, ман бо басирати (комил) ба сӯи Аллоҳ даъват мекунам ва касоне, ки аз ман пайравӣ карданд (низ чунин мекунанд). Ва Аллоҳ пок ва муназзаҳ аст ва ман аз мушрикон нестам". (Сураи Юсуф:108)

﴿ قُلۡ هَٰذِهِۦ سَبِيلِيٓ ﴾:Ишора ба шариатест, ки Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам ба он омада аст ва сабил ҳамон роҳ мебошад.

﴿أَدۡعُوٓاْ إِلَى ٱللَّهِ ﴾:Даъватдиҳандаи ба сӯи Аллоҳ дар воқеъ ҳамон мухлисест, ки мехоҳад мардумро ба роҳи Аллоҳ бипайвандад.


﴿ عَلَىٰ بَصِيرَةٍ ﴾:Басират ҳамон илм аст ва инҷо илми умури зеринро шомил мешавад:


1-Илми шариат.	2-Шинохтани ҳоли шахсе, ки даъват мешавад.	3-Донистани роҳе, ки ба мақсад бирасонад.

Муаллиф раҳимаҳуллоҳ мегӯяд:Ҳангоме ки илмро омӯхтӣ ва ба он амал намудӣ бар ту воҷиб аст бар роҳе, ки Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам ва саҳобагон ва салафи солеҳ рафтанд, қадам бигузорӣ, аз ин ҷиҳат Аллоҳ таъоло мефармояд:"Бигӯ:Ин роҳи ман аст, ман бо басирати (комил) ба сӯи Аллоҳ даъват мекунам ва касоне, ки аз ман пайравӣ карданд (низ чунин мекунанд)". Пас бинобар ин даъват намудан зарурӣ ва лозим аст.

Чаҳорум:Сабр кардан ба озоре, ки дар ин роҳ (1) пеш меояд. Ва далел фармудаи Аллоҳ таъолост: "Бар аср савганд, албатта инсонҳо дар зиёнанд, магар касоне ки имон оварда ва амалҳои солеҳ анҷом додаанд ва якдигарро ба (адои) ҳақ васият карданд ва якдигарро ба сабр васият намуданд". (Сураи Аср) (2)


1-Муаллиф раҳимаҳуллоҳ баъд аз зикри даъват, саброро баён карда аст ва ба ин сурат ба хонандаи китоб мегӯяд: Албатта касе ки ин роҳро мепаймояд, барои ӯ озор ва сахтиҳо пеш меояд, ҳамчунон ки анбиё ва расулон алайҳимус саломро пеш омада буд, пас сабр кардан зарурӣ аст.





2). Муаллиф раҳимаҳуллоҳ баъди зикри чаҳор масъала далелҳои онро аз Қуръон оварда аст ва он далел сураи Аср аст.

Чаро муаллиф доимо масъалаҳоро бо ҳамроҳи далел зикр мекунад?



Имом Шофеӣ раҳимаҳуллоҳ мегӯяд:"Агар Аллоҳ бар халқаш ҳуҷҷате ба ҷуз ин сура нозил намекард, ҳароина барояшон басанда буд".(1)
Ва имом Бухорӣ раҳимаҳуллоҳ мегӯяд:"Боби илм пеш аз гуфтору кирдор аст" ва далели ин фармудаи Аллоҳ таъолост:"Пас бидон, ки маъбуди барҳаққе ҷуз Аллоҳи ягона нест ва барои гуноҳи худ ва мардону занони мӯъмин омурзиш бихоҳ". Пас Аллоҳ пеш аз қавлу амал ба зикри илм ибтидо кард. (2)

(1)-Мақсади муаллиф раҳимаҳуллоҳ ин аст, ки ин сура ба танҳоияш дар мақоми ҳуҷҷат барои халқ қарор мегирад, то ин ки илм омӯзанд ва ба он амал намоян ва даъват намоянд ва дар роҳи даъват сабр намоянд.

(2)Амири мӯъминон дар ҳадис, дар китобаш "Саҳеҳи Бухорӣ" бобе ба номи "Боб илм қабл аз қавл ва амал аст" ва дар он далелашро зикр намуда аст. Пас зарурӣ аст, ки пеш аз гуфтору кирдор аввал илм бошад.


Пас беилм амал намудан дуруст нест, вагарна дар он шабоҳат ба насоро мешавад.

Дуюм:Се масъала

Бидон Аллоҳ туро раҳмат кунад, ин ки бар ҳар марду зани мусалмон омӯхтани ин се масъала ва ба он амал кардан воҷиб аст (1).

1-Муаллиф раҳимаҳуллоҳ дар ибтидои ин бахши китоб барои толиб ва донишҷӯ дуо мекунад. Ва ба ростӣ муаллиф барои донишҷӯ дар китоби "Се асл" дар се мавзеъ дуо мекунад: Дар ибтидои "чаҳор масъала", сипас инҷо дар "се масъал" ва мавзеӣ сеюм: (Бидон, Аллоҳ туро бар тоаташ иршод намояд, ҳанафия ҳамон миллати Иброҳим аст....).

Пешгуфтор пеш аз шарҳи се масъала



Тавҳид ба се қисм тақсим мешавад
Тавҳиди рубубият: Ягона қарор додани Аллоҳ дар афъолаш, ё:Ягона қарор додани Аллоҳ дар офаридан ва мулк ва идора кардан.
Тавҳиди улуҳият: Ягона қарор додани Аллоҳ субҳонаҳу ва таъоло дар ибодат.
Тавҳиди номҳо ва сифатҳо:Ягона қарор додани Аллоҳ ба он номҳо ва сифатҳое, ки Худро дар Қуръон, ё бар забони Расулаш саллаллоҳу алайҳи ва саллам номида ва ба он васф намудааст. Ва ин ба исботи он чизе ки барои нафсаш исбот карда ва нафю рад кардани он чизе ки аз нафсаш рад кардааст, бетаҳриф, бе инкор кардан, беисботи чигунагӣ ва бе мисол задан мебошад.

Якум:Албатта Аллоҳ моро офарид ва ризқ дод ва раҳо накард, балки ба сӯи мо расул фиристод, пас касе Ӯро итоат кард, дохили Ҷаннат гардад ва касе бефармонӣ кард, дохили Дӯзах гардад. Далел фармудаи Аллоҳ таъолост:"Мо паёмбар ба сӯи шумо фиристодем, ки гувоҳ бар шумост, ҳамонгуна ки ба сӯи Фиръавн паёмбаре фиристодем. Пас Фиръавн ба мухолафат ва нофармонии он паёмбар бархост ва Мо ӯро сахт ҷазо додем". (1)


❁Исмҳо ва сифатҳо тавқифӣ аст ва ҳамонгуна дар Қуръон ва суннат омадааст, истода мешавад ба ин сурат, ки:

-Исботи он сифатҳое, ки Аллоҳ субҳонаҳу ва таъоло барои худ собит карда, ё Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам барои Ӯ собит кардааст.

-Ва нафй ва рад кардани сифате, ки Аллоҳ субҳонаҳу ва таъоло аз худ дар китобаш нафй карда, ё аз Ӯ Расулаш саллаллоҳу алайҳи ва саллам онро нафй кардааст. Монанди:"Ӯро пинаке намегирад ва на хобе", "Ва ҳеҷ хастагӣ (ва ранҷе) ба Мо нарасид" бетаҳриф кардан ва баинкор кардан ва беисботи чигунагӣ ва бе мисол задан барои он сифатҳо.



1-Масъалаи якум:Дар ин масъала муаллиф раҳимаҳуллоҳ тавҳиди рубубият ва тавҳиди исмҳо ва сифатҳоро исбот карда аст, ки (Аллоҳ моро халқ кард) пас Ӯ холиқ аст ва (Моро ризқу рӯзӣ додааст), пас Ӯ ризқдиҳанда аст. Ва (моро беҳуда раҳо накардааст), пас мо беҳуда нестем, ки на амрҳо ва на боздоштаҳо (балки ба сӯи мо паёмбар фиристодааст).




Дуюм:Албатта Аллоҳ розӣ намешавад, ки дар парастишаш касеро шарик қарор дода шавад, чӣ малоикаи муқарраб бошад ва чӣ паёмбарӣ фиристода-шуда. Ва далели ин фармудаи Аллоҳ таъолост:"Ва албатта масҷидҳо азони Аллоҳ аст, пас ҳеҷ касро бо Аллоҳ нахонед".

Масъалаи дуюм, дар он исботи улуҳият барои Аллоҳ таъолост. Муаллиф раҳимаҳуллоҳ гуфт: (Албатта Аллоҳ розӣ намешавад, ки касеро шарик қарор дода шавад), "аҳадун-касе" дар инҷо номаълум буда, ҳар касро дарбар мегирад, бинобар ин розӣ нест, ки расул, ё валӣ, ё ҷиннӣ, ё малоика, ё шахси некукор, ё ғайраш касе ки бошад шарик ва ҳамто гирифта шавад. Ва далел фармудаи Ӯ таъолост:"Ва албатта масҷидҳо махсуси парастиши Аллоҳ аст ва (дар

онҳо) касеро бо Аллоҳ парастиш накунед".


Дар маънои масҷидҳо се қавл аст ва ҳамаи онҳо саҳеҳ аст:



(Масҷидҳо махсуси Аллоҳ аст, пас бо ҳамроҳи Аллоҳ касеро напарастед): "Аҳадун-касе" номаълум аст ва далолат бар умумият дорад ва ба ҳамин далел муаллиф раҳимаҳуллоҳ дар ибтидои масъалаи дуюм гуфтааст:"Аллоҳ розӣ нест, ки касе ҳамроҳи Ӯ шарик ва ҳамто гирифта шавад". Яъне ҳар кас бошад, чӣ он шахс паёмбар, ё валӣ, ё ҷин ё марди накукор бошад.

Сеюм:Албатта касе Расулро итоат кунад ва Аллоҳро ягона бидонад барои ӯ дӯстӣ кардан бо касе ки Аллоҳ ва расулашро мухолифат мекунад, раво нест ва гарчи хеши қарибтар ҳам бошад. Ва далели ин фармудаи Аллоҳ таъолост:"Ҳеҷ қавмеро, ки имон ба аллоҳ ва рӯзи растохез доранд намеёбӣ, ки бо душманони Аллоҳ ва расулаш дӯстӣ кунанд, ҳарчанд падарон, ё писарон, ё бародарон, ё хешовандонашон бошанд, онон касоне ҳастанд, ки Аллоҳ имонро дар сафҳаи дилҳояшон навишта ва бо руҳе аз ҷониби худаш онҳоро таъйид фармуда ва онҳоро дар боғҳои Биҳишт ворид мекунад, ки наҳрҳо аз зери дарахтонаш ҷорӣ аст, ҷовидона дар он мемонанд. Аллоҳ аз онҳо розӣ аст ва онон низ аз Ӯ розиянд. Онҳо ҳизби Аллоҳанд бидонед ҳизби Аллоҳ пирӯзон ва растагоронанд".

Масъалаи сеюм, дар ин масъала муаллиф раҳимаҳуллоҳ вуҷубияти безорӣ намудан аз ширк ва мушриконро баён намудааст.



1-Бо қалб:Ба ин сурат ки нисбати кофирон ва идҳои онон ва маҳфилҳояшон ва хусусан ширкҳо ва бидъатҳое, ки дар назди онон аст, бад бубинӣ.

2-Бо забон, Аллоҳ мефармояд:"Албатта ман безорам аз он чизе, ки шумо мепарастед".

"(Эй паёмбар) Бигӯ:Эй кофирон! Ман намепарастам он чиро, ки шумо мепарастед. Ва шумо (низ) намепарастед он чиро, ки ман мепарастам. Ва на ман парастишгари он чиро, ки шумо парастиш кардаед, хоҳам буд. Ва на шумо парастишгари он чиро, ки ман мепарастам, хоҳед буд. (Бинобар ин) ойини шумо барои худатон ва ойини ман барои худам".

3-Бо аъзои бадан, ба иштирок накардан дар маҳфилҳояшон, ё одатҳояшон, ё шабоҳат надоштан дар либосҳояшон, ё дар эътиқодҳои онон.


Сеюм:Аҳамияти омӯхтани тавҳид

Бидон Аллоҳ туро барои тоаташ иршод намояд ин ки ҳанифия миллати Иброҳим алайҳис салом Аллоҳро ягона парастидан, дар ҳоле ки динро барои Ӯ холис кардан ва барои ҳамин Аллоҳ ҳамаи мардумро амр кардааст ва барои ҳамин офарида аст, ҳамчуноне ки Аллоҳ таъоло мефармояд: "Наофаридам ҷин ва инсро, магар ки Маро ибодат кунанд". (1)


Ва маънои ибодат кунанд, ягона бипарастанд, мебошад. (2)

Ва бузургтарин чизе ки Аллоҳ ба он амр кардааст, тавҳид аст ва он ягона парастидани Аллоҳ аст. (3)

Ва бузургтарин чизе ки Аллоҳ аз он наҳй кардааст, ширк мебошад. Ва ширк-дуои ғайри Аллоҳ ҳамроҳи Ӯ мебошад.



3-Дар инҷо муаллиф раҳимаҳуллоҳ баён менамояд, ки тавҳидро барои чӣ меомӯзем ва ба ростӣ дар гузашта аҳамияти онро зикр кардем.




Муаллиф раҳимаҳуллоҳ гуфт:(Ва маънои мепарастанд:Ягона қарор медиҳанд. Ва ин сухани Ибни Аббос разияллоҳу анҳумо аст, ки мегӯяд:Ҳар ибодате, ки дар Қуръон аст, маънои он тавҳид аст. (Ва Аллоҳро бипарастед), яъне ягона қарор диҳед. (Эй мардум Парвардигоратонро бипарастед): эй мардум Парвардигоратонро ягона қарор диҳед.

Чаҳорум:Се асл

Агар пурсида шавӣ: Се асле, ки маърифати он бар инсон воҷиб аст, чист?
Пас бигӯ:Маърифати банда Парвардигораш, динаш ва паёмбараш Муҳаммад саллаллоҳу алайҳи ва саллам мебошад. (1)
Агар пурсида шавӣ: Парвардигорат кист? Бигӯ: Парвардигори ман Аллоҳест, ки ман ва ҳамаи оламиёнро ба неъматҳояш тарбият кардааст. Ва Ӯ маъбуди ман аст, барои ман маъбуде ғайри Ӯ нест. Ва далели ин фармудаи Аллоҳ таъолост:"Ҳамду сипос махсуси Аллоҳест, ки Парвардигори оламиён аст". (2) Ҷуз Аллоҳ ҳама чиз олам аст ва ман яке аз ҳамин олам ҳастам. (3)

1-Муаллиф раҳимаҳуллоҳ ба зикри се асл ибтидо намуд, ба ин сурат, ки онро ба саволҳои қабр мисол задааст, то ки таваҷҷуҳи хонанда ва шунавандаи саволро ҷалб намояд ва баъд аз он ба ин саволҳо посух медиҳад.

2-Муаллиф раҳимаҳуллоҳ асли аввалро баён намуда, ки парвардигоре, ки шоистаи ибодат аст Аллоҳ субҳонаҳу ва таъоло мебошад. Ва далели ин суханро зикр намуд ва он фармудаи Аллоҳ таъолост:"Ҳамду сипос махсуси Аллоҳест, ки парвардигори оламиён аст", пас парвардигор ҳамон маъбуди барҳақ аст.



3-Яъне ҳамаи чиз ба ҷуз Аллоҳ махлуқ аст ва ҳаргоҳ ман махлуқ бошам, зарурӣ аст, ки ба шукри Офаридгори неъматдиҳанда ва фазлдиҳанда субҳонаҳу ва таъоло қоим шавам.

Пас агар пурсида шавӣ, Парвардигоратро ба чӣ шинохтӣ? Бигӯ ба оятҳо ва махлуқоташ шинохтам, аз ҷумлаи оятҳояш:Шабу рӯз ва офтобу моҳтоб аст. Ва аз ҷумлаи махлуқоташ:Ҳафт осмон ва ҳафт замин ва касе, ки дар инҳост ва он чизе, ки дар байни инҳост. Ва далел фармудаи Аллоҳ таъолост:"Ва аз нишонаҳои Ӯ шабу рӯз ва офтобу моҳ аст, (вале) барои офтобу моҳ саҷда накунед, (балки) барои Аллоҳе, ки офаринандаи онҳост саҷда кунед, агар танҳо Ӯро мепарастед". Ва фармудаи Аллоҳ таъоло:"Албатта парвардигори шумо Аллоҳест, ки осмонҳо ва заминро дар шаш рӯз офарид, сипас бар Арш қарор гирифт, бо (пардаи торики) шаб рӯзро мепӯшонад ва шаб ба суръат дар паи рӯз меояд ва офтоб, моҳ ва ситорагонро офарид, ки мусаххари фармони Ӯ ҳастанд. Огоҳ бошед, ки офаринишу амр аз они Ӯ (ва ба фармони Ӯст), пурбаракат ва безавол аст Аллоҳе, ки парвардигори оламиён аст". (1)

Ва Раб ҳамон маъбуд аст ва далели ин фармудаи Аллоҳ таъолост:"Эй мардум! Парвардигоратонро, ки шумо ва касоне, ки пеш аз шумо буданд, офарид, парастиш кунед, то парҳезгор шавед. Он кас, ки заминро бистари шумо ва осмонро сақфе қарор дод ва аз осмон обе фурӯ фиристод ва ба василаи он меваҳоро барои рӯзии шумо рӯёнид, бинобар ин барои Аллоҳ ҳамтоёне қарор надиҳед, дар ҳоле ки медонед (ҳеҷ як аз онҳо на шуморо офарида ва на рӯзӣ медиҳад)". (2)

Ибни Касир раҳимаҳуллоҳу таъоло мегӯяд:"Офаридгори ин чизҳо лоиқи парастиш аст".

1-Муаллиф шурӯъ ба зикри маҷмӯъае аз оёти кавнӣ ва низ махлуқоте кардааст, ки далолат бар вуҷуди Аллоҳ доранд ва собит мекунад, ки ҳеҷ парвардигор ва холиқ ва маъбуди барҳаққе ҷуз Аллоҳ вуҷуд надорад ва ҳамонтавр ки дар китоб ворид шуда, далоиле аз Қуръонро бар ин мавзӯъ зикр карда аст.

Ва ҳар махлуқе нишонае бар вуҷуди Аллоҳ субҳонаҳу ва таъоло аст ва локин шайхи Ислом Муҳаммад ибни Абдул-ваҳҳоб раҳимаҳуллоҳ байни оят ва махлуқ фарқ гузошта аст, зеро ҳар чизе ки нишона аст, тағйир мекунад, монанди шабу рӯз ва он чи ки тағйир мекунад далиле ки дар он вуҷуд дорад қавитар аз оне аст, ки тағйир намекунад.


2-Ин оят дар сураи Бақара аст.Баъзе олимон гуфтанд:Албатта дар ин оят аввалин нидои Қуръон:"Эй мардум!" ва дар он аввалин феъли амр дар Қуръон:"Бипарастед" яъне ягона бидонед, омадааст. Ва дар он аввалин наҳй дар Қуръон:"Пас барои Аллоҳ шариконе қарор надиҳед, дар ҳоле ки худ медонед", ки наҳй аз ширк аст, омадааст.


3-Яъне касе ки дар рубубияташ (афъолаш) яктост, воҷиб аст, ки дар улуҳият (ибодат кардан) низ якто дониста шавад.

Ва навъҳои ибодате, ки Аллоҳ ба он амр карда аст, монанди Ислом, имон ва эҳсон мебошад. Ва аз ҷумлаи он дуо, тарс, умед, таваккул, рағбат, раҳбат, хушӯъ, хашият, инобат, истионат, истиъоза (паноҳ бурдан), истиғоса (ба фарёд хостан), забҳ (куштани мол), назр ва ғайра аз навъҳои ибодате, ки Аллоҳ ба он амр карда аст, ҳамааш махсуси Аллоҳ таъоло мебошад. Ва далел фармудаи Аллоҳ таъолост:"Ва албатта масҷидҳо аз они Аллоҳ аст, пас ҳеҷ касро бо Аллоҳ дуо накунед (напарастед)". Пас касе чизе аз навъҳои ибодатро барои ғайри Аллоҳ анҷом диҳад, мушрику кофир аст ва далел фармудаи Аллоҳ таъолост:" Ва ҳар кас маъбуди дигареро бо Аллоҳ бихонад ва ба яқин ҳеҷ далеле бар он нахоҳад дошт, ҳисоби ӯ назди Парвардигораш хоҳад буд, ба ростӣ кофирон наҷот намеёбанд".

Ва дар ҳадис омадааст:"Дуо мағзи ибодат аст". Ва далел фармудаи Аллоҳ таъолост:"Парвардигори шумо гуфтааст: Маро дуо кунед, то (дуои) шуморо иҷобат кунам. Ба яқин касоне, ки аз ибодати Ман такаббурӣ мекунанд, ба зуди бо зиллат (хорӣ) вориди Дӯзах мешаванд".


Муаллиф раҳимаҳуллоҳ пас аз нақли каломи Ибни Касир раҳимаҳуллоҳ бо зикри баъзе аз ибодатҳои қалбӣ ва баданӣ, ҳамроҳ бо далел аз Қуръон ва суннат, онро ба наҳви зер тавзеҳ додааст:




Дуои масъалат ба ду қисм тақсим мешавад
Дуое ки бар он ҷуз Аллоҳ касе қудрат надорад.Анҷоми ин навъ дуо барои ғайри Аллоҳ ширки акбар аст.
Дуое, ки банда бар он қудрат дорад. Ин дуо ба чанд шарт саҳеҳ аст:
Касе ки аз ӯ дархост мешавад, зинда бошад, ба зикри ин қайд майит хориҷ шуд.
Касе ки аз ӯ дархост мешавад, ҳозир бошад. Ба зикри ин қайд ғоиб хориҷ шуд.
Касе ки аз ӯ дархост меша-вад, қодиру тавоно бошад. Ба зикри ин қайд оҷиз хориҷ шуд.
Эътиқод намояд, ки шахси аз ӯ дархостшуда танҳо сабаб аст ва ба зоти худ муассир нест.

Аммо агар эътиқод дошта бошад, ки ин хондашуда, дар коинот тасарруфи махфӣ дорад ва ҷалби манфиат ва дур кардани зарар ба дасти ӯст, ин ширк аст.

Мулоҳаза:Чизе ки мо мехонем, ҳукм бар феъл аст, аммо ҳукм бар фоил ниёзманд ба иқомаи ҳуҷҷат ва нафй шудани шубҳа аст. Ва олимон касоне ҳастанд, ки бар фоил ҳукм мекунанд, ки мӯъмин аст, ё кофир.



Ҳадиси:"Дуо мағзи ибодат аст" ҳадиси заиф аст ва ҳадиси саҳеҳ фармудаи Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам аст: "Дуо ҳамон ибодат аст".


Чигуна дуо, ҳамон ибодат аст?

Оят бар ин далолат мекунад:"Ва Парвардигори шумо фармуд:Маро бихонед, то (дуои) шуморо иҷобат кунам, ҳамоно касоне ки аз ибодати Ман саркашӣ мекунанд, ба зуди бо хорӣ ба Ҷаҳаннам ворид мешаванд".

Аллоҳ субҳонаҳу ва таъоло фармуд:"Ибодати Ман", пас ин далел бар ин аст, ки дуо ибодат аст.

Ва далели хавф (тарс) фармудаи Ӯ таъолост: "Пас агар имон доред аз онҳо натарсед ва аз Ман битарсед". (1)
Ва далели раҷо (умед) фармудаи Ӯ таъолост:"Пас ҳар ки ба лиқои Парвардигораш умед дорад, бояд кори шоиста анҷом диҳад ва ҳеҷ касро дар ибодати Парвардигораш шарик насозад". (2)

1-Хавф-инфиъолест, ки вақте ба вуҷуд меяод, ки чизе иттифоқ биафтад, ки дар он тарс аз кушта шудан, ё зарар, ё азият вуҷуд дорад. Аллоҳ субҳонаҳу ва таъоло наҳй кардааст, ки аз авлиёи шайтон тарсида шавад ва амр карда аст, ки фақат аз Ӯ битарсанд.



2-Раҷо (умед):Тамаъи инсон ба чизе ки ба зуди фаро хоҳад расид ва аҳёнан мумкин аст, дертар фаро расад. Аммо онро дар ҷойгоҳи амре қарор диҳад, ки ба зуди фаро хоҳад расид.

Ва раҷо дарбар гирандаи зиллат ва хузӯъ аст ва ин фақат барои Аллоҳ субҳонаҳу ва таъоло мебошад ва сарфи он барои ғайри Аллоҳ субҳонаҳу ва таъоло ширки акбар аст.

Ва раҷои писандида намебошад, магар барои шахсе, ки Аллоҳро тоат намуда ва савоби онро умед мекунад, ё аз маъсияташ тавба намуда ва қабули тавбаашро умед мекунад.

Ва аммо умеди беамал, пас он мағрур шудан ва таманои нописанд аст.

Ва далели таваккул фармудаи Аллоҳ таъолост:"Ва бар Аллоҳ таваккул кунед, агар имон доред". Ва фармудаи Ӯ:"Ва ҳар кас бар Аллоҳ таваккул кунад, Аллоҳ амри ӯро кифоят мекунад". (1)

Ва далели рағбат, раҳбат ва хушӯъ фармудаи Ӯ таъолост: "Албатта онҳо ҳамвора дар корҳои хайр ба суръат иқдом мекарданд ва аз рӯи биму умед Моро дуо мекарданд ва пайваста барои Мо хушӯъкунанда буданд". (2)





Рағбат:Муҳаббати расидан ба чизе, ки маҳбуб аст.

Раҳбат:Хавфе, ки натиҷааш гурехтан аз чизе аст, ки аз он метарсад. Раҳбат:Хавфе аст, ки ҳамроҳ бо амал аст.

Хушӯъ:Зиллат ва хам шудан барои азамати Аллоҳ, ба гунае ки таслими қазои кавнӣ ва шаръии Ӯ бошад.

❁Касе, ки дар роҳи рафтан ба сӯи Аллоҳ аст, бояд хавфу рақо "биму умед"-ро бо ҳам дошта бошад ва ҳеҷ кадомро бар дигаре ғолиб накунад, ки дар ин сурат афтода ва ҳалок мешавад, балки бояд хавфу рақоро ҳамонанди ду боли паранда бо ҳам дошта бошад.

Ва далели хашият фармудаи Аллоҳ таъолост:"Пас аз онҳо натарсед ва аз Ман битарсед". (1)
Ва далели инобат фармудаи Аллоҳ таъолост:"Ва ба дарбори Парвардигоратон бозгардед ва дар баробари Ӯ таслим шавед". (2)
Ва далели истионат фармудаи Ӯ таъолост:"Танҳо Туро мепарастем ва танҳо аз Ту ёрӣ меҷӯем". Ва дар ҳадис омадааст:"Ва ҳаргоҳ хостӣ кумак биҷӯй, пас аз Аллоҳ кумак биҷӯ". (3)
Ва далели истиоза (паноҳ бурдан) фармудаи Ӯ таъолост:"Бигӯ ба Парвардигори субҳ паноҳ мебарам", "Бигӯ ба Парвардигори мардум паноҳ мебарам". (4)
Ва далели истиғоса фармудаи Ӯ таъолост:"(Ба ёд биёред) замонеро (ки аз шиддати нороҳати дар майдони Бадр) аз Парвардигоратон кумак мехостед ва Ӯ хостаи шуморо пазируфт".(5)
Ва далели забҳ (куштани мол) фармудаи Ӯ таъолост:"Бигӯ ҳароина намози ман ва ҳаҷҷу қурбонии ман ва зиндагонии ман ва марги ман ҳама барои Аллоҳ аст, Парвардигори ҷаҳониён, ҳамтое барои Ӯ нест". Ва далел аз суннат:"Аллоҳ лаънат кунад касеро ки барои ғайри Аллоҳ забҳ намояд". (6)

1-Хашият ҳамон хавфе аст, ки бар илми ба азамат ва камоли салтанати касе ки аз ӯ метарсад, бино шуда аст.
2-Инобат:Бозгашт ба сӯи Аллоҳ таъоло ба василаи итоат аз Ӯ ва худдорӣ аз нофармонӣ кардани Ӯ, (ва анибӯ) яъне бозгардед, (ило раббикум ва аслимӯ лаҳу), яъне амри худро ба Аллоҳ бисупор, зеро ту бандаи ва банда бояд таслими оқояш бошад ва сайид Аллоҳ аст, чунон ки Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам мефармояд:" Сайид Аллоҳ аст".
Истионат:Талаби кумак. "Танҳо Туро мепарастем ва танҳо аз Ту ёрӣ металабем". Дар ин оят чизе ки мустаҳиққи таъхир аст, аввал зикр шудааст. Ва ин далолат

бар ҳаср мекунад, яъне намепарастем ҷуз Туро ва кумак намегирем ҷуз аз Ту.

4-Истиоза:Паноҳ ҷустан, ба маънои ҳимоят шудан дар муқобили чизи нописанд, (аъузу) яъне паноҳ бурда ва чанг задан мезанам.

5-Истиғоса:Талаби ғавс (фарёдрасӣ) ба маънои наҷот додан аз сахтӣ ва ҳалокат аст.


- Истионат, истиоза, истиғоса ва шафоат дуруст аст, ки аз махлуқ дар умуре ки қудрати онро дорад, хоста шавад. Аммо бояд дорои чаҳор шарт бошад. Бояд:зинда, ҳозир, тавоно ва сабаб бошад.

6-Забҳ:Гирифтани руҳ ба василаи рехтани хун ба равиши махсус, забҳ номида мешавад.




❖ Мулоҳаза:Дар мавриди забҳ тафсилоти бештаре вуҷуд дорад, ба амри Аллоҳ дар китоби Тавҳид меояд.

Ва далели назр, фармудаи Ӯ таъоло-ст:"Онҳо ба назри худ вафо мекунанд ва аз рӯзе, ки шарру азоб-аш густурда аст, метарсанд". (1)



❖ Мулоҳаза:Назр дорои қисмҳо, шартҳо ва кафора аст, ки тафсили он дар китоби Тавҳид ба амри Аллоҳ меояд.



❖ Муаллиф ин ибодатҳоро зикр кардааст, ба ин хотир нест, ки ибодатҳо танҳо дар ин маҳсур аст, балки инҳоро бар сабили мисол зикр кардааст, чун бисёре аз ибодатҳоро

зикр накардааст ва маҳали шоҳид инҷост, ки ҳар кас чизе аз ин ибодатҳоро, ё ибодатҳои дигарро барои ғайри Аллоҳ анҷом диҳад, мушрик мешавад.

Асли дуюм: Шинохтани дини Ислом ба далелҳо. Ва он барои Аллоҳ фармонбардор шудан ба тавҳид ва сар фурӯ овардан ба тоат ва аз ширку аҳли он бароат (безорӣ) ҷустан аст. Ва он се мартаба дорад:Ислом, имон ва эҳсон. ВА барои ҳар мартаба рукнҳост. Мартабаи аввал Ислом аст. (1) Аркони Ислом панҷтост:Гувоҳӣ додан бар ин ки нест маъбуди барҳақ ба ҷуз Аллоҳ ва ин ки Муҳаммад расули Аллоҳ аст ва барпо дорӣ намозро ва бидиҳӣ закотро ва рӯза дорӣ моҳи Рамазонро ва хонаи Аллоҳро ҳаҷ намоӣ.

1-Муаллиф ба асли дуввум расида аст, ки шинохтани дини Ислом аст ва ин аслро бо таърифи Ислом шурӯъ карда ва гуфтааст.

Мартабаи аввал: Ислом. Он таслим шудан ба Аллоҳ ба василаи тавҳид ва сар фурӯ овардан ба Ӯ ба василаи итоат аз Ӯ ва безорӣ ҷустан аз ширк ва мушрикон аст. Таърифи Ислом ин аст, ки умуратро ба Аллоҳ субҳонаҳу ва таъоло таслим кунӣ, зеро ту бандаӣ ва банда бояд таслими сайидаш бошад ва сайид ҳам Аллоҳ аст, ҳамонтавр ки Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуда аст. Муаллиф динро ба се мартаба тақсим кардааст:1) Ислом, 2) имон, 3) эҳсон. Аркони Ислом панҷтост, якуми он:Шаҳодат аст.

Пас далели шаҳодат фармудаи Аллоҳ таъолост:"Аллоҳ гувоҳӣ медиҳад, ки маъбуди барҳаққе ҷуз Ӯ нест ва фариштагон ва соҳибони дониш гувоҳӣ медиҳанд, дар ҳоле ки Аллоҳ тадбиркунандаи олам аст ба адл, нест ҳеҷ маъбуди барҳаққе магар Ӯ ғолибу устуворкор аст".

Ва маънои шаҳодат:Нест маъбуди барҳаққе ҷуз Аллоҳ, "ла илоҳа" нафйкунандаи ҳамаи чизе, ки ба ҷуз Аллоҳ парастида мешавад, "иллаллоҳ" исботкунандаи ибодат барои Аллоҳи ягона аст, барои Ӯ дар ибодаташ шарике нест, ҳамонгуна ки барои Ӯ дар мулкаш шарике нест. Ва тафсири шаҳодат, ки онро возеҳ мегардонад, фармудаи Аллоҳ таъолост:"Ва (ба хотир биёр) ҳангомеро ки Иброҳим ба падараш ва қавмаш гуфт:Ман аз он чи шумо мепарастед безорам, ҷуз он касе, ки маро офарида, ки ба зуди Ӯ маро ҳидоят хоҳад кард. Ӯ калимаи тавҳидро калимаи поянда дар наслҳои баъд аз худ қарор дод, шояд (ба сӯи Аллоҳ) бозгарданд".

Муаллиф раҳимаҳуллоҳ далели шаҳодат (Ло илоҳа иллаллоҳ)-ро зикр карда ва маънои онро возеҳ баён кардааст: Яъне ҳеҷ маъбуди барҳаққе ҷуз Аллоҳ вуҷуд надорад. Бинобар ин бояд ду шаҳодат шомили нафй ва исбот бошад. Нафй дар гуфтаи:"Ла илоҳа" аст, яъне ҳеҷ маъбуди "барҳаққе" вуҷуд надорад. Ва исбот дар гуфтаи: "иллаллоҳ" аст, яъне ба ҷуз Аллоҳ. Ва ин равиш ҳаср ва исботро ифода мекунад, ба ҳайсе ки ибодатро барои Аллоҳи ягона исбот мекунад ва ибодатро аз ғайри Ӯ нафй мекунад. Ва барои ин муаллиф раҳимаҳуллоҳ гуфта аст: Ва тафсири шаҳодат, ки онро возеҳ мегардон-

ад, фармудаи Аллоҳ таъолост:"Ва (ба хотир биёр) ҳангомеро ки Иброҳим ба падараш ва қавмаш гуфт:Ман аз он чи шумо мепарастед безорам, ҷуз он касе, ки маро офарида".
(Аз он чи шумо мепарастед, безорам): Ин маънои "Ла илоҳа" аст. (Ҷуз он касе, ки маро офарид): яъне "иллаллоҳ-ҷуз Аллоҳ" аст.

Ва фармудаи Ӯ: "Бигӯ эй аҳли китоб! Биёед ба сӯи сухане, ки миёни мо ва шумо як аст, ки ҷуз Аллоҳи ягонаро напарастем ва чизеро шарики Ӯ қарор надиҳем ва баъзе аз мо баъзи дигарро ба рубубият напазирад. Пас агар (аз ин даъват) рӯй гардонанд, бигуед:Шоҳид бошед, ки мо мусалмонем". (1)

Агар касе бигӯяд:Маънои шаҳодати (ло илоҳа иллаллоҳ): яъне ҳеҷ маъбуде ҷуз Аллоҳ нест, чӣ мешавад?
Дар ҷавоб мегуем:Ин сухани ботил аст, зеро бо ин сухан, ҳар маъбудеро, ки ба ҷуз Аллоҳ парастиш мешавад, саҳеҳ медонад. Аммо замоне ки мегуем:(Маъбуди барҳақ), ин далел бар ин аст, ки ба ҳар маъбуде ҷуз Аллоҳ парастиш мешавад, куфр меварзад ва ин ки ҳеҷ маъбуди барҳаққе ҷуз Аллоҳ нест.
Агар касе бигӯяд:Маънои шаҳодати (ло илоҳа иллаллоҳ), яъне:Ҳеҷ парвардигори барҳаққе ҷуз Аллоҳ нест, чӣ? Мегуем:Ин калом дуруст аст, аммо тафсири (ло илоҳа иллаллоҳ) нест. Ин тавҳиди рубубият аст, ки куффоре ки Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам дар миёни онҳо фиристода шуд, иқрор доштанд ва ин иқрорашон онҳоро дар Ислом дохил нанамуд.


1-"Бигӯ эй аҳли китоб! Биёед ба сӯи сухане, ки миёни мо ва шумо як аст", дар ин оят далел бар ботил будани наздик кардани байни динҳост.

Ва далели шаҳодати ин ки Муҳаммад расули Аллоҳ аст, фармудаи Ӯ таъолост: "Ба яқин паёмбаре аз миёни шумо ба сӯятон омад, ки ранҷҳои шумо бар ӯ сахт аст ва исрор бар ҳидояти шумо дорад ва нисбат ба мӯъминон рауфу меҳрубон аст". (1)

Ва маънои шаҳодати ин ки Муҳаммад Расулуллоҳ ин аст, ки тоати Ӯ дар он чизе ки амр кард ва тасдиқи Ӯ дар он чизе ки хабар дод ва парҳез кардан аз он чизе ки наҳю заҷр кард ва ин ки Аллоҳ парастида нашавад, магар ба он чизе ки Ӯ машрӯъ намуда аст. (2)

1-Муаллиф ин оятро далел барои шаҳодати (ин ки Муҳаммад Расулуллоҳ аст) зикр карда аст. Дар ин оят Аллоҳ шаҳодатро ба се адоти таъкид, таъкид карда аст:Қасами муқаддар, ҳарфи "лом" ва "қад".

2-Муаллиф раҳимаҳуллоҳ маънои шаҳодат ба рисолати Муҳаммад саллаллоҳу алайҳи ва салламро баён кардааст ва ин ки барои таҳаққуқи ин шаҳодат, бар ҳар марду зани мусалмон воҷиб аст:Аз Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам дар ҳар чизе ки ба он амр кардааст, итоат кунад ва ҳар чизеро, ки аз он хабар дода аст, тасдиқ кунад ва аз анҷоми ҳар чизе ки аз он наҳй карда ва ҳушдор дода, худдорӣ кунад. Ва Аллоҳро онгуна ибодат кунад, ки Ӯ салавотуллоҳи ва саломуҳу алайҳи оварда ва қонун гузошта аст.


Талаботи шаҳодат ба рисолати Муҳаммад саллаллоҳу алайҳи ва саллам ин аст, ки Ӯ бандае аст, ки парастида намешавад ва паёмбаре аст, ки дурӯғгӯ карда намешавад ва ин яъне:
Дар ҳар чизе ки моро ба он амр кардааст, аз Ӯ итоат кунем, зеро Ӯ аз ҷониби Аллоҳ мерасонад.
Ҳар чизеро, ки аз он хабар медиҳад, тасдиқ кунӣ, зеро Ӯ ростгӯ аст ва Аллоҳ низ бар ростгӯияш сиҳат гузоштааст.
Аз ҳар он чизе, ки наҳӣ карда ва нисбат ба он ҳушдор дода аст, парҳез кунӣ, яъне ҳар чизеро ки Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам аз он наҳӣ кардааст, ба каноре гузошта ва худ дар канори дигар бошӣ.
Аллоҳ субҳонаҳу ва таъолоро фақат бо он чи ки Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам оварда аст, ибодат кунӣ, ки ин рад бар аҳли бидъат аст.

Ва далели намоз, закот ва тафсири тавҳид фармудаи Ӯ таъолост:"Ва ба онҳо дастур дода нашуда буд, ҷуз ин ки Аллоҳро бипарастанд ва дини худро барои Ӯ холис кунанд ва ба тавҳид боз гарданд ва намозро барпо доранд ва закотро бипардозанд ва ин аст, дини пойдор". (1)

Ва далели рӯза фармудаи Ӯ таъолост:"Эй касоне ки имон овардаед! Рӯза бар шумо фарз шуда, ҳамонгуна ки бар касоне ки пеш аз шумо буданд, фарз шуд, то парҳезгор шавед". (2)

Ва далели ҳаҷ, фармудаи Ӯ таъолост: "Ва барои Аллоҳ аст бар уҳдаи мардумон ҳаҷҷи хонаи Каъба барои касе ки тавонӣ рафтан ба онро дорад ва ҳар ки куфр варзад, яқинан Аллоҳ аз ҷаҳониён бениёз аст".(3)

1-Рукни дуввум:Намоз аст. Ва он парастиши Аллоҳ ба василаи афъол ва гуфторе аст, ки бо такбири эҳром (Аллоҳу акбар) шурӯъ шуда ва бо салом додан тамом мешавад. Намоз сутуни дин аст ва мустақиман аз ҷониби Аллоҳ ва бе ҳеҷ воситае бар Паёмбараш саллаллоҳу алайҳи ва саллам фарз шудааст ва ин дар ҳангоме буд, ки Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам ба осмон бурда шуд.

2-Рукни сеюм:Закот аст. Закот дар луғат:Ба маънои рушд ва пок шудан аст. Ва он бар ду навъ аст:Закоти бадан ва закоти мол.

3-Рукни чорум:Рӯза аст. Савм дар луғат:Яъне худдорӣ ва даст кашидан аз чизе аст. Дар шариат:Ибодати Аллоҳ ба василаи даст кашидан аз чизҳое аст, ки сабаби ботил шудани рӯза мешавад ва ҳамроҳ бо ният буда, аз дамидани субҳ то нишастани офтоб идома дорад. Рӯза аз бузургтарини ибодат аст, зеро навъҳои сегонаи

саброо шомил мешавад ва аз азамати шаъни он ин аст, ки Аллоҳ субҳонаҳу ва таъоло подоши онро ба худ нисбат дода аст.

5-Рукни панҷум:Ҳаҷ аст. Ҳаҷ дар луғат:Қасд ва ҳадаф аст. Ва дар шариат:Ибодати Аллоҳ ба василаи адои маносики он мувофиқи он чизе аст, ки дар суннати Мустафо саллаллоҳу алайҳи ва саллам омадааст ва бар ҳар мусалмоне як бор дар умр, фарз аст.

Мартабаи дуюм: Имон аст ва он ҳафтоду чанд шӯъба аст. Баландтарин мартабаи он:"Ла илоҳа иллалоҳ" гуфтан ва пасттарин мартабаи он, дур сохтани озор аз роҳ мебошад. Ва ҳаё шохае аз имон аст.

Ва аркони имон шашто аст: Имон овардан ба Аллоҳ, малоикаҳои Ӯ, китобҳои Ӯ, расулони Ӯ, рӯзи охират ва ба тақдири неку бадаш имон овардан аст.

Ва далели ин аркони шашгона фармудаи Ӯ таъолост:"Некӣ ин нест, ки (ба ҳангоми намоз) рӯи худро ба сӯи машриқ, ё мағриб кунед, балки некукор касе аст, ки ба Аллоҳ ва рӯзи охират ва фариштагон ва китоби Аллоҳ ва паёмбарон имон овардан аст".

Ва далели қадар, фармудаи Ӯ таъолост:"Ба яқин Мо ҳар чизро ба андоза офаридем".

Мартабаи дуввум:Имон аст.

Имон дар луғат:Иқрор аст.
Ва дар шариат:Бо забон гуфтан ва ба қалб эътиқод намудан ва ба аъзои бадан ва қалб амал намудан, ба тоат зиёд мешавад ва ба маъсият кам мешавад.

Пас имон аз рӯи шариат, бояд дар он панҷ шарт бошад.

Ҳаргоҳ дар яке аз ин панҷ шарт халале ворид шавад, аз таърифи имон назди аҳли суннат ва ҷамоат хориҷ мешавад.


Далел бар ин умури панҷгона чист?


Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд: "Баландтарини он гуфтани (Ла илоҳа иллаллоҳ)" аст, ин далел бар қавл аст.

"Ва пасттарини он дур кардани оҳор аз роҳ аст", ин амали бадан аст.

"Ва ҳаё", ин амали қалб аст.

Ва фармудаи Ӯ таъоло:"Ин сура имони кадом як аз шуморо афзуд?!", далел бар ин аст, ки имон зиёд мешавад ва агар зиёд шавад, пас кам низ мешавад. Ва нақси дин ба сароҳат дар ин фармудаи Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам зикр шуда аст:"Аз ноқисоти ақл ва дин надидам", пас дин ноқису кам мешавад.


Аркони имон шаштост
Имон ба Аллоҳ
Имон ба малоикаҳо
Имон ба китобҳо
Имон ба расулон
Имон ба рӯзи охират
Имон ба тақдири нек ва бадаш


Рукни аввал имон ба Аллоҳ аст ва он чор чизро лозим мегирад
Имон ба ҳастии Аллоҳ субҳонаҳу ва таъоло, ки ба василаи чор чиз аст
Имон ба тавҳиди рубубият
Имон ба тавҳиди улуҳият
Имон ба тавҳиди исмҳо ва сифатҳо
Ба василаи ақл:Ақлан муҳол аст, ки махлуқе вуҷуд дошта бошад ва холиқе надошта бошад:"Оё онҳо аз ҳеҷ чиз офарида шуданд, ё худ холиқи (хеш)-анд".
Ба василаи ҳис:Вақте дар мушкилот ва сахтиҳо ҳастӣ, дастони худро ба осмон баланд карда ва мегӯй:Эй Раб ва мебинӣ ки ин сахтӣ ба амри Аллоҳ ҳал мешавад.
Ба василаи фитрат:Ҳар навзоде бар фитрат ба дунё меояд, падару модараш ӯро яҳудӣ, ё насронӣ, ё маҷусӣ мекунанд".
Ба василаи шаръ:Ибни Қайим раҳимаҳуллоҳ зикр мекунад, ки ҳеҷ ояте дар Қуръон вуҷуд надорад, магар ин ки далел бар тавҳид аст.

Рукни дуввум:Имон ба малоика

Малоика олами ғайбӣ ҳастанд, ки Аллоҳ онҳоро аз нур халқ кардааст. Аллоҳро итоат карда ва Ӯро нофармонӣ намекунанд ва дорои руҳ ҳастанд:(Руҳулқудус) ва ҷисм доранд:"(Касе) ки фариштагонро расулоне қарор дод, дорои болҳои дугона ва сегона ва чаҳоргона, ҳарчи бихоҳад дар офариниш меафзояд". Ва дорои ақл ва қалб ҳастанд:"То замоне ки изтироб (ва нигаронӣ) аз дилҳояшон бартараф шавад, гӯянд:Парвардигор-атон чӣ гуфт?".

Ба онҳо ба номҳое, ки Аллоҳ ба мо ёд дода монанди: Ҷибраил, Микоил ва Исрофил ва ба сифаташон имон меорем (Аллоҳро ба он чизе, ки онҳоро амр кардааст, бефармонӣ намекунанд ва он чиро, ки ба онҳо амр мешавад, анҷом медиҳанд". Ва ба амалҳои онҳо, монанди бардорандагони Арш ва ба ахборе, ки дар мавриди онҳо ба сурати муҷмал ва ба сурати муфассал омада аст, имон меорем.

Рукни сеюм:Имон ба китобҳо


Воҷиб аст, ки имон дошта бошем, ки ин китобҳо каломи ҳақиқии Аллоҳ ҳастанд ва маҷоз нестанд. Аз ҷониби Аллоҳ нозил шуда ва махлуқ нестанд. Ва Аллоҳ ҳамроҳ бо ҳар расуле, китобе нозил карда аст. Ба онҳо имон оварда ва низ ба ҳар чизе ки Аллоҳ дар мавриди онҳо моро бохабар карда, монанди:Исм, ахбор ва аҳкоми муҷмал ва муфассали онҳо, то вақте ки мансух нашудааст, имон меорем ва имон дорем, ки Қуръон носихи ҳамаи китобҳои қабл аз худ аст, ки ин китобҳо: Таврот, Инҷил, Забур ва Суҳуфи Иброҳим ва Мусо мебошад.

Рукни чорум:Имон ба расулон

Воҷиб аст имон дошта бошем, ки онҳо башар буда ва ҳеҷ кадом аз хасоиси рубубият (парвардигори)-ро надоранд ва онҳо ҳама бандагони Аллоҳ ҳастанд ва мавриди парастиш қарор намегиранд. Аллоҳ онҳоро фиристода ва ба сӯи онҳо ваҳй карда аст. Ва онҳоро ба василаи нишонаҳое мавриди таъйид қарор дода ва онҳо амонатро адо карда ва умматро насиҳат карда ва паёми Аллоҳро расонидаанд. Дар роҳи Аллоҳ онгуна, ки бояд ҷиҳод кунанд, ҷиҳод карданд. Ба онҳо ва исмҳояшон ва сифатҳояшон, ки Аллоҳ моро аз онҳо бохабар сохтабарҳои онҳо, ки ба сурати муҷмал ва муфассал омад, имон дорем. Ва имон дорем, ки аввалин паёмбар, Одам алайҳис салом аст ва аввалин расул, Нуҳ алайҳис салом мебошад ва хотами анбиё ва расулон, Муҳаммад саллаллоҳу алайҳи ва саллам мебошад ва шариатҳои гузашта ҳама ба василаи шариати Муҳаммад саллаллоҳу алайҳи ва саллам мансух шудаанд. Ва паёмбарони улулазм панҷ нафар ҳастанд, ки дар сураи Шуро ва Аҳзоб зикр шудаанд:"Муҳаммад, Нуҳ, Иброҳим, Мусо ва Исо алайҳимус салом".

Рукни панҷум:Имон ба рӯзи охират


Дарбаргирандаи имон ба ҳамаи хабарҳое аст, ки Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам дар мавриди аҳволи баъд аз марг ба мо хабар додааст, монанди:Фитнаи қабр, дамидан дар сур, хестани мардум аз қабрҳояшон, мизон (тарозу), саҳифаҳои амалҳо, пули сирот, ҳавз, шафоат, Биҳишт, Ҷаҳаннам, дидани мӯъминон Парвардигорашонро дар рӯзи қиёмат, дар Ҷаннат ва дигар амрҳои ғайбӣ.



Ва ин мартабаҳои чоргонаро шоир дар ин байт ҷамъ оварда аст: علم، كتابة مولانا، مشيئته وخلقه وهو إيجاد وتكوين

Илм, навистани мавлоямон, машийяти Ӯ ва халқи Ӯ ва он эҷод ва таквин (пайдо кардан) аст.

Мартабаи сеюм: Эҳсон аст.Эхсон як рукн аст ва он парастидани Аллоҳ, гӯё ту Ӯро мебинӣ, пас агар ту Ӯро набинӣ, дар ҳақиқат Ӯ туро мебинад. Ва далел, фармудаи Ӯ таъолост:"Ҳамоно Аллоҳ бо касоне аст, ки тақво карданд ва касоне, ки некӯкоранд". Ва фармуқдаи Ӯ:"Ва бар (Аллоҳи) тавоно ва меҳрубон, таваккал кун, ҳамон касе, ки туро ба ҳангоме ки (барои ибодат) бармехезӣ мебинад ва (низ) ҳаракати туро дар миёни саҷдакунандагон (мушоҳида мекунад). Ӯст шунаво ва доно".



Тавзеҳ:Маънои эҳсон ин нест, ки касе ки соҳиби ин мартаба аст, фақат муҳаббати Аллоҳро дошта ва аз Ӯ субҳонаҳу ва таъоло тарс надорад. Аммо дар ин мартаба, қавитарин ангезае, ки бандаро ба сӯи ибодат мекашад, яъне муҳаббати Аллоҳ субҳонаҳу ва таъоло вуҷуд дорад, ки фармудаи Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам:"Оё бандаи шукргузор набошам" аз ин қабил аст.

Ва далели ин аз Суннат ҳадиси машҳури Ҷибраил аст. Аз Умар разияллоҳу анҳу ривоят аст, ки гуфт: Вақте мо назди Паёмбари Аллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам нишаста будем, рӯзе дидем, ки марде омад, ҷомааш сахт сафед буд ва муҳояш сахт сиёҳ буд, бар Ӯ асари сафар дида намешуд ва касе аз мо Ӯро намешинохт , то ин ки назди Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам нишаст ва ду зонуи худро ба ду зонуи Паёмбар часпонид ва ду дасташро бар ду ронаш ниҳод ва гуфт: Эй Муҳаммад маро дар бораи Ислом хабар деҳ?! Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд: Ислом ин аст, гувоҳи диҳӣ, ки нест маъбуди барҳақ ҷуз Аллоҳ ва ин ки Муҳаммад фиристодаи Аллоҳ аст ва барпо бидорӣ намозро ва бидиҳи закотро ва рӯза бидорӣ моҳи рамазонро ва ба ҳаҷ биравӣ агар тавонои роҳи онро дошта бошӣ. Он мард гуфт:Рост гуфтӣ. Мо тааҷҷуб кардем, савол мекунад ва тасдиқ менамояд. Гуфт: Пас маро аз имон хабар деҳ. Гуфт: Имон ин аст, ки ба Аллоҳ ва малоикаҳои Ӯ ва китобҳои Ӯ ва расулони Ӯ ва рӯзи охират имон биёрӣ ва ба расулони Ӯ ва рӯзи охират имон биёрӣ ва ба тақдири неку бадаш имон биёрӣ. Гуфт: Рост гуфтӣ. Он мард гуфт: Маро аз эҳсон хабар деҳ. Гуфт: Эҳсон ин аст, ки бипарасти Аллоҳро гӯё ту Ӯро мебинӣ, пас агар ту Ӯро набинӣ, дар ҳақиқат Ӯ туро мебинад. Он мард гуфт: Маро аз рӯзи қиёмат хабар деҳ. Гуфт: пурсидашуда дар ин масъала аз пурсанда донотар нест. Он мард гуфт: пас маро аз нишонаҳои қиёмат хабар деҳ. Гуфт: Ин ки каниз оқояшро бизояд ва ин ки бубинӣ пову тан бараҳнагон, бенаво, чупонӣ гӯсфандро, ки бар бардоштани қасрҳо зиёдаравӣ мекунанд. Ровӣ гуфт: Пас он мард рафт, мо андаке истодем, пас Паёмбар салллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд:«Эй Умар оё медонӣ пурсанда кист?» Гуфтам: Аллоҳ ва расулаш донотар аст, Фармуд: Ин Ҷибраил аст, омад, то амри дини шуморо ба шумо таълим диҳад».

Ин ҳадис далел аст бар аркони Ислом, имон ва эҳсон. Дар фармудаи Ӯ саллаллоҳу алайҳи ва саллам:"Саволшаванда донотар аз пурсанда (дар мавриди вақти қиёмат) нест, далел бар ин аст, ки Ӯ саллаллоҳу алайҳи ва саллам вақти барпо шудани қиёматро намедонад, танҳо Аллоҳ медонад.

Фармудаи Ӯ саллаллоҳу алайҳи ва саллам:
"Каниз оқои худро бизояд".

Ба маънои:Бисёр шудани уқуқи волидайн аст.

Ба маънои:Бисёр шудани канизон ва ғуломон аст.

Ба маънои:Тағйир ёфтани аҳвол аст.

Ба маънои ин аст, ки ҳоким бо канизе издивоҷ карда ва аз ӯ писардор мешавад ва ин писар баъд аз вафоти падараш, ҳоким мешавад ва оқои модараш ба ҳисоб меояд.

" وأن ترى الحفاة العراة العالة", ал-ъола, яъне фақирон.

" العالة رعاء الشاء يتطاولون في البنيان", яъне ҳолатҳо тағйир меёбад, ин фақир табдил ба як одами хело бой мешавад.

Он чи аз ҳадиси Ҷибраил алайҳис салом истифода бурда мешавад:

1-Бар толиби илм шаш ҳақ аст:Ҳаққи нафс, ҳаққи шайх, ҳаққи ҷое, ки дар он дарс мехонад, ҳаққи ҳамсабақонаш, ҳаққи китоб ва ҳаққи илме, ки онро таълим мегирад.

-Ҳаққи нафс:Илм ибодат аст (ихлос ва пайравӣ аз Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам), салафии ҳақиқӣ бош, хашийят, муроқабат, тавозӯъ ва раҳо кардани кибру ғурур. Қаноат ва зуҳд ва ороста шудан ба асари илм, шахсият, таматтӯъ ёфтан ба хислатҳои мардонагӣ, тарки рафоҳият (хушзистӣ), аз маҷлисҳои беҳуда рӯй гардондан, ба нармӣ, устуворӣ ва баррасӣ ороста шудан.

Ҳиммат, рағбат барои талаби илм, барои талаби илм сафар кардан, навиштани илм, эҳсоси масъулият, **муроҷиати ҳифзкардаҳо**, ёд гирифтани арза кардани масъалаҳои фаръӣ бар усул, ба Аллоҳ паноҳ бурдан, амонати илмӣ, сидқ (ростӣ).

Биҳишти толиби илм ин аст, ки бигӯяд:"Намедонам", бар сармояаш (яъне вақт) муҳофизат намояд, нигаҳ доштани нафс, (сақофаи омма) мутолиа барои тасҳеҳ ва барои фаҳм, мутолиаи китобҳои тулонӣ.

Хуб савол кардан ва сипас гуш додан ва фаҳмидан ва амал кардан, бемиро мунозара кардан, музокараи илм, байни Қуръон ва суннат ва улуми ин ду қарор дошта бош, дар комил кардани адавоти ҳар фан саъй намудан.

Амал, аз дӯст доштани риёсат ва шуҳрат ва дунё гурехтан.

Ба нафси худ гумони бад доштан ва ба мардум гумони нек доштан.

Закоти илм (ҳамеша ҳақгӯ бошад, бисёр амри ба маъруф ва наҳй аз мункар кунад ва байни масолеҳ ва мафсадаҳо

бисанҷад), ноширии илм бошад, ба мардум нафъ расонданро дӯст дошта бошад ва мақом ва шафоати худро барои мусалмонон дар корҳои ҳақ ва маъруф ба кор барад.

Иззат, нигаҳ доштани илм, мадорот на мудоҳана, тарки таолум (олимнамоӣ) ва садорат пеш аз аҳлият ёфтан.

Ҷои ту дар муқобили хатои олим ва ихтилофи олимон.

Дафъи шубҳаҳо, на қавмгароӣ ва ҳизбгароӣ, ки дӯст доштану бад дидани худро бар онҳо қарор диҳад.

-Ҳаққи шайхаш:Ва мардум дар ин маврид ба се гурӯҳ ифротӣ (зиёдаравӣ), тафритӣ ва миёнарав тақсим мешаванд. Ва хоҳем хонд, ки аввалин ширке, ки дар замин ба вуҷуд омад, ба сабаби шубҳаи ғулув (зиёдаравӣ) дар ҳаққи накукорон буд. Бинобар ин бояд шамеша миёнарав буда ва ифрот ва тафрит надошта бошем.

-Ҳаққи маконе, ки дар он дарс мехонад.

-Ҳаққи ҳамдарсаш:Аллоҳ субҳонаҳу ва таъоло мефармояд: "Шумо беҳтарин гурӯҳе ҳастед, ки ба сӯи мардум хориҷ шудаед" ва Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуда аст:"Ҳеҷ кадоми аз шумо мӯъмин нест, то вақте ки он чиро барои худ дӯст дорад, барои бародараш низ бихоҳад".

-Ҳаққи китоб:Аз китобаш нигаҳдорӣ кунад, зеро Аллоҳ субҳонаҳу ва таъоло бо ин китобҳо ба мо лутф кардааст ва бояд онҳоро ҳифз кунем.

-Ҳаққи илм:Ба василаи хуб ёд гирифтани илм ва муроҷиаи доимии он ва амал ба он, зеро бар касе ки чизе ёд мегирад, воҷиб аст, ки ба он амал кунад, сипас ба ин илм даъват намояд, зеро ин илм неъмат буда ва бояд шукри ин неъматро ба ҷой орад.

2-Аз одоби савол ин аст, ки аввал саволеро бипурсад, ки умед дорад нафъ ва фоидае дар он вуҷуд дорад.

3-Толиби илм бояд бикушад, ки зоҳираш некӯ буда ва бар ҳифзи зоҳири некӯяш муҳофизат кунад.

4-Баъд аз вафоти Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам дуруст нест, ки гуфта шавад:Аллоҳ ва расулаш донотар аст, балки гуфта мешавад:Аллоҳ донотар аст.

Асли сеюм, шинохтани паёмбаратон Муҳаммад саллаллоҳу алайҳи ва саллам мебошад.
Он Муҳаммад писари Абдуллоҳ писари Абдул-муталиб писари Ҳошим ва Ҳошим аз Қурайш ва Қурайш аз араб ва араб аз фарзандони Исмоил писари Иброҳим Халил, бар Ӯ ва бар Паёмбари мо салоту салом нозил бод, мебошад. Шасту се сол умр дошт, чил сол пеш аз нубуват (Паёмбарӣ) ва бисту се сол набию расул буд, ба «Иқра» набӣ ва ба «Муддассир» расул шуд ва ватанаш Макка аст ва ба сӯи Мадина ҳичрат кард.

Ин банд бар гушае аз Паёмбар салавотуллоҳи ва саломуҳу алайҳ ва исми, насаб, умр ва ва қисмате аз даъвати Ӯ саллаллоҳу алайҳи ва салламро шомил мебошад.

Бояд дар бораи Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам амрҳоеро бидонем, аз ҷумла:

- Ном ва насаби:Ӯ Муҳаммад ибни Абдуллоҳ ибни Абдулмутталиб ибни Ҳошим ва Ҳошим аз Қурайш буда ва Қурайш аз араб ва араб аз насли Исмоил ибни Иброҳими Халил алайҳимус салом аст
- Умр:Ӯ 63 сол умр доштанд, ки чиҳил соли он пеш аз паёмбарӣ ва бисту се соли он баъд аз паёмбарӣ буд.

Замони паёмбарии Ӯ саллаллоҳу алайҳи ва саллам ба ду қисм тақсим мешавад:

1-Аҳди Маккӣ:13 сол идома дошт.

2-Аҳди Маданӣ:10 сол идома дошт.

Оё Ӯ алайҳис салоту ва салом набӣ аст, ё расул?

Ӯ саллаллоҳу алайҳи ва саллам ҳам набӣ аст ва ҳам расул. Бо нузули сураи Иқра ба нубувват расида ва сипас бо сураи Мудассир фиристода шуданд.

Ӯро Аллоҳ фиристод, то аз ширк бим диҳад ва ба сӯи тавҳид даъват намояд ва далели ин фармудаи Аллоҳ таъолост: «Эй ҷома ба худ печида (аз ҳайбати ваҳй), бархез пас битарсон ва Парвардигоратро бузург бишумор ва либосатро покиза дор ва аз палиди дурӣ кун ва набояд, ки чизе бидиҳӣ (дар иваз) зиёда талаб кунӣ ва барои (ҳукми) Парвардигорат, пас сабр кун».
[Сураи Муддассир, ояти 1-7].
Ва маънои «Бархез, пас битарсон» аз ширк бим медиҳад ва ба сӯи тавҳид даъват мекунад «ва Парвардигоратро бузург бишумор» яъне ба тавҳид Ӯро бузург бишумор ва «либосатро покиза дор» яъне амалҳоятро аз ширк пок соз «ва аз палиди (бутҳо) дурӣ кун» ручз-бут ва ҳаҷри он тарки он ва аз он ва аҳли он бароат ҷустан.
Даҳ сол ба сӯи тавҳид даъват мекард ва баъди даҳ сол ба сӯи осмон бурда ва бар Ӯ панҷ вақт намоз фарз гардонида шуд ва дар Макка се сол намоз гузорид ва баъди он ба ҳиҷрат кардан ба сӯи Мадина амр карда шуд.

Гушае аз саргузашти Ӯ саллаллоҳу алайҳи ва саллам.

Даъват дар аҳди Маккӣ дар мавзӯӣ тавҳид ва тарки ширк ва холис гардондани ибодат барои Аллоҳ субҳонаҳу ва таъоло қарор дошт ва ин даъват 13 сол идома ёфт. Сипас Ӯ саллаллоҳу алайҳи ва саллам дастур ёфт, ки ба Мадина ҳиҷрат кунад. Дар онҷо низ даъват бар пояи тавҳид устувор буда ва боқии аҳкоми дин шомили ибодатҳо ва муомалот ва умури зиндагӣ низ дар ин аҳд, нозил шуд. Касе ки дар саргузашти Ӯ саллаллоҳу алайҳи ва саллам назар кунад, дармеёбад, ки даъват ба тавҳид ҳамвора дар зиндагии Ӯ истимрор доштааст, то вақте ки Аллоҳ субҳонаҳу ва таъоло Ӯро вафот дод. Ва дар ин мавзӯъ ба вузуҳ рад бар касоне аст, ки мардумро аз таълими тавҳид бениёз

дида ва даъво доранд, ки барои ёдгирии тавҳид фақат ба чанд дақиқаи андаке эҳтиёҷ аст.

Қавли муаллиф раҳимаҳуллоҳ, ки мегӯяд:"Ӯро ба осмон боло бурда шуд", аз он чунин дармеёбем:

1-Ҳар чи аз умури ғайбӣ, ки Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам дар мавриди он ба мо хабар додааст, мегӯем:Имон овардем, тасдиқ кардем ва таслим шудем.

2-Аҳамияти намозҳои фарз, ки Аллоҳ субҳонаҳу ва таъоло онро дар осмон фарз кардааст.


Ва ҳичрат интиқол (кучидан) аз билоди (шаҳри) ширк ба сӯи билоди Ислом мебошад. Ва ҳичрат бар ин уммат аз балади ширк ба сӯи балади Ислом фарз аст ва он то барпо шудани қиёмат боқӣ аст.

Ва далели ин фармудаи Аллоҳ таъоло: “Албатта касоне ки фариштагон ҷони онҳоро гирифтанд, дар ҳоле ки ба худ зулм карда буданд, ба онҳо гуфтанд: Шумо дар чӣ ҳол будед? Гуфтанд: Мо дар сарзамини худ таҳти фишор ва мустазъаф будем. Онҳо гуфтанд: Магар замини Аллоҳ паҳновар набуд, ки муҳоҷират кунед?! Онҳо (узре надоштанд) ва ҷойгоҳҳашон дӯзах аст ва бозгашти бадеаст, ҷуз он даста аз мардон, занон ва кудаконе, ки ба ростӣ таҳти фишор қарор гирифтаанд, на тавони чораҷуи доранд ва на роҳе (барои наҷот аз он муҳит) меёбанд. Умед аст Аллоҳ онҳоро мавриди авф қарор диҳад ва Аллоҳ бахшанда ва омурзанда аст”. [Сураи Нисо, ояти: 97-99].

Ва фармудаи Аллоҳ таъоло: “Эй бандагони ман, ки имон овардаед! Замини Ман густурда аст, пас танҳо Маро бипарастед (ва ҳичрат кунед ва дар баробари фишорҳои душманон таслим нашавед)”. [Сураи Анкабут, ояти: 56].

Бағавӣ раҳимаҳуллоҳу таъоло гуфт:Сабаби нузули ин оят дар ҳаққи мусалмононе аст, ки дар Макка мондану ҳичрат накарданд, ононро Аллоҳ ба номи имон (мӯъмин) нидо кард.

Ва далел бар ҳичрат аз суннат фармудаи Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам аст: “Ҳичрат қатъ намешавад, то ки тавба қатъ шавад ва тавба қатъ намешавад, то ки офтоб аз офтобшин тулӯъ кунад”.



Тарки амал:Ҳар он чизе ки Аллоҳ субҳонаҳу ва таъоло онро ҳаром кардааст, ки дар сари онҳо:Ширк мебошад.

Тарки амалкунанда:Кофирон, мунофиқон ва монанди онҳо.

Тарки замон:Тарки замонҳое, ки кофирон дар онҳо ҷашн мегиранд.

Тарки макон:Тарки маконҳое, ки кофирон дар онҳо ҷашн мегиранд.

❁Тавба ба василаи яке аз ин ду чиз қатъ мешавад:

1-Баромадани офтоб аз мағриб.

2-Ҳангоми вафот:"Ва тавба барои касоне, ки бадиҳоро анҷом медиҳанд, нест, ки вақте замони марги яке аз онҳо фаро расид, бигӯяд:Ҳоло тавба кардам ва низ тавба барои касоне нест, ки дар ҳол мемиранд, кофир ҳастанд".

❁Фармудаи Ӯ саллаллоҳу алайҳи ва саллам:"Баъд аз фатҳи Макка ҳиҷрат вуҷуд надорад", яъне ҳиҷрат аз Макка ба Мадина вуҷуд надорад ва дар ин ҳадис ишораи Расулуллоҳ

саллаллоҳу алайҳи ва саллам ба ин аст, ки имкон надорад Макка ба диёри куфр баргардад.

Пас ҳангоме ки дар Мадина қарор гирифт ба бақияи шариатҳои Ислом монанди закот (1), рӯза, ҳаҷ, азон, ҷиҳод, амри ба маъруф, наҳй аз мункар ва ғайра аз шариатҳои Ислом амр кард, бар ин даҳ сол амал намуд ва баъди он миро-нида шуд, салавоту саломи Аллоҳ бар вай бод (2) ва дини вай боқӣ аст.

Ва ин дини вай аст, хайре нест магар умматро бар он далолат карда ва шарре (бадие) нест магар умматро аз он ҳазар кунонда аст ва хайре, ки умматро бар он далолат кардааст.


Тавҳид ва ҳамаи он чизе, ки Аллоҳ онро дӯст медорад ва аз он розӣ мешавад, мебошад. Ва шарре, ки аз он ҳазар ку-нонда аст: Ширк ва ҳамаи он чизе, ки Аллоҳ онро бад мебинад ва рад менамояд, мебошад (3).

1-Шайх Ибни Усаймин раҳимаҳуллоҳ мегӯяд:"Закот аввал дар Макка фарз шуд, аммо миқдори нисоб ва миқдоре, ки воҷиб аст, пардохт шавад, муайян нашуд ва дар Мадина миқдори нисобҳо ва миқдоре, ки воҷиб аст ба унвони закот пардохт кунад, таъйин шуд".

2-Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам дар соли ёздаҳуми ҳиҷрӣ аз дунё рафта ва дар ҳуҷраи Оиша разияллоҳу анҳо дафн шуданд.

3-"Ҳеҷ хайре набуда, магар ин ки умматро ба сӯи он раҳнамун карда ва ҳеҷ шарре набуда, магар ин ки умматро аз он барҳазар доштааст", бояд шаҳодат диҳем, ки Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам амонатро адо карда ва рисолатро расонида ва умматро насиҳат карда ва дар роҳи Аллоҳ онгуна, ки мебоист ҷиҳод кунад, ҷиҳод кардааст ва моро бар роҳи равшан тарк кардааст, ки

шаби он ҳамонанди рӯз равшан буда ва касе ҷуз ҳалокшаванда аз он кач намешавад.



Аллоҳ Ӯро ба сӯи ҳамаи мардум фиристод ва тоаташро бар сақалайн, ҷинну инсон фарз гардонид ва далели ин фармудаи Аллоҳ таъолост:Бигӯ: Эй мардум! Ман фиристодаи Аллоҳ ба сӯи ҳамаи шумо ҳастам. (1)

Ва Аллоҳ ба сабаби Ӯ динро комил кард ва далели ин фармудаи Аллоҳ таъолост: “Имрӯз дини шуморо бароятон комил кардам ва неъмати худро бар шумо тамом намудам ва Исломро ба унвони оини (ҷовидони) шумо пазируфтам”. (2)

Ва далел бар мавти Ӯ саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармудаи Аллоҳ таъолост:Ба яқин Ту мемирӣ ва онҳо низ хоҳанд мурд, сипас шумо рӯзи қиёмат назди Парвардигоратон хусумат мекунед.

1-Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам ба сӯи ҳамаи мардум фиристода шудааст ва бо фиристодани Ӯ, ҳар дине қабл аз Ӯ мансух шудааст. Бинобар ин яҳуд ва насоро дар замони Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам ва дар замони мо имрӯз, вақте даъват ба онҳо бирасад, аммо дар дин надароянд, кофир ҳастанд, ҳатто агар бар ҳамон дине бошанд, ки Мусо ва Исо бар он буданд. Аз далелҳои он:

1). Фармудаи Ӯ субҳонаҳу ва таъоло:"Бигӯ:Эй аҳли китоб, биёед ба сӯи калимае, ки дар байни мо ва шумо яксон аст, ин ки ҷуз Аллоҳро напарастем ва чизеро шарики Ӯ қарор надиҳем".

2). Фармудаи Ӯ субҳонаҳу ва таъоло:"Биҷангед бо касоне аз аҳли китоб, ки ба Аллоҳ ва рӯзи қиёмат имон наёварда ва он чиро Аллоҳ ва расулаш ҳаром медонанд, ҳаром намедонанд ва ба дини ҳақ гардан наниҳанд".

3). Фармудаи Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам:"Қасам ба касе, ки ҷонам дар дасти Ӯст, ҳеҷ

яҳудӣ ва насронӣ нест, ки сухани маро бишнавад, сипас ба ман имон наёварад, магар ин аҳли оташ аст".

2-Дар ин оят рад бар аҳли бидъат аст.

Панҷум:Хотима

Ва мардум ҳаргоҳ бимиранд, барангехта мешаванд ва далели ин фармудаи Аллоҳ таъолост:“Мо шуморо аз он (замин) офаридем ва ба он бозмегардонем ва бори дигар (дар қиёмат) шуморо аз он берун меорем”.

Ва фармудаи Аллоҳ таъоло:“Ва Аллоҳ шуморо ҳамчун гиёҳе аз замин руёнид, сипас шуморо ба замин боз мегардонад ва бори дигар шуморо хориҷ месозад”.

Ва баъди барангехтан ҳисоб карда мешаванд ва тибқи амалҳояшон ҷазо дода мешаванд ва далели ин фармудаи Аллоҳ таъолост: “Ва барои Аллоҳ аст он чи дар осмонҳо ва он чи дар замин аст, то бадкоронро ба ҷазои корҳояшон бирасонад ва некукоронро дар баробари амалҳояшон подоши (нек) диҳад”. (1)

Ва касе баъс (зинда шудани пас аз марг)-ро инкор кунаду дурӯғ шуморад, кофир мешавад ва далели ин фармудаи Аллоҳ таъолост:“Кофирон пиндоштанд, ки ҳаргиз барангехта намешаванд, бигӯ: Оре ба Парвардигорам савганд, ки ҳамаи шумо (дар қиёмат) барангехта хоҳед шуд, пас ба он чи амал мекардед хабар дода мешавед ва ин барои Аллоҳ осон аст”. (2)

Ва Аллоҳ ҳамаи расулонро башоратдиҳанда ва бимдиҳанда фиристод ва далели ин фармудаи Аллоҳ таъолост: “Паёмбароне, ки башоратдиҳанда ва бимдиҳанда буданд, то баъд аз (омадани) ин паёмбарон, ҳуҷҷате барои мардум дар баробари Аллоҳ боқӣ намонад”.

Ва аввали онон Нӯҳ алайҳис-салом ва охири онон Муҳаммад саллаллоҳу алайҳи ва саллам аст ва Ӯ хатмкунандаи паёмбарон аст ва далел бар ин ки аввали онон Нӯҳ алайҳи-ссалом аст, фармудаи Аллоҳ таъолост: “Мо ба Ту ваҳй фиристодем ҳамонгуна ки ба Нӯҳ ва паёмбарони баъд аз Ӯ ваҳй фиристодем”. (3)

1-Ҳамаи мардум бешак таъми маргро хоҳанд чашид ва барои рӯзи бузург, барангехта хоҳанд шуд, ки ҳамон рӯзи қиёмат аст ва сипас ҳисоб карда шуда ва ҳар кас бар мувофиқи амалаш подош дода мешавад.

2-Касе ки қиёмат ва ҳисобу китоби онро дурӯғ шуморад, кофир мешавад, зеро рукне аз аркони имонро мункир шудааст.

3-Нуҳ алайҳис салом аввалин расул аст ва далели он фармудаи Аллоҳ субҳонаҳу ва таъоло аст:"Мо ба сӯи Ту ваҳй кардем, ҳамонгуна ки ба сӯи Нуҳ ва анбиёи баъд аз Ӯ ваҳй кардем". Аммо аввалин набӣ Одам алайҳис салом аст ва далели он ин аст, ки аз Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам дар бораи Одам пурсида шуд, ки оё Ӯ набӣ аст? Фармуд:"Паёмбарест, ки бо Ӯ сухан карда шуда аст". Охирини паёмбарон ва расулон Муҳаммад саллаллоҳу алайҳи ва саллам аст, далели он фармудаи Аллоҳ субҳонаҳу ва таъоло аст: "Муҳаммад падари ҳеҷ як аз мардони шумо нест, балки Ӯ расули Аллоҳ ва хотами паёмбарон аст".

Пас, бинобар ин ҳар кас баъд аз Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам иддиои нубувват ва рисолат кунад, дурӯғгӯ ва кофир аст ва ҳар кас низ ки ин даъвогарро тасдиқ кунад, монанди ӯ кофир аст.

Ва Аллоҳ бар ҳамаи бандагон куфри ба тоғут ва имони ба Аллоҳро фарз гардонида аст. Ибни Қайим раҳимаҳуллоҳу таъоло фармуд:Маънои тоғут гузашт-ани банда ҳаддашро аз маъбуд, ё матбуъ, ё мутоъ мебошад. Ва ҳар уммате, ки Аллоҳ ба сӯи он расуле фиристод, аз Нӯҳ алайҳис салом то Муҳаммад саллаллоҳу алайҳи ва саллам ононро ба ягона парастидани Аллоҳ амр мекард ва аз парастидани тоғут боз медошт. Ва далели ин фармудаи Аллоҳ таъолост:“Мо дар ҳар уммате расуле фиристодем, ки Аллоҳи ягонаро бипарастед ва аз (парастиши) тоғут парҳез кунед”.
Ва тоғутҳо бисёр аст ва асоси онҳо панҷто аст:
1-Иблис лаъанаҳуллоҳ. 2-Ва касе парастида шавад ва Ӯ розӣ бошад. 3-Ва касе мардумро ба парастиши худаш даъват кунад. 4-Ва касе чизе аз илми ғайбро даъво кунад. 5-Ва касе ба ҷуз он чи Аллоҳ нозил карда аст, ҳукм кунад. Ва далели ин фармудаи Аллоҳ таъолост:“Икроҳе дар қабули дин нест, (зеро) роҳи дуруст аз роҳи инҳирофӣ равшан шуда аст. Бинобар ин, касе ки ба тоғут (бут, шайтон ва ҳар мавҷуди туғёнгар) кофир шавад ва ба Аллоҳ имон орад, ба маҳкамтарин дастовез чанг зада аст, ки онро гусастан нест ва Аллоҳ шунаво ва доност”. Ва ин маънои “Ло илоҳа иллаллоҳ” аст. Ва дар ҳадис омадааст: “Ислом асоси кор аст ва сутунаш намоз ва қулаи баландаш ҷиҳоди дар роҳи Аллоҳ мебошад”. Ва Аллоҳ донотар аст. Ва салоту саломи Аллоҳ бар Муҳаммад ва аҳли Ӯ ва ҳамсуҳбатонаш нозил бод.

Аллоҳ паёмбарон ва анбиёро башоратдиҳанда ва бимдиҳанда фиристода аст ва ҳамаи онҳо дар даъват ба тавҳид ва ҷангидан бо тоғут ва ширк бо ҳамаи навъҳояш муштарак ҳастанд. Далели он, фармудаи Ӯ субҳонаҳу ва таъоло аст:"Ва дар миёни ҳар уммате, расуле фиристодем", яъне дар миёни ҳар қавме "ки Аллоҳро бипарастед", яъне Аллоҳро ягона бидонед "аз тоғут иҷтиноб кунед", яъне тоғутҳро як тараф гузошта ва худ дар тарафи дигар бошед ва ин тарзи баён, балеғтарин равиш барои ҳушдор ва дӯрӣ аз онҳост, ки ҷузъе аз муҳаққақ сохтани ақидаи безорӣ аз ширк ва мушрикон аст.

Ва Аллоҳ бар ҳамаи бандагонаш фарз кардааст, ки ба тоғут куфр варзида ва ба Аллоҳ имон биёранд ва бояд қабл аз ин ки ба Аллоҳ имон биёранд, аввал ба тоғут куфр биварзанд:"Пас касе ки ба тоғут куфр варзида ва ба Аллоҳ имон орад".

Ва тоғут:Ҳар чизе аз маъбудҳо (монанди сангҳо ва дарахтон), ё пайравишавандагон (монанди олимони бад), ё итоатшаван-дагон (монанди амироне, ки аз итоати Аллоҳ хориҷ шудаанд) ҳастанд, ки банда ба василаи он аз ҳад таҷовуз мекунад.

Тоғутҳо бисёранд ва сарони он панҷто ҳастанд:

1-Иблис лаънати Аллоҳ бар ӯ (дар инҷо шайх аз боби хабар додан, ӯро лаънат мекунад).

2-Ва касе ки парастида мешавад ва худаш низ розӣ аст, ки парастида шавад.

3-Ва касе ки мардумро ба сӯи ибодати худаш даъват мекунад.

4-Ва касе ки иддиои чизе аз илми ғайб кунад.

5-Ва касе ки ҳукм ба ғайри чизи нозилкардаи Аллоҳ кунад.


Дар ҳукми ба ғайри он чизе ки Аллоҳ нозил кардааст, тафсил вуҷуд дорад
Куфри акбар аст:Агар эътиқод кунад, ки ҳукми башар монанди ҳукми Аллоҳ ё аз он беҳтар аст, куфри акбар аст.
Куфри асғар:Касе ки эътиқод намояд, ки ҳукми ба ғайри нозилкардаи Аллоҳ ботил аст, аммо ин корро ба хотири ҳавову ҳавас, ё ба хотири дӯст доштани риёсат, ё асбоби дигаре анҷом медиҳад.
Имом Ибни Қайим ҷиҳодро ба чаҳор мартаба тақсим кардааст:
Ҷиҳоди нафс:Ба илм, амал, даъват кардан дар роҳи Аллоҳ ва сабр мебошад.
Ҷиҳоди шайтон:Ба тарки шубҳаҳо (ширк ва бидъат) ва шаҳватҳо (монанди гуноҳони кабира ва сағира) мебошад.
Ҷиҳоди кофирон ва мунофиқон: Ба қалб, забон, мол ва нафс (ҷон) мебошад.
Ҷиҳоди золимон ва мубтадиъон ва мункарҳо: Ба даст, забон ва қалб мебошад.

Хотима

Бар ҳар оқиле воҷиб аст, ки дар ин китоби азим ба хотири шомил будан ба усули бузурге, ки ҳар инсоне дар қабраш ба он эҳтиёҷ дорад, андеша карда ва ба он иноятӣ хоссе дошта бошад.

Ин (зикршудаҳо) ва Аллоҳ донотар аст

ва саллаллоҳу ало Муҳаммад ва ало олиҳи

ва саҳбиҳи ва саллам.

Рӯзи сешанбе, соати 9:36, 24/шаволи/1438 ҳиҷрӣ мувофиқи 18/июли/2017 мелодӣ тарҷумаи ин китоб ба фазлу раҳмати Аллоҳ ба поён расид. Аз Аллоҳи карим мепурсам, ки ин амалро дар мизони ҳасанотам қарор диҳад.

Ба қалами:Шаҳобиддин Солиҳ

Мадинаи Мунаввара

شرح القواعد الأربع

شرح فضيلة الشيخ

هيثم بن محمد جميل سرحان

المترجم

شهاب الدين صالح

Шарҳи чаҳор қоида

Шарҳи фазилати шайх

Ҳайсам ибни Муҳаммад

Ҷамил Сарҳон

Тарҷумон

Шаҳобиддин Солеҳ

Бисмиллоҳир Раҳмонир Раҳим

Албатта сипосу ситоиш барои Аллоҳ аст ва аз Ӯ талаби ёрӣ ва мағфират мекунем ва ба Аллоҳ аз бадии нафсҳоямон ва амалҳои бадамон паноҳ талаб мекунем, касеро Аллоҳ ҳидоят кунад, пас барои Ӯ гумроҳкунандае нест ва касеро Аллоҳ гумроҳ кунад, пас барои ӯ роҳнамое нест. Ва гувоҳӣ медиҳам, ки маъбуди бар ҳаққе ҷуз Аллоҳ нест, ягонаасту Ӯро шарике нест ва гувоҳӣ медиҳам, ки Муҳаммад банда ва фиристодаи Ӯст, аммо баъд:

Муқаддима пеш аз шарҳи китоб

Муаллифи ин китоб

Шайхи Ислом ва таҷдидкунандаи даъвати яктопарастӣ, имом Муҳаммад ибни Абдулваҳҳоб ибни Сулаймони Тамимӣ, куняти ӯ Абӯлҳусайн мебошад.

Дар Уяйна соли (1115 ҳиҷрӣ) ба дунё омада ва соли (1206 ҳиҷрӣ) дар Диръийя чашм аз олам пушида аст.

Чаҳор қоида дуввумин китобест, ки дар силсилаи китобҳои илмии толибилм ҷойгоҳи омӯхтанро гирифта аст, эҳтимом додан ба ин китоб бар чандин сабаб қоим шудааст, аз ҷумла:

- Насиҳати олимони мо ба омӯзондани он.
- Ба олимони салафи солиҳ иқтидо кардан.
- Дар ин китоб рад бар мушрикони замони мо аст.
- Зеро ин китоб мухтасари китоби (Кашфи шубуҳот) мебошад.

Ин китобро пеш аз дарс додани китоби (Кашфи шубуҳот) қарор медиҳем, то дар қалби толибилм ҳеҷ шубҳае боқӣ намонад.

Феҳрасти чаҳор қоида

Ин китоб ба се қисм тақсим мешавад ва он:

- Муқаддима (унвони хушбахтӣ)
- Аҳамияти омӯхтани тавҳид ва яктопарастӣ.
- Қоидаҳо.

Аввал муқаддима (унвони хушбахтӣ)

Бисмиллоҳир Раҳмонир Раҳим

(1)Аллоҳи карим, парвардигори Арши бузургро мепурсам, ки туро дар дунёву охират дӯст дораду сарпарастӣ намояд (2) ва дар куҷое бошӣ туро муборак гардонад (3).

(1)Сабаби ибтидо кардани муаллиф китобро бо номи Аллоҳ

- 1-Пайравӣ аз Қуръон ва расулон ва паёмбарон алайҳимус салом.
- 2-Пайравӣ аз олимони гузашта, ки ба ҳангоми ҷамъоварӣ ва таълифи китоб бо номи Аллоҳ шурӯъ мекарданд.
- 3-Ба хотири табаррук ҷустан ба номи Аллоҳи карим.

(2) Шайх, Аллоҳ ӯро мағфират кунад, баъд аз номи Аллоҳ муқаддимаро бо дуо барои толибилм шурӯъ намуда ва ин далели муҳаббати Шайх бар толибилм буда ва аз Аллоҳ хоҳони ҳамаи хайр барои донишҷӯёни дин мебошад.

(3) Авлиёи Аллоҳ касоне мебошанд, ки байни имон ва тақво ҷамъ оварда бошанд.

Шайхи Ислом Ибни Таймия, раҳмати Аллоҳ бар ӯ, мегӯяд:"Касе ки мӯъмини ботақво бошад, ӯ авлиёи Аллоҳ мебошад" ва далел фармудаи Ӯ таъоло аст:"Огоҳ бошед, ки

дӯстдорони Аллоҳ, на тарсе барои онҳост ва на андӯҳгин мешаванд. Ҳамон касоне ки имон оварданд ва тақво намуданд".

Баракат:Рушд ва зиёд шудан мебошад.

Табаррук:Талаб кардани рушд ва зиёд шудан.

Муборак:Касе ки ба ҳамагон дар ҳама аҳвол фоида мерасонад.

Ва туро аз касоне гардонад, ки ҳаргоҳ ато карда шавад, шукр намояд (1).

Табаррук ба ду қисм тақсим мешавад

Табарруки шаръӣ.

Табарруки манъшуда, он чизе ки далели шаръӣ ва ҳиссӣ бар анҷоми он вуҷуд надорад ва аз навъхои ширки асғар ба ҳисоб меравад.

Табаррук ҷустани ҳиссӣ:Монанди илм, дуо ва монанди ин ду, пас ба илми мард ва даъвати ӯ ба сӯи хайр табаррук ҷуста мешавад, пас ин баракат мебошад, зеро мо аз ӯ хайри бисёре ҳосил намудем.

Табарруки шаръӣ:Монанди намоз хондан дар масҷиди Ҳаром, ё дар масҷиди набавӣ.

(1)Неъмат ибтило ва озмоиш аст, далелҳои зиёде дорад, аз ҷумла:"Ва шуморо ба бад ва нек, чунон ки бояд ва шояд меозмоем", "Пас чун (Сулаймон) он (тахт)-ро назди худ

мустақар дид, гуфт:Ин аз фазли Парвардигори ман аст, то маро биозмояд, ки оё шукри Ӯро ба ҷо меорам, ё носипосӣ мекунам! Пас ҳар ки шукр кунад, танҳо ба нафъи худ шукр мекунад ва ҳар ки носипосӣ кунад, пас (ба зиёни худ намуда аст), бегумон Парвардигори ман бениёзу карим аст", "Пас аммо инсон ҳангоме ки Парвардигораш ӯро биозмояд ва ӯро гиромӣ дорад ва ба ӯ неъмат бахшад, (мағрур мешавад ва) мегӯяд:Парвардигорам маро гиромӣ дошта аст".

Ва дар ҳадис омадааст:"Албатта се шахсе аз Бани Исроилро, Аллоҳ хост имтиҳон намояд...".

Неъмат тааллуқ ба тавҳиди рубубият ва улуҳият дорад ва шукри он ба ду қисм тақсим мешавад:

Шукре, ки мутааллиқ ба Аллоҳ пеш аз ҳусули неъмат аст.

Ва ин навъ аз банда хоҳони эътиқод ва имони қотеъ мебошад, ба ин ки неъматрасон ҳамон Аллоҳ субҳонаҳу ва таъоло аст ва қалбаш ба ҷуз Аллоҳ мутааллиқ нагардад ва хайрро ба ҷуз Аллоҳ аз касе наталабад. Пас чуноне ки Ҷаннатро аз Аллоҳ субҳонаҳу ва таъоло талаб мекунем, зеро Ӯ молики он аст. Ризқ инчунин аст, мумкин нест, ки талаб карда шавад, магар аз Аллоҳ субҳонаҳу ва таъоло. "Ва бар (Аллоҳи) зиндае, ки намемирад, таваккал кун". "Касоне ки ба ҷуз Аллоҳ мепарастед, ризқи шуморо молик нестанд, пас ризқро аз назди Аллоҳ бихоҳед". Яъне ризқ дар назди Аллоҳ аст, на дар назди ғайраш. "Ва Ӯро бипарастед ва Ӯро шукр намоед".

Шукр баъд аз воқеъ шудани неъмат, ки ба навъҳои зерин тақсим мешавад:

Қалб

Бо имон ва эътиқоди холис ва тоати комил, ки ризқ ва неъматдиҳанда Аллоҳ субҳонаҳу ва таъоло ҳаст ва ҳар неъмате, ки назди банда аст аз ҷониби Аллоҳ мебошад.

Забон

Бо баёни неъмат ва сипоси онон ва шукр ва ситоиши Аллоҳ бар он неъмат мебошад. (Ва аммо дар бораи неъмати Парвардигорат "бо сипос" сухан бигӯ).

Аъзои бадан

Ин ба сарфи неъмат дар ҷойҳое, ки Ӯ субҳонаҳу ва таъоло аз мо розӣ мешавад, ҳамроҳ бо ибодати Ӯ субҳонаҳу ва таъоло аз рӯи наздик шудан ба Ӯ ва дурӣ аз гуноҳон аз рӯи итоати амри Ӯ.

Ва ҳаргоҳ мубтало шавад, сабр кунад (1) ва ҳаргоҳ гуноҳ кунад талаби мағфират намояд.

1). Зеро сабр ба иҷмоъи уммат воҷиб аст.

Мардум дар вақти мусибат дар дунё ба чаҳор қисм тақсим мешаванд ва он:

- Норозӣ будан
- Сабр кардан
- Розӣ будан
- Шукр кардан

1).Норозӣ будан:Ҳаром аст ва он гуноҳе аз гуноҳони кабира аст ва он бо қалб, забон ва аъзои бадан мебошад.

-Норозӣ будан бо қалб:Имом Ибни Қайим Ҷавзӣ мегӯяд: Албатта баъзе аз мардум ҷуръат надоранд, ки бо забонашон ин норозигиро ошкор бикунанд, ва лекин дар нафси худ ба ин норозигӣ гувоҳӣ медиҳанд ва дар қалбаш мегӯяд:Парвардигори ман ба ман зулм кард, манро маҳрум кард ва монеъи ман шуда ва.....то охир, пас касе кам мекунад ва касе бисёр. Нафсатро тафтиш кун, оё ту аз ин мусибат солим ҳастӣ, агар солим бошӣ ҳамоно аз балои бузурге наҷот ёфтаӣ.

-Норозӣ будан бо забон:Бо нола, фарёд ва гиря кардан ва вовайло гуфтан ва лаънату дашном додан, мебошад.

-Норозӣ будан бо аъзои бадан:Бо дар рӯй задан ва пора кардани ҷома ва кандани мӯи бадан мебошад.

2).Сабр кардан:Ҳукми он ба иҷмоъи уммат воҷиб мебошад. Ва воҷиб аст, ки ба қалб, забон ва аъзои баданаш сабр кунад.

Имом Аҳмад мегӯяд:Калимаи сабр дар Қуръон навад мартаба зикр шудааст ва он ба иҷмоъи уммат воҷиб аст ва он нисфи имон аст. Пас албатта имон ду қисм мебошад:

"Нисфаш сабр ва нисфи дигараш шукр мебошад". "Мадориҷ-ус-соликин"-и Ибни Қайим".

3). Розӣ будан:Ҳукми он мустаҳаб мебошад ва он болотарини мартабаи сабр мебошад.

4). Шукр кардан: Ҳукми он мустаҳаб мебошад ва он беҳтарин ва комилтарини мартабаҳо мебошад.

Бидон, Аллоҳ туро барои тоаташ иршод намояд, ки ҳанифия миллати Иброҳим алайҳис салом Аллоҳро ба ягонагияш парастидан ва динро холис барои Ӯ кардан аст, ҳамчуноне ки Аллоҳ таъоло фармуд:"Ман ҷинну инсонро наёфаридам, ҷуз барои ин ки Маро парастиш кунанд". (1)

Ҳаргоҳ донистӣ, ки Аллоҳ туро барои ибодаташ офарида аст, пас бидон, ки ибодат ибодат номида намешавад магар бо ҳамроҳи тавҳид, ҳамонгуна ки намоз бетаҳорат намоз номида намешавад. Ҳаргоҳ ширк дар ибодат дохил шавад, онро фосид мекунад, монанди бевузӯи ҳаргоҳ дар таҳорат дохил шавад. Пас ҳаргоҳ донистӣ, ки ширк ҳангоме ба ибодат омехта шавад онро фосид мекунад ва амалро бекор мекунад ва соҳибаш аз ҷумлаи ҳамешагони дар дӯзах гардад. Донистӣ, ки муҳимтарин чизе ки бар ту лозим аст, шинохтани ин мебошад. Шояд Аллоҳ туро аз ин дом халос кунад ва он дом ширки ба Аллоҳ аст, ки Аллоҳ таъоло дар шаъни он фармуд: Албатта Аллоҳ ширки ба Ӯро наме-омурзад (вале) камтар аз онро барои ҳар кас бихоҳад, меомурзад. Ва ин ба маърифати чор қоидае, ки Аллоҳ таъоло дар китобаш зикр карда аст, мебошад.

Қоидаи якум: Бидон кофироне, ки бо онон Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам ҷангид иқрор мекарданд, ки Аллоҳ таъоло холиқу ризқдиҳандаву тадбиркунанда аст. Ва албатта ин иқрор ононро дар дини Ислом дохил накард ва далели ин фармудаи Аллоҳ таъолост:"Бигӯ, кӣ шуморо аз осмон ва замин рӯзӣ медиҳад? Ё кӣ молик (ва холиқи) гуш ва чашмҳост? Ва кӣ зиндаро аз мурда ва мурдаро аз зинда берун меорад? Ва кӣ умури (ҷаҳон)-ро идора мекунад? Ба зудӣ (дар посух) мегӯянд:Аллоҳ. Бигӯ:Пас чаро тақво намекунед?" (2).

1). Дар инҷо муаллиф раҳимаҳуллоҳ баён менамояд, ки барои чӣ иавҳидро меомӯзем?

2). Кофироне, ки Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам дар байни онон фиристода шуд ба тавҳиди рубубият иқрор мекарданд бо вуҷуди ин паёмбар бо онон ҷангид ва низоъ дар байни онон ва Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам дар тавҳиди улуҳият мебошад. Пас ҳар кас чизе аз ибодатро барои ғайри Аллоҳ сарф намояд, пас ӯ мушрику кофир аст.

Қоидаи дуюм:Онҳо мегӯянд:Мо ононро ба дуо муроҷиат намекунем ва ба сӯи он рӯ намеорем магар барои талаби қурбат (наздикӣ) ва шафоат. Пас далели қурбат фармудаи Аллоҳ таъолост:"Ва онҳо ки ғайри Аллоҳро авлиёи худ қарор доданд (ва мегуфтанд):Инҳоро намепарастем магар ба хотири ин ки моро ба Аллоҳ наздик кунанд. Аллоҳ (рӯзи қиёмат) миёни онон дар он чи ихтилоф доштанд доварӣ мекунад. Аллоҳ он касро, ки дурӯғгӯ ва носипос аст, ҳаргиз ҳидоят нахоҳад кард" (1).

Ва далели шафоат фармудаи Аллоҳ таъолост:"Онҳо ғайр аз Аллоҳ чизҳоеро мепарастанд, ки на ба онон зиёне мерасонад ва на суде мебахшад ва мегӯянд:Инҳо шафоат-гарони мо дар назди Аллоҳ ҳастанд".

Ду шафоат аст:Шафоати манфӣ ва мусбат (2).

1). Мушрикон ва кофирон ҳуҷҷат меоварданд, ки онҳо худоёни ботилашонро ба дуо муроҷиат намекунанд ва ба онҳо рӯй намеоранд, магар ба хотири талаби наздикӣ ва шафоат мекунанд. Ва ба ин мустаҳиқ шуданд, ки Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам ононро кофир шумурд ва бо онон мубориза бурд.

2). Шафоат дар луғат:Ба маънои ҷамъ шудан ва якро ду қарор додан аст ва дар шариат:Барои дигаре дар ҷалби манфиат ва дур кардани зарар восита шудан аст.

Шарҳи чаҳор қоида

Қисмҳои шафоат

Шафоати мусбат: Шафоатест, ки аз Аллоҳ талаб карда мешавад. Ва дар он шартҳои зерин шарт гузошта мешавад:
1-Иҷозат додани Аллоҳ ба шафоат кардан.
2-Ризоӣ Аллоҳ аз шафоаткунанда.
3-Ризои Аллоҳ аз шафоатшуда.

Шафоате, ки махлуқ бар анҷоми он қудрат дорад ва ба чаҳор шарт дуруст мешавад:
1-Ҳозир будан.
2-Зинда будан.
3-Тавоно будан.
4-Ба ин эътиқод, ки танҳо сабаб аст.

Шафоати манфӣ: Шафоатест, ки Қуръон онро нафӣ кардааст ва он шафоатест, ки аз ғайри Аллоҳ талаб карда мешавад ва дар он чизе ки ғайри Аллоҳ бар он қудрат надорад. Ҳукми он:Ширки акбар аст.

Хосси Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам аст ва дар он касе шарик нест.

Шафоати бузург

Шафоати Ӯ барои амакаш, ки азоби ӯ сабук шавад.

Шафоати Ӯ дар кушодани дарҳои Ҷаннат мебошад

Ом аст, барои ҳамаи паёмбарон ва расулон ва яктопарастон ва кӯдакон мебошад.

Дар боло бурдани дараҷаҳои яктопарастон.

Дар ҳаққи касе, ки шоистаи даромадани Дӯзах аст, то ки дохили он нашавад.

Дар ҳаққи яктопарасте, ки дохили Дӯзха шудааст, то ки аз он хориҷ гардад.

Шафоати манфӣ, шафоатест, ки аз ғайри Аллоҳ дар он чизе, ки дар он ғайри Аллоҳ қудрат надорад, талаб карда мешавад. Ва далел фармудаи Ӯ таъолост:"Эй касоне ки имон овардаед! Аз он чи ба шумо рӯзӣ додаем нафақа кунед, пеш аз он ки рӯзе фаро расад, ки дар он на хариду фуруш аст ва на дӯстӣ ва на шафоате ва кофирон ҳамон золимонанд".

Ва шафоати мусбат, ҳамон шафоатест, ки аз Аллоҳ талаб карда мешавад ва шафоаткунанда ба қабули шафоат икром-шуда аст. Ва шафоатшуда касе аст, ки Аллоҳ аз гуфтор ва кирдори ӯ розӣ буда, баъд аз иҷозати шафоат барои ӯ шафоат мешавад, ҳамчуноне ки Аллоҳ таъоло мефармояд:"Кист он кас ки ба ҷуз иҷозати Ӯ дар пешгоҳаш шафоат кунад".

Қоидаи сеюм:Албатта Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам дар миёни мардуме омад, ки дар ибодаташон пароканда буданд, баъзеашон малоика мепарастиданд ва баъзеашон анбиёву солеҳонро мепарастиданд ва баъзеашон дарахтону сангҳоро мепарастиданд ва баъзеашон офтобу моҳтобро мепарастиданд ва Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам бо онон ҷангид ва байни онон фарқ нагузошт. Ва далели ин фармудаи Аллоҳ таъолост: Ва бо онон биҷангед, то фитна набошад ва дин ҳама махсуси Аллоҳ гардад.

Ва далели ин ки офтобу моҳтобпараст буданд, фармудаи Аллоҳ таъолост:Ва аз нишонаҳои Ӯ шабу рӯз ва офтобу моҳ аст, (вале) барои офтоб ва моҳ саҷда накунед (балки) барои Аллоҳе, ки офаринандаи онҳост саҷда кунед, агар танҳо Ӯро мепарастед.

Ва далели ин ки малоикапараст буданд, фармудаи Аллоҳ таъолост:Ва ба шумо дастур намедиҳад, ки фариштагон ва паёмбаронро (ба унвони) парвардигор интихоб кунед.

1). Ин қоида далели возеҳ ва ошкор аст дар радди касе, ки мегӯяд:Албатта ширк танҳо дар ибодати бутҳо мебошад. Пас далелҳои шариат дар хусуси парастиши бутҳо ва дигар худоёни ботил дар он замон, омадааст, пас Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам байни онон фарқе нагузошта, балки ҳамаи онро аз ҷумлаи тоғутҳо шумурдааст. Пас бечӯдо кардан бо онон ҷангид, то ки ҳамаи дин холис барои Аллоҳ бошад.

Ва далели ин ки анбиёпараст буданд, фармудаи Аллоҳ таъолост: Ва (ба ёд ored) онгоҳ, ки Аллоҳ ба Исо ибни Марям мегӯяд:Оё ту ба мардум гуфтӣ, ки ман ва модарамро ба унвони ду маъбуд дар баробари Аллоҳи якто интихоб кунед!? Ӯ мегӯяд:Ту покӣ! Ман ҳақ надорам он чиро, ки шоистаи ман нест, бигӯям! Агар чунин суханеро гуфта бошам Ту медонӣ. Ту аз он чи дар нафси ман аст, огоҳӣ ва ман аз он чи дар нафси Ту аст, огоҳ нестам. Ба яқин танҳо Ту донои ҳамаи ғайбҳо ҳастӣ!.

Ва далели ин ки солеҳонро мепарастиданд, фармудаи Аллоҳ таъолост: Касонеро, ки онон (ба унвони маъбуд) мехонанд, худашон василае (барои наздик шудан) ба Парвардигорашон меҷӯянд, василаи ҳар чи наздиктар ва ба раҳмати Ӯ умедворанд ва аз азоби Ӯ метарсанд.

Ва далели ин ки дарахтон ва сангҳоро мепарастиданд, фармудаи Аллоҳ таъолост: Ба ман хабар диҳед, оё бутҳои "Лот" ва "Узо" ва "Манот", ки саввумини онҳост (духтарони Аллоҳ ҳастанд). Ва ҳадиси Абӯвоқиди Лайсӣ разияллоҳу анҳу, ки гуфт:Мо бо ҳамроҳи Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам ба сӯи Ҳунайн баромадем ва мо нав аз куфр баромада будем ва барои мушрикон (дарахти) Сидрае буд, ки дар назди он ҳалқа мезаданд ва дар он силоҳҳояшонро овезон мекарданд, онро "Зоту-л-анвот" номида мешуд, пас ба назди сидрае гузаштему гуфтем:Эй Расулуллоҳ барои мо Зоти анвот қарор деҳ, ҳамонгуна ки барои онҳо Зоти анвот аст..... (то охири ҳадис).

Қоидаи чаҳорум:
Албатта мушрикони замони мо аз ширки аввалинҳо сахттар аст, зеро аввалинҳо дар ҳолати осудаҳолӣ ширк меоварданд ва дар ҳолати сахтӣ холисона Аллоҳро дуо мекарданд ва мушрикони замони мо ширкашон доимӣ аст, яъне дар осудаҳолию сахтӣ ва далели ин фармудаи Аллоҳ таъолост:Ҳангоме ки бар киштӣ савор шаванд, Аллоҳро бо ихлос мехонанд (ва ғайри Ӯро фаромуш мекунанд) аммо ҳангоме ки Аллоҳ ононро ба хушки расонду наҷот дод, боз мушрик мешаванд.

Дар ин қоида муаллиф раҳимаҳуллоҳ андозаи хатари мавзеъи мушрикони замони моро баён намудааст, зеро ширки инҳо аз ширки мушрикони гузашта сахттар аст, зеро ки мушрикони замони мо ба Аллоҳ дар ҳоли сахтӣ ва осудаҳолӣ ширк меоранд, аммо мушрикони гузашта дар ҳоли осудагӣ ширк меоварданд ва ба Аллоҳ ва ягонагии Ӯ дар ҳоли сахтӣ эътироф доштанд.

Пас ҳаргоҳ кофироне, ки дар байни онон Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам фиристода шуд, ширкашон камтар буд ва ононро Аллоҳ кофир номид, пас чӣ фикр дорӣ дар ҳаққи касоне, ки ширкашон доимӣ дар ҳоли осудаҳолӣ ва сахтӣ аст, пас эшон аз боби авло кофиранд.

Ва Аллоҳ донотар аст ва саллаллоҳу ала Муҳаммад

ва ала олиҳи ва саҳбиҳи ва саллам

Рӯзи панҷшанбе, соати 7:52, 26/шаволи/1438 ҳичрӣ мувофиқи 20/июли/2017 мелодӣ тарҷумаи ин китоб ба фазлу раҳмати Аллоҳ ба поён расид. Аз Аллоҳи карим мепурсам, ки ин амалро дар мизони ҳасанотам қарор диҳад.

Ба қалами:Шаҳобиддин Солиҳ

Мадинаи Мунаввара

شرح متن نواقض الإسلام

شرح فضيلة الشيخ

هيثم بن محمد جميل سرحان

المترجم

شهاب الدين صالح

Шарҳи китоби навоқизи Ислом

Шарҳи фазилати шайх

Ҳайсам ибни Муҳаммад

Ҷамил Сарҳон

Тарҷумон

Шаҳобиддин Солеҳ

Матни китоби "Шиканандаҳои Ислом"

Шайхи Ислом Муҳаммад ибни Абдулваҳҳоб раҳимаҳуллоҳ мегӯяд:
Бисмиллоҳир Раҳмонир Раҳим
Бидон, ки навоқизи (шиканандаҳои) Ислом даҳто аст:

Якум:Дар ибодати Аллоҳ шарик овардан, Аллоҳ таъоло мефармояд: ﴿إِنَّ ٱللَّهَ لَا يَغۡفِرُ أَن يُشۡرَكَ بِهِۦ وَيَغۡفِرُ مَا دُونَ ذَٰلِكَ لِمَن يَشَآءُ﴾"Ба дурусти Аллоҳ касонеро, ки ба Ӯ шарик овардаанд, намеомӯрзад. Ва ҳамаи гуноҳони дигарро барои ҳар ки бихоҳад, меомӯрзад". (Сураи Нисо, ояти:116) Ва Аллоҳ таъоло мефармояд:

﴿إِنَّهُۥ مَن يُشۡرِكۡ بِٱللَّهِ فَقَدۡ حَرَّمَ ٱللَّهُ عَلَيۡهِ ٱلۡجَنَّةَ وَمَأۡوَىٰهُ ٱلنَّارُۖ وَمَا لِلظَّٰلِمِينَ مِنۡ أَنصَارٖ ٧٢﴾

"Ба дурусти шахсе ба Аллоҳ шарик меорад, пас Аллоҳ ба ӯ Ҷаннатро ҳаром гардонида ва бозгашти он Дӯзах аст ва аз барои золимон ягон ёрдамдиҳандае нест". (Сураи Моида, ояти:72)

Ва аз ҳамин қабил аст ба мурдагон дуову муроҷиат ва фарёдрасӣ намудан ва барои онҳо назру қурбонӣ кардан ва монанди ин.

Дуввум:Шахсе ки байни худ ва байни Аллоҳ воситаҳо мегирад, ононро ба дуо муроҷиат намуда ва аз онон шафоат талаб менамояд ва ба онон таваккал мекунад, пас ба таҳқиқ ба иҷмоъ кофир мешавад.

Сеюм:Шахсе, ки мушриконро кофир нашуморад, ё дар кофирии онҳо шак намояд, ё мазҳаби онҳоро дуруст гӯяд, кофир мешавад.

Чорум:Шахсе эътиқод намояд, ки роҳнамои ғайри Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам пурратар аз роҳнамоии Ӯст, ё ҳукми ғайри Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам аз ҳукми Ӯ хубтар аст, монанди касоне, ки ҳукми тоғутҳоро аз ҳукми Аллоҳ субҳонаҳу ва таъоло беҳтар медонанд, пас онҳо кофиранд.

Панҷум:Шахсе чизеро, ки Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам ба он омада аст, бад бинад ва агарчи ба муқтазои он амал намояд, пас ба таҳқиқ кофир аст.

Шашум:Шахсе аз дини Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам, ё савобаш, ё азобашро истеҳзо (масхара) намояд, кофир мегардад. Ва далели ин фармудаи Ӯ таъолост:

﴿قُلۡ أَبِٱللَّهِ وَءَايَٰتِهِۦ وَرَسُولِهِۦ كُنتُمۡ تَسۡتَهۡزِءُونَ ٦٥ لَا تَعۡتَذِرُواْ قَدۡ كَفَرۡتُم بَعۡدَ إِيمَٰنِكُمۡۚ﴾

"Бигӯ! Оё ба Аллоҳ, оятҳои Ӯ ва фиристодаи Ӯ истеҳзо ва бозӣ мекардед, дигар узре нахоҳед, пас аз имонатон кофир гардидед".

Ҳафтум:Сеҳр (ҷоду) ва сарфу атф (гармию хунукӣ) аз ҷумлаи сеҳр аст. Пас касе онро ба ҷо орад, ё ба баъҷо овардани он розӣ шавад, кофир мешавад. Ва далели ин фармудаи Ӯ таъоло аст:

﴿وَمَا يُعَلِّمَانِ مِنۡ أَحَدٍ حَتَّىٰ يَقُولَآ إِنَّمَا نَحۡنُ فِتۡنَةٞ فَلَا تَكۡفُرۡ﴾

"Ҳеҷ касро он ду, чизе таълим надиҳанд, то он ки ба ӯ бигӯянд: Ҳамоно мо фитна (озмоиши бандагон) ҳастем, пас кофир нагардед".

Ҳаштум:Ёрию нусрат додани мушрикон ба зафар ёфтани онҳо бар мусалмонон. Ва далел фармудаи Ӯ таъолост:

﴿ وَمَن يَتَوَلَّهُم مِّنكُمْ فَإِنَّهُۥ مِنْهُمْ ۗ إِنَّ ٱللَّهَ لَا يَهْدِى ٱلْقَوْمَ ٱلظَّٰلِمِينَ ﴿٥١﴾ ﴾

"Агар касе аз шумо онҳоро дӯст бигирад ӯ низ аз онҳост. Албатта Аллоҳ гурӯҳи золимонро ҳидоят намекунад".

Нуҳум:Шахсе эътиқод намояд, ки бархе одамонро аз дини Муҳаммад саллаллоҳу алайҳи ва саллам баромадан мумкин аст, ҳамчуноне ки Хазир алайҳис салом аз дини Мусо алайҳис салоту вас салом хориҷ шуд, пас ӯ кофир мешавад.

Даҳум:Аз дини Аллоҳ рӯй гардонидан, яъне онро таълим намегирад ва ба муҷиби он амал намекунад. Далели ин фармудаи Ӯ таъолост:﴿ وَمَنْ أَظْلَمُ مِمَّن ذُكِّرَ بِـَٔايَٰتِ رَبِّهِۦ ثُمَّ أَعْرَضَ عَنْهَآ ۚ إِنَّا مِنَ ٱلْمُجْرِمِينَ مُنتَقِمُونَ ﴿٢٢﴾ ﴾

"Ҳеҷ кас золимтар нест аз шахсе ки ба оятҳои Парвардигораш панд дода шуд, сипас аз он рӯй гардонид. Албатта мо аз гунаҳгорон интиқомгирандагонем".

Дар ҳамаи ин шиканандаҳо фарқ байни масхаракунанда, ҷиддияткунанда, тарсанда нест ба ғайри шахси маҷбур кардашуда. Ва ҳамаи ин шикананда аз бузургтарини хатарҳо ҳастанд ва бисёртар мардум дар инҳо воқеъ мешаванд. Пас барои мусалмон сазовор аст, ки аз инҳо парҳез намояд ва аз воқеъ шудани дар он битарсад. Ба Аллоҳ аз сабабҳои барангезандаи ғазабаш ва иқоби дарднокаш паноҳ мебарем.

Ва саллаллоҳу ала хайри халқиҳи Муҳаммад ва ала олиҳи ва саҳбиҳи ва саллам.

Шарҳи китоб

Бисмиллоҳир Раҳмонир Раҳим
Бидон, ки навоқизи (шиканандаҳои) Ислом даҳто аст:

Барои чӣ олимон китобҳояшонро ба бисмиллоҳ шурӯъ мекунанд?

Аз рӯи пайравӣ кардан ба Китоби азиз ва анбиё ва расулон алайҳимус салом

Аз рӯи унс гирифтан ба ҳадиси: "Ҳар кори боаҳамияте ...", ва агарчи заиф аст.

Аз рӯи пайравӣ ба олимони гузашта раҳимаҳум-уллоҳ.

Аз рӯи табаррук ибтидо ба номи Аллоҳ таъоло намудан.

Ҳаргоҳ адад дар Қуръон ва суннат зикр шавад:

Ҳаргоҳ дар оятҳои Қуръон ва суннат аз ин адад бештар наёфтем, барои ин адад мафҳуме аст, яъне аз он зиёд намегардад, монанди аркони Ислом ва имон, ҳамонгуна ки дар ҳадиси Ҷибраил алайҳис салом омадааст.

Агар дар оятҳои Қуръон ва суннат беш аз ин адад ёфтем, барои ин адад мафҳуми хос нест, яъне бар он ба он чизе ки дар Қуръон ва суннат омадааст, зиёд карда мешавад, монанди фармудаи Ӯ саллаллоҳу алайҳи ва саллам:"Панҷ чиз аз фитрат аст..." ва фармудаи Ӯ:"Аз ҳафт ҳалоккунанда бипарҳезед...".

Барои чӣ гоҳо адад зикр мешавад ва барои он мафҳуме нест?

Ин аз таълими накӯи Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам мебошад, ба ҳайсияте ки аз шунаванда хоҳони ҳифзи он чизе, ки дар ин маҷлис зикр мешавад, мебошад ва то ки ба ёд овардани ин масъалаҳо баъди замоне осон шавад, монанди фармудаи Ӯ саллаллоҳу алайҳи ва саллам:"Бар се чиз савганд ёд мекунам ва барои шумо ҳадисе мегӯям, пас онро ҳифз намоед:Моли банда аз садақа додан, кам намешавад..." ва муаллиф раҳимаҳуллоҳ бар ин равиш рафтааст.

Барои чӣ шиканандаҳоро меомӯзем?

То ки аз он дӯрӣ намоем ва дар он воқеъ нашавем ва дар он фоидаҳои бузурге ҳаст, балки он аз фоидаовардатарини фоидаҳо аст, ҳамчуноне ки шиканандаҳои вузӯро меомӯзем, то ки вузӯамон нашиканад ва ботилкунандаҳои намозро меомӯзем, то ки намозамон ботил нашавад. Аз Ҳузайфа ибни Ямон разияллоҳу анҳу ривоят аст, ки гуфт:"Мардум Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллампро аз хайр мепурсиданд ва ман Ӯро аз кори шарр мепурсидам, аз рӯи тарси ин ки маро дарк накунад".

Навоқизи (шиканандаҳои) Ислом чист?

Он фосидкунандаҳои Ислом аст ва он чизе аст, ки анҷомдиҳандаи он аз доираи Ислом хориҷ мешавад ва ба доираи куфри акбар ворид мешавад. Ва Ислом ҳамон: "Барои Аллоҳ бо тавҳид комилан таслим шудан ва барои Ӯ ба тоат сар фурӯ овардан ва аз ширк ва мушрикон безорӣ ҷустан мебошад".

Маънои он: Он чизест, ки ба сабаби анҷоми он мусалмон аз доираи Ислом хориҷ мешавад ва дар доираи куфри акбар дохил мешавад. Аз Аллоҳ офият ва саломат монданро металабем.	Чаро олимон гоҳо онро навоқиз ва гоҳо фосидкунанда, ё ботилкунанда мегӯянд? Ин аз боби гуногунӣ аст, то ки толиби илм хаста нашавад, вагарна маънои ҳамаи он як аст, пас гуфта мешавад:Шиканандаҳои Ислом ва вузӯ ва ботилкунандаҳои намоз ва фосидкунандаҳои рӯза.	Оё олимон бар ин навоқиз иттифоқ доранд? Бале.	Оё он ба ададе ҳасршуда аст? Не, ҳасршуда нест. Ва барои чӣ онро даҳто гуфтааст? Яъне аз хатарноктарини онҳост, то ки ҳифз шавад.

Оё мумкин аст, ки навоқизро ба таври муҷмал фаро гирифт?

Ноқизи қавлӣ ва аз ҷумлаи он дашном додани Аллоҳ, ё расулаш саллаллоҳу алайҳи ва саллам, ё дин аст.

Ноқизи амалӣ ва аз ҷумлаи он: Сеҳр аст.

Ноқизи эътиқодӣ ва аз ҷумлаи он: Эътиқоди қалби фоидаҳо аз ғайри Аллоҳ таъоло аст.

Ноқизи шак: Шак карданд дар куфри яҳуд ва насоро, ки даъвати Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам ба онон расида ва ба он имон наовардаанд.

Оё Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам ин даҳ ноқизро зикр кардааст ва далели он чист?

Бале, тамоми ин навоқизро Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам зикр кардааст, балки ҳар ноқиз далеле аз Қуръон ва суннат дорад. Аллоҳ таъоло мефармояд:"Ва инчунин оётро ба тафсил баён мекунем ва то роҳи муҷримон (ва гунаҳкорон) ошкор гардад".

Касе ноқизеро муртакиб шуд, оё касе ӯро дид, ё аз ӯ огоҳ шуд, ӯро ҳукм ба куфр мекунад?

Не, балки дар кофир ҳукм кардани шахси муайян ба олимони раббонӣ ва маҳкамаҳои шаръӣ муроҷиат шавад, Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам мефармояд:"Ҳар шахсе ба бародараш бигӯяд:Эй кофир, пас ба таҳқиқ куфр бар яке аз ин ду бармегардад".

Кӣ дар мавзӯи навоқиз китоб таълиф кардааст?

Ҳар олиме, ки дар мавзӯи фиқҳ таълиф кардааст, дар боби ҳукми муртад навоқизро зикр кардааст, локин муаллиф раҳимаҳуллоҳ нахустин шахсест, ки ба таври китоби мустақил онро таълиф намудааст.

Оё дар навоқиз байни феъл ва фоили он фарқ гузошта мешавад?

Бале ва зарурӣ аст, зеро ҳар касе ки дар куфр воқеъ шуд, куфр бар ӯ воқеъ намешавад ва дар ҳукм ба куфр кардани шахси муайян қиёми ҳуҷҷат ва набудани шубҳа зарурӣ аст. Ва мақсади муаллиф раҳимаҳуллоҳ ҳукм ба куфр кардани шахсони муайян нест, балки мақсад аз навоқиз ҳазар кунондан аст ва ин аз боби насиҳати уммат мебошад.

Бар касе ки навоқизро омӯхтааст, чӣ лозим ва шоиста аст?

Барои мусалмон шоиста аст, ки аз ин навоқиз ҳазар намояд ва битарсад ва аз он ҳазар кунонад. Аммо ҳукм кардан бар шахсиятҳо, пас дар ин ҳукм ба олимони раббонӣ ва маҳкамаҳои шаръӣ мурочиат карда мешавад. Аллоҳ таъоло мефармояд:

﴿ لَقَدْ جَآءَكُمْ رَسُولٌ مِّنْ أَنفُسِكُمْ عَزِيزٌ عَلَيْهِ مَا عَنِتُّمْ حَرِيصٌ عَلَيْكُم بِٱلْمُؤْمِنِينَ رَءُوفٌ رَّحِيمٌ ﴿١٢٨﴾ فَإِن تَوَلَّوْا۟ فَقُلْ حَسْبِىَ ٱللَّهُ لَآ إِلَٰهَ إِلَّا هُوَ ۖ عَلَيْهِ تَوَكَّلْتُ ۖ وَهُوَ رَبُّ ٱلْعَرْشِ ٱلْعَظِيمِ ﴿١٢٩﴾ ﴾التوبة

"Яқинан паёмбаре аз (миёни) худатон ба сӯятон омад, ки ранҷҳои шумо бар Ӯ душвор (ва гарон) аст ва бар (ҳидояти) шумо сахт исрор дорад ва (нисбат) ба мӯъминон рауфу меҳрубон аст. Пас агар рӯй баргардонанд, бигӯ:Аллоҳ барои ман кофӣ аст, ҳеҷ маъбуди (ба ҳақ) ҷуз Ӯ нест, бар Ӯ таваккал кардам ва Ӯ парвардигори арши азим аст".

Ноқизи якум

Дар ибодати Аллоҳ шарик овардан, Аллоҳ таъоло мефармояд: ﴿إِنَّ ٱللَّهَ لَا يَغۡفِرُ أَن يُشۡرَكَ بِهِۦ وَيَغۡفِرُ مَا دُونَ ذَٰلِكَ لِمَن يَشَآءُ﴾ "Ба дурусти Аллоҳ касонеро, ки ба Ӯ шарик овардаанд, намеомӯрзад. Ва ҳамаи гуноҳони дигарро барои ҳар ки бихоҳад, меомӯрзад". (Сураи Нисо, ояти:116) Ва Аллоҳ таъоло мефармояд:

﴿إِنَّهُۥ مَن يُشۡرِكۡ بِٱللَّهِ فَقَدۡ حَرَّمَ ٱللَّهُ عَلَيۡهِ ٱلۡجَنَّةَ وَمَأۡوَىٰهُ ٱلنَّارُۖ وَمَا لِلظَّٰلِمِينَ مِنۡ أَنصَارٖ ٧٢﴾

"Ба дурусти шахсе ба Аллоҳ шарик меорад, пас Аллоҳ ба ӯ Ҷаннатро ҳаром гардонида ва бозгашти он Дӯзах аст ва аз барои золимон ягон ёрдамдиҳандае нест". (Сураи Моида, ояти:72)

Ва аз ҳамин қабил аст ба мурдагон дуову муроҷиат ва фарёдрасӣ намудан ва барои онҳо назру қурбонӣ кардан ва монанди ин.

Навъҳои ширк:

Ширки акбар:(Ва ин мақсади муаллиф раҳимаҳуллоҳ аст) ва ҳақиқати он ин аст, ки эътиқод намояд, ки дар олам барои ғайри Аллоҳ тасарруфи пинҳонӣ аст, ё дар дасти ӯ ҷалби манфиатҳо, ё дур сохтани зарарҳост.

Ширки асғар: Ва ҳақиқати он ин аст, ки он чизеро, ки Аллоҳ сабаб қарор надодааст, сабаб қарор диҳад ва ҳар он чизе ки васила ба сӯи ширки акбар бошад, пас он ширки асғар аст.

Ширки акбар:

-Аз дин хориҷ месозад.

-Тамоми аъмолро ботил месозад.

-Хунаш мубоҳ гашта ва молаш аз они ҳоким мешавад.

-Сабаби доимӣ дар Ҷаҳаннам мондан аст.

-Ҳаргоҳ шариат онро ширки акбар хонда бошад.

-Ҳаргоҳ лафзи ширк, ё куфр дар насҳои шариат муарраф ба (алифу лом) ояд, пас он ширки акбар аст.

Ширки асғар:

-Аз дин хориҷ намесозад.

-Танҳо амали хосро ботил месозад.

-Хун ва молро мубоҳ намегардонад.

-Сабаби доимӣ дар Ҷаҳаннам мондан намешавад.

-Ҳаргоҳ дар шариат асғар номида шавад.

-Ба ҳар он чизе ки шариат ширк, ё куфр гуфтааст ва онро ба (алифу лом)-и таъриф муарраф нагардонда аст.

Оё ширки акбар бахшида мешавад?

Ҳаргоҳ бар он бимирад, бахшида намешавад, аз рӯи фармудаи Ӯ таъоло:"Албатта Аллоҳ инро ки ба Ӯ ширк оварда шавад, намебахшад". Ва ҳаргоҳ аз он тавба кунад, барои ӯ бахшида мешавад, аз рӯи фармудаи Ӯ таъоло:"(Эй Паёмбар аз ҷониби Ман) бигӯ:Эй бандагони Ман, ки бар худ исроф (ва ситам) кардаед! Аз раҳмати Ман ноумед нашавед, ҳамоно Аллоҳ ҳамаи гуноҳонро мебахшад, яқинан Ӯ бисёр омурзанда ва меҳрубон аст". Ва то замоне ки офтоб аз мағриб набарояд, аз рӯи фармудаи Ӯ саллаллоҳу алайҳи ва саллам:"Ҳиҷрат қатъ намешавад, то ки тавба қатъ шавад ва тавба қатъ намешавад, то ки офтоб аз мағриб барояд", ё ӯро вафот ҳозир шавад, яъне хир-хири пеш аз марг, Аллоҳ таъоло фармуд:"Ва барои касоне ки корҳои бад муртакиб мешаванд, то вақте ки марги яке аз онон фаро расад, мегӯяд:Акнун тавба кардам, тавба нест".

Ақсоми ҳаромшудаҳо:

Ширки акбар ва он болотарини ҳаромшудаҳо аст.

Ширки асғар ва он поёнтар аз ширки акбар аст ва болотарини гуноҳони кабира аст.

Гуноҳони кабира: Ва он ҳар гуноҳе аст, ки барои он уқубати хоссе тартиб дода шуда аст, монанди: Мавриди лаънат ва рондан қарор гирифтан, ё безорӣ аз фоили он, ё ин ки ӯ аз ҷумлаи кофирон, ё мушрикон аст, ё аз мӯъминон нест, ё ба қабеҳтарини ҳайвонҳо ташбеҳ шудааст.

Гуноҳони сағира ва он ҳар чизе аст, ки шаръ онро ҳаром гардонда ва бар он уқубати хоссе тартиб дода нашуда аст.

Адади он: Шуморида нашуда аст, локин он ба қоидаи дар бало зикршуда маҳдуд аст.

Ҳукми фоили он:
-Мӯъмини кам имон аст, ё мӯъмин аст ба хотири имонаш ва фосиқ аст ба сабаби гуноҳаш.
-Ба хотири имонаш дӯст дошта мешавад ва ба сабаби гуноҳаш бад дида мешавад.
-Дар ҳоли иртикоби кабира бо ӯ нишаста намешавад.

Мартабаҳои он: Гуногун аст, аз рӯи фармудаи Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам: "Бузургтарини гуноҳони кабира...".

Ҳукми он: Зарурӣ аст, ки тавба кунад, аз рӯи фармудаи Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам:" Навҳагар ҳаргоҳ пеш аз маргаш тавба накунад..." ва дар ҳадиси дигар фармуд:"Ҳаргоҳ аз гуноҳони кабира бипарҳезад...".

Ақсоми забҳ (куштани мол):

Барои Аллоҳ:
Ва ин раво аст ва аз ҷумлаи он: Ҳадя (ки ҳоҷӣ дар рӯзи иди қурбон мекушад) ва қурбонӣ ва садақаҳо аст.

Аз рӯи муҳаббат ва таъзим барои ғайри Аллоҳ куштан:
(Ва мақсади муаллиф ҳамин навъи забҳ аст). Ва он ширки акбар аст, монанди барои ҷин ва мурдагон забҳ кардан.

Забҳи мубоҳ:
Монанди забҳи гусфанд барои гушт ва икроми меҳмон ва тиҷорат ва ғайри ин.

Ноқизи дуввум

Шахсе ки байни худ ва байни Аллоҳ воситаҳо мегирад, ононро ба дуо муроҷиат намуда ва аз онон шафоат талаб менамояд ва ба онон таваккал мекунад, пас ба таҳқиқ ба иҷмоъ кофир мешавад.

Қисмҳои шафоат

Дар он чизе ки махлуқ бар он қудрат дорад: Ба чаҳор шарт дуруст мешавад:

1-Ҳозир бошад.

2-Зинда бошад.

3-Тавоно бошад.

4-Эътиқод кунад, ки он сабаб аст.

Дар он чизе, ки ба ҷуз Аллоҳ касе бар он қудрат надорад.

Шафоати мусбат: Шафоатест, ки Аллоҳ онро барои худ исбот карда ва танҳо аз Ӯ талаб карда мешавад. Ва дар он шартҳои зерин шарт гузошта мешавад:
1-Иҷозат додани Аллоҳ ба шафоат кардан.
2-Ризоӣ Аллоҳ аз шафоаткунанда.
3-Ризои Аллоҳ аз шафоатшуда.

Шафоати манфӣ: (Муаллиф ин навъро қасд дорад) Шафоатест, ки Қуръон онро нафӣ кардааст ва он шафоатест, ки аз ғайри Аллоҳ талаб карда мешавад ва дар он чизе ки ғайри Аллоҳ бар он қудрат надорад. Ва он:Ширки акбар аст.

Шафоати мусбат ду навъ аст:

Хосси Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам аст:

1-Шафоати бузург.

2-Шафоати Ӯ саллаллоҳу алайҳи ва саллам барои амакаш, ки азоби ӯ сабук шавад.

3-Шафоати Ӯ саллаллоҳу алайҳи ва саллам дар кушодани дарҳои Ҷаннат.

Ом аст, барои ҳамаи паёмбарон ва малоикаҳо ва яктопарастон ва кӯдакон мебошад.

1- Дар боло бурдани дараҷаҳои яктопарастон.

2- Дар ҳаққи касе, ки шоистаи даромадани Дӯзах аст, то ки дохили он нашавад.

3- Дар ҳаққи яктопарасте, ки дохили Дӯзах шудааст, то ки аз он хориҷ гардад.

Оё гуфтани мард барои бародараш:"Аллоҳро барои ман дуо кун" дуруст аст?

Ҳаргоҳ дар ин талаб навъи эҳтиёҷ бошад, пас ин навъе аз ширки асғар аст ва ҳаргоҳ талаби дуо аз зиндаи ҳозир ва тавоно бошад ва эътиқод намояд, ки он сабаб аст, пас ин дуруст аст, локин тарк карданаш беҳтар аст.

Таваккул:Он эътимоди содиқона бар Аллоҳ бо боварӣ ба Ӯ ва ба асбоби шаръӣ чанг задан аст.

Ширки акбар аст, ҳаргоҳ барои ғайри Аллоҳ сарф шавад:(Ва ҳаминро муаллиф қасд намудааст). Таваккули ибодат ва хузӯъ. Ва он эътимоди комил аст бар касе, ки бар ӯ таваккал мекунад, ба ҳайсияте ки эътиқод мекунад, ки дар дасти ӯ қалби манфиатҳо ва дур кардани зарар бо ҳамроҳи ниёзмандӣ аст, монанди бар мурдагон эътимод кардан.

Ширки асғар аст: Ва он эътимод кардан бар зинда бо ҳамроҳи ба ӯ эҳтиёҷ доштан, монанди касе ки бар зинда дар ризқаш эътимод мекунад, бо ҳамроҳии ӯро болои сабаб қарор додан.

Ҷоиз аст:Ва он эътимод кардан ба зиндае дар он чизе ки тасарруфи он ба ӯ супорида шуда, беэҳтиёҷ доштан ба ӯ мебошад, ҳамчуноне аст, ки шахсеро дар фурухтани чизе вакил намудӣ.

Оё гуфтани (бар фалонӣ таваккал кардам), ё (бар Аллоҳ сипас бар фалонӣ таваккал кардам) дуруст аст?

Дуруст нест, ки бигӯй:Бар фалонӣ таваккал кардам ва дуруст нест, ки бигӯй:Бар Аллоҳ сипас бар фалонӣ таваккал кардам", зеро ин амали қалбӣ аст, барои ғайри Аллоҳ сарф карда намешавад, балки мегӯй:Фалониро вакил кардам, яъне амалро ба ӯ супоридам. Ва ба ростӣ Паёмбар саллаллоҳу алайҳм ва саллам дар умури омма ва хоссаш баъзе саҳобагонро вакил гардонд.

Ноқизи сеюм

Шахсе, ки мушриконро кофир нашуморад, ё дар кофирии онҳо шак намояд, ё мазҳаби онҳоро дуруст гӯяд, кофир мешавад.

Ҳукми мушрикон дар Ислом:

Ҳар касе ки даъвати Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам ба ӯ расида ва ба Ӯ имон наовардааст, пас ӯ кофири куфри акбар аст, аз рӯи фармудаи Ӯ таъоло:"Ва ҳар кас ки дине ғайр аз Исломро интихоб кунад, ҳаргиз аз ӯ қабул намешавад ва ӯ дар охират аз зиёнкорон аст".

Оё аҳли китоб (яҳуду насоро) дар зимни мушрикон дохиланд?

Бале, дар зимни онҳо аҳли китобе, ки ба Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам имон наоварданд, дохил мешаванд, аз рӯи фармудаи Ӯ таъоло:"Бо касоне аз аҳли китоб, ки на ба Аллоҳ ва на ба рӯзи қиёмат имон доранд ва на он чиро Аллоҳ ва расулаш ҳаром карда, ҳаром медонанд ва на дини ҳақро қабул мекунанд, биҷангед, то замоне ки бо зиллат ва хорӣ ба дасти худ ҷизя бидиҳанд".

Ва фармудаи Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам: "Қасам ба Зоте ки нафси Муҳаммад дар дасти Ӯст, ҳар яҳудӣ ва насроние, ки бимирад ва ба он чи фиристода шудам, имон наорад, ҷуз ин нест, ки аз аҳли оташ аст".

Оё маъноյш ин аст, ки ба аҳдҳои онҳо вафо накунем?

Барои касе аҳд бошад, зарурӣ аст, ки ба аҳди ӯ вафо кунем, то муҳаббати Аллоҳро ноил шавем, Аллоҳ таъоло мефармояд:"Пас то замоне ки (бар аҳдашон) вафодор монданд, шумо низ (бар аҳдатон) вафодор бошед, албатта Аллоҳ парҳезкоронро дӯст медорад". Ва мардум дар муомалаи мушрикон бар се қисманд:

Гурӯҳе бо кофирон дар идҳо, ҷашнҳо ва одатҳояшон мушорикат мекунанд.

Ва гурӯҳе бар онон ба куштан, ғорат кардан, фиребгарӣ ва задан таҷовуз мекунад .

Ва миёнаравӣ, ки бар он аҳли суннат ва ҷамоат аст, дар идҳо ва ҷашнҳояшон иштирок намекунанд ва бар аҳдҳое, ки болои онон аст, вафо мекунем ва бар онҳо таҷовуз намекунем ва бо ҳамроҳи онҳо дар хариду фуруш муомала мекунем ва онҳоро ба сӯи тавҳид даъват мекунем.

Ноқизи чорум

Шахсе эътиқод намояд, ки роҳнамои ғайри Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам пурратар аз роҳнамоии Ӯст, ё ҳукми ғайри Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам аз ҳукми Ӯ хубтар аст, монанди касоне, ки ҳукми тоғутҳоро аз ҳукми Аллоҳ субҳонаҳу ва таъоло беҳтар медонанд, пас онҳо кофиранд.

Қисмҳои ҳукми ба ғайри он чизе ки Аллоҳ нозил кардааст:

Ҳукми тоғутҳо ва қонунҳоро бар ҳукми Аллоҳ бартар дониста, бо эътиқод дошт-ан ба ин ки ҳукми Аллоҳ муносиб ва шоиста нест. Ҳукми ин шахс кофири куфри акбар аст, аз доираи Ислом хориҷ аст. Аллоҳ таъоло фармуд: "(Онҳо) донишмандон ва руҳбони худро ба ҷуз Аллоҳ арбоб гирифтанд".

Агар эътиқод намояд, ки бояд ҳукми Аллоҳ амалӣ шавад ва он барои шаҳрҳо ва бандагон шоиста аст, вале ҳукми тоғутҳоро барои хоҳишоти нафсаш, ё дӯст доштани риёсат ва ғайра тақдим кунад, ҳукми ин шахс куфри асғар ва фосиқӣ аст ва агар ба ин ҳукм ҳаққи шахси мусалмонеро қатъ кунад, пас ӯ боз золим аст ва наздик аст, ки дар куфри акбари аз дин хориҷкунанда воқеъ мешавад.

Ноқизи панҷум

Шахсе чизеро, ки Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам ба он омада аст, бад бинад ва агарчи ба муқтазои он амал намояд, пас ба таҳқиқ кофир аст.

Далели ин ноқиз, фармудаи Ӯ таъолост:"Ин ба он сабаб аст, ки онон он чиро, ки Аллоҳ нозил кардааст, нописанд донистанд, пас Аллоҳ аъмолашонро нобуд кард". Ва фармудаи Ӯ:"На, савганд ба Парвардигорат ки онҳо имон намеоранд, магар ин ки дар ихтилофҳои худ туро довар қарор диҳанд ва сипас аз доварии ту, дар дили худ эҳсоси нороҳати накунанд ва комилан таслим бошанд". Ва фармудаи Ӯ:"Пас ҳар касро, ки Аллоҳ бихоҳад ҳидоят кунад, синаашро барои (қабули) Ислом мекушояд ва ҳар касро, ки бихоҳад гумроҳ кунад, синаашро чунон танг мекунад, ки гӯё ба осмон боло меравад, инчунин Аллоҳ палидиро бар касоне ки имон намеоранд, қарор медиҳад".

Дӯст доштан ва бад дидан дар роҳи Аллоҳ:

Дӯст доштан ва бад дидан дар роҳи Аллоҳ аз ҷумлаи воҷибот аст, балки он аз беҳтарини дараҷаҳои имон аст.

Дӯст доштани умуре, ки барои Аллоҳ воҷиб аст, чист?

Амале, ки Аллоҳ таъоло аз он розӣ мегардад ва он ҳар амале аст, ки дар шариат омадааст, монанди тавҳид.	Дӯст доштани касе ки ба он амал мекунад, монанди анбиё, расулон, малоика, саҳобагон ва ҳар яктопараст.	Замонҳое, ки Аллоҳ таъоло онҳоро дӯст медорад, монанди шаби қадр ва сеяки охири шаб.	Маконҳое, ки Аллоҳ таъоло онҳоро дӯст медорад, монанди Макка ва Мадинаи Набавӣ.

Бад дидани умуре, ки барои Аллоҳ воҷиб аст, чист?

Амале, ки Аллоҳ таъоло онро бад мебинад ва инкор мекунад ва он амалест, ки шариат аз он наҳӣ кардааст, монанди ширк.	Ба он амалкунанда, монанди мушрикон, мунофиқон ва шайтонҳо.	Замонҳое, ки Аллоҳ таъоло онҳоро бад мебинад, монанди замонҳое, ки дар он офтоб парастида мешавад.	Маконҳое, ки Аллоҳ таъоло онҳоро бад мебинад, монанди маконҳои ширк.

Оё ҳаргоҳ зан чанд занагиро бад бинад, кофир мешавад?

Дар воқеъ зан ҳукми шариатро инкор намекунад ва локин ӯ барои шавҳараш бар болояш зан гирифтанро дӯст намедорад, пас ин амрест, ки бар он маломат карда намешавад.

Ноқизи шашум

Шахсе аз дини Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам, ё савобаш, ё азобашро истеҳзо (масхара) намояд, кофир мегардад. Ва далели ин фармудаи Ӯ таъолост:

﴿ قُلْ أَبِاللَّهِ وَءَايَٰتِهِۦ وَرَسُولِهِۦ كُنتُمْ تَسْتَهْزِءُونَ ﴿٦٥﴾ لَا تَعْتَذِرُوا۟ قَدْ كَفَرْتُم بَعْدَ إِيمَٰنِكُمْ ﴾

"Бигӯ! Оё ба Аллоҳ, оятҳои Ӯ ва фиристодаи Ӯ истеҳзо ва бозӣ мекардед, дигар узре нахоҳед, пас аз имонатон кофир гардидед".

Истеҳзокунанда:

Маъно ва ҳукми он:

Истеҳзо ҳамон масхара аст ва ҳукми истеҳзокор, ё дашномдиҳанда ин аст, ки ӯ қофири куфри муораза аст ва он куфри акбар аст, ки аз доираи Ислом хориҷ мекунад ва соҳиби он ҳамеша дар оташи Ҷаҳаннам аст ва Аллоҳ паноҳ диҳад.

Ва аммо касе ки ин дашномро мешунавад бар вай воҷиб аст, ки инкор кунад ва ё маҷлисро тарк кунад ва монанди ӯст, касе ки онро мушоҳида мекунад, ё беинкор онро нақл мекунад, аз рӯи фармудаи Аллоҳ таъоло:"Ва дар китоб бар шумо нозил карда аст, ки чун бишнавед, ки ба оятҳои Аллоҳ куфр меварзанд ва онҳоро ба ришханд мегиранд, бо онон манишинед то ба сухани дигаре ҷуз он бипардозанд, чаро ки дар ин сурат шумо низ монанди онон хоҳед буд". (Сураи Нисо:140)

Ва тавбаи ӯ ба чанд шарт қабул мешавад:

-Бар Аллоҳ таъоло ба саное, ки Ӯ шоистаи он аст, сано гӯяд.

-Аз он чи гуфтааст, безорӣ ҷӯяд.

-Бар ӯ осори тавба намоён гардад ва ростияшро бидонем. Аммо касе ки Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва салламро дашном дод, пас ҳамоно тавбааш дар назди Аллоҳ таъоло қабул мешавад, ҳаргоҳ ростгӯ бошад, вале ба хотири феълаш ҳоким ӯро мекушад.

Оё ҳаргоҳ сухан эхтимоли дашномро дошта бошад, кофир мешавад?

Барои ӯ баён карда мешавад, пас агар тавба кунад, ӯро раҳо мекунем ва агар тавба накунад амри ӯро ба қозӣ ва олимони бузург бардошта мешавад.

Ноқизи ҳафтум

Ҳафтум:Сеҳр (ҷоду) ва сарфу атф (гармию хунукӣ) аз ҷумлаи сеҳр аст. Пас касе онро ба ҷо орад, ё ба баҷо овардани он розӣ шавад, кофир мешавад. Ва далели ин фармудаи Ӯ таъоло аст:

﴿ وَمَا يُعَلِّمَانِ مِنْ أَحَدٍ حَتَّىٰ يَقُولَآ إِنَّمَا نَحْنُ فِتْنَةٌ فَلَا تَكْفُرْ ﴾

"Ҳеҷ касро он ду, чизе таълим надиҳанд, то он ки ба ӯ бигӯянд: Ҳамоно мо фитна (озмоиши бандагон) ҳастем, пас кофир нагардед".

Сеҳр (ҷоду):

Ҳукми он:

Сеҳр куфри акбар аст, аз рӯи фармудаи Аллоҳ таъоло:"Ва (он ду фариишта) ба ҳеҷ кас чизе ёд намедоданд, магар ин ки (аз пеш ба ӯ) мегуфтанд:Мо василаи озмоишем, пас кофир нашав".

Аломатҳои сеҳр:

-Мухолифи шартҳои ҷоизии руқияи шаръӣ аст.
-Навистани ҳарфҳои қатъшуда ва сухане ки нофаҳмо аст.
-Ба ситорагон назар кардан.
-Хондани кафи даст ва финҷон.
-Дар гиреҳ дамидан.
-Гармию хунукӣ.
-Беморро ба анҷоми феъле, ки хилофи шариат аст, амр кунад, монанди даст задан ба ҳаромкардаҳо ё ба тарки намоз, ё ба тарки бисмиллоҳ гуфтан дар вақти мол куштан, амр кунад.
-Пурсидани номи модар.
-Маърифати ғайбро даъво кунад.

Назди ҷодугар рафтан ва ҳукми он:

Мақсад аз рафтани назди ҷодугар дар назди ӯ нишастан, ё ба сӯи ӯ шахсе, ё номае фиристодан аст ва инчунин мушоҳидаи шабакаҳои моҳвораи ҷодугарон ва мавқеъу газетаҳое, ки дар онҳо бурҷҳо аст ва қироати кафи даст, ё финҷон...аст.

Ва ҳукми рафтани назди ҷодугар, ин аст, ки намози он раванда чиҳил рӯз қабул намешавад, ҳамонгуна ки дар ҳадис омада аст ва аммо агар гуфтаи ӯро тасдиқ кунад, кофир мешавад.

Пас ба таҳқиқ Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд:" Касе назди фолбин (ғайбгӯ) раваду ӯро тасдиқ кунад, пас ба ростӣ ба он чизе ки бар Муҳаммад саллаллоҳу алайҳи ва саллам нозил шудааст, кофир мешавад".

Ва аз ин ҳукм истисно (ҷудо) мешавад касе, ки ба хотири бар ӯ инкор кардан биравад ва аҳли инкор бошад (яъне олим бошад).

Нушра:Кушодани сеҳр аз шахси ҷодушуда аст. Ва он ба ду қисм тақсим мешавад:

Шаръӣ:

Ба хондани руқияи шаръӣ ва давоҳои мубоҳ ва дуо мебошад.

Манъшуда:

Ҳаргоҳ дар он навъе аз навъҳои ҷоду бошад, Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд:"Албатта он аз амалҳои шайтонҳост".

Рад бар касоне, ки мегӯянд, кушодани ҷоду ба ҷоду ҷоиз аст:

1-Кушодани ҷоду ба ҷоду мухолифи Қуръон, суннат, саҳобагон ва гузаштагони уммат аст, Аллоҳ аз ҳамаи онон розӣ бод.

2-Дар ин кор заиф шуморидани давогӣ кардан ба Қуръон ва дуоҳое, ки дар суннати набавӣ омадааст, мебошад.

3-Ин кор сабаби нерӯ ва қувват додани ҷоду ва ҷодугарон дар назди омаи мардум мегардад.

4-Дар ин кор даст кашидан аз яқин, ки он муолиҷа бо Қуръон ва дуоҳои суннатӣ аст ва баргаштан ба сӯи гумон, ки он муолиҷа ба сеҳр аст, мебошад.

5-Дар ҳалли ҷоду аз шахси ҷодушуда зарурӣ аст, ки сеҳркушо ва шахси сеҳршуда ба шайтон ба он чизе ки шайтон дӯст медорад, наздикӣ намоянд, то ӯ сеҳрро ботил кунад.

6-Ҳаргоҳ шахси сеҳршуда сабр кунад, пас барояш Ҷаннат аст, ҳамчуноне ки аз Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам ривоят шудааст.

7-Кушодани сеҳр ба сеҳр, сеҳрро ба сеҳри сеҳршуда меафзояд.

8-Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам сеҳр карда шуд ва худро ба сеҳр муолиҷа накард, балки рӯй ба руқияи шаръӣ овард.

Ноқизи ҳаштум

Ёрию нусрат додани мушрикон ба зафар ёфтани онҳо бар мусалмонон. Ва далел фармудаи Ӯ таъолост:

﴿ وَمَن يَتَوَلَّهُم مِّنكُمْ فَإِنَّهُۥ مِنْهُمْ ۗ إِنَّ ٱللَّهَ لَا يَهْدِى ٱلْقَوْمَ ٱلظَّٰلِمِينَ ﴿٥١﴾ ﴾

"Агар касе аз шумо онҳоро дӯст бигирад ӯ низ аз онҳост. Албатта Аллоҳ гурӯҳи золимонро ҳидоят намекунад".

Ёрӣ додани мушрикон бар болои мусалмонон:

Бар мусалмон безорӣ аз мушрикон ва дини онҳо ва ба он куфр варзидан ва дӯст доштани яктопарастон ва муҳаббати дини онон воҷиб аст. Ва касе куфрро дӯст дорад, ё ба он розӣ шавад, ё бар он ёрӣ расонад ва мушриконро ёрӣ диҳад, пас ӯ кофири куфри акбар аст, аз дин хориҷ аст. Ва хулоса дар назди мо ёрӣ додани мушрикон бар ду қисм аст:

Куфр ва риддат аст:

Ёрӣ додани мушрикон бар мусалмонон аз рӯи муҳаббати онон ва бад дидани мусалмонон ва дар пирӯз шудани онон бар болои мусалмонон рағбат дошта бошад.

Куфри хориҷкунанда аз дин нест:

Ёрӣ додани онҳо аз рӯи дӯст доштани онҳо ва бад дидани мусалмонон намебошад, балки ба хотири маслиҳатҳои дунявӣ аст.

Ноқизи нуҳум

Шахсе эътиқод намояд, ки бархе одамонро аз дини Муҳаммад саллаллоҳу алайҳи ва саллам баромадан мумкин аст, ҳамчуноне ки Хазир алайҳис салом аз дини Мусо алайҳис салоту вас салом хориҷ шуд, пас ӯ кофир мешавад.

Касе ки эътиқод кунад, ки баъзе мардумро аз дини Муҳаммад саллаллоҳу алайҳи ва саллам хориҷ шудан мумкин аст:

Пас албатта ӯ кофири куфри акбар аст, ба иҷмоъи олимон аз доираи Ислом хориҷ аст ва талаби тавба карда мешавад ва барои ӯ далелҳоро баён карда мешавад, пас агар тавба кард, қабул карда мешавад ва агар тавба накард, кушта мешавад.

Аллоҳ таъоло фармуд:"Бигӯ эй мардум ман Паёмбари Аллоҳ ба сӯи ҳамаи шумо ҳастам". Ва Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд:"Агар Мусо зинда мебуд, ҳатман пайравии манро мекард".

Ва дар зимни ин аҳли китоб, ки ба онон даъват расидааст, дохил мешаванд, зеро ки онон мушриканд, ҳамчуноне ки гузашт.

Оё Хазир алайҳис салом аз дини Мусо алайҳис салом хориҷ шуд?

Ҳеҷ далеле дар назди мо нест, ки хориҷ шудани Хазир алайҳис саломро аз дини Мусо алайҳис салом исбот намояд ва агар исбот шавад, пас шояд ӯ аз уммати Мусо алайҳис салом набуд. Ва паёмбар ба сӯи қавмаш махсус фиристода мешуд ва паёмбари мо ба сӯи ҳамаи мардум фиристода шуд. Пас ягон нафар аз шариати Ӯ хориҷ намешавад.

Ноқизи даҳум

Аз дини Аллоҳ рӯй гардонидан, яъне онро таълим намегирад ва ба муҷиби он амал намекунад. Далели ин фармудаи Ӯ таъолост: ﴿ وَمَنۡ أَظۡلَمُ مِمَّن ذُكِّرَ بِـَٔايَٰتِ رَبِّهِۦ ثُمَّ أَعۡرَضَ عَنۡهَآۚ إِنَّا مِنَ ٱلۡمُجۡرِمِينَ مُنتَقِمُونَ ٢٢ ﴾

"Ҳеҷ кас золимтар нест аз шахсе ки ба оятҳои Парвардигораш панд дода шуд, сипас аз он рӯй гардонид. Албатта мо аз гунаҳгорон интиқомгирандагонем".

Аз дини Аллоҳ рӯй гардондан:

Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд:"Аллоҳ барои касе хайр бихоҳад, ӯро дар дин донишманд мегардонад". Ва Аллоҳ барои касе хайрро нахоҳад, аз омӯхтани дини Аллоҳ рӯй мегардонад ва ғофил мегардад, Аллоҳ таъоло фармуд:" "Ҳеҷ кас золимтар нест аз шахсе ки ба оятҳои Парвардигораш панд дода шуд, сипас аз он рӯй гардонид. Албатта мо аз гунаҳгорон интиқомгирандагонем". Ва муҷримон аҳли оташанд ва ба Аллоҳ паноҳ (мебарем).

Ҳукми рӯй гардондан:

Агар ба шунавоӣ ва қалбаш аз Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам дӯрӣ кунад, ба ин сурат, ки Ӯро на тасдиқ кунад ва на дурӯғгӯ шуморад ва на Ӯро дӯст дорад ва на душманӣ кунад ва ба он чи омадааст, албатта гуш накунад, пас ӯ кофири куфри акбар аст, аз доираи дин хориҷ аст. Аллоҳ таъоло мефармояд:" Ва чун ба онон гуфта шавад ба сӯи нозилкардаи Аллоҳ (Қуръон) ва расул биёед, мунофиқонро мебинӣ, ки аз тӯ комилан рӯй мегардонанд". Ва фармуд:"Ва касе аз зикри Парвардигораш рӯй гардонад, (Аллоҳ) ӯро ба азоби сахт гирифтор месозад".

Хотимаи муаллиф

Дар ҳамаи ин шикананда̄ҳо фарқ байни масхаракунанда, ҷиддияткунанда, тарсанда нест ба ғайри шахси маҷбур кардашуда. Ва ҳамаи ин шикананда аз бузургтарини хатарҳо ҳастанд ва бисёртар мардум дар инҳо воқеъ мешаванд. Пас барои мусалмон сазовор аст, ки аз инҳо парҳез намояд ва аз воқеъ шудани дар он битарсад. Ба Аллоҳ аз сабабҳои барангезандаи ғазабаш ва иқоби дарднокаш паноҳ мебарем.

Ва саллаллоҳу ала хайри халқиҳи Муҳаммад ва ала олиҳи ва саҳбиҳи ва саллам.

Дар ҳамаи ин ноқизҳо, фарқ нест дар байни

Ҳазлкунанда (масхарабоз): Касе аст, ки ноқизеро анҷом медиҳад, сипас даъво мекунад, ки ҳазл карда аст.

Ҷиддикунанда: Касе аст, ки ноқизро қасдан анҷом медиҳад ва узре надорад.

Тарсон: Касе аст, ки аз рӯи дурӯғ даъво мекунад, ки ин ноқизро аз тарси зараре, ки дар молаш, ё обурӯяш мерасид, анҷом додааст ва бар чизе маҷбур карда нашуда аст, Аллоҳ таъоло мефармояд:"Ва аз мардум касоне ҳастанд, ки мегӯянд:Ба Аллоҳ имон овардаем, пас ҳангоме ки дар роҳи Аллоҳ озор бинад, озори мардумро ҳамчун азоби Аллоҳ ба шумор меорад ва агар пирӯзӣ аз сӯи Парвардигорат (барои шумо) биёяд, ҳатман мегӯянд:Ба ростӣ ки мо (низ) бо шумо будем. Оё Аллоҳ ба он чи дар синаҳои ҷаҳониён аст, донотар нест?!".

(Икроҳ) Маҷбур кардан:

Касе бар анҷоми ноқизе аз ноқизҳои дин маҷбур карда шуд, кофир намешавад ва шартҳои маҷбурӣ, ки ба он маъзур дониста мешавад, шартҳои зерин аст:

1-Дар ҳақиқат маҷбур бошад, пас ғайри маҷбур маъзур дониста намешавад, монанди тарсу, ё хушомадгӯ.

2-Ин ки аз ҳад нагузарад, пас ҳаргоҳ масалан бар дашноми нафаре, ки ба сабаби дашномаш шахс кофир мешавад, маҷбур карда шуд, пас аз як нафар зиёдро дашном дод, пас ин куфр аст, зеро ӯ ба дашноми як нафар маҷбур карда шуд.

3-Ба андозаи тавонаш эъроз намояд ва куфрро ошкор нагӯяд.

4-Қалбаш мутмаин ба имон бошад, яъне ба забонаш бигӯяд, бо ҳамроҳи боқӣ мондани имон дар қалбаш.

5-Ин ки бар он чизе ки маҷбур карда мешавад, дар он бар ҳаққи дигаре таҷовуз кардан, ё фасод кардан набошад, ё ба сабаби он гумроҳии мардум набошад.

Танбеҳҳои муҳим:

Якум:Мақсади муаллиф ба ин китоб кофир ҳукм кардани уммат нест ва албатта мақсади ӯ ин аст, ки мардум онро таълим гиранд, пас аз он ҳазар кунанд ва битарсанд. Пас ҳаргоҳ аз он битарсанд, имонашон саҳеҳ мешавад ва аз азоби дарднок наҷот меёбад. Ҳамчунон бар онон шоиста аст, ки дигаронро аз он ҳазар диҳанд. Он хатари бузург аст, сазовор аст, ки таълим гирифта шавад, пас аз он парҳез карда шавад.

Дуввум:Тарси мусалмон аз ширк ба омӯхтани илми шаръӣ мебошад, Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд:"Аллоҳ барои касе хайр бихоҳад, ӯро дар дин донишманд мегардонад", пас фиқҳи дар дин аз воҷибтарину бузургтарини воҷибҳост. Ба сабаби он инсон худашро аз ширк, бидъат ва маъсиятҳо нигаҳ медорад. Ва ҳар қадар маърифати инсон ба Парвардигораш зиёд шавад, ҳамонқадар муроқабаи ӯ барояш дар кирдор ва аҳволаш зиёд мешавад. Ва ҳар қадар илми инсон боло равад, ҳар қадар ихлоси ӯ барои Аллоҳ зиёд мешавад ва имонаш комил мегардад. Баъзе аҳли илм гуфтаанд:"Илмро барои ғайри Аллоҳ талаб кардем, пас инкор кард, магар ки барои Аллоҳ бошад".

Сеюм:Кофир ҳукм кардани шахси муайян ҷоиз нест, магар баъди воқеъ шудани ӯ дар ноқизе аз ҳамин ноқизҳо ва қоим шудани ҳуҷҷат бар ӯ ва монеъаи такфир аз ӯ нафй шавад. Ва касе ки ҳукм ба куфр мекунад ҳокими мусалмонон аст, ё ноиби ӯ, яъне қозӣ ва касе ки дар мақоми онҳост, аммо барои омаи мардум шоиста аст, ки дар монанди ин умур фурӯ нараванд.

Чорум:Муаллиф китобашро ба дуо хатм намуда мегӯяд: (Ба Аллоҳ аз барангезандаҳои ғазабаш ва азоби дарднокаш паноҳ мебарем) ва ин аз қасди нек ва нармияш барои хонанда аст ва ин одати ӯ дар ҳамаи китобҳояш аст, Аллоҳ ӯро раҳмату мағфират кунад ва ӯро савоби зиёде бидиҳад.

Рӯзи якшанбе, соати 8:45, 29/шаволи/1438 ҳичрӣ мувофиқи 23/июли/2017 мелодӣ тарҷумаи ин китоб ба фазлу раҳмати Аллоҳ ба поён расид. Аз Аллоҳи карим мепурсам, ки ин амалро дар мизони ҳасанотам қарор диҳад.

Ба қалами:Шаҳобиддин Солиҳ

Мадинаи Мунаввара

Вақф барои Аллоҳ
фурухтан ҷоиз нест

مترجمة باللغة الطاجيكية
وقف لله لا يجوز بيعه

Тақсим ва танзими қоида барои қавли муфид



МУАЛЛИФ

ҲАЙСАМ ИБНИ МУҲАММАД САРҲОН

СОБИҚ МУДАРРИСИ ДОНИШГОҲИ ҲАРАМИ МАСҶИДИ НАБАВӢ
ВА САРДОРИ МАВҚЕЪИ ТАЪСИЛИ ИЛМӢ

http//attasseel-alelmi.net.

http//saphaan.net.

АЛЛОҲ Ӯ ВА ВОЛИДАЙНИ Ӯ ВА ҲАР КАСЕРО, КИ ДАР

НАШРИ ИН КИТОБ ЁРӢ ДОДААСТ, МАҒФИРАТ КУНАД.

ТАРҶУМОН

ШАҲОБИДДИН СОЛИҲ

التَّقْسِيمُ وَالتَّقْعِيدُ لِلْقَوْلِ الْمُفِيدِ

بقلم الفقير إلى عفو ربه

هيثم بن محمَّد سرحان

المدرِّس بمعهد الحرم بالمسجد النَّبويّ -سابقًا- والمشرف على موقع التَّأصيل العلميّ

http://attasseel-alelmi.com

غفر الله له ولوالديه ولمن أعانه على إخراج هذا الكتاب

المترجم

شهاب الدين بن صالح بن سيد الطاجيكي

الطَّبعة الأولى

جميع الحقوق محفوظةٌ

إلَّا من أراد طبعه أو ترجمته لتوزيعه مجَّانًا بعد مراجعة المؤلِّف

الرَّجاء التَّواصل على:

islamtorrent@gmail.com

فسح وزارة الإعلام

Бисмиллоҳир Раҳмонир Раҳим

Албатта сипосу ситоиш барои Аллоҳ аст. Аз Ӯ талаби ёрӣ ва ҳидоят ва омурзиш мекунем. Ва ба Аллоҳ аз нафсҳои бадамон ва аз кирдорҳои нописандамон паноҳ талаб мекунем. Касеро Аллоҳ ҳидоят кунад, пас ӯро касе гумроҳ намекунад ва касеро Аллоҳ гумроҳ кунад, пас ӯро касе ҳидоят намекунад. Ва гувоҳи медиҳам ин ки маъбуди ҳаққе нест, магар Аллоҳи ягона, ки Ӯро шарике нест ва гувоҳӣ медиҳам, ки Муҳаммад банда ва паёмбари Аллоҳ аст. Аммо баъд:

Асосҳое, ки маърифати он пеш аз омӯхтани китоб шоиста мебошад

1). Бар донишҷӯ ҳифзи матн пеш аз омӯхтани китоб зарур аст. (Ҳифз кун, ҳар ҳифзкунанда имом аст).
2). Маърифати ваҷҳи далел овардан ба ҳар оят ва сабаби овардани он дар боб.
3). Маърифати муносибати ҳар боб ба китоби Тавҳид ва сабаби оварданаш дар он, то китоб муназзам бошад.
4).Бар як шарҳ дар ҷамъоварӣ таркиз мекунем ва асос дар назди мо "Қавли муфид"-и шайх Ибни Усаймин раҳимаҳуллоҳ аст, ҳаргоҳ онро тамом кунем, шарҳи дигареро мегирем ва инчунин, то ки маълумот дар ҳам омехта нашавад.

Барои чӣ ин китобро меомӯзем

1). Зеро олимони раббонӣ ба хондани он насиҳат карданд. 2). Зеро ки он аз беҳтарин китобест, ки дар ин боб таълиф шудааст. 3). Зеро ки муаллиф раҳимаҳуллоҳ дар ботил сохтани ҳуҷҷати мухолиф нек карда ва шубҳаро ба далел рад кардааст. 4). Зеро ки Аллоҳ барои он дар замин қабул шуданро гузоштааст. 5). Насиҳати олимон ба ҳифз ва фаҳми он. 6). Бобгузорӣ ва тартиби нек аст. 7). Аҳамият додани олимон ба дарс додани он ва шарҳҳои бисёр бар он навистанд. 8). Зеро ки китоб ба далелҳои Қуръон ва Суннат пур аст. 9). Осон будани ҷумлаҳояш. 10). Гувоҳии олимон барои муаллиф ба илми амиқ ва дурустии эътиқодаш. 11). Зеро китоб дар тавҳиди убудият бештар аҳамият додааст, вақте дар он халали калон воқеъ шуд, бо зикри тавҳиди рубубият ва номҳо ва сифатҳо. 12). Зеро муаллиф раҳимаҳуллоҳ дар он бар равиши салаф рафтааст, пас чизе аз сухани худаш нагуфтааст, монанди имом Бухорӣ раҳимаҳуллоҳ дар "Саҳеҳ"-аш.

Хулосаи бобҳои китоби тавҳид (67 боб аст)

Пеш аз омӯхтани ҳар китоб барои маърифати муҳтавои китоб ва тариқаи таълиф ва пурра тасаввур кардани он, бояд пешгуфтор ва феҳрасти онро хонд. Бинобар ин моро мумкин аст, ки китобамонро ба даҳ қисм тақсим намоем.

Нахустин: Пешгуфтор (аз панҷ боб иборат аст)

1). Барои ин боб унвон нагузоштаанд ва он боби воҷиб будани тавҳид аст).

Ин бобро барое ки тавҳид аввалин ва воҷибтарини воҷибҳост, навист ва барои он ки он даъвати паёмбарон алайҳимус салом аст.

2). Боб дар баёни фазли тавҳид ва баёни ин ки тавҳид гуноҳҳоро тоза мекунад. Ин бобро ба хотири ташвиқ ва баён кардан, ки зикри фазли шайъ далел барои воҷиб набудани он нест ва чаро ки инҷо касоне ҳаст, ки аз омӯхтан ва омӯзондани тавҳид мерамонад ва зуҳд мекунад.

3). Боб касе дар ҳаёт тавҳидро татбиқ кунад, беҳисоб дохили Ҷаннат мешавад. Ин бобро ба хотири холис сохтани тавҳид аз ширк, бидъатҳо ва маъсиятҳо овард, пас муносиб омад, ки ин бобро баъди ду боб, боби воҷиб будани тавҳид ва фазли он орад.

4). Боб андар тарсидан аз ширк. Ин бобро барои он овард, ки касе тавҳидро таҳқиқ намояд, ӯро мебояд, ки аз ширк бар худ ва бар ғайраш битарсад, чаро ки ӯ гумон мекунад, ки тавҳидро таҳқиқ кардааст ва ҳоло он ки онро таҳқиқ накардааст. Ва ҳар боберо ки баъди ин боб овард, он аз таҳқиқи тавҳид аст, масалан боби тарсидан аз ширк аз зимни таҳқиқи тавҳид аст.

5). Боб андар даъват ба сӯи шаҳодати "ло илоҳа иллаллоҳ". Аллоҳ донотар аст, ин бобро барои ду сабаб овард:

1)-Зеро касе қасди таҳқиқи тавҳид намояд, ӯро месазад, ки ба сӯи он даъват кунад, монанди феъли Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам ва пайравони Ӯ.

2)- Ва барои радди касе, ки гуфт: Аввалин чизе киба сӯи он даъват мешавад, намоз мебошад.

Дуюм: Тафсири тавҳид (аз нуҳ боб иборат аст)

6). Боби тафсири тавҳид ва шаҳодати ин ки маъбуди барҳаққе ҷуз Аллоҳ нест. Баъде ки барои мо воҷиб будани тавҳидро зикр кард ва моро ба сӯи он ташвиқ намуд ва воҷиб будани таҳқиқи он ва аз зидди он тарсидан ва ба сӯи он даъват карданро зикр намуд, муносиб омад, ки барои мо ҳақиқати тавҳидро аз ин боб шурӯъ карда то охири китоб баён намояд.

7). Боб, пӯшидани ҳалқа ва ресмон ва монанди ин ду барои рафъи бало ё дафъи он аз ҷумлаи ширк аст. Ин тафсири тавҳид ба маърифати зидди он мебошад.

8). Боб андар руқияҳо ва туморҳо. Ин бобро барои тафсири руқияҳо ва туморҳои ширкие, ки тавҳидро нафй мекунад, оварда.

9). Боб андар касе ки ба дарахт ё санг ва монанди инҳо табаррук меҷӯяд. Инро барои баёни табарруки мамнӯъ, ки нафйкунандаи тавҳид аст, оварда.

10). Боб андар забҳ кардан барои ғайри Аллоҳ. Муаллиф баён кардани инро қасд кардааст, ки забҳ барои ғайри Аллоҳ аз рӯи муҳаббат ва таъзим шиканандаи тавҳид аст.

11). Боб андар ин ки барои Аллоҳ қурбонӣ карда намешавад дар ҷое ки барои ғайри Аллоҳ қурбонӣ карда мешуд. Он чиро ки баъзе ҷоҳилон аз монандӣ ва мушоракати мушрикон дар идҳояшон ва маконҳои ибодатҳояшон мекунанд, муаллиф хост, ки онро баён намояд, ки он аз нафйкунандагони тавҳид аст.

12). Боб: Назр барои ғайри Аллоҳ ширк аст. Инро барои тафсири назри мамнӯъ, ки он тавҳидро нафй мекунад, оварда

13). Боб ба ғайри Аллоҳ паноҳ бурдан ширк аст. Муаллиф баёни паноҳ бурдан ба ғайри Аллоҳ дар он чизе ки ҷуз Аллоҳ касе бар он қудрат надорад, ва инчунин паноҳ бурданеро ки тавҳидро нафй мекунад, ирода намуд.

14). Боб: Фарёдрасӣ кардан ба ҷуз Аллоҳ ё дуо кардани ғайри Аллоҳ ширк аст. Муаллиф тафсири амалҳои ширкӣ аз фарёдрасӣ ва дуо кардани ғайри Аллоҳ дар чизе ки ҷуз Аллоҳ таъоло касе бар он қудрат надорад ва фарёдрасие, ки тавҳидро нафй менамояд, ирода кардааст.

Сеюм: Ботил будани ибодати ғайри Аллоҳ (иборат аз чор боб аст)

15). Боб андар фармудаи Аллоҳ: "Оё ин мушрикон шарик меоранд чизеро, ки ҳеҷ (қудрате надорад, ки чизеро) биофаринад ва худи ин шарикон махлуқанд". Ин бобро барои нафйи ибодати ғайри Аллоҳ овард, хоҳ он набӣ ё бут ва ғайри инҳо бошад.

16). **Боб андар фармудаи Аллоҳ таъоло: "То чун тарсу ҳарос аз дилҳояшон бартараф шавад, мегӯянд: Парвардигоратон чӣ фармуд: Мегӯянд: Ҳақ ва Ӯ баландмартабаи бузург аст"**. Ин бобро барои нафйи ибодати малоикаҳои киром овард.

17). **Боб андар шафоат.** Кофирон дар шафоати бутҳояшон мутааллиқ буданд, муаллиф ин бобро ба хотири ботил кардани ин тааллуқ овард.

18). **Боб андар фармудаи Аллоҳ таъоло: "Албатта ту ҳидоят намекунӣ, касеро ки дӯст медорӣ ва локин Аллоҳ касеро бихоҳад, ҳидоят мекунад"**. Ин бобро ба хотири ботил кардани ҳидояти тавфиқ аз ғайри Аллоҳ, овард.

Чорум: Сабаби куфри фарзанди Одам (иборат аз чор боб аст)

Баъди тафсири тавҳид ва ботил кардани ибодати ғайри Аллоҳ, зикр кардани сабабҳои воқеъ шудани дар куфр муносиб омад, то аз он парҳез намоем:

19). **Боб андар ин ки сабаби кофир шудани фарзанди Одам ва тарки дин карданашон ҳамон зиёдаравӣ дар ҳаққи бузургон буд**. Ин хатарноктарини асбоб дар воқеъ шудани фарзанди Одам дар куфр аст ва он аввалин ширкест, ки дар замин воқеъ шуд.

20). **Боб андар сарзаниши сахт дар ҳаққи касе ки Аллоҳро дар назди қабри марди солеҳ парастад, пас чигуна аст ҳаргоҳ ӯро бипарастад?!.** Аз асбоби воқеъ шудани дар ширк пайкараҳо ва суратҳо ва қабрҳоро масҷидҳо гирифтан аст.

21). **Боб андар ин ки зиёдаравӣ дар қабрҳои бузургон, ононро бутҳое мегардонад, ки ба ҷуз Аллоҳ парастида мешавад.** Аз асбоби куфр, дар ҳаққи бузургон зиёдаравӣ кардан аст.

22). **Боб андар ҳимояи Мустафо саллаллоҳу алайҳи ва саллам ҷониби тавҳидро ва бастани Ӯ ҳамаи роҳҳоеро, ки ба сӯи ширк мерасонад**. Бастани Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам роҳҳои ширкро дар мавриди эътиқодҳо ва феълҳо. Ва ба зуди боб дар бастани Ӯ саллаллоҳу алайҳи ва саллам доир ба суханоне ки ба сӯи ширк мерасонад, меояд.

Панҷум: Ботил кардани ҳуҷҷати касе ки мегӯяд: Ширк дар ин уммат ё дар ҷазираи араб воқеъ намешавад (як боб аст)

23). Боб андар ин ки баъзеи ин уммат бутҳоро мепарастад.

Шашум: Амалҳои шайтонӣ (иборат аз ҳафт боб аст)

24). Боб андар он чи дар мавзӯи ҷоду омадааст. Ин бобро овард, чаро ки ҷоду танҳо аз тариқи куфри ба Аллоҳ сурат мегирад ва он аз бузургтарин василаҳо барои даъвати мардум ба сӯи куфр аст.

25). Боб андар баёни баъзе анвоъи ҷоду. Ин бобро овард, то моро таълим диҳад, ки ҷоду чанд навъ аст, аз ҳамаи он парҳез кардан воҷиб мебошад.

26). Боб андар мавзӯи коҳинӣ ва монанди он. Ин бобро овард, то барои мо ононро ва ҳукми пеши онон рафтан ва суратҳои пеши онон рафтанро баён намояд.

27). Боб андар мавриди ботил кардани ҷоду. Ин бобро барои дур кардани ишкол ба зикри манъшуда ва рухсатдодашудаи он овард.

28). Боб андар фол задан ба парвози паранда. Ин бобро барои нафй кардани бадфолие ки аҳли ҷоҳилият мекарданд, овард.

29).Боб андар мавриди ситорашиносӣ. Ин бобро ба хотири ботил кардани илми таъсири гумоншуда овард.

30). Боб андар ҳукми талаби борон кардан ба ситорагон. Ин бобро ба хотири ботил кардани тааллуқи ба асбоби ширкӣ овард.

Ҳафтум: Амалҳои қалбҳо (иборат аз нуҳ боб аст)

31). Боб андар фармудаи Аллоҳ таъоло: "Баъзе аз мардум ғайри Аллоҳро ҳамонанди Аллоҳ гиранд". Ин бобро барои нафй тавҳид аз касе овард, ки махлуқеро монанди дӯст доштани Аллоҳ ё сахттар дӯст медорад.

32). Боб андар фармудаи Аллоҳ таъоло: "Танҳо ин шайтон аст, ки дӯстдорони худро метарсонад". Ин бобро барои нафй тавҳид аз касе овард, ки аз махлуқе монанди тарсидани аз Аллоҳ ё бештар метарсад.

33). Боб андар фармудаи Аллоҳ таъоло: "Ва бар Аллоҳ таваккал кунед, агар имон доред". Ин бобро барои нафй тавҳид аз касе ки бар ғайри Аллоҳ таваккал кардааст, овард.

34). Боб андар фармудаи Аллоҳ таъоло: "Оё онҳо худро аз макри Аллоҳ эмин медонанд". Ин бобро овард, то яккапараст дар сайр карданаш ба сӯи Аллоҳ дар байни тарсу умед ҷамъ оварад.

35). Боб андар ин ки сабр кардан ба тақдирҳои Аллоҳ аз ҷумлаи имони ба Аллоҳ аст. Ин бобро барои баёни ҳоли яккапараст дар вақти бало овард.

36). Боб андар мавзӯи риё (худнамой). Ин бобро барои баёни бузург будани хатари риё бар яккапараст овард ва ин тарсноктарин чизест, ки бар накӯкорон аз он тарсида мешавад.

37). Боб андар анҷоми амалҳои ухравӣ барои дастёбӣ ба ҳадафҳои дунёӣ низ навъи ширки (асғар) аст. Ин бобро барои баёни ин ки касе ба амали ухравӣ қасди дунё кунад, дар ширк воқеъ мешавад ва баёни ин, ин аст ки ба хотири дунё розӣ мешавад ва ғазаб мекунад.

38). Боб андар итоати олимон ва раҳбарон дар ҳалол донистани ҳаромҳо ва ҳаром донистани ҳалолҳои илоҳӣ ба маънои онҳоро арбоб гирифтан аст (ин ширки дар тоат аст). Ин бобро барои баёни он овард, ки ба ғайри Аллоҳ доварӣ кардан тавҳидро нақз мекунад.

39). Боб андар фармудаи Аллоҳ таъоло: "Мехоҳанд (корҳои худро) ба муҳокимаи тоғут баранд". Ин бобро барои ёрӣ додани яккапараст бар фаҳмидани маънои куфри ба тоғут ва барои тафсири имони рост ва дурӯғ овард.

Ҳаштум: Тавҳиди номҳо ва сифатҳо (як боб аст)

40). Боб андар инкори чизе аз номҳо ва сифатҳои Аллоҳ. Ин бобро барои баёни нафйи тавҳид аз касе ки чизе аз номҳо ва сифатҳоро инкор мекунад, овардааст.

Нуҳум: Лафзҳо ва ширкҳои манъ кардашуда. (29 боб аст)

41). Боб андар фармудаи Ӯ таъоло: "Онҳо неъмати Аллоҳро мешиносанд, сипас онро инкор мекунанд". Ин бобро барои баёни он чизе ки бар яккапараст дар муқоибили неъматҳо воҷиб мешавад, овард.
42). Боб андар фармудаи Ӯ таъоло: "Пас дидаву дониста барои Аллоҳ ҳамтоёне нагиред!". Ин бобро барои баёни ҳоли яктопараст аз савганд хӯрдани ба Аллоҳ, на ба ғайри Ӯ ва барои баёни фарқ дар байни ҳарфи (вов) ва (сумма) овард.
43). Боб андар шахсе ки ба савганди ба номи Аллоҳ қаноат намекунад. Ин бобро барои баёни ҳоли бузургии Аллоҳ дар дили яктопараст, дар вақти барои вай ба Аллоҳ савганд хӯрдан, овард.
44). Боб андар гуфтани он чи Аллоҳ ва ту бихоҳӣ. Ин бобро овард, то яктопараст аз ширк овардани дар машийят ҳазар диҳад.
45). Боб андар шахсе ки замонаро дашном диҳад, пас Аллоҳро дашном дода аст. Ин бобро овард, то яктопарастро аз дашном додани чизе, ки ба сабаби он дашномдиҳандаи касе ки онро амр ва мусаххар кардааст, мегардад, таҳзир кунад.
46). Боб андар номгузорӣ ба Қози-юл-қузот ва монанди он. Ин бобро овард, то яктопарастро ҳушдор диҳад, ки бар ҷониби рубубият таҷовуз накунад.
47). Боб андар эҳтироми номҳои Аллоҳ таъоло ва тағйири ном ба хотири он. Ин бобро барои баёни ҳоли боадабонаи яктопараст бо Аллоҳ, номҳо, сифатҳо, дин ва паёмбарони Ӯ овард.
48). Боб андар касе ки ба чизе ки дар он зикри Аллоҳ ё Қуръон ё Расул саллаллоҳу алайҳи ва саллам шухӣ менамояд. Ин бобро барои баёни нафй асли имон аз шахси масхаракун ва чигуна бо вай муомала кардан ва воҷиб будани ҳифзи забон овардааст.

49). Боб андар фармудаи Аллоҳ таъоло: "Ва агар ба баъд аз сахтие, ки ба вай расида бошад, бахшоише аз ҷониби Худ бичашонем, албатта гӯяд: Ин барои ман аст". Инро барои баёни воҷиб будан бар яктопараст пеш аз фурӯд омадани неъмат ва баъди вуҷуди он овардааст.

50). Боб андар фармудаи Аллоҳ таъоло: "Пас чун Аллоҳ ба онҳо фарзанде шоиста дод, барои Ӯ дар он чи ба онҳо дода буд, шарикон муқаррар карданд". Инро барои баёни ҳоли яктопараст дар назди фурӯд омадани неъматҳо ва ҳаром будани ҳар исме, ки барои ғайри Аллоҳ ба бандагӣ нисбат дода шудааст.

51). Боб андар фармудаи Аллоҳ таъоло: "Ва номҳои нек барои Аллоҳ аст, пас Ӯро ба он номҳо бихонед". Инро барои ҳушдор додани яктопараст аз илҳоди дар номҳои Аллоҳ ва сифатҳои Ӯ овардааст.

52). Боб андар ин ки ассалому алаллоҳи таъоло гуфта намешавад. Инро барои ҳушдор додани яктопараст аз лафзҳое, ки адаби бо Аллоҳро нафй мекунад, овардааст.

53). Боб андар гуфтани: Эй Аллоҳ, агар бихоҳӣ маро мағфират кун! Инро барои ҳушдор додани яктопараст аз истиснои дар дуояш ва донистани қудрати Аллоҳ овард.

54). Боб ғулом ва канизи худро бандаи ман ва канизи ман намегӯяд. Инро овард, то яктопарастро бар истеъмоли лафзҳои нек огоҳ кунад.

55). Боб касе ба номи Аллоҳ таъоло бипурсад, рад карда намешавад. Ин боб дар баёни ҳоли яктопараст аст, ҳаргоҳ ба номи Аллоҳ пурсида шавад, аз рӯи таъзими Аллоҳ онро иҷобат мекунад.

56). Боб ба ваҷҳи Аллоҳ таъоло ҷуз Ҷаннат чизе пурсида намешавад. Ин бобро барои баёни ҳоли яктопараст аз таъзими Аллоҳ таъоло ва бо камоли адаб бо Ӯ таъоло рафтор кардан, овард.

57). Боб андар он чизе ки дар калимаи "агар" омадааст. Ин бобро барои адаби яктопараст дар истеъмоли сухани нек ва бар шариат ва қадар эътироз накардан, овард.

58). Боб андар наҳй аз дашноми бод. Ин бобро барои роҳнамоии яктопараст ба сӯи сухани нек, ҳаргоҳ чизи нописандеро бинад, овард.

59). Боб андар фармудаи Аллоҳ таъоло: "Онҳо дар бораи Аллоҳ гумони ноҳақ мекарданд (монанди) гумони ҷоҳилият".

Ин бобро барои ҳушдор додани яктопараст аз гумони бад нисбат ба Аллоҳ, ҳамонгуна ки он гумони ҷоҳилият аст овард.

60). Боб андар он чизе ки оиди инкоркунандагони тақдир омадааст. Ин боб барои баёни ҳоли имони яктопараст ба қазову қадар аст.

61). Боб андар он чи ки оиди сураткашон омадааст. Ин бобро овард, то яктопарастро бар хатари гузаштан бар ҷониби парвардигорӣ огоҳ намояд.

62). Боб андар он чи ки оиди бисёр савганд хӯрдан омадааст. Ин бобро овард, то яктопарастро ба ҳифзи имон ва таъзими Аллоҳ дар вақти муомалаи бо мардум, васият намояд.

63). Боб андар он чизе ки дар паймони Аллоҳ омадааст. Ин бобро овард, то яктопараст паймони Аллоҳ ва паймони паёмбараш саллаллоҳу алайҳи ва салламро дар ҳоли шодӣ ва зарар таъзим намояд.

64). Боб андар он чизе ки дар савганд хӯрдани бар Аллоҳ омадааст. Ин бобро овард, то яктопарастро аз гузаштан бар ҷониби парвардигорӣ ба бастани дари раҳмат аз бандагон, ҳушдор диҳад.

65). Боб аз Аллоҳ талаб карда намешавад, ки барои халқаш шафоатгар шавад. Ин бобро овард, то яктопарастро ҳушдор диҳад, ки мартабаи махлуқро болотар аз мартабаи Холиқ қарор надиҳад.

66). Боб андар посбонии Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам аз марзҳои тавҳид ва бастани роҳҳои ширк. Ин бобро овард, то яктопараст аз ҳар қавле, ки ба сӯи ширк мерасонад, дурӣ ҷӯяд.

Даҳум: Хотима (як боб аст)

67). Боб андар фармудаи Аллоҳ таъоло: "Ва Аллоҳро (ба андозаи) ҳаққи шинохтани Ӯ нашинохтанд". Ин бобро овард, то барои яктопараст баён намояд, ки мушриконе, ки Аллоҳро ягона надонистанд, Аллоҳро чуноне ки ҳаққи шинохтани Ӯ нашинохтанд, пас эй яктопараст аз роҳи онҳо ҳазар кун!

Аввал: Пешгуфтор (5 боб аст) китоби тавҳид

Барои чӣ барои ин китоб пешгуфтор зикр накардааст?

1). Аз баъзе нусхабардорон соқит шудааст, пас дар баъзе нусхаҳо бисмиллоҳ ва алҳамду лиллоҳ ва салот бар Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам ҳаст.
2). Ба тарҷума иктифо кард, чаро ки он унвон бар мавзӯи китоб ва он тавҳид аст, мебошад.

3). Ӯ ба имом Бухорӣ раҳимаҳуллоҳ иқтидо кардааст, вақте ки барои китобаш пешгуфтор нанавист ва хост, ки мардумро ба Қуръон ва суннат мутаалликӣ созад.
4). Панҷ боби аввали китоб ба монанди пешгуфтор аст.

Таърифи тавҳид

Дар луғат: Масдари ваҳҳад-аш-шайъ, ҳаргоҳ онро якка шуморад.

Дар шариат: Ягона донистани Аллоҳ ба он чизе ки хосси Ӯст, аз рубубият ва улуҳият ва номҳову сифатҳо.

1). Тавҳиди рубубият: Ягона донистани Аллоҳ таъоло дар офаридан, мулк, ва идора кардан, ё Аллоҳ таъолоро дар феълҳояш ягона донистан аст.

2). Тавҳиди улуҳият (убудият): Аллоҳ таъолоро дар ибодат якка донистан, ё дар феълҳои бандагон.

3). Тавҳиди номҳо ва сифатҳо: Ягона донистани Аллоҳ таъоло ба он чизе ки худашро дар китобаш ё ба забони расулаш саллаллоҳу алайҳи ва саллам номид ва васф кард ва ин ба исботи он чизе ки барои нафсаш исбот кард ва нафй он чизе ки аз нафсаш нафй кардааст, бетаҳриф ва бетаътил ва бекайфият ва бемонандкунӣ аст.

Амалҳо бетавҳид қабул намешавад ва офарида шудем, то ягона бипарастем ва Ҷаннат танҳо яктопараст дохил мешавад ва даъвати анбиё алайҳимус салом ва таҳқиқи он монеъ аз воқеъ шудани дар ширк аст ва он сабаби бисёр шудани некиҳост.

Ибодат ба ду чиз гуфта мешавад:

1).Амалкунанда: Ибодат кардан ба маънои барои Аллоҳ ба иҷрои амрҳояш ва дур шудан аз наҳй-кардаҳояш аз рӯи муҳаббат ва таъзим фурӯтанӣ кардан аст.

2). Амал: Ба он ибодатшуда, пас он: Исми ҷомеъ барои ҳар чизе аз гуфтор ва кирдори зоҳирӣ ва ботинӣ, ки Аллоҳ онро дӯст медорад ва аз он розӣ мешавад, мебошад.
(Сухани Ибни Таймия раҳимаҳуллоҳ).

(1) Боб андар воҷиб будани тавҳид

Муаллиф раҳимаҳуллоҳ барои ин боб, бобгузорӣ накардааст, то мардумро ба Қуръон ва суннат мутааллиқ созад ва далелҳоеро, ки зикр кардааст, бар воҷиб будани тавҳид далолат мекунад, пас мумкин аст, ки онро боб андар воҷиб будани тавҳид ном гузорем.

Далели якум:

Ва фармудаи Аллоҳ таъоло: "Ва ҷинну инсро наофаридам, магар ки Маро бипарастанд".

❁ (Маро бипарастанд): Маро ягона бипарастанд, ё барои Ман аз рӯи адои амрҳо ва тарки ҳаромкардаҳо ба тоат фурӯтанӣ кунанд. (Ҳар ибодате, ки дар Қуръон аст, маънои он тавҳид аст. Ин қавли Ибни Аббос разияллоҳу анҳумо аст).

❁ Маънои оят: Ман ҷинну инсро барои чизе ҷуз ибодат наофаридам.

Далели дуюм:

Ва фармудаи Ӯ: "Ва албатта Мо дар миёни ҳар уммате паёмбаре фиристодем, ки Аллоҳро парастед ва аз тоғут дӯрӣ кунед!".

❁Ин оят бе се таъкидкунанда таъкид карда шудааст: 1). Қасами тақдиршуда. 2). Ва ҳарфи лом. 3). Ва ҳарфи қад.

❁Дар ин оят иҷмоъи расулон алайҳимус салом бар даъват кардани ба сӯи тавҳид аст ва ин ки Аллоҳ таъоло онҳоро ба хотири тавҳид фиристода аст.

Калимаи уммат дар Қуръон бар чор маъно омадааст:

1-Тоифа: **Ҳамонгуна ки дар ин оят омадааст.**

2-Имом: **"Ба ростӣ Иброҳим (ба танҳои) уммате буд, фармонбардори Аллоҳ, холӣ аз инҳироф буд".**

3-Миллат (дину ойин): **"Балки мегӯянд: Мо падарони худро бар ойине ёфтем".**

4-Замон: **"Ва яке аз он ду нафар ки наҷот ёфта буд, баъд аз замоне (Юсуф)-ро ба ёд оварда".**

(Ва аз тоғут дӯрӣ намоед): Яъне аз тоғут дӯр шавед, ба ин тарз ки шумо дар як тараф бошед ва он дар як тараф.

Ва ҷомеътарини таърифе, ки оиди тоғут гуфта шудааст, он чизест, ки Ибни Қайим раҳимаҳуллоҳ зикр карда ки: **(Он чизест, ки банда ба сабаби он аз ҳадаш мегузарад, яъне аз матбӯъ, ё маъбуд, ё мутоъ)** ва муродаш касест, ки ба ин розӣ бошад, аст. 1) Матбӯъ: Монанди коҳинон, ҷодугарон ва олимони бад. 2) Маъбуд: Монанди бутҳо. 3) Ва мутоъ: Монанди амироне, ки аз тоати Аллоҳ хориҷшавандаанд.

Далолати оят бар тавҳид ин аст, ки бутҳо аз ҷумлаи тоғутҳост, ки ба ҷуз Аллоҳ парастида мешавад.

Тавҳид комил намешавад магар ба ду асос, он ду асос нафю исбот аст: Чаро ки нафӣ маҳз соф бекор кардан аст ва исботи маҳз аз шарикӣ манъ намекунад, мисоли ин: Зайд қоим аст, бар собит будани қиём барои Зайд далолат мекунад, локин далолат намекунад, ки танҳо Зайд қоим аст ва (ягон нафар қоим намебошад) ин нафӣ маҳз аст, аммо (касе ҷуз Зайд қоим намебошад), пас ин танҳо барои Зайд қоим буданро исбот мекунад, чаро ки шомили нафю исбот аст.

Ҳикмат аз фиристодани расулон:

1)Барпо кардани ҳуҷҷат: "Паёмбароне ки башоратдиҳанда ва бимдиҳанда буданд, то баъд аз (омадани) ин паёмбарон барои мардум бар Аллоҳ ҳуҷҷате набошад".

2) Раҳмат: "Мо туро нафиристодем магар раҳмат барои оламиён".

3) Баёни роҳи расонанда ба сӯи Аллоҳ.

Далели сеюм:

Ва фармудаи Ӯ: **"Ва Парвардигорат (чунин) дастур дод, ки ҷуз Ӯро напарастед ва ба падару модар некӣ кунед, ҳаргоҳ яке аз он ду, ё ҳар дуи онҳо назди ту ба сини пирӣ расанд, (ҳатто) ба онҳо уф (камтарин калимаи ранҷовар) нагӯ ва бар (сари) онҳо фарёд назан ва бо некӣ бо онҳо сухан бигӯ".**

(Ҷуз Ӯро напарастед): Ин ҳамон тавҳид аст барои нафю исботро дар бар гирифтанаш.

Дастури Аллоҳ ду қисм аст:

1) Дастури шаръӣ:

❁Дар чизҳое ки Аллоҳ дӯст медорад, мебошад.

❁Воқеъ шудан ва нашудан аст, раво мебошад, " **Ва Парвардигорат (чунин) дастур дод, ки ҷуз Ӯро напарастед** " пас қазо ба маънои шаръ намуд ё васият кард, мебошад.

2) Дастури кавнӣ:

❁Дар чизҳое ки Аллоҳ дӯст медорад ва дӯст намедорад, мебошад.

❁Воқеъ шуданаш ҳатмӣ аст, **"Ва ба бани Исроил дар китоб (Таврот) ваҳӣ кардем, ки ду бор дар замин фасод хоҳед кард"** ва фасодро Аллоҳ шаръ нагардондааст ва онро дӯст намедорад.

Чигуна Аллоҳ чизеро ки дӯст намедорад, ба он дастур медиҳад?

Чизе ки ба хотири ғайраш дӯст дошта мешавад, гоҳо худаш нописанд мебошад ва локин ба хотири ҳикмат ва маслиҳате ки дар он аст, дӯст дошта мешавад, пас аз як ҷиҳат маҳбуб ва аз ҷиҳати дигар ғайри маҳбуб мебошад. Мисоли ин: Дар замин фасод кардани бани Исроил дар назди Аллоҳ макрӯҳ мебошад, чаро ки Аллоҳ фасод ва фасодкоронро дӯст намедорад ва локин барои шомил шуданаш ҳикматеро, аз ҷиҳати дигар дар назди Аллоҳ маҳбуб мебошад ва аз ҷумлаи ин қаҳтӣ, хушксолӣ, беморӣ ва фақирӣ мебошад.

Маҳбуб ду қисм мебошад:

1). Ба зоташ маҳбуб мебошад: Ва он Аллоҳ аст.

2).Барои ғайраш маҳбуб аст: Монанди даво, ки барои давогӣ маҳбуб аст.

Бандагӣ ба се қисм тақсим мешавад:

Омма, ин бандагии парвардигорӣ (бандагии қаҳру ғалаба аст) ва ин барои ҳамаи халқ аст, Аллоҳ таъоло фармуд: **"Ҳеҷ чиз дар осмонҳо ва замин нест, магар ин ки ба бандагӣ сӯи (Аллоҳи) Раҳмон биёяд"**. Дар зимни ин кофирон низ дохил мешаванд.

Хосса, ин бандагии тоати омма аст, Аллоҳ таъоло фармуд: **"Ва бандагони (хосси) Раҳмон касоне ҳастанд, ки бо фурӯтанӣ бар замин роҳ мераванд"**. Ин ҳамаи касонеро, ки Аллоҳро тибқи шароъаш мепарастанд, фаро мегирад.

Хоссаи хос, ин бандагии расулон алайҳимус салом аст (ва ин комилтарини ибодат аст), Аллоҳ таъоло фармуд: **"Пурбаракат ва бузургвор аст касе ки Фурқон (Қуръон)-ро бар бандааш нозил кард"**. Чаро ки ягон кас бо расулон дар бандагӣ мусобиқа намекунад.

Далели чорум: Ва фармудаи Аллоҳ: **"Ва Аллоҳро бипарастед ва чизеро бо Ӯ шарик нагардонед"** то охири оят.

(Чизе) номуайян дар равиши наҳӣ омада, пас ҳамаи чизро фаро мегирад, на паёмбар, на малоика ва на валиеро, балки амре аз умури дунёро шарики Аллоҳ магардон, пас дунёро шарик бо Аллоҳ қарор мадеҳ.

Далели панҷум ва шашум: (5) Ва фармудаи Аллоҳ: **"Бигӯ, биёед то он чи Аллоҳ бар шумо ҳаром карда ҳамаро бар шумо бихонам ва он ин ки ҳаргиз ба Аллоҳ чизеро шарик наоред"**. (6) Ибни Масъуд разияллоҳу анҳу гуфт: Касе хоҳад, ки васияти Муҳаммад саллаллоҳу алайҳи ва салламро ки бар он муҳраш аст, назар кунад, пас ин фармудаи Аллоҳ таъолоро бихонад: **"Бигӯ биёед то он чи Аллоҳ бар шумо ҳаром карда ҳамаро бар шумо бихонам, (фармудааст) ки ҳаргиз ба Аллоҳ чизеро шарик наоред"**, то охири оят.

Сирот (роҳ) гуфта мешавад, ба: 1-Аллоҳ, зеро ки ба сӯи Ӯ мерасонад ва зеро ки Ӯ зотест, ки ин роҳро барои бандагонаш гузошта аст. 2-Роҳрави он, чаро ки онҳо ба он роҳ рафтаанд ва роҳи наҷотдиҳанда якто аст, чандто намешавад ва роҳҳои боқӣ парокандакунанда аст.

Тақсим ва танзими қоида барои қавли муфид

Ин оятҳо даҳ васиятро дар бар мегирад

Ояти якум (5 васият):

1-Тавҳиди Аллоҳ таъоло.
2-Ба падару модар некӣ кардан.
3-Фарзандонамонро накушем.
4-Ба фаҳшоҳо наздик нашавем.
5-Одами бегуноҳро накушем, магар ба ҳақ.

Ояти дуюм (4 васият):

6-Моли ятимро нахӯрем ва ятим касест, ки падараш вафот карда ва ба балоғат нарасидааст, магар ба ваҷҳе ки накӯтар бошад.
7-Ҳаргоҳ сухан кунем, адл кунем.
8-Дар паймона ва мизон адл намоем.
9-Ба аҳди Аллоҳ таъоло вафо кунем.

Ояти сеюм (як васият): (10) **"Ва албатта ин роҳи Ман аст"**, дар ҳадис омада, ки Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам як хати рост кашид, пас фармуд: "ин роҳи Аллоҳ аст", сипас аз тарафи рост ва чапи он хатҳо кашид, пас фармуд: "Ин роҳҳост ва дар сари ҳар роҳ шайтон аст, ки ба сӯи он даъват мекунад", сипас оятро қироат кард..

Баъзе фоидаҳои муҳим

Нафсе ки Аллоҳ қатлашро ҳаром гардондааст:

1-Мусалмон.
2-Зиммӣ (кофире, ки дар давлати Исломӣ зиндагӣ мекунад).
3- Ҳамаҳд, (ки дар байни мо ва онон аҳд аст).
4-Талаби амнхоҳ (ба касе ки амон додаем).

(Мо шумо ва ононро ризқ медиҳем), Аллоҳ ба ризқи волидайн шурӯъ кард, зеро ки фақр барои онҳо ҳосил мешавад ва дар сураи Исро (Мо онҳо ва шуморо ризқ медиҳем), ба ризқи авлод пеш аз ризқи волидайн шурӯъ кард, пас онҳо боян, локин аз фақр метарсанд.

(Магар ба ҳақ) он чизе ки шаръ исбот кардааст:

1-Нафс ба нафс. 2-Марди зандида ва беваи зинокор.
3-Тарккунандаи динаш, аз ҷамоат ҷудошаванда.

Ба сини балоғат расидан, ки ба сабаби он таклиф мешавад:
1-Понздаҳ сол пурра шавад.
2-Рӯидани мӯи зери ноф. 3- Ё нозил шудани об(-и мард) ва дар зан хуни ҳайз изофа мешавад.

Васият ба маънои аҳд аст ва аҳд ба маънои васият намебошад, магар ки дар амри муҳим бошад.

Барои чӣ Ибни Масъуд разияллоҳу анҳу гуфт: Ин оят васияти Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам аст ва ҳоло он ки Ӯ саллаллоҳу алайҳи ва саллам васият накардааст?

Зеро назари ӯ ин аст, ки ин оятҳо шомили ҳамаи Дин аст ва ин оятҳои бузург аст.

Зеро ки ин васияти Аллоҳ аст: **"Ин чизе аст, ки Аллоҳ ба шумо васият кардааст"**, ва Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам васияти Аллоҳро расонанда аст.

Далели ҳафтум: Ва аз Муоз ибни Ҷабал разияллоҳу анҳу ривоят аст, ки гуфт: Ман дар радифи Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам бар болои хар будам, пас бароям гуфт: Эй Муоз, оё медонӣ ҳаққи Аллоҳ бар бандагон чист ва ҳаққи бандагон бар Аллоҳ чист? Гуфтам: Аллоҳ ва расулаш донотар аст, фармуд: Ҳаққи Аллоҳ бар бандагон ин аст, ки Ӯро бипарастанд ва бо Ӯ чизеро шарик нагиранд ва ҳаққи бандагон бар Аллоҳ ин аст, ки шахсеро, ки ба Ӯ чизеро шарик нагирифта аст азоб надиҳад. Гуфтам: Эй Расулуллоҳ! Оё мардумро мужда надиҳам? Фармуд: Муждаашон надеҳ, пас ба он такя мекунанд. (Ривояти Бухорӣ ва Муслим)

❁**"Оё медонӣ"**: Суол барои ташвиқ кардан аст, то ин ки қалбаш сахт ҳозир бошад ва ин аз таълими нек аст.

❁**"Ҳаққи бандагон бар Аллоҳ"**: Бандагон бар Аллоҳ чизеро воҷиб намегардонанд, балки Аллоҳ бар худаш аз рӯи фазлаш онро воҷиб гардонда аст.

❁**"Убашшир"**: Башорат- хабар додан ба он чизе ки шод мекунад ва гоҳо дар хабаре ки зарар меорад, гуфта мешавад.

❁**"Ба онҳо мужда надеҳ"**: Яъне ба онҳо хабар надеҳ. ❁ Дар ҳадис фазилати тавҳид аст ва ин ки тавҳид монеъ аз азоби Аллоҳ аст. ❁ Ва дар ҳадис ин аст, ки Аллоҳ касеро ки ба Ӯ чизеро шарик нагирад, азоб намедиҳад ва ин ки маъсиятҳо ба сабаби таҳқиқи тавҳид бахшидашуда аст. Ва Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам аз хабар додани онҳо боз дошт, то ки ба ин мужда беамалӣ кардани талаботи он такя накунанд, зеро амалӣ кардани тавҳид дурӣ аз маъсиятҳоро лозим мегардонад, чаро ки маъсиятҳо аз ҳавову ҳавас сар мезанад ва ин аз навъи ширк аст.

Дар ин чанд масъала аст: (Ин масъалаҳо аз китоби тавҳид нест, муаллиф онро монанди шарҳ барои китобаш навистааст ва ӯ беҳтарин касест, ки онро шарҳ медиҳад, чаро ки ӯ ба мақсадаш донотар аст, пас ба он аҳамият додан, шоиста мебошад).

Якум: Ҳикмати офариниши ҷинну инс (тавҳид аст, на ин ки ба хӯрданиҳо ва никоҳҳо лаззат баранд).

Дуюм: Албатта ибодат ҳамон тавҳид аст, зеро дар мавриди он хусумат аст. (Яъне дар байни Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам ва қурайш хусумат дар тавҳид буд, пас ҳар ибодате, ки бар тавҳид бино нашавад, пас он ботил аст).

Сеюм: Албатта касе ки тавҳидро иҷро накунад, Аллоҳро напарастида аст, пас дар ин маъно фармудаи Ӯст: "Ва на шумо ибодат мекунед он чиро ки ман ибодат мекунам" сураи Кофирун, ояти: 3.

Чорум: Ҳикмати фиристодани расулон (ибодати Аллоҳи ягона ва аз ибодати тоғутҳо дӯрӣ ҷустан аст).

Панҷум: Албатта рисолат ҳамаи уммат (тоифа)-ро дарбар гирифта аст.

Шашум: Дини анбиё як аст (асли дин як аст ва шариати амалӣ ба ихтилофи умматҳо ва маконҳо ва замонҳо мухталиф мешавад).

Ҳафтум: Масъалаи бузург, ин ки ибодати Аллоҳ ҳосил намешавад, магар ба кофир шудани ба тоғут, пас дар ин маврид гуфтаи Ӯст: "Пас касе, ки ба тоғут кофир шавад" то охири оят. (Инро бузург гардонд, зеро бисёриҳо намедонанд ва гуфтани ширк ё куфр ё лаън бар касе ки чизе аз ин амалҳоро кард, ҷоиз намебошад, зеро ба ин ҳукм дар ин масъала ва ғайраш ҳукм кардан асбоб ва монеаҳо дорад).

Ҳаштум: Тоғут ҳамаи он чизеро, ки ба ҷуз Аллоҳ парастида мешавад, шомил аст.

Нуҳум: Бузург будани се ояти муҳками сураи Анъом дар назди салаф ва дар онҳо даҳ масъала аст. Якумаш: Аз ширк боз доштан аст.

Даҳум: Оятҳои муҳкам дар сураи Исро. Дар он ҳаждаҳ масъала аст. Аллоҳ он масъалаҳоро ба гуфтааш ибтидо кард: "Бо Аллоҳ илоҳи дигареро шарик қарор мадеҳ, пас мазамматшудаву хор хоҳи нишаст". Сураи Исро, ояти: 22 ва ба гуфтааш хатм намуд: "Ва ҳаргиз бо Аллоҳ касеро ба худои мапараст вагарна маломатзада ва мардуд ба Дӯзах партофта хоҳӣ шуд" сураи Исро, ояти: 39. Ва Аллоҳ субҳонаҳу моро бар бузург будани шаъни ин масъалаҳо ба гуфтааш огоҳ кардааст: "Инҳо баъзе аз ҳикматҳост, ки Парвардигорат ба ту ваҳӣ кард". Сураи Исро, ояти: 39.

Ёздаҳум: Ояти сураи Нисо, ки онро ояти даҳ ҳуқуқ гуфта мешавад, Аллоҳ таъоло инро ба гуфтааш ибтидо кардааст: "Ва шумо Аллоҳро бипарастед ва бо Ӯ чизеро шарик нагардонед". (Пас ҳақтарини ҳуқуқҳо ҳаққи Аллоҳ таъоло аст).

Дувоздаҳум: Танбеҳ бар васияти Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам дар вақти вафоташ (ва локин Ӯ дар ҳақиқат ба он васият накардааст, балки ишора кард ба ин ки ҳаргоҳ мо ба китоби Аллоҳ чанг бизанем, ҳаргиз гумроҳ намешавем).

Сездаҳум: Маърифати ҳаққи Аллоҳ бар болои мо (ба ин ки Ӯро ибодат кунем ва ба Ӯ чизеро шарик нагардонем).
Чордаҳум: Маърифати ҳаққи бандагон бар Аллоҳ, ҳаргоҳ ки ҳаққи Ӯро бачо оранд (яъне ҳаққе ки Аллоҳ бар фазлаш бар худаш воҷиб гардондааст).
Понздаҳум: Ин масъаларо бештари саҳобагон намедонистанд. (Инро Муоз аз рӯи тарси китмони илм пеш аз вафоташ хабар дод, баъде ки бисёри саҳобагон фавтида буданд ва Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам метарсид, ки ба ин такя мекунанд ва китмони онро мутлақо намехост, чаро ки агар инро мехост онро ба Муоз хабар намедод ва на ғайри ӯро).
Шонздаҳум: Ҷоиз будани китмони илм аз рӯи маслиҳат (ин мутлақ нест).
Ҳабдаҳум: Мустаҳаб будани мужда додани мусалмон ба он чизе ки ӯро шод мекунад. (Ин аз беҳтарин фоидаҳо аст).
Ҳаждаҳум: Тарсидан аз такя кардан бар васеъии раҳмати Аллоҳ. (Ва ноумед шудан инчунин аст).
Нуздаҳум: Қавли пурсидашуда аз он чизе ки намедонад: Аллоҳ ва расулаш донотар аст. (Дар ҳаёти Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам ва дар умури шаръие, ки онро Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам медонад, гуфта мешавад).
Бистум: Ҷоиз аст, ки хос баъзеро таълим диҳӣ.
Бистуякум: Тавозӯъи Ӯ саллаллоҳу алайҳи ва саллам барои дар хар бо радиф савор шудан.
Бистудуюм: Бо радиф савор шудан бар чорпо (ҳайвон) ҷоиз аст, (ба шарте ки бар он машаққат наорад).
Бистусеюм: Бузург будани шаъни ин масъала.
Бистучорум: Фазилати Муоз разияллоҳу анҳу.

Боб дар баёни фазли тавҳид ва баёни ин ки тавҳид гуноҳҳоро тоза мекунад

Инро муаллиф барои ташвиқ кардан зикр кардааст, ба хилофи чизе ки шайтон дар нафсҳо воқеъ мекунад ва аз собит будани фазл барои чизе воҷиб набудани он лозим намеояд, балки фазл аз натиҷаҳо ва осори он аст, монанди намози ҷамоат.

Далели аввал: Ва фармудаи Аллоҳ таъоло: "Касоне ки имон оварданд ва имони худро ба зулм (ширк) омехта накарданд эмини аз они онҳост ва онҳо ҳидоятшудагонанд".

❁(Омехта накарданд): Наомехтан. (Ба зулм): Зулм инҷо дар муқобили имон аст ва он ширк аст.
❁(Онҳо ҳидоятшудагонанд) дар дунё ба сӯи шаръи Аллоҳ ба илму амал ва дар охират ба сӯи Ҷаннат.
❁Аз фазилатҳои имон қарор гирифтани амн дар дунё ва охират аст.

Далели дуюм ва сеюм:

2) Аз Убода ибни Сомит ривоят аст, ки гуфт: Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд: "Касе ки гувоҳи диҳад бар ин ки маъбуди барҳаққе ҷуз Аллоҳи ягона нест ва шарик надорад ва ҳароина Муҳаммад банда ва паёмбари Ӯст ва ба таҳқиқ Исо банда бандаи Аллоҳ ва расули Ӯст ва калимаи Ӯст, ки онро ба сӯи Марям фиристод ва рӯҳест аз тарафи Аллоҳ ва Ҷаннат ва Дӯзах ҳақ аст, Аллоҳ ӯро бар ҳар амале, ки дорад дохили Ҷаннат мекунад". (Ривояти Бухорӣ ва Муслим)
3) Ва Бухорию Муслим аз Итбон ривоят карданд: Албатта Аллоҳ шахсеро, ки ло илоҳа иллаллоҳ мегӯяд, дар ҳоле ки ба ин гуфтааш ризои Аллоҳро қасд дорад, бар Дӯзах ҳаром гардонида аст.

❁ **(Шаҳида):** Шаҳодат: Ба забон эътироф кардан ва ба қалб эътиқод кардан ва ба аъзои бадан амал кардан аст.
❁ **(Ло илоҳа иллаллоҳ):** Маъбуде ба ҷуз Аллоҳ шоистаи парастидан намебошад.
❁ **(Ваҳдаҳу-ягона аст)** таъкид барои исбот аст, **(Ӯро шарике нест)** таъкид барои нафй дар ҳар он чизе ки махсуси Ӯст, мебошад.

❁**(Ва ин ки Муҳаммад)** ибни Абдуллоҳ ибни Абдулмутталиби Қурайшии Ҳошимӣ хатмкунандаи паёмбарон аст.
❁**(Бандаи Ӯст):** Яъне 1) Шарике бо Аллоҳ нест, 2) обидтарини халқ аст.
❁**(Ва расули Ӯст):** Яъне фиристодашуда ба он чизе ки ба сӯи Ӯ ваҳй шудааст, пас бар Аллоҳ дурӯғ намегӯяд. Ва таҳқиқи ин шаҳодатро 1) анҷоми маъсиятҳо, 2) дар Дин чизе овардан, ки аз он нест, нақз мекунад.
❁ Имкон дорад, ки маъсиятҳоро ба маънои умумӣ аз ҷумлаи ширк эътибор кунем ва ба маънои хос тақсим мешавад ба: 1) Ширки акбар. 2) Ширки асғар. 3) Маъсияти бузург. 4) Маъсияти хурд.
❁**(Исо бандаи Аллоҳ аст)** рад бар насоро аст, **(ва расули Ӯст)** рад бар яҳуд аст, ба рисолати Ӯ имон меорем ва ҳаргоҳ шариати Ӯ бо шариати мо мухолиф ояд, бар мо пайравии он лозим намеояд. Ва шариати пеш аз мо чанд ҳолат дорад:
1). Мухолифи шариати мо бошад, пас амал бар шариати мост.
2). Мувофиқи шариати мо бошад, пас мо пайравии шариатамонро мекунем.
3). Аз он шариати мо сукут карда бошад, пас он барои мо шариат аст.
❁Мардум дар шаъни Исо алайҳис салом ба ду тараф ва миёна тақсим шуданд:
1).**Ҷафокор:** Монанди яҳуд, ки ӯро дурӯғгӯ карданд ва дар ҳаққи ӯ ва модараш таъна заданд ва паёмбарии Ӯро инкор карданд ва ба қатли ӯ ҳукм карданд.
2).**Ғулот:** Монанди насоро, ки гуфтанд: Ӯ писари Аллоҳ ва сеюми сето аст ва ӯро илоҳ қарор доданд.
3).**Миёнарав:** Гувоҳӣ медиҳем, ки Ӯ бандаи Аллоҳ ва расули Ӯст ва модараш сиддиқа аст ва ин ки ӯ духтари шавҳарнокардаи покдоман буд ва қиссаи ӯ дар назди Аллоҳ монанди қиссаи Одам аст, ӯро аз хок офарид сипас барояш гуфт: Пайдо шав, пас пайдо шуд.
❁**(Калимаи Ӯст):** Чаро ки ӯ ба калима офарида шуд ва Исо калимаи Аллоҳ нест, пас калом сифати Аллоҳ аст.

❁**(Рӯҳе аз Ӯст):** Халқе аз махлуқоти Аллоҳ аст, ба сӯи Аллоҳ таъоло аз рӯи бузург доштан ва эҳтиром равона карда мешавад.

❁**(Аллоҳ ӯро дохили Ҷаннат мекунад):** Дохил кардани Ҷаннат ду қисм аст:

1).Беазоб комилан дохил кардан, барои касе ки амалро комил кардааст.

2).Дохил кардани ноқис, ки азоб дода мешавад, барои касе ки амалро бо камбудӣ анҷом додааст.

❁**(Гуфт: Ло илоҳа иллаллоҳ):** Ба шарти ихлос, ба далели: **(Ба ин гуфтааш ризои Аллоҳро қасд дорад)**.

❁**Дар ин ҳадис рад бар ду тоифа аст:**

1). **Мурҷиа**, ки ба гуфтани "ло илоҳа иллаллоҳ" беамалу ихлос иктифо мекунанд.

2). **Хаворич**, ки мегӯянд: Соҳиби гуноҳи кабира кофиру дар оташи Дӯзах ҳамеша мемонад.

Тақсим ва танзими қоида барои қавли муфид

Он чизеро ки Аллоҳ таъоло ба сӯи худаш равона мекунад:

Изофаи чизҳое, ки ба худашон қоим ҳастан ва чизе ки ба ин айнҳо пайваст ҳастанд, махлуқанд (шутури Аллоҳ), ин аз боби изофа кардани махлуқ ба сӯи Холиқаш аст, пас ҳар чизе ки ба зоташ қоим асту аз Аллоҳ ҷудост, махлуқ аст.

Изофаи сифатҳое, ки ба чизи махлуқ изофа намешавад (он чизеро, ки Ман ба дастонам офаридам), ин аз боби изофаи сифат ба сӯи мавсуф аст.

Изофаи умумӣ: Аллоҳ таъоло фармуд: "Албатта замини Ман васеъ аст".

Изофаи бузург доштан: Аллоҳ таъоло фармуд: "Ва рӯҳест аз ҷониби Ман".

Далели чорум: Ва аз Абӯсаъиди Худрӣ разияллоҳу анҳу ривоят аст, ки Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд: Мусо алайҳис салом гуфт: Эй Парвардигори ман, ба ман чизе таълим бидеҳ, ки Туро ба он зикр ва дуо кунам! Аллоҳ фармуд: Эй Мусо ло илоҳа иллаллоҳ бигӯ! Мусо гуфт: Ҳамаи бандагонат инро мегӯянд. Аллоҳ гуфт: Эй Мусо агар ҳафт осмон ва ободдорандагони онҳо ҷуз Ман ва ҳафт замин дар як палаи тарозу гузошта шавад ва ло илоҳа иллаллоҳ дар палаи дигар, ҳароина палаи ло илоҳа иллаллоҳ гарон мебошад. (Ривояти Ибни Ҳиббон ва Ҳоким ва онро Ҳоким ҳадиси саҳеҳ шуморида аст).

Далели панҷум: Ва Тирмизӣ ҳадисеро аз Анас ривоят карда ва онро ҳасан мегӯяд. Анас разияллоҳу анҳу мегӯяд: Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва салламро шунидам, ки мефармояд: Аллоҳ таъоло мефармояд: Эй фарзанди Одам, аз ин ки агар Маро ба пурии замин аз гуноҳон мулоқот кунӣ, дар ҳоле ки бо Ман ширк наовардай, Ман бо пурии замин аз мағфирату бахшиш пеш меоям ва туро меомурзам!.

(Ло илоҳа иллаллоҳ): Ин ҷумла зикрест, ки шомили дуо аст, зеро зикркун мехоҳад, ки Аллоҳ аз ӯ розӣ бошад, локин касе ба калиде биёяд, ки дандона надорад, барояш дар кушода намешавад ва шартҳои он ҳамон дандонаҳо аст.

(Бо пурии замин аз мағфират): Некии тавҳид бузург аст, ки хатоҳои калонро тоза мекунад, ҳаргоҳ бо Аллоҳ вохӯрад, дар ҳоле ки бо Ӯ чизеро шарик нагардонда аст ва мағфират пӯшондани гуноҳ ва аз он гузаштан аст.

Масъалаҳо:

Якум: Васеъии фазли Аллоҳ. **Дуввум:** Зиёд будани савоби тавҳид дар назди Аллоҳ. **Сеюм:** Бо вуҷуди ин гуноҳҳоро тоза месозад.

Чорум: Тафсири ояте, ки дар сураи Анъом аст, (Касоне ки имон оварданд ва имони худро ба ширк олуда накарданд).

Панҷум: Андешидан дар панҷ чизе ки дар ҳадиси Убода аст.

Шашум: Албатта ту ҳаргоҳ байни он ва ҳадиси Итбон ва баъди он ҷамъ намой, бароят маънои қавли ло илоҳа иллаллоҳ маълум мешавад ва низ хатои мағруршудагон маълум мешавад. (Чаро ки ба он қасди ризогии Аллоҳро доштан ҳатмӣ аст ва ҳаргоҳ инчунин бошад, пас ҳатман ӯро бар иҷрои амали нек водор месозад).

Ҳафтум: Танбеҳ ба шарте, ки дар ҳадиси Итбон аст. (Фақат ба забон гуфтан кофӣ намебошад).

Ҳаштум: Анбиё барои огоҳӣ додан бар фазли ло илоҳа иллаллоҳ эҳтиёҷ доранд, (пас ғайри анбиё ба таври авло эҳтиёҷ доранд).

Нуҳум: Танбеҳ ба роҷеҳ будани он ба ҳамаи махлуқот, бо вуҷуди ин ки бисёри касоне ки онро мегӯянд, тарозуяшон сабук мешавад. (Пас бало аз ҷониби гӯянда аст на аз қавл, барои халал доштани шарте ё вуҷуди монеъае).

Даҳум: Далел бар ин ки ҳафт замин монанди осмонҳост, (монанди дар адад аст).

Ёздаҳум: Дар онҳо (яъне осмонҳо) зиндагӣ мекардагиҳост (яъне малои-каҳост).

Дувоздаҳум: Исботи сифатҳо бар хилофи Ашъариҳо (ва муаттила, пас дар он исботи сифати ваҷҳ аст).

Сездаҳум: Ҳаргоҳ ҳадиси Анасро донистӣ, медонӣ, ки гуфтааш дар ҳадиси Итбон : "Пас албатта Аллоҳ бар оташи Дӯзах шахсеро, ки ло илоҳа иллаллоҳ мегӯяд, ҳаром гардонидааст" ин ки он тарки ширк аст, на фақат ба забон гуфтани он.

Чордаҳум: Андешидани ҷамъи байни будани Исо алайҳис салом ва Муҳаммад саллаллоҳу алайҳи ва саллам, ки ҳар ду бандаҳои Аллоҳ ва расулони Ӯянд.

Понздаҳум: Маърифати ихтисоси Исо алайҳис салом ба калиматуллоҳ буданаш (ва ин ки ӯ бепадар офарида шудааст).

Шонздаҳум: Маърифати рӯҳе аз ҷониби Ӯ буданаш (рӯҳе аз рӯҳҳои офаридашуда аст).

Ҳабдаҳум: Маърифати фазли имон ба Ҷаннат ва оташи Дӯзах (ва ин ки он аз асбоби дохил шудани Ҷаннат аст).

Ҳаждаҳум: Маърифати гуфтааш: "Ба ҳар амале ки бошад".

Нуздаҳум: Донистани ин ки тарозу ду пала дорад.

Бистум: Донистани зикри ваҷҳ "рӯ" (ва он сифате аз сифатҳои Аллоҳ аст).

(3) Боб андар касе ки тавҳидро дар ҳаёт татбиқ кунад, беҳисоб дохили Ҷаннат мешавад

Ин бобро зикр кард, то ки мо тавҳидеро, ки бар мо воҷиб аст татбиқ намоем ва моро ба сӯи он ташвиқ намуд ва таҳқиқи он, холис сохтани он аз ширк, бидъат ва маъсиятҳо мебошад. Ва ин ба илм, эътиқод ва сар фурӯ овардан мебошад. Ва таҳқиқи тавҳид дар назди муаллиф раҳимаҳуллоҳ ба хондани боб ба таври муфассал ва муҷмал ва ба умури зерин мебошад:

1). Иқтидо кардан ба паёмбари Аллоҳ Иброҳим алайҳис салом. 2). Ба сайидҳои авлиё (саҳобагон) иқтидо кардан. 3). Бар тавҳид боқӣ мондан ва агарчи ба танҳоият бошӣ. 4). Таваккул кардан ва руқия, доғ ва ба паранда фол заданро тарк кардан.

Далели аввал: "Албатта Иброҳим уммати фармонбардор ва яктопараст буд ва аз ҷумлаи мушрикон набуд".

Дар ин оят сано бар сайиди мо Иброҳим алайҳис салом аст, пас бар мо дӯст доштани Ӯ ва ба Ӯ иқтидо кардан воҷиб аст, пас боз барои мо сано аст ба қадре ки ба Ӯ иқтидо мекунем. Ин ба хотири он аст, ки Ӯ тавҳидро ба шаш умуре, ки дар оят зикр шудааст, таҳқиқ намуд:

1). (Уммат): Имоме, ки ба Ӯ дар амалҳо, феълҳо ва ҷиҳодаш бо эътимод кардан бар Аллоҳ иқтидо карда мешавад.

2). (Қонит): Ҳамеша тоаткун, дар тоат ба ҳар ҳол идомадиҳанда, пас ӯ мутеъ, устувор, идомадиҳанда аст.

3). (Барои Аллоҳ): Бар ихлос далолат кард.

4). (Ҳаниф): Ба сӯи Аллоҳ рӯ оранда, аз ширк рӯ гардонанда, аз ҳар он чизе ки тоатро мухолифат мекунад, иҷтинобкунанда мебошад.

5). (Ва аз ҷумлаи мушрикон набуд): Аз ширк ва аҳли он (ба қалб, забон ва аъзои бадан) безорӣ ҷустан.

6). (Шукргузори неъматҳои Ӯ буд): Зеро ки неъмат ибтило аст ва ба шукр эҳтиёҷ дорад.

Фоидаҳо:

1). Озар падари Иброҳим алайҳис салом бар куфр фавтид, **(Чун барои ӯ "Иброҳим" ошкор шуд, ки ӯ душмани Аллоҳ аст, аз ӯ безорӣ ҷуст)**.

2). Падару модари Нуҳ алайҳис салом мӯъмин буданд, **(Парвардигоро ман ва падару модарамро мағфират кун)**.

3). Имом Аҳмад гуфт: Се чиз асл надорад: Корҳои ҷанговарон ва куштор-гоҳҳо ва тафсир, пас ғолибан инҳо бесанад зикр карда мешаванд, пас ягон кас аз умматҳои пешин чизеро намедонад, магар аз тариқи ваҳй аз каломи Аллоҳ таъоло ва суннати Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам.

Далели дуюм:
Ва фармуд: (Ва онҳое, ки ба Парвардигорашон ширк намеоранд).

(Ширк намеоранд): Ширк ба маънои умумитар аст, чаро ки тавҳид мутаҳаққиқ намешавад, магар ба парҳез кардан аз ширк ба маънои умумитари он ва локин маънои ин он нест, ки аз онон маъсият сар намезанад, чаро ки ҳамаи фарзанди Одам хатокор аст ва пок нест ва локин ҳаргоҳ исён кунанд, пас онон тавба мекунанд ва бар он идома намедиҳанд.

Далели сеюм:

Ва аз Ҳусайн ибни Абдурраҳмон ривоят аст, ки гуфт: Дар назди Саъид ибни Ҷубайр будам, пас гуфт: Кадоми шумо дишаб афтодани ситораро дид? Гуфтам: Ман. Сипас гуфтам: Аммо ман дар намоз набудам, вале маро неш зада шуд. Гуфт: Пас чӣ кор кардӣ? Гуфтам: Дам (руқия) хондам. Гуфт: Чӣ туро водор ба ин кор кард? Гуфтам: Ҳадисе, ки ба мо Шаъбӣ ривоят кард. Гуфт: Чӣ ба шумо ривоят кард? Гуфтам: Аз Бурайда ибни Ҳусайб ривоят кард, ки ӯ гуфт: Руқия танҳо аз чашм ва таб аст. Гуфт: Ба таҳқиқ нек аст, ки шахс ба шунавидагиаш амал кунад, вале ибни Аббос разияллоҳу анҳу аз Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам ривоят кард, ки Ӯ фармуд: Умматҳо бароям (дар хоб) арз карда шуд, дидам, ки паёмбар мегузарад ва бо вай як нафар аст ва паёмбаре мегузарад, ки бо вай ду нафар аст ва ӯро мутобиат мекунанд. Ва паёмбари дигаре, ки бо вай як гурӯҳ аст ва паёмбари дигареро дидам, ки ҳеҷ кас бо вай нест. Пас сиёҳии бузургеро дидам, ки офоқро пур карда буд, умед кардам, ки ин уммати ман бошад. Пас гуфта шуд: Ин Мусо ва қавми Ӯст. Сипас нигоҳ кардам, инҳангом сиёҳии бузургеро дидам. Пас бароям гуфта шуд: Инҳо уммати туянд ва ҳамроҳи онон ҳафтод ҳазор нафар аст, ки беҳисобу беазоб Ҷаннат медароянд.

Сипас бархосту дохили манзилаш шуд. Пас мардум дар кӣ будани онон баҳс намуданд, пас баъзеашон гуфтанд: Шояд онон ҳамсуҳбатони Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам бошанд.

Ва баъзеашон гуфтанд: Шояд касоне бошанд, ки дар замони Ислом ба дунё омада ба Аллоҳ чизеро шарик нагардондаанд ва чизҳоеро зикр карданд, пас Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам аз манзилаш берун омад, Ӯро аз ин амр хабар доданд, пас фармуд: «Онон касонеанд, ки талаби руқия намекунанд ва худро доғ намекунанд ва фоли бад намезананд ва ба Парвардигорашон таваккул мекунанд». Укоша ибни Миҳсан қоим шуда гуфт: Аллоҳро дуо кун, ки ман аз ҷумлаи онон бошам, фармуд: Ту аз онон ҳастӣ. Сипас марди дигаре қоим шуда гуфт: Аллоҳро дуо кун, ки маро низ аз ҷумлаи онҳо бигардонад. Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд: «Укоша бар ту пеш кард».

(Инқазза): Афтод, (иртақайту): Талаби руқия кардам, (чашм): Назари ҳасадхӯр.

(Чӣ туро водор ба ин кор кард?): Дар ин ҷоиз будани талаби ҳуҷҷат ё далел аст, локин боадабона.
(Руқия танҳо аз чашм ва таб аст): Яъне илоҷу давое дар ҳасад ва неш задани заҳрдорон аз руқияи шаръӣ ба шартҳояш дида фоидаовардатар нест, руқия дар ғайри ин ду низ собит аст.
(Ҳума): Неш задани ҳар соҳиби заҳр аст ва аммо ҳумма: Баланд шудани ҳарорати ҷисм аст.
(Раҳт): Аз се то нуҳ аст.
(Талаби руқия намекунанд): Аз касе талаб намекунанд, ки бар онҳо дуо хонад, барои умури зерин:
1). Қуввати эътимодашон бар Аллоҳ.
2). Иззати нафсҳояшон аз хор шудани барои ғайри Аллоҳ.
3). Дар ин тааллуқ барои ғайри Аллоҳ аст.
❁ Ривояти (Руқия намехонад): Хато аст, ҳамчуноне ки Шайхи Ислом гуфт, зеро ки Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам руқия мехонд ва Ӯро Ҷибраил ва Оиша руқия хондан ва инчунин саҳобагон руқия мехонданд.
❁ Қисмҳои мардум дар талаби руқия:
1). Аз касе талаб кунад, ки ӯро руқия хонад ва аз ин камол фавт шуд (аз ҳафтод ҳазор хориҷ шуд).
2). Касе ки ӯро руқия мехонад, манъ накунад ва инро камол фавт намешавад, чаро ки ӯ талаби руқия накардааст.
3). Касе ки ӯро руқия мехонад, манъ кунад, ин хилофи суннат аст, зеро Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам Оишаро аз руқия хондан манъ накард.
(Ва доғ наземонанд): Аз ягон кас талаб намекунанд, ки онҳоро доғ монад.
(Ва фоли бад намезананд): Татайюр ба чизи дидашуда, ё шунидашуда ё маълум аз рӯи макон ва замон фолӣ бад задан аст ва ҳукми он: Ширки асғар аст.
❁ Ғайри ин се чиз аз беҳисобу беазоб дохил шудани Ҷаннат манъ намекунад, барои ҳуҷҷатҳое ки ба муолиҷа кардан амр карда ва бар баъзе давоҳо сано гуфтааст, монанди асал ва сияҳдона.

Анвоъи уммат

Уммати иҷобат: ки Аллоҳ таъоло ва Расул саллаллоҳу алайҳи ва салламро иҷобат карданд.

Уммати даъват: Шомили касест ки Аллоҳ ва Расул саллаллоҳу алайҳи ва салламро иҷобат кард ва касе ки иҷобат накард (яъне аз кофирон).

Масъалаҳо:

Якум: Маърифати мартабаҳои мардум дар тавҳид.

Дуюм: Маънои таҳқиқи тавҳид чист? (Холис сохтани он аз ширк, бидъатҳо ва маъсиятҳо мебошад).

Сеюм: Таъриф кардани Ӯ субҳонаҳу Иброҳимро барои аз мушрикон набуданаш.

Чорум: Таърифи ӯ бар авлиёи содот барои аз ширк саломат монданаш.

Панҷум: Тарк кардани руқия ва доғ аз таҳқиқи тавҳид аст (талаби руқия ва доғ кардан).

Шашум: Ҷамъкунандаи ин хислатҳо ҳамон таваккул аст (ба ҳайсе ки аз рӯи қуввати таваккул тарк кард).

Ҳафтум: Амиқ будани илми саҳоба, ба маърифати онон ин ки инро ба даст наовардаанд, магар ба амал (-и холис) кардан.

Ҳаштум: Ҳарис буданашон бар кори хайр (чаро ки онҳо хостанд ба натиҷае бирасанд, то ба он амал намоянд).

Нуҳум: Фазилати ин уммат ба миқдор (адад) ва кайфият (амал).

Даҳум: Фазилати ёрони (пайравони) Мусо алайҳис салом.

Ёздаҳум: Арз намудани уммatҳо бар Ӯ саллаллоҳу алайҳи ва саллам 1) аз барои тасаллои Ӯ, 2) ва баёни фазилат ва шарафи Ӯ.

Дувоздаҳум: Албатта ҳар уммат бо паёмбараш ҳашр мешавад.

Сездаҳум: Кам будани шахсоне ки анбиёро пазируфтанд.

Чордаҳум: Паёмбареро, ки ҳеҷ кас қабул накард, ба танҳоияш меояд.

Понздаҳум: Натиҷаи ин илм, он аст, ки 1) ба бисёрӣ мағрур нашудан (пас бо онҳо ҳалок шавем) ва дар камӣ зуҳд накардан (гоҳо камӣ аз бисёрӣ беҳтар аст).

Шонздаҳум: Руқия (-и шаръӣ) хондан аз осеби чашм ва таб (ва ғайри ин ду) рухсат аст.

Ҳабдаҳум: Умқи илми салаф, аз рӯи гуфтааш: "Ба таҳқиқ нек аст, ки инсон ба шунидагиаш амал кунад, вале инчунин ва инчунин". Пас дониста шуд, ки ҳадиси аввал ҳадиси дуюмро мухолифат намекунад.

Ҳаждаҳум: Дурии салаф аз таърифи инсон ба он чизе, ки дар вай нест.

Нуздаҳум: Фармудааш "ту аз онон ҳастӣ" нишонае аз нишонаҳои паёмбарӣ мебошад.

Бистум: Фазилати Укоша разияллоҳу анҳу (аз ҷумлаи касоне буданаш, ки беҳисобу азоб дохили Ҷаннат мешаванд).

Бистуякум: Истифодаи сухане, ки сареҳ нест (1. Барои мунофиқ буданаш 2. Ва ё барои тарси кушода шудани ин боб буд, пас ин мартабаро касе мепурсад, ки аз аҳли он намебошад).

Бистудуюм: Некрафтории Ӯ саллаллоҳу алайҳи ва саллам.

(4) Боб андар тарсидан аз ширк

Барои чӣ муаллиф ин бобро баъди боби таҳқиқ тавҳид овард?

Чаро ки ҳар бобе, ки баъди таҳқиқи тавҳид аст, он аз таҳқиқ тавҳид мебошад, пас аз таҳқиқи тавҳид тарсидан аз ширк аст ва аз таҳқиқи он ба сӯи он даъват кардан аст ва инчунин то охири китоб.

Зеро инсон гумон мекунад, ки тавҳидро таҳқиқ кардааст ва ҳоло он ки ӯ таҳқиқ накардааст, пас ба худаш мағрур нашавад.

Далели якум ва дуюм:

1). Ва фармудаи Аллоҳ таъоло: (Албатта Аллоҳ ҳар касро, ки бо Ӯ ширк орад нахоҳад бахшид ва ба ғайри ширк ҳар киро хоҳад, мебахшад).

2). Ва Халил алайҳис салом фармуд: (Ва Ман ва фарзандонамро аз парастиши бутон дур дор).

Чигуна аз ширк метарсем?

- Омӯхтани тавҳид ва ба он амал кардан ва ба сӯи он даъват кардан ва сабр кардан.
- Омӯхтани ширк ва донистани асбоб ва даъваткунандаҳои он ва ин барои аз он парҳез кардан мебошад.
- Дуо кардан ва ёрӣ хостан аз Аллоҳ таъоло.
- Аз ширк ва аҳли он безорӣ ҷустан ва аз онон дур шудан, то аз онон нагардад.

❁Ҳаргоҳ инсон бар ширк бимирад, Аллоҳ ҳаргиз ӯро намебахшад, зеро ки он бар ҳаққи хосси Аллоҳ ҷиноят кардан аст ва он тавҳид аст, пас касе бар ширки акбар бимирад, пас ӯ ҳамешаву абадӣ дар оташ аст ва гар бар ширки асғар бимирад, пас ба қадри ширкаш азоб дода мешавад, сипас дохили Ҷаннат мешавад ва дар Дӯзах абадӣ намемонад, зеро ки ӯ аз аҳли имон аст.

❁(Ва маро дур бигардон): Маро дар як тараф ва бутпарастонро дар дигар тараф қарор деҳ, то дур шавад.

(Асном): Санам чизест, ки бар сурати инсон ё ғайраш гардонда мешаваду ҷуз Аллоҳ парастида мешавад, аммо васан чизест, ки ҷуз Аллоҳ парастида мешавад, бар кадом ваҷҳе ки бошад, пас васан аз санам омтар аст.
Иброҳим алайҳис салом бар нафсаш метарсад ва ӯ халили Раҳмон ва имоми яктопарастон аст, пас инҳангом нисбат ба мо чӣ фикр дорӣ?! Пас аз ширк эмин машав ва аз нифоқ эмин машав, чаро ки аз нифоқ ҷуз мунофиқ эмин намешавад.

Далели сеюм то панҷум:

3). Ва дар ҳадис омада аст: ***(Сахтарин чизе ки бар шумо метарсам ширки хурд аст. Аз он пурсида шуд? Пас фармуд: Риё "худнамой" аст).***

4). Ва аз Ибни Масъуд разияллоҳу анҳу ривоят аст, ки Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд: ***(Касе бимирад, дар ҳоле ки ғайри Аллоҳро бипарастад, дохили Дӯзах мешавад)***. (Ривояти Бухорӣ).

5). Ва дар Муслим аз Ҷобир разияллоҳу анҳу ривоят омада аст, ки Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд: ***(Касе бо Аллоҳ мулоқот кунад, дар ҳоле ки бо Ӯ чизеро шарик насохтааст дохили Ҷаннат мешавад ва касе Ӯро мулоқот кунад, дар ҳоле ки бо Ӯ чизеро шарик овардааст дохили Дӯзах мешавад).***

Риё ин аст, ки Аллоҳро ибодат кунад, то мардум ӯро бубинад ё дар бораи ӯ бишнавад, пас барои обид буданаш ӯро таъриф кунанд ва намехоҳад, ки ибодаташ барои мардум бошад. Ва аммо ҳаргоҳ ба ибодаташ қасд дошта бошад, ки мардум ба ӯ иқтидо кунанд, пас ин риё нест, балки ин аз даъвати ба сӯи Аллоҳ аст. Ва илоҷи риё ба умури зерин аст:
1). Омӯхтани тавҳид, зеро ба омӯхтани тавҳид Аллоҳро таъзим мекунад ва дар дини Аллоҳ ба касе парвое намекунад. 2). Дуо кардан. 3). Ҳарис будан бар ин ки амалҳо дар байни банда ва Парвардигораш сир бошад. 4). Амалро тарк накардан ба ҳуҷҷате ки дар риё воқеъ нашавад. 5). Амалҳои неке ки охиратро ёдрас мекунад, зиёд кардан, монанди зиёрати қабрҳо ба шартҳояш.

Барои чӣ Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам бар умматаш аз риё сахттар тарсид аз тарсиданаш аз Масеҳи Даҷҷол?

Чаро ки фитнаи Масеҳи Даҷҷол ошкор аст, аммо фитнаи риё пӯшида аст.

Чаро ки фитнаи Даҷҷол дар замони муайян (охири замон) аст, аммо риё дар ҳамаи вақт аст.

Ақсоми риё

Дар асли ибодат бошад: Яъне барои риё ибодат кунад, пас ибодат ботил аст.

Пешомади ногаҳонӣ: Асли ибодат барои Аллоҳ аст, локин бар он риё ногаҳонӣ воқеъ шуд.

Баъди фориғ шудан аз ибодат риё воқеъ шуд: Таъсир намекунад, магар ҳаргоҳ ки дар он душманӣ бошад, монанди миннат кардан ва озор додан баъд аз садақа.

Онро дур кунад: Ин ӯро зарар намекунад, зеро ӯ кушиш кард ва ибодаташ саҳеҳ аст.

Бо риё идома диҳад: Дар ин тафсил аст:

Ҳаргоҳ аввали ибодат бо охираш пайваста бошад, монанди намоз, пас ҳамаи ибодат ботил аст.

Ҳаргоҳ аввали ибодат аз охираш ҷудо бошад, монанди закот: Пас ҷузъе ки дар он риё воқеъ шуд, ботил асту бас.

❁**(Нид):** Монанд, мисл ва назир аст.

❁ **(Дохили Дӯзах шавад):** Ин уқубати ба Аллоҳ таъоло назиру мисл гирифтан аст.

❁ **(Шайъан):** Ҳамаи ширкро фаро мегирад, ҳатто агар бошарафтарини халқро бо Аллоҳ шарик гардонад, дохили Дӯзах мешавад.

❁ (Ва касе Ӯро мулоқот кунад, дар ҳоле ки бо Ӯ чизеро шарик овардааст дохили Дӯзах мешавад): Агар ширки асғар бошад, пас аз ин ҳамеша дар Дӯзах мондан лозим намеояд ва агар ширки акбар бошад, пас аз он ҳамеша дар Дӯзах мондан лозим меояд.

❁ Амри ширк хело сахт аст, осон нест ва локин Аллоҳ ихлосро бар бандааш осон месозад ва ин ба қарор додани Аллоҳ дар пеши чашмонаш мебошад, пас ба амалаш ризои Аллоҳро қасд намояд, на таърифи мардумро ё мазаммати онҳоро ё сано гуфтани онҳо бар ӯро, пас мардум ҳаргиз ӯро фоида намерасонанд.

❁ Ва низ муҳим аст, ки инсон шод нашавад, ки мардум сухани ӯро қабул кардан ба хотире ки сухани ӯст, локин ӯро шод кунад, ки мардум суханашро қабул кардан, ҳаргоҳ суханашро ҳақ бинад, на ин ки сухани ӯст. Ва аксаш инчунин аст, пас ихлос хело сахт аст, магар ҳар вақт ки инсон ба сӯи Аллоҳ аз рӯи сидқ рӯ оварда бошад, бар роҳи рост солим бошад, пас Аллоҳ ӯро ёрӣ мерасонад ва барои вай осон мекунад.

Дуо ду қисм мешавад:

Дуои масъалат:

Ба ду қисм тақсим мешавад:

Дуои ибодат: **Монанди касе ки намоз гузорад ва ҳаҷ кунад ва рӯза дорад барои ғайри Аллоҳ, пас ӯ кофири куфри акбар аст.**

Бар он танҳо Аллоҳ қудрат дорад:
Сарфи ин барои ғайри Аллоҳ таъоло ширки акбар аст, мисли касе ки фарзанд ё боронро аз ғайри Аллоҳ таъоло талаб менамояд.

Бар он махлуқ қудрат дорад:
Ин навъи дуо ба чор шарт саҳеҳ мебошад: Дуошуда зинда, ҳозир, тавоно ва сабаб бошад.

Фарқ дар байни ширки акбар ва асғар:

Ширки акбар:

❁Аз дин хориҷ мекунад.

❁Ҳамаи амалҳоро ботил мекунад.

❁ Соҳибаш ҳамеша дар оташ аст.

❁ Аз тарафи султон хуну молаш ҳалол аст.

❁ Бар акбар будани он далел ояд.

❁ Барои ғайри Аллоҳ эътиқод намояд, ки дар олам тасарруфи пӯшида дорад ва ин ки ҷалби манфиатҳо ва дур кардани зарарҳо дар дасти ӯст.

Ширки асғар:

❁ Аз дин хориҷ намекунад.

❁ Амали хосро ботил мекунад.

❁ Дар оташ ҳамеша намебошад.

❁ Хуну молаш ҳалол нест.

❁ Бар асғар будани он далел ояд.

❁ Он чизеро, ки Аллоҳ сабаб қарор надодааст, сабаб эътиқод кунад.

❁ Ҳар чизе ки васила ба ширки акбар бошад, пас он ширки асғар аст.

❁ Бар ҳар чизе ки шаръ ширк ё куфр гуфтааст ва ба (алифлом) муайян нашудааст, пас асл ин аст, ки он асғар мебошад.

Масъалаҳо:

Якум: Аз ширк тарсидан.

Дуюм: Риё (худнамой) аз қумлаи ширк аст.

Сеюм: Албатта риё (андаки риё) аз қумлаи ширки асғар аст.

Чорум: Риё сахттарин чизест, ки бар накӯкорон тарсида мешавад (зеро дар қалби инсон барои пӯшида буданаш беэҳсос кардан ва иттилоъи нафс ба он дохил мешавад, пас бисёри нафсҳо дӯст медоранд, ки ба ибодат кардан таъриф карда шаванд).

Панҷум: Қариб будани Ҷаннату Дӯзах.

Шашум: Ҷамъ байни қариб будани ин ду дар як ҳадис.

Ҳафтум: Албатта касе бо Ӯ мулоқот кунад, дар ҳоле ки чизеро ба Ӯ шарик наовардааст дохили Ҷаннат мешавад ва касе бо Ӯ мулоқот кунад, дар ҳоле ки чизеро бо Ӯ ширк овардааст дохили Дӯзах мешавад, агарчи аз обидтарини мардум бошад (агар ширки акбар бошад, дохили Ҷаннат намешавад ва агар ширки асғар бошад, ба қадри гуноҳаш азоб дода мешавад, сипас дохили Ҷаннат мешавад).

Ҳаштум: Масъалаи бузург, дуои Иброҳими Халил барои худ ва фарзандонаш, ки аз парастиши бутон нигоҳ дошта шавад.

Нуҳум: Эътибори Ӯ ба ҳоли зиёдтари мардум, аз рӯи фармудаи Аллоҳ: Парвардигоро, ин бутон бисёри аз мардумро гумроҳ карданд.

Даҳум: Дар он тафсири ло илоҳа иллаллоҳ аст, ҳамонгуна ки Бухорӣ раҳимаҳуллоҳ зикр кардааст.

Ёздаҳум: Фазилати касе, ки аз ширк саломат мемонад (дохили Ҷаннат шавад).

(5) Боб андар даъват ба сӯи шаҳодати "ло илоҳа иллаллоҳ"

Барои чӣ муаллиф ин бобро зикр кард?

1). Барои чӣ тавҳиди худи инсонро зикр кард, даъвати ғайрашро ба сӯи ин зикр кард, чаро ки имон комил намешавад, магар вақте ки ба сӯи тавҳид даъват кунад, пас ҳамроҳи тавҳид даъват кардан ба сӯи он ҳатмӣ аст вагарна ноқис мебошад.

2). Рад бар касе ки мегӯяд: Нахустин чизе ки ба он ибтидо карда мешавад, ҳамон намоз аст, на тавҳид.

Далели аввал:

Ва фармудаи Аллоҳ таъоло: **"Бигӯ, тариқи Ман ва пайравонам ҳамин аст, ки халқро ба сӯи Аллоҳ бо биной ва басират даъват кунем"** то охири оят.

(Тариқи ман): Роҳи ман аст ва он чизеро, ки Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам аз шариат овардааст, аз рӯи ибодат ва ба сӯи он даъват карданро шомил мешавад.

(Ба сӯи Аллоҳ): Доиёни ба сӯи Аллоҳ тақсим мешаванд ба: 1) Доъӣ ба сӯи Аллоҳ, 2) доъӣ ба сӯи ғайри Аллоҳ.

(Бар басират): Шомил мешавад: 1) Илми шаръӣ. 2) Ҳоли даъватшударо донистан. 3) Ҳикмат.

Шартҳои даъватӣ ба сӯи Аллоҳ:

1) Ихлос. 2) Илми шаръӣ. 3) Ҳикмат.

4) Донистани ҳоли даъватшуда. 5) сабр.

Далели дуюм:

Ва аз Ибни Аббос разияллоҳу анҳу ривоят аст, вай мегӯяд, ки Расулуллоҳ ﷺ Муозро ба Яман фиристод ва ба ӯ гуфт: "Ту ба назди қавме аз аҳли китоб (яҳуд ва насоро) меравӣ. Пас аввалин чизе ки онҳоро ба он даъват мекунӣ, гувоҳӣ додан ба ин ки ҷуз Аллоҳ маъбуди барҳаққе нест, мебошад". Ва дар ривояти дигаре омадааст: "То ин ки Аллоҳро ягона бипарастанд. Пас агар онҳо инро қабул карданд, пас онҳоро бидонон, ки Аллоҳ бар онон панҷ вақт намоз дар рӯзу шаб фарз гардонида аст. Пас агар онҳо инро қабул карданд, онҳоро бидонон, ки Аллоҳ бар онҳо садақа (закот)-ро фарз гардонидааст, ки аз давлатмандони онҳо гирифта мешавад ва ба фақирон ва нодорони онҳо баргардонда ва тақсим мешавад, пас агар онҳо инро қабул карданд, пас аз гирифтани беҳтарин молҳои онҳо дар закот худдорӣ кун ва аз дуои мазлум ва ситамдида битарс ва худро нигаҳ дор, зеро ки миёни дуои мазлум ва миёни Аллоҳ ҳеҷ пардае вуҷуд надорад". (Ривояти Бухорӣ ва Муслим)

Дар ҳадис омадааст:

1). Раво будани фиристодани доъиёни ба сӯи Аллоҳ таъоло ва таълими онон.

2). Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам як мардро фиристод ва дар ин қабули хабари як кас аст ва агарчи дар ақида бошад.

3). Рӯзҳои ба шумор дар даъват шарт нест, пас дар назди онҳо ба мувофиқи эҳтиёҷашон меистад.

4). Тарзи даъвати мухолифон ва осонтарини тариқат, ҳамон даъват кардани онон ба сӯи тавҳид аст, на мунозара кардан.

5). Танҳо даъват кардан ба сӯи Ислом кофӣ нест, балки онҳоро хабар медиҳад, ки бар онҳо чӣ воҷиб мешавад, то қаноат кунанд ва ба он пойбанд шаванд, локин бар тартибе, ки дар ҳадиси фиристодани Муоз разияллоҳу анҳу аст.

Далели сеюм:

Ва Бухорӣ ва Муслим аз Саҳл ибни Саъд разияллоҳу анҳу ривоят кардаанд, ки вай мегӯяд: Расулуллоҳ ﷺ дар рӯзи Хайбар фармуд: "Ҳароина ин байрақро фардо ба марде медиҳам, ки Аллоҳ ва расулашро дӯст медорад ва Аллоҳ ва расулаш низ ӯро дӯст медоранд, Аллоҳ қалъаи Хайбарро ба дастони ӯ фатҳ мекунад. Мардум шабро ба гуфтугӯи ин мавзӯъ сипари карданд, ки ба кадомашон парчам дода мешавад, чун субҳ шуд, саҳобаҳо ба назди Расулуллоҳ ﷺ омаданд, ҳар якеи онон умед медоштанд, ки парчам ба вай дода мешавад. Расулуллоҳ ﷺ фармуд: Алӣ ибни Абӯтолиб дар куҷост? Саҳоба гуфтанд: Эй Расулуллоҳ ﷺ чашмҳои ӯ дард мекунад. Пас ﷺ фармуд: Касеро ба сӯи вай бифиристед, (то ӯро биёрад). Алӣ разияллоҳу анҳу оварда шуд ва Расулуллоҳ ﷺ дар чашмонаш туф кард ва барояш дуо кард, пас сиҳат шуд, гӯё ки ҳаргиз дард накарда буд. Пас Расулуллоҳ ﷺ парчамро ба вай дода фармуд: Оҳиставу нарм бирав, то ки дар сарзамини онҳо фуруд ойӣ, сипас ононро ба Ислом даъват кун ва ононро хабар деҳ аз он чи бар онон аз ҳаққи Аллоҳ воҷиб аст. Сипас савганд ба Аллоҳ, агар Аллоҳ ба воситаи ту мардеро ҳидоят кунад, барои ту аз шутурони сурх беҳтар аст".

❁Исботи сифати муҳаббат барои Аллоҳ ва ин ки Аллоҳ дӯст медорад ва дӯст дошта мешавад, локин муҳаббати Аллоҳ монанди муҳаббати махлуқ нест.

❁Аз фазилати хос собит шудани фазли ом лозим намеояд, монанди фармудаи Ӯ саллаллоҳу алайҳи ва саллам дар шахни Абӯубайда разияллоҳу анҳу, ки ӯ "Амини ин уммат аст", ин маънои онро надорад, ки ӯ беҳтарини саҳобагон аст ва инчунин Муоз разияллоҳу анҳу.

❁ (Ҳумриннаъам): Шутури сурх ва инро зикр кард, зеро ки он дар назди араб дилкаш буд.

Хориқулода чор чиз аст: Ва он чизест, ки бар хилофи одати мардум меояд, монанди ин ки дар ҳаво мепарад ё бар болои об роҳ меравад

1). Оят барои анбиё мебошад ва мӯъҷиза гуфта намешавад, чаро ки дар Қуръон ин омадааст ва аз мӯъҷиза гоҳо баъзе мардум оҷиз меояд ва барои ғайри анбиё мешавад ва ягон кас иддиои оят баъди мавти Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам карда наметавонад.

2). Каромат барои авлиёи Раҳмон мебошад ва онон касоне ҳастанд, ки байни имон ва тақво ҷамъ овардаанд ва мисоли каромат он чизе ки бо ёрони каҳф рӯх дод, мебошад.

3). Мӯъҷиза ё фитна барои авлиёи шайтон мебошад, ба донистани ҳоли шахс онро медонем, на имон дорад ва на тақво ва мисоли мӯъҷиза он чизе ки аз Даҷҷол воқеъ мешавад.

4). Фазиҳат (расвой): Ҳар касе ки бар Аллоҳ дурӯғ бандад, Аллоҳ ӯро дар дунё пеш аз охират расво мекунад ва мисоли фазиҳат он чизе ки аз Мусайламаи каззоб ҳосил шуд, дар чашми беморе нафас кард, пас вай кур шуд.

Масъалаҳо:

Якум: Даъват ба сӯи Аллоҳ роҳи пайравони Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам аст (роҳи расулон ва пайравонашон аст).

Дуюм: Огоҳонидан бар ихлос, зеро бисёри мардум агарчи ба сӯи ҳақ ҳам даъват кунад, пас ӯ ба сӯи худаш даъват мекунад.

Сеюм: Басират аз ҷумлаи фароиз аст. (Даъват фарз аст, пас илм доштан оиди даъват фарз аст).

Чорум: Аз далелҳои ҳусни тавҳид, пок шуморидани Аллоҳ таъоло аз монанд будани ба махлуқот аст.

Панҷум: Албатта аз зиштии ширк монанд кардани Аллоҳ ба халқ аст. (Ва яктопараст Аллоҳро аз нуқсонҳо пок мешуморад)

Шашум: Ва он аз муҳимтарини масъалаҳост, дурии мусалмон аз мушрикон, то аз ҷумлаи онҳо нагардад ва агарчи ширк ҳам наорад. (Чаро ки агар дар байни онон бошад ва агарчи мушрик набошад, пас ӯ дар зоҳираш аз ҷумлаи онҳост).

Ҳафтум: Тавҳид аввалин воҷиб аст.

Ҳаштум: Ин ки пеш аз ҳама чиз ба тавҳид ибтидо карда мешавад, ҳатто пеш аз намоз ҳам.

Нуҳум: Маънои "Ӯро ягона бипарастанд" маънои гувоҳии "ло илоҳа иллаллоҳ" аст.

Даҳум: Гоҳо инсон аз аҳли китоб аст ва онро намедонад, ё онро медонад ва ба он амал намекунад.
Ёздаҳум: Танбеҳ кардан бар ин ки ба тадриҷ таълим додан.
Дувоздаҳум: Ба чизи муҳимтар, пас муҳимтар ибтидо кардан (аввал тавҳид, сипас намоз, сипас закот).
Сездаҳум: Мустаҳиққои закот (ҳашт гурӯҳанд).
Чордаҳум: Кашфи олим шубҳаро аз таълимгиранда (бо таълим додан ва ҷаҳлро аз ӯ дур кардан).
Понздаҳум: Аз гирифтани беҳтарини молҳо манъ кардан.
Шонздаҳум: Аз дуои мазлум худро нигаҳ доштан.
Ҳабдаҳум: Хабар додан ба ин ки дуои мазлум рад намешавад (пас байни тарғиб ва бим додан ҷамъ оварда).
Ҳаждаҳум: Аз далелҳои тавҳид он чизе аст, ки бар беҳтарини расулон ва беҳтарини авлиё рӯҳ дод, яъне машаққат, гуруснагӣ ва вабо мебошад (аз қиссаи Хайбар бардошт карда мешавад).
Нуздаҳум: Қавли Ӯ саллаллоҳу алайҳи ва саллам: "Ҳароина парчамро медиҳам" то охир, нишонае аз нишонаҳои паёмбарӣ аст.
Бистум: Туф кардан дар чашмонаш, низ аз нишонаҳои паёмбарӣ аст.
Бистуякум: Фазилати Алӣ разияллоҳу анҳу (ин аз фазилатҳои Амири мӯъминон разияллоҳу анҳу аст).
Бистудуввум: Фазли саҳоба дар ошуфта шуданашон дар ин шаб ва машғул шуданашон аз башорати фатҳи Хайбар.
Бистусеюм: Имон ба тақдир, барои ба даст овардани он барои шахсе ки ба он саъй накард ва манъи он аз касоне, ки саъй карданд.
Бистучорум: Адаб дар гуфтораш "ба нармӣ" (ва ӯро дастур дод, ки шитоб накунад).
Биступанҷум: Пеш аз куштор ба сӯи Ислом даъват кардан.
Бистушашум: Ҷангидан ҷоиз аст бо касоне ки пеш аз ин даъват шуданд ва ҷангиданд.
Бистуҳафтум: Ба ҳикмат даъват кардан, аз рӯи гуфтааш: "Хабар деҳ ононро ба он чизе ки воҷиб аст" (чаро ки ӯ гоҳо ба Ислом амал мекунад ва гоҳо намекунад, пас бо ӯ аҳд бастан зарур аст, то ба сӯи куфр нагардад).
Бистуҳаштум: Донистани ҳаққи Аллоҳ дар Ислом.
Бистунуҳум: Савоби касе ки ба дастонаш як мард ҳидоят ёбад (ин ки он барои ту аз ҳамаи чизҳое ки дар дунё нек шуморида мешавад, беҳтар аст).
Сиюм: Бар фатво савганд хӯрдан (савганд хӯрдан бар фатво лоиқ намебошад, магар барои маслиҳат ва фоида).

Имтиҳони қисми аввал (5 боб)

Суоли якум: Панҷ боби аввали китоби тавҳид ва муносибати ҳар бобро барои китоб зикр кун:

М	Унвони боб	Муаллиф бобро ба кадом сабаб овардааст
1		
2		
3		
4		
5		

Суоли дуюм: Ҷумларо ба чизи муносиби он пур кун:

1-Китоби тавҳидро барои сабабҳои зерин меомӯзем: 1).....
2)..... 3).....4).....5).....
2-Муаллиф барои китоб пешгуфтор зикр накард, чаро ки: 1).....
2).....3).....
3-Мумкин аст, ки китоби тавҳидро тақсим кунем ба: 1).....

2).....3).....4).....

5).....6).....7).....

8).....9).....10).....

4-Бар касе ки мегӯяд дар китоби тавҳид, танҳо тавҳиди улуҳият аст, рад мекунем: ба боби.....

ва боби.....ва боб.....

5-Бандагӣ тақсим мешавад ба: 1). Бандагӣ.....ва он ба маънои...
.....ва далели он.....
2). Бандагӣ.....ва он ба маънои.....ва далел.....

3). Бандагӣ.....ва он ба маънои.....ва далел.....

6-Нафсе ки Аллоҳ куштани онро ҳаром гардондааст, чорто аст ва онҳо:.....


.....,.....,.....,.....

7-Ибни Масъуд разияллоҳу анҳу оятро васияти Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам номид, зеро ки он:.....

8-Уммат дар Қуръон яъне:.....ё.....ё.....ё.....
9-Таҳқиқи тавҳид яъне:.....аз.....ва.....ва.....
10-Ин уммат бисёртарини умматҳо дар.....ва.....
11-Аз собит шудани фазли хос лозим намеояд, ки фазли.....
12-"Руқия нест, магар аз чашм" яъне:.....
13-Манъ аз талаби руқия ва доғ мондан берафтан ба назди табиб омадааст, маслан, зеро ки.....

14-(Намебахшад, ки ба Ӯ ширк оварда шавад) яъне:.....
(Ва ғайри онро мебахшад) яъне:.....
15-(Ва рӯҳест аз ҷониби Ӯ) яъне:.....(ва калимаи Ӯст) яъне:.....
16-Он чиро ки Аллоҳ ба худаш изофа кардааст, тақсим мешавад ба: 1) Изофа.....ва ин аз боби изофаи.....2) Изофаи.....
Ва ин аз боби изофаи.....
17-"Туро Укоша пеш кард" ҳатто.....ё.....
18-(Ва омехта накарданд) яъне.....(ба зулм) яъне.....
19-Аз ширк метарсем, ба: 1).....2).....
3).....4).....
20-"Ба ин ризои Аллоҳро қасд дорад" яъне.....
Ва дар исботи сифати.....
21-Шартҳои даъват: 1).....2).....
3.....4.....5.....
22-Хориқулодат: 1).....ва мебошад барои.....
2).....ва мебошад барои.....
3).....ва мебошад барои.....4).....ва мебошад барои.....
23-Муаллиф гуфт: (Тарки руқия ва доғ аз таҳқиқи тавҳид аст) ва татайюрро зикр накард, зеро ки татайюр.....

Суоли сеюм: Дар ҷадвали ақсоми тавҳид ҷойҳои холии зеринро пур кун



Суоли чорум: Аломати (☒) дар хонаи муносиб ё ҷумларо комил кун:

1-Муаллифи китоби тавҳид: ☐ Ибни Усаймин ☐ Муҳаммад ибни Абдулваҳ-ҳоби Тамимӣ.

2-Насиҳати олимон: ☐ Ҳифзи китоб пеш аз омӯхтан ☐ Аз ҳифз фоидае нест, муҳим фаҳмидан аст.

3-(Касоне ки китоб ба онҳо додем, онро чунон ки шоистаи он аст мехонанд) аз ин истифода мешавад, ки тилоб илмеро тарк намекунад, то онро устувор кунад: ☐ дуруст ☐ хато.

4-Олимон китоби тавҳидро таҳқиқ кардан, пас дар он ҳадисҳои мункар наёфтанд: ☐ дуруст ☐ хато.

5-Олимон агарчи маърифаташон васеъ шавад, пас ин барои онҳо исматро собит намекунад: ☐ дуруст ☐ хато.

6-Аз навиштаҳои шайх Муҳаммад ибни Абдулваҳҳоб: ☐ Кашфи шубаҳот ☐ Масоил-ул-ҷоҳилия ☐ Мухтасар-ус-сира ☐ Усул-ул-имон ☐ ҳамаи зикршуда.

7-Бобҳои китоби тавҳид: ☐ 67 боб ☐ 76 боб ☐ 10 боб.

8-Ҳаргоҳ китоберо ба даст овардӣ, пас онро дар китобхонаат магузор, магар баъде ки онро мутолиа кунӣ ё муқаддима ва феҳраст ва баъзе мавзеъҳои онро бихонӣ: ☐ дуруст ☐ хато.

9-Мумкин аст, ки китоби тавҳидро тақсим кардан ба: ☐ 11 қисм ☐ 9 қисм ☐ 10 қисм.

10-Нафъовартарини китобҳо, китобҳоест бар тариқи далеловарӣ ва фаҳми-дани иллатҳои аҳком ва дар асрори масъалаҳо фурӯ рафтааст, мебошад, монанди китоби тавҳид: ☐ дуруст ☐ хато.

11-Илм ҷамъ ва тафриқ ва баррасӣ ва тақсим аст: ☐ дуруст ☐ хато.

12-Ҳифзи таърифҳои олимон ва тақсимҳои онҳо ва фарқиятҳо зарур аст: ☐ дуруст ☐ хато.

13-Қисми аввал дар китоби тавҳид: ☐ Пешгуфтор ☐ тафсири тавҳид ☐ вуҷубияти тавҳид.

14-Муаллиф раҳимаҳуллоҳ ба Бухорӣ дар муқаддима ва хотима иқтидо кардааст: ☐ дуруст ☐ хато.

15-Муаллиф барои боби аввал номгузорӣ накардааст ва метавонем онро боби муқаддима номем: ☐ дуруст ☐ хато.

16-Қисми аввали китоб шомили: ☐ 5 боб ☐ 6 боб ☐ 7 боб аст.

17-Тавҳид тақсим мешавад ба:☐ Рубубият, улуҳият ва номҳо ва сифатҳо ☐ маърифат ва исбот ва ирода ва қасд ☐ ҳамаи зикршуда, пас фарқе надорад.

18-Касе ба як навъе аз анвоъи тавҳид имон орад ба ҷуз боқии он, яктопараст намебошад: ☐ дуруст ☐ хато.

19-Тақсими тавҳид ба қисмҳо бидъат аст, барои набудани далел: ☐ дуруст ☐ хато.

20-Алоқаи тавҳид ба имон ин аст, ки имон ом аст ва тавҳид ҷузъе аз он аст: ☐ дуруст ☐ хато.

21-Шаҳодати ло илоҳа иллаллоҳ дорои: ☐ ду рукн ☐ ҳашт рукн ☐ ҳафт рукн аст.

22-Ягона донистани Аллоҳ ба идора кардани олам ва нозил кардани борон ҳамон тавҳиди: ☐ улуҳият ☐ рубубият ☐ номҳо ва сифатҳост.

23-Чизе ки асли тавҳидро нафй мекунад: ☐ Ширки акбар ☐ ширки асғар ☐ бидъат аст.
24-Воқибтарини воқибҳо ҳамон некӯи падару модар аст: ☐ дуруст ☐ хато.
25-Бузургтарини ҳаромҳо зино ва куштани нафсест, ки Аллоҳ ҳаром гардондааст: ☐ дуруст ☐ хато.
26-Ибодат гуфта мешавад бар: ☐ ду чиз ☐ як чизу бас.
27- Ибодат ҳамон (исми ҷомеъ аст барои...), ин сухани: ☐ Ибни Қайим ☐ Ибни Таймия аст.
28-Дуруст: (бе....): ☐ чигунагӣ ва бемонандкунӣ ☐ чигунагӣ ва беташбеҳ ☐ фарқ надорад.
29-Ҳар ояте ки дар Қуръон аст шомили тавҳид аст: ☐ дуруст ☐ хато.
30-Мақсад аз офариниши ҷинну инсон монанди мақсади офаридани ҳайвонҳост: ☐ дуруст ☐ хато.
31-(Ва ҷинну инсро наофаридам) ишкол дар ин ғолибан дар: ☐ фаҳм ☐ амал мебошад.
32-Ҷинҳо таклифшудаанд: ☐ Ба имон ☐ ба имон ва шариатҳо.
33-Уммат гуфта мешавад бар: ☐Имом ☐миллат ☐замон ☐тоифа ☐ҳамаи зикршудаҳо.
34-(Дар ҳар тоифае расуле фиристодем) аз замони (☐ Одам ☐ Нуҳ) то замони (☐Исо ☐ Муҳаммад) алайҳимус салом ва ҳикмат аз фиристодани онҳо: ☐ Барпо кардани ҳуҷҷат ☐ раҳмат ☐ баёни роҳи ба сӯи Аллоҳ расонанда ☐ ҳамааш.
35-Асном аз тоғутҳоест, ки ба ҷуз Аллоҳ парастида мешавад: ☐ дуруст ☐ хато.
36-Пайравӣ дар тоғут, монанди амирҳое, ки аз тоати Аллоҳ хориҷшавандаанд: ☐ дуруст ☐ хато.
37-Касе ки ҷуз Аллоҳ парастида шавад ва ӯ розӣ набошад: ☐ Тоғут аст ☐ тоғут нест.
38-Ояти дуюм дар китоби тавҳид бар иҷмоъи расулон бар даъват кардани ба сӯи тавҳид далолат мекунад: ☐ дуруст ☐ хато.
39-Гуфтаи муаллиф: (Оят ё оятҳо) яъне (оятро ё оятҳоро комил кун): ☐ дуруст ☐хато.
40-Қазо, ҳукм ва ирода ба шаръӣ ва кавнӣ тақсим мешавад: ☐ дуруст ☐хато.
41-Аз қазои (☐кавнӣ ☐шаръӣ) аз як ҷиҳат дар назди Аллоҳ маҳбуб аст ва аз ҷиҳати дигар макрӯҳ аст.
42-(Ва Мо ба бани Исроил дар китоб ҳукм кардем, ки ду бор дар замин фасод хоҳед кард) қазои: ☐ шаръӣ ☐ кавнӣ аст.
43-Ҳамаи ҳайвонҳо ба ҷуз келаск Аллоҳро тасбеҳ мегӯяд: ☐ дуруст ☐ хато.
44-Бандагӣ тақсим мешавад ба: ☐ 2 ☐ 3 қисм. Ва тасбеҳи парандагон бандагии ☐ қаҳр ☐ тоат аст.
45- Мушрикон чизе аз ибодат барои Аллоҳ доранд: ☐ дуруст ☐ хато.
46-Ибодат танҳо ба забон ва аъзои бадан аст: ☐ дуруст ☐ хато.
47-(Ба Аллоҳ чизеро шарик нагардонед) ҳамаи чизро фаро мегирад: На паёмбар, на малоика ва на валиро, балки на ягон амре аз умури дунёро: ☐ Дуруст ☐ хато.
48-Башорат ҳамон хабар додан ба чизест, ки шод мекунад ва хабар додан ба чизи зараррасонро шомил намешавад: ☐ дуруст ☐ хато.
49-Нафсе ки Аллоҳ ҳаром гардондааст ҳамон нафси бегуноҳ аст ва он: ☐ нафси мусалмон ☐ зиммӣ ☐ ҳамаҳд ☐ талаби амнкун ☐ ҳамааш.

50-Оё Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам васият кардааст: ☐ Оре ☐ не.
51-Гуфтаи Ибни Масъуд: (Васияти Ӯ), чаро ки он: ☐ Шомили ҳамаи дин аст ☐ васияти Аллоҳ аст ☐ ҳамааш.
52-Ҳаққи бандагон бар Аллоҳ номида мешавад: ☐ Ҳаққи воҷиб ☐ ҳаққи тафаззул.
53-(Аллоҳ ва расулаш донотар аст) гуфта мешавад: ☐ Дар ҳаёти Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам ☐ дар ҳама вақт.
54-Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам Муозро аз башорат додан манъ кард, то: ☐ рақобат накунанд ☐ такя накунанд ☐ ҳамагӣ. Ва Муоз разияллоҳу анҳу ин наҳйро хилоф кард? ☐ Оре ☐ не, чаро ки китмони илм ба ҳар ҳол ҳаром мебошад: ☐ дуруст ☐ хато.
55-Оё ин ҳукм хос ба Муоз разияллоҳу анҳу аст? ☐ Оре ☐ не.
56-Аз собит шудани фазл барои чизе воҷиб набудан лозим меояд: ☐ Дуруст ☐ хато.
57-(Ва ҳангоме ки Аллоҳ ба танҳоӣ ёд шавад дилҳои касоне ки ба охират имон надоранд мутанафир мешавад ва ҳангоме ки касоне ғайр аз Ӯ ёд шаванд, онгоҳаст, ки онҳо шод мешаванд) комилан ба боб: ☐ 2 ☐ 5 ☐ 4 мувофиқ меояд.
58-Он чиро ки Аллоҳ ба сӯи худаш изофа карда аст, тақсим мешавад ба: ☐ ду қисм ☐ се қисм.
59-Бузургтарини зулм зулми инсон ғайрашро дар нафс ё мол ё обурӯяш аст: ☐ дуруст ☐ хато.
60-Масири касе ки бо Аллоҳ вохӯрад ва ӯ бар гуноҳ ҷуз ширк исрор дорад: ☐ Азоб ☐ дар зери хостаи Аллоҳ аст.
61-(Ло илоҳа иллаллоҳ) зикр аст на дуо: ☐ Дуруст ☐ хато.
62-Касест, ки ло илоҳа иллаллоҳ мегӯяд, локин он дар назди Аллоҳ ягон вазне надорад: ☐ дуруст ☐ хато.
63-Шаҳодати Муҳаммад банда ва расули Ӯстро нафй мекунад: ☐ анҷоми маъсиятҳо ☐ бидъат овардан ☐ ҳамагӣ.
64- Гуфтани (Исо бандаи Аллоҳ) рад бар яҳуд (ва расули Ӯст) рад бар насоро аст: ☐ дуруст ☐ хато.
65- (Ва рӯҳе аз Ӯст) ин изофаи: ☐ айнҳо ☐ сифатҳост.
66-Аллоҳ ӯро дохили Ҷаннат мекунад: ☐Даровардани комил ☐ даровардани ноқис ☐ ҳамагӣ.
67-Таҳқиқи тавҳид холис сохтани он аз: ☐ширк ☐ бидъатҳо ☐ маъсиятҳо ☐ ҳамагӣ.
68-(Ҳамоно Иброҳим уммат буд): ☐пешво ☐ имом ☐ муаллими хайр ☐ ҳамагӣ.
69-Руқия аз бемориҳои ҳиссӣ ва маънавӣ нест, магар аз чашм ва таб аст: ☐ дуруст ☐ хато.
70-Ҳадиси (талаби руқия намекунанд) Муслим афзуд: (ва руқия намехонанд) ин зиёдатӣ: ☐ саҳеҳ аст ☐ заиф аст.
71-Ширки акбар хуну молро ҳалол мегардонад, модоме ки зиммӣ ё ҳамаҳд набошад: ☐ дуруст ☐ хато.
72-Фарқ байни руқияхон ва талаби руқиякун, ин аст ки талаби руқиякун пурсанда талаби атокун ба ғайри Аллоҳ ба қалбаш илтифоткунанда аст, аммо руқияхон накӯкор аст: ☐ дуруст ☐ хато.
73-Баробар сохтани ғайри Аллоҳ ба Аллоҳ дар чизе ки аз хусусиятҳои Аллоҳ аст, ширки: ☐ акбар ☐ асғар аст.

74-Чизе ки бар шакли сурат тарошида шуда бошад, номида мешавад: ☐ санам ☐ васан ☐ ҳамагӣ.
75-Молҳои беҳтарин, он: ☐ қиматтарини он ☐ миёнаи он ☐ камтарини он.
76-Банда ба илму амал худашро комил мекунад ва ба даъвату сабр ғайрашро комил мекунад: ☐ дуруст ☐ хато.
77-Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам бар умматаш аз Даҷҷол тарсид, бисёртар аз тарсиданаш бар онҳо аз риё, зеро ки риё аз ҷумлаи ширки асғар аст: ☐ дуруст ☐ хато.
78-Банда ҳаргоҳ дар эътиқодаш содиқ бошад, пас зарур аст, ки ба сӯи он даъват кунад: ☐ дуруст ☐ хато.
79-Басират: ☐ Илми шаръӣ ☐ҳикмат ☐ маърифати ҳоли даъватшуда ☐ ҳамагӣ.
80-Адади шартҳои даъват: ☐ панҷто ☐ чорто ☐ сето.
81-Фарқ байни ширки акбар ва ширки асғар:
....
....
....
....
....

Суоли панҷум: Аз қоимаи (а) он чизе ки аз қоимаи (б) муносиб аст, гузор:

	а	б
1	Ҳумма	Барои Аллоҳ ба бачо овардани амрҳо ва боздоштаҳояш аз рӯи муҳаббат ва таъзим фурӯтанӣ кардан аст.
2	Улуҳият	Он шутури сурх аст ва инро зикр кард, зеро ки дар назди араб марғуб буд.
3	Ибодат	Фоли бад задан ба дидашуда ё шунидашуда ё чизи маълум аз рӯи макон ва замон.
4	Тоғут	Шабеҳ, мисл ва назир.
5	Риё	Он чизе ки бар сурати инсон ё ғайраш парастида шуд.
6	Татайюр	Он чизе ки ба ҷуз Аллоҳ бар кадом ваҷҳе ки парастида шавад.
7	Нид	Банда аз ҳаддаш гузарад, яъне аз пайравшуда ё маъбуд ё итоатшуда.
8	Санам	Аллоҳро мепарастад, то ӯро мардум бубинад ё шунавад, пас ӯро таъриф кунанд.
9	Тавҳид	Ягона донистани Аллоҳ таъоло дар офариниш ва мулк ва идора кардан.
10	Ибодат	Аллоҳ таъолоро дар ибодат ё дар афъоли бандагон ягона донистан
11	Хаворич	Исми ҷомеъ барои ҳар гуфтору кирдорест, ки Аллоҳ онро дӯст медорад ва аз он розӣ мешавад.
12	Васан	Касоне ки мегӯянд: Соҳиби гуноҳи кабира кофир асту дар оташ ҳамеша мемонад.
13	Рубубият	Аллоҳро ба он чизе ки махсуси Ӯст аз рӯи рубубият ва улуҳият ва номҳо ва сифатҳо ягона донистан.
14	Шутури сурх	Ба Аллоҳ рӯоранда ва аз ширк пуштгардонанда, аз ҳар он чизе ки онро мухолифат мекунад, дурӣ ҷустан.
15	Ҳаниф	Неш задани ҳар соҳиби заҳр.

Дуюм: Тафсири тавҳид (9 боб аст)

(6) Боб андар тафсири тавҳид ва шаҳодати ин ки маъбуди барҳаққе ҷуз Аллоҳ нест

Вақте сухан оиди тавҳид гузашт, гӯё ки нафс ба сӯи баёни чист ин тавҳиде ки барои он ин бобҳо (вуҷубияти он ва фазилати он ва таҳқиқи он ва аз зидди он тарсидан ва ба сӯи он даъват кардан) бобгузорӣ шудааст, сар баланд кард, пас ба ин боб ҷавоб гуфта мешавад ва он тафсири тавҳид то охири китоб аст.

Далели аввал:

Ва фармудаи Аллоҳ таъоло: **"Онҳое, ки (кофирон ба худой) мехонанд, онон худ ба даргоҳи Аллоҳ василаи наздикӣ меҷӯянд, ки кадом аз эшон наздиктар бошад" то охири оят**.

(**Ба дуо мехонанд**): Онҳое ки ба дуо мехонанд, худи онҳо ба сӯи Парвардигорашон васила меҷӯянд, ки кадомашон қарибтар аст, пас чигуна онҳоро ба дуо мехонед ва онҳо худ муҳтоҷу фақиранд (ин ширки дар дуо аст).

Далели дуюм:

Ва фармудаи Ӯ: **"Ва ёд кун, чун вақте Иброҳим ба падар ва қавми худ гуфт: Ҳароина ман безорам аз он чи шумо парастиш мекунед, ҷуз он касе ки маро биофарид**" то охири оят.

❁ (**Ҷуз он касе ки маро биофарид**): Байни нафй ва исбот ҷамъ оварда ва (ба ҷуз Аллоҳ) ба хотири ду фоида нагуфт:

1). Барои баёни сабаби ягона будани Аллоҳ азза ва ҷалла дар парастидан, чаро ҳамонгуна ки Аллоҳ дар офаридан ягона аст, пас воҷиб аст, ки танҳо парастида шавад.

2). Барои баёни ботил будани ибодати бутҳо, зеро ки онҳо шуморо наофаридаанд, то онҳоро бипарастед.

❁Тавҳид ба парастидани Аллоҳи азза ва ҷалла бо ҳамроҳи ғайраш ҳосил намешавад, балки зарур аст, ки онро холис барои Аллоҳ гардонд ва дар бахзе шаҳрҳои исломӣ касест, ки намоз мехонад ва закот медиҳад ва рӯза мегирад ва ҳаҷ мекунад ва бо вуҷуди ин барои қабрҳо саҷда мекунанд.

Далели сеюм ва чорум:

3). Ва фармудаи Ӯ: **("Онҳо" донишмандон ва зоҳидони худро ба ҷуз Аллоҳ парвардигорон гирифтанд) то охири оят.**

4). Ва фармудаи Ӯ: **(Ва аз мардум касоне ҳастанд ғайр аз Аллоҳ ҳамтоёнеро интихоб мекунанд ва онҳоро монанди дӯст доштани Аллоҳ дӯст медоранд**) то охири оят.

❁(Аҳбораҳум): Донишмандонашон ва барои бисёрии илмаш баҳр гуфта мешавад ва (руҳбонаҳум) обидонашон.

❁ (Арбоб): Олимонро дар маъсияти Аллоҳ итоат карданд ва обидонро парастиданд (ин ширки тоат аст).

❁ (**Онҳоро монанди дӯст доштани Аллоҳ дӯст медоранд**): Яъне ҳамтоёнро баробари дӯст доштани Аллоҳ дӯст медоранд.

Ақсоми муҳаббат

Бо Аллоҳ дӯст доштан: (Ширки акбар аст) муҳаббати Аллоҳро нафй мекунад, мисли дӯст доштани ғайри Аллоҳ баробар ё бештар дӯст доштан	**Муҳаббат барои Аллоҳ ё дар роҳи Аллоҳ:** (Воҷиб аст), "Қулаи баландтарини имон дар роҳи Аллоҳ дӯст доштан аст...".	**Муҳаббати табиъӣ:** (Ҷоиз аст) ба шарте ки бар дӯст доштани Аллоҳ тақдимаш накунад, монанди дӯст доштани фарзанд ва ҳамсар.

Ва муҳаббати дар роҳи Аллоҳ инчунин ба муҳаббати амал, омил, замонҳо ва маконҳо тақсим мешавад.

Далели панҷум:

Ва дар Саҳеҳ аз Паёмбар ﷺ омада аст, ки Ӯ фармуд: "Касе ло илоҳа иллаллоҳ гӯяд ва ба ҳар чизе ки ба ҷуз Аллоҳ парастида мешавад, кофир шавад, молу хунаш ҳаром мегардад ва ҳисоби ӯ бар Аллоҳ аза ва ҷалла аст".

Шарҳи ин боб: Бобҳои ояндааст.

(Ва ба ҳар чизе ки ба ҷуз Аллоҳ парастида мешавад, кофир шавад): Зарур аст, ки ба ибодати касе ки ҷуз Аллоҳ парастида мешавад, кофир шавӣ, балки боз ба ҳамаи куфр кофир шавӣ, касе ки шаҳодатро мегӯяд ва бо ҳамроҳи он чунин назар дорад, ки насоро ва яҳуд имрӯз бар дини дуруст ҳастанд, пас вай мусалмон нест ва инчунин касе ки динҳоро афкор мепиндорад, аз онҳо онеро хоҳад, ихтиёр мекунад, пас мусалмон нест.

Масъалаҳо:

Дар ин боб бузургтарин ва муҳиматарин масъалаҳост. Ва он тафсири тавҳид, шаҳодат ва баён кардани он ба амрҳои возеҳ. (Нафю исбот ҳатмӣ аст)

Аз ҷумлаи масъалаҳо: Ояти сураи Исро аст. Дар он рад бар мушриконе, ки солеҳонро ба дуо муроҷиат мекунанд, баён шуда аст, пас дар он низ баён шудааст, ки ин ширки акбар аст. (Ширки дар дуо аст)

Ва аз ҷумлаи масъалаҳо: Ояти сураи Бароат (тавба) аст. Дар он баён намудааст, ки аҳли китоб донишмандон ва зоҳидони худро ба ҷуз Аллоҳ парвардигор гирифтанд. Ва баён намудааст, ин ки онҳо амр нашудаанд, магар ки илоҳи ягонаро бипарастанд, бо вуҷуде ки дар тафсири он мушкилие нест: Тоати олимон ва обидон дар маъсият буд, на ба дуо муроҷиат кардани онон. (Ширки тоат аст)

Ва аз ҷумлаи масъалаҳо: Қавли Иброҳими Халил алайҳис салом ба кофирон: "Албатта ман аз он чизе ки шумо мепарастед безорам ба ҷуз Зоте ки маро офарида аст".

Пас аз маъбудон Парвардигорашро ҷудо намуд. Ва Аллоҳ субҳонаҳу зикр кардааст, ки ин безорӣ ва дӯстӣ, ҳамон тафсири шаҳодати ло илоҳа иллаллоҳ аст, пас фармуд: "Ва Аллоҳ ин худопарастиро дар ҳамаи фарзандони Ӯ калимаи боқӣ гардонид, бошад, ки бозгарданд".

Ва аз ҷумлаи масъалаҳо: Ояти сураи Бақара дар мавриди кофироне, ки Аллоҳ дар ҳаққашон фармуд: "Ва онон аз оташи Ҷаҳаннам хориҷ намешаванд". Зикр намуда аст, ки онон ҳамтоёни худро монанди дӯст доштани Аллоҳ дӯст медоранд, пас далолат мекунад бар ин ки онҳо Аллоҳро сахт дӯст медоранд ва онҳоро ин муҳаббаташон дар Ислом дохил накард, пас чӣ гуна аст ҳоли касе ки шарикро аз Аллоҳ дида бештар дӯст дорад? Пас чӣ гуна аст ҳоли касе ки танҳо ҳамторо дӯст дорад ва Аллоҳро дӯст надорад?

(Ширки муҳаббат аст, пас чор қисм аст:

1-Аллоҳро аз дигарон сахттар дӯст дорад ва ин тавҳид аст.

2-Ғайри Аллоҳро монанди Аллоҳ дӯст дорад, ин ширк аст.

3-Ғайри Аллоҳро аз Аллоҳ сахттар дӯст дорад, ин аз пешинааш бузургтар аст.

4-Ғайри Аллоҳро дӯст дорад ва дар қалбаш муҳаббати Аллоҳ набошад ва ин бузургтар аст).

Ва аз ҷумлаи масъалаҳо: Фармудаи Ӯ саллаллоҳу алайҳи ва саллам: Касе ло илоҳа иллаллоҳ гӯяд ва ба ҳар чизе ки ба ҷуз Аллоҳ парастида мешавад кофир гардад, молу хунаш ҳаром мегардад ва ҳисоби ӯ бар Аллоҳ аст.

Ин бузургтарин баёни маънои ло илоҳа иллаллоҳ аст. Албатта Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам талаффуз кардан ба онро нигаҳдорандаи хуну мол қарор надодааст, балки на донистани маънои он бо талаффузашро ва на ба он иқрор карданро ва на напарастиданаш ба ҷуз Аллоҳи ягонаро, ки Ӯро шарике нест ва молу хунаш ҳаром намегардад, то изофа кунад ба ин ки кофир шуданро ба ҳар он чизе ки ба ҷуз Аллоҳ парастида мешавад. Пас агар шак кунад ё худдорӣ кунад молу хунаш ҳаром намегардад, пас чӣ хуб масъала аст, чӣ возеҳаш гардондааст ва чӣ хуш ҳуҷҷат аст, чӣ бар мунозиъ қатъитараш гардонидааст?!

(7) Боб: Пӯшидани ҳалқа ва ресмон ва монанди ин ду барои рафъи бало ё дафъи он ширк аст

❁ (Аз ҷумлаи ширк аст) яъне: Баъзеи ширк ва баъзеи он ширки акбар ва баъзеаш ширки асғар аст ва барои ҳамин мутлақ овардааст.
❁(Барои рафъи бало) баъди расидани он (ё дафъи он) пеш аз расидани он.

Оё пӯшидани ҳалқа ва ресмон ва монанди ин ду ширки асғар аст ё акбар?

Ширки акбар: Ҳаргоҳ эътиқод кунад, ки худи он таъсирбахш аст ва дар дасти он ҷалби фоида ва дур кардани зарар аст.

Ширки асғар: Ҳаргоҳ эътиқод кунад, ки он сабаб аст бо вуҷуде ки Аллоҳ онро сабаб қарор надодааст, на аз рӯи ҳис ва на аз рӯи шаръ

Мардум дар эътиқоди дар асбоб се қисманд:

Дуруст: Сабаб эътиқод кунад ва он чиро ки Аллоҳ сабаб қарор додааст, сабаб қарор диҳад ва асбоб ё ҳиссӣ аст (монанди даво) ё шаръӣ аст (монанди руқия).

Ширки асғар аст: Сабаб эътиқод кунад ва он чиро ки Аллоҳ сабаб қарор надодааст, сабаб қарор диҳад, монанди овезон кардани сари барзагов барои дур кардани чашм ва ҳоло он ки он сабаб нест.

Ширки акбар аст: Эътиқод кунад, ки худи он таъсирбахш аст ва дар дасти он ҷалби фоида ва дур кардани зарар аст.

Мардум дар гирифтани асбоб ба ду тараф ва миёна тақсим шудаанд:

Асбобро инкор мекунад: Ҳикмати Аллоҳро нафӣ мекунад, мисли ҷабрия ва ашоъира.

Дар гирифтани асбоб ғулув мекунад: Пас он чиро ки сабаб нест, сабаб исбот мекунад, мисли суфиҳо.

Дар гирифтани асбоб миёнаравӣ мекунад: Сабаби ҳиссӣ ва шаръиро ҷуз ғайраш исбот мекунад.

Ҳукми касе ки ресмон ё монанди онро овезон мекунад, чанд ҳолат дорад:

Ҳукми онро намедонад.	Инро таълим дода мешавад
Эътиқод кунад, ки он сабаб аст ва Аллоҳ таъоло онро сабаб нагардондааст.	Ин ширки асғар аст
Эътиқод кунад, ки худи он таъсиррасон аст ва ҷалби фоида ва дур кардани зарар дар дасти он аст.	Ин ширки акбар аст
Ягон эътиқод надорад ва локин онро барои зиннат мепӯшад, мисли ҳоли баъзе ҷавонон, Аллоҳ мо ва онҳоро ҳидоят кунад, пас ҳар касе ки ин овезон-куниро бубинад, гумон мекунад, ки он ҷоиз аст ва ба ин дари шарро барои мардум кушода аст ва дар он шабоҳат ба занон ва мушрикон аст.	Ин аз гуноҳони кабира аст

Далели аввал:

Ва фармудаи Аллоҳ таъоло: **"Ба онҳо бигӯ: Чӣ тасаввур мекунед, оё ҳамаи бутҳое, ки ҷуз Аллоҳ мехонед, агар Аллоҳ бихоҳад маро ранҷе расад, он бутон метавонанд онро рафъ кунанд?**", то охири оят.

❁Ин бутҳо соҳибонашонро фоида намедиҳанд, на ба ҷалби фоида ва на ба дур кардани зарар, пас асбоб барои ин нестанд. Ва ҳар чизе ки сабаби шаръӣ ё қадарӣ нест бар ин қиёс карда мешавад, пас сабаб гирифтани он ширк овардани ба Аллоҳ субҳонаҳу ва таъоло эътибор карда мешавад.

❁(**Бигӯ: Аллоҳ маро басанда аст**): Дар ин супоридани басандагӣ ба Аллоҳ аст, на ба сабабҳои ваҳмӣ.

Далели дуюм:

Аз Имрон ибни Ҳусайн разияллоҳу анҳу ривоят аст, ки Паёмбар ﷺ мардеро дид, ки дар дасташ ҳалқаи миси зард аст, пас фармуд: "Ин чист? Гуфт: Аз дарди бозӯ. Пас фармуд: Онро каш, албатта он ба ту танҳо дардро зиёд мекунад, пас агар ту бимирӣ, дар ҳоле ки он дар дасти туст, ҳаргиз наҷот намеёбӣ". (Ривояти Аҳмад ба санаде ки боке надорад).

(**Ҳалқае аз суфр**): Дастмонае аз мис ва монанди он ва агарчи оҳан ё ресмон бошад.
(**Ин чист?**): Барои баррасӣ пеш аз инкор кардан, чаро ки гоҳо чизеро мункар гумон мекунад, ки он мункар нест.
(**Воҳина**): Дардест, ки дар устухон мерасад, мисли румантизм, ба ин қасд кардааст, ки ин маразро аз вай дур мекунад ва ӯро аз он ҳимоя мекунад.
(**Он ба ту танҳо дардро зиёд мекунад**): Яъне дар ҷисм ва эътиқод заъфро зиёд мекунад ва ҷазо аз ҷинси амал аст.

Далели сеюм:
Ва имом Аҳмад аз Уқба ибни Омир ба таври марфӯъ ривоят кардааст: "**Ва касе тумор овезон кунад, пас Аллоҳ корӣ ӯро ба итмом нарасонад ва касе садаф овезон кунад, пас Аллоҳ ӯро дар оромӣ раҳояш накунад**".Ва дар ривояте аз имом Аҳмад омада аст: **"Касе тумор овезон кунад, пас ба таҳқиқ ширк оварда аст"**.

❁(**Касе тумор овезон кунад**): Онро овезад ва қалбаш ба он дилбохта шавад. Ва барои ин (таъаллақа) гуфт ва (аллақа) нагуфт.
❁ (**Пас Аллоҳ кори ӯро ба итмом нарасонад**): Ё ин дуо бар алайҳи ӯст ё хабари маҳз аст.
❁ (**Ва касе вадаъа овезад**): Вадаъа ашёе аст, ки аз баҳр гирифта мешавад, мисли садаф.
❁ (**Пас Аллоҳ ӯро дар оромӣ раҳояш накунад**): Пас бар зидди қасдаш амал карда шуд.
❁ (**Пас ба таҳқиқ ширк овардааст**): Ширки акбар аст, агар эътиқод кунад, ки он ба ҷуз амри Аллоҳ худаш таъсир дорад вагарна он ширки асғар аст.

Далели чорум: Ва Ибни Абӯҳотим аз Ҳузайфа разияллоҳу анҳу ривоят карда аст, ки ӯ дар дасти марде ресмонеро дид, ки аз ҷиҳати рафъи таб баста буд, пас Ҳузайфа разияллоҳу анҳу онро канду фармудаи Аллоҳро тиловат намуд: "Ва бештари онон ба Аллоҳ имон намеоранд, магар онҳо мушрик шаванд".

❁ (**Аз таб**): Яъне ба сабаби таб, то бар вай сард шавад, ё аз он шифо дода шавад.
❁ (**Пас онро қатъ кард**): Аз рӯи тағйир додани мункар ба даст ва дар ин қуввати салаф дар тағйири мункар аст.
❁Ҳукми овехтан: Ҳамаи овехтан ҳаром аст: Овехтани дастмона, ресмон, садаф, тумор, чашмони гургҳо, нохун, наъли қадима, муҳраи кабуд, каф, чашм, сари барзагов, ҳайкали шер, ё баъзе дарахтҳо ва латапорча ва ғайри инҳо ҳаром аст.

Масъалаҳо:

Якум: Сахтгирӣ кардан дар пӯшидани ҳалқа, ресмон ва монанди инҳо барои ин мақсад.

Дуюм: Албатта саҳоба агар бимирад, дар ҳоле ки он дар баданаш аст, наҷот намеёбад. Дар ин ҳадис шоҳид аст барои сухани саҳоба, ки ширки асғар (хурд) аз бузургтарин гуноҳони кабира аст (зеро ширк бахшида намешавад ва агарчи асғар бошад, ба хилофи гуноҳони кабира).

Сеюм: Албатта ӯ ба ҷаҳл маъзур нест. (Маъзур нест баъде ки Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам барои ӯ баён кард ва ҷаҳл ду навъ аст:

1-Ҷаҳле, ки дар он маъзур дониста намешавад ва он ҷаҳлест, ки аз кутоҳӣ ва беэътиноӣ кардан сар задааст, бо қоим будани тақозокунандаи омӯхтан, пас ӯ дар ин ҳол маъзур намебошад, хоҳ дар куфр бошад, ё дар маъсиятҳо.

2-Ҷаҳле, ки дар он маъзур дониста мешавад ва он ҷаҳлест, ки аз хилоф сар задааст, яъне ӯ беэътиноӣ ва кутоҳӣ накардааст ва тақозокунандаи омӯхтан қоим нашудааст, ба ин ки дар зеҳнаш нагузаштааст, ки ин ҳаром аст, пас маъзур мебошад, агарчи мансуб ба Ислом бошад, ӯро зарар намекунад ва агар ба куфр нисбатшуда бошад, пас ӯ дар дунё кофир аст ва дар охират амри ӯ ба сӯи Аллоҳ аст).

Чорум: Албатта он дар дунё суд намедиҳад, балки зарар медиҳад, аз рӯи фармудаи Ӯ саллаллоҳу алайҳи ва саллам: "Танҳо дардро бар ту меафзояд".

Панҷум: Сахт инкор кардан бар касе ки чунин амал мекунад.

Шашум: Ошкор кардан ба ин ки касе чизеро овезон кунад, ба он супорида мешавад.

Ҳафтум: Ошкор кардан бар ин ки касе мӯҳраи чашмӣ овезон кунад, ба таҳқиқ ширк овардааст.

Ҳаштум: Албатта ресмон бастан ба хотири рафъи таб аз ширк аст.

Нуҳум: Тиловати Ҳузайфа разияллоҳу анҳу оятро далел бар ин аст, ки ба оятҳое, ки дар мавриди ширки акбар омадааст бар ширки асғар далел меоранд, ҳамонгуна ки Ибни Аббос дар ояти сураи Бақара (дар муҳаббат) зикр кардааст .

Даҳум: Овехтани садаф аз рӯи чашм аз ҷумлаи ин (аз туморҳои ширкӣ) аст.

Ёздаҳум: Дуо кардан бар зарари касе, ки мӯҳраи чашмӣ овезон мекунад, ин ки Аллоҳ корашро ба сомон нарасонад ва касе ки садаф овезон мекунад, пас Аллоҳ ба ӯ оромӣ набахшад, яъне Аллоҳ ӯро тарк кунад. (Инро ошкоро хитоб намекунем ва барои шахсе ки бар вай туморро дидем, намегуем: Аллоҳ коратро ба сомон нарасонад, чаро ки фоилро мо ошкоро ва ба таъйин хитоб кунем, гоҳо сабаби нафрати вай мешавад ва локин мегуем: Туморҳо ва садафро тарк кун ва бар ӯ ҳадисро мехонем).

(8) Боб андар руқияҳо ва туморҳо

Барои чӣ гуфт: (Боб он чи омадааст) ва нагуфт: (аз ҷумлаи ширк руқияҳост) ҳамчуноне ки дар боби пешин гуфт?
1-Чаро ки руқия ба шаръӣ ва ғайри шаръӣ тақсим мешавад.
2-Ва ҳамаи туморҳо ширк аст, магар ҳарвақто ки аз Қуръон бошад, пас дар ин ҳолат ҳаром аст.

Далели аввал: Дар Саҳеҳ аз Абӯбашири Ансорӣ разияллоҳу анҳу ривоят аст, ки дар баъзе аз сафарҳояш бо Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам буд, Ӯ мардеро фиристод, то бар аҳли сафар нидо кунад, ки дар гардани ягон шутур гарданбандеро, ки аз зеҳи камон аст, ё гарданбандеро боқӣ нагузоранд, магар ки бурида шавад.

❁(Пас фиристод) барои донистани аҳволи онон ба он чизе ки шариат тақозо мекунад.
❁ (Гарданбанд): Эътиқод мекунанд, ки ин аз шутур чашмро дур мекунад, ин эътиқоди фосид аст.

Далели дуюм ва сеюм:
2). Ва аз Ибни Масъуд разияллоҳу анҳу ривоят аст, ки вай гуфт: Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва салламро шунидам, ки мефармуд: **"Ба таҳқиқ руқияҳо, туморҳо ва тивала ширк аст"**. (Ривояти Аҳмад ва Абӯдовуд)
3). Ва аз Абдуллоҳ ибни Укайм разияллоҳу анҳу марфӯъан ривоят аст, ки: **"Касе ки чизеро овехт (ба чизе чанг зад ва эътиқоди шифо аз вай кард) ба ҳамон чиз супорида мешавад"**. (Ривояти Аҳмад ва Тирмизӣ)

❁ (**Руқияҳо**): Яъне руқияе, ки дар наздашон маъруф буд ва он руқияи ширкӣ буд, шариат онро наовардааст.
❁ (Касе чизе овезон кунад, ба он супорида мешавад): Ва нагуфт: (ман аллақа) чаро ки ӯ онро овехта ва қалбаш ба он мутааллиқ гаштааст, пас касе мутааллиқ ба Аллоҳ таъоло шавад, пас ӯро басанда аст ва касе мутааллиқ ба ғайри Аллоҳ таъоло шавад, хор шавад.
❁ Барои инсон шоиста нест, ки нафсашро ба сабаб мутааллиқ созад, балки мутааллиқ ба Аллоҳ гардонад. Пас коргаре, ки қалбашро комилан ба моҳонааш бастааст ва аз сабабгор, ки Аллоҳ аст, ғофил шудааст, пас дар навъи ширк воқеъ шудааст. Аммо ҳаргоҳ эътиқод кунад, ки моҳона сабаб аст ва сабабгор ҳамон Аллоҳ аст, пас таваккулро нафй намекунад.

Шартҳои руқияи шаръӣ

Аз Қуръон ё суннат бошад ё ба номҳои Аллоҳ ва сифатҳояш дуо кунад.	Сухани фаҳмо, шунидашуда ва дар забони арабӣ маълум бошад.	Эътиқод кунад, ки он сабаби шаръӣ аст, фоида намедиҳад магар ба амри Аллоҳ.

Ҳаргоҳ яке аз ин шартҳо халалдор бошад, руқия ғайри шаръӣ мегардад. Ва руқия ба ғайри забони арабӣ нест, магар ҳар вақто ки аз боби дуо бошад. Пас дуруст аст, ки ба ғайри забони арабӣ дуо кунад, ба шарте киномҳои накӯро тағйир надиҳад, зеро номҳо тавқифӣ аст (ва номҳо ҳамчуноне ки ҳаст гуфта мешавад, ҳамонгуна ки дар ҳамаи луғатҳо аст).

Туморҳо он чизест, ки бар гардани кӯдакон меовезанд, аз расидани чашм ба он паноҳ мебаранд, вале ҳаргоҳ овехташуда аз Қуръон бошад, баъзе салаф иҷозат додаанд ва баъзеашон иҷозат надодаанд ва онро аз ҷумлаи манҳиёт қарор додаанд, аз ҷумлаи онон Ибни Масъуд разияллоҳу анҳу аст.

Руқияҳо он чизест, ки азоим номида мешавад ва руқияҳое, ки аз ширк тоза бошанд, ҷоиз аст. Пас албатта Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам руқияро дар осеби чашм ва таб иҷозат дод.

Ва тивала он чизест, ки ба эътиқоди ин ки занро бо шавҳараш ва мардро бо занаш дӯст месозад, анҷом медиҳанд.

Ангуштарини никоҳ аз тивала аст

Ширки акбар аст, ҳаргоҳ эътиқод кунад, ки худи он таъсирбахш аст ва ҷалби фоидаҳо ва дур кардани зарар дар дасти он аст.	**Ширки асғар аст,** ҳаргоҳ эътиқод кунад, ки он дар боқӣ мондани алоқаи заношӯй сабаб аст.	Ҳаром аст, ин камтарин аҳволи он аст, зеро он аз одати насоро аст, зеро онҳо ба гузоштани он ақидаи сегонаро эътиқод мекунанд ва дар он ҳазаршуда аст, агар ангуштарин аз тило бошад.

Далели чорум:

Ва имом Аҳмад аз Рувайфиъ разияллоҳу анҳу ривоят кард, ки вай гуфт: Ба ман Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд: **"Эй Рувайфиъ шояд баъд аз Ман умри дароз дошта бошӣ, пас мардумро хабар деҳ, ки касе ки риши худро гиреҳ кунад ё ба гардани худ банди зеҳро биовезад ё ба наҷосати чаҳорпоён ё устухон истинҷо кунад, Муҳаммад саллаллоҳу алайҳи ва саллам аз ӯ безор аст"**.

(Касе ки риши худро гиреҳ кунад): Ё аз боби такаббурӣ ё аз боби сабаб гардондани он барои дур кардани чашм.

(Ба гардани худ банди зеҳро биовезад): Ватар ришатае аз раг, ки аз гусфанд гирифта мешавад, барои дур кардани чашм истифода бурда мешуд.

(Ё ба саргини чорпо истинҷо кунад): Асари он чизеро, ки аз ду роҳ хориҷ мешавад, ба саргини чаҳорпо дур кардан.

(Ё ба устухон): Он хӯроки ҷин аст ва саргин алафи чаҳорпоҳои ҷин аст.

Далели панҷум ва шашум:

5) Аз Саъид ибни Ҷубайр ривоят аст, ки ӯ гуфт: Касе тамимаеро аз инсоне бибурад, монанди аҷри озод кардани ғулом аст. (Ривояти Вакеъ)

6) Ва Вакеъ аз Иброҳим ривоят кард, ки вай гуфт: Ёрони Абдуллоҳ ибни Масъуд разияллоҳу анҳу ҳамаи тамоим (туморҳо)-ро чӣ аз Қуръон бошад ва чӣ аз ғайри Қуръон макрӯҳ медонистанд.

(Монанди аҷри озод кардани ғулом аст): Зеро ӯро аз бандагии шайтон озод кардааст, ки дар он ширк аст ва ин аз озод кардани аз бандагии инсон болотар аст, локин онро ба тариқаи накӯтар қатъ мекунад.

Барои чӣ туморҳои қуръонӣ ҳаром аст?

Баъзе салаф онро макрӯҳ гуфтанд ва мақсад ба кароҳат дар назди салаф ҳаром аст.	Он дар зимни фармудаи Ӯ саллаллоҳу алайҳи ва саллам дохил аст: "Руқияҳо, туморҳо ва тивала ширк аст".	Гоҳо дари шарро мекушоем, зеро баъзеҳо гумон мекунад, ки ҳамаи туморҳо ҷоиз аст, ҳатто аз ғайри Қуръон ҳам бошад.	Дар он паст задани Қуръон аст, гоҳо ба он ҳоҷатхона медарояд ё ба он наҷосат мерасад.

Масъалаҳо:

Якум: Тафсири руқияҳо ва туморҳо.
Дуюм: Тафсири тивала (гармӣ кардан).
Сеюм: Беистисно ҳамаи ин чизҳои сегона ширк аст.
Чорум: Руқия бо каломи ҳақ аз осеби чашм ва таб аз ҷумлаи ширк нест (ва инчунин ғайри осеби чашм ва табро шомил мешавад, мисли ҷоду).
Панҷум: Тумор ҳаргоҳ аз Қуръон бошад, ба таҳқиқ олимон ихтилоф кардаанд, оё аз ҷумлаи ширкиёт аст ё не? (Ва бо эҳтиёттар мазҳаби Ибни Масъуд разияллоҳу анҳу аст, чаро ки дар асл раво нест).
Шашум: Овехтани зеҳҳои камон бар чаҳорпоён аз рӯи чашм аз ҷумлаи ширк аст.
Ҳафтум: Ваъдаи азоби сахт бар касе ки зеҳ овезад.
Ҳаштум: Фазли савоби шахсе ки туморero аз инсоне бибурад.
Нуҳум: Сухани Иброҳим ихтилофи собиқро мухолифат надорад, зеро мақсадаш ёрони Абдуллоҳ ибни Масъуд разияллоҳу анҳу мебошад (ва умуман мақсадаш саҳобагон разияллоҳу анҳум нест ва на тобеъинҳо).

(9) Боб андар шахсе ки ба дарахт, ё санг ва монанди инҳо табаррук меҷӯяд

Табаррук: Он талаби баракат аст ва аз ҷумлаи он:

Табарруки шаръӣ:

Ба амри шаръӣ табаррук ҷӯяд: Монанди дар масҷиди Ҳаром намоз хондан ва қироати Қуръон.

Ба амри ҳиссӣ табаррук ҷӯяд: Мисли табаррук ҷустан ба хондани китобҳои аҳли суннат, мисли китобҳои Шайхи Ислом.

Табарруки мамнӯъ: Қоидаи он ин аст, ки дар ҳар чизе ки амри шаръӣ ё ҳиссӣ собит нашавад, монанди масҳ кашидани ҳуҷраи Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам.

Далели аввал ва дуюм:

1). Ва фармудаи Аллоҳ таъоло: "Оё Лот ва Узоро дидед ва Манот (бути) сеюмӣ беарзишро дидаед?".

2). Аз Абӯвоқиди Лайсӣ разияллоҳу анҳу ривоят шуда, ки ӯ гуфт: Мо ҳамроҳи Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам ба сӯи Ҳунайн баромадем ва мо нав аз куфр баромада будем. Барои мушрикон сидрае (дарахте) буд, ки назди он менишастанд ва аслиҳаю борҳояшонро бар он меовехтанд, онро зотуланвот меномиданд. Пас мо ба назди сидрае гузаштему гуфтем: Эй Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам барои мо зотуланвот бигардон, чуноне ки барои онон зотуланвот аст! Пас Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд: Аллоҳ бузург аст, ин ҳамчунон аст, ки бани Исроил Мусо алайҳис саломро гуфтанд: Барои мо худо бигардон, ҳамчуноне ки барои онҳо худоён аст. Мусо гуфт: "Ба дурусти ки шумо қавме ҳастен, ки намедонед". Ҳароина шумо суннатҳои касоне, ки пеш аз шумо буданд, пайравӣ мекунед. (Ривояти Тирмизӣ ва гуфт: Ҳадиси саҳеҳ аст).

❁ (**Оё Лот ва Узоро дидед**): Маро хабар диҳед, шаъни ин бутҳое, ки таъзим мекунед ва ҳоли онҳо ба нисбати ин оятҳои бузург монанди меъроҷ чист, онҳо эътиқод доранд, ки ин бутҳо фоида ва зарар медиҳанд ва барои ин пеши онҳо меоянд, онҳоро дуо мекунанд ва барои онҳо забҳ мекунанд ва ба сӯи онҳо наздикӣ меҷӯянд.

❁(Лот): 1)-Ба ташдиди то хонда мешавад: Марди солеҳе буд, ки барои ҳоҷиён талқон омода мекард. 2)-Ва бе ташдиди то хонда мешавад: Аз номҳои Аллоҳ исме барои ин бут, гирифтанд ва онро Лот номиданд.

❁ (Ва Уззо): Аз исми Аллоҳ ал-Азиз гирифта шудааст.
❁ (Ва Манот): Гирифта шудааст (1) аз исми Аллоҳ ал-Маннон, (2) ё он аз мино гирифта шудааст, аз барои дар наздаш хуни бисёр резондан ва аз ҳамин боб Мино мино номида шуд.
❁ (Ҳудасо): Нав аз куфр баромада будем ва инро ба хотири узрхоҳӣ барои талаб ва суолашон зикр кард.
❁ (Овезон мекарданд): Дар он силоҳҳояшонро аз рӯи табаррук ҷустан меовехтанд.
❁ (Зоту анвот): Зеро бар он силоҳҳоро аз рӯи умеди баракати он овезон мекарданд.
❁ (**Барои мо зотуланвот бигардон, чуноне ки барои онон зотуланвот аст!**): Донистанд, ки ибодат тавқифӣ аст ва барои он иҷозат ҳатмӣ аст, барои ин аз Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам иҷозат пурсиданд, пас амрро барои онон сахт гирифт ва онҳо дар ин ширк воқеъ нашуданд.
❁ (**Ҳароина мекунед**): Ҳароина мисли феъли онон мекунед ва мисли гуфтаи онон мегуед, пас дар ин хабар додан ва ҳазаркунондан аст.

Масъалаҳо:

Якум: Тафсири ояти сураи Наҷм "Оё Лот ва Узоро дидед ва Манот (бути) сеюмӣ беарзишро дидаед?".

Дуюм: Донистани сурати амре, ки талабиданд (аз рӯи паст задани кофирон, на ин ки онҳоро бипарастанд).

Сеюм: Онон ин корро накарданд.

Чорум: Онон наздикии ба Аллоҳро ба ин тавр қасд доштанд, ба гумонашон ин ки Аллоҳ онро дӯст медорад.

Панҷум: Ҳаргоҳ онон ин масъаларо надонистанд, пас ғайрашон авло ба ҷаҳл аст. (Пас ба амали мардум фирефта нашавем).

Шашум: Барои онҳо ҳасанот ва ваъдаи мағфират аст, ки барои ғайрашон нест. (Пас ононро ба некӣ ёд кун, зеро дар онон таъна задан, таъна дар аллоҳ ва дар дини Ӯ ва дар расулаш саллаллоҳу алайҳи ва саллам ва дар онон аст).

Ҳафтум: Паёмбар салллаллоҳу алайҳи ва саллам онҳоро маъзур нашуморид, балки бар онон рад кард ба гуфтааш: Аллоҳ бузург аст, албатта ин равиш аст, ҳароина шумо равишҳои касонеро ки пеш аз шумо буданд, пайравӣ мекунед. Пас корро ба ин се чиз сахт гирифт.

Ҳаштум: Амри бузург, ки он мақсуд аст, ки хабар дод, ки талаби онон монанди талаби бани Исроил буд, вақте ки ба Мусо алайҳис салом гуфтанд: (Барои мо худо қарор деҳ!). (Дар ин наҳӣ аз ҳамонанди ба мушрикон дар лафзҳо аст).

Нуҳум: Албатта нафӣ ин дархост аз ҷумлаи маънои ло илоҳа иллаллоҳ аст, бо дақиқу пӯшида будани он бар онҳо. (Пас шаҳодат ҳар илоҳеро ҷуз Аллоҳ нафӣ мекунад, пас баракат инчунин аз ғайри Аллоҳ намебошад).

Даҳум: Ӯ саллаллоҳу алайҳи ва саллам бар фатво савганд хурд ва Ӯ саллаллоҳу алайҳи ва саллам танҳо барои маслиҳате (ё бартараф кардани фасоде) савганд мехурад.

Ёздаҳум: Ширк акбар ва асғар мебошад, зеро онон ба ин дархосташон муртад нашуданд.

Дувоздаҳум: Гуфтааш: "Мо нав аз куфр баромада будем" ин далел аст, ки ғайрашон медонистанд. (Пас онон барои ҷаҳлашон маъзур буданд, барое ки нав аз куфр баромада буданд).

Сездаҳум: Дар тааҷҷуб Аллоҳу акбар гуфтан бар хилофи касе ки онро написандад.

Чордаҳум: Бастани василаҳо. (Ва он роҳҳои расонанда ба сӯи чизе аст ва василаҳо ду навъанд: 1-Роҳҳои расонанда ба сӯи амрҳои талабшуда, пас ин роҳҳо баста намешавад, балки кушода ва талаб карда мешавад. 2-Ва роҳҳои расонанда ба сӯи амрҳои мазамматшуда, пас ин роҳҳо баста мешавад ва он муроди муаллиф раҳимаҳуллоҳ аст).

Понздаҳум: Аз монанд шудани ба аҳли ҷоҳилият манъ кард. (Махсус ба пеш аз биъсати Паёмбар нест, балки ҳар касе ки ҳақро надонад ва амали ҷоҳилонро кунад, пас он аз аҳли ҷоҳилият аст).

Шонздаҳум: Ғазаб кардан дар вақти таълим додан.

Ҳабдаҳум: Қоидаи куллӣ, аз рӯи гуфтааш: Албатта он равишҳост. (Ин барои ҳазаркунондан аст).

Ҳаждаҳум: Ин нишонае аз нишонаҳои паёмбарист, барои он ки ҳамонгуна ки хабар дода буд, воқеъ шуд.

Нуздаҳум: Аллоҳ ба ҳар чизе ки яҳуду насороро дар Қуръон мазаммат карда буд, албатта онро барои мо гуфтааст.

Бистум: Дар назди онон муқаррар аст, ки асоси ибодатҳо бар амр аст. Дар он танбеҳ аст бар суолҳои қабр. Ва аммо Парвардигорат кист, пас возеҳ аст. Ва аммо: Паёмбарат кист? Пас аз хабар додани Ӯ саллаллоҳу алайҳи ва саллам аз хабарҳои ғайбӣ мебошад. Ва аммо динат чист? Пас аз гуфтаи онон: "Барои мо илоҳе қарор деҳ" то охир бардошт карда мешавад.

Бистуякум: Албатта равиши аҳли китоб (яҳуду насоро) монанди равиши мушрикон мазамматшуда аст.

Бистудуюм: Шахсе аз ботиле, ки қалбаш одат кардааст, мегузарад, саломат наменомад, ки дар қалбаш боқимондаҳои он одат бошад, аз рӯи гуфтаашон: "Мо нав аз куфр баромада будем". (Барои ин ҳикмат дар ғариб сохтани зинокор баъди ҷалд заданаш аз ҷои ҷарима ин буд, ки ба сӯи он гуноҳ боз нагардад, па сбарои инсон шоиста аст, ки аз ҷои куфр, ширк ва фисқ дур шавад. Ва тариқаи аҳли суннат илмро аз олимони раббонӣ гирифтан аст ва ин ки касе ба сӯи суннат гашта бошад ва собиқ дар гумроҳӣ буд, аз вай илм гирифта намешавад, то олимон ба сафои он чи эътиқод мекунад ва ба дур шудани гумроҳие, ки бар он буд, шаҳодат диҳанд).

(10) Боб андар он чи дар забҳи барои ғайри Аллоҳ омадааст

Барои чӣ гуфт: (Боб андар он чи омадааст) ва нагуфт: (аз ҷумлаи ширки акбар забҳ барои ғайри Аллоҳ аст)?
1-Хостааст, ки толибилмро бар гирифтани ҳукм аз далел машқ диҳад ва ин аз тарбияи илмӣ аст.
2-Ё ки забҳи барои ғайри Аллоҳ ба ду қисм тақсим мешавад, ҷоиз ва ширки акбар.

Далели аввал ва дуюм:

1). Ва фармудаи Аллоҳ таъоло: "Бигӯ, ҳароина намози ман ва ҳаҷ ва қурбонии ман ва зиндагонии ман ва мавти ман ҳама барои Аллоҳ аст, Парвардигори оламиён, Ӯро шарике нест" то охири оят.
2). Ва фармудаи Ӯ: "Пас намоз гузор барои Парвардигори худ ва (шутурро) наҳр кун!".

(Бигӯ): Барои ин мушрикон қоим шуданатро ба тавҳид ва холис сохтан эълонкунанда бигӯ.
(Намози ман): Амалҳои бадании ман ва беҳтарини он намоз аст, хоҳ фариза бошад ё нафл.
(Ва қурбонии ман): Моли кушташудаи ман, амалҳои молии ман ва беҳтарини он барои Аллоҳ таъоло мол куштан аст.
(Ва ҳаёту марги ман): Яъне дар ман тасарруф кардан ва идора кардани амри ман дар ҳоли ҳаёт ва марг аз они Аллоҳ таъолост.
(Аввали мусалмонон): 1-Аввалини изофӣ аст, яъне ман аввали мусалмонони ин уммат ҳастам. 2- Аввалии мутлақ аст ва мурод бузургтарини мардум аз рӯи ислом ва итоаткунандатарини онҳо дар умматҳо ҳастам.
(Ва қурбонӣ кун): Қурбониятро барои Аллоҳ кун, ҳамонгуна ки намозат барои Ӯст ва қурбонӣ аз ҷумлаи ибодатҳост.

Ақсоми қурбонӣ

Забҳ барои Аллоҳ таъоло: Монанди ҳадя ва қурбонӣ ва ақиқа, сарфи он барои ғайри Аллоҳ ширки акбар аст.	**Забҳи раво:** Монанди ба хотири гушт ва эҳтироми меҳмон ва тиҷорат забҳ кардан.	**Забҳ барои ғайри Аллоҳ аз рӯи муҳаббат ва таъзим:** (Ширки акбар аст) монанди забҳ кардан барои соҳибони қабрҳо ва ҷин.

Далели сеюм:

Аз Алӣ разияллоҳу анҳу ривоят аст, ки ӯ гуфт: Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам маро ба чор калима сухан кард: "Аллоҳ лаънат кард касеро, ки барои ғайри Аллоҳ мол мекушад, Аллоҳ лаънат кард касеро, ки падару модарашро лаънат мекунад, Аллоҳ лаънат кард касеро ки бидъаткореро ҷой медиҳад, Аллоҳ лаънат кард касеро ки аломатҳои заминро тағйир медиҳад". (Ривояти Муслим)

(Лаъана): Лаънат аз ҷониби Аллоҳ ҳамон рондан ва дур сохтан аз раҳмати Аллоҳ аст. Эҳтимол дорад, ки Ӯ саллаллоҳу алайҳи ва саллам хабар медиҳад, ки Аллоҳ лаънат кард касеро, ки барои ғайри Аллоҳ забҳ кард, ё Ӯ дуо мекунад: Эй Аллоҳ лаънат кун касеро ки барои ғайри Аллоҳ забҳ кунад.

Далели чорум:

Аз Ториқ ибни Шиҳоб разияллоҳу анҳу ривоят аст, ки Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд: Марде ба хотири пашшае дохили Ҷаннат гардид ва марди дигаре ба хотири пашшае дохили Дӯзах гардид. Саҳобагон гуфтанд: Эй Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам ин чигуна аст? Фармуд: "Ду мард ба назди қавме гузаштанд, ки онон бутe доштанд. Касе аз назди он қавм намегузашт, то барои он бут чизе қурбонӣ кунад. Пас ба якеашон гуфтанд: Қурбонӣ кун! Гуфт: Ман чизе надорам, ки қурбонӣ кунам. Барояш гуфтанд: Агарчи пашшае ҳам бошад, қурбонӣ кун! Пас пашшае қурбонӣ кард, пас ӯро раҳо карданд, пас дохили оташи Дӯзах шуд. Ва барои дигарияш гуфтанд: Қурбонӣ кун! Гуфт: Ман барои ягон чиз ба ҷуз Аллоҳ қурбонӣ накардаам, пас гарданашро заданд, пас дохили Ҷаннат шуд". (Ривояти Аҳмад)

(Дар пашшае): "Дар" инҷо ба маънои сабаб аст, яъне ба сабаби пашшае.

Масъалаҳо:

Якум: Тафсири ояти: "Бигӯ албатта намоз ва ҳаҷҷи ман".

Дуюм: Тафсири ояти: "Пас барои Парвардигори худ...".

Сеюм: Ба лаънати шахсе, ки барои ғайри Аллоҳ мол мекушад, шурӯъ кардан (зеро ки он аз ҷумлаи ширк аст ва ҳаққи Аллоҳ бузургтарини ҳуқуқ аст).

Чорум: Лаънат кардани шахсе, ки падару модарашро лаънат мекунад, яъне падару модари мардеро лаънат мегӯй, пас ӯ падару модари туро лаънат мекунад (зеро сабаб ба манзалаи мубошир аст, ё мубошаратан волидайнашро лаънат мекунад).

Панҷум: Лаънат кардани шахсе ки бидъаткореро ҷой диҳад. Ва он мардест, ки бидъатеро пайдо мекунад, дар вай ҳаққи Аллоҳ воҷиб мешавад, пас ба касе паноҳ мебарад, ки ӯро аз ин паноҳ диҳад.

(Ва касе онҳоро нусрат диҳад, аз касе ки онҳоро ҳимоя мекунад, ҷазояш сахттар ва бузургтар аст. Ва пайдо кардан мебошад, ба: 1-Дар дин пайдо кардан, монанди бидъатҳое, ки ҷаҳмия ва мӯътазила ва рофизиён ва ғайрашон пайдо карданд. 2-Дар корҳои уммат, монанди ҷаримаҳо ва шабеҳи он, пас дуздон ва роҳзанонро ҷойю паноҳ медиҳад).

Шашум: Лаънат кардани шахсе, ки нишонаҳои заминро тағйир медиҳад. Ва он нишонаҳое, ки байни ҳаққи ту ва ҳмсояат фарқ мекунад. Пас онро ба пешу пас кардан тағйир диҳӣ.

Ҳафтум: Байни лаънати шахси муайян ва лаънати гунаҳкорон ба таври умум фарқ дорад. (Аввал мамнӯъ аст ва дуюм ҷоиз аст, пас шахси муайянро ҳаққи лаънат кардан надорӣ ва асл мутлақо лаънат кардан ҷоиз намебошад).

Ҳаштум: Ин қисса бузург аст ва он қиссаи пашша аст. (Бар қавли дуруст будани он).

Нуҳум: Он мард ба сабаби ин пашшае, ки қурбонӣ кард дохили Дӯзах шуд, ки қасди ширкро надошт, балки ба хотири халос шудан аз бадии онон анҷом дода буд. (Зеро маҷбурӣ дар умматҳои собиқ узрӣ мақбул набуд).

Даҳум: Донистани андозаи ширк дар долҳои мӯъминон, чӣ гуна ин шахс бар куштан сабр кард ва дархости ононро мувофиқат накард, бо вуҷуди ин ки онҳо танҳо амали зоҳириро талаб карданд?!. (Ҳаргоҳ дар мувофиқатӣ ва сабр накарданаш бар Ислом зарар бошад, пас ӯ сабр мекунад ва гоҳо сабр воҷиб мебошад).

Ёздаҳум: Шахсе, ки дохили Дӯзах шуд, мусалмон буд, зеро агар кофир мебуд, намегуфт: Ба хотири пашша дохили Дӯзах шуд. (Пас қурбониаш ҳамон сабаби дохили оташ шуданаш шуд).

Дувоздаҳум: Ин ҳадис шоҳиди ҳадиси саҳеҳ аст. Ҷаннат ба яке аз шумо аз банди наълаш қарибтар аст ва Дӯзах мисли ин аст. (Ва мақсад аз ин тарғиб ва тарс додан аст).

Сездаҳум: Маърифати амали қалб ҳамон мақсади бузург аст, ҳатто дар назди бутпарастон. (Ва давои қалб Қуръон ва суннат аст, пас қалбатро ба дунё машғул насоз).

Ҳаргоҳ инсон бар куфр маҷбур карда шавад, оё беҳтар барояш ин аст, ки сабр кунад ва агарчи кушта шавад, ё зоҳиран мувофиқат мекунад ва таъвил мекунад?

1-Дар зоҳиру ботин мувофиқат кунад ва ин ҷоиз намебошад, зеро ин муртад шудан аст.

2-Дар зоҳир мувофиқат кунад, на дар ботин ва локин қасди халос шудан аз маҷбуриро дорад, пас ин ҷоиз аст.

3-На дар зоҳир мувофиқат кунад ва на дар ботин ва кушта шавад, ин ҷоиз аст ва ин аз ҷумлаи сабр аст. Ин дар ҳолест, ки мувофиқат кардан дар маҷбурӣ, натиҷааш зарар дар дин барои омма аст вагарна дар зоҳир мувофиқат кунад на дар ботин.

(11) Боб андар ин ки барои Аллоҳ қурбонӣ карда намешавад дар ҷое ки барои ғайри Аллоҳ қурбонӣ карда мешуд

Ин гузаштан аз тарафи муаллиф раҳимаҳуллоҳ беҳтар мебошад, пас баъде ки забҳи барои ғайри Аллоҳро зикр кард, ба ҷоиз набудани забҳ барои Аллоҳ дар ҷое, ки барои ғайри Аллоҳ забҳ карда мешуд, гузашт. Мисли касе ки мехоҳад барои Аллоҳ дар ҷое қурбонӣ кунад, ки дар онҷо барои бутҳо забҳ карда мешуд. Ва ҳикмат аз ин умури зерин аст:

1-Ба мушобаҳатии кофирон мерасонад.

2-Ба мағрур шудани ба ин феъл мерасонадва гумон карда мешавад, ки феъли мушрикон ҷоиз аст.

3-Мушрикон бар феълашон қувват мегиранд ва ин ҳаром аст ва ба хашм овардани онон матлуб аст.

Далели аввал:

Ва фармудаи Аллоҳ таъоло: **(Ҳаргиз дар масҷиди онҳо намоз нахон)**.

Муаллиф раҳимаҳуллоҳ ин оятро ба кадом сабаб овард:

Вақте масҷиди Зирор барои маъсиятҳо аз рӯи зарар ва куфр ва камингоҳ ва пароканда кардани мӯъминон сохта шуда буд, Аллоҳ расулашро аз намоз хондани дар онро манъ кард, бо вуҷуде ки намозаш дар онҷо барои Аллоҳ буд, пас бар ин далолат кард, ки ҳар маконе ки дар онҷо Аллоҳ бефармонӣ мешавад, дар онҷо намоз хонда намешавад ва агарчи баъди заволаш бошад, пас намоз ибодат аст ва забҳ низ ибодат аст.

Ва наздик ба ин, наҳӣ аз намоз дар вақти баромадан ва нишастани офтоб аст, зеро дар ин ду вақт кофирон барои офтоб саҷда мекунанд, пас ин ба эътибори замон ва вақт аст ва ҳадис ба эътибори макон аст.

Далели дуюм:

Аз Собит Ибни Заҳҳок разияллоҳу анҳу ривоят аст, ки ӯ гуфт: Марде назр кард, ки шутуреро дар Бавона қурбонӣ кунад, пас Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва салламро пурсид, пас фармуд: Оё дар онҷо буте аз бутҳои ҷоҳилият парастида мешуд? Гуфтанд: Не. Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд: Оё дар онҷо иде аз идҳояшонро ҷашн мегирифтанд? Гуфтанд: Не. Пас Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд: Ба назрат вафо кун, албатта барои назре, ки дар маъсияти Аллоҳ бошад, вафо нест ва на дар чизе ки фарзанди Одам молики он нест. (Ривояти Абӯдовуд ва иснодаш ба шарти Бухорӣ ва Муслим аст).

Назр дар луғат: Аҳд ва лозимгардондан аст ва дар шариат: Мукаллаф чизеро, ки воҷиб нест бар худаш лозим гардонад

Назр аз барои Аллоҳ:

Назр аз барои ғайри Аллоҳ (ширки акбар аст): Монанди ба ҷуз Аллоҳ танҳо дар лафз қасам хӯрдан, баста намешавад (яъне дар он вафо ва кафорат нест ва дар он ба сӯи Аллоҳ тавба кардан аст).

Назри хос: Чизи муайянеро назр кунад.

Назри ом: **Дар зимни ин ҳамаи мусалмон дохил мешавад (ба назр вафо мекунанд), зеро ки мусалмон ба ҷо овардани амрҳо ва тарки наҳйшудаҳоро назр кардааст.**

Баъди гуфтани он: Дар он вафо ё кафорати қасам аст.

Пеш аз гуфтани он: Ҳукми он: Ҳаром аст, аз рӯи наҳй Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам аз он ва агар хайр мебуд, ҳароина Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам назр мекард.

Тоат: Ба он вафо кардан воҷиб мебошад ва агар ҳонис шавад, пас бар вай кафорат аст (мисоли ин: Назри намози нафл).

Маъсият: Ба ин вафо кардан ҳаром мебошад ва ҳонис шудан ва кафорат воҷиб мешавад (мисолаш: Феъли ҳаромеро назр кунад, монанди ғайбат кардан).

Мубоҳ: Ихтиёр дода мешавад, байни кардани он (беҳтар аст), ё ҳонис шудан ҳамроҳ бо кафорат, (мисолаш: Пӯшидани ин либосро назр кунад)

Пофишорӣ ва ғазаб: Монанди ҳукми мубоҳ аст ва ба он маънои қасамро қасд карда мешавад (монанди назри тарк кардани шаҳр).

Макрӯҳ: Ба он вафо кардан макрӯҳ аст ва ҳонис шудан мустаҳаб аст ва кафорат медиҳад, (монанди дар намоз илтифот кардан).

Мутлақ (беқайд): Соҳибашро чизеро ном намебарад, дар ин кафорат аст, (монанди гуфтааш: Барои Аллоҳ бар ман назр ва сукут мекунад).

❁Ҳаргоҳ назр барои Аллоҳ таъоло бошад, пас он мунъақид (баста) мешавад, пас ё вафо мекунад ё ҳонис мешавад, пас бар вай кафорат воҷиб мешавад.
❁Ҳаргоҳ барои ғайри Аллоҳ таъоло бошад, мунъақид намешавад, пас вафо ва кафорат намебошад ва дар он тавба аст (ширки акбар аст).

Масъалаҳо:

Якум: Тафсири фармудаи Ӯ: **(Ҳаргиз дар масҷиди онҳо намоз нахон)**.

Дуюм: Гуноҳ дар замин таъсир мекунад ва инчунин тоат (вақте ин замин макони ширк буд, ҳаром аст, ки инсон дар онҷо амали ширкро кунад барои мушобиҳатии мушрикон).

Сеюм: Масъалаи мушкилро ба масъалаи возеҳ гардонидан, то мушкили дур шавад.

Чорум: Муфтӣ талаби тафсилу баён кунад, вақте ки ба он эҳтиёҷ бошад (ё дар ҷавоб тафсил намояд).

Панҷум: Маконеро барои назр кардан хос кардан боке надорад, ҳаргоҳ мониъае набошад (локин агар тарсида шавад, ки авом эътиқод кунанд, ки ин макон бартарӣ дорад, ҳароина мамнӯъ мебошад).

Шашум: Аз он манъ намудан, ҳаргоҳ дар онҷо буте аз бутҳои ҷоҳилият бошад, агарчи аз байн рафта ҳам бошад.

Ҳафтум: Аз он манъ намуд, ҳаргоҳ дар онҷо иде аз идҳояшон ҷашн гирифта мешуд, агарчи баъди заволаш ҳам бошад.

Ҳаштум: Назре ки дар он ҷойҳо карда шуда бошад, вафояш ҷоиз нест, зеро он назри маъсият аст.

Нуҳум: Аз мушобиҳатии мушрикон дар идҳояшон ҳазар кардан ва агарчи қасд надошта бошад (Шайхи Ислом гуфт, ки дар ҳосил шудани шабоҳат қасд шарт нест, локин бо қасд гуноҳ сахттар аст).

Даҳум: Назре, ки дар маъсияти Аллоҳ бошад, ботил аст. (Маъноаш ин аст, ки назр мешавад ва локин вафо карда намешавад).

Ёздаҳум: Барои фарзанди одам дар он чизе ки молики он нест, назр нест. (Яъне вафо нест. Ва он чиро ки молик нест, ду қисм мебошад: 1-Шаръан: Агар гӯяд, ки бар ман барои Аллоҳ назр, ки ғуломи фалониро озод мекунам, пас саҳеҳ намешавад, зеро молики он нест. 2-Аз рӯи қадар, агар гӯяд, ки бар ман назр ки ба дастонам парвоз мекунам, пас саҳеҳ намешавад, зеро онро молик нест).

Кафорати назри барои Аллоҳ монанди кафорати савганд аст:

❁ Байни озод кардани бардаи мусалмон, ё даҳ мискинро таом додан, ё либос пӯшондани онон ихтиёр дода мешавад.

❁ Агар инро наёбад, се рӯз пай дар пай рӯза медорад.

(12) Боб назр барои ғайри Аллоҳ ширк аст

Далели аввал ва дуюм:

1). Ва фармудаи Аллоҳ таъоло: **"Ба назр вафо мекунанд"**.

2). Ва фармудаи Ӯ: **"Ва ҳар чи инфоқ кунед, ё назр кунед, пас албатта Аллоҳ медонад"**.

Муносибати ин ду оят барои боб, ин аст ки назр аз асбобест, ки ба сабаби он накӯкорон дохили Ҷаннат мешаванд ва назр ибодат аст. Пас тақозо мекунад, ки сарфи он барои ғайри Аллоҳ ширк аст ва инчунин таълиқи чиз ба илми Аллоҳ ва бар он ҷазо додан аст.

Далели сеюм:

Ва дар Саҳеҳ аз Оиша разияллоҳу анҳо ривоят аст, ки Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд: "Касе назр кунад, ки Аллоҳро итоат мекунад, пас итоат кунад ва касе назр кунад, ки Аллоҳро бефармонӣ мекунад, пас Ӯро бефармонӣ накунад".

Фарқ байни назри тоат ва маъсият ва барои ғайри Аллоҳ

Назри тоат барои Аллоҳ: Монанди ба Аллоҳ қасам хӯрдан, қасам мешавад (дар он вафо ё кафорат аст) ва ба он вафо воҷиб мешавад.	**Назри маъсият барои Аллоҳ:** Монанди ба Аллоҳ қасам хӯрдан, қасам мешавад (дар он вафо ё кафорат аст) ва ба он вафо кардан ҳаром аст.	**Назр барои ғайри Аллоҳ:** Монанди ба ғайри Аллоҳ қасам хӯрдан, қасам намешавад ва дар тон тавба аст ва он ширки акбар аст.

Масъалаҳо:

Якум: Ба назр вафо кардан воҷиб аст. (Танҳо назри тоат, ҳаргоҳ барои Аллоҳ бошад).

Дуюм: Ҳаргоҳ собит шавад, ки барои Аллоҳ ибодат аст, пас анҷом доданаш барои ғайри Аллоҳ ширк аст.

Сеюм: Назри маъсиятро вафо карданаш ҷоиз намебошад (ва бар он кафорати қасам аст).

Мулоҳаза:

Ҳукмҳои назр ва қасам бо ҳам наздиканд ва барои ин фақеҳон дар байни ин ду дар боби савгандҳо ва назрҳо ҷамъ овардаанд.

(13) Боб ба ғайри Аллоҳ паноҳ бурдан (дар чизе ки танҳо Аллоҳ қудрат дорад) ширк аст

Далели аввал:

Ва фармудаи Аллоҳ таъоло: "Ва ин ки мардоне аз инс ба мардоне аз ҷин паноҳ мебурданд, пас бар саркашии онон (ҷиниён) афзуданд".

❁(Паноҳ мебаранд): Илтиҷо мекарданд, пас маънои "иёз" паноҳ бурдан аз он чизест, ки тарсида мешавад ва "лиёз" дар он чизест, ки умед карда мешавад.
❁ (Пас бар саркашии онон (ҷиниён) афзуданд): Зуър (тарс) ва хавф дар дилҳо аст ва раҳақ (бим, тарс) дар баданҳо аст ва ба ғайри Аллоҳ паноҳ бурдан, паноҳбарандаро фоида намедиҳад, балки тарсашро зиёд мекунад ва он ширки акбар аст, пас ба зидди қасдаш иқоб карда шуд.

Далели дуюм:

Аз Хавла бинти Ҳаким разияллоҳу анҳо ривоят аст, ки ӯ гуфт: Расулуллоҳ саллаллоҳу алйҳи ва салламро шунидам ки мефармуд: "Касе дар маконе фуруд омада гӯяд: Ба калимаҳои пурраи Аллоҳ аз бадии он чизе ки офарида аст, паноҳ мебарам, ӯро ҳеҷ чиз зарар намерасонад, то аз онҷо риҳлат намояд". (Ривояти Муслим)

❁ (Маконе): Шомили маконе мешавад, ки бар тариқи доими зиндагӣ кардан фуруд омадааст, ё ногаҳонӣ фуруд омадааст, монанди киштӣ масалан.
❁ (Паноҳ мебарам): Илтиҷо ва паноҳ мебарам. (Ба калимаҳои Аллоҳ): калимаҳои кавнӣ ва шаръӣ.
❁ (Томмот-пурра): 1-Дар ахбор содиқ аст. 2-Дар аҳком адл аст.
❁ (Аз бадии он чизе ки офаридааст): Шарр ба сӯи Аллоҳ нисбат дода намешавад, зеро Ӯ шарро барои ҳикмате офаридааст. Ақсоми махлуқот:
1-Хайри маҳз аст, мисли Ҷаннат ва расулон ва малоикаҳо. 2-Шарри маҳз аст, мисли оташ ва Иблис ба эътибори зоташон, аммо ба эътибори ҳикмати офаринишашон, пас хайр аст. 3-Дар он хайр ва шарр аст, мисли инсон ва ҷин ва ҳайвон.
❁ (Ӯро ҳеҷ чиз зарар намерасонад): Хабар аст, ки имкон надорад, ки хабардодашудааш нашавад, зеро он сухани Паёмбари содиқу тасдиқшуда аст, локин агар нашавад, пас он ба хотири монеъае аст, на барои кутоҳии сабаб ё нашудани хабар, монанди қироати сураи Фотиҳа бар бемор шифо аст ва баъзе мардум мехонад ва бемор шифо намеёбад.

Масъалаҳо:

Якум: Тафсири ояти сураи Ҷин. "Ва ин ки мардоне аз инс ба мардоне аз ҷин паноҳ мебурданд, пас бар саркашии онон (ҷиниён) афзуданд".

Дуюм: Ба ғайри Аллоҳ паноҳ бурдан ширк аст.(Ширки акбар аст, яъне паноҳ бурдан ба ғайри Аллоҳ дар коре ки ҷуз Аллоҳ касе қудрат надорад).

Сеюм: Далел овардан бар ин масъала ба ин ҳадис, зеро олимон ба ин ҳадис далел меоранд барин ки калимаҳои Аллоҳ махлуқ нест. Гуфтанд: Зеро паноҳ бурдан ба махлуқ (дар коре ки қудрат надорад) ширк аст. (Дар монанди ин амр ширки акбар аст ва агар махлуқ мебуд, Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам ба паноҳ бурдан ба онро роҳнамоӣ намекард).

Чорум: Фазилати ин дуо бо вуҷуди кутоҳ буданаш. (Чизе ба ту зарар намерасонад, модоме ки дар ин манзил ҳастӣ).

Панҷум: Аз чизе ки фоидаи дунявӣ ба даст меояд, яъне бадиеро боз медорад, ё фоидаро ҷалб мекунад, бар ин далолат намекунад, ки ширк намебошад. (Пас аз ҳосил шудани фоида, нафй шудани ширк лозим намеояд).

Фоидаҳои дигар:

Дар ҳадис омадааст, ки шариат амре аз амрҳои ҷоҳилиятро бекор намекунад, магар зикр мекунад, он чизеро ки аз он беҳтар аст. Аз ҷумлаи ин онҳо дар ҷоҳилият ба ҷин паноҳ мебурданд, пас шаръ онро ба ин калимаҳо табдил дод.

Ва ин тариқи солим аст, ки шоистааст, ки доъӣ бар он амал намояд, ки ҳаргоҳ боби шарро бар мардум баст, бар вай воҷиб аст, ки барои онон дари хайрро кушояд ва барои ин дар Қукръону суннат мисолҳои бисёр аст.

(14) Боб фарёдрасӣ кардан ба ҷуз Аллоҳ ё дуо кардани ғайри Аллоҳ ширк аст

Далели аввал то панҷум:

1-Ва фармудаи Аллоҳ таъоло: (Ва ба ҷои Аллоҳ чизеро ки на суде ба ту мерасонад ва на зиёне ба ту мерасонад, дуо макун, пас агар чунин кунӣ, бегумон аз золимон хоҳӣ буд. Ва агар Аллоҳ зиёне ба ту бирасонад, пас ҷуз Ӯ ҳеҷ кас натавонад онро баратараф кунад" то охири оят.

2-Ва фармудаи Ӯ: "Пас рӯзиро танҳо "аз" назди Аллоҳ талаб кунед ва Ӯро бипарастед" то охири оят.

3-Ва фармудаи Ӯ: "Ва чи касе гумроҳтар аст аз он ки "маъбуде" ғайр аз Аллоҳро мехонад, ки то рӯзи қиёмат "ҳам дуои" ӯро иҷобат накунад " то охири ду оят.

4-Ва фармудаи Ӯ: "(Оё ин бутҳо беҳтаранд) ё касе ки (дуои) дармондаро иҷобат мекунад, чун Ӯро дуо кунад ва гирифториро бартараф месозад " то охири оят.

5- Табаронӣ ба исноди худ ривоят кард, ки дар замони Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам мунофиқе буд, ки мӯъминонро озор медод, пас баъзеашон гуфтанд: Биёед ба Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам аз ин муно-фиқ паноҳ бибарем, пас Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд: Ба Ман паноҳ ҷуста намешавад ва албатта ба Аллоҳ паноҳ бурда мешавад.

❁(Ва дуо макун): Дуои ибодат ва масъалат дар он чизе ки ҷуз Аллоҳ касе қудрат надорад.

❁ (Дар назди Аллоҳ): Тақдими он чизе ки ҳаққи он таъхир аст, барои ҳаср мебошад, яъне ризқ дар назди Аллоҳ аст, пас аз назди Ӯ талаб кунед, на аз назди дигаре. Пас онон ин бутҳоро мепарастанд ва бутон барои онҳо ҳаргиз молики ризқ нестанд.

❁ (Ва Ӯро бипарастед): Ишора ба сӯи ин аст, ки таҳқиқи ибодат аз ҷумлаи талаби ризқ ва асбоби он аст.

❁ (Ва барои Ӯ сипосгузор бошед): Зеро неъмат ибтило аст ва ба қалбу забон ва аъзои бадан эҳтиёҷ ба шукр дорад.

❁ (Иҷобат мекунад): Аз ягон кас дур кардани зарурат ва бадиро талаб карда намешавад, дар ҳоле ки наметавонад.

Ақсоми ризқ

Умумӣ: Барои ҳамаи махлуқ аст ва он ё ҳалол аст ё ҳаром.

Хос ба мӯъминон аст: Ва он имон, тақво ва амали солиҳ аст.

Масъалаҳо:

Якум: Атфи дуо бар фарёдрасӣ аз ҷумлаи атфи ом бар хос аст.

Дуюм: Тафсири фармудаи Ӯ: (Ва ба ҷои Аллоҳ чизеро ки на суде ба ту мерасонад ва на зиёне ба ту мерасонад, дуо макун).

Сеюм: Албатта ин амал ширки акбар аст.

Чорум: Ҳамоно некутарини мардум агар ин корро барои розӣ кунонидани ғайри Аллоҳ анҷом диҳад, аз ҷумлаи золимон гардад. (Наҳӣ ба сӯи касе аст, ки аз ӯ ба эътибори ҳолаш содир намешавад, пас ба сӯи касе ки аз ӯ имкон дорад, аз боби авлост).

Панҷум: Тафсири ояте, ки баъди он аст. (Ва агар Аллоҳ зиёне ба ту бирасонад, пас ҷуз Ӯ ҳеҷ кас натавонад онро баратараф кунад), пас ҳаргоҳ зарарро ҷуз Аллоҳ касе бартараф накунад, воҷиб аст, ки ибодат ва фарёдрасӣ барои Ӯ бошад.

Шашум: Ин амал дар дунё суд намедиҳад, бо вуҷуди ин ки куфр аст. (Пас дунё ва охиратро аз даст додааст).

Ҳафтум: Тафсири ояти сеюм. (Пас рӯзиро танҳо "аз" назди Аллоҳ талаб кунед ва Ӯро бипарастед).

Ҳаштум: Ризқро танҳо аз Аллоҳ талаб кардан, ҳамонгуна ки Ҷаннатро талаб карда намешавад, магар аз Аллоҳ.

Нуҳум: Тафсири ояти чорум. (Ва чи касе гумроҳтар аст аз он ки "маъбуде" ғайр аз Аллоҳро мехонад).

Даҳум: Кист гумроҳтар аз касе ки ғайри Аллоҳро мепарастад? (Зеро суол дар инҷо ба маънои нафй аст).

Ёздаҳум: Он касонеро ки ба ҷуз Аллоҳ дуо мекунанд аз дуои онҳо ғофиланду намедонанд.

Дувоздаҳум: Он дуо сабаби бад дидани дуошуда ба дуокунанда ва душманияш бо ӯ мебошад.

Сездаҳум: Он дуоро барои хондашуда ибодат номид.

Чордаҳум: Кофир шудани хондашуда ба он ибодат. (Рад ва инкори ӯст).

Понздаҳум: Он дуо сабаб шуд, ки гумроҳтарини мардум гашт, 1-Зеро ӯ ба ҷуз Аллоҳ касеро дуо мекунад, ки ӯро иҷобат намекунад. 2-Хондашудаҳо аз дуои онон ғофил ҳастанд. 3-Ӯ ба ибодати онон кофир аст.

Шонздаҳум: Тафсири ояти панҷум. "(Оё ин бутҳо беҳтаранд) ё касе ки (дуои) дармондаро иҷобат мекунад, чун Ӯро дуо кунад".

Ҳабдаҳум: Амри аҷиб ва он иқрори бутпарастон бар ин ки дармондаро ба ҷуз Аллоҳ касе иҷобат намекунад ва барои ин дар ҳолатҳои сахтӣ холисона Ӯро дуо мекард.

Ҳаждаҳум: Ҳимоя кардани Мустафо саллаллоҳу алайҳи ва саллам ҷониби тавҳидро ва адаби Ӯ саллаллоҳу алайҳи ва саллам бо Аллоҳ. (Пас Ӯ умматро таълим медиҳад, ки дар сахтиҳо ба Аллоҳи ягона паноҳ барад ва танҳо ба Ӯ фарёдрасӣ намояд).

Имтиҳони қисми дуюм (9 боб)

Суоли аввал: Фарқ дар байни анвоъи назри зеринро зикр кун:

Назри тоат	Назри маъсият	Назр барои ғайри Аллоҳ
.....	.....	.....
.....	.....	.....
.....	.....	.....

Суоли дуюм: Аҳкоми амалҳои зеринро ба ихтиёри рақами муносиб барои ҳар амал баён кун: Ҷоиз (1), макрӯҳ (2), сағира (3), кабира (4), ширки асғар (5), ширки акбар (6), дар он тафсил аст (7), воҷиб (8), мустаҳаб (9).


Муҳаббати ҳамсар	.....	Муҳаббати Паёмбар ﷺ	.....
Муҳаббат бо Аллоҳ	.....	Дар куфри аҳли китоб шак кардан	.....
Мусҳаф барои дур кардани чашм	.....	Дуо бар касе ки зеҳ овехтааст	.....
Лаънати муайян	.....	Ангуштарини никоҳ	.....
Овехтани туморҳо	.....	Масҳ кашидани ҳуҷраи набавӣ	.....
Ба саргин ё устухон истинҷо кардан	.....	Хос кардани маконе барои назр	.....
Ба тиловати Қуръон табаррук ҷустан	.....	Дар идҳои кофирон иштирок кардан	.....
Ба махлуқ фарёдрасӣ кардан	.....	Аз ҷин тарсидан	.....
Назр барои ғайри Аллоҳ	.....	Овехтани оятҳое аз Қуръон	.....
Назри маъсият	.....	Тумор аз Қуръон	.....
Овехтани латапорча ё наъл	.....	Руқияи ба ғайри забони арабӣ	.....
Овехтани ресмони зиннат	.....	Зикри номҳои Аллоҳ ба ғайри забони арабӣ	.....
Ҳаҷаруласвадро масҳ кашидан	.....	Нӯшидани оби замзам барои шифо	.....
Барои маслиҳат талаф додани мол	.....	Донистани ҷои масҷиди Зирор	.....
Гуфтани: "Ба Расулуллоҳ ﷺ фарёдрасӣ мекунем"	.....		

Суоли сеюм: Аломати ☒ дар макони муносиб гузор, ё ҷумларо пурра кун:

1-Тафсири тавҳид ҳамон: ☐ Қисми дуюм ☐ боби шашум ☐ ҳамагӣ.
2-Ва шарҳи ин боб ва бобҳои баъди он то: ☐ Охири китоб ☐ охири қисм.
3-Муаллиф раҳимаҳуллоҳ тавҳидро тафсир кард: ☐ Ба зиддаш ☐ ба умури возеҳ ☐ ҳамагӣ.
4- Қисми дуюми китоб шомили: ☐ 5 ☐ 9 ☐ 7 боб мешавад.
5-(Ононро монанди дӯст доштани Аллоҳ дӯст медоранд) яъне.....
6-Ақсоми муҳаббат: 1-.....ва ҳукми он..... 2-.....ва ҳукми он.....3-.....ва ҳукми он.....
7-Дар роҳи Аллоҳ дӯст доштан барои.....ва .....ва.....ва.....мебошад.
8-Асбоби ҳаром будани туморҳо аз Қуръон: 1-.....2-..... 3-.....4-.....
9-Шартҳои ҷоиз будани руқия: 1-.....
2-.....3-.....
10-Сабаби овардани ояти (Дар он ҳаргиз намоз нахон) дар боби (Боб андар ин ки барои Аллоҳ қурбонӣ карда намешавад дар ҷое ки барои ғайри Аллоҳ қурбонӣ карда мешуд) ҳамон.....
11-Сабаби овардани (Ба назр вафо мекунанд) дар боби (Назр барои ғайри Аллоҳ ширк аст).....
12-Назр аз рӯи шариат:.....
13-Маънои воқеъ шудани назр:.....
14-(Дар он чизе ки фарзанди Одам молик нест) яъне:.....
15-(Бувона) яъне:.....(ӯро ҷоиз намебошад) яъне:.....
16-Масҷиди Зирор бино шудааст, барои куфр ва.....ва.....ва.....
17-Барои барои Аллоҳ қурбонӣ карда намешавад, дар ҷое ки барои ғайри Аллоҳ қурбонӣ карда мешуд? 1-.....
2-.....3-.....
18-Барои чӣ гуфт: (Ба ман фарёдрасӣ карда намешавад)?.....
19-(Паноҳ диҳад) яъне:.....(бидъаткореро) яъне: Дар.....ё.....
20-(Падару модарашро лаънат кунад) яъне:.....ё.....
21-(Ва ман аввалин мусалмонам) яъне:.....ё.....
22-(Хабар диҳед) яъне:.....(Лот) яъне:.....
23-(Ва Уззо) яъне:.....(Ва Манот) яъне:.....ё аз.....
24-(Аъузу) яъне:.....(ба калимаҳои Аллоҳ) яъне:.....
25-Табарруқ тақсим мешавад ба: 1-.....2-.....
Дар байнашон фарқ мегузорем ба ин ки:.....
26- Ақсоми мардум дар узри ба ҷаҳл: 1-.....
2-.....
27-Шахсе ёфт мешавад, ки намоз мехонад ва закот медиҳад ва рӯза медорад ва ба сӯи қабрҳо меравад ва барои онон саҷда мекунад, пас ин: ☐ Куфри акбар ☐ куфри асғар ☐ гуноҳи кабира ☐ мунофиқ аст.
28-Ширки акбар тақсим мешавад ба: ☐ 3 қисм ☐ 4 қисм ☐ ду қисм.
29-Забҳ тақсим мешавад ба: ☐ 3 қисм ☐ 4 қисм.

30-(Ман безорам аз он чизе ки шумо мепарастед, ба ҷуз Зоте ки маро офаридааст) дар ин: ☐ Маънои ло илоҳа иллаллоҳ ☐ Офаридгор ҳамон шо-истаи ибодат аст ☐ оҷизии бутон ☐ ҳамагӣ.
31-(Аҳборашон): ☐ Олимонашон ☐ зоҳидонашон.
32-(Ва руҳбонашон): ☐ Зоҳидонашон ☐ олимонашон.
33-(Арбоб) ширк дар: ☐ Муҳаббат ☐ тоат аст.
34-Ақсоми мардум дар чанг задани ба асбоб: ☐ Ду тараф ва миёна саҳеҳ ☐ ва ширки акбар ☐ ва ширки асғар.
35- Қурбонӣ аз бузургтарини ибодатҳои баданӣ аст: ☐ Дуруст ☐ хато.
36-Лаънат кардани гунаҳгорон ҷоиз намебошад, магар бар ваҷҳи умум: ☐ Дуруст ☐ хато.
37-Бояд мусалмон забонашро аз лаънат ва аз якдигарро лаънат кардан ҳифз кунад, пас лаънат накунад, магар касеро ки ба ҳуҷҷат мустаҳиққи лаънат бошад: ☐ Умумӣ мисли кофирон ☐ хос мисли рибохӯр ☐ ҳамагӣ.
38-Намоз хондан дар ҷойҳое ки барои душмании Аллоҳ ва расулаш омода шудааст, ҷоиз намебошад ба ҷуз масҷидҳо: ☐ Дуруст ☐ хато.
39-Ва ҳаргоҳ имкон дошта бошад, ки он ҷойҳоро ба макони тоат табдил додан, табдил дода мешавад: ☐ Дуруст ☐ хато.
40-Бори сафар бастан ба сӯи масҷиди Қубо барои намоз хондан саҳеҳ мебошад: ☐ Дуруст ☐ хато.
41-Рафтан ба ҷойҳои ширк, ки аз байн рафтаанд, ба хотири панд гирифтан саҳеҳ мебошад: ☐ Дуруст ☐ хато.
42-Рафтан ба сӯи ғори Ҳиро барои маърифате ки Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам чигуна ибодат мекард, саҳеҳ мебошад: ☐ Дуруст ☐ хато.
43-Меъроҷ ҳамон рафтани Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам аз Макка ба сӯи Байтулмақдис аст: ☐ Дуруст ☐ хато.
44-Касе аломатҳои роҳро, ки барои роҳнамой аст, тағйир диҳад: ☐ Лаънат-шуда ☐ гунаҳгор аст.
45-Солиҳонро паст мезананд ва фазли ононро инкор мекунанд: Ғулот ҷуфот миёнарав.

Суоли чорум: Ҳукми назрро бо тафсил зикр кун:



Суоли панҷум: Аз қоимаи (а) он чизе ки аз қоимаи (б) муносиб аст, гузор:

М	а	Б
1	Назр	Азоим номида мешавад ва далел аз он, он чиро ки холи аз ширк аст, хос кардааст.
2	Мунофиқ	Чизе мекунанд, ки гумон мекунанд, ки он занро ба шавҳараш ва шавҳарро ба занаш маҳбуб мегардонад
3	Руқияҳо	Чизест, ки бар гардани кӯдакон аз барои нарасидани чашм овезон карда мешавад
4	Тивала	Аз ҷониби Аллоҳ рондан ва дур кардан аз раҳмати Аллоҳ аст
5	Туморҳо	Мукаллаф чизеро, ки бар худаш воҷиб нест, лозим мегардонад.
6	Лаънат	ӯ касест, ки Исломро ошкор ва куфрро пинҳон мекунад ва аз одаташ озор додан аст.

Сеюм: Ботил будани ибодати ғайри Аллоҳ (4 боб)

Баъди тафсири тавҳид, далелҳо бар ботил будани ибодати ғайри Аллоҳро дар чор боб зикр кард:
❁Ботил будани ибодати бутҳо ва ғайри Аллоҳ таъоло ва ибодати Паёмбар ﷺ. ❁ Ботил будани ибодати малоикаҳо ва онон қарибтар ба сӯи Аллоҳ ҳастанд, ба ҷуз хоссаҳои фарзанди Одам. ❁ Ботил будани шафоати манфӣ барои ғайри Аллоҳ ва ин ки шафоат ҳаққи Аллоҳ таъолост. ❁ Ботил будани ҳидояти тавфиқ барои ғайри Аллоҳ ва ягон кас ҷуз Аллоҳ онро молик намешавад.

(15) Боб андар фармудаи Аллоҳ таъоло: "Оё ин мушрикон шарик муқаррар мекунанд (ба Аллоҳ) чизеро ки ҳеҷ (қудрате надорад, ки чизеро) биёфаринад. Ва худи ин шарикон (яъне бутон) махлуқанд ва обидони худро ёрӣ дода наметавонанд" то охири оят.

Аллоҳ таъоло оҷизии ин бутҳоро баён кард ва онҳо аз чор ваҷҳ салоҳияти маъбуд буданро надоранд: **1**-Онон халқ намекунанд ва касе ки халқ намекунад, мустаҳиққи парастидан намебошад. **2**-Онон аз нестӣ офарида шудаанд, пас онон ба ғайрашон аз рӯи ибтидо ва боқӣ мондан эҳтиёҷ доранд. **3**-Онон обидонашонро ёрӣ дода наметавонанд. **4**-Онҳо худашонро ёрӣ дода наметавонанд.

Далели дуюм:
Ва фармудаи Ӯ: "Онҳое ки ғайри Аллоҳро "яъне бутҳову чизи дигареро" парастиш мекунанд, он маъбудони ботил чизеро ба андозаи пусти хастаи хурмо ҳам молик нестанд" то охири оят.

(**Қитмир**): Он пусти тунуке, ки бар донаи хурмо аст.
Аллоҳ ибодати ғайрашро ба чанд амр ботил гардонд:
1-Онҳо молик нестанд.
2-Онҳо намешунаванд.
3-Мо агар фарз кунем, ки онҳо мешунаванд, иҷобат намекунанд, зеро онҳо қудрати иҷобатро надоранд.
4-Дар рӯзи қиёмат Аллоҳ он чиро ки ҷуз Ӯ парастида мешуд, меорад, пас ба ширки касе ки ба он ширк меовард, кофир мешавад.

Далели сеюм то шашум:

3). Ва фармудаи Ӯ: "Онҳое ки ғайри Аллоҳро "яъне бутҳову чизи дигареро" парастиш мекунанд, он маъбудони ботил чизеро ба андозаи пусти хастаи хурмо ҳам молик нестанд" то охири оят.

4). Ва дар Саҳеҳ (-и Бухорӣ) раҳимаҳуллоҳ аз Анас ривоят аст, ки гуфт: Дар ғазваи Уҳуд сари Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам кафонда шуд ва дандонашон шикаста шуд, пас фармуд: "Чигуна қавме наҷот меёбад, ки сари паёмбарашонро кафонданд?" Пас ин оят нозил шуд: ("Эй Паёмбар!" ба дасти ту коре нест).

5). Ва дар Саҳеҳ (и-Бухорӣ) аз Ибни Умар разияллоҳу анҳумо ривоят шуда, ки ӯ Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва салламро шунида, ки ҳаргоҳ аз рукӯъ дар ракаати охири фаҷр (бомдод) сарашро мебардошт, мефармуд: Эй Аллоҳ фалонӣ ва фалониро лаънат кун! Баъде ки самиъаллоҳу лиман ҳамидаҳ, раббано валакал ҳамд мегуфт. Пас Аллоҳ ин оятро нозил кард: "(Эй Паёмбар!) ба дасти ту коре нест". Ва дар ривояте: Бар Сафвон Ибни Умайя, Суҳайл Ибни Амр ва Ҳорис ибни Ҳишом дуо мекард, пас ин оят нозил шуд: "(Эй Паёмбар!)Ба дасти Ту коре нест".

6). Ва дар Бухорӣ аз Абӯҳурайра разияллоҳу анҳу ривоят аст, ки гуфт: Вақте бар Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам ояти: "Ва хешовандони наз-дикатро бим деҳ" нозил шуд, қоим шуда фармуд: "Эй гуруҳи Қурайш, ё сухане ҳамонанди он, худатонро наҷот диҳед, Ман аз шумо чизеро бар хилофи иродаи Аллоҳ дӯр карда наметавонам! Эй Аббос Ибни Абдулмутталиб аз ту чизеро бар хилофи иродаи Аллоҳ дӯр карда наметавонам! Эй Сафия аммаи Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам аз ту чизеро бар хилофи иродаи Аллоҳ дӯр карда наметавонам ва эй Фотима бинти Муҳаммад он чи аз моли Ман мехоҳӣ бипурс, Ман аз ту чизеро бар хилофи иродаи Аллоҳ дӯр карда наметавонам".

❁(Шуҷҷа): Шаҷҷа: Ҷароҳате, ки хос дар сар ва рӯ аст.

❁(Рубоъиятуҳу): Дандонҳои миёна, саноё номида мешавад ва дандонҳои наздики онро рубоъӣ номида мешавад.

❁Дар ин, ин аст, ки Паёмбар ﷺ башар аст, ба ӯ мерасад он чизе ки ба башар мерасад ва ботил будани ибодати Ӯ ﷻ.

❁Дар ин ибрат барои ибратгиранда аст, ба ин ки раҳмати Аллоҳро аз кадом бандае, ки гунаҳгор бошад, дур нашуморем.

❁(Сафвон ибни Умайя ва Суҳайл ибни Амр ва Ҳорис ибни Ҳишом), ин се нафар ислом оварданд ва исломашонро нек карданд, пас ҳоло нек андеша кун, ки душманӣ ба дӯстӣ табдил меёбад.

❁ Лаънати наҳйшуда, ҳамон:

1). Лаънати кофирон бар ваҷҳи муайян аст, аммо лаънати онон ба таври умум боке надорад. Ва дуо кардан бар алайҳи кофирон ба гуфтаамон: Эй Аллоҳ мусалмононро аз он роҳат бахш, боке надорад.

2). Дуо ба ҳалоки умуми кофирон, пас Паёмбар ﷺ бар алайҳи онон дуо накард ва Аллоҳ боқӣ мондани ононро тақдир кардааст.

Масъалаҳо:

Якум: Тафсири ду оят. (Ва дар он ду ботил будани ибодати бутон ва ғайри Аллоҳ аст).

Дуюм: Қиссаи Уҳуд. (Дар ин ботил будани ибодати Ӯ ﷻ аст, пас ибодати ғайри Ӯ аз боби авло ботил аст)

Сеюм: Дуои сайиди расулон ва аз паси вай саллаллоҳу алайҳи ва саллам беҳтарини авлиё (яъне саҳобагон) дар намоз омин мегуфтанд. (Ягон кас аз ин уммат аз Ӯ ﷻ ва ёронаш дида ба Аллоҳ наздиктар нест ва бо вуҷуди ин ба Аллоҳ рӯ меоранд, пас ғайрашон аз боби авло рӯ биёранд).

Чорум: Бар зарари онҳое, ки дуо мекард, кофир буданд. (Ва Паёмбар ﷺ аз амри онҳо чизеро молик нест).

Панҷум: Онҳо корҳое карданд, ки ғолиби кофирон накарда буданд, яъне кафондани сари паёмбарашон ва ҳарис буданашон бар қатли Вай ва гушу бини кушташудагонро буридан, бо вуҷуди ин ки аммакзодаҳояшон буданд.

Шашум: Дар қазия Аллоҳ бар Ӯ ин оятро нозил кард: ("Эй Паёмбар" бар дасти ту коре нест). (Пас амр аз они Аллоҳ аст).

Ҳафтум: Фармудаи Ӯ таъоло: "Ё тавбаи онҳоро мепазирад, ё ононро азоб медиҳад", пас онҳо тавба кардану имон оварданд.

Ҳаштум: Дуо кардан дар вақти нозил шудани мусибат. (Раво нест, магар дар умуре ки аз тарафи Аллоҳ нозил мешавад, мисли заминҷунбӣ).

Нуҳум: Бар касе, ки дар намоз дуоои бад мекунӣ номи онҳо ва номи падаронашонро гирифтан. (Ҷоиз аст).

Даҳум: Лаънат кардани шахси муайян дар дуо. (Воқеъ шуд, сипас аз он манъ карда шуд).

Ёздаҳум: Қиссаи Ӯ саллаллоҳу алайҳи ва саллам, вақте ки бар вай ояти "Ва хешовандони наздикатро бим бидеҳ" нозил шуд. (Амри Аллоҳро итоат кард).

Дувоздаҳум: Кӯшишу талоши Ӯ саллаллоҳу алайҳи ва саллам дар ин амр, ба ҳайсияте ки анҷом дод он чизеро, ки ба сабаби он девонааш гуфтанд ва инчунин ҳозир агар мусалмоне он корро анҷом диҳад девонааш мегӯянд. (Пас сарф кардани кушишу иҷтиҳод дар даъват ба ҳикмат воҷиб аст).

Сездаҳум: Гуфтаи Ӯ саллаллоҳу алайҳи ва саллам барои хеши дуру наздикаш "Ман аз ту чизеро бар хилофи иродаи Аллоҳ дур карда наметавонам" то ки гуфт: "Эй Фотима бинти Муҳаммад, ман аз ту чизеро бар хилофи иродаи Аллоҳ дур карда наметавонам". Ҳаргоҳ сайиди расулон саллаллоҳу алайҳи ва саллам ошкор гӯяд, ки аз сайиди занони оламиён чизеро дур карда наметавонад ва инсон имон дорад, ки Ӯ ба ҷуз ҳақ чизе намегӯяд, сипас имруз назар кунад он чизе ки дар дили мардуми хос воқеъ шудааст, барояш тарки тавҳид ва ғарибии дин маълум мешавад. (Чизе ки нисбат ба Ӯ ﷻ фоида медиҳад, ҳамон имон овардан ба Ӯ ва пайравӣ Ӯ будан аст, сипас муҳаббату майли мӯъмин ба Расулуллоҳ ﷺ амрест, ки инкор карда намешавад, локин барои инсон лоиқ нест, ки муҳаббатро ҳоким қарор диҳад, балки бар инсон воҷиб аст, ки бар он чизе ки Қуръон ва суннат далолат мекунад ва онро ақли сареҳи солим аз шубҳаҳоҳо ва шаҳватҳо таъйид мекунад, пайравӣ намояд).

Боб (16) андар фармудаи Аллоҳ таъоло: "То чун тарсу ҳарос аз дилҳояшон бартараф шуд, мегӯянд: Парвардигоратон чӣ фармуд? Мегӯянд: Ҳақ ва Ӯст баландмартабаи бузург".

❁Ин аз ҳуҷҷатҳои далолаткунанда бар ин аст, ки ягон кас мустаҳиққи шарик будан бо Аллоҳро надорад, зеро малоикаҳо қарибтарини халқ ба Аллоҳ ҳастанд, ҷуз хоссаҳои фарзанди одам, ва бо вуҷуди ин онон дар вақти шунидани каломи Аллоҳ таъоло метарсанд.

Имони ба малоика чиро дар бар мегирад?

❁Имони ба онон шомили ин аст ки онҳо олами ғайбӣ ҳастанд, Аллоҳ таъоло онҳоро аз нур офаридааст, Аллоҳро итоат мекунанд ва Ӯро бефармонӣ намекунанд, онҳо дорои арвоҳ, ақлҳо, ҷасадҳо ва қалбҳо ҳастанд. Ба онҳо ва ба он чизе ки Аллоҳ аз амалҳои онон ва сифатҳои онон ва номҳои онон хабар додааст ва хабарҳое ки аз онон омадааст, имон меорем.

❁(Фуззиъа): Тарси ногаҳонӣ аз дилҳояшон бартараф шуд, (Ва ҳувалъалийю): Аҳли суннат барои Аллоҳ:

1). Улуви зот.

2). Улуви сифатҳо.

3). Улуви қаҳру ғалаба бар ҳамаи махлуқотро исбот мекунанд.

Фоидаҳои оят:

❁Малоикаҳо аз Аллоҳ метарсанд, Аллоҳ таъоло фармуд: (Парвардигорашонро аз болояшон метарсанд).

❁ Исботи қалб барои малоикаҳо, Аллоҳ таъоло фармуд: (То тарс аз дилҳояшон бартараф шавад).

❁ Исботи ин ки онҳо ҷисманд ва арвоҳи холи аз ҷисм нестанд, Аллоҳ таъоло мефармояд: ("Касе" ки фариштагонро расулоне қарор дод, дорои болҳои дугона ва сегона ва чаҳоргона).

❁ Дорои ақланд, зеро қалбҳо ҷои бардошти ақлҳост.

❁ Исботи қавл барои Аллоҳ таъоло ва ин ки он ба машийят вобаста аст.

❁ Исботи ин ки қавли Аллоҳ ҳақ аст ва ҳақ дар каломи Аллоҳ, ҳамон: 1). Хабарҳои рост, 2) ва адл дар аҳком, Аллоҳ таъоло мефармояд: (Ва каломи Парвардигори ту бо сидқ ва адл ба анҷом расид).

Далели улуви зот ба таври иҷмол панҷтост:

- Қуръон
- Суннат
- Иҷмоъ
- Ақл
- Фитрат

Далели дуюм:

Ва дар Саҳеҳи Бухорӣ аз Абӯҳурайра разияллоҳу анҳу ривоят аст, ки Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд: Ҳаргоҳ Аллоҳ ба амре дар осмон фармон диҳад, фариштагон аз рӯи фурӯтанӣ дар баробари сухани Ӯ, болҳои худро ба ҳам мезананд, гӯё ин (бонги) занҷире аст бар рӯи санги соф (ҳамвор), ки ин ҳолат ҳамаро аз аввал ва охирашон дар бар мегирад "Ва чун изтироб аз дилҳояшон бартараф мешавад, аз якдигар мепурсанд: Парвардигори шумо чӣ фармуд? Дигарон мегӯянд: Ӯ ҳақ ва рост фармуд ва Ӯст баландмартабаи бузург". Пас ин дастурро мустариқуссамъ (ҷинҳое, ки пинҳонӣ гуш мекунанд) мешунавад ва онҳо дар болои якдигаранд. Суфён раҳимаҳуллоҳ ҳолати онҳоро ба кафи дасташ васф намуд, пас кафи дасташро кач намуду байни ангуштонаш фосила гузошт, пас (ҷин) суханеро, ки мешунавад ба ҷинни поёни худ хабар медиҳад, сипас он ба ҷинни поёни худ хабар медиҳад то ба ҷодугар ё фолбин хабар медиҳад, пас шояд, ки шиҳоб ӯро пеш аз хабар доданаш дарк кунад ва шояд, ки пеш аз расидани шиҳоб хабар диҳад, пас ҳамроҳи он сухан сад дурӯғи дигар изофа мекунад. Пас гуфта мешавад: Оё барои мо рӯзе инчунин ва инчунин, инчунин ва инчунин нагуфта буд, пас ба хотири он сухане, ки аз осмон шунида буд, тасдиқ карда мешавад.

(Сафвон): Санги ҳамвори сахт аст ва занҷир бар болои он овози бузурге дорад ва мақсад ташбеҳ кардани он тарсест, ки дар вақти шунидани сухани Аллоҳ ҳосил мешавад.

(Янфузуҳум золик): Ин овоз ҳамаро аз аввал то охир фаро мегирад.

Фоидаҳои ҳадис:

❁Исботи қавл барои Аллоҳ таъоло ва исботи бузургии Аллоҳ ва аз Аллоҳ таъоло содир намешавад магар ҳақ.

❁Исботи болҳо ва сухан ва ақл барои малоикаҳо ва ин ки онҳо метарсанд ва барои Аллоҳ фурӯтанӣ мекунанд.

❁Аллоҳ ба ҷинҳо қуввати расидан ба осмонро медиҳад аз рӯи фитнаи мардум.

❁ Бисёрии ҷин ва ҷисмҳояшон сабук аст, мепаранд.

❁ Коҳинон аз дурӯғгӯтарини мардуманд ва барои ин ба он чизе ки шуниданд, дурӯғҳои бисёре изофа мекунанд.

❁ Ҷодугар барои ҷодушуда ғайри воқеъро нишон медиҳад, пас аз он ҳазар кардан воҷиб аст.

❁ Марҳалаҳои дуздидани ҷинҳо ваҳйро:

1-Пеш аз фиристодани Паёмбар ﷺ дуздӣ бисёр буд.

2-Вақте Паёмбар ﷺ фиристода шуд, аз дуздидани ваҳй манъ карда шуданд.


3-Баъди вафоти Ӯ ﷺ гашта дуздӣ мекарданд, локин кам медузданд.

Далели сеюм:

Аз Наввос ибни Самъон разияллоҳу анҳу ривоят аст, ки Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд: Ҳаргоҳ Аллоҳ таъоло хоҳад, ки ба амре ваҳй намояд, ба ваҳй сухан мекунад, ки аҳли осмонҳо ба ларза меоянд, ё аз тарси Аллоҳ азза ва ҷалла ларзаи сахте онҳоро фаро мегирад. Ҳаргоҳ инро аҳли осмонҳо шунаванд. Беҳуш шаванд ва барои Аллоҳ ба саҷда раванд. Пас аввалин касе ки сарашро аз саҷда баланд мекунад Ҷибраил алайҳис салом аст. Пас Аллоҳ аз ваҳяш он чи хоста буд бо вай сухан мегӯяд, сипас Ҷибраил ба назди малоикаҳо мегузарад. Ҳаргоҳ аз осмоне гузарад, малоикаҳои он ӯро мепурсанд: Эй Ҷибраил, Парвардигорамон чӣ гуфт?! Пас Ҷибраил мегӯяд: Ҳақ гуфт ва Ӯ олимартабаи бузург аст. Пас ҳамаашон монанди гуфтаи Ҷибраил алайҳис салом мегӯянд, баъд аз он Ҷибраил ин ваҳйиро ба ҷое, ки Аллоҳ азза ва ҷалла ӯро дастур додааст, мерасонад".

Фоидаҳои ҳадис

❁Исботи ирода барои Аллоҳ ва он ду қисм аст:
1-Иродаи шаръӣ
2-Иродаи кавнӣ.
❁Махлуқот агарчи ҷамодот бошанд, азамати Аллоҳро ҳис мекунанд.
❁Исботи чандто будани осмонҳо ва ин ки барои ҳар осмон малоикаҳои хос ҳастанд.
❁Фазилати Ҷибраил ба ҳайсияте ки ӯ ба амонати ваҳй машҳуру маъруф аст ва ин ки ӯ амин аст.
❁Исботи иззат ва ҷалол барои Аллоҳ.



Масъалаҳо:

Якум: Тафсири оят.

Дуюм: Дар ин оят ҳуҷҷат аст бар ботил кардани ширк, хоссатан он чи ки бар солеҳон тааллуқ дорад. Ин оятест, ки дар шаъни он гуфта шудааст: Албатта ин оят решаҳои дарахти ширкро аз дил меканад.

Сеюм: Тафсири фармудаи Аллоҳ таъоло: Гуфтанд: Ҳақро фармуд ва Ӯ олимартабаи бузург аст.

Чорум: Сабаби саволи онҳо аз ин амр. (Сахт тарсиданашон буд).

Панҷум: Ҷибраил алайҳис салом баъди ин ононро посух дод: (Инчунин ва инчунин фармуд).

Шашум: Зикри аввалин касе, ки сарашро аз саҷда мебардорад Ҷибраил аст. (Дар ин фазилати ӯст).

Ҳафтум: Ӯ барои ҳамаи аҳли осмонҳо мегӯяд, зеро онҳо аз Ӯ мепурсанд. (Далел бар бузург будани ӯ дар байни онҳост).

Ҳаштум: Ҳамоно беҳушӣ ҳамаи аҳли осмонҳоро фаро мегирад.

Нуҳум: Ба ларза омадани аҳли осмонҳо аз каломи Аллоҳ. (Аз рӯи таъзими Аллоҳ).

Даҳум: Ин ки Ҷибраил ваҳйро ба ҷое ки Аллоҳ ӯро дастур додааст, мерасонад, (зеро ӯ амин аст).

Ёздаҳум: Зикри пинҳонӣ гуш кардани шайтонҳо.

Дувоздаҳум: Сифати савор шудани онҳо бар болои якдигарашон.

Сездаҳум: Фисристодани шиҳобҳо (сангпораҳо), (ки сухандуздонро месӯзонад).

Чордаҳум: Албатта ӯро шиҳоб мерасад, пеш аз хабар доданаш ва гоҳо дар гуши дӯсти инсияш мерасонад, пеш аз ин ки шиҳоб ба ӯ бирасад.

Понздаҳум: Фолбин гоҳо рост мегӯяд.

Шонздаҳум: Бо сухане, ки аз осмон шунида аст, сад дурӯғи дигар изофа мекунад, (бар сабили муболаға на таҳдид).

Ҳабдаҳум: Дурӯғи ӯ тасдиқ карда намешавад, магар ба хотирри он калимае, ки аз осмон шунидааст.

Ҳаждаҳум: Нафсҳо ботилро қабул мекунанд, чӣ гуна дилбохтаи як сухани ҳақ мешаванд ва сад дурӯғро ба эътибор намегиранд?

Нуздаҳум: Он калимаро аз якдигар меомӯзанду ҳифз мекунанд ва ба он далел меоранд, (зеро он калима матоъашонро ривоҷ медиҳад ва агар ҳамаи матоъашон дурӯғ мебуд, ривоҷ намеёфт).

Бистум: Исбот кардани сифатҳо бар хилофи ашъариҳои муаттила.

Бистуякум: Ошкор намудани ин ки он ларзаву беҳушӣ аз тарси Аллоҳ азза ва ҷалла мебошад.

Бистудуюм: Албатта онҳо барои Аллоҳ ба саҷда мераванд. (Аз рӯи таъзими Аллоҳ ва тақво кардан аз чизе ки метарсанд).

(17) Боб андар шафоат

Барои чӣ муаллиф раҳимаҳуллоҳ ин бобро овард?

❁ Барои ботил будани шафоати бутҳо, чаро ки кофирон эътиқод доштанд, ки онҳо дар назди Аллоҳ шафоат мекунанд.

❁ Аллоҳ илм, қудрат ва султони комил дорад, монанди подшоҳони дунё нест, подшоҳони дунё ба шафоатгарон эҳтиёҷ доранд, барои камии илмашон ва султонашон ва қудраташон мебошад, пас шафоатгарон ононро дар ин ёрӣ медиҳанд, пас шафоатгарон бар онон ҷуръат мекунанд, пас беиҷозат шафоат мекунанд.

Далели аввал то панҷум:

1-Ва фармудаи Аллоҳ азза ва ҷалла: "Ва ононро, ки аз ҳозир шудан дар пешгоҳи Парвардигорашон тарсонанд ба Қуръон бим бидеҳ, ки ҷуз Аллоҳ онҳоро ёру шафоатгаре нест, шояд онҳо тақво пеша кунанд".

2-Ва фармудаи Аллоҳ: "Бигӯ ҳамаи шафоат барои Аллоҳ аст".

3-Ва фармудаи Аллоҳ: "Кӣ дар пешгоҳи Ӯ шафоат мекунад, магар ба фармони Ӯ".

4-Ва фармудаи Аллоҳ: "Ва бисёр малак дар осмонҳо ҳаст, ки шафоаташон судманд нест, ҷуз ба амри Аллоҳ ва бар он кас ки Аллоҳ бихоҳад ва аз ӯ хушнуд бошад".

5-Ва фармудаи Аллоҳ: "(Эй расули Мо мушриконро) бигӯ: Онҳоеро, ки ба ҷуз Аллоҳ шумо муассир пиндоштед, бихонед (дуо кунед) ба андозаи заррае дар осмонҳо ва замин молик нестанд. Ва бо Аллоҳ ширкате дар офариниши осмон ва замин надошта ва ба Ӯ дар офариниш ёрӣ ва кумаке накардаанд. Ва шафоати касе назди Аллоҳ ҳам ҷуз он ки Аллоҳ ба ӯ иҷозати шафоат дода судманд нест".

❁(Ва ба он бим бидеҳ): Инзор ҳамон эълонест, ки шомили тарсонанда аст ва маънояш: Ба Қуръон бим медиҳад

❁(Ва чӣ қадар малоика аст): Яъне малоикаҳо дар осмон дар бисёр аст ва бо вуҷуди ин шафоати онон фоидае намедиҳад, магар баъди иҷозати Аллоҳ ва ризои Ӯ аз шафоатгар ва шафоатшуда мебошад.

❁(Дуо кунед): Барои мубориза ва оҷизгардондан аст, ба маънои ин ки ононро ҳозир кунед ё онҳоро дуои масъалат намоед.

❁(Аз шарик): Яъне онон ба танҳои молик намебошанд ва на ба шарикӣ.

❁(Ёридиҳандае): Аз бутон ёридиҳанда буданашонро нафӣ кард ва заҳир ҳамон ёридиҳанда аст.

Тақсим ва танзими қоида барои қавли муфид

❁Аз ин бутҳо ҳамаи он чизе ки обидонашон ба он мутааллиқ мешуданд, нафй шуд. Пас онҳо чизеро ба танҳои молик нестанд ва на ба шарикӣ ва на ба ёридиҳӣ, чаро касе туро ёрӣ диҳад ва агарчи бо ту шарик набошад, барои ӯ бар болои ту миннат мешавад, пас шояд ки дар атои ӯ он чиро мехоҳад, бо ӯ дустӣ мекунӣ. Ҳаргоҳ ин се амр нафй шуд, танҳо шафоат боқӣ монд ва ба ростӣ онро Аллоҳ ботил гардонд, пас шафоати онҳо фоида намедиҳад.

❁Аз ин оят ва ояти зерин Ибни Қайим раҳимаҳуллоҳу таъоло мегӯяд: (Ин оятест, ки решаҳои дарахти ширкро аз дил меканад).

Ақсоми шафоат (он миёнаравй барои дигаре дар қалби манфиат ё дур кардани зарар аст)

Мусбат: Аллоҳ таъоло онро барои нафсаш исбот кардааст ва аз Ӯ ба чанд шарт талаб карда мешавад: ❁ Ба шафоат дастур додан. ❁ Аз шафоатгар розӣ будан. ❁ Аз шафоатшаванда розӣ будан.

Манфӣ: Ин ҳамон шафоатест, ки Қуръон нафй кардааст ва аз ғайри Аллоҳ таъоло дар он чизе ки қудрат бар он надорад, магар Аллоҳ талаб карда мешавад ва дар он ширки акбар аст.

Дар он чизе ки банда қудрат дорад ва ин дуруст аст, ба шарте ки шафоатгар:
❁Зинда.
❁ Тавоно.
❁ Ҳозир.
❁ Сабаб бошад.

Ва чӣ бисёр фариштагоне дар осмонҳо ҳастанд, ки шафоати онҳо ҳеҷ фоида намебахшад, магар пас аз он ки Аллоҳ барои ҳар кас ки бихоҳад иҷоза диҳад ва розӣ шавад.

Хос ба Паёмбар ﷺ аст, дар он ӯро касе шарикӣ намекунад:
❁ Шафоати бузург ва он мақоми маҳмуд аст, ки Аллоҳ ӯро ваъда додааст.
❁Шафоати Ӯ ﷺ дар аммакаш Абӯтолиб, ки аз ӯ азоб сабук карда шавад.
❁ Шафоати Ӯ ﷺ дар кушодани дарҳои Ҷаннат барои ҷанатиён.

Омм аст барои Паёмбар ﷺ ва ҳамаи анбиё ва малоикаҳо ва яктопарастон ва кӯдакони хӯрдсол:
❁ Шафоат дар бардоштани дараҷаҳои мӯъминон.
❁ Шафоат дар ҳаққи касе аз яктопарастон, ки мустаҳиққи оташ, дар оташ дохил нашавад.
❁ Шафоат дар ҳаққи касе аз яктопарастон, ки дохили оташ шудааст, ки аз он хориҷ шавад.

Абӯлаббос гуфт: Аллоҳ нафй намуд ҳар он чизеро, ки мушрикон ба он дилбохта мешаванд. Пас нафй намуд, ки барои ғайри Ӯ мулк бошад ё насибе аз он ё ёвари Аллоҳ бошад ва чизе ҷуз шафоат боқӣ намонд, пас баён намуд, ки он шафоат суде надорад, магар барои касе ки Парвардигор барояш иҷозат дода бошад, ҳамчуноне ки фармуд: "Ва шафоат намекунанд, магар барои касе ки Аллоҳ аз вай хушнуд шудааст". Ин шафоатеро, ки мушрикон мепиндоранд, дар рӯзи қиёмат нафй шудааст, ҳамчуноне ки Қуръон онро нафй намудааст. Ва Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам хабар доданд, ки Ӯ дар рӯзи қиёмат меояду барои Парвардигораш саҷда мекунад ва Ӯро ситоиш мекунад, нахустин ба шафоат шурӯъ намекунад, сипас барояш гуфта мешавад: Саратро бардор, бигӯ шунида мешавӣ, бипурс дода мешавӣ ва шафоат кун, шафоати Ту қабул карда мешавад.
Ва Абӯҳурайра разияллоҳу анҳу ба Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам гуфт: Кадом мардум ба шафоати Ту бисёртар сазовор мегарданд? Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд: "Касе ки ло илоҳа иллаллоҳро аз самими қалбаш гӯяд". Пас он шафоат барои аҳли ихлос ба иҷозати Аллоҳ аст ва барои касоне ки ба Аллоҳ ширк меоранд, нест. Ва ҳақиқати шафоат ин аст, ки Аллоҳ субҳонаҳу ба фазлаш аҳли ихлосро мағфират менамояд ба воситаи дуои шахсе ки Аллоҳ барояш иҷозати шафоат дода аст, то шафоатгарро икром намояд ва мақоми маҳмудро ноил шавад. Пас шафоатеро, ки Қуръон нафй кардааст, шафоатест, ки дар он ширк вуҷуд дорад. Барои ин шафоати ба иҷозати Аллоҳро дар чанд мавзеъ исбот кардааст. Дар ҳақиқат Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам баён намуд, ки шафоат танҳо барои аҳли тавҳид (яктопарастон) ва аҳли ихлос мебошад. Суханаш ба охир расид.

Масъалаҳо:

Якум: Тафсири оятҳо. (Ва он панҷ оят аст).
Дуюм: Сифати шафоати манфӣ. (Шафоате ки дар он ширк бошад).
Сеюм: Сифати шафоати мусбат. (Ва он шафоати аҳли тавҳид баъди иҷозат додани Аллоҳ ҷалла ва ало ва ризоӣ Ӯ аз шафоатгар ва шафоатшаванда аст).
Чорум: Зикри шафоати кубро (бузург) ва он мақоми маҳмуд аст.
Панҷум: Сифати феъли Паёмбар ﷺ ва ин ки Ӯ аввалан шафоат намекунад, балки саҷда мекунад, пас ҳаргоҳ барояш иҷозат дода шуд, шафоат мекунад. (Ва ин бар азамати Парвардигори таъоло ва адаби комили Паёмбар ﷺ далолат мекунад).
Шашум: Сазоворторини мардум ба шафоат кист? (Аҳли тавҳид ва ихлос)
Ҳафтум: Шафоат барои касе, ки ба Аллоҳ шарик меорад, намебошад.
Ҳаштум: Баёни ҳақиқати шафоат. (Аллоҳ субҳонаҳу ҳамон зотест, ки бар аҳли ихлос фазл мекунад, пас ононро ба воситаи дуои касе ки барояш иҷозати шафоат додааст, мағфират мекунад, то шафоатгарро икром кунад ва мақоми маҳмудро ноил шавад).

(18) Боб андар фармудаи Аллоҳ таъоло: "Албатта ту ҳидоят намекунӣ касеро, ки дӯст медорӣ" то охири оят

Далели дуюм:

Дар Саҳеҳи Бухорӣ аз Ибни Мусайяб аз падараш ривоят аст, ки ӯ гуфт: Вақте марги Абӯтолиб наздик шуд, Расулуллоҳ ﷺ ба наздаш омад ва дар назди ӯ Абдуллоҳ ибни Абӯумайя ва Абӯҷаҳл буданд. Пас Паёмбар ﷺ барои ӯ гуфт: Эй амак! Ло илоҳа иллаллоҳ бигӯ, калимае ки ман барои наҷоти ту дар назди Аллоҳ ҳуҷҷат биёрам. Онҳо барояш гуфтанд: Аз дини Абдулмутталиб рӯ мегардонӣ? Пас Паёмбар ﷺ суханашро такрор кард, онҳо низ такрор карданд. Охири суханаш ин буд, ки гуфт: Бар дини Абдулмутталиб аст ва аз ло илоҳа иллаллоҳ гуфтан саркашӣ кард. Пас Паёмбар ﷺ фармуд: Бароят талаби мағфират мекунам, модоме ки аз он манъ карда нашавам. Пас Аллоҳ азза ва ҷалла ин оятро нозил намуд: "Бар Паёмбар ва мӯъминон раво нест, ки барои мушрикон талаби омурзиш кунанд, ҳарчанд хешовандонашон бошанд". Ва Аллоҳ дар бораи Абӯтолиб ин оятро нозил намуд: "Албатта Ту ҳидоят наметавонӣ кард касеро, ки дӯст медорӣ, вале Аллоҳ ҳар киро хоҳад ҳидоят мекунад ва Ӯ ба ҳидоятёфтагон донотар аст".

Қисмҳои ҳидоят:

Ҳидояти тавфиқ: Танҳо молики он Аллоҳ аст (Ту ҳидоят намекунӣ, касеро ки дӯст медорӣ)	Ҳидояти далолат ва роҳнамоӣ: Инро Паёмбар молик мешавад (Ва ту ҳароина ба роҳи рост ҳидоят мекунӣ)

❁Инро зикр кард, то баён намояд, ки ягон кас ҳидояти тавфиқ дода наметавонад, пас ба он чи Аллоҳ амр кардааст, қоим шавад.

❁Ишкол: Чигуна Паёмбар ﷺ Абӯтолибро дӯст медошт, дар ҳоле ки ӯ кофир буд?

Ҷавоб: Ё тақдири ҷумла мебошад: 1) Касеро ки ҳидояташро дӯст медорӣ, на худи ӯро (ва ин қавитарини суханҳост), 2) ё касеро ки табиатан дӯст медорӣ ва ин ҷоиз аст, 3) ё касеро ки пеш аз наҳйи аз муҳаббати кофирон дӯст медорӣ.

❁ (Расулуллоҳ ﷺ пеши ӯ омад) дар ин мустаҳаб будани зиёрати кофир аст, ҳарогоҳ ислом овардани ӯро умед карда шавад.

❁ (Эй амак): Ба ин куня, ки далолат бар шафқат дорад, гуфт ва ин аз ҳикмати дар даъват аст.

❁ Чигуна ҷамъ меорем байни ин ҳадис ва қавли олимон талқини касе ки ӯро вафот ҳозир шудааст, суннат мебошад, локин беқавл? Ҷавоб ин ки абӯтолиб кофир буд, пас ҳаргоҳ барояш гуфта шавад: Бигӯ ва рад кунад, пас ӯ бар куфраш боқӣ аст, ӯро ба ин талқин кардан зарар надорад, ба хилофи мусалмон, ки дар хатар аст, зеро шояд ӯро талқин зарараш мекунад.

❁ (Марг ҳозир шуд) яъне (1) бар вай аломатҳои марг намоён шуд ва намурд ва бинобар ин оё тавбааш қабул мешавад ва қавли дуюм ин аст, ки тавбааш қабул намешавад, зеро ки оят: (Ва барои касоне ки корҳои бад муртакиб мешаванд, то вақте ки марги яке аз онон фаро расад ,мегӯяд: Акнун тавба кардам, тавба нест) комилан бо ҳадис мувофиқ аст. (2) Зеро Ӯ гуфт: (Барои ту ҳуҷҷат биёрам) ва ба фоида расондани он бар вай қатъй нагуфт. (3) Ин амр хос ба Паёмбар ﷺ барои амакаш бо вуҷуди кофир буданаш шафоат мекунад.

❁ Мусайяб ва Абдуллоҳ ибни Абӯумайя разияллоҳу анҳумо ислом овар-данд ба хилофи Абӯтолиб ва Абӯҷаҳл.

❁ (Ӯ бар миллат): Дар ҷои (ман) замири (ҳува-ӯ) гузошт, пас дар ин таҳқиқи ровиён барои тавҳид аст.

Масъалаҳо:

Якум: Тафсири ояти: (Албатта Ту ҳидоят наметавонӣ кард касеро, ки дӯст медорӣ, вале Аллоҳ ҳар киро хоҳад ҳидоят мекунад).

Дуюм: Тафсири ояти: (Бар Паёмбар ва мӯъминон раво нест...). (Ошкор кардани ғам барои мавти онон ва таъзияи онон ҳаром аст)

Сеюм: Ва он масъалаи бузург аст, тафсири қавли Ӯ ﷺ: "Ло илоҳа иллал-лоҳ, бигӯ" бар хилофи касоне, ки даъвои илм доранд. (Ва барои ин аз гуфтани он худдорӣ кард).

Чорум: Абӯҷаҳл ва ҳамроҳонаш мақсади Паёмбар ﷺ-ро медонистанд, ки ҳаргоҳ барои марде гӯяд: Ло илоҳа иллаллоҳ, бигӯ. Пас Аллоҳ аз хайру баракат маҳрум созад касеро, ки Абӯҷаҳл аз ӯ дида асли исломро хубтар бидонад.

Панҷум: Кушишу талоши Паёмбар ﷺ дар ислом овардани амакаш (1) барои хешу тоабарияш, (2) барои некие, ки барои Расулуллоҳ ва Ислом карда буд, пас вай барои ин сипосгуфташуда аст ва агарчи бар куфраш гунаҳгор аст).

Шашум: Рад бар касоне ки мепиндоранд, ки Абдулмутталиб ва аҷдодаш мусалмон буданд. (Миллати онон куфр буд).

Ҳафтум: Паёмбар ﷺ барои вай талаби омурзиш намуд, пас омурзида нашуд, балки Паёмбар ﷺ аз он манъ карда шуд. (Амр дар дасти Аллоҳ аст).

Ҳаштум: Зарари рафиқон бад дар инсон.

Нуҳум: Зарари таъзими гузаштагон (ҳаргоҳ ки дар ботил бошанд).

Даҳум: Шубҳаи ботилкорон дар ин, барои далел овардани Абӯҷаҳл ба таъзими гузаштагон.

Ёздаҳум: Далел бар ин ки охири амалҳо эътибор дорад, зеро ӯ агар мегуфт, ҳароина фоидааш медод.

Дувоздаҳум: Дар бузург будани ин шубҳа дар дилҳои гумроҳон андеша карда шавад, зеро дар ин қисса онҳо муноқаша накарданд, магар ба он (яъне таъзими гузаштагон) бо вуҷуди кушишу такрори Паёмбар ﷺ. Ба хотири бузургӣ ва равшании он дар наздашон ба он қаноат карданд (яъне ба гуфтаашон: Оё аз дини Абдулмутталиб рӯ мегардонӣ). (Ва ин шубҳаи таъзими гузаштагон ва бузургон аст)

Имтиҳони қисми сеюм (4 боб аст)

Суоли якум: Бобҳои ин қисм ва сабаби овардани муаллиф барои ҳар бобро зикр кун:

М	Унвони он	Сабаби овардани муаллиф раҳимаҳуллоҳ бобро
1	.....	.....
2	.....	.....
3	.....	.....
4	.....	.....

Суоли дуюм: Аҳкоми амалҳои зеринро баён кун:

Ҷоиз (1), ғайри ҷоиз (2), ширки акбар (3) мустаҳаб\суннат (4)

Талаби шафоат аз мурдагон	.....	Тавассул ба ҷоҳи Паёмбар ﷺ	.....
Аёдати бемори мушрик	.....	Талқини касе ки ӯро марг фаро расидааст	.....
Лаънати муайян	.....	Лаънати умуми кофирон	.....

Суоли сеюм: Аломати ☒ дар макони муносиб гузор ё ҷои холиро пур кун:

1-Қисми сеюм дар китоби тавҳид ҳамон: ☐ Тафсири тавҳид ☐ ботил будани ибодати ғайри Аллоҳ аст.

2-Қисми сеюм шомили: ☐ 5 боб ☐ 4 боб ☐ 6 боб аст.

3-Суол дар (Оё ширк меоранд) барои инкор ва сарзаниш аст: ☐ Дуруст ☐ хато.

4-Аллоҳ аҷз ва ботил будани ибодати бутҳоро дар (Оё ширк меоранд) аз ☐ 4 ваҷҳ ☐ 3 ваҷҳ баён кард.

5-(Ва касонеро ки ҷуз Аллоҳ дуо мекунед) дуои: ☐ ибодат ☐ масъалат ҳамаро шомил мешавад.

6-Раҳмати Аллоҳро аз инсони осӣ дур намешуморем, ба ҷуз имомҳои куфр: ☐ Дуруст ☐ хато.

7-Гуфтаи муаллиф ин ки бар онон дуошуда кофиронанд, мақсадаш донон-дани куфри онон аст: ☐ Дуруст ☐ хато.

8-Гуфтаи муаллиф: (Қунуту сайиди расулон) мақсадаш: ☐ Ҷоиз будани қунут аст ☐ ягон кас аз ин уммат ба Аллоҳ аз Расулуллоҳ ﷺ ва саҳобагон наздиктар нест ва бо вуҷуди ин ба Аллоҳ паноҳ мебаранд.

9-Чигуна бар кофирон дуо мекунем?.....

10-(Фуззиъа): Тарси ☐ ногаҳонӣ ☐ бардавом аз дилҳояшон дур шавад.

11-(Бо он калима сад дурӯғ мегӯяд) бар сабили ☐ муболаға ☐ таҳдид.

12-(Ва чи бисёр малоикаҳо дар осмонҳо) се шарти шафоатро ҷамъ овардааст: ☐ Дуруст ☐ хато.

13-Ҳар шафоате, ки дар он ширк аст, пас он шафоати: ☐ манфӣ ☐ ширкӣ ☐ ҳамагӣ.

14-Мурод ба шафоат ёрӣ додани Аллоҳ дар чизе ки шафоат шудааст, пас мумтаниъ аст (☐ дуруст ☐ хато) ва албатта ба шафоат қасд мешавад (☐ икроми шафоатгар ☐ фоидаи шафоатшуда ☐ ҳамагӣ аст).

15-Ояте ки дар шаънаш гуфта шудааст: Решаҳои дарахти ширкро аз қалб меканад:.....
16-Ҳидояти мусбат ҳамон:.....ва манфӣ ҳамон:.....
17-Маънои ояти (Ту касеро дӯст медорӣ ҳидоят намекунӣ) яъне касеро ки ☐ ҳидояташро дӯст медорӣ ☐ муҳаббати табиъӣ ☐ пеш аз наҳӣ аз муҳаббати кофирон ☐ ҳамагӣ.
18- (Абӯтолибро вафот ҳозир шуд) яъне:.....ё.....
19-Миллати Абдулмутталиб: ☐ Ширк ва ибодати бутҳо ☐ насронӣ ☐ маҷусӣ.
20-(Ҳуҷҷат биёрам) яъне: ☐ Онро дар пеши Аллоҳ барои ту ҳуҷҷат биёрам ☐ барои ту дар пеши Аллоҳ муҷодала кунам.
21- Талқини муҳтазирро (ло илоҳа иллаллоҳ) ба гуфтаамон барояш (бигӯ) суннат аст ва далел феъли Паёмбар ﷺ бо аммакаш: Дуруст хато ва чигуна байни он ва байни гуфтаи олимон: "Талқини муҳтазир (ло илоҳа иллаллоҳ)-ро бегуфтани (бигӯ) суннат мебошад" ҷамъ мекунӣ.....
22-Барои чӣ ровӣ гуфт: "Ӯ бар миллати..." ва "ман" нагуфт?.....
23-Сабаби ҳирси Паёмбар бар ислом овардани аммакаш Абӯтолиб: ☐ Хешу табориш ☐ барои ӯ ва ислом некӣ карда буд ☐ ҳамааш.
24-Таъзими гузаштагон ва бузургон мазамматшудааст: ☐ мутлақо ☐ ҳаргоҳ бар ботил бошад.

Суоли чорум: Ақсоми шафоатро комил кун:

.....:Аллоҳ онро барои нафсаш исбот кардааст ва аз Ӯ ба чанд шарт талаб карда мешавад: 1-..... 2-..... 3-.....	.....: Оне ки Қуръон онро нафӣ кардааст ва онест, ки..... ..... ва ҳукми он ин аст, ки	.....: Ба шарт дуруст мешавад: 1-..... 2-..... 3-..... 4-.....

Хос ба Паёмбар ﷺ, ва аз ҷумла: 1-..... 2-..... 3-.....	Омм аст, шомил мешавад..... ва аз ҷумла: 1-..... 2-..... 3-.....

Чорум: Сабаби куфри фарзанди Одам (4 боб аст)

❁Инро овард, то асбоби куфрро баён кунад, то ки аз он дур шавем ва аз рӯи ҷавоб аз суоле, ки барои чӣ дар баъзе уммат куфр воқеъ мешавад? Ба се боб ҷавоб дод ва дар боби чорум омадааст, ки Паёмбар ҳар роҳеро, ки ба сӯи ширк мерасонад, махкам кард.

(19) Боби андар ин ки сабаби кофир шудани фарзанди Одам ва тарки дин карданашон ҳамон зиёдаравӣ дар ҳаққи солиҳон (бузургон) буд

Ин аз бузургтарин ва хатартарини асбоб аст ва сабаби аввалин ширке ки пайдо шуд, шубҳаи ғулув дар солиҳон буд.

Далели аввал ва дуюм:

1). Ва фармудаи Аллоҳ азза ва ҷалла: "Эй аҳли китоб! Дар дини худ ғулув накунед".

2). Ва дар Саҳеҳ аз Ибни Аббос разияллоҳу анҳумо дар мавриди фармудаи Аллоҳ таъоло: "Ва гуфтанд: Ҳаргиз худоёни худро тарк накунед ва ҳаргиз парастидани Вад, Сувоъ, Яғус, Яъуқ ва Насрро тарк накунед" ривоят аст, ки ӯ гуфт: Ин номҳои мардони накӯкори қавми Нуҳ буданд, вақте фавтиданд, шайтон қавмашонро васваса намуд, ки дар ҷойҳое ки менишастанд, ҳайкалҳо гузоред ва ононро ба номҳои эшон номгузорӣ кунед, Пас чунин карданд ва парастида нашуд, то ки ин қавм фавтиданд ва илм аз байн рафт, пас наслҳои оянда онҳоро парастиданд.

❁(Эй аҳли китоб): Онон яҳуданд ва дорои Таврот ҳастанд ва насороянд ва дорои Инҷил ҳастанд.

❁(Дар дини худ ғулув накунед): Яъне дар таъриф ва танқид аз ҳад нагузаред, пас насоро дар таърифи Исо алайҳис салом зиёдаравӣ карданд, пас гуфтанд: Писари Аллоҳ ва сеи сегона ва яҳуд дар танқиди ӯ зиёдаравӣ карданд.

❁(Ҳалок шуданд): Яъне мурданд.

❁(Шайтон ваҳӣ кард): Шайтон онҳоро васваса кард.

❁(Насб кунед): Ҳар чизе ки аз асо ё санг рост карда мешавад ва ин ба хотири он буд, ки барои онон гуфт: Ҳаргоҳ ин суратҳоро бубинед, дар ибодататон фаъол мешавед, локин тариқаи шаръро хилоф карданд, пас танҳо еият кофӣ намебошад ва локин барои он амали мувофиқи шариат ҳатмӣ аст, пас қасд саҳеҳ ва амал ботил аст.

❁(Ҳатто ҳаргоҳ инҳо фавтиданд): Касоне ки бутҳоро насб карданд ва ҳайкалҳоро кашиданд.

❁Қавме ки пеш аз Нуҳ алайҳис салом буд, се чиз карданд:

◌(Сурат кашиданд): Ҳайкалҳои ононро ва дар ин хатари суратҳо ва ҳайкалҳост.

◌(Нишастанд): Бар болои қабрҳояшон.

◌(Бо гузашти замон): Ва дур шудани замони нубувват, пас илм аз миён рафт, сипас ширки акбар воқеъ шуд, пас ба ҷуз Аллоҳ ононро парасти-данд. Ва асл бо илму амал таоҳуд кардан аст, то монанди ин рӯх надиҳад.

Мафсадаҳои зиёдравӣ:

❁ Дар ҳаққи касе ки зиёдравӣ шудааст, агар таъриф бошад, ӯро болои манзилаташ гузоштан аст ва агар танқид бошад, ӯро аз манзилаташ поён гузоштан аст.

❁ Ба ибодати касе ки дар ҳаққаш зиёдравӣ шудааст, мерасонад.

❁ Аз таъзими Аллоҳ таъоло манъ мекунад, чаро ки нафс ё ба ботил машғул мешавад, ё ба ҳақ.

❁ Дар ҳаққи касе ки зиёдравӣ шуд, агар вуҷуд дошта бошад, пас ӯ ба нафсаш кибр мекунад ва ин мафсада аст, агар таъриф бошад, ӯро фосид мекунад ва агар танқид бошад, муҷиби душманӣ ва бало мешавад.

Ақсоми мардум дар шаъни солиҳон

Қисме ки дар таъриф ғулув мекунад: Мисли насоро бо Исо алайҳис салом.	Қисме ки дар таъна задан ғулув мекунад: Мисли яҳуд бо Исо алайҳис салом.	Қисме ки миёнарав ҳастанд: На зиёдравӣ ва на кутоҳӣ мекунанд ва онон аҳли суннатанд.

Далели сеюм то панҷум:

3). Аз Умар разияллоҳу анҳумо ривоят аст, Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд: "Дар ҳаққи Ман зиёдравӣ накунед, ҳамонгуна ки насрониҳо дар ҳаққи писари Марям зиёдравӣ карданд. Албатта Ман бандаам, пас бигӯед бандаи Аллоҳ ва расули Ӯст". (Ривояти Бухорӣ ва Муслим)

4). Ва аз Ибни Аббос разияллоҳу анҳумо ривоят аст, ки гуфт: Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд: "Аз зиёдаравӣ парҳез намоед, пас албатта касоне ки пеш аз шумо буданд, зиёдаравӣ онҳоро ҳалок сохт".
5). Дар Саҳеҳи Муслим аз Ибни Масъуд разияллоҳу анҳу ривоят аст, ки Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд: "Аз ҳад гузарандагон ҳалок шуданд", ин ҷумларо се бор такрор намуд.

(Ло тутрунӣ): Итро дар мадҳу таъриф муболаға кардан аст, ба чизе ки ғулуви насоро ва ғайри онро шабоҳат дорад.
(Бандаи Аллоҳ ва расули Ӯ): Ин ду сифат росттарин ва бошарафтарини сифат барои Ӯ ﷺ аст.
(Ғулув): Дар таърифу мадҳ ва бандагӣ ва амал аз ҳад гузаштан аст.
Онҳоро ғулув дар чӣ чиз ҳалок кард? Онҳоро (1) дар дин (2) ва дар ҷисмҳо ҳалок кард.
Ақсоми ғулув бисёр аст: Ғулув дар ақида ва ибодат ва муомала ва одатҳо аст ва дини Аллоҳ дар байни ғулувкун ва ҷафокор аст.
(Мутанаттиъ) касе аст, ки дар сухан ва афъол тундравӣ ва ифрот мекунад, дар он худбин мебошад ва танаттуъ дар дин шабоҳати ғулувро дорад ва сабабе аз асбоби ҳалок мебошад.

Масъалаҳо:

Якум: Касе ин боб ва ду боби баъди онро бифаҳмад, барои ӯ ғарибии Ислом маълум мешавад ва қудрати Аллоҳ ва дигаргун кардани Ӯ дилҳоро мебинад.
Дуюм: Шинохтани нахустин пайдоиши ширк дар рӯи замин, ки ба сабаби шубҳаи солеҳон (бузургон) буд.
Сеюм: Донистани нахустин чизе ки ба сабаби он дини паёмбарон тағйир дода шуд (ва он ширк аст) ва сабаби он чист? (зиёдаравӣ дар ҳаққи солиҳон аст), бо донистани ин ки ононро Аллоҳ фиристодааст.
Чорум: Қабули бидъатҳо бо вуҷуди ин ки шариатҳо ва фитрат онро рад мекунад.
Панҷум: Сабаби ҳамаи ин омехта шудани ҳақ ба ботил аст, пас аввалан дӯст доштани солеҳон, сониян кардани баъзе аз аҳли илму дин чизеро, ки ба он хайрро хостаанд, пас наслҳои баъди онҳо гумон бурдаанд, ки онҳо чизи дигарро қасд доштанд.(Касе тақвияти динашро ба бидъат бихоҳад, пас зарари он бештар аз фоидааш аст).
Шашум: Тафсири ояте ки дар сураи Нуҳ аст (ва дар он омадааст, ки онҳо якдигарро ба ботил даъват мекарданд)..

Ҳафтум: Табиати одамӣ аст, ки дар қалбаш ҳақ кам мешавад ва ботил зиёд мешавад, (ҷуз касе ки Аллоҳ бар ӯ миннат ниҳодааст).

Ҳаштум: Дар он шоҳид аст барои он чизе ки аз салаф нақл шудааст, ки бидъатҳо сабаби воқеъ шудани дар куфр аст (ва аз чанд сабаб доштан монеъе нест).

Нуҳум: Шайтон медонад, ки бозгашти бидъат ба сӯи чист ва агарчи қасди кунанда нек бошад.

Даҳум: Донистаи қоидаи куллӣ ва он аз зиёдаравӣ наҳӣ кардан аст ва донистани ин ки бозгашти зиёдаравӣ ба сӯи чист.

Ёздаҳум: Зарари истодан дар атрофи қабрҳо ба хотири амали нек (ба ибодати онон мерасонад).

Дувоздаҳум: Донистани наҳйи аз сохтани ҳайкалҳо ва ҳикмати дур кардани онҳо. (Барои бастани василаҳои он).

Сездаҳум: Донистани бузургии ин қисса ва сахт ба он эҳтиёҷ доштан бо вуҷуди ғофили аз он.

Чордаҳум: Он аҷибтарини аҷиб аст, ки он қиссаро дар китобҳои тафсир ва ҳадис мехонанд ва маънои каломро медонанд. Аллоҳ дар дилҳояшон муҳр задааст, ҳатто эътиқод карданд, ки амали қавми Нуҳ алайҳис салом беҳтарини ибодатҳост. Пас эътиқод карданд, ки он чизеро ки Аллоҳ ва расулаш наҳӣ кардаанд, пас он куфрест, ки хуну молро мубоҳ мегардонад.

Понздаҳум: Ошкор намудани ин ки қавми Нуҳ алайҳис салом танҳо аз онон шафоатро мехостанд. (Ва бо вуҷуди ин дар ширк воқеъ шуданд).

Шонздаҳум: Гумони онҳо ин ки олимоне ки суратҳоро кашиданд, ибодати онҳоро мехостанд (барои онҳо шафоат кунанд ва ин гумони фосид аст).

Ҳабдаҳум: Баёни бузург дар фармудаи Ӯ саллаллоҳу алайҳи ва саллам: Дар ҳаққи ман зиёдаравӣ накунед, ҳамчуноне ки насрониҳо дар ҳаққи писари Марям карданд. Пас салавоту саломи Аллоҳ бар Расулуллоҳ бод, ки ҳамаи чизро ошкоро баён кард. (Пас аз зиёдаравӣ дар таъриф ва дар он он муболиға кардан, манъ кард ва баростӣ баъзеи ин уммат дар он воқеъ шуданд, балки сахттар воқеъ шуданд).

Ҳаждаҳум: Насиҳати Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам моро ба хабар доданаш ба ҳалоки зиёдаравандагон. (Барои аз он ҳазар кунондан).

Нуздаҳум: Ошкор намудан бар ин ки бутҳо парастида нашуданд, то ки илм аз байн рафт. Пас дар баёни қадри илм ва зарари аз байн рафтани он аст.

Бистум: Сабаби аз байн рафтани илм марги олимон аст. (Пас ин аз бузургтарини асбоб аст ва инчунин ғафлат ва аз он рӯ гардондан аст ва ба умури дунё машғул шудан ва ба он аҳамият надодан аст).

(20) Боб андар сарзаниши сахт дар ҳаққи касе ки Аллоҳро дар назди қабри марди солиҳ парастад, пас чӣ гуна аст ҳаргоҳ ӯро бипарастад?

Муаллиф ин бобро қайд кард, то барои ту ғарибии дин ва тарк кардани мардум тавҳидро баён намояд ва наҳйе, ки аз ибодати Аллоҳ таъоло дар назди қабри солеҳон омадааст, то васила ба сӯи ширки ба Аллоҳ нашавад.

Далели аввал:

Дар Саҳеҳ аз Оиша разияллоҳу анҳо ривоят аст, ки Умми Салама разияллоҳу анҳо барои Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам калисоеро, ки дар сарзамини Ҳабаша дида буд ва дар он суратҳое ки кашида шуда буд, зикр кард. Пас Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд: ***"Онҳо қавмеанд, ки ҳаргоҳ аз миёнашон марди солиҳ ё бандаи солиҳ бимирад, бар болои қабраш масҷид бино карда дар он суратҳоро мекашиданд, онҳо бадтарини халқ дар назди Аллоҳ ҳастанд"***. Инҳо байни ду фитна ҷамъ карданд: Фитнаи қабрҳо ва фитнаи ҳайкалҳо.

❁(Пас онон байни ду фитна ҷамъ оварданд): Ин сухани Ибни Таймия раҳимаҳуллоҳ аст ва инро фитна номид, зеро он сабаби манъ кардани мардум аз динашон аст.
❁Асл дар қабрҳо ин аст, ки аз хонаҳо берун бошад, то васила ба сӯи ширк нагардад.
❁Фитнаи қабрҳо сахттар аз пайкараҳост, ва ин ба чанд амр аст:
◌Қабрҳо дар ҳамаи ҷойҳо вуҷуд дорад.
◌Дар назди қабр чизҳое рӯй медиҳад, ки дар ҷои дигар рӯй намедиҳад, мисли тарс.

Далели дуюм:

Ва Бухорию Муслим аз Оиша разияллоҳу анҳо ривоят карданд, ки ӯ гуфт: Ҳангоме ки марги Расулуллоҳ ﷺ фаро расид, оғоз кард ба гузоштани порчае бар рӯяш, пас ҳаргоҳ ба сабаби он андӯҳгин мешуд, рӯяшро мекушод. Паёмбар ﷺ дар ҳамин ҳол фармуд: ***"Лаънати Аллоҳ бар яҳуду насоро бод, қабрҳои паёмбаронашонро масҷидҳо мегирифтанд"***. Аз кардаи онҳо пешаки огоҳӣ медод. Агар ин огоҳӣ додан намебуд, ҳароина қабраш ошкор карда мешуд, ғайри ин ки Паёмбар ﷺ тарсид, ки масҷид қарор дода мешавад. Ривояти Бухорӣ ва Муслим.

Далели сеюм:

Ва Муслим аз Ҷундуб ибни Абдуллоҳ разияллоҳу анҳу ривоят кард, ки ӯ гуфт: Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва салламро панҷ рӯз пеш аз вафоташ шунидам, ки мефармуд: ***"Ман ба Аллоҳ паноҳ мебарам аз ин ки яке аз шуморо халили худ бигирам, зеро ки Аллоҳ маро халили худ гирифт, ҳамонтавр ки Иброҳимро халили худ гирифта буд. Ва агар ман аз уммататам касеро халил мегирифтам, ҳароина Абӯбакрро халил мегирифтам. Огоҳ бошед! Умматҳои пеш аз шумо қабрҳои паёмбарони худро масҷид мегирифтанд. Огоҳ бошед! Қабрҳоро масҷид нагиред, ман шуморо аз ин кор манъ мекунам"***.

Ба таҳқиқ аз ин кор дар охири ҳаёташ манъ кард ва касонеро, ки чунин карданд лаънат намуд. Ва дар назди қабр намоз хондан ва агарчанде масҷид бино карда нашавад, аз ҷумлаи ин ҳукм аст. Ва ин маънои сухани ровӣ "тарсида шуд, ки масҷид гирифта мешавад" мебошад.

Албатта саҳобагон дар атрофи қабри Ӯ саллаллоҳу алайҳи ва саллам масҷид бино намекарданд.

Ва ҳар ҷое, ки дар он қасди намоз карда шавад, пас он ҷойро масҷид қарор дода шудааст, балки ҳарҷое, ки дар он намоз хонда мешавад, масҷид номида мешавад, чуноне ки Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд: ***"Замин барои Ман масҷид ва василаи покизагӣ гардонда шуд"***.

❁(Вақте ба Расулуллоҳ ﷺ нозил шуд): Фариштаи марг то рӯҳи Ӯ ﷺ-ро қабз кунад.

❁(Хамиса): Ҷома ё либоси аломатдор.

❁(Лаънатуллоҳ): Яъне рондан ва дӯр кардани Ӯ, пас ин хабар аз ҷониби Аллоҳ аст ва эҳтимол дорад, ки Ӯ ﷺ бар онон дуо карда аст.

❁(Қабрҳои паёмбаронашонро масҷид гирифтанд): Ё ба саҷда кардани бар болои онҳо ё ба масҷидҳо сохтани бар болои онҳо.

❁(Ҳароина қабри Ӯ ﷺ зоҳир карда мешуд): Яъне ошкор карда мешуд ва аз хонааш бароварда мешуд, масалан дар Бақеъ дафн карда мешуд.

Барои чӣ Паёмбар ﷺ дар ҳуҷра дафн карда шуд ва ягон кас ҳуҷраро намебинад, аз хоки қабр чӣ гӯй?

❁Аз рӯи фармудаи Ӯ ﷺ паёмбаре рӯҳаш гирифта намешавад, магар ки дафн карда мешавад дар ҷое ки рӯҳаш қабз шудааст.

❁(Хашия): Паёмбар ﷺ тарсид, ки қабраш васан (бут) қарор дода мешавад.

❁(Хушия): Саҳобагон тарсиданд, ки қабр васан қарор дода мешавад, аз рӯи ҳарис будан бар таҳқиқи тавҳид.

Чигуна рад мекунем бар касе ки иддио мекунад, ки қабри Паёмбар ﷺ дар дохили масҷид аст?

А- Радди мухтасар: Ин аз ҷумлаи муташобеҳ аст ва воҷиб чанг задан ба муҳками Қуръон ва Суннат аст ва ту аз касоне ҳастӣ, ки пайравии муташобеҳро мекунанд ва далелҳо муҳкамро тарк мекунанд, пас ҳаргиз туро гуш намекунем.

Б-Бо баёни муфассал рад кардан:

1-Масҷид бар болои қабр бино нашудааст, балки масҷид дар ҳоли ҳаёти Ӯ ﷺ бино шуда буд.

2-Паёмбар ﷺ дар масҷид дафн нашудааст, балки дар хонааш дафн шуда буд ва аз масҷид берун буд.

3-Даровардани ҳуҷраҳо дар масҷид ба иттифоқи саҳобагон разияллоҳу анҳум нашуда аст, балки баъди гузаштани бисёртари онҳо шудааст ва баъзеаш, ки дар қайди ҳаёт буд, хилоф кард, ҳамонгуна ки Саъид ибни Мусайяб хилоф баромад.

4-Қабр дар масҷид нест, балки дар ҳуҷраи алоҳида аст ва масҷид бар болои он бино нашудааст, балки қабр ба се девор ҳифз карда шудааст ва девор дар гушаи каҷшудаи аз қабр қарор дода шуда, то намозгузор рӯ ба он наорад.

5-Масҷиди набавӣ дорои бартарӣ дар намоз ва бастани бори сафар ба сӯи он ва ғайра аст.

Танбеҳ: Хулла бузургтарин анвоъи муҳаббат ва олитарини он аст ва то ҷое медонем Аллоҳ азза ва ҷалла онро танҳо барои ду нафари аз халқаш исбот кардааст ва онон Иброҳим ﷺ ва Муҳаммад ﷺ ҳастанд. Ба ин ҷаҳли бузургро дар қавли омма медонӣ, ки мегӯянд: Иброҳими Халилуллоҳ ва Муҳаммад Ҳабибуллоҳ аст ва ин костани ҳаққи Ӯ ﷺ аст, зеро мартабаи Ӯ ﷺ-ро аз мартабаи Иброҳим паст қарор доданд ва байни Ӯ ва дигар мардум фарқе нагузоштанд, пас Аллоҳ некӯкоронро дӯст медорад, масалан, пас касе Ӯ ﷺ-ро ба Ҳабибуллоҳ васф мекунад, хато кардааст.

Далели чорум:

Имом Аҳмад ба санади нек ба таври марфӯъ аз Ибни Масъуд разияллоҳу анҳу ривоят кардааст, ки Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд: ***"Албатта бадтарини мардум касоне ҳастанд, ки дар ҳоли ҳаёти онҳо қиёмат барпо шавад ва касоне ки қабрҳоро масҷид мегиранд"***. (Абӯҳотим дар Саҳеҳаш ривоят кардааст)

❁ (Бадтарини мардум): Ин далел аст, ки мардум дар бадӣ тафовут (фарқ) доранд ва баъзеашон дар бадӣ аз дигареаш сахттар аст.

Хулосаи боб:

Дӯрӣ аз ширк ва василаҳои он воҷиб мебошад ва касе ки Аллоҳро дар назди қабри марди солеҳ мепарастад, сахтгирӣ карда мешавад ва намоз ва ғайри онро дар бар мегирад. Пас касе эътиқод кунад, ки садақа додан дар назди ин қабр аз дигараш беҳтар аст, пас ин монанди масҷид гирифтани он мебошад.

Масъалаҳо:

Якум: Зикри Расул ﷺ дар мавриди касе ки дар назди қабри марди солеҳе масҷид месозад, ки дар он Аллоҳ парастида мешавад ва агарчи ба нияти хубе сохта бошад.

Дуюм: Аз ҳайкалсозӣ манъ кардан ва сарзаниши сахт аз ин кор.

Сеюм: Ибрат гирифтан аз муболағаи Паёмбар ﷺ аз ин кор, чигуна инро аввал барояшон баён намуд, чипач панҷ рӯз пеш аз вафоташ фармуд он чизеро ки фармуд, сипас дар ҳоли охири ҳаёташ тавсия намуд ва ба баёнҳои пешинааш иктифо накард.

Чорум: Пеш аз вуҷуди қабраш аз кардани ин кор дар назди қабраш манъ кард.

Пнаҷум: Ин амал аз амалҳои яҳуду насоро дар мавриди қабрҳои паёмбаронашон буд.

Шашум: Лаънат кардани онҳо ба хотири ин кор.

Ҳафтум: Мақсади Паёмбар ﷺ огоҳӣ доданаш моро аз масҷид қарор додани қабраш буд.

Ҳаштум: Иллате ки Паёмбар ﷺ дар қабристони омма дафн нагардид.

Нуҳум: Маънои масҷид қарор додани қабр.

Даҳум: Як қарор додани касоне ки қабрҳоро масҷид мегиранд бо касоне ки бар онҳо қиёмат барпо мешавад. Василаҳои воқеъ шудани ширк ва оқибатҳои онро пеш аз воқеъ шудани ширк баён намуд.

Ёздаҳум: Паёмбар ﷺ дар хутбааш панҷ рӯз пеш аз вафоташ бар ду тоифае ки онҳо бадтарини аҳли бидъатанд рад кард, балки баъзе олимон онҳоро аз ҳафтоду ду фирқа хориҷ намудаанд ва онон рофизиҳо ва ҷаҳмияҳо ҳастанд ба сабабирофизаҳо ширку парастиши қабрҳо пайдо шуд ва онҳо аввалинкасоне ҳастанд, ки бар болои қабрҳо масҷид бино карданд.

Дувоздаҳум: Бао н чизе ки Паёмбар ﷺ дар вақти ҷон додан сахт мубтало шуд.

Сездаҳум: Паёмбар ﷺ ба халилӣ икром шуд.

Чордаҳум: Ошкор кардан бар ин ки мақоми халилӣ аз мақоми муҳаббат болотар аст.

Понздаҳум: Ошкор намудан ба ин ки Абӯбакри Сиддиқ разияллоҳу анҳу аз дигар саҳобагон афзал мебошад.

Шонздаҳум: Дар ин сухан ишора ба хилофати эшон низ ҳаст.

(21) Боб андар ин ки зиёдаравӣ дар қабрҳои бузургон, ононро бутҳое мегардонад, ки ба ҷуз Аллоҳ парастида мешавад

❁Ин сабаби сеюми пайдоиши ширк аст, пас бозгашти зиёдаравон ба сӯи парастидани ин қабрҳо ё соҳибони он мегардад. Ва ғулув дар таъриф ё танқид аз ҳад гузаштан аст.

❁Ақсоми мардум нисбати қабрҳо ду тараф ва миёна аст: Қисме ки дар қабрҳо ба парастидан ва сохтани қуббаҳо ғулув кардан ва қисме дар эҳтироми қабрҳо ба нишастани бар онон ва кофтани онон кутоҳӣ кард. Ва ҳақ дар байни ин ду аст, ки ҳурмати қаброо ҳифз карда шавад ва дар ҳаққи онҳо зиёдаравӣ карда нашавад, то ҷуз Аллоҳ парастида шавад.

Далели аввал то чорум:

1).Имом Молик дар Муватта ривоят кард, ки Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд: "Эй Аллоҳ қабри Маро бути нагардон, ки парастида шавад, ғазаби Аллоҳ сахт шуд бар қавме, ки қабрҳои паёмбаронашонро масҷид қарор доданд".

2). Ибни Ҷарир ба санади худ аз Суфён аз Мансур аз Муҷоҳид ривоят намуд: "Оё Лот ва Уззоро дидед". гуфт: Барояшон талқон омода мекард, пас фавтид, пас бар болои қабраш истоданд.

3). Ва инчунин Абӯҷавзо аз Ибни Аббос разияллоҳу анҳу ривоят карда гуфт: Барои ҳоҷиён талқон омода мекард.

4). Ва аз Ибни Аббос разияллоҳу анҳу ривоят аст, ки ӯ гуфт: Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам занонеро, ки қабрҳоро зиёрат мекунанд ва касоне ки бар болои қабрҳо масҷид бино мекунанд ва чароғҳо меафрӯзанд, лаънат кард. (Ривояти муаллифони Сунанҳо)

❁(Ғазаби Аллоҳ сахт шуд): Сифати ҳақиқии Аллоҳ аст, монанди ғазаби махлуқот нест.

❁(Қабрҳои паёмбаронашонро масҷидҳо гирифтанд): Ё ба саҷда кардани бар болои онҳо ё ба масҷид сохтани бар болои онҳо.

Оё дуои Паёмбар ﷺ мустаҷоб шуд, ки қабраш буте қарор дода нашавад, ки парастида шавад, ё ҳикмати Аллоҳ ҷуз инро тақозо кард? Ибни Қайим раҳимаҳуллоҳ гуфт: Аллоҳ дуои Ӯро иҷобат кард, пас зикр карда нашуд, ки қабри Ӯ ﷺ васан гирифта шуд, балки он ба се девор ҳимоя шуд:

فأجاب رب العالمين دعاءه فأحاطه بثلاثة الجدران

Пас Парвардигори оламиён дуои Ӯро иҷобат кард ва Ӯро ба се девор иҳота кард. Дуруст аст, ки мардуме ёфта мешавад, ки дар ҳаққи Ӯ ﷺ ғулув мекунанд ва локин ба ҳадди васан гирифтани қабраш нарасидаанд.

❁(Оё дидед): Нисбати ин бутҳо ба оятҳои бузурге, ки Ӯ ﷻ дар шаби Меъроҷ дид, чист.
❁(Савиқ): Ҷаве ки таф дода мешавад, сипас орд карда мешавад, сипас бо хурмо омехта карда мешавад ва онро барои ҳоҷиён пешкаш мекунанд.
❁(Суруҷ): Ҷамъи сироҷ (шамъ) аст, бар болои қабрҳо аз рӯи таъзим ва ғулув шабу рӯз шамъҳо афрӯхта мешавад.
❁Зиёрати занон барои қабрҳо гуноҳе аз гуноҳони бузург аст ва инчунин масҷид гирифтан ва бар онҳо чароғҳо афрӯхтан, барое ки фоили он лаънат шудааст.
❁ **Ақсоми зиёрати қабрҳо:**
1) Шаръӣ: Барои қабрҳо бори сафар баста намешавад ва ба зиёрат ёдоварии охират ва барои ӯ ва мурдагон дуо карданро қасд намояд.
2) Агар мурдагонро ба дуо муроҷиат карданро қасд кунад, пас ин зиёрати ширкӣ аст.
3) Агар Аллоҳ ба дуо муроҷиат карданро дар назди мурдагон қасд кунад, пас зиёрати бидъатӣ аст.

Масъалаҳо:

Якум: Тафсири бутҳо (он чизе ки ба ҷуз Пллоҳ парастида мешавад, хоҳ бут бошад ё қабр ё ғайри ин).
Дуюм: Тафсири ибодат (шикастанафсӣ ва фурӯтанӣ барои маъбуд аз рӯи тарсу умед ва муҳаббату таъзим).
Сеюм: Паёмбар ﷺ паноҳ набурд, магар аз чизе ки воқеъ шудани он тарсида мешуд.
Чорум: Бо ин масҷид қарор додани қабрҳои паёмбаронро якҷо баён намуд.
Панҷум: Баёни шиддати ғазаби Аллоҳ.
Шашум: Ин аз муҳимтарини масъалаҳост. Донистани сифати парастидани Лот, ки он аз бузургтарини бутҳост.
Ҳафтум: Донистани ин ки он қабри марди солеҳ аст.
Ҳаштум: Ин ки Лот номи соҳиби қабр аст ва баёни маънои номидашуда.
Нуҳум: Лаънат кардани Паёмбар ﷺ занонеро, ки бисёр ба зиёрати қабрҳо мераванд.
Даҳум: Лаънат кардани Паёмбар ﷺ касеро, ки бар қабрҳо чароғ меафрӯзад.

Масъалаи муҳим: Дар қабрҳои солеҳон ғулув кардан, ононро бутҳо мегардонад, ҳамонгуна ки дар қабри Лот шуд.
Масъала: Ҳаргоҳ зан барои Равза дар масҷиди набавӣ равад, то дар онҷо намоз гузорад, пас қабр ба вай уариб аст, пас истода салом медиҳад, дар ин монеъе нест ва беҳтар ин аст, ки аз анбуҳ ва омехтани бо мардон дӯр бошад ва то ин ки касе ки онро мушоҳида мекунад, гумон накунад, ки барои зан зиёрати қабр ҷоиз аст.

(22) Боб андар ҳимояи Мустафо саллаллоҳу алайҳи ва саллам ҷониби тавҳидро ва бастани Ӯ ҳамаи роҳҳоеро, ки ба сӯи ширк мерасонад

Муаллиф ин бобро оварда, то баён кунад, ки Ӯ ﷻ монеъае гардонд, ки аз наздик шудани шахс дар гирди тавҳидро манъ мекунад, онро сахт ҳимоя мекунад ва дарҳоро кушода намонд, ки ҳар кас хоҳад дар он дарояд ва локин Ӯ ﷻ ҳамаи роҳҳои ба ширк расонандаро баст.

Далели аввал ва дуюм:

1). Ва фармудаи Аллоҳ таъоло: "Яқинан паёмбаре аз (миёни) худатон ба сӯятон омад, ки ранҷҳои шумо бар ӯ душвор (ва гарон) аст".

2). Аз Абӯҳурайра разияллоҳу анҳу ривоят аст, ки Расулуллоҳ ﷺ фармуд: "Хонаҳоятонро ба қабристон табдил надиҳед ва қабри Маро ид (идгоҳ) нагиред ва бар Ман салавот фиристед, зеро салавоти шумо ба Ман мерасад дар куҷое, ки бошед". (Абӯдовуд ба исноди нек ривоят кардааст ва ровиёнаш боэътимод ҳастанд).

❁(Яқинан паёмбаре ба сӯятон омад): Ба се таъкидкунанда таъкид карда шуд: Қасами тақдиршуда ва ҳарфи "лом" ва "қад".

❁ (Аз худатон): 1) Башаре аз ҷинси худатон ва локин бар шумо ба ваҳй бартарӣ дорад. 2) Ва дар қироате (من أنفسكم) ба фатҳаи ҳарфи "фо" яъне аз бошарафтарини шумо ва ботақвотарини шумо.

❁ (Бар Ӯ душвор аст): Бар Ӯ душвор меояд, он чизе ки бар шумо душвор меояд. Ва барои ин ба дини бахшанда ростин фиристода шуд.

❁ (Бар шумо ҳарис аст): Тамоми кушишашро дар мслиҳати шумо сарфкунан-да аст.

❁ (Нисбати мӯъминон рауфу меҳрубон аст): Пеш овардани чизе ки ҳаққи он баъд овардан аст, ифодаи ҳаср мекунад, яъне дар ғайри мӯъминон сахтгир аст, (Муҳаммад расули Аллоҳ аст ва касоне ки бо Ӯ ҳастанд, бар кофирон сахтгир ва дар миёни худ меҳрубонанд).

❁ (Пас рӯ гардонанд): Эъроз кунанд, ва нагуфт: (Пас агар рӯй гардонед), 1)зеро рӯй гардондан бо ин баён макрӯҳ аст, 2) барои огоҳ кардани хонан-да, пас замирро тағйир дод, то огоҳ шавад.

❁ (Пас бигӯ: Аллоҳ барои мо кофӣ аст): Яъне рӯ гардондани онон туро ғамгин накунад ва базабону қалбат бигӯ: Аллоҳ маро басанда аст.

❁ (Хонаҳоятонро қабристон нагиред): Яъне 1) дар хонаҳо намоз хонед, 2) дар он мурдаҳоятонро дафн накунед.

❁ (Ид): Яъне бар қабри ман рафту омад накунед ва бар ин одат накунед, хоҳ онро дар сол ё моҳ ё ҳафта қайд кунед. Ва албатта ба хотири сабабе зиёрат карда мешавад, ҳамчуноне ки аз сафар баргардад ё барои ёдоварии охират.

❁(Ва бар ман салот фиристед): Маънои салот аз ҷониби Аллоҳ таъоло, бар Паёмбар дар олами боло сано гуфтан аст.
❁ (Ба ман мерасад): Зеро Ӯ ﷺ гуфт: "**Аллоҳ малоикаҳое дорад, ки дар замин сайругашт мекунанд, саломи уммати маро ба ман мерасонанд**", пас барои ҷамъ омадан дар назди қабри Ӯ ﷺ ҳоҷате нест.

Далели сеюм:
Аз Алӣ ибни Ҳусайн разияллоҳу анҳу ривоят аст, ки ӯ мардеро дид, ки ба назди сурохе, ки дар назди қабри Паёмбар ﷺ буд, меомаду дар он дохил шуда дуо мекард. Пас ӯро аз ин кор манъ карда гуфт: Оё шуморо ҳадисеро нагӯям, ки аз падарам аз бобоям аз Расулуллоҳ ﷺ шунидаам, ки гуфт: ***"Қабри маро ид нагиред ва на хонаҳоятонро қабристон ва бар Ман дуруд фиристед, пас албатта саломи шумо ба Ман мерасад, дар куҷое, ки бошед"***. (Инро дар ал-Мухтора ривоят кардааст).

❁(Пас дуо мекард): Гумон мекард, ки барои дуо дар назди қабр бартарӣ аст, кушодани дар ва васила ба сӯи ширк аст.
❁(Дар куҷое бошед): Мақсад дар куҷое бошед бар ман салот фиристед ва ҳоҷат ба омадани назди қабр нест, ки назди қабр биёеду бар ман салоту салом гуед.

Масъалаҳо:
Якум: Тафсири ояти Бароат (Тавба). "Яқинан паёмбаре аз (миёни) худатон ба сӯятон омад".
Дуюм: Паёмбар ﷺ умматашро аз ширк дур намуданд. (Хонаҳоятонро қабристон магардонед...)
Сеюм: Баёни ҳарис будани Паёмбар ﷺ ва меҳрубонию раҳматаш бар мо. (Ояти сураи Бароат)
Чорум: Манъ намуданаш аз зиёрати қабраш ба тариқаи махсус, бо вуҷуде ки зиёрataш аз беҳтарин амалҳост. (Пас дар зиёрати Ӯ, бар Ӯ салом додан аст ва ҳаққи Паёмбар ﷺ аз ғайраш бузургтар аст).
Панҷум: Аз бисёр зиёрат манъ карданаш.
Шашум: Ташвиқ намуданаш бар хондани намозҳои нафл дар хона.
Ҳафтум: Саҳобагон бар ин ақида буданд, ки дар қабристон намоз хондан ҷоиз нест.
Ҳаштум: Дуруду саломи мард бар Паёмбар ﷺ агарчи дур бошад, ба Ӯ мерасад. Пас ҳоҷат нест ба он чизе ки гумон мекунад шахсе ки наздикии қаброро мехоҳад. (Алӣ ибни Ҳусайн гуфт: Ту ва касе ки дар Андалус аст, баробар ҳастед)
Нуҳум: Дар Барзах ба Паёмбар ﷺ салоту саломи умматаш бар вай арз карда мешавад.

Панҷум: Ботил кардани далели касе ки мегӯяд: Ширк дар ин уммат ё дар ҷазира воқеъ намешавад (як боб аст)

(23) Боб андар ин ки баъзеи ин уммат бутҳоро мепарастад

Муаллиф ин бобро барои ботил кардани ҳуҷҷати касе, ки мегӯяд: Ширк дар ин уммат воқеъ намешавад, зеро уммат аз он нигаҳдошта шудааст, аз рӯи фармудаи Паёмбар ﷺ: "Шайтон ноумед шуд, ки ӯро намозгузорон дар ҷазираи Араб бипарастанд" зикр кард.

Ҷавоб барои шубҳаи онон мухтасаран: Ин аз пайравии муташобеҳ аст ва тарк кардани ҳуҷҷати муҳкам. Ва ҷавоби муфассал:

1-Хабар додан ба ноумед шудани шайтон, бар воқеъ нашудани он далолат намекунад.

2-Аз намозгузорон ноумед шуд ва аз ғайри намозгузорон ноумед нашуд ва намозгузор яктопараст аст.

3-Ин фаҳм бисёр ҳуҷҷатҳои Қуръон ва суннатро мухолифат мекунад.

4-Саҳобагон разияллоҳу анҳум бо муртадҳо дар ҷазира, ба хотири ширкашон ҷангиданд.

5-Воқеъ бар хилофи ин шаҳодат медиҳад, пас маслан забҳи барои ғайри Аллоҳро дар ҷазира мебинӣ.

6-Ин дар қалби шайтон воқеъ шуд ва ӯ гумроҳ кардани фарзанди Одамро тарк накард.

7-Ин вақте воқеъ шуд, ки фатҳо бисёр шуд ва мардум дар дини Аллоҳ гурӯҳ-гурӯҳ даромаданд.

8-Олимон ашёеро зикр карданд, ки мард ба сабаби он муртад мешавад ва агарчи дар ҷазира бошад.

Касе иддио кунад, ки Мусайлама паёмбар аст, пас кофир мешавад ва шаҳодат ӯро фоида намедиҳад, пас чигуна асткасе ки Тиҷонӣ ва ғайрашро ба мартабаи Ҷаббори осмонҳо мебардорад, оё ба сабаби ин кофир намешавад?! Ин аз аҷибтарини аҷабҳост!!

Ваҷҳи овардани муаллиф оятҳоро барои ин боб чист, пас дар он далел бар он чи хостааст нест? Мақсад баён намешавад, магар ба ҳадиси Абӯсаъид, пас оятҳо пурра мувофиқи боб мебошад.

Далели аввал ва дуюм:

"Оё надидӣ касонеро ки баҳрае аз китоб (-и осмонӣ) ба онон дода шуданд ба ҷибт (бут ва сеҳр) ва тоғут (худоёни дурӯғин) имон меоранд".

2). Ва фармудаи Ӯ: "Бигӯ (эй Паёмбар) оё шуморо хабар диҳам, ки кадом қавмро назди Аллоҳ бадтарин подош аст? Касоне ки Аллоҳ бар онҳо лаънат ва ғазаб карда ва баъзе аз ононро маймун ва хук гардонид ва касе ки маъбуди ботилро парастид".

❁(Оё надидӣ): Суол барои баён ва тааҷҷуб аст, ба ҳар касе ки хитоб ба вай дуруст мебошад.
❁(Дода шуданд): Ва ҳамаи китоб ба онон дода нашуд, зеро онон ба сабаби маъсияташон маҳрум гаштанд.
❁ (Ба ҷибт ва тоғут имон меоранд): Яъне ин дуро тасдиқ ва эътироф мекунанд, он дуро инкор намекунанд.

Аз фоидаҳои ояти якум:

1-Аҷиб аст, ки инсон насибе аз китоб дода шавад, сипас ба ҷибт ва тоғут имон биёрад.
2-Олим аз маъсият маъсум (пок) нест.
3-Инкори ҷибту тоғут воҷиб мебошад, пас эътироф кардан ба ҷибту тоғут ҷоиз намебошад.
4-Баъзеи ин уммат ба ҷибту тоғут имон меорад, ҳамонгуна ки дар бани Исроил вуҷуд дошт.
❁ (Бигӯ: Оё шуморо хабар диҳам): Хитоб барои Паёмбар ﷺ аз рӯи рад кардан бар яҳуд, ки дини Исломро ба масхараву бозӣ гирифтанд ва суол барои баён ва ташвиқ аст.

Аз фоидаҳои ояти дуюм:

1-Водор ба эътироф кардани хасм ва бар ӯ ҳуҷҷат овардан ба чизе ки онро инкор карда наметавонад, пас яҳуд медонанд, ки дар онҳо қавме буд, ки Аллоҳ бар онон ғазаб кард ва ононро лаънат кард ва баъзеи ононро маймун ва хук гардонид. Ҳаргоҳ ба ин эътироф кунанд, дар ҳоле ки онон мусалмононро масхара мекунанд, пас барояшон мегуем: Ба касоне ки уқубат нозил шуд, шоистатар ба масхара кардан ҳастанд.
2-Ихтилофи манзилатҳои мардум дар пеши Аллоҳ ба зиёдии имон ва нақси он ва он чизе, ки бар он тартиб меёбад.
3-Ҳоли бади яҳуд, аз ҷиҳате ки ба онон уқубати лаънат ва масх ва тоғутпарастӣ нозил шуд.
4-Исботи феълҳои ихтиёрии Аллоҳ, аз ҷумла лаънат, ғазаб ва қудрат ва ин ки Аллоҳ он чиро хоҳад, мекунад.
5-Паёмбар ﷺ фармуд: "**Ҳар уммате ки ба сурати ҳайвон дароварда шуд, барои онон насле боқӣ наменомонад**", пас маймун пеш аз ин вуҷуд дошт.
6-Уқубатҳо аз ҷинси амал аст, пас яҳуд коре карданд, ки зоҳири он мубоҳ аст ва ҳоло ки он ҳаром аст.
7-Яҳуд тоғутпараст гаштанд ва шакке нест, ки то ҳол тоғутро мепарастанд.

Далели сеюм:

Ва фармудаи Ӯ: **"Ва гуфтанд онон, ки бар воқеъи аҳволи онҳо иттилоъ ёфтанд, бар (ғори) эшон масҷиде бино кунем"**.

(Касоне ки қудрат ба даст доштанд, гуфтанд): Инро ҳокимон қасамхӯранда ва таъкидкунанда гуфтанд. 1-Дар қиссаи ёрони Каҳф оятҳоест, ки бар камоли қудрати Аллоҳ далолат мекунад.

2-Аз асбоби масҷид сохтани бар болои қабрҳо, дар соҳибони қабрҳо ғулув кардан аст.

3-Дар қабрҳо ғулув кардан ва агарчи андак бошад, гоҳо ба сӯи бузургтар аз он мерасонад.

Далели чорум:

Аз Абӯсаъид разияллоҳу анҳу ривоят аст, ки Расулуллоҳ ﷺ фармуд: "Ҳароина шумо мӯ ба мӯ аз суннатҳои умматҳои пешин пайравӣ хоҳед кард, ҳатто агар онон дохили сурохи сусмор шуданд, шумо низ дохили он мешавад. Саҳобагон гуфтанд: Мақсади шумо яҳуду насоро аст? Фармуд: Пас мақсадам кист?".

Далели панҷум:

Ва Муслим аз саҳобагон разияллоҳу анҳу ривоят кард, ки Расулуллоҳ ﷺ фармуд: "Албатта Аллоҳ заминро дар пеши чашмонам ҳамвор сохт ва ман шарқ ва ғарби онро дидам ва то ҷое, ки ман дидам умматам ҳукумат хоҳад кард. Ва ба Ман ду хазинаи сурх ва сафед дода шуд. Ва аз Парвардигорам хостам, ки умматамро ба василаи хушксолии фарогир нобуд накунад. Ва душмани бегонае, ки наслашонро барчинад бар онҳо мусаллат нагардонад. Парвардигорам ба ман гуфт: Эй Муҳаммад ман вақте чизеро ҳукм кардам, баргашт надорад. Дар мавриди умматат ваъда намудам, ки онҳоро ба василаи хушксолии фарогир, ҳалок накунам. Ҳамчунин бар онҳо душмани бегона ба гунае мусаллат накунам, ки решаи онҳоро барканда ва агарчанде неруҳои куфр ҳама бо ҳам аз ҳар сӯ бар онҳо ҳамла кунанд, магар ин ки дар ҷангҳои дохилӣ ҳамдигарро ба қатл бирасонанд ва асир бигиранд".

Ва дар ривояти Бурқонӣ зиёда бар он чунин омадааст, "Ман бар умматам аз раҳбарони гумроҳкунанда метарсам. Ва баъд аз ин ки шамшер дар миёни онон ба кор рафт, дигар то қиёмат бардошта нахоҳад шуд. Ва қиёмат барпо намешавад, то он ки гурӯҳе аз умматам мушрик нагарданд ва то он ки гурӯҳи зиёде аз умматам бутҳоро напарастанд. Ва дар миёни умматам си нафар дурӯғгӯ пайдо хоҳад шуд, ҳар кадоми онҳо даъвои паёмбарӣ мекунанд, дар ҳоле ки ман хатмкунандаи паёмбаронам ва пас аз ман паёмбаре нахоҳад омад. Ва гурӯҳе аз умматам ҳамеша барҳақ хоҳанд монд ва аз ҷониби Аллоҳ ёрӣ дода мешаванд, ки хор кардани баъзе ва мухолифати баъзе ба онон осебе намерасонад то ин ки амри Аллоҳ таборак ва таъоло биёяд".

❁(Санан): ба фатҳаи ҳарфи "син" ба маънои роҳ аст ва ба заммаи ҳарфи "син" ба маънои тариқат аст.
❁ (Ҳазвал қуззати билқузза-мӯ ба мӯ): Қузза ҳамон парест, ки дар тир мегузоранд ва дар ин киноя аз сахт монанд шудан аст.
1-Баъзеи ин уммат бутҳоро мепарастад, зеро он аз равишҳои пеш аз мо будагиҳост ва мо онҳоро ба зудӣ пайравӣ мекунем.
2-Донистани он чи ки пеш аз мо будагиҳо бар он амал буданд, ки аз он ҳазар кардан воҷиб аст, шоиста мебошад, то аз он ҳазар кунем ва бештари ин дар Қуръону Суннат вуҷуд дорад, пас ононро дар маъсияти Аллоҳ пайравӣ намекунем.
3-Бузург шуморидани саҳобагон амри пайравии роҳу равиши пешиниёнро баъде ки барои мо ҳидоят омад.
4- Ҳар қадар ки замон дар байни инсон ва рисолат тулонӣ гардад, пас аз ҳақ дуртар мешавад.
❁ (Заво): ҷамъ ва зам кард, (ал-аҳмара вал абяза): Тилло ва нуқраро, канзҳои Кисро ва Қайсарро.
❁(Ва Ман Парвардигорамро барои умматам пурсидам): Паёмбар ﷺ се амр-ро пурсид, ду чиз дода шуд ва аз савумин манъ карда шуд:
1-Умматро ба хушксолии фарогир ҳалок накунад: Пас бар ҳамаи уммат қаҳтӣ ва хушксолиро мусаллат нагардонад.
2-Кофирон бар ҳамаи уммати исломӣ ғалаба накунанд.
3-Уммат дар байнашон ҷанг накунанд ва аз ин охир Паёмбар ﷺ манъ карда шуд.
❁ (Пешвоёни гумроҳкунанда): Тарсашро дар пешвоёни гумроҳкунанда ҳаср кард ва пешво дар:
1-Хайр мебошад: (**Ва аз онон пешвоёне қарор додем, ки ба фармони мо "мардумро" ҳидоят мекарданд, чун сабр карданд ва ба оятҳои Мо яқин доштанд**). 2-Ва пешво дар шарр мебошад: (**Ва онҳоро пешвоёне қарор додем, ки ба сӯи оташ даъват мекарданд ва рӯзи қиёмат ёрӣ нахоҳанд шуд**).
❁ (Дар миёни онон шамшер ба кор рафт, бардошта намешавад): Ва ин аз куштани Усмон разияллоҳу анҳу то ба имрӯз рӯх додааст.
❁ (Ва ҳатто гурӯҳе аз уммати ман бутҳоро мепарастад): То ҷамоатҳое аз уммати Ман бутҳоро мепарастад.
❁ (Си дурӯғгӯ): Ин адад аз боби бисёрӣ ё аз боби ҳаср аст.

Масъалаҳо:

Якум: Тафсири сураи Нисо.
Дуюм: Тафсири сураи Моида.
Сеюм: Тафсири сураи Каҳф, (Ҳароина бар болои қабри онон масҷид бино мекунем), вақте умматҳои собиқ асном ва авсон (бутҳо)-ро парастиданд, па сдар ин уммат касе аст, ки асном ва авсонро мепарастад.

Чорум: Маънои имон ба ҷибту тоғут дар инҷо чист? Оё аз самими қалб онҳо чунин эътиқод доштанд, ё барои мувофиқатии мушрикон чунин мекарданд, дар ҳоле ки онро бад медиданд ва ба ботил будани он имон доштанд.

Панҷум: Бо вуҷуди куфри кофиронро медонистанд, мегуфтанд: Онҳо аз мӯъминон роҳёфтатаранд.

Шашум: Он чи муҳим аст ин ки дар ин уммат низ чунин унвонҳое ба пайравӣ аз яҳуд ва насоро пайдо мешаванд, чунон ки дар ҳадиси Абӯсаъид ин матлаб баён шудааст.

Ҳафтум: Ошкор сохтани Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам бар ин ки дар ин уммат низ бутпарастӣ воқеъ мешавад.

Ҳаштум: Дар воқеъ тааҷҷубовар аст, ки касоне аз ин уммат бо вуҷуди иқрор ба шаҳодатайн ва эътироф ба ҳақ будани Муҳаммад саллаллоҳу алайҳи ва саллам ва Қуръон даъвои паёмбарӣ мекунанд, монанди Мухтор, ки дар охирҳои замони саҳоба чунин даъво кард ва гурӯҳи зиёде аз ӯ пайравӣ карданд.

Нуҳум: Мужда ба ин ки ҳақ пурра нобуд нахоҳад шуд, онгуна ки қаблан нобуд мешуд, балки ҳамеша гурӯҳе бар он хоҳанд монд.

Даҳум: Нишонаи ҳақ будани онҳо ин аст, ки бо вуҷуди камияшон зарар намедиҳад онҳоро касе ки онҳоро мухолифат менамояд.

Ёздаҳум: Ин шарт то қиёмат мемонад.

Дувоздаҳум: Мӯъҷизаҳое, ки дар ҳадиси Савбон баён шуд, аз ҷумла: Дидани машриқ ва мағриб ва ин ки умматаш бар онҳо ҳукумат мекунад, чунон ки ин воқеъ шуд ва машриқу мағриб ба ҷуз шимолу ҷануб ба дасти уммати Ислом афтод. Ва хабари дастёбӣ ба ду хазина ва ҳамчунин қабул шудани ду дуо ва қабул нашудани дуои сеюм ва хабар додан аз ба коргирии шамшер дар миёни мусалмонон ва куштан ва асир кардани ҳамдигар ва тамом нашудани ингуна ҷангҳои дохилӣ, то қиёмат. Ва эҳсоси хатар аз пешвоёни гумроҳкун ва хабар додан аз паёмбарони дурӯғин ва боқӣ мондани гурӯҳи ёрӣ дода шуда, ки ҳамаи инҳо ҳамонтавр ки Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам хабар дода буд, воқеъ шуд.

Сездаҳум: Зикри тарси Ӯ саллаллоҳу алайҳи ва саллам бар уммат аз раҳбарони гумроҳкунанда.

Чордаҳум: Огоҳӣ додан бар маънои бутпарастӣ.

Имтиҳони қисми чорум ва панҷум (5 боб аст)

Суоли якум: Бобҳои ин ду қисмро ва муносибати ҳар бобро барои китоб зикр кун:

м	Унвони боб	Сабаби овардани муаллиф бобро
1	.....	.....
2	.....	.....
3	.....	.....
4	.....	.....
5	.....	.....

Суоли дуюм: Аломати ☒ дар макони муносиб гузор ё ҷои холиро пур кун:

1-Дар ҳаққи солеҳон ғулув кардан, ҳамон асли ширк дар қадим ва ҳозир аст: ☐ Дуруст ☐ хато.

2-Ғулув он:.....ва аз фасодҳои он.....

3-Фитнаи қабрҳо монанди фитнаи бутҳост, балки он сахттар аст: ☐Дуруст ☐ хато.

4-Зиннат додани қабрҳо ва бар онҳо чароғҳо афрӯхтан ва гачкории онҳо ва бар онҳо навистан ва бар онҳо қуббаҳо сохтан ва бар онҳо пардаҳо гузоштан ва зиёраткунандаҳои онҳоро хидмат кардан ва хидматгорҳои онҳоро мол додан: ☐ Воҷиб аст ☐ ҳаром аст.

5-Муаллиф раҳимаҳуллоҳ гуфт: Зиёрати қабри Паёмбар ﷺ аз беҳтарини амал-ҳост: ☐ Дуруст ☐ хато.

6-Пайгирӣ кардани осори Ӯ ﷺ: ☐ Мустаҳаб ☐ дар ин баёни муфассал аст ☐ ҳаром аст.

7-Паёмбар ﷺ тарсро бар умматаш ҳаср кард дар:.....

8-Муносибати овардани муаллиф раҳимаҳуллоҳ се оятро дар зимни боби: Баъзеи ин уммат бутҳоро мепарастад? ☐ Муносибате надорад ☐ возеҳ намешавад магар ба ҳадис ☐ хато аз тарафи баъзе нусханависон аст.

9-Мардум дар шаъни солеҳон тақсим шуданд ба: ☐ ду тараф ва миёна ☐ ғулув ва ҷафо.

10-Муҳаббати солеҳон ба барои онон дуо кардан ва аз онон дифоъ кардан ва аз онон илм гирифтан аст: ☐ Дуруст ☐ хато.

11-Дар шаъни солеҳон ғулув кардан, сабаби ягона дар куфр нест, локин он аз хатарноктарини он аст: ☐ Дуруст ☐ хато.

12-Оё ғулув дар ибодатҳо дохил мешавад? ☐ Оре ☐ не.

13-Ҳаргоҳ банда ибодати Аллоҳ ёд наорад магар ба дидани солеҳон, пас ин ибодати кутоҳ ё ибодат нест: ☐ Дуруст ☐ хато.

14-(Бандаи Аллоҳ ва расули Ӯ) содиқтарин ва бошарафтарини васф барои Ӯ ﷺ аст: ☐ Дуруст ☐ хато.

15-Итро ҳамон:.....ва аз мисолҳои он.....

16-(Маро зиёд ситоиш накунед): Он чиро ки монандии ғулуви насоро ва ғайри он аст, шомил мешавад: ☐ Дуруст ☐ хато.
17-Ғулув дар: ☐ Сано ☐ ибодат ☐ амал ☐ ҳамаи зикршудаҳо мебошад.
18-(Муболағакунандагон) кист?.....
19-(Ҳалок шуд) мурод ба ҳалок: ☐ Дин ☐ ҷисмҳо ☐ ҳамаи зикршудаҳост.
20-Дини Аллоҳ дар байни зиёдарав ва ҷафокор аст: ☐ Дуруст ☐ хато.
21-Танаттуъ мебошад, дар: ☐ калом ☐ қавлҳо ☐ ҳамаи зикршуда.
22- Уммат иҷмоъ дорад, ки Ҳусайн як сар дорад ва локин дар воқеъ барои ӯ бештар аз панҷ сар аст: ☐ Дуруст ☐ хато.
23-Аввалин ширке, ки дар фарзанди Одам воқеъ шуд, дар қавми: ☐ Одам ☐ Нуҳ ☐ Иброҳим буд.
24-Аввалин чизе ки ба сабаби он дини анбиё тағйир дода шуд ҳамон ширк аст ва сабабаш ғулув дар ҳаққи солеҳон буд: ☐ Дуруст ☐ хато.
25-Касе қувват додани динашро ба бидъат бихоҳад, пас зарараш аз фоидааш бештар аст: ☐ Дуруст ☐ хато.
26-Ҳар чизе ки ид гирифта мешавад, ҳар ҳафта ё ҳар сол такрор мешавад ва шаръӣ нест, пас он: ☐ бидъат ☐ ҷоиз ☐ суннат аст.
27-Бидъат сабаби куфр аст: ☐Дуруст ☐ хато, зеро куфри ба Аллоҳ чандин асбоб дорад.
28-Сабаби аз байн рафтани илм: ☐Мавти олимон ☐ғафлат ☐ аз он рӯ гардондан аст.
29-Зиёрати қабрҳо: ☐ Шаръӣ ☐ бидъатӣ ☐ ширкӣ ☐ ҳамагӣ.
30-Зиёрате ки ба он нафъи мурдагон ва эътибор қасд мешавад, бидъатӣ аст (☐дуруст ☐хато) ва зиёрате ки аз он аз мурдагон нафъ бурдан аст, шаръӣ аст (☐ дуруст ☐ хато).
31-Ҳар чизе ки сабаби манъ кардани мардум аз динашон бошад, номида мешавад: ☐ Фитна ☐ бидъат ☐ хурофот.
32-(Лаънати Аллоҳ бар яҳуд): ☐ Бар алайҳи онон дуо кардан ☐хабар додан ба ин ки Аллоҳ онҳоро лаънат кард ☐ҳамагӣ.
33-Маънои қабрҳоро масҷидҳо гирифтан: ☐ Бар онҳо саҷда кардан ☐ бар онҳо масҷид сохтан ☐ҳамагӣ.
34-Ривояти "хушия" тарс аз вай воқеъ шуд: ☐ Паёмбар ﷺ, ☐саҳобагон.
35-Қабраш ошкор карда нашуд, барои: ☐ Тарсида шуд ☐тарсид ☐ҳар паёмбар дар ҷое ки рӯҳаш қабз шуд дафн карда мешавад ☐ҳамагӣ.
36-Маънои қабраш ошкор карда мешуд:.....
37-Ҳукми қавли ин ки Ӯ ﷺ Ҳабибуллоҳ аст: ☐Ҷоиз ☐паст задани ҳаққи Ӯ ﷺ ☐ мустаҳаб.
38-Қавли Иброҳим Халилуллоҳ ва Муҳаммад ﷺ Ҳабибуллоҳ: ☐Ҷоиз ☐мустаҳаб ☐ҷоиз намебошад.
39-Хулла собит нашуд, магар барои: ☐Иброҳим ☐Иброҳим ва Муҳаммад ☐барои ҳарду ва барои дигарон.
40-Касе бар болои қабр масҷид бино кунад: ☐Қабр канда мешавад ☐масҷид вайрон карда мешавад ва қабр боқӣ мемонад.
41-Намоз ☐ба сӯи қабрҳо ☐бар болои қабрҳо ☐дар қабрҳо ☐ҳамагӣ ҷоиз намебошад.

42-Мардум гуногун мебошанд дар: ☐хайр ☐шарр ☐ ҳамагӣ.
43-Бадтарини халқ ҳамон касонест, ки: ☐ Қиёмат барпо мешавад, дар ҳоле ки онҳо зиндаанд ☐ қабрҳоро масҷид мегиранд ☐ҳамагӣ.
44-Дӯр шудан аз: ☐ширк ☐василаҳои он ☐ аз ҳамааш воҷиб мебошад.
45-Дар назди қабр садақа додан боке надорад, зеро наҳӣ аз намоз хондан асту бас: ☐ Дуруст ☐ хато.
46-Ба мушрикон ташбеҳ кардан гуноҳи кабира аст: ☐ Ҳаргоҳ қасди шабоҳатро дошта бошад ☐ хоҳ онро қасд дошта бошад ё надошта бошад.
47-Паёмбар аз масҷид гирифтани қабрҳо ҳазар кунонд: ☐ Дар ҳаёташ ☐ панҷ рӯз пеш аз вафоташ ☐ дар равиш ☐ҳамагӣ.
48-Афзал будани имон ва амали солеҳ болои афзалияти насаб аст: ☐Дуруст ☐хато.
49-(Қабри маро васан магардон): ☐ Дуои Ӯ ﷺ мустаҷоб шуд ☐ ҳикмати Аллоҳ ғайри инро тақозо кард.
50-Зиёрати занон қабрҳоро аз гуноҳони кабира аст: ☐ Дуруст ☐ хато.
51-Паёмбар ﷺ: ☐ Ҷониби тавҳидро ҳимоя кард ☐ ҳар чизе ки ба сӯи ширк мерасонад, баст ☐ ҳамагӣ.
52-(Хонаҳоятонро қабристон магардонед) яъне ☐ дар он дафн накунед ☐ намоз хонданро дар он тарк накунед ☐ ҳамагӣ.
53-Зиёрати қабри Паёмбар ﷺ ба сӯи он бори сафар баста намешавад ва бар қабр рафту омад карда намешавад: ☐ Дуруст ☐ хато.
54-Салоту салом бар Паёмбар ﷺ мебошад: ☐ дар назди қабраш, пас касе ки ба сӯи Мадина сафар мекунад, васият карда мешавад, ки бар Ӯ салом расонад ☐ аз ҳар ҷо (ту ва касе ки дар Андалус аст, баробар ҳастед).
55-(Қабри маро ид магиред) яъне:.....
56-Ширк дар ин уммат воқеъ намешавад, пас уммат аз он пок аст: ☐ Дуруст ☐ хато.
57-(Насибе аз китоб ба онҳо дода шуд) ва ҳамаи китоб дода нашуд, балки ба сабаби маъсияташон маҳрум шуданд: ☐ Дуруст ☐ хато.
58-Илм соҳибашро аз маъсият маъсум намегардонад: ☐ Дуруст ☐ хато.
59-Оё маймунҳо ва хукҳо насли он масхшудагон аст? ☐ Оре ☐ не.
60-Дар қабрҳо ғулув кардан ва агарчи андак бошад, гоҳо ба сӯи аз он бузургтар мерасонад: ☐ Дуруст ☐ хато.
61-Қариб ки маъсияте дар ин уммат ёфта намешавад, магар ки барои он дар умматҳои пешин асле аст: ☐ Дуруст ☐ хато.
62-Уммат вақте пароканда шуд ва якдигарро ҳалок карданд, Аллоҳ бар онҳо душманеро аз ғайрашон бар онҳо мусаллат кард: ☐ Дуруст ☐ хато.
63-Имом мебошад дар: ☐ Хайр фақат ☐ дар хайр ва шарр якҷо.
64-Бузургтарин чизе ки бар уммат тарсида мешавад: ☐ Пешвоёни бад ☐ пайравии равиши яҳуд ва насоро.
65-Барои Паёмбар ду дуояш мустаҷоб шуд, он ду:
1).....2).....ва дуои сеюм мустаҷоб нашуд ва он.....

Шашум: Амалҳои шайтонӣ (7 боб)

(24) Боб андар он чӣ дар мавзӯи сеҳр омадааст

❁ Сеҳр намешавад, магар аз тариқи ширк, пас шайтонҳо инсонро хидмат намекунад, магар ба хотири маслиҳат ва он гумроҳ кардани фарзанди Одам ва онҳоро дар ширк ва маъсиятҳо дохил кардан.

Далели аввал ва дуюм:

1). Ва фармудаи Аллоҳ таъоло: **"Ба таҳқиқ медонистанд ҳар касе харидорӣ ингуна матоъ бошад, дар охират баҳрае нахоҳад дошт".**

2). Ва фармудаи Ӯ: "Ба ҷибт ва тоғут имон меоранд", Умар разияллоҳу анҳу ҷибтро сеҳр ва тоғутро шайтон маънидод кардааст.

Ва Ҷобир разияллоҳу анҳу мегӯяд: Тавоғит ба ғайбгӯёне гуфта мешавад, ки шайтон назди онон мерафт ва дар ҳар минтақа якта вуҷуд дорад.

❁ (Харидори он бошад): Яъне онро омӯзад.

❁ (Тоғут шайтон аст): Аз ҷумлаи ба мисол тафсир кардан аст, зеро тоғут аз шайтон омтар аст.

Оё насиб ба куллӣ нафй мешавад, ё баъзеаш?

Қавли якум: Оятҳои ваъдаи азоб ҳамонгуна ки омадааст, гузаронда мешавад ва бар ҷамъ овардани он бо оятҳои ваъдаи мағфират кушиш карда намешавад, то шаънаш кам нашавад, аз рӯи фармудаи Аллоҳ: "Ва мо оятҳоро ҷуз тарсонидан намефиристем", чаро ки Аллоҳ онро дар равиши тарсондан ва тарҳиб аз ин феъл овардааст.

Қавли дуюм: Далелҳои ваъдаи азоб ба далелҳои ваъда зам карда мешавад ва насиб бар тафсил нафй мешавад:

Ҳамааш нафй мешавад: Ҳаргоҳ сеҳр ба истифодаи шайтонҳо бошад.

Баъзеаш нафй мешавад: Ҳаргоҳ ба истеъмоли доруҳо ва гиёҳҳо бошад.

Далели сеюм:

Аз Абӯҳурайра разияллоҳу анҳу ривоят аст, ки Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд: "Аз ҳафт чизи ҳалоккунанда парҳез кунед! Саҳобагон пурсиданд: Онҳо чӣ ҳастанд? Фармуд: Ширк овардан ба Аллоҳ, ҷодугарӣ, куштани ноҳақ, хӯрдани моли рибо, хӯрдани моли ятим, гурехтан аз ҷангу ҷиҳод ва тӯҳмат кардани занони покдоман ва бехабари мӯъмин".

(Иҷтиноб кунед): Бо аз он дур шудан, онро тарк кунед, ба ин ки шумо дар як тараф ва он дар тарафи дигар бошад.
(Ҳафт): Ин тақозои ҳаср намекунад, пас онҷо дигар ҳалоккунандаҳо аст.
(Ва рибо хӯрдан): Маънояш рибо гирифтан аст, хоҳ онро дар хӯрдан ё қолин ё ғайри ин истифода барад ва рибо ҳамон зиёдатӣ дар ақди байни ашёест, ки дар он баробарӣ воҷиб мебошад ва насия дар ақди байни ашёе, ки дар гирифтани дар маҷлис воҷиб мебошад. Ва ба ду қисм тақсим мешавад: 1) рибои фазл (зиёдатӣ), 2) Рибои насия (дер кардан).
(Ва хӯрдани моли ятим): Ятим касест, ки падараш пеш аз ба балоғат расиданаш фавтидааст, хоҳ писар бошад ё духтар.
(Ва дар рӯзи тангӣ гурехтан): Дар рӯзи бо кофирон ҷангиданд, гурехтан.
(Ва туҳмат кардани занони покдомани ғофили мӯъмина): Зани мӯъмини озодро ба зино туҳмат кардан.

(Куштани нафсе ки Аллоҳ ҳаром гардондааст) чорто аст:

- Мӯъмин: Ба хотири имонаш.
- Зиммӣ: Касе ки дар байни мо ва вай замонат аст бо додани ҷузя.
- **Муъоҳид:** Дар байни мо ва вай аҳд аст, ки бо мо ҷанг намекунад ва бо ӯ ҷанг намекунем.
- **Мустаъмин:** Дар байни мо ва ӯ амон аст ба хотири тиҷорат ё фаҳмидани Ислом.

"Магар ба ҳақ" ва он сето аст:

- Нафс ба нафс
- Беваи зинокор
- **Тарккунандаи динаш, аз ҷамоат ҷудошаванда.**

Ва пушт гардондан дар се мавзеъ ҷоиз мебошад:

(Барои ҳамлаи дубора): Мисли касе ки мегардад, то шаъ-нашро ба салоҳ орад ва силоҳҳоро омода созад, ё мегардад то аз дигар ҷиҳат ояд.

(Ба гурӯҳи дигар пайвастан): Бо гурӯҳи дигар аз боби зарурат мепай-вандад, ба шарте ки бар лашкар зарар набошад.

Ҳаргоҳ кофирон аз мусалмонон ду баробар бисёр бошанд: Пас инҳангом гурехтан ҷоиз мебошад.

Далели чорум то ҳафтум:

4).Ҷундуб разияллоҳу анҳу аз Паёмбар ﷺ ривоят мекунад: ***"Ҳадди ҷодугар ин аст, ки гарданаш ба шамшер зада шавад"***. (Инро Тирмизӣ ривоят карда ва гуфтааст: Ин бо санади саҳеҳ бар Ҷундуб мавқуф аст).

5).Ва дар Саҳеҳи Бухорӣ аз Баҷола ибни Абада ривоят аст, ки Умар разияллоҳу анҳу номае навишт ва дар он дастур дод, ки ҳамаи мардон ва занони ҷодугарро бикушед. Баҷола мегӯяд: Мо баъд аз ин дастурашон се ҷодугарро куштем.

6).Ва аз Ҳафса разияллоҳу анҳо ривоят аст, ки дастур ба куштани канизе дод, ки ӯро ҷоду карда буд, пас кушта шуд.

7). Ва инчунин аз Ҷундуб ривояти саҳеҳ омадааст. Имом Аҳмад, гуфт: Аз се саҳобаи Паёмбар ﷺ ривоят аст, ки чунин фатво ддодаанд.

Ҳукми соҳир чист?

Қавли аввал (Муҳаммад ибни Абдул-ваҳҳоб раҳима-ҳуллоҳ): Ҳамаи сеҳр куфр ва соҳир мутлақо кушта мешавад ва тавбааш дар назди Аллоҳ таъолост.

Қавли дуввум (Шофеъӣ раҳимаҳуллоҳу таъолост) ва инро шайх Ибни Усаймин раҳимаҳуллоҳ тарҷеҳ дода аст:

Сеҳри шайтонҳо: Фоили ин муртад аст, тавба дода мешавад, агар тавба кард, ӯро аз рӯи ҳад мекушем, чаро ки ӯ мусалмон аст ва агар тавба накард, ӯро бинобар кофиру муртад буданаш мекушем.

Сеҳр ба доруҳо ва гиёҳҳо: Ҳукми фоили ин ҳукми ҳуҷумкунандаи аз ҳад гузаранда аст ва аз рӯи ҳад кушта мешавад, зеро ӯ мусалмон аст.

Масъалаҳо:

Якум: Тафсири ояти сураи Бақара.(Қатъан медонистанд, ки ҳар кас харидори он бошад).

Дуюм: Тафсири ояти сураи Нисо. (Ба ҷибт ва тоғут имон меоранд)

Сеюм: Тафсири ҷибт ва тоғут ва баёни фарқи онҳо. (Ҷибт ҳар чизест, ки дар он хайр нест, аз ҷумла ҷоду ва ғайри он ва тоғут ҳар чизест, ки банда аз ҳадаш мегузарад, аз маъбуд ё пайравшуда ё итоатшуда).

Чорум: Тоғут гоҳо аз ҷинҳо ва гоҳо аз нсонҳо мебошанд. (Тоғут ҳаргоҳ мутлақ зикр шавад, пас мурод ба он шайтони ҷин аст ва коҳин шайтони инс аст).

Панҷум: Шинохтани ҳафт чизи ҳалоккунанда, ки Расулуллоҳ ﷺ аз онҳо ҳазар кунондааст.

Шашум: Касе ки ҷодугарӣ мекунад, кофир мешавад.

Ҳафтум: Ба ҷодугар бе ин ки фурсати тавба дода шавад, бояд кушта шавад. (Ҳад ҳаргоҳ ба имом бирасад, соҳибаш тавба дода намешавад, балки ба ҳар ҳол кушта мешавад, аммо соҳиби куфр тавба дода мешавад).

Ҳаштум: Дар замони Умар разияллоҳу анҳу ҷодугарон вуҷуд доштанд, пас чӣ расад ба замонҳои баъд аз ӯ?! Қавл ба куштани ҷодугар аз тарафи султон, мувофиқи қоидаҳои шаръӣ аст, зеро онҳо дар замин фасод меоранд ва фасоди оеҳо аз бузургтарини фасод аст, пас куштани онҳо бар имом воҷиб аст. Ва барои имом ҷоиз намебошад, ки аз қатли онҳо даст кашад, зеро мисли инҳоҳаргоҳ ба ҳоли худашон гузошта шаванд, фасодашон дар заминашон ва дар замини дигарон паҳн мешавад ва ҳаргоҳ кушта шаванд, мардум аз шарри онҳо саломат мемонанд ва мардум аз сеҳр кардан худдорӣ мекунанд.

(25) Боб андар баёни баъзе анвоъи ҷоду

Баъде ки сеҳрро зикр кард, барои ту чизе аз анвоъи онро баён кард, то бидонӣ ки он чанд навъ аст ва аз он иҷтиноб кунӣ.

Далели аввал то панҷум:

1). Имом Аҳмад гуфт: Ба мо Муҳаммад ибни Ҷаъфар ҳадис гуфт, ба мо Авф аз Ҳайён ибни Ало ҳадис гуфт, ба мо Қатан ибни Қабиса аз падараш ривоят намуд, ки ӯ Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва салламро шунавид, ки фармуд: ***"Ба таҳқиқ иёфа, тарқ ва тияра аз ҷумлаи ҷибт (ҷоду) аст"***.

Авф мегӯяд: Иёфа парандаеро ба парвоз даровардан ва тарқ ба рӯи замин хатҳо кашидан ва дар бораи ҷибт Ҳасан мегӯяд: Садои шайтон аст. Исноди ин ривоят ҷайид (нек) аст. Ва дар Сунани Абӯдовуд, Насоӣ ва Ибни Ҳиббон дар Саҳеҳи муснадаш низ омадааст.

2). Аз Ибни Аббос разияллоҳу анҳу ривоят аст, ки Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд: ***Ҳар касе бахше аз илми нуҷумро аз худ намояд, дар воқеъ бахше аз сеҳру ҷодуро аз худ намудааст. Ва ҳар чанд зиёд аз худ намояд, ҳамон миқдор ҷодуро аз худ карда аст***. (Ривояти Абӯдовуд ва санадаш саҳеҳ аст).

3). Ва Насоӣ аз Абӯҳурайра разияллоҳу анҳу ривоят кард, ки ҳар кас дар гиреҳе бидамад сеҳр кардааст ва касе ки сеҳр бикунад, ширк овардааст ва ҳар кас чизе (дар гардан) биовезад ба ҳамон чиз супурда мешавад. (Ривояти Насоӣ).

4). Аз Ибни Масъуд разияллоҳу анҳу ривоят аст, ки Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд: ***"Оё ба шумо бигӯям, ки азза чист? Азза иборат аст аз суханчинӣ ва гуфторе ки даҳан ба даҳан бигардад"***. (Ривояти Муслим)

5). Ва Бухорӣ ва Муслим аз Ибни Умар разияллоҳу анҳумо ривоят карданд, ки Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд: ***"Албатта баъзе баёнҳо сеҳр аст"***. (Муттафақун алайҳ).

(**Иёфа**): Парандаеро барои фоли бад ё фолли нек ба парвоз даровардан, аз ҷумлаи фоли бад задани ба феъл аст.

(**Ва тарқ**): Бар рӯи рег хатоҳо кашидан, бар сабили ҷоду ва фол задан.

(**Тияра**): Фоли бад задан ба чизи маълуми дидашуда ё шунидашуда, замон бошад ё макон.

(**Садои шайтон**): Яъне ваҳйи шайтон, ин аз ваҳйи ва имлои шайтон аст.

(**Азҳ**): ба маънои қатъ ва ҷудо кардан аст ва ваҷҳи овардани он дар боби сеҳр чист? То баён кунад, ки ҷудоӣ андохтан ҳамон ҳадафи ҳар суханчин ва ҷодугар аст ва суханчин бисёртар аз ҷодугар фосид мекунад.

Илми ситорашиносӣ ду қисм аст:

Илми таъсир:

Ба аҳволи фалакӣ бар рӯйдодҳои заминӣ истидлол намудан.

Илми тасйир:

Ба он бар ҷиҳатҳо ва вақтҳо ва ҷиҳати қибла далел овардан.

Ширки асғар аст: Ҳаргоҳ эътиқод кунад, ки ситораҳо сабаб ҳастанд ва Аллоҳ таъоло онро сабаб дар иттилоъ ёфтан бар илми ғайб сабаб нагардондааст.

Ширки акбар аст: Ҳаргоҳ эътиқод кунад, ки ситораҳо ба зоташон таъсир мерасонанд ва дар дасташон ҷалби фоидаҳо ва дур кардани зарарҳост.

Ҷоиз аст: Ба он бар замонҳо ва маконҳо истидлол карда мешавад, (Ва нишонаҳо ва ба василаи ситорагон роҳ меёбанд).

Воҷиб аст: ЧИзе ки воҷиб тамом намешавад, магар ба он, пас он чиз воҷиб аст, мисли шахсе ки дар саҳро ё дар биёбони бузурге аст ва қибларо донистан мехоҳад.

(**Баён**): Фасоҳати пурра аст, ки ақлҳоро асир мегирад ва фикрҳоро тағйир медиҳад ва тақсим мешавад, ба: 1-Мадҳшуда: Мақсад аз он исботи ҳақ ва ботил сохтани ноҳақ аст. 2-Мазамматшуда: Мақсад аз он радди ҳақ ва исботи ботил аст.

Алоқаи баён ба сеҳр чист?: Зеро баёни ботил ва сеҳр дар тағйир додани ҳақиқатҳо шарик ҳастанд.

Масъалаҳо:

Якум: Иёфа, тарқ ва тияра аз ҷумлаи сеҳр аст.

Дуюм: Баёни маънои иёфа, тарқ ва тияра.

Сеюм: Илми нуҷум низ навъе аз ҷоду аст. (Илми таъсир).

Чорум: Дар гирех дамидан низ аз анвоъи сеҳр аст.

Панҷум: Суханчинӣ ва бадгӯй низ асари ҷодуӣ дорад. (Зеро он ҷудоӣ меандозад, монанди ҷодугар).

Шашум: Фасоҳат ва ширинзабонӣ низ гоҳе асари ҷодуӣ дорад. (Зеро шахси бофасоҳат гоҳо сарф мекунад ё ҳимматҳоро бармеангезад).

(26) Боб он чи дар мавзӯи коҳинӣ ва монанди он омадааст

Ин беҳтарин тартиб аст, баъде ки барои ту сеҳр ва чизе аз анвоъи онро баён кард, ана барои ту кӣ будани коҳин ва раммол ва мунаҷҷимро баён мекунад ва ҳукми пеши он рафтан ва чигуна рафтанро баён мекунад.

Далели аввал то чорум:

1). Имом Муслим дар Саҳеҳи худ аз баъзе занони Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам ривоят намудааст, ки Ӯ саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд: ***"Касе ба назди фолбин ояду аз вай чизеро бипурсад, сипас вайро тасдиқ намояд, чиҳил рӯз намозаш қабул намешавад"***.

2). Аз Абӯҳурайра разияллоҳу анҳу ривоят аст, ки Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд: ***"Касе назди коҳине равад, пас гуфтаи ӯро тасдиқ намояд, ба он чизе ки ба Муҳаммад саллаллоҳу алайҳи ва саллам нозил шудааст кофир шудааст"***. (Ривояти Абӯдовуд)

3). Абӯдовуд, Насоӣ, Тирмизӣ, Ибни Моҷа ва Ҳоким аз Абӯҳурайра разияллоҳу анҳу ривоят карданд ва Ҳоким фармуд, ин ҳадис бар шарти Бухорию Муслим саҳеҳ аст: ***"Касе назди фолбин, ё коҳине равад, сипас гуфтаи ӯро тасдиқ намояд, ба он чизе ки бар Муҳаммад саллаллоҳу алайҳи ва саллам нозил шудааст кофир шуда аст"***.

4). Ва Абӯяъло ба санади ҷайид (хуб) аз Ибни Масъуд ра-зияллоҳу анҳу мисли онро ба таври мавқуф ривоят карда аст.

(Касе ояд): Омадан ба ҳамнишинии ӯ, ё ба ӯ тамос гирифтан, ё шахсеро ба пеши вай фиристодан, ё нома фиристодан, ё каналҳои онҳоро тамошо кардан, ё бар мавқеъҳои онон дохил шудан, ё газетаҳои онҳоро харидан ва хосстан газетаҳову журнаҳое, ки дар он бурҷҳост, ё ба он чизе ки мегӯянд, гуш кардан мебошад. Ва дар ин фасоди бузург аст.

(Намози вай қабул намешавад): Савобе ки аз он намоз ҳосил шуд, ба бадӣ рӯ ба рӯ шуд, пас онро соқит кард (ҳукми омадани бебовар кардан).

(Пас бар он чизе ки бар Муҳаммад ﷺ нозил шуд, кофир шудааст): Яъне ба Қуръон кофир шудааст ва дар Қуръон омадааст: (Бигӯ: Касоне ки дар осмонҳо ва заминанд ғайбро намедонанд, ба ҷуз Аллоҳ). Пас касе ки фолбинро дар илми ғайб тасдиқ мекунад ва ӯ медонад, ки илми ғайбро ҷуз Аллоҳ касе намедонад, пас ӯ кофири куфри акбар аст ва агар ҷоҳил бошад ва эътиқод намекунад, ки дар Қуръон дурӯғ аст, пас куфраш куфри асғар аст ва гоҳо дар ҳол тасдиқ намекунад, балки тасдиқ вақте мешавад, ки барояш чизе ҳосил шавад.

(**Арроф**): Исми ом аст, барои коҳин ва мунаҷҷим ва раммол ва монанди инҳо аз касоне ки бар донистани ғайб муқаддимаҳоеро истифода мебарад, пас ҳар касе ки ин умурро анҷом медиҳад ё иддио мекунад, ӯро шомил мешавад

Далели панҷум:

Аз Имрон ибни Ҳусайн ба таври марфӯъ ривоят аст, ки **"Аз мо нест касе ки фол бигирад ё барои ӯ фол гирифта шавад ё коҳинӣ бикунад ё барои ӯ коҳинӣ карда шавад ё ҷоду бикунад ва ё ба хотири ӯ ҷоду карда бишавад. Ва ҳар кас назди коҳине биравад ва гуфтаҳои ӯро тасдиқ бикунад, бо ин кор ба он чи бар Муҳаммад саллаллоҳу алайҳи ва саллам нозил шуда аст кофир шудааст"**. (Баззор бо исноди ҷайид ривоят кардааст).

Далели шашум:

Албатта ин ривоятро Табаронӣ ба исноди ҳасан аз Ибни Аббос разияллоҳу анҳу бегуфтаи "ҳар кас равад" то охираш ривоят кардааст.

Бағавӣ мегӯяд: Арроф касе аст, ки даъво мекунад, ки ба баъзе муқаддимаҳо ҳуҷҷатоварӣ карда моли дуздишуда ва ҷои моли гумшуда ва монанди онро медонад.

Гуфта шудааст, ки арроф ҳамон коҳин аст ва коҳин касе аст, ки аз корҳои оянда хабар медиҳад.

Ва гуфта шудааст, ки касест, ки ба гумони худ аз асрори қалб хабар медиҳад.

Абӯлаббос ибни Таймия раҳимаҳуллоҳ мегӯяд: Арроф, коҳин, мунаҷҷим, раммол (касе, ки дар рӯи рег хат мекашад) ва монанди онҳо касоне ки аз корҳои ғайб ва пӯшида сухан мегӯянд, гуфта мешавад.

(Касе фоли бад занад): Шомили касе мешавад, ки барои худаш ё барои ғайраш фоли бад занад.

(Ё барои ӯ фол зада шавад): Яъне касеро амр кунад, ки барои вай фол занад, ё розӣ шавад, ки барои вай фол зада шавад.

(Барои ӯ ҷоду карда шавад): Зеро баъзеҳо барои касе ки аз ҳамсараш шикоят мекунад, мегӯяд: Ман барои ту ҷоду мекунам ва ту чизе намекунӣ, пас гумон мекунад, ки бар зарари вай чизе нест.

Далели ҳафтум:

Ибни Аббос разияллоҳу анҳу дар мавриди касоне ки аз рӯи ҳарфҳои абҷад ва нигоҳ ба ситорагон суханоне мегӯянд, гуфтааст: Инҳо дар назди Аллоҳ ҳеҷ насибе надоранд.

Омӯхтани абҷад ду қисм мешавад:

1-**Мубоҳ:** Онро барои ҳисоби ҷумал ва монанди ин таълим гирем ва ҳамеша олимон ба ин таърих мегузоранд.

2-**Ҳаром аст:** Онро вобаста ба сайри ситорагон ва ҳаракати онҳо ва баромадан ва нишастани онҳо қарор диҳад.

Ҳукми суоли арроф ва монанди он

Суоли холӣ: Гуноҳи кабира аст, аз рӯи гуфтаи Паёмбар ﷺ: (Чил рӯз намозаш қабул намешавад).

Суол ва тасдиқ кардан: Куфри акбар аст, зеро ин дурӯғ шуморидани Қуръон аст.

Барои имтиҳони ӯ суол кардан: Ҷоиз аст, то сидқаш аз дурӯғаш маълум шавад, на ба хотири қавлашро гирифтан. Ва аҳли ин бошад.

Барои ошкор кардани оҷизи ва дурӯғаш суол кардан: Ин матлуб ё воҷиб аст ба шарте ки аҳли ин бошад.

Аз аломатҳои ҷодугар:

1-Мухолифатии шартҳои ҷоизии руқияи шаръӣ.
2- Бо нафас гирех задан.
3-Навистани ҳарфҳои қатъшуда ва сухани нофаҳмо.
4-Гармию хунукӣ.
5-Дар ситорагон назар кардан (илми таъсир). 6-Қироати каф ва пиёла.
7-Аз номи модар пурсад, маслан.
8-Иддиои илми ғайб кардан.
9- Беморро ба мухолифатии шаръ амр кунад, монанди тарки намоз ё дар вақти мол кушатан, бисмиллоҳ нагуфтан.
10- Ӯ беморро вобаста ба худаш мекунад, на ба Аллоҳ.
11- Ӯ аз авлиёи шайтон аст.

Масъалаҳо:

Якум: Тасдиқи коҳин ва имони ба Қуръон дар як дил ҷамъ намешаванд. (Ва ин аз бузургтарини куфр аст).
Дуюм: Ошкор кардан бар ин ки ин амал куфр аст.
Сеюм: Ҳукми шахсе ки барояш коҳинӣ карда шуд. (Дар безории Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам аз ӯ, вай монанди коҳин аст).
Чорум: Ҳукми шахсе ки барояш ба парвози паранда фол гирифта шавад.
Панҷум: Ҳукми касе ки барои ӯ ҷоду бикунанд (касе талаб кунад, ки барояш ҷоду карда шавад, пас ӯ дар уқубат монанди онҳост).
Шашум: Ҳукми касе ки абҷадро таълим бигирад (Дар ин ҳукм тафсил аст).
Ҳафтум: Фарқ байни коҳин ва арроф.

(27) Боб андар мавриди ботил кардни ҷоду

Ин аз тартиби нек аст, баъде ки сеҳрро зикр кард, хост, ки барои ту чигунагии илоҷи онро зикр кунад ва шакке нест, ки кушодани ҷоду аз сеҳршуда ба илоҷи шаръӣ, дар он фазли бузург аст, барои касе ки ризои Аллоҳро хоҳад.

Далели аввал:

Аз Ҷобир разияллоҳу анҳу ривоят аст, ки Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва салламро аз нушра пурсида шуд, Пас фармуд: Он аз амали шайтон аст. (Имом Аҳмад ба санади ҷайид ва Абӯдовуд ривоят кардаанд).

Далели дуюм:

Ва гуфт: Имом Аҳмадро аз ин масъала пурсида шуд, пас гуфт: Ибни Масъуд разияллоҳу анҳу ингуна корҳоро макрӯҳ медонист.

❁(Кушодани сеҳр): Яъне кушодане ки дар ҷоҳилият маъруф буд, ки дар замони ҷоҳилият онро истифода мебурданд.

❁ (Аз амали шайтон аст): Нисбат додани он ба шайтон дар зиштии он расотар ва аз он нафрат овардан аст.

❁ (Инро макрӯҳ медонад): Кароҳият дар назди пешиниён, ба он қасди ҳаромро доштанд.

❁ (Ҳамаи инро макрӯҳ медонад): Мақсад ба он кушоданест, ки аз амали шайтон аст ва он ба ҷоду кушодан аст.

Далели сеюм:

Ва дар Бухорӣ аз Қатода ривоят аст, ки аз Ибни Муса-йиб пурсид: Марде ҷодушуда ва аз ҳамбистарӣ бо ҳамсараш боздошта шудааст, оё ҷоиз аст, ки сеҳраш кушода карда шавад, гуфт: Ишколе надорад, зеро мақсад аз манъ кардан ин аст, ки ҷомеа ислоҳ бишавад ва чизе ки барои фоида расонидан бошад манъшуда нест. Тамом шуд.

❁(**Тибб**): Яъне сеҳр ва маълум аст, ки тиб ҳамон илоҷи бемор аст, локин сеҳр тиб номида шуд аз боби фоли нек задан, ҳамчуноне ки нешзадаро салим ва шикастаро ҷабир номида шуд.

❁(Аз ҳамсараш гирифта мешавад): Яъне баста мешавад, пас бо ӯ ҳамхобагӣ карда наметавонад ва ӯ дарде надорад ва ин навъи сеҳр аст.

Далели чорум:

Ва аз Ҳасани Басрӣ ривоят аст, ки гуфт: Кушодани ҷоду ба василаи ҷоду кори ҷодугарон аст.

Ибни Қайим раҳимаҳуллоҳ мегӯяд: Нушра яъне кушодани ҷоду аз ҷодушуда ду навъ аст.

1-Кушодани ҷоду ба василаи ҷоду, ин навъ аз амали шайтон аст ва сухани Ҳасани Басрӣ ба ҳамин навъ ҳамл мешавад, зеро дар ин сурат ботилкунанда ва бемор ба ҷинҳо ва шайтонҳо рӯ меоранд ва онҳоро хушнуд мекунанд, то ҷодуро ботил созанд.

2-Аммо кушодани ҷоду ба василаи руқия хондан ва дам кардан ва истифода аз доруҳо ва дуоҳои мубоҳ ҷоиз аст.

Чигуна рад мекунем бар касе ки мегӯяд, сеҳрро ба сеҳр кушода мешавад?

1-Ин мухолифи Қуръон, Суннат, амали саҳоба ва салафи уммат разияллоҳу анҳум аст.

2-Дар ин заиф донистани давогӣ ба Қуръон ва дуоҳое, ки дар суннати набавӣ омадааст, мебошад.

3-Дар ин қувват додани сеҳр ва соҳирон ва барои онон дар назди оммаи мардум имкон додан аст.

4-Дар ин гаштан аз яқине ки он давогӣ ба Қуръон ва дуоҳои дар асар омада ба с ӯи гумон ва он ба сеҳр муолиҷа кардан аст.

5-Дар кушодани сеҳр аз сеҳршуда зарур аст, ки кушоянда ва барояш кушодашуда ба шайтон ба чизе ки дӯст медорад наздик шаванд, то ҷодуро бекор кунад.

6-Сеҳршуда сабр кунад, барояш Ҷаннат аст, ҳамчуноне ки аз Паёмбар ﷺ омадааст.

7-Сеҳрро ба сеҳр кушодан, сеҳршударо сеҳр бар болои сеҳраш зиёд мешавад.

8-Паёмбар ﷺ сеҳр карда шуд ва ба сеҳр муолиҷа накард, балки ба руқияи шаръӣ муолиҷа кард.

Масъалаҳо:

Якум: Наҳӣ аз кушодани ҷоду ба василаи ҷоду.

Дуюм: Фарқ миёни кушодани ҷоду ба тариқаи нодуруст ва кушодани ҷоду ба тариқаи дуруст, аз ҷумлаи чизе ки ишколро аз байн мебарад. (Сухани ҳар касе, ки ба ҷоиз будани кушодани сеҳр гуфт, бар руқия, паноҳ бурдан, давоҳо ва дуоҳо бардошт мешавад ва қавли ҳар касе ки аз кушодани сеҳр манъ кард, бар кушодани сеҳр ба сеҳр бардошт мешавад, ва Аллоҳ донотар аст).

(28) Боб андар фол задан ба парвози паранда

Фол задан ба парвози паранда тавҳидро нафй мекунад: 1) Зеро фол зананда таваккулашро аз Аллоҳ қатъ карда ва бар ғайри Аллоҳ эътимод кардааст. 2) Зеро ӯ ба амре мутааллиқ шудааст, ки ҳақиқат надорад, балки он ваҳу хаёл аст ва тавҳид ибодат ва ёрӣ талабидан аст.

(Фол задан ба парвози паранда): Аз рӯи шаръ: Фоли бад задан ба чизи дидашуда ё шунидашуда ё замон ё макони маълум мебошад:

1-Ба дидашуда мисле ки парандаеро бинад, пас ба он фоли бад занад, барои он ки ваҳшатовар ё сиёҳ аст.

2-Шунидашуда мисли касе ки қасди коре кард, пас якеро шунид, ки барои дигаре мегӯяд: Эй зиёндида, пас фоли бад мезанад.

3-Маълум: Монанди фоли бад задан ба баъзе рӯзҳо ё моҳҳо ё солҳо ё баъзе ҷойҳо.

Далели аввал ва дуюм:

1). Ва фармудаи Аллоҳ таъоло: "Огоҳ бошанд, ки фоли бади онҳо назди Аллоҳ аст ва локин бисёри онҳо намедонанд".

2).Ва фармудаи Аллоҳ: "Гуфтанд: Он фоли бад бо худи шумост".

❁(Фоли бадашон дар назди Аллоҳ аст): Яъне он чи ба онҳо мерасад аз хушксолӣ ва қаҳтӣ аз ҷониби Аллоҳ аст, пас Ӯст, ки онро тақдир кардааст ва Мусо алайҳис салом ва қавмаш ба он алоқае надоранд, балки амр тақозо мекунад, ки онҳо сабаби баракат ва хайр ҳастанд.

❁(Фоли бадатон бо худи шумост): Яъне ҳамроҳи шумост, пас он ба шумо мерасад, пас аз ҷониби шумо ва амалҳои шумост, худи шумо сабаби он ҳастед.

❁**Дар байни ду оят мунофоте нест**: Ояти якум далолат бар ин мекунад, ки тақдиркунандаи ин чизҳо ҳамон Аллоҳ аст ва ояти дуюм сабаби онро баён мекунад ва он аз ҷониби онҳост, пас дар ҳақиқат фоли бади онҳо бо онҳост, яъне лозимгирандаи онҳост.

Далели сеюм ва чорум:

3). Аз Абӯҳурайра разияллоҳу анҳу ривоят аст, ки Расулуллоҳ ﷺ фармуд: ***"На сироят (ба зоти худ) таъсире дорад ва на фоли бад гирифтан, на Бум таъсире дорад ва на моҳи сафар"***. (Ривояти Бухорӣ ва Муслим). Муслим афзудааст: ***"Манозили ситораҳо ва ғул таъсире надорад"***.

4). Дар Бухорӣ ва Муслим аз Анас разияллоҳу анҳу ривоят аст, ки Расулуллоҳ ﷺ фармуд: ***"Сироят ва фоли бад задан ба парвози паранда таъсире надорад ва маро фаъл хушам меояд. Гуфтанд: Фаъл чист? Фармуд: Сухани нек"***.

❁(Сироят нест): Хост, ки эътиқоди ҷоҳилиятро, ки мараз ба зоташ таъсирбахш аст, ботил намояд, ё маънояш: Сироят ба зоташ таъсирбахш нест, балки он сабабе аст барои гузаштани мараз ба амри Аллоҳ.
❁ (Ва ҳома нест): Парандаест, ки монанди Бум аст ё худи Бум аст, ба он фоли бад мезананд.
❁(Ва на сафар): Мақсад ё: 1-Моҳи сафар аст, араб ба он фоли бад мезаданд, хоссатан дар никоҳ кардан. 2-Ё дардест, ки дар шикам, ки шутурро мерасад ва аз шутур ба шутури дигар мегузарад. 3-Ё ба қафо андохтан, пас ҳурматро ба моҳи Сафар ба қафо меандохтанд, то дар моҳи муҳаррам ҷанг кунанд. ❁(Ва на манозили қамар): Манзилҳои қамар, барои ҳар манзил ситорае аст ва араб ба он фоли бад мезаданд, мегуфтанд: ИН ситоари наҳс аст, дар он хайр нест ва баъзеашон баракс мегуфтанд: ИН ситораи саодат ва хайр аст. ❁ (Ва на ғул): Араб ҳар вақт сафар мебаромаданд, шайтонҳо барои онон худашонро ба ҳар шакл мекарданд, пас дар дилҳояшон тарс медаромад, пас андӯҳгин мешуданд ва аз рафтан ба сӯи ҷиҳате, ки мехостанд, пушаймонӣ мекарданд.
❁ Чизеро, ки Паёмбар ﷺ нафй кард, ҳамон таъсири он буд ва мақсад ба нафй нафйи вуҷуд набуд, пас банда ба куҷое рафтан мехоҳад ба дили кушод ва осонӣ ва бар Аллоҳ эътимод кунаду биравад ва ба Аллоҳ гумони бад накунад.
❁ Байни ин ҳуҷҷатҳо ва байни фармудаи Паёмбар ﷺ "агар шумӣ дар чизе бошад..." зиддият нест, зеро: 1-Ин ҳадис аз муташобеҳ аст ва далелҳо дар мазаммати фоли бад задан ба паранда ва ин ки он ширк аст, аз далелҳои муҳкам аст. 2-Ҳамаи фоли бад задан мазаммашудааст ва касе ки ҷалби фоидаҳо ва дур кардани зарар дар дасташ аст, ҳамон Аллоҳ аст. 3-Барои банда аз тақдири Аллоҳ ба сӯи тақдири Аллоҳ гурехтан аз рӯи чанг задан ба асбоб раво аст ва фоли бад намезанад. 4-Шӯъм дар ҳадис ба касе мепайвандад, ки ба он фоли бад мезанад, на ба касе ки бар Аллоҳ таваккул мекунад ва фоли бад намезанад. 5-Ҳар касе аз чизе ба ҷуз Аллоҳ тарсад, бар вай мусаллат гардонда мешавад, ҳамчунон касе ки бо Аллоҳ ғайрашро дӯст дорад, ба он азоб дода мешавад ва касе бо Аллоҳ ғайрашро умед кунад, аз ҷиҳати он хор карда мешавад. (Инро Ибни Қайим раҳимаҳуллоҳ зикр кардааст)

Далели панҷум:

Ва Абӯдовуд ба санади саҳеҳ аз Уқба ибни Омир ривоят карда аст, ки аз Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам дар мавриди фол пурсиданд, фармуд: Беҳтарини навъи он фоли нек аст. Ва афзуд, ки фол набояд мусалмонро аз коре ки ирода карда боз бидорад. Агар шумо бо чизе мувоҷиҳ шудед, ки бароятон нописанд буд, ин дуоро бихонед: Бор илоҳо! Ҳасанотро фақат Ту меорӣ ва аз бадиҳо фақат Ту наҷот медиҳӣ ва ҳеҷ қуввати бозгаштан аз гуноҳ ва қуввати ибодат карданро надорем, магар ба ёрии Ту.

Фарқ байни фоли нек	ва фоли бад
Ҳар чизи шунидашуда ё дидашуда, ки ин-сонро бар сухан ё феъли ситоишшуда чақ-қону чолок месозад.	Фоли бад ба чизи дидашуда ё шунида-шуда ё ба замон ё макони маълум аст.
Таваккулро зиёд мекунад.	Таваккулро заиф мекунад.
Ҳукми он мустаҳаб аст.	1-Ширки асғар аст, ҳаргоҳ эътиқод кунад, ки он сабаб аст. 2-Ширки акбар аст, агар эътиқод кунад, ки худи он таъсир дорад.
Дар он гумони нек ба Аллоҳ таъолост.	Дар он гумони бад ба Аллоҳ таъолост.
Ин ҳоли яктопарасти муҳаққиқи тавҳид аст.	Ин ҳоли мунофиқ ва кофир аст.
Беқасду ва бетакаллуф меояд.	Ба қасд меояд, мисли иёфа
Туро на рафтан мемонад ва на бозгаштан ва бар он чи шунид ё дид эътимод намекунад локин шод ва чолок мешавад.	Туро рафтан мемонад ё мегардонад, ба ин ки бар он чизе ки дид ё шунид эътимод мекунад ва сабаби пеш рафтанаш буд.
Муҷиби вобастагӣ ба Аллоҳ мешавад.	Муҷиби вобастагӣ ба фоли бад задашуда мешавад.

Мисол 1: Шахсе хост издивоҷ кунад, пас вақте аз номи духтар пурсид, гуфта шуд: Ҳано, пас издивоҷ кард ва дигаре аз номи духтар пурсид, пас гуфта шуд: Сахра, пас издивоҷ накард, пас ҳардуяш аз боби фоли бад задан аст, зеро фоли бад задан чизест, ки туро пеш мебарад ё боз медорад.
Мисоли 2:Шахсе аз номи духтар пурсид баъди завоҷ (туй), пас номашро Саода ёфт, ба ин шод шуд, ин аз боби фоли нек аст, зеро сабаби издивоҷ кардан ё монеъи он нашуд ва албатта шод шуд баъде ки издивоҷ карда буд.
Баъзе мардум Қуръонро барои фол задан мекушояд, пас ҳаргоҳ ба зикри Дӯзах назар кард, фоли бад мезанад ва ҳаргоҳ ба Ҷаннат назараш афтод, мегуяд: Ин фоли нек аст. Ин монанди амали ҷоҳилият аст, ки ба чубҳо фол мезаданд.
(Уқба ибни Омир): Дурусташ Урва ибни Омир аст.
(Ва муслимеро намегардонад): Аз ин фаҳмида мешавад, ки касеро фоли бад аз ҳоҷаташ гардонад, пас муслим нест.
(Ва қувват нест магар ба Ту): Ҳарфи "бо" инҷо ё: (1) Бамаънои "фи-дар", (2) ё барои ёрӣ ҷустан, (3) ё барои сабаб аст.

Ақсоми мардум бо фоли бад задан

Ӯро аз ҳоҷаташ намегардонад ва бар Аллоҳ таваккул карда меравад, ин ҳоли яккапарасти Аллоҳ таъолост ва асл ҳамин аст.	Меистад ва фоли бадро қабул мекунад ва амалро тарк мекунад: Ширки асғар аст ба онро сабаб эътиқод карданаш ва ширки акбар аст, ба онро ба зоташ таъсирбахш эътиқод кунад	Ба кораш идома медиҳад, локин бо нооромӣ ва ғаму андӯҳ, аз таъсири ин фоли бад задашуда метарсад, ин гунаҳгор аст.

Далели шашум то ҳаштум:

6). Ҳамчунин Абӯдовуд ин ҳадиси марфӯъи Ибни Масъуд разияллоҳу анҳуро ривоят кардааст, ки Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд: ***"Фоли бад задан ба парвози паранда ширк аст, фоли бад задан ба парвози паранда ширк аст ва ҳеҷ кас аз мо чунин нест, ки гоҳе дар дилаш гумоне нагузарад, вале Аллоҳ интавр чизҳоро ба таваккул бар Ӯ аз байн мебарад"***. (Ривояти Абӯдовуд ва Тирмизӣ. Ва Тирмизӣ онро саҳеҳ гуфта ва охири онро аз сухани Ибни Масъуд қарор додааст).

7). Дар Муснади Аҳмад ин ҳадиси Ибни Амр ривоят шудааст. ***"Ҳар касе ки фоли бад ӯро аз давом додани кораш боз бидорад, ӯ ширк овардааст. Гуфтанд: Каффораи ин гуноҳ чист? Фармуд: Бигӯ: Бор илоҳо! Хайре ба ҷуз хайри Ту ва фоле ба ҷуз фоли Ту ва маъбуди барҳаққе ҷуз Ту вуҷуд надорад"***.

8). Ва Аҳмад аз ҳадиси Фазл ибни Аббос ривоят карда аст: ***Албатта фоли бад задан ба парвози паранда он чи-зест, ки туро ба коре водорад ва ё аз коре боз дорад***.

❁(Нафаре аз мо нест, магар): Яъне нафаре аз мо нест, магар ки фоли бад мезанад ва ин аз тарки он чизест, ки зикри он қабеҳ аст ва аз лафзҳои ширкӣ дур будан ва тавҳидро дар лафзҳо таҳқиқ кардан бо вуҷуде ки ҳикоякунандаи куфр, кофир нест.

❁Таваккул ҳамон эътимоди содиқ бар Аллоҳ дар ҷалби фоидаҳо ва бартараф кардани зарарҳо, бо боварӣ доштан ба Ӯ ва чанг задан ба асбобе, ки Аллоҳ онро асбоб қарор додааст.

Илоҷи фоли бад задан чист?

1-Таҳқиқи тавҳид, зеро фоли бадро Аллоҳ ба таваккул аз байн мебарад ва дилкушод мешавад.

2-Гуфтани дуое, ки аз Паёмбар ﷺ омадааст: "Эй Аллоҳ хайре ҷуз хайри Ту нест...".

3-Ба хайр фоли нек мегирад ва фоли бад намезанад ва фоли бад бар фикраш намеояд.

4-Дар чизе ки маслиҳат аст, аз он дар якум кушиш кардан ақиб манишин, чанд бор кушиш кун, то Аллоҳ барои ту онро кушояд.

Фарқ байни қуръа	ва ба чубҳо фол задан
Ҳукми он ҷоиз аст.	Гуноҳи кабира аст ва он аз қимор аст
Ба он мақсади шаръӣ ҳосил мешавад	Ба он мақсади шаръӣ ҳосил намешавад
Барои муайян кардани ҳаққи ду низоъкун, ки барои онҳо нафси ҳақ бетаъйин аст, истифода бурда мешавад.	Барои муайян кардани хайр аз шарр истифода бурда мешавад ва ба эътимоди бар насиб шабоҳати иддиои илми ғайбро дорад.
Амали яктопарастон аст.	Амали мушрикон аст.
Қуръа барои саффи аввал ва азон аст	Бартарӣ ба партофтани тангаҳои маъданӣ ва шуморидан.
Барои соҳиби ҳақ ҷудо мекунад ва тақсим имкон надорад.	Барои касе ки ҳақ надорад, ҷудо мекунад ва тақсим имкон дорад.

Масъалаҳо:

Якум: Танбеҳи ояти "Огоҳ бошанд! Фоли бади онҳо назди Аллоҳ аст" бо ояти "Фоли бади шумо бо шумост". (Дар байнашон таоруз нест).

Дуюм: Нафй таъсири сирорат. (Яъне таъсир кардани худи он, на ин ки он сабаби таъсир аст).

Сеюм: Нафй фоли бад. (Нафй таъсири он аст, на вуҷуди он).

Чорум: Нафй таъсири Бум. (Бум ё парандае, ки шабоҳати онро дорад).

Панҷум: Нафй таъсири моҳи Сафар. (Замонҳо дар таъсир ва тақдири Аллоҳ ҳеҷ дахолат надорад, пас моҳи Сафар монанди дигар замонҳо аст, дар он хайр ва шарр тақдир карда мешавад ва баъзе мардум ҳаргоҳ дар моҳи Сафар чизеро тамом кунад, таърихи рӯзро нависта мегӯяд: Дар моҳи Сафари хайр тамом шуд ва ин аз ислоҳ кардани бидъат ба бидъат ва ҷаҳл ба ҷаҳл аст, пас он на моҳи хайр аст ва на моҳи шарр аст).

Шашум: Мустаҳаб будани фоли нек аз сухани нек.

Ҳафтум: Тафсири фоли нек. (Ҳар чизе ки инсонро бар чизи хуб фаъол месозад).

Ҳаштум: Вуқӯъ ва эҳсоси фоли бад дар дил ишколе надорад ва таваккул бар Аллоҳ онро аз байн хоҳад бурд.

Нуҳум: Чи дуое бихонад касе ки аз фоли бад мутаассир шудааст. (Эй Аллоҳ хайре ҷуз хайри Ту нест....).

Даҳум: Тасреҳи ин матлаб, ки фоли бад ширк аст. (Ба баёни муфассал: Ҳаргоҳ таъсири онро эътиқод кунад, пас он ширки акбар аст ва ҳаргоҳ онро сабаб эътиқод кунад, пас он ширки асғар аст)

Ёздаҳум: Тафсири фоли мазаммашуда. (Чизе ки туро манъ намекунад ё туро манъ мекунад).

(29) Боб андар мавриди ситорашиносӣ

❁(Аз ҷумлаи ширк) нагуфт, зеро дар он баёни муфассал аст: Илми таъсир ва илми тасйир ва баёни ин гузашт.

Далели аввал то сеюм:

1). Бухорӣ дар китоби Саҳеҳи худ аз Қатода ривоят карда мегӯяд: Аллоҳ ситораҳоро барои се чиз офарида аст: Зиннати осмон бошанд, барои санг-сор кардани шайтонҳо ва ҷинҳо ва нишонаҳое бошанд барои роҳнамоии мардум. Ва агар касе бихоҳад аз онҳо истифодаи дигар барад, хато карда ва талошаш беҳуда буд ва ба худ таклифи чизеро медиҳад, ки илми онро надорад.

2). Ва Қатода илми буруҷи моҳро макрӯҳ дониста аст. Ва Ибни Уайна онро ҷоиз намедонад. Инро Ҳарб аз онҳо ривоят кардааст.

3). Албатта Аҳмад ва Исҳоқ онро ҷоиз донистааст.

❁ Ҳар касе аз салаф, ки илми омӯхтани манзилҳои ситорагонро ҳаром гуфтанд, қавли ӯро бар илми таъсир бардошт карда мешавад.

❁ Ҳар касе аз салаф, ки омӯхтани илми манзилҳои ситорагонро ҷоиз гуфтанд, қавлашро бар илми тасйир бардошт карда мешавад.

Далели чорум:

Ва аз Абӯмусо ривоят аст, ки Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд: Се нафар дохили Ҷаннат намешавад: "Касе ки ба нӯшидани шароб одат дошта бошад, касе ки робитаи хешовандиро қатъ намояд, касе ки ҷодугарро тасдиқ намояд". (Ривояти Аҳмад ва Ибни Ҳиббон дар Саҳеҳи худ).

❁(Ҷаннат намедароянд): Ин аз ҳадисҳои ваъдаи азоб аст, ки ҳамчуноне ки омадааст, гузаронда мешавад ва барои мухолифатии он ба ҳуҷҷатҳои дигар (ваъда) хилоф карда намешавад ва ин дар сарзаниш расотар аст.

❁(Касе ки бардавом шароб менушад): Касе ки бисёр шароб менӯшад ва хамр ҳар чизест, ки ақлро бар ҷиҳати лаззат ва шодмонӣ мепӯшад.

❁(Ва қатъкунандаи раҳм): Раҳм ҳамон хешовандӣ аст ва пайвасти хешовандӣ, ки дар шариат таҳдид нашудааст, масдари он ба сӯи одат аст, модоме ки шариатро хилоф накунад.

❁(Ва тасдиқкунандаи сеҳр): Ана ҳамин шоҳид аст ва дар ин далел бар ин аст ки илми ситорашиносӣ навъе аз сеҳр аст.

Мабҳас дар гуноҳони кабира

Таърифи кабира: Шайхи Ислом раҳимаҳуллоҳ онро таъриф кардааст, ба: (Ҳар гуноҳе ки бар он уқубати хос тартиб дода шудааст) монанди лаънат ё ғазаб ё рондан ё аз фоили он безорӣ ҷустан ё ӯ аз кофирон аст ё аз мушрикон аст ё мӯъмин нест ё ба қабеҳтарини ҳайвонҳо ташбеҳ карда шуда аст....

Ҳукми фоили он: Ба имонаш мӯъмин, ба гуноҳи кабирааш фосиқ аст, дар зери машияти Аллоҳ аст, агар хоҳад ӯро азоб диҳад ва агар хоҳад ӯро мебахшад.

Оё гуноҳони кабира башумур аст ё маҳдуд? Мувофиқи таърифи собиқ маҳдуд аст на башумур.

Оё гуноҳони кабира бузургтар аст ё ширки асғар? Маъсиятҳо ба хурдҳо сар мешавад, сипас ба калонҳо сипас хурдтар, сипас калонтар, аз рӯи фармудаи Аллоҳ таъоло: (Аллоҳ мағфират намекунад, ки ба Ӯ ширк оварда шавад ва ба ҷуз ширк барои касе бихоҳад мағфират мекунад), ва гуфтаи Ибни Масъуд разияллоҳу анҳу: (Агар ба Аллоҳ дурӯғ қасам бихӯрам, беҳтар аст аз ин ки ба ғайри Аллоҳ рост қасам бихӯрам). Ва ба Аллоҳ дар ҳоли дурӯғ гуфтан қасам хӯрдан, гуноҳи кабира аст ва ба ғайри Аллоҳ қасам хӯрдан ва агарчи рост гӯяд, ширки асғар аст.

Оё гуноҳони кабира ба амали солеҳ тоза мешавад, ё барои он тавба кардан зарур аст? Бояд аз кабира тавба кунад, аз рӯи гуфтаи Паёмбар ﷺ: (**Зани навҳахон агар пеш аз вафоташ тавба накунад...**), ва **(...ҳаргоҳ аз гуноҳони кабира дӯрӣ ҷуяд...**).

Оё тавба кардан аз баъзе гуноҳони кабира ҷуз баъзеи дигараш саҳеҳ мешавад? Оре тавба кардан аз баъзе гуноҳони кабира ҷуз дигараш дуруст мешавад, бо зарур аст, ки ҳамаи гуноҳон решакан кунад (яъне аз ҳамааш тавба кунад).

Оё фоили гуноҳи кабира дӯст дошта мешавад ё бад дида мешавад? Ба қадри имонаш дӯст дошта мешавад ва ба қадри маъсияташ бад дида мешавад. Ва дар ҳоли даст заданаш ба кабира бо ӯ ҳамнишинӣ карда намешавад.

Оё гуноҳони кабира гуногун мешавад? Оре, гуногун мешавад, аз рӯи фармудаи Паёмбар ﷺ: (**Оё шуморо ба бузургтарини гуноҳони кабира далолат накунам?**).

Муртакиби кабираро чигуна меномем? Ӯ ба имонаш мӯъмин ва ба гуноҳи кабирааш фосиқ аст ва ӯ мӯъмини ноқис имон аст ва монанди мурҷиа намегуем: Мӯъмини комилулимон аст ва на монанди хавориҷ мегуем, ки кофир аст.

Масъалаҳо:

Якум: Ҳикмат дар офаридани ситорагон. (Зиннат барои осмон, сангпора барои шайтонҳо, аломатҳо).

Дуюм: Сухани касе ки ғайр аз инро бигӯяд, мардуд аст (илми таъсир).

Сеюм: Ихтилоф дар ҳукми аз худ кардани илми манозили моҳ.

Чорум: Ваъдаи азоб барои касе ки сухани ҷодугарро тасдиқ намояд, гарчи пай бурда бошад, ки ӯ бар ботил аст.

(30) Боб андар ҳукми талаби борон кардан ба ситорагон

1-Ширки акбар аст, ки манозили ситорагон ба талаби борон дуо кунад, ё эътиқод кунад, ки он амал мекунад ва ҳоҷатҳоро мебарорад.
2-Ширки асғар аст, ки онро сабаб эътиқод кунад ва ин ки Аллоҳ холиқу фоил аст.

Далели аввал ва дуюм:

1). Ва фармудаи Аллоҳ таъоло: **(Ба ҷои шукри неъмати Қуръон, ки ба шумо дода шуда, онро дурӯғ мешуморед).** (Сураи Воқеъа, ояти: 82)

2). Аз Абӯмолики Ашъарӣ разияллоҳу анҳу ривоят аст, ки Расулуллоҳ ﷺ фармуд: Дар уммати Ман чор кори ҷоҳилият аст, ки онҳоро тарк нахоҳанд кард: Фахр ба ҳасаб ва насаби худ, таъна задан ба насаби дигарон ва талаби боридани борон ба ситорагон, навҳахонӣ. Ва фармуд: Навҳахон пеш аз вафоташ тавба накунад, рӯзи қиёмат дар ҳоле мехезад, ки бар тани ӯ ҷомае аз қир ва зиреҳи пустин хоҳад буд. (Ривояти Муслим)

❁(**Ва дурӯғ мешуморед**): Дурӯғ мешуморед, ки он аз назди Аллоҳ аст, ҳайсияте ки ҳосил шудани онро ба ғайри Аллоҳ нисбат медиҳед.

❁(**Чорто**): Барои ҳаср нест, зеро дигар чизҳо аст, ки бо он шариканд ва Паёмбар ﷺ инро аз боби ҳасри илмҳо ва ҷамъи он ба тақсиму адад мегӯяд, зеро ин ба фаҳм қариб мебошад ва ҳифзро устувор мекунад.

❁(**Ҷоҳилият**): Пеш аз фиристодани Паёмбар ﷺ ва мақсад қабеҳ гардондан ва аз он гурезондан аст ва ҳамааш ҷаҳл ва зишт аст.

❁(**Онҳоро тарк намекунанд**): Дар ин хабар додан ва ҳазар додан аст ва иқрор кардан нест.

❁(**Ба шарафи падарон фахр кардан**): Ба шарафу мақоми олие ки дорад, бузургӣ ва такаббурӣ мекунад. Ва фахр ба тақвои Аллоҳ мешавад, ки аз бузургӣ ва такаббурӣ боз медорад ва ҳарқадар неъматҳои Аллоҳ бар ӯ зиёд шуд, ҳамонқадар хоксорияш барои ҳақ ва халқ зиёд мешавад.

❁(**Дар насабҳо таъна задан**): Асли инсонро айб мегирад, имсле ки мегӯяд: Ту писари даббоғ ҳастӣ. (Даббоғ он ки пусти ҳайвонотро пок ва дабоғӣ мекунад).

❁(**Ба ситоараҳо талаби борон кардан**): Ин далел аст ва маънояш ин ки боронро ба ситорагон нисбат дода мешавад.

❁(**Ва навҳахонӣ**): Бар майит бо овози баланд қасдан гиря кардан, бар сабили навҳахонӣ.

❁(**Барангехта мешавад**): аз қабраш, (сирбол) изор, (қатирон) қир, ё миси об кардашуда, (ҷараб) бемориест дар пуст, ба ҳар чизе ки дар он мерасад мутаассир мешавад.

ва маъноияш ин ки ҳамаи пусташ ҷараб мебошад, ба манзалаи зиреҳпӯш ва ҳаргоҳ миси гудохташуда ва ҷараб ҷамъ оянд, бало зиёд мешавад. Ва ҳикмат ин аст, ки вақте мусибатро басабр напӯшонд, ба ин пӯшонда шуд, пас ҷазо аз ҷинси амал аст.

Рӯзи қиёмат ба ин ном ниҳода шуд барои қоим шудани:

Мардум: (Рӯзе ки мардум дар пеши Парвардигори ҷаҳониён меистанд).

Гувоҳон: (Ва рӯзе ки гувоҳон бархезанд).

Мизонҳо: (Ва Мо дар рӯзи қиёмат тарозуҳои адлро мегузорем).

Далели сеюм ва чорум:

3). Бухорию Муслим аз Зайд ибни Холид разияллоҳу анҳу ривоят карданд, ки ӯ гуфт: Расулуллоҳ ﷺ дар Ҳудайбия намози субҳро бо мо хонд, дар ҳоле ки осори борони шаби гузашта вуҷуд дошт. Расулуллоҳ ﷺ баъд аз хондани намоз рӯ ба мардум карда фармуд: Оё медонед Парвардигоратон чӣ гуфт? Саҳобагон гуфтанд: Аллоҳ ва расулаш донотаранд. Фармуд: Бандагонам дар ҳоле субҳ карданд, ки баъзеаш ба Ман мӯъмин ва баъзеаш кофир шуданд. Пас касе ки гуфт: Ба фазлу раҳмати Аллоҳ борон борид, ба Ман мӯъмин гашт ва ба ситорагон кофир. Ва касе ки гуфт: Борон ба хотири фалон ва фалон ситора борид, ба Ман кофир гашт ва ба ситорагон мӯъмин шуд.

4). Ва Бухорию Муслим аз ҳадиси Ибни Аббос разияллоҳу анҳу монанди ин маъноро ривоят карданд ва дар он омадааст: Баъзеи онон гуфтанд: Фалон ва фалон ситора корашро кард. Пас Аллоҳ ин оятҳоро нозил намуд: **"Савганд ба ҷойгоҳи ситорагон"** то гуфтааш **"онро дурӯғ мешуморед"**.

❁(فلا): Ҳарфи "ло" барои танбеҳ аст, ба маънои огоҳ шав, ба мавқеъҳои ситорагон қасам мехӯрам.

❁Фоида аз қасам хӯрдани Ӯ субҳонаҳу бо вуҷуде ки Ӯ содиқ аст, ҳоҷат ба қасам нест:

1-Ин услуби арабӣ аст, барои таъкиди ашё ба қасам.

2-Мӯъминро яқинаш зиёд мешавад ва аз зиёдати таъкидкунандаҳо моне-ъе нест, ки яқини банда зиёд мешавад.

3-Аллоҳ ба умури бузург қасам мехӯрад, ки далолати бар камоли қудрат, азамат ва илми Ӯ мекунад.

4-Ҳоли ба он қасам хӯрда шударо бардоштан, зеро Аллоҳ қасам намехӯ-рад, магар ба чизи бузург.

5-Ба хотири он чизе ки қасам хӯрда шудааст, ба он эҳтимом додан ва ин ки он ба иноят ва исбот шоиста аст.

(Карим): Маънои он: (1) Некӯ зебост, пас аз Қуръон нектар чизе нест, (2) бисёр ато кунанда, аҳалашро аз хайрҳои динӣ ва дунявӣ ва ҷисмӣ ва қалбӣ ато мекунад.

❁(Дар китоби пӯшида): Лавҳи маҳфуз ё саҳифаҳое, ки дар дасти малоикаҳост.
❁(Ҷуз покон дар он даст намезананд): Малоикаҳо ва дар ин ишорат ба ин аст, ки касе қалбашро аз маъсиятҳо пок кунад, Қуръонро беҳтар мефаҳмад.
❁(Нозилшуда): Дар ин: (1) Ин аст, ки Қуръон барои ҳамаи халқ ва умуми будани рисолааш нозил шудааст. (2) Қуръон аз тарафи Парвардигорашон нозил шудааст ва ҳаргоҳ инчунин бошад, пас он ҳукм дар байни онон, ҳоким бар онон аст. (3) Нозид шудани Қуръон аз камоли парвардигории Аллоҳ аст, дониста шуд, ки Қуръон раҳмат барои бандагон аст. (4) Қуръон каломи Аллоҳ аст, нозилшудаву ғайри махлуқ аст.
❁(Дурӯғ меҳисобед): Метарсед, ин барои шумо шоиста намебошад, барои касе ки Қуръон дорад, шоиста аст, ки ба он ошкоро сухан кунад.
❁(Ва рӯзии худро дар дурӯғ ҳисобидани он қарор медиҳед?): Ба ҷои шукри рӯзии худ, онро дурӯғ мешуморед, ин аз беақлист.

Масъалаҳо:

Якум: Тафсири ояти сураи Воқеъа. (Ва "ба ҷои шукри" рӯзии худ, "Розиқ"-ро дурӯғгӯ мекунед).
Дуюм: Зикри чор кори ҷоҳилият. (Ба шарафи падарон фахр кардан ва дар насабҳо таъна задан ва ба ситорагон талаби борон кардан ва навҳахонӣ).
Сеюм: Куфр будани баъзеи ин чор амал (талаби борон кардан ва таъна задан ва навҳахонӣ).
Чорум: Баъзе аз навъҳои куфр инсонро аз доираи Ислом хориҷ намекунад. (Ва он талаби борон кардан ба манзилҳои ситорагон баъзеаш куфри аз доираи Ислом хориҷкунанда аст ва баъзеаш куфри асғар аст).
Панҷум: Гуфтааш: "Баъзе бандагонам ба Ман мӯъмин ва баъзеашон ко-фир шуданд". Ба сабаби нозил шудани неъмат баъзе мӯъмин ва баъзе ко-фир мешаванд. (Ҳаргоҳ ба инсон неъмате расад, воҷиб аст, ки онро ба сӯи асбобаш ҷуз Аллоҳ изофа накунад).
Шашум: Даринҷо ба имон аҳамият додан муҳим аст (онро ба сӯи фазли Аллоҳ ва раҳмати Ӯ нисбат додан).
Ҳафтум: Дар инҷо аҳамият додан ба куфр муҳим аст (ба нисбат додани он ба сӯи манозили ситорагон).
Ҳаштум: маънои "фалон ва фалон ситора рост гуфтааст" чист? (Яъне дар иҷро ва ваъдаи он).
Нуҳум: Устод барои фаҳмонидани шогирд аз равиши савол истифода барад, аз рӯм гуфтаи Расулуллоҳ ﷺ: Оё медонед Парвардигоратон чӣ гуфт? (Ин аз муҷиби ҳозир кардани дилҳои онҳост ва ин аз нек таълим додани Ӯ саллаллоҳу алайҳи ва саллам аст).
Даҳум: Ваъдаи азоби сахт барои навҳахон (ҷомае аз қир ва зиреҳи пустин хоҳад буд).

Имтиҳони қисми шашум (7 боб аст)

	Суоли якум: Фарқ баёни умури зерин чист?	
м	Фоли нек	Фоли бад
1	.....	.....
2	.....	.....
3	.....	.....
	Қуръа	Ба чубҳо фол задан
1	.....	.....
2	.....	.....
3	.....	.....

Суоли дуюм: Аломати ☒ дар макони муносиб гузор ё ҷумларо пур кун:

1-Аз аломатҳои ҷодугар: 1.....2-.....
3-.....4-.....5-.....
2-Тафсири Умар тоғутро ба шайтон, тафсири ба мисол аст: ☐ Дуруст ☐ хато.
3-(Онро харидорӣ кардан) Яъне:....., (баҳрае) яъне:.....
4-(Иҷтиноб кунед) аз "тарк кунед" балеғтар аст, зеро маънои иҷтиноб тарк кардан бо дурӣ аст: ☐ Дуруст ☐ хато.
5-(Ҳафт ҳалоккунанда) адад дар инҷо (☐тақозо мекунад ☐ тақозо намекунад) ҳасрро.
6-Оё барои адад дар ҳуҷҷатҳо мафҳум аст ё не?.....
7-Барои чӣ зикр мешавад ва мафҳум надорад?.....
8-Нафсҳое, ки қатлаш ҳаром аст: ☐ 3☐ 4, Ҳаром ☐ хӯрдани рибо ☐ хос ба хӯрдан нест.
9-Ятим касест, ки фавтидааст (☐ падараш ☐ модараш) мард бошад ё зан (☐ пеш ☐ пеш/пас аз) ба балоғат расиданаш.
10-Покдоманҳо: ☐ Занони озоданд ☐ аз зино поканд.
11-Бар роҳбар куштани ҷодугар воҷиб мебошад: ☐ Бе тавба додан, ☐ баъди тавба додан.
12-Ҷибт: ☐ Сеҳр ☐ ҳар он чизе ки дар он хайр нест аз сеҳр ва ғайри он.
13-Тоғут: ☐ Шайтон ☐ банда аз ҳадаш гузарад, аз маъбуд ё матбӯъ, ё итоатшуда.
14-Иёфа аз анвоъи фоли бад задан аст: ☐ Дуруст ☐ хато.
15-Касе чизе аз илми ситорашиносӣ омӯзад, пас чизе аз сеҳрро омӯхтааст: ☐ Дуруст ☐ хато.
16-Аҳволи фалакӣ (☐ барои он нест ☐ барои он) алоқа ба ҳодисаҳои заминӣ аст.
17-Ақсоми илми нуҷум: 1-....., ва ҳукми он..... 2-....., ва ҳукми он.....
18-Овардани суханчинӣ дар мавзӯи сеҳр: ☐ Хато аз нусхабардорон аст ☐ барои ҳардуяшон дар ҷудоандозӣ якҷо ҳастанд.

19-(Баъзе баён сеҳр аст): ☐ Барои мадҳ ☐ барои мазаммат ☐ барои баёни воқеъ, сипас дар асараш назар карда мешавад.
20-Арроф ҳамон: ☐ Коҳин ☐ исми ом аст.
21-Боби коҳинонро овард, барои баёни: ☐ Онҳо кӣ ҳастанд ☐ чигуна омадан ☐ ҳукми он ☐ ҳамагӣ.
22-Омӯхтани абҷад тақсим мешавад, ба: ☐ Ду қисм ☐ як қисм аз рӯи гуфтаи Ибни Аббос разияллоҳу анҳумо.
23-Касе коҳинро тасдиқ кунад ва эътироф кунад, ки илми ғайбро ҷуз Аллоҳ касе намедонад, кофири куфри ☐ акбар ☐ асғар аст.
24-Зане барои дигаре гуфт: Шавҳаратро сеҳр мекунам ва бар ту чизе нест: ☐ Он ду дар сеҳр шариканд ☐ бар дуюм ҳеҷ гапе нест.
25- Ба марде тибб аст, яъне: ☐ Сеҳр аз боби фоли нек задан ☐ илоҷи беморӣ.
26-Ҳуҷҷатҳо ва гуфтори салаф далолат мекунанд, ки (☐кушода намешавад ☐ кушода мешавад) сеҳр ба сеҳр.
27-Сеҳр кушода мешавад, ба: ☐ Ҳиҷомат ☐ қироати Ояталкурсӣ, ☐ дуо, монанди гуфтани: "Раббаннос азҳибилбаъс..." ☐ ҳамагӣ.
28-Кушодани сеҳр тақсим мешавад, ба: 1-.....2-.....
29-Фоли бади оли Фиръавнро ба фармудааш ботил кард: ☐ (Огоҳ бошед, ҳа-моно фоли бади онон дар назди Аллоҳ аст) ☐ (Фоли бади шумо бо шумост).
30-Фоли бад тавҳидро нафӣ мекунад, зеро фоли бад зананда: ☐ Бар Аллоҳ таваккул намекунад ва бар ғайри Аллоҳ таваккул мекунад ☐ба амре мутаал-лиқ шуд, ки ҳақиқат надорад ☐ ҳамагӣ.
31-(Фоли бади шумо бо шумост) инро гуфт: ☐ Аҳли деҳа ☐ расулон.
32-(Фоли бадашон дар назди Аллоҳ аст), яъне:....., (Фоли бадатон бо шумост) яъне:.....
33-Сирояти беморӣ ба амри Аллоҳ аст, дар: ☐ бемориҳои ҳиссӣ ☐ бемориҳои маънавии ахлоқӣ ☐ ҳамагӣ.
34-(**Сироят, фоли бад, бум ва сафар нест**) дар ин нафӣ: ☐ Вуҷуд ☐ таъсир аст.
35-(**Сироят нест**) яъне:.....,оё ин бо (Аз касе ки ба бемории ҷузом гирифтор аст, гурез) мухолиф меояд.....
36-Чигуна байни (**фоли бад нест**) ва (**шӯъм нест магар дар се чиз**) ҷамъ мекунем.....?
37-(Бум нест) яъне:....., (Сафар нест) яъне:.....
38-Маънои (нафаре аз мо нест магар) яъне:....., ва дар ин.....
39-(Манзили ситора нест) яъне:....., (ғул нест) яъне:.....
40-Сухани: (Сафари хайр): ☐ ҷоиз ☐ фол задан ☐ аз боби илоҷи бидъат ба бидъат аст.
41-Мақсад ба парондани паранда озори он аст: ☐ Дуруст ☐ хато.
42-Араб барои худашон илмҳои ваҳмиеро омода карданд, монанди тияра, зачр, иёфа, руқияҳо ва дурӯғҳоеро, ки дар байни мардум овоза карда буданд, дурӯғ шумориданд, яъне пеш омадани ғул барои онон дар сафарҳояшон ва баромадани паранда аз хуни кушташуда, ҳома номида мешуд ва бо ҷин сухан карданашон ва ғайри ин: ☐ Дуруст ☐ хато.
43-Гуфтани: (Хайр аст, иншоаллоҳ) дар вақти шунидани овози саг ё хар: ☐ Ҷоиз ☐ ҷоиз нест.

44-Гуфтани: (Ин ситораи некбахтӣ аст): ☐ ҷоиз аст ☐ ҷоиз нест.
45-Фоли нек: ☐ Сухани нек фақат барои сухан кардан аст ☐ ҳар чизе ки инсонро бар кори хуб чолок мегардонад, аз гуфтор ё кирдори дидашуда ё шунидашуда.
46-Ҳаргоҳ фоли бад занад ва бо нооромӣ ва ғам корашро идома диҳад, аз таъсири ба он фолзада шуда метарсад (☐ ҷоиз ☐ ширки асғар ☐ гунаҳгор), ва ҳаргоҳ фоли бад занад ва тарки амал кунад (☐ ширки асғар ☐ кабира аст).
47-(Фол задани мазамматшуда) ишора ба сӯи ин аст, ки онҷо фол задани мадҳшудааст: ☐ Дуруст ☐ хато.
48-Бад дидани баъзе рақамҳо ё маконҳо ё роҳҳо: ☐мубоҳ ☐ фоли бад задан аст.
49-Иродаи завоҷ кард, пас гулеро гирифт, пас аз он баргеро канд, ки зан мегирам ва баргеро канд, ки зан намегирам ва ба барги охирон амал кард, пас ин аз боби ☐ фоли нек ☐ фоли бад аст.
50-Дар сафар дудила аст, пас Қуръонро кушод ва ояти раҳматро дид, пас сафар кард: ☐ Фоли нек ☐ фоли бад аст.
51-Қасди сафар кард ва дар роҳ чолок шуд вақте шахсеро шунид, ки барои дигаре мегӯяд: Муваффақ, пас ин аз боби ☐ фоли нек ☐ фоли бад аст.
52-Дар қалбаш фоли бад воқеъ шуд ва ӯро аз кораш нагардонд ва нооромӣ накард: ☐ Гунаҳгор аст ☐ бар вай чизе нест.
53-Дар нафсаш чизе аз фоли бад гузашт ва локин корашро идома дод ва ба он илтифот накард: ☐ Ширк оварда ☐ ширк наоварда.
54-Аллоҳ баъзе бемориҳоро сабаб барои сироят ва гузаштан қарор дод: ☐ Дуруст ☐ хато.
55-Ҳар кас аз ғайри Аллоҳ битарсад, бар ӯ мусаллат гардонда мешавад, ин уқубати фоли бад зананда аст: ☐ Дуруст ☐ хато.
56-Гуфтани (Аллоҳ моро аз шарри ханда басанда аст) баъди хандидани бисёр: ☐ Ҷоиз ☐ ҷоиз нест.
57-Истихора кард ва хобид, пас дар хоб чизеро дид, ки онро тарсонид, пас он чиро ки барояш истихора карда буд, тарк кард: ☐ Фоли бад ☐ натиҷаи истихора аст.
58-Байни ду амр тараддуд дорад: ☐ Дуо мекунад ☐ машварат мекунад ☐ истихора мехонад ☐ дар байнашон қуръа меандозад ☐аввал ва дуюм, пас ҳаргоҳ ба яке аз ин ду қасд кард, намози истихора мехонад ☐ ҳамагӣ.
59-Истихора кард ва сафар кард, сипас либосаш дар роҳ дарид, пас сафарро тарк кард: ☐ Фоли бад ☐ натиҷаи истихора аст.
60-Истихора баъди қасди як амр мебошад, аз рӯи гуфтаи ӯ (дар ин амр): ☐ Дуруст ☐ хато.
61-Бар анҷоми он чи истихора кардааст, фақат барои сабаби ҳиссӣ ё шаръӣ мегардад: ☐ Дуруст ☐ хато.
62-Эътиқод кард, ки ситора сабаби фаромадани борон аст ва Аллоҳ ҳамон нозилкунандаи борон аст: ☐ Дуруст ☐ ширки асғар аст.
63-Анвои ҷоҳилият рафт ва пастшавии ҳаво омад: ☐ Дуруст ☐ хато.
64-Барои офтоб мегӯяд: (Дандони маро бигир ва ба ман дандони арусро бидеҳ): ☐ Ҷоиз ☐ ширк.
65-Ҷамъ овардан байни ихтилофи олимон дар омӯхтани манзилҳои қамар мумкин аст, ҳамонгуна ки дар боби кушодани сеҳр ҷамъ кардем: ☐ Дуруст ☐ хато.

66-Аломатҳое ки ба он роҳ ёфта мешавад: ☐ Заминӣ ☐ уфуқӣ ☐ ҳамагӣ.
67-Раҳм ҳамон: ☐ Хешовандон ☐ хешовандони зану шавҳар.
68-Сеҳр дар тағйир додани аъён таъсир мекунад, ба ҳайсе ки чубро тилло мегардонад: ☐ Дуруст ☐ хато.
69-Ҳадисҳои ваъдаи азоб гузаронда мешавад, ҳамчуноне ки омадааст ва барои мухолифатии он бо далелҳои дигар (ҳадисҳои ваъда) хилоф карда намешавад ва ин дар сарзаниш расотар аст: ☐ Дуруст ☐ хато.
70-Гоҳо адад дар далелҳо аз боби ҳасри илмҳо ва ҷамъи он ба тақсим ва адад зикр карда мешавад, зеро он ба фаҳм наздик мебошад ва ҳифзро устувор мекунад: ☐ Дуруст ☐ хато.
71-Мақсад аз нисбат додан ба сӯи ҷоҳилият: ☐ Нафрат овардан ☐ он ҷаҳл ва ҳамоқат аст ☐ ҳамагӣ.
72-Паёмбар ﷺ ба чизҳое хабар медиҳад, ки воқеъ мешавад, мақсадаш он нест, ки ба он амал карда шавад, монанди фармудаи Ӯ ﷺ: (Онҳоро тарк намекунанд...): ☐ Дуруст ☐ хато.
73-Гуноҳони кабира ба амали нек пок намешаванд ва барои он тавба кардан ҳатмӣ аст: ☐ Дуруст ☐ хато.
74-Қуръон карим аст, ба маънои ин ки: ☐ бисёр атокун аст ☐ зебову ҳасан аст ☐ ҳамагӣ.
75-Маънои покон: ☐ Малоикаҳо ☐ Қуръонро танҳо пок мекапад.

Суоли сеюм: Аз қоимаи (а) он чиро ки аз қоимаи (б) муносиб аст, гузор:

	а	б
1	Муоҳид	Дар байни мо ва ӯ амон барои тиҷорат, ё барои фаҳмидани Ислом аст.
2	Зиммӣ	Бар рег бар сабили сеҳр ва фолбинӣ менависанд.
3	Ҷибт	Дар байни мо ва ӯ аҳд аст, ки бо мо ҷанг накунанд ва мо бо ӯ ҷанг накунем.
4	Мустаъмин	Касе ки дар байни мо ва ӯ замонат аст, бо пардохтани ҷизя.
5	Тияра	Қатъ ва ҷудо кардан аст.
6	Азҳ	Фасоҳати комил, ки ақлҳоро мерабояд ва фикрҳоро тағйир медиҳад.
7	Кабира	Он исми ом барои коҳин, мунаҷҷим, раммол ва монанди онҳост.
8	Баён	Ҳар чизе ки бар он уқубати хос тартиб дода шудааст.
9	Тарқ	Парандаро барои фоли бад ё фоли нек ба парвоз водор кардан, аз фол задани ба феъл аст.
10	Арроф	Фоли бад задан ба чизи маълуми дидашуда бошад ё шунидашуда аз рӯи замон ё макон.
11	Иёфа	Ҳар он чизе ки дар он хайр нест, яъне ҷоду ва ғайри он.

Ҳафтум: Амалҳои қалбҳо (9 боб аст)

Боб (31) андар фармудаи Аллоҳ таъоло: "Баъзе аз мардум ғайри Аллоҳро ҳамонанди Аллоҳ мегиранд ва чунон ки Аллоҳро бояд дӯст дошт, онҳоро дӯст медоранд" то охири оят.

Ақсоми муҳаббат

Бо Аллоҳ дӯст доштан: (Ширки акбар аст)

Барои Аллоҳ дӯст доштан: (Воҷиб аст) аз баландтарини қулаи имон аст, барои

Муҳаббати табиъӣ: Ҷоиз аст монанди дӯст доштани фарзанд.

Амале ки Аллоҳ таъоло аз он розӣ аст ва он ҳар чизест, ки шариат ба он омадааст.

Ба он амал амалкунанда, монанди анбиё, расулон, малоика, саҳоба ва ҳамаи яктопарастон.

Замонҳое ки Аллоҳ таъоло онҳоро дӯст медорад, мисли шаби қадр ва сеяки охири шаб.

Маконҳое ки Аллоҳ таъоло онҳоро дӯст медорад, мисли Макка ва Мадинаи мунаввара.

Далели дуввум ва сеюм:

1). Ва фармудаи Аллоҳ таъоло: **"(Эй расули Мо уммatро) бигӯ ки агар шумо падарон ва писарон"** то фармудааш **"аз Аллоҳ ва расул бештар дӯст доред..."**.

2). Аз Анас разияллоҳу анҳу ривоят аст, ки Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд: ***"Яке аз шумо мӯъмин намешавад, то он ки Маро аз фарзанд ва падари худ ва тамоми мардум дӯсттар надошта бошад"***. (Ривояти Бухорӣ ва Муслим)

❁(Падарони шумо ва писарони шумо...): Муҳаббати инҳо муҳаббати ибодат нест, локин ҳаргоҳ бар муҳаббати Аллоҳ бартарӣ дода шуд, сабаби уқубат мегардад.

❁(Яке аз шумо имон намеорад): Нафйшуда камоли имони воҷиб аст, магар ҳаргоҳ ки аз муҳаббати Ӯ холӣ бошад.

Ҳолатҳои нафй чиз:

Нафй вуҷуд:
Ин асл аст, мисли: (Бутпараст имон надорад), пас агар бар ин бардошт карда натавонем, бардошт мекунем ба:

Нафй дурустӣ:
Мисли: (**Бе таҳорат намоз нест**), пас агар бар ин бардошт карда натавонем, бардошт мекунем ба:

Нафй камол:
Монанди: (**Дар вақти ҳузури таом намоз нест**).

Муносибати ҳадис ба боб ошкор аст, зеро муҳаббати Паёмбар ﷺ аз муҳаббати Аллоҳ аст ва муҳаббати Паёмбар ﷺ ба умури зайл мебошад:
1-Зеро Ӯ Расулуллоҳ ﷺ аст ва ҳаргоҳ Аллоҳ дар назди ту аз ҳамаи чиз маҳбубтар бошад, пас расули Ӯ дар назди ту аз ҳамаи махлуққо маҳбубтар бошад.
2-Ба ибодати Аллоҳ азза ва ҷалла ва ба расондани рисолаи Ӯ қоим шуд.
3-Ба Ӯ Аллоҳ азза ҷалла ахлоққои накӯ ва аъмоли накӯ ато карда буд.
4-Зеро Ӯ ﷺ сабаби ҳидоят, таълим ва тавҷеҳи ту шуд.
5-Дар расонидани рисолат бар озору азият сабр кард.
6-Ба хотири баланд шудани калимаи Аллоҳ ба молу нафсаш кушиш кард.

Муҳаббати Паёмбар ﷺ баъди вафоташ чигуна мебошад?

Ба омӯхтани суннат ва ба он амал кардан ва ба сӯи он даъват кардан ва аз он дифоъ кардан ва сухани Ӯро бар сузани ҳамаи мардум пеш донистан ва ба роҳнамоии Ӯ ﷺ чанг задан.

Мардум дар муҳаббати бо Аллоҳ ба чор қисм тақсим шуданд:

Аллоҳро дӯст медорад ва бо Ӯ касеро дӯст намедорад ва ин ихлос аст.

Ҳамтоёнро баробари Аллоҳ дӯст медорад, ин ширки акбар аст

Ҳамтоёнро аз Аллоҳ бештар дӯст медорад, ин ширки акбар аст.

Ҳамтоёнро дӯст медорад ва аслан Аллоҳро дӯст намедорад, ин бузургтарини ширк аст.

Далели чорум то шашум:

4). Ва Бухорию Муслим аз Анас разияллоҳу анҳу ривоят кардаанд, ки Расулуллоҳ ﷺ фармуд: "Се хислат дар ҳар кас ки бошад, ҳаловати имонро дарк хоҳад кард: Аллоҳ ва расулаш назди вай аз ҳама кас маҳбубтар бошад. Муҳаббати Ӯ ба дигарон фақат ба хотири Аллоҳ бошад. Ва дубора ба куфр гаштанро ҳамчун афтодани дар оташ бад бидонад". Дар ривояте: "Яке аз шумо ҳаловати имонро намеёбад, то ки...", то охираш.

5). Ва аз Ибни Аббос разияллоҳу анҳу ривоят аст, ки гуфт: Ҳар ки дӯстӣ ва бад диданаш ва душманӣ ва сулҳаш ба хотири Аллоҳ бошад, бо ин кор ба мақоми вилояти Аллоҳ даст хоҳад ёфт. Ва инсон ҳар чанд намоз ва рӯза ба ҷо орад, то чунин набошад, таъми имонро нахоҳад чашид, вале имрӯз тамоми бародариҳо ва дӯстиҳо бар асоси умури дунё поярезӣ шуда ва натиҷаи хубе аз онҳо намеояд. (Ибни Ҷарир).

6). Ва Ибни Аббос дар тафсири ин сухани Парвардигор: "Ва ба сабаби онҳо асбоб бурида шавад" гуфт: Яъне асбоби дӯстӣ қатъ мешавад.


Муҳаббат ба эътибори ибодат:

Худи он ибодат аст:
Муҳаббати ибодат намебошад магар барои Аллоҳ азза ва ҷалла ва он муҷиби шикастанафсӣ ва таъзимест, ки тақозои ба ҷо овардани амрҳо ва иҷтиноб аз наҳйшудаҳост.

Дар зоташ ибодат нест:

- Муҳаббат дар роҳи Аллоҳ ва барои Аллоҳ: Мисли муҳаббати расулон ва анбиё алайҳимус салом.
- Муҳаббати шафқат ва раҳмат: Мисли муҳаббати фарзанд ва хӯрдсол....
- Муҳаббати бузург доштан ва таъзим: Мисли муҳаббати падпр ва муаллим...
- Муҳаббати табиъӣ: Мисли муҳаббати таом ва шароб...

- Бошарафтарини анвоъ ҳамон аввал аст, аммо боқӣ аз қисми мубоҳ аст, магар ҳаргоҳ бо он чизе якҷо шавад, ки тақозои ибодат мекунад, пас он ибодат мегардад.
- (Ҳаловати имон): Он чи дар нафс ва қалбаш аз оромӣ ва роҳат ва кушодиро меёбад.
- (Касе дар роҳи Аллоҳ дӯст дорад): Пас бад мебинад, касеро ки Аллоҳ бад мебинад ва дӯст медорад касеро ки Аллоҳ дӯст медорад.
- (Ва канда шуд): Ҳар асбобе ки ба он мушрикон мутааллиқ мешуданд ва муҳаббати онон канда шуд.



Масъалаҳо:

Якум: Тафсири ояти сураи Бақара. (Ва аз мардум касоне ҳаст, ки ҷуз Аллоҳ ҳамтоёнеро интихоб мекунанд).

Дуюм: Тафсири ояти сураи Бароат. (Бигӯ агар падаронатон ва писаронатон).

Сеюм: Вуҷуби бештар дӯст доштани Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам бар дӯст доштани худ, зан, фарзанд ва мол.

Чорум: Нафй имон, далолат бар хориҷ шудани аз доираи Ислом намекунад (магар ҳаргоҳ дил аз муҳаббати Ӯ ﷻ мутлақо холӣ бошад, пас шакке нест, ки ин нафй асли имон аст).

Панҷум: Имон дорои ҳаловат ва ширинӣ аст, ки гоҳо инсон онро дарк мекунад ва гоҳо дарк намекунад.

Шашум: Чаҳор аъмоли қалб, ки бе онҳо вилояти Аллоҳ ва таъми имонро касе ҳосил намекунад. (Дар роҳи Аллоҳ дӯст дорад ва дар роҳи Аллоҳ бад бинад ва дар роҳи Аллоҳ дӯстӣ кунад ва дар роҳи Аллоҳ душманӣ кунад).

Ҳафтум: Фаҳмидани саҳобӣ воқеъро, бештари дӯстиҳои имрӯза дар асоси корҳои дунявӣ аст. (Ин дар замони Ӯ буд, пас замони мо чигуна аст?).

Ҳаштум: Тафсири ояти (Ва ба сабаби онҳо асбоб бурида шавад). (Монанди дустӣ ва дигар асбоб).

Нуҳум: Баъзеи мушркон Аллоҳро хело дӯст доштанд. (Ва мӯъминон афзуданд ба Аллоҳро нисбати инҳо ба бутонашон сахттар дӯст доштанд).

Даҳум: Ваъдаи азоби сахт барои касе ки ҳашт синфе, ки дар оят зикр шуд, аз дини Аллоҳ барояш маҳбубтар бошад.

Ёздаҳум: Касе ки ғайри Аллоҳро баробар бо Аллоҳ дӯст дошта бошад, пас дар ширки акбар воқеъ шудааст.

Боб (32) андар фармудаи Аллоҳ таъоло: "Танҳо ин шайтон аст, ки метарсонад дӯстдорони худро, шумо мусалмонон аз онон натарсед ва аз Ман битарсед, агар аҳли имонед".

Муаллиф раҳимаҳуллоҳ боб хавфро баъди боби муҳаббат оварад, зеро ибодати Аллоҳ азза ва ҷалла бар ду амр устувор мешавад: **Муҳаббат:** Ба он ба ҷо овардани амрҳост, **хавф:** Ба он аз наҳйшудаҳо иҷтиноб кардан аст.

Ақсоми хавф:

- Хавфи (сир) ибодат ва шикастанафсӣ ва таъзим ва фурутанӣ: Сарфи ин барои ғайри Аллоҳ ширки акбар ва мардум дар ин ду тараф ва миёна аст.
- Хавфи табиӣ ва ҷибиллӣ (мубоҳ) аст: (Пас тарсон ва чашм ба роҳи ҳодиса, аз шаҳр берун шуд). Агар бар тарки воҷиб ё феъли ҳаром водор кунад, пас он ҳаром аст.

❁ (Шайтон дӯстонашро метарсонад): Шайтон ҳар касеро, ки мехоҳад воҷиберо адо кунад, метарсонад.
❁ (Пас аз онҳо натарсед): Балки ба он чизе ки шуморо амр кардам ва он чизе ки бар шумо воҷиб гардонидам, аз ҷиҳод идома диҳед ва аз инҳо натарсед ва ҳаргоҳ Аллоҳ бо инсоне бошад, ӯро касе мағлуб намекунад.

Далели дуюм:

Ва фармудаи Ӯ: "Танҳо таъмири масҷидҳои Аллоҳ ба дасти касоне аст, ки ба Аллоҳ ва рӯзи қиёмат имон оварда ва намоз барпо доранд ва закоти моли худ бидиҳанд ва аз ғайри Аллоҳ натарсанд, пас умед аст, ки аз ҳидоятёфтагони роҳи Аллоҳ бошанд".

❁(Касе ба Аллоҳ имон орад): Аллоҳ имони ба Ӯро ба имони ба рӯзи охират бисёр якҷо меорад, зеро имони ба Аллоҳ бар умед водор мекунад ва имони ба рӯзи охират бар тарс водор мекунад.
❁ (Ва намозро барпо дорад): Яъне намозро бар ваҷҳи дуруст, ки дар он нақс нест адо кард ва барпо кардан ду навъ аст:
1-Барпо кардани воҷиб: Дар он бар воҷиб аз шартҳо, рукнҳо ва воҷибҳо иктифо мекунад.
2-Барпо кардани мустаҳаб: Дар он бар воҷиб меафзояд, пас ба воҷиб ва мустаҳаб меояд.
❁ (Ва наметарсад): Хашият хавфест, ки бар илм ба азамати касе, ки аз ӯ

метарсад ва камоли султони ӯро медонад ва фарқ байни хашият ва хавф ин аст: 1-Хашият бо донистани тарсидашуда ва ҳоли ӯ мебошад, байне ки хавф аз ҷоҳил мебошад.
2-Хашият ба сабаби азамати тарсидашуда мебошад, байне ки хавф барои заифии тарснок мебошад.
❁ (Пас шояд): Ибни Аббос гуфт: Шояд аз тарафи Аллоҳ воҷиб аст ва ба равиши умед кардан омад, то инсон мағрур нашавад, ки ӯ ин васфро ҳосил кардааст.

Ақсоми иморати масҷидҳо ва зидди он вайрон кардани он аст,
(Ва кист ситамкортар аз он кас ки масҷидҳои Аллоҳро боздошт, ки дар он номи Аллоҳ бурда шавад ва дар вайронии онҳо кушид?!):

Иморати ҳиссӣ:
Ба бино ва қолинпӯш кардан ва покӣ ва таъмири он ва зидди он хароби ҳиссӣ аст ба вайрон ва хароб кардани он.

Иморати маънавӣ:
Ба намоз хондан ва зикр ва қироат кардан ва зидди он хароби маънавӣ аст, мисли гардондани масҷидҳо ҷойҳои ширк ва бидъатҳо.

Далели сеюм:
"Ва баъзе мардум мегӯянд: Мо ба Аллоҳ имон овардем ва чун ранҷ ва озоре дар роҳи Аллоҳ бубинанд, фитна ва азоби халқро бо азоби Аллоҳ баробар шумуранд", то охири оят.

❁ Маълум аст, ки инсон аз азоби Аллоҳ мегурезад, пас амрашро мувофиқат мекунад, пас ин фитнаи мардумро монанди азоби Аллоҳ гардондааст, пас барои аз озори онон гурезад, аз рӯи гардондани ин фитна мисли азоб, хоҳишоти онҳоро мувофиқат мекунад. Пас аз онҳо метарсад, монанди тарсиданаш аз Аллоҳ, зеро ӯ озори онҳоро монанди азоби Аллоҳ гардонд, пас аз он гурехт барои мувофиқат кардани амри онҳо.
❁ Дар оят ҳазар додан аст, ки инсон ба хилофи он чи дар қалбаш аст, бигӯяд.

Далели чорум:
Аз Абӯсаъиди Худрӣ разияллоҳу анҳу ривоят аст, ки Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд: ***"Албатта аз заъфи яқин аст, ки мардумро ба ноҳушнудии Аллоҳ, хушнуд созӣ ва дар муқобили рӯзие, ки Аллоҳ ба ту ато намудааст аз мардум шукргузори бикунӣ ва ё дар муқобили он чи ки ба ту надода мардумро мазаммат кунӣ, зеро ризқи Аллоҳ бо ҳирси ҳарис ба даст намеояд ва бо бад дидани мардум бар намегардад"***.

❁ (Мардумро розӣ кунонӣ): ба сабаби тарси аз онон бисёртар аз тарси Аллоҳ азза ва ҷалла ва онҳоро насиҳат накардан.
❁ (Ва мардумро ситоиш кунӣ): Ҳамаи ситоишро барои онҳо қарор диҳӣ ва сабабгор, ки Аллоҳ азза ва ҷалла аст, Ӯро фаромуш кунӣ.
❁ (Ва онҳоро мазаммат кунӣ): Зеро Аллоҳ азза ва ҷалла агар инро тақдир мекард, ҳароина асбоб ёфт мешуд ва воҷиб ризо будан аст.

Далели панҷум:

Ва аз Оиша разияллоҳу анҳо ривоят аст, ки Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд: ***"Ҳар кас ба хотири хушнудии Аллоҳ мардумро биранҷонад, Аллоҳ аз ӯ розӣ мешавад ва мардумро низ аз ӯ хушнуд месозад. Ва ҳар касе ки дар баробари хушнудии мардум, Аллоҳро биранҷонад, Аллоҳ аз ӯ норозӣ мешавад ва мардумро низ аз ӯ норозӣ мегардонад"***. (Ибни Ҳиббон дар Саҳеҳаш ривоят намудааст).

❁ (Касе талаб кунад): аз рӯи тарси онҳо, то аз ӯ розӣ шаванд, пас тарси аз онҳоро бар тарси Аллоҳ азза ва ҷалла тақдим кард.

Фоидаҳои ҳадис:

1-Талаби он чизе ки Аллоҳ азза ва ҷалларо розӣ мегардонад воҷиб аст, ва агарчи мардум биранҷад, зеро ҳамон Аллоҳ фоида ва зарар медиҳад.
2-Талаб кардани он чизе ки Аллоҳро ба ғазаб меорад, ба хотири розӣ кунондани мардум касе набошанд, ҷоиз намебошад.
3- Исботи сифати ризо ва ғазаб барои Аллоҳ бар ваҷҳи ҳақиқат, локин бе монандкунӣ ба махлуққо.

Масъалаҳо:

Якум: Тафсири ояти сураи Оли Имрон. (Шайтон дӯстонашро метарсонад).
Дуюм: Тафсири ояти сураи Бароат. (Танҳо таъмири масҷидҳои Аллоҳ).
Сеюм: Тафсири ояти сураи Анкабут. (Ва баъзе мардум мегӯянд: Мо ба Аллоҳ имон овардем).
Чорум: Яқин гоҳо заиф ва гоҳо қавӣ мегардад.
Панҷум: Се чизи дигар аз омилҳои заъфи имон аст. (Ин ки мардумро ба нохушнудии Аллоҳ, хушнуд созӣ ва дар муқобили рӯзие, ки Аллоҳ ба ту ато намудааст аз мардум шукргузори бикунӣ ва ё дар муқобили он чи ки ба ту надода мардумро мазаммат кунӣ).
Шашум: Ихлоси тарс аз Аллоҳ аз ҷумлаи фарзҳост.
Ҳафтум: Савоби касе ки фақат аз Аллоҳ битарсад, (Аллоҳ аз ӯ розӣ шавад ва мардумро аз ӯ розӣ созад).
Ҳаштум: Ҷазои касе ки аз Аллоҳ натарсад, (Аллоҳ бар ӯ ғазаб кунад ва мардумро алайҳи ӯ бар ғазаб орад).

(33) Боб андар фармудаи Аллоҳ таъоло: "Ва бар Аллоҳ таваккул кунед, агар имон доред"

❁ Баъди муҳаббат ва хавф, муаллиф раҳимаҳуллоҳ баён кард, ки ба даст овардани матлуб ва дӯр шудани нописанд ҳосил намешавад, магар ба таваккул ва таҳқиқи ибодат имкон надорад магар ба таваккул ва он олитарини мақомҳост ва бар инсон воҷиб аст, ки он дар ҳамаи амрҳояш ҳамроҳи ӯ бошад.

❁ (Ва бар Аллоҳ таваккул кунед): Пеш овардани маъмул ифодаи ҳаср мекунад ва дар ин нафй шудани камоли имон ба нафй шудани таваккул аст, магар ин ки эътимоди куллӣ бар ғайри Аллоҳ ҳосил шавад, пас дар ин сурат ширки акбар мегардад.

Таваккул: Аз сидқ бар Аллоҳ эътимод кардан, бо бовари бар Ӯ ва чанг задан ба асбоби шаръӣ, пас аз эътимоди содиқи ҳақиқӣ ва иҷрои асбоби иҷозатдодашуда ҳатмӣ аст ва ақсоми таваккул:

Ҳамаи умурро ба Аллоҳ супоридан ва эътиқод кардан, ки қалби манфиатҳо ва бартараф кардани зарарҳо дар дасти Ӯст, пас сарфи ин эътиқод барои ғайри Аллоҳ ширки акбар аст.

Бар зинда бо навъи эҳтиёҷ эътимод кардан, пас ин ширки асғар аст, мисли касе ки дар ризқаш бар шахсе бо вуҷуди эҳтиёҷаш ба он эътимод мекунад.

Ваколат: Саҳеҳ нест, ки гуфта шавад: Бар фалонӣ таваккул кардам, ё бар Аллоҳ сипас бар фалонӣ таваккул кардам, балки мегӯяд: Фалониро вакил кардам ё ба ӯ супоридам. Ва Паёмбар ﷺ дар корҳои хос ва омаш вакил кард.

Далели дуюм ва сеюм:

2). Ва фармудаи Ӯ таъоло: **"Албатта мӯъминҳо касоне ҳастанд, ки ҳаргоҳ номи Аллоҳ бурда шавад дилҳояшон метарсад"**.

3).Ва фармудаи Ӯ: **"Эй Паёмбар Аллоҳ барои ҳимояи ту кофӣ аст"**.

❁ Инсон мӯъмин мебошад ва агарчи ба ин сифатҳо васф нашавад, локин бо ӯ мутлақи имон аст.

❁ (Эй Паёмбар! Аллоҳ туро ва касоне аз мӯъминонро ки аз ту пайравӣ кардаанд кифоят мекунад): Туро басанда нест магар Аллоҳ, ва кофӣ барои касоне аз мӯъминон, ки аз ту пайравӣ карданд, Аллоҳ аст. Пас ҳамагӣ бар Ӯ таваккул кунед, ту ва касоне, ки аз ту пайравӣ карданд.

Аллоҳ дар ин оятҳо ва мобаъдаш панҷ сифат барои имони комил зикр кард:

(Ҳаргоҳ номи Аллоҳ бурда шавад, дилҳояшон тарсон гардад)	Яъне: Аз он чизе ки дар он аст, аз таъзими Аллоҳ битарсад, пас аломати имон ин аст, ки ҳаргоҳ ба Аллоҳ ёдовар карда шавад, тарсад.
(Ва чун оёти Мо бар онҳо хонда шавад, имонашон зиёд гардад)	Яъне аз рӯи тасдиқ ва итоат кардан ва дар он ин аст, ки инсон гоҳо ба хондани ғайраш бисёртар аз он чизе ки худаш мехонад, баҳра мебарад.
(Ва бар Парвардигорашон таваккул мекунанд)	Яъне: Бар Аллоҳ эътимод мекунанд на бар ғайри Ӯ ва онон бо вуҷуди ин ба асбоб амал мекунанд ва ин ҳамон шоҳид аст.
(Касоне ки намозро барпо медоранд)	Яъне: Онро дурусту комил адо мекунанд ва салот исми ҷинс аст, шомили фарзу нафл мешавад.
(Ва аз он чи бар онҳо рӯзӣ додаем, инфоқ мекунанд)	**Санои касе ки баъзе молашро садақа кард ва касе ки ҳамаи молашро садақа кард шомил мешавад. Ва касе ки ҳамаи молашро нафақа кард, дар сано дохил мешавад, ҳаргоҳ бар Аллоҳ таваккул кунад.**

Далели чорум:

Ва фармудаи Ӯ: **"Ва ҳар кас бар Аллоҳ таваккул кунад, пас барояш кофӣ аст"**.

❁ Яъне муҳимҳои ӯро кифоягӣ мекунад ва барои ӯ амрашро осон мекунад ва агарчи барои ӯ баъзе азияту озор бирасад, пас Аллоҳ ӯро кифоягӣ мекунад ва Расул ﷺ сайиди таваккулкунандагон аст ва бо вуҷуди ин ба Ӯ азият мерасад ва барои Ӯ зарар ҳосил намешавад.

❁ Ва мафҳуми оят ифода мекунад, ки касе бар ғайри Аллоҳ таваккул кунад, хор карда шавад ва Аллоҳ ӯро ҳифз намекунад.

Далели панҷум:

Ва аз Ибни Аббос разияллоҳу анҳу ривоят аст, ки фармуд: Иброҳим алайҳис салом вақте дар оташ андохта шуд, гуфт: "Аллоҳ моро басанда аст ва Ӯ беҳтарин ҳомии мост". Ва ин калимаро Муҳаммад саллаллоҳу алайҳи ва саллам гуфт, вақте мардум ба Ӯ гуфтанд: "Албатта мардум бар зидди шумо ҷамъ шуданд аз онҳо битарсед, ин сухан имони онҳоро зиёд кард ва инро гуфтанд: Аллоҳ моро басанда аст ва Ӯ беҳтарин ҳомии мост". (Ривояти Бухорӣ)

Ин қисса ба насси Қуръон аст, ҳангоме Абӯсуфён аз Уҳуд гашт, хост, ки ба сӯи Паёмбар ва ёронаш баргардад, то ба гумонаш онҳоро нобуд кунад, пас шутурсаворонро вохӯрд, пас барои онҳо гуфт: Куҷо меравед? Гуфтанд: Мадина меравем, пас гуфт: Ба Муҳаммад ва ёронаш хабар диҳед, ки мо ба сӯи онҳо мегардем, пас онҳоро ҳалок мекунем. Пас шутурсаворон Мадина омаданд, пас онҳоро хабар доданд, пас Паёмбар ﷺ ва ҳамроҳонаш гуфтанд: (Аллоҳ моро басанда аст ва чӣ хуб вакил аст), тақрибан ҳафтод савора баромаданд, то дар Ҳамроуласад расиданд, сипас Абӯсуфён аз фикраш гашт ва ба сӯи Макка рафт ва ин аз кифоягии Аллоҳ барои Расулаш ﷺ ва барои мӯъминон буд, вақте бар Ӯ таъоло эътимод карданд.

Танбеҳ:

Ибни Аббос разияллоҳу анҳумо аз ҷумлаи касонест, ки аз бани Исроил ривоят мекунад, ин қавл дар назди олимони мусталаҳ машҳур аст, локин дар ин назар аст. Ибни Аббос разияллоҳу анҳумо аз касонест, ки аз бани Исроил гирифтанро инкор мекунад.

Ахбори бани Исроилро оё тасдиқ мекунем ё не?

1-Ҳаргоҳ дар шариати мо ояд, ки он рост аст, онро тасдиқ мекунем.

2-Ҳаргоҳ дар шариати мо ояд, ки он дурӯғ аст, онро дурӯғ меҳисобем.

3-Ва ҳаргоҳ дар шариати мо на тасдиқи он ояд ва на дурӯғ ҳисобиданаш, дар он сукут мекунем.

Масъалаҳо:

Якум: Таваккал бар Аллоҳ аз фароиз аст. (Зеро Аллоҳ имонро ба он вобаста кардааст).

Дуюм: Таваккал аз шароити имон аст.

Сеюм: Тафсири ояти сураи Анфол. (Албатта мӯъминон касонеанд, ки ҳаргоҳ Аллоҳ ёд карда шавад, дилҳояшон тарсад).

Чорум: Тафсири ояти охири сураи Анфол. (Эй Паёмбар туро Аллоҳ басанда аст).

Панҷум: Тафсири ояти сураи Талоқ. (Ва касе бар Аллоҳ таваккул мекунад, пас Аллоҳ ӯро басандааст).

Шашум: Азамати ин сухани Парвардигор "Аллоҳ моро басанда аст ва Ӯ чи хуб вакил аст", ки инро Иброҳим ва Муҳаммад саллаллоҳу алайҳи ва саллам дар ҳолати сахтиҳо гуфтанд. (Ва дар боб зиёдатии имон аст ва дар вақти сахтиҳо барои инсон шоиста аст, ки бар Аллоҳ азза ва ҷалла эътимод кунад, бо чанг задан бар асбоб ва ин ки пайравии Паёмбар ﷺ ҳамроҳ бо имон сабаби кифоягии Аллоҳ азза ва ҷалла барои банда мегардад).

Боб (34) андар фармудаи Аллоҳ таъоло: "Оё онҳо худро аз макри Аллоҳ дар амон медонанд, дар ҳоле ки ҷуз зиёнкорон худро аз макри Аллоҳ эмин намедонанд".

❁Боб дар бар мегирад: Амни аз макри Аллоҳ ва ноумед шудан аз раҳмати Аллоҳро ва ин ду бо ҳам мухолифанд, хостааст, ки роҳравӣ ба сӯи Аллоҳ байни тарсу умед ҷамъ намояд ва аз оят истифода мешавад:
1-Аз неъматҳое, ки Аллоҳ барои банда қарор медиҳад, ҳазар кардан, то истидроҷ набошад.
2-Аз макри Аллоҳ эмин будан ҳаром аст.

Далели дуюм:

Ва фармудаи Ӯ: "Ҷуз гумроҳон, кӣ аз раҳмати Парвардигораш ноумед мешавад".

Маънояш ин ки аз раҳмати Аллоҳ ноумед намешавад, магар касе ки ҳидоят наёфта, раҳгумкардае, ки намедонад барои Аллоҳ чӣ воҷиб мебо-шад, бо вуҷуде ки Аллоҳ субҳонаҳу ба зуди ҳолро тағйир медиҳад ва ноумед шудан дуруст нест, зеро ба Аллоҳ гумони бад кардан аст, зеро:
1-Таъна дар қудрати Аллоҳ аст, зеро касе донад, ки Аллоҳ бар ҳамаи чиз қодир аст, чизеро бар Ӯ дур намешуморад.
2-Таъна дар раҳмати Ӯст, зеро касе донад, ки Аллоҳ раҳим аст, раҳмат кардани Аллоҳ ӯро дур намешуморад.

Далели сеюм ва чорум:

Ва аз Ибни Аббос разияллоҳу анҳу ривоят аст, ки Расулуллоҳ ﷺ-ро аз гуноҳони кабира пурсида шуд, пас фармуд: **"Ширк овардан ба Аллоҳ ва аз раҳмати Аллоҳ ноумед шудан ва аз макри Аллоҳ эмин будан аст"**.

Ва аз Ибни Масъуд разияллоҳу анҳу ривоят аст, ки фармуд: Бузургтарини гуноҳони кабира иборатанд аз: Ба Аллоҳ ширк овардан, аз макри Аллоҳ эмин будан ва аз раҳмати Аллоҳ ноумед шудан аст. (Ривояти Абдурразоқ)

❁(Ширки ба Аллоҳ): Мурод ба он ширки акбар ва асғар аст ва ширки асғар бузургтарини гуноҳҳои кабира аст.
❁ (Ва аз макри Аллоҳ эмин шудан): Ба ин ки Аллоҳ азза ва ҷалларо исён кунад бо боло бурдани вай ба неъматҳо.
❁ (Ва аз раҳмати Аллоҳ ноумед шудан): Раҳмати Аллоҳ ва ҳосил шудани матлубро дур шуморад.
❁ (Ва аз адолати Аллоҳ ноумед шудан): Рафтани чизи нохушро дур ҳисобад.

Хулоса:

Роҳравандаи ба сӯи Аллоҳро ду чиз пеш меояд, ки ӯро аз расидани ба Парвардигораш боз медоранд ва он ду аз макри Аллоҳ эмин шудан ва аз раҳматаш ноумед шудан аст. Ҳаргоҳ бар вай зарар расад, ё чизи маҳбубашро аз даст диҳад, агар Парвардигораш ӯро дарк накунад, ноумеди бар вай ғолиб меояд ва кушоишро дур мешуморад ва барои асбоби кушоиш саъй намекунад. Ва аммо эмин шудан аз макри Аллоҳ, пас инсонро меёбем, ки бо вуҷуди фаровон будани неъматҳо бар маъсиятҳо идома медиҳад ва гумон мекунад, ки ӯ дар ҳақ аст, пас дар ботилаш идома медиҳад, пас шакке нест, ки ин истидроҷ аст.

Масъалаҳо:

Якум: Тафсири ояти сураи Аъроф. "Оё онҳо худро аз макри Аллоҳ дар амон медонанд".

Дуюм: Тафсири ояти сураи Ҳиҷр. "Ҷуз гумроҳон кӣ аз раҳмати Парвардигораш ноумед мешавад".

Сеюм: Ваъдаи азоби сахт барои касе ки аз макри Аллоҳ эмин бошад (зеро он аз ҷумлаи гуноҳони кабира аст).

Чорум: Ваъдаи азоби сахт барои касе ки аз раҳмати Аллоҳ ноумед бошад.

(35) Боб андар ин ки сабр кардан ба тақдирҳои Аллоҳ аз ҷумлаи имони ба Аллоҳ аст

Сабр се қисм аст:

Бар анҷоми тоати Аллоҳ сабр кардан: Ин аз зимни сабр бар амрҳост, мисли намоз ва рӯза.	Барои аз маъсияти Аллоҳ дӯр шудан, сабр кардан: Мисли аз ширк ва дигар ҳаромҳо иҷтиноб кардан.	Бар тақдирҳои дардноки Аллоҳ сабр кардан: Мисли фавтидани яке аз наздикон.

Саброо бар тоат тақдим кард, зеро он илзом ва феълро дар бар мегирад, сипас аз маъсият сабр карданро, зеро дар он худдорӣ аст, аммо бар тақдирҳо сабр кардан, пас сабабаш дар ихтиёри банда нест. Аммо ба эътибори ба касе тааллуқ доштанаш, пас гоҳо аз маъсият сабр кардан бар инсон аз сабр кардани бар тоат сахттар аст.

Мардум дар вақти мусибат чор қисманд:

Ғазабкунанда (гуноҳи кабира аст ва ба куфр мерасонад) ба дил (ғазаб мекунад) ва ба забон (дуо ба войю ва ҳалок мекунад) ва ба аъзои бадан (задан, пора кардан ва кандани мӯ аст).	Сабркун (ба иҷмоъ воҷиб аст) ба дил, забон ва аъзои бадан, пас мусибат барои ӯ гарон аст ва онро намеписндад, локин бардошт ва сабр мекунад.	Розӣ аст (ин мустаҳаб аст) барои ба Парвардигораш дар вақти неъмат ва зидди он пурра ризо буданаш, ҳар ду ҳолат барои ӯ баробар аст, ба он ба эътибори қазо аз ҷониби Парвардигораш буданро назар мекунад.	Сипосгузор (ин олитарини мартабаҳост) инро кафорати бадиҳо ва зиёд шудани ҳасанот ва имон медонад ва онҷо мусибатҳоест, ки аз ин бузургтар аст.

Далели аввал:

Ва фармудаи Аллоҳ таъоло: **"Ва ҳар кас ба Аллоҳ имон биёрад, Аллоҳ қалбашро ҳидоят мекунад"**.

Алқама гуфт: Он мардест, ки ба ӯ мусибат мерасад, пас ӯ медонад, ки ин аз ҷониби Аллоҳ аст, пас розию таслим мешавад.

(Қалби ӯро ҳидоят мекунад): Ба он оромиш мебахшад, пас ҳаргоҳ қалб ҳидоят ёфт, аъзои бадан ҳам ҳидоят меёбад.

Далели дуюм:

Дар Саҳеҳи Муслим аз Абӯҳурайра разияллоҳу анҳу ривоят аст, ки Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд: ***"Ду хислат дар миёни мардум аз хислатҳои куфр боқӣ мондааст: Таъна задан ба насабҳо ва навҳахонӣ бар мурдагон"***.

❁(Дар насаб таъна задан): Яъне дар он айб гирифтан ё онро нафй кардан аст, пас ин аз амалҳои куфр аст.
❁(Ва бар майит нола кардан): Ин ҷои шоҳид аст, пас нола кардан аз ғазаб кардан аст.

Далели сеюм ва чорум:

3). Дар Бухорию Муслим аз Ибни Масъуд ба таври марфӯъ ривоят аст, ки гуфт: ***"Касе ки ба сару рӯи худ бизанад ва гиребон пора кунад ва суханони ҷоҳилӣ бар забон орад, аз Мо нест"***.
4). Ва аз Анас разияллоҳу анҳу ривоят аст, ки Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд: ***"Вақте Аллоҳ ба бандае хайр бихоҳад дар дунё ҷазояш медиҳад ва агар ба банда бадӣ бихоҳад, ӯро дар муқобили гуноҳҳояш ҷазо намедиҳад, то дар қиёмат ӯро ҳисоб кунад"***.

❁ (Ба даъвоҳои ҷоҳилӣ): Ҳар даъвате, ки сарчашмаи ҷоҳилият аст ва монанди он вайрон кардани хонаҳо ва шикастани зарфҳо ва вайрон кардани таом ва мисли ин ки баъзе мардум дар вақти мусибат мекунад.
❁ (Ҳаргоҳ Аллоҳ ба бандааш бихоҳад): Мақсади Аллоҳ худи шарр нест, аз рӯи фармудаи Паёмбар ﷺ: "Ва шарр аз ҷониби Ту нест", пас онро барои ҳикмате мехоҳад, инҳангом ба эътибори ҳикматро дар бар гирифтанаш хайр мебошад.
❁ Ва мақсади ҳадис тасаллои мусибатзада аст, то бесабрӣ накунад, гоҳо он хайр мебошад ва азоби дунё аз азоби охират сабуктар аст, пас Аллоҳро ҳамду сипос гӯяд, ки уқубаташро ба охират нагузоштааст.

Далели панҷум:

Ва Паёмбар ﷺ фармуд: "Албатта савоби бузург бо мусибати бузург аст. Ва Аллоҳ қавмеро дӯст дошта бошад, онҳоро ба мусибат мубтало созад, пас касе розӣ шавад, пас Аллоҳ аз ӯ розӣ мешавад ва ҳар кас норозӣ шавад, Аллоҳ низ аз ӯ норозӣ хоҳад шуд". (Инро Тирмизӣ ҳадиси ҳасан гуфт)

❁ Аз ҳадис истифода карда мешавад:
1-Ҳаргоҳ бало сахттар бошад ва инсон сабр кунад, савоб бузургтар мешавад.
2-Аллоҳ ҳаргоҳ қавмеро дӯст дорад, ононро ба он чизе ки бар онҳо аз рӯи кавну шаръ тақдир мекунад, имтиҳон мекунад.
3-Исботи сифати муҳаббат, ғазаб ва ризо барои Аллоҳ ﷻ бо ҳазар кардан аз монандкунӣ ё исботи чигунагии он сифатҳо.

Масъалаҳо:

Якум: Тафсири ояти сураи Тағобун. (Ва касе ба Аллоҳ имон биёрад, Аллоҳ қалбашро ҳидоят мекунад).
Дуюм: Албатта сабр аз имон аст. (Сабр кардан бар тақдирҳои Аллоҳ).
Сеюм: Таъна задан дар насаб. (Ва он айби онро гуфтан ё онро нафй кардан аст ва ин аз ҷумлаи куфри асғар аст).
Чорум: Ваъдаи азоби сахт дар бораи касе, ки дар вақти мусибат ба сару рӯяш бизанад ва гиребон пора-пора кунад ва сухани ҷоҳилӣ бигӯяд (зеро Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам аз он безорӣ кард).
Панҷум: Аломати ин ки Аллоҳ ба бандааш иродаи хайр дорад (Аллоҳ ӯро дар дунё ҷазо медиҳад).
Шашум: Аломати ин ки Аллоҳ ба бандааш иродаи бадӣ дорад (Аллоҳ ӯро дар охират ҷазо медиҳад).
Ҳафтум: Аломати муҳаббати Аллоҳ барои банда (ва ин имтиҳон аст).
Ҳаштум: Ҳаром будани бесабрӣ, (яъне дар он чизе ки банда гирифтор ва мубтало шудааст).
Нуҳум: Савоби ризо ба бало, (ва он розӣ шудани Аллоҳ ﷻ аз банда аст).

(36) Боб андар мавзӯи риё (худнамой)

Далели аввал то сеюм:

1). Ва фармудаи Аллоҳ таъоло: "Бигӯ, Ман фақат башаре ҳастам монанди шумо, (фарқияти Ман ин аст), ки ба Ман ваҳй мешавад, ки танҳо маъбудатон маъбуди ягонааст" то охири оят.

2). Ва аз Абӯҳурайра разияллоҳу анҳу марфуъан ривоят аст, ки Аллоҳ таъоло фармуд: "Ман ниёзе ба шарик доштан надорам. Ҳар кас ки амале анҷом бидиҳад ва дар он каси дигареро бо Ман шарик созад, Ман ӯро бо ширкаш раҳо мекунам". (Ривояти Муслим)

3). Ва аз Абӯсаъид ба таври марфӯъ ривоят аст: "Оё ба шумо хабар бидиҳам аз чизе ки Ман барои шумо аз он қадре метарсам, ки аз Даҷҷол бароятон он қадар наметарсам? Гуфтанд: Гуфтем, бале. Гуфт: Ва он ширки хафӣ аст. Марде барои намоз меистад, вақте мебинад, ки касе ӯро дида истодааст, намозашро зиннат медиҳад ва беҳтар мегузорад". (Ривояти Аҳмад)

❁(Бигӯ: Албатта ман башар ҳастам): Паёмбар ﷺ амр шуд, ки ба мардум хабар диҳад, ки Ӯ ﷻ башар аст ва ин башариро ба гуфтааш: (Монанди шумо) таъкид кард, магар ки ба сӯи Ӯ ﷻ ваҳй мешавад, пас тоати вай воҷиб аст, локин парастидани Ӯ ﷻ ҳаром аст.

❁(Вохӯрии Парвардигорашро): Вохӯрии ризо ва неъмат хос ба мӯъминон аст ва дидани Ӯро дар охират шомил мешавад.

❁(Амали неке): Холису дуруст (ихлос ва пайравӣ).

❁(Ман бениёзтарам): Дар ин ду маъност:

1-Ботил будани амале, ки дар он риё ҳамроҳ шудаст ва ҳаром будани риё.

2-Баёни бениёзии Аллоҳ ﷻ ва бузург будани ҳаққаш ва ин ки барои ягон кас ҷоиз нест, ки бо Ӯ шарик биёрад.

❁(Масеҳи Даҷҷол): Чашми росташ масҳ кашида шудааст ва ӯ марде аз фарзандони Одам аст, бисёр дурӯғгӯ аст.

Барои чӣ Паёмбар ﷺ бар умматаш аз риё сахттар аз Масеҳи Даҷҷол тарсид?

1-Зеро фитнаи Даҷҷол ошкор аст ва фитнаи риё пӯшида аст ва аз риё халос шудан сахт душвор аст.

2-Зеро фитнаи Даҷҷол дар охири замон маҳсур аст, ба акси фитнаи риё, ки дар ҳама вақт ҳаст.

Ширк ду навъ аст:

1-**Хафӣ:** Оне ки дар қалб бошад, мисли риё ва ширки сароир номида мешавад.

2-**Ҷалӣ:** Оне ки дар гуфтор бошад, мисли ба ғайри Аллоҳ қасам хӯрдан ё дар феъл бошад, мисли барои ғайри Аллоҳ хам шудан.

Риё ин аст, ки амал мекунад, то ӯро мардум бубинад ё бишнавад ва риё аз ахлоқи мунофиқон аст:

Дар асли ибодат аст: Ибодатро ботил мекунад.

Ногаҳонӣ аст: Дар ин баёни муфассал аст:

Баъди тамом кардани ибодат: Дар ибодат ҳеҷ таъсире надорад, магар ҳар вақт дар он душманӣ бошад, мисли миннату озор додан баъд аз садақа.

Риёро дафъ мекунад: Воқибе ки бар ӯст, анҷом додааст ва ибодат саҳеҳ аст.

Дар риё идома медиҳад: Дар ин баёни муфассал аст:

Аввали ибодат ба охираш пайваста аст: Мисли намоз, пас ҳамаи ибодат ботил аст.

Аввали ибодат аз охираш ҷудост: Мисли закот, пас ҷузъе ки дар он риё дохил шуд, ботил аст.

Илоҷи риё чист?

1-Таъзими Аллоҳ ба омӯхтани тавҳид ва ба он амал кардан, зеро инсон агар Аллоҳро таъзим кунад, парвои касе намекунад.
2-Амалро аз тарси риё тарк накардан, зеро шайтон ё туро дар риё воқеъ мекунад ё дар тарси аз ғайри Аллоҳ. 3-Дуо кардан. 4-Амалҳоро пинҳон кардан, аз рӯи тарси дар риё воқеъ шудан. 5- Қабрҳоро ба таври шариат зиёрат кардан, албатта зиёрати қабрҳо охиратро ба ёд меорад ва риё инсон ба дунё вобаста месозад.

Масъалаҳо:

Якум: Тафсири ояти сураи Каҳф. (Бигӯ: Албатта монанди шумо башарам, ба ман ваҳй мешавад).
Дуюм: Қабул набудани амали нек, вақте ки дар он хушнудии ғайри Аллоҳ низ хоста шавад.
Сеюм: Зикри сабабе, ки муҷиби ин аст ва он тамоман бениёзии Аллоҳ аз ингуна шарикиҳо.
Чорум: Албатта аз зимни асбоб, ин аст, ки Аллоҳ таъоло беҳтарини шарикҳост.
Панҷум: Тарсидани Паёмбар ﷺ бар ёронаш аз риё. (Ва бар шахсе ки баъди онон аст, тарсидан авло аст).
Шашум: Ӯ ﷺ риё тафсир кард ба ин ки шахсе намозашро ба хотири Аллоҳ мехонад, ва ле намози худро ба хотири касоне ки ӯро мебинанд, зиннат медиҳад. (Ва сохтакорӣ ва зиннат додани сухан инчунин аст)

(37) Боб андар анҷоми амалҳои ухравӣ барои дастёбӣ ба ҳадафҳои дунявӣ низ навъи ширк аст

❁Ин боб дар ҳаққи касест, ки ба ибодаташ мадҳро намехоҳад ва на риёро, балки Аллоҳро холисона ибодат мекунад ва локин ӯ чизе аз дунёро мехоҳад, монанди мол, мартаба ва саломатии нафсаш ва монанди ин, пас ӯ ба амалаш фоидаи дунёро мехоҳад ва аз савоби охират ғофил аст.

❁ Монеъ нест, ки инсон дар намозаш дуо кунад ва талаб кунад, ки Аллоҳ ба ӯ мол диҳад ва локин барои ин намоз намехонад, пас ин мартабаи паст аст, ки ба амали охират дунёро бихоҳад.

❁ **Танбеҳ:** Баъзе мардум вақте дар фоидаҳои ибодатҳо сухан мекунад, ба фоидаҳои дунявӣ онро мегардонад ва мафруз ин аст, ки фоидаҳои дунявиро асл нагардонем.

❁ Ин боб аз боби риё хатарноктар аст, зеро риё гоҳо дар як намоз масалан ногаҳонӣ мешавад, аммо хатари иродаи дунё ба амали охират ба ҳамаи ибодатҳо паҳн мешавад.

Мардум ба нисбати ин боб панҷ қисманд:

Ба амали дунявӣ дунёро мехоҳад:	Ин ҷоиз аст, мисли касе ки тиҷорат мекунад, то хона бихарад.
Ба амали дунявӣ охиратро мехоҳад:	Ин мустаҳаб аст, мисли касе ки зироат мекунад, то садақа кунад.
Ба амали ухравӣ охиратро мехоҳад:	Хушо ба ҳолаш, ин олитарини мартабаҳост.
Ба амали охират дунё ва охиратро мехоҳад:	Дуруст аст, ба шарте ки охират ғолиб ояд: (Парвардигоро! Ба мо дар дунё некӣ ато кун ва дар охират "низ" некӣ ато кун).
Ба амали охират дунёро мехоҳад:	Ширки асғар аст, мисли касе барои мардум ба хотири мол имом мешавад ё намоз мехонад.

❁Чигуна дониста мешавад, ки ӯ дунёро мехоҳад ё охиратро? "**Агар ато карда шавад розӣ гардад ва агар ато карда нашавад, ғазаб кунад**". ❁Танбеҳ: Баъзе мардум дар рӯзҳои имтиҳонҳо бо ихлос ибодат мекунад, пас ҳаргоҳ натиҷаҳои имтиҳон ошкор шуд, ибодатро тарк мекунад.

Далели аввал:

Ва фармудаи Аллоҳ таъоло: "Касоне ки зиндагии дунё ва зиннати онро бихоҳанд, (натиҷаи) амалҳояшонро дар ҳамин дунё ба таври комил ба онҳо медиҳем".

Ин махсус ба ояти Исро аст: (Ҳар кас ки хоҳони ин дунё бошад, ҳар чӣ бихоҳем зудаш арзонӣ дорем, онгоҳ Ҷаҳаннамро ҷойгоҳи ӯ созем то баддидашудаву рондашуда ба он афтад), пас амр ба машияти Аллоҳ ва дар ҳаққи касе хоҳад, супурда мешавад.

Далели дуюм:

Ва аз Абӯҳурайра разияллоҳу анҳу ривоят аст, ки Расулуллоҳ ﷺ фармуд: "Бандаи тило, нуқра, пул ва бандаи либос ва пушок ҳалок шуд, агар ба вай чизе дода шавад, хурсанд мешавад ва агар дода нашавад ранҷида ва хашмгин мешавад. Сарнагун ва нобуд мегардад ба тавре ки наметавонад хореро ки ба пояш халидааст, берун биёрад ва хушо ба ҳоли бандаи (мӯъмин), ки бо сари жулида ва поҳои ғуборолуд, лиҷоми аспашро гирифта ва дар роҳи Аллоҳ қадам мебардорад. Агар дар посбонӣ бошад, вазифаашро иҷро мекунад ва агар дар пушти ҷабҳа вазифадор бошад, вазифаашро иҷро мекунад (дар назди мардум чунин аст) агар иҷозат бихоҳад ба ӯ иҷозат намедиҳанд ва агар шафоат кунад шафоаташро қабул намекунанд". (Ривояти Бухорӣ)

❁(Ҳалок шуд): Зарару зиён дид, (бандаи динор): Тангаи тилло ва ӯро бандаи динор номид, зеро ӯ ба он вобаста шуд, монанди тааллуқи банда ба Парвардигор, пасбузургтарини қасдаш буд ва онро бар тоати Парвардигораш ﷻ тақдим кард.

❁(Дирҳам): Тангаи нуқра.

❁(Либос), (либоси махмалӣ): Касе ки ба зоҳир ва асосаш аҳамият медиҳад.

❁(Агар ато карда шавад, розӣ шавад): Розӣ намешавад магар ба мол ва ғазаб намекунад магар барои мол ва барои ин ӯро бандаи он номид.

❁(Ва сарнагун шуд): Амрҳо бар вай ба хилофи хостааш тағйир ёфт, ба ҳайсе ки барои вай муяссар нашуд.

❁(Ҳаргоҳ хоре ба ӯ халад, онро берун оварда наметавонад): Ҳаргоҳ ба вай хоре халад, пас онро дӯр карда наметавонад.

◌ Се ҷумла эҳтимол дорад, ки хабар бошад ё аз боби дуо алайҳи ӯ бошад.

❁(**Тубо**): Беҳтарин ҳол барои ин мард бошад ва гуфта шуд: Дарахте дар Ҷаннат аст ва аввал омтар аст.

❁(Дар роҳи Аллоҳ): Қоидаи он ин аст, барои олӣ шудани калимаи Аллоҳ биҷангад, на ба хотири нажодпарастӣ ё ватанпарастӣ.

❁(Сараш жулида аст): Аз ғубори дар роҳи Аллоҳ, пас ӯ ба ҳолу баданаш эҳтимом намедиҳад, модоме ки ин натиҷаи тоати Аллоҳ бошад ва поҳояш аз рафтани дар роҳи Аллоҳ ғуборолуд шудааст ва асаре, ки аз одат сарчашма гирад

ҳаргоҳ дар он такаллуф набошад, бар он аҷр дода мешавад, монанди фармудаи Ӯ ﷺ: "**Ҳароина бӣи даҳони рӯзадор**".

❁ (Пушти лашкар): Дар пушти лашкар мебошад ва ин ду ҷумла ду маъно дорад, ҳадис барои ҳарду салоҳият дорад:

1-Парво надорад, ки дар куҷо гузошта мешавад, пас талаби мартабаи олӣ намекунад, мисли пеши лашкар масалан.

2-Агар дар посбонӣ бошад, ҳаққи онро бачо меорад ва инчунин дар пушти лашкар.

❁(Агар иҷозат пурсад): Дар назди мардум ҷоҳ, шараф ва мартаба надорад ва дар назди Аллоҳ ﷻ манзалат дорад.

❁ Шоҳид ин ки баъзе мардум дунёро мепарастад, барои он ғазаб мекунад ва ҳадис мардумро тақсим кард ба:

1-Танҳо қасди дунёро дорад, ба ҳосил кардани мол ва зебо кардани ҳол, қалбашро банда сохта, пас онро аз зикр ва ибодати Аллоҳ машғул сохта аст, пас амр бар вай тағйир меёбад ва аз камтарини азият халос намешавад.

2-Бузургтарин қасдаш охират аст, пас вай барои он ба олитарини машаққат саъй мекунад ва он ҷиҳоди дар роҳи Аллоҳ аст ва бо вуҷуди ин он чизе ки бар вай воҷиб аст, аз ҳамаи вуҷуҳ онро адо мекунад ва ӯро хайр дар фикраш давр мезанад пас барои мардум шафоат мекунад.

Масъалаҳо:

Якум: Иҷрои амали охират ба мақсади расидан ба матоъи дунё.

Дуюм: Тафсири ояти сураи Ҳуд. "Касоне ки зиндагии дунё ва зиннати онро бихоҳанд".

Сеюм: Номидани чунин инсони мусалмон ба бандаи динор ва дирҳам ва матоъ.

Чорум: Маънои ин ҷумлаи ҳадис: Агар ба ӯ чизе дода шавад, розӣ мешавад ва агар дода нашавад ғамгин мешавад.

Панҷум: Маънои "таъиса вантакаса". (Эҳтимол дорад, ки хабар ё дуо бошад).

Шашум: Маънои "ва изо шика фалантақаша". (Эҳтимол дорад, ки хабар ё дуо бошад).

Ҳафтум: Бузург будани муҷоҳиде, ки дорои сифатҳои зикршудаи дар ҳадис бошад. (Ва ӯ шоистаи мадҳу ситоиш аст, на соҳибони дирҳамҳо ва динорҳо ва соҳибони асосҳои густурдаи хона ва мартабаҳо).

(38) Боб касе олимон ва раҳбаронро дар ҳалол донистани ҳаромҳо ва ҳаром донистани ҳалолҳои Аллоҳ итоат кунад, пас онҳоро арбоб гирифтааст

Ҳолатҳои итоати олимон ва амирон дар маъсияти Аллоҳ ﷻ:

Куфри акбар онҳоро аз рӯи розӣ шудан ба қавли онон пайравӣ кунад, онро тақдим кунад, ба ҳукми Аллоҳ ғазаб кунад, пас ҳар кӣ нозил кардаи Аллоҳ написандад кофир шавад ва инчунин агар эътиқод кунад, ки ҳукми онҳо бо ҳукми Аллоҳ баробар аст ё аз он беҳтар аст, кофир шавад.

Куфри асғар ва хатари бузург аст, наздик аст, ки дар куфри акбар воқеъ шавад, онҳоро пайравӣ кунад, дар ҳоле ки ба ҳукми Аллоҳ розӣ аст ва олим аст, ки он барои бандагон ва шаҳр салоҳиятноктар ва беҳтар аст ва локин онро барои хоҳиши нафсаш ихтиёр кардааст, мисли ин ки мансаберо бихоҳад ва ҳаргоҳ ҳаққи мусалмонеро ба он гирад, золим мебошад.

Дар ин баён аст ба ин ки онҳоро аз рӯи ҷаҳл пайравӣ кунад ва гумон кунад, ки он ҳукми Аллоҳ аст:
1-Донистани ҳақро ба нафсаш қудрат дорад, пас ӯ муқассир асту гунаҳгор аст.
2-Олим нест ва имкони таълим гирифтанро надорад, пас онҳоро тақлид мекунад ва гумон мекунад, ки ин ҳақ аст, пас бар вай чизе нест ва вай узрдор аст.

Далели аввал ва дуюм:

1). Ибни Аббос разияллоҳу анҳу гуфт: Метарсам аз осмон бар шумо санг биборад, мегӯям: Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам чунин гуфтааст, онгоҳ шумо мегуед: Абӯбакр ва Умар разияллоҳу анҳумо чунин гуфтаанд.

2). Ва имом Аҳмад мегӯяд: (Ман аз қавме ки ҳадиси саҳеҳро медонад ва ба сухани Суфён чанг мезананд, тааҷҷуб мекунам, магар нашунидаанд, ки Аллоҳ мефармояд: **"Пас онон ки фармони Ӯро мухолифат мекунанд, бояд битарсанд аз ин ки фитна онҳоро фаро гирад ё азоби дарднок ба онҳо бирасад"**. Оё медонӣ фитна чист? (Мурод аз фитна ширк мебошад, зеро касе ки сухани Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва салламро рад бикунад, мумкин аст дар дилаш инҳироф ба вуҷуд биёяд ва ҳалок бишавад).

❁(Абӯбакр ва Умар гуфт!): Аз Абӯбакр ва Умар дониста нашудааст, ки онҳо далелеро ба раъяшон мухолафат карда бошанд.

❁(Амри Ӯро мухолифат мекунанд): Яъне аз рӯи бениёзӣ ва аҳамият надодан аз амри Ӯ рӯ мегардонанд.

Тақсим ва танзими қоида барои қавли муфид

Дар тақлид бар се қавл ихтилоф карданд:

Тақлид воҷиб аст, зеро иҷтиҳод ба мавти чор имом баста шуд.	Мутлақо ҳаром аст, зеро дар қабули қавли касест, ки қавлаш ҳуҷҷат нест.	Дар вақти зарурат ва бар маърифати аҳком қудрат надоштан ҷоиз аст (қавли роҷеҳ), пас ба касе тақлид мекунад, ки ба дин ва илмаш боварӣ дорад ва дар ҳамаи масъалаҳо сухани ӯро мегирад ва дунболӣ рухсатҳо намешавад.

Далели сеюм:

Аз Адӣ ибни Ҳотим ривоят аст, ки ӯ Расулуллоҳ ﷺ-ро шунид, ки ин оятро: "(Аҳли китоб) донишмандон ва роҳибони худро маъбудҳое дар баробари Аллоҳ қарор доданд ва Масеҳ ибни Марямро" хонд. Адӣ гуфт: Мо онҳоро парастиш намекардем. Расулуллоҳ ﷺ фармуд: "Магар онҳо ҳалолҳои Аллоҳро ҳаром ва ҳаромҳои Аллоҳро ҳалол намекарданд ва шумо аз онҳо қабул мекардед? Гуфтам: Бале. Фармуд: Ҳамин аст парастиши онҳо". (Ривояти Аҳмад ва Тирмизӣ ва Тирмизӣ ҳадисро ҳасан гуфтааст).

☸(Аҳборашон): Олиме, ки илми васеъ дорад, (ва руҳбонашон): Обиду зоҳид.
☸ (Мо онҳоро намепарастидем): Мо барои онҳо саҷда ва рукӯъ намекардем ва мол забҳ намекардем ва барои онҳо назр намекардем, локин Паёмбар ﷺ барои ӯ баён кард, ки маънои ибодат тоат, бандагии қайдшудааст.

Масъалаҳо:

Якум: Тафсири ояти сураи Нур. "Пас онон ки фармони Ӯро мухолифат мекунанд, бояд битарсанд".

Дуюм: Тафсири ояти сураи Бароат. "(Аҳли китоб) донишмандон ва роҳибони худро маъбудҳое дар баробари Аллоҳ қарор доданд".

Сеюм: Огоҳ сохтан ба маънои ибодат, чизе, ки Адӣ онро инкор кард. (Парастидани онон ба тоат).

Чорум: Ибни Аббос, Абӯбакр ва Умар разияллоҳу анҳум ва Аҳмад Суфёнро ба унвони мисол зикр карданд.

Панҷум: Тағйири ҳолатҳо ба қадре дигаргун шуда, ки беҳтарини амал иборат аст аз парастиши пешвоёни динӣ ба номи вилоят ва парастиши олимон ба номи фиқҳ ва дониш, вазъият то ба ҷое расида, ки бисёри аз ҷоҳилон ап инсонҳои ғайри солеҳ парастида шуданд. Ва парастида шуд ба маънои дуюм, яъне тоат ва пайравӣ карда шуд касеро, ки аз ҷоҳилон аст. (Пас бар мо ҳазар кардан лозим аст ва донистани ин ки шариати Аллоҳро ҳимоя кардан воҷиб мебошад ва ҳаргиз ягон кас дар ҳалол гардондани он чизе ки Аллоҳ ҳаром гардондааст ё ҳаром гардондани он чизе ки Аллоҳ ҳалол гардондааст итоат карда намешавад.

(39) Боб андар фармудаи Аллоҳ таъоло: (Оё касонеро надидӣ, ки гумон мекунанд, ки ба он чи ба сӯи Ту нозил карда шудааст, имон овардаанд, мехоҳанд (корҳои хешро) ба муҳокимаи саркаш баранд? Ва ҳоло он ки ба онҳо фармуда шуд, ки аз вай мункир шаванд. Ва шайтон мехоҳад, ки онҳоро ба гумроҳии дур андозад) то охири оятҳо.

❁Ин боб ба боби пешин робитаи устувор дорад, зеро дар боби пешин ҳукми касест, ки олимон ва амиронро дар ҳалол шуморидани он чи Аллоҳ ҳаром гардондааст ё ҳаром гардондани он чи Аллоҳ ҳалол гардондааст, мебошад. Дар ин боб инкор кардан бар касест, ки мехоҳад ба ғайри Аллоҳ додрасӣ кунад.

❁ (Оё надидӣ): Суолест, ки мурод ба он тақрир ва тааҷҷуб кардан аз ҳоли онон аст ва хитоб ба Паёмбар ﷺ аст.

❁ (Гумон мекунанд): Нагуфт: (Касоне ки имон оварданд), зеро онҳо имон наоварданд, балки гумон мекунанд ва онҳо дуруғгӯянд.

❁ (Ва шайтон мехоҳад): Ҷинс аст, шайтонҳои инс ва ҷинро дар бар мегирад.

❁ (Ин ки онҳоро ба гумроҳии дур андозад): Оҳиста-оҳиста онҳоро дар гумроҳии дур аз ҳақ андозад.

❁ (Мунофиқонро мебинӣ): Дар ҷои замир овардан, исми ошкор овардан барои се фоида аст:

1-Инҳое ки гумони имондорӣ мекунанд, мунофиқон буданд.

2-Ин аз мунофиқ сар мезанад, зеро мӯъмини ҳақиқӣ, бемонеа ҳатман сар фурӯ меорад.

3-Танбеҳ, зеро сухан бар як равиш бошад, гоҳо ғофил мешавад, пас ҳаргоҳ равиш тағйир ёбад, огоҳ шавад.

❁ Шайхи Ислом раҳимаҳуллоҳ гуфт: Албатта ин оятҳо пурра бар аҳли таҳриф ва таъвил дар сифатҳои Аллоҳ ﷻ мутобиқ меояд, зеро инҳо мегӯянд: Онҳо ба Аллоҳ ва расули Ӯ ﷺ имон доранд, ва ҳаргоҳ барояшон гуфта шавад: Ба сӯи он чи Аллоҳ нозил кардааст ва ба сӯи Расул биёед, рӯ мегардонанд ва боз медоранд ва мегӯянд: Ба сӯи фалон ва фалон меравем ва ҳаргоҳ бар онҳо эътироз шавад, гӯянд: Мо эҳсон ва тавфиқ ва ҷамъ овардании байни далелҳои ақлӣ ва нақлиро мехоҳем.

Далели дуюм то чорум:

2). Ва фармудаи Ӯ: **"Ва чун ба онҳо гуфта шавад: Дар замин фасодкорӣ макунед! Гӯянд: Ҷуз ин нест, ки мо худ ислоҳгаронем"**.

3). Ва фармудаи Ӯ: **"Ва дар замин баъди ислоҳи он фасод макунед"**.

4). Ва фармудаи Ӯ: **"Оё ҳукми ҷоҳилиятро мехоҳанд!? Чӣ касе беҳтар аз Аллоҳ барои гурӯҳе ки яқин доранд, ҳукм мекунад?!"**.

❁(Ва ҳаргоҳ ба онҳо гуфта шавад: Дар замин фасод накунед): Дар замин фасод кардан ду навъ аст:
1-Фасоди ҳиссии моддӣ: Ин монанди вайрон кардани хонаҳо ва фасод кардани роҳҳост.
2-Фасоди маънавӣ: Ин ба содир кардани маъсиятҳост, пас ин аз бузургтарини фасод дар рӯи замин аст.
❁(Ҳамоно мо ислоҳкунандагонем): Ин аз ботилтарини даъвоҳост, пас Аллоҳ ҳасри онҳоро ба бузургтар аз он муқобила кард, пас инҳое ки дар замин фасод меоранд ва иддиои ислоҳ мекунанд, онҳо дар ҳақиқат фасодкоронанд, на дигарон.
❁(Баъди ислоҳи он): Аз тарафи ислоҳкорон ва аз ҷумлаи ин дар зидди даъвати аҳли илм ва даъвати салаф ва касе, ки шариатро ҳоким мегирад, истодан аст.
❁(Оё ҳукми ҷоҳилиятро мехоҳанд): Суол барои сарзаниш аст, яъне оё ҷуз ҳукми ҷоҳилиятро намехоҳанд? Ва ҷоҳилият эҳтимоли ду маъноро дорад: Ҷоҳилияте ки пеш аз рисолат буд ва ҷоҳилияте ки бар ҷаҳл бино ёфтааст.
❁(Кӣ аз Аллоҳ беҳтар ҳукм мекунад): Ягон кас беҳтар ҳукм намекунад ва ин маънои ба мубориза даъват карданро дорад.

Далели панҷум:

Аз Абдуллоҳ ибни Амр разияллоҳу анҳу ривоят аст, ки Расулуллоҳ ﷺ фармуд: "Яке аз шумо имон намеорад, то ки хостаҳояш тобеъи шариати Ман бошад". Имом Нававӣ раҳимаҳуллоҳ мегӯяд: Ин ҳадиси саҳеҳ мебошад ва онро дар китоби ал-Ҳуҷҷат бо исноди саҳеҳ ривоят кардаем.

Далели шашум:

Ва Шаъбӣ мегӯяд: Дар байни ду нафар, ки яке мунофиқ ва дигари яҳудӣ буд, масъалае рӯх дод. Яҳудӣ гуфт: Назди Муҳаммад биравем, то байни ману ту доварӣ бикунад, чун медонист, ки ришва намегирад. Аммо мунофиқ қабул накард ва чун медонист, ки олимони яҳуд ришва мегиранд, гуфт: Назди яке аз олимони яҳуд биравем ва ҳар ду иттифоқ карданду назди коҳине, ки дар мантиқаи Ҷувайна зиндагӣ мекард, бираванд. Онгоҳ Аллоҳ ояти фавқро нозил намуд: "Оё надидӣ касонеро ки гумон мекунанд, ки ба он чи ба сӯи Ту нозил шуда ва ба он чи пеш аз ту нозил шуда аст, имон овардаанд..." то охири оят.

Ва дар ривояти дигар гуфта шуд: Ин оят дар бораи ду нафаре ки бо ҳамдигар хусумат доштанд, нозил шуд, якеаш гуфт: Назди Расулуллоҳ ﷺ биравем, дигари гуфт: Назди Каъб ибни Ашрафи яҳудӣ биравем. Сипас назди Умар разияллоҳу анҳу рафтанд ва яке аз онон гуфт: Мо чунин кардем, ё қасд доштем, ки чунин бикунем. Умар разияллоҳу анҳу аз касе ки ба ҳукми Расулуллоҳ ﷺ розӣ нашуда буд, пурсид: Рафиқат рост мегӯяд, гуфт: Бале, Умар разияллоҳу анҳу шамшерро баровард сарашро зада ӯро кушт.

❁(Имон надорад): Яъне имони комил, магар вақте ки тамоман нахоҳад, пас аз ӯ имон нафй мешавад.

❁ Ҷамоате аз олимон ҳадисро заиф гуфтанд ва локин маъноях дуруст аст.

❁(Аз мунофиқон): Ӯ касест, ки Исломро ошкор ва куфрро пинҳон мекунад.

❁(Яҳуд): Онҳо ба дини Мусо алайҳис салом мансубанд ва яҳуд номида шуданд:

1-Зеро онҳо гуфтанд: (Мо ба сӯи Ту бозгаштем).

2-Ё нисбат ба сӯи падарашон Яҳузо.

❁(Ба сӯи Муҳаммад): ﷺ Ӯро ба сифати рисолат зикр накард, зеро онҳо ба рисолати Ӯ ﷺ имон надоранд.

❁(Ришва): Он молест, ки ба хотири расидан ба чизе пардохт мешавад.

Масъалаҳо:

Якум: Тафсири ояти сураи Нисо ва он чизе ки дар он аст бар фаҳмидани калимаи тоғут ёрӣ медиҳад. (Оё надидӣ касонеро ки гумон мекунанд, ки ба он чи ба сӯи Ту нозил шуда ва ба он чи пеш аз ту нозил шуда аст, имон овардаанд...).

Дуюм: Тафсири ояти сураи Бақара: (Ва ҳаргоҳ барои онон гуфта шавад, дар болои замин фасод накунед). (Пас дар ин далел аст, ки нифоқ фасоди дар замин аст, зеро оят дар равиши мунофиқон аст ва фасод ҳамаи маъсиятҳоро фаро мегирад).

Сеюм: Тафсири ояти сураи Аъроф. (Ва дар замин баъди ислоҳи он фасод накунед).

Чорум: Тафсири ин фармудаи Аллоҳ таъоло: "Оё ҳукми ҷоҳилиятро мехоҳанд". (Ва ҷоҳилият ҳар чизест, ки мухолифи шариат аст ва ба ҷоҳилият изофа карда шуд, ба хотири аз он нафрат кардан ва баёни зиштии он ва ин ки он бар ҷаҳлу гумроҳӣ бино шудааст).

Панҷум: Сухани Шаъбӣ дар бораи сабаби нузули ояти якум.

Шашум: Тафсири имони содиқ ва козиб (дурӯғгӯ). (Пас имони содиқ комилан сар фурӯ овардан ва қабул кардан ва барои ҳукми Аллоҳ ва расулаш таслим шуданро лозим мегардонад ва имони дурӯғин ба хилофи ин аст).

Ҳафтум: Қиссаи Умар разияллоҳу анҳу бо он мунофиқ.

Ҳаштум: Барои ягон кас имон ба даст намеояд, магар баъд аз ин ки хоҳишоти инсон, пайрави он дастуроте бошад, ки Расулуллоҳ ﷺ овардааст.

Имтиҳони қисми ҳафтум (9 боб аст)

Суоли аввал: Аломат ☒ дар макони муносиб гузор ё ҷои холиро пур кун:

1-Боби аввал дар қисми ҳафтум ҳамон боби муҳаббат аст: □ Дуруст □ хато.

2-Баъзе бандагон баъзе қабрҳо ё авлиёро таъзим мекунанд ва дӯст медоранд, монанди муҳаббати Аллоҳ ё бисёртар: □ Дуруст □ хато.

3-Ҳаргоҳ қалб аз муҳаббати Паёмбар ﷺ мутлақо холӣ бошад, пас ӯ (□ ноқис имон □ нафйи асли имон) аст.

4-Муҳаббати Паёмбар ﷺ аз муҳаббати фарзанд, падар ва ҳамаи мардум сахттар воҷиб мебошад: □ Дуруст □ хато.

5-Аз асбоби вуҷуди ҳаловати имон дӯст доштан: □ Дар роҳи Аллоҳ □ барои наздикон аст.

6- Наҳӣ бардошт карда мешавад, бар нафй:.....вагарна бар....., вагарна бар.....

7-Сухани аҳли суннат дар далелҳои ваъдаи азоб ин аст..... ва оё маъноияш ин аст, ки мо маънои онро намефаҳмем: □ Оре □ не.

8-Касе эътиқод кунад, ки яҳуду насоро бар дини розишуда ва мақбул дар назди Аллоҳ баъди фиристодани Паёмбар ﷺ мебошад, пас ӯ аз дини Ислом хориҷ ва дурӯғшуморандаи Қуръон аст: □ Дуруст □ хато.

9-Мусалмон кофирро фиреб намедиҳад ва ӯро насиҳат мекунад ва барои ӯ баён мекунад, ки ӯ бар гумроҳист ва бар хилофи амри Мусо ва Исо аст: □ Дуруст □ хато.

10- Бад дидани душманони Аллоҳ ва душманӣ бо онҳо, ин маъноро надорад, ки ба аҳдҳои онҳо вафо накунем: □ Дуруст □ хато.

11-Гӯяндаи: (Ҳаргоҳ насрониро бинам, чашмонамро мепӯшам аз рӯи кароҳияти ин ки ба чашмонам душмани Аллоҳро бинам): □ Имом Аҳмад □ Шайхи Ислом Ибни Таймия аст.

12-Гӯяндаи (касе мӯъмини парҳезгор бошад, ӯ валии Аллоҳ аст): □ Ибни Таймия □ Ибни Қайим аст.

13-Вилояти умумӣ ки Аллоҳ барои бандагон миннат ниҳодааст, мӯъмину кофир ва ҳамаи халқро фаро мегирад: □ Дуруст □ хато.

14-Агар инсон намоз хонад ва рӯзи дорад ва бо душманони Аллоҳ дӯстӣ кунад, вилояти Аллоҳро ноил намешавад: □ Дуруст □ хато.

15-Муаллиф боби муҳаббатро баъди боби хавф овард, зеро ибодат бар ин ду устувор мешавад: □ Дуруст □ хато.

16- Мардум дар тарсидани аз Аллоҳ ба ду тараф ва миёна тақсим шуданд: □ Дуруст □ хато.

17-Хавфи муътадил ҳамон аст, ки туро аз ҳаромкардаҳои Аллоҳ боз медораду бас, пас агар аз ин зиёд шавад, пас он туро ба навмеди аз раҳмати Аллоҳ мерасонад: □ Дуруст □ хато.

18-Ҳар касе ки фаҳшо ва мункарро нусрат медиҳад, пас ӯ аз авлиёи шайтон аст: □ Дуруст □ хато.
19-Касе аз Аллоҳ битарсад, ҳама чиз аз ӯ метарсад ва касе аз азоби Аллоҳ худро нигаҳ дошт, ҳамаи чиз худро аз вай нигаҳ медорад ва касе аз ғайри Аллоҳ тарсад, аз ҳамаи чиз метарсад: □ Дуруст □ хато.
20-Мурод ба таъмири масҷидҳо таъмири: □ Ҳиссӣ □ маънавӣ □ ҳамагӣ аст.
21-Аллоҳ имони ба худаш ва ба рӯзи охиратро бисёр якҷо зикр мекунад, зеро ба итоат кардан водор мекунад: □ Дуруст □ хато.
22-Барои чӣ Паёмбар ﷺ-ро дӯст медорем? 1-.....2.....
3.....4.....
23-Ва муҳаббати Ӯ баъди мавташ мебошад: 1-.....2-.....
24-(Намозро барпо доштан) мақсад барпо доштани: □ воҷиб □ мустаҳаб □ ҳамагӣ.
25-Таваккул нисфи дин аст: Дуруст хато, ва саҳеҳ аст, ки бигӯй: □ Бар ту таваккул кардам □ туро вакил кардам □ бар Аллоҳ сипас бар ту таваккул кардам □ ҳамааш ҷуз аввал.
26-Таваккул:.....ва ба (□ 3 □ 4 □ 5) қисм тақсим мешавад.
27-Бар некӯкорони фавтида ва ғоиб ширки: □ акбар □ асғар аст.
28-Бар шахсе дар ризқу маошаш эътимоди ниёзманд кардан: □ дуруст □ ширки асғар аст.
29-Расул ﷺ сайиди таваккулкунандагон аст ва бо ин (□ ӯро мерасад □ ӯро намерасад) озор ва барои Ӯ зарар (□ ҳосил намешавад □ ҳосил мешавад) зеро Аллоҳ Ӯро кофӣ аст.
30-Дар вақти машаққат чӣ гуфта мешавад?.....
31-Ибни Аббос разияллоҳу анҳумо аз касонест, ки аз бани Исроил (□ илм мегирад □ гирифтанро инкор мекунад).
32-Аз раҳмати Аллоҳ ноумед мешавад: □ Гумроҳ □ ҳидоят нашуда □ раҳгумкарда, ки намедонад барои Аллоҳ чӣ воҷиб мебошад □ ҳамагӣ.
33-Аз макри Аллоҳ эмин шудан сурохе дар ҷониби (□ хавф □ умед) ва аз раҳмати Аллоҳ ноумед шудан сурохе дар ҷониби (□ хавф □ умед) аст.
34-Гуноҳони кабира (□ башумур □ маҳдуд) аст, ва он бар як дараҷа аст (□ дуруст □ хато) ва ширки асғар аз он бузургтар аст (□ дуруст □ хато) ва ҳукми соҳиби кабира (□ мӯъмини ноқис имон □ ба имонаш мӯъмин ба гуноҳи кабирааш фосиқ □ мӯъмин □ кофир □ якум ва дуюм) ва соҳиби кабира (□дӯст дошта мешавад □ бад дида мешавад □ ба қадри имонаш дӯст дошта мешавад ва ба қадри фисқаш бад дида мешавад) ва оё гуноҳони кабира ба амали нек тоза мешавад? (□ Оре □ не) ва оё соҳиби кабира дар вақти иртикоби кабира ҳамнишинӣ карда мешавад? (□ Оре □ не) ва аз баъзе гуноҳони кабира тавба кардан саҳеҳ аст (□ оре □ не).

35-Қисмҳои сабр □ 3 □ 4 □ 5, ва аломати дӯст доштани Аллоҳ бандаро ибтило аст: (□ Дуруст □ хато).
36-Олитарини анвоъи сабр, сабр аз маъсияти Аллоҳ аст: □ Дуруст □ хато.
37-Натиҷаи ҳифзи боби сабр қироати он дар назди мусибат ва бар мусибатза-дааст: □ Дуруст □ хато.
38-Аз вуҷуди ду хислате аз хислатҳои куфр дар мӯъмин, лозим меояд, ки ӯ кофир бошад: □ Дуруст □ хато.
39-Вуҷуди ду хислат дар кофир аз хислатҳои имон монанди ҳаё, лозим наме-ояд, ки ӯ мӯъмин бошад: □ Дуруст □ хато.
40-Омадани калимаи (куфр) номуайян (□ далолат мекунад □ далолат наме-кунад) бар хориҷ шудани аз Ислом.
41-Мардум дар вақти мусибат бар: □ 5 □ 4 □ 3 мартаба ҳастанд.
42-Ғазаб кардан ба куфр мерасонад: □ Дуруст □ хато.
43-Ғазаб кардан мебошад, ба: □ қалбу забон ва аъзои бадан □ забон ва аъзои бадан.
44-Фарқ байн сабр ва ризо дар ҳукм ва гаронии мусибат аст: □ Дуруст □ хато.
45-Гоҳо имони шахс ба мусибатҳо зиёд мешавад: □ Дуруст □ хато.
46-Аллоҳ шарро барои ҳикмате мехоҳад ва ба эътибори ҳикматро дар бар гирифтанаш хайр мебошад: □ Дуруст □ хато.
47-Рӯзи қиёмат номида шуд, барои □ қиёми мардум аз қабрҳояшон □ шоҳидон □ адл □ ҳамааш.
48-Дар дунё уқубат додан аз таъхири он барои дар рӯзи охират ҷазо додан беҳтар аст: □ Дуруст □ хато.
49-Ҷазо бар зоре ки мехалад, монанди ҷазои шикастан аст, ҳаргоҳ шикаста шавад: □ Дуруст □ хато.
50-Дар ҳар сифат □ исбот □ аз монанкунӣ ё исботи чигунагӣ ҳазар кардан □ ҳамагӣ воҷиб мебошад.
51-Дар насаб таъна задан: □ айби он □ нафй он □ ҳамагӣ аст.
52-Риё ширки □ асғар □ асғар аст ва гоҳо ба акбар мерасад, ва риё дар ҳаққи касест, ки амалеро мекунад, то мардум ӯро бубинад ва дар риё дохил наме-шавад касе амале кунад, ки то мардум онро бишнавад: □ Дуруст □ хато.
53-Аз роҳҳои илоҷи риё ба ёд овардани марг ва сакароти он аст: □ Дуруст □ хато.
54-Шод шудани инсон ба донистани мардум ибодати ӯро: □ риё аст □ риё нест.
55-Шод шудани инсон ба адои тоат: □ риё аст □ риё нест.
56-Марде барои Аллоҳ садақа дод, сипас Аллоҳ дар дилҳои мӯъминон нсбати ӯ муҳаббат ва саноро андохт: □ риёкор эътибор мешавад □ мухлис эътибор мешавад.
57-Барои дучанд шудани молаш барои Аллоҳ садақа кард, хост □ дунёро ба амали охират □ охиратро ба амали охират.
58-Ҳаргоҳ мусалмон аз воқеъ шудани дар риёро тарсад, пас ибодатро тарк кунад: □ Ҷоиз аст □ ширки асғар аст.
59-Бандаи динор номида шуд: □ барои онро ибодат карданаш □ барои ба хотири он розй ва ғазаб карданаш, мисли ибодаткунандаи он аст.
60-(Тубо) яъне: □ Беҳтарин ҳол барои ин мард □ дарахтест дар Ҷаннат.
61- Боб иродаи шахс ба амалаш дунёро аз боби риё хатарноктар аст: □ Дуруст □ хато.

62-Он чизе ки яке аз низоъкун ба қозӣ медиҳад: □ Ҳадяҳои коргарҳо □ ришва □ ҳамааш аст.
63-Байни риё кардан дар (ло илоҳа иллаллоҳ) ва риё кардан дар садақа нест: □ Дуруст □ хато.
64-Дирҳам ҳамон тангаи аз: □ тилло □ нуқра аст.
65-Касе ки шоистаи ситоиш аст бойҳо ва олимартабаҳост: □ Дуруст □ хато.
66- Шахс дониста мешавад, ки дунё мехоҳад, ҳаргоҳ мол ато карда шавад розӣ шавад ва агар ато карда нашавад, ғазаб кунад: □ Дуруст □ хато.
67-Олимон аҳли (□ лозим гардондан ва нуфуз □ иршод ва далолатанд) ва амирон дуюмӣ ҳастанд.
68-Аз Абӯбакр ва Умар дониста нашуда, ки онҳо нассеро ба раъйяшон хилоф карда бошанд: □ Дуруст □ хато.
69-Ақсоми тоати олимон ва амирон дар маъсияти Аллоҳ: 1-..... ва ҳукми он.....2-..... ва ҳукми он.....3-.....ва ҳукми он.....
70-Тақлиди куркурона ва таассуби мазҳабӣ: □ мадҳшуда □ мазамматшуда аст.
71-Роҳиб ҳамон (□ олимест, ки илми васеъ дорад □ обиду зоҳид аст) ва ҳабр дуюмӣ аст.
72-Дар ҳадиси Адӣ разияллоҳу анҳу ба ҳаром гуфтани ҳалол шурӯъ кард, зеро он аз ҳалол гуфтани ҳаром бузургтар аст ва ҳарду ҳаром аст: □ Дуруст □ хато, ва пайравии олимон ва амирон дар (□ мухолифат □ мувофиқат □ ҳамагӣ) шариати Аллоҳ аз ҷумлаи онҳоро арбоб гирифтан аст.
73-Ҳар касе ки нозилкардаи Аллоҳро бад бинад, пас он куфри □ акбар □ асғар аст.
74-Эътиқоди ҷоиз будани ҳукм ба ғайри нозилкардаи Аллоҳ куфри □ акбар □ асғар аст.
75-Эътиқод кунад, ки ҳукми ғайри Аллоҳ монанди ҳукми Аллоҳ ё аз он беҳтар аст, куфри □ акбар □ асғар аст.
76-Эътиқод дорад, ки ҳукми Аллоҳ беҳтарини аҳком аст, локин ӯро бар алайҳи ҳукмшуда кина водор кард, то ки ба ғайри нозилкардаи Аллоҳ ҳукм кард, пас вай □ кофир □ золим □ фосиқ аст.
77-(Ва шайтон мехоҳад) ҷинс аст, шайтонҳои □ инсӣ □ ҷин □ ҳамагиро шомил мешавад.
78-Гумон мекунанд: □ Имон доранд ва онҳо дурӯғгӯянд □ амалҳояшон гуфторашонро дурӯғгӯ мекунад □ ҳамагӣ.
79-Мусибат: □ Шаръӣ □ дунявӣ □ ҳамагӣ.
80-Ба амри Аллоҳ ва расулаш ﷺ сар фурӯ намеорад ва аз он боз медорад: □ Дуруст □ хато.
81-Бузургтарин фасод дар замин, фасоди: □ Ҳиссӣ □ маънавӣ аст.
82-Фасод кардан баъди ислоҳ бузургтар ва сахттар аст аз ин ки инсон дар фасодаш пеш аз ислоҳ идома диҳад ва агарчи матлуб ҳамон ислоҳӣ баъди фасод аст: □ Дуруст □ хато.
83-Ҷоҳилият: □ Пеш аз биъсат аст □ аз ҷаҳлест, ки бар илм бино намешавад □ ҳамагӣ.
84-Ришва ҳаром аст ва агарчи ба он ба ҳаққе ки аз они ӯст бирасад, аз он манъ карда мешавад, ё ба сабаби он ботилеро аз худаш дур мекунад: □ Дуруст □ хато.

Ҳаштум: Тавҳиди номҳо ва сифатҳо (Як боб аст)
(40) Боб андар инкори чизе аз номҳо ва сифатҳои Аллоҳ

Ҷуҳуд ҳамон инкор аст ва инкор ду навъ аст:

Инкори тасдиқ накардан (бешак куфр аст): Пас касе номе ё сифате аз сифатҳои Аллоҳро, ки дар Қуръон ва суннат собит аст, инкор кунад, пас ӯ ба иҷмоъ кофир аст, зеро дурӯғгӯ кардани Аллоҳ ва расулаш ба иҷмоъ куфри аз дин хориҷкунанда аст.

Инкори таъвил: Онро инкор намекунад ва локин онро ба маънои мухолифи он таъвил мекунад:

Дар луғат раво аст, пас ин кофир намешавад, локин вай дар хатари бузург аст ва бар вай рад мекунем:
Ҳамчуноне ки агар дар қавли Аллоҳ: (Балки ду дасти Ӯ кушода аст) гӯяд: Мақсад ба даст неъмат аст, пас кофир намешавад, зеро даст дар луғат ба маънои неъмат меояд, локин бар вай рад мекунем ба:

Дар луғат далели мантиқӣ надорад, пас ин кофир мешавад:
Монанде ки бигӯяд: Мақсад ба даст осмонҳост, пас ин кофир мешавад, зеро барояш дар луғат далеле надорад ва на он муқтазои ҳақиқати шаръӣ аст, пас вай инкоркунандаи дуруғшуморанда аст.

1-Ин ки он мухолифи далел ва иҷмоъи салаф аст ва бар он далел нест.
2-Даст ба чанд сифат васф шудааст, имкон надорад, ки ба он неъмат ва қувват васф шавад, монанди сиғаи дунафара ва ҷамъ ва қабз ва кушода ва ин васф барои неъмат намебошад ва на барои қувват.
3-Аллоҳ таъоло бар Одам миннат кард, ки ӯро ба ду дасташ офаридааст ва агар даст ба маънои неъмат ва қувват бошад, барои Одам нисбат бар дигар махлуқҳо ягон бартарӣ ва имтиёзе намебошад.

Тавҳиди номҳо ва сифатҳо: Он ягона донистани Аллоҳ азза ва ҷалла ба он чизе ки худашро номид ва васф кард дар китобаш ё бар забони Паёмбараш ﷺ, ва ин ба исбот кардани он чизе ки барои худаш исбот кардааст ва нафй кардани он чизе кт аз худаш нафй кардааст, бетаҳриф ва бетаътил ва бе исбот кайфият ва бемонандкунӣ мебошад.

Барои чӣ гуфт: (Бе таҳриф) ва нагуфт: (Бе таъвил) нагуфт?

1-Зеро ин дар Қуръон омадааст, пас аз он намегузарем.

2-Зеро ба адл қарибтар аст, пас онҳо аҳли таҳрифанд ва аҳли таъвил нестанд.

3-Мардумро аз онҳо гурезондан, зеро аҳли таҳрифро агар ба таъвил васф кунӣ, шод мешаванд.

4-Ҳамаи таъвил мазамматшуда нест, пас бар чизе ки далел далолат кунад, пас ӯ саҳеҳу мақбул аст ва бар чизе ки далел далолат накунад, пас он фосиду радшуда аст, аммо ҳамаи таҳриф мазамматшуда аст.

Барои чӣ тамсилро нафӣ кард ва ташбеҳро нафӣ накард?

1-Зеро тамсил дар Қуръон омадааст ва он мутлақо манфӣ аст, ба хилофи ташбеҳ.

2-Зеро нафӣ ташбеҳ мутлақо саҳеҳ намебошад, пас ҳамаи мавҷудот ҳатмӣ аст, ки дар байнашон миқдори муштарак бошад, ки дар он шабеҳ ҳастанд ва ҳар кадоми он ба он чизе ки хосси он аст, фарқ мекунад.

3-Мардум дар номидашудаи ташбеҳ ихтилоф карданд, пас баъзеашон исботи сифатҳоро ташбеҳ қарор доданд.

Исм: муштақ аст, ё аз:

1-Сумув ва маънои он иртифоъ (баландӣ) аст, пас номидашуда ба исмаш баланд, маълум ва ошкор мешавад.

2-Аз симат ва маънои он аломат аст, пас он аломат бар номидашудааш аст.

Фарқ байни исм ва сифат:

Исм он чизест, ки Аллоҳ ба он номида шудааст ва сифат чизест, ки ба он васф шудааст.

Барои чӣ тавҳиди номҳо ва сифатҳоро мехонем?

1-То тавҳидро таҳқиқ намоем, балки яктопараст намебошад, то ки Аллоҳро ба ҳар се навъи тавҳид ягона эътиқод кунад.

2-Зеро дар он ҳаёти қалбҳост ва бузургтарин чиз барои ҳаёти он ва бо шарафтарини илмҳо, шиносоӣ ба Аллоҳ аст.

3-Дохили Ҷаннат шудан, аз рӯи фармудаи Паёмбар ﷺ: (**Аллоҳ дорои наваду нуҳ исм аст, касе онҳоро бишуморад дохили Ҷаннат шавад**).

4-Зеро ин аслест, ки бар он салаф буд.

5-То воқеъ нашавем дар чизе ки дар он фирқаҳои гумроҳ аз тамсил (монандкунӣ) ва таътил воқеъ шуданд.

6-Аллоҳро ба он дуо кунем, Аллоҳ таъоло фармуд: (**Ва барои Аллоҳ номҳои накӯ аст, пас Ӯро ба он номҳо дуо кунед**).

Тақсим ва танзими қоида барои қавли муфид

Таҳриф: Тағйири чизе ки исбот кардани он барои Аллоҳ воҷиб мебошад

Таҳрифи маънавӣ: Мисли касе ки мегӯяд: Даст ба маънои неъмат аст

Таҳрифи лафзӣ: Монанди таҳрифи лафзи ҷалола (Аллоҳу) ба (Аллоҳа) дар фармудаи Аллоҳ: "Ва калламаллоҳу Мусо таклима", пас сифати каломро аз Аллоҳ инкор карданд ба гумонашон, ки калом аз тарафи Мусо буд. Ва радди онҳо ин аст, ки онҳоро аз фармудаи Ӯ таъоло: "Ва калламаҳу раббуҳ" суол дода мешавад, пас барояшон оиди ин суол ҷавоб нест ва ҳуҷҷаташон тамом мешавад.

Таътил: Инкори он номҳо ва сифатҳое, ки барои Аллоҳ воҷиб мебошад:

Таътили ҷузъӣ, монанди ашоъира, ки баъзе сифатҳоро исбот мекунанд ва баъзеро инкор мекунанд

Таътили куллӣ, монанди ҷаҳмия, ки ҳамаи сифатҳои Аллоҳ таъолоро инкор карданд.

Такйиф ва аз он ба чигуна пурсида шавад ва мебошад:

Ба забон гуфтан ба ин ки чизеро ба забонаш васф мекунад.

Ба сари ангуштон аз рӯи таҳрир, ба ин ки чизеро ба сари ангуштонаш расм кашад

Ба қалб аз рӯи тақдир ба ин ки чизеро дар қалбаш тасвир намояд.

Далолатҳои исм:

Мутобиқат: Далолати он бар ҳамаи маъноҳое, ки онро иҳота мекунад.

Тазаммун: Бар ҷузъи маънои он далолат дорад.

Илтизом: Бар амри хориҷи лозим далолат мекунад.

Мисоли ин: **Холиқ** бар зоти ягонаи Аллоҳ ба мутобиқат далолат мекунад ва бар сифати халқ кардан ба далолати тазаммун далолат мекунад ва бар сифати илм ва қудрат ба далолати илтизом далолат мекунад, ҳамчуноне ки Аллоҳ таъоло фармуд: (**Аллоҳ "ҳамон" касе аст, ки ҳафт осмонро офарид ва аз замин "низ" ҳамонанди онҳоро "офарид" ва фармон "Аллоҳ" пайваста дар миёни онҳо нозил мешавад то бидонед, ки Аллоҳ бар ҳар чиз тавоност ва он ки илми Аллоҳ бар ҳама чиз иҳота дорад**).

Чигуна илми номҳо ва сифатҳоро меомӯзем?

1-Илм ибодат аст ва зарур аст, ки бар роҳе сайр кунем, ки бар он Паёмбар ﷺ ва саҳобагон ﷺ сайр кардаанд.

2-Мақсад аз омӯхтан таъзими Аллоҳ бошад ва барои ин имом Молик раҳимаҳуллоҳ аз истиво пурсида шуд, сараш поён кард ва ӯро арақ фаро гирифт (зеро ӯ аз чизи бузург пурсида шуд).

3-Аз чизҳое ки саҳобагон ﷺ напурсиданд, намепурсем.

4-Аввал зикри далел, дуюм эътиқод кардан аст ва мухолифони аҳли суннат ба ашёе эътиқод мекунанд, сипас барои он далелҳо меҷӯянд, пас барои он далел намеёбанд, пас бероҳа мераванд ва дар бидъатҳо воқеъ мешаванд.

5-Тариқаи Шофеъӣ раҳимаҳуллоҳро татбиқ мекунем: (Имон ор, ҳидоят меёбӣ), пас ба Аллоҳ ва он чизе ки аз ҷониби Аллоҳ бар муроди Аллоҳ омада аст, имон меёрӣ ва ба Расулуллоҳ ва он чи аз ҷониби Расулуллоҳ бар муроди Расулуллоҳ ﷺ омадааст, имон меёрӣ.

Баъзе чизҳое ки ба номҳо ва сифатҳо вобастагӣ дорад:

1-Номҳои Аллоҳ дар адади муайян маҳсур нест: Ва далел фармудаи Ӯ ﷻ: "**Ё онро дар илми ғайб дар наздат нигаҳ доштай**", ва аммо фармудаи Ӯ ﷻ: "**Барои Аллоҳ наваду нуҳ исм аст**", пас маъноях ин нест, ки ғайри ин номҳо, номи дигар надорад, балки монанди сухани гӯянда аст, ки: Ман сад асп дорам, онҳоро барои садақа омода кардаам.

2-Номҳои Аллоҳ аълом ва сифатҳост: Аъломи маҳз нест, пас он аз ҷиҳати далолаташ бар зоти Аллоҳ аълом аст ва аз ҷиҳати далолати он бар сифате, ки ин исм дар бар мегирад, сифатҳо аст, ба хилофи номҳои мо, гоҳо номи шахсе Алӣ мебошад ва ӯ аз пасттарини мардум аст.

3-Номҳои Аллоҳ мутародифу фарқкунандаанд: Ба эътибори далолати он бар зоти Аллоҳ мутародиф аст, зеро номҳо бар як номидашуда далолат мекунад, пас исми Самеъ, Басир ва Ҳаким ҳамаашон бар як номидашуда далолат мекунанд, Ӯ Аллоҳ аст, локин онҳо ба эътибори маънояшон фарқ доранд, пас маънои Ҳаким ғайри маънои Самеъ аст.

4-Исме аз исмҳои Аллоҳ бар зот ва бар маъно далолат мекунад: Пас бар мо воҷиб аст, ки ба он номе аз номҳо имон биёрем ва ба сифате, ки дар бар мегирад имон биёрем. Ва бар чизе ки ин сифат далолат мекунад аз асар ва ҳукм имон биёрем, агар исми мутааддӣ (гузаранда) бошад, пас масалан: Самеъ, имон меёрем, ки аз номҳои Аллоҳ самеъ аст ва он бар сифати самъ (шунавоӣ) далолат мекунад ва барои ин шунавоӣ ҳукм ва асар аст ва ин ки Ӯ ба он мешунавад. Аммо агар исми мутааддӣ набошад, монанди Азим, Ҳай ва Ҷалил, пас исму сифатро исбот мекунем ва ҳукме нест, ки ба он гузарад.

5-Сифатҳо аз исмҳо васеътар аст: Зеро ҳар исм сифатеро дар бар мегирад ва на ҳар сифат исм мебошад, пас Аллоҳ ба сифати калом ва ирода васф мешавад ва мутакаллим ва мурид номида намешавад.
6-Ба ҳар он чизе ки Аллоҳ худашро васф кардааст, пас он бар ҳақиқаташ аст, локин аз тамсил ва такйиф пок ҳисобида мешавад.

Далели аввал:

Ва фармудаи Аллоҳ таъоло:﴿وَهُمۡ يَكۡفُرُونَ بِٱلرَّحۡمَٰنِ﴾الرعد: ٣٠ **"Ва онҳо ба Раҳмон кофир мешаванд"**, то охири оят .

◌Кофирони қурайш ин исмро инкор мекарданд, на номидашударо, пас онон ба вуҷуди Аллоҳ иқрор доштанд.
◌Ва дар ин далел аст бар ин ки касе исме аз исмҳои Аллоҳ таъолоро инкор кунад, кофир мешавад.

Далели дуюм:


Ва дар Саҳеҳи Бухорӣ ривоят аст, ки Алӣ разияллоҳу анҳу гуфт: (Мардумро ба он чизе медонанд, сухан кунед! Оё мехоҳед Аллоҳ ва расулашро дурӯғгӯ бикунанд?).

Бар доъӣ воҷиб аст, ки дар ақлҳои даъватшудаҳо назар кунад ва ҳар инсонро дар манзалаташ гузорад ва мардумро ба тариқае сухан кунад, ки ақлҳояшон бардошт кунад ва онҳоро андак-андак нақл мекунем, то суханро қабул кунанд ва мутмаин шаванд ва онҳоро даъват накунем ба чизе ки ақлҳояшон бардошт намекунад.

Далели сеюм:

Абдурразоқ аз Маъмар ва ӯ аз Ибни Товус ва Ибни Товус аз падараш ва падараш аз Ибни Аббос разияллоҳу анҳу ривоят карда, ки Ибни Аббос мардеро дид, ки бо шунидани ҳадиси Расулуллоҳ ﷺ дар бораи сифатҳои Аллоҳ ба гунае, ки онро қабул надошта бошад, ҷисмаш такон хӯрд. Ибни Аббос разияллоҳу анҳу гуфт: Инҳоро чӣ шуда, ки бо шунидани далелҳои муҳкам нармӣ ва қабул дар онҳо ба вуҷуд меояд ва бо шунидани далелҳои муташобиҳ ба ҳалокат меафтанд? Суханаш ба охир расид.

(Мо фарақ): Яъне тарси инҳо аз сифате, ки бар онҳо хонда шуд ва расид, чист? Барои чӣ онро барои Аллоҳ исбот намекунанд, ҳамчуноне ки Аллоҳ онро барои нафсаш исбот кардааст ва барои Ӯ расулаш ﷺ исбот кардааст?



1-Бар Қуръон гуфта мешавад, ки ҳамааш муҳкам аст, бе зикри муташобеҳ: Яъне дар он халал нест, дар ахбораш дурӯғ ҷо надорад ва дар аҳкомаш ҷавр нест, Аллоҳ таъоло фармуд: (Ва каломи Парвардигори ту бо сидқ ва адл ба анҷом расид).

2-Бар Қуръон гуфта мешавад, ки ҳамааш муташобеҳ аст, бе зикри муҳкам: Яъне баъзеаш бо баъзеаш дар зебогӣ ва камолаш шабеҳ ҳастанд ва якдигарро тасдиқ мекунад ва мухолиф нестанд, Аллоҳ таъоло фармуд: (Аллоҳ беҳтарин суханро нозил кардаст, китобе ки оятҳояш муташобеҳ "ҳамонанди якдигар" мебошанд).

3-Бар Қуръон гуфта мешавад, ки баъзеи он муҳкам ва баъзеи он муташобеҳ аст, пас муҳкам инҷо он аст, ки маъноаш возеҳ ва маълум аст ва муташобеҳ он аст, ки маъноаш пӯшида аст ва он ду навъ аст: Мутлақ ва нисбӣ. Ва ин бар қироати ваққф ва васл дар фармудаи Ӯ (**ва таъвили онро ҷуз Аллоҳ касе намедонад**) бино мешавад.

◌ Пас мутлақ он аст, ки ҷуз Аллоҳ касе намедонад, мисли чигунагии сифатҳо ва ҳақиқати чизҳое ки дар Ҷаннат аст.

◌ Ва нисбӣ он аст, ки онро олимони устувор медонанд ва дар назди дигарон муташобеҳ аст.

Дар Қуръон чизе нест, ки нисбати ҳамаи мардум аз ҷиҳати маъно муташобеҳ бошад ва локин хато дар фаҳм аст ва барои ин Ибни Аббос разияллоҳу анҳумо гуфт: (Ман аз донишмандони устувор ҳастам, ки таъвили онро медонанд), инро барои таърифи нафсаш нагуфт ва локин инро гуфт: То мардум бидонанд, ки дар китоби Аллоҳ чизе нест, ки маъноаш дониста нашавад, зеро имкон надорад, ки ин уммат аз Расулуллоҳ ﷺ то охираш маънои Қуръонро нафаҳманд ва ин ки онҳо оятҳои сифатҳоро мехонанд ва маънои онро намефаҳманд.

Далели чорум:

Ва вақте қурайш Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва салламро шунавидан, ки Раҳмонро зикр мекунад, онро инкор карданд, пас дар ҳаққи онҳо Аллоҳ ин оятро нозил кард: **"Ва онҳо ба Раҳмон кофир мешаванд"**.

Масъалаҳо:

Якум: Инкори яке аз номҳо ва сифатҳои Аллоҳ имонро нафй мекунад. (Яъне имон ба ин нафй мешавад).

Дуюм: Тафсири ояти сураи Раъд (Ва онҳо ба Раҳмон кофир мешаванд).

Сеюм: Дар бораи он чизе ки шунаванда намефаҳмад, набояд сухан кард. (Ва онҳоро ба қадри ақлҳояшон сухан мекунем)

Чорум: Баёни иллате, ки ба дурӯғгӯ намудани Аллоҳ ва расулаш мерасонад, гарчи инкоркунанда қасдан инкор накунад.

Панҷум: Сухани Ибни Аббос дар бораи касе ки сифате аз сифатҳои Аллоҳро инкор бикунад ва ин ки он шахсро ин инкор ҳалок месозад.

Имтиҳони қисми ҳаштум (як боб аст)

Суоли аввал: Аломати (☒) дар макони муносиб гузор ё ҷои холиро пур кун:

1-Инкори номҳо ва сифатҳо тақисм мешавад, ба: ☐ ду қисм ☐ се қисм, ва фарқ байни исм ва сифат ин аст, ки ба исм Аллоҳ номида мешавад ва ба сифат васф мешавад: ☐ Дуруст ☐ хато.

2-Инкори исм ё сифате ки дар Қуръон ва суннат омадааст, куфри: ☐ акбар ☐ асғар аст.

3-Исм аз: ☐ сумув ва иртифоъ ☐ симат ва аломат ☐ ҳамагӣ гирифта шудааст.

4-Исмҳои Аллоҳ ﷻ: ☐ Аълом ☐ авсоф ☐ аълом ва авсоф аст.

5-Исмҳои бандагон: ☐ Аълом ☐ авсоф ☐ аълом ва авсоф аст.

6-Далолатҳои исм: ☐ Мутобиқат ☐ тазаммун ☐ илтизом ☐ ҳамагӣ аст.

7-Исмҳои Аллоҳ ﷻ: ☐ Мутародиф ☐ фарқкунанда ☐ мутародифу фарқкунандаанд.

8- Исмҳои Аллоҳ ﷻ: (☐ маҳсур ☐ ғайри маҳсур) дар адади муайян аст.

9-Сифатҳо аз исмҳо бисёртар аст, зеро ҳар исм сифатеро дар бар мегирад: ☐ Дуруст ☐ хато.

10- Сифатҳои бисёре аст, ки бар Аллоҳ равона мешавад ва аз номҳои Ӯ нест: ☐ Дуруст ☐ хато.

11- Нафй тамсил гуфтан беҳтар аст аз нафй ташбеҳ гуфтан: ☐ Дуруст ☐ хато.

12- Асбоби омӯхтани номҳо ва сифатҳо: 1-.....2-.....
3-.....4-.....5-.....

13- Тариқаи омӯхтан: 1-.....2-.....
3-.....4-.....

14-Сухан кардан ба он чизе ки дар ақлҳои мардум намеғунҷад, тарк мекунем ва агарчи ба он муҳтоҷ бошанд: ☐ Дуруст ☐ хато.

15-(Ва онҳо ба Раҳмон кофир мешаванд) яъне:.....

16-Далелҳои сифатҳо аз муҳкамест, ки маънои он аз ҷиҳати маъно возеҳ аст ва аз ҷиҳати чигунагӣ аз муташобеҳи мутлақ аст, ки ҷуз Аллоҳ онро касе намедонад: ☐ Дуруст ☐ хато.

17-Маънои муҳкам, ҳаргоҳ ба танҳоияш зикр шавад: ☐ Он чизест, ки маънояш равшан аст ☐ дар он халал нест.

18-Маънои муташобеҳ ҳаргоҳ танҳо зикр шавад: Он аст, ки дар зебогӣ ва камолаш ба якдигар шабоҳат дорад: ☐ Дуруст ☐ хато.

19-Муташобеҳи нисбӣ бар ҳама пӯшида мемонад ва мутлақ бар баъзе пӯшида мемонад на бар ҳама: ☐ Дуруст ☐ хато.

20-Дар Қуръон чизе вуҷуд надорад, ки ба маънои он имкони расидан набошад: ☐ Дуруст ☐ хато.

21-Бар даъватчӣ лозим аст, ки бар ақлҳои даъватшудагон назар кунад ва онҳоро дар манзилатҳояшон бигузорад: ☐ Дуруст ☐ хато.
22-Дар Қуръон чизе нест, ки аз ҷиҳати маъно бар ҳамаи мардум пӯшида бошад (☐ дуруст ☐ хато) ва аммо ба нисбати ҳақиқатҳо, пас ба он чизе ки Аллоҳ аз амри ғайб хабар додааст бар (☐ баъзеи мардум ☐ ҳамаи) мардум пӯшидааст.
23-Барои чӣ Ибни Аббос разияллоҳу анҳумо гуфт: (Ман аз донишмандони устуворе ҳастам, ки таъвили онро медонанд)?.....
24-Аз шарри гуфтаҳои аҳли бидъат ин аст, ки оятҳои сифатҳоро маъноияшро фаҳмида намешавад, зеро дар ин ба Паёмбар ва саҳобагон нодониро нисбат додан аст ва дурӯғ ҳисобидани Қуръон аст ва забондарозии фалосифа аст: ☐ Дуруст ☐ хато.
25- Аз аломатҳои аҳли ботил ин аст, ки онҳо муҳкамро қабул мекунанд ва муташобеҳро инкор мекунанд: ☐ Дуруст ☐ хато.
26-Аз қоидаҳои исмҳо ва сифатҳо: 1-.....
2-.....3-.....

Суоли дуюм: Аз қоимаи (а) он чи аз қоимаи (б) муносиб аст, гузор:

м	а	б
1	Таҳриф	Он инкор аст ва он ду навъ аст: Дурӯғ ҳисобидан ва таъвил.
2	Таъвил	Ба забон гуфтан ва ба сари ангушт ишора кардан ва ба қалб тақдир кардан аст.
3	Таътил	Якдигарро дар зебогӣ ва камол шабоҳат доранд ва якдигарро тасдиқ мекунанд.
4	Муҳкам	Тағйири он чизе ки исботи он барои Аллоҳ воҷиб аст ва он ё лафзӣ ё маънавӣ мебошад.
5	Муташобеҳ	Инкори номҳо ва сифатҳо (куллӣ ва ҷузъӣ), ки исботи он барои Аллоҳ воҷиб мебошад.
6	Такйиф	Дар он халал нест, дар ахбораш дурӯғ вуҷуд надорад ва адар аҳкомаш ҷавр вуҷуд надорад.
7	Ҷуҳуд	Бар чизе ки далел далолат кунад, пас он саҳеҳу мақбул аст вагарна он фосиду радшудааст.

Нуҳум: Лафзҳои манҳӣ ва ширкӣ (26 боб аст)

❁Ин дарозтарин қисм дар китоб аст, зеро аз одати муаллиф мухтасар овардан сипас ба тафсил овардан аст.
❁Дар ин қисм лафзҳои манҳӣ ва ширкӣ ва баъзе ширкиётро зикр кард ва бар ширки асғар диққат дод, зеро он пӯшида аст ва инчунин дар куфри неъмат диққат дод, зеро ин бисёр аст.

(41) Боб андар фармудаи Аллоҳ таъоло: "Онҳо неъмати Аллоҳро мешиносанд, сипас онро инкор мекунанд" то охири оят (аз ҷумлаи ширк куфрони неъмат аст)

Муҷоҳид сухане мегӯяд, ки маънояш ин аст: Он гуфтани мард, ин моли ман аст, онро аз падаронам мерос бурдам.
Ва Авн ибни Абдуллоҳ мегӯяд: Агар фалонӣ намебуд, интавр намешуд.
Ва Ибни Қутайба мегӯяд: Ин неъмат ба шафоати маъбудонам ба мо расид.

❁ Неъмат озмоиш аст ва далел (Ва шуморо ба бадӣ ва некӣ озмоиш мекунем).
❁ Изофа кардани неъмати Офаридгор ба сӯи ғайраш, дар тавҳид халал ворид кардан аст: (1) Дар тавҳиди рубубият: Зеро онро ба сӯи сабаб изофа кард, бар ин ки он фоил аст. (2) Ва дар тавҳиди ибодат: Зеро он шукрона накард.
❁ (Мегӯянд: Агар фалонӣ намебуд, инчунин намешуд): Агар ба он қасди хабар дошта бошад ва хабар росту мутобиқи воқеъ бошад, пас боке надорад.

Неъмат озмоиш аст, пас чигуна аз он саломат мемонем?

Пеш аз неъмат: Бояд аз Аллоҳ талаб карда шавад ва қалб вобаста ба Аллоҳ бошад, пас баъзе мардум фикр мекунад, ки бо вазир ё раис шинос шавад ва бар вай неъмат медиҳад, пас Ҷаннат танҳо аз Аллоҳ талаб карда мешавад ва инчунин ризқ аз Аллоҳ талаб карда мешавад.

Баъд аз неъмат: Пас бояд неъматдиҳандаи некӯкорро ба қалб, забон ва аъзои бадан шукрона кард.

Ақсоми мардум дар изофаи неъмат:

Саҳеҳ аст: Ба ҳайсе ки онро ба сӯи сабаби дурусти собити шаръӣ ё ҳиссӣ изофа мекунад, ин ба ду шарт ҷоиз аст:

Ширки асғар аст: Ба сабаби зоҳир онро изофа мекунад, локин сабаб будани он на ба шаръ собит аст на ба ҳис.

Ширки акбар аст: Ин ки сабаб пӯшида бошад, мутлақо таъсир надошта бошад.

- Эътиқод накунад, ки худи сабаб таъсир мерасонад.
- Шукри неъматдиҳандаро фаромуш накунад.

Далели дуюм:

Ва Абӯлаббос баъди ҳадиси Зайд ибни Холид, ки дар он омада аст: Албатта Аллоҳ таъоло мегӯяд: Баъзе бандагони Ман ба Ман мӯъмин шуданд...то охири ҳадис, ки қаблан зикр шуд, мегӯяд: Дар Қуръон ва Сунат далелҳои зиёде вуҷуд дорад, ки дар онҳо Аллоҳ касонеро, ки неъматҳояшро ба дигарон нисбат медиҳанд ва ба он ширк меоранд, мазаммат кардааст.

Баъзе аз гузаштагон гуфтанд: Ин монанди гуфтаи онҳост: Боду ҳаво хуб буд ва киштирон маҳорат дошт ва суханоне ҳамонанди ин ки дар забонҳои мардум шоиъ аст.

Масъалаҳо:

Якум: Тафсири шинохти неъмат ва куфри он. (Яъне ба ҳавосашон дарк мекунанд, ки он аз ҷониби Аллоҳ аст ва онро ба изофа карданашон ба сӯи ғайри Аллоҳ инкор мекунанд).

Дуюм: Шинохтани ин ки инкори неъматҳо бар бештари забонҳо ҷорист. (Монанди феълашон дар вақти нишастани ҳавопаймо).

Сеюм: Номидани интавр суханҳо ба инкори неъмат. (Аз рӯи инкор кардани фазли Аллоҳ ба он неъмат ва инкор кардани вуҷуди он нест, зеро онҳо онро медонанд ва вуҷуди онро ҳис мекунанд).

Чорум: Ҷамъ шудани ду чизи зид дар қалб (яъне маърифат ва инкор).

(42) Боб андар фармудаи Аллоҳ таъоло: "Пас, дидаву дониста барои Аллоҳ ҳамтоёне нагиред". (Маънои нид)

Барои Аллоҳ дар ибодат ҳамтоён нагиред ва шумо медонед, ки барои Ӯ дар рубубият ҳамтоён нест ва дар Қуръон аввалин амр ва нидои ба тавҳид аст ва аввалин наҳй аз ширк аст.

Ибни Аббос разияллоҳу анҳу дар тафсири оят мегӯяд: Андод яъне ширк. Ва ширк овардан аз роҳ рафтани мурча дар торикии шаб ба рӯи санги софу сиёҳ пӯшидатар аст, мисли ин ки бигӯй: Ба Аллоҳ ва ҳаёти ту, ё ба Аллоҳ ва ҳаёти фалонӣ ва ё ҳаёти худам, ё бигӯй: Агар ин саг намебуд, ё ин мурғобӣ дар хона набуд дуздҳо меомаданд. Ва гуфтани мард барои рафиқаш: Ҳарчи Аллоҳ ва ту бихоҳед. Ва гуфтани мард: Агар Аллоҳ ва фалонӣ намебуданд. Дар суханронияти "ва фалонӣ" магӯ, инҳо ҳама ширки ба Аллоҳ мебошанд. (Ривояти Ибни Абӯҳотим)

❁(Пӯшидатар аз...): Ва ин расотарин чиз дар пӯшидагӣ мебошад, пас ҳаргоҳ ширк дар дилҳои фарзанди Одам аз ин пӯшидатар бошад, пас аз Аллоҳ талаб мекунем, ки моро дар халос шудани аз он ёрӣ диҳад.

Далели дуюм:

Ва аз Умар ибни Хатоб разияллоҳу анҳу ривоят аст, ки Расулуллоҳ ﷺ фармуд: ***"Ҳар кас ба ғайри Аллоҳ савганд ёд кунад, куфр ё ширк варзидааст"***. (Ривояти Тирмизӣ ва ҳадисро ҳасан гуфтааст ва ривояти Ҳоким ва ҳадисро саҳеҳ гуфтааст).

Далели сеюм:

Ва Ибни Масъуд разияллоҳу анҳу мегӯяд: Ман агар ба номи Аллоҳ савганди дурӯғ ёд кунам, беҳтар аст аз ин ки ба номи ғайри Аллоҳ савганди ростин ёд кунам.

❁(Кофир шавад ё ширк орад): Ширки акбар аст, агар эътиқод кунад, ки ба он савганд ёдшуда ба Аллоҳ дар таъзим ва азамат баробар аст вагарна он ширки асғар аст.

❁ Ибни Масъуд разияллоҳу анҳу ин ва инро дӯст намедорад, локин бадии ширк аз бадии дурӯғ бузургтар аст, зеро ширкро бахшида намешавад.

Далели чорум:

Ва аз Ҳузайфа разияллоҳу анҳу ривоят аст, ки Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд: Нагуед ҳарчи Аллоҳ ва фалонӣ бихоҳад, балки бигуед: Ҳарчи Аллоҳ бихоҳад, сипас фалонӣ бихоҳад. (Абӯдовуд бо санади саҳеҳ ривоят кардааст).

Далели панҷум:

Аз Иброҳими Нахаъӣ нақл аст, ки гуфтани "ба Аллоҳ ва ба ту паноҳ мебарам"-ро макруҳ медонист ва гуфтани "ба Аллоҳ, сипас ба ту паноҳ мебарам"-ро ҷоиз медонист. Ҳамчунин гуфтани "агар Аллоҳ, сипас фалонӣ намебуд"-ро ҷоиз медонист ва нагуед: "Агар Аллоҳ ва фалонӣ намебуд".

(**Ва локин гуед**): Шариат ҳаргоҳ дари ҳаромро бандад, дари ҷоизиро мекушояд, то ки тарки ҳаром осон гардад ва то ки олӣ будани шариатро бидонем.

Масъалаҳо:

Якум: Тафсири ояти сураи Бақара дар андод.

Дуюм: Асҳоби Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам аз оятҳое, ки дар бораи ширки акбар омадааст, барои ширки асғар далел меоварданд, (зеро ки нид назирӣ мусовиро бар сабили мутлақ ё дар баъзе умур шомил мешавад).

Сеюм: Савганд ёд карданд ба ғайри Аллоҳ ширк аст, (монанди қавли ту савганд ба ҳаётат, ба ҳаётам, ба зиммаат, дар зиммаи ман, ба зиммаи ман, дар гардани ман, ба ришам, ба чеҳраам, ба паёмбар, ба шарафи ман, ба Каъба, ба намози ту, ба рӯзаи ту, ба умри ту, ба ёрӣ, ё дар савгандаш мегӯяд: Агар ин корро кард, вай яҳудӣ ё насронӣ ё кофир аст).

Чорум: Агар дар савганди ба ғайри Аллоҳ, рост бигӯяд гуноҳаш аз савганди дурӯғе, ки ба номи Аллоҳ ёд кардааст, бештар аст. (Ва вай ба Аллоҳ савганд хӯрад, дар ҳоле ки дурӯғ мегӯяд, то ба он моли мусалмонро бигирад).

Панҷум: Фарқ миёни ҳарфи "вов" ва "сумма" яъне сипас, (зеро ҳарфи вов тақозои баробарӣ мекунад, пас ширк мебошад ва "сумма-сипас" тақозои тартиб ва баъдро мекунад, пас ширк намебошад, монанди қавли онон: Қасам ба Аллоҳ ва ба ту ва ман дар кифоягии Аллоҳ ва туям ва ман ҷуз Аллоҳ ва ту касе надорам, ва ман бар Аллоҳ ва ту таваккул кардам ва ин аз ҷониби Аллоҳ ва ту аст ва Аллоҳ барои ман дар осмон ва ту дар замин ҳастӣ ва ман ба сӯи Аллоҳ ва ту тавба мекунам).

(43) Боб андар шахсе ки ба савганди ба номи Аллоҳ қаноат намекунад (аз ҷумлаи гуноҳони кабира аст)

Савганд ёд кун бар он чи ки савганд ёд кард, таъзими онро дар савганд таъкид кард ва он таъзими ба он савганд хӯрда шуда аст, пас ба Аллоҳ савганд хӯрдан қаноат накардан, дар он чизе аз нақси таъзими Аллоҳ аст ва ин камоли тавҳидро нафй мекунад.

Далели аввал:

Аз Ибни Умар разияллоҳу анҳумо ривоят аст, ки Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд: ***"Ба падаронатон савганд нахӯред. Ва ҳар ки ба номи Аллоҳ савганд ёд мекунад, бояд рост бигӯяд. Ва барои ҳар ки ба номи Аллоҳ савганд ёд шуд, бояд қабул кунад, вагарна ӯро бо Аллоҳ коре нест"***. (Ибни Моҷа ба исноди ҳасан ривоят кардааст).

Ақсоми қаноат кардан ба савганди ба Аллоҳ

Аз рӯи шаръ: Ба савганди ба Аллоҳ дар он чизе ки бар алайҳи иддио шуда мутаваҷҷеҳ шудааст, пас савганд хӯрд, ба муқтазои ҳукми шаръӣ ба он розӣ шудан воҷиб мебошад.

Аз рӯи ҳис: Барои он савганд хӯрдашуда аз панҷ ҳолат холӣ намебошад:

1-Дурӯғи ӯро бидонад, пас ӯро тасдиқ кардани он лозим намешавад.

2-Дурӯғи вай роҷеҳ бошад, пас ӯро тасдиқ кардани он лозим намешавад.

3-Ҳар ду амр баробар бошад, пас тасдиқи ин воҷиб мешавад.

4-Ростиаш роҷеҳ бошад, пас воҷиб аст, ки ӯро тасдиқ кунад.

5-Ростии ӯро бидонад, пас воҷиб аст, ки ӯро тасдиқ кунад.

Масъалаҳо:

Якум: Наҳй аз савганд хӯрдан ба номи падарон. (Ва наҳй барои ҳаром будан аст).

Дуюм: Дастур ба касе ки барои ӯ савганд ёд мешавад ба ин ки бипазирад.

Сеюм: Ваъдаи азоби сахт барои касе ки савгандро напазирад.

Чорум: Қасамхӯрро амр карда шавад, ки рост гӯяд, зеро сидқ дар ғайри қасам воҷиб аст, пас дар қасам чигуна аст?

(44) Боб андар гуфтани он чи Аллоҳ ва ту бихоҳӣ

Далели аввал:

Аз Қутайла ривоят аст, ки марди яҳудӣ назди Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам омаду гуфт: Шумо (мусалмонон) ширк меоред, чун мегӯяд: "Он чи Аллоҳ ва ту бихоҳӣ" ва мегӯед: "Савганд ба Каъба". Аз он пас Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам мусалмононро дастур дод, ки агар хостанд, савганд бихӯранд, бигӯянд: Ва Раббилкаъба (яъне савганд ба Парвардигори Каъба) ва бигӯянд: Он чи Аллоҳ, сипас ту бихоҳӣ. (Насоӣ ривоят карда, гуфтааст: Ҳадиси саҳеҳ аст).

Далели дуюм:

Боз дар Насоӣ аз Ибни Аббос разияллоҳу анҳу ривоят шуд, ки марде ба Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам гуфт: Он чи Аллоҳ ва ту бихоҳӣ. Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд: Оё маро бо Аллоҳ шарик сохтӣ, ин тавр бигӯ: Ҳарчи танҳо Аллоҳ бихоҳад.

❁Барои чӣ яҳуд, яҳуд номида шуд?

1)-Зеро онҳо гуфтанд: (Ҳудно илайк) яъне ба сӯи ту гаштем, (2)- зеро номи бобояшон Яҳузо ибни Яъқуб аст.

❁ Аз ҷумлаи фоидаҳои ҳадиси аввал:

1-Паёмбар ﷺ бар яҳудӣ инкор накард, бо вуҷуде ки қасди вай мазаммат буд, зеро он чи гуфт: Ҳақ буд.

2-Ба сӯи ҳақ гаштан равост ва агарчи бар он касе огоҳ кунад, ки аз аҳли ҳақ нест.

3-Дар назди тағйир додани чиз шоиста аст, ки ба чизи қариб аз он тағйир дода шавад.

❁**Чигуна бар ин амал огоҳ накард, магар ин яҳудӣ?** Ҳикмат озмоиш аст, ин яҳудиҳое, ки мусалмононро танқид карданд, бо вуҷуде ки онҳо ширки акбар меоранд ва айби худашонро намебинанд.

❁(Он чиро Аллоҳи ягона бихоҳад): Ба чизе ӯро роҳнамоӣ кард, ки аз ӯ ширкро қатъ мекунад, ӯро ба гуфтани: (Он чи Аллоҳ хоҳад, сипас ту бихоҳӣ) роҳнамоӣ накард, то аз ӯ ҳамаи василаҳои ширкро қатъ кунад ва агарчи дур бошад аз рӯи ҳимояи тавҳид ва адаби бо Аллоҳ.

Анвоъи он чизе ки одами хоб дар хоб мебинад

Хобҳои парешон, ки таъбири саҳеҳ надорад	Рӯъё: он чи ки дар хоб бинанд.	Сухани нафс.

Далели сеюм:

Ва Ибни Моҷа аз Туфайл, ки бародари модарии Оиша разияллоҳу анҳо мебошад ривоят кард, ки мегӯяд: Дар хоб дидам, ки бар гурӯҳе аз яҳуд гузарам афтод. Гуфтам: Шумо агар намегуфтед: Узайр фарзанди Аллоҳ аст, мардумони хубе будед. Онҳо гуфтанд: Шумо низ агар намегуфтед: Ҳарчи Аллоҳ ва Муҳаммад бихоҳанд, мардумони хубе будед. Сипас аз канори гурӯҳе аз насоро гузаштам ва гуфтам: Шумо агар намегуфтед: Масеҳ писари Аллоҳ аст, одамҳои хубе будед. Онҳо гуфтанд: Шумо низ агар намегуфтед: Он чи Аллоҳ ва Муҳаммад бихоҳанд, мардумони хубе будед. Субҳ, ки аз хоб бедор шудам, хобамро барои мардум таъриф кардам. Сипас назди Расулуллоҳ ﷺ рафтам ва эшонро хабар додам, фармуд: Касеро хабар кардай? Гуфтам: Бале. Онгоҳ Аллоҳро сипос гуфт ва фармуд: Туфайл хобе дида ва барои баъзе аз шумо онро таъриф кардааст, шумо сухане мегуфтед ва маро инчунин ва инчунин манъ мекард, ки шуморо аз он манъ кунам. Аз ин пас магуед, ки "он чи Аллоҳ ва Муҳаммад бихоҳанд", балки бигуед: Ҳарчи фақат Аллоҳ ба ягонагияш бихоҳад".

❁(Инчунин ва инчунин маро манъ мекунад): Паёмбар ﷺ-ро ҳаё манъ мекард ва локин на аз инкори ботил, албатта аз наҳй аз он ӯро манъ мекард, бе ин ки Аллоҳ ӯро ба ин амр карда бошад, монанди шароб, аз он сукут кард, то ки ҳаром гардонда шуд.

Масъалаҳо:

Якум: Донистани яҳуд ширки асғарро.

Дуюм: Фаҳмидани инсон дар ҳоле ки пайравӣ хоҳишоти нафсонӣ бошад.

Сеюм: Фармудаи Паёмбар ﷺ: Оё маро бо Аллоҳ шарик сохтӣ? Пас ҳоли касе ки чунин бисарояд, чист? Эй боикромтарини халқ, маро чӣ шуда ки ба ғайри ту паноҳ бибарам. Ва ду байти баъд аз он. (Ва ин ниҳояти куфр ва ғулув аст)

Чорум: Албатта ин аз ширки акбар нест, аз рӯи фармудааш: Инчунин ва инчунин маро манъ месозад.

Панҷум: Хоби нек аз қисмҳои ваҳй аст.

Шашум: Хоби нек, (дар замони нубувват) гоҳо сабаби баъзе аҳкоми шаръӣ мешавад.

Боби (45) андар шахсе ки замонаро дашном диҳад, пас ба таҳқиқ Аллоҳро озор дода аст (нисбати рӯйдодҳо ба замона)

❁(Пас Аллоҳро озор додааст): Аз азият зарар лозим намеояд, пас инсон ба шунидани чизи қабеҳ озор меёбад ва локин ба он зарар намебинад. Барои ин Аллоҳ дар Қуръон азиятро исбот карда ва аз ин ки чизе Ӯро зарар диҳад, нафй кардааст.

Ақсоми дашноми даҳр:

Ширки акбар: Даҳр-ро дашном диҳад, бинобар ин ки ӯ фоил аст, мисли ин ки эътиқод кунад, ки даҳр умурро ба хайр ва шарр тағйир медиҳад.	**Ҳаром аст:** Даҳрро дашном медиҳад, эъ-тиқод надорад, ки он фоил аст, балки эътиқод дорад, ки фоил Аллоҳ аст, локин онро дашном медиҳад, зеро он маҳали ин ҳодисаи макрӯҳ аст.	**Ҷоиз аст:** Хабари маҳзро қасд кунад бе маломат кардан, мисле ки гӯяд: Аз гармии ин рӯз монда шидем ва аз ҷумлаи он қавли (Ин оӯзи душвор аст).

Далели аввал ва дуюм:

1). Ва фармудаи Аллоҳ таъоло: "Ва гуфтанд: Ба ҷуз ҳамин зиндагонии ҷаҳонии мо зиндагоние нест, мемирем ва зинда мешавем ва моро ба ҷуз замона (чизе) ҳалок намекунад", то охири оят.

2). Ва дар Саҳеҳи Бухорӣ аз Абӯҳурайра разияллоҳу анҳу ривоят аст, ки Расулуллоҳ ﷺ фармуд: "Аллоҳ таъоло мефармояд: Фарзанди Одам маро озор медиҳад, замонаро дашном медиҳад, дар ҳоле ки Манам замона, чун шабу рӯзро Ман мечархонам". Ва дар ривояте фармуд: "Замонаро дашном надиҳед, зеро Аллоҳ ҳамон замона аст".

❁(Ҳаёти дунёи мо): Яъне ҳаёту вуҷуде ҷуз ин ҳаёт нест, пас онҷо охират нест.

❁(Ва моро ба ҷуз замона (чизе) ҳалок намекунад): Ҳалоки мо ба амру қадари Аллоҳ нест, балки ба гузашти солҳо, барои касе ки муддаташ дароз шуда бошад ва бемориҳо, ғамҳову андӯҳҳо барои касе ки муддаташ кутоҳ шуда бошад, пас ҳалоккунандаи онҳо замона аст.

❁(Фарзанди Одам маро озор медиҳад): Яъне ба Ман озор мерасонад, пас азият барои Аллоҳ собит аст, бар мо исбот кардани он воҷиб аст, зеро Аллоҳ онро барои худ исбот кардааст, пас мо нисбат ба Аллоҳ аз Аллоҳ донотар нестем, локин он монанди азияти махлуқ нест.

❁(Замонаро дашном медиҳад): Яъне онро қабеҳ мегӯяд ва маломат мекунад ва лаънат мекунад ва даҳр ҳамон замон ва вақт аст.

❁(Ва Ман замона ҳастам): Яъне идоракунандаи даҳр ва гардонандаи он ва дастур диҳандаи он, мисли бод ва ғайри он.

Оё даҳр аз номҳои Аллоҳ аст?

Даҳр аз номҳои Аллоҳ ﷻ нест, ва ин ба чанд сабаб аст:

1-Равиши оят онро рад мекунад ва агар аз номҳои Аллоҳ бошад, ҳароина эътиқоди ҷоҳилият дуруст мебошад.

2-Равиши ҳадис низ онро рад мекунад.

3-Касе даҳрро Аллоҳ қарор диҳад, пас махлуқро Холиқ қарор додааст.

4-Номҳои Аллоҳ ҳамааш накӯ аст, дар комилтарини ҳусн расидааст ва маъно доранд ва дар даҳр ҳусн вуҷуд надорад.

5-Номҳои Аллоҳ ҳамааш муштақ ҳастанд ва даҳр исми ҷомид аст.

6-Наҳй аз дашноми чаҳорпо, бод ва таб омадааст.

Масъалаҳо:

Якум: Наҳй аз дашноми замона. (Монанди гуфтаашон: Эй замонаи бебаро, ё замони бад, ё замони хиёнаткор).

Дуюм: Дашноми замонаро озори Аллоҳ номидан.

Сеюм: Андешидан дар фармудааш: Ман замона ҳастам. (Яъне тағйир диҳандаи замона ва сарфкунандаи он).

Чорум: Инсон гоҳо дашном медиҳад ва агарчи ба қалбаш қасди онро надорад.

Панҷум: Тафсири ояти сураи Ҷосия (Ва моро ҷуз замона ҳалок намекунад).

(46) Боб андар номгузорӣ ба қози-юл-қузот ва монанди он (аз он манъ кардан)

❁Яъне шахсе барои худаш ин номро гузорад ё аз ғайраш ба гузоштани он ном розӣ шавад.

Ҳукми қозиюлқузот номидан чист?

❁Гуноҳи кабира аст, агар ба он танҳои номиданро қасд кунад.

❁Ширки акбар аст ҳаргоҳ эътиқод кунад, ки ӯ бар болои ҳамаи қозиҳо, ҳатто бар болои Аллоҳ ﷻ қозӣ аст.

❁ Агар онро ба тоифа ё шаҳр ё замон қайд ва ҳаср кунем ҷоиз аст ва беҳтар ин аст, ки тарк карда шавад.

Далели аввал:

Дар Саҳеҳ аз Абӯҳурайра разияллоҳу анҳу ривоят аст, ки Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд:

"Зишттарини ном дар назди Аллоҳ он аст, ки марде малик-ул-амлок номида шавад. Дар ҳоле ки молике ҷуз Аллоҳ вуҷуд надорад".

Суфён мегӯяд: Монанди Шоҳаншоҳ.

Ва дар ривояте омада, ки фармуд: ***"Баддидатарини шахс назди Аллоҳ ва палидтарини онҳо назди Аллоҳ дар рӯзи қиёмат аст"***.

Гуфтаи Ӯ: "أخنع" яъне "أوضع" пасттарин аст.

❁(Зишттарин): Ба зидди қасдаш иқоб карда шуд ва мисли он аст, ҳар чизе ки бар ҷабарут ва султа ва таъзим далолат кунад.

❁(Ағяз): Дар ин исботи сифати ғайз (қаҳр, ғазаб) барои Аллоҳ аст, пас он сифатест, ки лаёқати ба Аллоҳро дорад ва зоҳир ин аст, ки ғайз аз ғазаб сахттар аст.

Масъалаҳо:

Якум: Наҳӣ аз номгузории шахсҳо ба Малик-ул-амлок.

Дуюм: Албатта он чизе ки маънои Малик-ул-амлокро дошта бошад, мисли он аст, ҳамонгуна ки Суфён раҳимаҳуллоҳ гуфт, (Монанди Қози-юл-қузот ва Ҳоким-ул-ҳукком ва Султон-ус-салотин).

Сеюм: Ҳушёрӣ барои сахтгирӣ дар манъи калимаҳое, ки чунин маъниҳо доранд, ҳатто маънои воқеъии онҳо қасд карда нашавад.

Чорум: Дарк кардани ин ки ин наҳӣ ба хотири эҳтироми Аллоҳ субҳонаҳу аст.

Боб (47) андар эҳтироми номҳои Аллоҳ таъоло ва тағйири ном ба хотири он

Ақсоми номҳои Аллоҳ ﷻ

Махсус аст: Танҳо барои Аллоҳ саҳеҳ мешавад, пас ба он ғайри Аллоҳро номида намешавад ва гар ба он номида шавад, тағйири он воҷиб мебошад, мисли: Аллоҳ, ар-Раҳмон, Рабб-ул-оламин ва монанди ин.

Ғайри махсус аст: Ба он ғайри Аллоҳро номидан дуруст мебошад, мисли ар-Раҳим, ас-Самеъ ва ал-Басир, агар мулоҳизаи сифат карда шавад, аз ба он номидан манъ карда мешавад ва агар сифат мулоҳиза карда нашавад, ба он бинобар ин ки исми маҳз аст, номидан ҷоиз мебошад.

Далели аввал:

Аз Абӯшурайҳ ривоят аст, ки кунияи ӯ Абӯлҳакам буд, Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд: Фақат Аллоҳ ҳакам аст ва ҳукм аз они Ӯст. Абӯшурайҳ гуфт: Қавми ман, вақте дар чизе ихтилоф мекарданд, назди ман меомаданд. Ва ман дар ихтилофи онҳо ҳукм мекардам ва ҳар ду тараф розӣ мешуданд. Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд: Чи беҳтар! Ин кор бисёр хуб аст! Ва пурсид: Фарзанд дорӣ? Гуфтам: Бале, ба номҳои Шурайҳ, Муслим ва Абдуллоҳ. Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд: Калонтаринашон кадом аст? Гуфтам: Шурайҳ аст. Фармуд: Пас ту Абӯшурайҳ ҳастӣ.

(Абӯдовуд ва дигарон ривоят кардаанд).

Куния калимаест, ки (падар) ё (модар) ё (бародар) ё (амак) ё (тағои) сар шудааст. Ин номе ки барои ин мард гузошта шуда буд, дар он маънои сифат мулоҳиза шуд ва он ҳакам аст, пас ба ин мувофиқи исми Аллоҳ гашт ва на танҳо барои исми маҳз будан, балки барои исме ки дар бар гирандаи маъност ва ба ин шарики Аллоҳ дар ин ном шуд ва барои Паёмбар ӯро ба кунияе ки шоистаи ӯ буд, куния гузошт ва ӯро ба иодаи ақиқа амр накард.

Масъалаҳо:

Якум: Эҳтироми сифатҳо ва номҳои Аллоҳ ва агарчи маънои онҳо қасд нашуда бошад. (Аз чизҳое, ки хос ба Аллоҳ аст ё ба он мулоҳизаи сифат қасд карда мешавад).

Дуюм: Тағйири ном ба хотири эҳтироми номҳои Аллоҳ. (Ва инчунин ҳаргоҳ амреро дар бар гирад, шоиста намебошад).

Сеюм: Ихтиёри калонтарини фарзандон барои кунияти. (Ва куния гузоштан мубоҳ аст ва мушрик куния гузошта намешавад).

(48) Боб андар касе ки ба чизе ки дар он зикри Аллоҳ ё Қуръон ё Расул саллаллоҳу алайҳи ва саллам шӯхӣ менамояд

Касе ба Аллоҳ ё ба оятҳои кавнӣ ё шаръии Ӯ ё ба расулаш масхара ва истеҳзо кунад, кофири куфри акбар мешавад, зеро нафй кардани истеҳзо барои имон нафйкунандаи бузург аст ва ду навъи куфр аст:

Куфри муоразат (мухолифат) ва ин бузургтар ва сахттар аст, мисли куфри Абӯҷаҳл ва Абӯлаҳаб.

Куфри эъроз: Дар дини Аллоҳ дохил намешавад ва аз он манъ намекунад ва зидди он намеҷангад.

Ва истеҳзокунанда кофири куфри мухолифат аст, пас он бузургтар аз касест, ки танҳо барои бут саҷда мекунад ва ин масъала хело хатарнок аст, пас бисёр калимаест, ки соҳибашро дар бало мемонад, балки ҳалок мекунад ва ӯ эҳсос намекунад. Гоҳо инсон сухане мегӯяд, ки аз он ғазаби Аллоҳ меояд, ба он андеша намекунад, ӯро дар оташ меандозад.

Пас касе ба намоз ва агар нафл ҳам бошад масхара кунад ё ба закот ё ба рӯза ё ба ҳаҷ, пас вай ба иҷмоъи мусалмонон кофир аст, инчунин касе ки ба оятҳои кавнӣ истеҳзо кунад, масалан бигӯяд: Вуҷуди гармӣ дар рӯзҳои зимистон аз беақлӣ аст, ё гӯяд: Вуҷуди сармо дар рӯзҳои тобистон аз беақлӣ аст, пас ин куфри аз доираи Ислом хориҷкунанда аст, зеро ҳамаи феълҳои Парвардигор бар ҳикмат бино ёфтааст ва гоҳо ҳикмати онро дарк карда наметавонем, балки ба дарки он расида наметавонем.

Тавбааш қабул намешавад ва ӯро султон мекушад:

Бар ӯ намози ҷаноза хонда намешавад ва барои ӯ дуои раҳмат карда намешавад ва дар ҷои дур аз қабристони мусалмонон дафн карда мешавад ва агарчи гӯяд, ки тавба карда аст, зеро ин риддат аст, ки амри он бузург ва калон аст, дар он тавба фоида намедиҳад.

Тавбааш ба шартҳо қабул мешавад:

1-Сидқи тавбаашро донем.
2-Бар Аллоҳ сано гӯяд. 3-Аз он чи гуфт, безорӣ ҷӯяд. Локин дашномдиҳандаи Паёмбар ﷺ тавбааш қабул карда мешавад ва бар султон барои ҳаққи Ӯ ﷻ воҷиб аст, ки ӯро бикушад, ҳаргоҳ кушта шуд, ӯро мешуем ва кафан мекунем ва бар ӯ намоз мехонем ва бо мусалмонон ӯро дафн мекунем.

Далели аввал ва дуюм:
1). Ва фармудаи Аллоҳ таъоло: "Ва (эй Паёмбар!) агар аз онҳо бипурсӣ (чаро чунин кардаед?) ҳароина мегӯянд: Мо ҳарф мезадем (шӯхӣ ва) бозӣ мекардем".
2). Аз Ибни Умар, Муҳаммад ибни Каъб, Зайд ибни Аслам ва Қатода ривоят аст, ки марде дар ғазваи Табук гуфт: Мо аз ин қориёни Қуръон, шикампарасттар, дурӯғгӯтар ва буздилтар дар ҷанг надидаем. Авф ба ӯ гуфт: Дурӯғ гуфтӣ ва ту мунофиқ ҳастӣ. Ва он чи гуфтӣ ба Паёмбар ﷺ хабар медиҳам. Авф рафт, ки ба Расулуллоҳ ﷺ хабар диҳад. Дид, ки Расулуллоҳ ﷺ ба воситаи ваҳй хабардор шудааст. Он мард пеши Расулуллоҳ ﷺ омад, эшон бар шутури худ савор шуда буд ва қасди ҳаракат карданро дошт, гуфт: Эй Расулуллоҳ ﷺ мо бо ҳам шӯхӣ мекардем, то машаққати роҳро кам кунем ва мақсади дигаре надоштем.

Ибни Умар разияллоҳу анҳу мегӯяд: Гӯё ман ҳамакнун он мардро мебинам, ки ба ресмони каҷоваи шутури Расулуллоҳ ﷺ часпида ва кашон-кашон меравад ва сангҳо ба қадамҳояш мезад ва маъзаратхоҳӣ мекард ва мегуфт: Ҷуз ин нест, ки мо шӯхӣ ва бозӣ мекардем. Ва Расулуллоҳ ﷺ мефармуд: **"Оё ба Аллоҳ ва оятҳои Ӯ ва паёмбари Ӯ масхара мекардед?"** (Сураи Тавба, ояти: 65) Ба ӯ аҳамият намедод, фақат ҳамин оятро такрор мекард.

❁(Қориёни мо): Мақсад ба онҳо Паёмбар ﷺ ва ёронаш буд ва дурӯғ гуфт, қасам ба Аллоҳ.
❁(Локин ту мунофиқ ҳастӣ): Ба ин дониста шуд, ки касе саҳобагонро дашном диҳад, кофир мешавад, зеро дар онҳо таъна задан, таъна задан дар Аллоҳ ва дар дини Аллоҳ ва дар Расулуллоҳ ﷺ аст.
❁(Ба ресмон): Банде ки ба он бор баста мешавад.
❁(Танкубу риҷлайҳи): Қадамҳояшро мезад.
❁ **Фоидаҳои ҳадис:**
1-Баёни илми Аллоҳ ба он чизе ки мешавад, пас Аллоҳ он чиро ки ҳаст ва ба зуди мешавад, медонад.
2-Паёмбар ﷺ ба он чизе ки Аллоҳ ба Ӯ ﷺ нозил кард, ҳукм мекунад.
3-Решханд задан ба Аллоҳ ва оятҳои Ӯ ва расули Ӯ аз бузургтарини куфр аст.
4-Ба Аллоҳ решхандзананда кофир мешавад.
5-Истеъмоли сахтгирӣ дар маҳалаш.
6-Қабули тавбаи масхаракунанда ба шартҳояш.

Танбеҳҳо:

1-Касе ки дар дашном додан ҳозир мешавад, монанди касест, ки дашном медиҳад, магар дар сурате ки инкор кунад ё аз онҷо биравад, Аллоҳ таъоло фармуд: (**Ва "Аллоҳ" дар Қуръон "ин ҳукм"-ро бар шумо нозил карда ки чун шунидед "шахсоне" оятҳои Аллоҳро инкор мекунанд ва онро масхара мекунанд, бо онон нанишинед то ба сухани дигар бипардозанд**).

2-Аз зикри Қуръон ва ҳадис дур бош, то мардумро бихандонӣ ва дар вақти зикри ин ду тарсон бош!

3- Ҳаргоҳ сухан эҳтимоли дашномро дошта бошад, гӯяндаашро огоҳ месозем, пас агар тавба кунад вагарна ӯ масхаракунанда аст.

4-Аз худбинӣ ва ғурур ҳазар кардан, зеро ҳасана гоҳо дохили Ҷаннат мекунад ва бадӣ гоҳо дохили оташ месозад, пас ин мард бо Паёмбар ﷺ ба Табук баромад, сипас аз ӯ ҳосил шуд он чизе ки ҳосил шуд.

Масъалаҳо:

Якум: Масъалаи хело бузург ин ки касе ба ин (яъне Аллоҳ ва оятҳои Ӯ ва расулаш) шухӣ кунад, кофир мешавад.

Дуюм: Албатта ин тафсири оят аст дар ҳаққи касе ки чунин мекунад, фарқ надорад, ки гӯянда кист (мунофиқ бошад ё ғайри мунофиқ).

Сеюм: Фарқ байни суханчинӣ ва насиҳате, ки барои Аллоҳ ва расулаш бошад (ва ба он эҳтироми шаъоири Аллоҳ қасд мешавад).

Чорум: Фарқ байни авфе, ки Аллоҳ онро дӯст медорад (авфе, ки дар он ислоҳ аст) ва байни сахтгирӣ бар душмании Аллоҳ (лекин гоҳо истифода бурдани нармӣ ба хотири даъват ва ҷалби дил хуб мебошад).

Панҷум: Баъзе узрҳо қобили қабул нест (агар дониста шавад, ки он ботил аст).

Боби (49) андар фармудаи Аллоҳ таъоло: "Ва агар пас аз ранҷе ки ба ӯ расида аст раҳмате аз сӯи худ ба ӯ бичашонем, мусаламан мегӯяд: Ин ҳаққи ман аст" то охири оят

Муҷоҳид дар тафсири оят гуфт: Ин дар муқобили амал ва шоистагии ман мебошад. Ва Ибни Аббос мегӯяд: Аз ҷониби худам мебошад.

Инсон ҳаргоҳ неъматро ба амал ва касбаш нисбат диҳад, пас дар он навъе аз ширк овардан дар тавҳиди рубубият аст ва ҳаргоҳ онро ба Аллоҳ нисбат диҳад, локин гумон кунад, ки ӯ шоистаи он аст ва ин ки он чи Аллоҳ ба ӯ ато кард некии маҳз нест, локин барои аҳл будани ӯст, пас дар ин навъӣ бартарӣ ва бологирӣ дар ҷониби бандагӣ аст.

Далели дуюм ва сеюм:

2). Ва фармудаи Аллоҳ: **"Гуфт: Ҷуз ин нест, ки бинобар донише, ки назди ман аст, моли фаровон ба ман дода шуд"**. Қатода дар тафсири ин оят гуфт: (Қорун) гуфт: Ин сарватро ба василаи донише, ки назди ман аст ба даст овардаам. Ва дигарон гуфтанд: Яъне чун Аллоҳ медонист ки ман шоистаи инҳо ҳастам, ба ман бахшида аст. Ва ин ҳамон сухани Муҷоҳид мебошад, ки дар тафсири ин ҷумла гуфтаанд: Ба хотири шараф ба даст овардам.

3). Ва аз Абӯҳурайра разияллоҳу анҳу ривоят аст, ки Расулуллоҳ ﷺ фармуд: Аллоҳ хост, ки се нафар аз бани Исроилро ки яке мубтало ба бемории пес буд ва дигаре кал ва сеюмӣ нобино буд, озмоиш бикунад. Фариштаи аввал ба назди касе ки мубтало ба бемории пес буд, омада ва гуфт: Чиро дӯст медорӣ? Гуфт: Дӯст дорам ки дорои ранг ва пусти зебое бошам ва аз беморие ки мардум маро ба хотири он зишт медонанд, беҳбуд ёбам. Фариштаи дасте ба сару сурати ӯ кашид. Бемориаш аз байн рафт ва дорои ранг ва пусти зебо шуд. Онгоҳ аз ӯ пурсид: Чӣ молеро дӯст медорӣ? Гуфт: Шутур ё гов (ровӣ шак дорад). Ба ӯ шутури мода ва ҳомила дод ва гуфт: Аллоҳ дар он бароят баракат диҳад.

Сипас назди кал рафт ва аз ӯ пурсид: Дӯстдоштатарини орзуят чист? Гуфт: Дӯст дорам, ки муйҳои зебое дошта ва аз он чи ки маро дар назди мардум зишт кардааст, наҷот ёбам. Фариштаи дасте ба сараш кашид, бемориаш бартараф шуд ва дорои мӯйҳои зебое гардид. Фариштаи пурсид: Чӣ молеро дӯст медорӣ? Гуфт: Гов ё шутур (ровӣ шак дорад). Фариштаи ба ӯ гови мода ва ҳомила дод ва бароёш дуои баракат кард ва назди нобино рафт. Пурсид: Беҳтарин орзуят чист? Гуфт: Аллоҳ рушноии чашмонамро баргардонад, то мардумро бубинам. Фариштаи дасте ба чеҳрааш кашид, Аллоҳ рушноии чашмонашро баргардонид. Онгоҳ аз ӯ пурсид: Чӣ молеро дӯст дорӣ? Гуфт: Гусфанд. Фариштаи ба ӯ гусфанди ҳомила дод ва бароёш дуои баракат намуд.

Сипас баъд аз муддате дар асари зоидани шутур, гов ва гусфанд вазъ ба ҷое расид, ки якум дорои як дараи шутур ва дуюм дорои даррае пур аз гов ва сеюмӣ дорои даррае аз гусфанд шуданд.

Гуфт: Сипас фариштa бо ҳамон қиёфа назди якум (пес) рафт ва гуфт: Марди мискин ва мусофир ҳастам ва аз идомаи сафар боз мондам ва имрӯз ба мақсадам расида наметавонам магар ба ёрии Аллоҳ, сипас ба ёрии ту. Ба хотири касе ки ба ту ранг ва пусти зебо ва мол додааст, ба ман шутуре бидеҳ, то ба василаи он ба роҳ идома бидиҳам. Мард гуфт: Ҳуқуқ бисёр аст. Фариштa гуфт: Ман шуморо мешиносам, магар ту ҳамон касе нестӣ, ки мубтало ба бемории пес будӣ ва мардум туро зишт медонистанд ва чизе дар бисотат надоштӣ?! Онгоҳ Аллоҳ ин ҳама молро дар ихтиёрат гузошт?! Гуфт: Не. Ман инҳоро аз падаронам мерос бурдаам. Фариштa гуфт: Агар дурӯғ мегӯй, Аллоҳ туро ба ҳамон ҳоли аввал баргардонад.

Сипас назди кал рафт ва ба ӯ низ ҳамон чизеро, ки назди якум гуфта буд, гуфт. Ӯ низ монанди якум рафтор кард. Фариштa гуфт: Агар дурӯғ мегӯй, Аллоҳ туро ба ҳоли аввал баргардонад.

Онгоҳ назди нобино рафт ва ҳамон суханони қаблиро ба вай гуфт. Нобино гуфт: Ман марди нобино будам, Аллоҳ бар ман миннат ниҳод ва чашмонамро ба ман бозгардонд. Ҳарчи аз молам мехоҳӣ бардор ва ҳарчи мехоҳӣ барои ман бигузор! Савганд ба Аллоҳ, ки имрӯз ҳарчи аз молам ба номи Аллоҳ бардорӣ, онро аз ту нагирам. Фариштa гуфт: Молатро барои худ нигаҳдор. Шумо мавриди озмоиши илоҳӣ қарор гирифтед Аллоҳ аз ту розӣ ва аз ҳамроҳонат норозӣ шуд. Ривояти Бухорӣ ва Муслим.

❁Дар ин ҳадис хело ибратҳои бисёр аст, аз ҷумла:

1-Қиссаҳо дар Қуръон ва суннат ба хотири ибрату панд гирифтан меояд.

2-Баёни қудрати Аллоҳ ба шифо додани пес, кал ва кур танҳо ба масҳ кашидани малоика ба онҳо.

3-Малоикаҳо ба ҳар шакл медароянд, ҳатто ба сурати башар медароянд, локин ба амри Аллоҳ барои онҳо.

4-Малоикаҳо ҷисманд ва фақат арвоҳ ё маъноҳо ё қувва нестанд.

5-Ҳарис будани ровиён бар нақли ҳадис ба лафзаш.

6-Инсонро лозим нест, ки ба қазошуда розӣ шавад ва бар ӯ розӣ шудан ба қазое, ки аз феъли Аллоҳ аст, воҷиб мебошад. Пас байни феъли Аллоҳ ва қазошуда фарқ аст ва қазошуда ба мусибатҳо тақсим мешавад, ки ба он розӣ шудан лозим намеояд ва ба аҳкоми шаръӣ тақсим мешавад, ки ба он розӣ шудан воҷиб мешавад.

7-Дуои муаллақ ҷоиз мебошад.

8-Паст омадан бо душман дар он чизе ки паст оянда ба он эътироф надорад ба хотири хомуш кунондани хасм (душман) ҷоиз аст.
9-Баракати Аллоҳ охир надорад, барои ин барои он водие аз шутур буд.
10-Баёни ин ки шукри ҳар неъмат ба мувофиқи он аст.
11-Ҷоиз аст, ки инсон ба ҳоле бибозад, ки ӯ дар ҳақиқат бар он ҳол нест.
12-Озмоиш гоҳо ом ва ошкор мебошад ва қиссаи онҳо машҳур аст.
13-Фазилати вараъ ва зуҳд ва он гоҳо инсонро ба чизе мекашонад, ки оқибаташ ситоиш мешавад, монанди кур.
14-Собит будани мерос дар умматҳои гузашта.
15-Аз сифатҳои Аллоҳ ризо, ғазаб ва ирода аст, пас барои Аллоҳ бар ваҷҳе ки лоиқи Ӯст онро исбот мекунем.
16-Суҳбат бар ҳамшаклшавӣ дар чизе аз чизҳо гуфта мешавад ва аз он наздикшавӣ лозим намеояд.
17-Озмудани Аллоҳ мардумро ба он чизе ки бар онҳо ато кардааст.
18-Панд додан гоҳо ба гуфтор ё кирдор ё ҳайатҳо мебошад.

Масъалаҳо:

Якум: Тафсири ояти "Ва агар пас аз ранҷе ки ба ӯ расида аст раҳмате аз сӯи худ ба ӯ бичашонем...".

Дуюм: Маънои (Ҳароина мегӯяд: Ин барои ман аст) чист? (Яъне ман шоистаи он ҳастам).

Сеюм: Маънои гуфтаи ӯ: (Ин сарватро ба василаи донише, ки назди ман аст ба даст овардам).

Чорум: Ибратҳои пандомӯз дар ин қиссаи аҷиб. (Ва аз ҷумла фарқ байни пес, кал ва кур аст, пас пес ва кал неъмати Аллоҳро баъди вуҷудаш инкор карданд ва пеш аз неъмат дилбохтагӣ ба Аллоҳ набуд, аммо кур ба неъмати Аллоҳ баъди вуҷуди неъмат эътироф кард ва пеш аз он ба Аллоҳ мутааллиқ буд. Ибни Қайим мегӯяд: Комилан аз туғён (ман, барои ман ва дар назди ман) ҳазар шавад, зеро ба ин лафзҳо Иблис, Фиръавн ва Қорун мубтало шуд, пас Иблис гуфт: (Ман аз ӯ беҳтарам) ва Фиръавн гуфт: (Мулки Миср аз они ман аст) ва Қорун гуфт: (Ин сарватро ба василаи донише, ки назди ман аст ба даст овардам). Ва беҳтарин (ман) дар сухани банда гузошта шуд: Ман бандаи гунаҳгори хатокор, талаби мағфираткун, эътирофкун ва монанди он ҳастам (ва барои ман) дар гуфтааш: Ман гуноҳ дорам ва ман ҷарима дорам ва ман мискинам ва ман фақиру хор ҳастам ва (дар назди ман) дар гуфтаи ӯ: "Кӯшишу ҷидди маро ва ҳазлу шухии маро ва хатои маро ва қасдани маро ва ҳамаи ин дар назди ман аст, маро мағфират кун".

(50) Боб андар фармудаи Аллоҳ таъоло: "Пас чун Аллоҳ ба онҳо фарзанди шоиста дод, барои ӯ дар он чи ба онҳо дода буд, шарикон муқаррар карданд" то охири оят.

Навъи ширке ки мақсад дар оят аст:

Ширки акбар: Эътиқод мекунад ин ки кӯдакро фалон валӣ додааст ва монанди ин, зеро онҳо офаринишро ба сӯи ғайри Аллоҳ нисбат доданд.

Ширки асғар: Саломатии навзод ва ҳифзи ӯро ба табибон ва монанди онҳо нисбат медиҳад, зеро ӯ неъматро ба сабаб нисбат дод ва сабабгорро фаромуш кард.

Ширки асғар дар бандагӣ аст, ба ин ки муҳаббати ӯро бар муҳаббати Аллоҳ тақдим намояд ва ӯро аз тоати Аллоҳ машғул созад, пас чигуна ин кӯдакро дар муҳаббат ҳамтои Аллоҳ мегардонем.

Далели дуюм:

Ибни Ҳазм мегӯяд: Олимон иттифоқ доранд, ки номгузорӣ ба калимаи "абд" вақте нисбати он ба ғайри Аллоҳ бошад, монанди Абдуумар, Абдулкаъба ва монанди ин ҳаром аст, ба ҷуз Абдулмутталиб.

Банда гардондан барои ғайри Аллоҳ ҷоиз намебошад ва касе ба гуфтаи Паёмбар ﷺ: (Ман писари Абдулмутталиб ҳастам) далел оварад, бар вай рад мекунем:

1-Ин аз ҳадисҳои муташобеҳ аст ва мо насҳои возеҳи муҳкам дорем, ки инро рад мекунад.

2-Ин ҳадис аз боби хабар додан аст ва аз боби иншо ва иқрор кардан нест.

3-Паёмбар ﷺ ба ин касеро ном накардааст, ягон саҳобаашро ба ин иҷозат надода аст ё иқрор накардааст.

4-Ба ин ном Паёмбар ﷺ шинохта шуда буд ва агар мегуфт: (Ман писари Абдуллоҳ ҳастам), мардум ӯро намешинохтанд.

5-Расул ﷺ аз чизе ки воқеъ ва тамом шуд ва гузашта буд. сухан кард ва ба рости Абдулмутталиб вафот карда буд.

6-Абдулмутталиб исм нест, балки он лақаб аст ва номи ӯ Шайбатулҳамд ва падараш Ҳошим буд, ӯро дар сини хурдсолӣ ба Мадина ба назди тағоиҳояш бани Наҷор фиристод, то таълим гирад ва нашъунамо ёбад, пас вақте аммакаш Мутталиб Мадина омад, Шайбатулҳамдро бо худ гирифт, пас вақте ба Макка расид ранги ӯ аз сафари тулонӣ тағйир ёфта буд, пас мардум гуфт: Ин банда кист? Гуфтанд: Абдулмутталиб (ва бандагии ғуломӣ дар он ишколе нест). Пас ба он лақаб пайваста шуд ва ба ин ишкол аз байн меравад.

Далели сеюм:

Ва аз Ибни Аббос разияллоҳу анҳумо дар тафсири ин оят омадааст, ки вақте Ҳаво ҳомила гардид, Иблис назди онон омад ва гуфт: Ман ҳамон касе ҳастам, ки шуморо аз Биҳишт баровардам. Акнун низ сухани маро бипазиред ва номи фарзандатонро Абдулҳорис бигузоред, вагарна барои ӯ шохҳое ҳамчун шохҳои бузи кӯҳи дуруст мекунам, ки шикаматро пора бикунад ва чунин ва чунон мекунам ва таҳдид кард. Онҳо напазируфтанд. Фарзандашон мурда ба дунё омад. Боридигар ҳомила шуд, Шайтон дубора назди онон омада ва пешниҳоди худро такрор кард, боз ҳам напазируфтанд. Фарзандашон мурда ба дунё омад. Бори сеюм ҳомила гардид, Шайтон боз ҳам омад ва таҳдиди худро такрор кард. Муҳаббати фарзанд бар онҳо ғолиб омад ва қабул карданду номи ӯро Абдулҳорис гузоштанд. Ба хотири ҳамин аст, ки Аллоҳ фармуд: "Онҳо барои Аллоҳ дар чизе ки ба онҳо дода буд, шарикон муқаррар карданд". (Ривояти Ибни Абӯҳотим)

Ибни Абӯҳотим бо санади саҳеҳ, тафсири Қатодаро дар бораи ин оят чунин навиштааст: Инҷо шарик сохтанд дар тоат буд, на дар ибодат. Ӯ бо санади саҳеҳ, тафсири Муҷоҳидро дар фармудаи Аллоҳ: ﴿لَئِنْ ءَاتَيْتَنَا صَٰلِحًا﴾ оварда ки гуфтааст: Онҳо метарсиданд, ки фарзандашон ба ҷои инсон дар шакли чизи дигаре ба дунё меояд. Ба ҳамин маъно аз Ҳасани Басрӣ ва Саъид ва дигарон зикр шудааст.

❁(Ду шохи айл): Айл бузи нари куҳӣ аст.

❁(Абдулҳорис): Ин исмро ихтиёр кард, зеро ин номаш аст, пас хост, ки ӯро барои худаш банда гардонанд.

❁ **Ин қисса аз чанд ваҷҳ ботил аст**:

1-Аз Паёмбар ﷺ дар ин қисса хабари дуруст нест, Ибни Ҳазм гуфт: (Ин қисса дурӯғу бофташуда аст).

2-Дар ниҳояти имтиноъ аст, ки Аллоҳ хаторо зикр кунад ва тавбаи онҳоро зикр накунад.

3-Анбиё ба иттифоқи олимон аз ширк поканд.

4-Мардум дар рӯзи қиёмат пеши Одам меоянд, пас ба хӯрдани аз дарахт узр меорад ва он маъсият аст ва агар ширк воқеъ мешуд, ҳароина узр овардан ба он қавитар, беҳтар ва ҳоистатар буд.

5-Шайтон барои онҳо гуфт: (Ман соҳиби шумо ҳастам) ва касе гумроҳ карданро мехоҳад, инро намегӯяд.

6-Мумкин нест, ки онҳо шайтонро тасдиқ кунанд, ки барои ӯ ду шохи бузи куҳӣ месозад, пас ин ширк дар рубубият аст.

7-Дар оят (юшрикун) ба замири ҷамъ аст ва агар Одам ва ҳаво мебуд, ҳароина юшрикон (он ду ширк оварданд) мегуфт.

8- Бинобар ин тафсири оят ба сӯи фарзандони Одам мегардад, ки дар ҳақиқат ширк оварданд, пас баъзеи онҳо мушрик ва баъзеашон яктопараст ҳастанд.

Масъалаҳо:

Якум: Ҳаром будани изофа кардани калимаи "абд" дар номҳо ба ғайри Аллоҳ (ҳатто Абдулмутталиб).

Дуюм: Тафсири ояти: "Пас чун Аллоҳ ба онҳо фарзанди шоиста дод, барои ӯ дар он чи ба онҳо дода буд, шарикон муқаррар карданд".

Сеюм: Албатта ба муҷарради номгузорӣ беқасди ҳақиқати он ҳам ширк аст. (Ва дуруст ин аст, ки ин дар ҳақиқат ширк аст ва ширк аз ширк овардани фарзанди Одам аст, на аз Одам ва Ҳаво).

Чорум: Бахшидани духтари солим барои мард аз ҷониби Аллоҳ неъмат аст (зеро баъзе мардум гумон мекунанд, ки духтар бахшидан аз азоб аст, вагарна бахшидани писари солим низ аз боби неъматҳост).

Панҷум: Гузаштагони нек, фарқ миёни ширки дар тоат ва фармонбардорӣ ва ширки дар ибодатро баён доштанд. (Одам ва Ҳаво шайтонро итоат карданд ва ӯро ибодат накарданд ва ин бар асоси дурустии қисса аст).

Боб (51) андар фармудаи Аллоҳ таъоло: "Ва номҳои нек аз они Аллоҳ аст, пас Ӯро ба он номҳо бихонед ва касонеро бигузоред, ки дар номҳои Аллоҳ каҷравӣ мекунанд" то охири оят.

Ибни Абӯҳотим назари Ибни Аббос разияллоҳу анҳуморо дар ин бора инчунин зикр кардааст: "Дар номҳои Аллоҳ каҷравӣ мекунанд", яъне ширк меварзанд.
Ва аз Ибни Аббос разияллоҳу анҳумо нақл аст, ки дар тафсири он гуфтааст: Номи Лотро аз илоҳ ва Уззоро аз Азиз гирифта номидаанд.
Ва аз Аъмаш дар тафсири он омада, ки: Дар номҳои Аллоҳ изофа мекунанд, он чизеро ки аз он нест.

❁ Дар ин боб рад бар касе аст, ки мегӯяд: Китоби тавҳид танҳо шомили тавҳиди улуҳият аст.
❁(Ва аз они Аллоҳ): Тариқи тавҳид инҷо тақдими хабар аст, зеро тақдими он чизе ки ҳаққи он баъд овардан аст, ифодаи ҳаср мекунад.
❁(Накутар): Яъне комилтарини ҳуснро аз ҳамаи ҷиҳат расидааст ва дар он нақс нест.
(Пас Аллоҳ ба он номҳо дуо кунед): Дуои Аллоҳ ﷻ ба номҳояш ду маъно дорад:

Дуои ибодат: Ба ин ки Аллоҳро ба муқтазои ин номҳо бипарастад, масалан ал-Басир, тақозо мекунад, ки Аллоҳ ба муқтазои ин ном бипарастад, ба ҳайсе ки аз ту феълеро набинад, ки онро написандад.

Дуои масъалат: Номи Аллоҳро пеш аз дуояш тақдим кунад, дар ҳоли буданаш ба он василаҷӯянда ба сӯи Аллоҳ, мисли гуфтани: (Пас маро аз назди худат мағфирате кун ва маро раҳмат кун, ҳамоно Ту омурзандаву меҳрубонӣ).

Илҳод: Аз он чизе ки дар он эътиқод кардан воҷиб мебошад, гаштан аст ва илҳод тақсим мешавад ба:

Дар номҳо ва сифатҳо илҳод варзидан ва он чанд навъ аст:
1-Ҳамаи номҳо ё баъзеашро инкор мекунад, мисли ҷаҳмия.
2-Исмро исбот мекунад ва сифатро инкор мекунад, мисли гуфтаи онҳо: Шунавост бешунавой.
3-Онҳоро далолаткунанда бар ташбеҳ қарор медиҳад, мисли мумассила.
4-Аз номҳои Аллоҳ барои бутҳо номҳо мегирад, монанди Уззо аз Азиз.
5-Аллоҳро ба номе меномад, ки худро ба он наномида аст, мисли касе ки мегӯяд: Аллоҳ яке аз се аст, ё Ӯ бар ихтироъ қудрат дорад.

Дар оятҳо илҳод варзидан:
Хоҳ оятҳо: 1-Шаръӣ бошад, мисли касе ки мегӯяд: Қуръон махлуқ аст.
2-Кавнӣ бошад, мисли касе ки мегӯяд табиат ашёро меофарад.

Масъалаҳо:

Якум: Исботи номҳо (барои Аллоҳ таъоло бар хилофи ҷаҳмия ва ғулоти муътазила).

Дуюм: Номҳои Аллоҳ накӯ ҳастанд (яъне дар ҳусн ба комилтарини он расидааст).

Сеюм: Дастур ба ин ки Аллоҳро ба он номҳо дуо кунем (дуои ибодат ва дуои масъалат ва дар ҳардуяшон амршудааст, ки Аллоҳро ба ин номҳо дуо кунем).

Чорум: Траки инсонҳое, ки дар номҳои Аллоҳ каҷравӣ кардаанд (яъне роҳи ононро тарк кардан ва маънояш ин нест, ки ононро даъват накунем ва барои онон баён накунем ва боз оят таҳдидро дар бар мегирад).

Панҷум: Тафсири илҳод дар номҳои Аллоҳ.

Шашум: Ваъдаи азоб барои касе, ки дар номҳои Аллоҳ каҷравӣ мекунад.

Имтиҳони аввал барои қисми нуҳум (11 боб аст)

1-Қисми нуҳум, ҳамон дарозтарини қисм дар китоб аст: ☐ Дуруст ☐ хато.
2-Муаллиф бар ширки асғар диққат додааст, зеро он пӯшида аст: ☐ Дуруст ☐ хато.
3-(Неъмати Аллоҳ): ☐ сиғаи танҳо аст ва мурод ба он ҷамъ аст ☐ сиғаи танҳо аст.
4-Неъмат: ☐ ба ҷалби дӯстдоштаҳо ☐ ба рафъи нописандҳо ☐ ба ҳамагӣ мебошад.
5-(Сипас онро инкор мекунанд): ☐ Вуҷуди онро инкор мекунанд ☐ изофаи онро ба Аллоҳ инкор мекунанд.
6-Кафкӯбӣ дар вақти фаромадани ҳавопаймо барои сипосгузории роҳбари ҳавапаймо: ☐ Дуруст аст ☐ даруст нест.
7-Нисбат додани неъмат ба ғайри Аллоҳ куфри ☐ акбар ☐ асғар аст.
8-Ширк дар дили фарзанди Одам: ☐ Пӯшидатар аз рафтани мурча бар санги сиёҳ дар торикии шаб аст ☐ ошкору баён аст.
9-Ба Аллоҳ дурӯғ савганд хӯрдан: ☐ Ширки асғар ☐ гуноҳи кабира ☐ ҳаром ☐ дар он баёни муфассал аст.
10-Ба ғайри Аллоҳ содиқона савганд хӯрдан: ☐ Ширки асғар ☐ гуноҳи кабира ☐ ҳаром ☐ дар он баёни муфассал аст.
11-Ширкро Аллоҳ мағфират намекунад ва агарчи асғар бошад: ☐ Дуруст ☐ хато.
12-Ба Аллоҳ дурӯғ савганд хӯрдан бар Ибни Масъуд аз ба ғайри Аллоҳ содиқона савганд хӯрдан сабуктар аст (☐ дуруст ☐ хато), ва Ибни Масъуд на инро дӯст медорад ва на онро (☐ дуруст ☐ хато).
13-Гуфтани барои ту ба чӣ қасам бихӯрам, то маро бовар кунӣ ☐ дуруст ☐ нодуруст аст.
14-Гӯяндаи (он чиро Аллоҳ хоҳад ва фалонӣ хоҳад), агар эътиқод кунад, ки фалон аз Холиқ бузургтар ё ба Ӯ баробар аст, пас он ширки (☐ акбар ☐ асғар аст) ва агар эътиқод кунад, ки он камтар аст, пас он ширки (☐ акбар ☐ асғар) аст.
15-Гуфтани (бар ту амонат), ё (амонат) ☐ ширки асғар ☐ гуноҳи кабира ☐ ҷоиз аст.
16-Омӯхтани ширк воҷиб аст, то дар он воқеъ нашавад: ☐ Дуруст ☐ хато.
17-Саҳоба ﷺ ояти нозилшуда дар ширки акбарро тафсир мекарданд, ки он ширки асғарро фаро мегирад: ☐ Дуруст ☐ хато.
18-Савганди дурӯғин, ин аст ки ба Аллоҳ: ☐ дурӯғ савганд хӯрад ☐ ба он моли шахси мусалмонро бигирад.
19-Ҳарфи (вов) (☐ тартиб ☐ баробари)-ро тақозо мекунад, пас (☐ ширк ☐ ҷоиз) мебошад.

20-Ҳаргоҳ ба Аллоҳ савгандхӯранда дар ҷои сидқу боварӣ набошад (☐ барои ту ☐ барои ту нест) ки розӣ шудан ба савганди ӯро рад кунӣ.
21-Ба Паёмбар ﷺ ва ба ҳаёти модар ва ба замонат ва ба гарданам ва ба шараф савганд хӯрдан: ☐ Ба он балоҳо фарогир шудааст ☐ ширки асғар аст.
22-(Маро инчунин ва инчунин манъ мекунад) яъне:.....
23-Чаро ба савганд огоҳ накард магар яҳудӣ?.....
24-Яҳуд мансуб ба шариати (☐ Исо алайҳис салом ☐ Мусо алайҳис салом) аст ва сабаби яҳуд номидани онҳо, (☐ гуфтаи онҳо: "Мо ба сӯи Ту бозгаштем", ☐ барои бобояшон Яҳузо ☐ ҳамагӣ).
25-Паёмбар ﷺ бар ширки асғар ба ширки акбар далел оварда дар фармудааш: "Оё маро ҳамтои Аллоҳ гардондӣ" (☐ дуруст ☐ хато), ва Паёмбар ﷺ ӯро роҳнамоӣ кард ба сӯи (☐ он чизе ки ҳамаи василаҳои ба сӯи ширкро қатъ мекунад ва агарчи дур бошад ☐ ширкро тарк кард).
26-Ҳаргоҳ шахсе барои ту дар вақти салом худашро хам кунад (☐ инкор мекунӣ ☐ боке надорад ☐ агар шарм туро боз дорад, пас боке надорад) ва агар инкор накунӣ пас ту (☐ тоғут ☐ яктопарастӣ).
27-Таъзими Паёмбар ﷺ ба лафзе тақозои баробарии ӯ ба холиқ мебошад: ☐ Ширк ☐ ба нияташ мегардад, агар нияти бузург доштанро кунад, пас боке надорад.
28-Яҳуд айбҳои бисёр дорад, локин хос шуд гуфтаи онҳо (Узайр писари Аллоҳ) аст, зеро он аз бузургтарин ва бадтарини он дар назди онҳост: ☐ Дуруст ☐ хато.
29-(Маро инчунин ва инчунин манъ мекунад): ☐ Шарм кардан аз инкори ботил ☐ аз он наҳй кардан бе амри Аллоҳ.
30-Дуруст: ☐ Далел овардан сипас эътиқод кардан ☐ эътиқод кардан сипас далел овардан аст.
31-Паёмбар ﷺ шарафаш ба будани Ӯ: ☐ бандаи Аллоҳ ва расули Ӯст ☐ Муҳаммад ибни Абдуллоҳ.
32-Хоби нек ҳамонест, ки: ☐ Салоҳро дар бар мегирад ☐ бо тартиб меояд ☐ ҳамагӣ.
33-Хоб ҳаргоҳ бе тартиб бошад, пас он хоби парешон аст: ☐ Дуруст ☐ хато.
34-Хобҳои нописанд аз ҷониби шайтон аст (☐ дуруст ☐ хато) ва суннат аст, ки (☐ бар таъбиргӯяндае қисса кунад ☐ дар тарафи чапаш се бор туф мекунад ва аз шайтон паноҳ мебарад).
35-Агар ҳуҷҷатҳо бар мухолифатии хоб ба шариат далолат кунад: ☐ Эътибор карда мешавад ☐ ба он ибрате нест.
36-Гуфтаи ӯ барои ҳамсараш: (Сиёҳтарин рӯз дар ҳаёти ман рӯзи издивоҷамон аст): ☐ Дуруст ☐ нодуруст аст.
37-Дуруст ин аст, ки: ☐ Аз азият зарар лозим намеояд ☐ аз азият зарар лозим меояд.

38-Номҳои Аллоҳ накӯтар аст ва даҳр исми ҷомид аст, маъноеро бардошт намекунад, ҷуз ин ки номи вақтҳост: ☐ Дуруст ☐ хато, "ва Ман даҳр ҳастам" яъне:.....

39-Гуфтани (замони бисёр хиёнаткун): ☐ Ҳаром ☐ ҷоиз аст, зеро аз боби хабар додан аст.

40-Гуфтани (Фалонӣ дар соли гишнагӣ таваллуд шудааст): ☐ Ҳаром ☐ ҷоиз аст, зеро аз боби хабар додан аст.

41-Гуфтани эй замин касе ки бар болои ту аст, ҳифз кун: ☐ дуои ғайри Аллоҳ (ширк) аст ☐ ҷоиз аст.

42-Ақсоми дашноми даҳр: 1-.....ва ҳукми он.....

2-.....ва ҳукми он.....3-.....ва ҳукми он.....

43-Гуфтани: (Барои табиат аҷоибҳо ва асрор аст), ё (ин кори табиат аст): ☐ Дуруст ☐ хато.

44-Қозӣ байни лозим гардондан ва фатво додан ҷамъ овардааст: ☐ Дуруст ☐ хато.

45-Гуфтани (қозии қозиҳои асри ҳафтум): ☐ Ҷоиз ☐ беҳтар тарк кардани он аст.

46- Шайхи Ислом яъне: ☐ Шайхи мутлақ, ки Ислом ба сӯи ӯ боз мегардад ☐ навкунанда ва барои ӯ дар дифоъи Ислом асари нек аст.

47-(☐ Шоиста мебошад ☐ шоиста намебошад) риоя кардани ҷониби васфшуда ин ки мағрур нашавад ва ба нафсаш хушҳол нашавад.

48- Дӯстдоштатарин ном дар назди Аллоҳ исме аст, ки бар фурӯтанӣ ва шикастанафсӣ далолат кунад, мисли (☐ Шоҳаншоҳ ☐ Абдурраҳмон) ва пасттарин ном дар назди Аллоҳ, номест, ки бар (☐ ҷабарут ☐ султа ☐ таъзим ☐ ҳамагӣ) далолат кунад ва барои ин ба зидди қасдаш иқоб карда, пас хор шуд (☐ дуруст ☐ хато).

49-Номидан ба Маликуламлок ва Қозиюлқузот: ☐ Ҷоиз ☐ ҳаром ☐ гуноҳи кабира аст.

50-Куния сар мешавад ба (падар) ё (модар) ё (бародар) ё (аммак) ё (тағои) ва мебошад барои: ☐ мадҳ ☐ мазаммат ☐ якҷо шудани чиз ва лозим гирифтани он ☐ аламият ☐ ҳамагӣ.

51-Дар саҳобагон касе буд, ки номаш Ҳаким ва Ҳакам буд ва Паёмбар ﷺ онро тағйир надод, зеро ба он қасд нашуда буд, магар аламият (ном) (☐ дуруст ☐ хато) ва аз номҳои Аллоҳ таъоло манъ мешавад (☐оне ки махсус ба Ӯст ☐ оне ки дар он сифат мулоҳиза мешавад ☐ ҳамагӣ).

52-Ҳукми куния гузоштан: ☐ Мубоҳ ☐ мустаҳаб аст.

53-(Касе ба чизе ки дар он зикри Аллоҳ ё Қуръон ё расул аст, ҳазл кунад) мурод ба расул: ☐ Муҳаммад ﷺ ☐ ҳамаи расулон аст.

54-Нафй кардани истеҳзо барои имон нафйи бузург аст ва тасаввур карда намешавад, ки мусалмон инро надонад: ☐ Дуруст ☐ хато.

55-Шартҳои тавбаи масхаракунанда: 1-..... 2-.....3-.....

56-Сахтгирӣ дар боби масхара кардан ва сустӣ накардан зарур аст: ☐ Дуруст ☐ хато.

57-Онҷо касе аст, ки аз касе ки Парвардигорро дашном медиҳад, дифоъ мекунад ва агар ӯро ё модарашро дашном диҳад, ҳимояти нафс ӯро фаро мегирад: ☐ Дуруст ☐ хато.

58-Барои мардум баён кардани хатари ин боб воҷиб мебошад ва ин ки он куфри аз дин хориҷкунанда аст ва интизор намешавем, то ки дашном ва масхара кардан воқеъ шавад: ☐ Дуруст ☐ хато.

59-Онҷо касе аст, ки мегӯяд: Дашномдиҳанда ва масхаракунандаро мепурсем, оё қасди дашном дорад ё не ва ин: ☐ ботил аст ☐ саҳеҳ аст.

60-Аз таъзими ҳаққи махлуқ бар Холиқ қавли ин аст, кидашномдеҳ ба ғазаб узрдор хонда мешавад, бо вуҷуде ки дар дашноми раис ё падар ё гирифтани мол масалан узрдор ҳисобида намешавад: ☐ Дуруст ☐ хато.

61-Сахтгирӣ дар ин боб самаранoктар аст ва ҳамду ситоиш барои Аллоҳ аст дар баъзе давлатҳо ва сустгирӣ дар баъзе давлатҳо сабаб шудааст ки хӯрду калон дашном медиҳанд: ☐ Дуруст ☐ хато.

62-Гуноҳи масхаракунанда аз касе ки барои бут саҷда мекунад, бузургтар аст: ☐ Дуруст ☐ хато.

63-Гоҳо аз яҳуд ва насоро намешунавӣ касеро, ки Парвардигор ё Мусо ё Исо ё динро дашном диҳад ва локин гоҳо аз касе мешунавӣ, ки даъвои Ислом мекунад: ☐ Дуруст ☐ хато.

64-Мӯъмини ҳақиқӣ ҳаргоҳ Қуръон ё ҳадис зикр шуд, тарсад ва имонаш зиёд шавад, аммо мунофиқ масхар ва истеҳзо ва бозӣ мекунад ва сухане мегӯяд, то мардумро бихандонад: ☐ Дуруст ☐ хато.

65-Оё порчаеро ки дар он касе модаратро дашном медиҳад, нашр мекунӣ ё онро гуш мекунӣ? Пас чигуна ба касе ки модари ҳамаи мӯъминонро дашном медиҳад? ☐ Оре ☐ не.

66-Вақте порчае меояд, ки дар он таҳқиру дашном аст, воҷиб аст ки: ☐ Гуш ва нашр карда шавад, ☐ дар ҳол онро ҳазф карда шавад.

67-Ҷамъи порчаҳои дашном ва истеҳзо тариқаи ☐ салаф ☐ аҳли нифоқ аст.

68-Риддат ба сабаби дашном ва истеҳзо амраш бузург ва калон аст ва баъзе олимон гуфтанд, ки дар он тавба фоида намедиҳад ва зарур аст, ки султон ӯро бикушад ва бар ӯ намоз хонда намешавад ва барои ӯ дуо раҳмат карда намешавад ва бо мусалмонон дафн карда намешавад: ☐ Дуруст ☐ хато.

69-Дашномдеҳ ҳаргоҳ гӯяд, ки ӯ тавба кардааст, сипас бори дигар дашном диҳад, пас ин далел бар дурӯғгӯияш аст: ☐ Дуруст ☐ хато.

70-Мунофиқ ҳаргоҳ дашном диҳад, гӯяд: Қасд надоштам ва ин танҳо ба забон гуфтан аст: ☐ Дуруст ☐ хато.

71-Аз ҷумлаи он чизе ки бар сидқи масхаракун далолат намекунад, гуфтаи ӯ аз дашном ва истеҳзо, ки ин куфр аст ва ба Аллоҳ аз ӯ покӣ ҷӯяд: ☐ Дуруст ☐ хато.

72-Касе дашном ва истеҳзоро бишнавад ва инкор накунад ё мунсариф нашавад, ҳукми он монанди истеҳзокун аст: ☐ Дуруст ☐ хато.

73-Шайтон гоҳо дарҳои хайрро мекушояд, то туро дар куфр воқеъ кунонад, ин мард дар Табук буд: ☐ Дуруст ☐ хато.
74-Аз ҳадиси истеҳзокунанда истифода карда мешавад куфри касе ки саҳобагонро дашном медиҳад (дуруст хато), зеро таъна дар онҳо таъна дар (☐ Аллоҳ, ☐ Расул ﷺ ☐ дин ☐ дар саҳоба ☐ ҳамагӣ) аст.
75-Касе ки авфи ӯ фасод овардан бошад на ислоҳ, пас ӯ (☐ гунаҳгор аст ☐ гунаҳгор нест) ба ин ислоҳ.
76-Инсон ҳаргоҳ неъматро ба амалаш ва касбаш изофа кунад, пас дар он ширк овардан дар (рубубият ☐ убудият) аст ва ҳаргоҳ онро ба Аллоҳ нисбат диҳад, локин ӯ гумон кунад, ки шоистаи он аст, пас дар он навъи бартарӣ ва бологирӣ аст (☐ дуруст ☐ хато).
77-Розӣ шудан ба қазое ки он феъли Аллоҳ аст (☐ воҷиб аст ☐ воҷиб нест) ва қазошуда агар мусибат бошад, ба он розӣ шудан лозим намебошад (☐ дуруст ☐ хато).
78-Дар байни кур, кал ва пес дар талаб карданашон аз малоика фарқе вуҷуд надорад: ☐ Дуруст ☐ хато.
79-Абдулмутталиб ном гузоштан: ☐ Ҷоиз мебошад ☐ ҷоиз намебошад.
80-Навъе аз гулҳоро офтобпараст номидан: ☐ Ҷоиз аст ☐ ҷоиз намебошад.
81-Дар гирди исме ки ба он ном гузоштан ҷоиз намебошад, доира гузор: (Абдулмутталиб- Абдулкаъба- Абдуманоф- Абдулҳусайн- Абдуннабӣ- Абдулҳорис- Фиръавн- Хинзаб- Осия- Султонуссалотин- Сайидуннос- Ғуломалӣ- Раббулоламин- ар-Раҳмон- ал-Холиқ- Абдуссаттор- Абдуннур- Бутрус- Ҷорҷ- Сайидуссодот- Ситтуннисо- Абдунносир).
82-Он чи аз ғулуви рофизиҳо ба мусалмонон гузаштааст, ба он банда гардонданро мехоҳанд дар мисли қавли онҳо (Ғуломалӣ) яъне (Абдуалӣ) пас он банда гардондан барои ғайри Аллоҳ аст ва он ширк аст: ☐ дуруст ☐ хато.
83-Сухани касе ки дар моли ғайраш тасарруф карда наметавонад, мегӯяд: (Ман абдулмаъмур ҳастам): ☐ Ҷоиз мебошад ☐ ҷоиз намебошад.
84-Қисса дар ҳаққи Одам ва Ҳавво: ☐ Дуруст аст ☐ ботил аст.
85-Шайтон номи Абдулҳорисро ихтиёр кард: ☐ Зеро он номаш аст ☐ ин саҳеҳ нест, зеро Ҳорис ҳамон росттарини номҳост.
86-Ҳорис номидан: ☐ Ҷоиз мебошад ☐ ҷоиз намебошад.
87-Анбиё ба иттифоқи олимон аз ширк поканд ва касе дар ҳаққи онҳо гап занад ё аз чизҳое ки аз он сар задааст ҷустуҷӯ кунад, пас ӯ: ☐ мунофиқ аст ☐ яктопараст аст.
88-Дуои Аллоҳ ба номҳояш дуои ☐ ибодат ☐ масъалат ☐ ҳамагӣ мебошад.
89-Китоби тавҳид: ☐ Ҷомеъи ҳар се навъи тавҳид аст ☐ дар он танҳо тавҳиди ибодат аст.
90-Илҳод дар номҳо тақсим мешавад ба: ☐ ду қисм ☐ панҷ қисм.
91-(Ва тарк кунед касонеро, ки илҳод меварзанд) яъне: ☐ Онҳоро даъват намекунем ва барои онҳо баён намекунем ☐ роҳи онҳоро тарк мекунем.
92-Илҳод дар номҳо ва сифатҳо тақсим мешавад, ба: 1-..... 2-.....3-.....
4-.....5-.....

(52) Боб андар ин ки ассалому алаллоҳ гуфта намешавад (ҳаром аст)

Барои чӣ?

Зеро он мухолифи ҳақиқат аст, пас Аллоҳ дуо карда мешавад ва барои Ӯ дуо карда намешавад, Ӯ аз мо бениёз аст, локин Ӯро ба сифатҳои камол сано гуфта мешавад.

Зеро мисли ин дуо нақсро дар ҳаққи Ӯ ба гумон меорад, зеро барои чизе ба салом дуо карда намешавад, магар ҳаргоҳ ки қобили ба он васф шуданро дошта бошад ва Аллоҳ аз нуқсон пок аст.

Далели аввал:

Дар Саҳеҳ аз Ибни Масъуд разияллоҳу анҳу ривоят аст, ки гуфт: Мо вақте бо Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам намоз мехондем, мегуфтем: Салом бар Аллоҳ аз бандагонаш, салом бар фалон, пас Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд: "Салом бар Аллоҳ магуед, пас албатта худи Аллоҳ салом аст".

ас-Салом исм субутию салбӣ аст, пас салбӣ ба маънои ин аст, ки ба он нафй ҳар нақс ё айбе ки зеҳн онро тасаввур мекунад ё ақл онро хаёл мекунад, хоста мешавад, пас Ӯро дар зоташ ё сифатҳояш ё корҳояш ё ҳукмҳояш нақс намепайвандад ва субутӣ ба маънои ин аст, ки собит будани ин исм барои Ӯ ирода мешавад ва сифатеро ки ин исм дар бар мегирад ва он сифати саломатӣ аст. Ва салом чанд маъно дорад:

Таҳия аст, ҳамчуноне ки гуфта мешавад: Бар фалонӣ салом бигӯ.

Саломати аз нақсу офатҳо, монанди гуфтаи мо: (Салом бар ту эй Паёмбар).

ас-Салом номе аз номҳои Аллоҳ аст.

Масъалаҳо:

Якум: Тафсири салом (Номе барои Аллоҳ азза ва ҷалла аст: Яъне аз ҳар нақсу айб солим аст). **Дуюм:** Салом дуо аст. **Сеюм:** Набояд онро дар мавриди Аллоҳ ба кор бурд (агар салоҳият надошта бошад, ҳаром аст).

Чорум: Баёни сабаби манъ буданаш (сабаб ин аст, ки Аллоҳ азза ва ҷалла салом аст).

Панҷум: Таълим додани онон таҳият ва саломеро, ки шоистаи Аллоҳ аст (дар ташаҳҳуд "аттаҳиёт", пас барои махлуқе таҳиёти ман намегуем).

Боб (53) андар гуфтани: Эй Аллоҳ агар бихоҳӣ маро мағфират кун!. (Дар дуо истисно кардан ҳаром аст)

Ин боб камоли султони Аллоҳ ﷻ ва караму фазли Ӯро баён мекунад ва манъшуда дар ин таълиқ:

Он огоҳ мекунонад, ки Аллоҳ ӯро маҷбур-кунанда аст ва амр инчунин нест.	Он огоҳ мекунонад, ки ин амр бар Аллоҳ бузург аст, гоҳо бар Ӯ гарон меояд ва аз он оҷиз меояд ва инчунин нест.	Он огоҳ мекунонад, ки инсон аз Аллоҳ бениёз аст ва ин лоиқ нест ва аз адаб нест.

Далели аввал:

Дар Саҳеҳ аз Абӯҳурайра разияллоҳу анҳу ривоят аст, ки Расулуллоҳ ﷺ фармуд: (Яке аз шумо "дар вақти дуо" нагӯяд: Эй Аллоҳ, агар хостӣ маро мағфират кун ё агар хостӣ маро раҳмат кун ё агар хостӣ ба ман ризқ бидеҳ, бояд дар дуо ҷиддӣ дуо намояд, Аллоҳ он чӣ хоҳад мекунад, Ӯро касе ба коре маҷбур карда наметавонад).

Ва дар ривояти Муслим омада аст: (Бояд дар вақти дуо, аз Аллоҳ чизҳои бузургро дархост кунад, зеро Аллоҳ ҳарчи бибахшад, эҳсос намекунад, ки чизи бузурге ато кардааст).

Таълиқ дар дуои истихора таълиқи дар машият нест ва албатта барои амре ки дар назди ман номаълум аст, пас намедонам оё ин барои ман хайр аст ё не? Ва инчунин ба нисбати ҳадиси "**Маро зинда нигаҳ дор, модоме ки ҳаёт барои ман хайр бошад**".

Масъалаҳо:

Якум: Наҳӣ аз истисно дар дуо.

Дуюм: Баёни сабаби наҳӣ.

Сеюм: Фармудаи Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам: Дар дуо бояд ҷиддӣ бошӣ. (Ҳаргоҳ дуо кардӣ, пас ҷиддӣ бош ва тараддуд макун).

Чорум: Рағбатро бузург намудан (яъне он чи мехоҳад, мепурсад, пас ягончи бар Аллоҳ азиз ва мумтаниъ нест).

Панҷум: Баёни рағбатро бузург намудан (1) барои баёни олӣ будани шариат. (2) Зиёдатии оромии инсон. (3) Қиёс, ҳаргоҳ масъала дар аҳком бошад).

(54) Боб: Ғулом ва канизи худро бандаи ман ва канизи ман нагӯяд

Ҳукми қавли: (Бандаи ман) ё (канизи ман)

Ба худаш изофа кунад, ин ду сурат дорад:

Ба сӯи ғайраш изофа кунад: Мисле ки гӯяд: (бандаи фалон) ё (канизи фалон), пас ин ҷоиз аст.

Ба сиғаи хабар бошад, мисли қавли: (Бандаамро таом додам) ё (бандаамро озод кардам) ва дар ин тафсил аст:

Ба сиғаи нидо бошад, мисли қавли: (Эй бандаи ман), аз ин наҳйшуда аст.

Ҳаргоҳ онро дар ғоибии банда ё каниззан гӯяд, пас он ҷоиз аст.

Ҳаргоҳ онро дар ҳозир будани банда ё каниззан гӯяд, нигоҳ мекунем, оё бар он ба банда ё ба мавло фасод тартиб меёбад, агар фасод ёфта шавад манъ карда мешавад вагарна он ҷоиз аст.

Далели аввал:

Дар Саҳеҳ аз Абӯҳурайра разияллоҳу анҳу ривоят аст, ки Расулуллоҳ ﷺ фармуд: "Ягон каси шумо нагӯяд: Барои парвардигорат ғизо биёр ё оби вузӯ омода кун, балки бигӯяд: Оқо ва сарвар, ҳамчунин ғуломон ва канизони худро ба калимаи (абд) ва (амма) фарёд накунед, балки бигӯяд: Ҷавонписар ҷавондухтар ва ғуломи ман".

❁(Ягон каси шумо нагӯяд: Барои парвардигорат ғизо биёр ё оби вузӯ омода кун): Зеро дар он бар ҷониби рубубият гузаштан аст.

❁(Ва локин: Оқо ва сарвар бигӯяд): Ин хитоб барои банда аст ва барои вуҷубият нест ва албатта барои иршоду мубоҳ аст, зеро олимон гуфтанд: Ҳаргоҳ амр дар муқобили чизи манъшуда биёяд, барои мубоҳӣ мегардад ва аз ҷумлаи он фармудаи Аллоҳ таъолост: (**Ҳаргоҳ аз эҳром берун омадед, пас шикор кунед**).

❁(Ва ягон каси шумо нагӯяд): Манъ кардан ё барои ҳаром будан ё барои кароҳият аст ва то ваҳм бурда нашавад, ки он бандагиест, ки намебошад, магар барои Аллоҳ ﷻ, (бандаи ман): Барои ғулом, (ва канизи ман): барои чуризан.

❁(Бигӯяд: Ҷавонписар ҷавондухтар ва ғуломи ман): Ин хитоб барои мавло аст ва дар ин омадааст, ки шариат ҳаргоҳ дари ҳаромро махкам

кунад, дари ҷоиз буданро мекушояд ва дар ин танбеҳ барои таҳқиқи тавҳид аст, ҳатто дар лафзҳо.

Масъалаҳо:

Якум: Наҳй аз гуфтани "бандаи ман ва канизи ман".

Дуюм: Ғулом ба соҳибаш нагӯяд: Парвардигор ё арбоби ман. Ва барои ғулом гуфта нашавад: Ба арбобат ғизо бидеҳ.

Сеюм: Соҳибон ба ғуломони худ, бигӯяд: Писари ман, духтари ман ва ғуломи ман.

Чорум: Ғуломон ба соҳибони худ бигӯянд: Оқои ман.

Панҷум: Муроду мақсадро огоҳ намудан ва он ҳам риоя кардани тавҳид аст, ҳатто дар лафзҳо.

Боб (55) касе ба номи Аллоҳ чизе бипурсад, ба ӯ бидиҳед

Ақсоми ба Аллоҳ пурсидан

Ба Аллоҳ пурсидан ба сиғаи: Монанди гуфтани: Туро ба Аллоҳ мепурсам.

Ба шариати Аллоҳ пурсидан: Яъне суоле мекунад, ки шариат онро раво медонад, монанди пурсидани фақир аз садақа.

Оё барои инсон ба Аллоҳ пурсидан ҷоиз аст ё не?

Пурсидан аз ҷиҳате ки ҳаром ё макрӯҳ аст, магар ба хотири ҳоҷат ё зарурат ва барои ин Паёмбар ﷺ бо асҳобаш байъат кард, ки аз мардум чизе напурсанд ва аммо иҷобати пурсанда, пас ҳоли пурсанда холӣ нест, аз ин ки мепурсад:

Суоли холӣ: Мисли ин ки гӯяд: (Эй фалонӣ ба ман ато кун), пас агар чизе бошад, ки шариат онро раво донад, ба ӯ бидиҳад.

Ба Аллоҳ пурсад: Инро иҷобат мекунад ва агарчи мустаҳиқ набошад, зеро ӯ ба чизи бузург пурсид, пас иҷобати ӯ таъзими ин бузург аст, локин ҳаргоҳ гуноҳеро пурсад ё иҷобати ӯ бар пурсидашуда зарар орад, пас иҷобат карда намешавад.

Далели аввал:

Аз Ибни Умар разияллоҳу анҳу ривоят аст, ки Расулуллоҳ ﷺ фармуд: "Ҳар кас ба хотири Аллоҳ паноҳгоҳ хост, пас ӯро паноҳ диҳед. Ҳар кас ба хотири Аллоҳ чизе хост, ба ӯ бидиҳед. Ҳар кас шуморо даъват кард, бипазиред. Ҳар кас ба шумо некӣ кард, ҷавоби некияшро ба монанди некияш бидиҳед, пас агар наёфтед он чи ки мукофоташ диҳед, пас барояш дуо кунед, то гумон кунед, ки ҳаққи ӯро ба ҷо овардаед".

(Абӯдовуд ва Насоӣ бо санади саҳеҳ ривоят кардаанд).

❁(Пас ӯро паноҳ диҳед): Магар ки аз амре ки бар ӯ воҷиб аст, паноҳ талабад, ё бар кори гуноҳ ва душманӣ ёрӣ талаб кунад.

❁Оё иҷобати даъват ҳаққи Аллоҳ аст ё ҳаққи одамӣ? Ҳаққи одамӣ аст ва барои ин аз даъватчӣ дархост кардӣ, ки туро озод кунад, пас қабул кард, бар ту гуноҳе нест, локин он ба амри Аллоҳ воҷиб аст ва локин туро аз рӯи ҳаё ва хиҷолат аз ту, бе қаноат кардан озод кунад, пас дар ин ҳол шоиста нест, ки иҷобатро тарк кунӣ.

❁(Пас ӯро иҷобат кунед): Мурод ба даъват, даъватест, ки барои икром бошад, на садо кардан ва ҷумҳури олимон бар ин раъйянд, ки иҷобати даъват мустаҳаб мебошад, магар даъвати туй, пас он ба шаш шарт воҷиб мебошад:

1-Даъватчӣ аз касоне набошад, ки тарки ӯ воҷиб ё суннат бошад.

2-Дар макони даъват мункар набошад, агар дар онҷо мункар бошад, пас имкони онро дур карданро дошта бошад, бар вай ҳозир шудан воҷиб аст аз рӯи иҷобати даъват ва тағйир додани мункар.

3-Даъватгар мусалмон бошад вагарна иҷобат воҷиб намешавад.

4-Касби он ҳаром набошад.

5-Иҷобат соқит кардани воҷиберо дар бар нагирад, ё чизеро ки аз он воҷибтар бошад.

6-Бар иҷобаткунанда зарараре надошта бошад, монанди сафар ё ҷудо шудан аз хонаводааш ки ба ӯ эҳтиёҷ доранд.

❁ Оё картаҳои даъват, ки тақсим мешавад, мисли ба даҳон даъват кардан аст? Ҳаргоҳ дониста шуд, ё бар гумон ғолиб омад, ки касе ки ба сӯи вай фиристода шудааст, худи он қасд карда шудааст, пас барои он ҳукми даъвати даҳониро дорад.

❁(Пас мукофоташ диҳед): Мукофот ду фоида дорад:

1-Соҳиби хайрро бар кори хайр ҳавасманд кардан.

2-Инсон хириеро, ки ба некӣ кардани ба вай ҳосил шуда буд, мешиканад.

Масъалаҳо:

Якум: Паноҳ додан ба касе ки ба номи Аллоҳ паноҳ мехоҳад (касе ба номи Аллоҳ паноҳ барад, паноҳ додани вай воҷиб мешавад, магар аз чизе ки аз рӯи кардан ё накардан воҷиб бошад, паноҳ талабад, паноҳ дода намешавад).

Дуюм: Касе ба номи Аллоҳ чизе бихоҳад, ба ӯ ато кардан.

Сеюм: Даъватро иҷобат кардан.

Чорум: Дар ҷавоби некӣ подош додан (яъне ба касе, ки ба ту некӣ карда аст).

Панҷум: Дуо низ навъи подош аст, барои касе ки чизи дигар дар бисот надорад (зеро дуо дар ин подош аст ва дар он чизе ки одатан сонеъро мисли он подош дода намешавад).

Шашум: Дуо ба қадре бошад, ки дуокунанда ба ин натиҷа бирасад, ки подоши он шахсро додааст. (Дар дуо кутоҳӣ намекунад, балки дуо мекунад, то донад ё бар гумонаш ғолиб ояд, ки ҷазои ӯро додааст).

(56) Боб андар ба ваҷҳи Аллоҳ ҷуз Ҷаннат чизе пурсида намешавад

Маънои тарҷумаи боб:

Яъне: Ягон махлуқро ба ваҷҳи Аллоҳ напурс ва халқ бар додани Ҷаннат қудрат надоранд.

Ё: Ҳаргоҳ ба ваҷҳи Аллоҳ пурсидӣ, пас Ҷаннат бипурс ва чизе аз умури дунёро напурс.

Дар ин таъзими ваҷҳи Аллоҳ аст, ба ҳайсе ки ба ваҷҳи карими Ӯ пурсида намешавад, магар Ҷаннат ё чизе ки ба сӯи он мерасонад.

Далели аввал:

Аз Ҷобир разияллоҳу анҳу ривоят аст, ки Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд: **"Ба ваҷҳи Аллоҳ чизе ҷуз Ҷаннат пурсида намешавад"**. (Ривояти Абӯдовуд).

❁(Ба ваҷҳи Аллоҳ): Дар ин исботи ваҷҳ барои Аллоҳ аст ва он ба Қуръон, Суннат ва иҷмоъ собит аст, ваҷҳи ҳақиқӣ аст, ки рӯйҳои махлуқҳоро монанд намебошад.

Масъалаҳо:

Якум: Наҳй аз ин ки ба ваҷҳи Аллоҳ ҷуз ҳамон матлуби ниҳоӣ чизи дигаре хоста шавад (Аз адаб аст, ки ба ваҷҳи Аллоҳ ҷуз амри охират пурсида нашавад: Ба Ҷаннат зафар ёфтан ё аз оташ наҷот ёфтан).

Дуюм: Исботи сифати ваҷҳ (рӯй) барои Аллоҳ.

Ҳукми дуо сифат:

Дуои сифат ҷоиз намебошад, мисли қавли онон: Эй раҳмати Аллоҳ, эй ваҷҳи Аллоҳ, эй иззати Аллоҳ, ин дуои пайдошуда аст, дар ҳуҷҷатҳо вуҷуд надорад ва аз салаф наомадааст ва Шайхи Ислом раҳимаҳуллоҳ гуфт: (Ин куфр аст).

(57) Боб андар он чизе ки дар бораи калимаи "агар" омадааст (дар ин баёни муфассал аст)

Ақсоми истеъмоли калимаи "агар" бо ҳукми он:

Ҳаром аст ва гоҳо ба куфр мерасад: Дар эътирози бар шариат истеъмол шавад.	(Агар моро дар ин кор амре мебуд, дар инҷо кушта намешудем): Мунофиқон бар шаръи Расул эътироз карданд ва гуфтанд: Агар моро итоат мекарданд ва мегаштанд, ҳамонгуна ки мо гаштем, кушта намешуданд, пас раъйи мо аз шаръи Ӯ беҳтар аст.
Ҳаром аст ин ки дар эътироз кардани бар қадар истеъмол шавад.	(Агар моро итоат мекарданд, кушта намешуданд): Яъне агар онҳо боқӣ мемонданд, кушта намешуданд, пас онҳо бар қадари Аллоҳ эътироз мекунанд.
Ҳаром аст, ки онро барои пушаймонӣ ва ҳасрат истеъмол кунад.	(Агар ман чунин мекардам, ҳароина чунин ва чунон мешуд): Зеро пушаймонӣ ба нафс ғаму тангӣ меорад ва Аллоҳ мехоҳад, ки дилкушод бошем.
Ҳаром аст, ки дар ҳуҷҷат овардани ба қадар бар маъсият истеъмол шавад.	(Агар Аллоҳ мехост, мо ширк намеовардем): Ин ботил аст, локин ба қадар дар мусибатҳо ҳуҷҷат овардан дуруст мебошад, на дар айбҳо ва дониста мешавад, ки банда тавба кунад ва аз гуноҳ дур шавад.
Агар хайр бошад, пас он хайр аст ва агар шар бошад, пас он шар аст, ки дар орзӯ истеъмол шавад.	**(Агар ман мол медоштам, ҳароина мисли фалонӣ мекардам): Пас ин таманнои хайр аст, пас Паёмбар ﷺ гуфт: (Пас ӯ тибқи нияташ аҷр дода мешавад, пас аҷри ҳар ду баробар аст), ва дар ҳаққи касе ки таманнои шар кард ﷺ гуфт: (Пас ӯ тибқи нияташ ҷазо дода мешавад, пас гуноҳашон баробар аст).**
Агар дар хабари маҳз истеъмол шавад, **ҷоиз** аст.	(**Агар ман чизеро ки баъдан донистам дар аввал медонистам, шутури қурбониро бо худ намеовардам**): Ин хабар аст, зеро Ӯ ﷺ хилофи тақдири Аллоҳ чизеро таманно намекунад, мисли қавли: Агар дар дарс ҳозир мешудӣ, ҳароина истифода мекардӣ.

Далели аввал то сеюм:

Ва фармудаи Аллоҳ таъоло: "Мегӯянд, агар моро аз ин кор чизе мебуд, дар инҷо кушта намешудем".

2). Ва фармудаи Ӯ: "Касоне ки худ (аз ҷанг) боз нишастанд, дар ҳаққи бародарони хеш гуфтанд: Агар фармони моро гуш мекарданд, кушта намешуданд" то охири оят.
3). Дар Саҳеҳ аз Абӯҳурайра разияллоҳу анҳу ривоят аст, ки Расулуллоҳ ﷺ фармуд: "Ба он чи ки бароят манфиат дорад, ҳарис бош ва аз Аллоҳ талаби ёрӣ кун ва нотавон мабош. Ва агар дучори мусибате шудӣ, магӯ: Агар чунин мекардам, чунин ва чунон мешуд ва локин бигӯ: Тақдири Аллоҳ чунин буд ва Ӯ ҳарчи бихоҳад анҷом медиҳад, зеро калимаи "агар" дарвозаи умури шайтонро боз мекунад".

❁(Мегӯянд: Агар моро дар ин кор амре мебуд, дар инҷо кушта намешудем): Ин аз эътирози мунофиқон бар шариат аст, зеро онҳо бар Расул ﷺ итоб карданд, ки бе мувофақатии онҳо баромад.
❁Ва мумкин аст, ки эътирози бар қадар низ бошад, ба маънои ин ки (набаромадем, ки кушта шавем).
❁(Касоне ки худ (аз ҷанг) боз нишастанд, дар ҳаққи бародарони хеш гуфтанд: Агар фармони моро гуш мекарданд, кушта намешуданд): Дар ин эътироз бар мӯъминон ва бар қазову қадари Аллоҳ аст ва аз ҷиҳод тарсидан аст.
❁Касе бар қадар эътироз кунад, ба Парвардигории Аллоҳ розӣ намебошад ва тавҳиди рубубиятро таҳқиқ накардааст.
❁Фоидаҳои ҳадис:
1-Ҳарис будан бар чизе ки фоида меорад ва тарки он чизе ки зарар меорад. 2-Аз Аллоҳ ёрӣ хостан. 3-Дар кор рафтан ва онро идома додан ва оҷизӣ накардан, ин мартабаҳо ба ту вобаста аст. 4-Ҳаргоҳ хилофи мақсад ҳосил шавад, пас ин аз ҷониби ту нест ва албатта он ба тақдири Аллоҳ аст, пас амрро ба Аллоҳ бисупор.

Масъалаҳо:

Якум: Тафсири ду ояти сураи Оли Имрон (якум эътироз кардан дар шаръ аст ва дуюм эътироз кардан дар қадар аст).
Дуюм: Наҳӣ аз гуфтани калимаи "агар", пас аз мусибат.
Сеюм: Баёни иллати манъ кардан, ин ки дарвозаи умури шайтонро боз мекунад. (Пас инсон афсус ва пушаймонӣ мекунад).
Чорум: Роҳнамоӣ ба гуфтани сухонони нек.
Панҷум: Амр ба ин ки ба амалҳои манфиатомез бояд ҳарис буд ва аз Аллоҳ бояд кумак гирифт.
Шашум: Манъ кардан аз зидди ин, он ҳам бошад нотавонӣ аст. (Аз анҷоми феъле сустӣ ва танбалӣ кардан, зеро он дар тақдири инсон аст).

(58) Боб андар манъ кардан аз дашноми бод (ба қазо розӣ будан)

Далели аввал:

Аз Убай ибни Каъб разияллоҳу анҳу ривоят аст, ки Расулуллоҳ ﷺ фармуд: "Бодро дашном надиҳед, агар чизи ногуворе аз он дидед, ин дуоро бигуед: Бор илоҳо! Мо хайри ин бод ва хайри он чи дар он ҳаст ва хайри маъмуриятеро, ки дорад мехоҳем ва аз бадии ин бод ва аз бадии он чи дар он ҳаст ва аз бадии маъмурияте, ки дорад ба Ту паноҳ мебарем". (Тирмизӣ ин ҳадисро саҳеҳ гуфтааст).

❁Дашноми бод бар баёнест, ки дар дашноми даҳр гузашт ва муаллиф инро инҷо танҳо овард, барои бисёр воқеъ шуданаш ва наҳй аз лаънату дашном умуман омадааст, Паёмбар ﷺ фармуд: (**Мӯъмин таъназан, лаънаткун, бадрафтор ва дашномдеҳ нест**), ва ﷺ фармуд: (**Лаънаткунандагон дар рӯзи қиёмат шафоатгар ва шаҳидҳо намебошанд**).

❁Ва дар дашноми мусалмон ﷺ фармуд: (**Дашноми мусалмон фисқ ва куштани он куфр аст**).

❁Ва дар дашноми мурдагон ﷺ фармуд: (**Мурдагонро дашном надиҳед, зеро онҳо расиданд ба сӯи чизе ки пеш фиристода буданд**).

❁Ва дар дашноми ҳайвонҳо ﷺ фармуд: (**Шутуре ки бар он лаънат шуд, бо мо ҳамсафар нашавад**).

❁Ва дар дашноми таб ﷺ фармуд: (**Табро дашном надиҳед**).

Масъалаҳо:

Якум: Аз дашноми бод манъ намудан, (барои ҳаром будани он, зеро дашноми бод, дашноми касест, ки онро офарида ва фиристодааст).

Дуюм: Рӯ овардан ба дуо ва суханони нек, ҳангоми мушоҳидаи чизи ногувор. (Аз ҷумла ин ки бигӯяд: Эй Аллоҳ ман Туро мепурсам..., ва ба асбоби ҳиссӣ чанг занад, монанди аз шарри он ба девор паноҳ бурдан).

Сеюм: Баёни ин ки бод амршуда аст.

Чорум: Бод гоҳо ба кори хайр ва гоҳо ба кори бад амр мешавад.

(Хулоса, бар инсон воҷиб аст, ки бар қазо ва қадари Аллоҳ эътирозу норизогӣ накунад ва онро дашном надиҳад ва барои амри кавнии Ӯ таслим шавад, ҳамчунон воҷиб аст, ки барои амри шаръии Ӯ таслим шавад, зеро ин махлуққо ҳеҷ коре карда наметавонанд, магар ба амри Аллоҳ).

(59) Боб андар фармудаи Аллоҳ таъоло: **"Онҳо дар бораи Аллоҳ гумони ноҳақ мекарданд (монанди) гумони ҷоҳилият, мегуфтанд: Оё моро аз ин кор чизе ҳаст? Бигӯ: (Сариштаи) кор ба тамом аз они Аллоҳ аст"** то охири оят.

❁(**Онҳо дар бораи Аллоҳ гумони ноҳақ мекарданд**): (Мунофиқон) гумони ҷоҳилӣ мекарданд, ки гумонкунанда дар он қадру азамати Аллоҳро намедонад, пас он гумони ботил бар ҷаҳл бино ёфтааст ва ба Аллоҳ гумон кардан ду навъ аст:

1-Ба Аллоҳ гумони нек кунад ва ин ду тааллуқ дорад:

а-Ба он чизе ки дар олам мекунад, тааллуқ дорад, пас бар ту воҷиб аст, ки дар ин нисбати Аллоҳ гумони нек кунӣ.

б-Ба он чизе ки ба ту мекунад, тааллуқ дорад, воҷиб аст, ки ба Аллоҳ гумони нектар намоӣ, ба шарте ки дар назди ту бошад он чизе ки муҷиби гумони нек бошад ва он ихлосу пайравӣ аст.

2-Ба Аллоҳ гумони бад кунад: Мисли ин ки дар феъли Аллоҳ беақлӣ ё зулм ё монанди инро гумон кунад, пас ин аз бузургтарини ҳаромҳо ва зишттарини гуноҳҳо аст, ҳамчуноне ки мунофиқон ва ғайрашон ба ноҳақ гумон карданд.

Далели дуюм:

Ва фармудаи Ӯ: **"Ба Аллоҳ гумони бад доранд, ҳаводиси ногувор ва бад бар онон бод"**.

❁Мурод ба онҳо мунофиқон ва мушрикон ҳастанд, пас бадӣ онҳоро аз ҳамаи ҷониб иҳота дорад.

Ибни Қайим дар тафсири ояти аввал мегӯяд: Гумони баде ки дар инҷо ба он ишора гардид, мутааллиқ ба мунофиқон аст. Онҳо гумон мекарданд, ки Аллоҳ паёмбаронашро ёрӣ намерасонад. Ва ба зуди даъвати Расулуллоҳ ﷺ аз байн хоҳад рафт. Ҳам ҳикмати Аллоҳро инкор мекарданд ва ҳам тақдирро ва ҳам инро ки Аллоҳ ба паёмбараш ёрӣ хоҳад дод ва динашро бар дигар динҳо пирӯз хоҳад намуд. Ва ана ҳамин гумони бадест, ки аз мунофиқон ва мушрикон Аллоҳ дар сураи Фатҳ зикр кардааст. Ва ин гумон дар мавриди Аллоҳ ва бо ҳикмат ва ваъдаҳои Ӯ лаёқат надорад. Пас касе гумон кунад, ки Аллоҳ ботилро ғолиб месозад бар ҳақ ғолиб сохтане, ки ҳақ аз байн меравад ё ҳаводисе, ки ба қазову қадари Ӯст инкор кунад ё тақдири Ӯ ки бо ҳикмати расое аст, ба сабаби он шоистаи ҳамду сипос аст, инкор намояд, балки гумон намояд, ки танҳо иродаи беҳикмат аст. Пас ин "ҳамон" гумони кофирон аст, вой бар кофирон аз оташи (Дӯзах).

Имрӯз бештари мардум, дар ҳаводисе ки ба онон рӯх медиҳад, нисбати Аллоҳ гумони бад мекунанд ва аз ин беморӣ саломат наmemонад, магар касе ки Аллоҳро бо номҳо ва сифатҳояш бишиносад ва бидонад, ки корҳояш аз ҳикмат ва маслиҳат сарчашма мегирад... Пас боақл, насиҳатгар бар худаш ба ин амр (яъне ба Аллоҳ гумон кардан) диққат диҳад ва ба сӯи Аллоҳ тавба кунад ва аз гумони баде, ки нисбат ба Парвардигораш кардааст, талаби мағфират намояд. Ва агар ту касеро тафтиш намой, мебинӣ, ки аз тақдир шикояту гила дорад ва худро сарзанишу маломат мекунад ва бояд, ки чунин ва чунон мешуд, пас баъзе мардум кам ба тақдир эъти-роз мекунанд ва баъзеашон бисёр.
Ва худатро тафтиш намо, оё аз ин беморӣ солим ҳастӣ?

فإن تنجنها تنج من ذي عظيمة وإلا فإني لا اخالك ناجيا

Агар аз он (бадгумони нисбат ба Аллоҳ) наҷот ёбӣ, аз балои бузурге наҷот ёфтай, вагарна ман туро наҷотёфта намебинам.

❁Ин суханро Ибни Қайим раҳимаҳуллоҳ дар "Зод-ул-миод" дар паи ғазваи Уҳуд дар зимни баҳси ҳикматҳо ва ғоятҳои ситудашудае, ки дар он буд, зикр кардааст. Ва хулосаи он чи ки дар гумони бад зикр кардааст:
1-Гумон кардан, ки Аллоҳ ботилро бар ҳақ пирӯзии барқарор медиҳад, ки бо он ҳақ нобуд мешавад.
2- Он чизе ки ба қазову қадари Аллоҳ рӯй диҳад, инкор кунад ва чигуна дар мулки Аллоҳ чизе мешавад, ки онро намехоҳад.
3-Будани қадари Ӯро барои ҳикмати расое, ки бар он шоистаи ҳамд мебо-шад, инкор кунад.
❁Ва хулосаи он чи ки дар илоҷи гумони бад гуфтааст:
1-Номҳову сифатҳоро дар ҳақиқат донистан, на донистани таҳриф ва таъвил.
2-Ба ин боақл аҳамият диҳад, то ба Аллоҳ гумони ҳақ кунад, на гумони бад ва гумони ҷоҳилият.
3-Ба сӯи Аллоҳ ба тавба кардан аз маъсият гаштан, аз маъсият ба сӯи тоат ва истиғфор гаштан.
4- Ба нафсат гумони бад кун, пас инсон маҳали нақс ва бадӣ аст.

Масъалаҳо:

Якум: Тафсири ояти сураи Оли Имрон, ("Нисбати Аллоҳ ба ноҳақ гумон мекунанд" ва замир ба мунофиқон мегардад)

Дуюм: Тафсири ояти сураи Фатҳ, ("Ба Аллоҳ гумони бад доранд" ва замир ба мунофиқон мегардад).

Сеюм: Хабар додан ба ин ки гумони бад анвоъи гуногун аст, ки маҳсур нест. (Ва қоидааш ин аст, ки нисбат ба Аллоҳ гумоне кунад, ки лоиқи Ӯ нест).

Чорум: Аз гумони бад ба Аллоҳ наҷот намеёбад, магар касе ки Аллоҳро ба номҳо ва сифатҳояш бишиносад ва худашро бишиносад. (Пас онро тафтиш намояд ва ҳақиқат ин аст, ки инсон маҳали нуқсон ва бадӣ аст ва аммо Парвардигор азза ва ҷалла маҳали камоли мутлақ аст, ки нуқсон ба ягон ваҷҳ пеш намеояд)

(60) Боб андар он чизе ки дар мавриди инкоркунандагони тақдир омадааст

❁Қадар сирри Аллоҳ дар халқаш аст ва онро намедонем магар баъди воқеъ шудани он ва хоссатан ба тавҳиди рубубият тааллуқ дорад ва ба тавҳиди номҳо ва сифатҳо тааллуқ дорад. Ва мардум дар қадар се тоифаанд:

1-Тоифиа ҷабрия: Қадарро исбот карданд ва дар он ғулув карданд, то ки аз банда ихтиёр ва қудраташро гирифтанд ва гуфтанд: Инсон ихтиёр ва қудрат надорад.

2-Тоифаи қадарияи мӯътазила: Барои банда ихтиёр ва қудратро дар амалаш исбот карданд ва дар ин ғулув карданд, то ки барои Аллоҳ дар амали банда машият ё халқ бошад, нафй карданд.

3-Тоифаи сеюм, аҳли суннат ва ҷамоат аст: Байни далелҳо ҷамъоварӣ карданд ва дар равишашон беҳтарин миллатро пеш гирифтанд, пас ба қазову қадари Аллоҳ имон оварданд ва барои банда машияте ки марбут ба машияти Аллоҳ аст, исбот карданд.

Барои имони ба қазову қадар фоидаҳои бузург аст, аз ҷумла:

1-Он аз тамоми тавҳиди рубубият аст.

2-Он муҷиби сидқи эътимод бар Аллоҳ аст.

3-Он муҷиби оромии қалб аст, ҳаргоҳ донад, ки он чи ба ту расид туро хато намекард ва он чи туро хато кард, ба ту намерасид, ба он чизе ки ба ту мерасад, пас аз чанг задан ба асбоби нафъовар, ором мешавӣ.

4-Хушҳол шудани шахс ба амалашро манъ мекунад, ҳаргоҳ амале кунад, ки бар он шукр гуфта шавад, зеро Аллоҳ бар вай миннат ниҳод.

5-Ғамгин нашуданаш ба он чизе ки бар вай мерасад, зеро он аз ҷониби Парвардигораш ﷻ аст, пас он аз раҳмат ва ҳикмат содир шудааст.

6-Инсон ба асбоб чанг мезанад, зеро ӯ ба ҳикмати Аллоҳ имон дорад ва ин ки Ӯ ашёро тақдир намекунад, магар ки ба асбобаш пайваста аст.

Далели аввал:

Ибни Умар разияллоҳу анҳумо мегӯяд: Савганд ба зоте ки ҷони ман дар дасти Ӯст, ки агар яке ба андозаи кӯҳи Уҳуд тилло дошта бошад ва ҳамаро дар роҳи Аллоҳ садақа намояд, то ба масъалаи тақдир имон наёварда бошад, аз ӯ қабул намешавад, зеро Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд: Имон иборат аст аз ин ки ба Аллоҳ, фариштагон, китобҳо, паёмбаронаш, ба рӯзи охират ва ба тақдири неку бадаш имон дошта бошӣ. (Ривояти Муслим)

Имон: Ба забон гуфтан ва ба қалб эътиқод кардан ва ба аъзои бадан амал кардан аст, ба тоат зиёд мешавад ва ба маъсият кам мешавад ва он шаш асос дорад:

- Ба Аллоҳ
- ва малоикаҳои Ӯ
- ва китобҳои Ӯ
- ва расулони Ӯ
- ва рӯзи охират
- ва ба тақдири хайр ва шарри Ӯ

"Ба Аллоҳ имон биёрӣ" имони ба Аллоҳ чор амрро лозим мегирад:

- Имон ба ҳастии Аллоҳ ва мебошад ба:
  - **Ақл:** Пас вуҷуди махлуқ бе Холиқ тасаввур карда намешавад (Оё онҳо аз ҳеҷ чиз офарида шудаанд, ё худ холиқи худанд).
  - **Ҳис:** Дар сахтӣ ва машаққат мебошӣ, сипас дуо мекунӣ, мебинӣ, ки сахтӣ ба дуои Аллоҳ бартараф мешавад, ҳамонгуна ки Пайғамбар ﷺ дар Уҳуд дуо кард.
  - **Фитрат:** Паёмбар ﷺ гуфт: "Ҳар навзод бар фитрат таваллуд мешавад, пас волидайнаш ӯро яҳудӣ мекунад ё насронӣ.....".
  - **Шаръ:** Ибни Қайим раҳимаҳуллоҳ гуфт, ки дар Қуръон ояте нест, магар ки дар он далел бар тавҳид аст.
- Тавҳиди рубубият
- Тавҳиди улуҳият
- Тавҳиди номҳо ва сифатҳо

❁(Ва малоикаҳои Ӯ): Онҳо олами ғайбӣ ҳастанд, Аллоҳ онҳоро аз нур офарида аст, Аллоҳро итоат мекунанд ва бефармонӣ намекунанд, арвоҳ доранд (Рӯҳи қудус) ва ҷасадҳо доранд **("Касе" ки фариштагонро расулоне қарор дод, дорои болҳои дугона ва сегона ва чаҳоргона, ҳарчи бихоҳад дар офариниш меафзояд**) ва ақлҳо ва қалбҳо доранд (**То замоне ки нигаронӣ аз дилҳояшон бартараф шавад, гӯянд: Парвардигоратон чӣ гуфт**), ба онҳо имон меорем ва ба номҳояшон, ки Аллоҳ моро таълим дод (монанди Ҷибраил ва Микоил ва Исрофил) ва ба сифатҳои онон (**Дар он чи ба онон фармон дода нофармонӣ намекунанд ва ҳар чи фармон меёбанд анҷом медиҳанд**) ва ба амалҳои онҳо (монанди бардорандагони Арш) ва ба ахборе ки аз онҳо омадааст.

❁(Ва китобҳои Ӯ): Воҷиб аст, ки имон биёрем, ки онҳо дар ҳақиқат каломи Аллоҳ ҳастанд на маҷозан ва ин ки онҳо нозилшудаанд, махлуқ нестанд ва

ин ки Аллоҳ бо ҳар расул китобе нозил кардааст, ба онҳо имон миёрем ва ба он чизе ки Аллоҳ аз номҳои онҳо ва ахбори онҳо ва аҳкоми онҳо ба таври муҷмал ва муфассал хабар додааст, имон меорем, модоме ки мансух нашудааст. Ва имон меорем, ки Қуръон ҳамаи китобҳои пеш аз худро мансухкунанда аст ва онҳо: Таврот, Инҷил, Забур, Саҳифаҳои Иброҳим ва Мусо алайҳимас салом аст.

❁(Ва расулони Ӯ): Воҷиб аст, ки имон биёрем, ки онҳо башар ҳастанд, барои онҳо аз хусусиятҳои парвардигорӣ чизе нест ва онҳо банда ҳастанд, ки парастида намешаванд ва ин ки Аллоҳ онҳоро фиристода аст ва ба сӯи онҳо ваҳй кардааст ва ба оятҳо онҳоро қувват додааст ва онҳо амонатро адо карданд ва умматро насиҳат карданд ва рисолатро расониданд ва дар роҳи Аллоҳ чуноне ки шоиста аст ҷиҳод карданд, ба онҳо имон меёрем ва ба он чизе ки Аллоҳ моро аз номҳо ва сифатҳо ва ахбори онҳо дононда аст ва ин ки аввали анбиё Одам عليه السلام ва аввали расулон Нуҳ عليه السلام ва хотами анбиё ва расулон Муҳаммад ﷺ аст ва ин ки шариатҳои пешин ҳамаашон ба шариати Муҳаммад ﷺ мансух ҳастанд ва расулони увлулазм панҷто ҳастанд дар сураи Шуро ва Аҳзоб зикр шудаанд: (Муҳаммад ва Нуҳ ва Иброҳим ва Мусо ва Исо).

❁(Ва рӯзи охир): Имони ба ҳамаи чизҳое ки Паёмбар ﷺ хабар доданд, ки пас аз марг рӯх медиҳад, шомил мешавад, мисли: Фитнаи қабр, дар сур дамидан, хестани мардум аз қабрҳояшон, мизонҳо, саҳифаҳо, сирот, ҳавз, шафоат, Ҷаннат, Дӯзах, дидани мӯъминон Парвардигорашонро дар рӯзи қиёмат ва дар Ҷаннат ва ғайрашон аз умури ғайбӣ.

❁(Ва ба қадар имон биёрӣ): Феълро аз сар овард "имон биёрӣ" зеро ба қадар имон овардан муҳим аст ва он чор мартаба дорад:

Илм, навистани мавлоямон, машияти Ӯ ◌◌◌ ва халқи Ӯ ва он эҷод ва пайдо кардан аст.

Илм: Имон доштан ба ин ки Ӯ субҳонаҳу ва таъоло ҳамаи чизро ба таври умум ва тафсил донист ва далел гуфтаи Ӯ таъолост: (Он чи дар пеши рӯи онон ва он чи дар пушти сарашон аст медонад).

Навистан: Имон доштан ба ин ки Аллоҳ тақдирҳои ҳамаи чизро то барпо шудани қиёмат нависта аст ва далел: (Ва ҳеҷ пинҳоне дар осмон ва замин нест, магар он ки дар китоби равшан аст).

Машият: Имон доштан ба ин ки ҳар чи Аллоҳ хоҳад мешавад ва ҳар чиро нахоҳад намешавад ва ин ки банда машият дорад, ки дар таҳти машияти Аллоҳ аст: (Ва намехоҳед магар он чиро ки Аллоҳ бихоҳад).

Халқ: Чизе нест магар ки Аллоҳ холиқи он ва идоракунандаи он ва султони он аст, ҳатто феъи махлуқ махлуқ аст: (Ва Аллоҳ шумо ва он чиро ки мекунед, офарид).

Далели дуюм то чорум:

Ва аз Убода ибни Сомит разияллоҳу анҳу ривоят аст, ки ба фарзандаш гуфт: Эй писарам, таъми имонро нахоҳӣ чашид, то ин ки яқин дошта бошӣ ба ин ки мусибате, ки дучори он мешавӣ, ғайри мумкин буд, ки аз ту бигзарад ва он чи ки аз он наҷот ёфтӣ, дар тақдир набуд, ки ба ту бирасад. Ва ман аз Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам шунидам, ки фармуд: Албатта аввалин чизе ки Аллоҳ офарид, қалам буд. Онгоҳ фармуд: Тақдири ҳама чизро то қиёмат бинавис. Фарзандам! Ҳамчунин аз Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам шунидам, ки фармуд: Ҳар кас бар ғайри ин ақида бимирад, аз ман нест.

Ва дар ривояти Аҳмад омада ки Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд: Вақте Аллоҳ қаламро офарид, фармуд: Бинавис. Онгоҳ ҳар он чи бояд, то қиёмат анҷом мегирифт, навишта шуд.

Ва дар ривояти Ибни Ваҳб омада, ки Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд: Ҳар кас ба хайр ва шарри тақдир имон надошта бошад, Аллоҳ ӯро дар оташи Дӯзах месӯзонад.

Ва дар Муснад ва Сунан аз Ибни Дайламӣ ривоят шуда ки эшон назди Убай ибни Каъб разияллоҳу анҳу рафту гуфт: Дар дили ман андаке шубҳа дар мавриди тақдир пайдо шудааст. Дар ин маврид чизе бигӯ, то қалбам шифо ёбад. Убай ибни Каъб разияллоҳу анҳу гуфт: Агар ба андозаи кӯҳи Уҳуд тилло садақа намоӣ, Аллоҳ аз ту қабул намекунад, то ин ки ба тақдир имон дошта бошӣ. Ва он чи ба ту расид, набояд аз ту мегузашт ва он чи аз ту мегузарад, набояд ба ту бирасад. Ва агар бар ғайри ин ақида бимирӣ, аз дӯзахиён хоҳӣ буд.

Ибни Дайламӣ мегӯяд: Сипас назди Абдуллоҳ ибни Масъуд, Ҳузайфа ибни Ямон ва Зайд ибни Собит рафтам, онҳо низ аз Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам ҳамон чизеро бароям гуфтанд, ки Убай ибни Каъб гуфта буд. Ҳадиси саҳеҳ аст. (Ҳоким дар Саҳеҳи худ ривоят карда аст).

❁(То бидонӣ): ва Аллоҳ таъоло ба ин маъно ишора карда дар фармудааш: (**Ҳеҷ мусибате дар замин ва на дар вуҷуди шумо рӯй намедиҳад, магар пеш аз он ки онро падид орем дар китоб "Лавҳи маҳфуз навишта" аст, яқинан ин амр бар Аллоҳ осон аст "инро баён кардем" то ба хотири он чи аз дастон рафтааст афсус нахӯред ва ба он чи "Аллоҳ" ба шумо додааст шодмон нашавед ва Аллоҳ ҳеҷ худписанди фахрфуршро дӯст надорад**). (Сураи Ҳадид, ояти: 22-23)

❁ (Эй фарзандам): Дар ин меҳрубонӣ кардани фарзандон дар мавъиза аст ва шоиста аст, ки фарзандонро аҳкомро ба далелҳояш гуфта шавад: (1) То фарзандатро бар пайравии дулелҳо одат кунонӣ, (2) ва то ӯро бар муҳаббати Расул ﷺ тарбия кунӣ.

❁ (Дар нафси ман чизе аст): Он чи дар нафси Дайламӣ воқеъ шуд, далел бар хатар доштани ҳамнишинӣ бо аҳли бидъат аст, ки дар қадар шак кардаанд ва шубҳа ба нақл дафъ карда мешавад, пас онро дур мекунад ва ба ақл дафъ карда намешавад, пас онро зиёд мекунад.

❁(Қалам): Дар он ду ривоят аст, ба замма ва фатҳа (-и мим):
1-Ривояти ба замма: Маъноаш ин аст ки аввалин чизе ки Аллоҳ офарид, ба нисбати махлуққое ки онро мушоҳида мекунем, қалам аст, монанди осмонҳо ва замин, пас он аввалии нисбӣ аст. Ибни Қайим раҳимаҳуллоҳ мегӯяд: Ва мардум дар қаламе ки қазо ба он аз тарафи Дайён (Аллоҳ) нависта шуд, ихтилоф доранд. Оё пеш аз Арш буд ё баъди он, дар назди Абӯлалои Ҳамазонӣ ду қавл аст. Ва ҳақ ин аст, ки Арш пеш аст, зеро он пеш аз навистан соҳиби сутунҳо буд.
2-Ривояти насб (фатҳа): Маъноаш ин аст, ки Аллоҳ аввале ки қаламро офарид, амр ба навистан кард.

Масъалаҳо:

Якум: Баёни фарз будани имон ба тақдири илоҳӣ.
Дуюм: Баёни чигуна ба он имон доштан (ба чор мартабаи қадар имон дошта бошем).
Сеюм: Нобуд шудани амалҳои касе, ки ба он имон надошта бошад (пас он кофири куфри акбар аст).
Чорум: Хабар додан ба ин ки касе ба тақдир имон надорад, таъми имонро намечашад.
Панҷум: Зикри аввалин офаридаи Аллоҳ. (Шакке нест, ки қалам баъди офаридани Арш аст ва қалам нахустин чизе ки офарида шуд нисбат ба чизҳое ки мушоҳида мекунем, пас он пеш аз офаридани осмонҳо ва замин аст, пас аввалияти он нисбӣ аст).
Шашум: Қалам тамоми ҷараёнҳоеро, ки то қиёмат қарор буд, ки бишавад, навишт. (Дар ин ҳадис тавҷеҳи хитоби Аллоҳ ба ҷамод аст ва ин ки он амри Аллоҳро мефаҳмад, зеро Аллоҳ ба қалам хитоб кард, пас қалам фаҳмид ва иҷобат кард).
Ҳафтум: Безории Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам аз касе ба тақдир имон надорад (пас вай кофири куфри аз дин хориҷкунанда аст).
Ҳаштум: Одати гузаштагони нек барои дур кардани шубҳа аз олимон мепурсиданд. (Ба хотири устуворӣ чанд олимро пурсидан ҷоиз аст, на барои дунболи рухсатҳо шудан).
Нуҳум: Олимон ӯро посух медоданд ба чизе ки шубҳаашро дур мекард. Ва инҳам бошад онҳо суханро танҳо ба Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам нисбат доданд. (Ба ин шубҳа аз пеши мӯъмин тамоман меравад ва монеъ нест, ки ба далелҳои ақлӣ ё ҳиссӣ далел биёрӣ ба хотири қонеъ кардани муқобил ва мувофиқ мутмаин шавад ва дар ин далели чорум аст ва он далели фитрат аст)

(61) Боб надар он чи ки дар мавриди суратқашон (аз ваъдаи азоби сахт) омадааст

1-Дар тасвир офаридан ва ба вуҷуд овардан аст, ба сабаби ин суратқаш дар ин офаридан ва ба вуҷуд овардан шарик бо Аллоҳ мешавад.
2-Аввалин ширке ки дар замин дар қавми Нуҳ рӯх дод, сабаби он суратҳо ва пайкараҳо буд.

Далели аввал то панҷум:

1-Аз Абӯҳурайра разияллоҳу анҳу ривоят аст, ки Расулуллоҳ ﷺ фармуд: "Аллоҳ азза ва ҷалла мефармояд: Кӣ золимтар аст аз касе ки мехоҳад, монанди Ман биофаринад (агар касе метавонад), пас зарра, ё дона, ё як донаи ҷав биофарад". (Ривояти Бухорӣ ва Муслим)
2-Ва дар Бухорию Муслим аз Оиша разияллоҳу анҳо ривоят аст, ки Расулуллоҳ ﷺ фармуд: "Сахттарини азоб дар рӯзи қиёмат бар касонест, ки дар офариниш бо Аллоҳ монанд мекунанд".
3-Ва дар Бухорӣ ва Муслим аз Ибни Аббос разияллоҳу анҳумо ривоят аст, ки мегӯяд: Расулуллоҳ ﷺ-ро шунидам, ки мефармуд: "Ҷои суратқаш дар оташ аст, ҳар сурате ки сохта аст ба сурати зинда дармеояд ва ӯро дар Дӯзах ба василаи он азоб медиҳанд".
4-Ва он ду аз Ибни Аббос ба таври марфӯъ ривоят карданд: "Ҳар кас дар дунё сурате кашидааст дар рӯзи қиёмат ӯро вазифадор мекунанд, ки дар он рӯҳ бидамад ва ӯ қудрати ин корро надорад".
5-Дар Муслим аз Абӯлҳайёҷ ривоят аст, ки мегӯяд: Алӣ разияллоҳу анҳу ба ман гуфт: Оё туро барои анҷоми коре ки Расулуллоҳ ﷺ маро барои анҷоми он фиристода буд, нафиристам? Расулуллоҳ ﷺ фармуд: "Ҳеҷ суратеро магузор, магар онро нобуд кун ва ҳеҷ қабри баландеро нагузор, магар онро ба хок баробар кун!".

❁**Уқубати суратқаш:** (1) Ин ки ӯ сахттарини мардум аз рӯи азоб аст, ё аз сахттарини онҳо аз рӯи азоб аст. (2) Ӯ лаънатшудааст. (3) Аллоҳ барои ӯ дар ҳар сурате нафсе меофарад, ки ба он дар оташи Ҷаҳаннам азоб дода мешавад. (4) Ӯ дар оташ аст. (5) Ӯ вазифадор карда мешавад, ки дар он рӯҳ бидамад ва рӯҳ дамида наметавонад. (6) Дар ин боб ягон кас золимтар аз ӯ нест, ё ӯ дар қуллаи зулм аст.
❁(Онро нобуд кун): Агар ранга бошад, ба гузоштани ранги дигар аломатҳои онро аз байн бибар ва агар пайкара бошад, пас сараш қатъ карда мешавад ва агар кандашуда бошад, пас чеҳрааш канда мешавад, то нишонаҳояш маълум нашавад, пас нобуд кардан гуногун мешавад ва зоҳири ҳадис ин аст, ки хоҳ ба ҷуз Аллоҳ парастида шавад ё не.
❁ (**Мушриф**): Яъне баланд, (**онро баробар кунам**) ду маъно дорад:

1-Онро бар муқтазои шариат нек қарор диҳам. 2-Онро бо дигар қабрҳо баробар кунам.

Ақсоми гирифтани суратҳо:

1-Барои таъзими сураткашидашуда, пас ин бешак ҳаром аст, зеро таъзими султон ба гирифтани сураташон сурох дар тавҳиди рубубият аст ва таъзими соҳиби ибодат ба гирифтани сураташон сурох дар тавҳиди улуҳият аст.

2-Барои суд бурдан ба назар кардан ба сӯи он ё ба он лаззат бурдан, пас ин барои фитнае ки дар он аст, ҳаром мебошад.

3-Барои ёдоварӣ аз рӯи меҳрубонӣ, мисли касоне ки фарзандони хурдашонро сурат мегиранд ва ин ҳаром аст.

4-Ба гирифтани он маҷбур шуд, мисли суратҳое ки дар пулҳо ва картаҳои шахсӣ аст, дар ин гуноҳе нест, зеро аз он парҳез кардан имкон надорад.

5-Барои тобеъи ғайраш будан, дар он мутлақо рағбат нест, мисли суратҳое ки дар журналҳо аст, дар ин боке нест, локин агар нобуд карданаш бе машаққат имкон дошта бошад, пас нобуд карданаш беҳтар аст.

6-Пастзадашуда бошад, дар партовҳо партофта шуда бошад ё паҳн карда шуда бошад ё зер карда шуда бошад, пас дар он боке нест. Ба ин либосе ки дар он сурат аст, намепайвандад.

Масъалаҳо:

Якум: Сахтгирии шадид барои сураткашон.

Дуюм: Баёни иллати он, ки иборат аст аз беадабӣ нисбат ба Аллоҳ, чуноне ки фармуд: Кӣ золимтар аст аз касе, ки мехоҳад монанди халқи Ман биофаринад? (Пас вай бо Аллоҳ бадахлоқикунанда аст, ҳамонгуна ки касе Ӯро дар шаръаш зид ояд, пас ягон кас золимтар аз вай нест).

Сеюм: Танбеҳ ба ин ки Ӯ тавоно ва бандагон нотавонанд, аз рӯи фармудааш: Пас дона ё ҷаве биофаринанд, (зеро Аллоҳ аз ин бузургтарро офарид ва онон аз офаридани дона ё ҷаве оҷиз омаданд).

Чорум: Ошкор сохтан ба ин ки сахттарини азоб барои онон аст.


Панҷум: Дар баробари ҳар сурате ки сохтааст, Аллоҳ мавҷуде дар Дӯзах меофаринад, ки ба василаи он шиканҷа дода мешавад.

Шашум: Вазифадор мешавад, ки дар он рӯҳ бидамад (ин аз сахттарини уқубатҳост).

Ҳафтум: Дастур ба ин ки ҳаргоҳ сурате ёфт шавад, онро нобуд карда шавад. (Дар ин ҷамъ байни фитнаи пайкараҳо ва фитнаи қабрҳост, зеро ҳар кадоми ин васила ба сӯи ширк аст ва дар ин исботи азоб дар рӯзи қиёмат аст ва ин ки ҷазо аз ҷинси амал аст ва воқеъ шудани таклиф дар рӯзи қиёмат ба чизе ки бардошт карда намешавад, бинобар ҷиҳати уқубат аст).

(62) Боб андар он чи дар бисёр савганд хӯрдан (аз ваъдаи азоб аз рӯи таъзими Аллоҳ) омадааст

Далели аввал:
Ва фармудаи Аллоҳ таъоло: **"Ва савгандҳои худро нигоҳ доред!"**.



Далели дуюм то шашум:
2-Аз Абӯҳурайра разияллоҳу анҳу ривоят аст, ки Расулуллоҳ ﷺ-ро шунидам, ки мефармуд: ***"Савганд матоъро ба фуруш мерасонад ва баракатро аз байн мебарад"***. (Ривояти Бухорӣ ва Муслим)
3-Ва аз Салмон разияллоҳу анҳу ривоят аст, ки Расулуллоҳ ﷺ фармуд: ***"Аллоҳ бо се нафар сухан намегӯяд ва онҳоро покиза намекунад ва барои онон азоби дарднок аст: 1-Марди пири зинокор. 2-Фақири мутакаббир. 3-Ва марде ки номи Аллоҳро василаи рӯзгузаронии худ қарор додааст, тавре ки чизе намехарад, магар ба савганд ва чизе намефурушад, магар ба савганд"***. (Табаронӣ бо санади саҳеҳ ривоят кардааст)
4-Дар Саҳеҳ аз Имрон ибни Ҳусайн разияллоҳу анҳу ривоят аст, ки Расулуллоҳ ﷺ фармуд: ***"Беҳтарини мардум, мардумони асри Ман ва касоне ҳастанд, ки баъд аз онҳо меоянд ва ҳамчунин касоне ҳастанд, ки баъд аз онҳо меоянд. Имрон мегӯяд: Намедонам инро ду бор такрор кард ё се бор ва афзуд, ки баъд аз шумо қавме меоянд, ки шоҳидӣ медиҳад, дар ҳоле ки ононро шоҳид намегиранд ва хиёнат мекунад ва амонатро нигоҳ намедоранд ва назр менамоянд ва ба он вафо намекунанд ва дар онҳо фарбеҳӣ ғолиб мешавад"***. (Ривояти Бухорӣ ва Муслим)
5-Ва дар Саҳеҳ аз Ибни Масъуд разияллоҳу анҳу ривоят аст, ки Расулуллоҳ ﷺ фармуд: ***"Беҳтарини мардум, мардуми асри Ман аст, сипас мардуме ки баъди онҳо меоянд, сипас мардуме ки баъди онҳо меоянд, сипас қавме меоянд, ки гоҳо шоҳидияш қасамашро сабқат мекунад ва гоҳо қасамаш шоҳидияшро"***.
6-Ва Иброҳими Нахаъӣ мегӯяд: Моро барои шоҳидию аҳд мезаданд, дар ҳоле ки хурдсол будем.

❁(Манфақатун): Яъне матоъро ривоҷ медиҳад, (мамҳақатун): Яъне касбро талаф медиҳад.
❁(Ва онҳоро покиза намекунад): дар рӯзи қиёмат, онҳоро мавриди эътимод қарор намедиҳад ва онҳоро таъйид намекунад ва бар онҳо ба имон шоҳидӣ намедиҳад.
❁(Ушаймит): Касе ки мӯи сиёҳи сараш ба сафедаш ба хотири калонсолияш омехта шудааст ва шаҳваташ паст шудааст (оил) фақир, (кибркунанда) аз қабули ҳақ ва бар халқ.
❁(Намехарад магар ба савгандаш): Пас бисёр савганд хӯрданаш, ба паст задани савганд ва нодида гирифтани он огоҳ месозад.
❁(Ва талаби шоҳидӣ карда намешаванд): Ё дар шаҳодат шитоб мекунанд ё дурӯғ шаҳодат медиҳад.
❁ (Шаҳодати якеи онҳо савгандашро сабқат мекунад):
1-Барои ба онҳо кам боварӣ кардан, шаҳодат намедиҳанд, магар ба қасам.
2-Ё киноя аз ин аст, ки онҳо парвои шаҳодат ва савганд надоранд.

Масъалаҳо:

Якум: Васият кардан ба нигоҳ доштани савганд.

Дуюм: Хабар додан ба ин ки савганд, боиси фуруши матоъ мешавад, вале баракати онро мебарад.

Сеюм: Ваъдаи азоби сахт дар бораи касе ки намефурушад, магар ба савганд ва намехарад магар ба савганд.

Чорум: Огоҳ сохтан бар ин ки гуноҳ бо заиф будани асбобаш бузург мешавад.

Панҷум: Мазаммати касоне ки савганд мехӯранд дар ҳоле ки аз онҳо хоста нашуда, ки савганд хӯранд (магар ҳоҷате бошад ё ҳаргоҳ маслиҳат талаб намояд).

Шашум: Ситоиши Расулуллоҳ ﷺ аз мардумони се асри аввал, ё чор асри аввал ва баёни ҳодисаҳои баъд аз онҳо.

Ҳафтум: Мазаммати касоне ки гувоҳӣ медиҳанд дар ҳоле ки аз онҳо касе нахостааст, ки гувоҳӣ диҳанд (ва хиёнат мекунанд ва амонат дода намешаванд ва назр мекунанду вафо намекунанд ва касоне ки асбоби фарбеҳ шуданро мегиранд ва аз фарбеҳ кардани қалб ба имону илм ғофил мебошанд).

Ҳаштум: Гузаштагони нек, фарзандонашонро ба хотири гувоҳӣ ва вафо ба аҳд танбеҳ медоданд, (аз рӯи таъзими аҳду шаҳодат ва аз рӯи аҳамият додани онҳо ба тарбияи фарзандонашон. Барои ҷоиз будани задани кӯдак шарт гузошта шудааст:
1-Кӯдак қобили адаб додан бошад, пас касеро, ки мақсади заданро наме-фаҳмад, зада намешавад.
2-Адаб додан аз тарафи валии кӯдак мебошад.
3-Дар адаб додан аз рӯи миқдор, чигунагӣ, ё навъ ё мавзеъ ё ғайри ин исроф накунад.
4-Кӯдак коре содир кунад, ки бар он шоистаи адаб додан бошад.
5-Қасди адаб додани вай бошад, на барои интиқом гирифтани худаш, вагарна нусратди-ҳандаи нафси худаш аст).

(63) Боб андар он чизе ки дар мавриди паймони Аллоҳ ва паёмбараш омадааст (аз рӯи ихлос ва пайравӣ)

Ба аҳди Аллоҳ вафо накардан, паст задани Ӯст ва ин дар тавҳид халал меорад, пас таъзими Аллоҳ воҷиб аст, ки дар таомули бо мардум бошад ва агарчи кофир бошанд ва агарчи дар душвортарини ҳолатҳо бошад ва он ҷиҳоди дар роҳи Аллоҳ аст, пас шариатро ҳоким мегардонад ва аҳди Аллоҳ ва аҳди Паёмбараш ﷺ таъзим кунед.

Далели аввал ва дуюм:

1-Ва фармудаи Аллоҳ таъоло: "Ва ба паймони Аллоҳ (чун паймон бандед) вафо кунед ва савгандҳоро баъди муҳкам сохтани онҳо машиканед", то охири оят.

2-Ва аз Бурайда разияллоҳу анҳу ривоят аст, ки ҳаргоҳ Расулуллоҳ ﷺ касеро амири лашкар таъйин мекард, ӯро ба тақвои илоҳӣ дар мавриди худ ва мусалмононе ки бо ӯ ҳамроҳ буданд, васият карда мефармуд: "Ба номи Аллоҳ, дар роҳи Аллоҳ ҷиҳод кунед ва ба касоне ки куфр варзиданд, биҷангед. Ҷиҳод кунед ва хиёнат накунед. Аҳдшиканӣ накунед, мусла накунед (яъне гушу бинӣ набуред). Кӯдаконро макушед. Ҳаргоҳ бо мушрикон ва душманонатон рӯ ба рӯ шудӣ, онҳоро ба қабули яке аз ин мавридҳо даъват кун ва ҳар кадомро қабул карданд, аз онон қабул кун, онҳоро аввал ба Ислом даъват кун, агар қабул карданд ту низ қабул кун. Онгоҳ аз онон бихоҳ ки ба шаҳри мусалмонон ҳиҷрат бикунанд. Ва бигӯ агар чунин кардед, аз тамоми ҳуқуқе ки муҳоҷирон аз он бархӯрдоранд ва ё бар уҳдаи онҳост, шумо низ аз онҳо бархӯрдор хоҳед буд. Ва агар ҳиҷратро қабул накарданд, монанди мусалмонони саҳронишин бо онҳо муомала мешавад. Яъне пойбанди Ислом бишаванд, аммо аз ғаниматҳо саҳме ба онҳо дода намешавад, магар ин ки дар ҷиҳод иштирок кунанд. Агар Исломро қабул накарданд, аз онҳо ҷузия (молиёт) бихоҳ, агар қабул карданд, ту низ қабул кун ва даст аз ҷанг боз дор. Аммо агар қабул накарданд, пас ба кумаки Аллоҳ бо онон биҷанг. Ва агар қалъаеро муҳосира кардӣ, сипас онон хостанд, ки ба аҳду паймони Аллоҳ ва паёмбараш бо ту сулҳ бикунанд, чунин макун, балки бар асоси аҳду паймони худат бо онон вориди гуфтугӯ шав, зеро агар шумо аҳду паймони худро бишканед, ҷазояш камтар аст аз ин ки аҳду паймони Аллоҳ ва расулашро бишканед, ҳамчунин агар сокинони қалъаеро дар муҳосираи худ даровардӣ, онгоҳ аз ту хостанд ки ҳукми Аллоҳро дар мавриди онон иҷро кунӣ, чунин макун, балки ҳукми худатро пешниҳод кун, зеро аз куҷо маълум, ки шумо воқеан мутобиқ бо дастури Аллоҳ бо онон рафтор кунед". (Ривояти Муслим)

Тақсим ва танзими қоида барои қавли муфид

❁(Ҷайш): Лашкаре ки аз чорсад мард зиёд аст.
❁(Ё сария): Сария аз чорсад мард кам аст.
❁(Ба номи Аллоҳ биҷангед): 1) Аз Аллоҳ ёрӣ талабкунанда. 2) Ҷангро ба номи Аллоҳ сар кунед.
❁(Дар роҳи Аллоҳ): Ният ва амалро шомил мешавад.
❁(Касе ки ба Аллоҳ кофир шавад): Бо мардум аз рӯи асабият ё қавмгароӣ ё ватанпарастӣ ҷанг накунед, барои маслиҳати онҳо бо онҳо биҷангед ва он наҷот додани онҳо аз оташ аст ва мадори куфр ба ду амр аст: Инкор ва кибр кардан.
❁(Ва хиёнат накунед): Чизе аз моли ғаниматро пинҳон накунед, пас мухтас ба он аст ва он аз гуноҳони кабира аст.
❁(Ва ғадр накунед): Ҳаргоҳ аҳд кардем, хиёнат намекунем ва ғадр беаҳд ҷоиз аст, зеро ҷанг фиреб додан аст.
❁(Ва мусла накунед): Зишт кардан ба буридани баъзе аъзо, ки ба он ҳоҷат нест, зеро он дар ғайри маҳалаш интиқом гирифтан аст, магар ҳаргоҳ ки моро мусла кунанд.
❁(Валидан): Пас хурдсол, занон, пиронсолон, обидон ва беморонро намекушем, магар ки биҷанганд ё бар ҷанг ташвиқ кунанд, ё барои онҳо дар ҷанг раъй бошад.
❁(Душманат): Барои ҷанги онҳо барангехтан ва душман туро хор мекунад ва аз ту дур мешавад ва ҳаққи туро поймол мекунад.
❁(Ғанимат): Оне ки аз молҳои кофирон ба ҷанг ё ба чизе ки ба он мепайвандад, гирифта мешавад
❁(Ва файъ): Он чизе ки барои байтулмол сарф мешавад, монанди панҷяки панҷяки ғанимат ва хироҷ ва ҷузя.
❁(Магар ки ҷиҳод кунанд): Ҳаргоҳ ислом оранд ва ҷиҳод кунанд, пас барои онҳо он чизе ки аз ғанимат ва файъ барои мусалмонон аст, мебошад. ❁(Ҷизя): Моле ки ғайри мусалмон дар ивази ҳимояи ӯ ва зистанаш дар дори мусалмонон пардохт мекунад ва дар ин ҷоиз будани гирифтани ҷизя аз ғайри яҳуд ва насоро ва маҷус мебошад.

Он чи бо ҳамаҳдон мекунем

Ба аҳд вафо кардан воҷиб мебошад, ҳаргоҳ онҳо ба аҳд вафо кунанд: (То замоне ки вафодор мондад, шумо низ вафодор бимонед).	Ҳаргоҳ аҳдро шикастанд, аҳд соқит мешавад ва ҷангидан бо онҳо ҳалол мешавад: (Ва агар паймони худро пас аз аҳди худ шикастанд).	Ҳаргоҳ дар аҳде тараддуд кардем, бар онҳо онро мегардонем: (Ва агар аз хиёнати қавме бим доштӣ мунсифона "паймона-шонро" ба сӯи онон бияндоз).

Он чи мусалмонон дар чиҳодашон бо кофирон мекунанд	Он чи кофирон дар вақти ҷангиданашон бо мусалмонон мекунанд
Қатли кӯдакон, занон, обидон ва беморон ҳаром аст.	**Куштани кӯдакон, занон, обидон ва беморон**.
Бо онҳо ба хотири маслиҳати онон ҷангидан (нақот додани онҳо аз оташ).	Ҷангидани онҳо барои дунё.
Барои онҳо аҳдро вафо мекунанд.	**Бисёр аҳдро мешикананд.**
Ҳаргоҳ кофирҳо аҳдро шикананд, онҳоро ба тамом шудани аҳд огоҳ мекунанд.	**Аз онҳо огоҳ кардан ҳосил намешавад, ҳаргоҳ аз тарафи мусалмонҳо чизе рӯй диҳад.**
Хиёнат намекунанд.	Хиёнат мекунанд.
Гушу бинии кушташудагонро намебуранд, магар ҳаргоҳ дар куштани онҳо мусла шуда бошад.	Кушташудагонро мусла мекунанд, бе ин ки дар кушташудагони онҳо мусла шуда бошад.
Бо онҳо намеҷанганд то онҳо дар байни Ислом ё чизя ё ҷанг ихтиёр диҳанд.	Аслан дар назди онҳо даъват нест.
Дар ҳукм адл мекунанд ва зулм намекунанд	Аҳкоми онҳо бар зулм бино ёфтааст.
Адади кушташудагон аз биъсати Ӯ ﷺ то вафоташ, дар ҳамаи ҷангҳо аз ҳазор намегузарад.	Паёмбар ﷺ танҳо як мардро кушт.
Кӯдак ё зан ё пиронсоле кушта нашуд.	

Масъалаҳо:

Якум: Фарқ байни аҳду паймони Аллоҳ ва паёмбараш ва аҳду паймони мусалмонон.

Дуюм: Роҳнамоӣ ба масъалае, ки зарараш аз масъалаи дигар камтар аст.

Сеюм: Ин дастури Расулуллоҳ ﷺ, ки фармуд: Ба номи Аллоҳ ва дар роҳи Аллоҳ чиҳод кунед (ғазв бо ёрӣ хостан аз Аллоҳ ва ихлос ва мувофиқи шариат рафтан воҷиб мебошад).

Чорум: Ин фармоиши Расулуллоҳ ﷺ, ки фармуд: Бо касоне ки ба Аллоҳ куфр варзиданд, биҷангед (ва сабаби бо онон ҷангидан куфр аст).

Панҷум: Ин роҳнамоии Расулуллоҳ ﷺ, ки фармуд: Бо кумаки Аллоҳ бо онон биҷанг (ва инсон бар қувваташ эътимод намекунад).

Шашум: Фарқ байни ҳукми Аллоҳ ва ҳукми олимон.

Ҳафтум: Ин ки саҳобии Паёмбар ﷺ, дар вақти зарурат ҳукме содир мекунад, ки намедонад, бо ҳукми Аллоҳ мувофиқ аст ё не? (Ин хос ба саҳобагон нест, балки ҳатто барои баъди онон ҳам ҳаст).

(64) Боб андар савганд хӯрдан бар Аллоҳ

Касе бар Аллоҳ савганд хӯрад, пас бо ҳамроҳи Ӯ беадабӣ карда ва фазли Ӯро танг карда ва ба нисбати Ӯ гумони бад кардааст ва ҳамаи ин камоли тавҳидро нафӣ мекунад ва шояд асли тавҳидро нафӣ кунад, пас савганд хӯрдан бар касе ки бузург аст паст задан мебошад.

Ақсоми бар Аллоҳ ﷻ савганд хӯрдан:

Ҷоиз аст, ки ба он чи Аллоҳ ва расулаш ба он аз нафйю исбот хабар дода аст, қасам бихӯрад ва дар ин далел бар яқинаш аст, (Қасам ба Аллоҳ, ҳароина Аллоҳ паёмбарашро дар рӯзи қиёмат барои халқ шафоатгар мегардонад).

Ҷоиз аст ки бар Парвардигораш қасам ёд кунад аз рӯи қуввати умедаш ва гумони некаш ба Парвардигораш, ба шарте ки амали нек дошта бошад, ҳамчуноне ки дар қиссаи Анас ибни Назр ؓ аст.

Ҳаром аст ва наздик аст, ки амалро бекор кунад: Ба он водор кунанда худбинӣ бошад ва танг қарор додани фазли Аллоҳ ва ба Ӯ таъоло гумони бад кардан, бошад.

Далели аввал ва дуюм:

1-Аз Ҷундуб ибни Абдуллоҳ разияллоҳу анҳу ривоят аст, ки Расулуллоҳ ﷺ фармуд: "Марде савганд хӯрд ва гуфт: Ба Аллоҳ савганд, ки Аллоҳ фалониро намебахшад. Аллоҳ фармуд: Ин кист, ки Маро савганд медиҳад, ки фалониро намебахшам? Ман ӯро бахшидам ва амали туро нобуд гардондам". (Ривояти Муслим)

2-Ва дар ҳадиси Абӯҳурайра разияллоҳу анҳу омада, ки гӯяндаи ин сухан шахси ибодаткун буд. Абӯҳурайра разияллоҳу анҳу мегӯяд: Он шахс бо гуфтани як сухан дунёву охирашро бар бод дод.

❁(Аллоҳ фалониро намебахшад): Бар ноумед шудан аз раҳмати Аллоҳ ва паст задани бандагони Аллоҳ ва худбинӣ далолат мекунад.

❁(Ба Ман савганд мехӯрад): Фазлу неъмати маро танг мегардонад, ки Ман бандаеамро ки бадӣ кардааст, мағфират намекунам.

Масъалаҳо:

Якум: Ҳушдор аз савганд додани Аллоҳ, ё савганд хӯрдан ба ҷои Аллоҳ.

Дуюм: Оташ аз банди кафшамон ба мо наздиктар аст.

Сеюм: Биҳишт ҳамчунон наздик аст.

Чорум: Ин ҳадис таъйид медиҳад ҳадисеро, ки дар он омада: "Мард ҳар-оина сухане мегӯяд..." то охири ҳадис.

Панҷум: Гоҳо инсон ба хотири амале, ки дар наздаш нописандидатарин аст, бахшида мешавад.

(65) Боб аз Аллоҳ талаб карда намешавад, ки барои халқаш шафоатгар шавад (барои камоли бузургияш)

Аллоҳро шафоатгар гирифтан бар халқаш, паст задани Аллоҳ аст, зеро ӯ мартабаи Аллоҳро пасттар аз мартабаи дар назди вай шафоатшуда паст қарор додааст.

Далели аввал:

Аз Ҷубайр ибни Мутъим разияллоҳу анҳу ривоят аст, ки марди саҳронишин назди Расулуллоҳ ﷺ омада гуфт: Эй Расулуллоҳ ҷисмҳо заиф ва лоғар шуданд, фарзандон гурусна ва чаҳорпоён ҳалок шуданд. Аз Парвардигорат, барои мо талаби борон кун! Мо Аллоҳро шофеъи ту ва туро шофеъи Аллоҳ қарор медиҳем. Расулуллоҳ ﷺ фармуд: Субҳоналлоҳ, субҳоналлоҳ, чандин мартаба тасбеҳ гуфт ва ҳатто ранги асҳобаш низ парид. Онгоҳ фармуд: Вой бар ту! Оё медонӣ Аллоҳ кист? Шаъну манзалати Аллоҳ бузургтар аз ин аст. Ва афзуд, ки Аллоҳро шофеъи ҳеҷ як аз бандагон қарор намедиҳанд". Ва ҳадисро зикр кард. (Ривояти Абӯдовуд).

❁(Лоғар шуд): Заиф шуд, (ва чаҳорпоён ҳалок шуданд): Аз бориши кам ва хушкӣ.

❁ (Пас талаби борон кун): Аз Аллоҳ талаб кун, ки ба мо борон нозил кунад ва ин дуруст аст аз касе ки иҷобати дуои ӯро умед карда мешавад бениёзмандӣ ба вай.

❁(Мо Аллоҳро шофеъи ту қарор медиҳем): Яъне Ӯро восита дар байни худамон ва дар байни ту қарор медиҳем, то Аллоҳро барои мо дуо кунӣ. Ва ин тақозо мекунад, ки ӯ мартабаи Аллоҳро пасттар аз мартабаи Расул ﷺ қарор додааст ва ин мункар аст.

❁(Субҳоналлоҳ, субҳоналлоҳ): Аз рӯи бузург ҳисобидани ин сухан ва инкори он ва пок шуморидани Аллоҳ ﷻ.

❁(Вой бар ту): Ба ту раҳм ва меҳрубонӣ мекунам.

Масъалаҳо:

Якум: Инкор бар касе ки мегӯяд: Мо Аллоҳро назди ту шафеъ қарор медиҳем.

Дуюм: Тағйири симои Расулуллоҳ ﷺ ва осори он дар симои асҳобаш низ, дар асари шунидани ин сухан.

Сеюм: Ин суханро ки гуфт: "Туро шафеъи Аллоҳ қарор медиҳем" рад накард.

Чорум: Огоҳ сохтан ба маънои "субҳоналлоҳ".

Панҷум: Мусалмонон дар вақти хушксолӣ назди Расулуллоҳ ﷺ меомаданд ва аз Ӯ дархости дуои талаби борон менамуданд. (Дар вақти ҳаёти Ӯ ﷺ). (Ва дар ин омадааст, ки шоиста аст, ки инсон дар назди талаб кардан, сифатҳоеро, ки меҳрубонӣ кардан бар ӯро лозим мегардонад, тақдим намояд).

(66) Боб андар посбонии Расулуллоҳ ﷺ аз марзҳои тавҳид ва бастани роҳҳои ширк (ҳатто дар лафзҳо)

Далели аввал ва дуюм:

1-Аз Абдуллоҳ ибни Шиххир разияллоҳу анҳу ривоят аст, ки мегӯянд: Ман бо ҳайати бани Омир будам, ки назди Расулуллоҳ ﷺ рафтем ва ба эшон гуфтем: Шумо сайиди мо ҳастед. Расулуллоҳ ﷺ фармуд: Сайид Аллоҳ табораку ва таъолост. Гуфтем: Шумо аз ҳама бузургтар ва аз ҳама саховатмандтаред. Ҳамин сухан ё баъзеи онро бигуед. Шайтон бар шумо ғалаба накунад. (Абӯдовуд бо санади ҷайид ривоят кардааст)

2-Аз Анас разияллоҳу анҳу ривоят аст, ки гурӯҳе аз мардум ба Расулуллоҳ ﷺ гуфтанд: Эй Расулуллоҳ ﷺ, эй беҳтарини мо ва фарзанди беҳтарини мо ва сайиди мо ва фарзанди сайиди мо. Расулуллоҳ ﷺ фармуд: "Эй мардум суханонатонро бигуед ва шайтон шуморо фиреб надиҳад. Ман Муҳаммад бандаи Аллоҳ ва расули Ӯ ҳастам. Дӯст надорам, ки маро болотар аз он чи ҳастам бибаред". (Инро Насоӣ бо санади ҷайид ривоят кардааст).

❁(Сайид Аллоҳ аст): Сайид номе аз номҳои Аллоҳ аст ва он аз маъноҳои самад (бениёзӣ) аст, онҳоро манъ кард, ки шайтон онҳоро бикашонад, пас аз сиёдати хосс ба сӯи сиёдати оммаи мутлақ, ки барои Аллоҳ аст, тараққӣ диҳад.

❁(Ва шуморо накашонад): Шуморо нагардонад ба сӯи ин ки сухани мункар бигуед, пас онҳоро роҳнамоӣ кард ба сӯи чизе ки шоиста аст, ки анҷом дода шавад ва аз чизе ки шоиста нест, онҳоро манъ кард, аз рӯи ҳимоя кардани тавҳид аз нуқсон ва шикастан.

❁(Эй беҳтарини мо): аз рӯи насаб ва мақом ва ҳол, (ва писари беҳтарини мо) дар насаб на дар мақом ва ҳол.

❁(Ва шайтон шуморо фиреб надиҳад): Шайтон шуморо аз роҳ нагардонад, пас онро бихоҳед ва роҳҳои ӯро пайравӣ кунед, то ба ғулув бирасед.

Масъалаҳо:

Якум: Таҳзири мардум аз зиёдаравӣ.

Дуюм: Агар ба касе гуфта шуд сайиди мо, чӣ бигӯяд? (Мегӯяд: Сайид Аллоҳ аст ва бинобар ин сайид гардондани фосиқ, мунофиқ, кофир ҷоиз намебошад, хоҳ мард бошад ё зан).

Сеюм: Дастури Ӯ ﷺ "шуморо шайтон фиреб надиҳад" бо вуҷуди ин ки ҷуз сухани ҳақ нагуфта буданд.

Чорум: Фармудаи Расулуллоҳ ﷺ "Дӯст надорам, ки маро бештар аз он чи ҳастам, болотар бибаред". (Ва он бандагӣ ва рисолат аст).

Даҳум: Хотима (як боб аст)

Китобро ба ин боб хатм намуд, ва Аллоҳ донотар аст:
1-То монанди мушрикҳо набошем, ки Холиқро таъзим намекунанд.
2-То ба амаламон мағрур нашавем, пас дар амали шахс ҳатман кутоҳӣ аст, пас банда худро барои Аллоҳ хор ва шикастанафс мегирад.
3-Аз рӯи иқтидо кардан ба имом Бухорӣ раҳимаҳуллоҳ дар хатми китобаш ба ҳадиси (дар мизон вазбин ҳастанд), пас гӯё ӯ Аллоҳро дуо мекунад, ки мизонҳояшро ба ин китоб вазбин гардонад, ҳамчуноне ки ин махлуқот вазбин гаштаанд ва аз лағжиш талаби мағфират мекунад.

(67) Боб андар фармудаи Аллоҳ таъоло: "Ва Аллоҳро (ба андозаи) ҳаққи шинохтани Ӯ нашинохтанд ва рӯзи қиёмат ҳамаи замин якҷо дар қабзаи Ӯ бошад ва бартар аст аз он чи ки ширк меоранд".

❁Замир бар мушрикон боз мегардад, ки Аллоҳро чуноне ки шоистаи таъзим аст, таъзим накарданд, ба ҳайсе ки махлуқоташро ба Ӯ шарик гардонданд ва Ӯ аз ҳар нуқсону айб пок аст ва аз ҳамтоён пок мебошад ва агар Ӯро чуноне ки шоистаи таъзимаш аст, таъзим мекарданд, ғайри Ӯро ибодат ва итоат намекарданд.

Далели дуюм:

Аз Ибни Масъуд разияллоҳу анҳу ривоят аст, ки яке аз донишмандони яҳуд, назди Расулуллоҳ ﷺ омаду гуфт: Мо дар Таврот инро мебинем, ки Аллоҳ осмонҳоро бар рӯи як ангушт ва заминҳоро рӯи ангушти дигар ва дарахтонро рӯи як ангушт ва обро рӯи як ангушт ва хокро рӯи як ангушт ва дигар махлуқотро рӯи як ангушти Худ қарор медиҳад, онгоҳ мегӯяд: Манам подшоҳ. Расулуллоҳ ﷺ дар ҳоле ки суханони он яҳудиро тасдиқ мекард, тавре табассум кард, ки дандонҳояш, ошкор гардид ва ин оятро тиловат кард: **"Ва Аллоҳро (ба андозаи) ҳаққи шинохтани Ӯ нашинохтанд ва рӯзи қиёмат ҳамаи замин якҷо дар қабзаи Ӯ бошад"**. Ва дар ривояти Муслим чунин омадааст, ки кӯҳҳо ва дарахтонро рӯи як ангушт қарор медиҳад ва онҳоро маҳкам меҷунбонад ва мегӯяд: Манам подшоҳ, манам Аллоҳ. Ва дар ривояти Бухорӣ чунин омадааст, ки осмонҳоро рӯи ангушт ва обу хокро рӯи ангушти дигар ва бақияи махлуқотро рӯи ангушти дигар қарор медиҳад. (Ривояти Бухорӣ ва Муслим)

❁(Ҳибр): Олиме ки илми васеъ дорад ва ӯро баҳр гуфта мешавад, (мо мехонем): Яъне дар Таврот.
❁ Дар ин исботи ангуштон барои Аллоҳ аст, ангуштони ҳақиқӣ, ки ба Аллоҳ лаёқат доранд, ҳамчуноне ки даст дасти ҳақиқӣ аст, ки ба Аллоҳ лаёқат дорад.

Далели сеюм то панҷум:

3- Ва аз Ибни Умар разияллоҳу анҳу дар Саҳеҳи Муслим ривоят аст, ки Расулуллоҳ ﷺ фармуд: Аллоҳ дар рӯзи қиёмат осмонҳоро мепечонад ва онҳоро дар дасти рости Худ мегирад ва мегӯяд: Манам подшоҳ, куҷоянд подшоҳони ситамгар? Куҷоянд мутакаббирон? Сипас заминҳои ҳафтгонаро дар дар дасти чапаш мегирад ва мегӯяд: Манам подшоҳ куҷоянд подшоҳони ситамгар? Куҷоянд мутакаббирон? (Ривояти Муслим)

4-Ва аз Ибни Аббос разияллоҳу анҳумо ривоят аст, ки гуфт: Осмонҳо ва заминҳои ҳафтгона дар дасти Аллоҳ, монанди донаи хардал дар дасти яке аз шумо мебошад.

5-Ва Ибни Ҷарир мегӯяд: Юнус ба ман ҳадис гуфт, Ибни Ваҳб ба мо хабар дода гуфт: Ибни Зайд гуфтааст, ки падарам ба ман хабар дод, ки Расулуллоҳ ﷺ мефармояд: Осмонҳои ҳафтгона дар муқобили Курсии Аллоҳ монанди чанд дирҳам аст, ки дар дохили сипаре қарор дода шуданд. Ва гуфт: Абӯзар разияллоҳу анҳу гуфт: Аз Расулуллоҳ ﷺ шунидам, ки мегуфт: Курси дар муқобили Арш монанди ҳалқаи оҳанине аст, ки дар миёни дашти бузурге афтода бошад.

❁(Ман Малик ҳастам): Ман мулки мутлақ ва султони пурра дорам, дар ин ду касе бо Ман низоъ намекунад.
❁(Мутакаббирон дар куҷоянд?): Суол барои мубориза аст, яъне подшоҳони дунё, ки бар болои бандагони Аллоҳ султа ва такаббур ва кибр дошганд дар куҷоянд? Ва онҳо дар он вақт ба монанди зарра барангехта мешаванд, ки мардум онҳоро ба қадмҳояшон зер мекунанд.
❁(Ба дасти чапаш): Ин зиёдати шоз (танҳо) аст ва ҳаргоҳ фарз кунем, ки он ҳифзшуда аст, пас он ба маънои дасти дигар мебошад. Ва ҳадиси (**ҳар ду дасташ рост аст**)-ро нафй намекунад ва монанди дасти чапи махлуқ нест, ки аз дасти рост ноқис аст
❁(Монанди донаи испанд): Донаи наботи хело хӯрд аст, ва ин далолати бар азамати Аллоҳ мекунад ва ин ки Ӯро чизе ба илм иҳота намекунад.
❁(Курсӣ): Мавзеи ду қадами Аллоҳ ﷻ аст. (Турс-сипар): Чизе аз пуст ё чуб аст, дар вақти ҷанг бардошта мешавад, ба он аз шамшер, найза ва монанди ин ду ҳимоя карда мешавад.

❁(Арш): Махлуқи бузурге, ки (Аллоҳи) Раҳмон бар болои он аст ва андозаи онро ҷуз Аллоҳ касе намедонад.
❁Ҳадис бар азамати Аллоҳ ﷻ далолат мекунад, пас ба тафсири оят дар тарҷумаи боб муносиб мебошад.

Дали шашум ва ҳафтум:

6- Ва аз Ибни Масъуд разияллоҳу анҳу нақл шудааст: Байни осмони дунё то осмони баъди ба андозаи масофаи 500 сол мебошад. Ва байни ҳар осмон то дигаре ҳамин қадар аст. Ва аз осмони ҳафтум то Курсӣ 500 сол аст ва байни Курсӣ ва об 500 сол аст. Ва Арши Аллоҳ рӯи об ва Аллоҳ болои Арш аст. Ва ягон амалатон бар Ӯ пӯшида нест. (Ибни Маҳдӣ аз Ҳаммод ибни Салама, аз Осим аз Зур аз Абдуллоҳ ривоят кардааст. Ва монанди инро Масъудӣ аз Осим аз Абӯвоил аз Абдуллоҳ ривоят карда аст. Инро Ҳофизи Заҳабӣ раҳимаҳуллоҳ гуфтааст. Гуфт: Барои ин асар чандин тариқ аст).

Ва аз Аббос ибни Абдулмутталиб ривоят аст, ки Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд: Оё медонед, байни замину осмон чӣ қадар аст? Гуфтем: Аллоҳ ва расулаш беҳтар медонад, фармуд: Байни замин ва осмон ба андозаи 500 сол мебошад. Ва аз ҳар осмон то осмони дигар ҳамин масофа вуҷуд дорад. Ва ғафсии ҳар осмон низ 500 сола роҳ мебошад. Ва байни осмони ҳафтум ва Арш баҳре вуҷуд дорад, ки чуқурии он ба андозаи миёни осмон ва замин мебошад. Ва Аллоҳ таъоло болои он аст ва ягон амали фарзанди Одам бар ӯ пӯшида нест. (Абӯдовуд ва дигарон ривоят кардаанд).

❁(Ва Аллоҳ бар болои Арш аст): Далели ошкор бар исботи олӣ будани Аллоҳ таъоло дар зот ва сифатҳояш аст.
❁(Ва ягон амалатон бар Ӯ пӯшида нест): Амалҳои қалбҳо ва аъзои бадан ки баъзеи он дидашуда ва шунидашуда аст ва ин барои умуми будани илми Ӯ ва васеъии он аст ва инро баъди зикри олӣ будани Ӯ овард, то баён кунад, ки олигии Ӯ аз донистани амалҳои мо, Ӯро манъ намекунад ва ин ишораи возеҳ ба сӯи олӣ будани Зоти Ӯ субҳонаҳу ва таъолост.
❁(Ҳал-оё): Суол аст, ки мурод ба он ду амр аст: 1-Ташвиқ кардан барои он чизе ки зикр карда мешавад. 2-Танбеҳ ба сӯи он чизе ки бар онҳо гуфта мешавад.
❁(Аллоҳ ва расулаш донотар аст): Гуфта мешавад дар: 1-Вақти ҳаёти Ӯ ﷺ, 2-ва дар умури шаръӣ, ки онро медонад.
❁ Дар ин таъзими Аллоҳ ва аз мухолифатии Ӯ ҳазар кардан аст, зеро Ӯ бар болои мост, пас Ӯ бар мо олӣ аст ва амри Ӯ моро иҳота мекунад.

Масъалаҳо:

Якум: Тафсири н сухани Парвардигор, ки фармуд: "Ва рӯзи қиёмат ҳамаи замин якҷо дар мушти Ӯ бошад".

Дуюм: Ин масъалаҳо назди яҳуд, дар замони Паёмбар ﷺ боқӣ монда буданд ва онҳо на онҳоро инкор ва на таъвил мекарданд. (Гӯё мегӯяд: Яҳуд аз таҳрифкунандагони он беҳтар аст, зеро онҳо онро на дурӯғ шумориданд ва на таъвил карданд).

Сеюм: Расулуллоҳ ﷺ сухани он олими яҳудиро тасдиқ кард ва ояте низ ба тасдиқи ӯ нозил гардид.

Чорум: Хандидани Расулуллоҳ ﷺ ба хотири ошкор сохтани ин илм, ба воситаи он яҳудӣ буд.

Панҷум: Ошкор сохтан ба ин ки Аллоҳ дорои ду даст мебошад, ки осмонҳо рӯи дасти рост ва заминҳо рӯи дасти дигараш қарор хоҳанд гирифт. (Ва барои Аллоҳ сифати ду даст ба Қуръон, суннат ва иҷмоъи салаф собит шудааст).

Шашум: Ошкор намудан ба ин ки дасти дигараш чап номида шудааст. (Ривояти шоз аст).

Ҳафтум: Дар онҷо ҷабборон ва мутакаббиронро хитоб мекунад.

Ҳаштум: Замин ва осмон дар дасти Аллоҳ, монанди хардале дар дасти инсон хоҳад буд.

Нуҳум: Бузургии Курси нисбати осмонҳо (монанди ҳафт дирҳаме ки дар сипар партофта шудааст).

Даҳум: Бузургии Арш нисбати Курси (монанди ҳалқае, ки дар саҳро партофта шудааст).

Ёздаҳум: Арш, Курси ва об чизҳои ҷудогона мебошанд.

Дувоздаҳум: Чӣ қадар масофа аст байни осмонҳо? (Пансад сол).

Сездаҳум: Миёни осмони ҳафтум ва Курси чӣ қадар аст? (Пансад сол).

Чордаҳум: Миёни об ва Курси чӣ қадар аст? (Пансад сол).

Понздаҳум: Арш дар рӯи об аст.

Шонздаҳум: Албатта Аллоҳ дар болои Арш аст.

Ҳабдаҳум: Масофаи миёни осмон ва замин чӣ қадар аст? (Пансад сол).

Ҳаждаҳум: Ғафсии ҳар осмон пансад сола роҳ аст.

Нуздаҳум: Баҳре ки дар болои осмонҳост, умқи он пансад сола роҳ аст. Ва Аллоҳ донотар аст. (Аз ҳадисҳои боб истифода бурда мешавад: 1) Аз мухолифатии Аллоҳ ҳазар кардан. 2) Бар Аллоҳ чизе аз амалҳои фарзани Одам пӯшида наемонад). Ва Аллоҳ донотар аст ва ҳамд барои Аллоҳи парвардигори оламиён аст ва салоту саломи Аллоҳ бар паёмбарамон Муҳаммад ﷺ бод ва Аллоҳро дуо мекунам, ки хотимаи мову шуморо ба тавҳид хотима бахшад, омин.

Имтиҳони боқии қисми нуҳум ва хотима (16 боб аст)

Суоли аввал: Аломати ☒ дар макони муносиб гузор ё ҷои холиро пур кун:

1-Қавли (Салом бар Аллоҳ) ҳукми ин: □ Макрӯҳ □ ҳаром □ ҷоиз.

2-ас-Салом номи Аллоҳ аст: □ Субутӣ □ салбӣ □ ҳамагӣ, ва Аллоҳ ﷻ: □ Дуо карда мешавад □ барои Ӯ дуо карда мешавад.

3-Барои чизе ба салом дуо карда намешавад, магар вақте ки қобили ба он васф шуданро дошта бошад: □ Дуруст □ хато.

4-Қавли (эй Аллоҳ маро мағфират кун, агар бихоҳӣ) ҳукми ин: □ Макрӯҳ □ ҳаром □ ҷоиз.

5-Дар дуо истисно кардан ҷоиз аст: □ Дуруст □ хато, ва истисно ҳамон шарт аст: □ Дуруст □ хато.

6-Инсон ҳаргоҳ дуо кунад, дудила шавад ва дуоро таълиқ кунад: □ Дуруст □ хато.

7-Ҳаргоҳ банда дуо кунад, он чи барои ӯ ошкор мешавад бипурсад, пас чизе бар Аллоҳ ғолиб ё имконнопазир нест: □ Дуруст □ хато.

8-Қавли (Эй Аллоҳ ман аз Ту мепурсам, ки маро дарбон дар назди дари Ҷаннат кунӣ): □ Ҷоиз мебошад □ ҷоиз намебошад.

9-(Эй Аллоҳ ман аз Ту радди қазоро намепурсам, ва локин аз Ту лутф кардан дар онро мепурсам): □ Ҷоиз мебошад □ ҷоиз намебошад.

10-Оё Аллоҳ □ Ҷаннат □ Фирдавси олитарини онро мепурсӣ.

11- Дуои истихора (□ дар он □ дар он нест) таълиқи дар дуо аст.

12-Қавли (бандаи фалон ё канизи фалон) ҳукмаш: □ Ҷоиз □ ҳаром аст.

13-Қавли мавло: (Эй бандаи ман инчунинро деҳ) ҳукмаш: □ Ҷоиз □ ҳаром аст.

14-Наҳӣ аз гуфтани (писари ҷавони ман ва духтари ман) барои таҳқиқи тавҳид, ҳатто дар лафзҳо аст: □ Дуруст □ хато.

15-Талбидан ҳаром ё макрӯҳ аст, магар дар вақти ҳоҷат ё зарурат: □ Дуруст □ хато.

16-Касе туро ба Аллоҳ мол бипурсад, ба он чизи ҳаром мехарад, монанди арақ: □ ато карда мешавад □ ато карда намешавад.

17-Ҳукми иҷобати касе ки ба Аллоҳ мепурсад: □ Мустаҳаб □ воҷиб.

18-Дар ҳадис: (Касе шуморо даъват кунад, пас ӯро иҷобат кунед) мурод ба даъват: □ Барои икром кардан □ барои фарёд кардан.

19-Иҷобати даъват: □ Мутлақо воҷиб аст □ мустаҳаб аст, магар даъвати туй, ки воҷиб мебошад.

20-Касе аз чизе ки кардан ё накардани он воҷиб аст, паноҳ талаб кунад, пас ӯ: □ Паноҳ дода мешавад □ паноҳ дода намешавад.

21-(Пас барои ӯ дуо кунед, то бинед, ки шумо ӯро мукофот додаед) яъне: □ Як дуо □ дар дуо кутоҳӣ накунед.

22-(Ба ваҷҳи Аллоҳ танҳо Ҷаннат пурсида мешавад) яъне: □ Ягон махлуқро ба ваҷҳи Аллоҳ напурс □ Аллоҳро ба ваҷҳаш напурс магар Ҷаннатро □ ҳамагӣ.

23-Сифати ваҷҳ барои Аллоҳ собит аст ба: □ Қуръон □ Суннат □ иҷмоъ □ ҳамагӣ.

24-Қавли (Эй Аллоҳ ман Туро ба ваҷҳи каримат мепурсам, ки маро барои ҳифзи Қуръон муваффақ гардонӣ): □ Ҳаром □ ҷоиз, ва қавли: (Эй Аллоҳ ман ба ваҷҳи Ту аз оташ паноҳ мебарам) ҳукмаш: □ Ҷоиз □ ҳаром аст.

25-Қавли (эй Аллоҳ ман Туро ба ваҷҳат мепурсам, ки ба ман асоси зеборо насиб гардонӣ): □ Ҷоиз □ ҳаром.

26- Қавли (Агар маро итоат мекардӣ ва сафар намекардӣ, бароят ин ҳодиса рӯх намедод): □ Ҷоиз □ ҳаром.

27-Қавли (Агар сафар намекардам, фоидаро аз даст намедодам): □ Ҷоиз □ ҳаром.

28-Қавли (агар Аллоҳ мехост, дурӯғ намегуфтам) ҳукми ин: □ Ҷоиз □ ҳаром.
29-Қавли (Агар ман монанди моли фалон медоштам, пас ба он садақа медодам): □ Ҷоиз □ мустаҳаб □ ҳаром.
30-Қавли (агар дар даст ҳозир мешудӣ, ҳароина истифода мекардӣ) ҳукмаш: □ Ҷоиз □ ҳаром.
31- (□ Шоиста мебошад □ шоиста намебошад) барои боақл ин ки кушишашро дар чизи бефоида гузаронад.
32-Дар он чизе ки инсон қудрат надорад (□ барои ӯ □ барои ӯ нест) ки бар он ба қадар ҳуҷҷат орад.
33- Ба қадар ҳуҷҷат овардан бар: □ мусибатҳо на бар айбҳо □ баракс.
34-Дашноми бод: □ Ҳаром □ макрӯҳ аст ва қавли (боди боронзан рӯ овард): □ Ҷоиз □ ҳаром.
35-Қавли (Парвардигорам маро дӯст медорад) барои касе ки неъмат ҳосил шудааст, ҷоиз: □ дуруст □ хато.
36-Қавли касе ки бойи фосиқеро дид: (Ин шоистаи ин молҳо нест): □ Ҷоиз □ ҳаром.
37-Инсон ҳаргоҳ дар воқибот кутоҳӣ кунад ва даст ба ҳаромҳо бизанад ва ба Аллоҳ гумони нек кунад, пас ин (□ гумони бад □ гумони нек) ба Аллоҳ аст.
38-Гумони баъзе мардум ин аст, ки агар ӯ Аллоҳро бар ваҳҳи шаръӣ дуо кунад, пас Аллоҳ ӯро иҷобат намекунад, пас ин гумони: □ бад □ нек аст.
39-Қавли (Аллоҳ дар азоб додани итоаткун ва савоб додани осӣ ҳақ дорад) гумони: □ бад □ нек аст.
40-Қавли (Ман бисёртар аз фалон шоистаи инчунин мансаб ҳастам) гумони: □ бад □ нек аст.
41-Барои бемор мегӯяд: (мискин) ва (муносибат нест) ва (агар амр дар дасти ман бошад, барои ту ин ҳосил намешуд), ин гумони: □ бад □ нек аст.
42-Қавли (агар амр дар дасти ман мебуд, фалонро муфтӣ мемондам) ҳукмаш: □ Ҷоиз □ ҳаром.
43-Қавли (тариқи саломат) аз гумони бад аст: □ Дуруст □ хато.
44-Қавли (мебояд, ки ба бемориҳо гирифтор нашавем ва барои мо ризқи васеъ бошад) гумони: □ бад □ нек аст.
45-Зарур аст, ки мард ба нафсаш гумони: □ бад □ нек кунад.
46-Воҷиб аст, ки ба нафсат гумони бад кунӣ, то ба нафсат мағрур шавӣ: □ Дуруст □ хато.
47-Нафс ҷойгоҳи ҳамаи бадӣ аз бахилӣ ва зулм аст: □ Дуруст □ хато.
48-Мартабаҳои қазову қадар: □ чорто □ панҷто □ сето аст.
49-Ҳукми касе ки қазову қадарро инкор мекунад: □ Аз дин хориҷ мешавад □ хориҷ намешавад.
50-Гуфтаи ӯ (Дар нафси ман чизе оиди қадар аст) яъне: □ Шак ва изтироб □ инкор ва ҷуҳуд.
51-(Дар нафси ман чизе оиди қадар аст) яъне:.....ва оё ба ин кофир мешавад.....
52-Қалам: □ Аввали ҳамаи махлуқот аст □ аввали махлуқотест ба нисбати он чизе ки мушоҳида мекунем.
53-Одати салаф дар дур кардани шубҳа ба суол додани: □ олимон □ обидон аст.
54-Бештар аз як олимро суол додан ҷоиз аст, ҳаргоҳ бошад: □ барои устуворӣ □ барои дунболи рухсатҳо гаштан □ ҳамагӣ.
55-Шубҳа пурра аз байн меравад, ҳаргоҳ амр нисбат дода шавад ба сӯи: □ Аллоҳ ва расулаш □ олимон.
56-Воҷиб аз шунидани шубҳа ҳазар кардан аст, зеро он гоҳ мутааллиқ мешавад: □ Дуруст □ хато.
57-Бисёртари мардум амри Паёмбар ﷺ–ро ба шунидани шубҳаҳо ва нашри он мухолифат мекунанд: □ Дуруст □ хато.
58-Хондани Таврот ва Инҷил ҷоиз намебошад ва ғайри ин ду аз боби авло дуруст нест: □ Дуруст □ хато.

59-Овардани (боби он чи дар мавриди сураткашон омадааст) хато аз тарафи баъзе нусханависон аст, зеро ин боб ба тавҳид алоқа надорад ва албатта алоқаи он ба фиқҳ аст: □ Дуруст □ хато.
60-Уқубати сураткаш аз (□ 5 □ 4 □ 3) аҷзо пайдо мешавад.
61-Сурат кашидан халқ ва ибдоъ аст, ба ин сураткаш бо Аллоҳ дар ин шарик мешавад: □ Дуруст □ хато.
62-Сурат кашидан аз гуноҳони кабира аст, зеро он: (□ба кофирон монанд шудан аст □аз исроф аст □ баробар шудан ба халқи Аллоҳ аст).
63-Кашидани сурати дарахтон, баҳрҳо, кӯҳҳо ва дарёҳо: □ Ҷоиз □ ҳаром аст.
64-Нобуд кардани сурат мебошад, ба: □ гузоштани ранги дигар, ки аломатҳои онро аз байн мебарад □ қатъи сари пайкара □ кандани рӯй дар кандашуда □ ҳамагӣ ба мувофиқи ҳол.
65-Қабри мушриф яъне бар он: □ нишонаҳо □ бино □ рангҳо □ аз ғайраш ба сангҳо ва хок фарқкунанда аст □ ҳамагӣ.
66-Баробар кардани қабрҳо мебошад ба: □ мувофиқи суннат кардан □ ба қабрҳои атрофаш баробар кардан □ ҳамагӣ.
67-Сурат гирифтан барои таъзими суратгирифташуда: □ Ҷоиз мебошад □ ҷоиз наме-бошад.
68-Касе ки бисёр қасам мехӯрад: □ Аллоҳро таъзим мекунад □ Аллоҳро таъзим на-мекунад.
69-Ҳар савганд ибтидо, миёна ва охир дорад: □ Дуруст □ хато.
70-Фарбеҳие ки инсон дар он ихтиёр надорад: □ Мазаммат мешавад □ мазаммат намешавад.
71-Гуноҳ бо камии даъватчӣ бузург мешавад: □ Дуруст □ хато.
72-Ба савганд ҳаргоҳ ҳоҷат бошад ё маслаҳат тақозо кунад: □ Ҷоиз мебошад □ ҷоиз намебошад.
73-Задани хӯрдсол: □ Мутлақо ҷоиз аст □ ба шартҳо ҷоиз аст.
74-Барои Аллоҳ бар бандагонаш аҳд аст: □ Ӯро ибодат кунанд ва ба Ӯ чизеро шарик наоранд □ касе ки ба Ӯ чизеро шарик наорад, ӯро азоб намедиҳад.
75-Ҷайш онест, ки аз (□ 400 □ ҳазор) мард зиёд бошад ва сария акси ин аст.
76-Дар роҳи Аллоҳ: □ Махсуси ният аст □ махсус ба амал аст □ нияту амалро шомил мешавад.
77-Бо кофирон барои маслиҳаташон меҷангем ва он аз оташ наҷот доданашон аст: □ Дуруст □ хато.
78-Ғулул ин аст, ки чизе аз моли ғаниматро пинҳон кунад, пас ба он хос мешавад (□ дуруст □ хато) ва ҳукми ғулул (□ ҷоиз □ ҳаром □ гуноҳи кабира) аст.
79-Куштани авлоди кофирон ва занон ва обидону зоҳидон ҷоиз намебошад: □ Дуруст □ хато.
80-Мусла кардани кушташудагон ва ғулул ва ғадр ва қатли хурдсол ва занон: □ Ҷоиз □ ҷоиз нест.
81-Ҷизя гирифта мешавад аз: □ Яҳуд ва насоро ва маҷус □ ҳамаи кофирон.
82-Қавли (Аллоҳ тавбаи туро қабул намекунад) ҳукмаш: □ Ҷоиз □ гуноҳи кабира аст.
83-Қавли (Қасам ба Аллоҳ, Аллоҳ касеро ки ба Ӯ ширк биёрад, намебахшад) ҳукмаш: □ Ҷоиз □ гуноҳи кабира аст.
84-Аз лағзиши забон дар ҳукм кардани бар мардум ҳазар кардан: □ Мубоҳ □ ҷоиз □ воҷиб аст.
85-Наҳӣ аз гуфтани (Аллоҳ фалониро намебахшад, дар ҳоле ки ӯ зиндааст): □ Хос ба мусалмони осӣ □ шомили мусламон ва кофир аст.
86-Мункар гуфтани (Шафоатгар мегирем...): □ Аллоҳро бар ту □ туро бар Аллоҳ.
87-(Аллоҳро бар ту шафоатгар мегирем) яъне:.....
88-Боби он чи дар ҳимояи Мустафо ﷺ омадааст (□ боби мустақил □ такрорӣ аст) ва дар он ҳимояи Ӯ ﷻ барои тавҳид дар (□ амалҳо □ лафзҳо) аст.
89-Сайид: □ Аз номҳои Аллоҳ ﷻ □ аз номҳои Аллоҳ ﷻ нест.
90-Сайид аз маъноҳои самад аст: □ Дуруст □ хато.
91-Сиёдати хос ҷоиз мебошад ба хилофи сиёдати омма: □ Дуруст □ хато.

92-Нектарин ва расотарин васф барои Паёмбар ﷺ: □ Бандаи Аллоҳ ва расули Ӯ □ Муҳаммад ибни Абдуллоҳ аст.
93-Яҳуд беҳтар аст аз касе ки сифатҳоро инкор ва таъвил мекунад, дар ҳамин боб ва Аллоҳро некӯтар медонанд: □ Дуруст □ хато.
94-Арш ҳамон:.....Курсӣ ҳамон.....
95-Дар хотимаи китоби тавҳид гӯё муаллиф раҳимаҳуллоҳ Аллоҳро дуо мекунад, ки мизонҳояшро ба ин китоб вазбин кунад, ҳамчуноне ки осмонҳо ва Арш ва курсӣ вазбин аст (□ дуруст □ хато) ва огоҳ мекунад, ки кофир Аллоҳро чуноне ки шоистаи қадр кардан аст, қадр намекунад, пас мисли ӯ набош, балки Ӯро ба тавҳид таъзим кун (□ дуруст □ хато).
96- Бисёре аз салаф бар ақидаи дуруст номҳое гуфтанд аз ҷумла номҳои зайл аст: □ Суннат □ Шариат □ Тавҳид □ Фиққи акбар □ ҳамаи зикршудаҳо.

Феҳрасти мавзӯъҳо

Хулосаи бобҳои китоби тавҳид (67 боб аст).....4
Аввал: Муқаддима (5 боб аст).....12
1-Боби воҷиб будани тавҳид.....13
2-Боб андар баёни фазли тавҳид ва баёни ин ки тавҳид гуноҳҳоро тоза мекунад.....21
3-Боб андар касе ки тавҳидро дар ҳаёт татбиқ кунад,
беҳисоб дохили Ҷаннат мешавад.....25
4-Боб андар тарсидан аз ширк.....29
5-Боб андар даъват ба сӯи шаҳодати "Ло илоҳа иллаллоҳ".....34
Имтиҳони қисми аввал (5 боб аст).....38
Дуюм: Тафсири тавҳид (9 боб аст).....44
6-Боби тафсири тавҳид ва шаҳодати ин ки маъбуди барҳаққе ҷуз Аллоҳ нест.....44
7-Боб: Пӯшидани ҳалқа ва ресмон ва монанди ин ду барои рафъи бало,
ё дафъи он ширк аст.....47
8-Боб андар руқияҳо ва туморҳо.....51
9-Боб андар шахсе ки ба дарахт ё санг ва монанди инҳо табаррук меҷӯяд.....55
10-Боб андар забҳ кардан барои ғайри Аллоҳ.....58
11-Боб андар ин ки барои Аллоҳ қурбонӣ карда намешавад дар ҷое, ки
барои ғайри Аллоҳ қурбонӣ карда мешуд.....61
12-Боб назр барои ғайри Аллоҳ ширк аст.....64
13-Боб ба ғайри Аллоҳ паноҳ бурдан ширк аст.....65
14-Боб фарёдрасӣ кардан ба ҷуз Аллоҳ, ё дуо кардани ғайри Аллоҳ ширк аст.....67
Имтиҳони қисми дуюм (9 боб аст).....69
Сеюм: Ботил будани ибодати ғайри Аллоҳ (4 боб аст).....73
15-Боб андар фармудаи Аллоҳ таъоло: "Оё ин мушрикон шарик муқаррар
мекунанд (ба Аллоҳ) чизеро ки ҳеҷ (қудрате надорад, ки чизеро) биёфаринад.
Ва худи ин шарикон (яъне бутон) махлуқанд ва обидони худро
ёрӣ дода наметавонанд" то охири оят.....73
16- Боб андар фармудаи Аллоҳ таъоло: "То чун тарсу ҳарос аз дилҳояшон
бартараф шавад, мегӯянд: Парвардигоратон чӣ фармуд: Мегӯянд:
Ҳақ ва Ӯ баландмартабаи бузург аст".....76
17-Боб андар шафоат.....80
18- Боб андар фармудаи Аллоҳ таъоло: "Албатта ту ҳидоят намекунӣ, касеро ки дӯст
медорӣ" то охири оят.....83
Имтиҳони қисми сеюм (4 боб аст).....85
Чорум: Сабаби кофир шудани фарзанди Одам (4 боб аст).....87
19- Боб андар ин ки сабаби кофир шудани фарзанди Одам ва тарки дин
карданашон ҳамон зиёдаравӣ дар ҳаққи бузургон
буд.....87
20- Боб андар сарзаниши сахт дар ҳаққи касе ки Аллоҳро дар назди қабри марди
солеҳ парастад, пас чигуна аст ҳаргоҳ ӯро бипарастад?!.....91
21- Боб андар ин ки зиёдаравӣ дар қабрҳои бузургон, ононро бутҳое

мегардонад, ки ба ҷуз Аллоҳ парастида мешавад.....95
22- Боб андар ҳимояи Мустафо саллаллоҳу алайҳи ва саллам ҷониби тавҳидро ва бастани Ӯ ҳамаи роҳҳоеро, ки ба сӯи ширк мерасонад.....97
Панҷум: Ботил кардани ҳуҷҷати касе ки мегӯяд: Ширк дар ин уммат ё дар ҷазира воқеъ намешавад (як боб аст).....99
23-Боб андар ин ки баъзеи ин уммат бутҳоро мепарастад.....99
Имтиҳони қисми чорум ва панҷум (5 боб аст).....104
Шашум: Амалҳои шайтонӣ (7 боб аст).....107
24-Боб андар он чи дар мавзӯи ҷоду омадааст.....107
25-Боб андар баъзе анвоъи ҷоду.....111
26- Боб андар мавзӯи коҳинӣ ва монанди он.....113
27-Боб андар маврди ботил кардани ҷоду.....116
28-Боб андар фол задан ба парвози паранда.....118
29-Боб андар мавриди ситорашиносӣ.....123
30-Боб андар ҳукми талаби борон кардан ба ситорагон.....125
Имтиҳони қисми шашум (7 боб аст).....128
Ҳафтум: Амали дилҳо (9 боб аст).....132
31-Боб андар фармудаи Аллоҳ таъоло: (Баъзе азмардум ғайри Аллоҳро ҳамонанди Аллоҳ гиранд ва чунон ки Аллоҳро бояд дӯст дошт бо онҳо дӯстӣ варзанд) то охири оят.....132
32- Боб андар фармудаи Аллоҳ таъоло: "Танҳо ин шайтон аст, ки метарсонад дӯстдорони худро, шумо мусалмонон аз онон натарсед ва аз Ман битарсед, агар аҳли имонед".....136
33-Боб андар фармудаи Аллоҳ таъоло: (Ва бар Аллоҳ таваккул кунед, агар имон доред).....139
34- Боб андар фармудаи Аллоҳ таъоло: (Оё онҳо худро аз макри Аллоҳ дар амон медонанд, дар ҳоле ки ҷуз зиёнкорон худро аз макри Аллоҳ эмин намедонанд).....142
35-Боб андар ин ки сабр кардан ба тақдирҳои Аллоҳ аз ҷумлаи имони ба Аллоҳ аст.....144
36-Боб андар мавзӯи риё (худнамоӣ).....147
37-Боб андар анҷоми амалҳои ухравӣ барои дастёбӣ ба аҳдофи дунявӣ низ навъи ширк аст.....149
38-Боб андар итоати олимон ва раҳбарон дар ҳалол донистани ҳаромҳо ва ҳаром донистани ҳалолҳои илоҳӣ.....152
39- Боб андар фармудаи Аллоҳ таъоло: (Оё касонеро надидӣ ки гумон мекунанд...) то охири оятҳо.....154
Имтиҳони қисми ҳафтум (9 боб аст).....157
Ҳаштум: Тавҳиди номҳо ва сифатҳо (як боб аст).....161
40-Боб андар инкори чизе аз номҳо ва сифатҳои Аллоҳ.....161
Имтиҳони қисми ҳаштум (як боб аст).....168
Нуҳум: Лафзҳои манҳӣ ва ширкӣ (26 боб аст).....170
41- Боб андар фармудаи Аллоҳ таъоло: (Онҳо неъмати Аллоҳро мешиносанд,

сипас онро инкор мекунанд) то охири оят
(куфри неъмат аз ширк аст).....170
42- Боб андар фармудаи Аллоҳ таъоло: (Пас дидаву дониста
барои Аллоҳ ҳамтоёне нагиред), (тафсири нид).....172
43-Боб андар шахсе ки ба савганди ба номи Аллоҳ қаноат
Намекунад (аз ҷумлаи гуноҳони кабира аст).....174
44-Боб андар гуфтани "он чи Аллоҳ ва ту бихоҳӣ".....175
45-Боб андар шахсе ки замонаро дашном диҳад, пас Аллоҳро
озор додааст (нисбати ҳодисаҳо ба даҳр).....177
46-Боб андар номгузорӣ ба Қози-юл-қузот ва монанди он (наҳӣ аз он).....179
47-Боб андар эҳтироми номҳои Аллоҳ таъоло ва тағйири ном ба хотири он.....180
48-Боб андар касе ки ба чизе ки дар он зикри Аллоҳ ё Қуръон
ё Расул шухӣ менамояд.....181
49- Боб он чи дар фармудаи Аллоҳ таъоло омадааст:
(Агар ба ӯ баъди сахтие ки ба вай расида бошад,
бахшоише аз ҷониби Худ бичашонем) то охири оят.....184
50- Боб андар фармудаи Аллоҳ таъоло: "Пас чун Аллоҳ ба онҳо
фарзанди шоиста дод, барои ӯ дар он чи ба онҳо дода буд,
шарикон муқаррар карданд" то охири оят.....187
51- Боб андар фармудаи Аллоҳ таъоло:
"Ва номҳои нек аз они Аллоҳ аст) то охири оят.....190
Имтиҳони аввал барои қисми нуҳум (11 боб аст).....192
52-Боб андар ин ки ассалому алаллоҳ
гуфта намешавад (ҳаром аст).....197
53-Боб андар гуфтани: Эй Бор илоҳо, агар бихоҳӣ маро мағфират кун!
(Истисно дар дуо ҳаром аст).....198
54-Боб ғулом ва канизи худро бандаи ман ва канизи ман нагӯяд.....199
55-Боб касе ба номи Аллоҳ бипурсад, рад карда намешавад
(ҳаром ё макрӯҳ аст).....201
56-Боб ба ваҷҳи Аллоҳ ҷуз Ҷаннат чизе пурсида намешавад.....203
57-Боб андар он чизе ки дар бораи калимаи "агар" омадааст
(дар ин баёни муфассал аст).....204
58-Боб андар наҳӣ аз дашноми бод (ба қазо розӣ шудан).....206
59- Боб андар фармудаи Аллоҳ таъоло: "Онҳо дар бораи Аллоҳ
гумони ноҳақ мекарданд (монанди) гумони ҷоҳилият".....207
60-Боб андар он чизе ки дар мавриди инкоркунандагони қадар омадааст
(аз куфри акбар).....209
61-Боб андар он чи ки дар мавриди сураткашон омадааст
(аз ваъдаи азоби сахт).....214
62-Боб андар бисёр савганд хӯрдан (аз ваъдаи азоб аз рӯи таъзими Аллоҳ).....216
63-Боб андар он чизе ки дар мавриди паймони Аллоҳ
ва паёмбараш омадааст (ихлос ва пайравӣ).....218
64-Боб андар савганд хӯрдан бар Аллоҳ.....221
65-Боб аз Аллоҳ талаб карда намешавад, ки барои халқаш

шафоатгар шавад (барои камоли азамати Ӯ).....222
66-Боб андар посбонии Мустафо ﷺ аз марзҳои тавҳид
ва бастани роҳҳои ширк.....223
Даҳум: Хотима (як боб аст).....224
67-Боб он чизе дар фармудаи Аллоҳ таъоло омадааст:
(Ва Аллоҳро ба андозаи ҳаққи шинохтани Ӯ нашинохтанд...).....224
Имтиҳони боқии қисми нуҳум ва хотима (16 боб аст).....228
Феҳрасти мавзӯъҳо.....232